
МИРЗОНАСРИДДИН

Оташ дар хонаи кадим





МИРЗОНАСРИДДИН

ОТАШ ДАР ХОНАИ ҚАДИМ

(Роман)

Душанбе
«ЭР-граф»
2016

ББК 72.3+63.3 (2 точик)+66.5
М-34

Муҳаррир:
Абдураҳмони Абдуманнон

[redacted] (Роман). – Душанбе: «ЭР-граф», 2016. -596 с.

[redacted] таърихамон, ҳаёти пурфочиаи солҳои инқилобӣ [redacted] мардум ва дигар воқеаҳо таҷассум ёфтаанд.

[redacted] Миёна дар аввали омадани инқилоб чандон парво накарданд. Чун дидан, ки болшевикҳо, дунёи нав месозем гуфта, ҳама мукаддасотро зери по кардаю аз байн мебаранд, бо корду асою шохаи бобоӣ ба муковимат бархестанд.

Москва се маротиба, армияшаро мучаххас карда роҳи кард. Ин ҷанги нобаробар, 12 сол давом кард. Аз хонадонхои 400-500 сол номдор - эшонҳо, косибон, деҳқонон аҳён-аҳён касон монданд. Фироркардаҳо низ дар беватанӣ рӯзи хуш надиданд.

ISBN 978-99975-46-56-2

© Мирзонасриддин, 2016.

ПЕШГУФТОР

Романи таърихӣ ҳам дардовар, ҳам дармонбахши халқ аст. Солҳои охир рӯшанфикрони ҳақиқии кишвар чанд китобу асарҳои хуби таърихӣ навиштанд, ки ба тақозои замони истиқлолият аст. Баъд аз он ки шаҳру деҳоти торочдида обод мешаванд ва дубора рӯзгори осуда фаро мерасад, хирадмандон, ба сӯроғи сароғози миллат мераванд то ки аз он чоҳи жарфу пок ба ташнагони диёр об биёваранд, (Ин корро дар замонаш Фирдавсии бузург карда буд). Онҳо таърихро тагурӯ мекунанд, то ки омӯзаҳои сараро пеши назари хонандаи имрӯза чилвагар созанд. Мо агар ба гузаштаҳои дур ва начандон дур нигарем, яъне аз суқути давлати Сомониён ба ин тараф кори пешвоҳомон асосан дар суннати санийя будан ва ба шоҳону амирони замон дилёбию муросо кардан будааст бас.

Дар як асри бист мо тоҷикон ду маротиба, ба шикасти фоҳиш рӯ ба рӯ шудем. Ва табиист, ки ҳар фарди андаке аз худу аз гузашта огоҳ, гашта-гашта ба худ савол медиҳад: Айби кӣ буд?! Кӣ пеш даромад?! Кӣ роҳ дод чунин хиёнату бешарафиро?! Бояд ёфт онҳоро ва чеҳраҳои асосии онҳоро назди мардум ошкор сохт. Бас аст афтидану гарданшикастан!

Президенти мӯҳтарами кишвар Эмомалӣ Раҳмон чандест, ки дар бораи ягонагӣ ва рушду тараққии миллат мегӯянд ва корҳоеро анҷом медиҳанд. Ҷашнҳое, ки дар бораи бузургдошти чеҳраҳои намоён, бузургдошти забон ва анъанаҳои миллӣ баргузор мешаванд ба он хотир ҳастанд, ки мо ҳувияти миллии худамонро дарк кунем ва таърихамонро шиносем.

Банда низ дар заминаи чунин андешҳо аз воқеъаҳои ҷанги шаҳрвандӣ чанд варақ сиёҳ кардам, ва пай бурдам, ки дарк ва шинохт ҳама муаллақанд, ба охир нарасидаанд Чунки решаи он воқеъаҳо маро ба сӯи шикасти аввал, ба солҳои бистум мебарад. (Дар майдонҳо мегуфтанд: падарам, фалониро ба Сибир бадарға карданд ё бобоямро бой гуфта паронданд). Ҳамин фикрҳо сабаб шуданду аз баҳри навиштаҳои аввала гузашта, ба воқеъаҳои замони пештар рӯ овардам. Тачриба, ки надоштам, гумон мекардам навиштани роман осон аст. Вале дар давоми кор дидам, ки он даврони пуршӯру пурзидиятро, ки ватан бозичаи дасти дигарон гардида буд, рӯи коғаз овардан, коре будааст мисле, ки ба болои хирмани хокистари сӯзон ба пои урён оҳу воҳ гуфтаю роҳ меравӣ.

Руҳияи инқилобие, ки солҳои зиёд дар Русия тозу боз мекард дар охири соли 1918 ба кишвари Осиёи Марказӣ низ расид, пешвоҳои замон аъламу уламоҳо, чавонони дар Русия ва Туркия таҳсил карда бо тақлид ба аврупоиён митингу кунгураҳо ороста дархости озодӣ ва истиқлол карданд.

Аммо болшевикҳо, ки аз даруну беруни кишвар огоҳ буданд, (на армия, на пул, на кадрҳои ихтисосманд доштанро медонистанд), «шумо донишу тавоногии давлатдориро надоред», гуфтанд ва нагузоштанд, коре ичро шавад.

Онҳо ба қисмати Тошканду Хуҷанду Фарғона, ки даврони Николай соҳиб шуда Туркистон ном мебурданд, қонеъ нашуда, аморати Бухорор ҳам тассаруф карданд. Аммо мардуми аз олам бехабари мо на ба инқилоб на ба ваъдаҳошон, ки мегуфтанд: "замину обу ҳукуматро ба халқ медиҳем", эътимод намекарданд. Мӯйсафедон дар чойхонаҳо чой гардондаю бепарво саллаҳоро поину боло карда, дар суҳбаташон мегуфтанд: «Кори олам ба як ранг нест. Руси Николай омаду рафт, руси болшевик ҳам омада меравад». Вале диданд, ки болшевикҳо мункири Худою дин ҳастанд, масҷиду мазорҳоро ҷойи харбандию аспбандӣ мекунанд, Бухорои шарифро бо қасрҳои забарҷад, биноҳо, ҳатто манзилу маъвои мардуми бегуноҳро бо аэроплану тупу пулемиёт зада сӯзонданд, мисле ки як ҳашари умум шурӯъ шудааст ба муқовимат бархестанд. Баҳри фарзандашон аспу аслиҳа ва сару либос таҳия намуда, гуфтанд, ки равед, дар паҳлуи амир, ки аз Бухоро гурехта дар Ҳисор будааст истода, ватанамонро, динамонро муҳофизат кунед.

Аслиҳаи онҳо бештар камонҳои даҳонпурӣ дакёнусӣ ва корду калтаку асову шоха буд. Мардуми дар умраш ҷанг надида, тупу пулемиётро нашунида бар зидди «кофир» ба ҷанг мерафту майдонҳо ғарам-ғарам мурда мешуд.

Аммо ҳаракати зидди Шуравӣ қатъ намешуд. Ингуна ҷанги нобаробар зиёда аз дувоздаҳ сол давом кард. Аз хонадонҳои панҷсад-шашсад сол номдор орифон, косибон, деҳқонон аҳён-аҳён касон монданд.

Китоб ба он хотир навишта шудааст, ки хонанда донад, он рӯзҳои уқубатбораро пеши назар доштан, имрӯз ҳам муҳим ва зарур мебошад. Чунки қавми баъдина, шоҳид будем, ки он ситаму дардҳои аввали аср, ба қавле намурда боз баргаштанд то ки фарзандонро ҳам аз рӯи феълу нодониашон ба он дардҳо гирифтор кунанд.

Мирзонасриддин

12 декабр 2015

ФАСЛИ ЯКУМ

Гузашта намурдаст, он зуд бармегардад.
Уилям Фолкнер.

Соли сеюм буд, ки аз ин тарафҳо барои армияи Оқподшоҳ баталионҳои коргарӣ мегирифтанд. Хабару номаи рафтаҳо рӯз то рӯз кам мешуд. Аммо ҳукми зиёд карданашон меафзуду меафзуд. Ҳар рӯз дар кӯчаҳои шаҳр байни сарбозгирону аҳолӣ ҷангҷол мехест. Ҷангҷолро ҷамоати камбағалону миёнҳолон мекарданду он то куртаканию кордзанӣ мерасид. Дороён пинҳону ошкоро пул дода халос мешуданд. Сабаби бештари ҷанҷол ҳам дар ҳамин буд.

Ҳамон тирамоҳ дар як рӯзе, ки аз сӯй-сӯй боди рутубатнок вазида бӯи замин, бӯи дуди тапак ва бӯи бедаи нав аз саҳро овардаву дар шафати бомҳо ғарам кардаро ба машом мерасонд, аз чанд хонаи гузари Дари Занҷир садои дашному дуо баланд шуд. Яке хонаи Меҳрони Камон буд, ки дару девори бошукӯҳу дарахтони сояафкан дошт. Аҳли хонавода нав дастархон ороста,гирди он ҳалқа гирифта буданд. Сӯҳбаташон аз боби тӯйи Ҳасан ном бойе мерафт, ки имрӯз дар пуштаҳои Афросиёби шаҳри Самарқанд мусобиқаи бузкашӣ оростааст. Меҳрон аз болои ҷома яктаҳи сабз ба китф партофта буд, ҳар дам панчаҳояшро байни риши сафедаш дароварда, манаҳашро сахт-сахт мехорид. Мӯйсафед ду ҳафта беш бемор аст. Ин пагоҳӣ дар ҷисму ҷонаш андак ҳушҳолӣ ҳис карда, рӯйи ҳавлӣ фаромад ва ду пиёла чойи сӯзон нӯшида, ҷониби набераш Баҳодур нигариста пурсид: «Имрӯз бузкашӣ доред?» ва ҷавоб гирифта, танаи токро дошта хесту ба саҳн баромад; ба дару девор ва дарахтони атроф нигариста, андешаманд сӯйи ҳучрае, ки чанд қадам он сӯтар дар рӯбарӯяш қарор дошт, равон шуд.

– Падарҷон, ҳамин ҷо ҷой кунам? -писараш Мансур аз паси мӯйсафед баромад.

Мӯйсафед ба ишораи инкор сар ҷунбонд.

Мансур ҳамроҳи писараш Баҳодур мӯйсафедро дар ҷогаҳаш хобонда баргашт ва ҷониби занаш Бибигул, ки нимтанаи Баҳодурро сӯзан мезад, гуфт:

– Ин дафъа касалии падарам тӯл кашид. - Ва косаи ҳалворо сӯйи Баҳодур давонда, шиддат кард: -То хӯрокатро нахӯрӣ, ба ҷое намеравӣ! Намешавад, ки шиками гурусна, рӯзи дароз асп тозонӣ!

Баҳодур базӯр ду-се луқма фурӯ бурд. Шавқу шӯри бозӣ дилашро пур карда буд. Мехост зудтар Рӯшанашро, ки дар яккамехи рӯйи ҳавлӣ қантар аст, савор шуда, сарашро ҷониби пуштаҳои Афросиёб тобад.

Соли гузашта падару бобояш фотиҳа дода човандозиро ба ӯ супурданд. Ташаббус аз ҷониби бобо шуд. Ҳаваси набераро ба аспбонию асптозӣ дида, ба падараш гуфт: «Ман мувофиқи насибам човандозӣ кардам, чӯра. Ту ҳам ҳаққатро гирифтӣ. Акнун навбати Баҳодур. Мон, вай ҳам орзую ҳавасашро бинад.»

Порсол Баҳодур каме човандозӣ кард. Ҳамроҳонаш «дасташ сахт» гуфта таъриф мекарданд. Имсол тӯйҳо нав шурӯъ шудаанд. Ҳафтаи гузашта падараш гуфт, ки саросема нашав, як даст ки тохтӣ, аспро ба ҳоли худаш мон. Бигузор оҳиста кушода шавад. Ва имрӯз тӯйӣ калон аст. Аз ин рӯ, аз аввали шаб дили Баҳодур дар такопӯст. Мансур ташвишу тараддудҳои писарашро пеш аз бозӣ бинад, хурсанд мешавад. Лекин модар, ба қавлаш, аз насаҳҳояш дилхун аст. Ӯ чоки нимтанаро дӯхта гуфт:

– Бист сол боз аз бузкашии падарат ларзону ҳаросон будам. Акнун ту сар кардӣ.

– Мехоҳӣ бари домани туро гирифта шинад?-истеҳзо кард Мансур.

Ин дам овози карнай баромаду ранги Баҳодур дигар шуд ва парида аз ҷой хест.

– Падарҷон, ман меравам!

Овози карнай Рӯшанро бештар безобита кард. Ӯ сарашро баланд бардошта, ҷониби овоз гӯш андохт, пас гӯё ки тозиёна хӯрда бошад, башиддату ситез атрофи якамех чархид, шиҳа кашид: худро аҳиб партофт, ба шаст ба пеш тохт. Мехост бандро канда, зудтар худро раҳонад.

Баҳодур қамчинро ба соқи мӯзааш задаю шиддат карда, тарафаш рафт.

– Бандро меканӣ, Рӯшан! Рӯшан!.

Рӯшан гӯё бештар ба вачд омада буд, ки гӯш хобонда, тарафаш ҳамла кард, ду даст ба ҳаво бардошт. Чашмони калонаш ваҳмангез менамуданд.

– Аҳиб ист, Баҳодур! -Бибигул тарсида, саросема аз ҷо хест ва шавҳарашро шиддат кард:

– Чаро механдед? Ин ҷинниатонро сариштa кунед! –Ва фарзандҳои кенҷа Латофату Ҷовидро, ки нав аз хоб хеста дар остона истода буданд, даруни хона дароварда, худ назди дар посбон истод.

Мансур, ки марди чилушашсолаи чеҳрааш равшан буд, мӯйлаби сиёҳи мӯрчапай ва қомати баланди ба салобат дошт, нигоҳашро аз асп наканда сабук аз ҷояш хест. Бо нимтабассум ба асп зеҳн монда, ҳайбат кард:

– Ҳой, ҳой, беақл! Худатро дор-е! Дилат ки зуд бузро гирию мардум ҳой-ҳой бардоранд ва соҳиби шӯҳрат шавӣ, номат дар даҳонҳо афтад! Ҳе, бесабр!

Рӯшан ба Мансур низ тан надода, ба сараш ҳамла кард.

– Наравед! - нидо дод Бибигул ва мушоҳида кард, ки дар чеҳраи шавҳараш тарс не, балки хурсандӣ падидор аст.

Мансур бо ҳамон нимтабассум лаҳзае истода фикр кард, ки Рӯшан баъзан ҳангоми обдиҳӣ бурдан бозӣ мекард, аммо ин гуна феъл надошт. Як навда аз тоқча гирифта, ба сараш пӯписа кард:

– Дар сарат мезанам, шайтон!- Ва ба Баҳодур фармуд, ки аз тарафи муқобил ояд.

Рӯшан худро ақиб партофта, бетоқатона ҳарду ҷонибро таъқиб мекард. Мансур ҷаҳида лаҷомро даст гирифт. Вале асп ҳамоно фаххос зада, дастонашро бардоштаву сарашро афшонда, раҳо шудан мехост.

– Баҳодур, ту аспро бурда наметавонӣ, худам шуморо мерасонам,-гуфт Мансур ва чашмашро аз асп наканда, бо таъкид афзуд:- Имрӯз ҳама човандозҳои шаҳр ҷамъ мешаванд, аз деҳаҳои атроф ҳам меоянд...

Ин дам занҷири дарвоза рӯйи ҳам садо доду ду нафар вориди ҳавлӣ шуданд: яке марди руси зардинаи шикамкалон буд, ки бар сар фуражка, дар по мӯзаҳои ялаққосӣ, дар миён туфангча дошт, дигаре тоҷики лоғарандоме буд, ки яктаҳи рах-рахи дарозу саллаи рангпарида ва дар даст коғазу қалам дошт.

Мансур абрӯ чин карда, ба пешвози меҳмонҳои нохонда рафт. Бе пурсу посух даромаданашон маъқулаш нашуда буд.

– Мо назди шумо ба ҳалли як масъала омадем, - гуфт марди тоҷик. Ӯ бо оҳанге, сухан мекард ки гӯё он масъала маълум буду онро ба таъкид ёдрас мекунад.

Рус ба аспи зину банд карда, ки дар дасти Баҳодур ҳоло ҳам уштулум дошт, зеҳн монда наздаш рафт.

Мансур гӯё чизеро пай бурд ҷониби тоҷик бо ситеза гуфт:

– Гӯед масъалаатонро, гӯшам ба шумо.

– Албатта, шумо аз фармони императори аъзам Николай бохабар ҳастед. Медонед, ки ҷавонони аз нуздаҳсола то сиюпанҷсола ба ҷанг фиристода мешаванд. Мо омадем хабар диҳем, ки Баҳодури шумо ҳам дар рӯйхат ҳасту то охири ҳафта бояд омодаи сафар бошад. Рӯзи шанбе ба консулхона ҷамъ меоянду бегоҳӣ ба қатора савор мешаванд.

Мансур ҳангуманг монд. Ӯ ба маънои суханони шунидааш дарҳол сарфаҳм нарафт.

– Аз маҳаллаи шумо панҷоҳу ду нафар номнавис шудаанд,- афзуд мард бо оҳанги аввала.- Аз тумани Самарқанд бояд сию ҳашт ҳазор одам ҷамъ кунем.

– Шанбе савор мекардаанд! -такрор кард Мансур ва ҷониби мард бад-бад нигариста ғуррид:-Ман писари ба хизмат мефиристодагӣ надорам!

– Мо самарқандиҳо, он тараф Ӯротеппа, Хуҷанду водии Фарғона раъияти давлати Русия мебошем,-гуфт мард.- Ҳақ надорем аз фармони подшоҳамон рӯ тобем. Фармони подшоҳ - воҷиб. Аслан мардуми моро барои анҷоми корҳои ақибгоҳ мебаранд. Ба инҳо хатаре таҳдид намекунад.

– Хатаре таҳдид намекардааст! - Мансур ба чашмони мусоҳиба нигарист. -Шумо оллои мегӯед! Баъзеҳо бедараканд, баъзеҳо гурехта меоянд! Барои он моро ба кори ақибгоҳ мебурдааст, ки камонпаронӣ ёд нагирем. Ҳилаю ҳадаси ҷангашонро набинем, фаҳмидед? Ба он зарди ҳамроҳатон гӯед, ки ман фарзандамро ба чунин кори беҳуда намефиристам!

– Фақат онҳое, ки як писар доранд, ба рӯйихат дохил намешаванд,-тоҷик мисли пештара маслиҳатомез сухан мекард.

– Нависед, ба ҷойи фарзандам худам меравам. Нависед, ки ба ҷанг фиристад, ба кори сиёҳ не! Камонпаронию муштзаниро аз инҳо хубтар метонам! - Мансур мушоҳида кард, ки рус аз дастону пештанаи асп чашм намеканад.

– Ақаллан чилсола мешудед, менавиштем,-гуфт мард бо оҳанге, ки гӯё дилбардорӣ мекунад ва изофа кард:- Ҷанги инҳо бо тупу пулемёту шайтонгарист. Монед, ҷангашона худашон кунанд. Ману шумо кори ақиба уҳда кунем ҳам, хуб аст.

Марди рус баъди тамошои асп бо абрӯи гиреҳбаста ба сӯхбат ҳамроҳ шуд. Ҳар се чанд дақиқа баҳс карданду Мансур зини аспро гирифта ба тоҷик рӯ овард:

– Гӯед, гирад! Илоҳӣ аспам гарданаша шиканад. Аз чашмони мурдааш маълум, ки одами паст аст.- Ва ҷониби Баҳодур ишорат кард:- Мон гирад.

Тоҷик сурх шудаю ҷониби ҳамроҳаш ба забони русӣ гуфт:

– Дар мо расм аст, ки зинро намефурӯшанд.

– Зин ба ман лозим нест,-гуфт рус. Ӯ марди аспдида будааст, ки ба бесарии Рӯшан эътибор надода, маҳкам аз бехи лаҷомаш дошт ва ду-се маротиба сахт силтав доду нӯхтакаш карда рафт.

Баҳодур, ки аз таги гап бехабар аспро раҳо карда буд, андаке пас аз асли мақсад пай бурда, пеши роҳи русро гирифтанӣ шуд, аммо Мансур ба шиддат: «Ист!» гуфт. Ва пас аз он ки омадаҳо аз дарвоза берун шуданд, бо садои гиреҳҳӯрда афзуд:

– Баҳодур, инҳо туро ба ҷанг бурданӣ буданд. Аспро гирифта дафъ шуданд.

– Аспро гирифтанд? - Баҳодур ҷониби дарвоза давид, ки Мансур ба шиддат садо кард:

– Баҳодур, номаъқулӣ накун!

Баҳодур ақиб гашт ва талх гиря кард.

– Мемондед ҷанг мерафтам!-гуфт ба алам.

– Асп қаҳт нашудааст, дигарашро мехарам.

– Дигараш даркор не! Ба ҷанг меравам! Дар хона намеистам! Баҳодур занҷири зулфинро канду ба хона даромад. Аз берун овози гиряаш шунида мешуд.

Мансур аз он ки писараш занҷири зулфини аз дохил парчин кардаи дарро сабук канд, дарду озорашро пай бурд ва аз кори кардааш пушаймон шуд. Писарашро хафа кард.

Бибигул, ки то ин дам бо рангурӯйи канда ҳайрону ҳаросон пеши роҳи кӯдакҳоро дошта болои остона меистод, «ин чӣ кори кардаатон?»- гуфт ба алам ва аз паси Баҳодур хона даромад.

Мансур кунҷи ҳавлӣ рафта, рӯйи таксинҷ нишаст. Ӯ баъзан, ҳангоме ки аз бозор биёяд ё дар замин кор карда дам гирифтанӣ шавад, ё як-як дар даст газета аз кӯча биёяд, ин ҷо нишаста дам мегирифт. Аммо ҳоло зиёд нишаста натавонист, дар вуҷудаш як холигии ғашовар ҳис кард. Хеста рӯйи ҳавлӣ қадам зад ва ботинан бо занаш мубоҳиса кард:«Баҳодурро мебурданд, он вақт медидам чӣ кор мекардӣ!»

Зан пурсид:

– Ин ҷонсӯхта пули аспро мегирифт намешуд?

– Гуфтам, пулашро медиҳам, зиёд карда гир, кофир не гуфт. Аспро шинохту не гуфт. –Мансур ба гӯшае чашм дӯхта афзуд:-Ҳангоме ки гап мезанад, ба рӯи кас нигоҳ намекунад.

– Худаш гуфт, ки аспро диҳед?

– Худаш гапи аспро баровард! Чунин тақалбозиҳо дар каллаи ҳаминҳост!

– Боз мегӯянд, ки русҳо одамони рост,- нигоҳи Бибигул ба яккамех андармон шуд: - Бачаи бечора чӣ қадар орзу дошт? Шаб хоб нарафтааст. Ними шаб хеста банди алафро дар оби чӯй тар кард, бурда ба охури асп партофт. Соате гузашту бароварда ба яккамех басту хуб хору мол кард. Баробари кафидани чашми рӯз йемашро дод. Пас дар дег об андохта, чӯшонд, як каллақанду як қуттӣ чойро андохт, хунук карда назди асп бурда то хӯрданаш истод, ки нарезонад.

– Аз хестанаш хабар дорам, чой додааст, майлаш. Чой нафаси аспро мекушояд.- Мансур хеста рӯйи ҳавлӣ чарх зад. - Худам чӣ қадар вақту заҳмат ба ӯ сарф кардам. То як кам сӣ килло йем хӯрданаша баровардам, баркашида медодам. Рӯзи аввали аз туллак баровардан ба вай мисли кӯдаки навроҳгард муносибат мекардам: даҳ қадам бурдам. Рӯзи дувум бист қадам. Дар саворӣ кардану тозондан ҳам аҳвол чунин буд. То чарбуи дарунаш намонад, хуб ба тоб овардам, ки писарам дилпур бузкашӣ кунад.

Бибигул чи гуфтанашро надониста, чашм ба рӯи шавҳараш дӯхта буд.

Мансур ҷониби писари кенҷааш Ҷовид, ки назди дар меистод, нигаристу ба шиддат афзуд:

– Тобистон дар Ҷизах мардум шӯриш бардошта, қариб панҷоҳ нафар чунин ҳаромхӯрҳоро теғу таёқ заданд. Вақте расидааст, ки самарқандиҳо ҳам шӯриш бардоранд.

– Баҳодур, ин гуна суханҳои куфрро нагӯед, худатону моро дар бало намонед,- гуфт Бибигул (дар ин музофот расм аст, ки шавҳарро ба номи фарзанди калонӣ ё «додош» ном мегиранд).

Дере нагузашта Баҳодур аз хона баромада, ба кучое рафт. Мансур низ ҷониби Чукурбозор, ки он ҷо дӯкон дорад, роҳ гирифт. Ҳангоми аз зинаҳо фуромадан чашмаш ба дарвозаи кушодаи Намозбойи ҳамсояшон афтод. Он ҷо низ ду нафар коғазу қалам дар даст ба соҳибхона бо овози баланд баҳсу муноқиша доштанд. Намозбой тамоми овозашро сар дода мегуфт: «Як писарама касалӣ карда овардед. Акнун мехоҳед инаша бурда нобуд кунед?! Аз фарзанди бародарам як сол шуд хату хабаре нест! Ин халқ ду сол шуд ҷигархун аст! Ҷангат мефорад, худат кун! Чи гуфта мана ба ҷангат ҳамроҳ мекунӣ!?»

Он тарафтар, аз хонаи Абдурашиди рангрез (занаш ҷияни Мансур аст) ҳам овози дашному гиря меояд. Маълум, ки писари ӯро низ ба хизмат номнавис мекунанд. Дақиқае гузашту овози Намозбой аз аввала ҳам баландтар шуд: «Ҳой худи урусҳо ҷанга партофта хона ба хона мерафтаанд. Мегуфтаанд, ки барои подшоҳу атрофиёнаш шуда худамона сари тир намекунем». Мансур фикр кард, ки дар ин рӯзҳо чи қадар оилаҳо ҳоли онҳоро доранд. Ӯ бегоҳӣ барвақттар аз кор омада, ҷониби занаш, ки ҷорӯб дар даст ҳавлӣ мерӯфт, бо захрханда гуфт:

– Он уруси бадбахт аз Абдурашид пул гирифтаю писараша ҷавоб додааст. Аспи Зарифи поҳлавонро ҳам гирифтанӣ шудааст, ки надодааст. Писарро гурезонда ёбу гир гуфтааст.

– Додош, ҳамуна фикраша накунед,-гуфт Бибигул.-Падаратона хабар гиред. Имрӯз аҳволашон беҳтар барин.

Мансур ба хонаи падар гузашт. Ин воқеъа рӯзи чоршанбе рӯй дода буд. Рӯзи ҷумъа Мансур аз намоз баргашта, зани Абдурашидро назди дарвоза дид. Ӯ бо гиря гуфт, ки маъмурони рус ҳам пул гирифтаанду ҳам Абдурашидро пӯписа кардаанд, ки писарат ба хизмат меравад.

– Писара рафтан намонед. Касе омад, ҳамин кордории маъмуронро фаҳмонед,-гуфт Мансур ва ба ҳавлиаш омаду андешамандона ин тарафу он тараф қадам зад, сипас гӯё чизе ба хотираш омаду ба хона надаромада, бо шитоб аз дарвоза берун шуд.

– Ман аз ин мардак метарсам. Оқибат ягон дилсиёҳӣ мекунад,- Бибигул аз хона баромада бо овози шунаво ғур -ғур кард.

Мансур торикии шаб баргашт. Дар дасташ як чоба карасин. Он вақтҳо ёфтани карасин мушкил буд. Бибигул хурсанд шуд, ки зимистон чароғаш бе карасин наемонад. Вале, чунон ки баъдҳо маълум шуд, он чоба ба ин хона бало оварда будааст...

❄ ❄ ❄

Ҳамон сол Ҷовид шашсола шуда бошад ҳам, гоҳ-гоҳ аз назди акаю апааш гурехта, ба хонаи рӯбарӯ, назди модар даромада хоб мерафт. Боре ними шаб аз садои баҳсу кашокаш бедор шуда дид, ки чароғ фурӯзон асту дари хона боз, овози модараш аз даҳлез меояд. Ӯ сари чогаҳ хеста гӯш кард.

– Барака ёбед, як маротиба суханама гӯш кунед. Дар ҳамин лаҳзаҳое, ки падаратон бемор... - Аз садои модар ҳам илтиҷо ва ҳам накӯҳиш ба гӯш мерасид.

Ҷовид назди дар омада дид, ки падар дар тан болопӯшу дар сар телпаки русӣ дорад ва ба душворӣ шинохта мешавад. Ӯ чунин либос надошт. Аз афташ, ин либосҳоро ҳамин рӯз овардаанд.

– Гуфтам-ку чобаро ба рафиқам дода бармегардам. Вақта нагир!- Падар кӯшиш мекард, ки ором сухан кунад, вале муваффақ намешуд. Суханаш изтиробомез мебаромад.

– Вай чӣ гуна рафиқ, ки то пагоҳ тоқат намекардааст. Дар нимишабӣ...

– Ту қозӣ ҳастӣ, ки мепурсӣ? Як тараф ист!

– Ман медонам феъли шумоя. Кушед, ки наемонам! -Модар китфашро ба дар гузошт. Аз вақоҳаташ бармеомад, ки омодаи часпу талош аст.

Падар дарро ҳамроҳи модар ба шиддат кашида, ба девор тамба карду чобаро бо ситез бардошта рафт.

– Ҷаллод!-модар аз алам нолиш кард ва дасти Ҷовидро дошта, болои ҷогаҳ бурд. Ҷовид сарашро ба зонуи модар гузошта, ларзидани танашро ҳис мекард, пичироси модар ба гӯшаш мерасид: «Худоё, нигаҳаш дор, аспашаю аспи ҷиянаша, ки гирифт, аламаш кард.»

Ҷовид пай бурд, ки лобаҳои модар дар ҳаққи падараш аст. Фурсате пас ғанабаш бурд.

Аз паҳлӯи хонаи Мансурино чӯйи об ҷорист. Баҳорон обаш мудом лабрез ва мисли рӯди кӯҳӣ софу ҷонбахшу шитобон аст. Ҳоло баргҳои зардшударо як-як ҷамъ кардаю ҳамроҳаш гирифта оҳиста меравад. Аксари мардуми гузари

Мирзо Рашиди Заркӯб ва заминҳои поёни Растаи Баззозӣ аз ҳамин об истифода мекунанд. Ҷовид пагоҳӣ дар ҷӯй дасту рӯй мешусту баҳси шабонаи падару модарро ба хотир меовард. Ҳоло дид, ки онҳо назди зина, гӯё байнашон воқеае рух надода бошад, хушҳолона гуфтугӯ доранд. Дар ин асно ҳоҷӣ Неъмат дар даст тарбуз вориди дарвоза шуд. Ӯ риши мошу биринҷ ва рӯйи дароз дошт. Мудом саллаи осмониранг мебаст.

Падар рафта тарбузро гирифт.

– Бемор шудани усторо фаҳмида омадам,- гуфт ҳоҷӣ Неъмат.

Ду сол пеш бобои Меҳрон барои ӯ хона пӯшонида буд, бо ҳам дӯстӣ доранд. Аз зинаҳо боло рафта, суханашро идома дод:

– Аз назди масҷиди Тиллокорӣ гузарам, одамон гап-гап доранд, ки имшаб касе хонаи урусеро, ки ҷавонҳоро ба аскарӣ рӯйхат мекардааст, алав мондааст. Дар пушти хона се асп бастагӣ будааст: якеш бандро канда гурехтаасту дуи дигар ҳамроҳи хона сӯхтаанд. Насаби марди рус Чуриков будааст.

Чашми Ҷовид ба модараш афтид, ки бо чеҳраи тарсхӯрда ба падараш зеҳн мемонд. Рангу рӯйи падар низ тағйир ёфт, вале худро бепарво вонамуд карда пурсид:

– Ранги аспҳои сӯхта чӣ хел будааст? Вай бадбахт Рӯшани моро ҳам бурда буд.

– Рангашона нагуфтанд. Мурдаҳошонро дар назди дарвоза дидаанд, ки шинохта намешудааст.

– Кӣ алав мондааст, маълум не?

– Дар кофтуков будаанд. Ҳамсояҳоро пурсуҷӯ доштаанд.

Онҳо ба хонаи бобо даромаданд.

– Хонаи урусе, ки аспи моро гирифт, сӯхтааст?- пурсид Ҷовид аз модар.

– Бачаҷон, ту ба ҳар гапу кор ҳамроҳ нашав.-Модар хавотиромез ба ӯ зеҳн монд. -Самарқанд пури урус. Кӣ медонад, хонаи кадомаш сӯхтааст. Рафтем, чой дам мекунам, барои бобоят мебарӣ.

Ҷовид ба дари бобо наздик шуду овози ҳоҷӣ ба гӯшаш расид.

– Усто, ҳоло шумо сиҳат шуда мехезеду боз хона мепӯшонед.- Ва Ҷовидро дида афзуд:- Касбатонро ба ҳамин набераатон ёд диҳед. Ба худатон монанд.

Бобо бо ишораи ризоият сар ҷунбонду озмоишкорона ба Ҷовид зеҳн монда, бо овози гирифта гуфт:

– Ин кас номи амакамро доранд, - ва ишора кард, ки наздаш ояд, пас даташро ба сари кӯдак ниҳода бо овози баландтар афзуд: -Бобои мо сесад-чорсад сол пеш аз Хуҷанд ба ин ҷо омадаанд. Ин касбро аз ҳамон ҷо овардаанд.-Андаке таваққуф карда идома дод:- Хонаҳои пӯшидаамро бинам, мисле ки нерӯ мегирам.

Ҳоҷӣ каме сӯҳбат карда хест. Дар берун падарро бо овози паст огоҳ кард:

– Ранги усто кандагӣ. Аз ҳолашон бехабар намонед. Одаму оҳ гуфтаанд, як оҳ мегӯяд, мебинед ки нест.

Падар бо нигоҳи изтироболуд ба ҳоҷӣ нигарист. Ӯро гусел карда ба хона даромад. Бобо фурсате пас бо овози хаста гуфт:

– Ман хоб мекунам, шумо аз паси коратон шавед.

Падар берун омада саросема ҷониби масҷиди Тиллокорӣ шитофт. Яқин хабари ҳоҷӣ Неъмат «хонаи Чуриковро алав мондаанд» ӯро безобита кард. Бегоҳӣ омаду ҷомаашро кашида ба мехи сутуни ҳавли овезон кард ва ҷониби модар бо овози гирифта гуфт:

– Ҳамроҳи хонаҳо ду асп сӯхтаву яке гурехтааст. Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки аспи гурехта Рӯшани мост.

– Мегурехт, хона меомад.- Модар аз кӯза об гирифта, ба рӯйи ҳавлӣ пошид! -Шаш сол аст, ки ин ҷо йем мехӯрд.

Падар бо чеҳраи гирифта рӯйи ҳавлӣ пасу пеш қадам зад. Агар ба ӯ сухане нафорад ё ба фикре андармон шавад, чунин рафтор мекунад.

Модар ба хона даромада, худ ба худ ғур-ғур кард: «Зорӣ кардам, ки нарав! Нарав! Рафтию ана ҳолат!...»

❁ ❁ ❁

Бегоҳи рӯзи панҷшанбе вазъи саломатии Меҳрон бад шуд. Фармуд, ки домулло оварда ӯро хононанд. Муйсафед ба намоз сахт эътиқод дошт. Мегуфт,ки баъди чилсолагиям намозамро қазо накардаам. Аммо куфу суфи муллоро ҳеҷ хуш надошт. Мансур алорағми нею нестони мӯйсафед ӯро хезонд,ки ба хонаи худаш барад. Рӯйи ҳавлӣ баромаданд, мӯйсафед ба дару девори ҳавлӣ зеҳн монда қаноатмандӣ ҳис кард: тобистон ҳамаро таъмир кардаю рангубор молиданд. Мӯйсафед ҳанӯз аввали сол намоён шудани маргро дидаю ба он тайёри дида буд. Ӯ ба дарахтони баргҳояшон заъфарон зеҳн монда, гуфт:

– Имсол зимистон барвақт меомадагӣ барин, дарахтон аз нӯг зард шудаанд.

– Ҳамин нишонаҳо ростанд?-пурсид Мансур.

– Албатта, рост, инҳо ҳама аз рӯйи тачрибаанд,-афзуд мӯйсафед ва рӯяшро ҷониби шамол, ки аз қибла мевазид, гардонда андаке табассум кард. Дар рӯбарӯ роҳе, намудор аст, ки аз шаҳр сӯйи Ҷиззах меравад. Он ҷо бод ҳардам чангро хезонда гирдбод мекунад. Ба фикраш омад, ки замоне пиёдаву савора ҳамроҳи ин шамолак дар ин роҳ давутоз мекард. Акнун ин шамол ба дигарон ҳамраҳӣ мекунад. Қадам зад ва мушоҳида кард, ки ҳанӯз шом нашуда бошад ҳам, маҳи духафтаина як гӯшаи осмонро бо нурҳои зарду кабудрангаш равшан кардааст. Ва ҳамзамон дарк кард, ки он шодию сурure, ки қаблан аз дидани моҳи мунир дар дилаш ҷӯш мезад, ҳоло вуҷуд надорад. Мисле ки ноошност, худро дур мегирад. Ба ҳар ҳол, ба назараш чунин намуд. Дар поёни ҳавлӣ, назди танӯр келинаш ба коре банд буд, дар поён ҳавозаи ток. Хӯшаҳои ангури тоифӣ кайҳо пухтаю синаи гов барин овезонанд ҳеҷ майли хурдан надорад. Ҳатто хоҳиши чашидан надорад. Келинаш низ бегона барин. Ба хотири мӯйсафед омад, ки дина саҳар ҳам, пас аз он ки чой нӯшида хестанд, дару девори замоне бо ҳавас сохтааш ба назараш бегона намуданд. Дилаш лабрези ҳасрат шуду худ ба худ заҳрханда кард: «Аз афташ, ба марра наздик шудӣ, Меҳрон!»

Як табақи дарвозаи калони байни ҳарду ҳавлӣ кушодаву роҳи калон намоён аст. Дар он тарафи роҳ дӯконҳои катор қомат афрохтаанд. Дар назди як дӯкон фойтуни зебое истодааст, ки ба он зану марди рус саворанд. Мӯйсафед аз роҳ

боз истода, мисле ки аз чизе рӯҳбаланд шуда бошад, худ ба худ табассум кард, пас ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Шумо бо мардуми рус дӯстӣ кунед. Инҳо одамони одилу некхоҳ ва дастбакоранд, азму ҷазми илмчӯй доранд. Инҳо ба мо рӯшноӣ оварданд.

Табассуми падар ба дили Мансур равшанӣ андохт ва ӯ бо лаҳни шӯхӣ гуфт:

– Дар ҷавониатон бар зиддашон ҷанг мекардед-ку? Камонҳои мардумро таъмир мекардед...

– Он замон дигар буд. Он вақт мо ҳамдигарро надида будему намешинохтем. Одам калонсол шавад, гузаштаро тагорӯ карда, пас ба хубу бадаш дуруст сарфаҳм меравад.

Мӯйсафедро ҳиша гирифт. Кадре истода нафасашро рост кард ва афзуд: -Муносибаташон ба мо хуб буд. Ба ғайр аз баъзе мутаассибҳо, мардуми мо низ ба онҳо унс гирифтаю роҳи дӯстӣ ҷустанд. Аммо ин ҷанг ва зиддиятҳое, ки ҳоло байни ҳамдигарашон рух додааст, шукӯҳу пешравиашонро барҳам зад. Кадом ҷинашон зад, нафаҳмидам.

– Падарҷон, онҳо ҳам аҳмақ доранд. Баъзешон чунон бо ғуруру такаббур рафтору муносибат мекунад, ки гӯё Худо дар рӯйи замин бошанд, касеро назарашон намегирад.

– Як халқро бо чанд аҳмаку нокас баҳо надиҳед (Мӯйсафед аввалин маротиба ба писараш ба лаҳни «шумо» сухан гуфт). Хулосаи гапам ин аст, ки онҳо мардуми оқил, одамшаванда ва давлату савлатдида ҳастанд. Илму амал ва давлатдориро аз онҳо ёд мегиред.

Мӯйсафед андак калавиду ба роҳ даромад. Мансур нотавониию бемадории падарро дида, дилаш ба ҳоли ӯ сӯхт. Раҳматии бибиаш мудом мегуфт, ки «дар таги пойи Меҳрон дона мешиканад.» Ана ҳоли Меҳрон...

Мӯйсафед дар умри ҳафтоду чорсолааш шаш зан гирифтааст. Модари Мансур – Чаман, зани авалааш - сию ду сол пеш аз дарди гулӯ фавтида буд. Он вақт Мансур сенздаҳсола буд. Боре бибиаш ба падар гуфтааст: «М он, шумо занҳои худатон барин хушқомата фиреб карда мегиреду пас аз ду-се сол ҷавоб медиҳед, уболашон мегирад». «Ҳамқад ёфтаму ҳамдил наёфтам» будааст ҷавоб.

Мӯйсафед зинаҳои ҳавлии писарро баромада, нафастанг шуд, сурфааш омад. Ба хона даромаду ба девор такя карда, сахт-сахт нафас гирифт ва боз хотиррасон кард: «Мулло аз хотиратон набарод.» Ва баъде, ки танҳо монд, фикрҳои аввала ба сараш омаданд.

«Дилгармии худам ҳам ба хонаю дару бори рӯзгор намондааст. Худованд худаш меҳрро ба дилат меандохтаасту вақташ ояд, боз мегирифтааст. Умр ҳам ҳамранги мансаб будааст. Пиру фартут ки шудӣ, замона замину осмон бегона мешудаанд. Ҳатто меҳри пайвандон як-як канда мешудааст. Аммо ин ҳолатро дар охири умрат дармеёбию дарк мекунӣ.» –Сулфаи мӯйсафед хурӯҷ карду чанд дақиқа беист сулфида мадораш рафт. Баъде ки сулфааш монд, фикрҳояш боз чун мурғҳои одаткарда парида ба сараш омаданд: «Лекин лаззати умр дар он будааст, ки Парвардигоратро шиносӣ, шинохтан кам, сидқан дӯст дорӣ. Корҳоятро бо ӯ бо маслиҳату мадоро анҷом бидиҳӣ. Аммо вай вақте ба ту

маслиҳат медиҳад, ки аз доираи одамгарӣ берун наравӣ!» Ва лабханд карду пичирос зад: «Пеш аз сафар илҳомат омадааст, ҷӯра.»

Домулло баъди шом омада мӯйсафедро хонду «бемора танҳо намонед»,- гуфту рафт. Мансурро як ҳолати ҳавлноку аламовар фаро гирифт. Ҳис мекард, ки душмани даҳшатангезе сӯи хонаи онҳо меояду вай оҷиз аст дар баробараш истодагирӣ кунад.

Мӯйсафед дар танҳоӣ бо писараш маслиҳатомез гуфт:

– Мансур, писарам, шумо хурд нестед, суханҳоямро ба гӯш гиред, - ва дастони ҳар ҷо –ҳар ҷо хол баровардаашро беруни ҷогаҳ карда афзуд: -Як рӯзи омадану як рӯзи рафтан ҳаст. Ман аз умри насибкарда як ба ҳазорон розӣ. Ҳарчи Худо лоиқ дида буд, дидаму гирифтам. Ба ҳамааш шукр...

– Ҳоло кам,- Мансур дасти падарро молид. Пай бурд, ки падар аз чи хусус сухан мегӯяд. Хорияш омад. Нимшӯхию нимҷиддӣ гуфт: - Кучо саросемаед? Мо шуморо зан доданием...

– Зан ҳам гирифта шудам, - мӯйсафед нигоҳашро ҷониби дар дӯхт.- Шаш зан гирифтам, лекин фақат бо модари шумо, Чаман, зиндагӣ кардаму бо дигарҳо ҳамту, мисле ки шинос будем. Чунон ки ҷавонӣ як маротиба меояд, тааллуқи дилхоҳ ҳам як бор насиб мекардааст.

Мансур ба хотири он, ки чашмони намгирифтаашро аз падар пинҳон дорад, лаби кӯрпаро рост кард.

– Чеҳраи раҳматӣ, хандаҳояш, мудом дар рӯбарӯям.-Мӯйсафед лаҳзае хомӯш шуду пас афзуд: - Модаратон зани солеҳаю худотарс буд. То ӯ буд, хона файзу баракату омаду рафту меҳру садоқат дошт. Баъди кор саросема ҷониби хона мешитофтам.- Мӯйсафед намои табассум кард.- Баъд, чунон ки мегӯянд, он соғар шикасту он май намонд.

–Ҳоло ин фикрҳоро монед, худатона бардам гиред,- гуфт Мансур.

Мӯйсафед нигоҳашро ба самте дӯхта пас бо оҳанги пештара суханашро идома дод:

– Агар қаҳрашро меовардам: «Равед, ба ҳамон Хуҷандатон!» - мегуфт. «Ин қасру кӯшкҳои Самарқандро мо, хуҷандиҳо, сохтем!» -гуфта, бештар қаҳрашро меовардам. «Амир Темур пеш-пешатон карда оварду аз тарсатона пӯшондед!». мегуфт: «Аз тарс не, инҳо ҳама чиҳози ту!»,-шӯхӣ мекардам; «Ҳоло кам!»-гуфта пояшро ба замин мезад ва механдидем.

Онҳо хомӯш монданд. Пас мӯйсафед нигоҳашро ба рӯи писар бардошта афзуд:

– Вақте ки кор буд шуд, худатона ба даст гиред. Кас дар маъракаи калон мудом пеши корро фикр мекунад. Дарҳол шайхи мазори Хоҷамуҳаммади Балхӣ - Шайх Аҳмадро биёред. Мо бо ҳам эътиқодмандем. Ҳамсолонам, дӯстонамро хабар диҳед бас, ҳангома накунед.

Мансур хомӯш истод. Пай бурд, ки ҳоло чизе гӯяд, ба гӯши падар намедарояд. Ба гуфтаҳояш гӯш дод ва баъд аз он ки берун баромад, фикр кард, ки мӯйсафед васияташро кард. Ӯ *бояд омода бошад.*

Мӯйсафед «дӯстонам» гуфта, онҳоеро дар назар дорад, ки соли 1868 як дастаи панҷоҳнафараи ҷавонҳо ҷамъ омада (аз Даҳбеду Шаҳрисабз ҳам буданд) бар

зидди гарнизони русҳо, ки шаҳрро тасарруф карда буданд, пинҳонӣ шабохун задаю мечангиданд. Ба ин даста Меҳрони он замон бистушашсола низ ҳамроҳ буду ҷавононро бо туфанг таъмин мекард (Баъди ҷанги Ҷиззах дар шаҳр туфангҳои бекулангдон(безатвор) пайдо шуданд. Усто Меҳрон аввал аз чӯб, пас аз оҳан қолаб сохта, кулангдон дуруст кард ва баъди он Меҳрони Камон лақаб гирифт). Даста бештар ба дидбонгоҳҳою, гарнизонҳо ҳуҷум мекард. Анборҳои борутро оташ мезад. Ба дӯконҳои тиҷоратӣ зада медаромад. Баъди чунин ҳодисаҳо генерал Кауфман барои дастгир карданашон як баталиён ҷудо кард. Ду-се моҳ гузашт, аммо мурод ҳосил нашуд. Балки обрӯи даста зиёд шуду ҳаводоронаш афзуданд. Аз деҳаҳои атроф, аз Даҳбеду Панҷекат ҷавонҳои ғаюр ба даста ҳамроҳ мешуданд. Кауфман фармуд, ки падару бародаронашонро дастгир ва ҳабс кунанд. Ду бародари сардори даста Нурмуродро ба зиндон андохтанд. Бо ин ҳам ғазабашон паст нашуду ба мардуми шаҳр ҷафоҳо карданд. Баъди он Нурмурод дастаро ҷамъ карда фармуд, ки то вақти мусоид пароканда шаванд. Худашрӯ ба асирӣ супурду падару бародаронашро халос кард. Меҳронро ҳам дастгир карданд. Падарарӯсаш Мирзоюнуси аробакаш гоҳ-гоҳ ба арробааш корҳои гарнизонро иҷро мекардааст. Тотори тарҷумон, ки ошноёш будааст, маслиҳат медиҳад, ки ин гурусначашмҳо тиллоро нағз мебинанд. Бист-сӣ тангаи тилло ба дасти зиндонбон диҳед, ҳамон лаҳза домодатонро раҳо мекунад. Вале зиндонбон марди рӯйпаҳни шикамкалони майзада бо забони тоҷикӣ «нархи домоди шумо сад танга, гардем!» мегӯяд. Хуллас, гуфтаашро медиҳаду домодро аз зиндон мебарорад.

Ин қиссаҳоро калонсолони шаҳр ҳам мегӯянд. Хурду бузург мӯйсафедро ҳурмат мекунанд. Пас мешавад, ки фақат дӯстонашро хабар диҳад? Не, бояд ба ҳамаи масҷидҳои шаҳр одам фиристад. Бояд барои чорсад нафар намозхон, ҳатто бештар аз ин, ертиш тайёр кард. Яке аз дӯконҳои Чуқурбозорро мефурӯшад. Лозим шавад, ҳардуро мефурӯшаду маъракаи мӯйсафедро баобрӯ мегузаронад. Мансур бо чунин андешаҳо назди дарвоза омад. Андешид, ки аввали баҳор дарвозаи пастро тела дода афтонду «мардум биёянд меҳанданд, усто асту дарвозаашро бин»,мегӯянд, гуфту ба ҷояш дарвозаи баланди кандакорӣ шинонд. Фармуд, ки ҷойҳои паридаи деворро таъмир карданд... Аз афташ, мӯйсафед наздик омадани маргашро ҳис карда будааст. Ӯ роҳи калонро гузашта ба гузари Мирзо Ҳусайни Заркӯб, ба хонаи ҳоҷӣ Неъмат, рафт. Аз ҳамсоядӯконҳо шунида буд, ки ҳоҷӣ дӯконхар аст. Корҳояшро то офтобзард саришта карда, сари роҳ ба матбаа, назди шиносаш, марди рус Фёдор даромада, ду газета гирифт. Якеро ба рафиқаш Зарифпаҳлавон, ки дар гузари урметаниҳо зиндагӣ мекунад, бурда медиҳад. Нисбат ба Мансур ӯ бештар ба газетахонӣ завқмандӣ дорад. Ба хона омада,падарашро хабар гирифту пас болои таксинҷи ҳавлӣ нишаста, ба газетаҳо чашм давонд. Занашу писаронаш гандуми шустаро ба ҷуволҳо мерехтанд. Занаш ба ӯ шунавонда гуфт:

– Аз рӯзе, ки падаратон газетахон шудаанд, ҳаваси бо мо суҳбат кардан надоранд.

Мансур бо нимтабассум ҷониби занаш нигарист. Ин дам бонги азонро шунида, «ҷавоби суханатро бегоҳ мегирӣ»,- гуфт ва сӯи масҷид шитофт. Шаб

назди падар хоб рафт. Аз бегоҳ аҳволи мӯйсафед бад шуда, ҳазён гуфтан гирифт. Дасташро пеш бурда,«падарам дар ин ҷо! Чаман омадааст!» ва боз ким-чиҳое мегуфт.

Пеш аз субҳ мӯйсафед дастамро гиред, ки намози бомдодро хонам -гуфт.

– Падарҷон, то вақти намоз як соат вақт ҳаст.-Мансур дасти падарро дошт.- Ҳам шумо бемор...

Мӯйсафед ҷониби Мансур нигоҳи норозиёна андохта, бо нимовоз гуфт:

– Вақти ман намонд. Ду ракъати фарзро хонам.

Мансур базӯр мӯйсафедро болои ҷойнамоз шинонд: мушоҳида кард, ки дар гунаҳояш сурхӣ пайдо шудааст. Мӯйсафед нишаста, як ракъатро хонду дар ракъати дуюм яктарафа хам шуд. Мансур ӯро дошта, оҳиста хобонд: нафасгириаш мушкил шуд. Чашмонашро ба тарс кушода, чизе гуфт ва дақиқае гузашту нафаси сабук берун кард ва ҳамоно ба ҳоли худ шуд. Мансур аз суханони падар ба ғайр аз «дидор...» чизе нафаҳмид... Ва ҳамон лаҳза ба шайхи мазори Хоҷамуҳаммади Балхӣ шайх Аҳмад одам монд. Ба ҷанозаи мӯйсафед, чунон ки Мансур интизор буд, одам бисёр омад. Шайх дар сари ҷаноза чун дигар домуллоҳо аз охирату рӯзи ҷавобу ғайра лаб накушод, чунин гуфт:

«Имрӯз марди майдоне аз байни мо рафт, ки ба ин хоку мардумонаш назар ба ҳамаи мо ошиқтар буд. Ангезаи ба душмани зӯр посанг будан дар ниҳодаш забона мезад. Чун лозим омад, дар як ҳафта шаст камони вайронаро таъмир кард, ки мо бар зидди душман муқовимат карда тавонем. Аз меҳу майдаоҳанҳо тир месохт. Бо чунин кораш ба мо нерӯ мебахшиду ғазаби душманситезиро дар диламон меафзуд: пеш-пеш шуда на якбору ду бор ҷонашро дар хатар гузошт. Имрӯз моро ба сӯг гузошту худ роҳи охират пеш гирифт. Дами субҳ, болои ҷойнамоз дар роҳи дӯст, дар даҳон сухани дӯст ҷон ба ҷонон супурд. Ана, гули сари сабади мо, Меҳрон, чӣ гуна одам буд! Меҳрони меҳанпараст мо бо амалҳои нек номашро дар осмонҳо дар сафи ҷовидонҳо сабт кард. Мардуми Самарқанд, донед ва ба гӯш бигиред, ки минбаъд манбаи эъзозу эҳтироми мо на шайху муллою мазор, балки ана ҳамин қабил мардони бадониш ва дар роҳи ватан ҷоннисор мебошанд. Бақои миллат ва ному нанги мо чунин озодмардон ҳастанд!»

Баъди суханони шайх байни издиҳом ғул-ғула аланга заду зуд фурӯ нишаст. Яқин ба домуллоҳо сухани шайх хуш наомад. Боз Абдуҷалил ном муфтие аз Рустамқишлоқи беруни шаҳр ҳам ин мазмун сухан кард, ки Мансур ӯро намешинохт. Баъди ҷаноза Абдуҷалил дасти Мансурро бо меҳрубонӣ дошта гуфт, ки бо акаи Меҳрон рафиқ буданд. Мансур мурдаро дар қабр монда, пас мушоҳида кард, ки бештари мардум барои ҳурмати маит то сари қабр омадаанд. Дар дилаш нисбат ба онҳо дӯстӣ пайдо шуд. Инҳо аз рӯи меҳре, ки ба падараш доштаанд, овора шуда омадаю ин ҷо нишастаанд. Дирӯз, ҳангоме ки хабаршон мекард, ин ҳиссиётро надошт. Баъдтар назараш ба писаронаш афтид, ки ду қадам дуртар аз ӯ чун кабӯтаракон паҳлуи ҳаманд. Бибигул ба онҳо ҷомаю тоқии нав пӯшондаю маъраказеб кардааст. Баҳодур худро мисли шахси мусибатдида мепиндошт. Ҷовид бепарво, ҳоло ақлаш ин корҳоро намегирад. Мансур, ҳангоме ки охирин маротиба хоки қабрро ба панҷаҳояш ҳамвор карда хест, ба фаросат

дарёфт, ки пагоҳӣ, пеш аз марг, сухани охирини мӯйсафед, ки «дидор...» гуфта лабонашро меҷунбонд, «дидор ба қиёмат монд» будааст. Раҳораҳ назараш ба шаҳри болояш ғуборгирифта афтид. Қасру гунбазҳои нилгун, дарахтоне, ки дар тирамоҳ зарду сурхранг гаштаанд, дуди сиёҳе, ки ҷо-ҷо аз мӯриҳо баланд шуда зуд нопадид мешавад, дар ин бегоҳирӯз ба назараш хориовар ва ҳузнангез менамоянд. Ба ёдаш омад, ки дар кӯчаҳои ин шаҳр дигар ҳеҷ гоҳ падарашро намебинад, овози хандаашро намешунавад, дар хона ба пешвозаш намебарояд. Падар гурдаи пураш буд. Акнун ӯ нест. Дар давоми як шабу як рӯзи вафоти падар Мансур аввалин маротиба дарун-дарун гиряи ба сӯз кард.

❄ ❄ ❄

Ҳамон рӯзҳо овоза шуд, ки дар Хуҷанду Хӯқанд ва чанд шаҳри дигар мардум бар зидди сарбозгирони Оқподшоҳ шӯриш бардоштаанд. Дар Хуҷанду Ӯротеппа маъмурони сарбозғундорро корд задаанд. Дар Исфара хонаи приставро (сардори политсияи шаҳр) сӯзондаанд. Ва рӯз то рӯз чунин хабару овозаҳо меафзуданду дар бозору чойхонаҳо аз даҳон ба даҳон мегузаштанд.

Дар яке аз чунин рӯзҳо, ҳангоме ки офтоб ба хилватгоҳаш сарозер мешуд, ҳоҷӣ Неъмат ба болои зинаҳои ҳавлӣ баромада аз Мансур пурсид:

– Баҳодур фуровард кард ё ҳоло ҳам қаҳрӣ мегардад?

– Нимқаҳрию нимоштӣ аст. Гуфтам, ки аспи хуб ёб, мехарам. Ҳоло асп кофта гаштааст. - Мансур ҳис кард,ки ҳоҷӣ сухане дорад, гӯш ба қимор шуд.

– Мо аз тӯйи ҳамсояамон омадем,-гуфт ҳоҷӣ Неъмат,-он ҷо ҳамсоядуконатон Зарифпаҳлавонро дидам. Гуфт, ки шумоён имрӯз дар бозор бо русҳо ҷанг кардаед. Русҳои шаллоқхӯрдаро бардошта госпиталшон бурдаанд. Якеш корд хӯрда будаасту аҳволаш вазнин. Аз консулхона аспакии бисёре омада, якчанд одами бозорро дошта, бурда маҳкам кардаанд. Ва гуфт, ки Мансур низ дар ҷанг иштирок карда буданд. Гӯед, ки як муддат рӯ панаҳ кунанд. Корд дошта-нашонро баъзеҳо дидаанд.

Мансурро ранг парид.

– Мансурбой, ба онҳо баробар шудан лозим нест,-афзуд ҳоҷӣ Неъмат.-Онҳо тиру камон доранд, давлати овозадор доранд. Дар кордонию корсозӣ чунон усто шудаанд, ки мурғи осмона дошта, қасос мегиранд.

– Амак, камон надорем гуфта, монем, ки хар карда савормон шаванд? - гуфт Мансур. - Ҳар номаъқулие, ки дар каллаи майзадаашон биёяд, ба мо раво бинанд? Ватанамонро гирифтанашон кам буд, ки ҳоло шайху муллоро роҳи гузар намедиҳанд?! Бале, ман корд задам: ҳамон Чуриковро, ки хонааш сӯхта буд. Ӯ ҳолате дошт, ки агар корд намезадам, мо чанд нафарро мепарронд.- Мансур рӯйи ҳавлӣ қадам зад.

– Як вақт овоза шуд, ки хонаи Чуриков сӯхтааст, хонаи ҳамин кордхӯрда будааст?-пурсид ҳоҷӣ Немат.

– Бале, хонаи ҳамин касофат буд, ки ҳангоми аскаргириаш ба моли мардум чашм ало мекард. Дар як рӯз ҳам аспи маро гирифту ҳам аспи Абдурашиди хешамонро, ҳарчанд ки вай як писар дошту ҳам ришва дода буд.

– Овозаҳо буданд, ки аз одамон пул гирифта, фиреб мекардааст.

– Бале! Имрӯз Худованди ҳамабин сазояшро дод. Кордзании ман сабаб дошт,-суханашро идома дод Мансур. –Ба бозор барои зини асп даромадам, ки ба он кофир чашмам афтид. Дар танаш мундири ялаққосӣ, аз болояш тасма ва наганаш намоёну бо як худашмонанд ҳарду масти аласт, дасташон ба гардани ҳамдигар, гоҳе баланд шеър мехонанд, гоҳе аз назди фурӯшандаҳо рафта аз молашон бе пурсиш гирифта, ба даҳон мебаранд. Ва боз назди дигаре рафта, пӯписа мекунанд: «Чанд сӯм мефурӯшӣ? Арзон кун! Нархи молат фалон!» Ба кирдорашон зеҳн мондаму ба дилам омад, ки ин кофирҳо аз ҳад гузаронданд, бояд адабашонро дод. Ҳамин вақт шайх Аҳмад дар дасташ нону қаймоқ дар бозор пайдо шуд. Ин мастҳо пеши роҳашро гирифта ба лаҳни худашон кимчиҳое гуфтанду Чуриков саллаи шайхро гирифта ба сараш монд ва қаҳ-қаҳ зада хандид. Дигаре яктаҳашро кашиданӣ шуду шайх намонд. Кашокашӣ карданд. Шайх косаи қаймоқро ба сари ҳамроҳи Чуриков зад. Аз ман пештар Зариф расиду ӯро зада афтонд. Чуриков туфангчаашро гирифт, ки ман расида кордро ба шикамаш доштам. Кори шудагӣ ҳамин.

"Сагро аҷалаш расад, дар девори масҷид мемезад". Кош намуранд, вагарна ин кофирҳо барои тарсондани чашми мардум корҳои бад мекунанд.

– Корҳои бадро панҷоҳ сол боз мекунанд. Аз Русия мужикҳои худашонро оварда, замин медиҳанд, дар паҳлуи шаҳрҳои мо шаҳрҳо месозанд: Самарқанди нав,Тошканди нав, Хӯқанди нав сохтанд. Қад-қади роҳи оҳан барои раъияти худашон деҳаҳо месозанд. Як маротиба ба шаҳри нав равед, мебинед, ки барои худашон мактабу беморхона, калисо ва боз чиҳое сохтаанд. Андози «земски сбор»-ро аз халқи мо ҷамъ мекунанду бароямон як масҷид насохтанд хуб ба масҷид хуш надоданд, як мактаб ҳам напӯшиданд.

Ҳоҷӣ Неъмат пешонияшро чин карда, ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Кӯчаи бозорро сангфарш карданд! Заводи шишабарорӣ, заводи пӯст сохтанд! Хеле ободиҳо карданд. Рус ин заминро зада гирифт, ки барояш фоида биёрад, на ин ки барои ману шумо масҷиду мактаб созад.

– Мо хап истем, бадтар мекунанд,-гуфт Мансур. Ва пеши назараш воқеаи пагоҳӣ рухдода омад. Часпу талошашон ба ду дақиқа ҳам накашидааст. Ҳамроҳи Чуриков аз ду зарбаи сангини Зариф афтиду бе даму дуд шуд. Чуриков беҳолона ба паҳлӯяш ба ҷои корд дасташро гузошта хунро доштани мешуду хун намеистод. Дарҳол аз байнашон нафаре, ароба ёфтаю мачрӯҳонро бор карда, госпиталшон бурданд. Пас аз он ки ароба рафт, Мансур ба чӯйбори таги девори бозор рафта корду ғилофашро шуст. Баъзе ҳамсояҳо норозиёна, баъзеҳо бо таҳсин дуздида ба ӯ менигаристанд. Ба кор дигар дасту дилаш нарафт, дари дӯконро басту хона омад.

– Ҳоло мо ба инҳо посанг шуда наметавонем, Мансурбой.- Ҳоҷӣ Неъмат ба садои ғиҷирроси аробае, ки аз кӯча мегузашт, гӯш дода афзуд: -Губурнотурашон фаҳмад, ки айб аз худашон гузаштааст, шояд сахт нагирад.

– Агар дар он вазъият кӯракӣ зада гузашта мерафтам, бешарафӣ, беимонӣ мешуд.

– Ҳоҷӣ Неъмат ба тасдиқ сар ҷунбонд.

– Дар аввал «урус омад, дуруст омад», мегуфтанд. Пас чунин корҳоро карданд, ки мардум аз онҳо рӯй гардонданд. Бо ғуруру такабур рафтор мекардагӣ шуданд.

Ҳоҷӣ Неъмат зинаҳоро сарозер шуда илова кард:

– Мансурбой, шумо кӯча камтар бароед. Ягон хабар шуд, ман мерасонам.

Тарафи офтобзард хабар оварда.

– Руси кордхӯрда мурдааст. Ҳоли дигараш ҳам вазнин будааст. Зариф ва боз якчанд дукондори бозорро бурда ҳабс кардаанд. Он тарафро худатон қиёс кунед.

– Мурдааст?! -Мансур, ва бо овози дигаршуда гуфт:- Ман ӯро ба мақсади куштан корд назадам.

– Лекин ин сухана кӣ гӯш мекунад?

– Мансур ба хавотири ба девори атрофи ҳавлӣ нигарист ва дақиқае пас гуфт:- Аз худам парво надорам, аз бачаҳо хавотирам.

Ҳарду муддате хомӯш монданд, пас Мансур гуфт:

– Амак, Ин воқеаро занам нафаҳмад, хуб аст. То бегоҳ аспатонро гирам?

– Як ҳафта гиред. Асп бекор.

Мансур ними шаб омад. Ҳамроҳаш як аспи саманд ҳам оварда.

Субҳидам Бибигул бачаҳоро бедор карда, либос пӯшонд.

– Гӯед, куҷо меравем?- гаштаву баргашта мепурсиданд бачаҳо. Вале баъди он ки чашмони модарро ашқолуд диданд, хомӯш шуданд.

Баҳодур ҳамроҳи падар чизҳои лозимиро назди дар ҷамъ мекунад. Он замон одамон моли бисёр надоштанд. Якчанд кӯрпаю тахтапӯст, хуми дудастае, ки гӯшти кабоб дорад ва сандуқи либосу анҷомҳои ороишу занонаро назди дар оварданд.

– Фақат чизҳои зарурро гиред,-таъкид кард Мансур.-Бори аробаро вазнин немекунем. Ман баъди як ҳафта боз меоям.

Бибигул ба гапи шавҳар гӯш накарда, як баста табақ, чойнику пиёла, ду офтобаи тиллодавонда ва чор гилеми нави дастибофтро бардошта оварда, ба итоб, "ман ин гилемҳоро барои мушҳо набофтаам!"-гуфт.

Мансур хомӯш буданро авло дониста, берун баромад.

Ҳамсояҳо Мансурро «ҷилои ватан кардан хосият надорад», - гуфта аз роҳ гардонданӣ мешаванд; бештар Намозбой кӯшиш мекунад: «Ҳамсояи дилпурамон шумоед,» мегӯяд.

– Дар ин шаҳри ба дасти кофирҳо афтода ва бефайзу фатарот шуда як соат ҳам намеистам!-гуфт Мансур.

– Кофирҳо ба роҳи худашону мо ба роҳи худамон.

– Ҳар кас ба роҳи худ мешуд, хуб буд. Инҳо роҳи маро гирифтанд. Кадом рӯз омада, писарамро ба кори армияашон бурданӣ шуд, аспамро дода халос кардам. Пагоҳ барои бурдани худам оянд, дигар чизи медодагӣ надорам! - Зимни гуфтугӯ Мансур ба корҳои занаш зеҳн мемонд. Ӯ якчанд калоба ва пӯстину чакмани дар таги кӯрпаҳо қат карда мондаи Мансурро оварда болои асбобҳо монд.

– Бору бунашон бастагӣ. Дигар монеъ шуда наметавонем,- ба байн даромад ҳоҷӣ Неъмат.- Монед, як сайр кунанд, аммо баъди се-чор моҳ баргарданд.

Бибигул назди бачаҳо дастархон партофта, ғур-ғур кард: «Шаҳрро бефайз карданд! Баҳонаашро бинед. Шаҳр бефайз нест! Ту аз кори кардаат дар тарсӣ! Гуфтам, ки бадӣ накун, ки бадӣ даҳчанд шуда ба сарат бармегардад, гӯш накардӣ. Ва ҳамаро дар бало мондӣ. Акнун сакалтуҳо барин сарсону дарбадар шуда гард!" Ӯ овози хоҳараш Суманро шунида берун баромад. Дар берун занҳои ҳамсоя низ ҷамъ омадаанд.

– Бибигул, зудтар баргард,- гуфт Суман.

– Як ҳафта пас гашта меоям,- Бибигул назди ҳамсояҳо худро хушҳол вонамуд кард.

Он лаҳза ба хотири касе намерасид, ки ин вопасин дидорашон аст.

❁ ❁ ❁

Аробаи сафаракиҳо ба сӯйи офтоббаро роҳ гирифт. Дар роҳи сангфаршкарда аробаи вазнин баланд садо бароварда мерафт, баъзан ба чапу рост тоб хӯрда оҳану чӯб ба ҳам совиш хӯрда ғичиррос мезаданд. Баъде, ки ними кӯчаи Азими Хоразмӣ ва бинои Қаландархонаро гузаштанд, Мансуру Баходур ба аспҳо савор шуданд. Баҳодур ба аспи шаб овардаи падараш савор шуд. Дар болои аспҳо хӯрҷинҳои пурбор ҳам ҳаст. Дар байни сафаракиҳо фақат Ҷовид хурсанд аст. Ӯ болои ароба, байни модару Латофат нишистааст. Ҳар замон аз ҷояш хеста, "ин хонаи холаам, ин хонаи Шукури зард, ин хонаи фалонӣ" мегӯяд ва модар аз бари ҷомааш мекашад: «Бишин, ки меғалтӣ!» Кӯчаҳои пуродами мобайни шаҳр, сафаракиҳои аспу уштурсавор ки ба шаҳр дохил шудаанд, нигоҳашон ҷониби қасру гунбазҳост, аробаҳои ҳарранга бо ҳой-ҳойи соҳибонашон, қасру гунбазҳои зарҳалин ва рангин, ки офтоби пагоҳӣ нав ба бомашон расидааст, аспу улоғҳои бордори назди бозорҳо, қатори нонфурӯшу нишоллофурӯшҳо, ки молашонро таъриф доранд, устое ки марди қаландарнусхаеро дар даромади бозор чорзону шинонда мӯи сарашро метарошад, занҳои фаранҷидор ва камзулу яктаҳҳои дароз ба бар, ки дар дуконҳои он сӯи роҳ равуо доранд, ҳама барои Ҷовид ҳайратоваранд.

Дар гардише ки роҳ танг мешавад, аробакаши онҳо марди қаддарози чеҳраш дар офтоб сӯхта, саллаи фарсудааш ба гардани сип-сиёҳи пурожангаш фаромадааст, ба аробакаши чашмсурхе пӯписа мекунад: "Албастӣ, аспатро он сӯ гири намешавад?!" Чашмсурх лом нагуфта, аробаашро ба гӯшаи роҳ мебарад.

Аз назди хонаҳои пасти канори шаҳр, ки гузаштанд, киштзорҳои ҳосилашон ғундошта шурӯъ мешаванд. Оби ҷӯйборҳои ҳар ҷо бандшуда ба заминҳо гаштаанд. Кӯдакони пойлуч, бо куртаҳои дарида дар заминҳои ҳосилашон даравида мол мечаронанд. Як гурӯҳ қутиеро нишона карда аз дур санг мепартоянд. Мазмун мусобиқа мекунанд. Села-села гунҷишкон бо шӯру садо аз як гӯшаи замин ба дигараш мепаранд. Тирамоҳ дашту тепаҳоро рангҳои сурху зард молида, нав ба охир расондааст. Вале роҳ аз саворао аробаҳо пурчанг аст. Хоки сурмамонанд аз зери чархи ароба хеста, ба сару рӯ мешинад. Ҳангоме ки аз байни заминҳо мегузаштанд, қитъаеро диданд, ки дарахтонаш ҳоло ҳам мева доранд.

– Амаки аробакаш, аз ин олуҳо чида метавонем?-Ҷовид китфи модарро дошта рост хест.

– Не, ин замини вақф. Касе ҳосилашро хӯрад, шикамашро сӯрох мекунад, - аробакаш маҳин табассум кардаю ба сари аспаш тозиёна бардошт.-Ҳой туруқ, хобат бурд-чӣ?

– Шиками гунҷишкҳоро ҳам сӯрох мекунад? – Ҷовид ба чашмони модар менигарад.

– Албатта сӯрох мекунад, зоғро сӯрох мекунад, гунҷишкро мемонад?-ҷавоб дод Латофат ва калонгирона илова кард:-Ту намедонӣ, ман медонам.

Модар ҷониби Латофат ба итоб нигариста гуфт:

– Одамоне, ки дар роҳҳо кор мекунанд, масҷиду мазорҳоро таъмир мекунанд, зироати ин заминҳоро истифода мебаранд.

Роҳ ҳоло андаке фароз шуда меравад. Аробакаш ҳар дам тозиёнаашро алвонҷ дода аспашро ҳадаҳа мекунад. Аз болои ҷӯйборе гузаштанду аробакаш рӯяшро тоб дода гуфт:

– Ҳамаи ин заминҳо моли Хоҷа Аҳрори Валӣ:- Дар вақташ он ҳазрат як қисми бештарашро вақф карда будаанд.

Падар аспашро дошт ва ҳангоме ки ароба наздик шуд, гуфт:

– Очаш, деҳаи Найзаварон дар паси тепаи домани кӯҳ аст. - Иншоолоҳ ду соат пас мерасем.

Модар ба сухани падар эътибор надод, балки вонамуд кард, ки парво надорад кучо мераванд ва аз Баҳодур пурсид:

– Аспи таги поятро намехарӣ?

– Ин аспи улоғӣ не,-Баҳодур аспашро пошна зад.

Модар ба чашмаобе, ки аз канори заминҳо гузашта ҷониби поён меравад, зеҳн монд, аз дилаш гузашт, ки дар чеҳраи Мансур ҳам пушаймонию хавотири ҳувайдост. Лекин сир бой намедиҳад. Кошки дар давоми ду-се моҳ баргашта ба хонаамон биёем. Ӯ даст ба китфи Ҷовид ниҳода гуфт:

– Моро хонаи амаки Мирзоумед мебаранд. Мирзоумеду падарат дар мадраса ҳамроҳ мехонданд. Дар тӯйи калон бо занҳояшон омада буданд. - Намои табассум карда афзуд: -Он рӯзҳо ҳеҷ аз хотирам намераванд. Ҳамаи шаҳра хабар карда будем. Мардуми беруна чи қадар омад, касе ҳисобаша намедонист. Даҳто зан ҳашт рӯз аз даҳони танӯр дур нашуда нон мебастанд. Занҳои Мирзоумед ҳам дар нонбандӣ ёри карданд. Барои меҳмонҳои аз берун омада бисту як ҷома дӯхтем. Камӣ кард, падарат рафта аз бозор боз бистто харида оварданд. Ҳашт рӯзи туй, мо на шаб хоб рафтему на рӯз...

– Амаки Мирзоумед ду зан доранд?- пурсид Латофат.

– Аз зани аввалаашон Гулсум фарзанд намешавад, зани дувум мегиранд, номаш Зулайхо. Се фарзанд мекунад. Ду нафарашон дар кӯдаки нобуд мешаванд, як духтарашон дар ҳаёт аст.

Онҳо наздики офтобзард ба деҳа даромаданд. Дар даромади деҳа байни замини кушод хонаи зебои навпӯшидаест. Як гурӯҳ мардикорҳо атрофи онро девор мебардоранд. Девор қади одам хеста бошад ҳам, боз баланд мебардоранд. Аз бино онтарафтар чойхона намудор, катҳо серодам, баъзе гурӯҳҳо қартабозӣ доранд, баъзе сӯҳбат кардаю баланд механданд. Аз байни онҳо амаки Мирзоумед ҷудо шуда, тез-тез қадам зада ба пешвоз омаданд. Ба хотири Ҷовид омад, ки

ду сол пеш амаки Мирзоумед хонаашон омада буданд. Як паллаи хӯрҷинашон пури чормағз буд.

Мирзоумед ба ҳама як-як салом карда гуфт: - Аз нигоҳ кардан кӯки чашмам канда шуд. Чаро дер кардед?

– Бори ароба ки вазнин буд, оҳиста омадем, -гуфт падар ва пурсид:- Ин хонаи зеборо ягон тоҷир пӯшид?

– Ин хонаи консули Самарқанд аст. Одамаш ин ҷо истода, андози деҳаҳои атроф ва Панҷекату Фалғарро ҷамъ мекардааст.

– Ҳеҷ не ки ин носерамҳо сер шаванд. Фалғариҳо худашон мурам-намурам зиндагӣ мекунанд: дар онҳо замин набошад...

– Баъзеҳо тарафдор: мардуми деҳаи мо мегӯянд, ки сарварӣ ба ҳаминҳо мезебад. Роҳҳоро обод мекунанд, тартиб ҷорӣ мекунанд, кор фармоянд, маоши хуб медиҳанд.

Ҳангоме ки ба дарвозаи амак наздик шуданд, занҳояшон ба пешвоз баромаданд. Ҳарду қадбаланд, камзӯлу рӯймоли якхелаи сабзранг доранд. Холаи Гулсум танадор, чеҳраашон ҷиддӣ. Холаи Зулайхо чеҳраи сафеди кушода доранд. Худи Рӯшани Баҳодур барин гарданбаланд.

Онҳо меҳмонҳоро ба хурсандӣ пешвоз гирифтанд. Латофату Ҷовидро ҳарду зан бӯсаборон кардаю ба модар меҳрубонии зиёд нишон доданд. «Дар қаду бари меҳмони зебо ҷонам,- мегуфтанд холаи Гулсум. –Шумо биёед, сари мо баланд мешавад. Дар деҳа меҳмонҳои шаҳришон омадаанд мегӯянд». Холаи Зулайхо пурсиданд, ки дар роҳи дароз хуб монда шудед? Кош деҳи мо наздиктари шумо мебуд.

Чеҳраи модар, ки дар тамоми роҳ гирифта буд, аз ин меҳрубониҳо кушода шуд.

Онтарафтар духтари сафедрӯе, ки рӯймоли сурхаш яктарафа фуромадааст, хезум мешикаст. Баҳодур рафта ба духтар салом дода аз дасташ табарро гирифт.

Духтар ду-се қадам дуртар рафт.

– Бачаи шаҳр дигар аст. Шаҳриҳо зирак мешаванд, - холаи Гулсум аз кори Баҳодур хурсанд шуданд.

Баҳодур табарро хато зад. Бори дуюм зад, ки табар боз хато рафта аз дастааш баромада, қариб ба пои духтар зада буд. Духтар хандид.

Баҳодур аз шарм сурх шуд.

– Шаҳриҳо одамони зираку дар ҳалвохӯрӣ устоянд, - амаки Мирзоумед ба оҳанги шӯхӣ киноя карданд ва ба духтарашон фармуданд: - Меҳрубон, аз дасти акаат табара гиру ҳезумкафониро нишон деҳ.

– Баҳодур, паст набиё!- падар низ бо шухӣ овоз баланд кард.

Баҳодур, мисле ки дар мусобиқа иштирок мекунад, ғӯлачӯби аз ҳама калонро пеш кашида, табарро баланд бардошта зад ва дар як дам онро пора кард.

– Ман ҳам метавонам,-гуфт духтар ва сурх шуда афзуд: - Табарро баланд бардоштан даркор нест.

Онҳо ба ҳам нигаристанд: -Лаҳзае нигоҳҳояшон ба ҳам бар хӯрд.

– Писари ошнои худам-дия!- амаки Мирзоумед ҳамаро хандонданд.

Баъди гузашти солҳо ҳар гоҳ ки ин лаҳза ба хотири Ҷовид меомад, ба худ мегуфт, ки ҳамон нигоҳ занҷири ишқашон шуда буд.

Бегоҳӣ амаки Мирзоумед барои ҳурмати меҳмон калонҳои деҳаро ба хонааш даъват кард.

Меҳрубон ба таги дегҳо алав мондаю омадаҳоро ба Ҷовид шинос мекард.

– Ин амаки рӯсурхи аспсавор, бойи деҳа Олимбой. Пояшон ки дард мекунад, аспсавор мегарданд. Ҳамроҳашон амаки Нуралӣ, осақоли деҳа. Хонаҳои зебо доранд. Замину боғҳояшон ҳам бисёр. Он ду нафари аз кӯчаи паҳлӯ меомада - яке амаки Умарбой, ба модарам хеш мешаванд, дигарӣ - қассоб, номашон Файзмуҳаммад. Ду писар доранд. Хурдӣ баробари ту.

– Чӣ қадар меҳмон гуфтед?

– Чӣ медонам, як хона.

– Шумоён ҳам бой ҳастед?- пурсид Ҷовид.

– Мо ҳам бой, –хандид Меҳрубон. –Гӯсфанди бисёр дорем. Ними гӯсфандҳомон дар мол. Дар ду ҷой замин дорем. Порсол осиёб сохтем. Аспе, ки шуморо оварда, аспи мост, боз бузҳои ангорӣ дорем... Шумо чӣ доред?

– Мо ҳам гӯсфанд дорем. Дар Чуқурбозори Самарқанд дӯкон дорем, Аспи даванде доштем, ки аз ҳама аспҳо мегузашт. Акаам бо вай човандозӣ мекард.

– Баҳодур човандозӣ метонад?-чеҳраи духтар сурх шуд.

– Дар шаҳр мисли акаи ман човандоз нест.- Ин ҷо бузкашӣ шавад, мебинӣ.

– Лекин табара доштан наметавонад,- Меҳрубон хандид.

– Аслан дастаи табаратон кач барин.

– Аслан дасти акаат қувват надоштагӣ барин.- Меҳрубон баланд хандид ва ишораи модарашро дида, тохта ба наздаш рафт.

❁ ❁ ❁

Пагоҳӣ, баъди ношто, хонаеро ки бояд бинишинанд, диданду Бибигул буғзи дилашро кафонд. «Аз баландӣ ба пастӣ» Хонаю дарамро партофта биёяму дар як оғили хунук даром!

– Чаро оғил?- Мансур гунаҳгорона табассум кард.

– Дару палландашонро бинед, тагу болошон тешук!...Болорҳо аз дуд сипсиёҳ...

Холаи Гулмоҳ, ки ҳамроҳи меҳмонҳо омадааст, Бибигулро тассалло дод:

– Келин, ҳоло асбобҳоро ҷобаҷо гузорем, хона маъқул мешавад. Хонаҳои деҳа ҳама дуд -кашидаанд. Аз хонаи бедуд гурезед, - хандид ва илова кард:- Бисёр маъқул ки нашуд, шумо ба хонаи мо мегузаред, мо ин ҷо меоем.

– Ҳар се хона ёздаҳболор,-афзуд Мирзоумед.- Дар пас ду оғил ҳаст, заминаш чор таноб. Порсол гандум корида, ҳосили хуб гирифтам. Имсол худатон мекоред. Дар баромади деҳа дар дашти Сурхӣ ин одам боз чор таноб замин дорад. Он ҷо ҳам чизе хоҳед мекоред.

Хона ба Мансур ҳам чандон хуш наомад. Вуҷудашро як изтироби мағшуше фаро гирифт. Ӯ бори дуюм аз кори кардааш - аспро дода ба ивазаш Баҳодурро аз хизмати ватан гардонданаш ва аз ин ҳиҷрataш пушаймон шуд. Ва равшан

дарк кард, ки аз имрӯз сар карда зиндагиаш чун хати сарҳад ба ду ҷудо мешавад. То Найзаварон ва баъди он. Ба занаш сир надода, бо андаке шиддат гуфт:

– Мо ин ҷо як умр намеистем-ку! - Ва фармуд, ки анҷомҳоро биёранд.

Мансур ҳамон ҳафта гови ҷӯшо харид, гандум оварда дар осиёи Мирзоумед орд кард. Ҳезум овард.Зиндагиро гӯё ба роҳ монд.Фарзандҳо ҳам хурсанд менамуданд. Фақат Бибигул шод набуд. Мансур бештари вақт ӯро андешаманд дида ба корҳояш ёрӣ медод; об меовард, хӯрок мепухт. Саҳариҳо барвақт хеста оташ мегиронд. Як бегоҳ, ки ҳаво ҳардам тундар задаю раъду барқ мешуд дар дасташ ду шишаи чароғ хабар овард:

– Баъди ду рӯзи рафтани мо русҳо омада маро кофтаанд. Моро наёфта, дар атроф дидбон мондаанд. - Ва бо оҳанге, ки гӯё худро сафед мекард, афзуд: -Агар танҳо сари худамро гирифта мерафтам, писарамро мебурданд. Ин тоифа аз ягон қабоҳат рӯ намегардонанд.

Бибигул нонҳои дар танӯри Мирзоумед баста овардаашро аз дар дарун монда пурсид:

– Касе аз шаҳр омадааст?

– Берун аз деҳа дар як соата роҳ ҷумъабозор ҳаст. Он ҷо як шиносамро аз Чуқурбозори худамон дидам. Ҳамон гуфт, рӯзе ки мо ҷанҷол кардем, Зарифи ҳамсоядӯкон ва якчанд нафари дигарро бурда се шаб зиндон карда, пули баъзеҳоро гирифта сар додаанд. Баъзеҳо ҳанӯз дар зиндон.

– Зарифпаҳлавонро ҳам зиндон карданд?- Бибигул ба чашмони шавҳараш нигарист.

– Зиндон кардаанду пули калон дода баромадааст.

Бибигул баъди ин хабар як муддат «кай хонаамон бармегардем?» нагуфт.

Рӯзҳои охири тирамоҳ хунук шуданд. Бахусус пагоҳиҳо сардии ҳаво зиёд буд. Рӯйи заминро қирав мепӯшонд. Мансур пахол ёфта оварду дар таги гилемҳо партофт. Дар хонаи нишасташон сандалӣ дуруст кард. Шабона дар хонаи бачаҳо алав намекарданд. Саҳар ҳама дар атрофи сандалӣ ҷамъ мешуданд.

Ба ҷумъабозори Найзаварон мардум аз атроф ва ҳатто аз Даҳбеду Панҷекат меомаданд. Ривоҷи бозорро дида тоҷирон молашонро аз шаҳр бо аспу улоғҳо меовардаанд. Мансур низ ин ҷо касабаашро ба роҳ монд. Аз Тошканд чарм оварда мефурӯхт. Пас аз он ки кораш пешрав шуд, Баҳодурро ҳам ба кори савдо ҷалб кард. Бибигул касби ҷомадӯзиашро ин ҷо давом дод (се сол пеш бас карда буд). Мегуфт, ки зиқии диламро мебарорад. Шахсони тӯю маъракадор хона омада, ҷомаҳоро савдо карда мебурданд. Ба Латофат ҳам касбашро ёд додаю ба Мансур гушрас кард: «Латофататон қад мондааст, ҳам он тезиҳои пештараш нестанд»

Вақти гулаш расидааст, гуфт Мансур ва ба рӯи занаш нигариста табассум кард.

Ҳамон зимистон ҳам хунук омад, ҳам нархи гандум ва дигар маҳсулот ду маротиба зиёд шуд. Овозаҳо меомад, ки бештари сарбозҳо аз артиши Оқпошшоҳ гурехта меомадаанд. Зимистон гузашту баҳори пур аз воқеаву ҳодисаҳои соли 1917 фаро расид ва он воқеаҳо дар ёду хотири мардум то дами марг монданд.

Ҳоло аз байн сад сол гузашта бошад ҳам, аз он рӯйдодҳою оқибаташон, баҳсу мунозираҳо кам намешаванд.

Он баҳор дар хонадони Мансур ҳам дигаргунӣ рӯй дод. Барои Баҳодур аспи номдори Олимбойро панҷоҳ гӯсфанди яккачин дода хариданд. Дигар ин ки Латофати понздаҳсоларо ба шавҳар доданд. Қудо – Умарбек, хеши холаи Зулайхо: писарашон Шодибеки сисола дар заводи пахтаи Тошканд мардикорӣ мекардааст. Латофат дар аввал «пиракии қишлоқиро намегирам» гуфта потикак карда розӣ намешуд. Баъде ки Шодибек аз Тошканд омаду ба меҳмонӣ даъват карданд (ҳамроҳ чанд либосворӣ овардааст), Латофат оби дам хӯрдагӣ барин хап шуд. Шодибек мисли падараш марди қадбаланди сафедрӯ буд.

Бибигул пофишорӣ карда тӯйро ба соли дигар мондани шуд. Вале Мансуру Мирзоумед «моли араб, пеши араб» гуфта тӯйро баргузор карданд.

❁ ❁ ❁

Дар арафаи Наврӯз овоза шуд, ки байни Оқпошшою дигар гурӯҳҳо ҷангу норозигӣ шудаасту Оқпошшоро аз тахт фаровардаанд. Ҳамон сол мардуми Мовароуннаҳр иди Наврӯзро охирин бор ба хурсандӣ ҷашн гирифтанд. Баъдтар болшевикҳо, ба гуфти худашон, дунёи нав сохтанду он ид ҳам намонд.

Як бегоҳӣ, ки шамоли хунук бӯи барф меовард, Мирзоумед аспсавор аз Самарқанд омад, лаҷомро ба Баҳодур, ки аз дарвоза баромаданӣ буд, дод ва дар зинаҳо ба Мансур рӯбарӯ шуда, бо изтироб гуфт.

– Барои оҳани ҷуфт ба шаҳр фуромадам. Дар шаҳр бесаранҷомӣ. Бозорӣ кардаму ба мадрасаи Исматибой рафтам, ки устодонро хабар гирам, он ҷо чунон наклҳо карданд... Дар шаҳр чунон корҳо шуда истодааст, ки ба ақл рост намеояд. Ҳама воқеъаҳои дар Русия рӯйдода ба ин ҷойҳо омадааст. Дар Тошканду Самарқанд дуҳокимиятӣ. Ким-чигуна шӯроҳо таъсис додаанд. Ҳукумати муваққатӣ мегуфтааст, ки мо ҳукумат мекунем. Шӯроҳо даъво мекардаанд, ки мо ҳукуматем. Гӯё дар Петербург чунин ҳолат будааст.

– Истед, нафаҳмидам. Дар Ҳукумати муваққатӣ кист? Шӯроҳо киҳоянд?

– Ман чӣ медонам? Ҳамин қадар фаҳмидам, ки дар ҳукумати муваққатӣ ҳамон одамони Николай будаанду дар шӯроҳо урусоне будаанд, ки меншевику болшевикшон мегуфтаанд. Русҳои шӯро таъсисдода аз мардуми таҳҷоӣ низ ҳамроҳ мегирифтаанд. Боз гап-гап, ки дар Тошканд таҳҷоиҳо митинг кардаанд. Рӯҳониён, косибон, ҳунармандон, ҳатто ҷадидҳо аз Бухоро рафта, ба онҳо ҳамроҳ шудаанду ҳама як рӯ шуда шӯрои исломӣ сохтаанд. Анҷуман гузаронидаанд (16-23 феврал). Гуфтаанд ки минбаъд дар Туркистон лаҷоми давлатдориро худамон ба даст мегирем. Касе суханашонро ду накардааст.

Ин хабар Мансурро моту мабҳут кард.

– Чи кори хуб шудааст,-гуфт ӯ. -Агар мо ҳама ҷамъ, ҳампушт, яктану якзабон шавем, ин корро карда метавонем.

– Хости Худо бошад, мешавад,-гуфт Мирзоумед.

– Дар номи Худо ҷонам, хосташро диҳад, ки ҳама даргирифта рафт,- гуфт Мансур ва пурсид:- Ҳоло одамони губурнотуру консулхонаҳо дар шаҳр ҳастанд ё хеста ватанашон рафтанд?

– Ман дар роҳ ба як тоҷири самарқандӣ вохӯрдам. Ӯ гуфт, ки русҳои пешина баъзеашон хонаю чизу чораашонро саросема фурӯхта рафтаанд, баъзешон, «мо ба ҳукумати нав ҳамроҳем» гуфта, корашонро маҳкам дошта нишастаанд. Ва гӯё ба онҳо туфанг додаанд, то таҳҷоиҳо даромада аз корхонаҳо берунашон накунанд. Лекин дар кӯчаю бозор кам ба назар мерасанд, он савлату шавкати пешинаашон намондааст. Болҳояшон шикаста...

– Корҳои Худованд ҳама бар пояи адл аст, –гуфт Мансур бурутҳояшро молиш дода.- Банде, ки кофирҳо ба мардуми ин марзу бум партофтанд, ба пои худашон печид. Акнун шағол барин якдигарошонро мехӯранд.

– Ба ин ки ба мо гӯё банд партофтанд, розӣ нестам,-гуфт Мирзоумед.- Мо шаҳр мерафтем, бандҳояшонро надидем. Баръакс, некиамон мекарданд. Дар бозор пуламон камӣ мекард, чизашонро нимбаҳо медоданд. Дигар ин ки ман ба одамони худамон дилпур нестам. Калон шавад, халқ аз хотираш мебурод. Чашмаш аз хешу табораш он тарафа намебинад.

– Одамони хуб доштанд-куя,- иқрор шуд Мансур. Ва меҳмонро гусел карда, аз занаш шодиёна талаб кард:

– Бибиҷон, одамони Оқпошшо аз болшевикҳои навбаромад тарсида, аз шаҳр рафтаанд (Мансур табъаш хуш бошад, занашро Бибиҷон ном мебурд).

Бибигул муддате ҳайрон ба рӯйи шавҳараш нигарист. Яқин намефаҳмид, ки болшевик кист ва чи кора аст ва гуфт:

– Ба гирумони онҳо мо чӣ кор дорем? Дигар шуморо намекованд? Баргашта ба хонаамон меравем?

– Маро намекованд, ту саросема нашав. Ман рафта вазъи шаҳрро мефаҳмам, пас омада шумоёнро мебарам.

Саросемагии модар ба Баҳодур низ маъқул нашуд:

– Аслан аз ҳамон шаҳри серҷанҷол ба ман ин ҷо маъқул аст,-гуфт.

Бибигул гӯшашро хорида маънидор ба шавҳараш нигарист. Пагоҳӣ, пеш аз намози бомдод, ҳангоме ки лаби алав нишаста чой менӯшиданд (зану шавҳар ҳамингуна одат доштанд), гуфт:

– Баҳодуратон Меҳрубони духтари Мирзоумеда нағз дидааст.

– Нағз дидан хуб аст, духтар-чӣ?

– Ошиқӣ аз ду тараф мешавад. Ҳар вақте Баҳодур аспашро обдиҳӣ барад, духтар ё лаби бом мебарояд ё назди дарвоза меояд.

Мансур чӯбҳои нимсӯхтаро ба даруни алав тела дода, муғамбирона ба занаш нигариста гуфт:

– Карбос харӣ, ба милкаш нигар, духтар гирӣ, ба очааш,- гуфтаанд.

– Гӯё ки очаша асло надидед!-Бибигул чой рехта ба шавҳараш дод.-Зани дилсоф, ба моён меҳрубон.

– Худата аз рӯйи хубии очат гирифтам, медонӣ-а?

– Кай очаи маро мешинохте?. Монед шӯхиҳои хунукатона.

– Аспи харидаам ба Баҳодур маъқул аст? – Мансур аз асп сухан гуфту дилаш шуввӣ карда рафт. Ҳар вақте Рӯшан ба хотираш ояд, худро наздаш гунаҳгор ҳис мекунад. Дигар аниқ накард, ки [illegible] гурехт ё ҳамроҳи хонаҳо сӯхт.

– Ҷудо ҳам маъқул. Мудом ба вай монугир кардаю овора аст.

– Асп ҳам мисли зан аст, ба ӯ нигоҳубин, муомилаи хуб ва дӯстдорӣ кунӣ, пас ба саворӣ роҳ додаю йурға меравад.

– Дар шаҳр вакте ки пушту пойҳои Рӯшанро мехоридеду мемолидед, рашкам меомад.

– Вай бечораро ҳафтае як маротиба хорумол мекардам, туро ҳар шаб.

– Зана нону об надеҳу дӯстдорӣ кун.

– Оянда ба инобат мегирам,-Мансур хандид ва хеста ба сафари Самарқанд омода шуд. Болопӯшу зинпӯши гулдӯзиро баровард, ки Бибигул гуфт:

– Баҳодур, «ҳино дар рӯзи ид мезебад» гуфтаанд. Шумо ба маърака намеравед, асбобу анҷоми одиатонро гиред. Замонаи нотинҷ...

Ба Мансур суханони занаш маъқул шуданду афзори кӯҳнаи аспро бароварда. Ӯ баъди се рӯз аз шаҳр баргашт, димоғаш сӯхтаю рангаш коҳида менамуд.

Бибигул бо хавотирӣ наздаш нишасту ба тариқи маслиҳат гап кушод:

– Шаҳр рафтеду ба ғайр аз ду газетаи кофирҳо як нон ҳам наовардед. Намегӯед, ки дар шаҳр чӣ воқеаҳо? Хонаҳо дар чӣ ҳоланд?

Чеҳраи Мансур бештар гирифта шуд, бо садои гиреҳхӯрда гуфт:

– Шаҳр лабрези воқеа. Ба ҷойи одамони Оқпошшо одамони болшевик омадаанд.Болшевикҳо одамони Оқпошшоро, ки дар уезду волостҳо андозғундорӣ мекарданд, аз кор ронда, одамони худашона мемонанд. Ба ҷойи жандармҳо политсай овардаанд.

Бибигул дар изтироб шуда, пурсид:

– Тинҷӣ аст? Он дафъа гуфта будед, ки одамони Оқпошшоҳ мерафтаанд...

– Тинҷиашро надидам! –гуфт Мансур парешонҳол.-Ҳамин қадар фаҳмидам, ки Русия як балоро бурда, балои бадтарро овардааст. Ҷойеро, ки идораи политсай мегуфтанд, ҳоло «гарнизон» мегӯянд.

– Баҳодур, шумо ба онҳо кордор нашавед. Як дафъа аз хонаю дарамон мондем, бас.

– Ман ба онҳо кордор шудам?-Мансур бо қаҳр ба занаш нигарист.

– Хубанд ё бад, ба хости Худо омадаанд. Нону оби ин замин насибашон кардааст, –Бибигул ба тариқи дилбардорӣ дасти шавҳарашро гирифт.

– Шумо ҳамаатон як матоъ!-Мансур ҷиддӣ шуд.-Ҷойи он ки ақлро кор фармуда, роҳи халосӣ ҷӯед, ватанатонро соҳибӣ кунед, нотавониатонро ба Худо ҳавола мекунед. Ин одати бадро партоед!

– Шумо зӯр бошед, чора ёбед! - паст наомад Бибигул. Ва бо оҳанги дигар пурсид: -Хонаҳоро хабар гирифтед? Хоҳарамро дидед?

– Хонаҳоро дидам. Дарахтҳоро об додам. Як шаб хонаи хоҳарат, як шаб хонаи ҳочӣ Неъмат хоб рафтам. Ҳарду ҳам гуфтанд, ки то тирамоҳ сабр кунед. Ҳоло шаҳр пури воҳимаю гурӯҳбозиҳо. Ҳочӣ Неъмат гуфтанд, ки чанд нафар уламою бойҳои калон чизу чораашонро бардошта, ба ҳар тараф рафтанд. Хаёлам худаш ҳам дар фикри гурез аст. Чукурбозор рафтам. Зарифро надидам. Гуфтанд, ки панҷ нафар дукондор бо ким-кадом муллоҳо ҳамроҳ шуда ба Тошканд рафтаанд, ба шӯрои исломӣ ҳамроҳ мешудаанд. Зариф ҳам бо онҳо будааст.

– Ин чӣ замона шуд?- Бибигул, ки нияти шаҳр рафтан дошт, ҳайрон монд.

Аз байн се рӯз гузашту Мансур ба сафари Тошканд тайёр шуда, ҷониби Баҳодур гуфт:

– Аспро намегирам, пиёда шаҳр мефурояму он тараф ба поезд савор мешавам. Агар бор тамом шуд, бозори Самарқанд фуромада бор гир.

Бибигул, шӯрид:

– Чӣ зарур, ки Тошканд меравед? Баъди ду-се ҳафта гандумдарав сар мешавад.

– Рафиқон Тошканд рафтаанд, ки ба шӯрои исломӣ аъзо шаванд, ҳамдастӣ кунанд. Пул бурдаанд. Ман ҳам рафта, ақаллан боракалло гӯям.

– Баҳодур, як дафъа сухани маро ҳам гӯш кунед. Як бор худатона ба ҳамин корҳо задеду беватанмон кардед. Аз баҳри ин ҳавою ҳавасҳо бароед.

– Бибиҷон, бо шиштан ягон кор буд шудааст? Бубин, аҷнабиҳо омада, дар ватани мо чӣ корҳое мекунанд! Мо ҳам ҷамъ шавему сари кореро гирем.

– Ин тавр бошад, моро ба хонаю дарамон баред! Ҷанг аст, ҷӯш аст, баред! Марги бо ёрон- тӯй. Шумо рафтед, ман ҳам бачаҳома гирифта ба шаҳрам меравам!

– Баъди чор рӯз меоям. Гандумро медаравему шумоёнро мебарам, –гуфт Мансур бо дилпурӣ,-ва андаке таваққуф карду афзуд: - Дар гузари Таги Санг Ҷаббор ном ҷавоне ҳаст, ба ӯ мегӯям, омада гандума медаравад. Худаш ҳар вақт аз пеши роҳ баромада, бойбобо, кор бошад, фармоед, бекор гаштем, мегӯяд.

– Шумо чӣ хел одам? Фикри фарзандҳоятонро мекунед?! Ин пагоҳӣ холаи Зулайхо омада буд. Гуфт, ки кадоме ба духтараш хостгорӣ омадааст. Вайҳо медонанд, ки Меҳрубону Баҳодур ба ҳам майл доранд, аз мо ҳавои даҳангирӣ омадааст.

– Бибиҷон, ин корҳо баъд. Аз Тошканд ки омадам, дарҳол нон мешиканем. Шумо занҳо таги корро пухтан гиред.

❁ ❁ ❁

«Қариб як сол мешавад, ки моро аз ҷою макони бобоям оварда, дар як деҳи бенуру бесоҳиб партофтааст, не дӯсте, ки бо хотири ҷамъ ба хонааш дарой, не маҳраме, ки дилата кушой, ғусса шуда мемурӣ!». Вақтҳои охир чунин фикрҳо дар сари Бибигул бисёр чарх мезанад. Баъдтар андешаҳояш оҳанги ниқорталабӣ гирифтанд. «Маро бурда ба хонаю дарам мемондӣ, пас ба кадом гӯру балое мехостӣ, мерафтӣ! Ба пушти сарам нигоҳат намекардам!.Ба ёду хотирам роҳат намедодам.» Баъде ки бо ин андешаҳо ҳам дараки Мансур нашуд, Бибигул хавотир шуд. Ба коре даст мезад, рӯйи ҳавлӣ мебаромад, сари ҷогаҳ мехест, пичиррос мезад: «Оё худаш сиҳат бошад? Вай аз он мардҳое нест, ки зану кӯдаконашро фаромӯш кунад». Ва баъде ки боз ҳам хату хабар нашуд, ба роҳи хушомаду порадиҳӣ даромад: «Анде, ки ёри аввалу охирам сиҳату саломат биёд, сарама дар қадамҳош мемонам, гӯсфанди аз ҳама калон назри сараш...»

Ду ҳафта шуд, ки онҳо рӯи суфаи ҳавлӣ хоб мекунанд. Омад-омади тобистон ҳаво як гарм шуду боз рӯзҳо салқин омаданд. Дина шаб як шакарнам ҳам шуда гузашт. Имшаб низ осмон ҷо-ҷо абрҳои сиёҳ дорад. Вале бачаҳо аллакай

кӯрпаҳоро бароварда, рахти хоб дуруст кардаанд. Дар ҷойи кушод ғел зада, ба осмони пурситора нигаристанро нағз мебинанд.

Бибигул аз ҷӯйбори пушти хона об гардонда ба сабзавоти коридааш, ки қад кашидааст, шабоба монд. Лаби ҷӯй нишасту ба фикраш омад, ки агар Мансур ин ҷо мешуд, ин шарфаи об, ин шабу моҳу ситораҳояш ҳама ҷӯшу хурӯшу ҷозиба доштанд. Худаш низ мисли булбуле, ки дар шохи гул нишастааст, ба хониш меомад. Дар ниёиш шуд: «Офаридгоро, мусофиру дармондаам кардӣ, майлаш, ба ҳамааш шукр мекунам, фақат илтиҷо дорам, ёрамро бегазанд ба сари фарзандонаш бирасон. Мабодо, ки як рӯзам бе он азиз гузарад. Рӯзи вай бе ман гузарад, боке нест.» Ва оби дидааш равон шуд.

Ин дам овози мунозираи бачаҳо ба гӯшаш расид.

– Вай ситораи калон аз ман аст! Сурхрангаш ҳам.

– Кар будӣ? Ман он сурхрангро кайҳо гирифтаам!

– Кар худат. Дурӯғгӯ...

– Кӣ дуруғгӯ?... Овози гиря...

– Ҳамаи ситораҳои рушан азони худат, бачаҷон,-модар мудом тарафи кенҷаро мегирад. -Баҳодур дуто ситора дорад. Падарат биёянд, мегӯем, ки он ҳардуро ҳам тела карда, ба тарафи ситораҳои ту ҳамроҳ кунанд.

Дере нагузашта чак-чаки борон шуд. Агарчи ситораҳо ҳанӯз ҷо-ҷо намоён буданд.

– Абри гузар аст,- гуфт Бибигул ва гилем оварда, ба болои кӯрпаи бачаҳо партофти мисли посбон болои сарашон нишаст. Ният дошт, ки борон зиёд шавад, ҳамакаса кӯрпаҳоро гирифта хона медароянд. Бачаҳо худро дарунтари кӯрпа кашиданд. Таги кӯрпаи гарм ғунудаю вазиши боду боронро гӯш кардан ҳаловат дорад. Аммо фикрҳои Бибигул аз паси шавҳарашанд. «Пагоҳ се ҳафтаи пур мешавад, ки даракаш нест. Ё шаҳр рафтаю шавҳари Сумана гӯям, ки Тошканд кофтанаш равад?» - мегуфт ба худ.

Дақиқае чанд гузашту борон кам шуд. Овози сагҳои ҳамсоя баромад. Ба онҳо сагҳои деҳа ҳамроҳ шуда, шӯру мағал бардоштанд. Андак баъд Мансур вориди дарвоза шуд.

Бибигул худро ба оғуши Мансур партофт, ҳис мекард, ки бӯйи азизу ошно то мағз-мағзи дилу ҷонаш мераваду аз он оромишу навозиш меёбад. Чакраҳои борон ба рӯйҳои тафсидаю бӯсаҳои ҳарисонаашон расида, шодию иштиёқашонро бештар мекард.

– Ачаб коре шуд. Навакак ба Худованди меҳрубон зорӣ мекардам, ки шуморо расонад. Ва шумо даромадед,-пичиррос зад Бибигул.

Мансур ҷониби бачаҳо,ки дар хоб буданд, назар афканд ва Бибигулро сабук рӯи даст бардошта, аз рӯю мӯяш бӯсакунон хона даровард...

Мансур Мирзоумедро ба субҳона даъват карданӣ шуду наёфт. Маълум шуд, ки ӯ ба чарогоҳ назди молаш рафтааст. Ҳамон рӯз барои гандумдаравӣ мардикор оварда. Рӯзи дувум Ҷаббор бехабар омада ба даравгарҳо ҳамроҳ шуд. Баъди як ҳафта хирман кӯфтаю аз гандуми нав нон карданд. «Шукр, нони гандуми

деҳқонии худамонро хӯрдем»,-гуфт Мансур. -Насиб бошад, соли оянда боз ду таноб замин мегирем.

– Ба ки даркор замин? Ё шумо аз ин хирсхона хестанӣ нестед?-Бибигул дастархонро ба ситез ҷамъ кард.

– Ба ин «хирсхона» Баҳодурро мемонему деҳқониро ба дасташ месупорем.- Мансур ғазаби занашро бинад, хандааш мегирад.- Дар шаҳр Ҷовид меистад: боз ду дукон мегирем. Пас ману ту зимистон дар шаҳр, тобистон ин ҷо омада дам мегирем.

– Ман ин ҷо на хуши тобистон омадан дораму на зимистон! Писарҳоямро ҳам омадан наметавонам!

Мансур бегоҳӣ ҳамроҳи Баҳодур бозор рафта, дуконро дид ва хурсанд шуд, ки писараш кори тиҷоратро хубтар ба роҳ мондааст. Муштариҳояш ду маротиба афзудаанд. Дар ду-се ҳафтаи тирамоҳ қадре алафу ҳезум захира карда, боре аз бозор омада ҷониби занаш гуфт, ки бояд Тошканд равад.-Ва афзуд: -Аз шаҳр боз якчанд нафар ҳастанд. Якҷоя шуда меравем.

Аз оҳанги гуфтори шавҳар фаҳмид, ки мисли дафъаи гузашта ӯро аз роҳаш баргардондан наметавонад.

– Сухани ман пеши шумо қадр надорад,-гуфт бо алам ва оби дидааш шаш қатор шуд.- Ҳар фикре дар саратон ояд, мекунед. Он дафъа ҳам чор рӯз гуфтеду...

– Бибиҷон, ин дафъа дераш як ҳафта. Бубин, замонаи доругир шуд. Мо ҳам рафта бинем, ки ба кори дигаргунии ватандорӣ даркор мешавем ё не. «Шошаи муш ба дарё мадад», гуфтаанд.

Бибигул баҳс накард. Ҷомаю саллаи нави шавҳарашро бароварда ба мехи ҳавлӣ овехт. Мансур ҳамон рафтан миёнаҳои зимистон омад.

❄ ❄ ❄

– Чаро ҳам руси Николай, ҳам руси болшевик ба мо назарногирона муносибат мекунанд? Чаро моро маҳрами кишварамон намедонанд?-Мирзоумед пиёлаи чойро аз дасти Мансур гирифта, наздаш ниҳод.

Онҳо як соат зиёд шуд, ки дар сандалии гарм нишаста, аз воқеъаву овозаҳои замонаашон гуфтушунид мекарданд.

Бибигул як хокандоз лахча оварда ба сандалӣ рехт ва сӯҳбати рафиқонро гарм дида, аз пайи хӯроки чошт шуд.

– Ман ҳам ин саволро ба худам медодам. Ин савол дар ёду хаёли бисёриҳо буд,-гуфт Мансур.- Пас дар Хӯқанд ба ин савол ҷавоб гирифтам.

– Шумо Хӯқанд ҳам рафтед? Шояд Масков ҳам рафта бошед?

– Не, Масков нарафтаам, лекин фаҳмидам, ки решаю патакрешаи ин ҳама ҳарҷу марҷ дар Масков аст.

– Кошкӣ ман ҳам ҳамроҳатон мерафтам,-гуфт Мирзоумед.

– Нарафтагиатон хуб, -Мансур дилгирона даст афшонд.- Ба назарам меояд, ки дигаргуниҳои азим рух додаю зиндагии мардумро аз беху бун дигар мекунад. Алҳол Русияро тӯфоне фаро гирифтааст. Фирқаҳои бисёре он ҷо пайдо шудаанд. Чун болшевику меншивику эсеру сад балои дигар, ки байнашон нифоқу душманӣ дар авҷ аст. Ин шӯрои исломияи мо ҳам ба як масъалаи ночиз баҳс

мекунаду байнашон ҷудоӣ меафтад. Сабаб ҳамон гапи ҳазорсола; гурӯҳе мегӯянд, ки кору фаъолияти мо бояд ҳама аз рӯйи Қуръони шариф бошад, гурӯҳи дигар даъво мекунанд, ки ҳам фармудаи Қуръон, ҳам талаби замонаро бояд ба инобат гирем. Ва баҳсию наҳсӣ карда тақсим мешаванд ба шӯрои уламо ва шӯрои исломӣ. Ин ҷудоӣ нуфузу обрӯяшонро ба хок яксон мекунад. Ягон-ягон русҳою яҳудиҳое,ки дар маҷлису маъракаҳо ҳаводорию ҳамроҳишон мекарданд, дилсард шуда аз онҳо рӯ мегардонанд.

– Ду мулло дар сари як дастархон рост намегиранду чӣ расад ба шӯрошон,- тамасхур кард Мирзоумед.

– Алқисса, шӯроҳо, ҷамъиятҳо, ҷадидҳои Тошканду Бухорою Хоразм даву тоз карда, охири зимистон дар Хӯқанд кунгураи овозадоре ороста, аз Қазону Оренбургу Хутану Кошғар меҳмон даъват карда, Туркистонро ҳамчун кишвари мухтор дар ҳайъати Ҷумҳурии Демократии Федеративии Руссия тасдиқ карданд.

– Эҳ-а, хуб ғайрат кардед! Давлат сохтем гӯед.

– Дар гумон,- Мансур бо лабханд, сар ҷунбонд.- Болшевикҳо намемонанд. Пештар дар Тошканд (12-ноябри 1917), пас аз он ки ҳукумати муваққатиро зада ҳукумати шӯроӣ эълон карданд, дар ҷамъомаде, ки аъзои ҳукуматро тасдиқ мекарданд, шӯрои уламою шӯрои исломӣ даъво карданд: «ҳой, бетавфиққҳо, дузд бошу баинсоф бош, - мегӯянд,- аз таҳҷоиҳо ҳам як нозир гиред!» Ҷавоб доданд, ки «ҳоло шумо, донишу тавоноии давлатдорӣ надоред. Аз мо не, аз худатон домангир шавед». Ва дар Хӯқанд, баъде ки дар рӯзи дувум хуб баҳсу кашокашӣ кардаю ними шаб сарвари маҷлис, донишманди ситорагарме аз қавми қазоққои Ҳафтрӯд ба исми Мустафо Чоқай, ки дар Петербург таҳсил гирифтаю аъзои Думаи давлатии Русия будааст, эълон кард, ки «бо бештари овозҳо ба кишвари Туркистон мухторият дода шуд!» Хуб чапакзаниҳо карданд. Вале боз ҳамон болшевикҳо хеста назди дар рафта, такрор карданд: «Шумо ба идора кардани ҳукумат омода нестед! Ҳукумати шумо аз панисломиҳо бунёд гирифтааст, ки дур намеравад.»

– Мустафо Чокай ба онҳо ҷавоб дод, ки «истилоҳи панисломизмро бори аввал як журналисти фаронсавӣ дар мавриди иттиҳоди мусулмонон истифода карда буд. Ва акнун ҳар вақте шумо мардуми моро сиёҳ карданӣ шавед, онро ба газетаҳоятон сар медиҳед ва он мисли саги газанда мардуми нодонро метарсонад. Дар ҳукумати дар Тошканд таъсисдодаатон як мусулмонро нозир нагирифтед, ҳарчанд дар кишварашон ҳукумат карданиед. Ин ҷо мо панҷоҳ дарсади ҳукуматро ба меншивику болшевик-яъне русҳо додем, пас аз рӯйи инсоф гӯед, ки панисломизм бад будааст ё худхоҳию баландманишии шумо?» Касе даҳон накушод.

– Нобовариро бинед,-Мирзоумед сар ҷунбонда пурсид: -Гуфтед, баҳс мекарданд. Баҳсашон сари чӣ масъалаҳо буд?

– Болшевикҳо даъво мекарданд, ки мо замину обу ҳукуматро аз амиру вазирон гирифта ба халқ медиҳем. Тоифаи меншивик мегуфт, ки ба мардум ҳукумат чӣ лозим? Ба мардум кор ва маош бояд дод. Мо заводу фабрика дорем. Боз онҳоро зиёд мекунем, ки ҷойи кор бештар шавад. Исломиҳои мо валвала мебардоштанд, ки ҳоло ин ҷо истиқлолият доруи бебаҳост.

– Ҷадидҳо чӣ мегуфтанд?

– Ҷадидҳо ҳам ба ду гурӯҳ ҷудо шуданд: яке майли болшевикҳоро мекарду дигаре ҳаводории меншивекҳоро. Гурӯҳи сеюм ҳам буд. Онҳо иддао мекарданд, ки бояд роҳамонро худамон ёбем, чархамонро худамон гардонем. Дигарҳоро пеш андохтан оқибати хуб надорад.

Мирзоумед ҳайрон шуд.

Мансур нигоҳаш ба самте дӯхта шуду пеши назараш кунгурае, ки болшевикҳо дар Тошканд баргузор карда буданд, омад: намояндаҳои шӯрои уламо ва шӯрои исломӣ пас аз он, ки талабашон дар мавриди «аз таҳҷоиҳо ҳам як нозир гиред!» ичро нашуд, ҳама толорро тарк карда, рӯйи ҳавлӣ баромаданд. Мансур дар ҳамон ҷо Зарифро дид. Ӯ ҳам ошуфта менамуд гуфт, ки нохост дар назди дар шуморо дида баромадам. Ҳарчанд ҳаво сард буд, аксар домуллоҳо ҷомаю чакманҳои зебодӯхташонро кашиданд ва сари ҷаҳл ҳар кас сухане гуфт: Мансур ҳам баробари онҳо чизе гуфт.

Он ҷо як марди калакалони хучандӣ бештар ҷангҷол кард, дарро кушода бо ҷаҳл гуфт: «Ҳой мардуми рус! Подшоҳатонро аз тахт фаровардед, кишваратонро ба хуну хок кашидед, акнун он ҳама берӯиро ин ҷо меоред?! Валлоҳ, намемонам, ки ин ҷо давлату даврон ронед! Сарам, равад раваду намемонам! Он лаҳза Исфарагиҳою Хуқандиҳо ҳам валвала бардоштанд, ӯ як домуллои тошкандӣ, ки дар кунгура ду маротиба сухан карда буд, ҳамроҳи Зариф «ҷанҷолатон корро бадтар мекунад», гуфта ором карданд.

– Ман аз кунгураи Хӯқанд дар Самарқанд огоҳ шудам,-гуфт Мирзоумед.- Дар чойхона менишастем, ки се-чор ҷавон дар даст газета ворид шуданд. Ва дарҳол гап-гап шуд, ки шоире ба исми Фитрат мақолае навиштааст.

– Бале, Фитрати Бухорой «Шаби лайлатулқадри миллат» ном мақолае дар газетаи «Ҳуррият» чоп карда буд, -гуфт Мансур. -Дар ҳамон кунгура газетаро бурда паҳн карданд. Он ҷо чунин суханҳо ҳаст: «Панҷоҳ сол боз таҳқир дидем! Заминамон поймол гардид! Инсониятамон зери по шуд!. Ҳамаи бору бунамонро аз даст додем! Дар зиндонҳои торик хобида, гоҳе ба латукӯби жандармҳо аз по афтида, дар чунин ҳолат ба хотири болида доштани рӯҳамон, дар дунёи зулмот, дар кунҷи дуре ситорае медидем, ки он Мухторияти Туркистон буд». Атрофи мақола сару садоҳои бисёр шуд.

– Хуб аламдида будааст,-гуфт Мирзоумед ва пурсид:-Носозиҳои мухториятхоҳону болшевикҳо аз кай сар шуд?

– Аз ҳамон лаҳзаи қарори мухториятро қабул кардан. Баъди ду рӯз ба воситаи газетаҳояшон, ки дар Тошканд мебаромад, хабарҳои дурӯғу ғаразомез чоп карданд: «Дар шаҳри Хӯқанд бо ташаббуси шӯрои уламо ва исломӣ ҳукумати панисломистҳо рӯйи кор омад».Ин хабарро газетаҳои Петербургу Масков, ҳатто газетаҳои зидди болшевикҳо бо суханони иғвобарангез чоп карданд: «Панэрониҳо орзуи Хуросони Бузург сохтанро кардаанд. Аз Қошғар то кӯҳҳои Уралро ба давлаташон мулҳақ мекардаанд. Ва дар қаламравашон ҳар кассеро, ки аз ғурфаи шариат берун нигоҳ мекардааст, гӯшу бинӣ мебуридаанд». Ман ҳамон вақт фаҳмидам, ки насрониҳою мусулмонҳо ҳеҷ гоҳ ба ҳам рост намегиранд. Ба ҳар ҳол, дар панҷоҳ- сад соли оянда чашмам намегирад.

– Сабаб дар чист, ки ба якдигар бовар намекунанд?-пурсид Мирзоумед.

– Сабаб - дин. Мардуми мо онҳоро кофир мехонанд. Онҳо бошанд, моро кафомонда, дар ҷоҳилияту таассуб ғӯтида медонанд. Мирзоумед чизе пурсидани шуд, ки Мансур пешдастӣ карда гуфт:

– Дар Кунгураи Хӯқанд ҷадидҳои худамон, яъне одамони Самарқанду Бухоро рафта рафта корро дидаю санҷида худашона ақиб кашиданд. Сабаб дар он шуд, ки дар Тошканд русҳо ҷамъ омадаю Туркистони русӣ сохтанӣ шуданд. Дар Хӯқанд пешвоёни бошқирду турку тоторҳо ҷамъ омада давлати Туркистон сохтанӣ шуданд. Ин кор ба одамони мо чандон хуш наомад. Ва гумон мекунам, ки сабаби зид шудани русҳою дашнакиюни арман ҳам ҳамин буд.

– Дар ин кишвар чи корҳое шуданд,- Мирзоумед ба таассуф сар ҷунбонд.

– Бале, чи корҳо мешаваду мо хобем,- гуфт Мансур ва пойҳояшро аз сандалии гарм берун гирифта илова кард: -Як рафиқи рус дорам, номаш Фёдор, дар матбааи Самарқанд кор мекунад ва мақола ҳам менависад. Дирӯз сари роҳ дида омадам. Ӯ охири кори Мустафо Чоқай ва мухториятхоҳонро гуфту ҳушам канд.

Бибигул нони гарм оварда, рӯи дастархон монду ҷониби Мирзоумед гуфт:

– Ошноятонро газетхон кардаю аз роҳ баровардааст ҳамон рафиқи урусашон.

– Наход?-Мирзоумед хандид.

– Ба Тошканду Хӯқанд ҳамон газетаҳо кашиданшон.

– Келин, рафиқи донишманд доштан саодат аст,-гуфт Мирзоумед ва аз Мансур пурсид: -Хуб, охири корҳояшон чӣ гуна будааст?

– Ду рӯз пеш Фёдор дар вокзал нохост Мустафо Чокайро вомехӯрад ва ӯ розӣ шуда барои газета сӯҳбате мекунад. Маънои сӯҳбаташ ин ки сабаби асосии барҳам хӯрдани мухторияти Хӯқанд болшевикҳо будаанд. Хабари дурӯғе, ки дар газетаҳояшон навиштаанд, «давлати панисломӣ дар Хӯқанд рӯйи кор омаду нийяти аввалини онҳо то кӯҳҳои Уралро гирифтан будааст», тире шуд дар тани мухториятхоҳон. Дӯстон ба мо душмани ҷонӣ шуданд. Ними бештари ҳукумат, ки аз болшевику меншевику яҳудиён иборат буд, билкул аз мо буриданд. Тамоми аҳолии русзабон аз мо рӯ гардонд. Ман раддия навиштам: чоп мекунем гуфта гирифтанд. Аммо имрӯзу пагоҳ гуфта чоп накарданд. Казакҳои Оренбург хабарро шунида, роҳи поездро бастанд. Русия ба ивази қарзи пахтаю пашм ва дигар маҳсулоти дусола гирифтааш бояд гандум мефиристод, чун роҳ баста буд, натавонист. Болшевикҳо бо дастаҳояшон дарҳол бонкҳоро атроф кардаю соҳибӣ карданд. Ва на ин ки ба мо қарз надоданд, балки пули амонати аҳолиро низ барнагардонданд. Мо ба умед заём баровардем, аммо касе намехарад. Мехоҳем артиш таъсис диҳем, аммо аз як тараф пул надорем, аз дигар тараф, касе намеёбем, ки тадбиру тадоруки кори артишро кунад. Лекин аъламу муллои дуъохону маслиҳатдеҳ лаб задааст. Ҳамин нафарон ҳатто фарзандонашонро ба сарбозӣ намедиҳанд. Ва бар болояш, чунон ки гуфтам, аз Русия гандум наомад. Ва сар шуд гуруснагӣ ва аз пасаш бетартибӣ. Гуруснагӣ аз деҳаҳои руснишин шӯруъ шуд. Чунки онҳо пасандоз надоштанд. Даставвал барои мардикорӣ ва гадоӣ ба кӯчаву бозорҳо рехтанд.Пас гушна ба шер мезанад гуфтагӣ барин, ба дуздию дигар корҳо даст заданд. Ва ин касалӣ зуд ба таҳҷоиҳо низ сироят карду ҳама дар тарсу ваҳм афтоданд. Дар Хуқанд дар баробари ҳизби меншевикҳою

эссерҳо фирқаи дашнакиюни армантабор низ фаъолият дошт. Онҳо низ зидди мухторияти Хуқанд баромаданд. Сарбозонашон ба болшевикҳо ҳамбоз шудаю бо тиру туфанг ба деҳаҳо даромада, чизу чораи мардуми таҳҷоиро ғорат карданд. Барои як табақ гандум дигар оилаҳоро мепаронданд, то ки оилаҳои худро аз гуруснагӣ бираҳонанд. Алқисса, кишвар дар тӯфони зулму ҷафо печид. Давлати навтаъсис пеши онро гирифтан натавонист. Мардум аз ҳукумат дасту дил кандаю худаш ба ҳимояи молу ҷонаш хест. Дар роҳҳо дастаҳои мусаллаҳ пайдо шуданд. Дастаи Эргаш Қарақчӣ ном ҷавоне ба нотарсию бебокӣ ном бароварда. Ӯро Эргаш Кенҷа ҳам мегуфтанд. Дар замони подшоҳӣ ӯ ба идораҳои давлатӣ, корхонаҳои тиҷоратӣ, бозорҳо ҳуҷум мекардааст, ки дошта ба Сибир бадарға карда будаанд. Ва дар ҳамин аввали сол аз зиндон гурехтааст. Мусибатдидаҳо, дар роҳмондаҳо овозаи ӯро шунида, ба умеди ҳимоя ва қасос ба дастааш мепайвандаанд. Дар ду ҳафта тарафдоронаш то ба даҳ ҳазор мерасад. Ва ин шумора соат ба соат меафзояд. Мо мурғи посӯхта барин ҳарчанд тагу боло давидем, ки пеши ошӯбро бигирем, касе гӯш накард. Баръакс, нафрину таҳқирамон мекарданд. «Аз наҳси давлатдориатон рӯзгори амну ободамонро аз даст додем», гуфта ба сарамон мехестанд. Осақолону обрӯмандон, ки дирӯз моро бале-бале мегуфтанд, диданд, ки аз дасти мо коре намеояд, ба мардум пайвастанд. Ҳатто уламои номдор ҳаракати мардумро дида «ёрон, ин ҷиҳод аст!» гуфта, ба онҳо ҳамроҳ шуданд. Мо мондему фикрҳои хомамон.

– Ҳоло сабр кунед,-Мирзоумед чойи хунукшударо аз дар берун ҳаво дода, ба ҷояш баргашт. -Дастаи Эргаш чӣ корҳо мекард, гуфтед?

– Роҳзанӣ. Дӯкону корхонаҳоро тороҷ мекарданд. Аз рӯйи кин ба деҳаи руснишин низ даромада онҳоро занукуб мекунанд. Мӯйсафедҳою муллоҳои номдор ҷамъ омада худашонро пеши пойи даста партофта мегӯянд, ки хотири моро карда, ба мардуми мусофир раҳм кунед. Аммо газетаҳояшон аз ин амалҳо ёдовар нашуда овозаҳо паҳн мекунанд, ки «гурӯҳҳои Эргашбосмачӣ ба деҳаҳои беяроқи руснишин ҳуҷуми ваҳшиёна мекунанд. Охирон луқмаи нонашонро кашида мегиранд. Ҳукумати мухториятхоҳон бошад, пеши чунин ваҳшигариро намегирад!»

– Ин шаттоҳиро бинед, -ҳайрон шуд Мирзоумед.

– Давомашро гӯш кунед,-Мансур ба дард табассум кард.-Вақте ки зиддияти болшевикҳою мухториятхоҳон меафзояд, уламо гапашонро ба ҳукумат гузаронда, Эргашро даъват карда, бехатарии кишварро ба ӯ месупоранд. Ва ҳамзамон ӯро хони Хӯқанд эълон мекунанд. Эргаш пас аз як ҳафта талаб мекунад, ки ӯро ба гуфтушунидҳои давлатӣ ҳамроҳ бигиранд. Сарварони ҳукумат розӣ намешаванд. Ӯ дар қаҳр шуда, ними пешвоҳоро ба зиндон мепартояд. Мустафо Чоқай ин шармандагию бесарусомониро дида, мегурезад. Дар беруни шаҳр дастаи дидбонҳо ӯро дошта мепурсанд, ки мусалмонӣ ё кофир? «Алҳамдулилоҳ, мусулмонам» мегӯяду аз оёту ҳадисҳо мисолҳо меорад. Шубҳаи дидбонҳо бартараф намешавад. Мардакро гӯсфанд барин хобонда хабар мегиранд, ки суннатӣ кардагӣ ҳаст ё не. Ва баъди аниқу дақиқ кардан ҳам дилашон қарор намегирад. «Казоқу тотор мусулмон нест!» гуфта, дар паи озораш мешаванд. Марди худотарсе шабона раҳояш карда, «то ҷон дорӣ, гурез!» мегӯяд.

– Садқаи мусулмонӣ шавед!-Мирзоумед ба ғазаб даст ба зону зад.

Мансур ба ишораи тасдиқ сар ҷунбонда, афзуд:

– Дар вақти сӯҳбат Фёдор савол медиҳад: «Ҷаноби Чоқаев, шояд ҳангоме ки мегурехтед, сухани болшевикон «ҳоло шумо ба давлатдорӣ омода нестед» ба ёдатон омада бошад?»

– Бале, ба ёдам омад,-мегӯяд ӯ дар ҷавоб.- Ҳамон лаҳза дарк кардам, ки онҳо мо, мардуми Осиёро, аз худамон беҳтар медонистаанд. Ва инак аз фурсат истифода карда, ба воситаи газетаи шумо ба мардуми Туркистон ҳушдор медиҳам: «Ҳой, нодону нохондаҳо, ба гӯши ҳуш гиред, касе ки бе пулу бе лашкар ҳаваси давлатдорӣ мекунад, аҳмақ аст. Мо бо ин муллою мадрасаҳомон ва бехабарию бетамизие, ки дорем, давлат сохтан наметавонем».

Фёдор гуфт, ки он ҷо дигар саволу ҷавобҳо ҳам ҳастанду сухани охири Чоқаев чунин буд: «Ҳой мардуме, ки ин ҷоро ватани худ гирифтаед! Агар ватанро ҳифз кардан натавонед, ӯ амсоли занест, ки пероҳану поҷомаи дарида ва рӯйи шармида дораду аз шумо безор аст!»

Баъди ин суханҳо ҳарду лаҳзае хомӯш монданд. Мирзоумед фурсате пас гуфт:

– Ҳамаи ин кору кирдор алами касро меорад.

– Шуморо аз шунидан аламатон омад,-гуфт Мансур.- Акнун ҳоли маро тассаввур кунед, ки ба қисме аз он воқеъаҳо шарик будам. Нодониҳои пешвоҳоямонро медидаму алам мекашидам. Мо ҳама дониши замонаро, ки надоштем, маърифати сухани замонаро гуфтан наметавонистем.

❁ ❁ ❁

Рӯзи бозор Мирзоумед чунин хабар овард:

– Барои тухми алафи юнучқа ба шаҳр рафта будам, болшевикҳо шаҳрро тасарруф кардаву номаъқулиҳое мекунанд, ки ба ақли кас намеғунҷад! Дар кумитаҳои инқилобиашон асосан одамони худашон. Ба онҳо ягон-ягон пойлучҳою муздурҳои моро ҳамроҳ кардааанду агар дорое, донишманде ё муллое зиддашон сухане гӯяд, «Ту буржӯй! Ту душмани халқ!» гуфта, зиндонӣ ва чизу чораашро мусодира мекунанд. Хонаҳои мусодирашударо ба одамони худашон медиҳанд.

– Буржӯй душман гуфтанашон чӣ маъное доштааст?-Мансур дасти мусоҳибашро гирифт. –Хона дароем.

– Вақт надорам,-гуфт Мирзоумед,- ҳамин ҷо гапҳома гуфта меравам ва ба накӯхиш афзуд:-Се моҳ шумо дар байни онҳо гаштеду аз ман мепурсед?

– Он вақт чунин гапу корҳо набуд. Баробарию бародарии коргару деҳқон, дониш барои ҳама, демократия барин суханҳо мегуфтанд. Душманиҳои мардуми доро дар чӣ будааст?- пурсид Мансур.

– Гӯё дорояшонро бо роҳи истисмор ғун кардаанд. Одамонро ғуломвор кор фармуда, дороӣ ҷамъ кардаанд. Ин суханҳоро дар бозор шунидам. Ва гӯё гуфтаанд, ки осиё ба навбат: минбаъд ҳама мансабу манзалатро ба камбағалҳо медодааанду бойҳо кори сиёҳ мекардаанд.

Мансурро ханда гирифт, оби чашмонашро пок карда гуфт:

– Ман ғуломдориро надидааму намедонам. Касеро, ки кор фармудам, аз рӯйи сухани Расули акрам, ки «музди коргарро пеш аз хушк шудани арақаш адо кунед», гуфтаанд, рафтор мекардам.

– Онҳо асосан ба касоне, ки дар хонаҳошон саису ғулом доштанд, зид буданд, ба мо баринҳо не.

– Пеш озодию ободӣ мекунем, мегуфтанд. Дӯғу пӯписа намекарданд.

– Ин суханҳо то харашон аз лой гузаштан будааст. Ҳоло шаҳрро чунон ба воҳима андохтаанд, ки саг соҳибаша намеёбад. Дар бозорҳо одам кам мондааст. Дари аксари дӯконҳо баста.

Мансур Мирзоумедро гусел карда, рӯйи ҳавлӣ пасу пеш қадам зад: Ба фикраш омад, ки аз афташ болшевикҳо дар пас қувва доранд. Вагарна дар мансабҳо одамонашонро намемонданд, хонаҳои мардума зада намегирифтанд. Ҳамзамон ба хотир овард, ки дар суханони рафиқаш оҳанги таъна ҳис мешавад: «Равуо карда кори кардаатон ҳамин!» мегуфт нигоҳи ӯ. Ҷониби Баҳодур, ки аспашро қашав мекард, гуфт:

– Саҳарӣ шаҳр меравам, хонаро хабар мегирам. Тавонам, ароба оварда асбобу анҷомро бор карда, ба хонаамон меравем.

– Ман ҳамроҳатон маравам,-гуфт Баҳодур ва бо оҳанги шӯхӣ илова кард:- Мо аз қабили онҳое нестем, ки падарамонро дар маҳалли хатар танҳо гузорем.

Баҳодур аз бозе, ки ба деҳа омадааст, китф мондаю овозаш ҳам ғафс шудааст. Ва гоҳе бо падар шухӣ мекунад.

– Мо аз онҳое нестем, ки дар шаҳри худамон тарсем,-гуфт Мансур низ ба лаҳни шухӣ ва дар сару рӯ ва дастҳои Баҳодур пайи қамчинро мушоҳида карда, пурсид.-Ба рӯйят ранг молидӣ? Ё шатта хӯрдӣ?

– Гӯё ки намедонед,-худро бепарво вонамуд кард Баҳодур.-Ҳангоме ки барои буза гирифтан даруни тӯда медарой, шатта ҳам мехӯрию қамчин ҳам. -Худатон ҳеҷ кубокубӣ намекардед?

– Ҳар сол се-чор маротиба. Аз зарби қамчин сару рӯям варам карда мерафту то соли дигар модарат дорую дармон карда мебаромад.

– Пас чаро мепурсед?-Баҳодур табассум кард. Баробари табассум дар чеҳрааш нишони озору алам низ намудор шуд.

«Бале, ҷанг кардааст, дилаш аламдор. Вале намегӯяд. Феъли мансуриён, ба худ мехӯранду намегӯянд» Мансур ҷомаашро гирифта таҳораткунӣ рафт. Пеши назараш галаи асп, ки болои маслуқ ҷамъ мешаванд, омад. Чанд даст болояш нишеб мешавад. Яке мебардорад, дигаре аспа болояш меронад. Маслух таги по мемонад, аз дасти човандоз хато мекунад. Ин аҳвол чанд дафъа такрор мешавад. Гоҳе як соат талош мекунему касе маслуха гирифтан наметавонад.

Бегоҳирӯз, ҳангоме ки Баҳодур барои асп каҳбеда омода мекард, Ҷовид чашмонашро муғамбирона нимпӯш карда гуфт:

– Имрӯз дар бузтозӣ ҷанг карданатро дидам.

– Дида бошӣ чи?- Баҳодур чашм ало кард.

– Бо Ҷаббор занозанӣ кардед. Холбек омада ёри Ҷаббор шуд. Ба сари аспамон бо қамчин мезаданд...

– Ман ҳам онҳоро задам! Ё ту кӯр будӣ!- Баҳодур озмоишкорона ба бародараш зеҳн монда, нарм илова кард:-Ба падарам нагӯй. Вагарна хавотир шуда, маро аз човандозӣ маҳрум мекунанд.

– Вақти аспро об додан маро савор мекунӣ? –Ҷовид дилашро кушод.

– Бегоҳӣ наметавонам, пагоҳӣ аз хоб тез хезӣ, савор мекунам.

– Пагоҳӣ даркор не, ҳозир савор кун! -Ҷовид ақиб рафта ба бели назди дар бархӯрда қариб меафтид, вале худро дошта, ба ситез илова кард:-Ҳозир савор накунӣ, ба падарам мегӯям.

Баҳодур ҷодуро партофта ба сараш давид, ки Ҷовид зуд худро ба ҳавлӣ гирифта ҷониби модар ба шаттоҳӣ гузашт:

– Баҳодуратон ҳар рӯз аз назди хонаи Меҳрубон аспсавор мегузараду боз маро мезанад!

– Ба Меҳрубон кори ту чӣ?! –Модар аз гӯши Ҷовид сахт кашида хона дароварад: -Агар боз фаҳмам, ки номи духтари мардума ба забон гирифтӣ, забонатро мебурам!

Ҷовид дами субҳ аз овози модар бедор шуда дид, ки онҳо ҳамроҳи падар чой менӯшанд. Ба қавли худашон, онҳо дар атрофи як пиёла чойи пагоҳӣ сӯҳбати рӯзонаашонро карда мегиранд.

– Духтари Мирзоумеда банд кардед, туйро ҳам фикр мекунед?-мегуфт модар.

– Дирӯз, ҳангоме ки аз масҷид баргаштем, ба Мирзоумед нӯги гапро кушодам. Гуфт, ки насиб бошад, баҳоррӯя тӯй мекунем. То он вақт ҷиҳоз тайёр мекардааст.

– Ҷиҳоз гуфтеду ба хотирам омад, дирӯз аз савдогаре ду либосворӣ гирифта, ба ният ба сандуқи Баҳодур мондам. Муҳаббати онҳоро бинам, дили худам ҳам кувват мегирад. Ҳар гоҳе Баҳодур кӯча барояд, духтар ҳам лаби бом намоён мешавад. Лекин бечораҳо фақат ба нигоҳ гуфтугӯ мекунанд.

– Насиб бошад, тӯйашон ки кардем, пас таги тор се-чор моҳ маҳкам кун, хуб дил холӣ кунанд,- гуфт падар ва ба тариқи маслиҳат пурсид: -Пештар гуфтӣ, кадоме ба духтар даҳон андохтааст, кӣ будааст?

– Ҷавоне, номаш Ҷаббор. Ба холаи Гулмоҳ хешӣ доштааст.

– Ҳамон Ҷаббори хонааш дар гузари Таги Санг бошад? Ба гандумдарав омада буд. Пештар «кор бошад, фармоед», мегуфт. Баъд пояшро кашид.

– Аз афташ ҳамон, ба холаи Гулмоҳ арз кардааст, ки Меҳрубонро аввал мо даҳон андохтему чаро ин омадаҳо аз пеши мо баромаданд?

– Духтарро сад гӯяндаю як гиранда. Худатро ҳам ними Самарқанд гиранда буд.

– Нимаш не, ҳамаи шаҳр гиранда буд.-Модар ба завқ хандид ва оҳанги суханашро дигар кард:-Хоҳарам Суман мехост духтарашро ба Баҳодур диҳад...

– Мон... Бо шавҳари ҳавай ман ҳеҷ напухтам.

– Шумо як гапро ки ба дил гирифтед, дошта мегардед. Ба шавҳараш кори мо чӣ? Шаҳр равем мегӯям, ки «хоҳар, дар насибаашон набудааст.»

– Гӯй, ки хурдиро барои Ҷовиди мо тайёр кунад, Маҳинаро.

Дили Ҷовидро ҳиссиёти латифе, ки то ҳол ба ӯ шинос набуд, фаро гирифт. Дар ин лаҳза Маҳина ба назараш маҳбубу маҳрамтарин кас менамуд. Ба хотираш

омад, ки боре тобистон Маҳина ҳамроҳи модараш ба хонаи Самарқандашон омаду ҳарду лаби ҷӯйборе, ки аз байни замини онҳою ҳамсоя мегузарад, бозӣ карданд. Куртаҳояшон дароз буду эзор надоштанд. Охири бозиҳояшон ба рӯканию занозанӣ анҷомиду Маҳина бо сару куртаи хоколуд гирякунон назди модараш рафт.

Ҷовид сарашро аз болишт бардошт, то ки сӯҳбатро хубтар шунавад. Аммо падар, «вақти намоз нагузарад» гуфта хест ва афзуд: -Очаш, ман имрӯз шаҳр меравам. Мегӯянд, ки дар шаҳр русҳо бойҳоро гирудор доштаанд.

– Монед, ошӯбашон гузарад, пас меравед.-Модар ҷойнамози падарро партофт ва пурсид.-Вақти аз Хӯқанд омадан хонаҳоро хабар гирифтед?

– Хабар гирифтам, - гуфт Мансур нимғурма. Ӯ ба хонаҳо даромада дида буд. Ҳамаро чанг зер кардааст. Мушҳо дар ҳавлӣ мегаштанд. Дилаш ганда шуд. Дару девор гӯё бо таъна ба ӯ менигаристанд. Токати зиёд истодан накарда берун шуд. Аз ин боб лаб накушода, гапро ба дигар сӯ бурд: - Агар тавонам, биринҷи тӯйро меорам.

Мансур баъди ду рӯз аз шаҳр мисли каси бемор омад. Бибигул баробари ӯро дидан пай бурд, ки фалокате рух додаст. Дар бисту ду соли ҳамзистиашон аввалин маротиба дид, ки он рӯшание, ки мудом чун чароғ дар чеҳрааш буд, нопадид гаштааст. Ӯро ҳеҷ гоҳ чунин афсурдаю андӯҳгин надида буд. Ба дилаш омад, ки шояд боз русҳо аз паяш афтодаанд? Ӯ сабр кардаю дастрахон густурда чой рехт ва бо мулоиматӣ пурсид:

– Худатон тинҷ ҳастед? Омада зуд дароз кашидед?

Мансур нимхез шуду бо дили нохоҳам пиёлаи чойро гирифт.

– Аз шаҳр чӣ хабарҳо овардед? – Бибигул ба шавҳараш зеҳн монд.

Мансурро номи шаҳрро шунида хашмгин шуд ва нигоҳашро гурезонд.

«Бале, фалокате рӯй додааст. Аспаш ҳаст. Танаш сиҳат...Чӣ гап шуда бошад? Инҳо як зоти дамдузданд, ки мемуранду сирашона ба кас намегӯянд!» Бибигул хавотир шуда, бо ситезмандӣ гуфт:

– Мепурсам, ҷавоб намедиҳед. Тинҷ омадед?

– Дар шаҳр қиёмат.–Мансур пиёлаи чойи дасташро нанӯшида ба замин ниҳод, кӯшиш кард, ки худро ором дорад.- Мардум дар гурезогурез. Бойҳоро дошта зиндон мекунанд.Хонаҳояшонро мегиранд. Хонаи моро ҳам соҳибӣ кардаанд...

Ӯ ин суханро гуфту бори чандум буд аз дилаш гузашт ки болшевикҳо медонанд, ки ҳукумат дар пасашон ҳаст, ба дилпурӣ ҳамаи корро мекунанд. Ва ин бедодию гирумонашон ба наздикӣ хотима намеёбад.

– Хонаи моро кӣ мегирифтааст?- Чашмони Бибигул калон кушода шуданд. -Чӣ гуфта мегирифтааст?

Мансур сар бардошта ба занаш нигарист. Дилаш ба ҳоли зан сӯхт. Бибӣ он хонаро нагз медид. Ҳар вақте, ки ягон ҷояшро таъмир кунад, ӯ ҳам остин барзадаю баробараш кор мекард. Ҳар пагоҳӣ ҳавлиро рӯфта оина барин мекард. Кас дида ҳаловат мебурд...Изтироби дилашро шинонда дастархонро қатъ карда дур монд ва ба сухан даромад.

– Аз дур мушоҳида кунам, ҳавлӣ одам дорад. Аз дарвоза даромадам, ки аз хонаи падарам як зани руснусха баромад. Ба ӯ гуфтам, ки номам Мансур, соҳиби хона ҳастам. Ӯ ба нармӣ гуфт, ки суханатон бошад, ба шавҳарам гӯед. Агар пагоҳӣ барвақт биёед, ӯро меёбед.

Ин дам аз хонаи хоби худамон зани фарбеҳ ва рӯяш рангубор карда, дар китф шинел овезон, ба шитобу ситезамандӣ омада, ба сарам нимтуркию нимрусӣ чанҷол бардошт: «Мо Мансурро намешиносем! Ин чӣ бетартибӣ, бемаданиятӣ! Ин ҷо корвонсарой аст, ки ҳар роҳгузар медарояд?!» «Хоҳар, ман роҳгузар нестам. Ин хонаи ман,»-гуфтаму дар бало мондам. «Ман хоҳари касе нестам! Зуд аз ин ҷо бароед!,-гуфта, дӯғ зад. - Ин хонаи ҳукумати Шӯрост! На хонаи кимкадом муфтхӯру муштамзӯр. Ҳозир мефароям шуморо таҳқиқ кунанд!» Вай зан бошад, натавонӣ, ки ба ӯ даст расонӣ.Дандон ба дандон монда, берун шудам.

– Вақте хона бесоҳиб аст...- Бибигул ҳиқ-ҳиқ гиря кард.-Мешавад, ки худам рафта, бо он занҳо гап занам ...

Мансур саволи занашро бе ҷавоб монд, нигоҳашро ба замин дӯхта, ба суханаш идома дод:

– Дар беруни дар чӣ қадар истодам, намедонам. Яке бинам, Абдурашид дар рӯбарӯям истодааст.Вай гуфт, ин кофирҳо ду ҳафта зиёд шуд, ки ин ҷо нишастаанд. Аз маҳаллаи худамон қариб бист хонаро соҳибӣ кардаанд. Чанд нафар бойҳоро душман карда бурда мепаронданд. Аз гузари худамон Муллошариф, Ҳокимбойи соҳиби бозори Сиёб, Ҳамдами чарма парондаанд. Боз чандеро зиндон кардаанд. Салими заводи руғандошта гурехтааст.

– Ваҳ! Он бечораҳо чӣ айб доштанд, ки парондаанд?Чӣ қадар одамдӯст буданд.Ободию баракати гузарамон ҳамонҳо буданд. Масҷид пӯшиданд, чойхона карданд...

Мансур дар оҳанги сухани занаш тарсро ҳис карда далертар шуда гуфт:

– Дар шаҳр одами баракат дошта намонд. Аз Абдурашид пурсидам, ки кистанд инҳо? Нагуфтед, ки ин хона одам дорад!» Абдурашид гуфт: «Кӣ мешуд? Одамони аскари сурх. Дар ҳамон рӯзи аввал ба як мардашон гуфтам, ки ин хона одам дорад. Тарафам чашм ало карда гуфт, ки туя корат набошад!» Ба инҳо сухани зиёд гуфтан намешавад». Пас хонааш даромадему зиёд нанишистам. Хонаи ҳоҷӣ Неъмат рафтам. Хостам бинам, ки тақдири вай чӣ гуна шудааст. Духтаре дар сар чодар дарвозаро кушод, маро дида чодарро яктарафа кард; дар сараш тоқии зардузӣ. Лекин рангаш зард шудаю чашмонаш чунон маҳзунанд, ки аз диданашон дармемонӣ. Гуфт, ки шумо соли гузашта ҳамроҳи падарам омада будед. Падарҷонам модараму додаронамро гирифта ҷониби Бухоро рафтанд. «Шумо бо кӣ ин ҷо мондед?» пурсидам: «Падарам маро ба хидматгори хонаамон никоҳ карда дода, замона тинҷ шавад, меоем, гуфта рафтанд»,афзуд духтар ва оби дидааш равон шуд. Фаҳмидам, ки ин кори Ҳоҷӣ барои аз даст нарафтани хона аст. Духтарро маҷбур ба хидматгор додааст.«Падаратон албатта меоянд. Ин бесарусомонӣ зиёд давом намекунад» гуфта, ӯро дилбардорӣ кардам. Аз он ҷо ба хонаи язнаат Зубайд рафтам. Вай гуфт, ки ин ҷо набуданатон хуб шуд. Шумо дар рӯйхати бойҳо ҳастед. Мебудед, дигарҳо барин ё сари тир мешудед,

ё зиндонӣ. Хубаш, худатонро ба касе нишон надода, баромада равед.Танатон сиҳат бошад, хона ёфт мешавад.

– Хона ёфт мешудааст!-тоқат накард Бибигул.-Ба вайи ҳабата осон! Хонаи худашро мегирифтанд, чунин маҳмаддоноӣ намекард. Мардҳошонро ёфтед, онҳо чӣ гуфтанд?

Мансур пиёлаи чойи хунукшударо дуртар монда гуфт:

– Саҳарӣ рафтам, аввал дарро накушоданд. Хеле пас боз дарро задам. Марди ғуладинге баромад, сари тосаш луч. Нигоҳи чашмонаш чунон бад, мисле ки ду мор сӯят менигарад. Дидаму дилам сиёҳ шуд. Маълум, ки нав аз хоб хестааст. Хилми чашмонаш овезон. Аз бӯйи даҳонаш дилат беҳузур мешавад. Наздик шуда ба рӯям нигаристу аз бағалкисааш туфангча гирифта рӯбарӯям дошта, пӯписа кард:

– Это ты, Мансур? Ты где был, контра?! Куда убежал?! Выкладывай, сволоч![1]

Дидам ки нияти парондан дорад, нимрусию нимтоҷикӣ карда гуфтам:

– От кулаков убежал.[2] Спасиба вам, ки омадеду ин куллакҳоро аз сари мо дафъ кардед.

Мисле ки суст шуд. Вале боз ғазаб кард:

– Я спаршиваю, куда отвёз вещи? Где спрятал? Выкладывай![3]

«Фикри бисёре чун мушт ба сарам бармехӯрд. Наход хонаро гирад? Наход маро дигар ба хонаи падарӣ роҳ надиҳад? Наход бачаҳоям дигар дар ин роҳравҳо давутоз накунанд?

Бибигул лабашро таги дандон карда, худро медошт.

Мансур гунаҳкорона ба рӯи занаш нигоҳе андохту ба суханаш идома дод:

– Вещи ҳама дар ҷояш гуфтам. Ду гилему ду пӯстак бурдам, дигар ҳар чизе доштам, дар хона буд. Дирӯз дари хонаи чиздорро шикаста дидам. Шояд дуздидаанд.

Боз ба сарам дод зад:

– В этом доме никакой Мансур, никогда не был, и не жил! Понял?[4]

– Ин ҷо то қиёмат намешинед-ку,-гуфтам ба тариқи маслиҳат. -Вақте ки рафтед, донед ки ин хонаи ман аст. Ҳамсояҳо медонанд.

– Никогда не уйду! Знай! и дети мои здесь будут жить, понял? Если ещё раз сюда явишься, застрелю как собаку![5] -Ва туфангашро пушти сарам монда ҷониби дар тела кард.

– Монед ҳамон гапҳои бидир-бидири газетаатона!-Бибигул ба ғазаб ба рӯи шавҳараш нигарист.- Гуфтаҳояш чӣ маъно доранд? Хонаро медиҳанд?

– Маъноаш ин ки ту душманӣ, аз ин диёр баромада рав! Дар ин хона баъди ман фарзандону набераҳоям зиндагӣ хоҳанд кард. Агар бори дигар ин ҷо бинам, мисли саг мепарронамат!

---

1. Мансур ту ҳасти?! Ту то ҳол дар кучо будӣ контра?! Кучо гурехти?! Гап зан палид!
2. Аз бойҳо гурехтам.
3. Аз ту мепурсам, асбобу анҷомҳоро кучо бурдӣ ?! Дар кучо руст кардӣ?! Гап зан!
4. Дар ин хона ҳеҷ гоҳ Мансуре набуд зиндагӣ ҳам накардааст, фаҳмидӣ?!
5. Ҳеҷ гоҳ намеравам! Ба гӯшат гир! фарзандонам инҷо зиндагӣ хоҳанд кард, фаҳмидӣ?!

– Воҳ! Ҷонат сӯзад! Дар хонаи кас чӣ гуна зиндагӣ мекунад? Барои ҳамин кофир мегуфтаанд.

– Хонаро гирифтанашон як тараф, таҳқир карданаш аламовар гуфт Мансур. Фикр кард, ки инҳо ин ҷо зиёд меистанд. Бо чунин ният омадаанд...

Бибигул чашмони ашкдорашро ба самте гардонд. Аз озору алам тамоми баданаш меларзид. Дақиқае пас бо ғазаб пурсид:

– Акнун чӣ кор мекунед? Куҷо меравед?

Мансур ҷавоб надод.

– Ё дар ҳамин хирсхонаатон мешинед?-Бибигул ором намешуд:

– Шистан мегирем, дигар чӣ кор мекунем?-гуфт Мансур ба зарда.-Ба сарам тапончамонии кофир кам буд, ки акнун ту пӯписаро сар кардӣ?- Ӯ хеста ба ҳавлӣ баромад, ба дарахтони навшинондаи поёни ҳавлӣ, ки нав пунба кардаанд, нигарист: фикр кард, ки дирӯз, баъде ки ғуладинг аз ҳавлиаш бароварда пешаш кард, гӯё дар сараш ба оҳан зада буданд, муддате гаранг –гаранг гашту тарафи бегоҳ ба кӯчаи Азими Хоразмӣ тоб хӯрда, сӯйи шӯъбаи бонки русӣ-осиёӣ, ки баъзан бонки Рубен-ҷуҳудаш мегуфтанд, рафт. Он ҷо қадре пул дошт. Мехост дар ин рӯзҳо, ки зарур афтодааст, боқимондаашро гирад.Соли гузашта сад рубил гирифта Тошканд рафта буд. Ҳамон вақт Рубенро ёфта пурсида буд, ки агар зарур монад, ё кори тиҷорат пеш гирад, бонк ба ӯ қарз дода метавонад?

– Шумо ба пила сару кор доред? - пурсид яҳудӣ.

– Не, пилапарвар нестам.

– Мо ба касоне, ки пила парвариш мекунанд ё замини пахта доранд, қарз медиҳем то ки онҳоро ҳавасманд гардонем. Ба Русия чунин молҳо зарур.

Ҳамзамон Мансур дид, ки дар паҳлӯи бонк анбори деворҳояш баландесту онҷо тойҳои пахта, қуттиҳои чой, халта-халта пила тах задагӣ. Одамони бисёре онҷо даробаро мекарданд. Баъзеҳо чой ё равған ҳамроҳ мебурданд. Ҳоло ӯ наздик шуду дид, ки дари бонк махкаму рӯйи саҳнаш ҳар тоифа одамон гурӯҳ-гурӯҳ давра истода баҳс доранд. Он тараф дар таги беди сершохе як гурӯҳ занҳо ҳам ҳастанд. Баъзе сарандоз, баъзе фаранҷи доранд. Баъзеҳо дар рӯйи замин нишастаанд, нигоҳашон ошуфта ва оҷизона. Вақте Мансур пурсид, ки чаро дари бонк бастааст, онҳо ба ҳолаш хандиданд.

– Эй марди Худо, шаш моҳ зиёд шуд, ки ин бонк кор намекунад,-гуфт марди шикамкалони кулоҳдор ва ба рӯйи Мансур зеҳн монда пурсид.- Пулатон бисёр буд?

Ин яҳудии миллионерро Мансур дар ду-се давра дида буд. Мегуфтанд ки заводи чармбарории Самарқандро сохтааст. Дар паси яҳудӣ ҷавони танадори мӯи сар то гушҳояш фаромада меистод.

– Се сол пеш понсад рубли русӣ монда будам,-гуфт Мансур ва содалавҳона пурсид:- Одамони бонк дар куҷо?

– Дар куҷо?- кулоҳдор қақарос зада хандид. Банди дилӣ сермӯяшро ситезмандона хорида афзуд. - Ба осмон баромаданд, ба замин даромаданд, ба зиндон бурданд касе намедонад! Аммо ин биною қуфлу калидаш дар дасти болшевикҳо будааст.

Дили Мансур ба гурдааш рафта часпид. Фаҳмид, ки пулашро нест кардаанд.

– Дигар ин пула намедиҳанд? - пурсид ӯ бо овози гирифта.

– Кӣ медиҳад? Аз кӣ талаб мекунем? – Кӯлоҳдор даст афшонда тез-тез қадам зада дур рафт.

Ҷавони мӯйсардори дар пасли кулоҳдор буда гуфт:

- Шумо дар рӯзҳои аввали овозаҳои «бонк нест шудааст!» меомадед... Ин саҳн, кучаҳо пури одам, баъзеҳо мисли каси мотамзада оби дидаашро доштан наметавонист. Шаст-ҳафтод нафар одамон аз Хуҷанд омадаанд. Онҳо ҳам пулашонро дар ҳамин бонк монда будаанд. Боз як қисм хуҷандӣ пулашона дар шуъбаи дар Хӯқанд буда мондаанд. Он бонкро ҳам болшевикҳо гуму нест кардаанд. Мардум дар он ҷо ҳам сӯхта пухта гаштаанд.

Одамон наздик омаданд: марди салладори чашмкалоне ба рӯйи Мансур нигоҳ карда гуфт:

– Ошно, пули шумо камтар будааст, кам месӯзед. Пули мани аҳмақ ба тиллои мондаам ҳисоб кунам агар сад ҳазор кам як миллион буд. Нахӯрдаю напӯшида ҷамъ карда, ба дасти ин дуздҳо додаму акнун вовайло гуфта гаштаам. На хоб дорам, на оромӣ, на зинда буданам маълум.

Панҷ-шаш нафар наздик омаданд. Онҳо ба умедвори ба Мансур менигаристанд. Гӯё ӯ хабаре оварда буд.

– Пулашон кам не! Ду сол пеш ба ин пул як ҳавлии пеши шаҳра мехаридед!- гуфт кулоҳдор.

– Бале, як ҳавлӣ мехаридед,- афзуд Мансур.

Байни онҳо чунин гуфту гузор шуд.

– Парвардигор худаш ба мо нишон дод. Дар китоби осмониаш гуфтааст-ку: Аз пул фоида гирифтан (суд) гуноҳ аст.

– Ду нафар аз ин бонки русиёҳ омада, маро ҳам морбарин афсун карданд: «Он ҷо пулатонро муш намехӯрад. Ҳар сол фалон фоиз, фалон қадар изофа мешавад» гуфтанд.

– Маро ҳам бурдаю сандуқи оҳанинашонро нишон дода буданд.

– Шумо, мусулмонҳоя, хуб мешавад!- Марди зардинае даст шоф карда, наздик омад ва ҷониби Мансур муроҷиат кард.- Ними мардуми Самарқанд садҳазорию дусадҳазорӣ пул доштаанд, нимаш ману шумо барин камтар, тиллодоштаҳо ҳам буданд. Ин хабарҳо акнун маълум шуд. Пеш даҳанҳо пӯшида буд (мард даст ба даҳон монд). Даҳ рубл қарз мепурсидед, сад қасам мехӯрд, ки пул надорад. Дирӯз аз ҳамсояш ба коре қарз кардааст. Акнун дар ҳақиқат ҳама нодор шуда монданд. Ҳоло дар хонаҳо аз алами ҷонсӯз сӯхтаю пухта хобанд. Баъзеҳо аз дарду алам ҷиннӣ шуда кӯча ба кӯча гаштаанд. Ин кас аллакай ҷиннӣ!-ҷониби салладор ишорат кард.

– Пул аз ҷон мубурод. Як миллион гум кунед ҷиннӣ мешаведу шақа ҳам. -гуфт Мансур. Вуҷуди ӯро хашму ғазаб фаро гирифт. - Чи хел мешудааст, ки як шаҳр одам пулашро бо дилпурӣ ба бонк диҳаду дигар гирифта натавонад?! Вай нав дид, ки анбори паҳлӯи бонк холи аст. Ҳатто дарвоза надорад. Аз дилаш гузашт, ки шояд соҳибони бонк тиллоро гирифта гурехтанд. Аммо пулро болшевикҳо гирифтанд. Анборро ҳам холӣ карда ҳам болшевикҳо.

– Пули ман ҳам як миллион буд,- кулоҳдор ҷониби марди зардина нигарист. Дар Париж фаҳмида хеста омадам, ки на пай мондаасту на Ҳайдар.

– Шумо акнун фаҳмидам - нафаҳмидаматона монед!-гуфт зардина ба дурушт. Бештари коргарҳои бонк ҳамқавматон буданд. Онҳоро шумо хубтар медонед. Онҳо меоянд, намеоянд, мо чӣ кор кунем?

– Шумо кунатона хорида гардед,- гуфт кулоҳдор писханд карда.-Онҳоро дигар не дар замин меёбед, не дар осмон. Агар Николай дар ҷояш мешуд, ин корҳо рӯй намедоданд. Ҳоло аз кӣ мепурсед? Болшевикҳо худашон бонкҳоро ғорат карда гаштаанд. Мардума ғорат карданд. Инҳо аз соли малах ҳам гузаронданд. Сволочи они! Нищие! Слов не могу найти!

Кулоҳдор бесарамҷон қадам зада назди занҳо рафту пас омада гуфт.

– Ба ин занҳо дилам месӯзад. Шавҳарашон аз омаду рафт беҳол шудану акнун занҳошон ҳар ҳафта як ё ду маротиба хабаргири меоянд.

– Бисёри мардум пилаи дусоларо супорида пулашро нагирифтааст, -овоз дод зане.

Марди қадбаланди қалпоқдор ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд:

– Мақоле ҳаст: «соҳиби асп мурад, аспаш ҳам мемурад.» - Николай ки рафт, бонкҳояшро ҳам бо худ бурд.

Он ҷо боз аз ину он гуфтанду Мансур бо дили садпора ақиб гашт. Фикр кард, ки деҳқонҳо сӯхтанд. Дигар касе ҳаққи меҳнати онҳоро нахоҳад дод. Хубаш «меҳнатамро ба арвоҳи гузаштагонам бахшидам», гуфта аз баҳраш бароянд. Ба ин васила пеши роҳашонро кушоянд. Дар ёди он пул худро баста намонанд. Ӯ боз ба кӯчаи Азими хоразмӣ даромад. Дар сари кӯча бозор ҳаст. Назди дари даромади бозор кабобфӯрушҳо «кабоби гӯсфанди даштӣ» гуфта кабобашонро таъриф доранд. Ба хотири Мансур омад, ки аз ин ҷо чанд маротиба гузашта ҳаваси кабобхӯрӣ карда буду дилаш нашуд, ки пулро сарф кунад. Ба худ қарор медод, ки як бегоҳ Бибигула ҳамроҳи бачаҳо ин ҷо оварда шоми мехӯранд, ин орзуяш ҳам дар дилаш монд... Ӯ ба занаш аз ин воқеаҳо лаб накушод.

Бибигул сатил дар даст бо хашм аз хона баромада сӯи ҷӯйбор равон шуда гуфт:

– Маро аз хонаю дарамон ҷудо кардед! Аз ақрабо буридед! Дар анборхона моли як умр ҷамъ кардаам, гилему намаду калобаҳо, сад асбоби баҳри рӯзгор тайёр кардаам. Тобистон борҳо гуфтам, ки маро ба хонаам баред!..

«Чунин таънаҳоро як умр хоҳад кард», аз дил гузаронд Мансур. Ва дилаш лабрези ғусса шуда, чой аз гулӯяш нагузашт. Хеста рӯи ҳавлӣ баромад. Пасупеш қадам зада, ба фикраш омад, ки агар бой гуфта мебурданд, аз ин бадтар буд. Як сол -ду сол тоқат кунем, он тараф Худо подшост.

Дере нагузашта инқилоби овозадори рус як бегоҳирӯзи баҳор ҳамроҳи абрҳои сиёҳи тираруйю шукуфаҳои дарахтон, ки пеш-пеши бод метохтанд, ба деҳаи Найзаварон низ расид. Ва ба якчанд хона, аз ҷумла ба хонаи Мансур, чун мор сари секунҷаашро дароварда, оҳиста, гарданашро ба чапу рост тоб дода, ҳамаро дар таҳлукаи ҷонгудоз андохт.

Омад-омади аскари урусро аввал бачаҳо хабар доданд. «Омаданд, омаданд!» шуду Мансур кӯча баромада дид, ки отряди тахмин ҳаштоднафара Дашти Сурхиро мегузарад. Ду километр дуртар аз ақибашон хару аспу аробаҳои бордор намудоранд. «Яқин онҳо тироваронашон мебошанд», фикр кард ӯ ва дилашро мавҷи изтироб зер кард. Акнун чӣ мешуда бошад?

Назди зинаҳои ҳавлӣ қарор гирифта, ҳис кард, ки тарс мисли саги гаргини ҳама ҷояш захмин, ки дар кунҷи ҳавлиат ҷой гирифтаасту сад чӯб занӣ ҳам, ҷонибат аф-аф карда берун намеравад, дар даҳлези дилаш ҳалқа задааст. Нигоҳаш ба занаш бархӯрд, ки ҳанӯз аз омадани русҳо хабар надошту гилемро ба девор овехта чорӯб мезад. Рӯймолаш оқиб рафта андаке кач шудааст. Дар ин сурат ӯ дилошӯбтар менамояд. Ҳамзамон ба назараш намуд, ки Бибигул дар чанд вақте ки ин ҷо зиндагӣ мекунад, лоғар шудааст ва лоғарӣ ба вай зебоӣ зам кардааст. Ба дилаш омад, ки як-ду сухани зарурро ногумон карда барояш гӯяд. Лабханд рӯи лабонаш аз дасташ гирифту ба гӯшаи таҳсинҷи ҳавлӣ нишастанд ва бо оҳанги нимшӯхию нимҷиддӣ гуфт:

– Бибиҷон, фикр кунам, мо то ҳол зиндагии хуб доштем. Ман мудом кӯшиш мекардам, ки ба зебоии дилангезу дилпазират ва ба муҳаббате, ки бо ҳам дорем, сазовор бошам. Аммо ин корро тавонистам ё не...

Бибигулро ханда гирифт, аз ҷебакаш рӯймолча гирифта чашмони об гирифтаашро пок кард: ҳамроҳи рӯймолча гӯгирде ҳам аз ҷайбаш афтид.

– Чӣ шуд, ки якбора меҳри кабутакатон тофт?- гуфт ӯ ва бо чашмони тар ба рӯи шавҳараш зеҳн монд.

– Охир як маротиба ҳаққи гапро гӯям,- Мансур ҳам хандид.

Бибигул зани баақлу бафаросат аст. Дарёфт, ки шавҳараш дар дил изтироб дорад. Ҳамчунон дар чеҳрааш ҳамон равшании кӯдаконаи шиносро дид, ки аз рӯзи аз шаҳр омаданаш ӯро тарк карда буд. Мансур ҳар гоҳе ӯро меҳрубонӣ кунад, ин рӯшанӣ аёнтар мешавад, чунон ки гули пилтаи чароғро мегириву рӯшноияш баланд мешавад. Шаби арӯсӣ, ки дасти ҳам дар даст то сари субҳ сӯҳбат карданд, Бибигул ба ӯ гуфт: «Бори аввал, ки назди нонвойхона чеҳраатонро дида будам, ҳам мафтун, ҳам гумроҳ шудам.» «Чӣ гуна гумроҳ шудӣ?»- пурсид Мансур. «Нигоҳатон мисле ки ҳам меҳрубон буд, ҳам изтеҳзо мекард»,- гуфт Бибигул ва ҳарду хандиданд: Ҳоло пеши назари Бибигул ҳамон лаҳза омад ва аз дилаш гузашт, ки шояд Мансур ҳам он шаб ва он гуфтугӯро ба ёд овардаю меҳрубон шудааст?»

Мансур гӯгирди аз ҷайби занаш афтидаро гирифтаю бозӣ карда афзуд: -Гуфтаниям, ки шукр, фарзандҳои хуб тарбия кардем. Хислату хӯи ҳамидаро бештар модар ба кӯдак медиҳад...

Бибигул нигоҳашро аз рӯйи шавҳараш наканда, бо ҷиддият гуфт:

– Додош, шӯхӣ мекунеду хавотир барин менамоед! - Дасти шавҳарашро байни кафҳояш гирифт.

– Шӯхии ман хавотир барин будааст, - Мансур дар лабонаш табассум сари занро пеш кашида, сахт-сахт рӯйю мӯяшро бусид: аз ҷояш хест ва ба атрофи ҳавлӣ назар андохт.

– Куҷо хестед? Нав сар кардеду... Шинед.-Зан аз поён ба рӯи шавҳараш нигарист. Дар нигоҳи меҳрбораш шавқу шӯри занона шарора зад:

– То сари кӯча рафта меоям,- гуфт Мансур!

Зан хеста бо оҳанги пештара гуфт:

– Куҷое равед, майлатон, лекин хонаи Самарқандамро баргардонед.Хонаи бафайзамро. Мудом он хонаро хоб мебинам.

«Ин андеша ҳеҷ гоҳ аз сари ту намеравад. Агар ин корро накунам, то охири умрат маро намебахшӣ»,- аз дил гузаронд Мансур ва гуфт:

– Дар рама дусад гӯсфанд дорам. Ҳамаро фурӯхта, ба он ғуладинг медиҳам, ки хона хараду хонаи моро холӣ кунад.

– Дар бонк ҳам пул доред-ку! Боре гуфтед, ки пул мондам. Агар ин кор шавад, дигар дар дилам армон намемонад, -Бибигул дасти шавҳарро ба лабаш бурда, бӯсид.

– Вай пула ҳам мегирам... Аммо ту каме сабр кун. Бинем, инқилобашон то ба куҷо меравад.

Ин дам дар кӯча давутоз ва ҳар гуна садоҳо баланд шуданд. Мансур гуфт:

– Имрӯз гӯё аскари сурх меомадааст.- Ӯ ҷомаи танашро кашида, аз мех ҷомаи нав гирифта пӯшид.

– Аскар ин ҷо чӣ кор мекардааст?- Бибигулро тарс фаро гирифт.

– Ман аз куҷо донам?- Аз ман маслиҳат напурсад.- Мансур оҳанги суханашро ба шӯхӣ гардонд.- Гӯё касе бой бошад, гирифта зиндон мекардаанд. Аммо дар ин ҷо канӣ бой? Онҳо бойҳоеро мегиранд, ки завод доранд, одамонро мисли ғулом кор мефармоянд.

– Хонаи моро ҳам хабар мегиранд?

– Ба хонаи мо биёянду ин дару девори рехтаро бинанд, ду-се танга медиҳанд, ки зиндагиатонро дуруст кунед,-Мансур худро ба ханда дошт.

Бибигул нигоҳашро аз шавҳараш намеканд. Фаҳмид, ки Мансур хавотириашро базӯр пинҳон медорад.

❁ ❁ ❁

Омадани аскари рус барои кӯдакҳои деҳа тамошою дилхӯшӣ шуд. Онҳо мисли селаи гунҷишкҳо аз кӯча ба кӯча давида, бо ҳоюҳуй дунёро ба сар мебардоштанд. Баъзеҳо аз ними роҳ бармегарданд. Баъзеҳо бодбарак доранд. Кадоме химчаро «асп» кардаю савор шудааст. Аксар пойлуч, куртаҳо дарида, баъзеҳо эзор надоранд. Беэзорҳоро қасдан пеши по дошта меафтонанд, куртаашонро боло бардошта механданд. Ҷобрдида гирякунон ақиб мегардад. Тӯдаи калонтарҳо то канори деҳа алакай ду-се маротиба рафта омаданд.

Офтоб пагоҳӣ як намоён шуду пас абрҳо мисле, ки гандуми шустаро тунук кардаанд, Ҷовид ба касеву овозе эътибор надода, ҳамроҳи рафиқаш Ҳумоюн, писари Нуралии оқсақол, то беруни деҳа рафт. Он ҷо муддате таваққуф карданд. Баъд диданд, ки дар паси заминҳои майса саворон намоён шуданд, ақиб гашта ба мардуми дар саҳни масҷид ҷамъомада хабар доданд: «Омаданд! Омаданд! Сурхиро гузаштанд!»

Ҷовид дар байни мардум падарашро надид. Баҳодур ҳам нанамуд. «Онҳоро хабар додан лозим»! Аз байни издиҳом берун омаду падарашро дид, ки дар охири кӯча ҳамроҳи Олимбой дилу бедилон ба ин сӯ меоянд. Издиҳом онҳоро ба назди се-чор нафар мӯйсафеде, ки дар пеши саҳн, болои тахта нишастаанд, раҳнамоӣ кард. Амаки Олимбой қомати баланд доранд. Саллаю ҷома карда дар кӯча чунон бо салобат роҳ мераванд, ки ҳавасат меояд. Фурсате гузашту Баҳодуру Нурмуҳаммади писари Файзмуҳаммади қассоб омада, паҳлӯи Ҷовид рост истоданд.

– Олимбой, ба халоиқ ду-се сухан гӯед, одамони бегона меоянд, ба онҳо чи гуна муносибат кунанд?- Марди рӯйдароз, ки Каромат ном дошт, дуредгарӣ мекард, аз ҷо хеста, ба овози гирифта ба Олимбой муроҷиат кард:

– Нуралӣ сухан кардан гиранд,-овоз дод кадоме.-Осақол ки ҳастанд, сухан кунанд.

– Ба чунин издиҳом акаи Олимбой сухан мегӯянд.- Нуралӣ аз ҷой хеста, ба ақиб нигарист.

Издиҳом хомӯш шуд. Нигоҳи Ҷовид ба Ҷаббор бархӯрд, ки ҳамроҳи падараш Тоши Тарош (аз лофзании зиёд лақаби тарош гирифтааст) дар гӯшае истодаанд. Ҷаббор бо истеҳзо ба мардум менигарад.

Аммо амаки Олимбойро шукӯҳу шаҳомати пештараашон намондааст. Китфҳояшон афтида, яқин овозаи «бойҳоро зиндон мекунанд», он касро сахт тарсондааст.

– Ин ҷо сухан мекардагиҳо будагистанд, ҳоло сухани мо қадр надорад.-Олимбой аз ҷо хеста ба атроф нигаристанд, қадре хомӯш истода, пас дилубедилон бо овози гирехҳӯрда гуфтанд:

– Ҳамдиёрон, ҳазорон шукр, деҳаи мо дар саховату меҳмондорӣ дар ин обрав номдор аст. Маслиҳат, ки хоҳ рус меояд, хоҳ болшевик ё каси дигар, бо чеҳраи кушода пешвоз гиред. Ризқи меҳмон пеш аз худаш меояд, мегӯянд, ҳақ асту рост. Ман дар таҷрибаам инро дидаам. - Ва ба давра зеҳн монда дилпуртар шуда илова карданд:- Мирзоумед, шумо масъалаи таъмини бедаро ба ӯхда гиред. Ҳар хона се-чор банд партояд, бас мекунад. Йем гӯянд, ёфта диҳед. Файзмуҳаммади қассоб, кори шумо маълум. Дар куҷо гӯсфанд ё навбаст ҳаст, медонед. Дар оғили ман ҳафт шишаку чорӣ ҳаст. Лозим шавад, ҳамаашро гиред.

– Дар оғили мо ҳам чорӣ ҳаст,-луқма доданд Мавлонбой -аз гузари Таги Санг. Вай марди аз панҷоҳ гузаштаи ришпаҳн ва серҳаракат буда, нигоҳаш мудом бадқаҳрона менамуд.

Дар деҳа ҳоло бойи калон Мавлонбой аст. Рамааш аз ҳазор гусфанд ҳам зиёд доштааст. Заминаш ҳам аз замини Олимбой зиёд аст.

Якбора чанд нафар овоз баланд карданд:

– Ман шишаки поидагӣ дорам.

– Дар ман ҳам ҳаст! Гушти буз гӯянд, така ҳам ҳаст!

Яқин ҳиммати ҳамдиёрон илҳоми Мавлонбойро овард, ки бо овози баланд ба домодашон фармон доданд:

– Амин, чории кабудро гирифта биёр. Меҳмонҳо, ки наздик шуданд, дар пеши пояшон сар мебурӣ.

– Ин кор дар мо набуд. Ин одати саҳроиҳо.- гуфт Нуралӣ ба тариқи маслиҳат.

– Ин як кори аҳмақӣ.-Обид, ҷавони болобаланде, ки риши сиёҳ дорад, ба тунди ин суханро гуфтаю бад-бад ба рӯи Мавлонбой нигарист.

Мавлонбой чизе нагуфта нигоҳашро гурезонд.

Баъзеҳо тарафи Мавлонбойро гирифтанд.

– Иззату икроми меҳмон хуб аст.

– Монед кушанд! Ду-сето кушанд боз хубтар! - Ин суханро Остони амакбачаи Нуралӣ гуфт ва қақарос зада хандид.

Ин дам пеши аскар намоён мешавад. Баъзеҳо камон дар китф, баъзеҳо дар болои зин хобонда меоянд. Ситораҳои шапкаҳошон ҳавасангез аст. Гурӯҳе назди хонаи пристав истоду гурӯҳе аспҳоро лука дода, наздик омад. Дар байни омадаҳо Холбеки Сангин ҳам ҳаст. Мардуми деҳа ӯро дар байни аскари сурх дида хурсанд шуданд. Касе бо овози баланд гуфт: «Қандаша хӯрад писари Сангинбой! фарзанди диёр...»

– Обрӯи диёр!-овоз дод дигаре.

– То ҳол ҳаромиш мегуфтед, акнун обурӯи диёр шуд!-оҳиста луқма дод Файзмуҳаммад.

Аскарҳо сару либоси озода доранд. Баъзе сарлуч, аспҳошон ҳам яккачин карда. Сум кӯфтаю ҳар дам фӯр-фӯр карда, нафас тоза мекунанд. Пештар аз паси кӯҳи Сим як-як овози тундар меомад, ин дафъа аз наздик баланд садо дод.

Нурмуҳаммад ҷониби Баҳодур пичиррос зад:

– Савлати Холро дидӣ?

Баҳодур бо тасдиқ сар ҷунбонда пурсид: -Дар ҳақиқат падар надорад?

– Доштагист,- Нурмуҳаммад хандид ва наздиктар нишасту гуфт:

– Дар деҳа кали Сангин ном марде буд. Чанд сол пеш вай мурд. Як ношуди гурбачашм.-Ба чил медарояду касе духтар намедиҳад. Бева ҳам намегирадаш. Баъди он се-чор сол гум шуда пас бо як зани олус ва аз худ калонсол бармегардад, ки дар пасаш ҳамин кӯдак будааст. Мегуфтанд, ки ҳаромист. Чор-панҷ сол мегузараду Сангин мемурад. Зан ҳам се сол шуд вафот карданаша. Ин бача бекас монду, дар ба дар шуд. Гоҳе Холу гоҳе Холбек мегуфтандаш. Агар касе номашро намедонист ё фаромӯш мекард «бачаи кампир» мегуфт. Азбаски чеҳраи сиёҳчурдаи ношуста дошт, баъзе занҳо Қатрон ном мегирифтандаш. Подабонӣ фармуданд, гоҳе подаро ними рӯз меовард, гоҳе намерафт. Осиёбон наздаш гирифт, дили вайро ҳам гарм накард. Гап мепурсидӣ ё чаро фалон корро накардӣ мепурсидед, ҳит-ҳит механдид. Пас ба шаҳр равуо мекардагӣ шуду се- чор сол бедарак буд. Порсол овоза шуд, ки ба аскари рус харкор будааст. Аввали сол омад, ки тамоман одами дигар. Дар тан шинел, дар сар шапкаи ситорадор. Э-ҳе! назараш фалака намегирад. Дар чеҳрааш ба ҷои ханда осори таҳдид нишастааст. Гап пурсед, ба ғазаб ҷавоб медиҳад. Мисле ки ба шумо кина дорад. Баъзан калимаҳои русӣ мегуфт. Ҳолдонҳо мегуфтанд, ки дашном мекунад.

Ҷовид ба суханони Нурмуҳаммад эътибор надод. Фикр кард, ки кофирҳоро ношуста мегӯянд, инҳо баръакс, либосҳои зебою озода доранд.

Андаке пас ҳарду гурӯҳ рӯбарӯ шуданд. Дар пеши отряд марди зардинарӯи ба нур дар болои аспи абргуна нишастааст, мӯйлаби зардашро молиш дода, баъзан ба дурбини дар китфаш овезон даст мебарад. Яқин сардаста аст.

Дар байни издиҳом пичир-пичир шуд: «Олимбой, бароед. Олимбойро гӯед, сухан кунанд».

Олимбой саллаашонро ақиб кардаю андаке лангида, пеши издиҳом баромада, ба садои гиро гуфтанд:

– Меҳмонҳо, саллотҳои болшевик, ба диёри мо хуш омадед. Ба ҳар қадаматон ҳасанот...

– Саллот не, аскари сурх гӯед,-аз пас касе овоз дод.

Сардаста ба Олимбой зеҳн монда, табассум кард ва бо русӣ чизе гуфт.

Аз гӯшаи рост марди тоторнусхаи кӯтоҳриш наздик омада, сухани Олимбойро ба русӣ тарҷума кард. Ин дам шамол қувват гирифт. Мавлонбой ба ишора Аминро саросема кард. Амин ҳамроҳи Сафар, додари Ҷаббор, чориеро ки думбаашро базӯр кашола карда мерафт, даступо баста наздиктари сафи қӯшун кашида сар буриданд.

– Хун рӯшноӣ!

Муборак шавад! -Аз байни издиҳом овозҳо шунида мешаванд. Ва издиҳом сабук нафас мекашад. Олимбой суханашонро идома доданд.

– Меҳмонҳо! Мо аз омадани шумо ба деҳаамон мамнунем. Ба тавоноии шумо салламно мегӯем. Ба аскар ва аспу улоғҳоятон ҳама чиз муҳайёст.

Дар ин асно аз қатори пас марди тоссари тануманд аспашро тозиёна зада пеш баромад ва ба тахтапушти Амин бо қамчин зад. Амин яктарафа хам шуд. Издиҳом гӯё ки шах шуда бошад, намеҷунбид. Сафар гӯсфандро раҳо карда гурехт, аммо ҷомаи дарозаш ба пояш печиду афтид. Дастаро ханда фаро гирифт. Гӯсфанди нимбисмил тоб хӯрда ба зону хест. Дасту пойҳояш ки баста буданд, боз афтид. Гардан хунрезон: аз пасаш шаршара барин пору мерезад. Файзмуҳаммади қассоб роҳравон аз миёнаш корд гирифта, гӯсфандро, «ҷонам шавӣ, ҷонам шавӣ» - гӯён ба зону дошта сарашро ҷудо кард. Амин калавида, аз давра берун баромад.

– Гумон кардӣ, ки пеши пойи болшевик гусфанд кушӣ, халос мешавӣ? Не, акнун сарата мехурӣ!- Обид рӯбарӯи Мавлонбой истода ин сухана гуфт.

Мавлонбой боз ҳам нигоҳашро гурезонда чизе нагуфт.

– Обид, ёфтӣ вакти ҷангҷола,-Каромати дуредгар, ки дар кунҷе менишаст, овоз дод.

– Ҳоло ҳисоббаробарӣ дар пеш аст,-пӯписа кард Обид.

Қодири сурхчашм, ки бо Обид рафиқӣ дошт, тарафаша гирифт.

– Мавлонбоятон айби худаш. Дар вақташ ман бой гуфтаю баромада номзади Обида гирифт.

– Падари духтарро розӣ карда гирифт.

– Гирифт, акнун ҷавобаша медиҳад.

Сардаста ба шиддат ҷониби тоссар чизе гуфт. Пас аз асп фуромада пештар омад ва ба осмон ки як-як борон мечакид, нигариста ба нармӣ ба мардум муроҷиат кард:

– Ман аз шумоён узр мепурсам, рафиқон. Ин ҳамроҳи мо ба ин тарафҳо, ки нав омадааст, расму оини ин ҷойҳоро намедонад. Аз сӯйи дигар, дар назди ин қадар одам гӯсфанди бечораро сар буридаю тамошо кардан...-Сардаста хандид ва ба оҳанги дигар суханашро идома дод:

– Бародарон, мақсади аскари сурх барқарор кардани адолат аст. Мо душмани бойҳою муштамзӯрҳо -дӯсти деҳқонону камбағалонем.

Чашми Ҷовид ба падараш афтод, ки Баҳодурро наздаш хонда чизе мегуфт:

Сардаста суханашро тамом кард ва ҳарду ҷониб пароканда шуданд.

Ҷовид хона омада дид, ки падару модар сандуқи аз ду тараф дастадошта гулкорикардашударо ба чағораи бехи девори каҳдон гузоштаву болояшро мепӯшонанд. Падар аз омадани ӯ бехабар ҷониби модар гуфт: «Он ҷо ба ғайри русҳо қавму миллатҳои дигар ҳам ҳастанд. Як- як ӯзбеку тоҷикҳои худамон низ ҳамроҳашон. Онҳоро дидаму ба дилам омад, ки ба ин тоифа бовар кардан намешавад.»

Ин дам Баҳодур бо шитоб аз дарвоза даромад ва хабар дод:

– Бурда дар оғилашон бастам! Ба амаки Умарбек гуфтам, ки обу алафашро дар оғил диҳед. - Вай ким-чи хел саросема менамуд.

Ҷовид пай бурд, ки аспро бурда ба оғили Умарбек бастаанд. Ва нахустин бор ба дилаш тарс даромад. Дақиқае чанд гузашту овози тирпаронӣ ва гирудор шунида шуд. Баҳодур ба «Ист! Кучо меравӣ?» гуфтани модар гӯш накарда, ба кӯча давид. Ба кӯчаи назди мактаби куҳна гузашт. Хонаи Меҳрубон дар ҳамон тараф аст.

– Инҳо мардумро бе дилсиёҳӣ наменомонанд, - ғур-ғур кард падар. Ӯ ошуфта менамояд. Фурсате гузашту Баҳодур баргашт ва хабар овард:

– Падарҷон, бойҳоро медоранд. Чанд нафар хонаи амаки Мирзоумед даромаданд. Роҳнамою маслиҳатгарашон Холбеку Тошу Гадобой хонааш дар назди осиё буда ва боз чанд нафари дигар. Аз гузари Таги Санг ҳам ҳамроҳашон ҳаст.

«Ҳамин ҳафта ягон ҷо рӯ панаҳ кардан лозим будааст. Вале акнун дер шуд»,- фикр кард Мансур. Ва дар чеҳраи занаш изтиробу тарсро дида, ӯро тасаллӣ дод:

– Ту парво накун. Инҳо касеро гиранд, аввал дақиқ меомӯзанд.

Бибигул пай бурд, ки Мансур барои дилбардории ӯ ин суханро гуфт. Бештар хавотир шуд. Нигоҳашро аз ӯ наканда гуфт:

– Ин чӣ инқилоб буд? Мемонданд, ки аққалан тӯйи Баҳодурама мегузарондам... -Вай тез-тез курпачаҳои рӯйи ҳавлиро чамъ кард.

– Чизу чораи тӯй тайёр. Агар ба ман часпиданд, худатон мегузаронед!- гуфт Мансур ба тариқи маслиҳат. Ӯ боз чизе гуфтанӣ шуду зуд худро дошт. Метарсид, ки ларзиши овозашро Бибигул пай барад.

– Як гапҳо мегӯед, ки,- бо оби дидаи шашқатор нидо кард Бибигул. - Чаро ба шумо мечаспидаанд? Бе шумо чӣ хел тӯй?!

– Чӣ хел тӯй! Тӯйи калоне, ки худат гузарондӣ. Ҳашт шабурӯз хоб нарафтанат аз хотират баромад?..

Ин дам се нафар сарбоз ба шаст аз дарвоза зада даромаданд. Ҷаббор ва марди ғафсаке бо номи Қодир ҳамроҳашон. Аз гузари Таги Санг ҳам ҷавоне ҳаст. Пеш-пеш Ҷаббор лаби поёнаша зери дандон кардаю бо ғазаб меояд.

Сарбозхо камонҳоро ба тарафашон рост карданд. Мансур гумон кард, ки ӯро мепаронанд. Ҳазорон саволу ҷавоб бо ҳам печидаю чун сел ба сараш нишеб шуданд. Бибигулаш дар танҳоӣ азоб мекашад. Фарзандҳояш дар ҷои бегона монданд... Тоссаре, ки Аминро ба қамчин зада буд, низ ҳаст. «Касе ҷунбад, тир мехӯрад,»- гуфт сарбози қалмиқнусха ба лаҳни шикастаи ӯзбекӣ. Ӯ дасти Баҳодурро баст, Ҷаббор дасти Мансурро. Ҷаббор саросема аст. Пайдост, ки мехоҳад ҳама гумонбарҳоро зудтар дастгир кунанд.

– Гуноҳе рафта бошад, аз ман рафтааст, писарамро монед,- гуфт Мансур.

Тоссар бо қундоқи милтиқ ба шонаи Мансур зад, ки ба даҳон афтид ва оҳиста печутоб хӯрда хест. Ба Тоссар нигоҳ андохта, «дастбастаро ҳар кас ҳам зада метавонад», гуфт.

– Кофири берӯ, агар дастат мехорад, маро зан!- гуфт Баҳодур.

Сарбози пастаки қалмиқнусха суханони падару писарро ба тоссар тарҷума кард. Тоссар бо истеҳзо ба Баҳодур зеҳн монд.

Бибигул пеши Баҳодурро дошта ба Ҷаббор муроҷиат кард:

– Додар, шумоён шунос-ку!... Ба ҳамроҳҳоят гӯй, ки ин Баҳодур гуноҳ надорад! Чӣ кори бад кардааст, ки мебаредаш?

– Кори бад кардааст ё не, он ҷо маълум мешавад!-пуписа кард Ҷаббор ва Баҳодурро тела кард.

Санги вазнин болои дили Мансур афтида, фишор меорад. Дидаҳояш пуроб мешаванд. Ба зӯрӣ худашро ба даст гирифта, бо нармӣ «очаш ба инҳо кордор нашав»,- гуфт. Ҳангоме ки аз дарвоза мебаромад, дид, ки назди хонаи Мирзоумед байни холаи Гулмоҳ ва Холбек кашокаш мераваду ду нафар сарбоз дастони Мирзоумедро ба пушт мебанданд. Дар он тарафи кӯча, дар назди хонаи Файзмуҳаммад ҳам сарбозҳо ҷамъанд. Дар мобайни кӯча дарвозаи Олимбой кушодаю одамон даро - баро доранд. Обид бо се нафар камондор ҷониби гузари Таги Санг шитоб доранд. Яқин ба хонаи Мавлонбой мераванд. Байнашон ким-чигуна кина будааст. Се сол пеш, ҳангоме ки Баҳодурро ба кори артиши Оқпошшо гирифтанӣ шуданд, чунин манзараро дар Самарқанд, ҳангоми аз дарвоза баромадан мушоҳида карда буд. Он вақт русҳои Николай ҷавонҳоро дошта, ба аскарӣ равона мекарданд. Ҳоло русҳои болшевик бойҳоро дошта, зиндон мекунанд. Ин фикр чун барқ аз сараш гузашт. Ҳарчанд ҳаво сард шудаю борон меборад, аз ҳаяҷону изтироб бадани Мансурро арақ зер кардааст. Дар тахтапушташ фуромадани арақро чун оби новдон ҳис мекунад. Онҳоро аз роҳи байни деҳа сӯи масҷид бурданд. Ҳар замон қалмиқнусха Баҳодурро бо қундоқи милтиқ задаю тела медиҳад. Мансур бе садо гиря кард. Ҷисмаш мисли дарахте, ки дар тӯфон мондааст, меларзад. Ва дар айни ҳол кӯшиш мекунад, ки ҳолашро ба Баҳодур ошкор накунаду аламу озорашро наафзояд. Аз назди масҷиди ба наздикӣ пӯшида гузаштанду ба дили Мансур омад, ки шояд ин ҳама воқеаҳоро дар хоб мебинад? Ин гуна ҳолат мешавад-ку! Аз сари ҷар ё шахе меафтӣ. Дар поён замину дарахту дарёро мебинӣ ва бедор мешави, ки ҳама дар хоб будааст. Баъдҳо ин саҳнаро Мансур на якбору ду бор дар хоб дидаю бедор шуда, мисли имрӯз бе овоз гиря кардааст.

❄ ❄ ❄

– Онаи зори шумо муштамзӯрҳоро нишон медиҳем! Даври шумо нони ба шир мехӯрдаҳо, гузашт! Замоне ки кабобу палов мехӯрдед, гузашт! –Ҷаббор камонашро ҷониби Ҷовид дошта шарақ-шуруқ мекунад.-Омадӣ, мепаронам!

Мансур ба пас нигариста ҳайрон шуд. Ҷаббор ба он Ҷабборе, ки то дирӯз медид, монанд набуд. Мегӯӣ шери нар аст. Ӯ даҳон пур кард, ки гӯяд:-«Ҳой бача, «як намакхӯр чил сол андеша мекунад» гуфтаанд. Вале пай бурд, ки дар ин ҳолат сухан кардан бештар ғазабашро меорад.

– Аз ақиби ту намеравам, аз паси падару бародарам меравам, –гуфт Ҷовид ва роҳашро давом дод.

Баҳодур истода чизе гуфтанӣ шуд, ки сарбози қалмиқнусха бо камон ба паҳлуяш зад. Баҳодур аз зӯри дард калавида хам шуд.

Ҷовид аз алам ки барои ӯ шуда бародарашро заданд, тамоми овозашро сар дода Ҷабборо дашном кард.

– Онаи худата г... Порсол омада зорӣ кардӣ, ки гандуматона даравам... Ҷомаю мӯзаи падарама додем!...Зорӣ кардӣ, ки нами равған надорем...» -Ва ба ин монанд чизҳое гуфтаю гирякунон ақиб гашт. Назди дарвоза модарро дида, ҳамчунон бо фиғону фарёд шикоят кард:

– Баҳодурро заданд!

– Чӣ гуфта заданд? Байнашон чӣ гап шуд? –Модар мисле ки бемори табларза бошад, меларзид. Дар як ҷо қарор намегирифт.

– Баҳодур ба ман гап заданӣ буд, ки як саллот дар биқинаш зад. Худаш як майдаҳаки мурданӣ.-Ҷовид ба сӯзи бештар гиря мекунад.

Модар гоҳ ба Худо зорӣ мекунад, гоҳ даҳонашро медорад, ки овози гиряаш набарояд ва гиребонашро дошта, зуд-зуд то сари кӯча рафта, пас мегардад. Дар кӯчаҳо сарбозҳо пасу пеш мераванд.

Наздики аср писари хурдии Файзмуҳаммад - Боймуҳаммад хабар овард, ки падару бародарашро бурданд. Холбек пеш-пеш будааст. Дар ин асно аз ҷониби масҷид садои тирпаронӣ баромад. Якчанд савора ба он сӯ асп давонданд. Фурсате гузашту холаи Гулсум низ ҳамроҳи чор-панҷ нафар зан ба назди Бибигул омад. Баъдтар холаи Зулайхо ҳам омад. Дар чеҳраи онҳо тарсу таҳлука ҳувайдост. Баъзеҳо гиря мекунанд.

– Ҳангоми доругир Мавлонбойи Таги Санг доноӣ карда худаша панаҳ кардааст. Обид ӯро хона ба хона кофта гаштааст, - хабар доданд онҳо.- Дигар нӯҳ нафар дороҳоро дошта, дар ҳавлии ҳаммоми паҳлӯи масҷид махкам кардаанд.- Холаи Гулсум ҳиқ-ҳиқ карда ҷониби Бибигул илова кард:- Он ҷо чи гапе шудаасту ба Баҳодур тир расидааст...

– Тир расидааст? Дар ҳаммом? –Бибигул ба овози баланд гиря карда, ҷониби кӯча тохт. Ҷовид аз паси модар баромад. Сарандози модар дар дасташ кашол. Дар хамгашти кӯчаи назди масҷид амаки Умарбек пеши роҳи онҳоро гирифт:

– Келин, он ҷо парон-парон! Пури аскару одамони бегона! –Рангурӯи амаки Умарбек сап-сафед. Аз изтиробу таҳлука меларзанд.

– Баҳодур сиҳат аст?-Модар хам шудаю каловида дилашро дошт. Овозаш ба нолиш мебарояд.

– Сиҳат!... Сиҳат... Ҳозир меояд... Рафтем. Ҷовид, ту ҳам гард.

– Падараш дар куҷо?!- пурсид модар.- Падарашро чӣ карданд?!

– Падараш? -Умарбек каме таъхир кард:-Мансур ҳам ҳамроҳи дигарҳо... Мансур сиҳату саломат...

Дар хона аллакай занҳои зиёд ҷамъ омадаанд. Модар саросема дари хонаи барои шаҳу арӯс тайёркардаро кушода, кӯрпачаҳои навро мепартояд. Ва ба ҷомаю миёнбанди домодии Баҳодур, ки дар мех овезонанд, нигариста бо гиря пичирос зад: «Худоё, ба ман раҳм кун! Писаракама дар паноҳат нигоҳ дор!»

Токҳо пури гилему кӯрпа. Ин ҳамаро модар ба дасти худ ба умед барои нахустфарзандаш тайёр кардааст, ки рӯзи тӯй барои шаҳу арӯси нав партофта, орзушикан шавад. Холаи Зулайхо даҳонашро доштааст, ки гиряаш набарояд. Дақиқае гузашту ҷониби холаи Гулсум гуфт: «Ман равам, ки вай худаша ягон бало накунад.» Хола «худаш» гуфта Меҳрубонро дар назар дорад.

Дере нагузашта як гурӯҳ мардҳо ҷасади Баҳодурро оварданд.

Либосҳояш ҳама лойолуд, сарурӯяш сиёҳу варамида. Сараш ба ҳар тараф меафтад. Аз даҳону бинӣ хун рафтаю гардану куртаи сабзранги русидӯхт, ки падар аз шаҳр оварда буд, хунолуд шудааст, миёнбандаш ҳам хунолуд аст. Як тарафи рӯяш сиёҳ, чашмонаш нимкушода...

Модар, эҳ модар. Ӯ чӣ суханҳо гуфт, чӣ нолаҳои зор кард! Дару девору мурғони осмон ба гиря даромаданд. «Бачаҷонам! Баҳодурам! Кадом бераҳм ин ситамро ба ту раво дид? Ҷавониат дасташро надошт? Зебоият ба дили сангаш раҳм наовард? Ин дунё дигар чӣ дорад? Чӣ гуфта мегардам? Ба кадом сӯ менигарам?»

Ҷовид низ баробари модараш бо овози баланд гиря мекунад. Бо ишораи Умарбек модарро ба хонаи дигар бурданд. Ӯ зуд баргашта баландтар нола кард: «Монед маро назди меҳмони якшабаам! Монед, ки рӯйи задаю афгоркардаашро бинам! Балам, балам, балам! Бачаҷонам, балам! Фарзанди азизам, балам!» Модар чашм аз рӯйи Баҳодур намеканд, сарашро мисле ки не- не мегӯяд, тез-тез меҷунбонад. Дар ҳавлӣ шумори зану мардҳо зиёд мешаванд. Баъдтар Ҷовидро дар кунҷе ғанаб бурд. Ва ногаҳ аз гиряи баланд бедор шуда, дид, ки Меҳрубон болои пайкари беҷони Баҳодур хам шудаасту фиғон дорад:

– Ту ёри бевафо набудӣ! Ту нотавон набудӣ! Ту...

«Магар бародарамро таъна дорад?» омад ба дили Ҷовид ва дид, ки зане Меҳрубонро канор мекашад. Вале ӯ дасташро хато кардаву бо шевани бештар зорӣ мекард:

– Ҳафтае пеш аз човандозӣ баргаштию бо ҳазорон шодию ифтихор ба пешвозат баромада гуфтам: «Се маротиба улоға баровардантро дидам»! Аз аспат парида фаромадию «ҳамааш бо ёрии ту шуд, Меҳрубон» гуфтӣ.- Дар байни духтарҳо туро дидаму дар гӯши аспам гуфтам, ки Меҳрубон моро тамошо дорад! Мабодо, ки сустӣ кунӣ! Ва мо хуб ҷонканӣ кардем. Сару гарданамро қамчинкорӣ мекарданду бузро сар намедодам». «Аспатро баста биё, худам табибӣ мекунам, диламро кандаю ба ҷароҳатҳоят мемонам», гуфтам. Ту ба завқ хандидӣ. Хона

даромада аз хурсандӣ гиря кардам. Ба ҳамдигар дил бастаю номзад шуда, ҳамин ду сухана гуфтему шунидем. Дигар мо ҳамдигарро намебинем, намебнем, намебинем! Ин чӣ бедодӣ?! Чӣ ноҳақӣ?! Чӣ ноумедӣ?! Ин чӣ гуна дунё ?! Чӣ гуна зулм?! Чӣ гуна ситам?! Овозаш гирифта бошад ҳам, мегуфту мегуфт: «Ту зиндагиам будӣ, ситораи саҳарам будӣ, суруди дилам будӣ, ишқи ҷовидонам будӣ акнун чӣ монд? На хурсандӣ, на умед, на роз, на рӯшанӣ...»

– Ӯро баред, бачаи бечора месӯзад!- овоз дод кадоме ва Меҳрубонро ду нафар кашон-кашон ба хонаи дигар бурданд.

Модар пеш аз субҳ ба хонаи хоб гузашта, либоси сиёҳ пӯшид. Дар паҳлӯи пайкари писар ду ракъат намоз хонд. Сипас рӯйи Баҳодурро кушода, бо оҳанге, ки аллакай ба тақдир тан додааст, бо овози шунаво калимаҳоро шумурда гуфт: «Баҳодурҷонам, мадорам, ифтихорам, офтоби дилам...»- Ва боз худро бой дод ва дасташро ба рӯйи дил гузошта чашмонашро пӯшид. Ҷисми дар як шаб лоғар шудааш чун ҷомаи дар шохи дарахт овехта алвонҷ мехӯрад. Дақиқае чанд гузашту бо дастони ларзон абрӯ ва мӯйҳои шиносу азизи сари писарро молиш дода, боз ба нола даромад: «Ҳанӯз дар ин олам набудӣ, ки шабҳо дар хобам медаромадӣ. Аз ҳар ҷунбишу ҳар овозат чун аз паёми осмонӣ дар изтиробу ифтихор мешудам». Ӯ дақиқае сокит шуду пас бо оҳанги дигар илова кард: «Ба тақдири додаи Худованд шукр мекунам, Баҳодурҷонам. Модари аз роҳ афтодаат аз ту розист. Ба ҳар қатраи шири додам розӣ ҳастам. Ба шабҳое, ки сари гаҳвораат хестам, розӣ ҳастам, Бачаҷонам! Бачаҷонам! Бачаҷонам. Ва бо дастони ларзон рӯяшро молиш дода бо оҳанге, ки гӯё таъкид мекарда бошад, илова кард:- «Ман аз пасат равонам, ҷони модар...»

❁ ❁ ❁

Мансур дар шоми боронӣ аз партгоҳе, ки хоку регаш лой шудааст, ҳар лаҳза ғеҷидаю ҷонсарак хеста поён метозад, то ки аз тири таъқибгарон ҳарчи дуртар равад. Дар он ҷарии махуф ҳар гуна хору буттаҳои ба ҳам печида аз рӯбарӯ меоянд. Вале вай ба зӯриву ситез онҳоро дарондаю ду тараф карда пеш меравад. Баъзе буттаҳои порсола мисли сим сахтанд. Ба рӯю гарданаш бармехӯранду онҳоро бо ғазабу силтави бештар меканад. Аз ақибаш сангҳо меғеланд, аз вай пеш парида меравад, парво надорад. Муҳимаш, аз дасти аскари сурх халос хӯрд. Баъде ки тирпаронӣ хомӯш гашту пай бурд, ки аз таъқибгарон раҳо ёфт, пичиррос зад: «Акнун торик шуд!» Фикр кард, ки дар торикӣ аз пасаш намеоянд. Ва лаҳзае дар ҷояш орамида гӯш дод. Не, ба ғайр аз шибир-шибири борон фуромадани обу лой дар ҷарӣ ва дар кучое овози ғелидани санг, дигар садо нест, боз роҳашро давом дод. Ва ҳис кард, ки дасту панҷаҳои хору хас ғӯтидааш гӯё ки дар оташ монда бошанд, сӯзиш доранд. Зонуи пойи росташ ҳам дард дорад. Аз тарафи рост камаре ба чашмаш намуд. Сангу буттаҳоро дошта, худро он ҷо гирифт. Садои задани дилашро равшан мешунид. Калӯшҳо аз пояш баромада афтидаанд. Маҳсию пайтобаҳову шимаш тар шудаанд. Воқеъаи гузаштаро пеши назар оварда. Ҳангоме ки дар саҳни ҳаммом дастҳояшро баста, ба замин хобонданд, борон бо шиддат меборид. Он ҷо нӯҳ нафар буданд. Аз

ҳама пас Файзмуҳаммади кассобро ҳамроҳи писараш Нурмуҳаммад ва Нуралии оқсақолро оварда, болои замини лой рӯ ба замин хобонданд. Нуралӣ таги як куртаи сафед буд. Назди дар як сарбози лоғарандом ва Остон - писарамаки Нуралӣ посбонӣ доштанд. Остон аксар вақт чакмане пӯшида мегашт, ки аз он бӯе бад меомад. Ҳоло яктаҳи алоча пӯшидаю чақон менамояд. Ӯ ҳар вақт назди сарбоз рафта чизе мегӯяд. Сарбози муғулсимо, ки тоҷикиро намефаҳмад, ба ӯ эътибор намедиҳад ва зуд-зуд берун рафтаю баъзан дер мекунад. Он ҷо Обид ҳам буд. Дар дасташ камон. Чунон қадам мезад, ки гӯё зери пояш замин меларзад.

Байни Файзмуҳаммаду писараш гап-гап шуд. Овози Файзмуҳаммад гиряолуд. Яқин ҳоли писарашро дида гиря мекунад. Дар паси онҳо Мирзоумеду Олимбой бо чашмони калон кушода рӯ ба замин хобанд. Гӯё аз он чи ки рӯй медиҳад, ҳайронанд. Он тараф Маҳмуди мисгар, мисле ки бепарво дароз кашидааст.

Аз сару гардани Мансур об шорида ба замин мерехт. Ҷомааш кайҳо машки об. Як-як ба димоғаш бӯйи хок меояд. Агар шамол шавад, бӯйи лойқа меорад. Фикр мекунад, ки наход охири кор бошад? Ба Бибигул мушкил мешавад... Сӯи Баҳодур нигарист, пешониаш дар замини лой, чашмонаш боз. Қатраҳои об аз сару гарданаш метаровад. Аз гуштбачаи гушаш тез-тез об мечакад. Ҳар дам шонаҳояшро ғунча мекунад. Қалмиқнусха чанд маротиба ба пушташ зада буд. Яқин он ҷойҳо дард карда оромаш намегузоранд. Ба ҳоли писар дилаш об шуд. Дар бораи чӣ фикр мекарда бошад? Дар бораи маҳбубааш? Ҷавониаш, ояндааш чӣ мешавад? Дар ин синну сол одам чӣ қадар орзу дорад? Мисли замини донкорида, ки пешаш сар задааст. Хост ба гапаш гирад. Аз фикраш гашт. Озорашро зиёд мекунаду бас.

– Остонбой, оби таги мо омадаро мегардондӣ,-овози Нуралӣ баромад.

– Обро ман сар надодаам! Оби худодод, меистад, -иддао кард Остон.

Нуралӣ, ки дастонаш баста буданд, ба паҳлӯ тоб хӯрда, сари зону хест.

– Остонбой, мо хешу таборем, пагоҳиҳо меомадед, ҳамроҳ чой менӯшидем, фаромӯш кардед?- Ҳарчи дӯстона гуфт Нуралӣ.-Як нигоҳ кунед, мо дар рӯйи об. Андаке бел занед, об он тараф меравад.

– Барои ин корҳо ба ман муроҷиат накунед. Ман бе иҷозати камандир ин корро намекунам.

Ин дам Анвар, писари Нуралӣ, ҷавони навхати қадбаланд, ки соли гузашта зан гирифта буд, хост дарояд, ки посбони дар бо мили камон телааш дода берун кард.

Мансур аз муносибати писарамакҳо ҳайрон шуд. Вай шунида буд, ки бобои онҳо чил-панҷоҳ сол пеш дар шаҳр бо кадом хешаш ҷанг кардаю қаҳрӣ шуда, ба ин деҳа кӯчида омада будааст. Падари Нуралӣ дар миёнсолӣ вафот мекунад. Бори рӯзгор ба гардани Нуралӣ меафтад. Ӯ Ҷиззах рафтаю дар - дари бойе чупонӣ мекунад. Пас ҳарду додарро мебараду ҳамакаса меҳнат карда дар бадали дах-дувоздаҳ сол худашон ҳам як қутан мол мекунанд. Омада заминҳои бекорхобидаи поёнобро, ки дашти сурхӣ мегуфтаанд, обод карда об мебароранд Ҳоло онҳо заминҳои пеши деҳаанд.. Додарҳоро зан додаю соҳиби хонаю дар мекунад. Аз Самарқанд усто оварда, меҳмонхонаи номӣ мепӯшад. Мардум кордонии Нуралиро дида, ду сол пеш ба ҷойи Олимбой, ки пир шуда буд

(маслиҳатро худи Олимбой додааст), ӯро оқсақол интихоб мекунанд. Бечора нав ҳаловат мекунам гуфту ин бало омад...

Нуралӣ ба ҷойи хушк ғеҷид, ки Остон шиддат кард: «Аз ҷой наҷунбед!» Дар ин байн Тӯйчии нишалло ду маротиба дарою баро кард. Дар тӯйҳо нишолло мепазад лақабаш нишалло аст. Ӯ остонро онсӯтар бурда пурсид: «Аз Нуралӣ пурсам каҳдонашро медода бошад?» Нуралӣ суханашро шунида ба ҳеҷ ғараз гуфт: - Нишалло, анде ки халос ёбам он каҳдон барои ту. Тӯйчӣ аз ҷониби падар ба Сангов хешӣ дорад.

Маҳмуди мисгар, ки дар канор буд, ба суханони Остон нигоҳ накарда, худро ба ҷойи баландӣ гирифт. Вай бар қасди Остон ин корро кард. Бештар дар шаҳр мегардад. Он ҷо дукон дорад. Бахти бадаш ин ҷо омада дар банд афтидааст.

Нуралӣ дид, ки аз писарамак некӣ намебарояд, бо заҳрханда гуфт:

– Ин хел музлимзолим буданатро намедонистам, худозада!

– Акнун давлату савлати ту ба замин мезанад. Хонаат хонаи мардум мешавад, ситеза кард Остон. Дақиқае пас илова кард.-Акнун Остонбойгӯй шудӣ?! Остонатро гуфтан гир!

– Ту хурсандӣ ки маро зиндон мекунанд?

– Ман медонистам, ки рӯзе сарата мехӯрӣ!

Нуралӣ сарашро бардошта чизе гуфтанӣ буд, ки Олимбой садо кард:

– Суханатона ҳайф накунед, Нуралӣ, «Аз некон шарофат, аз бадон касофат» гуфтаанд. Овозашро паст кард: -Ин муфлис ҳар вақт назди ман омада, дар бораи шумо бадгӯӣ мекард. Думликониаш барои он буд, ки ба лаби табақам роҳаш диҳам.

Маҳмуд сару пешонаашро афшонда гуфт: - Вайро ҳама мегуфтед - ку, чаро Нуралию додаронаш қобилу ту ноқобил? Ба дилаш мегирифт - Акнун ки инқилоб шумоёнро гадо мекунад ин ба дилаш маҳрам мешавад.

Олимбой сар бардошта гуфт: - Бародарон, касе агар аз ин бало расту чашмаш ба чашми Толиби ман афтод (писараш панҷ моҳ шудааст, ки ба Қазон мол бурдаю ҳоло наомадааст), гӯед, ки ба кадом диёре хоҳад, раваду ба ин ҷо наояд. Байни ин хору хас зиндагӣ ҳаром аст, гӯед.

– Яке озодамон мекунанд,-гуфт Файзмуҳаммад ва боз ҳиқ-ҳиқ гиря кард..

– Додо, гиря накунед,- пичирос зад Нурмуҳаммади писараш.

– Охир рафтори ин Остона бин,-нолиш кард Нурмуҳаммад.-Чунин бетарраҳум буданаша то ҳол намедонистем.

Санги хорое, ки ҳангоми Баҳодурро задан рӯйи синаи Мансур афтода буд, роҳи нафасашро танг кард. Ӯ бо тамоми қувва дасташро кашид ва ҳис кард, ки онро озод карда метавонад. Аз ҳаяҷон ларзааш гирифт. Ба атроф нигарист: девор баланд нест. Умеди аз ин варта раҳо шудан чун барқ дар дилаш дурахшид. Ақаллан Баҳодурро гурезонад! Боз зӯр зада дасташро кашид; бале, метавонад, акнун вазъияти муносибро бояд интизор шуд.

– Падарҷон, хунук хӯрдед?-Баҳодур ларзидани тани падарро дида хавотир шуд.-Ё ҷои задани Тоссар дард мекунад.

– Не, Тоссар сахт назадааст, хунук ҳам нест. Ҳамту аз аламе, ки осон гирифтор шудем...

Баҳодур сарашро хам кард. Ӯ намехост, ки падар оби дидаашро бинад.

Борон торафт шиддат мегирад. Аз ҳавлии паҳлӯ бонги азон баромад ва баъди он аз ҷониби масҷид садои ҳойю-ҳӯй ва хандаю ҳуштоки сарбозҳо омад. Сарбози назди дар берун рафт. Аз пасаш Остон ҳам баромад ва зуд баргашт.

– Остон, дар ин корҳо шумо айб надоред, замона чунин шуд, - гуфт Олимбойи таҷрибадошта ва пурсид: -Саллотҳо аз чӣ сабаб ҳаёҳуй доранд?

– Чӣ донам? - ин дафъа бо мулоиматӣ сухан кард Остон. - Дар атрофи дегҳо аракҳӯрӣ доранд. -Яке даст ба гӯш бурда, азонро мазоҳ мекунад, дигарҳо механданд.

Нуралӣ боз Остонро зорӣ кард.

– Писарамак, барака ёбед, ақаллан дастамро суст кунед. Аз афташ сахт бастаанд, ки дастам карахт шуд, рӯйи хешу таборӣ кунед. Мо аз як тагобем. Ин рӯзҳо мезузаранд.

Остон ҳарфе нагуфта, бо қаҳру ситез дохили ҳаммом шуд.

«Бел меорад! Шояд шом мехонад!» Мансурро боз ларза гирифт ва сабук сари зону хеста зӯр зада дасташро кашида раҳо кард. Ҳангоми дасти Баҳодурро кушодан дер кард, ки Нуралӣ «аз соқи мӯзаи ман корда гиред!» гуфт. - Ва афзуд: «Банди маро ҳам буред!» Мансур саросема кордро гирифта, аввал банди дастони Баҳодуру Мирзоумедро бурид ва ба девори паҳлӯ ишора кард: «Оҳиста фаромада гурезед!» Ва дар ҳоле ки аз саросемагӣ нафасаш тангӣ мекард, Нуралиро ҳам раҳо карду банди Олимхонро буриданӣ шуд, ки ӯ сар ҷунбонд. «Маро монед, бо пойи чулоқ куҷо меравам?- гуфт ва афзуд:-Худатона зуд яктарафа кунед!»

Мансур ҷониби девор давид. Аз пас овози Нурмуҳаммад шунида шуд: «Амак, амакҷон, маро раҳо кунед!» Ӯ як дудила шуду ақиб гашт, ки дар ин асно овози «Доре-д! Доре-д!»-и Остон ба ҳаво печид. Чунон баланд дод зад, ки мегуфтӣ дару девор меларзад. Мансур худро ба сари девор гирифт. Ҳамон лаҳза дида буд, ки Баҳодур сари девор буду бояд худро мепартофт. Ҳама кори шуда ҳамин. Аз дилаш гузашт, ки шояд Баҳодуру Мирзоумед ба сойи онтараф гузашта бошанд? Он тараф ҳамвор аст. Ин фикр каме осудааш кард. Ҷома ба танаш вазн овард. Рӯйи санг нишаста, маҳсиҳоро кашида оби пайтобаҳоро ғич карда аз нав пӯшид. Дарди пояш бештар шуд. Яқин, ҳангоме ки худро ба чарӣ ҳаво дод, пояш лат хӯрдааст. Панҷаҳои хору хас даромадааш торафт бештар сӯзиш мекунанд. Токати шиштан накарда ба роҳ даромад. Ҳоло борон дона-дона меборид. Ва ҳаво ҳам торик шудааст, пеши поятро намебинӣ. Тобистон, ҳангоми гандумдарав, барои оби хунук ин ҷо омада буд. Дар сойчаи он тараф чашма ҳаст. Атрофи чашмаро чорво ботлоқ карда буд. Пашшаҳо нишастан намемонданд. Он замон чӣ зиндагии хуб, чӣ орзуҳо дошт...Муҳим ин ки аз банд раст. Баҳодур ҳам хато карда бошад, Худо хоҳад, он тарафаш хуб мешавад.

Банди фикр яке пояш ғеҷиду поён рафт ва навдаи хореро даст гирифта худро дошт. Чорпо шуда, ба ҷойи ҳамвортар баромад. Ин ҷо сангҳо бештар калон-калон ва лайс. Яке ғелад, чандторо бо худ мебарад. Дасти сӯзишкардаю лойолудашро ба даҳон бурд. Эҳсос кард, ки аз панҷаҳояш хун меравад. Гиря гулӯгираш шуду пичирос зад: «Эй Пок, ин азобҳоро ба ҷон мепазирам, фақат

Баҳодурамро саломат дор. Хонаю дару чизу чора ҳама несту нобуд шавад, боке нест. Баҳодурам дар паҳлуям бошад.»

Сипас бо овози баланд ҷеғ зад: «Баҳодур! Баҳодур! Мирзоумед!» Ҷавоб наомад. Шояд поёни ҷарӣ фуромада, ҷониби Дашти Сурхӣ рафтаанд? Не, Мирзоумед медонад, ки дар ин вақт, дар роҳҳо посбону ҷосусҳо ҳастанд. Ё шояд аз ин сой гузашта, ба кӯҳи Оҳалиқ часпиданд. Он ҷо овулҳо ҳастанд, алав кардан мумкин. Ба дили Мансур ҳамин андеша гарм омад. Ва боз андешид: Баҳодур аз онҳое нест, ки худро осон диҳад. Шукр, ҳам чолок аст, ҳам ақлаш мерасад. Сангу буттаҳои таршударо дошта, аз сой баромада аз даруни заминҳои гандуму ҷав, ки майса задаанд, гузашта, гоҳ росту, гоҳе хам шуда ним соат барин роҳ гашт ва ба домани кӯҳ часпид.

Дар торикию борон роҳу бероҳро аниқ кардан мушкил: хеле ин тараф- он тараф гашту пайраҳаи ба ҷониби кӯҳ мерафтаро ёфт. Акнун пайраҳа худаш ӯро ба овул мебарад.

Аз ҷониби кӯҳ беист шамоли хунук мевазид, аммо он ба танаш форам мерасид. Бод сӯзиши рӯйю дастони абгорашро пасттар мекунад. Одам ҳангоми тарсу алам тез роҳ мегаштааст. Нимрӯза роҳро дар ду соат тай кард. Ҳангоме ки аз ҷарӣ худро ҳаво дода, аз таъқиб раҳоӣ ёфт, хурсанд шуда худро пурнеру ҳис мекард. Ҳоло хавотирии Баҳодур безобитааш кардаю мадораш кам шудааст. Вале роҳгардиашро суст намекунад. Ҳанӯз аз дур ҳис кард, ки дар овул касе нест. Равшание ба чашм намехӯрад. Хонаҳои сангин дар торикӣ чун ҳайвонҳои хобрафта ваҳмангез менамоянд. Аз ғарами ҳезум чӯберо бардошта ба дари хонае наздик шуд ва «касе ҳаст?» гӯён садо кард. Ба дари дигаре наздик шуда буд, ки ҷондоре башаст аз паҳлӯяш гузашт. Шағол ё рӯбоҳ буд. Дар овул касе нест. Ба хотираш омад, ки пагоҳӣ гӯгирди аз ҷайби занаш афтидаро гирифта буд. Ба бағалкисааш даст бурду онро ёфт. Аз зери ғарами ҳезум шохаҳои хушки арчаро берун кашид, дар капае оташ гиронд. Аз хона бӯйи кажжаи бурс ва пору меомад. Дар равшанӣ хорҳои ба кафи дасту ангуштонаш халидаро берун кашид. Ҷои хуномадаро оби даҳон кард. Латапорае ёфта ба он пешоб кард ва ба буҷулаки пойӣ латхӯрдаву варамкардааш баст. Хона гарм шуд. Ба параи оташдон такя карда, даме орамид. Вале сӯзиши панҷаҳою пойи дардманд кам намешуд. Ҳоле дошт мисли гурги танҳо, ки аз галаи сагҳо халос шудааст. Ва боз чеҳраи Баҳодур пеши назараш омад. Дарёфт, ки ин ҳама вақт миёни ҳазорон фикру андешаҳое, ки дар сараш равуо мекарданд, чеҳраи Баҳодур як дақиқа аз пеши назараш дур нашудааст. Ва Мансур бо тамоми ҳастияш дарк кард, ки то чашмаш ба чашми Баҳодур наафтад, дигар на коре карда метавонад, на ба фикре мерасад, на ба чашмаш хоб меояд. Субҳ наздик мешуд. Аз чӣ бошад, ки хавотириаш меафзуд. Ба дилаш омад, ки шояд бо роҳе ба деҳа даромада, аз Мирзоумеду Баҳодур дарак гирад? Ҷомаи нимхушк ба тан кард ва берун баромад. Ҳанӯз торик буду борон чак-чак дошт. Ба танаи кӯҳ ки лой шудааст ғеҷидаю афтида роҳи деҳаро пеш гирифт. Пояш дард кунад ҳам, ба он эътибор намедод. Қарор дод, ки сар-сари теппаҳо меравад. Аз чӯби сахти ғӯш асое кард, то ки роҳгардиаш осон шавад. Пастию баландиҳоро фуробаро карда, вағничу хомаҳои боронхӯрдаро дошта, якчанд сойҳои сербурс ва лағжонро гузашта,

ба теғи Ҳумо омад, ки аз он деҳа намудор буд. Ҳоло борон ба тамом мондаю абрҳои сиёҳ поён фуромада ба тори кӯҳҳо паҳн шудаанд. Назараш ба қабристони поёни теппаҳо афтид. Роҳи қабристон то деҳа аз як километр зиёдтар аст. Ҳанӯз ҷо-ҷо чароғи хонаҳо фурӯзон. Аз мӯриҳо забонаҳои гулхан берун омада, зуд нопадид мешаванд. Аз ҳар тараф ҳангоси маркабу овози сагҳо меояд. Дар деҳа бегонаҳо ки ҳастанд, сагҳо бекарорӣ мекунанд. Мардум аз масҷид бармегарданд, молҳояшонро хӯрок медиҳанд, об меоранд. Оташ мегиронанд. Инҳо корҳое ҳастанд, ки ҳар рӯз дар ин соат иҷро мешаванд. Дар даромади деҳа чойхона ва хонаи пристав ҷойгиранд. Чанд нафар дар хонаи пристав даробуро доранд. Аз ҳавлии чойхона ду нафар ҳезум бардошта меоранд. Дар таги девори хонаи пристав дар се-чор ҷой оташ дардода гирумон доранд. Барои меҳмонҳо хӯрок тайёр мекунанд. Аз гӯсфандҳои Олимбойе, ки дирӯз дар банд кардандаш. Дар паси бино ва атроф аспҳои бисёр баста шудаанд. Саллотҳои рус ҳанӯз дар хобанд. Мансур андешид, ки агар ин лаҳза ҳамроҳаш понздаҳ-бист нафар марди шуҷоъ мебуд, ба деҳа зада медаромад, ҳамаашонро хезонда луб-лучи модарзод карда ба зону мешинонд, либосҳоро ҷамъ карда ба оташ мепартофт ва дилашро холӣ мекард. «Очағарҳо! Инқилобатон дар ... занатон!» Инқилобат мефорад, ба диёри худат рафта кардан гир! Ман туф кардам ба тую ба инқилобат!» Ӯ поёнтар фуромад; пушти буттае нишаста ба деҳа чашм дӯхт. Чашмонаш об гирифтаю сӯзиш карда бошанд ҳам, пок кардаю аз нав нигариста хонаашро аниқ кард. Мушоҳида кард, ки ба хонааш занҳо дарою баро доранд. Ҷисму ҷонашро шубҳаву гумонҳо ба изтироб афкандаанд. Воқеъаҳои дирӯзаро ба хотир овард ва бо таъкиду ситезмандӣ гуфт: «Гуфтем, Баҳодур одаме нест, ки худро ба осонӣ ба даст диҳад. Пас ин дарою барои занҳо баҳри чист? Ё Бибигулро аз тарсу ғам коре шуд? Ё Ҷовид тарсидааст? Дирӯз Ҷаббори очағар камонро тарафаш дошта, шумо муштамзӯрӯ ким-чиҳое гуфт... Бояд зудтар ба деҳа расад!»

Аз баландӣ тохта фуромад. Бузгала аз деҳа баромада ҷониби пуштаҳое, ки худаш қарор дорад, меояд. Дилаш андаке таскин ёфт, аз чӯпон ахбор мегирад. Боз ҳам тоқат накарда наздиктар омад, ки чӯпон низ ҳушт-ҳушт карда расид. Дар миёнаш банди шибоқ овезон. Мансур пештар рафта, салом дод. Ва саволе ба сараш омад: чаро шибоқро ба кӯҳ мебарад? Чӯпон ҷавони лоғарандоми сурхрӯ ва дандонҳои пешаш афтида; чакмани танашро, ки ҳар ҷо дарбеҳи сурху сафед дорад, ба ресмон бастааст. Мансурро тасаллӣ доданӣ шуд:

– Акаи Мансурбой, ҳама корҳо аз ҷониби Худованд сурат мегиранд. Шумо худро ба даст гиред...

– Чӣ шудааст? Хонаи мо тинҷӣ аст?- Мансур бо чашмони калон кушода ва изтиробзада ба чӯпон нигарист.

– Шумо нафаҳмидед?- пурсид чӯпон ва аз гуфта пушаймон шуд, рангаш бештар сурх шуду ночор кори шударо нақл кард:

– Ман дирӯз аз даҳони мардум шунидам, - канда-канда гуфт чупон.- Дар саҳни ҳаммом, пас аз аз он, ки шумо дасти Баҳодурро кушода мегурезед, Баҳодур аз сари девор баргашта дасти Нурмуҳаммади писари Файзмуҳаммадро мекушояд. Дилаш намешавад, ки рафиқашро дар банд монда равад. Аз афташ дер мекунад, ки Остон хабардор шуда, ба садои баланд «доред! доред!» мегӯяд.

Нурмуҳаммад пештар аз девор поён мепарад, ки посбони назди дарвозаи масҷид тираш мезанад. Ӯро медоранд. Тир дар китф расида чандон зарар накардааст. Баҳодур аҳволро мебинад ва лаҳзае дар ҷояш меистад. Дар ин асно аз пас як руси тоссар ӯро кашида, поён мефурорад ва гӯё ба лаҳни худаш гуфтааст, ки «душманбача, ту зинда ба ман даркорӣ!» Вай маст будааст. Баҳодур ӯро тан намедиҳад ва ҳарду дар саҳни ҳаммом, дар обулой кашокашӣ кардаю тагурӯ мешаванд. Ҳангоми афтударафт Баҳодур сангеро гирифта ба сари тоссар мезанад. Файзмуҳаммад аз ҷойяш садо меандозад: «Бачаҷон, гурез!» Дигарҳо ҳам мегӯянд: «Гурез! Ҳой бача гурез!» Вале Баҳодур намегурезад. «Ин кофири бадрӯй падарамро зад!»-гуфта, бо санг ба ҳар ҷояш задан мегирад, Ҷаббор ва ду сарбоз расида омада ӯро миёнагир мекунанд. Посбон ҳам меояд, Остон ҳам он ҷо будааст. Чоркаса мезананд.

– Мезананд?!- Баҳодур ҳоло дар куҷо?- Саросема пурсид Мансур.

– Баҳодурро зада беҳол мекунанд. Чӣ гӯям? (ба куштанд гуфтан забонаш намегардад). Беҳол мекунанд, худатон фаҳмед.

Мансур фаҳмид ва ҷон аз дасту пояш баромад.

– Баҳодур! Баҳодури ман! –гуфту худро ба болои замини лой партофта, зор-зор гирист.

– Мани аҳмақ беҳуда ин хабарро расондам, -чӯпон низ оҳанги гиря кард.

– Баҳодур ҳоло дар хона? (Мансур натавонист пурсад, ки мурдаи Баҳодур дар хона?) Деҳа равам, рӯяшро мебинам?

– Акаи Мансур, ба деҳа наравед. Аз рӯйи шунидам, саллотҳо наҳорӣ карда мерафтаанд. Пас аз гусели онҳо майитро ҷаноза мекардаанд.

– Ҷаноза мекардаанд! -Мансур парида хест. Танаш мисли гусфанди ба гулӯяш корд монда меларзад. - Додар, хуб кардӣ ки ин хабарро расондӣ. Акнун аз пайи корат шав.

Чӯпон лаҳзае дудила шуда истод.

– Остон ҳам дар он кор шарик будааст?- пурсид Мансур.

– Не, Остон дар задан шарик набудааст (Чӯпон медонист, ки Остон ҳам ҳангоми доштан ёрӣ кардааст, аммо ба андешае нагуфт). Хунхӯрҳо гуфта дашном додааст дар задан шарик набудааст,-афзуд чӯпон ва банди шибоқи миёнашро кушода назди Мансур гузошт «ака, дар замини тар нашинед» гуфт, пас рӯймоли миёнашро, ки дар он нону мавиз дошт, низ монд ва «Мавлонбой гурехтааст. Обид...» Ӯ боз ким-чиҳое гуфт, ки Мансур дигар ба ӯ эътибор надода, роҳашро давом дод.

Мансур «Баҳодурам, Баҳодурам!» гуфтаю гирякунон поён шуд. Ӯро ҷону тан месӯхт. Канда-канда фикр кард, «Баҳодур дидааст, ки рафиқаш дар банд аст, вичдонаш набардоштааст, ки ӯро дар дами марг монда равад. Чаро худаш истода Нурмуҳаммадро накушод? Чаро дар болои девор истода надид, ки Баҳодур фуромад ё не? Кош он тир ба худаш мезад». Назди буттаи сершох қарор гирифт ва бо худ гуфт. «Аввалин коре, ки мекунӣ, Мансур бояд аз қотилони писарат қасос бигирӣ! Вагарна дар ин дунё ҳаққи гаштан надорӣ!»

❁ ❁ ❁

Субҳ дар деҳа овоза паҳн шуд, ки аскари сурх хун ба хун мегирифтааст. Ба ивази хуни ҳамяроқашон бойҳои дирӯз бандӣ кардаро қатор монда мепарондаанд. Чоштгоҳ Ҷаббору Қодир дар кӯчаҳои Найзаварон гашта, мардумро ба митинг даъват карданд.

Умарбек, ки тадбири ҷанозаи Баҳодурро мекард, ду маротиба аз кӯча гузаштани Қодирро дида, сӯи занҳои навҳагар «худамро як нишон дода меоям » гуфт ва ҷониби хонаи пристав, ки митинг он ҷо баргузор мешуд, рафт. Муддате пас Ҳумоюн -писари хурдии Нуралӣ назди Ҷовид омаду ҳамроҳ ба тамошои митинг рафтанд. Ҳумоюн гуфт, ки Холу Ҷаббор шаб омада хонаашонро кофтаанд, дар нуги чӯб шамъ гиронда оғилҳояшонро, охури молҳоро дидаанд. Саҳарӣ ҳам омада хонаҳоро кофтаанд. Падарат дар кучо гуфта, онҳоро тарсондаанд. Хонаҳои ҳамсояҳоро кофта, падарашро наёфта рафтаанд. Муддате қадам заданду Ҳумоюн афзуд:- Ҳамсояҳомон мегӯянд, ки кош Баҳодур Нурмуҳаммадро аз банд раҳо намекард. Ҳам худаш зинда мемонд, ҳам Нурмуҳаммад маҷрӯҳ намешуд. Зиндон мекарданд ҳам, баъди панҷ-шаш сол раҳошон мекарданд. Баъзеҳо мегӯянд: Мансури Самарқандӣ ҳеҷ касро раҳо намекард, хуб буд.

Ҷовид барои сафед кардани падараш гуфт:

– Банди дасти падаратро падари ман буриданд.

– Медонам, модарам ҳар лаҳза мегӯянд: раҳмат ба Мансури самарқандӣ. Лекин Баҳодурашро ҳайф карданд, номардҳо.

Ҳангоме ки онҳо наздики хонаи пристав омаданд, митинг шурӯъ шуда буд. Сардаста имрӯз қаҳролуд менамояд: шапкааш дар даст, ҷониби қатори сарбозҳо ва мардони деҳа, ки дуртар дар рӯбарӯяш қарор доштанд, чунин мегуфт:

«Аз дасти душманони инқилоб, бойҳои хунхор боз як рафиқи мо Пупков Виктор Емелянович кушта шуд! Рафиқи мо барои кори ҳақ, баҳри озодии мардум, баҳри барқарор кардани диктатураи пролетариат ҷонашро фидо кард! Мо дар сари тобути рафиқамон қасам ёд мекунем, ки қасосашро аз душманони инқилоб меситонем! Ватанро аз муштамзӯрону контраҳо тоза мекунем»! Ва ҳама баробар «Қасам мехӯрем! Қасам мехӯрем!» гуфтанд ва овозашон дар кӯҳҳо акси садо дод.

Мурдаро дуртар аз роҳ, зери сояи дарахтони сафедор гӯронданд. Умарбек дасти Ҷовидро гирифта ақиб гашт ва раҳораҳ гуфт:

– Баҳодури мо, ки мисли ниҳолаки нав ба гул расида буд, душмани ватани ачдодиаш будаасту он калпесаи одамкушу ту дӯсти ин диёр будаед?! Гапашро шунидӣ? Ватанро аз муштамзӯрҳо тоза мекардааст! Одаме, ки аз дасташ кор биёяд, хонаю дарашро обод кардааст, душман будааст. Ин чӣ рӯз шуд?

Баъди митинг даста дарҳол ҷониби водии Зарафшон роҳ гирифт, то зудтар душманони ватанро маҳв кунад. Пеш аз рафтан Холбеки Сангро сардори кумитаи инқилобӣ, Ҷабборро ёрдамчӣ таъйин карданд: душманҳоро ба ду ароба бор карда, посбон монда, ба маҳбасхонаи Самарқанд бурданд.

❁ ❁ ❁

Ҷовид пеш-пеши тобути Баҳодур мерафту ҳайрон буд, ки чаро гиряаш намеояд. Модар ба ӯ ҷомаю тоқии нав пӯшонда, ба таъкид гуфт, ки пеш-пеши тобут раву «Бародарам, бародари ба ҷафоҳо куштаам!» -гуфта гиря кун. Вале ӯ на гиря кардан тавонисту на чизе гуфтан.

Аз хона то гӯристон хеле роҳ аст. Дар тарафи ғарбии гӯристон чанд зардбеди солхӯрда, танаҳояшон ҷое пӯсида ва ҷое сӯрох ҳаст. Онҳоро, ҳар кас хоҳад, шохшикан мекунад. Дар зимистон бачаҳо аз танаашон тароша карда, аловӣ мебаранд. Ҳатто дар ковокии танаашон, ки мисли танӯр аст, оташ мегиронанд, ки ҷои сӯхта мисли ҷароҳат намоён аст. Вале онҳо ба рағми ҳама ҷафоҳои аз одамон дидаашон, боз рушду нумӯъ мекунанд, навдаҳои сабз ҷавона мезананд.. Гӯё ба он маргистон нишон медиҳанд, ки ҳаёт пур аз нерӯст, зебо ва дилангез аст. Ҳоло боз шохҳояшон сабз шудаю аз шамоли баҳор гоҳе оҳиставу гоҳе ба шиддату ғолибият алвонҷ мехӯранд.

Ҳангоме ки майитро ба гӯристон оварданд, офтоб ба қиём омада буд. Қариб ҳама хурду бузурги деҳа аз паси тобут меомаданд. Роҳ ва замини гӯристон аз борони дирӯза ҳанӯз лой аст. Умарбек ба қабр фуромада, мехоҳад мурдаро бигирад. Аммо ин дам овози омиронаи падар аз байни ҷавононе ки қаброро давра карда буданд, баланд мешавад.

– Умарбек, истед!

Ҳама лаҳзае шах шуданд. Танҳо Ҷовид хурсандона, одамонро тела дода «падарҷон!- гӯён наздик рафт. Вале падар ба ӯ эътибор надод. Ӯ таги яктаҳу тоқист, аз болои яктаҳ миёнашро бастааст. Чеҳраи сурхаш ҳоло мисли пахта менамояд. Лабҳояш кафидаю хунолуд, нигоҳаш ба дард, манаҳаш меларзад. Даруни қабр даромада даст дароз кард ва ба овозе, ки атрофиён шунаванд, гуфт: «Биё, Баҳодурам, фарзанди азизам! Биё, писари баномусам! Ба ҷойи он ки ту падарро ба қабр монӣ, падари бетолеъат туро ба хок месупорад! Золимҳо ин кӯҳи андӯҳро ба сарам заданд! Бе пару болам карданд»!

Аз пас садои ҳиқ-ҳиқи гиря омад. Усто Каромат - ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Мансурбой, додарам, худатона ба даст гиред!

Домулло Назар, ки ду ҳафта пеш аз Бухоро омадааст (он ҷо ҳашт сол боз мадраса мехонд), низ падарро дилбардорӣ кард:

– Мансурбой, писаратон шаҳид шуд! Дар ҳадиси муборак омадааст, ки «шаҳид ба ҳафт пушташ шафоат мекунад.»

Аммо падар ба онҳо эътибор намедод: мурдаро аз дасти одамон гирифта лаҳзае рӯйи даст дошт. Мисле ки «Не! Не! Не!...» мегуфта бошад, сарашро меҷунбонд. Гӯё аз дидаҳояш оби ҷӯй равон буд, дар як дам болои кафан тар шуд. Садои нулаи гиряаш ки пешашро ба зӯрӣ дошта буд, шунида мешуд. Ниҳоят мурдаро ба қабр гузошта, аввал гирехи пойҳоро пас гирехи миёну сарро кушода, кафанро андак пас зад ва ба мурдаи рангаш зардшудаи ки аллакай рӯ ҷониби қибла гардонда буд, нигарист. Мисле ки шах шуда монда бошад, намеҷунбид. Атрофро як лаҳза хомӯшӣ фаро гирифт. Ҳатто шамолаки тезе, ки ҳур-ҳур мевазид, замоне дам ба дарун дошт. Навдаҳои бедҳо ҳам аз ҷунбиш монданд. Ғами падарро дида ҳама дам ба дарун кашида буд.

Умарбек тоқат накарда садо баланд кард:

– Мансурбой, вақт рафт, берун оед.

Падар гирехҳоро кушода монд. Ду ангушти банди пойҳоро, ки баста буданд, низ кушод ва ҳамчунон бо гиря «Хайр, писарам, писараки азизам» ва боз ким – чиҳое гуфту аз гӯр берун омад. Сараш луч буд, яктаҳаш хоколуд, тобути он тараф мондаро диду рӯйяшро ба он молида зор-зор гирист. Пас хесту гӯё нав мардумро дида бошад, ба овози баланд гуфт:

– Раҳмат ба ҳамаатон, ки ба ҷанозаи фарзанди мани ғариб омадед. Некиро аз Худо бинед! - Сипас ба сари хам ва беҳолона болои замини лойолуд нишаст. Ба хоки тӯдакарда даст бурда, як каф гирифта, дуо хонда, болои қабр партофт. Касе тоқиашро, ки болои хок афтидааст, бардошта ба сараш пӯшонд. Вай бошад, аз охирин лаҳзае, ки бо Баҳодур ба ҳам буданд, фикр мекард: Дирӯз аз хонаашон задаю кӯфта бароварда ҳаммом бурдандашон. Баҳодур, ларзиши танашро дида, пурсида буд: «Падарҷон, хунук хӯрдед ё ҷои зада дард мекунад?» Акнун ӯро чунон дур бурданд, дигар ҳамдигарро ҳеҷ гоҳ нахоҳанд дид. Танаш дарақ-дарақ ба ларза даромад.

Домулло ба хондани сураи «Мулк» шурӯъ кард.

Ҷовид дасти падарро гирифт. Падар ба худ омада, дасташро бо мехрубонӣ фишурда, дар ҳамон ҳолате ки сараш хам аст, пурсид:

– Бачаҷон, модарат чӣ ҳол дорад?

– Мудом гиря мекунанд. Чизе намехӯранд.

– Вай сӯхта тамом мешавад,-гуфт ва дақиқае пас ба рӯйи Ҷовид нигариста гуфт:

– Писарам, акнун ту дар хона ҳам ба ҷойи ман, ҳам ба ҷои бародарат. Умеди мо ба ту. Ин суханро фаромӯш накун. Ба модарат гӯй, ки худашро ба даст гирад. Гӯй ки тақдирамон талх будааст. Гӯй, ки касе ба куштори писарам даст дошт...

Умарбек рӯйи ҳам сурфа кард. Падар аз сурфаи Умарбек маъно гирифт, суханашро то охир нагуфт, анҷоми қироати домуллоро низ интизор нашуда, хесту аз болои санге ҷомаашро гирифта, аз байни буттаҳои нав барг баровардаи канори қабристон гузашта ҷониби теппаҳо роҳ пеш гирифт. Китфу пушти яктаҳаш хоколуд. Дар байни одамони давра пичир-пичир сар шуд. Аз афташ, рафтанашро ҷонибдори мекарданд. Падар дар андаке муддат теппаи паси қабристонро баромада байни хору сопликҳо нопадид шуд.

Лаҳзае гузашту Тоши Тарош, падари Ҷаббор савора ба гӯристон омад. Тош ҳоло ким-чи хел мансабдор аст. Ба гӯристон ворид шуда аспро тозонд.

– Ин худозада аз рӯзе, ки мансаб гирифтааст, бе арақ намегардад,- гуфт касе бо овози шунаво. - Дунболаш раиси кумитаи инқилобӣ Холбек Сангов (ҳоло Холро чунин ном мегиранд) ҳамроҳаш ду савор омада машғала бардоштанд.

– Мансури самарқандӣ кучост?! Ин душман кучо руст шуд?–Сангов туфанг-чаашро дар ҳаво ҷавлон дода, аспро атрофи қабрҳои даҳонкушода гардонда, ба онҳо зеҳн мемонд.

– Мансурро аз кӯҳ пурс!-Садое баланд шуд. Аз афташ ин овози амаки Каромат аст.

– Шумо ба чое, ки ӯро дастгир кунед, ба кӯҳ гурезондед? Ҳоло таҳқиқ мекунам! Ба номи инқилоб қасам, касе ба ӯ ёрӣ додааст, ба зиндон меравад! –дӯғ зад Хол ва ҳар се аспҳоро ҷониби кӯҳ давонданд.

Ҷовид пас аз омадан ба хона андарёб кард, ки дигар ҳеҷ гоҳ Баҳодурро намебинад, ба ҳам сӯҳбат карда намеханданд. Дар кӯча ӯро касе ҳимоят намекунад, рӯяшро ба тахмони кӯрпаҳо зер карда талх гирист.

Аз ҷанозаи Баҳодур ду ҳафта нагузашта буд, ки Ҷаббору Қодир ва боз ҷавони ношиносе дарвозаи Мансурро зада даромада, ҷониби Ҷовид пӯписа кард:

– Асп дар кучо?

– Аспро падарам шаҳр бурда фурӯхта буданд.- Ҷовид сухани падар ёддодаро гуфт.

– Шумо ҳаромхӯрҳо бисёр пухтаед. Кай фурӯхт? Пулаш дар кучо?

– Пеш аз омадани аскари сурх буд. Пулаша кӣ гирифт, ман аз кучо, медонам? Ва аламаш омаду ба сари Ҷаббор дод зад:

– Бародарамро куштӣ, боз хонаи мо меоӣ!

– Човид, ин ҷо биё,-садо дод модар.

Ҷовид хона даромад. Модар баъди кушта шудани Баҳодур камтар берун мебарояд. Гоҳе дилашро медораду рангаш мепарад.

– Бачаҷон, ба онҳо чизе нагӯй.Мон, чизе мехоҳанд, гирифта зудтар раванд,- маъюсу ғамзада ба Ҷовид нигарист модар.

– Фармон ҳаст, ки ҳама чизу чораи бойҳо мусодира карда шавад, -гуфт Ҷаббор.

Модар ба ӯ нигоҳ накард. Сарандоз гирифт, кӯза дар даст сӯйи ҷӯйбор рафт. Ва фақат як маротиба, лаҳзае ки омадаҳо ҷуволҳои биринҷи тӯйро чоркаса бор мекарданд, ба пас нигарист. Ҷаббор ҳама чизи ба назараш писанд омадаро соҳибӣ кард. Гилеми таҳкарда дар токи ҳавлӣ монда, ҳарду обдастаҳои тиллодавондаро ҳам гирифт. Ҷовид пеши роҳашро дошт. «Мо дар рӯйи чӣ хоб мекунем!?» «Гуфтам, фармон ҳаст!»- шиддат кард Ҷаббор. Ва ба шишаи тобадон ишора намуд: «Инро канед! Шиша ба идораи кумитаи инқилобӣ мезебад». Чун хонаи Баҳодур даромада сандуқу кӯрпаю ҷомаҳоро бор карданд, Ҷовид назди модар рафта ба гиря гуфт:

– На дар хонаи худамон чизе монданд, на дар хонаи Баҳодур. Ҷаббор ҷомаи домодии Баҳодурро пӯшида чизе гуфт, ки ҳамроҳонаш хандиданд.

Бибигул мисли он ки зарба хӯрда бошад, каловида дар ҷояш нишаст, муддате ноҷунбон истода сипас бо нимовоз гуфт:

– Бачаҷон, одам ки мерафтааст, молу чизашро ҳам аз пасаш мебурдааст. Он ҷома ба соҳибаш насиб накард, ба ин сакалтуи безот ҳам насиб намекунад. Мон, гум шаванд, ман бо онҳо сухан надорам.

– Ҳама чизи моро баранд?!- гуфт Ҷовид ба шиддат ва пас гашта ҷониби Ҷаббор «ҳоло калон шавам, мебинӣ» гуфт ва ба гӯшаи ҳавлӣ шишту бо овози баланд гиря кард. Ҷаббору ёронаш хандиданд.

Толон кардани хонаи Мансурро фаҳмида, аввал Умарбеку занаш Зайнаб омаданд: «Замона чунин шуд, келин, -гуфт Умарбек:- Аз дастамон чӣ меояд?»

Занаш дар зарфе угро овардааст. Пас холаи Зулайхою Меҳрубон омаданд. Меҳрубон рӯймоли рангаш кабуд бастааст. Дар танаш як камзӯли куҳнаи дарида. Мисли одамони нав аз беморӣ хеста, ранги зард дорад. Рӯйи ҳавлӣ ба Ҷовид чашмаш афтиду даст ба даҳон бурда гиряашро дошт. Ба сутуни айвон такя карда, поён фуромад ва беовоз гиря кард. Ҷовид паҳлӯи Меҳрубон нишаст.

Холаи Зулайхо низ китфашро ба сутун такя дода гирист. Ӯро дарди Меҳрубон месӯзонад. Ин ҳолат ду-се дақиқа давом кард. Пас модар дасти Меҳрубонро гирифта хезонду хона даромаданд.

– Омадем ки шуморо хона барем,- гуфт холаи Зулайхо.- Дар ин замонаи кофиромад якҷо бошем, заҳри ҳамдигарро мегирем.

Модар дасти Меҳрубонро гирифт ва ба рӯяш зеҳн монда гуфт:

– Бачаҷон, хоҳӣ, ки рӯҳи Баҳодур шод бошад, худатро ғам нате. Дар тақдири шумоён чунин рӯз будааст. Ту ояндаи худатро фикр кун. Умратро хазон накун. -Ва дастархони наздаш бударо кушода, афзуд:

– Зулайхоҷон, боз як ҳафта тоқат мекунем... Аз шумо миннатдорам... Андаке таваққуф кард ва пурсид: -Ин золимҳо хонаи шумо ҳам меоянд?

– Ҷаббор рӯздармиён меояд. «Шавҳарат наомадааст?! Шавҳаратро ёб!»- гуфта пӯписа мекунад. Ҳафтаи гузашта холаи Гулмоҳ «шавҳарамро ту аз хона бурдию гум кардӣ! Ту меёбӣ!»- гуфтанду баъди он то ҳол наомадаанд.

Рӯзи дигар овозаи «Ҷабборро куштаанд!» чун тундар дар деҳа паҳн шуд. Ба Бибигул ин хабарро Меҳрубон овард. «Кадоме дар ҳавлиаш гӯсфанд барин хобонда сараша буридааст. Падараш арақ хӯрдаю масти хоб будааст!» Ӯ чунон бепарво, балки бо нафрат сухан гуфт, ки модараш нороҳат шуд.

– Ба марги бандаи Худо шод нашав, духтарам, агар душманат бошад ҳам.

– Вай одам набуд,- Меҳрубон кӯрпаи болои беморро дуруст карда бо ситезамандӣ афзуд:- Рӯзе Амин сари Холи Қатрона мебурад.Хонаи амаки Мавлонбой даромада ба зани Амин гуфтааст, ки Мавлонбойу Амин дигар намеоянд, ту зани ман мешавӣ. Ҳангоми чизу чораи хонаи Мавлонбойро гирифтан Амин ба Сангов мечаспад, баъди он милиса меояд, аммо Амин мегурезад.

– Занакро шӯяш зинда, дар қайди хаёт...-Ҳайрон шуд Бибигул

Онҳо боз каме сӯҳбат карданду Меҳрубон берун баромада, ҳавлӣ рӯфт. Ҳангоме ки ҳамроҳи Ҷовид хасу хошокро ҷамъ мекарданд, гуфт:

– Падарат мешуданд, аз шаҳр табиб оварда холаамро табобат мекарданд.

Баъди рафтани Меҳрубон Ҷовид хона даромада, овози худ ба худ гап задани модарро шунид: «Ин кори ҳавай аст. Хаёл мекунад, ки алави дилаш паст мешавад. Не, ин алав то рӯзи қиёмат устухонҳоятро месӯзонад».

– Падарамро дар назар доред? - пурсид Ҷовид.

– Дилам мегӯяд, ки падарат барои қасоси Баҳодур ин корро кардааст. Лекин ту ин суханро аз даҳонат набарор. Ба касе нагӯй.- Модар дақиқае сокит шуду афзуд: -Меҳрубон гуфт, ки Ҷаббор порсол барояш хостгорӣ омада будааст. Ду рӯз пеш аз кушта шуданаш боз омадааст. Модараш тарафаш нигоҳ накардааст. Лекин холаи Гулмоҳ шаттоҳӣ карда, бароварда пеш кардаанд. Вай ба холаи Гулмоҳ дӯғ задааст, ки туро ҳам душман карда, зиндон мефиристаму Меҳрубонро мегирам. Мана ҳолаш чӣ шуд?

– Ҷомаи бародарамро пӯшида буд, лаънатӣ, хубаш карданд,-гуфт Ҷовид ва пурсид: -Худи Меҳрубон ҷангаш накардааст? Мегуфт, ки ту одамкушро намегирам.

– Як духтари мушти пар бо ҷавоне, ки соҳиби деҳа мондаанду дар пасаш русҳо кӯҳ барин истодаанд, метавонад сарбасар шавад?- Модар сари Ҷовидро сила карда, ба рӯяш зеҳн монд.

Се рӯз пас аз кушта шудани Ҷаббор тарафи офтобшин ду ҷавони ношинос Ҷовидро пешандоз карда, ба масҷиди гузарашон-гузари Ҳайдарбек, ки ҳоло хизмати идораи кумитаи инқилобро иҷро мекард, бурданд. Дуртар аз дари даромад ду аспи калонҷусса баста шудааст. Аспи абргунаи сардастаро Ҷовид шинохт. Дар дохил, дар паси девори саҳн Остон машғули дегу алов аст. Ӯ ҷониби Ҷовид бад-бад нигоҳ карда ғур-ғур кард. Ҷовид чи гуфтанашро нашунид. Назди дари масҷид таваққуф карду овози башиддати тарҷумони ришдор ба гӯшаш расид.

– Кори инқилоб фақат аспсаворию пӯписа кардани мардум нест! Ё аллакай ҳавои буржуй шудан дар майнаҳои пӯлашудаатон нишаст?! Зуд орзуи соҳиби хонаю дари зебо, кутани мол, соҳиби чор зан шуданро доред?! Кори инқилоб хизмат ба мардум! Баробари мардум будан аст! Дар деҳаи Вандоб низ чунин аҳвол! Раиси кумита зани бойеро гирифтанӣ шудааст, ки шабона омада, гӯшу биниша буридаю дар пасаш чӯб задаанд. Мо наметавонем ин ҷо нишаста шуморо муҳофизат кунему шумо заннадидаҳо зани мардума гиред! Мисли амиру бекҳоятон ҳарами занҳою маҳрамбачаҳо кушоед! Инқилоб инқилобу инсофу арзишҳои инсонӣ дигар нашудаанд!».

«Яқин зани Амин арз кардааст,»- фикр кард Ҷовид.

Ҷавонони ношинос Ҷовидро дарун тела карда худашон дар гӯшае ҷой гирифтанд. Дохил масҷид бӯй мекард. Бӯйи пою бӯйи арақи бадан.

Сардаста дар паси миз нишастааст. Чеҳрааш гирифта ва хашмгин менамуд. Ӯ ба тарҷумон ба русӣ боз чиҳое гуфт, пас нигоҳаш ба Ҷовид афтида ҳайрон шуд.

– Писари Мансури самарқандӣ ҳамин,- гуфт Сангов.

– Хуб, ин кӯдакро чӣ кор кунем?- Сардаста бо ғазаби ошкоро ба Сангов нигарист ва аз ҷайбаш қутии ялақосие бароварда, бафурҷа онро кушод ва папирос гирондаю рӯйи ҳам кашида, ба тарҷумон чизе гуфт. Ҷониби Ҷовид андаке табассум карда, ба тоҷикӣ пурсид:

– Дар хона ғайр аз ту боз кӣ ҳаст?

– Модарам. Лекин он кас баъди куштани бародарам беморанд. Хӯрок намехӯранд. Мегӯянд, ки Баҳодури ман дар гӯр хобидаасту ман хӯрок хӯрам?

Сардаста ба рӯи Ҷовид синча карда нигарист. Чашмонашро танг карда бо нармӣ пурсид:

– Падарат шабҳо меояд?

– Маро тез хоб мебарад. Ман ҳам мехоҳам он касро бинам,-гуфт Ҷовид ва ба хотираш омад, ки дар шаҳр попироскашҳоро медид. Таҳсигорашонро, ки мепартофтанд, гирифта ба нулаш мемонд.

– Ӯро бинӣ чӣ мегӯӣ?- Мусоҳиб нигоҳашро аз ӯ намеканад.

– Мегӯям ки барои модарам аз шаҳр табиб биёранд. Ҳамсояҳо мегӯянд, ки табибҳои шаҳр модарамро сиҳат мекунанд.

Сардаста аз ҷояш хест шапкаашро аз болои миз гирифту ба лаҳни русӣ ба ҷониби тарҷумон чизе гуфту пас бо ситезмандии бештар ҷониби Сангов афзуд:

– Кӯдакро ба хонааш баред. Ба ӯ кордор нашавед. -Ва аз даруни кӯлбори дар паҳлӯяш буда як калақанд ва як қабза пул гирифта ба Ҷовид дароз кард:

– Қанд барои худат, ба ин пул барои модарат дору мехарӣ. Баъд табассум карда афзуд:- Ба модарат нигоҳубин кун. Шумоён дар замони дигар зиндагӣ хоҳед кард. Дар замони пешрафти илм, бародарию баробарӣ, мактабхонӣ... Калон шавӣ, мефаҳмӣ, чунин зиндагиро падару бобоҳои мо орзу мекарданд. - Ва дасти Ҷовидро гирифта сӯйи дар рафта илова кард: - Номам Александр, шояд боз вомехӯрем.

❁ ❁ ❁

Ду рӯз пас аз воқеъаи Найзаварон, (куштори Ҷаббор) Мансур гашти рӯз ба Самарқанд омад, ба гузари худашон, Дари Занҷир нарафт. Намехост хонаашро, ки кофире онро ба зӯрӣ соҳиб шудааст, бинад ва дилаш бештар озорманд шавад. Бемайл саҳни Регистонро гузашта ба бозори Сандуқ даромад. Пештар ҷое сафар карда меомад, ба кӯю қасру бозорҳои серодами шаҳр ба пазмонӣ менигарист. Ҳоло чунин нест. Дар шаҳри калоншудааш худро мисли ғариб ҳис мекунад: на хонаю ҷой монд, на ёру дӯст, на умеде. Бар болои ин ҳама фарзанди азизашро зада куштанд. Раҳматӣ падараш мегуфтанд, ки агар ранҷу дарде пеш омад, қуръаи фолро дар амали худ ҷӯед. Кадом амалат ноҷо буд, Мансур? Беихтиёр қадамашро тезонда, ба худ савол дод: «Хонаи Чурикови урусро оташ задӣ, ҳамроҳи хона ду аспро сӯзондӣ. Худашро корд задӣ. Рост, лекин инҳо амалҳое буданд ҷавобӣ. Бо он, ки аз маҳалла шаш асп гирифт, пули маҳшара ҷамъ кард, кордор набудам. Аз Абдурашиди камбағал, ҳам пул гирифту ҳам дӯғу пуписа карда, писараша, ҷиянама, ба хизмат роҳӣ кард, ки дигар худамро дошта натавонистам. Шояд дар ҳамин ҷо хато шуд... Аммо дар масъалаи корд задан, таппончаашро дида, корда гирифтам. Дар он лаҳза агар кордаш намезадам, чанд нафари моро мепаронд». Боз чӣ кор кардӣ? Шояд аз шаҳр рафтанат хуб набуд. Худат мерафтию бачаҳо мемонданд? Лекин баъзеҳоро, ки дукону хонаю дари зебо доштанд, парронданд, баъзеҳо дар зиндонҳо хобанд. Мансур худро гунаҳгор надониста хулоса кард: ин не, вай не, дар тақдирам ин рӯзҳо будаанд. Зимни чунин фикрҳо аз паҳлӯи мадрасаи Тиллокорӣ гузашта дид, ки дарашро қӯшачӯб задаанду дар болои дараш шиоре ба-дин мазмун сабт аст: «Зинда бод коргару деҳқон! Нест бод сарватмандону дороён!» Фикри пештараи Мансур қувват гирифт: «Дидӣ, худи замона барои нест кардани мо камар баста будааст!» Қадамашро тезонда ба растаи Заргарон рафт. Дар паҳлуи роҳ марди миёнсине, ки саллаи фарсуда дошту тори сараш луч буд, бо чашмони пӯшида суруди он замон машҳурро, ки аз забони мардикори ба баталиони коргарӣ рафта, гӯфта шудааст бо сафти чоргоҳ месароид.

Бародар, гар равӣ сиҳҳат, падарҷонро саломам гӯй,
Ба пешвозат барояд модарам, онро саломам гӯй.
Бародар, хоҳарони ашкборамро саломам гӯй,
Бибӯс аз ҷабҳааш, он додари ҷонро саломам гӯй,
Ҳама ҳамсоягон, наздик ёронро саломам гӯй.

Дар атрофии мард торафт одамон зиёд ҷамъ меомаданд. Баъзеҳо ба тоқии дар наздаш ниҳода пул мепартофтанд. Овози мард то рафт авҷ мегирад.

Зи беилмӣ ба сар омад тамоми ин ҳама савдо,
Шуда фармони олӣ, бар сар афтодааст ин гавго,
Агар дониш ба мо мебуд, магар будем мо расво?
Шуморо бод ҳасрат ин, аё баргашта ҳамраҳҳо,
Ба таҳсили улум созанд ҳама саъйи тамомам гӯй.

Мансур лаҳзае сурудро гӯш карду пас аз назди дӯконҳои чарчинфурӯшӣ, дӯконҳои косибон гузашт, ба кӯчаи васеъи Қӯшҳавз тоб хӯрда, оҳиста тарафи бинои мадрасаи Исматибой равон шуд. Чор соли таътилро дар ҳамин мадраса гузаронда буд. Раҳматии падараш ҳар вақт мегуфтанд, ки хонданӣ бошӣ, ба мадрасаи Улуғбек ё Шердор гузар. Онҳо мадрасаҳои номдор буданд. Вале вай ҳар гуна баҳона оварда, намерафт. Чунки он замон хонаи Бибигул дар поёни мадраса буду аз дур бошад ҳам, як-як чашмаш ба ӯ меафтид...Баъд падари Бибигул, амаки Абдуқодир, кӯчида ба гузари Панҷакентиҳо рафтанду Мансур арӯсро аз ҳамон ҷо овард. Ӯ назди дари мадраса омада ҳайрон шуд. Дарвозаи дутабақа ва кандакориро канда, ба ҷояш дарвозаи оҳанӣ шинондаанд ва он ҷо сарбозҳои болшевик даробаро доранд. Роҳгузаре гуфт, ки ин ҷо анбори аслиҳаю озуқаи болшевикҳост. Дилаш тоқати истодан накарда, роҳашро давом дод. Назди ҳавлии шинос омад. Оҳ, ин ҷо ҳар сангу хишту хораш азиз аст. Дар ҳар ашё чеҳраи ҷавону меҳрбори Бибигулашро мебинад. Дару девор, чуноне, ки буд, барҷост. Ҷое хиштҳои болои девор афтидааанду касе наменамояд. Даврaҳои ҷавонии азиз пеши назараш омаданд. Рӯзе ду-се маротиба аз назди ин дарвоза мегузашт. Ба ҳар баҳона меистод, ба дар, ба сари девор менигарист. Ба умеде, ки Бибигулро як назар мебинад ё овозашро мешунавад. Агар матлабаш иҷро мешуд, он рӯз дилаш шод, хотираш ҷамъ буд. Он дидорбиниҳо дар дафтари дилаш чун нақши рӯи санг нозудуданианд. Вале ҳоло он духтарро ба чи ҳол расонданд. Аз фироқи фарзандиаш, ки зада-зада куштандаш, устухонҳояш месӯзанд... Ӯ қадам задаю фикр мекард, ки ҳар вақте гузораш ба шаҳр афтад, албатта ба ин ҷо меояд. Он зебоии ҷавонию он шӯру шарар ин ҷост... Он сафедорҳои лаби ҷӯй, ки мисли сарбозҳо қаторанд, ин боди сар-сарӣ ки аз ин гӯшаи шаҳр мегузарад, шоҳидӣ он рӯзҳоянд.

Дар сари кӯчаи Боғи Майдон саройи боҳашамати Саидмуроди пунбафурӯш воқеъ буд. Мансур он хонаро аввалин маротиба ҳангоми тӯйи Саидмурод дида буд. Он манзили зеборо милисахона кардаанд. Поёнтар хонаи Ҳасани Чароғ аст. Дар шаҳр ва деҳаҳои атроф, ки дуконҳои чароғфурӯшӣ дошт, лақаби «Чароғ»ро

гирифт. Дар ин атроф боз тоҷирону косибони номдор мезистанд. Баъзе аз баҳри хонаю дар баромада, асоро ба рушноӣ заданд. Онҳое, ки таваккал ба Худо гуфта интизор истоданд, ҳатто онҳое, ки бештар ҳаводори инқилоб буданд, истисморгар будаӣ гуфта аксарашонро парронданд, касе шиносе ёфта пулу чиз дод, ба зиндон фиристонданд ва хонаҳошонро давлатӣ кардаю соҳиб шуданд. Ҳасан низ пештар як қисми чизу чораашро бардошта, ба кадом тарафе рафтааст. Дар пайҷои ҳавлиҳои он сӯи роҳ панҷ ҳавлии навсохт намоёнанд. Деворҳои атрофашонро ду қади одам бардоштаанд. «Ҳар харею саворе». Маълум, ки навдавлатон хонаро бо завқи худашон месозанд. Насле ба таъби дил нишемангоҳ карду дар он туйу маърака баргузор кард, гармию сардии ин ҷаҳонро диду рафт, акнун навбати насли дигар ва диду дӯхти дигар.

Замоне, ки Мансур дар мадраса мехонд, ҳар рӯзи ҷумъа дар ҳавлии Саидмурод дегҳои мисиро монда, барои толибилмон таъом мепухтанд: то чорсад нафар, ҳатто зиёдтар, он ҷо хӯрок мехӯрданд. Як тамошои ҳавлӣ чӣ қадар ҳавасатро меовард. Аз Чину Русия наққошҳо оварда, дар вассаю болорҳо нақши гулҳо партофтаанд. Дар деворҳои гачкорӣ сурати сайду сайёдҳо, дарёву саҳроҳо ва кӯҳу чашмаҳоро кашидаанд. Ҷилои рангҳо чашмро мебурд. Агар гӯем, ки зиндагии он вақт тираву тор буд, чунон ки ҳоло такрор ба такрор мегӯянд, носипосӣ мешуд. Пешравии илм набуд, мо розӣ. Лекин дар Самарқанд баъди ҳамзистӣ бо русҳо кӯшишу талош ба пешравӣ шурӯъ шуд. Донишмандону шахсони ватандӯст китобҳо навишта, роҳ нишон доданд. Аз ҳар тараф ҷавонҳои баномус сару садо баланд карда, дар пайи татбиқи пешравию тараққӣ шуданд. Гурӯҳе дар пайи газетабарорӣ, гурӯҳе дар орзуи корхонаю завод сохтан ва дигар корҳо шуданд. Як расми хотирмони он замон баргузории тӯйи сунатии (тӯйи хабар) фарзандон буд. Ҳама дороён фарзандонашонро тӯйи хабар мекарданд. Як воситаи худнишондиҳӣ ё ба фаҳмиши он замона номбардорӣ, ҳамин туйи хабар буд. Аз ин сабқат баъзе камбағалони, ба қавле говҷигар, ҳам ақиб наменомонданд. Овозаи фалонӣ тӯйи хабар мекардааст, ки мерафт, мардум он рӯзро бо як шодии махсус интизор мешуданд. Баъдан як сол аз соҳибтӯй ва воқеаҳое, ки дар он рӯзҳо рӯй дода буданд, дар суҳбату нишастҳо ёдоварӣ мекарданд. «Нодири заргара нонаш аз меҳнати ҳалол будааст, тӯйи хуб кард. Дастархонаш пур буд. Солимашро ҳам муддаъои табъ монд. Худаш, ки марди чеҳракушода аст, рӯзҳои тӯйаш низ офтобӣ шуданд». Сипас сӯҳбат атрофи човандозҳо ва аспҳои корнишондода мерафт.

«Муллоасади гузари Ҳавзи Баланд се маротиба улоға баровард. Аспаш ҳам асп будааст-дия!»

«Абдурасули даҳбедӣ аз вай бартарӣ дораду камӣ не. Дар болои асп чунон менишинад, ки мегӯӣ боз аст.»

«Фаридуни худамон чӣ? Ду солими гирифтагеша як хар базӯр бурд. »

«Аз Фаридун дида писарамакаш Шоҳрух зебо метозад. Як даст баровард як аспи пеши галаро гирифт».

«Солими аз ҳама баланда, ки бист тиллои Бухоро буд, Рауфи Ҷиззахӣ гирифт.»

Чунин гуфтугузорҳо аз даврахо ба хонаҳо мерафту ҳамаи мардум огоҳ мешуданд: кадом ҷавон чавандози номӣ будааст, аспи кӣ дар ҷои аввал меистад, аспи кӣ ҳангоми буза бардоштан ба соҳибаш ёрӣ мерасонад (дасташа хам мекардааст). Занҳо бошанд, аз якдигар таҳковӣ мекарданд: он ҷавони човандоз фарзанди кӣ будааст? Хешаш кӣ будааст? Духтарҳо аз модарон мепурсиданд: «Он ҷавон чандсола будааст?»

Зимистон тӯйҳои хабару бехабар дар маҳалла бисёр мешаванд. Оилаи Мансуриён тӯйи хабарро ду маротиба баргузор кардаанд. Тӯйи аввалро падараш барои Мансури шашсола барпо карда буд. Даъфаи дуюм Мансур барои фарзандҳош тӯй кард. Он вақт падар ҳанӯз бақувват буд. Дар маъракаҳо камтар иштирок кунад ҳам, яке аз осақолони маҳалла ба шумор мерафт..

Ризқи меҳмон пеш аз худаш меояд, гуфтагӣ барин, ҳамон сол дар кори тиҷораташон пешравиҳо шуд. Аз гӯсфанд тули хуб гирифтанд. Заминҳои дар Дарғоб доштаашон ҳосили хуб доданд. Боре, ҳангоме ки гандуми аз бод баровардаро ба ҷуволҳо мебардоштанд, падар озмоишкорона ба рӯйи Мансур нигариста гуфт. «Ин ҳосил хабар дод, ки вақти тӯйи бачаҳо расидааст. Насиб бошад, тӯйи калон мекунем». Мансур он вақт ба ин суханҳо эътибор надод.

Даромад-даромади зимистон тӯйҳо шурӯъ шуданду як бегоҳӣ се нафар осақолони маҳалла хонааш омаданд. Ҳарсе ҷомаи танга-танга ва кафшу маҳсии хром, ки он замон муд буд, пӯшидаву саллаву фаш карда омаданд. Мансур дастархон орост. Чой ки гардон шуд, Муллошариф, масҷиди гузарашонро сохтаги марди қадпасти табиатан беқарор, ба ҳамроҳонаш Ҳакимбой ва Ҳамдами чарм синчакорона назардохта матлабашонро кушод:

– Акаи Меҳрон, гӯшамон бод дод, ки шумо нияти туйи хабар доред.

Падар ба рӯи Мансур нигарист: «Магар сухане гуфтӣ?» Чун пай бурд, ки Мансур бехабар аст, маҳин табассум карда гуфт:

– Мо то ҳол дар ин бора не ҳарфе гуфтем, не маслиҳат кардем.

– Медонем, ки шумо ба касе сухан нагуфтед. Лекин аз ҳавои кору нигоҳатон ба атрофиён мазмун гирифтем.

Падар нигоҳаш ба дастархон хандид, меҳмонҳо низ хандиданд.

Мансур нон шикаст, ҳамзамон мушоҳида кард, ки меҳмонҳо аз рӯи падар чашм намекананд. Аз ҳар ҳарфи аз даҳонаш баромада мазмун гирифтанӣ мешаванд. Мисле ки сайёд дар камин нишаста баромадани сайдро мепояд.

Падар тибқи одаташ манаҳ хорида қадре хомӯш истоду гуфт:

– Нияти тӯй кардан дорем. Лекин...

Чеҳраи меҳмонҳо яла шуд. Ҳакимбой чойника аз пеши падар гирифт. «Чоя ман мекашам» гуфт ва ҷониби Ҳамдан нигарист: «Кор шурӯъ шуд!» мегуфт нигоҳаш.

– Ният карда бошед, он тарафи кор осон,-шодона нидо кард Муллошариф.- Дар нияти шумо ҷонам, акаи Меҳрон. Акнун ҷони гапро гӯям: имсол дар гузари Ҳавзи Баланд ду тӯйи хабар будааст. Гузари Булбулон ҳам ду тӯй доштааст. Дар дигар гузарҳо ҳам будааст. Дар гузарамон порсол Салими ҳамсояи мо тӯй карду худатон шоҳид тӯяш мазадор нашуд. (Мазадор вақте мешавад, ки ду-се маҳаллаи атрофро ҳам хабар кунед). Моро дигар маҳаллаҳо хабар мекунанд,

иззатамона ба ҷо меоранд. Мо наметавонем палови онҳоро хӯрдаю гӯш таги тоқӣ карда гардем.

– Даҳони хӯрда шарм медорад, гуфта монед,-хотиррасон кард Ҳамдам.

– Шумо як нафас маҳмадоноӣ накарда истед,- гуфт Муллошариф ба ҳамроҳонаш.- Аммо нигоҳашро аз падар намеканд.

Ҳакимбой соҳиби бозори Сиёб ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд.

– Розиқу Мустафою боз киҳое тӯй мекардаанд. Аз афташ, тӯяшон ба қадри маҳалла аст. Пойҳомон накашид, ки ба хонаҳояшон равем, назди худатон омадем, ака.

– Ман тӯйи калон карда будам,-оҳиста давонд падар. - Ба хаёлам чордаҳ сол пеш буд.

– Медонем, дар ин музофотҳо мислаш нашуда буд. Ҳоло ҳам таърифаша мекунанд.

Мансур пай мебарад, ки падар хоҳиши розигӣ доданро дораду ба чи фикре бо истиҳола сухан мекунад.

– Не, гап дар таъриф не, Муллошариф, «курпатба нигоҳ карда по дароз кун» гуфтаанд. Чунин тӯйҳо осон нестанд.

– Акаи Меҳрон, суханатон як китоба гап. Мо ҳам «кор пеши кордон осон» гуфта, назди шумо омадем. Иншоллоҳ, мо дар паҳлӯятон...-Ҳамту не?- Муллошариф ҷониби ҳамроҳонаш нигарист.

– Албатта, ин тӯйи ҳамамон ҳисоб меёбад,-Ҳакимбой миёнбандашро кашида худро шамол медиҳад.-Ҳама дасту по мекунем.

Мансур косаҳои ҳалворо назди меҳмонҳо гузошту ҳамзамон дар ҳавлиашон баргузории тӯйи калонро тасаввур кард. «Чор тараф даву тоз, молкушӣ, дегҳои қатор дар чӯш, мардуми пиёдаву савора даробаро мекунанд. Ҳама ба соҳибтӯй ба ҳавасу эҳтиром менигаранд».

– Набераи ман нав якрӯза шуд. Умрашро диҳад, ки яксола шавад, худам тӯй мекунам, - гуфт Ҳокимбой.

– Порсол ҳам гуфта будед, ки набераам якрӯза аст,- Ҳамдам дасташро болои зонӯи Ҳокимбой монд.

Падар нигоҳашро ҷониби Мансур дӯхт ва аз афташ ризоиятро мушоҳида кард, ки таваккал карда гуфт:

– Модом ки умед карда омадед, тӯй мекунем.

– Раҳмат, акаҷон,- нидо дод Муллошариф ва аз хурсандӣ чеҳрааш сурх шуд ва илова кард: -Боз як масъаларо пурсам. Иншоллоҳ ки ба он рӯз расидем, фақат шаҳрро мегӯем ё...-Муллошариф забон хоид.

– Сад кило биринҷ, ин тараф ё он тараф, чандон фарқ надорад,-гуфт падар ба оҳанги аввала.-Мегӯем то Даҳбед, он тараф то Чиззах хабар мекунем.

– Раҳмат ба шумо, ки дили моро бардоштед,-Муллошариф нафаси сабук кашид.

– Акнун ҳалворо мехӯрем,-Ҳокимбой дароз шуда косаи ҳалворо гирифтанӣ шуд, ки чойники чой ба зонӯяш бархӯрда чаппа шуда, дастархон ва бари ҷомаи Ҳамдамро тар кард.

– Гурба дар саросемагӣ бачаша чаппа зоидааст, дар ҳаққи шумо,- Ҳамдам ҷомаашро афшонд.

– Буз гӯсфанда хандидааст,гуфтагӣ барин, худатон онсӯтар шинед, намешавад?

Ҳокимбой ҷониби падар арз мекунад.

– Акаи Меҳрон, ҳама одат мерафтаасту одати бачагӣ не. Ҳамдами чарм дар кӯдакиаш ҳам шаттоҳ буд, худатон медонед.

– Бачагии Ҳамдам дар хотирам нест,- падар хандида ҷониби Мансур гуфт:- Инҳо, ки як ҷо шуданд, корашон бо ҳам гап партофтан.

– Харатон, ки аз об гузашт, кабкатон дар хондан даромад,-Муллошариф ҳамраҳонашро маломат кард ва ҷониби падар афзуд:-Акаҷон, мол камӣ кунад, дар оғили ман якчанд чорию шишак ҳаст.

– Биринҷу мавиза аз ман мегиред,- гуфт Ҳокимбой.-Нимаш бепул.

– Чаро нимаш? Дар роҳ гуфтед, ки касе тӯйи хабар кунад, ҳама биринҷу мавизаша бепул медиҳам.

– Вай дар роҳ буд,- гуфт Ҳокимбой ба оҳанги шӯхи.- Ба он мавизу биринҷ тӯйи маҳалларо карда медиҳӣ.

– Муллошариф ба маънои «гапа бисёр накунед,» даст ба зонуи Ҳокимбой ниҳод.-Пул камӣ кард, аз ин кас мегиред, - гуфт.

– Падар ба тасдиқ сар ҷунбонд.

Меҳмонҳо фотиҳаи тӯйро дода хестанд. Онҳо хурсандиашонро пинҳон намекарданд. «Чӣ кори ҷонон шуд. Чӣ кори хуб шуд» мегуфтанд Муллошариф.

Падар аз назди дарвоза ақиб гашту дасти Мансурро дошта ба оҳанги ҷиддӣ гуфт:

– Осақол ки ҳастанд, шарм мекунанд, ки дар маҳалла туйи калон нест.- Хандаи кӯтоҳе кард:-Инҳо пухтаанд, медонанд, ки мо имсол аз заминҳо ҳосили хуб гирифтем. Бачаҳоя вақти тӯяшон...

– Хуб кардед ки розӣ шудед,-гуфт Мансур. -Инҳоро хушк гардондан ҳам намешавад, умед карда омадаанд.

Рӯзи дигар овоза паҳн шуд, ки Меҳрони камон тӯйи хабар мекардааст.

Падар, ки таҷриба дошт, дигар Мансурро ором нагузошт, ҳаррӯз кореро мефармуд: «Одамата шумур». «Устоҳои қандолотпазро рафта таъйин кун, ки дар фалон рӯз ҳозир шаванд». Ва мепурсид: «Солим чӣ мемонӣ? Чор панҷ солим тайёр кардан лозим. Ду солима калон мемонӣ. Дар чунин маъракаҳо гӯшт бисёр меравад. Ба хотир дор, ки панҷоҳ гусфанд, даҳ-понздаҳ навбаст меравад. Ғайрии омадаро хона ба хона қуш дода, нон, гӯшту биринҷу ҳалвою қандолоти якрузаашро медиҳӣ.»

Мансур масъулияти бузургро ҳис карда хобаш парид. Ҳар рӯз масолеҳи тӯй ҷамъ мекард. Аз ҷаву бедаи аспҳои ғайрии меомада шурӯъ карда, то ҷомаю токии ҳоҷиёнро (аниқ карданд, ки дар маҳаллашон шонздаҳ ҳоҷӣ будааст) ҷамъ овардан лозим буд.

Рӯзи бозор Мансур сӣ ҷома овард.

– Ҷома кам,-огоҳ кард падар.

Мансур, ки пулаш кам монда буд, дилашро кафонд:

– Осақолҳои шумо шарм накунанд гуфта, мо худамона хонасалот кунем? Биёранд чизҳои ваъда кардаашона!

– Мо аз онҳо як мирӣ ҳам намегирем,-огоҳ кард падар ва бо оҳанги дилбардорона афзуд. -Дилата кушод дор, пулат нарасад, ман пул медиҳам. Ӯ дуруғ мегуфт. Як ҳафта пеш аз шуруъ кардани тӯй фармуд, ки домуллоҳои гузаро даъват карда хатм гузаронад, обу зиёфат диҳад. Даставвал рӯҳи гузаштагонро ба дуъо ёд кунад.

Дар баргузории чунин тӯйҳо як нозукӣ ҳаст: рӯзи улоғ мабодо ҷанҷол шавад. Бо андаке бетартибӣ ҳам човандозҳо ду тараф мешаванд, ҳам мардуми тамошобин. Тӯй ба ҷанги калон табдил меёбад. Ва овозааш мемонад: «Дар туйи фалони ҷанг шуду туйро вайрон карданд.»

Рӯзи улоғи онҳо ҳам қариб ҷанг мешуд. Ҳаммаҳаллаашон Қосими писари Ҳамдам ҳамроҳи як ҷавони даҳбедӣ бузро оварда, ба пилаҷо парто-парто карданду Қосим дасташро раҳо кард. Ҷавони даҳбеди бузро боз як даври дигар гардонда пас партофт: ҳам дар байни човандозҳо, ҳам байни тамошобинон ғулғулаи «Ҳаром!», «Ҳалол!» бархост. Ҷавонони хунгарм аспҳоро тозиёна зада омаданд. Баъзеҳо аллакай лаҷоми аспи якдигарро кашидаю гапгузаронӣ доштанд. Меҳрони Камон вазъиятро дида, зуд асперо савор шуда ба мобайн даромад: аспи Қосимро аз лаҷомаш кашида, «мо мизбон, бигзор меҳмонҳо хурсандӣ кунанд» гуфт. Дигар кас мешуд, Қосим ба чунин беҳурмати тан намедод мегуфт ки бозӣ меҳмону мизбон надорад! Дар мавриди Меҳрон дандон ба дандон монда истиҳола кард. Аслан на фақат дар маҳалла, балки дар шаҳр ҳам кам касон аз рӯи Меҳрони Камон мегузаранд.

Баъд аз тӯй Мансур ду рӯз хоб рафта пас ба худ омад. Як сол кор карда қарзҳоро дод. Аммо падар хурсанд буд. «Кори хуб шуд, ба тӯйи дигарҳо ки меравӣ, бояд худат ҳам тӯй дихӣ» мегуфт. Пас аз он тӯй Мансур дар маъракаҳо меҳмони иззатманд буд. Вай фаҳмид: падар ин рӯзҳоро аз сар гузарондаю барои писараш ҳам фароҳам овардааст.

Вале ин инқилоб, мисли ҷини аз даруни чароғи афсонавӣ баромада ҳама урфу одати пешинаро диниву феодалӣ куҳна гуфта барҳам зад. Ҳоло ҳама изтиробзада, оянда торики гӯр.

Мансур пас гашта ба чойхонаи канори Регистон омад, дар гӯшае ҷой гирифт ва ҳамчунон дар дил мегуфту андеша мекард: «Як сол пеш ин мадрасаҳо пури толибилму сӯҳбату шеърхонию маҳфилҳо буд. Дар кӯчаҳо, бозору дӯконҳо одамони зебопӯшу чолоку меҳрубонро медидӣ. Русҳо ҳам чун дар кишвари худ озодона мегаштанд. Дар дӯконҳо баробар хариду фурӯшу доду гирифт мекарданд. Яке деҳқонӣ дошт, дигаре косибӣ мекард, севумӣ бо дуохонӣ рӯз мегузаронд. Ҳеҷ гоҳ касе ба моли касе чашм ало намекард. Бо нони аз меҳнати ҳалол ба даст овардаашон қаноат мекарданд. Ба фикри касе намеомад, ки чаро фалонӣ бой асту вай камбағал. Ҳоло кӯчаҳо пури шинелпӯшу шапкапӯш, дузднусхаҳои зиндонӣ, як-як пакана, як-як пучуқу муҷуқу ғазабкарда... Не, ин русҳо он русҳои аввала барин не. Ва ин шаҳр ҳам он шаҳри пешина не. Болшевикҳо зиндагии нав месозем гуфта, ба хонаю манзилҳои мардум чун фона даромада, ҷойгир шудаанд. Фонаро фона мехезонад, дар мо фона нест.

Гузаштаҳомон бояд садсолаҳо пеш дар бораи ҳифзи ватан, сохтани давлати воҳид ва давлатдорӣ фикр мекарданд. Бояд пешвоҳо дар масҷидҳо мегуфтанд, ки «эй мардум, аз бехабарию бедонишӣ таги по шудед, китоби ҳадису тафсирро, ки як бору ду бор хондед, як тараф монеду китоби илми замонаро ба даст гиред, ба пои мардуми пешрафта қадам занед». Аммо пешвое набуд ин гапро гӯяд. Гуфтан кам аз паи кор шавад.

Ҷавонаки харобу пойлуче нону нишолло овард. Мансур нонро шикаст ва рӯзе, ки аз қабристони Найзаварон ба кӯҳ боло мешуд, ба хотираш омад. Дар ҷойи бо чӯпон вохӯрдааш, дар пушти буттае бандчаи шибокро диду онро гирифт. Дар замини лой онро монда баҳузур менишинӣ. Мегӯӣ курсии мулоим аст. Дар паҳлӯяш рӯймоли нон меистод, ки даруну берунашро мӯрча зер кардааст.Дар рӯйи нон як мушт мавизу мағз ҳам ҳаст. Онро чӯпон аз рӯйи дилсӯзӣ монда рафтааст. Ва Мансур, ки дар он лаҳза ҳушу ёдаш ба Баҳодур банд буд, онро надидааст. Чун аз қабристон баргашт, онҳоро гирифт. Он рӯзу шаб дар хаволи кӯҳи Оҳалик ҳамон нон аз гуруснагӣ наҷоташ дод. Оҳ, он рӯзу соатро Худо ба душманат нишон надиҳад. Дар қабристон чун гурги тирхӯрда пушти санге нола мекард, ки тобути Баҳодурро даровардаанд. Чӣ ҳоле дошт... Ҳоли хоки қабр. Ҳоли дарахте, ки нафт пошидаю оташ дардодаанд. Ҳоли хонае, ки аз тиру тӯп таркидаву аз он чизе намондааст. Ҳоло Мансур бо қади рост мегардад. Лекин он азму нерӯи пешинаро надорад. Сутуни дилашро шикастанд. Дар як шаби торики баҳор Ҷаббори бадзота аз ҷои хобаш берун кашида ба қассоси Баҳодур сараша гӯсфандвор бурид. Саги алаи дар ҳавли буда, ки фуку чашмонаш зард буданд, аз дур истода бо гулӯи гирифта ҳур-ҳур мекард, кори Мансурро дида саросема гурехт. Ҷаббор фурсати муқобилият накард. Ё аслан беҳамийят буд ҳаромӣ. Лекин алами дилаш заррае паст нашуд. Аз ин фикрҳо нон дар гулӯяш монд. Муддате сархам истод, пас бетоқат шуда хест, «Баҳодурам, Баҳодурам! Бачаҷонам!» -гуфта, пичирос зад ва тез-тез қадам зада, кӯча баромад.Баъди чанде ба худ омад ва саволе ба сараш зад: ба куҷо? Ба куҷо меравӣ? Ба хотираш омад, ки аз ҳамнишинҳояш касе дар шаҳр намондааст: Ҳамдами чарма дар зиндон ба шамшер зада куштанд. Салими завод дошта гурехту бедарак шуд. Хонаи боҷааш Зубайд, шавҳари Суман, дур нест. Лекин ба он ҷо пояш накашид. Дар тӯйи бачаҳо барои як кори беарзиш дилсиёҳӣ карданду аз ҳамон вақт аст, ки байнашон хунукист. Аз кӯчаи калон тоб хӯрда сӯи хонаи Зарифпаҳлавон рафт. Зариф яке аз гӯштингирони номии шаҳр аст. Лекин ду сол шуд, ки дар чунин маъракаҳо иштирок намекунад. Мегӯяд, ки инқилоби рус ҳамаи ҳавасҳоямро кушт. Авлодҳои номбардори Самарқандро нест кард.

Тақдир Зарифро ба бисёр воқеаҳои солҳои охир шарик кардааст. Шӯриши дар Ҷиззах рӯйдодаро бо чашмаш дидааст. Ду сол дар мадрасаи муаллим Шакурӣ, ки ба усули ҷадид амал мекард, таҳсил кардааст. Азбаски чеҳраи кушода дораду ҳалолкор аст, дар маъракаҳои гуштингирӣ аксар ҳаводораш мешаванд. Дар яке аз чунин маъракаҳое ки дар гузари урметаниҳо (Зариф ҳам он ҷо зиндагӣ мекунад) баргузор шуда буд, онҳоро Ҳоҷӣ Неъмат шинос кард. Гуфт, «панҷоҳ сол пеш падарони шумо якҷоя бар зидди русҳо меҷангиданд.» Падари Зарифпаҳлавонро ном Баҳромбек буд. Чун марди чолок будааст, рафиқон

бештари корҳои хатарнокро ба ӯ месупоридаанд. Лекин он кас барвақт вафот мекунанд. Баъди ҷамъомад Зариф маҷбур карда онҳоро ба хонааш бурд. Раҳораҳ гуфт, ки «дар хонаи мо раҳматии бобои Меҳрон меҳмон шуда буданд. Ҳама он касро мешиносанду ёд мекунанд». Мансур дӯкони Чуқурбозорашро ба шарофати Зариф гирифта буд. Вале худаш вақт наёфт, ки дастархони ҷавобӣ ороят... Ин гапу корҳо то Найзаварон омаданаш буд.

Дар назди дарвоза марди гандумгуни гирдарӯ, ки аз болои яктаҳи беқасаб миёнбанд дошт, ба пешвози Мансур баромада гуфт, ки Зариф дар хона нест. Он касро наковед, дар шаҳр ҳам нестанд.

Мард бо чунон оҳанги омирона ва ҳам илтиҷоомез сухан кард, ки дигар ҷои пурсучӯ намонд.

Мансур пас гашт. Фикр кард, ки дар ин замонаи бӯқаламун ҳар қабоҳат рӯй доданаш мумкин. Се-чор рӯз гузарад, омада таҳковӣ мекунад. Ба хотираш шайхи мазори Ҳоҷимуҳаммади Балхӣ, шайх Аҳмад омад, ки дар ҳамин наздикист. Вай дӯсти падараш буд ва ҳам ҳамсӯҳбати хубест.

Мансур аз рӯи нақли падар каму беш аз зиндагии шайх огоҳ аст. Ӯ аслан аз деҳаи Даҳбед, ки понздаҳ-бист километр дуртар аст, ба шаҳр омадааст. Баъди чор соли таълим мадрасаро тарк карда, дар мазор ҷорӯбкаш мешавад. Назру ниёзи меомадаро ба ободонии мазор ва масҷиди шафат сарф карда, ба маъракаву маҷлисҳо кам мерафтааст. Аз рӯйи масъалае назарашро пурсанд, «китобҳои мо пури назарҳои хилофи ҳам»- гуфта, аз суҳбат мегурехтааст. Ин амалҳо ӯро зуд дар байни мардум обрӯманд гардондаанд ва муллоҳои таҳҷоӣ ба ӯ рашку кина мегиранд. Садриддин ном муллои ҷавонро маъмури аз хонақоҳ рондани шайх таъйин мекунанд. Ва шайх аз суханони Садриддин «Мазор соҳиб дорад! Ҳар касе аз берун омада...» рамуз гирифтаю маъюс шуда, ба деҳааш бармегардад.

Ҳамон шаб соҳиби мазор Хоҷамуҳаммад ба хоби Садриддин даромада, ба ҷиготи гиреҳ огоҳаш мекунад: «Ҳамнишини моро биёред!» Садриддин эътибор намедиҳад. Баъди як ҳафта ҳангоми токбурӣ аз хавоза меафтаду сар ва як дасташ лат мехӯрад. Сараш нағз мешавад, лекин дасташ ба як тарзи асроромез рӯз то рӯз карахту бечон шудан мегирад. Тахмин мекунад, ки масъала дар кучост. Сахт тарсида ба Даҳбед меравад ва ба шайх узру маънӣ гуфта, ҷома пӯшонда, боз пас меорад. Вале даст беҳ намешавад. Ҳолдонҳо мегуфтанд, ки тири баромадаро баргардондан наметавон.

Мансур аввалин маротиба шайхро ҳашт-нӯҳ сол пеш дида буд. Духтараш Латофат касал шуду табибҳо ночор монданд. Падараш рафта, шайхро овард. Шайх марди ба қадубаст буда, чеҳраи банур ва нигоҳи басалобат дорад. Зинаҳоро баромаду ба сар то пои Мансур нигоҳи тез андохт, пас сандуқи рӯйи ҳавлиро, ки соате пеш падараш оварда буд, нишон дода «пуштора овардед?»-гуфта, ба завқ хандид. «Ароба нагирифтед?»- пурсид ва боз чун кӯдак аз гуфтаи худ дар ханда шуд. Ба назари Мансур шайх як одами одии шӯхтабиат намуд. Вале дид, ки падараш ба меҳмон бо эҳтирому эътизоми бисёр муносибат мекунад. Шайх беморро шабу саҳар хонда буд, ки ба ӯ беҳбудӣ рӯй дод. Бо хоҳиши занаш Ҷовидро низ (дар хобаш метарсид) хонд. Тамоми гузари Дари Занҷир сарашон дард кунад, шайхро меоранд ва аксар шифо меёбанд.

Макони шайх дар назди дарвозаи Фирӯз аст. Ҳангоме ки Мансур назди хонақоҳ омад, дуртар аз дарвоза як гурӯҳ зану мардони шифоталабро дид. Шайх дар дохил, дар хоначаи назди дарвоза бо ҳамон ҷомаи ҷо-ҷо даридаю пахтааш намоён ва рӯймоли гирди сар тобдода, намози аср мехонд. Дар байни хона пӯстак ва лавҳу китобҳои парешон хоб рафтаанд. Дар токҳо ҳам бештар китоб аст. Мансур назди дар нишаст. Хона бӯи ким-чигуна гиёҳ мекард.

Шайх аз намоз фориғ шуда, Мансурро дида, табассум кард. Дар се-чор соли охир ҷуссаи паҳлавононааш каме лоғар шуда, ришаш сафедӣ овардааст. Ӯ одамони берунро пурсуҷӯ кардаю ҷавоб дода, даромад.

– Хонаамро гирифтанд, назди шумо омадам,- Мансур ба суханаш оҳанги шухӣ дода, табассум кард.

Шайх, чунон ки одаташ аст, ба Мансур нигоҳи тезе андохту муддате хомӯш истод, пас оёту ҳадис оварда, ӯро тасаллӣ доданӣ шуд.

Ба Мансур суханони шайх хуш наомаданд. Бо садои маҳкам гуфт:

– Амак, ин суханҳоро ки мегӯед, хондаву шунидаам. Ин гапҳо имрӯз ба дард намехӯранд. Ҳоло ҳуррият овардем, мегӯянду бо тиру тӯп хонаю дарамонро зада соҳибӣ мекунанд, ватанамонро мегиранд, шумо хабар доред?

Андоми шайх гирифта шуд. Дар байни абрӯи ғафсаш раги сурхранге хест: чашмонашро пӯшид ва лаҳзае таваққуф карду маслиҳатомез гуфт:

– Ин ки инқилоб мегӯянду он мисли дарёи сероб бо чӯшу хурӯш дар ин замин равон шудааст, беҳикмат нест. - Ӯ қадре дар ҳамон ҳолат хомӯш истоду боз суханашро идома дод: - Ҳар фикру амали наве, ки зуҳур мекунад, агар ҷонибдори халқ набошад, пешравӣ намекунад. Гузаштаҳомон чунин гуфтаанд.

«Во аҷабо! Дар дили ин мард чӣ андешаҳое будааст? Инқилобе, ки шаҳру деҳаҳоро месӯзонад, бе ҳикмат набудааст!»

Шайх чашмонашро кушода ба рӯйи Мансур бо табассуми истеҳзоолуд зеҳн монда афзуд:

– Дар китобҳои осмонӣ гуфта шудааст: «Ӯст, ки механдонад ва мегирёнад. Ӯст, ки марг медиҳад ва зинда мекунад. Ӯст, ки маншаи ҳаётро аз нутфае, ки рехта мешавад, офарид ва бар пояи он зиндагонии ҷаҳони дигарро низ қарор дод» (Қуръон сураи наҷм 53).

«Шумо ҳам ман барин ҷойи рафтан намеёфтед, ин гуна байту ғазал намехондед» - гузашт аз дили Мансур. Ӯ чизе гуфтанӣ шуд, ки шайх хашмгин ба сӯяш нигоҳ андохта пешдастӣ кард:

– Дар гузари мо ҳам масҷиди Султонхоҷа ва якчанд хонаҳоро гирифтанд.

«Яқин андешаҳоямро пай бурд,-гузашт аз дили Мансур. - Бо ин тоифа суҳбат кардан ҳам мушкил. Сухане, ки мехоҳӣ гӯй, дар дили инҳо пештар садо медиҳад. Зиндагӣ ба инҳо осон. Ҳама неку бадро ба осмон ҳавола мекунанд: «дар муқаддарот чунин навишта шудааст», вассалом. Дигар ҳаққе надорӣ, ки пушти корро ковӣ. Ҳадисе ба ёдаш омаду гуфт:

– Дар ҳамон китобҳои осмонӣ ҳаст-ку: «Шабе зери силоҳ беҳтар аз ду моҳ рӯзаву намоз». Дар муқаддаротам чунин будааст гуфта нанишинему ҳама як тану як ҷон шуда, бар зидди душман хезем. Пайғамбарамон ҳазрати Муҳаммад(с) ба

ҳар мушкил сабр кунед, гуфта нанишастанд. Чи қадар ҷангҳо кардаю заминҳои дигаронро тасарруф намуданд.

Шайх нигоҳашро ба рӯи Мансур дӯхта намои табассум кард. Пас дар ҳамон ҳолат бо оҳанги маломат гуфт:

– Бале, чунин суханҳо ҳастанд. Аммо ақлу идрокро низ Худованд ба инсон барои он дод, ки пешомади корҳоро дида, рафторашро ба он ҳамрадиф гардонад. Подшоҳи рус тартибу низоми корашро кашидаю ба аскараш тиру тӯп дода, кори мехостаашро фармудааст. Подшоҳи мо дар кучо? Кӣ сарварӣ мекунад? Кӣ силоҳ медиҳад? Дар пасат кӣ меистад? Хуб, шумо, ман, дигарҳо мехезем, атрофи кӣ ҷамъ шавем? Чӣ коре аз дастамон меояд? На тиру камон, на касе, ки роҳу равиш нишон диҳад. Дар чунин маврид Расули Худо гуфт, ки «сулҳ беҳ аз ҷанг».

Мансур бо алам дарк кард, ки сухани шайх ҷон дорад. Вале ин суханҳо тасаллои дилаш нашуданд. Баръакс, аз ғусса бештар дилтанг шуд. Ӯ мехост бо шайх озод сухан гӯяду шунавад. Ҳолати рӯйдодаро таҳлил намуда, маслиҳат бигирад, Шайх роҳе нишон диҳаду фотиҳае. Не, ин корҳо нашуд. Торикии дилаш боқӣ монд. Қарор дод, ки бо баҳонае мехезад. Ба берун нигарист. Ҳоло то намози шом вақт ҳаст.

Аммо шайх хеста, ҷойнамоз партофта, гуфт:

– Намози шомро мехонем.

Баъди намоз аз тоқ дастархонро гирифта густурд, ки дар он якчанд қаллақанд ва нонҳои резаву сиҳат бисёр буд ва бо ҷиддият гуфт:- Ба ҷоятон гузаред. Ин бегоҳ дар кулбаи камбағалонаи ман ҳамроҳ сӯҳбат мекунем.

Ӯ берун баромаду дар як косаи калони чӯбин боқилаи пухта даровард ва дӯстона илова кард: «Одами бесабр чароғи беравған» мегӯянд. Шукр, мо басабрем, - ва ба завқ хандид. Мисле, ки дар назди падараш ҳамингуна қақарос мезад.

Рӯзи дигар ҳам Мансур дил накард, ки сӯйи ҳавлиаш равад. Як моҳ шаҳр ба шаҳр гашт, пас ба кӯҳи Оҳалик рафта, чанд рӯз назди чӯпонҳое, ки дар рамаашон гӯсфанд дошт, хобу хез кард. Ба пухтупазу ҳезуму аловашон ёрӣ мекард. Шабҳо то дер назди алов нишаста, нақлу қиссаҳояшонро гӯш мекард. Вале аз ғами Баҳодур дилаш ҳеҷ таскин намеёфт. Боз баргашта ба Самарқанд омад. Ҳамон бегоҳирӯз аз Регистон баромада ин тараф - он тараф хеле чарх заду пас ба кӯчаи Мирзоҳусайни заркӯб гузашта, ба гузари Дари Занчир даромаду назди ҳавлиаш омад. Аз дур ба дару девору гачкориҳою кунгураҳои пештоқи айвон нигариста, аз ҳасрату ҳаяҷони зиёд лаҳзае шах шуда истод. Ба ҷойи дарвозаи дутабақаи кандакорӣ, ки ҳалқаҳои зард дошту ҳангоми дарро кушодан садояш то хона мерафт, дарвозаи оҳанӣ шинондаанд. «Инҳо кучое ба дасташон афтад, деворҳоро баланду дарвозаҳоро оҳанӣ мекунанд. Хоҳ - нохоҳ тарс доранд». Ба лаби ҷӯйборе, ки аз байни замини худу ҳамсоя гузашта, роҳро бурида ба маҳаллаи Боғи Майдон меравад, нишаста ба об даст бурд. Ин обаки равон чи қадар шодиҳо ба дилаш овардааст... Ҳар пагоҳӣ, ки дар он дасту рӯй мешуст, аз садои шилдиросаш, аз сабзаҳои лаби ҷӯй ва аз шапаракҳое, ки ҷуфт-ҷуфт

дар паноҳи гулҳо бозии рустшавакон мекарданд, ҳаловат мебурд. Бибигул ҳар бегоҳ ҳавлию кӯчаро об мезад, баъд ҳамаро ба атрофи дастархон даъват мекард. Бачаҳо, гоҳе хӯрокро хӯрдаю гоҳе нахӯрда, дар ҷойи нишасташон хоб мебурд. Гоҳе худи Мансурро ҳам ғанаб мебурд. Бибигул он сӯтар ҷой карда, онҳоро мехобонд. Ва таги пероҳани ҳарир паҳлӯи Мансур медаромад ва огоҳ мекард: «Даррав хобатон набарад...» Вай ба осмони пурситора нигариста, сӯҳбат карданро нағз медид. Ба Бибигул дар ҳамин хона чошнии висол чашиданд. Хотираҳои худаш, хотираҳои падару бобою бобокалонҳояш ин ҷо манзил доранд. Тӯйҳои овозадор гузаронданд. Мешавад, ки аз ҳамаи ин ҷудо шавӣ? Инсон аввал ба хонааш, баъд ба шаҳр, ба кишвар, ба мардум, ҳатто ба ҳукумат пайвастагӣ мегирад ва ҳамаи инро ном ватан аст. Бехро, ки буридӣ, чӣ мемонад? На хотира мемонад, на худат ва на қурб дорӣ. Як ҳолати беқарорӣ вуҷудашро фаро гирифт. Азме чун шаршараи бузург рехта дилашро пур кард, ки бояд зуд кореро анҷом диҳад. Вале он чӣ кор аст, сарфаҳм намерафт. Оҳиста атрофи хонаро гашт. Ногоҳ фикре чун барқ ба сараш омад. «Мекушам! Ғуладингро мекушам!» Ва гӯё роҳи халосӣ пайдо шуд, ки сабукӣ ҳис кард. Қадамашро тезонда, ба тарафи рост тоб хӯрд. Девори тарафи ҳамсояаш Намозбой паст аст. Аз дур дид, ки дарвозааш занҷир дорад. Шояд ӯ ҳам куҷое рӯ панаҳ кардааст? Болшевикҳо дар ин замин чунон шарту шароит ба роҳ мондаанд, ки ба гуфти узбекҳо, «қочмаган номард». Замину боғ дошта бошӣ, супор будааст. Дӯкон, ҷувозхона, осиё, галаи аспу рамаи молат бошад ҳам, супору худат ба зиндон рав. Одами солим чунин фикр намекунад. Марази саръ доранд-чӣ? Ин пагоҳӣ ба Ҷуқурбозор даромада дид, ки бештари тоҷирон дари дӯконҳоро мех задаанд. Пеш аз рафтанаш аз шаҳр дуконашро ба Зариф ба амонат дода буд. Дарҳои ду дукони Зариф ва дукони худаш низ мехзада буданд. Аз рӯе, ки анкабутҳо дар ҳар тараф тор танидаанд, маълум, ки дӯконҳо кор намекунанд. Кӯчаро тоб хӯрда дид, ки ғӯладинг девори он тарафро ҳам бардоштааст. «Қанд хӯру натарс, ғуладинг. Даҳ туфанг дошта бошӣ ҳам, эзоратро меолонӣ!» Аз шохе, ки ба кӯча нишеб шуда буд, як ғӯраи зардшударо канда хӯрд. Ба даҳонаш лаззат дод. Боз баргашта канданӣ шуду худро дошт. «Мабодо касе омаданашро бинад.» Ба пас тоб хӯрду назди обмӯрӣ омад. Обмӯрии қадима барҷост. Об аз андаке баландӣ нишеб шуда, ба он ворид мешавад. Аз ин ҷо ҳатто ҳангоми об доштанаш гузаштан мумкин. Ин фикр чунон саросемааш кард, ки ҳамон бегоҳӣ аз рӯйи эҳтиёт кулоҳи туркие ёфта, ба сар карду шабона аз роҳи обмӯрӣ вориди ҳавлӣ шуд. Пушти дарахти себ ним соат барин нишаст, ки моҳи костаи рангпарида намоён шуд. Пай бурд, ки дер омадааст. Зинаҳоро баромада оҳиста дари хонаро тела дод, ки аз дарун маҳкам аст. Фикр кард, ки ин ҷо пеш аз хоб, бояд корро анҷом дод. Шаби даромад-даромади тобистон аллакай ним шудааст. Ақиб гашта рӯйи ҳавлӣ истод: тарҳу тартиби корро гирифта, аз он ҷо баромад. Рӯзи дигар баъди говгум, вориди боғ шуду дар пушти шохҳои буридаю тӯбкарда дароз кашид. Тахмин бист дақиқа гузашту дарвозаро заданд. Мансур кордро аз ғилоф кашида тайёр шуд. Аз хона зане таги пероҳани кӯтоҳ, ки зонуҳояш намоён аст, баромад ва давида рафта дарвозаро кушод. Ин ҳамон

зани фарбеҳи Мансурро пӯписакарда буд. Марду зан ҳамдигарро оғӯш кардаю гуфтаю хандида, роҳравро убур карда хона даромаданд.

Мансур задани дилашро фурӯ нишонда, омаду қади чӯякҳои ҷуворӣ, ки аз сина баланд хестаанд, даромада ҷой шуд. Динашаб ҳамин ҷой ба назараш мувофиқ намуд. Аз он ҷо то зинаҳои дари хона ҳафт-ҳашт қадам аст. Касе ба хона барою даро кунад, мебинӣ. Касе мабраз рафтанӣ шавад, аз наздат мегузарад. Мушоҳида кард, ки даҳлезу хонаи хобаш чароғ доранд. Тирезаҳошон кушода. Он тараф хонаи падараш чароғ надорад. Дина шаб он ҷо чароғ дошт. Аз байн тахмин ним соат гузашта бошад ҳам, зану шавҳар дигар барою даро накарданд. Шаб торик. Равшание, ки аз паси пардаи тирезаи хоб меояд, ба роҳ мезанад. Дар Самарқанд шабҳои аввали тобистон гарм мешаванд. Як ҳафта беш аст, ки қурбоқаҳо пайдо шудаю баҳсмаҳбас мехонанд. Овозашон чунон баланд, ки мегуӣ фалакӣ мехонанд. Мансур фикр кард, ки агар ин ду касофат хоб раванд, офтоббаро мехезанд. Инҳо талвосаи субҳдам хестаю намозхонӣ надоранд. Ӯ намии таги пояшро ҳис кард. Ба атроф назар андохта, дар рӯбарӯи тиреза дар мелоқ либосҳои тунуккардаро дид, рафта се-чортаашро гирифта оварда ба таги пояш партофт. Либосҳои занона будаанд. Пероҳану нимтанаю ким-чиҳое. Ин дам аз обмурӣ тақрибан як даҳана об омад. Ба дилаш хурсандӣ ворид шуд. «Об - рӯшноӣ». Яқин, кораш барор мегирад. Аз байн боз ним соат барин гузашту Мансурро токаташ тоқ шуда, ба он сӯйи роҳрав, ки ҳезумҳои поракарда парешон мехобиданд, гузашт. «Агар набарояд, аз тиреза медароям!» қарор дод ӯ. Он тараф гул коридаанд. «Бубин, ҳаваси гул карданаша!» Наздики тиреза рафт. Аз паси парда дида мешуд, ки зану шавҳар ҳанӯз хоб нарафтаанд. Як-як шину хези зан дида мешуд.

«Ғӯладинг, ман як одати бад дорам, -дар дил ба душманаш муроҷиат кард ӯ.- Кореро, ки дар пайаш шавам, то ба охир нарасонам, ором намегирам. Дилам тагурӯ мешавад, мисли деге, ки мечӯшаду мечӯшад. Кӯтоҳи сухан ин, ки туро мекушам. Медонӣ, ки айби худат шуд. Бубин, ба ҳамсоят, ки ба нағзӣ сухан кард, кордор нестам: то рӯзе, ки зарур аст, зиндагӣ кунад. Ту дилама чунон ранҷондӣ, ки то қиёмат намебахшамат. Дар ҳамон рӯзи ҷавоб ҳам аввал кордат мезанаму пас назди довар менишинам. Барои ҳамин ҳам вақтамро нагиру зуд баро. Ҳарчи тез корро анҷом диҳем, ба ту ҳам нағз мешавад. Чӣ даркор, ки мисли Азроили Амин соя барин аз пасат гардаму дар ягон ҷойи бекасу ноқулай каллатро гӯсфандбур кунам. Пас зани бӯшканусхаи биниғафсу бетамизу беарзишу бебаҳраат фолбин ба фолбин гардад: «шавҳарам зинда ё мурда? Аз дӯст шуд ё аз душман?» Худат медонӣ, ки ин ҷой амн, даруни ҳавлӣ, шаби торик, касе кордор не. Маро мегӯӣ «сволоч»: Сволоч худат, ҳаромӣ!..»

Дар ин асно дари хона боз шуду зан оби косаро берун пошид.

– Хӯрок мехурӣ? Заҳра хурӣ! Баро акнун! Ҳоло ки маҳтоб набаромадаст!- пичирос зад Мансур ва боз каме токат карду дигар беқарор шуд. Аз ҷо хест: «Аз афташ, аҷали ҳардуят расидааст...»

Садои ба шаст кушода шудани дар Мансурро маҷбур кард, ки дар ҷояш нишинад. Зану мард хандида пасу пеш болои зинаҳо баромаданд, чизе гуфтанду зан ба завқ хандид ва бо овози шунаво гуфт: «Не, рафиқ майор, аввал ман...»

Зан пойи бараҳна зинаҳоро фуромад; раҳорах пероҳани сафеди беостинашро боло бардоштаю турсукашро поён карда, онсӯтар аз Мансур дар ҷӯйе, ки ба ҷуворӣ об мерафт, шишта пешоб кард. Мегӯй, аз шаршараи вайрона об мерезад. Мансур нафасашро ба дарун дошт. Дар дил ба азизу авлиёи Самарқанд зорӣ мекард, ки чашми кофирзанро кӯр гардонанд. Ва аз афташ каромот карданд, ки зан ӯро надид. Ҳамчунон раҳорах дунбаи сафедашро ба фурча хоридаю пӯшонда, зинаҳоро баромада, ба ханда ҷониби шавҳараш чизе гуфта, ба хона даромад.

Ғӯладинг фақат турсӣ дорад, пои бараҳна зинаҳоро фуромада, дар ҷойе, ки зан нишаста буд, нигоҳаш ба тамошои осмони пурситора, рост истода шоша кард. Мардинаашро ба даст гирифтааст: гимезаш(чакрааш) қариб ба Мансур мерасад. «Либосамро бенамоз мекунӣ, занғар!» Мансур дами кордро боло гардонда, ба як ҷаҳиш худро ба ғӯладинг расонд. Ва ҳамоно гармии хунро дар дасту панҷаҳояш ҳис кард. Ғӯладинг овози пасте бароварду яктарафа хам шуд, ки Мансур аз китфаш дошта, даруни ҷӯйбор болои либосҳои пештар нишастааш хобонд ва корду панҷаҳояшро дар турсукаш пок кард, пас ҷониби пушти хона тоб хӯрда, аз девори пасти танӯрхона худро берун гирифт.

❄ ❄ ❄

– Ҳе, онаи зори ту муштамзӯра… Авлоди ту душманбачая…. Саидакбар, аз ақибаш дор, ман мезанам! – Сафари бародари Ҷаббор (ӯро барои қади дарозаш Сафари рабохун ҳам мегӯянд) бо як ҷавони кулчарӯ, ки Ҷовид ӯро намешиносад, дар кӯча пеши роҳи ӯро гирифта, таги мушту лағат мегиранд. Ҳоло дар тани Сафар он ҷомаи бенури дароз нест, куртаи аскарӣ дорад. Яқин кӯҳнаколои Сангов аст. Кулчарӯ аз оқиб доштааст аз вай бӯйи доруи дуст меояд. Амаки Мирзоумед ин гуна доруро ба гӯсфандҳояшон мезаданд. Мегуфтанд, ки канаро мерезонад. Сафар бо мушт ба сару рӯяш мезанад.Ҷовид рӯяшро бо панҷаҳояш пӯшондааст. Кулчарӯ ҳам муште ба паҳлӯяш кӯфт, ки Ҷовид ба замин афтид. Мушташ оҳан барин. Қариб дамаш ба дарун мезад.

– Ҳоло ҳамаи авлоди одамкушатро нест мекунам!-ҳайбата мекунад Сафар.- Замоне, ки барои шумоён гандум медаравидем, гузашт! Замони асптозиҳотон гузашт! Акаи Холбек дар чор тараф одам мондааст. Пагоҳ- фардо падари гурезаатро дошта, дар байни халқ ба дор мекашад.

Ин занукӯб ду дақиқа давом мекунад. Умарбек пайдо шуда, ӯро аз чангашон мераҳонад.

– Чӣ шуд? Чаро ин кӯдакро мезанед? – Умарбек Сафарро доштанӣ мешавад, ки вай ақиб меравад.

– Падараш бародарамро кушт, ман инро мекушам! Хун ба хун, -гуфт Сафар.

– Кӣ гуфт? Ҳанӯз аниқ нест, ки бародаратро кӣ куштааст? Гап-гап аст, ки ба падарат тую ман кардаанду падарат корд задаст. Ҳоло ҳарду арақхӯр-ку!

– Гапи дурӯғ! Аз ҷойи хобаш «раис дар берун интизор!» гуфта, кашола карда мебарорад ва дарро аз берун занҷир мекунад. Дар рӯйи ҳавлӣ ду корд мезанаду пас сарро бурида, болои шикамаш мегузорад. Ман писарашро ҳамин хел сар мебурам!

Умарбек намоишкорона аз миёнаш корд мекашад, ки бачаҳо мегурезанд.

– Як мӯйи ҳамин хешам афтад, биллоҳи азим, чокат мекунам!-Умарбек панҷ-шаш қадам тохта, тамоми овозашро сар дода фарёд зад:-Ҳоло падараш фаҳмад, элу авлодата сар мебурад! Вайро Мансури самарқандӣ мегӯянд! Дар вақташ Самарқанда ба дод оварда буд! - Ӯ баргашта лаби кафидаи Ҷовидро пок карда, дилбардорӣ кард:

– Гиря накун, мард дар кӯча теғ хӯрад ҳам, худро медорад. Қасдан падаратро ёдрас кардам. Кори кардааш ҳамаро тарсонд. Ҳолдонҳо мегӯянд, ки Остон аз тарс шабҳо хоб надорад. Ҳамон шаб падарат гӯё хонаи вай ҳам рафтаасту вай дар хона набудааст. Ё ин овозаро худи Остон паҳн карда бошад?.. - Умарбек дасти Ҷовидро гирифта, ба роҳ даромад. Ва раҳораҳ таъкид кард: -Кори шударо ба модарат нагӯй. Одами касала хавотир накун.

Ҷовид ба ҳавлӣ даромада, лаби ҷӯй рафта бо овози паст гиря карда, дар оби сард хуни лаб ва хуни ба куртааш рехтаро шуст. Сухани Сафар, ки «Холбек барои доштани падарат чор тараф одам мондааст» мегуфт, бештар аламовар буд. Хавотир мешавад, ки мабодо падарашро ёфта биёранд. Аввалин маротиба худашро бекасу нотавон ҳис мекунад ва тез-тез ба рӯяш об мезанад. Аммо гиря аз қаъри дилаш мисли чашмаи булуқ, ки обаш дар баҳорон зиёд шудааст, меояду меояд. Ҳангоми хестан назараш ба Баҳодур меафтад, ки рӯйи ҳавлӣ истода бо табассум сӯяш менигарад. Ин ҳолат як лаҳза давом мекунад. Солҳои гузашта дар хотираш зинда мешаванд ва баъдҳо ба фаҳмаш мерасад: «Рӯҳи бародар озору гиряашро дида, барои дилбардорӣ омадааст.»

Ҳамон рӯзҳо ҳаво тағйир ёфта хунук шуд. Рӯзи якшанбе шамол хеста аввал борон, пас барф борид. Дар андак муддат замин сафед шуду дар кучаҳо аҳён-аҳён одам менамуд. Тарафи бегоҳ Ҷовид ҳезум мешикаст, ки овози модар ба гӯшаш расид. Дид, ки ӯ кӯзаи об дар даст аз байни замин меояд. Об оварданисту наметавонад. Дилашро дошта хам шуда истодааст. Давида рафта кӯзаро аз дасташ гирифту, ҳамроҳ омаданд. Модар болои таксинҷ нишасту дилашро дошт. Рангаш сафед шудаю лабонаш парсин бастаанд. «Аз ҳамон рӯзе, ки Ҷаббор ҷомаи Баҳодурама пӯшид, сих задании дилам зиёд шуд,-гуфт.- Бар болояш сарам вазнин. Мегӯй осмони пурчангу ғубор аст».

Ҳаво сард бошад ҳам, модар таги яктаҳ баромадааст, муддате хомӯш ба дуриҳо нигаристу, бо ҳасрати бештар ба суханаш идома дод: -Аз падарат дарак нашуд.-Рӯзи омади урус маро болои суфа шинондаю ба тавраш аз ман розигӣ кард. «Зиндагии хуб гузарондем, фарзандҳои хуб тарбия кардем»,-гуфт. Он вақт чӣ фикрҳо ба сар доштааст... Мабодо урус барад гуфтаю дарди дилашро баён карда будааст...

– Шумо ба падарам чӣ гуфтед?-Ҷовид бехабар аз дили пурозору пурҳасрати модар рӯбарӯяш рост истода, табассум кард.

Модар аз табассуми фарзанд нерӯ гирифт. Дасташро ба сари ӯ ниҳоду гуфт:

– Суханҳои ман ногуфта монд. Суханҳои ман дар дилам як-як ҷамъ омада интизоранд. - Модар пас аз дақиқае илова кард: - Ӯ сари гӯрам меояд вале дигар маро намешунавад.

– Чӣ мегуфтед, гӯед!- бо гарданшахии кӯдакона исрор кард Ҷовид.

– Модар синчакорона ба рӯи писар зеҳн монда гуфт:

– Мегуфтам, ки шукри зиндагӣ. Шукри ҳар ҳарфу нафасе, ки бо ҳам гуфтаю гузарондем, шукри фарзандҳомон. Якешро гирифт, умри вайро ба ту диҳад.

Ҳарду муддате хомӯш монданд. Ҷовидро эҳсосу дилсӯзии модар раҳо намекунад.

Модар, нигоҳаш ба самте, суханро ба дигар сӯ бурд:

– Хоҳарама надидам. Мехостам як назар ҳамсояҳоро бинам. Бо онҳо нону намакхӯр будем.

Ба дили Ҷовид омад, ки баъд аз қатли Баҳодур чеҳраи модар аввалин маротиба кушода шуд. Пештар аксар вақт андӯҳгин ё ошуфта менамуд. Ҳоло ба назар бепарво ва ором аст. Пагоҳӣ ҳалвои нағзмедидаи Ҷовидро пухта овард. Камзӯлу рӯймоли маъракаравиашро пӯшидааст... Тарафи пешин холаи Зулайхо Ҷовидро аз кӯча даъват карда фармуд, ки зуд амаки Умарбекро пеш-пеш карда биёрад. Ҳангоме ки онҳо аз дар медаромаданд, модар дар сари сакарот буд. Ҷовид назди модар рафт. Вале истодан натавонист. Як назар чашмони калон кушодаашро диду дилаш ҳарос кард ва зуд берун баромад. Баъдҳо Ҷовид ин лаҳзаро ба ёд оварда дарёфт, ки он чо ҳузур доштани маргро ҳис карда тарсида буд.

Аз байн вақти бисёре нагузашта амаки Умарбек баромад ва дасташро ба сари Ҷовид ниҳода бо овози ларзон гуфт:

– Насиби умри модарат ҳамин қадар будааст, писарам...

Он кас сар шудаю мурдаро ҷаноза карданд. Ҷовид аз паси тобут мерафту суханони шаш моҳ пеш гуфтаи модар ба ёдаш меомад: «Пеш-пеши тобути бародар гиря мекардагӣ худат». Он вақт гиряаш наомада буд. Вале ҳоло аз паси тобути модар бо сӯзу алам гиря мекунад. Аз дари гӯристон медарояду вуҷудашро ҳам изтироб, ҳам ҳисси кунҷковӣ фаро мегирад. «Шояд падараш ин чо бошад!» Ба атрофи гӯристон назар андохт: не, касе наменамояд. «Баъдтар меоянд, намешавад, ки мурдаи модарамро набинанд». Ҳангоме ки назараш ба қабри Баҳодур афтод, ба овози баланд гиря кард. Аз он бародари меҳрубону шӯху ҷасур як тепаяки сарди назарногир мондааст. Дар атрофи қабр сангчаҳои сафед чидаанд. Ин кори модараш. Чанд субҳдам ин чо омада буд. Боз амаки Умарбек ба қабр фуромада, сангу кулӯххои афтидаро чиданд. «Саросема нашавед!»- гуфта таги сарро ҳамвор карданд. Ба назар мерасад, ки қасдан кашамола доранд. Аз афташ, он кас ҳам, шояд Мансур меояд, гуфта умедворанд. Аммо сари қабр ҷойи интизорӣ нест. Аз пас «зуд дасту по кунед!» гуфта мурдаро доданд. Ҷовид бекарор шудаю боз ба атроф зеҳн монд: не, касе нест. Фақат сангҳои хурду бузурги лаҳад ва бедҳои кухнасолро мебинӣ, ки навдаҳои имсолаашон хуб ҳам ҷавона задаанд. Ҷовид аз падар хафа мешавад ва дар дил ӯро таъна мекунад: «Ба шумо дигар гап намезанам!». Агар модарам медонистанд, ки шумо тарсончакед, нигоҳатон намекарданд. Ҳамсаратон намешуданд, фаҳмидед? Фаҳмидед?!» Ӯ назди қабр рафт, ки амаки Каромат ӯро намонда аз дасташ гирифт ва наздаш шинонд. Аз сари қабр, ки омаданд, холаи Зулайхо Ҷовидро хонаашон бурданд. Меҳрубон ӯро дида гиря кард. Ин дафъа барои марги Баҳодур не, барои сағера мондани Ҷовид мегирист. Ва минбаъд ба Ҷовид меҳрубонтар шуд. Агар Ҷовид ба коре ба хонаашон мерафт, ӯро танҳо намегузошт. Ва ҳар гоҳе ки Ҷовид рӯйи

ҳавлӣ чарх мезад, ба назараш менамуд, ки ҳоло модараш аз хона мебарояд ё аз лаби ҷӯй кӯзаи об дар даст намоён мешавад.

Ҳамон шабурӯзҳо дар деҳа мактаби маҳви бесаводӣ кушоданду ҳама хурду бузургро маҷбурӣ мактабхон карданд. Муаллим –ҷавони қадаш аз миёна пасттар, танаш гӯштдор ва сафедрӯ аз Самарқанд омадааст: ному насабаш Фаррух Асрорӣ. Аҳли хонаи Мирзоумед низ ба мактаб рафтанд. Ба ғайр аз холаи Гулмоҳ дигар ба ҳама мактаб маъқул шуд. Холаи Гулмоҳ дар муддати як сол ду ҳарфа ҷанг андохта хондан натавонистанд. Лекин ташаббусу миёнравӣ карда Меҳрубонро ба Асрорӣ улфат карданд.Баъди ҳашт моҳи мактабравӣ Асрорӣ тӯй карда Меҳрубонро ба занӣ гирифт. Баъди он Ҷовид ба Меҳрубон ошноӣ намедод.Асрориро ҳам бад дид. Ба саломаш ҷавоб намегардонд. Боре Меҳрубон ӯро ба зӯрӣ кашола карда хонааш дароварда, ба ҷайбаш қанду конфет андохта гуфт:

– Ҷовид, ту ягона бародарам ҳастӣ. Ту нишоне аз ишқи аввалинам... -Чашмонаш пуроб шуданду ба ҳасрат афзуд:-Магар ман гунаҳгорам?.. Ҳоло калон шавӣ, ҳамаашро мефаҳмӣ.

❁ ❁ ❁

Мисли санги бузурге, ки аз кӯҳ ғелида, ба кӯли об зада, онро ба ҳар тараф пош медиҳад, ҳамчунон инқилоб мардумро аз диёрашон берун кардаю ба ҳар сӯ парешон намуд.

Баҳори соли 1920, чун соли гузашта, бисёр заминҳо нокорида монданд. Мардум, ки аз гирудору банду зиндон тарсидаю монда шуда буданд ва ба оянда дилбастагӣ надоштанд, тухмӣ ҳам намонданд. Овоза шуд, ки аз Русия тухмӣ меоранд. Вале вақти кишт гузашту аз тухмӣ дарак нашуд. Асрорӣ, ки маоши хуб мегирифт, ба оилаи Мирзоумед ёрӣ мекард. Дар деҳа Умарбеку Каромат ва боз ҳашт-нӯҳ нафар миёнҳолон кам-кам кишт карданду халос. Ба Умарбек писарашон Шодибек аз Тошканд як халта тухмӣ роҳӣ кард. Ҷовид ба корҳои Умарбек ёрӣ кардаю гоҳе дар хонаашон хоб мерафт. Яқин ҳамон шабу рӯзҳо артиши сурх ба гуруснагӣ дучор шуда буд, ки баргузории разверсткаро ба роҳ монданд. Дар як рӯзи аввали тобистон, ки аз пагоҳӣ ҳаво дам буд, маъмурони комиссия ба хонаи амаки Мирзоумед, чун шағолон ба оғили гӯсфандон, ҳуҷум карданд. Бе салому калом як зардчашми калта ҷониби холаи Гулмоҳ пӯписа кард:

– Овоза ҳаст, ки шавҳарат шабона меомадааст. Ин даъфа, ки омад, зуд хабар деҳ, фаҳмо?

Хонаро тагурӯ карда, гандуму равғанеро, ки буд, ба ҳой-ҳойи занҳо нигоҳ накарда, ба аробаашон бор карданд. Зардчашм ду чакмани моҳутро аз дасти холаи Гулмоҳ ба силтав кашида, болои ароба ҳаво дода, ба ҳамроҳонаш фармон дод:

– Ҷома ёфтед, гиред!-Ва ҷониби хола пӯписа кард: -Ин чакманҳо барои аскарони сурх даркор, ки пӯшида шавҳари гумгаштаатро ёфта, тиршап кунанд, фаҳмо? Агар боз қурбоққа барин вақ-вақ кунӣ, худат ба ҷойи шавҳарат ба зиндон меравӣ, фаҳмо?

– Фаҳмогӯяки зард, на аз ту метарсаму на аз зиндонат!-холаи Гулмоҳ ҳам паст наомад.-Вақти гандумдаравию зағирдаравӣ миёни тую миёни инқилобат ҳарф карда буд, ки на гандум мондию на равған. Ва «хонаи золим сӯзад, бачаи золим мурад!» гуфта қасдан бо овози баланд наво андохт: «Хонаме-е, хонам-е! Сару миёни фаҳмогӯяк шиканад-е! Вой балам! Вой балам-е! Хонаамро рӯфта барои инқилоби сабилмондааш мебарад! Бала-ме, балам-е!..»

Он рӯз аз дигар хонаҳо низ овози нолаю шеван баланд шуд. Развёрстка мардумро бе буна ва бимзада кард. Яқин дар шаҳрҳо аҳвол бадтар аз ин буд, ки одамони гушназада ҳар рӯз гурӯҳ-гурӯҳ ба деҳаҳои атроф даромада, чизе барои хӯрдан пурсида, пас ҷониби болооби Зарафшон равона мешуданд. Бештарашон аз қавмҳои қазоқу қирғизҳои поёни Тошканд буданд. Таҳҷоиҳо аҳволи онҳоро дида метарсиданд. Аксар пойлуч ва пойҳояшон пур аз захм. Дасту рӯйҳо чиркину ҷо-ҷо задаю кабудшуда ва ҷароҳат баста, либосҳо дарида ва пурчангу хок, нигоҳҳо бенуру тарсхӯрдаву рамида.

Овоза меомад, ки ба хонаҳо даромада, толон мекардаанд. Дар роҳҳо ба мусофирон ҳуҷум мекардаанд. Аз ин рӯ мардум ҳар чизе доштанд, аз чашм паноҳ мекарданд.

Боре амаки Умарбек чор гилеми пашмини рангдодаро ба хар бор карда, Ҷовидро ҳамроҳ гирифта, ба деҳе, ки дар байни кӯҳҳои баланд қарор дошт, рафта ба як ҷувол гандум иваз карда баргаштанд. Дар якчанд ҷой одамони гушназада онҳоро зорӣ мекарданд, ки ақаллан як мушт гандум диҳанд. Вале ҳар дафъа Умарбек асояшонро ҷилва дода, харро сахт-сахт задаю ҳайбата мекарданд. «Дар роҳ борамро намекушоям!». Қариб чил нафар аз ақиб кашол шуда меомаданд. Амак гоҳ-гоҳ огоҳ мекарданд. «Ҳама набиёд! Ба ҳама диҳам, ба худам чӣ мемонад?» Вале касе аз гандум дил кандан наметавонист. Кас он гурӯҳро дида, ҳам раҳмаш меояд, ҳам дилашро ваҳм мегирад. Умарбек назди дарвоза борро фуроварда, ҷуволро рӯйи зинаи дарун монда, ба ҳамаашон ду муштӣ, баъзан тоқиашро пур карда гандум доданд. Ба ҳамсояҳои ба талаб омада низ ду муштӣ доданд: ними ҷувол холӣ шуд. Бисёриҳо ҳамон лаҳза, баъзе рост, баъзе нишаста, гандумашонро хӯрдаю роҳро давом доданд. Як қазоқи рӯяш моҳтоб барин гирда нақл кард, ки дар роҳи саргаҳи Зарафшон онҳо барин гуруснаҳо бисёр. Лекин мардуми Фалғару Масчоҳ хушкашон намемонанд. Қадре ҷав ё наск дода бо дилбардорӣ гусел мекунанд.

Дар деҳаи Найзаварон як қисми ками мардум ҷав ё мулк доштанду як навъ карда рӯзашонро мегузаронданд. Аксар решаи гиёҳҳои кӯҳӣ оварда, ҷӯшонда мехӯрданд. Ва шикамашон дам карда бод медод. Баъзе занҳо ва кӯдакон дар домани кӯҳ, то дастгире ёфтан, болои рег беҳолу бемадор меафтоданд. Модароне буданд, ки мисли бузи бачапарто ба кӯдаки худ нигоҳ намекарданд. Лекин баъде, ки тут сафед шуд, бачагала аз мурдан наҷот ёфт.

❁ ❁ ❁

Умарбек ними шаб Мансурро ба хонае, ки Ҷовид хоб буд, дароварда пилтачароғро даргиронд ва дарҳол паст кард. «Мо ин ҷо ҳамроҳ хоб мекунем»,-гуфт.

Мансур, чашмаш ба Ҷовид афтода, кӯдаки хобро ба бар гирифт. Китфонаш меларзиданд: «Бачаҷон, фақат ману ту мондем. Ду бетолеъ мондем» гуфта, аз сару рӯяш мебӯсид ва мекӯшид, ки оби дидааш ба рӯйи Ҷовид нарезад.

Умарбек нону ҷурғот оварда гуфт:

– Хуб кардед, ки дар бевақтӣ омадед, ин ҷо ҳоло ҳам шуморо мепурсанд.

– Тезтар меомадам, вале сари манзили раҳматии занам рафтам,-гуфт Мансур ва даҳонашро ба кафи дасташ дошта, ба сӯз гиря кард.

– Дар торикӣ манзили раҳматиро ёфтед?

– Дил манзили каси маҳбубашро меёбад.-Мансур рӯймоли миёнашро кушода чашмонашро пок кард.- Хок худаш имо мекунад, ки ёри гумшудаат инҷост. Бӯяшро ба димоғат меорад. Гармиашро ба баданат мерасонад. - Боз китфҳояш ба ларза даромаданд. Фурсате пас худро ором гирифту афзуд:-Раҳмат, Умарбой, ки сар шуда ҷанозаи он ғариби дар роҳ мондаро гузаронидед. Дар паҳлӯи Баҳодураш ҷой кардед...

Умарбек ҳам оби дида кард, «дар насибаш будааст» гуфту хеста барои чой рафт.

Мансур сари бараҳнаи Ҷовидро ҳар дам ба лабонаш наздик овардаю худро ором карданӣ мешуду наметавонист. Гашта-гашта нолиш баровардаю гиря мекард. «Мо аз ин ҷо меравем» мегуфту худро ором карда наметавонист.

Аммо Ҷовид аз дидани падар хурсанд буд. Ӯ ҳоло фаромӯш карда буд, ки падар қариб шаш моҳ боз ӯро хабар намегирифт, ба ҷанозаи модар наомад.

– Латофат ба ҷаноза омада буд?- бо оҳанги аввала пурсид Мансур.

– Баъди гӯру чӯб кардани модарам ҳамроҳи язнаам омаданд, каме истода рафтанд.

– Туро набурданд?

– Не, мебурданд ҳам, намерафтам.

Мансур аз бешафқатии духтараш хафа шуд. Ин ҷо ҳама бегона, кудака ҳамроҳат намебарӣ, гуфта фикр кард ва пурсид:

– Модарат касал шуда буд?

–Ҳар вақт дилашона медоштанд. Боре ҳамроҳ аз ҷӯйбор об овардему гуфтанд, ки падарат омаданд гӯй, ки модарам ба хурсанди шуморо ёд мекарданд. Мегуфтанд, ки ёри азизам буд. Ва боз гуфтанд, ки туро дар деҳа намонад ба шаҳр барад.

Умарбек ду коса шӯрбо оварда назди меҳмонҳо гузоштанд.

– Аз одамоне, ки бурданд, хабар доред? –пурсид Умарбек ва назди Ҷовид ҳам чойу нон ниҳод.

– Бойҳоро дар назар доред? Он ҷо баъзеро мепаронанд, бештарашон дар маҳбасхонаҳои шаҳранд. Гап-гап ҳаст, ки баъд аз соли нав ҳамаро Сибир мекардаанд. Сибирашон дар дасти ким-кадом Колчакашон будааст. Вай ҳам муқобил будааст ба инҳо. Ӯро зада Сибирро гирифтаанд ва минбаъд касеро душман кунанд, он ҷо роҳӣ мекардаанд, ки барояшон ҷангалбурӣ кунад.

– Душманатона аз он рӯзҳо нигоҳ дорад,-гуфт Умарбек ва пурсид:

– Мирзоумедро ҳам мебинед? Кадоме хабар овардааст, ки дар Бухоро хона харидааст.

– Як муддат дар Бухоро ҳамроҳ будем. Хона хариданашонро намедонистанд, бехтар буд. Ин ҷо чӣ гапҳо?

– Ин ҷо ба ҷои кумитаи инқилоб шӯрои маҳалла таъсис доданд. Ҳоло гапу харф дар дасти шӯроҳо. Чор -панҷ пойлуче, ки аскари сурхо омада калони хонашон монда буд, шӯро ҳамонҳо. Корашон дӯғу даранг кардану ҷамъ шуда арақ хӯрдан. Арақ хӯрда, катагӣ мекунанд, мисле ки кори шоён кардаанд. Мардум рафторашонро дида аз ҳукумати шӯро дилхунук шудааст.

– Нурмуҳаммади писари Файзмуҳамад нағз шуд?-пурсид Мансур.

– Вай бечораро худашон шаҳр бурда дар кадом беморхонае хобонда, сиҳат кардаанд, пас суд карда, шаш сол доданд. Хаташ аз кадом шаҳри Қазоқистон омадааст.

Мансур бо андоми гирифта муддате хомӯш монд. Аз афташ он рӯзҳои сиёҳи гузашта пеши назараш омаданд. Пас бо овози гирифта пурсид:

– Аз Нуралӣ ё Мавлонбой дарак нашуд?

– Не, дарак нест. Ду рӯз пеш Толиби писари Олимбой бо аскари сурхе, ки гӯё шинос будаанд, омада буд. Ҳама чизи онҳоро ҳам гирифта буданд. Аспаша дар дасти Сангов дида кашида гирифтааст. Гуфтааст, ки чизу чораамро аз хонаам бурдед... Асп ба худам ҳам даркор. Як шаб хоб рафта, ба модараш, баъдтар омада шумоёнро мебарам гуфта, рафтааст. Вай ҷавони баҳуш, роҳаша меёбад. Алҳол ҳамин гуна гапу корҳо. Худатон куҷоҳо гаштед?

– Дар ин музофот ҷойи нагаштаам намонд. Ба Бухорои исломии худамон рафтам, ки тасалло ёбам. Вале давлати исломиро чандин маротиба бадтару абтар ёфтам.

– Ин ҷо ҳам овозаҳо омаданд,-гуфт Умарбек: –Амир бисёр одамонро ба сабабе, ки ба ҷадидҳо ҳамроҳ будаанд, қатл кардааст.

Онҳо боз аз ину он суҳбат карданду Мансур гуфт:

– Қудо, ман ба инҳо душман шудам. Лекин ба шумо маслиҳати дӯстона ҳамин, ки ба ҳамонҳое, ки ҳукумат мекунанд, забон ёбеду зиндагиатонро пеш баред.- Мансур ҷониби дар назар андохту афзуд:.- Корҳои хуби ҳукуматро байни мардум таблиғ кунед. Ба гӯшашон мерасаду шуморо одами худӣ мегӯянд, шарики корҳошон мекунанд. -Ва суҳбатро қатъ карда хест.-Мо бояд равем.

– Ақаллан нагуфтед, ки куҷо меравед? Чӣ ният доред?-Умарбек аз тез хестани Мансур ҳайрон шуд.

– Амак, ман ҳамроҳи додом меравам,-хабар дод Ҷовид.

– Аллакай маслиҳатро пазондед?- Умарбек ба суханонаш оҳанги шухӣ дод.

– Дар замини Самарқанд дигар роҳамон намедиҳанд,- гуфт Мансур ва ба оҳанги дигар афзуд: - Дар хона каме либосвориҳои қимат буд, анҷомҳое, ки барои хонадоршавии Баҳодур тайёр карда будем ва ороишиҳои занона. Рӯзи омади урус ҳамаро дар сандуқ ҷой карда, зери девори каҳдон. таги чӯбу тахтаҳо паноҳ карда будем. Агар баъди як сол аз мо дарак нашуд, онҳоро гирифта, истифода кунед. Ман розӣ.

– Мансурбой, ин гапро нагӯед, моли ҳар кас ба худаш насиб кунад,-гуфт Умарбек.- Дар ин замона дигар ороиш ҳам ба дилат наменишинад.

– Як даҳон гуфтам, он тараф кори худатон. Аз он ки беҳуда нобуд мешаванд...

Мансур дасти Ҷовидро гирифта дар торикӣ аз ҳавлӣ берун шуданд. Ба тангкӯчаи паҳлӯи оғилҳо гузашта, аз байни хонаву заминҳои ҷаву боқилааш ба наздикӣ даравида тоб хӯрда, рӯбарӯи хонаи пристав омаданд.Он ҷо ду аспи баста менамуд. Марде садо карду дасташро ба китфи Ҷовид гузошта гуфт:

–Мо барои ту омадем. – Ин овози амаки Мирзоумед буд:

Ба роҳи калон баромаданду Мансур фикр кард, ки дар ин деҳа дигар чизе нест, ки онҳоро дорад. Ҳангоми омадан бо аҳли оила ва ду аспу як ароба асбобу анҷом омада буданд. Акнун ки меравад, як писар ҳамроҳаш мондааст. Чиз садқаи сар, ду ҷону ҷигару қувваи дилашро гум кардаю бо дили садпора меравад. Он вақт аз хонаи Самарқанд рафта буд, холо хонаи Найзаваронро монда меравад. Оянда чӣ воқеъаҳое интизораш бошанд? Аз замонаи хунрезу ояндаи номаълум дилашро изтироб зер кард.

– Аспро тезонед. зудтар аз деҳа дур равем,-гуфт Мирзоумед. Ва бинои нимвайронаеро нишон дода гуфт:-Ин дӯкони оҳангарии Маҳмуди мисгар буд. Дар баландтар осиёи маро дидед? Фақат деворҳояш мондаанд. Занам гуфт, ки Қодир болорҳоро кандааст. Ҳоло вай думраваки Сангов будааст замини Ҳақназарро. гирифта ба ӯ додаст. Он ҷо хона мепӯшидааст.

– Аз Маҳмуд ҳеҷ хату хабар ҳаст?

– Аз Қазоқистон хат кардааст. Он ҷо ҳам гуруснагӣ будааст. Дар як рӯз як маротиба моҳишӯрбо гуфта, хӯрок медоданду моҳиш набудааст.

Фурсате пас Мансур аз писараш пурсид.

– Ҷовид, аспро шинохтӣ? Безабон аз рафту омад дар роҳи Миёнкол монда шуд.

– Аспи Баҳодур, Миёнкол куҷо?

– Замини байни Самарқанду Бухороро Миёнкол мегӯянд. Дар қади ин роҳ шаҳрҳо ва деҳаҳо бисёранд.- Мансур пушти гӯшҳои аспро молиду афзуд: - Вақтҳои охир ба ӯ Рӯшан гуфта муроҷиат мекунам. Номи аспи пештараи Баҳодур. –Чанд харидор баромад, надодам.

– Надиҳед! Барои худамон меистад.- Мисли калонсолҳо маслиҳат дод Ҷовид.

Дере нагузашта субҳ дамиду атроф равшан шуд, роҳ аз байни дашти васеъ мегузарад. Дар тарафи рост, дар домани кӯҳҳо ҳар ҷо деҳаҳои хурд-хурд тӯл кашидаанд. Аз рӯбарӯ насими субҳгоҳӣ бӯйи шибоқи даштиро меорад. Ин бӯй ва равшании кабудранги субҳ рӯҳи касро болида медорад.

Мансур аспро маҳмез зада аз Мирзоумед пурсид:

– Корҳоро буд кардед?

– Ба ҷиянам Саидбек фармудам, ки пагоҳӣ зани хурдиро бо баҳонае ба Ургут биёрад. Онҳо, ки расиданд, мо ҳамон замон раҳакӣ мешавем. Ба зани калонӣ ҳам ваъда кардам, ки баъди се моҳ туро Саидбек ба Бухоро мебарад,- гуфт Мирзоумед ва лабханд карду илова намуд.-Дар хона одамони озуқагундор дусола хӯроки ҷамъкардаро бурдаанд, чакману ҷомаҳоямро ҳам бурдаанд, занғарҳо.

– Аз хонаи ман ҳам ҳамаро бурдаанд,-гуфт Мансур ва дар тасаввур оварда вақтеро, ки комиссия омада аз хонаи Баҳодур асбобу анҷомашро мебароран-

ду Бибигул ба корашон нигоҳ карда меистад. Дилаш шуввӣ карда рафт... Ин ҷафоҳо он мушти парро куштанд...

Ҳамсафарҳо дар дуроҳаи Ургут ҷудо шуданд. Мирзоумед ба Ургут рафту Мансуру писараш роҳи ағбаи Шаҳрисабзро пеш гирифтанд.

– Ман дар Шаҳрисабз як ошнои кӯҳна дорам, номаш Валиҷон,-Мансур дасти писарашро гирифта дошта истод. - Баъди ин гирумонҳо дусад гӯсфанд монда буд. Ду моҳ пеш садтоашро бурда додам, ки фурӯшад. Насиб бошад, пулро мегирему аз ақиб расида меравем. Агар маъқул шавад, мо ҳам аз Бухоро хона мехарем.

Шаб дар масҷиди деҳе, ки дар сари роҳ буд, хоб рафта, пагоҳӣ ҷониби ағбаи Китоб роҳ гирифтанд. Он рӯз аз пагоҳӣ шамол хеста, ҳаворо ғуборолуд карда буд. Заминҳои кишташон даравида ва боғҳои атроф дар зери пардаи чанг хира ва дилгир менамуданд.

Дар роҳ мардуми фирорӣ ва сафаракиҳо бисёранд. Яке тани танҳо нону обаш дар пушташ, дигаре гилему пӯстакаш дар улоғҳо бор, кӯдакҳо пиёдаю кашола равон. Ягон-ягон аспу уштурсаворон ҳам ҳастанд. Аз нигоҳи маҳзуну хастаашон маълум, ки ғаму андӯҳи бештар доранд. Инҳо мардуми доро ҳастанд, ки ночор хонаю дари зеборо партофта, ба ҷойҳои номаълум мераванд. Дар баромади ағба онҳо ба марди озодае вохӯрданд, ки бо аҳли байт ва аспу улоғҳои сербор сафар дорад. Саманди баландқоматаш бо давраи гулдӯзӣ, зинпӯши махмалин ва пешбанду пасбанди зарҳалдавонда оро дода шудааст. Дар ду уштури каҷова-баста зану фарзандҳояш савор.

Ҳангоме ки Мансур аз паҳлӯи уштур гузашт, чашмаш ба ду писараки сафедрӯ афтид; калонӣ ҳамсоли Ҷовид менамуд, ба ӯзбекӣ чизе гуфт, ки нафаҳмиданд.

Писарак нимхез шуда, ҷониби Ҷовид суханашро такрор кард:

– Ошно, ҷойимизни олматирайлик?[1]

– Мен сени урнингда булганда олмаштирмас эдим. Сени урнинг Сулаймон тахтидан ҳам баланд,[2] -гуфт Мансур бо табассум ва лаҷомро суст кард.

Дар маҳди дигар ҷавонзане бо либосҳои фохир менишаст. Дар бараш кӯдак дошт. Маълум, ки мард аз қабили дороён аст.

Мансур аспро тезонда, баробари мард шуда пурсид:

– Ҳамшаҳр, пурсидан айб не, сафар ба кучо?

Мард лаҷоми аспи тезшудаашро кашида, ба онҳо зеҳн монд ва мисле ки аз ҳамсуҳбат пайдо кардан хурсанд шуда бошад, кушодарӯ бо лаҳни шикастаи тоҷикӣ гуфт:

– Ба Қаршӣ равонем. Он ҷо як ҳафта меистему пас ба Бухоро меравем.

– Дар Қаршӣ хешҳо ҳастанд?

– Хеш несту ду сол пеш беки Қаршӣ ба Хӯқанд омада буд, шину хез карда шинос шудем.

---

1. Ошно ҷойҳоямонро иваз мекунем?
2. Ман дар ҷои ту мешудам ҷоямро иваз намекардам. Ҷои нишасти ту аз тахти Сулаймон ҳам баланд.

Дар сарурӯи мард гарди роҳ нишастааст. Худро хурсанд вонамуд кунад ҳам, дар қаъри чашмони зебояш осори ғаму андӯҳ аён аст.

– Аз Самарқанд баромадед?- пурсид Мансур.

– Аз Ургут меоем. Як сол зиёд шуд, ки аз Хӯқанд ба ин ҷо назди ошноҳо омада будем. Ният доштем, то яктарафа шудани балвои болшевик таваққуф мекунему пас ба ватан бармегардем, ки ин оташ рӯз ба рӯз алангааш бештару бештар шуд. Ночор роҳи Бухороро пеш гирифтем.

– Бахтатон баландӣ карда будааст, ки раҳо шудаед,-гуфт Мансур.- Лекин Бухоро ҳам чандон ором нест.

– Бухоро тобеи Русия не-ку. Бухоро амир дорад, аскар дорад. Фуқарояшро ҳимоя мекардагист.

– Кошкӣ ҳамту мешуд, -гуфт Мансур.-Ҳама фирориҳоро ҳамин андеша ба Бухоро мекашад.

– Бухороро дорулмулк, қуббат-ул-ислом мегӯянд,-афзуд мард.-Солҳои пеш ҳам Николайпошо Тошканду Самарқанд, он тараф то водии Фарғонаро гирифту фикри тасарруфи Бухороро накард. Яқин медонист, ки он ҷо макони бузургони дин, ватани муллою мударрисҳост, рӯйи хотир кард.

– Рӯйи хотир кард! -Мансур лабханд кард.- Андешаи бештари мардуми нодони мо ҳамин гуна содалавҳона аст.

– Андешаи шумо чӣ гуна аст?

– Дар айни замон гапи амири Бухоро ҳам аз урусҳо гурехтааст,- Мансур оҳанги суханашро ҳарчи дӯстона кард. -Ман ҳам пеш шумо барин фикр мекардам. Ду сол боз равуо карда Бухороро мисли кабӯтари дубома дидам. Он ҷо роҳу равиши давлатдориро консулхонаи Русия муайян мекунад. Амир Олимхон ҳаққи аз сухани онҳо берун шудан надорад. Балки кабӯтари себома. Дар баъзе мавридҳо уламо ҳам гапи худро мегузаронанд. Дигар ин ки, ба назарам, аз раъияти манғитӣ будан, раъияти давлати рус бошӣ, беҳтар аст. Русҳои пешомада одамони назарбаланди хуб доштанд. Дар замони онҳо касе гуноҳ мекард, хоҳ бой-хоҳ камбағал, пурсиш буд...

Марди хӯқандӣ ба ҷабинаш гиреҳ андохта, рӯйи зин яктарафа нишаст, аз ҷайбаш носкаду гирифтаю молиш дода, бо оҳанги накӯҳиш гуфт:

– Одамони хуб будаанд! Аз афташ хабар надоред, ки ҳангоми мухторияти Хӯқанд онҳо ба мо чӣ ҷабру ҷафоҳо карданд. Бо сарбозони дашнакиюни арман як шуда, хонаҳои мардумро толон карданд. Барои як табақ гандум хонаводаҳоро тир зада мекуштанд!

– Газетаҳои Самарқанд ин хабарро дода буданд,-гуфт Мансур. Ва ба хотираш кунгураи Хӯқанд омад, ки он ҷо болшевикҳо чӣ ваъзҳои назарфиребе мегуфтанд... Ҳама чиз аз они халқ аст, мегуфтанд. Ҳукумат аз они халқ... Бисмиллоҳашон номи халқ буд. Баъде, ки пойҳояшон ҷой гирифт, он гуфтаҳоро фаромӯш карда, ҳама хостаҳояшонро карданд. Ва ба ҳисси кунҷковӣ пурсид:- Мухторияташон чанд муддат давом кард? Ягон кори неки хотирмон карданд?

– Се моҳ ҳам тӯл накашид. Ягон коре аз дасташон наомад. Баръакс, ба сари мардум балоҳо оварданд. Гушнагӣ шуд, қаҳтӣ шуд. Куштору дуздию ғоратгариҳо шуд. То ҳол мухториятхоҳонро ба ҳар баҳона дошта ҷазо медиҳанд.

– Болшевикҳояшон бисёр баду бадкина менамоянд, ман дар назар дорам русҳои Оқпошшоро.

– Эҳ, ошно, рус ҳамааш як бало-дия. Вайҳо ҳам мисли ҳаминҳо золиму бадхӯй буданд. Чор сол пеш, аниқтараш, тобистони соли 1916 дар Ҷиззах бадаъмолие карданд, ки таърихи ин музофот ёд надорад. Замони ҷанг аст гуфта, андози «земский сбор»-ашонро зиёд карданд.Заводу фабрикдорҳояшон ҷангро баҳона карда, гоҳ маош медоданд, гоҳ намедоданд. Бар болояш ҷавонҳоро ба зӯрӣ ба хизмат гирифтанд. Мардум ба калонҳо, ба эшону аъламҳо шикоят бурданд. «Кофирҳо моро туземсӣ мегӯянд. Ба маъмуронашон мегӯем, ки аз Русия муҷикҳоятонро оварда, замин медиҳед, ба мо ҳам диҳед, мо ҳам раъияти шумоем, мегӯянд, ки «раъият будан кам аст, ба дини крестионӣ дароӣ, ҳам замин медиҳем, ҳам андозро кам мекунем». Дар ниҳояти кор ин арзу шикоятҳо дарё шуду ба сарашон рехт. Рӯзе халқ бо калтаку корду шоха ғун шуда, қариб панҷоҳ нафарро зада абгор карданд. Ёздаҳ нафар мурда шуд. Дар ҷавоб русҳо баталионҳояшонро тривог додаю ҷамъ карда, шаҳрро печонда, баъзеҳоро заданд, баъзеҳоро аз дами шамшер гузаронданд. Фармуданд, ки «саркардаҳоро ёбед!» Аммо дар он ҳин кӣ киро меёбад? «Ба шумо,чуркаҳо, ёғӣ шуданро нишон медиҳем!» гуфта, дами бист ҳазор аҳолиро дар чиллаи тобистон, зада-зада рамавор ба саҳрои беруни шаҳр ронданд.

– Панҷоҳ касро зада бошанд, рус ҳам хап намешинад,-оҳанги шухӣ кард Мансур.

– Ҳоло гӯш кунед,- афзуд мард.- Дар он арасот мӯйсафедҳо, занҳои кӯдакдор ҳам буданд. Аз сӯзонии хоку реги дашт поятро ба замин гузоштан наметавонистӣ. Аз ташнагӣ забонат ба комат мечаспид. Дар пеш дашти беохир, дар болои сарат осмони тафсон. Офтоб мисли парма ба мағзи сарат медарояд. Пеши назарат гоҳ сароб менамояд, гоҳ туман мешавад. Модарон фарзандҳояшонро гоҳ дар бар мегиранд, гоҳ яктаҳу рӯймол даронда, ба пойҳошон мепечанд. Кӯдакон об гуфта мисли чӯҷа беҳол шуда, дар пеши чашмат ҷон медиҳанд. Модарон ҳоли фарзандонро дида ҳар гоҳ беҳуш мешаванд. Дар ҳар қадам пиракиҳо беҳолу бемадор шуда, меафтанд. Онҳоро зада-зада хезонда пешандоз мекунанд, боз меафтанд. Боз мехезонанд, то даме ки дигар хестан натавонанд. Рӯйи даштро мурда мегирад. Маъмурон ба умеде, ки дар он дӯзах туземсиҳо аз саркардаҳо ёдрас мешаванд, аз пӯписаашон намемонданд: «Дигар рӯйи хонаю даратонро намебинед»! Хуллас, мардум ҷон медиҳанд, лекин ангушти ишорат ҷониби муллою эшон намебардоранд.

– Аз шӯриши Ҷиззах як овоза рафт. Лекин чунин шуданашро нагуфтанд, зуд хомӯш карданд, - гуфт Мансур.

– Бале, зуд гандагиашонро пӯшонданд. Дар газетаҳошон «саркардаҳои шӯриши Ҷиззах ба ҷазо кашида шуданд» гуфта, иктифо карданд.

– Вақеъаҳоро худатон дидед, ё шунидед?-пурсид Мансур.

– Ҳангоме ки ин воқеъа руй дод, ман дар он ҷо будам. Ба тӯйи амакбачаам рафта будем. Амакам дар замони Худоёрхон дар Ҷиззах ҳоким будааст. – Мард, гӯё рамуз мегирифта бошад, ба Мансур зеҳн монд ва бо оҳанги дигар афзуд:- Ман хоҳарзодаи Худоёрхон мешавам, номам Абдуллохон.

– Мардуми Фарғона Худоёрхонро таъриф мекунанд,-гуфт Мансур.- Дар замони он кас мадрасаҳои номӣ, растаҳою корвонсаройҳо сохтаанд. Наҳри калони сохтаашонро дидам. Дарозиаш сӣ километр. Қариб ними Фарғона аз он об мехӯрад.

– Оқсаройро ҳам дидед? Кас аз тамошояш сер намешавад, -гуфт Абдуллохон ва илова кард:-Тағом писарашонро тӯй карда, ба мардум чор моҳ ош доданд. Ҳар рӯз дусад дег палав мепухтаанд. Тамоми овозхонҳои Мовароуннаҳр ҷамъ омаданд. Аз туманҳо ҳар рӯз даста-даста аъён меомадаанд. Эҳ, чи рӯзҳое буд... -Абдуллохон аз бағалкисааш носкадуи ялақосиеро бароварда, молиш дод.

– Бале, ин қиссаҳоро мо дар Фарғона шунидем,-гуфт Мансур ва аз дилаш гузашт, ки кошкӣ амирони манғит ҳам чунин ободониҳо мекарданд. Не, фақат тилло ҷамъ кардаю дар хазина паноҳ медоранд... Ӯ ба андешаи кунҷковӣ пурсид:-Давлати мухториятхоҳон поянда мешуд, хуб буд?

– Баъзеҳо мегуфтанд, ки як давлти исломии Туркистон мешуд, хуб буд, баъзеҳо мегуфтанд, ки ҳеҷ хубӣ надошт, - гуфт Абдуллохон.-Ӯ ба ҳамроҳонаш, ки харҳои бордорро ҳой-ҳой карда, ҳадаҳа доштанд, назар андохту ба суханаш идома дод: -Ҳамон воқеаҳои наҳс дар Хӯқанд авлоди моро нест карданд.- Ду холабачаамро дар гушнагиҳои соли гузашта шахсони номаълум хонаҳояшон даромада тир заданд. Се хешамон омад-омади болшевикро фаҳмида, роҳи Кошғарро пеш гирифтанд. Баъд хабар фиристоданд, ки ин тарафҳо пури гурезаҳои русу турку тоҷик. Хусусан гурезаҳои қирғиз бисёр будаанд.Зиндагиашон ба сахтиҳо мегузаштааст. Хуллас, дар Хӯқанд аз як авлоди номдор фақат ману як писараммаи касалиам мондем. Ва баъде, ки аз таги кори болшевик огоҳ шудем, ман ҳам тарки ватан кардам.

Мансур назари бад доштани мусоҳибашро нисбат ба мухторияту воқеаҳои атрофаш рӯйдода ҳис карду дигар пурсуҷӯ накард. Аспи пешипохӯрдаашро пошна зада ба сафаракиҳои аз поёни ағба гурӯҳ-гурӯҳ меомада ишорат карда, пурсид:

– Инҳо ҳама Бухоро мераванд?

– Бале, аксар Бухоро мераванд, ҷониби Бойсуну Ҳисор мерафтаҳо ҳам ҳастанд,- Абдуллохон ҷомаашро кашида ба пеши зин партофт.-Мо дина шаб дар ҳамвории таги ағба аспу улоғҳоро дам додаю аз суҳбаташон фаҳмидем.

– Чӣ рӯзе ба сари халқ омад,-гуфт Мансур ва лаҷомро ба Ҷовид дода, худ пиёда шуд. Фикр кард, ки се сол пеш, ҳангоме ки бо рафиқаш Низомҷон шаҳрҳои Фарғонаро тамошо мекарданд, мардуми назарбаланду меҳмоннавозаш хурсандаш карда буданд. Мефаҳмиданд, ки аз Бухороянд, меҳрубонии бештар мекарданд. Он солҳо гадо душмани гадо гуфтагӣ барин, ҳарчанд байни амирон кинаву адоват вуҷуд дошт, аммо байни халқҳо як меҳрубонӣ ва хешу табории бостонӣ риоят мешуд.

Онҳо муддате хомӯш роҳ рафтанду Мансур пас гашта бо табассум гуфт:

– Ҳоло паноҳ ба Худо, бародари азиз. Насиб бошаду дар Бухоро вохӯрем, суҳбатро давом медиҳем.

Рӯз ним нашуда сафаракиҳо ба сари ағба баромаданд. Шамол ин ҷо бо шиддат мевазад. Вале хунук нест. Дар бероҳа се нафар мардони тануманд

бори харҳоро дуруст мекунанд. Мансур пуштанги аспро суст карда, муддате ба гунбазҳои осмониранги шаҳри Самарқанд, ки чун аз паси туман намоёнанд, зеҳн монд, пас ҷониби писараш озмоишкорона нигариста гуфт:

– Ба шаҳри азизи мо боз боди хазон рӯ овардааст. Ин бод чӣ қадар гӯю гардиш мекунад?.. Як сол? Даҳ сол?.. Дар мадраса устоди таърихдоне доштем бо номи Мавлоно Сайфиддин. Он кас мегуфтанд, ки саду ҳаштод сол пеш туркҳои атроф ин чаманзорҳоро майдони аспдав карда будаанд. Тирамоҳ мешуд, ду-се маротиба ҷониби шаҳру деҳоти мо сарзер шуда, бо шӯру валвала ба хонаҳо даромада, ҳосили ҷамъовардаро мерабудаанд. Касе пеши роҳашонро мегирифт, шамшербур мекардаанд. Халқ мудом дар гуруснагӣ мезистааст. Вале ақли ҳокимони шаҳрҳои Миёнколу Бухоро ва дигар ҳамсоякишварҳо намерасидааст, ки ҳама як тан шуда пеши ҳуҷуми душманро бигиранд.Оқибат мардуми Самарқанд ба ҷон омада, хонаю дари бобоиро тарк карда, ба кӯҳҳо паноҳ бурдаанд.

– Подшоҳи мо артиш надоштааст, ки онҳоро занад?-Ҷовид чашмонашро калон мекушояд.

– Артиш доштааст ё не, напурсидам. Худат калон шавӣ, таърихро хонда мефаҳмӣ. Ин қиссаро барои он гуфтам, ки насли шумо гузаштаро донаду нависаду ҳар вақт хондаю аз гузашта сабақ гирифта, дигар шавад, аз мо беҳтар шавад.

Ба роҳ даромаданду Мансур суханашонро идома дод:

– Деҳе, ки дар поёни ағба дидем, номаш Амонқутан аст. Аз он деҳа ин тараф ба давлати Бухоро тааллуқ дорад. Дар назди деҳа сарҳадбонони амир меистанд. Ба ном сарҳадбону корашон роҳзанию ғоратгарӣ.

Роҳи ин қисми ағба сарнишебтар меравад. Онҳо дар самоворхонае, ки дар байни ағба қарор дошт, чошт хӯрданд. Даруну берун пури одам. Дар атроф, дар сояи дарахтҳо ва харсангҳо мусофирон ҷой гирифта, улоғҳояшонро дар наздашон бастаанд. Баъзеҳо худашон оташ гиронда чой мечӯшонанд. Мансур низ ҳамвориеро интихоб карда, аспро баст ва ба гарданаш даст бурда бо овози шунаво гуфт:

– Рӯшан, ба Шаҳрисабз ки расидем, йему хӯрокатро медиҳам.Худат медонӣ, он ҷо Валиҷон, рафиқам, зиндагӣ мекунад. Каҳу ҷаваш фаровон, чи қадар, ки хоҳӣ, нӯши ҷон мекунӣ.

ФАСЛИ ДУЮМ

Дар Самарқанд, дар ҷое ки пештар гарнизони жандармҳои Русияи подшоҳӣ воқеъ буд, ду сол боз ситоди ҷабҳаи Туркистон қарор дорад. Рӯзи 17 июли соли 1920 тарафи бегоҳ дар штаб маҷлиси махфии сардастаҳои ҷабҳа барпо шуд. Ба маҷлис сардори бригадаи 11-уми савораи мустақар дар Самарқанд майор Чернов Александр Николаевич низ даъват шудааст. Бригадаи ӯ тахмин чорсад қадам дуртар аз ситод дар наздикии боғи сердарахте ҷойгир аст. Онҳоро як моҳ зиёд шуд, ки аз Фарғона ба ин ҷо овардаанд. Ва дар ин муддат Чернов мушоҳида кард, ки аз Самара, атрофи Уралск, Моварои Каспий ва дигар ҷойҳо ҳар гуна ҷузъу томҳоро оварда, ба ҷабҳаи Туркистон ҳамроҳ кардаанд.Полкҳоро бештар дар маҳаллаҳои руснишини дар қади роҳи оҳан қарордошта ҷой додаанд. Аллакай дар миёнаҳои моҳи июл ҷабҳа бо аскар ва ҳамагуна силоҳи замонавӣ таъмин ва тайёр шуда буд. Ин гирумону тайёриҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки юриши Бухороро тезонданианд. Ӯ вориди толор шуда дид, ки сардастаҳо аз Хӯқанду Тошканд, Когон ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна низ омадаанд. Ва ягон-ягон сардастаҳои ношинос ҳам ҳастанд. Толор пур аст. Вақтҳои охир дар ин тарафҳо чунин ҷамъомади калон нашудааст. Нигоҳаш ба ҷонишини командири полки 7-уми тирандозӣ Николай Бондаренко афтиду рафта дар паҳлуяш ҷой гирифт. Пеш онҳо дар Фарғона бар зидди Шермуҳаммаду (Куршермат) Эргаш Қӯрбошӣ якҷо меҷангиданд. Чор моҳ пеш онҳоро ба Қаршӣ интиқол доданд.

Дар паси мизи пешгоҳ сардори штаб подполковник Андреев Фёдор Матвеевич, марди мӯйлабдори чеҳрааш банур, нишастааст. Чернов ҳанӯз дар замони ҷанги Колчак аз рафиқон шунида буд, ки Андреев ёздаҳ сол дар армияи подшоҳӣ хизмат кардаасту ду сол пеш бо хоҳиши худ ба тарафи сурхҳо гузаштааст. Ва гӯё Фрунзе ба он сабаб ӯро ба худ ҷонишин карда, ҳамроҳ гирифта мегардад, ки таҷриба ва роҳу равиши кори сарлашкарони номии русро ба ӯ меомӯзондааст.

Лейтенанти сафедрӯе, ки дар пушти лабаш нахӯд барин хол дошт, дар девор харитаи дуюмро меовехт, ки дар он аморати Бухоро нақш ёфта буд. Андаке пас сардори ҷабҳаи Туркистон Михаил Фрунзе даромад. Ҳамроҳаш комиссари дивизия Шестак Давид Абрамович ва чор-панҷ нафар коргарони штаб низ ҳастанд. Фрунзе риш мондааст. Ӯ чеҳраи гирдаи осиёӣ дорад. Дар нигоҳ ва гирумонаш як шукӯҳмандии хоси сарлашкарӣ мушоҳида мешавад. Колчаки номиро ки ба сад ҳазор аскар шикаст дод, номи ин ҳам дар забонҳо афтид. Ба Чернов, ки дар қатори пеш менишаст, чашмаш афтиду аранге табассум кард. Онҳо ҳамшаҳрианд, аз Пишпек. Фрунзе ду-се сол аз ӯ калон аст. Дар замони подшоҳӣ, падарҳояшон баъди хизмати ҳарбӣ, муқими он шаҳр шудаанд.

Чернов дар донишкадаи шаҳри Ивановский мехонд. Боре ба таътил омаду дар сухбати ҳамдарсон нафаре хабар дод, ки Михаили писари Василйи табиб (Василий баъди ба нафақа баромадан ба гиёҳдармонӣ машғул будааст), ки дар донишкадаи политехникии Петербург мехондааст, ба сабаби ба инқилобчиёни шӯришгар ҳамроҳ буданаш ба маҳкама кашидаанд. Модараш гиря карда гуфтааст, ки ин молдавани падармонанд (Фрунзе аз тарафи падар молдавӣ аст) медали бародарашро фурӯхта, ваъда карда буд, ки ба артиш даромада ҳатман чунин медал гирифта, оварда ба ҷояш мегузорад. Ҷувонимарг ҳам пули медалро хӯрду ҳам ба маҳкама афтид. Пас муддате гузашту овоза омад, ки Михаил дар маҳкамаи Иркутский бо полис даст ба гиребон шуда, ҳукми қатл гирифтааст. Баъдтар гуфтанд, ки ӯро авф карда, ба маҳкамаи Сентрали Николаев фиристодаанд. Боз овоза шуд, ки Михаил ҳангоми фирор ба даст афтодааст ва ӯро ба маҳкамаи Манзурка, ки атрофаш кӯлу ботлоқҳои касногузар доштааст, бурдаанд. Чор-панҷ сол гузашту аз ӯ хабаре набуд. Чернов дар ин муддат донишкадаро хатм карда, ба фабрикаи шаҳри Ивановский ба кор даромад. Аввал муҳандиси одӣ, пас сардори яке аз сеҳҳои калон шуд. Дар замони ҷанги ҷаҳонӣ фабрика нағз кор мекард. Аммо дар ин давраи гирудори инқилоб ҳама дарҳам -барҳам шуда рафт. Корхонаҳо аз кор монда, вайрону валангор шуданд. Хусумати дорою фақир, падару писар ҳамсоя ба ҳамсоя чун оташ ҳамаро фаро гирифт. Дар вайронаҳои Русия ҳукумати Шӯро ба вуҷуд омаду охири соли 1917 ноҳияҳои атрофро ба шаҳр пайваста, губернияи Иваново-Вознесенский таъсис дод. Боре Александр Черновро ба маҷлиси Губком даъват карданд ва ӯ дар раёсати маҷлис Фрунзеро дида, фаҳмид, ки Фрунзеи ҳамшаҳриашро сардори губерния таъйин кардаанд. Пештар дар кадом шаҳре сардори милиса будааст. Гӯё гурӯҳе шуда жандармҳоро аз бинои кориашон берун карда ҷояшонро гирифтаанд. Фрунзе дар ҷамъомади серодами Губерния дилпурона ва бо қатъият сухан мекард. Ва ҳамон вақт Александр мушоҳида кард, ки зиндонҳои Сибир Михаилро дар ҳақиқат инқилобчии ленинӣ кардаанд. Ӯ дар ҷамъомад аз бадбахтиҳои ба сари халқ овардаи ҷанги граждани, замони яккаподшоҳӣ ва ба охир расидани давру давронаш сухан кард, сафедҳоро хуб наҳ заду сурхҳоро таъриф кард. Аз ҳар тараф хестаю суханашро буриданд: «Заводу фабрика аз они коргар гуфтеду ҳамаро вайрону фатарот ва бесоҳиб кардед! Шумо нағз бошед, фабрикаҳоро ба кор дароред! Ду сол шуд, ки мо гурусна, кор нест, маош нест!» Фрунзеро мичча хам нахӯрд. Оромона ва бо ҳамон оҳанги қатъӣ бадоҳатан гуфт: «Шумо медонед, ки пахта дар чангалҳои атрофи Москва нест, ки ба вагонҳо бор карда бароятон биёрем. Дар сиёҳзаминҳои Русия ҳам намерӯяд. Пахтаи бо шартнома гирифтаи мо дар анборҳои Тошканду Фарғона пӯсида хоб рафтааст. Пахтаи аморати Бухоро ҳам хоб рафтааст. Азбаски армияи Колчак роҳро соҳибӣ кардааст, онро оварда наметавонем. Агар ҳиммат доред, ҳама хезед, ман пеш медароям, меравему фронтро зада пахтаро бор карда, меорем фабрикаҳоро ба кор медарорему фарзандҳоямонро аз гуруснагӣ мераҳонем. Дар он шаҳрҳои офтобӣ ба ғайр аз пахта гандум ҳам ҳасту ҳазорон намуд мева ва ҳар чизе хоҳед...» Фрунзе бо оҳанги таъна бо як густохии далертарошона сухан мекард. Гурусна ба шер мезанад, тамоми толор хест, ки ба ҷанги Колчак меравем. Фрунзе ҳам

дигар фурсати истиҳола кардан наёфта, гуфт, ки касе силоҳ дорад, ҳамроҳ гирад, надоштаро таъмин мекунад.

Ҳаваси ба шаҳрҳои гарму гандумдошта рафтан тамоми ҷавонони губернияро беқарор кард: худашон омада ба гурӯҳҳою полкҳо номнавис мешуданд. Калонсолон меомаданд. Чунки дигар роҳи зиндагӣ намонда буд.

Ду полк сарбоз ҷамъ шуд. Воқеъаи руҳдода ба Маскав мисли марҳам даво шуд. Чунки Колчак бо армияи садҳазора Уфаро гирифта, ҷониби Маскав ҳаракат дошт. Ба полкҳои навтаъсис сару либоси гарм ва силоҳ доданд. Дарҳол қатораҳо ташкил кардаю полкҳоро ба Самара, ки штаби фронти шарқӣ он ҷо мустақар буд, оварданд. Фрунзе сардори армияи 4-ум таъйин шуда омад. Баъдтар сардори ҷабҳа таъйин шуд.

Баҳори соли 1919 барои Александр Чернов, ки ӯ ҳам худро номнавис карда буд, ҳаёти сахти сарбозӣ, ҳаёти пайваста ба хун ва куштору ваҳшониятҳо ва нодиданию ногуфтанию ношуниданиҳо шурӯъ шуд.

Чернов банди андешаҳо аз он ки Фрунзе ба вай муроҷиат мекунад, бехабар монд.

– Шумо дар полки Попов будед?-дубора пурсид Фрунзе.

– Дар ротаи Погорелов,- Чернов аз ҷояш хест.

– Погорелови ҷанҷолӣ, ки мехост мудом ротааш дар сафи пеш бошад?- Фрунзе хандид ва ҷониби лейтенанти холдор, ки ҳанӯз харитаро ба девор насб мекард, нигарист.

Бондаренко дасташро болои зонуи Чернов ниҳода, пичирос зад: «Шиносатро гӯй, зуд унвони полковникӣ диҳад.»

– А-ҳа, генералӣ,-тамасхур кард Чернов ва ба хотираш омад, ки бо Фрунзе бори аввал дар Самара ҳамсуҳбат шуда буд. Офтобшин бо Пётр ном сарбозе суҳбаткунон аз паҳлӯи вокзал гузашта, дар гӯшае хирмани вагонҳои партофтаю шикастаро диданд. Ногоҳ Фрунзе мошинсавор он ҷо омад. Ҳамроҳаш сардори роҳи оҳани Уралск марди рӯйдарозе, ки рангаш сап-сафед менамояд низ буд. Ӯро ба шиддат мазаммат мекард, ки чаро вагонҳоро ин ҷо тела кардаеду мегӯед, ки вагон нест! «Ба шумо ду рӯз вақт – фармуд ӯ ба ҳамроҳаш. –Ҳамаи ин вагонҳоро таъмир карда ба кор медароред, вагарна ба суди инқилобӣ дода мешавед!» Фрунзе дар сари сина медал дошт. Ба хотири Александр медали бародарро фурӯхтаю ба модар ваъдаи баргардонданро карданаш омад. Чернов худро ба Фрунзе шиносонд. Гуфт, ки падарашро дидааст. Фрунзе ба ин хабар чандон эътибор надод. Ва баъдан афзуд, ки овозаҳои дар маҳкамаҳои Николаевскию Манзурка афтиданашро шунидааст, чеҳрааш кушода шуд ва ҳамзамон виқормандона гуфт:

– Мо чанд маҳбасхона дидем; ҳар яки онҳо бароям як академия буд. Мо дидем, ки подшоҳу атрофиёнаш дар он маҳкамаҳо ҳама озодмардону ватандӯстони Русияро тела карда будаанд. Романовҳо дусад сол боз номаъқулиҳо мекарданд. Вале даҳ нафарро зиндон мекарданд, бар зиддашон сад нафар шуда мебаромаданд. Онҳо мисли чӯбе буданд, ки дар мағзаш оташ афтодааст. Об зада хомӯш кунӣ ҳам бадтар боз аланга мезанад. Дунёи гардон. Акнун замоне омад, ки мо онҳоро ба он зиндонҳо тела мекунем. Чунон тела кунем, ки дигар рӯзу рушнои

набинанд. Шумо дар ин кори азим заррае сустӣ накунед! Маҳкам истодаю давлату давронро ба дасти худ гиред!

Ин чунон худписанд шудааст... – фикр кард Чернов. – Ин тоифа бӯи ҳукуматро фаҳмид-дия.

Баъде ки ҷудо шуданд, Пётр андешаманд қадам зада гуфт: «Фрунзе дар ҳақиқат болшевики ленинӣ менамояд. Маҳкамаҳо дилашро лабрези кину адоват кардаанд. Худо аз инҳо паноҳ диҳад.»

– Лекин овозаш сарҳангмонанд не, - гуфт Чернов. –Шулдирроси доираҳои мардуми осиёбарин.

Ҳамон сол дар Уфа зимистони қаҳратун омад. Кучое қадам монӣ, барфу ях, гуруснагӣ: ҷанговарон либоси гарм ки надоранд, зуд-зуд касал мешаванд. Фронт аз Самара то Уралск кашол ёфтааст. Баъзе афсарону сарбозҳо, сардастаҳо, ҳатто полкҳо ба тарафи сафедҳо ё сурхҳо мегузаранд. Баъзе армияро партофта меравад. Фрунзе омада ҳамроҳи сардори штаб Андреев бо як дастаи муҳофизон зуд фронтро чарх зада баромад. Бо Маскав гапзанон карда, ба аксари полкҳо сару либоси гарм оварда. Таъмини хӯроку силоҳро беҳтар кард. Вагон-вагон пулемёту пушка оварда. Аз тарафҳои Сибир ва Дон полкҳо омаданд. Ҷавонони таҳҷоиро ба хизмати ватан сафарбар карда, қисмҳо ва ротаҳои нав ташкил кард. Хуллас, фронти шарқиро, ки дар марҳилаи фаноишавӣ қарор дошт, аз нав эҳё карда, ҷанги зидди Колчакро тезонд. Нагузошт, ки ӯ аз дарёи Волга гузарад. Агарчи ин корҳо ба ишораи Андрееви таҷрибадор шуданд, худаш ҳам дар он рӯзҳо ғайратмандию ҷасорат нишон дод. Баъзан мешуд, ки дар ҳолати душвор мондани полкеро дида, ҳамроҳ шуда, ба ҷанг медаромад, ҷанговаронро рӯҳбаланд мекард. Боре дар ротае, ки Александр Чернов дар он хизмат мекард, кори аҷиб шуд. Сардори рота Иосиф Пагорелов марди қадкалтаи бакитфубозу ва ҷангҷӯй (кораш омад кардаю якчанд ҳуҷумҳои бомуваффақият гузаронда буд) ҷониби сардори ситод ситезманд шуд: «Чаро ротаи мо дар лаҳзаи душвор дар ҷойи аввал будаасту ҳангоме ки паради гарнизон мешавад, аз ақиб меомадаст? Сабабашро Фрунзе омада фаҳмонад!» Сардори ситод, атрофиён, ҳарчанд «Иосиф, беақлӣ накун,» гӯянд ҳам, зӯъм карда, ба суханаш истод ва намонд, ки рота ба парад барояд. Фрунзе аз вокеъа хабардор шуда, омад: гарнизонро қатор кард ва бо лаҳни муассир чунин гуфт:

«Ба чунин даъвату ҷамъомадҳо омадани сардори армия шарт нест. Ман назди ҳамяроқонам, ҳамчун як коммунист омадам, то огоҳ созам, ки аз талабу таҳдиди касе наметарсам. Суди подшоҳӣ ба ман ду маротиба ҳукми қатл дод. Вале натавонист, ки аз роҳу равишам гардонад. Шумо хуб медонед, ки дар армия тартибу низом набошад, он армия ҳам худашро мехӯрад, ҳам ба ватан иснод меорад. Ва ҳамчунин медонед, ки давлати Шӯравӣ ба чунин бетартибӣ ҳеҷ гоҳ роҳ намедиҳад! Огоҳ мекунам: минбаъд касе ба чунин моҷароҷӯиҳо ҳангома мекунад, паронда мешавад».

Чернов ҳамон вақт мушоҳида карда буд, ки ин тоифа баҳри пешбарии инқилоб аз ҳеҷ қабоҳат рӯ намегардонанд.

Пас аз он ки армияи Колчакро задаю роҳро тоза карданд, худи Фрунзе ба Тошканд омада, вагонҳои пахта ва гандумро бор кард ва фармуд, ки дар та-

наи вагонҳо нависанд: «Аз Фрунзе ба губернияи Иваново–Вознесенский!». Ин кораш ба пешвоҳои инқилоб, хусусан ба Сталин, ки аз гуруснагӣ раҳонидани губернияҳои марказии Русия ба ӯ вогузор шуда буд, сахт писанд омад.

Дар раёсат Чернов ва Андреев дақиқае ба ҳам гуфтугӯ карданд, сипас Фрунзе аз ҷо хеста, ҷиддӣ ба сухан шурӯъ кард:

– Рафиқон, дар ин маҷлис чизе навиштан ва ё ишорае кардан манъ аст. Ҳар сухан ё фармонеро, ки мешунавед, фақат ба хотир мегиред ва то лаҳзаи саршавии амалиёт ба кассе гуфтаю, ҳатто байни ҳамдигар сухане радду бадал кардан мамнӯъ аст.

Ӯ ба коғази дасташ назари кӯтоҳе афканда, бо садои баландтар афзуд: -Аввал мехоҳам каме дар бораи иқтисоди Бухоро ба шумо маълумот диҳам. Дар як сол даромади аморати Бухоро аз молиёт то сӣ миллион танга аст (бист танга баробари як тангаи тилло қимат дорад). Пахтаи ҷамъ меоварда зиёда аз ду миллион пуд аст. Ва ин пахта аз ҷиҳати сифат дар ҷаҳон беҳтарин ба ҳисоб меравад. Аморат сию шаш заводи пахтатозакунӣ, панҷ заводи рӯғанбарорӣ, ҳаждаҳ заводи хишт дорад. Бухоро ҳар сол ду миллион дона пӯсти қарокӯлӣ ба даст меорад. Бухоро абрешим, тилло, газу нафти зиёд дорад. Муҳимтар аз ҳама, офтобу обу саҳроҳои ҳосилхез дорад. Ва хазинаи асрҳо ҷамъоварӣ кардаю таҳ ба таҳ хоб рафтаи тилло дорад. Фақат худи амир як миллион гӯсфанди қарокулӣ дорад ва заминҳояш беҳисобанд. Яксаду сӣ корвонсарой, зиёда аз сад бозор ва рамаю галаҳои аспу уштур дорад.

Фрунзе таваққуф карда, даст ба риши кӯтоҳаш бурд ва табассум кард. Нигоҳаш баръало мегуфт: «Акнун фаҳмидед, ки дар пеш чӣ гапу кор ҳаст? Мо на фақат барои ёрӣ омадем. »

Чернов нигоҳашро аз Фрунзе намеканд. Фикр кард, ки Фрунзе дар ҳақиқат марди ҷанг шудааст.

– Аз ҳама муҳим, ин ҷо рӯҳониҳо зиёданд,-афзуд Фрунзе.- Махдуму мавлоною шайху э-ҳе! Ҳама дар динашон мустаҳкам. Маро мефаҳмед?-Яқин суханаш чунин маъно дошт:-«Ин тоифаро ҳам аз роҳ бартараф мекунед.»

Фрунзе суханашро идома дод:- Аз кишварҳои атроф ба Бухоро омада, хонда мулло мешаванд. Ҳатто аз Қошғару Хутану Афғонистон меоянд. Дар Пишпеки мо касе, ки дар Бухоро хонда бошад, муллои калон аст.

– Касофати амир даҳ панҷаро ба даҳон карда будааст,-касе аз толор овоз баланд кард.

– Акнун ба қисми масъалаи асосӣ мегузарем,-афзуд Фрунзе.-. Коммунистҳои Бухоро ба Шӯрои инқилобии Фронти Туркистон муроҷиат кардаанд, ки армияи сурх ба шӯриши озодихоҳонаи мардум ёрӣ расонад. Шумо медонед, ки амирони Бухоро дусад сол аст, ки мардумро дар панҷаи зулму беадолатиҳо нигоҳ медоранд. Як кишвари пурсарват дар дасти як гурӯҳи дуздпеша, нолоиқ ва айёш. Бештари халқ дар бенавоию қашшоқию бесаводӣ зиндагӣ дорад. Ба амир Олимхон ҳафт-ҳашт сол аст, ки донишмандону озодагони халқаш «ислоҳот кун, ислоҳот кун!» мегӯяд. Ин девори қиёмат на ин ки ислоҳот намекунад, балки ислоҳотхоҳонро таъқибу таъзиб мекунад. Ҳатто хонаҳошонро подшоҳӣ кардаю гирифта ба дигарон медиҳад. Аз ин рӯ қарзи инсонӣ ва байналмилалии

мост, ки ба халқи мазлуми Бухоро ёрӣ расонем. Чунон ки дар Русия ҳама бойу буржую айёшро аз беҳу бун барканда, давлати озоди коргару деҳқон сохтем, дар ин Туркистони ақибмонда низ бояд чунин кори савобро анҷом бидиҳем! Имрӯз ба ҳама маълум аст, ки Бухоро такягоҳи онҳое шудааст, ки душмани ашаддии Давлати Шӯравӣ мебошанд. Собиқ бойу буржуйҳои Туркистон, як қисм гвардиячиёни сафеди аз Русия ронда, баъзе генералҳои замони Николай, ки аз мансабу манзалат афтодаанд, ба умеди қасос ситонидан дар атрофи амири Бухоро ҷамъ омадаанд. Маслиҳатчиҳо аз Германия, аз Туркия меоянд. Фақат дар худи Бухоро армияи савораи амир ҳашт ҳазор, армияи тирандоз ҳафт ҳазор, 32-тӯп ва 12-пулемёт ҳаст. Пулемиётчиҳо бештар русҳо мебошанд. Аз рӯйи хабари разведка дар корвоне, ки ба наздикӣ аз Ҳиндустон омадааст, панҷоҳ уштур туфанги англисӣ будааст. Ин «бор»-ро давлати Англия ба пули қарз равон кардааст. Амир бо давлати Эрону Афғонистон дар бораи дар вазъияти ҷанг бо ҳамдигар ёрӣ додан шартнома бастааст.

Фрунзе назди харита рафту Чернов аз ақиб ба танаи гӯштгирифтаи Фрунзе зеҳн монда, фикр кард, ки Михаил даруну беруни давлати амирро хуб омӯхтааст. Ҳатто чанд пулемиёту пулемиётчӣ дорад, медонад. Устодаш, ки Андреев шуд...

Фрунзе ба харита ишора карда афзуд:

– Қувваи асосии амир дар Бухоро, Чорҷӯй, Қаршӣ ва Шаҳрисабз ҷойгир аст, ки бояд ҳар яки шумо инро дар хотир дошта бошед.-Ӯ лаҳзае хомӯш шуду аз Андреев пурсид:

– Фёдор Матвеевич, ҳама масъалаҳоро гуфтем?

– Деворро ҳам хотиррасон кунед,-афзуд ӯ.

Фрунзе бо тасдиқ сар ҷунбонд ва илова кард: - Бояд шумо донед, ки қувваи дигари амир, балки қувваи асосиаш девори Бухорост, ки онро на тӯп зада метавонад, на пулемёт. - Албатта мо рафти амалиётро дида он тарафи корро боз маслиҳат мекунем.- Ӯ коғази дарозкардаи Андреевро гирифту бо оҳанги мутантан суханашро идома дод:- Бо назардошти ин гуфтаҳо фармон медиҳам!

– Бригадаи 3-юми тирандози фронти Туркистон, полкҳои 5-ум ва 8-ум, ду отряди мусулмонии вокеъ дар Чорҷӯй, батереяҳои 2-юм ва 3-юм, полки савораи 16- ум, ҳамчунин отрядҳои дар қалъаҳои Каркӣ ва Термез қарордошта дар вақти таъйиншуда шаҳрҳои Чорҷӯӣ ва Кароқӯлро ишғол намуда, тамоми роҳҳоро то стансияи Яккатут зери назорати қатъӣ қарор диҳед! Ҷамъи роҳгузарҳоро таҳқиқ кунед! Гумонбарҳо дастгир шаванд! Сарварии ин гурӯҳ ба рафиқ Новиков Георгий Василевич вогузор шавад!

– Полкҳои 10-ум ва 12-уми тирандози фронти Туркистон, полки 1-уми савора, ротаи 16-уми аз Уралск омада, полки 1-уми алоҳидаи мусулмонӣ, полки алоҳидаи таъйиноти махсуси тирандозӣ, полки 4-уми савора, поезди зиреҳпӯши рақами 28, се мошин - батареяҳо, аэростат ва дигар қисмҳои дар Когон ва атрофбуда бояд баробари шунидани хабари табаддулот дар Чорҷӯйи Кӯҳна қисмҳоро ба сӯйи Бухоро равона кунанд ва бо зарбаи қатъӣ тамоми қувваҳои ҳукумати амирро маҳв созанд! Нагузоред, ки душман заррае барои муқобилият имкон пайдо кунад! Барои аз ҷиҳати маънавӣ маҳв кардани душман аз тамо-

ми усулҳои ваҳмангез бояд истифода бурд! Сарварии ин гурӯҳ ба дӯши рафиқ Климов Иван Димитриевич гузошта шавад.

– Бригадаи 11-уми савора, ротаи 15-уми аз Уралск омада, батареяи савораи кӯҳгард, ротаи инженерӣ, қисмҳои мусулмонии аз Фарғона омада ҳамчун полки 7-уми тирандозӣ, дастаҳои сарҳадии дар ағбаи Китоб будаи амир қисмҳое, ки дар шаҳрҳои Китоб, Шаҳрисабз ва Қаршӣ ҷойгиранд, зада, роҳро зери назорат гиранд ва ба сӯйи Бухоро ҳаракат кунанд! Сарварии ин гурӯҳ ба души рафиқ Чернов Александр Николаевич вогузор шавад.

Қувваҳои эҳтиётӣ, полки 6-уми тирандоз ва полки 3-юми алоҳидаи савора, батареяи 3-юм дар мавзеъҳои муайян супориши маро интизор мешаванд. Оид ба дастгир кардани амир ва аъзои ҳукуматаш супориши махсус мешавад. Вақти амалиёт ки фаро расид, рӯзу соаташро ба шумо хабар медиҳем.

Дар толор пашша пар намезанад. Оҳанги гуфтор ва қувваи номбаркарда ҳамаро моту мабҳут карда буд.

Фрунзе рӯймолча бароварда арақи рӯяшро пок кард назди миз омада, андозагирона ба толор нигариста, бо оҳанги таъкид афзуд:-Рафиқон сардастаҳо, ба гӯш ҳалқа карда гиред: барои ман аз ҳама муҳим ҷасурӣ, ҷасурӣ ва боз ҳам ҷасурист! Ҷанг раҳму дилсӯзӣ надорад.

– Қувваи мо ҳам кам набудааст.- аз акиб овоз дод Климов.- Босмачиҳои амир як рӯз ҳам ба мо тоб оварда наметавонанд.

– Ҳоло боз қувваҳо ҳастанд,-Фрунзе маънидорона табассум кард ва пурсид:

– Климов, чанд вақт шуд, ки дар Чорҷӯй ҳастед?

– Се моҳ шуд, рафиқ сардори ҷабҳа.

– Омӯхтед забону урфу одати мардумро?

– Забонро не, лекин ба урфу одат шинос шудам. Дар Бухоро будам. Он ҷо хонҳо зиёд, муллою махдуму эшону ҳоҷиҳо бисёр. Ва аҷиб, ки аксар ҷадидҳоро бад мебинанд. Тарафдорони давлати шӯравиро «ҷадид» меноманд.

– Дар масъалаи ҷадидҳо...-Фрунзе таваққуф кард ва ба оҳанги дигар афзуд:- На ба ҳамаи онҳо эътимод кунед. Беҳтараш ҳамон кореро кунед, ки ба фоидаи инқилоб аст.

Ӯ ба ишораи «сухане доред?» ҷониби Андреев нигарист.

– Як чизро хотиррасон мекунам,-гуфт Андреев ва аз ҷояш хест.-Ин мардум ҳама гуноҳро мебахшад, аммо ба зан ё духтараш нигаред, ҳаргиз намебахшад. Мисли мор аз пасатон гашта, оқибат заҳрашро мерезад. Ҳеҷ гоҳ ба хонаи барои занҳо ҷудокарда надароед. Ин сухани маро ҳамчун фармони ҷабҳа ба гӯш гиред.

Ҳама берун баромаданду дар саҳн, назди ниҳолаки беди паҳлуи бино, байни Фрунзе ва Чернов чунин гуфтугӯ баргузор шуд:

– Хуб, гап зан, рафиқ майор, ту кай боз дар ин тарафҳо?- Фрунзе бо нимтабассум ба Чернов зеҳн монд.

– Нӯҳ моҳ шуд, рафиқ сардори ҷабҳа,-гуфт Чернов. -Порсол дар даромади Уралск захмӣ шуда, дар беморхона қариб як моҳ хоб рафтам. Аз он ҷо ба штаби Туркистон, ба Самара роҳӣ карданд. Як ҳафта мунтазири шумо шудаму пас сардори штаб Андреев маро ба Самарқанд фиристод. Гуфт, ки он ҷо гарнизони мост. Ман бароят як взвод сарбоз равон мекунам; боқӣ худат ҷавонҳои

«боғайратро ёфта, рота ташкил мекунӣ. Коммунистҳои Самарқанд ёрӣ медиҳанд, пас ротаро ба полк табдил медеҳӣ».

– Офарин ба Фёдор Матвеевич!-Фрунзе табассум кард.-Ин хуб аст. Аксари командирҳои номдор худашон сарбоз ҷамъ карда полк ташкил мекунанд. Ин мисли он аст, ки таҳкурсии иморатро худат мепартоӣ.

– Бале, ман ҳам рота ҷамъ кардам ва дар Фарғона, ки бар зидди босмачиҳо ба ҷанг даромадем, инро дарк кардам,-гуфт Чернов ва фикр кард, ҳангоме ки Фрунзе дар маҳбасхонаҳо буд, мардуми Пишпек дар ҳаққаш бадгӯиҳо мекарданд. Ҳоло ҳама бо ифтихор номашро мегиранд. Фарзанди диёр гуфтаю хуб таъриф мекунанд. Офарин, дар кораш ки суботу пойдорӣ кард, марди номдор шуд.

– Ҳангоме ки ту ба Самара омадӣ, ман дар Масква будам,-гуфт Фрунзе.-Хуб, дар ин муддат боз чӣ мушоҳидаҳо дорӣ? -Ӯ синчакорона ба Александр зеҳн монд.

– Мушоҳида ҳамин, ки душмани асосии мо эшону муллоҳоянд. Ташвики зидди моро дар байни мардум ҳамонҳо мебаранд. Баъзан эшонҳо то сесад нафар, ҳатто зиёд, шогирд ё, ба гуфти худашон, мурид доранд. Як бригадаи ҷангӣ барин.

– Мушоҳидаат илмӣ, –хандид Фрунзе.-Хонадони эшонҳо мисли гармхонаи кирмакпарварист. Кори инқилоб ҳамин, ки ин гармхонаҳоро барҳам занад. Тарзи зиндагии якрангу бенуру бефурӯғу пӯсидаи шарқро дигар кунад.

Фрунзе сӯяшон омадани Андреевро дида, саросема афзуд:- Гӯш дор, Саша, ротаҳои 15-ум ва 16-умро аз Уралск аз армияи 4-ум овардем. Ту медонӣ, ки онҳо чи гуна сарбоз ҳастанд. Таҷрибаи ҷангии баъзеҳо аз дах сол ҳам зиёд аст. Ротаи 15-умро ба бригадаи ту медиҳему 16-умро ба полки якуми савораи Климов. Шояд ҳангоми ба Бухоро ворид шудан лозим шавад.

❁ ❁ ❁

Баъди як ҳафта, соати яки шаб, сардастаҳоро боз ба маҷлиси ситод даъват карданд. Ин даъфа мутасаддии баргузории ҷамъомад худи сардори ситод подполковник Андреев Фёдор Матвеевич буд.

Чернов, ки полкаш аз штаб дур набуд, вориди саҳн шуду дар зери равшании хираи фонусҳои дар симчӯбҳо насб карда, ташвишу тараддуди коргарони ситод, сарбозони бо анҷомҳои сафарӣ қатористодаро дида, дилашро ҳам изтироб ва ҳам як хурсандии номаълум фаро гирифт. Ду рӯз пеш, ҳангоме ки ротаи 15-умро қабул мекард, пай бурд, ки бозӣ дар арафаи шурӯъ аст. Аммо ба ин тезӣ баргузор шуданашро чашмдор набуд. Ӯ сардастаҳои гурӯҳашро ҳамроҳ гирифта омад. Аз сардорони взводҳо фақат Пётр Загорскийро даъват кард. Онҳо ҳанӯз аз ҷангҳои Уфа ба ҳам шинос буданд. Нақл кард, ки ватанаш деҳаи Каменнойи назди Петроград аст. Дар донишгоҳ дар шӯъбаи таърих мехондааст, ки ин бесарусомониҳо шурӯъ шудаанд. Вай ҳам каме ин тараф - он тараф калавида, пас ҷониби сурхҳоро гирифтааст. Взводашро ду ҳафта пеш аз ҷабҳаи шарқӣ ба бригадаи ӯ гузаронданд. Ду рӯз пеш боз бештар ба ҳам наздик шуданд. Ташаб-

бус аз ҷониби Пётр шуд. Аз ошхона баромадану Загорский пурсид: «Александр Николаевич, декабрист Чернов бобоятон мешаванд?»

Александр андак даступо хӯрд. Баъди ба Ивановский омаданаш ин саволро касе ба ӯ надода буд.

– Бале, Чернов Николай Димитревичи декабрист, бобоям,-Александр озмоишкорона ба чеҳраи мусоҳибаш зеҳн монд.

– Эҳ, офарин!- Загорский аз хурсандӣ чун кӯдак суп-сурх шуд.-Ман ҳамеша орзу доштам, ки ба яке аз наздикони декабристҳо вохӯрдаю пурсам, ки онҳо чӣ нақлҳо мекарданд, чӣ одат доштанд?

– Нақлҳо асосан ҳамонҳое, ки дар китобҳо дар бораашон навиштаанд.

– Худатон он касро дидаед? Ба шумо қисса мекарданд?

– Қисса мекарданд. Ҳангоме ки бобоям вафот карданд, ман ҳафтсола будам. Нақлҳояшон дар хотирам ҳаст.

– Онҳоро мегӯед?- Пётр аз мусоҳибаш чашм намеканд.

– Ба ту чӣ даркор он нақлҳо?

Пётр бештар сурх шуда гуфт:

– Мехоҳам дар бораашон роман нависам.

– Ачиб. Аз рӯи шунидаам, дар бораи декабристҳо чанд нафар китоб навиштаанд.-Чернов табассум кард ва синчакорона ба Пётр зеҳн монда афзуд: -Нияти хуб, вақт шавад, қисса мекунам.

Дар равшании ду лампаи чилуми болои миз пешонии васеъу арақкардаи Андреев намоён аст. Ӯ рост истода дар ҳудуди панҷ дақиқа бо оҳанги гиро ба мазмуни зайл сухан гуфт:

– Дар Бухоро шӯриш сар задааст! Халқи солҳо ҷафокашида занҷири ғуломиро канда, бар зидди амиру атрофиёнаш байрақи озодиро барафрохт. Тибқи фармони рақами 3504 аз шаби 28-уми август ҷабҳаи Туркистон бо ҳама ҷузъу томҳояш ба ҷанг медарояд, то ки ба мардуми Бухоро баҳри ба даст овардани озодӣ ёрӣ расонад. Шумо бояд ба назар бигиред, ки мо якбора, дар як рӯзу як лаҳза ба шаҳрҳое, ки қувваҳои асосии амир он ҷо мустақаранд ва ҳамзамон ба шаҳри Бухоро зарба мезанем! То ки душман маҷоли сар бардоштану муқобилат кардан пайдо накунад. Рафиқ Фрунзе барои ичрои ин супориш ба мо ду рӯз вақт додааст. Рафиқон, сардастаҳои ҷабҳаи Туркистон, имрӯз умеду нигоҳи ҳамаи халқи Русия ҷониби шумост! Шумо саҳроҳои Дон, даштҳои Уфаю Урал ва Хеваро тай карда, то остонаи Бухоро расидед. Умед аст, ки ин марзро ҳам мардона убур кардаю номи худро дар авроқи инқилоби бузурги таърих абадӣ сабт мекунед! Бигзор он ғазаб, он неруи бузурге, ки дар дили коргару деҳқон бар зидди амирону истисморгарон ҷамъ шуда буд, имрӯз аз дилҳо чун вулқон берун омада, ба шумо мададгор шавад!. Бигзор ашки ятимону дардмандон, ки асрҳо боз ҷамъ шудааст, чун селоб ҳамраҳи шумо бошад! Аз Худованд илтиҷо мекунам, ки дар ин роҳи хайр дастгиратон бошад!

Андреев сурх шуд ба мӯйлаби сиёҳаш даст бурд. Яқин ба хотираш омад, ки болшевикҳо ба забон овардани номи Худоро хуш надоранд. Чернов ҳолати Андреевро пай бурда табассум кард. Андешид, ки ин марди майдонро кораш

ҳам зебосту суханаш ҳам. Чунин роҳбар доштан хурсандат мекунад, барояш худата ба обу оташ мезанӣ.

Лейтенанти пушти лабаш холдор, ки дар ҷамъомади гузашта дар толор харита меовехт, омада ба Андреев чизе гуфт. Фёдор Матвеевич ба ӯ эътибор надода, Черновро боздошта афзуд:

– Рафиқ майёр, гурӯҳи шумо хӯроки якрӯза ҳамроҳ мегирад. Рӯзи дуюм таъминоти ҳарбӣ аз пас мерасад. Минбаъд анбори силоҳ ва озуқа дар Қаршӣ ҷойгир мешавад ва аз ҳамон истифода мекунед. -Ӯ аз ҷояш хест, ки лейтенант бо овози баландтар пичиррос зад:

– Рафиқ подполковник, се бор аст, ки аз роҳи оҳан занг мезананд, мегӯянд соати бист гуфтед, баъд хабар омад, ки соати як меоед, боз соати се...

– Кай меоем, кори роҳи оҳан не, - Андреев сухани лейтенантро бурид.-Кори онҳо интизор шудан!-Ва раҳораҳ афзуд: - Зинҳор, дар бораи бурдану овардани қисмҳои ҳарбӣ бо телефон ҳарфе нагӯед!

Чернов аз рӯйи тачриба фаҳмид, ки барои махфӣ доштани корҳо қасдан вақти ба сафар баромадани поездҳоро тағйир медиҳанд. Ҳатто бо телефон чизе гуфтан манъ будааст.

Саҳари 27-уми август бригадаи Чернов, инчунин батареяи кӯҳгард, ки ҳафтае пеш аз ҷабҳаи шарқӣ оварда буданд, пасу пеш аз бошишгоҳашон берун шуданд. Ротаи инженерӣ ва ду отряди мусулмониро ду соат пештар равон карданд. Дами субҳ садои пойи аспҳо то дуродур танинандоз мешавад. Вале мардуми Самарқанд ба дарою барои аскари рус чандон эътибор намедиҳанд. Дар чойхонаҳо бафурча чой нӯшидаю хулосаҳои шарқиёнаи хешро хоҳанд гуфт: «Се сол пеш дар ин кӯчаҳо жандарму саллотҳои подшоҳ бо салобату шаҳомати бештар дарою баро мекарданд. Даври яке гузашту даври дигаре расид. Инаш ҳам мегузарад.»

Пас аз он, ки бригада аз шаҳр баромад, ҳаракатро тезонд. Роҳи беруни шаҳр пур аз чангу хок аст. Аз паси чанг дар рубарӯ заминҳои ҳосилашон ғундошта ва боғҳои ҷо-ҷо дарахтҳояш зардшуда, силсилаи кӯҳҳои тирафоми Зарафшон намудоранд. Чернов фикр кард, ки дар паси он кӯҳҳо чӣ кору воқеъаҳо онҳоро интизор бошанд? Дар Фарғона ба мушкилӣ давлати Шӯроро барқарор карданд. Ҳол он ки Фарғона дар итоати Русия буд. Аморати Бухоро ҳам ҳарчанд бе гуфту фармони Русия ҳаққи ҳал кардани бисёр масъалаҳоро надошт (баъди шартномаи Зирабулоқ дар соли 1868) ба ҳар ҳол давлати алоҳида аст. Бахусус ду соли охир, ки подшоҳ Николай барканор шуду Русия ба ҷанги дохилӣ гирифтор гашт. Аз рӯйи овозаҳо, амир Олимхон ба ҷанг хеле тайёрӣ дидааст. Аз ин рӯ, ин ҷо кор боз мушкилтар хоҳад буд. Бухоро барои тамоми мардуми Осиёи Миёна шаҳри илм, шаҳри муқаддас ҳисоб меёбад. Ва ҳаводоронаш ҳатман ба ҳимояти он хоҳанд хест. Фрунзе, ки инро медонад, қувваи зиёд овардааст ва хуб кардааст. Кош ин гирудорҳои номаълум зудтар ба охир мерасиду ӯ ба фабрикааш бармегашт. Касби дӯстдошта ва зиндагии орому осудаашро давом медод. Пазмони кӯрпаи гарми хона бӯйи равғану овози мисли шув-шуви об дастгоҳҳояш шудааст. Ҳафтаи гузашта аз занаш хат гирифт. Навиштааст, ки писар мактабрав шудаасту аз падар дараке нест. Ва боз навиштааст, ки амакам

(дар назар дорад падари Александр Николай Черновро) вақтҳои охир «зуд-зуд бемор мешаванд. Ақаллан як ҳафта меомадӣ».

Ба хотири Чернов омад, ки баҳори соли гузашта ӯ низ ба қатори ҳамкорон худро ба ҷанг номнавис карду пеш аз сафар ба Пишпек омад, ки бо пайвандон дидорбинӣ карда, фотиҳа гирад. Ҳамагӣ ду рӯз истод. Боре сари қабри бобояш рафтанд.

– Бобоят чӣ қадар ба ту ҳавас дошт!.. -ёдовар шуд падар.

– Ба ман мудом конфет меовард,-гуфт Александр. Ва ба хотираш омад, ки рӯзҳои пирии бобояшро нағз дар хотир дорад. Дар пиронсолиаш ҳам зарани ва чусту чолок буд. Овози базарда дошт. Таги дарахтони ҳавлӣ даст ба пушт қадам зада, рафиқони зиндониашро ёд карда, чунин суханҳо мегуфт: «Агарчи шумо умри азиза дар банду завлонаҳои пӯлодин дар Сибири сарду сангин гузарондед, вале он рузгору ҷафоҳош афсонаи ширине шудаанд. Олимон аз он афсона мегӯянд, китоб менависанд. Шоирон шеъри беҳтаринашонро мегӯянд овозхонҳо онҳоро месароянд. Он шеърҳо суруди дӯстдоштаи халқамон шудаанд Ана чи сару садо дод он зиндагии азизони ман. Садои тундар дод! Борони найсон бирехту Росияи ношустаро озода кард, он зиндагии азизони ман!»

Онҳо чанде қадам заданду падар ба оҳанги ғолибият афзуд:-Саша, писарам, бобоят дар байни авлоди мо мисли чароғ аст. Касе фаҳмад, ки фарзандони ӯ мебошем, ба мо ба чашми дигар менигарад. Аммо ин нангу номро ӯ ба чи ивазе ба даст овард?- Ӯ таваққуф карду ба суханаш идома дод:- Аслан декабристҳо ҳамаашон мисли чароғанд. Чароғҳои замини Рус! - Ӯ оҳи дароз кашид: - Аммо ин Русияи паҳновар ва сарду тира ҳеҷ не ки роҳашро ёбад. Ин ошӯби яҳуду болшевик хезонда якбора аз будааш ҳам мононд.-Ӯ ист карда ба рӯи писараш дида дӯхта боз:- Ба ин ошӯб худи бойҳо ҳам қуш будаанд, гуфту даст афшонд.

Александр ба падараш, ки миёнаш хам задаю дастонаш дар кисаи нимтанааш сархам мерафт, зеҳн монд ва барои тассаллои дилаш гуфт:

– Шояд оянда хуб мешавад.

– Вайронию гуруснагию бесарусомонӣ ба ҳаддест, ки ба фардо эътимод нест.-Падар ба сухани ӯ эътибор надод.- Одамон бо як сухан ё амали ночизе мисли саг ба ҳам дармеафтанд. Дар замини Русия ҳеҷ гоҳ чунин воқеаҳо рух надода буданд, тимсолашро ин мардум надида буданд.

...Онҳо ба дари қабристон расиданду назари Александр аз дур ба қабри бобояш бархӯрд ва мисле ки ӯро дар рӯбарӯяш дида бошад, эҳсоси ифтихору фараҳмандӣ дилашро лабрез кард. Теппаи болои қабр ба замин яксон шудаю он ҷо дар лавҳи чӯбине навишта шудааст: «Декабрист Чернов Димитрий Николаевич -1803-1889».

Ба хотираш омад, ки бобояш аз рӯзҳои дар зиндонҳои Сибир пушти сар кардааш нақл карданро нағз медид. Ва худаш ҳам ба чунин қиссаҳо гӯш доданро дӯст медошт.

Он рӯз онҳо дар ин бора дигар сухан накарданд. Падараш чӣ фикрҳое дар сар дошт, Александр намедонист. Аммо худаш он амалу рӯзгореро, ки бобояш аз сар гузарондааст, муқаддас мешумурд. Ва он рӯзҳо, ки оташи инқилоб аланга мезаду хушку тар месӯхт, намедонист ба падар чӣ ҷавоб гӯяд. Ҳоло агар рӯбарӯ

оянд, мегуфт, ки падар, бобоям орзуи зиндагии сазоворро дошт. Вале чӣ илоҷ, ки он роҳ аз байни майдонҳои ҷангу куштору лавҳаҳои хунолуд ва чашмони гирёни занону кудакон мегузаштааст...

Ин дам ду сарбоз аспҳоро лука дода, аз назди Чернов гузашта рафтанд. Яке куртаашро кашидаасту китфаш асари ҷароҳат дорад. Маълум, ки тир хӯрдааст. Ба дилаш омад, ки магар ба қавми онҳо осон аст? Ҳоло зиндагии ними мардуми Русия аз рӯзгори декабристҳо ҳам бадтар аст. Ду роҳ дар пешорӯят қарор дорад: ё ҷониби сафедҳо ё ҷониби сурхҳо меравӣ. Роҳи севум вуҷуд надорад. Дар аввал чун аз сурхҳо ҷабру ҷафоҳои гӯшношунид зиёд буданд, Чернов майли ба тарафи сафедҳо гузаштан дошт, вале гирдоби пурасрори тақдир ӯро чунон ба сӯйи сурхҳо тела дод, ки худаш ҳам нафаҳмида монд. Ва хуб ҳам карда будааст. Сафедҳо нисф нӯги тир шуданду нисфи дигар ғарибу беватан. Онҳое, ки аз Қошғару Чин бармегарданд, хабар меоранд, ки гурезаҳои ба он тараф рафта аз гуруснагию сардию саргардонӣ азоби сагро доранд. Худаш ҳам ба ҷанг пайвасту дар ду-се моҳи аввал аҳволу азобе дошт ногуфтанӣ, сахтии ҳаёти аскарӣ, баҳси ин ки дороҳо душмананд ё мардуми қобил, ё зиёӣ то кордзанию тирпаронӣ оид мешуд. Ҳангоми ҷанг мурдаро медид, як рӯз чизе хӯрдан наметавонисту зери танзу таънаи ҳамяроқҳо мемонд. Пас зимистон шурӯъ шуду бодҳои сарди даштҳои Уфа ҷисму ҷонашро мисли қумзори дашт мерӯфтанд. Мӯзаашро дар оташ месӯзонду гармиро ҳис намекард. Мудом дар сараш фикре чарх мезад, ки як оташи бузурге пайдо шаваду ақаллан як маротиба баданашро хуб гарм кунад. Ҳаррӯз дар атрофаш рафиқон тир хӯрда мурдаҳошон дар рӯи барф хоб мерафт. Шамол ба болоҳояшон барф мехобонд, то ки ба назар камтар намоянд. Баъзан дар як ҳолати мадҳуш ба ҷанг рафтаю аз ҷанг бармегаштанд. Ду маротиба тир хӯрду рафта-рафта дар дилаш на тарс монду на раҳм. Дар даштҳои Уфаю Урал пулемётҳоро рӯ ба рӯйи гвардиячиёни сафед монда то тир тамом шудан мепаронданд. Пас камонҳоро ба кор медаровардан. Сипас ҷанги танбатан... Рӯзҳое мешуд, ки ротаҳо ба ҷанг медаромаданду ним шуда, ё қисми камтар монда, мебаромаданд. Дар гузаштани дарёи Белий (наздикии Уфа) аз ротаи яксаду чил нафара сию як нафар боқӣ монд. Ва онҳоро ба ротаи Погорелов, ки онҳо низ нимашонро талаф дода буданд, ҳамроҳ карданд. Бо чунин шикасту талафҳо армияи садҳазораи Колчакро, ки ба шасту шукӯҳ ҷониби Москва равон буд, бекурбу қудрат карданд. Албатта, бетирӣ ҳам ба шикасти онҳо сабаб шуд. Аммо сабаби асосӣ, барои ғалабаашон шуҷоати сардастаҳою комиссарҳо ва боварӣ ба кору амалашон буд. Онҳо дар ҳақиқат ба кори инқилоб содиқ буданд.

Дар даромади вокзали роҳи оҳани Уралский Чернов аз китф захмӣ шуду бисту се рӯз дар госпитал бистарӣ шуд. Пас ба штаб даъват карда гуфтанд, ки шуморо ба фронти Туркистон мефиристем.

Ҳанӯз чоштгоҳ нашуда тасфи ҳаво боло меравад. Ҳарчанд сардастаҳо сабаби сафарро то ҳол нагуфта бошанд ҳам, ҳамаи чузъу томҳо медонистанд, ки ба ҷанги зидди амири Бухоро мераванд. Дастаи хидмати ақибгоҳ ҳам медонад. Чернов пай мебарад, ки сарбозҳо ин хабарро шунида, дар дил шодӣ доранд. Охир бекории зиёд ҳам ба дил мезанад. «Бо белогвардейсу казаку туркман

қувваашонро санҷиданд. Ку, бо амири Бухороро ҳам зӯрозмоӣ карда бинанд». Бачаҳо дар сӯҳбатҳояшон ҳамин гуна суханҳо мегуфтанд.

Ба баландие баромада диданд, ки ротаи инҷинерӣ як аспдав аз онҳо пеш меравад. Онҳо қариб ду соат пеш аз субҳ баромада буданд. Аз афташ бори аспу улоғҳояшон вазнин аст. Дар он сӯи роҳ ҷӯйи об аз домани баландӣ гузашта ҷониби деҳае, ки аз паси дарахтҳо намудор аст, меравад. Алафи дашт зард шуда бошад ҳам, соҳили ҷӯйбор сабзу гулпӯш аст. Аспҳо бӯйи обро шамида, қадам тезонданд. Аспи куранги сержанти ротаи якум Пётр Загорский пеш –пеш меравад. Дар лаби ҷӯйбор ӯ аз асп фуромада ним шӯхию ним ҷиддӣ гуфт:

– Ҳама якбора қатор нашавед. Оби ҷӯй хушк шавад, мардуми деҳа белу каланд бардошта ба саратон меояд!

Назари Чернов ба сардори взводи ротаи 2-ум Манучеҳр Мирзоев афтид: ӯ аспи сиёҳмушкинашро ба байни роҳ гардонад ҳам, ҷонвар гарданашро баланд бардоштаю як тарафа шуда лаб-лаби роҳ, аз болои хоки ҷамъшуда чанг хезонда меравад. Аспаш аспи даванди хубу мехӯсад. Ба ёди Чернов меояд, ки ӯ Манучеҳрро аз заводи равғанкашии шаҳри Самарқанд гирифта, ба ротааш овард. Боре ба коре дохили завод шуд, назди дари анбор ҷавони сиёҳҷурдаи бакаду бозуро дид, ки халтаҳои чигити вазнинро ба шиддат болои ароба ҳаво додаю гоҳе зери лаб бо ғазаб ғур-ғур мекунад. Лаҳзае ба кораш зеҳн монда, наздаш рафта пурсид:

– Бародар, мехоҳӣ сарбоз бошӣ?

Ҷавон нописандона ба рӯяш нигариста халтаеро бардошту сипас андешаманд боз ба ҷояш гузошт ва пурсид:

– Сарбоз шуда ба сари кӣ метозем? Шумо аз болшевикҳоед?

– Бале, ман болшевик,- Чернов аз ҷавон чашм наканда ба тариқи маслиҳат афзуд: -Мо мақсади ба сари касе тохтанро надорем, мо сарбози инқилоб мешавем. Беку бойҳоро, онҳоеро, ки замину оби кишварро соҳибӣ кардаанд, одамони бекасу бечораро кор мефармоянд пули кироӣ намедиҳанд, ободии ватанро фикр намекунанд, аз биниҳояшон он тарафтарро намебинанд, аз мансабҳо дур карда, давлати коргару деҳқон месозем. Ту барин бекасҳо соҳиби давлат мешавед.

– Лучу пӯсткандаи гапро гӯеду монед, маош медиҳед?

– Албатта, медиҳем,-Чернов хандаашро дошт. Ӯ пай бурд, ки ҷавон ба инқилобу ободии ватан кордор нест.

Манучеҳр дохили анбор даромад, вале зиёд ҳаял накарда баромад; ҷомаашро аз болои ароба гирифту ҳайда гуфта ба роҳ даромад. Ягон даҳ қадам рафта буданд, ки марди қавитаркибе, ки кулоҳи тоторӣ дошт, аз ақибашон омада дасти ҷавонро гирифт ва бо истеҳзо ва ба лаҳни русӣ гуфт:-«Манучеҳр, ақаллан аробаро бор кун». Ҷавон бо шиддат дасташро пас кашид ва ба русии шикаста ҷавоб дод: «Ба ту дигар як дақиқа ҳам кор намекунам.»

– Корат дар бозор кисабурӣ буд, -гуфт марди кулоҳдор бо оҳанги нешдор. –Ин ҷо овардам, пулдор шудию акнун гапама намегирӣ?

– Ҳамон кисабуриам хуб буд, озод будам!-гуфт Манучеҳр сахт карда ва раҳораҳ ҷониби Чернов рӯ овард: «Хуб шуд ки аз назди ин беинсофҳо рафтам. Рӯзу шаб корат мефармоянд пуле намедиҳанд, ки ақаллан ба шикамат расад.»

Чернов хурсанд шуд, ки ҷавон ба гуфтораш устувор аст ва ҳам каму беш русӣ медонад. Манучеҳр ҳафтае хизмат карду боре нимрӯзӣ ду ҷавонро ҳамроҳаш оварда, бо оҳанги шухӣ гуфт:- Якеро Амони Калта мегӯянду дигареро Ҳасани Ҷувоз. Ҳарду мехоҳанд дар қӯшуни шумо хизмат кунанд. Чернов розӣ шуду пурсид: «Амона насабаш чист?» «Амони Калта навиштан гирад,- гуфт Манучеҳр.- Дар деҳа ӯро ба ҳамин ном мегиранд,» Ва ба инкор сарҷунбонии Черновро дида афзуд: «Нависед, ки Амонов Амон.» Амон ҳам ин пешниҳодро тасдиқ кард.

Манучеҳр сарбози бебок баромад. Дар ҷангҳои Фарғона ҷасорату қатъият нишон дода, рутбаи сержантӣ гирифт. Ӯро хондан фиристоданӣ шуд, ки масъалаи Бухоро пеш омад.

Чернов аспашро нигоҳ дошт. Ҷилавдор Муҳаммадшариф таъкид кард: «Монед, рафта аз об сер шавад. Дар пеш ағба, об ҳаст ё не, маълум нест.»

Чернов наздик омада нигоҳаш ба ҷуйбор банд монд. Аз ду соҳил алаф қади миён хеста гул кардааст. Аз ҳама зиёд қоқу аст ва ҳама ғарқи гул. Аз дур нигарӣ, мисле ки қади ҷӯй матои кабудранге кашида шудааст. Шапаракҳо ҳам бисёранд, ҷуфт-ҷуфт ба гулҳои дӯстдоштаашон шину хез доранд. Баъзан ба ҳам часпу талош кардаю дур мераванд ба замин бармехуранд, баланд шудаю боз ба гулҳо бармегарданд.

Чернов дар лаби ҷӯйбор лейтенант Семёнов Димитрий Попович, сардастаи ротаи 15-умро, ки панҷ рӯз пеш аз Уралск омада буд, бо як гурӯҳ ёронаш дид. Сардастаи ротаи 2-ум Першин Иля Лвович, сардори батареяи 2-ум Гриша Дудкин низ дар ҳаминҷо. Семёнов танашро луч карда, об гирифта, ба китфҳояш мерехт. Ба хотири Чернов суханони се рӯз пеш гуфтаи Андреев омаданд: «Сардори ротаи 15-ум Семёнов Димитрий аз казакҳои Дон - марди ҷангдидаю ба таҷриба аст. Дар замони подшоҳӣ дар корпуси савораи генерал Каледин бар зидди қӯшуни Австрия ҷангидааст. Дорандаи салиби Георгий; дар ҷанги Уфа чор моҳ дар полки 10-уми казакӣ ифои вазифа карда буд. Он ҷо як нофаҳмие рух дод. Лекин ӯ айб надорад. Тавонӣ, ёриаш кун.» Чернов дар ин рӯзҳо мушоҳида кард, ки Семёнов дар сӯҳбат ва гуфтугӯ нармсухану батамкин аст. Гоҳе мешуд, ки андешаманду маъюс менамуд. Ҳоло бошад аз сафари пеш гирифта хурсанд аст. Ба фуражка об гирифта, ба гардану пешонии аспи сафедаш рехт. Лаҷоми асп озод аст, ҳар бор ки соҳибаш пасу пеш равад, асп ҳамроҳаш меравад. Маълум ки ба соҳибаш сахт хӯ гирифтаасту забони якдигарро ёфтаанд.

Чернов наздик шуда ҷониби Семёнов шухӣ кард:

– Рафиқ лейтенант, ин ҷо Уралский не, ки аз хунукӣ гӯшҳо ях кардаю сӯзиш кунанд.

– Ин ҷо аморати Бухоро, - Семёнов табассум кард. - Дар Уралский аз хунукӣ рӯз надоштем, ин ҷо аз гармӣ.

– Ин ҷо боз як моҳ гарм мешавад.

– Бухоро ҳам ҳамин гуна гарм аст?

– Бухоро боз гармтар. Лекин ҳоло то Бухоро роҳ дур аст.

– Ҷанг кай шурӯъ мешавад?

– Пазмони ҷанг шудӣ? Пагоҳ, ки ба сарҳади аморат даромадем, ҷанг шудан мегирад.

Манучеҳру Амони Калта низ ба давра наздик шуданд.

Манучеҳр ба Семёнов тақлид карда, ба гардани аспаш об рехт. Асп гарданашро силтав дода фур-фур карда бинӣ тоза кард. Манучеҳр лаҷомро раҳо карда, дудаста об гирифта, биё-биё сиёҳмушкин гуфт; асп ба ҷои он, ки аз пасаш равад, худро озод дида гурехт. Дигар аспҳо ҳам сар аз ҷӯйбор бардошта беқарор шуданд. Аз даҳонашон об мерезад.

– Ту, ҳайвон, аспро дор буд! Ё чашмонат намегузаранд?!-Манучеҳр ба сари Амон дод зад.- Тез дав! Тез!

– Аспро аввал гапдаро мекунӣ, китобхон мекунӣ... Семёнов хандида лаҷоми аспашро дошт, ки нагурезад.

– Ту нав аспатро гапдаро кардӣ! Аспи ман мадрасаи нохондааш намонд.. Ин кораш аз рӯйи эркагиаш,- Манучеҳр қиёфаи ҷиддӣ гирифт. - Агар аспатро иваз кардан хоҳӣ, ман зид не.

– Бисёр гапдон менамоӣ,-Семёнов нигоҳашро аз Манучеҳр наканда ба завқ хандид.

– Сержант Мирзоев, панҷ дақиқа вақт дорӣ, аспро меорӣ!- Сардаста Першин ситезаманд шуд.

– Рафиқ лейтенанти калон, -Амони Калтаро фармудам, ки дар се дақиқа аспро баргардон,-Манучеҳр ба таври низомӣ даст бардошт.

Першин боз чизе гуфтанӣ шуд, ки Чернов пешдастӣ карда, суханро ба шухӣ гардонд:

– Иля Лвович аспи Манучеҳр худаш барин айёр аст. Фаҳмид, ки роҳи Бухоро дур, ҳаво гарм, ба гуфти ӯзбекҳо «қочмаган номард!» гуфта гурехт.

– Аслан Бухоро ба сиёҳмушкини ман маъқул нест, рафиқ сардор,- гуфт Манучеҳр.- Хусусан амира аз ҷайра ҳам бадтар мебинад. Мабодо аз амир гап кушоем, дасташро ба замин сахт-сахт мекӯбад ё лағат ҳаво дода, фаххос зада, аз давра берун меравад. Гӯё аз номаш қимоб аст.

– Аспат феъли зани маро доштааст, –Семёнов аз Манучеҳр чашм намеканад. -Занам, «ту Бухоро мерафта бошӣ, ман хонаи падарам меравам» гуфта, қаҳр карда баромада рафт.

– Аз паяш ҷорӯб задӣ?- пурсид Манучеҳр.

– Кадом аҳмақ зани зеборо пеш кардааст?

– Дар тарафҳои мо як мақоли қадим ҳаст: «зани зебо- моли мардум.»

– Дар тарафҳои мо «зани зебо- қалъаи дил» мегӯянд,- гуфт Семёнов ва ҷиддӣ илова кард:-Лекин қариб ки мард намондааст, назди кӣ меравад?

– Мардҳо куҷо шудаанд?- Загорский ба сухан ҳамроҳ шуд.

– Дар ин ҷангҳо сари тир шуданд, як қисм дар зиндонҳо хобанд, касе тавонист, баромада ба дигар кишварҳо рафт.

– Касе буржуй буд, гунаҳгори ду олам буд, гум шуда меравад!-Першин оби куттии дасташро бо ситез резонда, пеш омад.-Касе пок, бечораю бепарво буд, дар кишвари озоди болшевикон зиндагӣ мекунад!-Қонуни инқилоб ҳамин! Инқилобро ганда кардан лозим нест!

– Рафиқ лейтенанти калон ман магар номи инқилобро гирифтам?-Ранги рӯйи Семёнов тағйир ёфт.

– Суханат ҳамин маъноро дорад! Тарафҳои мо мегӯй...Куҷост тарафҳои шумо?-Першин ин дафъа рӯирост маншаталаб шуд.

– Ман на ба мақсади душманӣ...

– Куҷост тарафҳои шумо? Гап зан! Ба гуфтаат далел дорӣ?!

– Тарафҳои мо Дон,-Семёнов лабханд кард ва ба тамкин афзуд: -Моҳи феврали соли гузашта газетаи «Болшеветский Дон» ин воқеъаҳоро навишта буд. Аз станитсаи Казанская, ки ман он ҷо зиндагӣ мекунам, дар чор рӯз наваду ду нафарро паронданд, аз станитсаи Еленская ҳаштод нафарро. Дар дигар станитсаҳо ҳам...

– Паронданд, паронданд,-истеҳзо кард Першин.-Албатта мепаронанд. Дони шумо порсол бар зидди давлати навбунёди Шуравӣ хест! Соли пеш Красноватон хеста буд. Баъди он Каледину Сидорин хеста французу немесу киҳоеро ба ёрӣ даъват карданд. Аз дасташон бало ҳам наомад!

– Рафиқ лейтенанти калон, ман барои ҳамаи Дон ҷавобгар нестам. Аз номи худам мегӯям, ки се сол барои Русия бар зидди Австрияю Германия ҷанг кардам. Қариб ду сол мешавад, ки барои инқилоб меҷангам...

Манучеҳр наздиктар рафта баҳсро обрӯған карда гуфт:

– Имрӯз расо як сол мешавад, ки ман барои инқилоб меҷангам,- ва дасташро ба гардани аспи Семёнов ниҳод. Ӯ бо ин кораш намоиш дод, ки ҷонибдори Семёнов аст.

– Дар боло медонад, ки чи гуна кас аст!-Першин аз маншаталабиаш намеистод.- Шумо, казакҳо, на аз шӯриш сер мешаведу на аз куштор!

– Иля Лвовичи азиз,-дар боло ҳамааш маълум бошад, чаро дар поён мо ӯро мекобем? Ба гузашта салавот мегӯему мемонем,-Семёнов дӯстона даст дароз кард.

Чернов ҳис кард, ки Семёнов суханашро ба истиҳола мегӯяд.

Першин дасти Семёновро нагирифт. Ба шитоб рафта аспашро аз дасти сарбозе гирифту баргашта ба ғазаби ошкоро афзуд:

– Ман ба казак даст намедиҳам. Казак маъноях зидди инқилоб! Душман! Ин аниқ!

Ҳама интизор шуданд, ки дилсиёҳие рух медиҳад. Вале Семёнов бо ҳамон лабханди аввалааш афзуд:

– Лвович, ин дунё чархи гардон аст. -Замоне казак шумоёнро «ҷуҳуди бӯъин» гуфта, на ин ки даст намедод, балки як тиррас наздик омадан намемонд. Ҳоло бошад, «ҷуҳуд» дасти казакро намегирад. –Семёнов таваққуф кард ва якбора сурх шуда афзуд: -Ман тарафдори инқилоб, Лвович. Лекин инқилоби бе «ҷуҳуд», фаҳмидӣ, бе ту баринҳо!

Чернов хатарнок шудани вазъиятро ҳис карда, назди Семёнов омад:

– Димитрий, ту одами боақл-ку! Магар ҳоло вақти баҳс аст.

– Бе ҷуҳуд ҳеҷ гоҳ инқилоб намешавад.-Першин худро болои асп гирифту афзуд:- Ақли шумо майзадаҳо ба инқилоб кардан қодир нест!

– Бас! Ба асп савор шав!-Чернов дасти Семёновро гирифт.

Ин дам Амон савори аспи Манучеҳр расида омаду Чернов омирона фармон дод: «Ба аспҳо савор шавед!»

Пас аз ним соат байни Чернову Семёнов раҳорах чунин гуфтугӯ сурат гирифт:

– Ин чуҳуд кай боз ҳамроҳи шумост?-Семёнов аракӣ рӯяшро пок кард.-Вай ҳоло ҳам мисли пеш суп-сурх менамуд.

– Як ҳафта пеш аз шумоён омада буд.-Чернов гашти аспро суст кард.- Андреев бо таъкид фармуд, ки ягон ротаро диҳам, баъдтар ба штаб мегирифтаанд. Гуфт, ки фармони Фрунзе чунин аст ва хотиррасон кард, ки коргари НКВД будааст. Ҳамроҳи Тротский кор кардааст.

– Ман ҳам аз дӯғу пӯписааш пай бурдам, ки коргари ҳамон идора аст,-гуфт Семёнов. - Авлоди Тротский бошад ҳам, аҷабе не...

– Димитрий Попович, ротаи ту чудо. Ба вай гап назан. Чунон гард, ки гӯё ӯро назарат намегирад,-гуфт Чернов ва аз дилаш гузашт, ки ин Першини кулчарӯ дар бораи казакҳо хеле гапҳо чамъ кардааст.

–Яҳудиҳо казакҳоро бад мебинанд,-гуфт Семёнов маъюсона.- Тротский дар суханрониҳояш рӯирост казакҳоро такягоҳи подшоҳ буданд, казакҳоро нест кардан даркор- мегуфтааст. Ва бисёр нест ҳам карданд. –Лунчҳои ӯ мепариданд.- Фурсате пас ба суханаш идома дод. - Ҳукумат дар дасти яҳудиҳо, бо мо чӣ хоҳанд мекунанд, ба Русия ҳам. Беҳтарин фарзандҳои Русияро нест карданд. Байни болшевикҳою казакҳо душманӣ андохтанд. Кор то чое расид, ки дар Дон зимистони соли гузашта казакҳо аз куштор ба чон омада, аз ночорӣ шӯриш бардоштанд. Генерал Калединро ба сари шӯриш оварданд. Вай дар ҳақиқат марди чанг буд. Дар чанги зидди Австрия сардори дивизияи савораи 12-ум буд. Николай бо дасти худ шамшери Георгиевӣ туҳфа додаю бӯсаборонаш кард. Казакҳо ӯро ҳурмат мекарданд. Вақте ки бебарории корашро дид, худашро паронд. Пас дигар генералҳо ҳам ба ин кор ҳамроҳ шуданду оқибат натича ҳамин шуд, ки ба ҳамдастии хабарбару хабарбиёрони НКВД казакҳоро байни худ чанг андохтанд. Казакҳо бераҳмона ҳамдигарро мекуштанд. Баъди ин ошӯбҳои бемаънӣ ва задухӯрдҳо армияи болшевикҳо даромада, мардуми бисёреро куштанд. Террори сурхро аввал дар Дон татбиқ карданд. Касе аз бинӣ боло гап мезад, мепаронданд. Касе, ки тавони андозсупорӣ надошт, душман гуфта зиндон мекарданд. Ин корро одамони НКВД мекарданд.

Чернов ҳангоми дар Уралск буданаш чунин овозаҳоро шунида буд. Аммо нав фаҳмид, ки дар ҳукумат аксар яҳудиҳо кор мекардаанду ҳоло Русия дар дасташон будааст. Вуҷудашро ҳисси ғашноке фаро гирифт.

– Дар Уфа ҳам бо яҳудие чанҷол карда будед? Пурсид Чернов.

– Ба шумо хабар доданд?-Семёнов ба чашмони мусоҳибаш нигарист.-Он чо маро ба чурми унсури бегона аз армия чавоб доданӣ шуданд. Кадоме аз одамони худашон овоза бурдааст, ки гӯё падарам аксулинқилобчӣ будааст. Пас аз он ки ҳуҷчати ба сабаби насупоридани андоз суд шуданашро нишон додам, дигар кордор нашуданд.

– Ба ман касе хабар надодааст.-гуфт Чернов.-Боре Андреев гуфта буд, ки дар Уфа нисбати Семёнов нофаҳмие шуда буд. - Ва лачоми аспашро кашида бо овози пасттар пурсид:

– Суханҳое, ки гуфтӣ, дар станитсаҳо дар ду-се рӯз ҳаштод- навад касро паронданд, ростанд?

– Ман он чизеро гуфтам, ки дар газетаҳо чоп карданд, дар асл як баробар зиёд буд.

Фарозро тай карданду Чернов мушоҳида кард, ки сафаракиҳои аз рӯбарӯ меомада зиёд шудаанд. Ягон-ягон занҳои харсавор ҳам вомехӯрданд. Баъзеро сарандозҳояшон ғеҷида ба китфҳояшон фаромадаасту парво надоранд. Дар ҳавои гарм рӯйи кушода роҳат аст. Дарвешҳои ҷулин ҳам бисёр. Ҳаво чӣ қадар гарм бошад ҳам, ин тоифаи осӯхтамонанд ҷомаю кулоҳашонро дигар намекунанд. Ҳуши Черновро дарвеши баландқомати абрӯяш гиреҳбанд, ки дар ин гармо се-чор яктаҳи ҳаррангаро рӯйи ҳам пӯшидаю дар бар кашкули сиёҳи руғанхӯрдаи ялаққосӣ дошт, ба худ кашид. Чоруғҳои дарбеҳкардаашро мисли хурҷин ба китфаш партофтааст.

Ба хотири Чернов омад, ки дар Фарғона, ҳангоме ки бо дастаи понздаҳҳазораи Шермуҳаммад ҷанг мекард, хабарбару хабарбиёри Шермуҳаммад ҳамин гуна дарвешҳо буданд. Ӯ ҷониби Муҳаммадшариф нигоҳи рамузнок андохта, аспро рубарӯи дарвеш дошта, ба пойҳои рафида барин паҳн ва ҷо-ҷо кафидаю хунаш хушкшуда ишора карда,бо лаҳни шикастаи тоҷикӣ пурсид:

– Дарвеш, сӯзонии хокро намефаҳмӣ?

– Сӯзонӣ ба пойи ошиқи Худо чӣ кор дорад?-гуфт дарвеш нигоҳашро ҷониби дуриҳои дашт дӯхта, пас ҷониби Муҳаммадшариф, ки ду қадам дуртар меистод, нигариста афзуд: - Ҳангоме ки Намруди лаъин Иброҳими Озарро дар хирмани оташ андохт, Худованди меҳрубон оташро ба гулзори Ирам табдил дод. Ва ба оташ фармуд, ки Иброҳимро гиромӣ дор! –Худованд, ки худаш нигоҳбон бошад, пеши ӯ хоку оташ чӣ қурб доранд? -Дарвеш рафтанӣ шуд, ки Чернов бо овози баландтар пурсид:

– Дарвеши Худо, ин пагоҳӣ аз куҷо баромадӣ?

– Ин пагоҳӣ дар роҳ будам. Се рӯз пеш аз Қаршӣ баромада будам.-Дарвеш ин дафъа рост ба чашмони Чернов нигарист.

– Дар Қаршӣ чӣ хабарҳо, дарвеши Худо?

– Дар Қаршӣ ҳам аҳвол ҳамин ҷо барин. Ёрони шумо мисле ки к...шон мехорад, ин тарафу он тараф тохтаю воҳима доранд.

«Ин ҷулҳундӣ хабарбар аст!»- фикре дар сари Чернов чароғак зад. Изтироби дилашро ба зӯр фурӯ шинонда пурсид:

– Ба Самарқанд ҳамин хабарро мебарӣ? Хабарат зарур барин, зудтар расон.

– Кӣ дар сарам дона шикастааст, ки хабарро зуд расонам? Меравам, кай ки поям кушода шавад.

– Он ҷо кӣ муштоқи хабар аст, дарвеши Худо? –Чернов ҷиддӣ шуд, қарор дод, ки ҷилавдораш Муҳаммадшарифро мефармояд, ки дарвешро кофтуков кунад. Шояд хат дорад.

– Ҳар хабареро, ки Худованд меҳрубонӣ кунад, ҳамонро мебарем. Аммо дарвешон аз оламиён хабарро пинҳон намедоранд, ки тарки суннат аст,-гуфт Дарвеш даст ба кашкӯл бурда,-Самарқанд меравам,-гуфт. Он ҷо Қаландархона ҳаст. Макони дарвешону бекасону дар роҳ мондаҳо. Як ҳафта меистам. Он ҷо

булбулони Хуҷанду Фарғона меоянд, ин тараф аз Тошканду Шоҳи мардон сар мекунанд. Мо муштоқи хабари ҳамдигар ҳастем. Аз ҳоли замона мегӯему мешунавем. Ба барноҳои мо ҳаминқадар кор мондааст. Чун ба Бухорои нозанин баргаштам, хабар мебарам, ки саллоти урус ҳаминрӯя ҳаракат дорад. Бо тӯпу таҳдиду гарду ғубораш ҳаракат дорад.

– Бале, ин хабарро зуд бурдан лозим,-Чернов хандааш омад. Ва фикр кард, ки телефону телеграфҳои ин мардум ҳаминҳоянд. Ӯ аз нияти кофтукови дарвеш даст кашид.

– Ин дарвешон мисли кӯдак ҳастанд,Александр-ака, -Муҳаммадшариф раҳакӣ шудани Черновро дида, наздик омад.- Чи гапе дар сарашон ҳаст, беистиҳола мегӯянд. Инҳо нафсу ҳаваси ин дунёшона мекушанду ҳама умедашон ба он дунё.

– Ба ин бекорию оворагардиашон гумон аст, ки дар он дунё ҳам чизе ба инҳо расад,-гуфт Чернов ва аспашро тозиёна зад.

Бригадаи Чернов ҳангоми аср деҳаи Амонқутанро, ки дар домани ағба воқеъ аст, гузашта дар теппае, ки нисбатан ҳамвортар менамуд, ҷои шабгузаронӣ интихоб кард. Сарбозҳо таги хор ё санге, як қисм таги арчаҳои баландтар ҷой гирифтанд. Баробари аз теғаҳо паридани офтоб аз ҷониби тори ағба шамоли сард вазид. Чернов шинелашро пӯшида, аз байни хору буттаҳо гузашта, атрофро аз назар гузаронид. Баъзе сарбозҳо аспашонро дар хори паҳлӯяшон бастаанд. Баъзе лаҷом дар даст аз нону обе, ки доранд, тановул мекунанд. Аспҳо бошанд. бесаброна ҳиҳ-ҳиҳ садо мебароранд. Тез-тез сулук мехоянд, сумм мезананд. Дар поёнтар якчанд ҷавони полки сарҳадӣ ҷамъ омадаанд.

Сарбозе аспашро ба ҳамроҳаш супурда, омада ба Чернов салом дод:

– Ман Тараев Тимофей,- худро шинос кард ҷавон.

Чернов дасти ҷавонро доштаю ба оғӯш гирифт.

– Нав шинохтам, охир ҳаво торик аст! -гуфт.

– Онҳо дар ҷангҳои назди Уфа дар полки 17-уми тирандозӣ ҳамроҳ буданд. Ҳамяроққояш дар ҳаққи Тараев мегуфтанд, ки дар армияи Колчак, дар дивизияи номдори Капел хизмат мекардааасту пас ба тарафи сурхҳо гузаштааст. Баъди Уфаро гирифтан ротаи онҳоро ба бригадаи Попов, двизияи 25-ум,-двизияи шӯҳратманди Чапаев интиқол додаанд ва аз байн беш аз ду сол гузашту нав ҳамдигарро диданд.

– Кай омадӣ? Ман бехабар,- пурсид Чернов.

– Рафиқ майёр, шуморо ду маротиба дар маҷлис дидаму ҷуръати наздик рафтан накардам. Ҳоло танҳо дидаму омадам.

– Эҳ-е! Ту ҳама вақт назокатро риоя мекунӣ.

– Як ҳафта шуд, ки ин ҷоем. Ҳоло дар полки сарҳадии Каркӣ хизмат мекунам. Имрӯз ҳафтум рӯз аст, ки дар тарафҳои шумо.

– Тарафи мо,-лабханд кард Чернов. Онҳо ду-се дақиқа сӯҳбат карда ҷудо шуданд. -Рӯз шавад, суҳбатамонро давом медиҳем, - гуфт.

Дар баландӣ зери ниҳолаки арча Манучеҳру Амонро дид. Манучеҳр аз наздик шудани ӯ бехабар пуштанги аспашро суст кардаю таънаш дорад: «Чаро мехӯси? Ман дар наздат. Дар қафоят касе чӯб намезанад. Бубин, дар атрофат чӣ қадар аспҳо ором истодаанд!»

Чернов хандаашро дошта, оҳиста аз байни вағничҳои пухта ва шибоғҳои хушбӯи кӯҳӣ қадам зада фикр мекард, ки дар ҷойи ноҳамвор сарбозҳо азоб мекашанд. Дар наздикии деҳаи Амонқутан хирманҷой буд. Шабро он ҷо мегузаронданд... Ва зуд ин фикрро аз сараш дур кард. Дар поён агар хоб мекарданд, дар вақти муайяншуда ба шаҳри Китоб намерасиданд. Фармон дар вақташ иҷро намешуд. Ба ҷойи нисбатан ҳамвортар баромад. Ин ҷо фириқ-фириқи аспҳо бештар ба гӯш мерасид. Баъзе аспҳо рӯиҳам сум мезананд. Яқин пурсиданиянд: «Ҳой хӯҷаинҳо, то кай моро ба ин аҳвол нигоҳ медоред?»

Дар байни сойчае, ки шамолпанаҳ аст, як гурӯҳ сарбозони ротаи 15-ум давра нишаста бо ҳам гуфтушунид доранд. Ҳаво торик шудаю роҳ гаштан мушкил буд, ақиб гашт.

Чанд нафар коргарони ситод ва сардастаҳо назди Чернов ҷамъ шуда, каме сӯҳбат карда ба ҷойҳояшон баргаштанд. Семёнов раҳораҳ ғур-ғур кард: «Ҳеҷ боварат намеояд, ки чор-панҷ километр поён аз гармӣ нафасат мегираду ин ҷо бо шинел хунук мехурӣ.»

Муҳаммадшариф дар чойҷӯш чой овард. Вай ҷавони сиюяксолаи гандумгун ва гирдрӯ буда, бинии паҳн дорад. Оҳиста сухан мекунад. Лекин оташин шавад, гурги ба ҳуҷум тайёрро мемонад.

– Фармон буд, ки оташ нагиронед, чой аз куҷо?-пурсид Чернов.

– Касе оташ нагирондааст,-гуфт Мухаммадшариф.- Ӯ дар чунин мавридҳо далелу бурҳони худро дорад.-Ман дар он хамӣ, дар гулхани чӯпонҳо, пуф-пуф карда чоямро ҷӯшондам. Он кӯҳи рӯбарӯро бинед, дар чанд ҷой оташ фурӯзон аст.

Дар ҳақиқат дар кӯҳи тарафи чап дар ду ҷой оташ фурӯзон буд. Аммо маълум, ки дар масъалаи «оташи пасмонда» дурӯғ мегӯяд. Чернов гапро дигар накофт. Бо Муҳаммадшариф вай аз давраи шӯриши Эргаш Қурбошӣ рафиқ аст. Муҳаммадшариф дар заводи пахта ҳамроҳи русҳо кор мекардааст. Боре аз шиносе мефаҳмад, ки дастаи чилнафараи аскари сурх дар беруни Хӯқанд дар дохили заводи вайронае се рӯз боз дар муҳосираанд. Занашро фармудааст, ки нон пазад. Шабона хару хӯрҷин кардаю ба бероҳа нонро ба даста мерасонаду ахбори Чернов додаро ба ситоди дар Хӯқанд буда меорад. Дами субҳ дастаро озод мекунанд. Баъдтар Чернов ӯро ба харкории бригада мегузаронаду маош таъйин мекунад. Баъзан тарҷумонӣ ҳам мекард. Ва ҳар вақт Чернов ёдовар мешуд, ки таъми он нонҳои овардаат ҳеҷ аз даҳонам намеравад. Вақте ки юриши Бухоро пеш омад, ба зӯрӣ ба вазифаи ҷилавдор интиқол дод.

– Гӯшти консерваро хӯрда натавонистам,-гуфт Муҳаммадшариф ва халтачаи овардаашро боз кард, ки дар он гӯшти гӯсфанди обҷӯш буд.

– Ҳамроҳ як моҳ гардем, консерваро ҳам мехӯрию дигарашро ҳам.

– То ҳол нахӯрдаам,- гуфт Муҳаммадшариф.- Дар шариати мо моле, ки ҷуфтсум аст, ҳалол мебошад, тоқсум бошад, ҳаром.

– Нафаҳмидам.

– Чи нофаҳмӣ дорад? Бӯзу гову гусфанд ҷуфтсуманд. Хару хуку инҳо тоқсум, яъне ҳаром.

– Асп тоқсум аст, мехӯред ку.

– Такводорон аспро ҳам макрӯҳ гуфта намехӯранд, ҳатто тухмро намехӯранд.

Чернов аз болои гӯшт чойи сӯзонро тез-тез нӯшид. -Чойи батаъм шудааст.- гуфт.

– Обро аз чашмаи Амонқутан гирифтам,- гуфт Муҳаммадшариф ва ба тариқи маслиҳат пурсид: -«Обро дида мӯза каш» гуфтагӣ барин, пагоҳ корро аз чӣ шурӯъ мекунем?

Чернов нақшаи муҳорибаро боз кард.

– Пагоҳ корро аз он шурӯъ мекунем, ки саҳарӣ аз ағба гузашта қӯшунҳои дар Китобу Шаҳрисабз будаи амирро маҳв карда, ҷониби Бухоро меравем. Роҳҳоро зери назорат мегирем.

– Тасарруфи ин шаҳрҳо чандон мушкилӣ надорад,-Муҳаммадшариф китф ҷунбонд.

– Чи хел мушкилӣ надорад?-Чернов чойҷӯшро гирифта ба пиёла чой рехт.

– Ба ҳамон далел, ки ба амирони манғит бовари халқ намондааст. – Муҳаммадшариф ҷомаашро таги китфаш монд:- Ба масхарачангҳое, ки солҳои пеш бо русҳо кардаанд ва дигар зулме, ки ба мардум раво мебинанд.

– Зулм карда бошанд, мо ба Бухоро дароем, мардум ба тарафдории мо мехезанд?

– Александр-ака, ман аз кучо медонам? Бухорӣ набошам. Наздики Бухоро ки рафтем, аз рафиқони ҷавонбухорӣ мепурсем.

Чернов ба тасдиқ сар ҷунбонда илова кард: -Мабодо пагоҳӣ чой накунӣ.

– Як пиёлагӣ мегирем. Чойи саҳар...

– Гуфтам, ки лозим нест!-Чернов сухани Муҳаммадшарифро бурид.-Мо аллакай дар ҳолати ҷанг, дар майдони ҷанг қарор дорем, на дар чойхона.

– Фаҳмо, Александр-ака. Ман шуморо не, худамро дар назар дорам.- Муҳаммадшариф халтачаи гӯштдоштаро печонду бо овози паст ғур-ғур кард:- Шуморо раги кофириатон ки хест, тамом...

Чернов ба ғур-ғури Муҳаммадшариф эътибор надод. Шинелро пӯшида, дар болои хӯрчини аз мӯйи буз духта дароз кашид. Осмони кӯҳистон, ки ситораҳояш ҷилвагарӣ дошт, ҳавасашро овард. Фикр кард, ки дар ин шаби тор шукӯҳи коинотро аёнтар мебинӣ. Он ҷо он қадар ахтарону қаҳқашонҳо тагу боло давидаю пуркоранд, ки дар тасаввурат намеғунҷад. Ҷодаи корвонрав (Роҳи каҳкашон), ки аз байни осмон убур кардааст, ба назар мисли пуле менамояд, ки аз тори кӯҳи Самарқанд ба кӯҳи Бухоро партофта шудааст. Дар он ба ғайр аз ситораҳои хурду бузург, ки баъзе ду – се шуда оҳиста мераванд, баъзе тез, баъзе як гурӯҳ шуда шитоб доранд, инчунин рангҳои сафеду зарду сурх, доғҳои сафеду сурхранг ва лаккаҳо намудоранд. Баъзе шакли тухм, баъзе ранги мори бузург, баъзе ба уштур монанд аст. Ва ҳама чун шаҳри кӯчбаста корвони бузургеро ташкил карда равонанд. Аз рӯзе, ки телескопро кашф кардаанд, бозёфт ва хабару овозаҳои ачоибу ғароиб аз ин вусъатободи пургулу пурнуру шигифтангез бештару бештар мерасанд. Инсони беқарор на фақат дар замин, балки дар осмон ҳам инқилоб кардаю пешравӣ дорад.

Чернов андешид, ки пагоҳ аз се тараф ба аморати Бухоро ҳуҷум мекунанд. Фрунзе дар суханрониаш гуфт, ки аз тамоми қувваҳои ҷангӣ истифода барад.

то ки душман дасту по гум кардаю маҷоли муқобилат кардан пайдо накунад. Армияи мо қариб чил ҳазор аскар дорад. Пулемёти зиёд ҳам овардаанд. Силоҳи асосии инзамона пулемёт аст. Вале то имрӯз аниқ намедонистанд, ки бо амири Бухоро ҷанг мекунанд. Кай ҷанг мекунанд? Ҳатто ба телефон гап заданро манъ кардаанд. Санъати ҷанг чунин будааст. Қудрату қувваи душманро меомӯзӣ, қувваатро ба низом меорӣ ва нохост ҳуҷум мекунӣ. Хирсро нохост занӣ, худро гум мекунад, чӣ ҷойи одам.Фрунзе кори ҷангу ҷидолро ёд гирифтааст. Мактаби ҷангии Русияро хуб омӯхтааст.

Порае аз шаб мегузараду аз ҷониби ағба шамол шиддат мегирад. Овози «ҳушт-ҳушт ва ҳой-ҳой»-и чӯпонҳои кӯҳи рӯбарӯ як-як шунида мешавад. Чернов дар шаби кӯтоҳ аз хунукӣ се-чор маротиба хестаю аз нав дароз кашид. Мегӯй, аз замин хунукӣ мебарояд.Баробари дар осмон пайдо шудани раҳҳои кабудранги субҳ қӯшун гурӯҳ-гурӯҳ ба роҳ баромад. «Яқин аз сардии шамол маҷбур шуда хестаанд, - андешид Чернов. –Ҳеҷ гап не, роҳ гарм мекунад.» Ва худаш низ омода шуд. Як сойи серқурумеро гузаштанд, ки атроф равшан шуд. Ротаи инҷинерӣ аллакай ними ағбаро фатҳ кардааст. Аз пас батареяи кӯҳгард меравад. Чоштгоҳ ҳаво гарм шуд. Сарбозҳо шинелҳоро кашида, таги курта шуданд. Куҳу дара алафаш зард шуда буд. Ҷангали сокит ба як паҳлӯ такя карда, зери осмони кабуд дилангез менамояд.

Дере нагузашта дастаи пешгард хабар овард, ки аз кӯҳи рӯбарӯ одамони зиёд сӯйи онҳо тир мепаронанд.

Чернов ҳамроҳи Семёнов ва сардори батареяи кӯҳгард лейтенант Гриша Дудкин хам шудаю пеш рафта, одамони дар бағали кӯҳ пинҳоншударо дид. Он ҷо дарахти калон нест. Бештар буттаю хору соплик аст. Одамони дар паси буттаҳо нишаста бараъло намудоранд. Ҳар нафаре, ки тир мепаронад, аз росташ дуди сиёҳ мехезад ва зуд нопадид мешавад. Тирҳое, ки ба сангҳо мерасиданд, т-тю т-тю садо мебарораанд. Лекин дур намераванд, зарар намерасонанд. Аз онҳо тахмин панҷоҳ метр баландтар ҷангал шурӯъ мешавад. Аз дохили ҷангал ҳам гурӯҳе тирпаронӣ мекард.

«Яқин сарҳадбонҳои амиранд. Ҷойи хуб интихоб кардаанд». Чернов ба Дудкин фармуд, ки бо тӯп ба ҷойи шинакгирифтаашон занад. Тупчиҳо Захаров Максим, Романенко Димитрий дарҳол ду хари пушка бор кардаро наздик оварда, борашонро фуровардаанд. Аввал дастаи пеш тирпаронӣ кард. Пас тӯпҳо ба кор даромаданд. Дар кӯҳи рӯбарӯ ҷанг хест. Куҳҳо баробари тупҳо садо медиҳанд. Сангҳо канда шуда меғеланд. Мурғони атроф қиву-чивкунон башаст ҷониби водӣ парида рафтанд. Як марди куртасафед, сараш тоза тарошида ғелида аз шахи на чандон баланде таҳ зад. Боқӣ мисли галаи гӯсфанде, ки гург задааст, ғалтидаю хеста мегурехтанд. Баъзе ба таҳлука овоз медиҳад: «Ҳасан, гурез! Гурез!» «Ҳаким, ин тараф!» Дар наздикии ҷангал боз нафаре афтиду пас хам шуда шикамашро дошта худро пушти хоре гирифт. Онҳо боз ду-се дақиқа тирпаронӣ карданду андак пас дар бағали кӯҳ касе намонд. Сарҳадбонҳо ду нафарро талаф дода дигар ёди сарҳад накарданд.

– Дудкин, ҳамаро талхакаф кардӣ,- Чернов аз сарҳадбонҳои даргурез чашм намеканд. Онҳо чунон мегурезанд ки оҳу дарёб намекунад. Яқин овози туп

онҳоро тарсонд. Дигар касе ба қушун монеъ нашуд. Баъди нимрӯзӣ онҳо ағбаро гузашта, ба шаҳри Китоб наздик шуданд. Дар тарафи рост, ҷониби офтобрӯ кӯҳҳои сафедҳок қарор доранд. Поён алафи роваю юған то таксой зард шуда хоб рафтааст. Дар кӯҳҳои тарафи чап ҷангали анбӯҳ то қарибии шаҳр доман паҳн кардааст. Он ҷо ҳам рамае намоён. Чӯпонҳо низ ким-чи доду фарёд доранд. Рамасро чӯпонҳо пеш карда ҷониби поён мебаранд. Байни ҷангал ҳар ҷо дарахтҳои болорию сутунӣ бурида пӯстҳояшон гирифтаю сафедранг хобанд. Яқин чӯбҳоро барои болори буридаанд. Чернов бӯйи хуши ҷангалро ҳис карда, дарунтар даромад. Фурсате гузашту дастаи пешгард хабар овард, ки саворахои бисёре ба шитоб тарафашон меоянд. Чернов бо як гурӯҳи кормандони ситоҳ аспҳоро пеш ронда диданд, ки ҳудуди чорсад нафар аскари савора дар пайраҳаи домани кӯҳ паҳн шуда пеш меоянд. Ҳама яктаҳу миёнбанд доранд, саллаҳо пасе сар давонда, фашҳо чун байрақчаҳо алвонҷ мехӯранд. Аз пас гурӯҳ-гурӯҳ пиёдаҳо дар даст камонҳои худсохта, ки «берданак» мегуфтанд, баъзе шоха доранд, бо ҷаҳду шитоб ҳаракат мекунанд. Ҳамзамон аз паҳлӯ як гурӯҳи шаст-ҳафтоҳ нафараи ҷавонон шохаҳои чӯбин ва калтаку асоҳои дароз дар даст, мисле ки пойгаҳ мондаанд, саросема ҷониби онҳо мебароянд.

«Инҳо ҷангро чӣ гумон мекунанд?- худ ба худ истеҳзо кард Чернов.- Дарк намекунанд, ки ҷангҳои замони Чингизу Темур гузашт».

Ҳамвориеро убур карданду дар поён шаҳри Китоб намоён шуд. Шаҳр дар домани кӯҳ қад афрохтааст. Атрофи шаҳрро деворе мисли миёнбанди фарсуда печондааст. Аз мӯриҳои хонаҳои гилин ва ба ҳам ҷафс ҷо-ҷо дуди сафедранг ғулба зада баромада, паҳн мешавад. Аксари хонаҳо дар барашон шохбаст доранд, баъзеҳо мол доранд, баъзеҳо не. Аммо овози маркабҳо аз ҳар гӯша баланд мешавад. Ба назар чунин менамояд, ки шаҳр мисли каси интизор ва хавотир ҷониби онҳо менигарад..

Чернов ба роҳ ва атроф зеҳн монда, тарҳи ҳуҷумро кашид: батарея ва бригадаи 3-юмро аз рӯбарӯ монда, боқиро фармуд, ки аз ду тараф ба шаҳр наздик шуда, баробар ба ҳуҷум гузаранд. Таъкид кард, ки бе зарурат ба ҷавонҳои аз паҳлӯ баромада тир наандозанд.-Онҳо парондани пулемиётро бинанд, дигар дилу гурдаи пеш омадан намекунанд. Навкарҳои бек боз каме пеш омада, ҳарчанд ҳанӯз тиррас набошад ҳам, ба тирпаронӣ шурӯъ карданд, ҳамзамон тӯпҳояшон низ ба кор даромад.

Черновро изтироб фаро гирифт. Гумон надошт, ки дар Китоб ҳам тӯп ҳаст. Акнун пешравии бригадаи 3-юм мушкил мешавад. Аммо онҳо нишонро баланд гирифтанд, тири тӯпҳо аз болои сарашон гузашта ба кӯҳ мезанаду гулӯлахои чуянӣ ғелида поин мефароянд. Баъзе зада-зада ба ҷариҳо меравад, баъзеро сарбозҳо дошта мегиранд. Ягонто ҳам наметаркад. Старшинаи миёнсинни кормандии штаб Фадеев Сергей ин ҳолатро чунин шарҳ дод: «Ин тӯпҳо аз даврани Николай, ҳатто аз вай ҳам пештар, аз даврани ҷанги Қафқоз боқӣ мондаанд. Генералҳое, ки ба корҳои давлатӣ ин ҷо меомаданд, як-як «меҳрубонӣ» карда, моли дар он замон машҳур - камон ё тӯп дастовез меовардаанд ва ҳам ба тилло мефурӯхтанд. Шояд қасдан тирҳое меовардаанд, ки наметарканд, Ё шояд тирҳо кӯҳна шудаанд?» Ҷанговарон аз натаркидани гулӯлаҳо рӯҳбаланд шуда

дарҳол пулемётҳоро насб карда, ба парондан шурӯъ карданд. Навкарҳо дигар пеш намеоянд. Боз каме парон-парон карданду аввал ҷавонони аз теппа болошуда, чунон ки ба шитоб меомаданд, ҳамчунон саросема қисме уреб, гурӯҳе парто-парто сарзер шуданд. Пас савораҳо сари аспҳоро гардонда, рӯ ба гурез ниҳоданд. Баъзеҳоро саллаҳошон кушода шуда дар ақиб кашол аст. Ними бригада аз гурехтани душман ба вачд омада, бо садои «урра-а!» аз пас тохта фаромад. Ҳангоме ки ба дарвозаи шаҳр расиданд, он ҷо якчанд тӯпу пушкаҳои мисҳояшон ҳамвори пилтанасбкардаро диданд.

– Пушкаҳои сохти нав ҳам доштаанду истифода карда натавонистаанд,- Семёнов ба ҳавас пушкаҳоро аз назар гузаронд.

Ин дам сержанти ротаи 2-юм Манучеҳр Мирзоев ҳамроҳи Амони Калта аспҳоро тозонда, аз дарвозаи шаҳр берун омада, ба Чернов хабар расонданд.

– Дар шаҳр одам нест. Ҳама гурехтаанд. Бек ҳам гурехтааст. Қасру дорояш ҷо ба ҷо истодааст.

Як қисми бригада дар берун монд, бокӣ ҳама ба шаҳри беодам дарамаданд. Сарбозҳо дар саҳни қасри бек истода медиданд, ки мардум саросема чизҳои зуруриашон, аз қабили хӯроку либосро (об намегиранд, дар кӯҳ чашма бисёр) ба аспу улоғҳо бор карда, баъзан пуштора гирифта, ба кӯҳ мебароянд. Як кисми колояшон дар тавилаҳо мондааст. Баъзе чобукӣ карда гову молашро пешандоз кардааст. Дар пайраҳаҳо чанг хеста чун туман истодааст. Ҷавонони бағайраттар аллакай ба ҷангали бағали кӯҳ расидаанд. Овози ҳою ҳӯй, гиряву дашномашон равшан шунида мешавад. Занҳо баъзе борашон дар пушт, баъзе кӯдак дар бағал, баъзе сарпуч сари асо истода тез-тез нафас мегирад. Бачаҳои калонтар аз пасу пеш ғалтидаю хеста ба кӯҳҳо мебароянд. Кӯдакҳо гиря мекунанд, модарон онҳоро тела медиҳанд. Чанд нафар сарбози таҳҷоӣ бо овози баланд огоҳ мекунанд: «Ҳой мардум, нагурезед! Мо ба шумо бадӣ намехоҳем! Ба хонаҳотон баргардед! Мо омадем, ки ёрӣ диҳем!» Вале касе аз роҳ наистод. Семёнов ба сарбозонаш ишора кард, ки одамони то даҳани ҷангал рафтаро баргардонанд. Чернов ба ишораи лозим нест сар ҷунбонд.

– Онҳоро дошта ҳам наметавонед. Борашонро мепартоянду оҳу барин мегурезанд,-гуфт Муҳаммадшариф. Ӯ нигоҳашро аз кӯдакҳое, ки дар бағали кӯҳ шеван доранд, намеканад. Марди сарлуче аз паси тавилаи дар домани кӯҳ буда, ки он ҷо дам мегирифт, хеста баландтар баромад. Ва дар паси буттае пинҳон шуд.Муҳаммадшариф аспашро пошна зада кӯчаҳои танги байни хонаҳоро гузашта, назди сарлуч баромад ва пирамарди қоқандоми қадбаландеро дид, ки бо гунаҳои сурх ва риши сафед, ғарқи обу арақ пушт ба кӯҳ такя карда, сахт-сахт нафас мегирад. Банди дили бараҳнаи сермӯяш меларзад. Муҳаммадшарифро ба ҳоли мӯйсафед раҳм омад. Аз асп фуромада дасти вазнини пусту устухонмондаашро ба даст гирифт: аз ӯ бӯи бад меояд.

– Амак, бо ин ҳол ба кучо меравед?-гуфт бо оҳанги маломат табассум карда.- Ин одамон ба шумо кордор нестанд. Беку бойҳоро мегиранд.

Пирмард чашмони обравашро ба Муҳаммадшариф дӯхта, гуфт:

– Мо ҳамаашро медонем. - Ва пурсид:- Шумо мусулмонед?

– Алҳамдулиллоҳ мусулмон. Ин сарбозҳо ҳам мисли ману шумо одам. Ча мегурезед?

– Одам?...-гуфт пиракӣ бо тамасхури нешдор ва арақи рӯяшро пок кар гуфт: -Ба чӣ балое мезанед, ки кӯҳ меларзад! Як ҷавонаки моро рӯдаҳояш р сангҳо кашол шудаанд!

«Овозаи ба чӣ балое мезанад, ки кӯҳ меларзадро яқин сарҳадбонҳо ова даанд!»

– Амак, он балое, ки мегӯед, номаш тӯпи кӯҳзан аст,-гуфт Муҳаммадшар -Вай ҳам як намуди силоҳ. Ба кӯҳ кордор нест. Барои тарсондан каме ча мехезонаду халос.

Пирмард пойҳои дарозашро, ки чоруқҳош дарида буданд, ҷамъ карда б оҳанги таъкид гуфт:

– Ошно, ман то ҳол рӯйи кофирро надидаам. Мон, рӯйи онҳоро надида дунё берун равам.

– Рӯяшонро бинед, чӣ мешавад?

– Рӯи кофирро дидан гуноҳ аст. Бояд кафорат диҳӣ.

«Муллоҳои нодони мо шуморо ба чӣ аҳвол расондаанд?» -Муҳаммадшар бад-бад ҷониби пиракӣ нигоҳ карда, дигар ҳаваси ба ӯ гуфтугӯ накард. Аспаш савор шуд, вале дилаш тоқат накарда, бо ғазаб гуфт:

– Пиракӣ, ба гушат ҳалқа карда гир, аз ту барин беақлу бедонишу л чиркат пӯсида, назди Худованд онҳо азизу бақадранд. Чунки бо донишан худашона шинохтанд, ҷаҳона шинохтанд. Бубин бо як тир чи гуна халқата а хонаю дараш хезонда гурезонданд! Пагоҳ ё фардо ки мурдӣ, ин хабарро б он дунё расон. Гӯй ки мо дар он дунё беарзиштарин мардумем! –Аспи ба р даромадаро бо ситез пас гардонда илова кард: – Оқубат Шуморо ин кир таассубатон хӯрда нобуд мекунад.

– Он мардро нафуровардӣ?-пурсид Чернов.- Мегуфтем, ки мо одамхӯр нестем

– Мегӯяд: ба чи балое мезанед, ки кӯҳ меларзад, - гуфт, Муҳаммадшар ва ба ишораи, кирои гап намекунад, даст афшонд.

– Бо тӯп задани сарҳадбонҳо инҳоро тарсонд, –гуфт Чернов.-Мабодо н овоза ба Шаҳрисабз раваду онҳо низ роҳи кӯҳро пеш гиранд?

...Дар Шаҳрисабз ҳам онҳоро ба тиру тӯп пешвоз гирифтанд. Дастаи пеш гард хабар овард, ки берун аз девори шаҳр тахмин даҳ тӯп насб карда шудаас Ва мардуми зиёд дар паси девор истодаанд. Ҳангоме ки поёнтар фуромадан Чернов дурбин монда манзараи аҷибро мушоҳида кард. Берун аз дарвоза тӯп қатор чида шудаанду дар дохил дар боғи калоне мардуми зиёд ҷамъ омадаан Он ҷо сараҳо ҳам ҳастанд. Мисле ки баҳсу мунозира доранд. Ӯ ба Дудки ишора кард, ки ду-се тири тӯп ба атрофи боғ партоб кунад. Баробари садои т дар боғ чангу дуд хесту мардуми ҷамъомада сараю пиёда парто-парто ба ч тараф гурехтанд. Дар кӯчаҳо ба шитоб тозондани аспҳоро дида хандаат мегира

– Ҷанг бо ҳамин тамом шуд гуфтан гир,-садо кард кадоме.

– Инҳо заводу фабрика доранд?-пурсид Семёнов раҳораҳ.

– Сода будай,-Чернов заҳрханда кард.-Ин ҷо фақат деҳқонию чорводорӣ дигар гап нест. Касе пулдор шавад, масҷид месозад, вассалом.

– Пас ин ҷо буржӯй нест, мо киро мезанем?

Чернов ба рӯйи Семёнов нигариста, андеша кард, ки суханаш ҷон дорад. Ин ҷо мисли Русияи подшоҳӣ бойҳои садҳову ҳазорҳо ғуломдошта надорад. Понздаҳ-бист сол шудааст, ки ба ёрии русҳо дар шаҳрҳои калон заводи пахтаву, заводҳои рӯғану хишт месозанд. Аммо ин андеша то ҳол ба сараш наомадааст. Ҷиддӣ шуда гуфт:

– Киро мезанем? Заминдору муллоҳоро. Ин ҷо гандааш мулло. Мардумро аз доираи шариаташон як қадам онсӯтар рафтан намегузоранд. Рафтӣ, фатвои «кофир шуд»-ро бароварда, сангсорат мекунанд.

– Ту ҳам хуб воҳима кардӣ, –Семёнов бо тамасхур сар чунбонд.

Қӯшун шабро дар беруни шаҳр рӯз кард. Пагоҳӣ аз сӯйи шаҳр каме тирпаронӣ шуд. Ду тири тӯп ҳам паронданд. Чернов ба бригада омодагии ҷангӣ дод. Ба ротаи 15-ум фармуд, ки роҳи гурези бекро бандад. Боқӣ гурӯҳҳо дарвозаи Чармгарон ва дарвозаи ҷониби Китобро тарконда, ба шаҳр ҳуҷум мекунанд. Қисмҳои мусулмонӣ роҳҳо ва атрофро зери назорат мегиранд. Вале ҳанӯз ҳуҷум шурӯъ нашуда, аз ҷониби шаҳр як гурӯҳ салласафедони аспсавор бо парчами сафед намудор шуданд. Онҳо хабари бе ҷанг таслим шуданро оварданд. Аскар ба шаҳр даромад ва маълум шуд, ки бек шабона ҳамроҳи пайвандонаш ва як қисм навкарҳои наздикаш гурехтааст. Лекин хазинааш ҷобаҷо мондааст.

Ин хабар Черновро ба андеша водор кард: «Куҷо мегурезанд? Шояд назди амир Олимхон мераванд? Гумон доранд, ки амир мисли замони Николай бо русҳо гапзанон мекунаду боз онҳо ба ҷойҳояшон бармегарданд? Ё ки вақти хазинаро бардоштан наёфтаанд?»

Чернов фармон дод, ки қисмҳои савора ба шаҳр дароянду полки 7-уми тирандозӣ, батареяи савораи кӯҳгард, ротаи инженерӣ дар беруни шаҳр дар ҳолати омодабош қарор гиранд.

– Ҷангҳои тарафҳои шумо кайф намедиҳанд,-Семёнов ба Чернов ҳамриқоб шуд.

– Ҳоло ҷанг дар пеш,-гуфт Чернов. Ӯ нигоҳашро аз девори атрофи шаҳр наканда, фикр кард, ки дар ин тарафҳо ҳама шаҳрҳои калон ҳамингуна деворҳои баланду мустаҳкам доранд. Лекин замони девор гузашт. Мисле ки замони юғу омоч гузашту ҷояшро трактор гирифт. Ва нигоҳи ҷонибаш дӯхтаи Семёновро дида, илова кард: - Равиши ҷанги инҳо мисли Урупо ё Русия нест. Ин ҷо ғалаба дар гурехтани бек ё тасарруфи шаҳр ҳам нест. Бояд халқро ба тарафат гардонӣ. Вагарна аз ҳар тараф дастаҳо пайдо шуда, рӯзат намедиҳанд. Мисле ки аз ҳар ҷойи баданат даммал (чипқон) мебарояд.

– Олами Шарқ пур аз аҷоибот будааст.-Семёновро дарвозаи пурнақшу нигор, бурҷу бора ва девори баланду боҳашамати атрофи шаҳр дар ҳайрат гузошт.

❁ ❁ ❁

Дар ҳамон рӯзе, ки Мансур Ҷовидро гирифта аз Найзаварон рафт, Нуралии гуреза кӯҳи Оҳаликро фуромада, тамоми рӯз роҳ гашта, ба домани теппаҳои алафаш зардшудаи болои сойи Ҳумо омаду сари асо истода, ҷониби заминҳои

ҳосилашон кайҳо расидаи поён ва деҳае, ки дар тарафи офтоббаро ба дарозӣ мехобид, нигарист. Деҳа ором менамуд. Гӯё он ҷо касе нест. Ҳатто дудро намебинӣ. Дар канори деҳа як аробаи партофтаи як чархаш дар осмон хоб аст. Онсӯтар панҷ-шаш гӯсфанд чарида гаштаанд. Яқин шохбастеро раҳо карда баромадаанд.

Дар ҷониби соярӯ замину боғҳои Пуштаҳои Наврӯз тӯл кашидаанд. Он ҷо одамон гандум медаравиданд. Дар заминҳои поёнии роҳ алафдаравҳо ҳам ҳастанд. Заминҳои гандумаш сафедшудаю ҳанӯз даст нарасонда ҳам бисёранд. Дар ин Пуштаҳо Нуралӣ замин надорад. Замину боғаш дар Дашти Сурхист. Аз хешонаш писартағояш Мирзошариф дар паси каҳдонҳои қатори поёни роҳ шаш таноб замин дорад. Алафаш ғарки гул шудааст. Лекин он ҷо касе наменамояд.

Нуралӣ кайҳо боз ташна буд. Лекин чорае надорад, ки боз сесад-чорсад қадам поён фуромада аз ҷӯйи равоне, ки аз болои дашт мегузарад, об нӯшад.

Офтоб ба нишемангоҳаш наздик шуда буд. Ӯ худро ба пастхамӣ гирифтаю хам шудаю боз каме поён фуромада дар паси буттаи сертанаи хори ангат, ки аз он ҷо атроф намоён буд, ҳамворие интихоб карда, ҷомаашро дароз партофта нишаст. Чоруқояшро кашиду пойҳои аз кӯфти роҳ ҷиз-ҷиз сӯзишдоштаашро болои хоки гарм ниҳод. Хок мондагиро мегирад, неру мебахшад. Лекин пир ки шудӣ, мисли каси қарзхоҳ қувваи додаашро гашта мегирад. Ӯ заминҳои гандумаш сафедшударо шинохт. Як қисм замини Олимбой, ними замини Мирзоумед, замини калони он сӯи сой азони Файзмуҳаммад. Замини одамоне, ки бойшон карданд. Дар поёни роҳ ҳам чунин заминҳо ҳастанд. Лекин заминҳои кӣ буданашонро Нуралӣ аниқ карда натавонист. Дар ҳар тараф заминҳои бекорхобида ҳам бисёранд. Омад-омад ва ҳаргуна овозаҳои инқилоб ки шуд, дасту дили мардум ба кор суст шуд. Болшевикҳо инқилобашонро карданд, аммо аҳволи мардум ва шароити зиндагӣ рӯз то рӯз бадтару бадтар... Ба он нигоҳ накарда, ки гуруснагист, касе аз сидқи дил кор намекунад. Рост мегуфтанд, ки дасти шикаста кор мекунаду дили шикаста не. Ин инқилоб ба истиснои ду-се кӯчагард дигаронро аз кору бору орзуҳошон мононд. Ӯ қарор дод мардум ки рафтанд, поён мефурояду сараша то миён дар об зер карда хуб менӯшад, пас сойро гузашта ба Дашти Сурхӣ меравад. Он ҷо дар гӯшаи боғаш каҳдон дорад. Он ҷо гилему намад бисёр дорад, партофтаю баҳузур хоб рафтан мумкин. Дигар чизҳо ҳам ҳаст... Яқин рӯз шавад, хонагиҳояш меоянд. Заминҳои вай ҳам гандуму алаф доранд.

Соате гузашту сояҳо аз теппаҳо боло шуданд. Даравгарон яке аз паси дигар корро бас карда ба роҳи деҳа баромаданд. Нуралӣ ду нафар харакиҳоро шинохт- Каромати дуредгар ҳамроҳи Тӯйчии ҳамсояаш. Каромат куртаи карбос дорад, саллааш дар паси сараш. Хараша сихак карда, лука дода мерафт. Замини Каромат дар поёни роҳ, дар назди замини Остон аст. Замини Остон чор таноб аст. Ҳар чизе, ки аз бобояшон монда буд. Нуралӣ ҳангоме ки аз Ҷиззах молдор шуда барагашт, он заминро ба Остон бахшид. «Писарамак, ин замин барои худат,» гуфт. Аммо писарамак, вақте ки даст ёфт, ӯро, чӣ кор кард...

Баробари кам шудани одамон бесабрии Нуралӣ меафзуд. Ташнагиаш тоқатфаростар мешуд.

Баъде ки офтоб аз дашт парид, дашт лаҳзае рӯшантар намуд. Бахусус оби ҷӯйборҳо ки қади дашт нишеб шудаанд, сап-сафед менамоянд. Ба дили Мансур омад, ки дигар ӯ дар ин замин мисли солҳои пеш дилпуру бепарво гаштан наметавонад. Одамон ҳам он муносибати беғаразонаи пештараро нисбати ӯ нахоҳанд кард. Ин инқилоб нашуда бало шуд. Доғи калаф ба рӯяш зад. Чӣ гуноҳ содир кард, ки ба чунин бадбахтӣ гирифтор шуд? Магар номус кардаю шабу рӯз меҳнат кардану молдору ҳолдор шудан, зиндагии ба ном барпо кардан хуб нест? Ҳангоме ки дар Сурхӣ замини болотари марғзора обод мекард, раҳматии падараш ду-се маротиба гуфт, ки «нафса калон накун, дар корҳо миёна будан хуб аст». Аммо Нуралӣ гуш накард.

Нафарони гандумдарав ҳоло ҳам дар се-чор замин ҳастанд. Фурсате гузашту як гурӯҳ аз замини Рачаб баромаданд. Писаронаш Ашӯру Абдулбоқӣ ҳамроҳаш. Боз ду-се гурӯҳ низ корро бас кардаю пасу пеш заминашонро тарк карданд. Наздики шом шуду фақат одамони замини Олимбой монданд. Онҳо чор нафар. «Мабодо шабдарав монанд» фикр кард [illegible] ва дар таҳлука афтид. Шом фаро расиду яке азон гуфт, Нуралӣ шахси азонгӯйро аз овозаш шинохт: Азизбек-саиси Олимбой. Фикр кард, ки шояд замини бойро соҳиб шудааст? Ҳоло, ба гуфти худашон, ранҷбарҳо ин корро мекунанд. Нуралӣ дар замираш ба Азизбек муроҷиат кард: «Ошно, замини Олимбойро гирифтӣ, ё не кори худат. Илтимос, ҳамин ки шома хондед, хона ба хона равед. Дам гиред, сари субҳ хеста меоед. Пеш аз субҳ ҳам биёед, боз хубтар».

Азизбеку ҳамроҳонаш одами ба маслиҳат будаанд, ки намози шома хонда, зуд харҳоро савор шуда рафтанд. Дар дашт ба ғайр аз туп-туп зоғҳое, ки дар заминҳои гандумаш даравида ба шавкун шину хез доштанд, дигар касе наменамуд. Нуралӣ боз каме тоқат карду сипас аз пастхамӣ ба эҳтиёт то лаби ҷӯй фуромад. Об нӯшид, сару гарданаша ба об тар кард. То торик шудан тоқат кард. Пас бо сарурӯи тар, қад-қади ҷӯй роҳи Дашти Сурхиро пеш гирифт. Як соат барин роҳ гашту ба домани дашт даромад. То омад, ки моҳи коста аз паси теғаҳои кӯҳ намоён шуд. Рӯшаниаш хира бошад ҳам, атрофро баҳузур мебинӣ. Дар даромади дашт, дар лаби роҳи калон замини Мансури самарқандист. Ин заминро ҳам ними гандумаш надаравида. Мансур сабаб шуду Нуралӣ аз банди болшевикони ҷаллод раст. Ҳоло худаш дар куҷо бошад?

Пайраҳаи байни карафсзорро гузашта, ба замини поёни марғзор, ки ними гандумашро даравидаанд, омад. Мушоҳида кард, ки гандуми боқимонда сафед шудааст. Пештар онҳо кадом қитъаеро, ки гандумаш ба дарав меомад, медаравиданд. Қитъаи хомбударо дар охир мемонданд. Ҳоло яксара даравида рафтаанд. Пайи пои даравгарҳо ҳанӯз тар буд, якчанд дарзаҳо набаста, парешон шуда хобанд. Ин кори Анвар аст, монда шуда дарзаҳоро нобаста рафтааст. Маълум мешавад, ки соате пештар аз омаданаш рафтаанд.

Нуралӣ, ки аз пагоҳӣ боз чизе нахӯрда буд, сахт гурусна монд. Ду-се саракро сахт-сахт фишурда гандумашро пуф-пуф кардаю тоза карда ба даҳон партофт. Дилаш талабгори хона шуд. Қарор дод, ки каҳдона хабар гирифта пас меравад. Дид, ки дари каҳдон қулф надорад. Зулфину занҷир ҳам надорад. Дарро кушода ҳамон лаҳза пай бурд, ки ба каҳдон дузд даромадааст. Каме ис-

тод, ки чашмонаш одат кунанд, дид, ки бандҳои беда як тараф партофтаю аз чизҳои ин ҷо овардааш осоре нест. Ду ҳафта пеш аз омад-омади урус дар ду сандуқ либосворӣ, либосу анҷомҳои занона ва ҷомаю саллаҳои қимат ва чанд гилему намадҳои навро ҳамроҳи Анвар ва саисаш Рузибойи мӯйсафед шабона оварда ин ҷо пинҳон карда буданд. Он либосворию он ҷомаҳоро аз бозорҳои Самарқанд ба чи орзуҳо гирифта буд. Маълум мешавад, ки ҳамаро бурдаанд. Хайр, ҳоло замонаи дуздию торочгарӣ шуд. Ҳоло ҷонат азиз... Ӯ аз каҳдон баромада дарро пӯшиду роҳи деҳаро пеш гирифт. Ба канори деҳа омад. Деҳа ғарқи хоб аст. Ба ғайр аз овози шар-шараи паси хонаи Олимбой дигар садое шунида намешавад. Равшании чароғе ҳам нест. Хира-хира боми хонаашро, ки аз дигар хонаҳо баланд аст, дид ва дилаш шуввӣ карда рафт. Шаш моҳ шуд ки хонаашро надидааст. Ӯ медонист, ки дар шабҳои гарми тобистон бештари мардум дар болои бомҳо хоб мекунанд. Бо роҳе, ки аз паҳлӯи масҷид мегузашт, наздик ҳам бошад нарафт. Масҷид мудом одам дорад! Ба канори гузари Таги Санг гузашта, байни хонаҳоро тоб хӯрда, аз паси ҳавлиаш деворро дошта фуромад. Аҳли аёлаш рӯи ҳавлӣ хобанд. Занашу ҳарду духтараш дар пеш, Анвару завҷааш он тарафтар назди дари хона хоб рафтаанд. Пештар рафт, ки занаш сари зону хеста ба таҳлука «Ту кӣ?» гуфт.

– Гулрӯ, ман, натарс,-оҳиста овоз дод Нуралӣ.

– Шумо омадед!-Гулрӯ парида аз ҷой хест. - Дар овозаш ҳам хурсандӣ, ҳам тарс садо медод.

Нуралӣ ҳамон шаб аз суҳбати зан, аз воқеъаҳои дар деҳа рӯйдода ва гирумони мардум огоҳ шуд ва дарёфт, ки ин ҷо зиёд истода наметавонад. Занаш гуфт, ки як сиёҳи бадрӯро аз кадом деҳаи болооб оварда, муаллим мондаанд ҳама кор дар дасти ҳавай. Як махлуқи бетутуруқ. Ҳар ҳафта омада «шавҳарат наомадааст»? гуфта хонаҳоро мекобад. Баъзан шабона бо фонус омада, охури молҳоро хабар мегирад. Холи қатрон дар ҳама маҷлисҳояш мардума огоҳ мекунад: «Давлати Шӯро Нуралию Мавлонбойи гурезаро, хоҳ дар қаъри заминанд ё фарози осмон, меёбад! Намемонад, ки душман дар ин ватан гардад.»

– Меёбад,-Нуралӣ розӣ шуд.-Ҳамаи шаҳру деҳот дар дасташон.

– Аз ҳама аламовараш ин ки бештари одамони деҳа ҷонибдори ҳамон қатрон. Гӯё дар ҳақиқат мо ба онҳо душманӣ кардаем.

– Кори ин олам ба чунин тартиб будааст, ба лаби ҷарӣ ки рафтӣ, телаат медиҳанд, – Нуралӣ синчакрона ба занаш нигариста пурсид: -Боз чи гапу хабарҳо?

– Як моҳ зиёдтар шуд, ки хабари мурдаи Файзмуҳаммад омад. Хешонаш рафтанд, ки мурдаашро биёранд, чи шуд, ки наоварда дар қабристони шаҳр гӯрондаанд. Писараш Нурмуҳаммадро, ки тир хӯрда буд, сиҳат карданду ба ким-кадом зиндони Қазоқистон роҳӣ карданд. Зани Маҳмуди мисгар аз шаҳр омада буд, чизу чораашро бор карда рафт.

– Худаш сиҳат будааст?

– Сиҳат. Вайро ҳам дар зиндони Самарқанд медоштаанд.

– Аз Мавлонбой хабар нест?

– Аз рӯйи овозаҳо баъди ду моҳи гурехтанаш боре омада рафтааст. Гӯё зани хурдиаш Шамсияро ҳамроҳаш бурданӣ шудааст, ки зан қатъӣ «намеравам» гуфтааст. Як моҳ пештар занака Обид никоҳ карда гирифт.

– Чӣ хел никоҳ мекунад, шавҳараш зинда.

– Домуллоназар гуфтанд, ки шавҳари зан зинда. Ҳатто хабаре ҳам наомадааст. Аз ин рӯ ҳаққи гирифтани занро надорӣ.

Обид гуфтааст, ки Мавлон ҳақ ёфту пулу мол дода, номзади маро гирифт. Имрӯз, ки вай гуму нест шудааст, номзадама гардонда мегирам!

– Кадом мулло никоҳ кард?

– Тӯйчии ҳамакора никоҳ кард. Дар вақташ маҷбурӣ ба хонаи бой оварданд гуфта фатво додаст.

– Зан чӣ гуфтааст?

– Зан тарафдори Обид. Ман он ришакии фартутро ба худам роҳ намедодам, гуфтааст.

Дар вақташ Мавлонбой кори хуб накард-куя,-гуфт Нуралӣ.- Ба рӯи Обид, ки по монд акнун ҷавобашро мекашад.

– Обид қасдонаи Мавлонбой ин корро кард. Вагарна духтар бисёр буд.,-гуфт зан. Дар ҳамон рӯзи дородори шумоҳон ин ҳам худаша тарафи урус гирифтаю барои доштани Мавлонбой меравад, ки вай гурехтааст. Ҳамон шаб ҳамаи хонаҳо, оғилҳоро мекобад, рӯзона баромада авулҳоро хабар мегирад.

– Дар ҳамон соле, ки Мавлонбой духтара гирифт, Обид дар шаҳр мардикорӣ мекард - гуфт Нуралӣ. – Фаҳмида омада дар намози ҷумъа гиребони Мавлонбойро гирифта гуфт: «Ту аз бой буданат маст шуда номзади одамонро мегирӣ?!» Хешони Мавлон тӯда шуда ба сараш ҳучум карданд. Аз ин тараф авлоди Обид ҷамъ шуд. Қариб дутарафа шуда занозанӣ мекарданд.

– Шамсия ба Обид духтари амма мешавад. Ҳамдигара нағз медиданд. Гӯрсӯхтаи падараш, Рачаб, як аспу пулу мол гирифта духтара дод.

– Аспи додаи Мавлонбой аспи номӣ буд. Рачаб, ки кам-кам човандозӣ мекард, аспа дида дилаш рафт.

– Аз он асп фоида надид. Вакте ки урус даромада буд, кадоме хабар медиҳад, ки Рачаб аспи хуб дорад. Аспа гирифтанд.

– Мавлонбой аз духтар фарзанд дорад?

– Не-е, гуфтам-ку духтар гуфтааст, ки раҳаш намедодам.

– Ҳоло Обид чӣ корагар?

– Вай ҳам дар қатори фаъолон. Мегӯянд, ки аъзои фирқашав будааст.

– Ин хел бошад, Мавлонбой дигар ба ин ҷо қадам монда наметавонад.

Пагоҳӣ аҳли оила барвақттар ҷамъ омадаю чой нӯшиданд. Аз хешон фақат Мирзошарифро аз омадани Нуралӣ огоҳ карданд. Мирзошариф Нуралиро ба оғӯш гирифта, гуфт: «Чӣ хуб кардед, ки ба роҳи кӯҳ омадед. Дар роҳҳо дидбон мондагианд. Сипас маслиҳат дод, ки Нуралиро ба хонааш бурда пинҳон мекунад».

– Ку, ду-се рӯз ин ҷо истам, пас маслиҳат мекунем,-гуфт Нуралӣ. Ӯро дар таҳхона ҷой карда аз болояш дарро қулф карданд, дарвозаи ҳавлиро занҷир карда, ҳама ба кор рафтанд. Таҳхона калон аст. Аз ту тараф гурбадав дорад.

Лашу-луши рӯзгор, ҳезумашон дар ҳаминҷост. Дар як гӯша пӯсти ошдодаи гову буз болои ҳам хобанд. Инҳо пӯстҳои дар се соли охир ҷамъкардаанд. Соате пас аз рафтани бачаҳо мушҳо ба давутоз даромаданд. Онҳо Нуралиро дар паси хамба, болои курпача дарозкашида дида, баъзан сари по хеста дастҳо поёнсуна овезон, мижа назада ба ӯ зеҳн мемонданд. Гӯё ҳайрон мешуданд, ки ин одами ба бошишгоҳи онҳо омадаю баҳузур дарозкашида кист? Нуралӣ аз таҳхонаи торик, ки бӯи мағор, бӯи муш ва кимчиҳое мекунад, нафрataш омад. Он ҷо ҳатто хобат намеояд. Не, ин ҷо ҷойи ӯ нест...

Бегоҳӣ ба «хӯрокатона ҳамин ҷо меорам» гуфтани занаш эътибор надода, ба ҳавлӣ баромада ба давраи фарзандон нишаст. Ба духтаронаш Моҳрухсор, Хосият, келинаш Саодат ва Анвар ҳаргуна шӯхиҳо кард.

– Гандуми дар ҳафт рӯз дарваидаатона шаб дидам, ман вайро дар як рӯз медаравам, -гуфт.

– Ҳамин девкориатон буд, ки давлати Шӯро дар рӯйхати бойҳо ҳамроҳатон кард. -Анвар ҳам бо падар шӯхӣ кард.

Имшаб рафта дараваш кунам?-Нуралӣ аз рӯи писар чашм намеканад.

– Остони писарамакатон омаданатона фаҳмида, ҳамон лаҳза милиса меорад.

– Рост мегӯй, душмани сахтам ҳавай аст. Ба ту чи гуна муносибат мекунад?

– Мо сояи ҳамдигарро дар девор метарошем.

Нуралӣ духтари хурдаш Хосияти нуҳсоларо ба паҳлӯяш шинондаю сарашро бӯсида пурсид:

– Туя азоб намедиҳанд? Ҳамзамон аз дилаш гузашт, ки осори ошуфтагӣ дар нигоҳи кӯдак аён аст. Ӯ медонад, ки дар деҳа дар ҳақи падарашон бадгӯи мекунанд. Медонад, ки падараш аз тарс гуреза аст. Наметавонад, ки ҳамроҳи онҳо дар хона бошад.

Хосият ба апааш менигарад . «Ту азоб медиҳӣ» мегуфт нигоҳаш.

– Ман акнун дар хона ҳастам, туро касе озор намедиҳад, - гуфт Нуралӣ ва ҳамоно пай бурд, ки ба гуфтани ин сухан ҳақ надорад, аламаш омад.

Гулрӯ ба шавҳараш зеҳн монда фикр кард, ки Нуралӣ дар рӯ шӯхӣ мекунаду ботинаш лабрези андуҳу ғуса аст. Вай ба он феъли беқарораш, дар таҳхона истодан наметавонад. Дар хона ҳам наметавонад. Ӯ меравад. Ва ин бори рӯзгор боз ба сари вайу Анвар мемонад. Ӯ бо дили пурозор ба суҳбат ҳамроҳ шуд.

– Номи ҳамон Остони хешатона нагиред. Бо бачу качаш саркутаи бачаҳома хӯрда калон шуду акнун дар кӯча бинад, рӯша мегардонад. Илоҳо сару миёнаш шиканад.

– Дар ҷабини Нуралӣ чинҳо ҷамъ шуданду сухан накард?.

Дар масъалаи чизу чораи гумшудаи каҳдон Анвар гуфт, ки аввали баҳор замина хабаргирӣ рафтам, ки қуфла шикаста, ҳамаро бурдаанд.

– Нуралӣ писарашро маломат накард, ки аз онҳо бехабар мондааст, балки дилбардорӣ кард:

– Он чизҳо садқаи сар, худамон тинҷ монем, давлати калон,- гуфту даст афшонд.

Андешаҳои Гулрӯ рост баромаданд. Нуралӣ баъди ду рӯз шабона занашро бедор карда хабар дод, ки меравад. «Аз ман хавотир нашавед,-гуфт,- як

сол - ним сол мегардаму меоям. То он вақт ягон дигаргунӣ мешудагист». Пеш аз субҳ ӯ деҳаро тарк кард.

❄ ❄ ❄

Мансур ҳанӯз дар роҳ, дар чойхонаи танаи ағба фаҳмид, ки қӯшуни рус Қарширо тассарруф карда, қалъаи бекнишинро сӯзондааст. Ин хабарро сафаракиҳои аз рӯбарӯ омада гуфтанд. Ӯ Ҷовидро, ки аз кӯфти роҳ монда шуда, болои рег хоб карданӣ аст, саросема кард: «Бачаҷон, хез ки болшевикҳо Қарширо соҳиб шудаанд».

Онҳо наздики аср ба Шаҳрисабз даромаданд. Модари Валиҷон, кампири сиёҳандоми қадбаланд ва асобадаст, онҳоро пешвоз гирифт. Мансуру Валиҷон ошноҳои деринаанд. Ҳар гоҳ, ки Мансур ба чарогоҳ молашро хабаргирӣ биёяд, *дар хонаи Валиҷон хоб мекунад. Валиҷон шаҳр равад, ҷойи истиқоматаш хонаи* Мансур. Дере нагузашта Валиҷон омад. Ба риши барвақт сафедиовардааш даст бурда, воқеъаи Қарширо нақл кард.

Беки Қаршӣ Усмонбий-аталиқ ҳудуди шашсад нафар аскар доштаасту як лаҳза пойдорӣ накардааст. Аз байни аскари рус ҷавони қазок, ки падараш дар Бухоро хонда будааст, як рӯз пеш хабар мефиристад, ки аскари рус бо қувваи калон мераваду тайёрии ҷангро бин. Беки манғит тайёрӣ мебинад. Саллаю ҷома мекунад, муфтию қозию дигар калонҳоро ҷамъ кардаю ҳамроҳ мегирад. Ба ҳафт мазору чор масҷиди шаҳр рафтаю калон-калон назр мекунанд ва дуо мегиранд, то ки рӯҳашон мадад кунаду мардуми шаҳр аз балоҳои заминию осмонӣ эмин монанд. Дар наздикии қабристон корвонсарои кӯҳна ҳаст. Он ҷо ғарибону дарвешон хобу хез мекунанд. Ба он ҷо ҳам нону об ва як қутан гӯсфанд бурда ба дасти худ дода, хуб дуо мегирад.

– Дар каллаи инҳо аз ин зиёд чизе намеояд,- тамасхур кард Мансур ва пурсид:- мардум чӣ мегӯянд?

– Дарҳол овоза меравад, ки бек ба мазорҳо калон-калон назр кардааст. Баъзеҳо изҳори ризоят мекунанд, баъзе мегӯянд, ки акнун мазор ба хотираш расид?

– Себ аз себ дур намеафтад, гуфтагӣ барин, халқ ҳам ҳамон фикри беку муллояшро дорад.

– Ҳоло давомашро гӯш кунед: бек пагоҳӣ аскарро ба ҷанг фиристода, ман аз оқиб меоям мегӯяд ва либоси деҳқонӣ пӯшида, ноаён аз дари ақиб баромада мегурезад. Шабона аз хазина як қисми тилло ва дигар чизҳои лозимиро гирифта, ҳамроҳи зану фарзанду навкарҳои наздикаш фиристода будааст.

– Хато накунам, Усмон амакбачаи амир аст?

– Бале, амакбача мешавад. Беки Ғузор ҳам хешаш аст. Беки мо амаки рӯбарӯ: ин музофотҳо ҳама дар дасти элу авлоди носерамаш.

– Аввал элу авлод мегурезад. Бегона андеша мекунад.

– Рост мегӯед,-гуфт Валиҷон ва ба суханаш идома дод: -Ду сол пеш амир Олимхон дар гармои тобистон ба ин ҷо дамгирӣ омад. Ин Акрам-тӯраи мо чунон хушомаду чоплусӣ кард, ки ҳоло ҳам мардум гуфта механданд. Аъламу уламоро

ҳамроҳ гирифта, як рӯза роҳ пешвоз мераванд. Фойтуни амир, ки намоён мешавад, Акрам худро, аз асп партофта, шиками дамидаю риши сафедашро ба замин молида чорпо роҳ меравад. Ба ғайр аз як домуллое, ки дар Бухоро хондааст. дигар ҳама ба чунин аҳволи шарманда пеш мераванд. Мисле ки тӯдаи гургон ба замин паҳн шуда, ба сайд наздик мешаванд. То амир аз файтун фаромадаю омада даст ба китфи бек гузошта, «Акрамбой, ман розӣ, акнун хезед»- гуфтан ҳамчунон меистанд. Пас ҳама мехезанд, дастонашро бӯсида, дар рикобаш то назди дарвозаи шаҳр меоянд. Ин ҷо барои пешвоз халқи бисёреро баровардаанд. Аввал панҷто мард ба навбат ба таърифу тавсифу шеъргӯй шурӯъ карданд. «Ту офтоби тобонӣ! Ту осмонӣ мой! Ту Темури замонӣ!» Ба Амир Олим, мисле ки пушти харро хору мол кунӣ, мефорада ва ҳамчунон бо ҳаловату қаноатмандӣ гӯш карда меистад. Баъди он ҳой-ҳой кардаю ба болои фойтунаш тиллою танга-пошириро шурӯъ карданд. Одамон барои тилло лабу гӯши ҳамдигарро мекашанду мегазанд, гиребонканию каллазанӣ мекунанд, рӯ-рӯи замин мекашанд. Амир аз тамошои онҳо шикамашро дошта қаҳқосанон механдад. Ҳар замон ишора мекард, ки «тиллоро чошед! Чошидан гиред!» Худаш ба чапу рост тоб хӯрда аз ханда шикамашро медошт.

– Хабари қалъаро сӯзондану гурехтани бекро кӣ овард?-пурсид Мансур.

– Дар Қаршӣ чавонони мо кор мекунанд: ду нафар дар қалъаи бек ба ҳайси посбон хизмат мекарданд.Аввал ҳамонҳо хабар оварданд, ки саллотҳо касеро, ки дар қалъа ёфтанд, аз дами шамшер мегузаронидаанд. Пас бозорнишинҳо омадаю хабар оварданд, ки аскари болшевик қалъа ва бозорро сӯзонд.

Мансур дасташро бо китфи Ҷовид ниҳод:

– Ҳоло хӯрок хӯрем, пас хоб меравӣ.

Валиҷон саросема хеста, хӯрок оварданӣ шуд, ки Мансур гуфт:

– Шинед, аввал маслиҳат кунем: гӯсфандҳоро фурӯхтед? Пул лозим шуд.

– Пул?..-Валиҷон рангаш дигар шуду бо овози гирифта гуфт:

– Мансурҷон, бист гӯсфандата фӯрухтам. Дигар ҳамааш дар як рамаи шинос ҷо ба ҷо истодаанд.

Мансур дар оҳанги сухани Валиҷон лағзиш ҳис карда, ба истеҳзо гуфт:

– Валиҷон, рӯзи аввал пурсидам, ки сад гӯсфандро фурӯхтан метавонед? гуфтед, ки дар ин ҷойҳо саду дусад ин қадар моли зиёд нест. Як нафар ҳамаашро мегирад. Қариб ду моҳ гузашту мегӯед, ки бистто фурӯхтам.

– Мансурҷон, худат медонӣ, ки пеш шароит дигар буд,-Валиҷон ду тарафи ришашро сахт-сахт молид: -Дар ҷойҳои мо ин бачабеки (болшевик) хонасӯхта набуд. Ҳоло мардум мол яктараф, хонаю дарашонро партофта мегурезанд. Дар Китоб чӣ воқеъа рӯй дод, худат дидӣ! Хонаҳоро партофта ба кӯҳҳо гурехтанд.

– Валиҷон, гапи бисёр - як хара бор! Сухана кӯтоҳаш ҳамин, ки ин ҷо харидор набошад, пагоҳ молро ҷудо мекунем, бурда дар бозори Самарқанд мефурӯшам.

– Ҳоло он молро ба зудӣ меёбем? Мегӯянд, чӯпонҳо аз тарси бачабек молашонро ба кӯҳҳои баланд ҳай карда бурдаанд,- Валиҷон сурх шудаю ба рӯи мусоҳибаш нигарист:- ҳаргуна овозаҳо ҳам шуданд. Гӯё ки одамони ношинос як қисми молро зада гирифтаанд.

«Баҳона меёбад!»Аз дил гузаронд Мансур ва гуфт:- Ҳозир гуфтед, ки ҳамааш ҷобаҷо...

– Мансурҷон, ту аз кай боз ба ман бовар намекунӣ? – Валиҷон нони гарми овардаи модарашро шикаст, -ману ту шиноси якрӯза не!- ва ҷониби Ҷовид табассум кард.-Ту нон гир, ҷияни тағо. Ману падарат даҳсол боз шиносем. Дар баробари шиносии мо даҳ гӯсфанду сад гӯсфанд арзиш надорад; дар шоҳидии падарат ба ту мегӯям.

– Ман ҳам дар шоҳидии ту мегӯям!-Мансур бо ханда ҷониби писараш нигарист.-Аз ду ки зиёд шуд, арзиш дорад.- Ӯзбекҳо мегӯянд: «молим чиқдӣ, ҷоним чиқдӣ», ки як китоба гап.

Ин вақт писараки газгӯшти ҳамсоли Ҷовид, ки куртаи бенури китфонаш дарида дошт, ба хона даромаду Валиҷон писаракро ёрҷанг гирифт.

– Темур! Ҳе Темур нашуда бало шав! Дар хона меҳмону ту дар кадом гӯр мегардӣ, зоғчашм?! Ҳе, дар зоти қипчоқат... -Дашноми обдоре доду ҷониби Мансур нигарист...- Медонед-а? Ин хурдиамон, модараш қипчоқӣ.

– Дар боғи назди дарвозаи шаҳр навкарҳои бек ҷамъ меоянд,- хабар дод Темур.-Ҳоло аскари урус ҳам меомадааст ин ҷо ҷанг мешудааст!

– Кӣ мегӯяд?-пурсид Валиҷон.

– Одамон мегӯянд. Ҳамроҳи ҷӯраҳоям боғ рафтем. Он ҷо одамон ҷамъанд.

– Ҷанг шавад, ҳоли мо чӣ мешавад?- Валиҷон ҷониби Мансур нигарист.

– Ба шумо ҳеҷ чиз намешавад. Урус-болшевикҳо бойҳоро хуш надоранд.

– Ҳамту гӯй, Мансурҷон, дилама кушо.

Аз байн се-чор дақиқа гузашту садои «Бо-ом!!Бо-м-и!»-и парондани тӯп ва аз паси он садои тохту този аспҳо ва ҳою ҳӯй баланд шуд.

– Оқибат инҳо ягон балоро сар мекунанд,- Валиҷон безобита шуда хест ва ҳарду ҷониби масҷиди Сари Пул, ки он ҷо мардум ҷамъ омада буданд, равон шуданд. Валиҷон писараш Темурро таъкид кард:

– Назди ҷӯраат шин. Аз хона берун қадам намон, ки кӯчаҳо пури урус аст. Бачаро бинанд, ҷо ба ҷо мепаронанд.

Кампир омада дуртар аз дастархон ҷой гирифт. Яқин дастархонро ҳифз мекард, ки Темур ба он нарасад. Темур бошад, бепарво ҷониби Ҷовид чашмак зада гуфт:

– Ҳоло падарам дуртар раванд, мо ҳам меравем. Аскари урусро тамошо мекунем. Вай тоқии фарсудаашро дар оби ҷӯе, ки аз поёни ҳавлӣ мегузашт, тар карда пӯшид.

Ҷовид ҳам ҳаваси тамошои аскар дорад. Шояд Александр Черновро мебинад. Вай бояд Ҷовидро дар хотир дошта бошад.

– Падарат гуфт, ки аз хона берун набаро.-Кампир безобитагии набераашро дида, ӯро шиддат кард.

Темур ба қаҳр ҷониби кампир нигарист, пас чанг зада аз болои дастархон ду ҳалвои собуншаклро гирифта, якеро ба зӯрӣ ба ҷайби Ҷовид андохт ва ҳарду ба ҳой-ҳойи кампир эътибор надода, давида ба кӯчаҳои пурчанги каҷмакаҷ баромаданд.

Дар ҳавлию саҳни масҷид ва роҳравҳо мардуми бисёре ҷамъ омадаанд. Як гурӯҳ саркардаҳои хушлибос дар баландии саҳн қарор доранд. Аз ҳар тараф овозҳо меоянд «Ғазавот мекунем! Ҷиҳод мекунем! Наметонем, ки душман ба шаҳр дарояд!» Аз байни саркардаҳо марди лоғарандоми саллакалоне баромада ба зарба гуфт:

– Мардуми олам моро чӣ мегӯянд?!Ҳамшаҳриҳои Амир Темури соҳибқирон шаҳрашонро бе ҷанг додаанд, мегӯянд. Амир Темуре, ки ними ҷаҳонро ба зону шинонда буд. Аз овозаи омад-омадаш ин тотору нуғайу русе, ки имрӯз ба ҳазор дамдама ба дари мо омадаанд, эзорашонро тар мекарданд! Имрӯз ин бефарру берӯйҳо бағайрат шудаанду шаҳрҳои моро мегирифтаанд! Лекин мо намегузорем, ки пойи наҳсу наҷаси онҳо ба диёри муқаддаси мо расад!...

– Ин одам қозӣ,-гуфт Темур.-Солҳои пеш ҳам дар Қаршӣ қозӣ будааст. Дар Бухоро ҳамроҳи амир мегаштааст. Шеър ҳам мегӯяд.

Ғалоғула шуд, сухани қозӣ мардумро рӯҳбаланд кард, одамон дар саҳн зиёд шудаю Темуру Ҷовидро тела карда, ба канор баровардаанд. Дар он лаҳза суханҳои тоҷикию ӯзбакӣ баробар садо медоданд.

– Касе шамшер надорад, ба дари оҳангар равад!

– Ҳама эркак хотунлар белларини боғсун!

– Рӯихат мекунем!

– Нимага бек келмади? Уни об келинг!

Намози аср наздик мешаваду одамон намераванд.Дар чеҳраи онҳо қатъият аён аст. Аммо баъди паҳн шудани овозаи «русҳо тӯпҳояшонро дар баландии Дашти Ҷавпаз насб кардаанд», шаҳре, ки дег барин меҷӯшид, мисле ки оби хунук рехта бошанд, хомӯш шуд. Мансур дасти Ҷовидро гирифта хона омад. Наъли пои аспро, ки суст шудааст, мех зад ва гуфт:

– Аз беруни бало даруни бало будан беҳтар. Акнун то яктарафа шудани ин кор сабр мекунем:-Наъли пои дигарро ҳам даст карда сахт буданашро дида илова кард:- Аз ин ошнои мо дигар гӯсфанд рӯёндан мушкил. Аз суханаш маълум.

– Оҳиста сухан кунед,-Ҷовид ба кампир, ки дар гӯшаи ҳавлӣ намоз мехонд, ишора кард.

– Кампир корҳои ҳарому ҳалоли писарашро хуб медонад,-гуфт Мансур ва ҷомаро гирифта ба лаби ҷӯйбори паси хона гузашт. Таҳорат мекарду ба сараш фикрҳое омад, ки аз онҳо ба дилаш тарс афтод. «Аз дасташ хонаҳояшро, зану фарзандашро, пулеро, ки дар бонк дошт, кашида гирифтанд. Акнун моле, ки дар ин диёр дар дасти Валиҷон дошт, онро ҳам рабуданд. Гӯё ӯ мурдаю ҳама чизашро тарака доранд. Фақат Ҷовид монд. Кошки ба ӯ газанде нарасад. Эй Пок, зоти Мансуриёнро аз заминат гум макун». Назди аспи Валиҷон ки дар сутуни каҳдон бастааст, рафт, гарданашро молид ва аз Темур, ки дар пушт як банд юнуҷқаи тар меомад, пурсид;

– Тобистон аспро ба чарогоҳ сар дода будед?

– Ду ҳафта шуд, ки аз чарогоҳ овардем.

Ин дам Валиҷон саросема аз кӯча омада, сандуқеро аз хона кашола карда берун баровард.

– Таги алафҳо монем, аз чашм дур бошад, беҳтар,- гуфт.

– Агар моли ҳалол бошад, монед, истад. Агар шубҳанок бошад, фарз кардем...-гуфт Мансур ва хандаашро базӯр дошта наздик рафта як тарафи сандуқро бардошт. Ба хотираш омад, ки ҳамингуна сандуқеро худаш ҳам хангоми даромадани русҳо пинҳон карда буд. Акнун ин корро аксари мардум мекунанд.

– Мансурҷон, ту гуфтанӣ, ки агар аз пули гӯсфандҳои ту бошад, насиб намекунад. Не, Мансурҷон, ин ҷо ҳамааш аз пули ҳалол,-Валиҷон бандҳои бедаро болои сандуқ чида ва тез-тез нафас кашида, ба шиддат илова кард:- Авлоду асҳоби бачабека...Зани бачабека... Як хасамро ба ин модарбахатоҳо намедиҳам! -Ва раҳорах миёнбандашро кушода аракаи сару рӯяшро пок кард.

Дертар шаҳр рафта хабари тоза овард:

– Беки мо, Акрамхон тӯра, худаш назди издиҳом набаромад. Лекин ба ҳафт мазор рафта, калон-калон назр дода, дуою фотиҳа карда омадааст.

– Рӯбоҳ то дар таги чоҳ аст, карбос хайр мекунад дар ҳаққи бекҳои шумо. -Мансур ба тамасхур ба рафиқаш зеҳн монд.

– Яке аз одамонаш ба саҳни масҷид баромада хабар дод, ки пагоҳӣ ҳама ба ғазавот бароянд. Касе камон надорад, аз оҳангар шамшер гирад. -Дар чеҳраи Валиҷон ҳоло он бепарвоии пештара дида намешавад. Беқарор аст. Тарсидааст.

– Яқин, беки шумо ҳам мисли беки Қаршӣ мегурезад,-гуфт Мансур.- Вагарна боре назди халқ мебаромад, ҳамраъй буданашро намоиш медод. Ғазавотталабҳоро ёрӣ дода, ба ҷанг дилгарм мекард.

– Мансурҷон, ҷони гапро гуфтӣ. Ту ки ҷахондида ҳастӣ, бисёр медонӣ.-

Валиҷон ба модараш шунавонда илова кард:

– Модари мо то аскари бачабек ин ҷост, намоз мехонанд. Ба хотирашон намерасад, ки ба меҳмонҳо хӯрок додан ҳам фарз аст.

– Хӯрок тайёр,- гуфт кампир ва саросема ҷониби ошхона рафт.

Мансур фикри ба сараш омадаро гуфт:

– Ё шояд болшевикҳо аллакай бекро таҳдиду таъкид кардаанд: «Хапу дам баромада раву мардумро беҳуда зери тир намон! Мисли бобоят, ки дар ҷангҳои Ҷиззаху Самарқанд мардумро сарсону худро шарманда карда буд.»

– Инҳо он қадар чиз ҷамъ кардаанд, ки хазинаҳо пури заҳри закум шуда рафтааст. Дилашон мешавад, ки ин боигарию қасру кӯшкро партофта раванд?

– Ин тоифа, ҷонаш тангӣ кунад, ба рӯйи модараш по монда мегурезад.

– Суханҳоят маро безобита кард,- Валиҷон миёнбандашро кушода тани сергушташро шамол дод. -Мабодо пагоҳ дар қасри ҳоким толон шурӯъ шавад, мо ҳам рафта ҳаққамонро гирифта метавонем?

– Саросема нашавед,- Мансурро ханда гирифт.-Аз он хазина ба шумо чизе намерасад. «Оби ганда- ба хандақ»- гуфтаанд.

– Мабодо ба ман чаққа намешаванд?-пурсид Валиҷон.-Асп дорию ароба дорӣ гуфта, душман намекунанд?

– Пагоҳ маълум мешавад,-Мансурро нигоҳ ҷониби аспи Валиҷон рафт.- Тайёр шавед, пагоҳ дуямон ба ҷанги болшевик мебароем.

– Ту маро дилкаф накун-дия! -Валиҷон теғ кашида ба ошнояш нигарист.- Мансурҷон, ҷанг кучою ман кучо? Русро аз дур бинам,гӯсфанди обсар барин сарчархакам мегирад, чӣ расад ба ҷангаш?

– Чаро дилкаф мешудаед? Ҳадиси ҳазрати Расулуллоҳ ҳаст: «Касе дар р ҳифзи ватан шаҳид шавад, дар ҷаннат ҷойгоҳи баланд мегирад».

– Ту агар ошноям бошӣ, мон ҳамин гапҳоро. Ҳамин ҷоям ҳам хуб а Саргардониро нағз намебинам.

– Хайр, шумо наравед. Ман бо аспи шумо ба ҷанг медароям. Аспи м дасташ мех хӯрд.-Мансур пораи нони ширмолро ба даҳон карда аз болo тез-тез чой нушид.

– Бачабек шумоёнро сур кунад, туро аз куҷо меёбам? Буду шудам ҳа асп. –Валиҷон хам шуда ба даҳони мусоҳибаш нигарист.

– Майлаш, бо аспи худам ҷанг мекунам, лекин фардо аспатонро медих ки ману Ҷовид то Бухоро равем.-Мансур ҳамчунон сархам чой менӯшад.

– О, ба ту ҳамин ҷанг зарур?-Валиҷон ба ситез пушташро ба девор мон пойи маъюбашро дароз кард.- Хез, бе дарди сар ба роҳат рафтан гир. Асп мебарию маро бе даступо мекунӣ.

– Гуфтам-ку баъди як ҳафта бармегардам.-Мансур ҳам ситезманд мешав

– Мансурҷон, пагоҳ шавад, маслиҳат мекунем.

Ҷовид дигар ба баҳси калонҳо эътибор надода, пӯстакро гирифта ба гӯш рафта хоб кард ва то дергоҳ овози кампир, ки болои ҷойи намоз нишаста д мехонд, ба гӯшаш мерасид. «Ҳасбуналлоҳ ва ниъмал вакил, ниъмал мавло ниъманнасир. Ҳасбуналлоҳ ва ниъмал вакил, ниъмал мавло ва ниъманнас Ҳасбуналлоҳ....

❁ ❁ ❁

– Мансурбой, дирӯза суханатон ҳақ баромад. Акрамхон тӯра шаб каме т ло ва ҳарамашро бардошта, як қисм навкарҳоро ҳамроҳ гирифта, гурехтаас Валиҷон пагоҳӣ бо оҳанге, ки шодиёна мегирад, чунин хабар овард.- Мард саҳарӣ ба нияти ғазавот дар назди дарвозаи Чармгарон ҷамъ омаданд. Гурехта бекро фаҳмида, тарбуз аз бағалашон афтид.

– Аз дасти ин алайҳилаънаҳо дигар чӣ ҳам меояд? –Ба дили Мансур та афтод. Акнун роҳҳо ва гирду атроф хатарнок мешавад. Маҷбуранд, ки то ба тараф шудани ин хатарҳо дар ин ҷо тоқат кунанд.

– Дафъ шудагии вай хуб шуд,-гуфт Валиҷон,-понздаҳ-бист сол аст, ки б бобоҳояш ин ҷо нону намак хӯрда, духтарҳои зеборо ба ҳарамашон овард чизу мол ҷамъ карданду ободонии кардаашон ҳамон масҷиди нимбуди Са Пул. Бекҳои Қаршӣ бошанд, дар бадали панҷоҳ соли бекиашон дар болои д рёи Қашқа як пул сохтанд. Лекин ҳамаи андозҳошона як ба як мегирифтанд

– Касе нашуд, ки мардуми ҷамъомадаро сарварӣ карда, ба ҷанг ҳидо кунад?-пурсид Мансур.

– Бек набошад, дигар кӣ киро гӯш мекунад?-гуфт Валиҷон. -Мардум ҷам омада, хуб ҳайбата бардоштанд. Баъзеҳо дилашонро кафонданд: «Бек то ҳо мегуфт, ки ҳақ надоред бе фармони ман об гарм кунед!» Акнун дар ин рӯзе, к душман ба дар омадааст,пеш дарояд! «Ҳозир меояд! Ҳозир меояд!»-мегуфтан одамонаш ва дар ин миён навкарҳои назди дарвоза як бор аз тӯп паронда

Дар ҷавобашон аз тарафи муқобил ҳам як тӯп сар доданд. Навкарҳо ба чор тараф гурехта пинҳон шуданд. Баъд рӯшод карданд, ки бек гурехтааст, халқи ҷамъшуда камону каландҳо дар даст ҳайрону саргум монданд. Аз байн фурсате гузашту аскари сурх «ур-а! ур-а!» карда вориди шаҳр шуд.

Ин вақт модари Валиҷон кафлес дар даст аз хона баромада гуфт:

– Ҳамин шаб то пагоҳ дуохонӣ кардам.Раҳматии бибиям дуое ёд дода гуфта буданд, ки ин дуоро ҳазор маротиба хонӣ, муродат ҳосил мешавад. Душман ба роҳи омадааш пас мегардад. Дуоро хонда илтиҷо кардам, ки «Эй зоти якқаю ягона, ин морсарону гургсиратони ба сари мо нишебшударо худат хушӣ ба хушӣ ба макони омадаашон баргардон.» Агар ба тиру туфанги шумоён мемондем, ҳоло ҳама мисли мардуми Китоб дар кӯҳу кӯтал дар гурезогурез будем.-Кампир ба қарс даҳони бедандонашро пӯшондаю ба таъкиди суханаш тез-тез сар меҷунбонд.

– Холаҷон, аз дили ман ҳам гузашт, ки дуои шабонгоҳи шумо пеши ин аскари ҷаррорро сангдевор кард.- Мансур бо хушнудӣ табассум кард.

– Ман ҳам ба худ гуфтам, чаро овози тири душман намебарояд? Қаҳрамонии шумо будааст-дия.-Валиҷон низ аз суханони модар хандааш омад ва илова кард: -Акнун ширчойатонро биёред.

Баъдтар Темур тохта ба хона даромада хабар овард:

– Саллотҳо ба қалъа даромада, хазина ва ҳама асбобу анҷоми бекро берун мебароранд. Он ҷо одами бисёре ҷамъ шудааст...

– Эҳ, ту зоғчашм, куҷо мегардӣ?!-Шиддат кард Валиҷон.-Зуд ин хабарро меовардӣ, намешуд?! Ҳе, дар зоти қипҷоқат... -Валиҷон саросема ҷома пӯшид ва Мансурро ҳадаҳа кард.

– Зуд роҳ гардед! Бек молу чизи бисёр дошт!

– Моли мумсик йеми хирсу хук, мегӯянд,-гуфт Мансур раҳорах ва мушоҳида кард, ки Валиҷон ланг бошад ҳам, тез роҳ мегардад.

Соате гузашту Мансур танҳо баргашта омад. Рангаш кандаву изтиробзада менамуд. Ба Ҷовид ва кампир, ки чой менӯшиданд, эътибор надода, сӯйи аспаш равон шуд ва худ ба худ пичирос зад: «Ту он шаб чӣ кор кардӣ?! Киро корд задӣ?! Ин ғуладинг зинда... Ё сиҳат шуд? Не-е! Аз зарби он корд вай зинда намемонд!...»

Сабаби парешонии Мансур дар он буд, ки ҳангоми ба саҳни қаср даромадан дар байни сарбозҳои маст ва ҳаё-ҳуйдошта нохост сарбози ғуладинги дар ҳавлии Самарқанд корд задаашро зиндаю бардам дид. Ягон нишони беморӣ дар ӯ дида намешуд. Дигар қудрати пеш рафтан накард, худро дар паноҳи одамон гирифт, ҳатто ба Валиҷон гап назада, ба хона омад. Ҳоло аз худ мепурсид, ки чӣ гуна ин ғуладинг зинда мондааст? Модом ки корд то даста ба камараш даромаду хун фаввора мезад. Ҳатто ҳангоме ки ақиб гашт, ду-се дафъа овози хир-хирашро шунид. Шояд дигар касро зада буд? Не-е, охир бо ҳамон зан бӯсу канор карда меомаданд.

Баъдтар Валиҷон чанд хабар овард.

– Мансурбой, додарам, ҳоло дуямон човандозӣ меравем. Чунон бузкашӣ кунем, ки уруса даҳонаш воз монад. Ту агар боз каме меистодӣ, ҳам зиёфат

мехӯрдӣ, ҳам тамошо мекардӣ. Саллотҳо худашон даромада, тамоми хазинаро берун баровардаанд. Он чизу чораро дида, чашмат нур мегирифт. Аз сад сандуқ ҳам зиёд тиллою нуқра баровардаанд. Матоъҳои атласу кимхо, абрешими чинию русӣ, ҳазорон метр сатин, докаю суфи чинӣ, ҷомаҳои кундал, банорас, зарбофти аъло, чакману пӯстинҳои барф барин сафед, рӯймолу қалпок... Эҳ, он ҷо чунон чизҳо буд, ки дар афсонаҳо мешунавию бас. Сардори қӯшун як руси бурутчадор дар болои аспи абргун савор ҷониби мардум бо лафзи тоҷикию урусӣ чунин суханҳо гуфт:

«Рафиқон, инқилоби уктабр барои халқи мазлум баробарию бародарӣ меорад. Замину оби ватанашро ба дасташ медиҳад. Минбаъд шумо худатон ҳукумат интихоб мекунед. Пас аз ғалабаи инқилоб дар кишвар мактабҳои замонавӣ месозем, заводҳо бунёд мекунем, ки зиндагии шумо хуб шавад.» Ва ҳар вақт мепурсид:- Суханҳоямро мефаҳмед?

– Баробар зиндагӣ мекардаанд,-истеҳзо кард Мансур.-Яке қобил аст, дигаре дангоса... Худо панҷ ангуштро баробар накарду инҳо халқа баробар мекардаанд?

– Ҳоло суханамро гӯш кун,-бо шавқи бештар афзуд Валиҷон.- Зеҳн монам. дар байнашон аз русҳо дида турку тоторҳо бисёр. Як-як тоҷику узбекҳои худамон ҳам ҳастанд. Ҳамонҳо аз командир илтимос кардаанд, ки ба муносибати ишғоли шаҳр иҷозат диҳад, ки мусобиқаи бузкашӣ ташкил кунанду аз чакману ҷомаҳои аз хазина гирифта солим монанд. Командир розӣ шудааст ва фармудааст, ки човандозҳои шаҳрро ҳам ба бозӣ даъват кунанд. Иншооллоҳ мо ҳамроҳ ба бозӣ медароем. Онҳо мисли мо човандоз нестанд. Он ҷомаҳоро худамон соҳибӣ мекунем.

– Тиллоро чӣ кор мекардаанд? Ба халқ тақсим намекардаанд?- пурсид Мансур.

– Маълум не.-Валиҷон ба модараш фармуд: - Як чой, як табақ аз қайлаи кӯза биёред, ки мо дар болои асп дошт дода тавонем.-Ва ба ду ҷониб даст бурда суханашро идома дод.- Баъзеҳо мегӯянд, ки тиллоро ба бонки Самарқанд мефиристодаанд, баъзеҳо мегӯянд, ки ба Самарқанд бурда, баъд аз он ҷо ба Масков мефиристодаанд...

– Ба Масков мебаранд, - тасдиқ кард Мансур ва надешид, ки зудтар аз ин ҷо рафтан даркор. Дар бораи мол бо ин сухан кардан бефоида... Ӯ хашми дарунашро дошта гуфт: -Инҳо, ки ба човандозӣ машғул шуданд, мо ба роҳ мебароем.

– Эҳ, ҳоло роҳро мон! Суханамро ба замин нагузор. Ман орзуи пӯшидани он ҷомаро ба гӯр набарам.

– Валиҷон, аз содагиатон ҳеҷ намондед-дия, -андаке ситезманд шуд Мансур.- Он тоифаи гушна мемонанд, ки ҷомаи банорас ба шумо расад? Ё он нуғайҳои качу каллабур мемонанд, ки чакман гиред? Аспатонро аз дастатон зада мегиранд. Як гӯша мебаранду аз асп фуро мегӯянд; чӣ кор карда метавонед? Не ки гуфтед, ба ҷойи буз худатонро метозанд.

Валиҷон дамаш дарун зад.

– Ман ин ҷо дигар як лаҳза намеистам, -гуфт Мансур.-Аспро бароред. Зину банд дар кучо?

– Ҳамин суханҳоро ту аз худат мегӯй ё ба онҳо маслиҳат кардаю пас ба гӯши ман мехонӣ?-Валиҷон бо чашмони калон кушода ба Мансур нигарист.

– Дар Самарқанд кору рафтори инҳоро дида будам, коре, ки аз дасташон меояд, мегӯям.

Валиҷон рафта зинро аз каҳдон берун монд ва бо шиддат ғур-ғур кард:

– Ин қадар саросема шудӣ? Андак пас палав тайёр мешавад.

– Гуфтам – ку, намеистам,-суханашро такрор кард Мансур.

Кампир ду нон оварда ба дасти Ҷовид дод, дуо кард ва ба Мансур ба таъкид гуфт:

– Аз ду ҳафта дер накарда аспи писарамро биёред. Назди молаш меравад, ҳар вақт Қаршӣ рафта бозорӣ мекунад. Асп набошад, ин бачаҳаки маро ҳеҷ кораш сомон намегирад.

– Хуб шудааст, холаҷон,-гуфт Мансур ва озими роҳ шуд.

– Ин ҷо хӯрок мехӯрему роҳамонро давом медиҳем.- Мансур дар лаби чашмаобе, ки баландтар аз роҳ буд, ҷой интихоб кард. Ба писараш зеҳн монд ва аввалин маротиба ба дилаш омад, ки Ҷовид ба худаш монанд аст. Чеҳрааш сурхусафед. Ба гуфти модараш: «Мансуриён дар чеҳраашон рӯшании аҳмаққунанда доранд». Баҳодураш зардинагии Бибигулро дошт. Латофат ҳам.

– Дар болои асп пойҳоят дард накарданд?-пурсид ӯ.

– Суринҳоям кам-кам дард мекунанд.

Мансур лаҳзае хомӯш ба оби чашма, ки аз рӯбарӯ меомад, назар дӯхту гуфт:

– Ду воқеаро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам: хонаи Самарқанда соҳиб шудани афсари урусро ва Баҳодура задани Ҷаббори очағарро. Порсол чор рӯз дар заминамон гандум даравид. Ҳам баробари дигарҳо ҳақ додам, ҳам як кӯза равған, ҳам мӯзаҳои навамро, ки дар поям тангӣ кард. Аммо дар ивазаш вай чӣ кор кард?

Ба хотири Ҷовид омад, ки падар ёдоварӣ кардани Баҳодурро нағз мебинад, гуфт:

– Боре Баҳодур аз бузкашӣ омад, сару рӯяш хуншор буду ба шумо нагуфт, кӣ зад. Ҳамон вақт Ҷаббору Холбек дукаса шуда заданӣ шуданд, ки ба ҳарду тан надод. Ба пештанаи аспаш аспи Ҷабборро зад, қариб ҳарду чаппа мешуданд. Пас дигарҳо ҷамъ шуда, ҷудояшон карданд.

– Хабаркаширо нағз намедид.- гуфт Мансур. Пас аз муддате бетоқат шуда аз ҷояш хест. Баландтар рафту рӯйяшро шушта омада гуфт:

– Ман аспи Валиҷонро савор мешавам, вай дар чарогоҳ дам гирифтааст, - ва раҳораҳ афзуд: - Аз ошном ба ивази ҳаштод гӯсфанд ҳамин аспро рӯёндам.

– Дигар аспашонро намедиҳед?-Ҷовид бо чашмони калон кушода ба падараш нигарист.-Падарҷон, ин тавр накунед, ҳам ба амаки Валиҷон, ҳам ба модарашон ваъда додед, ки аспро баъди ду ҳафта меоред.

– Ту гумон кардӣ, ки Валиҷон пули ҳаштод гӯсфанди маро медиҳад? Кайҳо гӯсфандҳоро фурӯхту пулашро обу лой кард. Кампир ҳамаро медонад. Хавотириаш ҳам аз ҳамин сабаб.

Ҷовид ҳайрон шуду гуфт:

– Агар боз хонаашон биёеду пурсанд, чӣ ҷавоб медиҳед?

– Агар боз рӯбарӯ шавем, ҳамин гапро мегӯям: «Ба ивази ҳаштод гӯсфанд ин асп кам, боз як аспи дигар итайёр кун. Ҳамин хел, ҷӯра. Ҳаромбозӣ аз худи ошном шурӯъ шуд. Акнун аспро тезон, ки роҳ дароз аст.

Субҳи рӯзи дигар аспакие хабар расонд: «Роҳи Қарширо то Когону даромади Бухоро русҳо гирифтаанд. Ин тараф роҳи Каттакурғону Чӯли Маликро низ тасарруф кардаанд. Мусофиронро таҳқиқ мекардаанд, борашонро мекофтаанд».

Дар даромади Муборак ҳамроҳи корвони на чандон калоне аскарони сурх онҳоро ҳам дошта пурсуков карданд. «Шояд инҳо ба Бухоро ҳам ҳуҷум мекунанд, -фикр кард Мансур. -Агар ҳуҷум кунанд, амир ба онҳо муқобилият карда метавонад? Вай ҳам лашкар дорад, қӯрхонаи тиру туфангсозӣ дорад, девори мустаҳкам шаҳрро печондааст. Лекин дар гумон аст ба инҳо зӯраш расад. Хубаш бо инҳо сулҳ кунад. Ними хазинаи хобрафтаро диҳаду сулҳ кунад». Онҳо аз корвон пеш гузашта рафтанд. Наздики намози шом дар мавзеъе, ки Туқумтеппа мегуфтанд, баҳри шабгузаронӣ ба назди хаймае фуруд омаданд. Марди қазоқе, ки чеҳраи сурхина ва риши тунуки сафед дошт, онҳоро бо чеҳраи кушода пешвоз гирифтаю рӯйи суфаи назди хайма ҷой дод. Он ҷо ба ғайр аз ду кӯдаке, ки тани луб-луч бозӣ доранд, дигар касе наменамояд. Ҳавои дашт гарм ва дам аст. Мизбон дар гармӣ бетоқат шудани меҳмонҳоро дида, айрони хунук оварда ба косаҳо рехта, ба лаҳни мулоим гуфт:

– Айрон ташнагиро мешиканад, дилро неруманд мекунад.

– Ин ҷо як худатон?-пурсид Мансур.

– Алҳол як худам,-мард синчакорона ба Мансур нигариста илова кард:-Ин ҷо шабона ҳама гандумдаравӣ мераванд, пагоҳӣ, ки офтоб рӯи даштро фаро гирифт, бармегарданд. Як моҳ кори мо ҳамин. Баъзе деҳаҳои атроф то ду моҳ гандум медараванд.

– Ин ҷо гандум хуб мешавад?-Мансур косаро назди мӯйсафед давонд. –Амак, айронатон хуб будааст, боз якто резед.

– Тухмӣ хуб бошад, обашро дар вақташ диҳед, албатта, хуб мешавад.

Мансур мебинад, ки Ҷовид ҳамроҳи кӯдакҳо дар назди тавилае, ки ду ушторро бастаанд, хандаю бозӣ доранд. «Кӯдакҳо, ки поку беғаразанд, зуд унс мегиранд»,- меояд ба дилаш.

– Офтоб, ки ҳаст, гандум хуб мешавад, батаъм мешавад.-Мӯйсафед суханашро такрор кард ва афзуд:- Аз Бухорою Самарқанд, ҳатто аз Тошканд, ба ин ҷойҳо омада гандум мехаранд.

– Моли нағзро мардум кофта меёбанд.

Дере нагузашта моҳи пурра баромада, даштро бо ранги зарди хатҳои кабуддошта равшан кард.

– Ин ҷо моҳтоби шумо калон менамояд, дар оғӯшат намеғунҷад,- гуфт Мансур ба тариқи шӯхӣ.

– Замин ки фарох аст, моҳ калон менамояд,-мӯйсафед табассум кард.

Ба дили Мансур омад, ки мӯйсафед ҳанӯз аз гирудори инқилоб бехабар аст. Худаш ҳам аз ин боб сухан накард. Номашро нагиранд, беҳтар. Боз каме аз зиндагии дашт суҳбат карданду пас мӯйсафед болои суфа баҳри меҳмонҳо рахти

хоб дуруст кард. Мансур боре аз хоб бедор шуд, ки дар атроф малах бе ист бо овози баланд чиррос мезаду, моҳтоб рӯ ба нишебӣ овардаю дашт мисли рӯз равшан аст. Сари ҷогаҳ хест. Аз ҷониби гандумзор, ки мисли баҳр менамояд, ҳур-ҳур шаббода мевазад. Овози сурудхонии занҳо меояд. Ба назар мерасад, ки садоҳо ба нури моҳтоб ва обу ҳавои дашт полида-полида меоянд. Эҳсоси фараҳбахше дилашро фаро гирифт. Ногоҳ нигоҳаш ба мӯйсафеди соҳибхона афтид, ки дар паси дари хайма гӯсфандеро овезон кардаю пӯст меканд. Онсӯтар дег мондаю оташ гиронда, буридаҳои гӯштро бурда ба дег мепартояд. Хеста ёрӣ доданӣ шуд, аммо аз фикраш гашт. Мабодо хестанаш маъқул нашавад. Сарашро ба болин монда фикр кард, ки мард хобашро баҳри меҳмон ҳаром кардаю тамоми шаб дар ташвишу тараддуд аст. Шояд ҳамин мардумист, ки одамон ба зиндагӣ дил мебанданд. Ҳамдигарро қадр карда дусту бародар мешаванд. Ин гуна одамон як умр дар хотират мемонанд. Дар суҳбатҳо аз онҳо ёд мекунӣ.

Фурсате гузашту дар шарқи осмон раҳҳои дарози кабуду сафедранги субҳ намудор шуданд. Ҳоло атроф ором аст. Чунон менамояд, ки дар ин лаҳза ҳама мавҷудот ба тамошои субҳ омода мешаванд. Ӯ низ хеста бо рӯҳи болида сӯи чоҳ дастурӯшӯй рафт.

Дар чӯли Муборак як шабу як рӯз роҳ гашта, наздики шом ба корвонсарои Қаровулбозор омаданд. Даруну беруни корвонсарой пури мусофир. Дар назди дари даромад чор-панҷ аробаи пурбор ҳам ҳаст, ки болоҳояшон бо бронзонтҳои зард пӯшонда шудааст. Дар болои аробаҳо як нафарию ду нафарӣ сарбозҳои камондор нишастаанд. Дар аробаи охир сарбози каллакалоне пойҳояшро авезон карда нишастааст. Як пояш аз зону поён докапеч ва ҳар вақт дасташро ба даҳон андохта, сахт ҳушток мекашад. Ба тавраш бозӣ мекунад. Дар назди дарвоза ҷавони лоғарандоми қадпасте ба ӯзбекӣ Мансурро огоҳ кард:

– Дар дохил ҷойи нишаст нест.Дар пушти дарвоза бедаи фурӯшӣ ҳаст, хоҳед, барои асп гиред.

Мансур дохили корвонсарой даромада дид, ки ҳама катҳо пуродам. Бештар аскарони сурханд, бо овози баланд сӯҳбат кардаю чой менӯшанд. Мусофирон ҳам ҷо-ҷо дар таги девор болои ҷомаву хӯрҷинҳояшон даврa нишастаанд. Дар наздикии оташдон ду деги ношиста. Марди миёнсине, ки саллаш кашол дорад, хезумҳои атрофи дегро ҷамъ мекард, сарашро набардошта гуфт, ки палов кайҳо тамом шуд. Мансур ақиб гашт. Аз дарвоза бист-сӣ қадам онсӯтар чӯйи об ҷорист. Он тараф замини навободест, ки алафаш аз беобӣ зард шудааст. Дар ду тарафи чӯй ва дар таги дарахтони атроф низ як-як мусофирон обу алов кардаю хӯрок мепазанд. Аспу улоғҳояшонро дар наздашон бастаанд. Дар он сӯйи замини навобод роҳи калон тӯл кашидааст. Мансур ҷой интихоб кард, хӯрҷинро аз асп гирифт. Беда харида назди аспҳо партофт ва ба Ҷовид гуфт:

– Бачаҷон, гушна хобат набарад. Ман зуд хӯрок меорам.

Рӯи лаълӣ косаҳои шӯрбо аз назди аробаҳо мегузашт, ки сарбози пояш докапеч як косаро чанг зада гирифт ва базарда гуфт:

– Ман аз поям тир хӯрдааму як коса шӯрборо намедиҳӣ? Камонашро бардоштаю намоиш дода, дар паҳлӯяш гузошт.

Мансур бад-бад ба сарбоз нигариста, роҳашро давом дод. Ҷовидро хоб бурда буд. Ҳарчанд кард, Ҷовид бо нолиш намехоҳам гуфта чашм накушод.

Лаҳзае ҳайрон монд ва косаи шӯрборо рост истода хӯрду дар паҳлуи Ҷовид дароз кашид. Қарор дод, ки пеш аз субҳ хеста, намозҳои қазо ва хуфтанро мехонад. То дергоҳ хобаш набурд. Аз дохили корвонсарой як-як овози хандаи мастонаи сарбозҳо ба гӯш мерасад. Ҳангоми барои хӯрок рафтан мушоҳида карда буд, ки дар кати калони мобайн тахминан сӣ нафар сарбоз атрофи дастархони пурнеъмат, баъзе нишаста, баъзе рост истода, майнӯшию сухангӯӣ доранд. Дар гуфтугӯяшон баъзан вожаҳои туркӣ низ садо медиҳад. Саллоти калтаи шонапаҳне, ки сараш докапеч аст, рост истодаасту пиёлаи шаробро мастона чарх занондаю резонда, бо лаҳни шикастаи русӣ чунин суханҳо мегуфт. «Дастаи генерал Дутовро торумор кардем! Ҷунайдхони Хоразмиро чунон задаю ҷониби Афғонистон гурезондем, ки дигар ёди ин тарафҳо намекунад. Инро сахттар аз онҳо мезанем ва ҳам хазинаашро мегирему, ҳам ҳарамашро!» Давра хандарез шуд. Баъзеҳо чапак заданд, яке хатои ӯро ислоҳ кард. «Хазина ба русӣ клад мешавад, Полвон!» Боз садои ханда баланд шуду пас ҷомҳоро нӯшиданд. Ва садои омиронае сарбози ваъзгӯйро огоҳ кард: «Полвон, сухан кардан ба ту зарар дорад. Рафта дам гир! Зуд рав!»

Мансур ба маънои гуфтаҳои сарбозҳо нав сарфаҳм рафта сари ҷогаҳ хест. Дарёфт, ки аксари болшевик ба тасарруфи Бухоро равон аст. «Инро сахттар мезанем!» мегӯяд, амир Олимхонро дар назар дорад. Дилашро изтироб фаро гирифт. Наход Бухорои номдори уламопарварро аз байн бубаранд? Ва ҳамон рӯзҳои сахти ба сари самарқандию хуҷандию фарғонагиҳо овардаро ба сари инҳо низ биёранд? Таҳқиру торочу беватан кунанд? Хобаш парид ва аз ҷой хест: Ҷовид масти хоб буд, болояшро пӯшонд. Он тараф аспҳо ҳам пинак рафтаанд. То назди дарвозаи Корвонсарой омад. Бештари сарбозҳо дар ҷояшон печ хӯрда хобанд. Се - чор нафар ҳоло ҳам мастомаст гап мезананд. Ақиб гашт. Шаби тобистон ним шудааст. Аз ҷониби қибла беист шамол мевазад. Лаби чӯйбор нишаста, таҳорат кард. Аз куҷое овози сагҳо меояд. Дере нагузашта садои роҳгардии галаи аспҳою гап-гапи одамон баланд шуд ва дид, ки аз роҳи калон аскари болшевик убур мекунад. Ним соат зиёд аскар гузашт. Овози гапзанӣ. ҷаранг-ҷурунги узангу ва лаҷому сулук то дур меравад.Фурсате пас боз баталионе намудор шуд. Аз пас корвони аробаҳо ва аспу астарони пурборро ҳушт-ҳушт карда мебурданд. «Ин ҳамон қӯшуни Шаҳрисабзро гирифта аст»,- тахмин кард Мансур. -Бе як тир, шаҳри номдорро бо қасру қалъаю хазинааш соҳиб шуданд. Акнун азми тасарруфи Бухороро доранд. Аммо дар тасаввураш нағунҷид, ки он Бухорои пур аз гунбазу қалъаю бо девори баланду мустаҳкам печондашуда чи гуна ба дасти ин тоифаи ношуста меафтад. Бо чунин андешаҳо намози хуфтанро хонду дами субҳ ғанабаш бурд. Занашро дар хоб дид. Ҳеҷ гоҳ ӯро бо чунин зебоӣ надида буд. Чеҳрааш чун садбарги саҳари ба шаб нам шуста монанд буд.

Чи шӯхие карда, ба завқ механдад. Мансур тез-тез рӯю мӯяшро мебусаду даст ба миёнаш мебарад. Ва мушоҳида мекунад, ки банди эзораш сахт аст. Бибигул бо хандаю чолокӣ зиддият нишон медиҳад, дасташро медорад. Мансур ба зӯрӣ бандро кушода мебинад, ки боз банди дигар ҳаст, саросема мешавад:

«Чанд эзор пӯшидӣ?» мепурсад. Ва худашро ҳам ханда мегирад. Ва ба банди дигаре чанг мезанад. Бибигул худро ҳимоя мекунад. Дасти Мансурро мегазад. Мансур, бештар ҷазбманду саросема шуда боз бандеро мекушояд ва мебинад, ки боз эзор ҳаст ва аз таг боз ҳам... Ханҷол зада ҳамаро ба якбор канданӣ мешавад: «Дастҳоят дасти хирс барин. Ист, наметавонӣ!» - илтиҷо мекунад Бибигул, «Наметавонам?!» -Мансур ба шӯр меояд. Бибигул пойҷомаашро дудаста дошта, гоҳ чиддӣ, гоҳ аз ҳаяҷону ханда нафасгир шуда мегӯяд: «Мансурҷон, ист, худам... Ист охир...» Ва саросема худро даруни кӯрпа мегирад ва Мансур нафаси кӯдаконаи Бибигулро ҳис мекунад, аз ҷӯшиши шавқу шодӣ аз хоб бедор мешавад. Ва дарҳол сарфаҳм намеравад, ки чи гуна аз бағали ёри азиз ҷудо шуд? Ин биёбони торику дилгир куҷост? Андак-андак бо алам дармеёбад, ки он ҳама шодию шавқу ширинихо дар хоб будаанд. Алағдаю ноумед мешавад. Ва он манзара зуд дар назараш хира мегардад. Аммо ҷарангоси хандаҳои Бибигул дар гӯшаш мемонад. Ба фикраш меояд, ки аз афташ дар он олами пурасрор тақозои васлу висол мамнӯъ аст. Чунки дафъаи сеюм аст, ки Бибигул худро ба ихтиёраш месупорад ва Мансур болои кор шудан замон мисли ҳозира бедор мешавад. Ӯ бо дили пурозор мехезаду чойҷӯши обро, ки печонда монда буд, гирифта, дар андеша мешавад, ки ихтилол нашудааст, оё метавонад таҳорат карда намоз хонад? Вале таъбаш намебардорад, ки намозаш ба ихтилол бошад. Ба ҷӯйбор, ки ҳоло обаш калон шудааст,рафта ғусл мекунад. Баъди намоз ба оҳанги ҳазин шеър замзама мекунад:

Шабат хуш бод, эй боди саҳаргоҳ,
Ки овардӣ ҳавои зулфи он моҳ.

Ҷовид аз хунукӣ бедор шуда, мисле ки аз дур бошад, овози падарро шунид. Оҳиста сарашро тоб дода, дид ки падар аз ёли асп хасҳои часпидаро ҷудо карда, дар ҳолате, ки китфонаш меларзанд, пичирос мезанад: «Ман асп савор шуда гардаму он умеду хурсандиам дар таги хок. Эй хок бар сари чунин падар!»

Ба хотири Ҷовид суханони чор моҳ пеш гуфтаи модараш омад: «Хаёл дорад, ки аз Ҷаббор интиқом гирад, алови дилаш паст мешавад. Не, ин алов то рӯзи қиёмат устухонҳоятро месӯзонад!» Ба ҳоли падар дилаш месӯзад. Мехоҳад рафта ӯро ба оғӯш гирад. Вале падар хуш надорад, ки ғамашро дигарҳо бинанд. Падар боз чизе гуфту сарашро ба гардани асп монду лаҳзае истод, пас пуштангро баста, аспро ҷониби ҷӯйбор бурд. Ҷовид ба атроф менигарад. Мусофироне, ки шаб ин ҷо буданд, ҳама рафтаанд. Фақат дар ду ҷой хокистари аловҳояшон мондааст. Падар аспро об дода омад ва худро хурсанд вонамуд карда гуфт:

– Дилам нашуд, ки бедорат кунаму зудтар ба роҳ бароем.-Ва пурсид:-Ҳамин ҷо чой менӯшем ё дарун дароем?

Ҷовид тоқат накарда гуфт:

– Ҳоло бедор шуда дидам, ки бо Рӯшан гап мезадед...

– Одам ки калонсол шуд, бо ҳар каси пешомада гап задан мегирифтааст.- Ҷониби корвонсарой равон шудаву афзуд: – Гоҳе хаёлам ба ҳавои бародарат меравад. Боз ин аспашро бинам... Ё аспро фурӯшам?

– Не! Не! - Аспро нафурӯшед,-Ҷовид саросема шуд. –Тохтани аспашро бинам, Баҳодур пеши назарам меояд.

Мансур ба рӯи писараш синча карда, ба тасдиқ сар ҷунбонд.

❁ ❁ ❁

Хирадмандон ин ҷаҳонро ба корвонсарою одамро ба мусофири роҳгузар ташбеҳ додаанд. Рӯзе аз даре даромадаю шабро ба сар мебарӣ, субҳ аз дари дигар баромада меравӣ. Ё чунин мегӯянд: «Мо мисли мурғе ҳастем, ки парида омада дар нишемангоҳе дам мегирему боз парида ба макони азалиамон меравем». Не, инҳо суханони дарвешони ҷандапӯшу нодидаю ночашидаю ношукру дунёбезоранд. Дурӯғгӯй, ноуҳдабаро ва ба мақсад нарасидаанд. Касе, ки ба ин роҳ меравад, дар охири умр пушаймон шудаю он варсоқигӯйҳоро сахт бад мебинад. Ин ҷо дар ҳақиқат оламест фарох ва дилпазир. Дунёи орзу, макони ишқ, лаъбу бозиҳои ширин. Як шаби висол бо маҳбубаат худ як олами асрор аст. Чӣ қадар озмоишу санҷишҳоро мегузарию дар охир хоҳ-нохоҳ пухта мешавӣ ва дарк мекунӣ кию чӣ будану баҳри чи коре омаданатро.

Мансур бо чунин фикрҳо дасти Ҷовидро гирифта, дохили корвонсарой шуд. Аз мусофирони дирӯз андак мондаанд. Ва азбаски ҳавои Қаровулбозор салқин аст, баъзеҳо ҷомаю яктаҳашонро бар китф гирифтаанд. Хӯҷаини корвонсарой, марди сиёҳандоми шикамкалон, дар кати мобайн нишастааст. Таъбаш хуш. Тоқиашро наздаш гузоштаю ҳар дам атрофи сари тораш калшударо хорида, ба шогирдаш - марди миёнсинне, ки катҳои таги деворро мерӯбад, бо овози баланд чизе гуфта механдад. Мансур дар гӯшаи кати рӯбарӯ ҷой гирифт. Аз паси Мансур як гурӯҳ мусофирони кӯфтироҳдида, баланд-баланд сухан карда, вориди дарвоза шуданд. Марди лоғарандоми сурхрӯе, ки тез-тез қадам мезанаду ба тан яктаҳи рах-рах ва ба сар саллаи фашаш думи аспбарин дароз дорад, ҳамроҳи ҷавони танадори чашмонаш сурх омада дар кати паҳлӯи Ҷовид нишастанд ва чой фармуданд. Андак пас боз ду нафар дарвешнусха хӯрчинҳояшон дар китф даромаданд. Шурӯъ шуд: “рафтанду равему боз оянду раванд”.

Мансур аз хӯҷаин пурсид:

– Хабар доред, имшаб аскари сурх гузашт. Мабодо ба сари Бухоро балое биёранд?

– Балоро аллакай урусҳои малъун оварданд,-гуфт салладор.-Пареррӯз Зиёвиддину Хатирчию дигар шаҳру деҳоти атрофро гирифтанд. Дирӯз ба Бухоро ҳуҷум кардаанд. Лекин аскари амирам, хуб тиру шамшерашон задаю зӯрашон оварда, аз шаҳр берун кардааст.

– Имрӯз боз ҳуҷум мекардаанд; як саллот хабар дод,- гуфт хуҷаини корвонсарой. Ва ба Мансур нигариста афзуд: - Ман ҳам дидам, якчанд даста гузаштанд. Яқин ҳамаро ба гирфтани Бухоро бурданд.

– Додар, ба ман нигаред,-гуфт салладор.-Иншооллоҳ ин дафъа чунон зананданашон, ки урус роҳи омадаашро фаромӯш кунад.

– Ҳамту, ҳазрат,-чашмсурх сухани салладорро тақвият дод. -Иншоолоҳ ҳамту зананд, ки ҳамонҳояшонро партофта гурезанд.- Яқин вай муриди салладор буд.

– Инҳо урус нестанд, домулло,- гуфт хуҷаини корвонсарой.-Инҳоро болшевик гӯед.

– Урусу болшевик ҳарду як нестанд?- ҳайрон шуд домулло.

– Не, ин тавр нест, - гуфт хӯҷаин.-Ва ҷониби Мансур нигарист:-Шаб дар ин манзил ҳаштоду ду нафар ҷамъ омаданд. Ними зиёдаш ба урус монандӣ надоштанд.

– Додар, аз ман пурсед. Хӯҷаалию Алихӯҷа ҳарду як, -гуфт домулло ва ситезаманд шуда афзуд:- Бухоро соҳиб дорад! Соҳиби ин музофот ҳазрати Баҳоваддини Балогардон мебошанд. Рӯҳи он бузургвор мемонад, ки ин шаҳри номдорро ким-кадом болшевики пойлучи худобехабар соҳибӣ кунад?!

– Домулло, он ҳазрат дар замонаш тавонистанд Бухороро номдор ва маҳбуби атрофиён гардонанд. Он ҳазрата хокашон ҳам намонд,-гуфт хӯҷаин ба оҳанги накӯҳиш.- Мақбараашон ба аскари мусаллаҳе, ки беҳтарин олоти ҳарбӣ дорад, метавонад ҷанг кунад?

– Рост, мақбара коре намекунад,- гуфт домулло бо оҳанги нармтар.-Лекин баҳри хотири дӯст ҳазрати Ҷаббор худаш ҷазои ин аскари бедину диёнатро медиҳад!- Домулло дузону нишаста бо ҷазбияти бештар ба суханаш идома дод:

– Бухоро шаҳри одӣ нест. Ҳадисе аз Салмони Форсӣ разия-л-Лоҳу анҳу ҳаст: "Расул салла-л-Лоҳу алайҳи ва саллам фармудаанд, ки "Ҷабраил алайҳи-с-салом гуфт, дар охирзамон се шаҳрро бо ёҷуту марҷон ороянд ва фариштагон онҳоро тасбеҳу такбир гуфтаю гирдогирди шаҳрҳо гардонда, ба Арасот баранд. Ва яке аз ин шаҳрҳо Бухоро бувад. Онро "Фохира"хонанд. Аз баҳри он ки Бухоро дар он рӯз фарқ кунад бар бисёрии шаҳид." Ва боз аз баҳри он, ки бухороиён раҳмдил ҳастанду боэътиқод."

"Ҳамин афсонаҳоро гуфтану гуфтан дар дили ин тоифа намезанад?" -фикр кард Мансур ва пурсид:-Домулло, худатон дар куҷо зиндагӣ мекунед?

– Асли ватани банда Чорбоғи Ӯротеппа, номам Муллоносир.-Домулло ба Мансур чой дароз кард. -Нӯҳ сол дар Бухоро хондам, додар. Шаш моҳ шуд баромаданамро аз он шаҳри нозанин. Дуртар аз Қаровулбозор деҳае ҳаст, ки Корвоннишин мегӯянд. Дар ҳамон деҳа имомхатиб ҳастам. Ният дорам, як сол кор кунаму қадре маош ҷамъ карда, хонданамро давом диҳам. Дирӯз ба Бухоро ҳучум кардани русро шунида ба худам гуфтам, ки Муллоносир, рафта шаҳрро бин – ку, чӣ ҳол дорад, аз ҳоли устодонат хабар гир. Охир ту ҳар чи ёфтӣ, аз Бухорову он мардуми баодобу бабаракату барҳақ ёфтӣ.

– Албатта, рафтан лозим,-гуфт Мансур ва лаълии нонро назди Ҷовид тела дода, ба тариқи маслиҳат пурсид: -Шунидӣ, аскари болшевик ба Бухоро ҳуҷум кардааст, мо чӣ кор кунем? Равем ё сабр карда, охири корро интизор шавем?. –Ва нигоҳашро ҷониби одамони нав воридшуда гардонда афзуд: -Таваккал, меравем: мебинем, чӣ гапу корҳо мешаванд. Мирзоумедро хабар мегирем.

Баъди ба роҳ баромадан мушоҳида кард, ки мардуми деҳаҳои атроф бе тарсу ваҳм ба ғунучини дастранҷашон машғуланд. Дилпур шуд. Қариби нимрӯз ба деҳаи Сафедмӯй даромаданд. Аз ҷониби шаҳр овози парон-парони тӯп ва парвози аэропланҳо баръало шунида мешуд. Аз роҳе, ки аз гӯшаи дигари деҳа мегузашт, аробаҳои бордор ва сарбозҳои дар онҳо савор равуо доранд. Он ҷо

фаҳмиданд, ки аэропланҳо ба шаҳр бомба мепартофтаанд, ки он афтидан замон таркида хонаю дари дар атрофаш бударо лабу лахт мекардааст. Одамонашро ҳам ба даст-дасту по-по ҷудо мекардааст.

Дар роҳи деҳа се -чор нафар деҳқонро диданд, ки ба харҳо сабзӣ бор карда ба шаҳр мебаранд. «Саллотҳо ба деҳқонон кор надоранд», хабар доданд онҳо. Мансур аз деҳа мардеро оварда, аспҳоро ба ӯ дод ва худашон пиёда ҳамроҳи деҳқонҳо озими шаҳр шуданд. Раҳораҳ ба Ҷовид гуфт: ҳоло ҷое савора рафтан метарсӣ. Мардеро ёфта аспи Валиҷонро додаму гуфтам, ки дар ивазаш се ё чор моҳ аспи худамонро нигоҳубин кунад. Мард аввал, замона нохуб гуфта баҳона карду пас розӣ шуд, номаш Маҳмуд.

❁ ❁ ❁

– Бухоро на фақат ҷангалу даштҳои зебо дорад, Бухоро харбузаи аз ҳама ширин дорад, гӯсфанди қарокулӣ дорад, ки алҳол ба пӯсташ тамоми зану мардии Русияю Урупо ошиқ шудаанд. Қади дарёи Зарафшон, ки Самарқандро гузашта сӯйи Бухоро меравад, таҳ ба таҳ тиллост. Мошин мондаю тиллоро аз рег тоза карда мегирӣ. Бухоро хазинае дорад, ки худи амир ҳисобашро намедонад.

– Ту аз кучо ин ҳамаро медонӣ?

– Аз китобу мақалаҳое, ки дар мо нашр мешаванд. Сад сол зиёд аст, ки донишмандони мо ин ҷо ба ҳайси сафаракию кӯҳгарду заминсанҷ тагу болои ин диёрро меомӯзанд, ба таърих, ба феълу хӯю андешаҳои мардум ошно мешаванд. Дар мақаллаи «Военная мысль»сайёҳе ба номи Логофет Н.Д. мушоҳидаҳояшро дар асаре ба номи «Кишвари беҳуқуқ» чунин овардааст: «Ин ҷо мардум ба амир Ҷаноби Олӣ гуфта муроҷиат мекунанд. Ҳангоме ки ба хонаи қабули амир медароӣ, дар рӯбарӯят пардаест. Онро «девори ғуломгард» мегӯянд. Он ҷо нигоҳатро поин карда, пас ҷониби амир, ки бо муқарраборнаш нишастааст, қадам мегузорӣ. Ин корашон ба он хотир, ки ба амирашон чашм нарасад. Ягон мансабдор бе иҷозати амир духтарашро ба шавҳар намедиҳад. Амир фаҳмад, ки духтар хушрӯст, домод худаш мешавад. Касе дар ҳаққи амир ғайбат ё сухани ноҷое гӯяд, ҳукмаш чордарон аст. Мулло марди одиро дашному таҳқир кунад, ҳеҷ боке не, марди одӣ ҳаққи муллоро дашном додан надорад. Муллоро дашном додан маънии динро дашном додан аст. Ва муфтӣ фатвои сангсор карданашро мебарорад, чизу чора ва хонаю дараш подшоҳӣ мешавад».

– Мегӯянд, ки домуллоҳои донишманд ва нотарс доранд, онҳо пеши ин аҳмақиро намегиранд?

– Аз рӯи гуфтаҳо чунин домуллоҳо будааанду солҳои охир амирони манғит онҳоро аз корҳо маъзул кардаанд. Ҳоло онҳоеро қозию муфтию судур мемондаанд, ки шариату тариқаташонро ба таъби амир созгор кунанд. Ва амир ҳам чунин муллоҳоро ба зери ҳимоя мегирифтааст.

– Дар ҳақиқат Бухорои беназму беҳуқуқ будааст.

Ин гуфтугӯ байни сардори бригадаи савораи 11-ум Чернов ва сардори ротаи 15-ум Семёнов баргузор шуд. Гурӯҳи онҳо ба роҳи Бухоро баромада ҳангоми офтобшин ба наздикии деҳаи Муборак расид. Он ҷо дар паҳлӯи роҳ, дар пастие

ҳавзи об ҳаст, ки атрофаш бо шоху шипа печонда шудааст. Он замон дар роҳҳо аз оби борон ҳамингуна ҳавзҳои сунъӣ месохтанд, то ки корвон дар даштҳои беоб ҷон ба саломат барад.

Аз афташ ҳавз калон будааст, ки байни шохҳо ва оби боқимонда чор-панҷ қадам аст. Ва он ҷо ҳаргуна гиёҳҳо руидаву қади миён хеста ва хазон шудаанд. Ҷое баргҳо рехта ба лой часпидаю хушк шудаанд. Ҷое обсабз ҳам хушк шудаю рангаш намондааст. Аммо таги ҳавз ҳама обсабз аст ва он ранги обро сабз нишон медиҳад. Атрофи ҳавз ҷо-ҷо шибирзор ва он ҳам хушк шудааст. Дар ҷониби офтобшин ягона дарахти бед аст, ки нисфи барги вай ҳам рехтааст. Лекин сояи хубу ҷои салқин будааст. Мехоҳӣ каме бишинию дам бигирӣ.

Баробари обро дидан аспҳо чорхез заданд. Ҷирани Першин ба зиддияти соҳибаш итоат накарда, аз болои шохаҳо парида, худро ба об расонд, соҳибаш афтида ба даруни ҳавз ғелида рафт. Сарбозҳо зуд ӯро аз ҳавз берун гирифтанд. Зонуяш лат хӯрдаю як бари рӯяш харошидаю хун буд.

– Об чунон сӯзон аст,-гуфт сарбози чашмкабуде, ки либоси Першинро меафшонд.-Мегӯй дар таги ҳавз оташ гирондаанд.

Амони Калта аспро дошта баровард. Аз кунҷи лаби овезони асп об чун аз новдон мерехт.

Пётр Загорский духтурро интизор нашуда, зонуи Першинро баст. Вай ҷавони ҳамакора аст: табибӣ мекунад, тирандози хуб аст. Дафтаре ҳам барои ҷамъ овардани ривоятҳои халқӣ дорад, ки мудом дар ҷайбаш аст. Дар лаби ҳавз Семёнов баробараш даст шуста пичирос зад:

– Дар дафтарат навис: дар фалон мавзеъ аспи Першин соҳибашро партофт, ҳарду бетарбият ва бефаросатанд.

– Навиштам,-Пётр нигоҳашро аз мусоҳибаш наканада илова кард:-Першин аз беодобӣ ҷазояшро дид.

Чернов монда шудани аспҳоро дида, фармон дод, ки шаб ин ҷо дам мегиранду дами субҳ ба роҳ мебароянд.

Қӯшун ба ҳар тараф парешон мешавад. Яке ҷойи хоб дуруст мекунад, баъзеҳо даврa шуда сӯҳбат меороянд. Дар ин хел мавридҳо ротаи хизмати ақиб серкор аст. Ду гову ду гӯсфандро сар бурида, ҳезум ҷамъ карда, ба самоворҳо об гирифтаю хӯроки шом омода мекунанд.

Ин ҷо ҳезум бисёр аст. Дар ду тарафи роҳ ҷангали саксавул тӯл кашидааст.

Чернов бо ҳавас ба даруни ҷангал даромад. Загорский ба ӯ ҳамроҳ шуд. Чернов пай бурд, ӯ вақтро ғанимат дида аз наклҳои бобояш пурсиданист. Вале ӯ дар ин ҳавои гарм ҳавсалаи қиссагӯй надорад. «Петр дафтарро мон, ҷангалро тамошо мекунем», гуфт:

Семёнов ба онҳо ҳамроҳ шуд. Нигоҳашро аз туғайзори саксавул наканда гуфт.

– Александр Николаевич, ҷангалҳои Русия тамоман дигаранд. Онҳо сарву булутҳои баланд ва садҳо намуд гулу гуёҳ доранд.

– Ба ин гармӣ ҳамин дарахт токат мекунад. - Чернов ақиб гашта ба роҳи омадаашон нигарист.- Саксавул чандон баланд намешавад. Байни дарахтҳо баҳузур офтоб медарояд. Дар зимистон ҳам иқлими ин ҷо мулоим аст.

– Аҷоиб дашту даманҳои афсонавӣ доштааст Бухоро.-Семёнов ба танаи дарахте даст монд: -Александр Николаевич, гуфтӣ, ки тилло дар хазинаи амир таҳ ба таҳ хоб рафтааст. Шояд пешвоёни инқилоб ҳаваси гирифтани ҳазинаро кардаанд?

– Хабарам ҳаст, ки баҳоррӯя Фрунзе бо ду-се нафар назди амир омада буд. Аз рӯйи шунидам, амир онҳоро ба зудӣ қабул намекунад ва гуфтушунидашон ҳам қӯр намегирад. Фрунзе дар қаҳр шуда, берун баромада ҷониби ҳамраҳонаш гуфтааст: «Ин гови рихинро аз сари роҳ гирифтан лозим!» Ҳамин қадар гап шунидаам.

– Шояд ҳамон вақт таҳкурсиро партофта буд,-гуфт Загорский.

– Агар хазинаро гирем, ба захми инқилоб марҳам мешавад.- Семёнов санҷишкорона ба мусоҳибаш зеҳн монд.

– Барои он ки чунин корҳои бузург сурат гиранд, манзурам ба хоки кишвари зада даромадан, чанд сабаб боис мешавад.-Чернов боз ҳам ба роҳи омадаашон. ки чанги аз зери пояшон хеста ҳоло нанишастааст, назар дӯхта, ба суханаш идома дод. -Агар дар мисоли Бухоро гирем, кор чунин сурат гирифт; халқ талаб кард. ки аскари сурх ёрӣ диҳад (ҳарчанд фақат талаби ҷавонбухориён буд), дигар ин ки амир Олимхон бо Давлати Шӯро муносибати душманона пеш гирифт. Ба аксулинқилобиҳое, ки аз Русия ва Осиёи Миёна ба Бухоро омада буданд. паноҳ дод. Баъзеҳоро ба кор гирифт. Пас ба аскаргундорӣ шурӯъ кард, ки ин маънои тайёрӣ ба ҷангро дошт. Ва шояд бар болои ин ҳама андешаи ба даст даровардани хазина низ ҳамроҳ шуд.

– Фрунзе феъле дорад, ки то фикри ба сараш омадаро ичро накунад, хобаш намебарад,- гуфт Загорский.

– Инқилобчӣ мардум ҳамаашон чунин феъл доранд,-гуфт Семёнов.

Ин дам Таратухин Сергей аз ротаи сарҳадӣ хабар овард, ки ротаи инженерӣ дар роҳ мондааст. Бори аспону астарон вазнинӣ кардааст. Мо аз онҳо пеш гузашта омадем.

– Ман чашм ба роҳ будам, ки чаро даракашон нест,-гуфт Чернов ва ба Загорский фармуд, ки якеро фиристад, то ки аспҳоро дам дода, пас ба роҳ бароянд.

Аз байн ҳашт-нуҳ дақиқа сипарӣ шуду Муҳаммадшариф хабар овард:

– Фрунзе телефон мекунад.

– Шумо то кучо омадед?-пурсид Фрунзе.

– Як соат зиёд шуд, ки аз стансияи Косон баромадем.

– Дар кадом разъезд ҳастед?

– Ба разъезди 216 расидем.

– Ба шумо се соат вақт; ба стансияи Муборак омада ба поезд савор мешавед. Ба Когон ки расидед, ба ман занг занед. Ба аспҳоятон вагон медиҳанд. Таъхир накарда, аспҳоро бор карда раҳакӣ шавед!

Овоз қатъ шуд. Чернов меандешад, ки гӯширо монад ё не. Дар ин вақт боз овоз баланд шуд: -Рафиқ Чернов, ҳам аз стансияи Муборак ва ҳам аз Когон ба ман занг занед!

Ҳангу манг монд. Акнун барои хӯрдани хӯроки шом ҳам вақт наменомад. То торикии шом ба вагонҳо аспу аскар бор мекунанд. Ва ба дилаш омад,

ки дар оҳанги сухани Фрунзе он зарби пештара набуд. Ошуфта, бо хавотирӣ сухан кард. Аз афташ, ҳуҷуми Бухоро мувофиқи нақша нест. Ё қувваи амир зӯрӣ кард? Ин фикрҳо худашро ҳам хавотир карданд.

Рӯзи дигар 31-уми август, бригада ҳамроҳи дигар дастаҳо дар соати ҳашти саҳар ба Когон расид. Аз вокзали Когон овози парвози аэропланҳо, парон-парони тӯпҳо, ҳатто таркиши снарядҳо шунида мешуд. Аз ҳар тараф ғулбаи дуд ба осмон мехест. Баъди аз вагонҳо фуровардани аспҳо маълум шуд, ки чор асп пойҳояшонро зада маъюб кардаанд. Аз ҷумла аспи Манучеҳр ҳам лангида роҳ меравад. Сардори стансияи роҳи оҳан Степанов Александр Василевич, марди сафедрӯи айнакӣ, аспҳои захмишударо иваз кард.

– Мо саисхона дорем, галаи асп дорем,- гуфт ӯ ҷониби Чернов.

Манучеҳр ба таъкиди Першин нигоҳ накарда, аспашро иваз накард. Ба латакӯҳна шошида, ба ҷойи варам баст. Амон дилпураш кард, ки то пагоҳ асп нағз мешавад.

Степанов гуфт, ки барои ҷанговарон хӯрок омода кардааст, аввал наҳорӣ хӯрда, пас ба роҳ бароянд. Ва раҳораҳ афзуд:- Имшаб мо полки 5-уми тирандозӣ, батареяи 3-ум, як полки савораи аз Тошканд омадаро қабул кардаю ба ҷойи таъйиншудаашон гусел кардем. Ба полки аз Тошканд омада низ хӯрок додем.

«Маълум мешавад, ки ахбори ба Фрунзе расида дақиқ набудааст. Ё аз Афғонистон ба ёрӣ омадаанд?» андешид Чернов ва ба рӯи сергӯшти тозатарошидаи ҳамроҳаш зеҳн монда пурсид:-Қувваи амир бисёр аст? Ҳоло ҷанг давом мекунад?

– Гумон намекунам, ки қувваи амир зиёд бошад. Зиёд ҳам бошад, аэропланҳо таносубро ба тарафи мо гардонданд. Онҳо хеле ҷойҳои намоёни шаҳрро заданд. Рӯҳияи аскари амирро онҳо шикастанд. Дигар ҷангҷӯйҳо ҳам, ки кори аэропланҳоро диданд, умедашонро канданд.

– Пас чаро рӯи ҳам ин қадар қисмҳоро меоранд?

– Инро Фрунзе медонад...-Степанов кифт дарҳам кашид.-Шояд барои он ки ҷанг тӯл накашад? Ё барои доштани амир бошад. Дар масъалаи оварду бурди қисмҳо ҳеҷ мушкил нест. Онҳоро поезд меорад, ду-се рӯз ҷанг мекунанд, боз ба ҷойҳояшон бармегардонад.

– Аз афташ, девори машҳури Бухоро мушкилӣ эҷод кард,- Чернов табассум кард.

– Барои пиёданизом эҷод кард-куя.- Аэропланҳо намешуданд, ба ин наздикӣ ба шаҳр даромадан наметавонистем. Девор санг барин сахт аст. На бомба мегирад, на тири тӯп. Даҳ метр баландӣ дорад. Аз ҷониби дарун аз байнаш аробаҳо равуо мекунанд.

– Оҳ-о! Аҷиб-ку! Чанд сол боз ин девор вуҷуд дорад?

– Аз ҳазор сол бештар. - Шояд то охири ҳафта ҷанг ба охир расад. Меравем, худатон аҳволро мебинед. –Степанов шаб хоб нарафта, қисмҳои навомадаро қабул карда, ба ҷойҳои таъйиншуда роҳӣ карда монда шуда бошад ҳам, худро бардам вонамуд мекард.

Ҳангоме ки онҳо ба ошхонаи калон ва барҳавое даромаданд, ҷанговарон аллакай хӯрок мехӯрданд. Тартибу низоми кори сардори роҳи оҳан ба Чернов

маъқул шуд. Ошхона бинои барҳаво ва озода дорад, хӯрокаш ҳам батаъм. Нав ба хӯрокхӯрӣ шурӯъ карданд, ки «Фрунзе Черновро мепурсад» гуфта хабар доданд. Чернов ҳамроҳи Степанов ба коргоҳаш рафт. Фрунзе ба тундӣ, балки ба ғазаб сухан кард:

– Рафиқ Чернов, интизор шудед, ки ман занг занам?! Чаро супоришро ичро намекунед? Ё Бухорои машҳур ҳамаатонро афсун кард? Дар сояи девораш хобатон бурд?! –Сухани Фрунзе оҳанги таҳдид дошт.

– Рафиқ сардори ҷабҳа, мо нав аз вагонҳо аспҳоро фаровардем.

– Чаро шумо асп мефуроред? –Фрунзе торафт ба шиддати бештар сухан мекард.-Кори шумо ба сардори ҷабҳа занг задану вазъиятро фаҳмондан! Нӯҳ дақиқа шуд ба расиданатонро! Супориш буд, ки расидан замон занг занед! Дар замони ҷанг як дақиқа корро ҳал мекунад! Ё шумо низомномаи ҷангро нахондаед?! Аслан дар масъалаи ичрои супориш ҳоло алоҳида саволу ҷавоб мекунем! Афсарони ҷабҳаи Туркистон то ҳол ягон супоришро хуб ичро накардаанд! Мо нақша кашидем, ки дар як вақт аз чор тараф ба Бухоро ҳуҷум карда, ҳама бекҳоро дар қасру кушкҳояшон медорем, амирро даст мегирем! Аз нодонию ноӯҳдабароиатон ҳамаи бекҳо гурехтанд! Дониста гиред, ки ин бекҳо мисли князҳою ҳокимҳои Русия не, ки мағлуб шудан пас ба Германия ё Франсия рафта дигар наоянд. Инҳо Амударёро мегузаранду ҳар кадоме панҷ ҳазор - ҳашт ҳазор тарафдор ёфта, қасосситонӣ меоянд. Эшонҳошон бо сад шогирди каллабурашон омада, ҳатман шумоёнро ёфта пӯст меканад! Ва дигар корҳо ҳам мекунанд. Феълу хӯи ин мардум чунин аст! Аз ин рӯ, шумо шаҳрҳоро гирифтем гуфта аз худ наравед! Ҳоло ҳама барои бемасъулиятиатон дар назди суди ҳарбӣ ҷавоб медиҳед, фаҳмо?!

– Фаҳмо, рафиқ сардори ҷабҳа!

– Шумо ҳозир ротаи инжинериро ба назди Рубенов Борис Барберович равон кунед! Рубенов ҳоло сардори армияи 1-ум таъйин шудааст! Тасарруфи Бухоро ба зимааш гузошта шудааст. Ва худатон низ бо ҳамаи ҷузъу томҳои зердастатон рафта, фармони Рубеновро интизор шавед. Пагоҳ гурӯҳи шумо ба гурӯҳи Климов ва полкҳои савораи аз Тошканду Оренбург оварда ҳамроҳ шуда, қувваи асосиро ташкил медиҳед. Ротаи 15-умро низ ба кор дароред. Зарбаи аввалро шумо мезанед!

– Хуб шудааст,- Чернов ба саҳн баромада бо ғазаб пичиррос зад: « Овози шилдир-шилдири доирамонандат дар гӯр!»

Сарбозон дар канори перрон тахтапул монда охирин аспҳоро мефуровардаанд. Чернов суханони Фрунзероро зери лаб такрор кард: «Дар назди суди ҳарбӣ ҷавоб медиҳед!» Зиндонии аҳмақ! Замони инқилоб шуду шумоён шурапуштҳо кучагӣ рӯи об баромадед! Ҳама камандир... Қаҳрамон... Қадамашро тезонда ба Степанов шунавонда гуфт:

– Бекҳои ин ҷо навкарҳояшонро ба ҷанг сафарбар кардаю худашон либоси занона пӯшида, аз дари ақиб мегурезанд. Ман ин гуна феъл доштани онҳоро аз куҷо донам?

– Александр Николаевич,сардори ҷабҳа мисли марди зангир маст аст,- Семёнов Черновро тасалло дод: -Мехоҳад зуд шаҳрро гираду номаш вирди забонҳо шавад. Ҳоло Бухороро гирем, Фрунзе гуфтаҳояшро фаромӯш мекунад.

Чернов бо тамасхур сар ҷунбонд. Вале дар ботин ба ғазаб омада ба Фрунзе муроҷиат кард: «Фармудӣ, шаҳрҳои Китобу Шаҳрисабзро гир, гирифтам, боз чӣ мефорад? Аблаҳ! Худат кӣ будӣ? Як зиндонӣ! Ин инқилоби бурру бар шуду ту баринҳоро пешво шудед!»

– Аслан Фрунзе сахтгап будааст,-гуфт Степанов бо оҳанги дилбардорона: -Дирӯз сардори полки 10-ум Климовро аз об гирифта ба оташ зад. Гуфт, ки ҷабҳаи Туркистонро ту шарманда кардӣ. Армияи сурх ҷойи ту барин ноӯҳдабароҳо нест. Ба Бухоро, ки омадам, аввалин коре ки мекунам, туро ба трибунал медиҳам. Ва аз Чернов пурсид. -Шуморо то Бухоро бо поезд барам?

– Ротаи инженерӣ ва батареяро баред. Мо бо аспҳоямон равем, хубтар аст. Пастию баландии ин ҷойҳоро диданамон лозим. Кӣ медонад, ҷанг кай хотима меёбад?

Соат нӯҳ нашуда гурӯҳи Чернов ба роҳ баромад. Ҳарчанд то Бухоро назорати роҳ дар дасти аскари сурх буд, бо вуҷуди он Чернов мувофиқи ойинномаи ҳарбӣ пеш-пеш гурӯҳи иктишофӣ равон кард.

Дар байни роҳи Когону Бухоро, ки тахмин даҳ километр аст, беморхонаи қисми ҳарбӣ қарор дорад. Пеш ин ҷо анбори пахтаи яке аз бойҳои Русия будааст. Ду сол шудааст, ки дигар пахта ҷамъ намекардааст. Ба наздикӣ болшевикҳо дар хонаҳо, ки посбонҳо ва коргарон истиқомат мекарданд беморхона ташкил кардаанд. Першин пойи дар роҳ ҷароҳат гирифтаашро нишон доданӣ даромад. Дар роҳ сарбозҳо як нафарию ду нафарӣ баъзан бештар равуо доранд. Ба ишораи Чернов Муҳаммадшариф якчанд нафарро дошта пурсид. Маълум мешавад, ки ё захм бардоштаанд ё бемор шудаанду ба беморхона мерафтаанд. Чашми Чернов ба сержанти ғафсаки рӯяш паҳн афтид, ки гимнастёркаашро кашидааасту бо сарбози қадпасти дасташ докапеч гуфтаю хандида мераванд.

– Аз кадом полк?-Чернов аспашро рӯбарӯи онҳо дошт.

– Аз полки алоҳидаи таъйиноти махсуси тирандозӣ, сержант Яновитский.- Сержант зуд куртаашро пӯшида, афзуд:-Ба сабаби дарди сар ба беморхона меравам.

– Аз полки таъйиноти махсус буданат маълум,- гуфт Чернов ва ҷониби сарбоз назар андохт:

– Сарбоз Сотиволдиев, аз полки 10-уми тирандозӣ.- Сардори полк майор Климов, сардори ротаамон Нургалиев, –сарбоз дасти бастаашро нишон дод:- Бояд дору карда аз нав банданд.

– Ҳарду аз гурӯҳи Климов?-Чернов ҷиддӣ шуд ва ҷониби сержант афзуд:- Рафиқ Яновитский, аз бекорӣ сарат дард кардааст. Ба ту як соат вақт, ба полк расида вақти омаданатро сабт мекунӣ. Ман назорат мекунам.

– Рафиқ майор, ҷойе, ки полки мо қарор дорад, аспакӣ як соат роҳ аст.- Чеҳраи сурхи сержант сурхтар мешавад.

– Сарбоз супоришро, ки гирифт, бояд иҷро кунад.Аллакай як дақиқа вақт рафт,- гуфт, Чернов ва ба соаташ нигарист.

Сержант пас гашта давида рафт.

– Тохта равад ҳам, намерасад,-Степанов хандид. -Зеҳн монам, дар бай омадаҳо русҳо ҳам ҳастанд.

– Фиребгару тарсу дар ҳама миллат ҳаст,- Чернов ба атроф зеҳн монд.

Қади роҳи аз Когон то Бухоро ҳар ҷо қисмҳои ҳарбӣ ҷойгир шудаанд. Д назди деҳае боғи атрофаш девори баланд доштаро диданд, ки дарвозаи кало кандакорӣ дорад. Вале як табақаш нест. Деворҳояш низ ҳар ҷо хароб шудаас Маълум, ки боғи кадом бойе будааст ҳоло ба дасти инқилобчиҳо афтодаас Назди дарвоза якчанд аробаи холию бордор истодаанду сарбозҳо он ҷо гиру ва даробаро мекунанд.

Чернову ҳамраҳонаш аспҳоро берун монда, дохили боғ даромаданд: Д лаби ҷӯйбори боғ, дар сояи даратон афсарону сарбозон ҳар ҷо давра гириф нишастаанд; баъзе қартабозӣ доранд, баъзе дастархон густурдаю суҳбат ор стаанд. Дар майдони тарафи рост, ки бо латтаи карбосранг ҷудо карда шу аст, ошпазҳо дарою баро мекунанд. Ба ҳар тарафе нигарӣ, шохи дарахт мева шикаста, гулзорҳо поймол шуда, дар роҳраву болои сабзаҳо, даруни ҷ либосҳои кӯҳна, шиша, ҳаргуна латтаю қуттию партовҳо паҳну парешон хоба Бо даромадани онҳо касе аз ҷой намеҷунбад. Чернов пеш-пеш, чанд аскар пасаш назди давраи калонтаре, ки дар сояи беди лаби ҷӯй, атрофи дастарх нишастаанд, мераванд. Баъзе тани майка, баъзе бараҳна. Наздик шудани Чер вро дида сержанти биникалоне шишаҳои аз шароб холии наздаш ҷамъшуда панаҳ карданӣ шуд. Марди тануманди мӯйлабдор паҳлӯяш дандон гиз ка «Мон, истад!» Баъзеҳо куртаҳоро мепӯшанд, баъзеҳо бепарво пояшонро д розтар мекунанд,- нотарс буданашонро намоиш медиҳанд. Чернов ба як ни ҳамаро мебинад. Ва лаҳзае ба назараш менамояд, ки одамони ин боғ ба ҷаб онҳо дахл надоранд.

– Соҳиби ин ҷо кӣ?- пурсид Чернов ва дар давра будаҳоро аз назар гузаро Аз дилаш гузашт, ки бештар русҳоянд.

Ин дам аз назди дарвоза овози гуфтугӯ омад. Манучеҳру Амони Калта аз паси онҳо Загорский бо ду нафар аспҳояшонро назди дарвоза баста омада

– Шумо аз кадом полк?- Чернов наздиктари давра рафта, саволашро так кард.- Ин ҷо соҳиб дорад?

– Ҳазир ба шумо мефаҳмонанд, - гуфт мӯйлабдор ва ҷониби сержа биникалон ишора кард. Сержант дили нохоҳам хеста ба дари ошхона рафт овоз дод: «Шоҳтемуров, туро мепурсанд!»

Лейтенанти фарбеҳи мушчашме давида баромад: тасмаи миёнаш дар даст Афсарони мусаллаҳро дида худро ба тартиб даровардан шуд, аммо Чер интизор нашуда пурсид:

– Ин ҷо чӣ гап? Ин одамон кистанд?

Лейтенант дастту по хӯрда нигоҳе ба атроф андохт ва гуфт:

– Ин ҷо анбори таъминотии ситоди 2127. Сардор подполковник Герасимов. Он кас дирӯз барои масолеҳ ба Чорҷӯй рафтанд. Ман лейтенат Шоҳтемуров, ҷонишинашон.

«Анбори таъминотӣ!» такрор кард Чернов ва пурсид:

– Ин нишастаҳо кистанд? Инҳо ин ҷо чӣ кор мекунанд?

– Баъзеҳо барои ротаашон хӯрок бурданӣ омадаанд, баъзеҳо беморхона мераванду ин ҷо хӯрокхӯрӣ медароянд...

– Фаҳмо! - гуфт Чернов ва фикр кард, ки «чаро ин ҷо чунин бетафовутист? Куҷо шуд он ҳамиъяту ҳавасе, ки рӯзи аз Самарқанд баромадан доштанд?! Ва ба Степанов муроҷиат кард:-Вақте ки ватан дар ҳолати ҷанг аст... - Ин берӯию бемасъулиятиро дидед?! Хавотирию ташвиши Фрунзе беҳуда набудааст. Ва бо овози баланд фармон дод:

– Ҳама афсарону сарбозон қатор шавед! Шоҳтемуров, ту ҳам!

Кадоме норозиёна ғур-ғур кард. Баъзе гурӯҳҳо дилубедилон мехезанд, баъзеҳо намехезанд. Афсарони дар лаби ҷӯй нишастаро, мижакашон хам намехӯрад. Чернов шитоб накарда наздиктар рафт. Қарор дод, ки мӯйлабдорро аз гиребонаш бардошта, ба даҳону биниш мезанад.

– Рафиқ майор, шумо ҳамроҳ нашавед,-Семёнов мисле ки нийяти ӯро фаҳмида бошад, ба ӯ наздик шуд. Ва ӯ низ оҳиста қадам зада ҷониби давра рафт.

Ин дам овози аэроплан баланд шуд. Вай торафт наздиктар меояд. «Яқин баргашта барои «бор» меравад, - тахмин кард Чернов. - Борро бояд аз анбори Когон гиранд. Ва ҳамзамон ба хотираш расид, ки бояд дер накарда ба Бухоро расанд.

Ин дам Загорский бо ҳамроҳонаш наздик омаданд.

Аз давра аввал сержанти биникалон хест. Пас лейтенант худро ба тартиб даровард, баъди он дигарҳо низ пасу пеш хестанд. Аз ҳама охир мӯйлабдор танҳо монданашро дида, ҷониби ҳамроҳон бад-бад нигоҳ кард ва хеста куртаашро пӯшид.

«Инро бинед-а, капитан будааст!» Лабони Чернов аз ғазаб мепаранд.

Семёнов пештар ба давра расида, бо як тезии фавқулода мӯйлабдорро аз гиребонаш кашида ҳаво дод, ки ба даҳон зад ва наздик буд ба даруни ҷӯй меафтид.

Капитан дарҳол парида хест ва аз гиребони Семёнов дошта «ту лейтенанча!...» гуфт ва ҳамоно мушти сахте ба сари синааш хӯрда дар ҷояш нишаст. Нафасаш дарун зад. Чашмонаш пиёла барин калон шуданд. Андаке пас ки ба худ омад, Семёнов ӯро аз гиребонаш бардошта пурсид:

– Фармон фаҳмо?! Ва ҳамзамон ба Манучеҳр, ки аз пас расида буд, ишора карда: «ҳамроҳ нашав!»-гуфт.

– Фаҳмо. - Овози капитан базӯр мебарояд ва калавида ба қатор меравад.

– Фармон буд, ки ҳама дар қатор истанд,-Семёнов пештар рафт. Дигар давраҳо ҳам омада дар қатор истанд. Семёнов сержанти биникалонро, ки оҳиста қадам мезад, муште ба шикамаш зада гуфт: «Ба ноз- ба ноз дар назди занат мегардӣ!- Ва боз сахтар ба дамгаҳаш зада илова кард:- Мо вақт надорем!

Сержант аз дард хам шудаю сурфа карда қадамашро тезонид.

Чернов мунтазири ҷамъ омадани дигарон нашуда, назди капитан, ки дар пеши қатор меистод, омада гуфт:

– Тани луч дар саф меистодӣ, бароят хуб буд. Садқаи номи афсар шавӣ.- Ва боз ҳам ангезаи ба рӯяш муштзаданро кард, аммо худро дошта, илова кард: -Ёронат дар муқобили душман, дар байни обу оташ!.. Чӣ гуна аз гулӯят арақ мегузарад?... Рус ин хел бешараф набуд!

– Рафиқ майор, дар оинномаи хизмати дохилӣ хурокхӯрӣ манъ нест.- Дигар ин ки ман афсари одӣ нестам... Ҷонишини...

– Ҷонишин! -Тоқати Чернов дигар намемонад. Бо қаҳр рафта пагонҳои капитанро канд. –Ту, бадзот, даматро мегирӣ ё не?! Ба туфангаш даст бурд.- Агар боз даҳонатро кушодӣ, мепаронам! –Ва дар ҳолате, ки аз ғазаб лабҳояш меларзанд, рӯбарӯи саф қадам зада назди сарбози калакалоне истода, афзуд: -Шояд ин лаҳза дар ҷоят будани ту зарур бошад?-Назди дигаре рафт...-Шояд ба як тире, ки ту мебарӣ, рафиқат интизор аст?!- Ва боз нигоҳаш ба капитан афтиду бо ғазаб наздаш рафта бо таҳдиду таънаи бештар гуфт: -Рус рафиқашро танҳо намегузошт! Армияи сурх рафиқашро дар мушкилӣ танҳо намегузорад! –Ва рӯ сӯи саф кард:-Ҳама зуд ба қисмаш баргардад!

Дар ин асно аз байни боғ сарбози зардинаи қавипайкаре калавида наздик шуд ва бо овози баланд, мисле ки вазъиятро мефаҳмонда бошад, даст ба гӯш бурда, гуфт:

– Рафиқ сардори ҷабҳа! Рафиқ Фрунзе! Агар Бухоро девор намедошт... Дар як ё ду рӯз ҳамаро задаю ғалаба мекардем! Вай девор не. Мегӯй, тилисм аст. Бо тӯп мезанӣ, пушти нохун барин кӯлух мепарад...

Аз ошхона ду нафар баромада сарбозро кашола карда бурданд.

– Лекин командир, шумо калидашро ёфтед!-хап намешуд сарбоз.- Аэропланҳо қири ҳамаро баровардаанд!

Чернов аз дарвоза берун шуда ҷониби Шоҳтемуров, ки аз пас меомад, гуфт:

– Минбаъд ин ҷо ба касе хӯрок намедиҳӣ! Ҳамаро берун карда, дарвозаро кулф кун!

Ҳангоме ки ба роҳ баромад дид, ки қӯшун хеле дур шудааст, аспҳоро тезонида ҷониби Степанов афзуд:

– Фрунзе беҳуда нагуфт, ки Бухоро ҳамаатонро афсун кардааст.

– Фрунзе дар куҷо чӣ воқеа рӯй медиҳад, дар кадом полк ё бригада кӣ чӣ мегӯяд, ҳамаро медонад.- Дар чашмони Степанов оташи тамасхур чароғак мезад.

Чернов андешид, шояд худи Степанов ҳам хабаркаши Фрунзе аст. Ҳаваси сӯҳбат аз дилаш рафт, аспашро маҳмез зад.

Онҳо гашти рӯз бо аспҳои мондашуда ба Бухоро наздик шуданд. Тасфи ҳаво баланд буд. Роҳ ва ҳавои атроф пурчанг аст. Деҳқонони таҳҷиро дар роҳҳо мебинӣ, ки маҳсули деҳқониашон дар харҳо бор карда баъзе дар пушт гирифтааст куҷое мебаранд. Дар қади роҳ ҳар ҷо қисмҳои ҳарбӣ ҷойгиранд. Сарбозҳо тӯпу пушкаҳояшонро бароварда, бо онҳо гирумон мекунанд. Ҷое қатор истодаанду суҳбат мегузаронад. Яқин тайёрии ҷангро доранд. Аэропланҳо ҳоло намепаранд. Аз атроф ва паси девори пурсалобати шаҳр аҳён-аҳён садои парон-парон меояд. Аммо ғулбаи дуд аз ҳама тарафи шаҳр мехезад. Бӯйи тунд

борут намади сӯхта ва боз ким-чиҳое ба димоғ мезанад. Дар атрофи девор низ ҳар ҷо –ҳар ҷо қисмҳои ҳарбӣ ҷойгиранд. Дар рӯбарӯи дарвозаҳо батареяҳоро ҷой кардаанд. Ва аз гиру монашон маълум, ки имрӯз ба ин ҷо омадаанд. Баъзеҳо тӯпу пулемёт насб мекунанд, баъзеҳо дар назди девор ба коре машғуланд; нардбон дуруст мекунанд, ё манҷаниқ мемонанд. Ва чунон саросемаанд, мегӯй ҳозир муҳорибаро шурӯъ мекунанд. Дар болои девор, дар паси камингоҳҳо низ одамон дар равуоянд. Касе наздик равад, мепаронанд. Ҳамаи ин гиру дорҳо дар дили Чернов ҳиссиёти ба ҳам зид бармеангехтанд. Ин шаҳре, ки атрофаш бо дару девор печонда шудаю шаҳрҳои асри миёнаро ба хотир меорад, баъд аз ҷанги серӯза, ба осмон печидани дудро мебинию бас. Ёздаҳ дарвоза бастаю маҳкам. Ба дохил паша пар намезанад. Ин ҳолат изтиробангез аст.

Дар байни полки 10-уми фронти Туркистон ва полки номалуме, дар паҳлуи роҳ харбузаю тарбуз, дар болои гилемҳо себу ангур тӯда карда шудааст. Яқин деҳқонҳои деҳаҳои атроф маҳсули дастранҷашонро барои фурӯш овардаанд. Ба хотири Чернов капитане омад, ки ӯ пагонҳояшро канда буд. Ӯ гуфт, ки ҷонишини сардори рота аст. Насабашро Житов Василий гуфт. Беҳуда нагузошт гӯяд, ки аз кадом рота аст. Ва нисбат ба ӯ нафраташ боз ҳам боло гирифт.

Дуртар аз роҳ, дар паси хору буттаҳо сарбозҳои ба дарди шикамрав гирифторшуда баҳузур нишастаанд. Аз афташ, ангури ношуста ё харбузаи пулашуда хӯрдаанд. Шамолаке, ки аз ҷониби қибла мевазад, ба машом бӯйи бадро меорад. Аз ақиб кадоме садо мекунад.

– Шумо аз кадом рота?

Онҳо худро панаҳтар мегиранду садо намебароранд.

Чун савол такрор шуду ҷавоб наомад, аз байни қӯшун сержант Мирзоев Манучеҳр садо зад:

– Аз ротаи тирриҳҳо.

То дер садои ханда баланд шуду аз паси буттае яке гуфт:

– Мо аз ротаи пулемётчиҳо.

Сарбоз Тяпкин Тимофей ба оҳанги ҷиддӣ пурсид:

– Пулемётҳои клапанҳояшон аз кор баромада? –Ва боз садои ханда аз ду ҷониб баланд мешавад.

Чун ба дарвозаи Мазори Шариф наздик омаданд, полки 7-уми тирандозро диданд. Ҷойи будубоши ин полк чор моҳи охир Қаршӣ буд. Пеш аз он якҷоя бар зидди босмачиҳои Фарғона меҷангиданд. Қувваҳои дар Қаршӣ будаи амирро ҳам инҳо зада, пас ба ин тараф омадаанд. Чернов бештар бо ҷонишини командири полк Николай Бандаренко улфат буд. Ӯ таваққуф карда, хост аз рафиқаш дарак гирад. Назди лӯлаи об рафт. Он ҷо ду взвод сарбозҳо бо ҳам занозанӣ доштанд. Ҷангашон барои он будааст, ки як взвод об нӯшидаю ба взводи дигар ки стакан якто будааст надодаанд. Ин дам Николай аз дохили хаймае баромад. Сарбозҳоро қатор карда танбеҳ дод. Вай ҷавони қоматбаланди табиатан хушвақт аст. Дар дасташ коғазу портфел. Ногаҳон Черновро дида ҳайрон шуд, ва давида омада ӯро оғӯш гирифт. Суҳбаташон дақиқае давом кард. Чернов дар гуфтори рафиқаш ошуфтагию изтироби ниҳониеро эҳсос кард. Гап гирифтанӣ шуда гуфт: «Атрофи деворро пури қисмҳои ҳарбӣ кардаед».

– Александр Николаевич, то ҷанг ҳаст, қувва мебиёрӣ.-Николай хандид ва дӯстона ба чеҳраи мусоҳибаш зеҳн монд.

Чернов хост чизе гӯяд, ки Николай коғазҳояшро нишон дода гуфт:

– Александр Николаевич, бубахш, ки меҳмондорӣ карда наметавонам, командир интизор аст. Бегоҳ дар ситод вомехӯрем.- Ва роҳравон афзуд:- Хуб шуд. Мо омаданатонро интизор будем. Насиб бошад, пагоҳ якҷоя ба китфи Ҷаноби Олӣ орд мезанем. Дуртар рафту илова кард:- Сардори армия одами нав, подполковник Рубенов. Ҳама полку бригадаҳоро чарх зада мебинад. Нав аз назди мо рафт.

«Маълум мешавад, ки Фрунзе пагоҳ зарбаи охиринро заданист», фикр кард Чернов.

Тақрибан сад метр дуртар дар рӯбарӯи дарвозае, ки як табақааш барҷой асту ба ҷойи табақаи дигар шоҳҳои баргашон зардшудаи дарахтро чидаанд, батареяи 3-уми фронти Туркистон ҷой гирифтааст. Ротаи 16-уми таърифкардаи Фрунзе низ дар ҳамон ҷост.

– Ин ҷо дарвозаи шайх Ҷалол аст,- мегӯяд Степанов:- Ин рота мудом мепурсад, ки кай ҷангро шурӯъ мекунем?

– Ротаи 15-уми мо барин,-Чернов ба умеди шиносеро дидан муддате аз ротаи 16-ум чашм намеканад. Не, ошное ба чашм намехӯрад.

Штаб дар наздикии дарвозаи Қаршӣ дар бинои зебое қарор дорад.Дар бино ба ғайр аз навбатдор ва се-чор нафар сарбози маҷрӯҳ касе нест. Кормандони ситод ҳама ба қисмҳо рафтаанд, то ки вазъиятро дидаю ба ҷамъомади бегоҳ омада шаванд. Навбатдор лейтенанти холдор: ӯро дар штаби Самарқанд дида буд. Вай ҳамроҳи Рубенов омадааст. Черновро дида хурсанд шуд. Гуфт, ки шуморо интизор будам. Маҳалле, ки қӯшуни шумо қарор мегирад, тарафи рости дарвозаи Қаршӣ аст. Ҷойро рафта бинеду соати шаш ба маҷлиси штаб ҳозир шавед.

Чернов бо атрофиёнаш аспҳоро лука дода пеш гузаштанд. Дарвозаи Қаршӣ дар тарафи ғарбии шаҳр ҷойгир аст. Дар рӯбарӯяш роҳи аробагузар: он сӯи рох дашти ҳамвор аст ва аз он ҷо қабристони қӯҳнаи хеле калон намоён аст. Болои баъзе қабрҳо сағонаҳо дорад, ки аз диданашон дилро ваҳм мегирад. Дар байни қабрҳо ягон-ягон хори янтоқ ва ниҳолони қадди одам хестаи газ намоён аст. Ва ҳарду ҳам гули сурхи баланд доранд. Дар гӯшаи рости қабристон ду каппаи ба ҳам наздик намоён. Дар тарафи чапи дарвоза се-чор бинои боҳашамати урупоисохт қад афрохтаанд. Он ҷо бонк ва боз ким чи хел ширкатҳои тиҷоратӣ мавҷуд будаанд. Ҳоло он ҷо касе нест ва биноҳо бекасу бесоҳибанд. Бист - сӣ қадам поёнтар чойхона ва бозори калонест, ки дар он харбузаву тарбуз, бодирингу ангуру сабзӣ мефурӯшанд... Ҳамаро рӯи замин рехтаанд, мардуми шаҳр ва сарбозҳо ҳам дар доду гирифт. Рӯз бегоҳ шуда бошад ҳам, ҳанӯз мардуми деҳаҳои атроф маҳсулоташонро меоранд. Маълум мешавад, ки савдо хуб аст. Ҳис намекунӣ, ки ин ҷо ҷанг асту хати ҷабҳа аз паси девор мегузарад.

Як табақаи дарвоза нест: бурҷу бораҳои тарафи чап лахту пора шуда хобанд. Яқин, ин ҷо бомба партофтаанд. Аз ҷойи дари шикаста, аз паси дуду ҷанг хонаҳои хурду бузурги шаҳр намоёнанд. Одамонро ҳам мебинӣ. Ҷое оташ

аланга мезанаду дуд мебарояд.. Ана он Бухорои шариф, Бухорои пурасрор. Ду рӯз шудааст, ки онро бомбаборон мекунанд.

Бригадаи Чернов бо дигар ҷузъу томҳо аз қабристон ва рӯбарӯи бозор гузашта, дар дашти ҳамвори алафаш кайҳо зардшуда ҷой интихоб кард. Бозор аз паҳлӯи рости дарвоза аст. Дар поёни бозор чойхона ҳам будааст кор мекардааст. Чернов нигоҳашро аз бозор наканда андешид: «Во аҷабо, ин ҷо расму одати мардум тамоман дигар: гурӯҳи ҷангҷӯй ҷангашро мекунад, савдогар ба савдояш овора, деҳқон аз паси кишту кораш. Ту ба ман кордор набош, ман ба ту».

Гурӯҳе аз сарбозҳо суйи бозор, гурӯҳе сӯйи чойхона мераванд. Взводи хизмати ақибгоҳ дарҳол ба омода кардани дегу оташ шурӯъ кард. Яке дег, дигаре сабзӣ мешӯяд, сеюмӣ дар таги самовар оташ мегиронад.

Сардори взвод Тошев Чилла бо ду-се нафар сарбозҳояш говҳои дар наздикии Муборак сарбуридаро пӯсту пора мекунанд. Чилла ба кори дигарон низ назорат дорад, баъзеҳоро саросема мекунад: «Масъуд, зуд гӯшти шӯрборо бардор! Маҳмуд, ба таги деги сеюм алов мон! Карим,ҳамроҳат канӣ? Пиёзро пора кардед?! Тез ҷунб! Сарбозро хоб барад, хӯрокат ба кӣ даркор? Ҳой, сабзӣ канӣ?!»

Манучеҳр ҳам дар паҳлӯи Чилла гӯсфандеро пӯст мекунад. Мегӯяд, ки меҳри қассобӣ аз бобояш ба ӯ мерос мондааст. Чернов бо се-чор нафар ҳамроҳон атрофро чарх зада, пастию баландиҳоро аз назар мегузаронад, мисли наққоше, ки муссавараашро тасаввур мекунад, муҳорибаи пагоҳ шӯруъ мешударо пеши назар меорад. Фикр мекунад, ки пагоҳ лашкари амир яқин аз дарвоза берун мешаваду муҳориба дар ин дашт сурат мегирад. Азрӯи хабарҳо навкарҳояш ҷангиён кордидаанд.Ҳангоме ки аз назди қассобҳо мегузашт, суҳбати Манучеҳру Чилларо шунид.

– Намешавад, ки як гурдаша канда ба мо диҳӣ?-Манучеҳр пойи говро медорад.

– Нав як гурдаро бурдӣ...

– Сағера ҳафт шикам дорад, ҷӯра. Як гурда ба ду нафар чӣ мешавад?

– Ҳамая мону аммая меҳмон,- дар ҳаққи ту гуфта шудааст.

– Хӯрокат кай тайёр мешавад?

– Мушкилии кор то пухтани гӯшт,- мегӯяд Чилла,-хӯрок дар ним соат мепазад.

– Мо мардум дар пухтану хӯрдан устухон надорем-куя!-гуфт Манучеҳр бо заҳрханд.

– Ошно, ҳар киро аз баҳри коре сохтанд,- гуфт Чилла ва ҷониби ҷавони табарчадор хитоб кард: -Маҳмуд, пойро се –чор пора карда, ба дег андоз! Об як маротиба ҷӯшад, пас аловро паст кун!-Ва ҳушаш ба қассобӣ, суханашро идома медиҳад:-Худо дар дили қавми рус меҳри камонсозию пулемётсозию кишваркушоиро андохтааст. Дар дили мо бошад, ҳалол хӯрдану намозакатро хондану шукр карданро. Лекин ту ҳам дар ҳисоби онҳо медаронӣ. Нигоҳ кунам, ҷанг ба ҷонат баробар.

– Аз дасти мо мардум коре наояд, аз танбалию нодонии худамон не, аз Худо медонем.

– Танбалӣ будааст!-Чилла даст аз кор боз дошт:- Шумо ҳоло рафта дам мегиред. Хӯроки тайёрро хӯрда, хоб мекунед. Мо то ними шаб дегу табақшӯӣ мекунем. Саҳар хурӯс ҷеғ назада мехезем, ки ба ноништаи шумо дер нашавад.

– Мо кори пеша мекунем, шумо кори ақибгоҳа.

– Бале, шумо одам мекушед. Чӣ ифтихор дорад одам куштан! Мо шукр, ки...

– Шумо ба мо, одамкушҳо, ғизо омода мекунед. Нерӯ мебахшед. Касби шумо чӣ ифтихор дорад?

– Шутур кафиша надидааст, сангпушт паҳмиша!-Чилла бо ситеза магасхои дар атрофаш ҷамъшударо ронда афзуд:-Ку ҳамон гурда, ки гирифта зудтар аз наздам мерафтӣ!

– Чилла, қаҳрат набиёд. Мехостам гӯям, ки одамони мо ҳам бояд ҷангро ёд бигиранд. Худат дидаистодаи, ки гандуму ангури ватана оварда мефурӯшад. парво надорад, ки ватанаш ҷанг дорад.

– Ҳой бача, дили мо мардум дар гандумкорию ишқи илоҳист. Банди тир тупу дунёгирӣ нест! Бобою бобокалонҳоям низ ҳамин тавр буданд.

– Ба ин варсоқиҳои дақёнусиат розӣ нестам. Замоне шуд, ки ишқа ба ҷанг талош ва тупу пулемиёт бандӣ.

– Охири кори ту, мулҳид, чӣ мешуда бошад?-гуфт Чилла ва бо нафрат онсӯтар рафта, Черновро дид ва бо овози паст чизе гуфт.

❁ ❁ ❁

Маҷлиси штаб дар биное баргузор мегардид, ки дар замони подшоҳ консулхона будааст. Чернов зуд сару либосашро ба тартиб дароварда, ҳамроҳи сардастаҳои гурӯҳаш ба ҷамъомади ситод равон шуд. Раҳораҳ фикр кард, ки дар ҳаёт на ҳама дастуру нақша мувофиқи ҳукму хоҳиш сурат мегирифтааст. Як ҳафта пеш дар ситоди Самарқанд фармон шуд, ки дар як вақту соат ба ҷанг шаҳри аморат ва ҳамзамон ба Бухоро ҳуҷуми қатъӣ ва ногаҳонӣ карда, навкари маҷоли сар боло кардан надода, давлату сарваташро аз дасташ гиред. Ва ба аморат қӯшуну аслиҳаи зиёд дароварда ҳуҷум кардем. Вале кор ба гуфти мо сурат нагирифт. Бухоро дар як рӯз таслим нашуд.. Балки ба армияи мо панҷа ба панҷа зад. Дар рӯзи аввал бо полкҳои ба шаҳр дохилшуда сахт занукӯб карда онҳоро берун ронд. Дар майдон аз ду ҷониб мардуми бисёре ҷони ширин аз даст доданд. Қӯшуни амир чанд пулемёту тӯпу аробаҳои тирдоштаро ғанимат гирифт. Фрунзе аз муқобилияти шаҳриҳо тарсида, аэропланҳоро оварда, ба кор даровард. Ду рӯз Бухороро аз болои сар бо тӯпу аэропланҳо заданд. Не ин салладорҳои назарногир ба аэропланҳо ҳам тан надоданд. Дар рӯзи дувум сеюм ҳам на аз по афтоданд, на ягон дарвозаро кушоданд. Ва ҳоло ҳам бо камонҳои даҳонпурашон, ки аз онҳо дар ним соат як тир мепаронӣ, дар тор деворашон мор барин ҳалқа задаю шаҳрро муҳофизат доранд. Ними шаҳр хароб шудаасту одамони зиёде мурдаанд, қасрҳову хонаҳо оташ гирифтаанд. Аз рӯйи гуфти Степанов, Фрунзе боз аз фронти Қафқозу дигар фронтҳо аскар силоҳ ҷамъ кардааст, то ки бо як ҳуҷум армияи амирро маҳв кунад. Тарзи кор сарлашкарҳои ҳозира ҳамин аст. Поездҳо корашона осон карданд. Дар фрон-

ти шарқӣ, дар Уфа, ки бар зидди Колчак ҷанг мекарданд, ҳамин гуна шеваро раҳандозӣ намуданд. Мегуфтанд, ки армияи Колчак то сад ҳазор сарбоз дорад. Фрунзе ҳам аз сад ҳазор зиёд сарбоз ҷамъ кард, вагон-вагон пулемёт овард. Дар он даштҳои кафи даст барин ҳамвор пулемётҳо ҳай кор доданд. Қири сарбози Колчакро баровардаанд...

Дар даромади саҳн Чернов Муҳаммадшарифро дид, ки бо авзои парешон ӯро интизор аст. Афсарону сарбозон дар ҳар тараф гурӯҳ-гурӯҳ истода, ба забонҳои гуногун суҳбат доштанд. Баъзе тамоку мепечонад, баъзе носкаду молиш медиҳад. Бештар ҷавонбухориён ҷамъ омадаанд ва маълум, ки аз чизе ошуфтаанд. Баъзеҳо фурашка доранд, баъзеҳо саллаи бобоӣ.

– Аз шаҳр омадам,-гуфт Муҳаммадшариф,-хабарҳои булаҷаб овардам.

– Ба шаҳр даромадан мешавад?-пурсид Чернов.-Аз дарвоза даромадӣ?

– Дарвозаҳо маҳкам. Ҳимоятгарон пашшаро даромадан намемонанд. Лекин девор ҳар ҷо роҳҳои пинҳон дорад, ки шаҳриҳо ҳар вақте хоҳанд, аз он ҷо дарою баро мекунанд. Аз сӯрохи девор даромадам. Ба посбонҳо ду-се танга медиҳию хонаам дар фалон гузар мегӯй, худашон раҳнамоӣ мекунанд.

– Хуб, ҳоло вақт нест. Аз ҷамъомад, ки баргаштем, ҳамаро нақл мекунӣ,-гуфт Чернов ва Степановро диду ҳамроҳ сӯйи штаб рафтанд. Долону ҳуҷраҳои собиқ консулхона бо мебелҳои сиёҳи зебои замонавӣ ҷиҳозонида шудаанд. Аз толор овози ғалоғула ва бӯйи тамоку, шароб ва арақи тан меояд. Чернов вориди толор шуда дид, ки қариб ҳама курсиҳо банд. Он ҷо ҳам шиносҳо ҳастанд, ҳам одамоне, ки нахустин маротиба мебинад. Чашмаш ба Бандаренко афтид, ки ҷонибаш «биё» гуфта ишора дорад. Дасти Степановро дошта, аз байни одамон гузаштанд: андешид, ки он бенизомии дар роҳ дидааш дар аксари полкҳо мушоҳида мешавад. Кошки сардори навомада марди ҷангдидаю бадонишбошад. Ҳама пешравиҳо ва ғалаба ба пешво вобаста аст.

– Рубеновро аз куҷо оварданд?-пурсид Чернов баъди нишастан.

– Мегӯянд, ки аз сарситоди Маскав овардаанд,-гуфт Бондаренко.Ва бо овози паст афзуд:- Пештар дар НКВД кор мекардааст.

– Ба бригадаи мо ҳам як лейтенант доданд,-гуфт Чернов. - Мегӯянд, ки одами Тротский аст. Вай ачиб махлуқе. Маълум, ки ба ҳама гапу кор гӯш ба қимор аст.

– Бе ин намешавад,-гуфт Степанов. - Барои сардорҳо ин муҳим.

Чернов ба чашмони рафиқаш нигариста пурсид:

– Дар фронт чӣ хабарҳои тоза?

– Ду соат пеш як ҷанговари мо, ки худ бухоройаст, хабар овард, ки баъзе шаҳриҳо кофирҳо медароянд гуфта, кӯчашонро бардошта мерафтаанд. Ҳатто қисме аз навкарҳо аз ҷанг рӯ гардондаанд.

– Ба Рубенов ин хабарро расон.

– Хабар аллакай ба Рубенов расид,-гуфт Бондаренко.-Ва шояд аллакай гурӯҳи ҷосусӣ ҳам роҳӣ карда бошад. Боз кӣ медонад? Ба ин гуна корҳо ҳамроҳ шудан...Худат медонӣ.

Чернов ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд ва фикр кард, ки яқин хабари «булаҷабе», ки Муҳаммадшариф овард, аз ҷанг рӯ гардондани сарбозҳост.

Марди танадори рӯяш фарбеҳе, ки рутбаи старшина дошт, даромада ба чанд ҷои рӯи мизи воқеъ дар пешгоҳ коғаз монд. Дақиқае гузашту Рубенов бо атрофиёнаш даромад. Ӯ марди қадпасти, рӯяш паҳн ва мӯйлабдор аст. Ба мӯйи сари сиёҳи рост хестааш ҳар вақт даст мебарад. Сардори ситоди ҷабҳа Андреев бо якчанд коргараш ва ду нафар таҳҷоӣ ки либоси урупоӣ доранд, омад. Якеро, ки ҷавонтар менамуд, Рубенов дар паҳлӯяш шинонд.

– Ин одам Файзуллоҳ Хоҷаев.- Степанов ба ҷавон ишорат кард.-Оянда ҷойгири амир Олим.

– Ман ном ва кордориҳояшро бисёр шунида будаму худашро акнун мебинам,- гуфт Чернов. Ва ба назараш намуд, ки ин ҷавонро дар куҷое дидааст. Аммо дар куҷо, ба хотир оварда натавонист.

– Ин ҳам мисли белшевикҳои худамон чор –панҷ сол аст, ки дар гурезогурез буду бар зидди амир мубориза мебурд,-гуфт Степанов.-Лекин аз синфи дорост. миллионер аст.

– Бойҳою амир якҷоя нестанд?-пурсид Бондаренко.

– Ин ҷо масъала каме дигар,-гуфт Степанов.-Ин ҷо ҷавонбухориҳо қариб ҳама аз синфи дорою донишмандҳо; Файзуллоҳ ҳам дар ҳамин қатор. Бештари муллоҳо ислоҳотро намехоҳанд, амир тарафи онҳоро гирифт ва шуд байнашон ҷангу душманӣ. Дар ду соли охир амир тахмин ҳазор нафар ислоҳотхоҳонро кушт.

– Бар зидди подшоҳ касе мубориза мебарад, ки ҳамсангаш бошад,-гуфт Степанов.- Камбағал на сӯи ислоҳот меравад, на бар зидди амир. Нону обаш бошад, зан гирад, ба дигар чиз ақлаш намерасад.

– Нахонед, ақл аз куҷо пайдо мешавад?-гуфт Чернов ва пурсид: -Файзуллоҳ забони русиро медонад?-Ин дам ба хотираш омад, ки Файзуллоҳро дар куҷо дида буд. Ҳашт-нӯҳ рӯз пеш дар назди дарвозаи ситоди Самарқанд ӯро ҳамроҳи Андреев дида буд. Мисле ки бо ҳам баҳс доштанд.

– Русидониаш хуб аст. Ҳамчунон ба немесӣ ва туркӣ хуб суҳбат мекунад.

– Офарин, дар Туркия хондааст?

– Бале, аммо бештари донишро дар хона гирифтааст. Солҳои охир дар Бухоро расм шуда буд, ки бойҳо фарзандҳояшонро дар хона таълиму дониш медиҳанд. Аз Олмону Туркия ва аз Русия муаллим меоварданд.

– Дар Русия ин кор сад сол пеш, ҳатто зиёдтар аз он шурӯъ шуда буд,-гуфт Чернов.-Муаллимҳоро бештар аз Олмон меоварданд.

Ин дам лейтенанти холдор вориди толор шуда, ҷониби Рубенов гуфт:

– Ба ғайр аз сардори полки 10-ум Климов дигар ҳама омаданд.

– Климов дар куҷо будааст? Мабодо асир нагирифта бошанд?-бо истеҳзо пурсид Рубенов.Ӯ саросема менамуд.Сардастаҳои полкҳо, бригадаҳо ва баъзан ротаҳоро хезонда, аз кори имрӯзаашон пурсид. Ҷонишини сардори эскадрилия марди миёнсинни тануманд ва гандумгунро ба исми Столяров хезонда, ба пурсиш гирифт: «Шумо аз баландӣ ҳолати фронт ва ҳам аҳволи шаҳрро мебинед: ку, дидаву мушоҳидаатонро гӯед.»

Столяров аз қатор хеста, ба пеши толор гузашт ва бо овози андаке гирифта вале бо лаҳни ғолибият гуфт:

– Имрӯз нӯҳ аэроплани мо дар болои шаҳр кор карданд. Баъзе мошинҳо, ки нав буданд, ду маротиба ба парвоз хестанд. Ҷамъулҷамъ имрӯз чордаҳ парвоз доштем. Дирӯз арки амирро задем ва баъзе хонаҳои атроф, ки аксар аз они бойу буржуйҳо будаанд, низ зарар диданд. Якчанд масҷид зарар дид. Баъзеашон оташ гирифтанд. Ростӣ, мо бештар аз бомбапартоӣ ба масҷидҳо худдорӣ мекунем. Чунки дар саҳну атрофашон мардуми бисёр ҷамъанд.

Чернов аз оҳанги сухани пилот пай бурд, ки дар шаҳр бисёр вайрониҳо кардаанд.

– Аҷиб мардуме, масҷид хонаи Худо гуфта, даромада сарҳо хам бепарво мешинанд.-Овозе аз толор баланд шуд.

– Бале, мебинанд, ки масҷидҳо бо одамҳояшон метарканд, боз ҳам даромада мешинанд,-истеҳзо кард Столяров.

– Хонаҳошонро ҳам мезананд, пас куҷо гурезанд?-гуфт кадоме бо овози паст.

– Ҷанг ҷанг аст, рӯйи хотир накунед! -шиддат кард Рубенов.-Занед, то ки афкору динию андешаҳои дақёнусии ин мардум аз мағзашон барояд! Аз масҷидҳо берун кунед, ки ба мактаб равад! Вақташона ба китобхонию мактабхонӣ сарф кунанд, на ба масҷид! Асри бист асри зарбу зикру зиёдгӯӣ нест! Асри илму амалу инқилоб аст!

Аз ҳар тарафи толор овозҳои зидди ҳам баланд шуданд:

– Масҷиду мадрасаҳоро назанед!

– Масҷиду мадраса корхонаи муллоҳо, занед!

– Рафиқ Столяров, мо ин ҷо бар зидди амир меҷангем,- Андреев дасташро баланд кард.- Бештари он мардуме, ки дар масҷид қарор доранд, одамони мо мебошанд. Ба онҳо мазмуни инқилобро фаҳмонед, на ин ки занед. Ва дар хотир доред, ки масҷидҳо осори меъморӣ ҳам ҳастанд, таъриханд.

– Раҳмат ба шумо, ки ин суханро гуфтед! -аз толор кадоме овоз баланд кард.

– Чанд бомба бор мекунед? Даҳ- понздаҳ? -пурсид Рубенов.

– Не-е, чорто бор мекунем. Як бомба 16 килограм аст. Нюперҳо аз се дона зиёд намегиранд. Се кило бор ё як шинел зиёд гирем, то баландии дарахти сафедор мебарояду дигар кӯдак барин по тиконда меистад, баланд намехезад.

– Эркаҳо!- марди айнакие аз толор садо баланд кард.

– Рӯзи аввал мошини худам қариб ба болои арк меафтид,-Столяров ба суханаш идома дод.-Ин ҷо шамол ки нест, як-як ба банди рема меафтем.

– Банди «рема»ашро ба мо фаҳмон,- луқма дод кадоме.

– Вақте ки шамол намешавад, гармии замин якранг нест,-Столяров ҷониби толор гашт.- Дар он вақт мошин мисли киштие, ки дар баҳри пурталотум афтидааст, болою поин ва гоҳе яктарафа мешавад, бар болои ин аз поён тирпаронӣ мекунанд. Ростӣ, касро ваҳм зер мекунад, ки мабодо тир ба чархи пеш, (проллер) ё мотор занад.

Ин дам лейтенанти холдор даромада ба гӯши Рубенов чизе гуфту аз пас сардори гурӯҳи якум майор Климов сараш докапеч бо авзои парешон ворид шуда, дар қаторе ҷой гирифт.

– Дар шаҳр хонаҳои вайрон ва мурда бисёр аст?Ё ин овозаҳо бардурӯғанд?-Рубенов ҷониби Столяров нигарист.

– Мурда ҳаст,- гуфт Столяров,-арк пури одам, масҷидҳо ҳам. -Хоҳед-нахоҳед. мурда мешавад. Имрӯз хостем масҷиди калони паҳлӯи аркро занем. Бинем, мардуми зиёд, қатор-қатор думбаҳошон ҷониби осмон дар намозхонӣ. Мо аввал бо пулемёт задем, ҳама намозро монда, ҳаросон ба дару девор часпида гурехтанд, пас бомба партофтем.

– Дар ҳақиқат қиёмат будааст-ку!- Марди айнакӣ боз овозашро баланд кард:-Дар шаҳр муллоҳо овоза кардаанд, ки қиёмати сағир сар шудааст. Яъне, қиёмати хурд. Беҳуда набудааст.

– Муллоҳо каромат кардаанд,-Рубенов ҷониби Файзуллоҳ Хоҷа маънидорона табассум кард. Ва аз Столяров пурсид:-Мардум аз шаҳр мераванд?

– Бале, мерафтагиҳо ҳастанд. Ман ба ин ҷиҳат эътибор надодам,-гуфт Столяров ва бо эҳсосоти бештар афзуд:-Қариб фаромӯш кардаам. Пилоти аз ҳама охир баргашта мушоҳида мекунад, ки ду гурӯҳи навкарҳо аз дусад нафарӣ ҳам зиёд, аз шаҳр баромада мераванд. Тахмин меравад, ки аскарони амир беҳуда будани муқобилиятро пай бурдаанд...

– Инро мо аниқ мекунем!- Рубенов нагузошт, ки Столяров суханашро то охир гӯяд ва фармон дод:.-Пагоҳ шумо боз аркро мезанед, куҷое осоре аз амиру атрофиёнаш ҳаст, нест мекунед! Бинед, куҷое навкарҳояш ҷамъ мешаванд, заррае дудилагӣ накарда занед. Ва ба мушоҳида гиред, ки кадом мурғ ба кадом сӯ мепарад. Дар атрофи шаҳр дар ҳамаи дарвозаҳо назоратро қатъӣ кунед. То ки амир аз дастатон хато нахӯрад! Пагоҳ бояд ёздаҳ аэропланро ба осмони шаҳр бароред. Бигзор як бомба гирад. Лекин парвоз кунад.

Андреев ақибтар ғеҷида ба толор нигарист. Маълум буд, ки гуфтугӯи Рубенов маъқулаш нест.

– Пагоҳ нӯҳ мошин ба кор мебарояд,-гуфт Столяров,- чунки имрӯз ду мошин аз кор баромад, ба ланжерҳо тир расида, сӯрох кардааст.

– Хуб, аз аҳволи имрӯз ҳама огоҳ шудем. -Рубенов аз ҷояш хеста, ба суханаш идома дод:- Ба кори пагоҳ мегузарем. Чунон ки мушоҳида кардед, маҳсули кори имрӯза бисёр бад аст: ҳаштоду ҳашт нафар мурда, зиёда аз сад нафар бедарак. тахмин дусад сарбоз захм бардоштааст. Ва бар болои ин ҳама соате пештар аз полки 10-ум дувоздаҳ нафарро муҳофизони девор дар байни ду-се дақика зада куштаанд. Сарбозҳо аз касе напурсида ба воситаи сӯрохи назди дарвозаи Талипоч ба шаҳр медароянд, мисле ки сайёҳ бошанд. Дар он сӯ муҳофизон пинҳон будаанд. Онҳоро дар ҳалқа мегиранду бо корду камон ҳамла меоранд. Сипас мурдаҳоро луч кардаю таҳқир намуда, аз болои девор поён мепартоянд. Ин хабарро лаҳзае пештар ба ман расонданд. Чунин аст аҳволи мо. Аммо ба сӯйи шаҳр як қадам пешравӣ нест. Ҳарчанд пилотҳоямон мегӯянд, ки на дар арк ободӣ мондему на дар масҷидҳо.

Дар толор дақиқае хомӯшӣ ҳукмрон шуду пас Чернов савол дод:

– Сарбозҳои полки 10-ум ба чӣ зарурат ба шаҳр рафтаанд?

– Климов, сардори полкашон омад, худаш мефаҳмонад,-гуфт Рубенов ва бо истеҳзо афзуд:-Даме пештар қариб худашро асир мегирифтанд. Ва боз ҳам дар рости ҳамон гузаргоҳи касофат. Бештари ҳамроҳонашро мекушанд, худашӯ

чанд нафар мегурезанд. - Ва бо оҳанги таҳдор пурсид:-Климов, саратон сахт захмӣ шуд?

Климов ба саволи Рубенов ҷавоб надод. Аз ҷояш хеста ба пеши толор омад. Тақ-тақи мӯзаҳояш хомӯширо халалдор мекард. Мӯзаю куртааш лойолуд, сараш баста ва хиҷолатманд аст. Ба дили Чернов омад, ки Климов нимашро бой додааст. Маълум, ки аз шикасти рӯзи аввал хорӣ кашидааст. Охир ин ҳолат ба сари ҳар кас омаданаш мумкин. Кадоми мо бе камбудием?

Климов рубарӯи толор истода, сухан карданӣ шуд, ки Рубенов, «вақтро нагирифта воқеаи рухдодаро гӯед!» – гуфта фармон дод.

– Мо як гурӯҳ аз воқеъаи полки 10-ум, ки аз мо чор километр дуртар аст, огоҳ шудем,-гуфт Климов. Ҳангоми бозгашт дар ҷое, ки заҳоб ва ҳаргуна буттаву хорҳо рӯидаанд, мисле ки аз таги по гунҷишк мепарад, як тӯда одамон аз бехи буттаҳо хеста ба мо дарафтоданд. Баъзеҳо дар бар либоси аскари сурх доштанд. Ростӣ, мо дар аввал дасту по хӯрдем. Онҳо аз мо хеле зиёд буданд. Дувоздаҳ нафари моро зада афтонданд. Мо ҳам чанд тани онҳоро задем.-Климов хомӯш шуду боз суханашро такрор кард:- Нохост аз таги буттаю дарахтҳо хестанд.- Ва ба ҷояш рафта нишаст.

– Чанд асп бой додед?- пурсид Рубенов.

– Ба ғайр аз дувоздаҳ асп, ки соҳибонашонро зада афтонданд, боз панҷ аспи дигар захмӣ шуданд.

– Дар ҷанг ҳаргуна ҳолат шуданаш мумкин,-Андреев ба тариқи мадоро ҷониби Климов нигарист. -Ин рӯзҳо аз сари мо ҳам гузаштааст.

– Шумо медонистед, ки маҷлиси ситод ҳаст, зудтар бармегаштед, он вақт ин кор рӯй намедод,-Рубенов ором намешуд. –Шахсан чунин бемасъулиятии шумо буд, ки моро дар рӯзи аввал зада аз шаҳр берун карданд! Таънаи «сурҳҳо бой доданд»-ро шунидем. Чунин бемасулиятӣ буд, ки то ҳанӯз дар таги девори Бухоро нотавониамонро нишон дода нишастаем! - Рубенов ба хашм омад: -Климов, шумо ба кадом ақл полки бетаҷрибаи мусулмононро пеш-пеши қӯшун кардед? Ротаи 16-ум, полкҳои 1-ум ва 4-уми савораро барои чӣ дар ақиб доштед? Барои он ки худатона ҳимоя кунанд?! Бо ин кор шумо рӯҳияи ҷангии армияро коҳиш додед?

– Рӯҳия дар ҷояш, рафиқ сардор,- тоқат накард Климов - Фаҳмидед, ки ҳоло чӣ гуфтанд? Қӯшуни амир аз шаҳр баромада меравад. Ҳатто овоза ҳаст, ки...

– Истед!! Истед!-шӯрид Рубенов.-Ҳоло шумо гӯш карданро ёд нагирифтаед!...Ба хатои кардаатон низ сарфаҳм нарафтаед! Он армияе, ки аз ҷангалҳои домани Масква то ҳол ғалаба карда меомад, дар остонаи шаҳри пӯсидаи Бухоро аз дасти муллоҳо, аз дасти қӯшуни бо берданакҳои дақиёнусӣ мусаллаҳи амир шикаст хӯрдааст. Мардум дар сӯҳбату ҷамъомадҳояшон ана ҳамин гуна суханҳо гуфта, моро мазоҳ мекунанд. Акнун фаҳмидед, чӣ шармандагӣ кардед?! Ин овоза ба Маскову он тараф то Ғарбу Америка рафтааст. Шумо медонед, ки ин сухани одӣ нест!? -Лаҳни сухани Рубенов бештар оҳанги таҳдид гирифт. - Ин тарафи масъаларо сардори ҷабҳа, рафиқ Фрунзе, худаш ба шумо мефаҳмонад. Вай баъд аз ду рӯз ин ҷо меояд.

– Ду даҳон гап дорам,-Климов розигии Рубеновро интизор нашуда аз ҷояш хест.-Полки 10-уме, ки ба Бухоро даромад, полки интернатсионалист. Навкарони аз армияи амир гурехта ҳам дар он ҳастанд. Ҷадидҳое низ ҳастанд, ки се-чор сол боз гуреза буданд. низ ҳастанд. - Ва бояд иқрор шуд, ки онҳо мардона ҷангиданд. Ақибнишинӣ ҳанӯз шикаст нест.

Дар толор тарафдорони Климов афзуд:

– Суханаш рост!

– Айбҷӯиро ҳар кас метавонад!

– Дар як рӯз се маротиба аз дарвозаи Қаршӣ даромаданд,- афзуд Климов. -Полкҳои 1-ум ва 4-уми савора он рӯз дар Чорҷӯй ҷангидаю он ҷойҳоро аз қӯшуни беки Чорҷӯй озод карданд, худашро асир гирифтанд. Ман онҳоро дар атрофам надоштаам!

Рубенов ин дафъа бо лаҳни мулоим, вале ба зарда гуфт:

– Дар ҷанг, рафиқ майор, аз лаҳзаи аввал то охир ҳама ҳисобу китоб дорад. Ҳисобро дуруст кардӣ, мебурӣ! Фаҳмо? –Рубенов ҷониби толор гашта суханашро идома дод: -Бале, ҷадидҳо талаб карданд. Онҳо умед доштанд, ки аскари амирро мезананду ба шаҳр медароянд ва халқ истиқболашон мегирад. Тахти подшоҳии Бухоро муборак бошад мегӯяд! Не, ин тавр намешавад. Кори олам он қадар саҳлу сода нест. Бояд ба ҳисоб мегирифтанд, ки Бухоро девору амиру аскар дорад! Вайро бо ҳаёҳӯй гирифта намешавад. Вайро қувваю силоҳи рус мешиканад...

Бондаренко оҳиста аз Степанов пурсид:

– Ин ҷадидҳоро таъна мезанад?

– Аз рӯйи шунидам, ҷадидҳо зидди бомбаборони Бухоро будаанд. Ҳоло ба ҳамон ишора дорад, ки бе бомбаборон кор мушкил буд.

– Дар ин масъала суханаш ҳақ, - гуфт Чернов.-Тахту тоҷро ба осонӣ гирифта намешавад. «Бо хун омадам, бо хун медиҳам». Ин шиори подшоҳони ҷаббор ва касофат аст.

–Ҷанг шурӯъ шавад, ҷадидҳо ба мо латма намедиҳанд?-пурсид Бандаренко.

– Ҳеҷ гуна латма дода наметавонанд,- гуфт Степанов.-Аз сари роҳ дурашон мекунем. –Ӯ маънидорона ба Чернов нигариста, афзуд:-Шояд бенизомиҳои дар роҳ дидаамонро мегӯед. Аз аҳволе, ки дар анбори озуқа дидем? Ва ба дафтарчааш нигариста афзуд: - Сарбозе, ки худро Сотиволдиев номид, аз полки Климов. сержант Яновитский аз полки таъйиноти махсус аст.

Чернов сар ҷунбонд ва ба ҷониби Бондаренко нигариста гуфт:

– Бе сухани мо ҳам Климов дар сари ҷар истодааст. Аз таҷрибаи худ медонам, ки худписандӣ кардӣ, пешпо мехӯрӣ. Дар хотират ҳаст, дар ситоди Самарқанд Климов гуфт, ки Бухоро ҳар қадар қувва ҷамъ кунад ҳам, бо шамоламон яктарафа карда мегузарем. Шикасти полкаш ҷавоб ба ҳамон гуфтааш шуд.

Рубенов сардори шӯъбаи сиёсии армия Шестак Давид Абрамовичро хезонда, дар мавриди он, ки дар полкҳо бетартибӣ зиёд аст, дӯғу пуписа карда, пас нақшаи ҷангии пагоҳро баён намуд:

– Тартиби кор мувофиқи супориши сардори ҷабҳа чунин аст: Пагоҳ бояд ҳамаи қувва ба ҷанг даромада, муҳорибаро ба охир расонад. Батареяи Дудкин

корро аз дарвозаи Самарқанду Қаршӣ шурӯъ мекунад. Гурӯҳҳои таҳти фармони рафиқ Чернов дар назди дарвозаҳои Қаршӣ ҷойгир мешаванд. -Ва Черновро хезонда супориш дод: - Бригадаи 11-уми худатон ва ротаи 15-умро дар пеши қӯшун ҷой диҳед.

Ба гурӯҳе, ки аз дарвозаи Самарқанд бояд ворид мешуд, капитан Бондаренко Николай Василевич роҳбарӣ мекунад. Ба ин гурӯҳ батареяи 3-юм, ротаи 16-ум, бригадаи 4-уми савора, ки дирӯз аз Красноводск оварданд, ҳамроҳ мешаванд. Полки 1-уми алоҳидаи мусулмонон низ ба он ҳамроҳ мешавад. Ба Бондаренко таъкид кард, ки ротаи 16-ум ва бригадаи 4-уми сабораро дар пеши қушун ҷой диҳад.

– Ротаи 7-уми сарҳадӣ, полки 2-уми савора, ротаи тирандози мусулмонон дар ҳолати омодабош истода, фармони маро интизор мешаванд. Бештари полкҳои тирандоз дар гирдогирди девор ҷой мегиранд. Тамоми даромаду баромадро аз боло ё аз сӯрохиҳои девор зери назорати қатъӣ мегиред. Дар назди дарвозаҳои ишғолшуда тӯпҳоро ҷойгир мекунед. Ҳарду поезди зиреҳпӯш бо ҳама аслиҳа ба нуқтаи фармуда омада, интизори фармон мешаванд! Аэростатҳо бояд лаҳзае ҳам дам нагирифта ҳолати шаҳрро нишон диҳанд, то мо дониста бошем, ки қушуни амир ба кадом кӯча ва ба кадом самт ҳаракат мекунад. Ронандаҳои зиреҳпӯшҳо, Богдан ва Василчук, шумо ҳаракати душманро назорат мекунед! Дар соати муайян, пас аз он ки батареяҳо дарвозаҳоро тасхир карданд, шумо низ ба ҳуҷум мегузаред. Дар вақти зарурӣ полкҳои тирандоз ҳам ба шаҳр омада, ҳама якҷоя тӯфони шадиди садои тиру дуду оташро ба сари шаҳр мерезед, ки душман аз ваҳм сар боло карда натавонад!

Бондаренко сарашро хам карда, оҳиста гуфт:

– Ба чунин тӯфон на ин ки касро сар бардоштан намемонем, балки мардумро ба якборагӣ кару гунг мекунем.

Ин дам дар берун сару садоҳое баланд шуд ва аввал лейтенанти ҳолдор даромада ба гӯши Рубенов чизе гуфт, пас сарбози газгӯшт ва мӯйлабдор, ки аз андомаш таҳҷоӣ буданаш маълум буд, бо ситез аз дари толор даромада, рӯбарӯи одамони раёсат рафт ва бо овози баланди нешдор аз Рубенов пурсид:

– Сардори армия шумоед?

– Бале, ман!-Рубенов аз он ки сарбоз бе пурсиш даромад, қаҳролуд шуд.

– Ман нав аз шаҳр омадам,- сарбоз яктарафа истод, ки овозашро ҳозиринӣ толор низ шунаванд.- Имрӯз бештари қӯшуни амир аз шаҳр рафт. Чанде пештар худи амир бо як қисм наздикон фирор кардааст. Дар шаҳр дигар каси муқобилият мекардагӣ нест. Пас чӣ лозим ин қадар қувваи зиёдро ба шаҳр даровардану Бухорои валангору оташгирифтаро вайронтар кардан?

Аз чор тараф ҳар гуна овозҳо баланд шуданд.

– Рост, чӣ даркор мардуми бечораро озор додан?

– Мо бар зидди мардуми шаҳр намеҷангем!

– Ба шаҳр ҳатман медароем! Вагарна чаро ин ҷо омадем?!

– Ба шаҳр медароем! медароем!

Рубенов дасташро бардошта, толорро ором кард:

– Шумо худро шинос накардед.- Рубенов ба сарбози мӯйлабдор мурочиат кард. - Шумо рафтани амирро худатон дидед? Кӣ гуфт, ки ӯ рафтааст? Шаҳр дар муҳосира, роҳҳо зери назорат...

Лейтенанти холдор омада дасти сарбозро гирифта бурданӣ шуд, аммо ӯ дасташро ба шиддат кашида, ҳаяҷонашро фурӯ шинонда гуфт:

– Ман Беҳрӯз Бекзода, аз ҷадидҳо! Дар полки 1-уми алоҳидаи мусулмонӣ хизмат мекунам. Рӯзи якуми ҷанг мо бар зидди навкарҳои амир ҷангидем. Се сол шуд, ки амир маро аз шаҳрам рондааст. Хонаю дарамро подшоҳӣ кард. Имрӯз ба шаҳр даромадаю гурӯҳ-гурӯҳ аз шаҳр бадар рафтани қӯшунро дидам. Рафтани амирро аз мардум шунидам. Атрофиёнаш дидаанд, ки бо мардуми бисёре...

– Рафик Бекзода, «шунидам, фалонӣ гуфт!» дар кори ҳарбӣ қабул нест! Ин сухани кӯча!- Рубенов аз ҷояш хеста Бекзодаро сухан кардан намонд ва бо шиддат афзуд: - Ҷабҳа ситод дорад ва нақшаи кору иҷрои нақша дорад! Фронт супориш гирифтааст, онро ману шумо мехоҳем ё не, иҷро мекунад, вассалом! Ҳоло зӯри касе намерасад, ки пеши онро гирад. Ҳатто сардори ҷабҳа наметавонад! Ин кор монанди он аст, ки кӯдаки дар батни зан моҳу рӯзаш расидаро набарор мегӯед. Аз ии рӯ шумо ба коре, ки сарфаҳм намеравед, ҳамроҳ нашавед! Ва минбаъд бе иҷозат ба маҷлиси ситод надароед!

Бекзода сухан карданӣ шуд, аммо Рубинов пешдастӣ кард:

– Мо хабар дорем, ки ба ғайр аз амир дигар қувваҳо ҳам ҳастанд. Пагоҳ ҳамааш маълум мешавад.

Лейтенант аз дасти Бекзода кашида ӯро берун бурданӣ шуд. Лекин ӯ боз дасташро раҳонида, бо овози баланд гуфт:

– Ҳамроҳ нашав, будааст. Бухоро шаҳрам аст! Бояд ин ҷо зиндагӣ кунам! Файзуллоҳ Хоҷа шумо бигӯед! Мо пагоҳ ба кадом рӯ бо мардум кору зиндагӣ мекунем?! Ҳафт пуштамона лаънат мехонанд!

– Хабари рафтани амирро аниқ мекунем, рафта бошад, намезанем,- овоз дод Файзуллоҳ Хоҷа.

– Рафтааст, нарафтааст, ба шаҳр медароем!- овоз медиҳанд аз толор.

Чернов ба чеҳраи кӯдаконаи Файзуллоҳ Хоҷаев зеҳн монд ва фикр кард, ки солаш аз бист зиёдтар аст. Оё сарварии ин аморати пур аз фитнаро ӯҳда карда метавонад?

Дар ин асно Файзуллоҳ Хоҷаев аввал ба Андреев чизе гуфту пас ба овози шунаво ҷониби Рубенов афзуд: -Ба ҳарду гурӯҳ гуфтан лозим, ки майдони Регистонро давр зада гузаранд. Он ҷоро вайрон накунанд.

– Чаро? Ба чӣ сабаб?- ҳайрон шуд Рубенов.

– Ба он сабаб, ки Регистон тамошогаҳ аст. Маҷмӯи биноҳои таърихӣ дорад. Ҷойи муқаддас на фақат барои бухороиён, балки барои ҳамаи мусулмонони Шарқ аст...

Рубенов бо Андреев маслиҳат карду пас фармон дод:

– Ҳарду гурӯҳ майдони Регистонро давр зада гузаред! Нагузоред, ки касе дар он ҷо ҷанг кунад.

Маълум буд, ки суханони Бекзода дар толор таъсир гузошт. Ҳангоми хестан Чернов мушоҳида кард, ки дар кунҷи толор гурӯҳе баҳс кардаю чунин суханҳо мегӯянд:

– Қушун надарояд мегӯед! Онҳо моро зада аз шаҳр берун карданд. Ҳатман медароем!

– Аз Уралск задаю хеста биёму ба шаҳр надароям будааст!

– Ленин омада гӯяд, ки ба Бухоро надароед, медароям!

– Пас шумо аз лашкари Чингиз чӣ фарқ доред?..

Чернов саросема худро берун гирифта дар долон ба Андреев аз воқеаҳои дар сафараш рӯйдода каме суҳбат карду аз дар берун шуд ва садои дашному кашокашро шунид. Чор-панҷ нафарро дошта, ба даруни бино даровардаанд. Ҳама захми корд бардоштаанд.

Дар берун ҳангоми говгум аст.Ҷанговарон дар ҳар тараф гурӯҳ-гурӯҳ мунозираю муноқиша доранд.

Чернов аз Муҳаммадшариф фаҳмид, ки байни ҷавонбухориҳо ва коммунистҳо баҳс шудааст: қисме аз ҷавонбухориҳо бар он ақида будааст, ки даромада гӯянд: «ба шаҳр бомбапартоиро бас кунед!» Қисми ҷавонбухориҳои аъзои фирқа пеши роҳашонро мегиранд ва мешавад ҷанг. Дар геребонгирию кордзанӣ мешаванд, ки тирпаронӣ карда, ҷудошон мекунанд.

– Шаҳр бисёр вайрон шудааст?-пурсид Чернов.

– Бисёр вайрони кардаанд. Хонаҳо ва биноҳо месӯзанду касе хомӯш намекунад.

– Пас чаро намояндаҳои шаҳр намеоянду мағлубияташонро ба гардан намегиранд?- Пурсид Чернов.

– Агар ҳама пешвоҳо гурехта бошанд, касе нест, ки ин корро ба гардан бигирад.

Чернов ба тасдиқ сар ҷунбонд ва фикр кард, ки агар аз шаҳр рафтани амиру аскараш рост бошад, шояд ҳуҷумро манъ мекунанд? Ва дарҳол аз фикраш гашт. Рубенов ҳақ. Ин кори ношуданист. Ҷабҳаи фармон гирифтаю омодашуда мисли кӯли бузургест, ки аз ҷояш канда шудааст. Мешавад, ки ӯро нигоҳ дорӣ? Амир рафтааст ё не, қӯшун даромада нақшаи «тӯфони шадиди садою тиру дуд»-ро фароҳам меорад ва ба сардори ҷабҳа, Фрунзе, ки дар Самарқанд аст, «фармон иҷро шуд!» гуфта хабар медиҳанд, пас ҷонашон халос. Қоидаи ҷанг чунин аст.

❁ ❁ ❁

Рузе, ки Мирзоумед ба Бухоро даромад, ҳанӯз шаҳр ором буд. Ҳамсояҳо хабар доданд, ки дами чоштгоҳ, дар болои шаҳр ду аэроплан пайдо шуда варақаҳо партофтанд, ки чунин навиштаҳо доштанд: «Бародарон, мардуми Бухорои Шариф, рӯзу соати инқилоб фаро расид! Мо ҳама яктану якҷон шуда, амиру амирзодаҳои хунхорро аз сари роҳ гирифта, зиндагии озоду зебо месозем! Обу хоку саҳроҳои ватанро, ки манғитҳои касофат бо хешу табору домоду кудою андаҳояшон чун мори ҳафтсар печондаю аз худ кардаанд, аз дасташон кашида мегирем. Байтулмолро, ки сарфи сафарҳои бемаънӣ ва айшу ишраташон

мекунанд, гирифта, ба ободонии кишвар сарф мекунем!» Мирзоумед
деҳа омада буд, сарфаҳм намерафт, ки амир байтулмолро чӣ гуна барои
хоҳишҳои худ сарф мекардааст? Ва боз фикр мекард, ки фаразан амирро аз
фуроранд, ҷойи ӯро кӣ гирифта метавонад? Оё ҳаст одаме, ки чунин та
ва салоҳияту салобат дошта бошад? Ӯ аз суҳбатҳо пай бурд, ки бештар
думи шаҳр низ мисли ӯ фикр мекунанд. Бисёриҳо мегуфтанд, ки агар а
гиранд ҳам, бояд аз авлоди худаш якеро монанд. Дар тасаввури аблаҳон
намеғунҷид, ки дигар одам ҳам подшоҳӣ карда метавонад, балки аз ин
ри таърифу тавсифзада, ҳазорон маротиба хубтар ҳукмронӣ мекунад. А
аз байн як рӯз гузашту болшевикҳо ҷангро шурӯъ карданд. Мирзоумед
таҳлука афтид. Агар болшевикҳо ғалаба кунанд, оё боз ӯро кулак меку
Аслан дар Найзаварон ҳам, агар аз осиё сарфи назар кунем, ӯ чизи бисё
дорад. Одамони худӣ аз рӯи бадбинӣ «бой» кардандаш. Лекин ин ҷо ба
аз як ҳавлии назарногир дигар чизи ба чашм намоён надорад. Ӯ пагоҳӣ б
рафту он ҷо дағдағаи ҷангро бештар шунид. Бозоракиҳо байни ҳам мегуф
ки навкарони амир гурӯҳ-гурӯҳ ҷониби дарвозаи Қаршӣ асп тозонда раф
Ва боз мегуфтанд, ки аз он ки болшевикҳо ногаҳон ҷангро сар кардаанд.
сахт дар ғазаб шудаю гуфтааст, ки ин бединҳои кунлучро то зада-зада б
аз кӯҳи Тахтақарача он тараф накунам, дар ҷоям наменишинам.

Мирзоумед ба ин овозаҳо бовар накард. Лаҳзае чанд гузашту дар р
гурӯҳи чорнафарии навкарҳоро дид, ки пасу пеш аспҳоро ба фароғат мо
гап-гап карда сӯи майдони ҷанг мераванд. Фурсате гузашту аз пас як
навкарҳо аспҳоро лукка занонда омаданду аз пасашон чор-панҷ аробаи
чархаи хуқандӣ тӯпҳои ҷангиро бор карда омаданд. Ин дам марде аз пас
дод: - Пеш-пеши даста Абдуҷалоли тупчибошӣ аст.

Абдуҷалол марди миёнсинни чобуксавор менамояд. Ӯ навкарҳоро
сари аспашро гардонда, бо онҳо дар гуфтугӯ шуд.

– Шумо ба ҷанг меравед ё ба сайру саёҳат? Аз кадом дастаед шумо? Ч
дер кардед?-рӯи ҳам савол медод.

Навкари қоматбаланди нигоҳаш тез саллаашро ақиб тела додаю бо ан
ситезманди гуфт:

– Акаи Абдуҷалол, қарзамро рӯёнда оварда ба дасти занам додам. Ба
будем, ки амир пеш аз ҷанг ду-се танга медиҳад, аммо дилаш нашуд. Се
аст, ки имрӯзу пагоҳ гуфтаю як пули пучакамон намедиҳад. Мо оила дор
Ҳамин ҳам кору ҳамин ҳам лашкардорӣ шуд?!

Ин дам садои «б-о-м! б-о-м!» баромаду Абдуҷалолу ҳамроҳонаш дига
суханони навкарҳо эътибор надода, аспҳоро тозиёна зада рафтанд. Фақат м
пастаки чашмтанге лаҷоми аспашро кашида ҷониби навкари суханкарда г
«Дар ҳаққи амирам бадгӯӣ мекунӣ? Ҳоло баргардам, садқаи амирам меша
Навкар аспашро тезонда ба сари чашмтанг тозиёна бардошта, дила
кафонд:

– Ҳой мушчашм, ин рӯза ба сари Бухоро касофатии амират оварда! Бу
расон!

Мирзоумед аз гуфтугузори навкарҳо ҳайрон шуд. Ба хона нону мева оварду зиёд истода натавониста, боз ҷониби бозор рафт. Он ҷо аз ҳама гапу ҳарф огоҳ мешавӣ. Дар бозор масъулони қозиёт овоз медоданд: «Мардум, рӯзи чиҳод аст! Чиҳ-о-д! Чи-ҳо-д фарз шуд!»

Дар даромадгоҳи бозор чанд ҳаводори ҷанг ҷамъ омадаанд. Ҷавони сиёҳандоме тоқии сурх бар сар ҳар замон ҳангома оростаю садо баланд мекард: «Ман ба ҷанг меравам! Ҳаст ба ҷанг мерафтагӣ?... Ҳой, ки ҳамроҳ мешавад?..»

Ҳоло овози «б-о-м, б-о-м»–и тӯпҳо ва «трат, трат та-та»-и пулемиётҳо зиёд шудаанд, вале мардум ҳамчунон дар кӯчаҳо бепарво гаштугузор доранд. Дар бозор ҳам доду гирифт дар ҷӯш. Мирзоумедро дилвасеъгии мардуми шаҳр ҳайрон кард. Оё фикр намекунанд, ки болшевик ба мардуми Фарғонаю Хуҷанду атроф чӣ ҷафо кард. Ё аз он ки ҷавонбухориҳошон ҳамроҳи урус ҳастанд, дилпуранд? Қариби нимрӯз садоҳои «Муждагонӣ диҳед! Шодиёна диҳед!» шунида шуду хабар омад, ки аскари куффорро зада-зада бо роҳи омадааш пас гардондаанд. Чи қадар тӯпу пулемиётҳояшонро ғанимат гирифтаанд!

– Аскарашонро ҳам асир гирифта бошанд? - баъзеҳо кунҷковӣ мекунанд.

– Модом ки зада пас гардондаанд, албатта асир ҳам мегиранд,- изҳор кард марде.

Ин хабарҳо мардумро рӯҳбаланд кард, садои мужда медодагиҳою сафи ба ҷанг мерафтагиҳо афзуд. Дере нагузашта як гурӯҳ белу шоха дар даст пайдо шуданд. Аз паси онҳо аз ҷониби мадрасаи Шаҳрисабз як гурӯҳ муллобачаҳо бо белу зоғнӯл ғавғокунон омаданд: мегуфтанд, мисле ки Колесов ба Бухоро зада даромаданӣ шуду роҳи поездашро кандем ва бе дасту по монд, ҳамчунон мекунем!. Ҷони ҷин дар даруни кӯза бошад, ҷони рус дар даруни поездаш!

Ин овозаю ҳангомаҳо Мирзоумедро хурсанд карданд. «Чи хуб шудааст, ки болшевикҳои гушнапурзӯрро зада аз шаҳр берун кардаанд. Дар ватанамон намонданд, ки зиндагӣ кунем, ақаллан дар ин ҷо рӯз бинем. Раҳмат ба амир, ки Бухороро ҳимоят мекунад. Агар ёрӣ лозим шавад ёрӣ кардан лозим. Ӯ ҳам ба тамошобинҳо ҳамроҳ шуда, ҷониби майдон рафт, то ки асирони сарҳаму сарафкандаи болшевикро бо чашмаш бинад. Бинед, ки он савлатманду ғурурмандҳо акнун чӣ ҳолат доранд? Мирзоумед ба аробае ки ба ҳамон тараф мерафт, савор шуд. Ба ҳамсояаш Нусрати нонвой ҳамроҳ шуд. Аз дур дида мешуд, ки назди дарвоза одам бисёр аст. Ва ҳамчунин маълум буд, ки аз ҳар ҷониб тамошобинҳо ҷамъ меоянд. Тамошобинҳо қисме ҷониби дарвоза рафтанд, Мирзоумеду ҳамсояаш аз байни дарахтҳои ҷавони зардшуда гузашта, ба девор баробар шуданд. Девор аз дохил мисли теппа менамуд. Дар давоми солҳои зиёд он мисли қир сахт шудааст. Ҷое зина мебарояд. Аз байнаш роҳи аробагард мегузарад. Аммо аз берун рост аст. Баландиаш даҳ метр, ҷое зиёдтар аст. Онҳо зуд ба роҳи мобайн баромаданд. Он ҷо се ароба паси ҳам истодаанд. Се нафар чархи аробаи пешро дуруст мекунанд. Аспҳо сум задаю бини афшонда бетоқатӣ мекарданд. Дар болои ду аробаи ақиб мурдаҳои ҷавонҳо хобанд, аробаҳо хунолуд... Ҷавоне рӯболо хобонда, чашмонаш кушода. Бо рӯймол ҳам манаҳ, ҳам саллаи сараш бастаги. Шояд ҳабдаҳ ҳаждаҳсола аст. Маълум шуд, ки онҳо дар тори девор тир хӯрдаанд. Мирзоумед аввалин маротиба дар ҳамин ҷо нафаси

сарду маргафзои ҷангро ҳис карду ба ҷисму ҷонаш тарс даромад. Дар Найварон, ҳангоме ки аз хонааш дастонашро баста бурданд, ҳамин гуна тарсро ҳис карда буд. Он ҳисси шодию умедворие, ки пештар ба сараш омада буд, бар хӯрд. Оянда ба назараш пуразобу хатарнок намуд. Дар роҳ ба машкобе, ки мусофирон об меовард, ҳамроҳ шуданд.

Нусрат дасташро ба таги машк, ки аз он қатра-қатра об мечакид, дошта гуфт:

– Оби ин гуна машкҳо аз оби чашма ҳам хунуктар аст.

– Мехоҳед об нӯшед?-Машкоб машкашро мондани мешавад.

– Тори девор бароем, баъд менӯшем,-Мирзоумед баробари машкоб ка ниҳода пурсид:-Фармуданд, ки об биёред?

– Хабар рафт, ки ҷавонҳоямон тори деворро ишғол карда, душманро з здик омадан наемонанд. Мо ҳам ҷамъ шудему мабодо ҳимоятгарон таш намонанд гуфтему об гирифта ин сӯ равон шудем.

– Ватандӯсти ҳақиқӣ худатон,-Мирзоумед ба чеҳраи офтобсӯхтаи машк ба меҳр зеҳн монд ва фикр кард, ки соли ин мард аз шаст зиёд асту дар балан мисли ҷавонҳо қадам мезанад.

– Агар ин бегонаҳо мардуми шаҳра зӯр биёранду ҳама хеста раванд, мо кӣ об мебарем?- афзуд машкоб.

«Бубин, то куҷо фикр мекунад! Агар ҳама чунин фикр кунанд, русҳо шаҳр гирифтан наметавонанд!» Мирзоумед ҷомаи машкобро аз китфаш гирифт. ки бораш сабуктар шавад; баробараш қадам зада пурсид:

– Мушоҳида кардед, қадом тоифаи мардум ба ҳимояи шаҳр хестааст ё пагӣ мехезад?

– Бухороии таҳҷоӣ як қисм мехезад, муллобачаҳо мехезанд, Лекин савдогар дилбандиашон ба савдошону молашон... Мансабдоштаҳо ҳам дур-дур исто тамошо доранд. Мо ки ба хонаҳо дарою-баро дорем мебинем.

– Дар ҳеҷ давру замон ба савдогари мансабдор эътимод набуд,-гуфт Мирз умед. Ӯ дид, ки мардуми шаҳр аз ҳар тараф сӯи тори девор барою фуро доран

Мирзоумед пештар расида, ба муҳофизон мужда расонд:

– Бародарон, мо ба ёрӣ омадем, коре бошад, фармоед.

Муҳофизон ба омадани онҳо бетафовут буданд. Онҳо се нафаранд.

Мирзоумед мушоҳида кард, ки синну солашон бисту чор-бисту шаш ас Яке аз онҳо, ки сафедчеҳра ва сарлуч аст, сарашро ба девори камингоҳ ча кардаю нишон мегирад. Дуи дигар лоғарандом буда салла доранд ва рӯ ҷони шаҳр нишастаанд. Мисле ки ношод ва рӯҳафтодаанд. Бист-сӣ қадам онсӯт низ гурӯҳе ҳаст. Овозашон равшан шунида мешавад. Чунин гурӯҳҳо дар то девор бисёранд.

Муҳофизон бори машкобро аз китфаш фуровардани шуданд, ки намонд:- И ҷо дам мегирам, шумо, ки ташнагӣ шикастед, хеста он тараф меравам,- гуфт

Салладоре чашмони кабудашро ба рӯйи Мирзоумед дӯхта пурсид:

– Шумо чӣ кор карда метавонед? Ин ҷо камони дурзан даркор.

Ҷавони сафедчеҳра тирашро паронда, ба алам ҷониби ҳамраҳонаш гуфт «Не, нарасид.» Ва аз мили берданакаш дошта, «ба ҳамин паронӣ чию напарон

нӣ!» - гуфту ба тамоми қувват онро ҳаво дод, ки ба поин афтида, ғелида, ба даруни алафҳои зардшудаи домани девор даромада рафт.

– Хуб кардӣ, беҳуда вақта мегирад,-гуфт ҷавони сафедчеҳра.-Ва ҷониби Мирзоумед шикоят кард: -Русҳо аз поён мепаронанд, тирашон аз мо гузашта меравад. Мо аз боло мепаронем тирамон намерасад. Ӯ косаи оби рафиқаш додаро ҳарисона то охир дам кашид ва ҷониби машкоб илова кард:-Амак, корҳои мо кирои оворагии шумо намекунанд.

Мирзоумед рост шуда, аз паси камингоҳ ба поён нигарист ва дар ҳайрат монд. Аз дилаш гузашт, ки овозаҳои «ғалаба кардем, асир гирифтем» дурӯғанд. Дар саҳни беруни дарвоза чанд савора беҳуда аспҳоро ин тараф он тараф метезонанд. Шояд қосидонанд? Се-чор аробаи чаппаю шикаста хобанд. Ду-се аспи кайҳо мурда пойҳояшонро мисли ғавчуб дароз кардаанд. Яке беҳад калон менамояд, шояд варам кардааст. Дар рӯбарӯи дарвоза гӯристон тӯл кашидааст. Дар домани гӯристон ҷанг меравад. Дастаҳо ҷангкунон гоҳ даруни гӯристон медароянду гоҳ берун мебароянд. Аспҳо ба сари ҳамдигар меситезанд. Сарбозҳо бо аспҳо калапо мешаванд. Садои шиҳаи аспҳоюи фарёди сарбозҳо ба ҳам мепечад. Аз атроф ва поёни дашт беист садои шиликпаронӣ ва тра- та-та-и пулемиёт меояд. Аз девор бист метр онсутар роҳи калон мегузарад. Он ҷо мурдаи аспу одамонро мебинӣ. Баъзе аспҳо кӯшиши хестан мекунанду наметавонанд. Сарбозҳои рус баҳузур равуо доранд.

– Сарро баланд накунед!-огоҳ кард ҷавони сафедчеҳра. –Ҳоло дафъаи сеюм аст, ки ин гӯристону дарвоза аз даст ба даст мегузарад.

– Ин не, вай не, болшевики бачағарро ҳеҷ задед?-Машкоб чоруқҳояшро бафурча кашида дар паҳлӯяш ниҳод.

– Задем амак,-ҷавони чашмкабут ришханд кард.

– Саллотҳо гурехтанд ё дар ҳамин ҷойҳоянд? -Машкоб пайтобаҳои шипшилта таршудаашро фишурдаю ба даст пойҳояшро пок кард, ҷоруқҳоро бе пайтоба пӯшида, «ё Баҳоваддини балогардон, вақти мадад аст», - гуфту бор дар пушт зӯр зада хест ва ба муллобачаи чашмкабут зеҳн монда пурсид. - Онҳо боз меоянд?

– Гуфтем-ку,се дафъа шуд, ки лашкари мо онҳоро мезанад... Шояд боз оянд. Инҳо беҳад ҷонсахтанд.

– Худатон ягон нафарро задед?

– Даъфаи аввал, ҳангоме ки ақиб гурехта аз дарвоза мебаромаданд, якчанд ғишта канда ба сарашон ҳаво додам. Он ғиштҳо агар расида бошанд, ҳоло онҳо дар ҷӯши алови дӯзах вой-вой доранд.

– Занед, ба фарёду фиғонашон нигоҳ накарда занед! Аз ин ҷо дур кунед! Агар афтидед, аз таг истода чашмонашона канед, лекин шаҳрамона надиҳед!-фармуд машкоб ва ду-се қадам поинтар фуромада, бо оҳанги маломат «аз дасти ман тирпаронӣ наояд» гуфта, бо қадамҳои шумурда аз пайраҳаи сари девор роҳашро давом дод.

Ҷавони саллаи, фарсуда дошта, аз паси машкоб бо тамасхур ғур-ғур кард. «Ҳамаи шумоён ба маслиҳат додан усто!»

Тамошо карда шудам, меравам, ки аз корам мемонам,-гуфт Нусрат ва бо роҳи омада поин шуд.

Мирзоумед дар оҳанги сухани Нусрат киноя ҳис кард ва боз сар баланд карда, ба корзор зеҳн монд. Аспи сафедеро дид, ки лаҷомаш кашол ба шаст тохта зери девор омад. Дар таги девор аспҳои дигар ҳам ҳастанд. Панҷ асп яккачин, ҳама абзори зебо доранд. Яқин аспҳое мебошанд, ки соҳибонашон дар майдони ҷанг афтиданд. Дар атрофи каппаҳои поини қабристон низ чанд асп дар гаштугузоранд. Сипас мӯйсафедеро дид, ки аз дарвоза берун шуда, болои аробаи чаппа баромада, бо овози баланд азон гуфт. Яқин ин бечора мӯътакиф аст, ки садои азон ба навкарҳо нерӯ мебахшад.

Ҷавони чашмкабуд азонро шунида, паҳлӯи Мирзоумед истода гуфт:

– Ин мард дар масҷиди гузари Чақари Султон муаззин аст. Ҳар соат азон мегӯяд. Пагоҳӣ ҷанговаронро «шоҳинҳо, вақти мардию ҳамийят нишон дода аст!» гуфта хуб дилбардорӣ кард.

Ин дам марди сурхрӯи деҳқоннусхае нони гарм ва хурмаи ҷурғот овард ва ҳиш-ҳиш кардаю тез-тез нафас гирифта, хонаи гилини поини деворро нишон дода, бо таъкид ва меҳрубонӣ гуфт: «Ин хонаи ман аст. Агар чизе лозим шавад, хабар диҳед.» Ва як бастаи дигарро, ки низ нону хурмаи ҷурғот дошт, ба гурӯҳи дигар бурд.

– Модом ки ин ҷо ҳар лаҳза обу хӯрок биёранд, ман ҳамроҳатон меистам,- шӯхӣ кард Мирзоумед.

Ӯ ба тарафи рост назар афканда дид, ки мардуми шаҳр назди гурӯҳҳои дигар ҳам обу нон мебаранд. Ҳоло онҳо зиёд шудаю тез-тез ҳаракат доранд. Мисле ки мурчаҳо равуо мекунанд. Ва ҳамзамон мушоҳида кард, ки қисмҳои ҳарбӣ дар он тарафҳо низ тӯл кашида мераванд. «Ин бетавфиққо хуб ҳам омада будаанд-дия».

Дере нагузашта ба тарафи сурхҳо боз қувваи нав омад. Яқин аз роҳи дур омадаанд, ки аспҳояшонро қамчинкорӣ карда, ба зӯрӣ метозонанд. Нав қабристонро бурида гузаштанӣ буданд, ки садои тӯппарронӣ баланд шуду дар пешорӯи даста ғулбаи ҷанг хест. Се-чор асп бо саворонашон каллапо шуданд. Аспи майгун хеста, мисли бод ҷониби дарвоза давид. Даста дигар пеш наомад. Аспҳоро лӯка занонда, ба роҳи омадаашон баргаштанд. Аз ҷониби муҳофизони болои девор ду ҷавон тохта ҷониби дарвоза фуромаданд. Яке хабар расонд, ки одамони худамон саллотҳоро заданд! Аз соҳили дарёи Зарафшон бо туп заданд!

Даста ҳанӯз панаҳ нашуда, аз ҷониби дарвозаи Талипоч як гурӯҳ навкарҳо савори аспҳои тезтак расида омада, гурӯҳи дар қабристон ҷангкардаистодаи душманро дар ҳалқа гирифтанд. Вале сурхҳо зуд аз ҳалқа баромада, рӯ ба гурез ниҳоданд. Муҳофизони тори девор нидоҳои шодию хурсандӣ бардоштанд. Мирзоумед ҳам ғарқи дарёи эҳсосот фарёд мезад. «Шаҳбозҳо, занед! Занед! Намонед!»

Як қисми одамони сари девор ба пешвози навкарҳо фуромаданд. Баъзе медаванд, баъзе оҳиста қадам мемонанд. Аспҳои хасташудаи навкарҳо кафки сап-сафеди байни пойҳошон резон-резон базӯр калавида роҳ мераванд. Садои ба ҳам хӯрдани узангуҳо шунида мешавад. Дар назди дарвозабонҳо қисме аз

навкарҳо об ёфта нӯшиданд, қисми дигар чанд дона тарбузи назди қаровулхона гӯда кардаро ба ҳам задаю саросема ба хӯрдан шурӯъ карданд. Қисме амиру атрофиёнашро дашном дода, роҳи хонаро пеш гирифтанд.

Мирзоумед низ ғалтидаю хеста аз девор фуромад ва шоҳиди гуфтугӯи Абдуҷалоли тӯпчибошӣ ва марди тануманди сурхрӯе шуд:

– Чаро об нест, ки сарбозҳои дар ҷанг сӯхта омада ҳалқашонро тар кунанд?- мегуфт рӯсурх ба шиддат.-Рӯзи тобистон бегоҳ шуду чаро то ҳол хӯрок нест? Чаро то ҳол раису қозию амир ин тараф намеоянд? Намепурсанд, ки аскари субҳ ба ҷанг рафта мурд ё зинда? Сараскарҳо Имомқулу Баротқулу «қул»-ҳои дигар ба баҳонаи ҳимояи амирашон аз даруни боғ берун намебароянд?! Шояд маслиҳат доранд, ки агар аскар бой диҳад, аз кадом роҳ ба кадом гӯр гурезанд?!

– Онҳо садқаи номи сараскар шаванд,-гуфт Абдуҷалол.-Ҳозир рафта вазъи кор ва суханҳои шуморо ба амир мерасонам. Худам ҳам гуфтаниҳо дорам...

– Ба амир мерасонед!-писханд кард рӯсурх ва ба навкарҳои дар атрофи Абдуҷалол ҷамъомада нигариста, ба суханаш идома дод: -Ба хаёлатон, аз дасти он кундаи ҷувоз коре меояд? Ақлаш мегирад, ки чорае андешад?

– Махсум, дар ҳаққи амир бадгӯй накунед. Амир одами хуб. Атрофиёнаш қаллобу муттаҳаманд...

– Ҳама мегӯянд: худаш хуб!-Сурхрӯ бештар дар ғазаб шуд.-Дузди калони алайҳилаъна, касофату к... фурӯш худаш! Худаш, ки пасту нокасу бетамиз аст, дар атрофаш мисли худаш бадзоту нодидаҳоро ҷамъ кардааст! Ватанро бадному сари мардуми ба номусу озодаро паст кард. Навкарҳо нақл карданд, ки амир пагоҳӣ ба шаҳр даромадани аскари болшевикро шунида, ҷойи он ки сухане гуфта моро рӯҳбаланд кунад, фиқ-фиқ гиря карда, оби бинӣ пок мекард. Сардастаҳояш низ баробараш гиря мекардаанд. Тиллои асрҳо ҷамъкарда так ба так хоб рафтаасту фаросат накард, ки як муштиамон диҳад. Мабодо сари тир шавем, фарзандҳоямон аз гуруснагӣ мемиранд. Абдуҷалол, ба ӯ расонед: пагоҳ ё фардо он ҳама ҷамъкардаҳои худашу обову додояшро урусмужикҳо соҳибӣ хоҳанд кард. Ҳарамашро ҳам байни худ тақсим мекунанд!

Абдуҷалол ҳарчанд «Махсум, ба суханам гӯш кунед»,-гуфт, сурхрӯ эътибор надода, аспашро лӯка занонда рафт.

Абдуҷалол низ дар қаҳр шуда, аспашро тозиёна зада, бо тамоми овоз фарёд зад ба сурхрӯ шунавонда гуфт:

– Дар ин бадбахтии ба сари шаҳр омада, шумо ҷадидҳо ҳам шарикед рӯзе мерасад, ки ҷавоб мегӯед!

Мирзоумед ба хона омад. Ӯ аз ин гирумону гуфтугузорҳо ҳамин қадар фаҳмид, ки ҳоло ҳеҷ гуна ғалаба вуҷуд надорад. Ҳоло боз ҷанг мешудааст. Мардуми шаҳр, ба истиснои як қисми ҷадидҳо, мегӯянд, ки то ҷон доранд, шаҳрашонро ҳимоя мекунанд, болшевикҳо бошанд, аскару силоҳи бисёре оварданд, ки шаҳрро бигиранд.

❁ ❁ ❁

– Ба хонаи Мирзоумед расидем,- Мансур ҳавлии атрофаш похсадеворро ба Ҷовид нишон дод: -ин ҷо гузари Мехчагарони Бухорост.

Дарро ба рӯйи онҳо Зулайхо кушод, Мансурро бо писараш дида, ҳам хурсанд шуд, ҳам оби дида карда, бо оҳанги таъна гуфт:

– Қудоҳо, маро аз ватанам оварда дар шаҳри бегона, байни тиру оташ партофтед!

– Келин, кӣ медонист, ки ин ҷо чунин воқеаҳо рӯй медиҳанд?-Мансур мушоҳида кард, ки зан дар инҷо чеҳрааш хеле коҳидаю дар нигоҳаш тарс нишастааст.

Зулайхо аз дасти Ҷовид дошта, рӯбарӯяш нишаста, ба пазмониву меҳрубонӣ аз рӯяш бӯса карда, аз Мансур пурсид:

– Чаро димоғаш сӯхта аст? Ё роҳи дароз мондааш кард?

– Роҳ бе азоб нест, гуфт Мансур ва мушоҳида кард, ки хонаву дари чангзеркардаи Мирзоумед аз ҳузури зан озода шудааст. Ӯ афзуд: – Дар сари кучаатон хонаеро дидем, ки ба болояш бомба афтидаасту як гурӯҳ одамон мурдаҳоро аз зери ҳишту хок бароварда паҳлуи роҳ мехобонанд. Ба мурдаҳо чашмаш афтиду тарсид:

– Тарсидааст,-тасдиқ кард Зулайхо ва сиёҳии дег об карда, маҷбур ба Ҷовид нӯшонд:

– Қайд куни ҳам, майлаш, кушода мешавӣ,-гуфт ва саросема дар суфаи таги тут гилему курпача партофт, меҳмонҳоро шинонда атрофро об зад ва дар оташдони гӯшаи ҳавлӣ оташ афрӯхт. Гиру мони зан мисли як каси наздик ва маҳбуб менамуд. Ӯ аз паси хона резон-резон чӯбу хас оварда гуфт:

– Аз дасти аэропланҳои касофаташон чӣ қадар одамон ҷон ба ҷаббор доданд... Худам ҳам овози шумашро шунавам, тану ҷонамро ларза фаро мегирад. Аъзои баданам суст мешаваду сарамро ба кучо панаҳ карданамро намедонам. Дар ҳамсоягимон як зан ҳаст, бечора овози аэропланро шунавад, рӯйи ҳам ҳоҷатхона медавад. Мегӯӣ Бухоро одам нею мору каждум дорад, ки ин қадар тиру бумба мепартоянд. Зеҳн монам, дар ин се рӯзи ҷангашон дар ин гирду пеш сагу гурба намонд, ҳатто дарахтон зарду пажмурда шудаю азо гирифтаанд.

Мансур матлаби занро пай бурд: аз овози аэропланҳо тарсида рӯи ҳам ҳоҷатхона медаваду онро ба номи ҳамсоя мегӯяд. Ӯ нимшӯхию нимҷиддӣ гуфт:

– Мо намегузорем, ки минбаъд ба хонаи шумо бомба рассад ва пурсид:- Мирзоумед дар кучо?

– Ҳар рӯз ба ҷое, ки ҷанг аст, мераванд. Мегӯянд ки бояд дару девори шаҳрамонро муҳофизат кунем,-гуфт зан.

Дере нагузашта Мирзоумед омад. Ӯ парешону рӯҳафтода менамуд.

– Мо дуздӣ баромадему маҳтобшаб шуд,-Мирзоумед овозашро паст карда афзуд:- Зулайхо нафаҳмад. Ин ҷо омада дарк кардам, ки аз балои осмонӣ гурехтан намешудааст. Ба кадом сурохие дарой, кофта меёфтааст. Бар болош ин хона... – Мирзоумед ба алам сар ҷунбонд.- Пеш аз омадани мо нархи хона ду баробар афзудааст. Барои харидани ҳамин ҳавлии нокиро ҳама пулеро, ки доштам, додам.. Шаҳр аз гуреза лаб задааст. Аз тамоми Мовароуннаҳр меоянд. Русҳои бо болшевикҳо ҷанг кардаю гурехта ҳам бисёр. Ҳама чиз даҳ-понздаҳ маротиба қимат шудааст, бесоҳибӣ, беҳокимиятӣ. Ваҳму воҳима зерат мекунад. Дил аз пешомади номаълум мудом хавотир.

– Ман ҳам ин ҷо ҳавои хона харидан доштам, -Мансур дар андеша афтод.

– Нарх имрӯзҳо каме фуромадааст. Ҳоло одамон аз ин шаҳр ҳам гурезон шудаанд. Шумо каме тоқат кунед, бинем, ки оқибати ҷангҳояшон чӣ мешавад. -Мирзоумед саллаашро аз сар гирифта, арақи сару рӯяшро пок карда, болои суффа омада рубарӯи Мансур нишаст.

– Ба ҳар ҳол кас аз хона зарар намекунад,-гуфт Мансур.-Занатона овардед, кори хуб шуд. Танҳои намекашед.

Мирзоумед сухан накард.Ӯ дар домани кадом андешае буд.

– Овоза буд, ки амир бо русҳо ҷанг мекунад. –Лекин чунин ҷангу чунин киёматро касе тасаввур намекард. - Мансур нигоҳашро аз рафиқаш намеканд.

– Дар рӯзи аввали ҷанг ман ҳам овозаи «аскари болшевика зада берун кардаанд»-ро фаҳмида, беруни шаҳр ба тамошо рафтам.-Мирзоумед ҷабини чин зеркардаашро сахт-сах молид. - Мардуми ба дифои шаҳр хеста хуб ҷанг карданд. Лекин тарафдори ба шаҳр даромадани русҳо низ бисёр буданд. Онҳо дар бозори чойхонаҳо рӯирост мегуфтанд, ки «Бас аст зиндагии ғуломона! Суханҳои дар варақаҳои айропланҳо партофта, манғитиҳо саҳроҳои ватанро бо хешутаборашон аз худ кардаанд, байтулмолро сарфи сафарҳои бемаъниш мекунад ҳайсиятатонро ба ҷӯш наовард?! Ё шумо аслан беҳайсиятед?!» Ҳамон бегоҳӣ дар масҷидҳо маслиҳат шуд, ки пагоҳ ҳама мардҳо ба муҳофизати ватан хезанд. Белу панҷшохаҳоро тайёр кунанд. Ба кӯчаву ба хона даромадаашро зананд. Қӯрхонаҳои амир тиру туп тайёр кунанд. Шабона мардум тайёрӣ диданд: шохаҳоро даста андохтанд, корду камон тайёр карданд. Вале рӯзи дигар болшевик айропланҳояшро ба ҷанг дароварда, ҳама ҷӯшу хурӯши душманситезии мардумро якҷоя бо шаҳр зада хоку туроб кард. Мардумро сар боло кардан намонданд. Ҳоло бисёр ҷойи шаҳр оташ гирифтааст.

– Вақти омадан дидам,- гуфт Мансур.

– Пеши айропланҳоро нагиранд, шаҳрро бо мардумаш маҳв мекунанд.- Мирзоумед пиёлаи чояшро ба замин монда, ба самте нигарист.

Зулайхо палав пухта оварда, ҷониби Мансур гуфт:

– Ин кас ба ҷанг мераванд. Ман дар ҳавлӣ танҳо. Мудом ба назарам менамояд, ки ҳозир ба бомамон бомба меафтаду бо хонаю дар лабулахтам мекунад. - Ва аз шавҳараш илтиҷо кард: - Дадаҷонаш, барака ёбед, маро то Самарқанд расонед, он тараф худам меравам.

– Ба деҳа ки расидӣ, зани душман гуфта пеш-пеши камон мекунанд.-Мирзоумед табақро наздиктари меҳмон тела дод.

– Ман ба онҳо чӣ бадӣ кардам? Шуморо Сибир мекунанд, кардан гиранд.

Мансур ба завқ хандид: -Дар ҳамроҳию рафиқӣ занҳои рус дигар. – Гуфт ӯ – Рафиқам Фёдор боре нақл кард, ки сад сол пеш як тоифа зиёиёни рус, ки онҳоро декабрист меномидаанд, бар зидди подшоҳ исён мекунанд. Корашон омад намекунаду подшоҳ қисмеро ба қатл мефармояд, қисми дигареро ба бист солу сӣ сол ба Сибир бадарға мекунад. Си-чил нафар зан ҳамроҳи шавҳаронашон ба Сибир мераванд. Ва дар он иқлими сарду сангин дар паҳлӯи шавҳар сӣ сол зиндагӣ мекунанд.

– Ман ҳам ҳамроҳи шавҳарам ба Бухорои ғарқи оташ омадам, Сибир гӯянд, меравам, -Зулайхо ба шавҳараш нигарист.-Он суханҳое, ки гуфтам рӯи дил буданд. Худатон медонед.

– Дар даромади Чуқурбозори Самарқанд мардеро аспаш партофт, - гуфт Мирзоумед ҷониби занаш.- Хун ба қадаш равон. Мо як гурӯҳ мардҳои майд даҳонҳо воз нигоҳ карда истодем. Як зани рус аҳволро дида, зуд аз дорухо докаю дору оварда, захми мардро баст. Занҳои мо ҳеҷ гоҳ ин корро намекунан Занҳои мо аз зери фаранҷӣ намебароянд.

Дар чашмони сиёҳи Зулайхо ғазаб чароғак зад, вале назди меҳмон ху дошта, бо тамасхури нешдор гуфт:

– Аз зери фаранҷӣ намебароянд, мегӯед. Мо мехоҳем зери фаранҷӣ бош Зоғи сиёҳ шуда гардем? Нотавонию рашку нобоварии мардҳомон моро зе фаранҷӣ даровард. Ҳазор сол аст, ки ин бори масхара, бори андӯҳу ала аҳмақи бар дӯши мо, занҳои мушти пар, асту бар болояш таъна мекунед.-З лайхо чойники холиро наздаш кашиду афзуд: -Мо, занҳо, дар суҳбатҳоямон суханҳоро мегӯем...

Мардҳо мот шуданд.

– Хом гӯю пухта шунав, -гуфт Мирзоумед.

– Келин, ҷони гапро гуфтед.- Мансур базӯр сулфаашро дошт. – Раҳмат оилаи ман ҳам, гоҳе ки ба меҳмонию маъракаҳо мерафт, мегуфт: «Кадом душмани қаттол ҳамин фаранҷиро фикр карда баровардааст!»

– Акнун болшевикҳо ин бори масхараро аз дӯшатон мегиранд,-Мирзоумед бо меҳрубонӣ ва ифтихор ба занаш менигарист.

– Яке ба даҳонам омаду гуфтам,-Зулайхо сурх шуду дасташро ба китф Ҷовид ниҳод. Ӯ нав дарк кард, ки суханаш сахт баромад. Ва афзуд: -Занҳо русро, ки таъриф кардед, аламам омаду гуфтам.

– Ҳамин алам буд, ки гӯшаи ниҳони дилатонро кушоду мо аз он огоҳ шудем.- Мансур ба пиёла чой рехт.

– Онҳо боз каме сӯҳбат карданд. Мансур рӯйи Ҷовидро, ки хобаш бурда буд, пӯшонда гуфт:

– Дар гузари Говкушон шиносе дорам. Мо дар кунгураҳои Тошканду Хӯқанд ҳамроҳ будем. Ӯро дида меоям. Дер омадам, хавотир нашавед.

❁ ❁ ❁

– Хонаи акаи Низомро мековам. Мо шинос, аз Самарқанд омадам,-гуфт Мансур ҷониби қассобе, ки дӯконаш дар паҳлуи роҳ буд. Ва барои он ки ба хонаи дӯст дасти холӣ наравад, нону гӯшт харид.

– Мо он касро Низом махдум мегӯем,-гуфт қассоб ва ҳамроҳи Мансур ҳашт-каме қадам зада, аз дур дарвозаи дутабақаи кандакориро ки ҳалқаҳои гирда сурхранг дошт, нишон дод.

Низом махдум дар рӯйи ҳавлӣ офтобаи тиллодавонда дар даст сархам, мисл ки ҳайрону ҳаросон меистод. Ногаҳ чашмаш ба Мансур афтида, гӯё бовар на-

мекарда бошад, аввал оҳиста, пас тез-тез қадам зада омад. -Ин вохӯриро бинед, ман баъди дуним сол ду рӯз пеш омадаму шумо ҳам расидед,- гуфт.

– Дилам мегуфт, ки дар ҳамин ҷоед, - Мансур дасти рафиқашро лаҳзае дошт ва аз дилаш гузашт, ки аз он Низомҷони пурҷӯшу хурӯш нимаш намондааст. Вай парешону ошуфта асту ин ҳолро базӯр аз Мансур пинҳон медорад. Шояд аз аҳволи шаҳру мардумаш хавотир аст. Онҳо рӯйи кати ҳавлии барҳаво ва гулкоришуда нишастанд. Духтарчаи ҳафт- ҳашт солаи сафедрӯе ки аз болои кокулҳои майда бофтааш токии сӯрх пӯшида буд болишт оварда ба падар доду ҳар ду даст ба сина ниҳода ба Мансур салом дод. Токи дар сараш калони мекард.

Ин Садафи мо,- гуфт Низом-маҳдум.- кенҷагӣ.

Мансур мушоҳида кард, ки Низом -махдум ба чеҳрааш зеҳн мемонад. Фаҳмид, ки ӯ ҳам аз харобу адо шудани Мансур фикр дорад. Баъди ҳолпурсии маъмулӣ Низом- маҳдум аз ҳавлии дарун ҷавони навхатеро даъват карда гуфт:

– Шарифҷон, мо ҳамроҳи амакат ба хонаи додарам рафта, фотиҳа хонда меоем. Ту дар хона ҷой тайёр карда, дастархон парто.-Ва ҷониби Мансур гуфт: -Ин писари калонӣ, боз яке хурдӣ ҳаст, номаш Камолҷон.- Кӯча, ки баромаданд, илова кард: -Ман нав аз ҷанг баргаштам. Имрӯз ҷанг дар назди дарвозаи Шайх Ҷалол буд. Дастае дарвозаро бо тӯп задаю даромаданӣ шуд, ки намондем. Бо пулемётшон хеле одамро зада нобуд карданд. Лекин намондем, ки қадами наҳсашонро дарун монанд.- Ӯ каме хомӯш истоду илова кард:- Аламат мекунад, ки ақаллан камони дуруст надорем. Ақли ин амири кунда нагирифтааст, ки ҷанги ин замона бе камону пулемиёт намешавад. Лаҳзае пас афзуд: - Дарди ҳарина. Дар зери назорати русҳо ки буд, наменомонданд.

– Минбаъд ман ҳам дар паҳлӯятон,-гуфт Мансур ба оҳанги шӯхӣ.

– Шумо бошед, мо дилпуртар. – Низом -махдум бо дард табассум кард:- Дирӯз дар мо мусибати сахт рӯй дод. Дар паҳлӯи хонаи бародарам бинои «Ширкат-Баракат» ҳаст. Болои ҳамон бомба партофтанд. Аз қазо духтари ҳабдаҳсолаи бародарам, ки рӯйи заминашон чи коре мекардаст ё ба тамошои аэроплан баромадаст, захмӣ шудаву мурд.

Мансур бо таассуф сар ҷунбонд:-Доғи фарзанд ҷонсӯз аст, -гуфт ва қарор дод, ки дар хонаи Низом -махдум зиёд наистад. Ба болои чунин мусибат бори зиёдатӣ шудан хуб нест.

Онҳо аз назди масҷиде, ки нимаш фурӯ рафтаю нимаш оташ гирифтааст, гузаштанд. Дар ҷониби рост ҳам биное месӯхт. Дар атрофи масҷид гурӯҳи одамон даву тоз доштанд. Баъзеҳо даҳону бониро бастаанд. Бӯйи дуду чангу чизҳои сӯхта атрофро фаро гирифта буд. Вассаю болорҳои гулпартофта бо хоку хун омехтаанд. Дар атроф аз гилему намадҳои оташгирифтаю обзада дуди ғализи сафедранг боло меояду касро гулӯгир мекунад. Одамон ба ҷойҳои оташгирифта хок мепошиданд. Садои қарс-қарс сӯхтани болорҳо шунида мешуд. Мӯйсафеде, сараш луч, дар даст табақи зардранги чӯбин, байни ғишту чӯбҳо гашта китоб ва боз ким-чиҳое ҷамъ мекарду гиряолуд суханҳое мегуфт, ки фаҳмида намешуд.

– Имрӯз дар шаҳр дувоздаҳ масҷидро бомбаборон карданд,-гуфт Низом - махдум ва сахт-сахт сулфида илова кард:- Дар аксари ин масҷидҳо бо фармони амир ҳафтнафарию нӯҳнафарӣ аъламҳо ва домуллоҳои номдор ҳафт рӯз боз, дар

баъзеашон қариб як моҳ шуд, ки ҷаҳрхонию дуою фотиҳахонӣ мекардаанд. ки тиру туфанги душман ба Бухоро таъсир накунад. Ҳамаи он бечораҳо зер хок монда, шаҳид шудаанд. Дуртар аз Манори калони Бухоро масҷиде будаа ба номи Масҷиди Кӯҳна, ки китоби бисёр доштааст. Баъзе китобҳоро ҳаз сол пеш ҳоҷиҳо аз ҳаҷ тӯҳфа оварда будаанд. Ҳамчунон китобҳои бо соядаст «барои дӯстони Бухороиям» тӯҳфа кардаи Ибни Сино, Умари Хайём, дево ғазалҳои Хоҷа Ҳофизу шайх Камол низ ба доми оташ рафтаанд.

– Ҳини ин тараф омаданам масҷиди калони Лаби Ҳавз ва масҷиди Мавло Шарифро дидам, ки хоку туроб шудаанд,-гуфт Мансур.-Аз масҷиди Мавло Шариф мурдаҳоро мебаровардаанд. Гуфтанд, ки ин ҷо домулло Мӯҳриддин Раштӣ бо нӯҳ шогирдашон бисту як рӯз шудааст, ки чилланишин будаанд.

– Ин аст ҳоли зори мо,-гуфт Низом- махдум ва қадамашро тезтар карда о оҳанги дигар гуфт:-Ба муллоҳомон садқа шавам, айби худашон ҳам ҳаст. Д лаҳзае, ки замину осмон месӯзаду менолад, яктааш мард шуда сухани хак нагуфт, нагуфт, ки ҳой амир Олим, мо аз он муллоҳое нестем, ки ҳалқам тоза бошаду суханамон коргар! Хубаш ин, ки ними хазинаатро бидеҳу аслиҳ бихар, ними дигарашро сарф куну қӯрхонаи тиру камону пулемёт бисоз. бақои мову ту дар ҳамин аст.

Ба ёди Мансур суханони Муллоносир омаданд, ки дар корвонсаро Қаровулбозор гуфта буд: «Бухороро фариштагон бо ёқуту марҷон ороста тасбеҳу такбир гуфта, ба арасот биёранд. Аз барои он, ки Бухоро дар он р фарқ кунад, бо бисёрии шаҳид.» Фикр кард, ки дар ҳақиқат ин шаҳр куштаи бисёр дорад. Соли гузашта дами панҷсад нафар ислоҳотхоҳонро амир аз дам теғ гузаронд. Онҳоро ҳам мегуфтанд, ки шаҳид шуданд. Дар ин арасоти инкилоб шумори шаҳидон чӣ қадар шавад?... Пас маълум мешавад, ки ба он ҳадис ривоятҳо шак овардан аз рӯи кӯтоҳию нодонӣ будааст.

Ҳарду муддате уҳ-уҳ сулфидаю қадам заданду Низом - махдум гуфт:

– Ин пагоҳӣ амир як гурӯҳро элчӣ фиристода, хостгори сулҳ шудааст. Т ҳол аз онҳо дарак набудааст.

– Шояд парондандашон. Аз дасти ин мужикболшевикҳои бадаъмол меоя гуфт Мансур.

Онҳо дар азохона зиёд наистода баргаштанд. Аз назари Мансури зир дур намонд, ки он ҷо ба Низом - махдуму меҳмонаш бо беэтиноӣ муносиб карданд. Ин ҳолат қарори наистода рафтанашро тезонд.

Раҳораҳ Низом-махдум ба бинои Ширкат - баракат ишорат карда гуфт:

– Дар инҷо ширкати русҳо буд. Онҳо ҳанӯз аз замони амирии Абдулаҳадхо кор мекарданд. Ба хариду фурӯши пӯсти қарокул машғул будаанд. Ҳамроҳаш чанд ҷавони Чорҷуй ҳам кор мекард. Пӯстро аз тумонҳо ҷамъ меоварданд. моли амир Олимхон ҳам мехариданд. Солҳои охир корашон ривоҷ ёфту беруни шаҳр боз ду анбор сохтанд ва пахта ҳам мехаридаги шуданд. Онҳо ивази пӯсту пахта бештар мол медоданд: аз қабили ҳар гуна газвор, мӯза маҳсиашонро амиркои мегуфтанд. Гилеми Қазон меоварданд. Соле ки дар Р сия инқилоб мешавад ва як соли пас ҳам, мардум ба ивази молашон хӯроквор рӯғану чой ва гандум талаб мекунанд. Одамони ширкат розӣ мешаванд. Пӯстр

дар корвонсаройҳои Ғузору Қарши ҷамъ мекунанду гӯё нимашро бор карда мераванд. Ҳамон рафта то ҳол бедараканд. Аз он вақт якуним сол гузашту одамони соддаи мо ҳоло ҳам як - як омада аз ҳамсояҳо «Аз ин ширкати бебаракат дарак ҳаст?» гуфта мепурсанд.

– Дар Самарқанд ҳамчунин карданд,-гуфт Мансур. - Самарқандиро ҳам пули дар бонк будаашро гирифтанд, ҳам яксола пиллаи ҷамъ овардаашонро ғун карда бурданду худашон ҳам гуму нест шуданд. Мардуми нодони мо ҳоло ҳам роҳи онҳоро мепояд.

– Кори осмона бинед, ки ин мардума аввал ризқашро кам карду пас худашро берунватан кард.

Кучаро гузаштанду Мансур гуфт:

– Акаи Низом – махдум, маро ҷавоб медиҳед, кори зарур дорам, насиб бошад, боз меоям.

– Кори зарури дуямон ҳамин, ки имшаб суҳбат мекунем. Дигар гапу корро як тараф мемонем.

Мансур аз нияташ гашт. Аз оҳанги сухани дӯсташ фаҳмид, ки ба ҳеҷ ваҷҳ раҳояш намекунад.

Низом - махдум меҳмонро хушомадед карда афзуд:

– Мисле ки дар Тошканд будем, маро акои Низом гуфтан гиред. Атрофиҳо ва шиносҳо барои он ба ман унвони «махдум»-ро часпонданд, ки дах сол пеш ба ҷамъияти олуфтахои Бухоро ҳамроҳ шудам. Касеро, ки дар кундазанию муштзанӣ усто буду ҳақ мегуфту ҳақро тарафдорӣ мекард, ба ҷамъияташон қабул мекарданд. Дар шаҳр ҷамъиятамон обрӯманд буд. Мансабдорон аз мо ҳазар мекарданд.

– Офарин, ба ҷамъиятатон аъзо шудан лозим, –бо самимият гуфт Мансур.- Кундазаниро не, лекин муштзаниро метавонам.

– Он ҷамъият намонд, он замону зиндагие, ки ба сари худ доштем, аз ёдҳо рафт.- Низом махдум оҳи ба дард кашид ва чойникро назди меҳмон гузошта, хесту аз хонаи рӯбарӯ як табақ себу олу оварда ва суханашро идома дод: - Бештари он дӯстони мо нобуду бокӣ беватан шуданд.- Андаке таваққуф карду боз: - Мушоҳида кунам, се- чор сол боз кадом кореро, ки даст гирам, охираш пушаймонист. Мисле ки дар наҳс дармондаам. Дар Хӯқанд мухториятхоҳ шудем, оқибаташ хунрезию пушаймонӣ шуд, худатон инро медонед. Пас омадему ин ҷо ислоҳотхоҳ шудем. Амир бо консулхонаи Русия маслиҳат кардаю гӯё розӣ шуд. Вале ҳангоме ки ҷамъ омада «намоиши шукрона» доир кардем, амиру муллоҳо як шуда, чунон заданд моро, ки базӯр аз шаҳр бадар рафтем. Мулоҳизакоронро дошта зиндонӣ ва хуб чубкорӣ карданд. Лекин аз рӯйи инсоф бояд гӯям, ки Файзуллоҳ Хоҷа (вай ҳам аз гузари мо) дар лаҳзаҳои вазнин мушкилкушо буд. Аз Когон истода зуд ба сардорони кумитаҳои инқилобии шаҳрҳои Самарқанду Тошканд, ки намояндаҳои ҳукумати муваққатии Русия буданд, телеграф зада воқеъаро маълум кард. Бо онҳо дилёбӣ карда, дар рӯзи сеюм як баталион сарбоз оварда, ҳама зиндониҳоро озод кард. Дар Когон ҷамъомад доир кардем. Аксари донишмандони машҳур - Фитрат, Мунзим, Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ва боз чанде фаҳмида омаданд. Фитрат он вақт номдортарин фарди Бухоро буд.

Китобҳояш хусусан «Роҳбари наҷот», «Оила ё худ вазифаи хонадорӣ» дас
ба дасти мардум мегашт. Он рӯз аз Самарқанду Хуҷанду Фарғона ҳаводор
омаданд. Баҳсу мунозираҳои бисёр кардем. Фитрат дар суханрониаш гуфт.
бародарон, бечоранолӣ накунед. Мо мактаби бузургеро гузаштем. Мо баъди
воқеъа фаҳмидем, ки бо амир Олимхон ягон талабу дархостамонро бо маслиха
мадоро анҷом дода наметавонем. Мо фаҳмидем, ки амиру муллоҳои нодон
мо ҳеҷ гоҳ ҳамдаму ҳамфикр намешаванд. Ниҳоят, мо фаҳмидем, ки як ро
дорем- аз дасти ин ду тоифаи нолоиқу шикамбора Бухороро ба зӯрӣ зада
гирем, пас андешаву афкори мардумро дигар мекунем. Ягон нафар суханашр
инкор карда натавонист. Фақат баъзеҳо ишора карданд, ки магар мо, як му
ҷавонони бехонаю дар, як давлати муқтадирро зада метавонем?.. Файзулло
ҳам сухани Фитратро тақвият дода гуфт, ки худамон натавонем, бо ёрии рус
ин кундаро бартараф мекунем.

Ин дам аз таги дарвоза овози гап-гап омаду Низом - махдум берун барома

Мансур, вақте ки танҳо монд, аввалин маротиба ба хона зеҳн монд: хонаҳ
сақфбаланди зебо, ҳавлии деворҳояш гачу гулкорӣ ва боҳашамат. Дар Бухо
чунин ҳавлиҳо бисёр. Агар русҳо зада дароянд, тақдири ин хонаҳо чӣ мешавад

Низом- махдум дар даст чойники чой ҳамроҳи қассобе, ки Мансур аз ӯ гӯ
харида буд, вориди хона шуданд.

– Ин кас ҳамсояамон Раҳим- қассоб, шумо аллакай шинос,-гуфт Низом
махдум.

Раҳим як пиёла чой нӯшида, «фармудаатонро ҳоло меоранд»,-гуфта барҳе

Низом - махдум суханашро идома дод:

– Лекин Файзуллою атрофиёнаш гуфтаашонро карданд. Ба Тошканд раф
назди сардори ҳукумати шӯравии қисмати Туркистон дарою буро карда, онҳо
моили юриш ба Бухоро карданд. Мегӯянд, ки халқи мазлуми Бухоро чун чӯ
дудгирифта аст, бо андак шамол фурӯзон шуда, ҳама бар зидди амир мехезан
Фақат дар ҷамъияти мо сӣ ҳазор нафар интизоранд. Аз байн ду ҳафта бешт
гузашту дар Когон бо русҳо ҷамъомад гузарондем. Колесов гуфтанӣ мар
миёнқаде, ки чеҳраи кушодаи зебо дорад, болшевики кӯҳна ва дар обу от
обутобёфта сардорашон. Ҷамъомад дар ҳавлии яке аз ёрон, ки муқими Ког
буд, барпо шуд. Баъзе рӯйи замин нишастаю баъзе рост меистодем. Дар
машварат рафиқон пайвастани русҳоро дида дилпур шуданд. Файзуллоҳу Ко
сов вазни сангу тарозуи ду тарафро санҷида аз номи ҷамъомад ба амир чун
талаб, аниқтараш таҳдиднома навишта фиристоданд. «Чаноби амир, хоҳи
мо ин аст, ки дар муддати бисту чор соат ислоҳот қабул карда шавад». Ҷавоб
Амир ҳамон сухани дақ сол пеш гуфтааш буд: «Мо ислоҳотро оҳиста-оҳис
мегузаронем»... Рӯзи дигар аз Самарқанду Термез ду дастаи саднафарӣ сарб
зони Колесов омаданд. Аз Кушка батарея омад. Аз Когон як баталион ҳамр
шуд. Ҳамчунин коргарони роҳи оҳанро низ ҳамроҳ карданду якҷоя бо сесад
чил нафар ҷадид наздик ба ҳазор нафар аскар шуд. Ба ҳисоби русҳо 2-юми мо
март, ки рӯзи сафедабре буд, мо ҷадидҳо пеш-пеш шудаю ба ҷанг даромад
Ба қисме камон нарасид. Мо ҳанӯз дар роҳ ҳамдигарро ҳушдор медодем.
бародарҳо ё ғалаба карда умри ба ном мегузаронему хонаю дарамонро аз ам

зада мегирем, ё боз чун сагони кӯча кӯ ба кӯю дарбадар мегардем. Ҳамчунин ёдоварӣ мекардем, ки аз пас русҳо моро назорат мекунанд. Нашавад, ки хандасор шавем. Ҷанг дар назди дарвозаи Талипоч шурӯъ шуд. Баъди ҷанг русҳо ёдовар мешуданд, ки мо ба борони тир нигоҳ накарда пеш давидан ва бо чаҳду шитоб худатонро ба қӯшуни амир заданатонро дида, ҳам таҳсин мегуфтему ҳам механдидем. Мегуфтем, ки ситаму ҷабру ҷафо инҳоро мисли шери аз банд раҳо- шуда кардааст. Оре, мо ҳоли шери пурғазабро доштем. Ман медидам, ки мударриси дирӯза, ки аз мадраса берунро надидааст ё тоҷири аз ватан рондаю хориҳо дида, мисли як сарбози нотарс худро ба дами тиру теғ мезад. Онҳо ба замин меғалтиданду худро ба осонӣ аз даст намедоданд. Дар кадом тарафе, ки аз мо сустӣ мушоҳида мешуд, рафиқони рус ёрӣ медоданд. Ҳамин дипурӣ, ки дар ақибамон русҳо ҳастанд, моро нерумандтар мекард. Дар охир ҳамакаса шудему аскари амирро зӯр оварда, ба таги девор пеш карда бурдем. Ин дам дарвоза кушода шуду халқи бисёре, мисле тарма берун рехт. Баъзеҳо ҷомаю салла, баъзеҳо телпаку камзӯли туркӣ доштанд, баъзеҳо аз болои ҷома миёнашонро баста буданд. Онҳо низ бисёр буданд, ки шапкаю шинелу папахи русӣ доштанд. Ҳама «Алҷиҳод! Алҷиҳод! Марг ба урус! Марг ба ҷадид!"- гуфта доду фарёд мекарданд. «Тарма моро рӯфта мебарад!» фикр мекардем мо. Вале русҳо пеши онро гирифтанд. Тӯпҳои дар паноҳи ҷангали беруни стансия мондаашонро ба кор даровардаанд. Снарядҳо дар байни издиҳом афтидаю таркиданд. Одамон калапо ба ҳар тараф мегурехтанд. Сипас пулемётҳо ба кор даромаданд. Ва мурдаҳо ғарам шуданд. Издиҳом ақиб гашт. Дастаи саворае, ки аз пас меомад, пеши мардумро доштанӣ шуд, вале баъд аз он, ки тири пулемёт як қисми худашонро тут барин резонд, зуд сари аспҳоро гардонданд. Ва ҳама якҷоя якдигарро тела кардаю афтидаю хеста ба гурезо-гурез афтоданд. Дар ин асно ду фойтуни зебо, ки одамони салласафед саворашон буданд, бо байрақи сафед бо шитоб аз дарвоза баромаданд. Дар Фойтуни пеш Низомиддини қушбегӣ нишаста буд. Дар ҳамон майдони ҷанг, ҳайати амир дар болои фойтунҳо, намояндаҳои мо савори аспҳо гуфтушунид карданд. Дар атроф дигар ҷангиҳо ҳам буданд.

Қушбегӣ рост хеста манифести овардаашро хонд.

– Ҷаноби Олӣ ба ҳама талаби шумо розӣ шуданд, аллакай супориши кам кардани андозро додаю ба фармон имзо гузоштанд. Гуфтанд, ки ҳоло рафти замона ислоҳотро тақозо мекунад. Мо ободию тараққии кишварамонро ба ҷавонбухориҳо бовар мекунем. Мо розӣ ҳастем, ки аз ҳисоби худашон кумитаи иҷроия тартиб диҳанд. Мо онҳоро барои ба ҳукумат омадан табрик мекунем. Пас манифестро ба дасти Колесов дод.

– Пештар бояд розӣ мешуд. Мо аз роҳамон намегардем!-мегуфтанд сардастаҳо.

Колесов озмоишкорона ба ҳайат зеҳн монд ва сухани сардастаҳоро тақвият дод.

– Ҷумҳурии Бухоро эълон мекунем! Бас ин яккаҳокимиятӣ - гуфт. -Ва аз пешвоҳои мо пурсид: "Шумо чӣ маслиҳат медиҳед?" Нафарони мо ҷониби ҳайатро зер карданд: "Модом ки амир ташкили кумитаи иҷроия, салоҳияти ба сохти давлатдорӣ ислоҳот даровардарро ба ҷавонбухориҳо додааст, андозҳои

амлок, аминонаро мебардоштааст, дар ҷояш истад беҳтар. Амнияти киш таъмин. На сих месӯзад, на кабоб."

Дар ин ҷо Низом - махдум суханашро қатъ карда, оҳ кашид, ба самте н риста чойи хунукшударо қулт-қулт нӯшид. Мансур низ хомӯширо авло до то ки ба андешаҳояш халал нарасонад. Андешид, ки сухани Низом- мах "се-чор сол боз кадом кореро гирам, охираш пушаймонӣ" ба худаш ҳам дорад. Вақтҳои охир сари калобаро гум кардааст. Ба пагоҳ бовараш намон Аз душманону худию бегона гурехта ба Бухоро омад, ки рӯз мебинам, бу Бухоро чӣ шуд?...

– Ҳоло фикр кунам, мо дар бозиҳои зиндагӣ ё ба қавле дар сиёсат м кӯтоҳандеш будаем: оқибати корҳоро қудрату дониши дидан надорем. ҳамдигарамонро намешиносем. Русҳо моро хуб омӯхтаву хуб мешинохта Дар он лаҳзаи тақдирсоз Колесов сухани моро шунида, рӯ турш карда, та дигар гузошт:

– Мо ба шаҳр даромада, аскари амирро халъи силоҳ мекунем, то ки дил бошем!-гуфт.

Ҳайати амир ба ҳам нигаристаю бо розигию розгуна сари ин кор ҷунбонда, гуфтанд:

– Ҷаноби Олӣ хоҳиш карданд, ки қӯшунатон ба шаҳр надарояд. Мар бесаранҷом накунад. Халъи силоҳ хоҳед, худамон мекунем.

– Отряди мо медарояду халъи силоҳро назорат мекунад. То он вакт ш ин ҷо ба ҳайси гарав мемонед,-афзуд Колесов.

– Ҷаноби Олӣ бо дили кушод ба шумо... Ун кас ҳатто розӣ ҳастанд та супоранд,-табассум кард қушбегӣ:- Бовар накунед, ҳайъат равад, панҷ-да фар шуда...

Калонҳои мо сухани қушбегиро тарафдорӣ карданд.

– Амир ба мо бовар карда ҳайъат роҳӣ кард, мо онҳоро гирифта к кунем, аз рӯи одоб намешавад. Ногаҳ қаҳраш хезаду ҷангро сар кунад, ҳ кишвар аланга гирифта меравад. Вай қувваи бисёр дорад. Хубаш масъала ҳ ба хушӣ ҳал шавад...

Колесов бо чеҳраи гирифта ба мо нигариста оҳи дурудароз кашид.

Ҳайъат созмон доданду (панҷ нафар) бо сӣ муҳофиз рафтанд. Мо инт шудем. "Дили раҳмгин- ҳамеша ғамгин." Ҳангоми офтобшин буд, ки ду ас намоён шуданд. Касе аз ёрон, аз афташ Маҳмудхоҷа, гуфт: "Яқин Олими ҳарду дунёмонро сӯзонд," Сaвораҳо дартоз расида хабар доданд, ки ҳайъ зиндон карда, ҳамаи муҳофизонро ба шоф зада куштанд. Ҳамроҳон заб таънаву дашном кушоданд. Замин намекафид, ки мо дароем. Ним соат б вақт гузашту боз хабар расид, ки дар шаҳр ҷадидҳоро таъкиб доранд! Д мекушанд. Хешу таборашонро ба зиндон мепартоянд. Хонаву чизу чораш подшоҳӣ мекардаанд.

– Пагоҳ Бухороро ба замин яксон мекунем, -мегуфтанд сарбозҳо

Он шаб касе хоб накард. Бисёриҳо аз хона ва хешу табор ёд мекар Сардастаҳо омодагии ҷанг гирифтанд. Вале чунон ки пагоҳӣ маълум тайёрии пухта ва ҳамаҷиҳатаро амир дида будааст. Ҳамон лаҳза ба аҳолӣ

мудааст, ки ин тараф то Чорҷӯй, он тараф то Кармина, ҳар ҷое тавонанд, роҳи оҳанро харобу вайрон кунанд. Пулҳоро кананд. Мансабдорон аҳолиро хезонда, то саҳар кор фармудаанд. Ба релсҳо аспу уштуру буққаҳоро баста, аз ҷойҳояшон бечо карда, баъзан ҳашт-даҳ қадам, ҳатто бештар кашида дур бурдаанд. Шпалаҳоро кандаю алов сар додаанд. Сими телеграфро буридаанд. Стансияҳоро бо биноҳояшон зада хароб кардаанд. Баъзеро оташ дарзадаанд. Дар деҳаҳо касе ҳаводори ҷадидҳо будааст, задаю чизу чораашро толон кардаанд. Ва талабгори ҷанг шудаанд. Тамоми муллобачаҳои Бухоро корду калтак гирифта баромадаанд. Рӯзи қиёмат ба сарамон омада буд. Мо ҳам, ки дигар чора надоштем, ба ҷанг камар бастем. Русҳо моро танҳо нагузоштанд. Ҳамроҳ истоданд. Пулемётҳо хуб кор медоданд. Ҷанг то гашти рӯз давом карду хабар омад, ки тиру снарядҳо кам мондаанд. Мо маҷбур шуда, ақибнишинӣ карда, ба Когон омадем. Он ҷо маҷлис барпо кардем. Колесов бо Файзуллоҳ неши забон кард: "Гуфтед, ки ҷангро шурӯъ кунем, аз дохил сӣ-чил ҳазор ёронамон мехезанд. Як нафар ақаллан баракалло нагуфт!" Файзуллоҳ Колесовро мулзам кард. "Фёдор Иванович, ваъда кардед, ки барояшон силоҳ медиҳед. Силоҳи шумо оварда ҳатто ба мо нарасид!"

Ӯ одамони худиро ҳам тасаллӣ дод. Гуфт, ки русҳо то он рӯз, ки подшоҳашонро ғалтонанд, сад сол ҷонканӣ карданд. Чӣ қадар рӯшанфикрон қурбон шуданд. Ҷавонтуркон сӣ сол талош карданд. Онсӯтар Франсия равем, боз бештар... Шумоён мехоҳед дар се сол соҳиби давлат шавед?

Дар он ҷамъомад бисёриҳо изҳори тарс карданд, ки минбаъд ҷосусони амир ба оилаҳомон зарар мерасонанд. Эҳтимоли ин корҳо буд. Чунки пештар ҳам ҳарвақт чунин воқеаҳо рух медоданд. Қарор шуд, ки вагон ҷудо карда шавад, то ки ҷавонбухориён оилаҳояшонро аз Когон ба дигар шаҳрҳо баранд. Русҳо гуфтанд, ки мо ҳам ҷанг кардем, мо ҳам аз каллабурони амир эмин нестем, мо ҳам то яктарафа шудани кор аз ин ҷо оилаҳомонро мебарем. Пагоҳӣ дар вокзал чунон бесарусомонӣ шуд, ки мегуфтӣ рӯзи маҳшар аст. Коргарони роҳи оҳан, ҷавонбухориҳои дар се-чор соли охир ба Когон гурезашуда, мардуми рус ва русизабонҳое, ки муқими Когон буданд, яҳудиҳо ҳама саросема чизу чораашонро кашонда, ба вагонҳо бор мекарданд. Тамоми вагонҳои хобрафтаро, ҳатто таъмирталабро ба кор даровардаанд. Қатори вагонҳо то даҳ-дувоздаҳ километр тӯл кашид. Рӯзи сарди шамолу борон буд, берунтари Когон рафтему ёфтем, ки роҳро кандаанд. Маҳалли истодан набуд. Обу нони зиёд надоштем. Устоҳои роҳи оҳан, ки ҳамроҳи мо буданд, аз пеш-пеш релсу шпалҳоро канда, даст ба даст дода, устувор карда андак-андак мерафтем. Қӯшуни амир моро аз пасу пеш таъқиб мекард. Имдодгари мо пулемётҳо буданд. Дар паноҳи онҳо роҳро таъмир мекардем. Баъзан мешуд, ки ба коргарҳо тир мерасид. Мо ба тани худ коргарҳоро ҳифз мекардем. Байни худ мегуфтем, ки ба мо тир расаду ба онҳо нарасад. Якчанд рафиққо тир хӯрданд. Яке писарҳолаи Файзуллоҳ буд. Онҳо ду бародар он ҷо буданд. Чун даруни ҳамаи вагонҳо пури марду зан буд, ҳар рӯз кӯдакҳо мемурданд. Онҳоро аз вагон бароварда, реги паҳлуи релсро кофта, мегӯронданд. Мо ҳарчанд зиёд кор кунем ҳам, мардум ба мо бад-бад менигаристанд. Ба ин кор ҳақ ҳам доштанд. Мо назди қатор ё зинаҳо гурӯҳ-гурӯҳ занҳои

гирёнро дида, намедонистем худамонро дар куҷо паноҳ кунем. Аммо рӯз
ҳам бадтар ҳанӯз дар пеш будаанд. Ҳар лаҳза хабарҳои шумтар мерас
"Дар Когон хонаҳои урусҳоро торочу толон кардаанд. Ба деҳаҳои
шин зада даромада, чизу чораашонро гирифтаанд!" Ин хабарҳо ғазабу
ҳамроҳонамонро ба мо бештар мекард. Рӯбарӯ меомадем, моро рӯирост
дашном мекарданд: "Ба ин ҳол шумо моро гирифтор кардед. Шумо аз
осудаамон маҳрум кардед! Умре азоб кашида, ҳонаю дар кардему аз кас
шумо ҳамаро барбод додем! Ислоҳотатон сари худатона мехӯрд!"

Мо на фақат аз ҳамроҳонамон таънаю дашном мешунидем, аз наз
деҳа, ки мегузаштем, хабар меомад ки ҷадидҳоро доштаю зада-зада куш
хонаашонро оташ задаанд. Баъзан дар симчӯбҳои сари роҳ ҷасади луб
симпечкардаи онҳоро медидем. Аз баъзе деҳаҳо бо шохаю калтакҳо ба с
меомаданд. "Наҳсиатон ба мо зад" гуфта, чи дашномҳо медоданд. Дар ва
мо ойинаи сиҳатро намедидӣ. Дар деҳае, ки Мазор ном дошт, муфтию
гирдашро, ки ба ҷадидӣ ном бароварда будаанд, бараҳна кардаю аз
аз пасашон чӯб зада, дар шохи дарахт овехтаанд. Ҷавони тахмин бис
дастонаш ба пушт баста. Пешони ва як бари рӯия лойолуд. Ресмони аз
овезон карда дароз аст: шамол мурдаро мебарад, мурда тоб хӯрда меоя
мол тез шавад тобхӯрдани мурда ҳам тез мешуд. Аз паси мурда хун фур
пояшро тар кардааст. Ин бечораҳо фақат барои он ки дар сӯҳбатҳо ҷониб
мактаби таълимоти нав буданд, китобҳои дигар динҳоро ҳам хонед мегуф
Ба чунин ҷафо гирифтор шудаанд. Занҳои дигар вагонҳо ҷониби мо дод
данд, ки шуморо чунин кардан даркор! Шумо ба чунин шамандагӣ саз
на ин бечораҳо! Ин ҳамаро дидану тааммул кардан осон набуд. Дуо мек
ки кош замин кафаду моро фурӯ барад, ки инчунин қабоҳату хориҳоро
нему нашунавем. Колесов се маротиба одам монд, ки сулҳ кунем. Амир
гардонд, ки ҷавонбухориҳоро месупорӣ, пас сулҳ мекунем. Рӯзи панҷум
шашум, духтарчаи тахмин чорсоларо, ки баъзан ҳангоми аср ҳамроҳи мо
палтоҷаю кулоҳи сабзашро пӯшида, беруни вагон мебаромаду пас гиря
дарамадан намехост, дар паҳлӯи релс гӯронданду модараш бо мӯйҳои пар
фиғон бардоштаю омада вагони моро ба муштҳояш зада гуфт:

– Рӯй паноҳ кардаед, рӯйҳоятон дар гӯр! Хуни духтарамро аз
касофатҳо, мегирам! - Ӯро мебурданд лаҳзае пас боз гирёну нолон ома
ханашро такрор мекард: "Хуни духтарама аз шумо мегирам, чуркаҳо!"
маротиба омада чунин суханҳо гуфт.

– Таҳқир ҳам ҳад доштагист, - гуфтанд ёрон.- Аз ин ҳоле, ки дорем,
худамонро ба амир супорем, хубтар аст. Гурӯҳе аз вагон баромаданӣ шудан
калонҳо пеши роҳашонро доштанд. Ман се нафари онҳоро мешинохтам.
бойбачаҳои Бухоро буданд. Яке писарҳолаи Файзуллоҳ Хоҷа Шарифхоҷа
Се рӯз пеш бародараш, ҳангоме ки шпала бардошта мебурд, аз гарданаш
хӯрда, баъд аз нимрӯз мурда буд. Шарифхоҷа дасташро силтав додаю гир
Файзуллоҳро дошта, бо ғазаб фарёд зад:

– Маро ба ин бозиҳои ҳаром ту овардӣ! Ба ту, шайтон, бовар карда
фаҳмидам, ки мансаб мехостай! Барои мансаб моро ба ин рӯз расондӣ!

– Намеомадӣ ҳамроҳи мо. Касе туро маҷбур накардааст. Ин корҳоро аз тақдират дон аз ман не. – Файзуллоҳ бо лабханд ва чунон оромона ин суханҳоро гуфт, ки мо ҳайрон мондем.

Шарифҷон аламаш омада, гиря карду гуфт:

– Додарам пеши тир шуд. Аз хонаю дарам маҳрум мондам! Падарам мегуфтанд, ки ту наҳсӣ! Аз рӯзе, ки зода шудӣ, як авлод дилсиёҳ аст!.

– Аз тую падарат як хонаро гирифта бошанд, аз ман шаш ҳавлиро гирифтанд, - гуфт Файзуллоҳ бо ҳамон оромии пештара. - Ва худат медонӣ, ки чи гуна ҳавлиҳоро!

Аз байни вагон овози гиряи занону кӯдакҳо меомад. Баъзе кӯдакҳо мудом гиря мекарданд. Баъзе занҳо подард шуда буданд. Охир шаш рӯз аст, ки тамба шуда нишистаанду ҷои пойдарозкунӣ надоштанд. Обе, ки доштем, ин пагоҳӣ тамом шуда буд.

Дар он рӯзҳои сиёҳ Маҳмудхоҷа ҳамроҳи мо буд. Баъди он воқеаҳо дигар ӯро надидам. Шояд аз ин дардҳои пай дар пай дилмонда шуда баромада кучое рафта буд. Он замон Маҳмудхоҷа марди доро ва яке аз донишмандони маъруф буд. Хусусан баъде, ки ду сол пеш китоби Фитрат "Роҳбари наҷот"-ро дар Петербург ба пулаш чоп кунонда оварда буд, номаш вирди забонҳо гашт. Вай аҳволи нобасомонро дида ҷавононро насиҳат кард:

– Як рӯз не, як рӯз ҳама мемирем,-гуфт бо мулоиматӣ: -Дар ин олам касе нофи замин шуда умрбод наменишинад. Лекин на бад-он тарзе, ки рафиқонамонро таҳқиру таҳриз кардаю ба ҷафоҳо куштаю дар симчӯбҳо овехтаанд. Мо ба дасти амир афтем, аз инҳо бадтар таҳқирамон карда мекушад. Ва умрҳо авлодамон зери таъна мемонад...

– Авлода монед, худамон чи кор кунем? Кучо равем?!-Ҷавонҳо ҷамъ омада маншаталаб шуда хавфи занукӯби якдигар пеш омада буд. Мо дар баҳсу таъни якдигар будем, ки Колесов даромад. Ҳарчанд ҳавои моҳи март хунук аст, тани гимнастиёрка буд. Тапончааш дар дасташ. Дохили вагон даромада тапончаро ба ғилоф андохт. Ба мо нигаристу ба фаросат ҳоли моро дарёфт ва нимшӯхию нимҷиддӣ карда гуфт:

– Коммунист будан осон нест, рафиқони бухоройӣ. Инқилоб кардан боз мушкилтар. Мо ҳамин гуна зинаҳоро гузаштем, мисли орифони Шарқ, ки зинаҳои душвори тариқату маърифатро паси сар карда, ба сӯфигӣ мерасанд.-Ӯ табассум дар лабонаш, дасташро ба китфи Файзуллоҳ монда афзуд:- Рафиқи кӯҳнаи мо ин қиссаҳоро хуб медонад. Ва медонад, сабр гулест, ки дар боғи болшевикҳо мерӯяд. – Ӯ бо ҷиддият як-як ба мо зеҳн монд ва бо андаке ситезмандӣ илова кард:- Маро ҳам омада дӯғу пӯписа мекунанд. Дирӯз як пода шуда омада, бо чӯбу санг вагонамонро зада, доду фарёд бардоштанд. "Моро қасдан ин ҷо овардӣ, ки кушӣ? Не, аввал худатро мекушем,"- мегӯянд. Ва боз гапҳои бисёре.- Ӯ моро дилбардорӣ карду фаҳмид, ки об надорем, рафту ба мо пинҳонӣ об фиристод. Ҳарчанд оби нӯшокии худашон ҳам кам монда будааст. Ва фақат вақте ки ночор монанд, истифода мекардаанд. Ва рӯзи дигар, ҳангоме ки чоштгоҳи калон буд, Колесов ҳамроҳи ду нафар муҳофизаш омад. Муҳофизонро назди зинаҳо монду танҳо назди мо даромад. Маълум буд, ки изтиробашро базӯр медорад.

– Аз ҷониби амир ҳайъат омада буд, нав ҷавоб додам,-гуфт ва овоза паст кард. –Талабашон ҳамин, ки пешвоҳои ҷавонбухориҳоро диҳед. Худ ёрӣ кардаю роҳатонро дуруст мекунем. Ба онҳо гуфтам, ки ба амиратон расо ман ҳеҷ гоҳ ба чунин бешарафӣ роҳ намедиҳам. Лекин мушоҳида кардам онҳо ин дафъа бо мулоиматӣ сухан мекарданд. Он такаббуру ғурури пешт ашон набуд.-Ӯ андешаманд ба замин нигарист. Маълум буд, ки боз гуфт дораду истиҳола мекунад.

– Раҳмат ба шумо,-гуфт Файзуллоҳ Хоҷа.-Шумо дар ин рӯзҳои ваз пуштибону умеди мо будед.

Боз кадоме изҳори миннатдорӣ карданӣ шуд, ки Колесов суханшро бу гуфт:

– Ба ҳамроҳонам фармудам, ки ин хабарро ба касе нарасонанд. Алҳол ш аз вагонҳо берун набароед. Ҳоло мардум мисли саги девона ба ҳама қабо қодиранд. Фармоед, ки дигарҳо низ набароянд.

Дар ин асно овози зане «додош чойника гиред» шунида шуду Низом мах нақлашро қатъ карда хест.

Кенҷагии Низом-маҳдум, Садаф, ду даста чойникро дошта оварду аз п дар боз овози зан омад.

– Хӯроки шуморо овардам, -ман як табақ хӯрок гирифта хонаи амак меравам -гуфт зан. Зан"амакаш" гуфта яқин додари Низом махдумро дар на дошт. Аз рӯи таъомул тоҷикон дар изохона се рӯз дег рӯи оташ наемон Хешону ҳамсояҳо хӯрок мебаранд.

Низом - махдум дар даст табақи гӯштбирён даромад.

– Колесов дар суханаш устувор будааст,- Мансур ба самте нигарист фикр кард, ки дар байни русҳо одамони нағз бисёранд. Рафиқаш Фёдор ҳам чунин тоифа аст. Баъзан, ки дар газетаашон мақолаи танқидӣ оид ба урфу о ё давлатдории Бухоро чоп мешуду Мансур эътироз мекард, вай хандида дӯст мегуфт: "Шумо ба мақолаҳои таърифӣ эътибор надиҳед, танқид созанда а Ҳоло фикр кунад, суханаш ҳақ аст. Лекин дар байни русҳо бадаш ҳам ҳаст. ғуладинге, ки хонаашро гирифт, тоссаре ки ба куштани Баҳодураш даст до аз қабили бадҳоянд".

– Бале, мо ҳама он марди озодаро нағз дидем,-гуфт Низом - махдум ва хӯрок ишора карда, афзуд: - Вай гуфт, ки суханони ҳайъатро ба касе нара нед. Вале пеши хабарро дошта мешавад? Бегоҳирӯз мо аз кашондани ре шпалаҳо монда шуда, ҳамроҳи Файзуллоҳу ду-се нафар калонҳо болои зина вагон меистодем, ки як гурӯҳ ба сарамон омаданд. Пеш-пеш ҷавони зардин қавипайкар меомад. Чунон кушод-кушод даст партофта қадам мезад, ки мегуф замин меларзад. Дар ҳамон лаҳза овози кадоме аз рафиқон ба гӯшам даром "Пеш-пеш Панини шӯрапӯшт меояд." Ман он вақт аз кучо медонистам, ки Пан кист. Баъд фаҳмидам, ки вай дузди дар зиндонҳо нишастаю муштзани гузар будааст. Дар вокзалу поездҳо зӯрӣ карда, пулу чизи мусофиронро мегирифтаа

Гурӯҳ наздик омаду Панин ба овози тези буранда гуфт:

– Ҳой, шумо ҷадидҳо ҳастед, ки ҳастед, фаҳмидед, ки амиратон талаби шу ро кардааст? Бас будагист таҳаммули моро санҷидан! Азоби моро дидану м

даштӣ барин руст шудан! Ба ҷойи шумо дигар кас мебуд, кайҳо рафта худро ба амир месупорид ё ба дор меовехт! Ё дар шумоён чунин ҳиссиёту ҳайсият нест?! Ва ба ҳамон лаҳн ба як қалмиқнусхаи ҳамроҳаш фармуд:-Фаҳмон гуфтаҳои маро ба ин чуркаҳоят!

Файзуллоҳ ба қалмиқнусха фурсат надода бо лаҳни тез ҷониби Панин гуфт:

– Ту худ кӣ ҳастӣ? Канӣ гум шав аз ин ҷо!- Ӯ бепарво аз зинаҳои вагон поён шуда афзуд: -Ман назди амир меравам ё намеравам, ҳеҷ гоҳ бо ту баринҳо маслиҳат намекунам. Мувофиқ ба худам маслиҳатгар дорам!

Панин даступо хӯрд. Яқин ӯ чунин бархӯрдро чашмдор набуд. Сарулибоси урупоӣ ва ба русӣ сухан кардани Файзуллоҳ ба ӯ таъсир кард. Вале ӯ зуд худро ба даст гирифта, аз аввала ҳам сахттар фарёд зад:

– Ин бешарма бин! Ту ба ҷои он ки узр пурсӣ! - Ӯ пеш омад. Ҳамроҳонаш ҳам омаданд. Ба ситез зинаҳоро тохта баромаданӣ шуд, ки ман аз дари вагон поён шуда, пеши роҳашро доштам.

– Мужик! Мурдан мехоҳӣ?!-Панин аз гиребонам дошту сахт поин кашида, чарх занонда дур партофтанӣ шуд. Бешубҳа ӯ ҷавони пурқувват буд. Дастонаш мисли оҳан вазнин ва сахт буданд. Вале ман чаққонӣ карда, аз гиребони нимтанаи зардрангаш доштам. Ба зӯрӣ маро тела дода бурда, ба девори вагон тамба кард. Ҳаминвақт ба чашмам афтид, ки рӯи паҳнаш пукаҳои сурхшуда дорад. Ду маротиба ба банди поям зад, ки қариб меафтидам. Мехост гиребонашро раҳо кунад. Ман сар намедодам. Яқин ӯ ният дошт, ки чор-панҷ нафари моро ҳаво дода худро нишон медиҳад, ки тираш хок хӯрд. Рафиқонаш ким-чиҳо гуфтаю ӯро бештар ҳадаҳа кардаю мешӯронданд.Кадоме аз ҷониби мо ҳам маро насиҳат кард: "Низомбой, ба ҳамон беадаб баробар нашавед!" Аммо ман фурсат ёфта, бо зону ба шиками Панин ду маротиба задам. Дами Панин паст шуд. Яке аз рафиқонаш наздик омада, ёри карданӣ буд, ки ба ӯ шиддат карда, намонд. Мо боз каме кашокаш кардему коргарони роҳи оҳан ҷудомон карданд. Онҳо дар даст калидҳои калони таъмиргарӣ доштанд: тарафи моро гирифтанд. Ба Панин гуфтанд, ки назди амир рафтан лозим бошад, ҳамроҳ меравем. Қариб байнашон кӯбокӯбӣ мешуд. Панин ҳангоми рафтанаш маро пӯписа кард: "Ин охирон рӯзи ҳаётат. Пагоҳ мурдаатро аз ин ҷо мебаранд. Кор то пагоҳ нарасид. Нимрӯзӣ садои "Омаданд! Ура! Ура!"баланд шуду бароем, аз Тошканд як баталион аскар омадааст. Хуб, ки хӯрок ҳам овардаанд. Ҷавонони мо ҳам баромада баробари онҳо кулоҳпартоию хурсандӣ карданд. Баъзе калонсолҳо аз аламу хории кашидаашон гиря карданд. Баъд дар интизору изтироб афтоданд, ки оқибати кор чӣ мешавад? Соате гузашту Колесов хабар овард: аз Тошканд фармон шуд, ки аз амир товони ҷангро гиред. Ва фармон диҳед, ки зуд роҳи вайронкардаашро таъмир кунад. Ҳар қадар туфангу тире дорад, ба мо супорад, то ки минбаъд ҳавои ҷанг ба сарашон наояд.

– Ҳамааш ҳамин? -Мо чӣ кор мекунем? Шумо моро фаромӯш кардед?- пурсид-Файзуллоҳ Хоҷа.

– Вазъияти шуморо фаҳмондам,-гуфт Колесов. -Аммо калонҳо ба таъкид гуфтанд, ки зинҳор, ҷанг накунед. Дар дигар фронтҳо аҳволи қӯшуни Русия нохуб будааст, ҷанг ба амир сарборӣ мешудааст. - Пас ӯ гапро ба дигар сӯ

бурд: - Пагоҳӣ ба шумо гуфтам-ку, ҳайати амир саросема менамояд, чӣ гапе дорад. Онҳо дирӯз хабар ёфта будаанд, ки ба имдоди мо қувва омадааст. Онҳо низ дар Тошканд ҷосус доранд.

Маҳмудхоҷа бо оҳанги маслиҳат гуфт:

– Фёдор Иванович, кори моро осон нагиред. Ба калонҳоятон фаҳмонед, ки мо ба ин ҷанг ҳама буду шудамонро додем. Аз ватан ронда шудем. Хешу таборҳоямонро зиндон карданд. Номи "ҷавонбухориён"ро дар ду олам сиёҳ кардем. Ин кор ҳамту монад, ҳатто фарзандҳомон моро намебахшанд.

– Дар аввали кор гуфтам, ки сухани Қӯшбегиатонро гӯш накарда Бухороро гирифта ба дастатон диҳем, худатон не гуфтед,- гуфт Колесов бо оҳанги ҳам шӯхӣ, ҳам таъна.-Алҳол гап ҳамин. Боз маслиҳат мекунем. -Пас дасти Файзуллоҳро гирифту ҳамроҳ зинаҳоро нишеб шуданд.

Суханаш рост соддагию аблаҳи аз худамон гузашт. Акнун вовайло гуфта мегардем.

Чунин сурат гирифтани корро касе тасаввур намекард. Мо дар байни замину осмон мондем. Аз ин ҷанг русҳо бурд карданд. Чӣ қадаре, ки даҳонашон меғунҷид аз амир товони ҷанга талаб карда гирифтанд. Ҳангоме ки Файзуллоҳ даромад, ба ӯ ҷаспидем: "Мо фалон, бисмадон...Ту раву пурс, ки мо сарамонро ба куҷо занем?!"

– Инҳо мо барин не, калонашон як гапро гуфт, хурдаш онро то охир иҷро мекунад,-Файзуллоҳ чун ҳарвақта ором сухан мекард.- Чаро ба ман ҷаспидед?- Ҳама кор дар пеши чашми худатон рух дод!

Ду-се нафар оби дида кардаю забони маломат кушоданд.

Файзуллоҳ ҳарчанд худаш ҳам парешонавзоъ менамуд, ба тариқи дилбардорӣ гуфт:

– Колесов мегӯяд, ки боз андаке тоқат кунед, худаш Масков рафта, ин масъаларо кундаланг мемондааст.Қувваи калон оварда, пас амиру атрофиёнашро зада нест карда, як Бухорои таъби дилатон месозем, мегӯяд.

Мо бори аввал набуд, ки шикаст мехӯрдем. Ин дафъа ноумед шудаю ба хулосае омадем, ки зӯрамон ба амир намерасад. Аммо ақиб гаштан ҳам наметавонистем. Ягона роҳ боз ҳам домани русҳоро доштан буд. Вале чунон ки дидед, ин кор баъд аз ду сол рух дод. Вале боз ҳам ба ҳамон тарзе, ки худи русҳо мехостанд. Фрунзе каси ҳавобаланд ҷоҳилтинат баромад. Худи русҳо ҳам мегуфтанд, ки касе дар зиндонҳои мо нишастааст, аз ӯ умеди шафқату мардумӣ накунед. Ӯ на танҳо суханамонро ба инобат намегирифт, балки бо такабур ҳатто назарногирона ба мо муносибат мекард. Ба фикрам меояд, ки ин ҳама бедодию беобиро нисбат ба Бухоро ҳамон бадбахт ба ҳамдастии Куйбишеви мулоимхунук анҷом дод.

Мансур ҳайрон шуд. Бовараш наомад, ки чунин воқеъаи бузургеро ду нафар ба хоҳиши худашон ҳал кунанд. Боз фикрҳое, ки ояндаашон чӣ мешавад, дар изтиробаш андохтанд. Ва ҳамзамон меандешид, ки акнун Низом - махдум чӣ кор мекунад? Наход вай ҳам Бухороро тарк кунад?

Низом -махдум ба девор такя карду нигоҳаш ба самте банд монд. Маълум буд, ки андешаҳои мухталиф дар зеҳнаш равуо доранд. Муддате пас гуфт:

– Албатта, бо Масков ҳам маслиҳат карданд-куя. Масковро ба гап даровардан**д**.

Мансур чизе гуфтанӣ шуд, ки Раҳими қассоб даромад.

– Ин дафъа салла баста омадед? - Низом - маҳдум ба пешвозаш хест.

– Аз масҷид омадам,-гуфт Раҳим.- Бе салла равед, домуллоимом киноя мекунад.

– Рост, муллоҳои мо дар киноя усто.

Ба хотири Мансур омад, ки солҳои охир раҳматии падараш мудом мегуфтанд, ки "салла банд, салла зеби мард аст, салла суннат аст». Вале Мансур набаст, салла бандад, худ ба назараш хандаовар менамуд. Ба дилаш омад, ки аз афташ давраи саллаю ҷелаку дар кунҷи масҷид нишастану ҳафтияк хондан гузашта рафт. Мисли дигар мардум аз пайи илму дониши замона бояд шуд. Мисле ки русҳо таърихи моро медонанд, мо ҳам бояд таърихи онҳоро донем, таърихи дигарҳоро ҳам донем. Устодаш Мавлоно Сайфуддин мегуфт, ки чашми дилата илми таърих мекушояд.

Субҳи барвақт Мансур аз садои боз шудани дарвоза хеста, гуфтугӯи Низом маҳдум ва бародараш Давронро шунид.

– Амир Олим дирӯз гурехтааст.

– Кӣ хабар овард?

– Мо дина шаб ин хабарро шунидем. Ин пагоҳӣ дар масҷид ҳам гуфтанд.

– Як худаш рафтааст?

– Мегӯянд, ки наздикону муҳофизонаш ҳамроҳаш будаанд.

Мансур зуд ҷомаашро ба китф гирифта, берун баромад. Дилашро изтироб фаро гирифт. Фикр кард, ки инаш ҳам мисли бекҳои авлодаш гурехт. Аз инҳо дигар чӣ чашмдор мешавӣ? Акнун шаҳр бесоҳиб ва бедарвоза шуд. Андешае, ки мабодо армияи сурх зада ба шаҳр дарояду хона ба хона бой ё душман ҷӯяд, безобитааш кард. Қарор дод, ки таҳорат мекунаду намози бомдодро назди писараш рафта мехонад. Дирӯз Ҷовид мурдаҳои роҳро дида сахт тарсид... Ба хавлӣ баромада аз Низом -махдум пурсид:

– Русҳо шаҳрро печонда гирифтаанд, ҳамаи дарвозаю роҳҳо дар дасташон, амиру одамонаш чӣ гуна баромада мерафтаанд?

– Ин манғитҳои дайюс роҳи пинҳонӣ ҳам доранд,-гуфт Низом - махдум. Як вақт гӯшам садо дода буд, ки аз ҷониби шарқии Арк то Ситораи Моҳи Хоса роҳи зеризаминӣ ҳаст. Дигар ин ки як халта тилло диҳад, худи сардастаи рус бо иззату икром бароварда гусел мекунад.

– Мегӯянд, ки амир дар Ситораи Моҳи Хоса будааст, аз ҳамон ҷо гурехтааст-афзуд Даврон.

– Дафъ шудагиш хуб шуд,-гуфт Низом - махдум.-Шояд болшевикҳо бомбаборонро бас кунанд.

❁ ❁ ❁

– Куҷо шудед? Мирзоумед кофтанатон бозор рафтанд. -Зулайхо аз назди танӯри пуроташ омада, ба суфаи таги тут кӯрпача партофт. –Марҳамат кунед,

ҳозир нони гарм меорам,-гуфта назди танӯраш рафт. Зан болопӯши ҷо-ҷо сӯхта дар тан дошт, рӯйҳояшро оташ сурхтар ҷилва медод.

– Келин, нонҳои болаззати шуморо шаб мехӯрем,-гуфт Мансур. –Ҳоло Ҷовидро ҳамроҳам гирифта, шаҳр меравам. Шаҳрро тамошо карда меоем. - Ӯ Ҷовидро бедор карду ҳамроҳ ба кӯчаи калон баромаданд. Мансур қарор дод, ки субҳонаро дар чойхонаи назди майдони Регистон мехӯранд. Ҳангоми аз хонаи Низом - махдум баромадан дида буд, ки соҳиби чойхона аллакай болои катҳоро рӯбучин дорад. Дар он ҷо бозоре ба номи Бозори Нав ҳаст. Бояд нони гарму нишолло дошта бошад. Ҷовид нишоллоро нағз мебинад. Онҳо кӯчаи Лаби Рӯдро гузашта, аз паҳлуи мазори Хоҷарӯшноӣ ва хонаҳои кӯҳнаи пастак ба кӯчаи Наддофон даромаданд. Ин ҷо дар ҳар тараф хонаҳои оташгирифтаро мебинӣ. Бӯйи дуд ба димоғ мезанад. "Ҷовидро намеовардам, хуб буд," фикр кард Мансур. Ва зуд аз фикраш гашт. Бигзор шаҳри вайронаро бинад. Ин рӯзу ин ҳолро дар хотир сабт кунад.

Одамон дар кӯчаҳо торафт бештар мешаванд. Ва маълум, ки ба тарс роҳ мераванд. Яқин, овозаи "амир гурехтааст" мардумро бесаранҷом кардааст. Машкобону ҳаммолону хизматгорон нав ба кор шурӯъ кардаанд. Сафи аробаҳо низ зиёд мешавад. Аробае мурда мебарад. Аробакаш марди қадбаланд, саллаи карбосиаш дар паси сар, лаҷоми аспи бодпоро ҳарвақт кашида садо медиҳад: "Калта, оҳиста!" Соҳибони мурда ҳашт-нӯҳ нафар аз пас равонанд. Хурду бузург дар даст асо доранд. Миёнҳо баста. Марде, ки риши сафед дошт, аз ақиби ароба дошта оби дида резон қадам мезанад. Аз кӯчаи Наддофон низ ҳамин гуна аробаи мурдакаш пайдо шуд. Дар ақиби кӯча боз ароба ва одамони миёнбаста намудоранд. "Барои ин тоифа имрӯз кор бисёр аст. Мурдаҳои аз дирӯз мондаро ба гӯристон мебаранд. Мегӯянд, ки дирӯз аз ваҳму тарсибаъзе занҳо ҳамлашонро гузоштаанд, баъзе ҷони ширин додаанд. Ҳангоме ки ба кӯчаи Баракат тоб хӯрда, ба сӯи марказ мерафтанд, ҷо-ҷо аз хонаҳо садои навҳа шунида мешуд. Ин овозандозиҳо барои фавтидаҳои дирӯзу рӯзҳои пеш аст. Мансур аввал ба бозор даромад. Назди дари бозор чоши харбуза намоён аст. Соҳибаш, ҷавони навчаи зардина, ҳанӯз болои ҷомааш масти хоб. Ҷавон ки ҳаст, бепарво хоб аст. Харбузаҳояш, ки аксар пӯлашудаанд, кам ба савдо рафтаанд. Дар дохил бозоракиҳо акнун як-як пайдо мешаванд. Ҷавоне гиребони куртаи берангаш даридаю кашол буд сабади нони гарм дар китф омад. Мансур нон гирифту нишолло наёфта ба чойхона омад. Он ҷо марди рӯйпаҳне танҳо нишастааст. Катҳо рӯфтаю атроф обзада, вале самоварчӣ наменамояд. Кор кардани самовараш ҳам маълум не.

– Ин ҷо хӯрок дошта бошад?- Мансур болои кате ҷой гирифт.

– Ин ҷо хӯрок надорад,-гуфт рӯйпаҳн ва ҷониби Ҷовид зеҳн монда афзуд: -Хӯрок форад, ба чойхонаи назди дарвозаи Мусаллохона равед.

– Шумо ҳам мусофир?

– Ҳа, мо аз кӯҳистон, мардикорӣ омадем. Мо дуздӣ баромадему маҳтобшаб шуд. Омадему ҷанг шурӯъ шуд.

Дар рӯбарӯ, дар он тарафи роҳ, масҷиде намоён аст, ки гунбади зебои осмониранг дорад. Аслан гунбадҳоро аз санги рухом месозанд. Ҳоло дар болои

онҳо чангу дуд нишастаю хира менамоянд. Як борон шавад, боз тозаву муҷалло мегарданд. Аз саҳни Регистон он тараф Арк намоён аст: дар дохили Арк қасру кушкҳои зебою забарҷад буданд. Ҳамаро задаю хоку туроб кардаанд. Аз чор тараф дуду оташ забона мезанад.

Дар роҳравҳо як-як хизматгарон ва салласафедонро мебинӣ, ки саросема ин тарафу он тараф мераванд. Манғитҳо қариб дусад сол саҳиби ин арки номӣ буданд. Он тараф то соҳили Ҷайҳун, ин тараф то Шаҳрисабз таҳти тасарруфашон қарор дошт. Феълан нахустин рӯз аст, ки Бухоро бе амир. Минбаъд ин рӯзи таърихи дар китобҳо сабт мешавад: – Мансур қадамашро суст карда ба назараш менамояд, кинафасгирии таърихро ҳис мекунад.

Дар тарафи шимоли Арк қӯшмадрасаҳо, раставу дӯконҳо тӯл кашидаанд. Онҳо мудом пуродам буданд. Аз Чину Афғонистону Эрон, Қазоқистону Сибиру Поволже ба ин ҷо тоҷирон меомаданд ва ҳама овозаи Бухорои қуббатулислом, арсаи бузургону наҷибзодагон, Бухорои илму адабу мардҳои муаддабро ба ватаншон мебурданд. Дар атрофи Арк аксар хонаҳои мардумони доро воқеъ аст. Қозию судуру маҳраму мирохуру садҳо суханчину хабаркашҳои дигар. Ҳама харобу валангору балозадаю даҳшатбор. шудаанд. Аз диданашон бинандаро тарсу ваҳм фаро мегирад. Боре дар чунин маврид шайх Аҳмад як ояи Қуръонро ёдовар шуда буд: «Ҳар кас бо ҷазои амали худ ба беҳтарин сурат мерасад». Ҳамин ҳолатро ба чашм дидем. Дар се соли охир Олимхон дар Бухоро хуни кам рехт? На марди ислоҳотхоҳ монду на як суханвари асилу солеҳу ватанпараст. Соли гузашта косибону деҳқонон шиква карданд, ки андозро кам кун, рӯзамон намегузарад. Бар зиддашон каллабурҳояшро фиристода нимашонро кушт. Подоши он ситамҳо буд, ки имрӯз авлоду ақрабояшро зада аз мулк берун карданд. Акнун зану хонаю дару сарваташонро дигарон соҳибӣ мекунанд. Оҳи ҷигарсӯзи мазлумон гирифту дарбадар шуданд. Ин авлод мисли дарахти пуршоху пиршуда ва беҳосил буд, ки заминро соя кардаю аз ҳосил мононда буд. Ҳоло аз буриданаш эҳсоси сабукию ҳушҳолӣ мекунӣ.

Се нафар марди тануманди яктаҳу саллаҳои навпӯшида аз ҷониби масҷид омада, дар гӯшае ҷой гирифтанд. Онҳо ошуфтаю изтироболуд менамуданд. Ду нафар ҷомаҳоро кашида ба кати паҳлӯ ҳаво дода, рост истода атрофро аз назар гузаронданд. Як нафаре, ки ҷавонтар менамуд, рафта бо самоварчи паст-паст суҳбат карда баргашт.

Муштариён як-як пайдо мешаванд. Вале самоварчӣ ҳоло чой намондааст.

– Инҳо аъламҳои Бухороянд,- марди рӯйпаҳн ҷониби салладорҳо ишора кард.- Як моҳ зиёд шудааст, ки дар ин масҷид ҷаҳрхонӣ мекунанд.

Аъламҳо нашишта рафтанд. Яқин чойхоначӣ нону чойашонро аз пас мебарад.

– Хуб аст, ки ин масҷидро бомбаборон накардаанд,- Мансур ба рӯйи мусоҳибаш нигарист.

– Ин биноро масҷиди Хоҷа Каъбатулахбор мегӯянд,- гуфт рӯйпаҳн.-Сӯйи ин масҷид тиру тӯпу аэроплан дилу гурдаи омадан намекунанд.

– Дар ягон китоб хондед?-Мансур бо тамасхур ба рӯйпаҳн зеҳн монда андешид, ки чаро ин тоҷикони содаи мо ба ин қиссаву ривоятҳои аблаҳона дил

баставу эътимод доранду онҳоро китоб ба китобу сина ба сина ҳифз меку
Чӣ тилисме ин ҷо пинҳон бошад?

– Ман китобхон нестам, лекин дар суҳбати домуллоҳои калон бисёр н
ставу гӯш кардаам.

Дар дили Мансур дигар хоҳишу ҳаваси суҳбат намонд. Ба ин тоифа
хани салоҳ гӯй, сад ҷавоби фачу фоҳишу фоҷир мешунавӣ. Ӯ аз кат фуро
то аз самоварчӣ пурсад, ки ба тезӣ обаш мечӯшад ё дигар ҷой равад? Ин
садои сахти таркиш баланд шуд. Фурсате гузашту садо қавитар гардиду з
ларзид. Пас аз ҷониби ғарбии шаҳр овози тирпаронии башиддат омад. О
дар таҳлуқа афтоданд: баъзеҳо саросема хеста рафтанд. Касе садо дод: «Ас
урус даромад! Дарвозаҳоро тарконда даромад!» Садои тир гӯё аз наздик м

Аз байн фурсате нагузашта дар осмон ду аэроплан намудор шуданд
ақибашон хати сафед кашол шуд. Онҳо оҳиста меоянд. Гӯё тартиби ҳу
аскарҳояшонро назорат мекунанд. Ана, боз дутои дигар. Боз дуто ва б
Ҷамъулҷамъ нӯҳто шуданд. Гоҳ паст мефуроянд, гоҳ баланд мехезанд, гоҳ
мефароянд, гоҳ баланд мехезанд. Аз мӯриҳошон ғулбаи диди таппак фа
зада ба баландиҳо паҳн мешавад. Овози даҳшатбори онҳо шаҳрро фаро гир
Садоҳои “гум-б-у-р! гум-б-у-р”-и тӯпҳо, “Тра-та-та, тра-та-та-та”-и пулемёт
гурезогурез, доду фарёди мардум ба ҳам даромехтанд. Дару девору дара
меларзиданд. Замини муқаддаси Бухоро гӯё карахт шуда монда буд. Гу
мекардӣ, қиёмат фаро расидааст. Атрофро чангу дуди ғализ фаро гирифт.
аэроплан паст фуромада, атрофи Арку Манораро ҳадафи оташ қарор до
Дуи дигар дар майдони Регистон чарх мезаданд. Дар майдон дуртар аз Ар
даста навкарони савораи амир аз гурӯҳи “шефска” ҷамъ омадаанд. Сар
дудаста лаҷоми аспи ба шӯр омадаашро дошта ба онҳо чизе мегӯяд. Ин
ду снаряд он ҷо афтида таркиш мешавад ва чанд нафар бо аспҳо калапо м
ванд, баъзеҳо аз асп меафтанд. Зиндамондаҳо аспҳоро тозиёна зада мегурез
Болохонаҳо, масҷиду мадрасаҳо яке аз паси дигар метаркиду чангу дуд тор
зиёд мешуд. Марде таҳи курта, саллаи кашолааш ба замин расам-нарасам
даромади масҷиди Каъбатулахбор пасу пеш қадам зада такрор ба такрор б
мезанаду шеван мекунад: “Мардум, сӯри Исрофил дамид! Қиёмат қоим шудаас
Марди лоғарандоми қадбаланде, ки дар тан яктаҳи карбосии сабз дошт,
байни роҳрав истода, бо овози чирросӣ азон мегуфт. Чашмонаш сахт пӯш
буданд. Дарохир ӯ азонро фаромӯш карда мисли гург уллос мекашад. Наф
дигаре дар байни роҳи калон сарашро дошта, бо гиряю шеван чизе мегӯ
Ҳама мизоҷони дар катҳо нишаста изтиробзада шуданду ба саҳн баромада

Охир ин бечорахо аз куҷо медонанд, ки ин “қиёмат”-ро, ки дар ҳуҷҷатхо
номи “Тӯфони садою тиру дуду оташ” сабт шудааст, ду рӯз пеш дар Самарка
дар ситоди ҷабҳаи Туркистон тарҳезӣ кардаю ин ҷо интиқол дода, амалӣ к
данд. Аз куҷо медонанд, ки ҳар лаҳза паст фуромадану бархестани аэроплан
таркиши бомбаю задани тӯпҳо ва парон-парону дигар садоҳо баҳри тарсонда
гурезондани онҳост. Аз куҷо медонанд, ки силоҳи сохтаи олимони ин замо
на фақат одам мекушад, балки хонаю дарашро валангор кардаю оташ ме
над. Аз куҷо медонанд, ки дар беруни шаҳр аэростатҳо шинонда шудаасту

ойинаҳои онҳо шаҳрро тамошо мекунанд, куҷое навкар ҷамъ меояд, ба он ҷо бо тупҳо снаряд ҳаво медиҳанд.

Ин дам аэроплане паст шудаю мисли дев ғуррос зада Бозори Навро тирборон кард. Тирҳо ба роҳи он тарафи саҳн ва гӯшаи бозор бармехӯранд ва «шув-в-ӣ» карда садо мебароранд.. Ду нафар бозоракиҳо афтиданд, боқимондаҳо ба ҳар сӯ гурехтанд. Аэроплан дуртар рафта, боз ба тирпаронӣ шурӯъ кард.

Дар ин лаҳза дар мобайни роҳи байни чойхона ва бозор оҳани лундашакле афтиду он ҷо алов парид, дуди сафеди ҳалқа-ҳалқа ба осмон хесту чангу дуд паҳн шуд. "Снаряд аст! Бо тӯп ҳавола мекунанд! Гурезед! Гурезед!"-фарёд зад ҷавоне, ки либоси низомӣ дошт ва худаш пеш шуда ҷониби масҷид гурехт.

«Не, болшевикҳо аз рафтани амир огоҳ нестанд,-худ ба худ хулоса кард Мансур.-Ҳоло ҳам дер нашудааст. Нафаре асп давонда хабар медод: "Ҳой, кофирҳои бераҳм, дар шаҳр на амир монду на як навкар! Ин балоҳои осмониатона ҷамъ кунед!» Мансур дасти Ҷовидро маҳкам дошта ба Худо нола мекард, ки ба худаш ҳар коре шавад, шаваду писарашро аз ин балои азим нигоҳ дорад. Нашавад, ки ҳамин парбехае, ки авлоди Мансуриёна ба гузаштаю оянда мепайвандад, бурида шавад.

Баъзе муштариён азми ба ҷойҳояшон баргаштан мекунанд, вале соҳиби чойхона марди миёнсинни пурожангчеҳра онҳоро намемонд.

– Бародарон, хоҳиш мекунам, ин ҷо наистед. Пилотҳо бинанд, ки ин ҷо одам ҷамъ шудааст, бомба мепартоянд!-мегӯяд ӯ ва ҳиқ-ҳиқ гиря кардаю шолчаҳои болои катҳоро ҷамъ меоварад.

Марди шикамғафсе сахт-сахт сулфида, эътироз кард:

– Берун равем, тир зананд, дарун дароем, шумо намонед, куҷо равем?

– Куҷое хоҳед, равед, бародар, худатон аҳволро дида истодаед-ку.

Мансур ҷониби Ҷовид ишора кард, ки хезад.

– Аз марказ дуртар равем, хуб аст,-гуфт ӯ раҳораҳ.- Ба дарвозаи Мусаллохона меравем. Он ҷо хӯрок мепухтаанд. Ҳангоме ки ба бозор наздик шуданд, Мансур Ҷовидро ба гап гирифт, то ки чашмаш ба мурдаҳои даромади бозор наафтад. Бозор холӣ менамояд. Мардум гурехтаанд. Ба ҷавони назди харбузаҳояш хобида тир расидааст. Рӯйболо гашта мурда мондааст. Даҳонаш яла, чашмонаш кушода, мисле ки ба ҳайрат сӯи осмон нигоҳ дорад. Осмоне, ки бо рангу рӯшноии ҳаррӯзааш фараҳмандаш мекард. Ҳарду улфат шуда буданд. Ҳамроҳи офтоб, боду боронаш кор мекард, то ки ризқи бачаҳакоша фароҳам оранд. Чӣ шуд, ки имрӯз ба якборагӣ аз ӯ бурид. Хуни ҷавон рафта ба чоши харбуза расида, харбузаҳои пулашудаю кафидаи як тараф ҷамъовардаро рангин кардааст. Дар таги сари ҷавон як рӯймоли баста аст. Дида мешуд, ки рӯймол пул дорад.

Онҳо маҳалаи Говкушонро гузашта, ба кӯчаи Тӯпхона даромаданд. Роҳ ҷое чуқур шудааст. Назди чуқурие аробаеро партофтаанд. Дар баргашти кӯча хонаи боҳашамате ҳаст, ки дараш қуфл дорад. Аз паҳлуи кӯча ҷӯйборе равон аст, ки ба қавли таҳҷоиҳо ғижоба дорад.

Садои парон-парон торафт наздик меояд. Мансур мушоҳида кард, ки одамон дар даст халтаю бастаҳо аз хонаҳо баромада мераванд. Дар назди дари дӯкони майдаҳаки болои роҳ мурдае рӯ ба замин хоб аст. Асои дарозе дар тагаш.

Саллааш аз сараш афтидаю ғелида ду-се қадам дур рафтааст. Он тарафтар боз мурдае, ҷавонаки сафедрӯе пойҳояш луч. Назди мурда хари бордоре ба алафхо қади ҷӯй тез-тез даҳон мезанад. Бори хар хӯрҷину гилему ду-се пӯстак. Яки хару бори кадоме аз мурдаҳост. Бори дигар аз фикри Мансур гузашт, ки бехуд Ҷовидро ҳамроҳ овард. Зудтар аз маркази шаҳр берун рафтан лозим.

Аз назди дарвозаи калони кандакорӣ ва як табақааш кушода гузаштанд. Ду духтарча давида баромада рӯйи зинаҳо истоданд. Ҳарду рӯймоли сабзи нав бастаанд. Аз паси онҳо зани қоматбаланде, ки аз болои рӯймол пешонибанди сафед бастааст, ҳамроҳи сагчаи зард берун баромад. Духтарчаҳо рафтанӣ шуданд, ки зан онҳоро нигоҳ дошт. Сагча домани занро газида ҷониби кӯча мекашад. Зан тарафаш шиддат кард. "Кучо саросемаӣ, ҳозир меравем". Сагча боз домани занро ба даҳон гирифта кашид. Мансур Ҷовидро ҳадаҳа кард. Аз дарвоза понздаҳ-бист қадам онсӯтар рафтанд, ки дар наздик таркиш шуд. Мансур Ҷовидро ба замин пахш кард. Дуди сиёҳи сафед ҳалқа-ҳалқа ба атроф паҳн шуд. Мансур дар аввал дарк накард, ки чӣ воқеа рӯй дод? Дар дарун сараш ҳаргуна садоҳо бархестанд. Гулӯяш сӯзиш мекард. Ба шиддат сулфидани Ҷовидро дида ӯро ба оғуш гирифт."Худоё, кошки ба кӯдак осеб нарасад" лоба кард дар дил. Дақиқае гузашту калавида хест: Ҷовидро, ки аз тарс бо овози баланд гиря мекард, бардошта онсӯтар бурд. "Ин ҷо бомба партофтанд!", нав дарк кард. "Бачаҷон, натарс, ман ҳамроҳат" гуфт. Ва дар пеши пояш порахои дарвозаро, ки нав аз наздаш гузашта буданд, дид. Фаҳмид, ки таркиш дар хона рӯй додааст. Хеста боз ҳам дуртар рафта дар паноҳи деворе таваққуф кард. Дилаш бечо мешуд. Хира-хира зану духтарчаҳоро дид, ки аз зинаҳо поин афтида рӯи замин хобанд. "Наход мурда бошанд?!"- саволе ба сараш омад. Дар ин асно як тӯда гӯсфанд аз даруни дуд калавида баромада, мисле ки кӯр бошанд, худро ба девори хонаҳои ду ҷониб зада, калапо мешуданд ва боз саросема хеста мегурехтанд. Яке ба Мансур бархӯрд. Мансур худро аз афтидан боздошт ва дид, ки гӯсфандҳо аз дарвозаи хонаи таркида мебароянд. Аз он ҷо як аспи зинкарда ҳам ба шаст баромада, ба тарафи муқобил гурехт. Хари бордори пештар дидаам аз паси асп луккӣ зада мерафт. Овози гиряю фиғон баланд шудаю аз дохили хона чор-панҷ нафар марду зан шитобзада берун омаданд. Баъзеҳо сарашонро медоштанд. Ҳама месулфанд. Ана боз одамон баромаданд. Яке аз китфи зане, ки чашмонаш аз тарс аз косахона баромадаанд, доштааст, дигареро духтарча кокулакҳояш овезон дар рӯи дасташ. Марди ғафсаке ки аз болои курта миёнаш баста буд, духтарчаҳоро дида худро аз зина партофт (шояд афтид), шевану нола ба осмон печид... Ба дили Мансур омад, ки якин инҳо азми сафар доштаанд. Ки таркиш рӯй додааст. Ҳоло дар шаҳр чи қадар хонаҳою одамон чунин ҳолатро доранд? Бар падари ҷадидат ҳам наълату инқилобовардааст ҳам наълат!

Чеҳраи Ҷовид мисли пахта кандагӣ. Лабонаш кафколуд. Мансур ӯро ба бар гирифта саросема ба роҳ даромада, пичирос зад. "Анде, ки фарзандам сихат монад, як гӯсфанд назри ҳазрати Баҳовaддини Балогардон!" Ва раҳорах ҳар дуои ба хотираш омадаро хонда, ба рӯйи Ҷовид куф мекард.

❁ ❁ ❁

Сержанти ротаи 2-юми бригадаи 11-ум Манучеҳр Мирзоев лаҷоми аспи сиёҳмушкин дар даст, мунтазири ҷамъ шудани взводаш аст. Аммо асп ба тақозои табиаташ дар як ҷо қарор намегирад. Ҳар дам сум куфтаю фаххос мезанад. Манучеҳр бо овози паст аспро таъна мекунад.

– Ҳамин феълат буд, ки дар роҳ шатта хӯрдӣ. Дар вагон ҳама сиҳат омадану ту поятро зада ланг шудӣ. Аз дирӯз то ҳол се маротиба пешоби гарм бастаму нав ба худ омадӣ. Акнун як нафас ақибата зичу гиреҳ карда, тоқат кун! Ту чӣ хел ҳайвонӣ?! Дар дилам задӣ-ку!

Вале сиёҳмушкин мисли писари эрка аст. Ба сухан эътибор намедиҳад. Гарданашро баланд бардоштаю ҳамчунон пасу пеш қадам мезанад. Чашмони калон-калонаш бекарор. Садое баланд шавад, метурад.

Манучеҳр аз бехи лаҷом дошта дид, ки дигар аспҳо ҳам гарданашонро ба силтав поину боло мекунанд. Мисле, ки дарахтони боғ аз шамоли сахт, хамшуда, рост мешаванд. Семёнов аспи сафедашро юрға дода ҳамин тараф меомад. Фикр кард, ки ин казак аспбоз будааст. Аз куҷое зини бахмалпӯшу пешбанду пасбанди зарҳалӣ ёфта, аспашро оро додааст. Лаҷомаш ҳам рангкарда, шояд аз касе харидааст?"Сарбозҳо байни худ чунин афзорҳоро хариду фурӯш мекунанд. Баъзан мешавад, ки аз хонаи бой ё ба истилоҳи худашон, «босмачӣ» ба зӯрӣ мегиранду пас ба савдо мегузоранд.

Дирӯз дар бозори назди дарвоза бачаҳои полки 7-уми тирандоз нақл карданд, ки аз ду корвонсарои шаҳри Ғузор чилу ду уштур ва чанд хари бесоҳиброгирифта нимаша ба ротаи хизмати ақибгоҳ додаанду нимаша бозор бароварда фурӯхтаанд. Дар онҷо корвонсаройи бисёр будааст. Дар ҳамааш тойҳои пахта, пусти қарокӯл рах зада хобанд. Ва дигар коло низ будааст. Чой бисёр будааст. Бачаҳои полк чойю дигар чизҳо барои худ гирифтаанд. Ҷанги Бухоро тез тамом мешуд худаш ҳам рафта ҳақашро мерӯёнд.

Семёнов наздик шуда, ротаашро саросема мекунад. "Ротаи 3-юм, зудтар! зудтар! Аспҳоро аз лаҷомашон доред!" Онҳоро ҳангоми аз Оренбург омаданашон ротаи 16-ум мегуфтанд. Баъде ки ба ҳайъати бригадаи 11-ум ҳамроҳ карданд, ротаашон 3-юм шуд.

Ротаи 3-юм дар пеши полк қарор мегирад. Ин рота дар ин тарафҳо аввалин маротиба ба ҷанги воқеӣ медарояд. Пештар аз онҳо батареяи 2-юм ҷойгир аст. Асбобу олоти ҷангиашон омода. Чернов, ки дар пеши қушун буд, ақибтар омада, бо сардастаи батарея Дудкин дар гуфтугӯ шуд. Вай пештар аспи абргун дошт. Ҳоло дар болои аспи майгуни хатлихиром савор аст. Ин аспро дирӯз ба ӯ Степанов, сардори роҳи оҳан, тақдим кард. Ба ӯ кадом бойи Бухоро ба ивази он, ки барои колояш вагон додааст, тӯҳфа кардааст.

Дар он сӯйи роҳ дарвозаи баҳашамати Қаршӣ бо бурҷу бораю қаровулхона вуҷуд дошт. Ҳоло як тарафи дарвоза каҷ шудаю бурҷу бораҳо лабу -лахт. Аз он ҷо ҳанӯз андак-андак чанги сиёҳтоб баланд мешавад. Аз афташ, шербачаҳо борутро бе баркаш мондаанд. Дарвозаҳои Қаршию Самарқандро соати панҷи пагоҳӣ сарбозони Дудкин тарконданд.

Манучеҳр ба пуштанги аспаш даст бурду ба назараш намуд, ки суст аст; Амони Калтаро дашном дод:

– Пуштанги аспи маро қасдан суст бастӣ?! Хостӣ, ки ғалтида мурам! Э, онаи зората...Аввал худата мекушам! Дар ҷанги ҳаминрӯза напаронамат, номаи Манучеҳр не!

Амонов Амонҳамдеҳаи Манучеҳр аст. Аз рӯйи гуфти худаш, замоне як сол дар мадраса хондааст. Мебинад, ки аз вай мулло намебарояд, мадрасаро мепартояду ба оҳангаре шогирд меистад. Бо ташаббуси Манучеҳр ӯро ба армияи сурх мегиранд. Нигоҳубини аспи Манучеҳру Чернов ба гардани Амон аст. Аспҳои ротаро ҳам ӯ наъл мезанад.

– Сахт карда будам, ака, беҳуда кушодӣ.-Амон аспашро кӯтал карда наздик меояд.

– Ҳой паканаи сволоч! Чанд маротиба гуфтам! - Ман акат не! Ин ҷо хонаи хушдоманат не, ки акаю ука гӯйӣ!-Сержант гӯй! Рафиқ сержант!-Манучеҳр пуштангро кушода, аз нав сахт бастанӣ шуд.

– Сволоч нагӯй, фаҳмидӣ! Сволочгӯя ҳамту наземонам.- Амон ин дафъа суст наомад. Ин дам аз ҷониби чап таркише шуд. (Яқин дарвозаи Мазорро тарконданд) Аспҳо рамидаю худро ба ҳар сӯ заданд. Сиёҳмушкини Манучеҳр, ки лаҷомаш сардода буд, худро ақиб партофт ва озод шуданашро дида, тоб хӯрда, ба шаст ҷониби қабристон гурехт.

– Ҳе, зани падарата...Авлоду асҳобата...-Манучеҳр ба мушт ба пешонии Амон зад, ки паяш сурх шуд.- Биллои азим, дар панҷ дақиқа аспро дошта наовардӣ, аз пешониат мепаронам! -Ва саросема аспи соҳибаш барин пастаки Амонро аз лаҷомаш дошта, дар пеши взвод истод.

– Ака, дашном надеҳ, аспат дур намеравад,-гуфт Амон ва аз ақиби аспи гурехта давид.

– Боз "ака" гуфтӣ?! Эҳ, онаи туро ҳам шабу ҳам саҳар...

Першин, сардастаи ротаи 2-юм, аспашро чорхез занонда назди взвод омад ва ба Манучеҳр пӯписа кард:

– Ин чӣ гап? Хиёнат?!. Коршиканӣ?! Дар чунин лаҳзае, ки ...

Манучеҳр мушоҳида кард, ки гурехтани аспро на танҳо Чернов, балки ҳамаи бригада нигоҳ доранд, аз озору хиҷолатмандӣ ғунча шуда чӣ кор карданашро намедонист.

– Рафиқ лейтенанти калон, нохост гурехт. Амон ӯро дошта меорад.

– Агар аспро баъд аз оғози ҳуҷум орад, ҳардуят ба суди ҳарбии саҳроӣ дода мешавед!- Ту ҳамчун душман паронда мешавӣ!- дӯғ зад Першин. Вай дурбин рафта бо ғазаби бештар афзуд:- Назди бригада ротаи 2-юмро шарманда кардӣ!

– Рафиқ лейтенанти калон, аспи Манучеҳр ба разведка рафт. Вай шахрро нағз медонистааст,-шӯхӣ кард лейтенанти взводи якум Загорский.

Ба Манучеҳр ҳоло шӯхӣ намефорад. Ӯ чашмашро аз асп намеканад. Дар изтироб аст, ки мабодо гирехи нимбастаи пуштанг кушода шаваду зин афтад. Ана баъд шармандагӣ... Асп дар гӯшаи қабристон гашташро суст кард ва пас гашт. Манучеҳр аз ғазаб дандон ба дандон монда аз аспаш дилхунук шуда, ҳарф замираш ба ӯ муроҷиат кард: "Туро гум мекунам! Дигар даркор нестӣ!"

Чернов аз назди батарея ақиб гашта, ба Семёнов, ки ротааш дар пеши қӯшун истодааст, чизе гуфт, полки мусулмониро гузашта, ба назди ротаи 2-юм омад.

сӯйи Манучеҳр нигоҳ накард. Ҷанговарони сафкашидаро аз назар гузаронд. Ин дам аз ҷониби дарвозаи Самарқанд низ садои таркиш баланд шуд. Дар рӯбарӯи он дарвоза гурӯҳи Бондаренко қарор дорад. Чернов фармони "Омода шавед!"-ро додаю интизор истод. Аспҳо ором намегирифтанд. Ба қаҳр сулук мехоиданд. Аз байн ҳафт-ҳашт дақиқа гузашту ёрдамчии Рубенов, лейтенанти холдор Морозов, аспашро тозонда омаду ишораи "шурӯъ кунед!" дод.

– Фармони кӣ?- Чернов қасдан пурсид. Ӯ мехоҳад фаҳмад, ки Фрунзе ба Бухоро омадааст ё не.

– Фармон аз ҷониби Рубенов, -гуфт Морозов.-Ва гӯё мақсади ӯро пай бурда бошад илова кард:-Лекин ҳама кор ба фармону дастури Фрунзе аст. Михаил Василевич дар Самарқанд, дар сари телефон нишастааст.

Чернов ба ишораи итоат сар ҷунбонду аспашро ҷониби батарея тозиёна зад. «Маълум мешавад, ки Фрунзе ба Бухоро наомадааст,-фикр кард ӯ.- Шояд пагоҳ ояд. Баъди он ки шаҳрро пурра гирифтем". Ӯ боз каме истиҳола мекунаду пас аз он ки дуди болои дарвоза бартараф мешавад, ба батарея бо садои мутантан фармони "марш-марш!"-ро медиҳад. Аз ҷониби дарвозаи Самарқанд низ «бо-м! бо-м!»-и тӯпҳо баланд шуданд. Сипас садои раъдосои тӯпҳои дурзан танинандоз гашт. Онҳо аз стансияҳои Когон шаҳрро гулулаборон мекарданд. Гурӯҳи савора низ, ки ба аспҳо савор буданд, фармони "ба пеш-ба пеш!"-ро мегирад. Полкҳо ба роҳ даромаданд. Аз садои суми ҳазорон асп аз замин ғурише бархеста дилатро лабрези изтироб мекунад. Полки тирандозе ки дар ақиб қарор дошт, «Урр-а-а! Урр-а-а!»- гӯён садо бароварда меояд. Чернов ҷилави аспи ба чорхез омадаашро сахт кашида ба резачарпо дошта, ҳамроҳи ротаи 3-юм аз дарвоза даромада, мушоҳида мекунад, ки бурҷу бораҳо пора шудаю ҳар тараф паҳну парешон хобанд. Дар ҷойи ҷуқуршуда аз кӯчое об мерезад. Аз паси чанги роҳ ҳавлиҳои дорои деворҳои баланду болохона ва гачкоришудаи шаҳр намудоранд. Одам надоранд, шояд пеш аз таркиш гурехтаанд? Атроф хомӯшу асроромез аст. Ана он шаҳре, ки дирӯз пурасрору дастнорас менамуд. Дарвозаҳо чунон баланду мустаҳкам буданд, ки пашша пар намезад. Дарвозаи бо тӯпу туфанг кушодаи шаҳр мисли он аст, ки фаранҷии занро ба зӯрӣ аз сараш мегири. Давлати Шӯравӣ ки барқарор шуд, дигар на занҳояшон фаранҷӣ мегиранд, на чунин дарвозаҳо лозиманд. Дастаи Семёнов гашташро тез кард. Онҳо беқароранд. Мехоҳанд, ки зудтар сари аспҳоро сар дода, ба мобайни шаҳр расида, душманро пайдо карда, ба ҷанги тан ба тан дароянду қувваю қудраташонро назди мардуми Бухоро намоиш диҳанд. Чернов ба Семёнов расида мефармояд, ки шитоб накунад. Ва худаш ҳам гашти аспашро суст мекунад. Шаҳр ким-чи хел таҳлукаовар аст. Ҳар қадаре, ки зиёд ба дарунтари шаҳр медароянд, ғулбаи дуд ва хонаҳои оташгирифтаро бештар мебинанд. Ба хотири Чернов омад, ки дирӯз дар ҷамъомад ҷавоне аз гурӯҳи ҷавонбухориҳо "аэропланҳо бисёр биноҳоро тарконданд, масҷидҳоро сӯзонданд",- гуфта ҳаёҳӯй бардошта буд. "Дар ҷанг вайронӣ мешавад, сӯхтор мешавад, одамон мемиранд", ба ин одат кардан даркор, рафиқон ҷавонбухориҳо! Ва дар дил ба ӯ муроҷиат кард: "Амир Олимхон магар Бухорои номдор ва тахту тоҷашро ба шумо ба осонӣ медод? Ҳашт-нӯҳ сол шудааст, ки ягон суханатонро ба инобат намегирифт. Бар болояш аз шаҳр

пеш кардаю хонаю даратонро подшоҳӣ кард. Акнун, ки дар садади қасос кар
доред, то охир бояд онро идома дод. Кори инқилоб буру сӯзу куш аст: ё мекӯ
ё мекушандат. Фақат бо чунин роҳ ба мақсад мерасӣ. Чернов мушоҳида карда
дар ҳавлиҳои боҳашамат оташ забона мезанаду касе онҳоро хомӯш намекун
Ин ҳолат ӯро ба ҳайрат овард. Талоя хабар овард, ки то байни шаҳр нишон
қӯшуни амир нест. Аммо дар атрофи шаҳр, паси девор ҷо- ҷо муҳофизони ш
ба полкҳои тирандоз, ки аз болои девор гузаштанӣ мешаванд, ҳамла мекунан

Ин вақт ду аэропланҳои пеш-пеш рафта «борашон»-ро партофта чобук
пас гаштанд.

Семёнов аспашро дошта аз Чернов пурсид:

– Аскари амир дар куҷост? Кай ҷангро шурӯъ мекунем? Тӯпҳо корро б
мекарданд ҳам, мешуд.Худамон кифоя.

– Рафтани амиру аскараш рост барин,-гуфт Чернов ва Манучеҳрро наз
хонда пурсид.

– Манучеҳр, Бухоро шаҳри калону кӯчаҳояш беҳад танг. Як асп базӯр
гардад.-Ягон асрор дорад?

– Абатта, дорад,-Манучеҳр аз он ки сардори бригада гурехтани аспашро
дил нагирифта бо ӯ сухан мекунад, хурсанд мешавад. - Ин ҷо қасдан кӯчаҳ
танг мекардаанд, ки душман гала шуда тохтан натавонад.

– Офарин, баакҷлона!- ба завқ меояд Семёнов.

– Лекин кӯчае, ки мо меравем, васеъ,-гуфт Чернов ба атроф зеҳн мон
Манучеҳр забон мехояд. Муҳаммадшариф ба сӯҳбат ҳамроҳ мешавад.

– Дар солҳои охир ин кӯчаро бо фармони консули Русия васеъ карда
гуфт ӯ ва ба оҳанги илтиҷо пурсид.:

– Александр-ака, намешавад гӯед, ки аэропланҳоро баргардонанд? Ша
зеборо валангор накунанд. Гӯед, ки аскари амир ҳам дигар маълум нашуд

– Фармони ҳуҷум кунед ё накунедро сардори ҷабҳа медиҳад.-Чернов
Муҳаммадшариф чашм давонда, аз дилаш гузаронд, ки бо бомбаҳо задани
хоро ба таҳҷоиҳо маъқул нест. Ва ин маълум: пайвандонашон ин ҷо мехон
Ягон-ягон тамошо меомаданд. Ва шаҳр ҳам зебо будааст...

– Сардори ҷабҳа дар Самарқанд шиштааст. Аз куҷо медонад, ин ҷо
аҳвол дорад.

– Дар вақти ҷанг ҳар кас кори фармударо мекунад,-гуфт ба сахтӣ Чер
Минбаъд ту ба ҳар коре, ки намедонӣ, ҳамроҳ нашав!

– Хуб,- Муҳаммадшариф онсӯтар рафта ғурумбид.—Шуморо ҳам, ки р
кофириатон боло гирифт, дар гӯшатон гап намефорад.

Ана дар ҷониби шимоли шаҳр боз аэроплане «бораш»-ро партофт. Ба
зари Чернов намуд, ки "бор" дар офтоб як шунаъ доду мисле ки бисёр ох
мефарояд. Дар тарафи чап аэроплане пулемёташро ба кор медарорад. Х
аэропланҳои зиёд дар болои шаҳр парвоз доранд. Гоҳ ба шаст паст мешав
гоҳ баланд мехезанд. Гоҳ паст мешаванд, гоҳ баланд. Як худи садоящон
думро ба ваҳм меандозад, чи расад бо бомбапартоӣ. Батарея низ ба ши
тирпарронӣ дорад. Бахусус аз ҷониби тӯпҳои дурзан садо ором намешавад. О
аз ду ҷониб аз стансияҳои Когону Марғак шаҳрро мезананд. Мисле ки якер

нафар аз ду паҳлӯ муштқӯб мекунанд. Поезди зирехпӯш, автомобилҳои ҳарбӣ низ дар авҷи кор, ронандаҳояшон Богдану Василчук. Рубенов дирӯз дар ҷамъомад ба онҳо ҳушдор дод, ки муваффақияти кори мо ба шумо бисёр вобаста аст. Тиру гулулаҳоро аз Когон онҳо мерасонанд. Фармудаи ситод «ба болои шаҳр «Тӯфони садою тиру дуду оташ»ро фароҳам ored,» ичро шудааст. Ҳангоме ки аз назди бинои «Ширкати Пахта» убур мекунанд, яке аз муҳофизон бо тарафи рост ишора мекунад. Ва Чернов мебинад, ки сарбозҳои полкҳои атроф аз роҳҳои байни девор мегузаранд. Ҷое аз болои девор тирпаронӣ карда, бо муҳофизон даст ба гиребон шуда, ғалтидаю хеста мефуроянд. Чунон саросемаанд, ки гӯё аз тақсимот дер мондаанд. Дар назди дарвозае, ки аз дур намоён аст, пулемиётҳо ба шиддат тирпаронӣ доранд. Дар ду тарафи дарвоза муҳофизон худро паноҳ гирифта истодаанд. Бо белу шохаю калтакҳои дароз, камондорҳо ҳам ҳастанд. Бубин, чи гуна мардона истодаанд. Чернов бори дигар эътимод ҳосил мекунад, Климов ҳақ аст вақте гуфт, ки сарбозҳояш рӯзи аввал хуб ҷанг карданд. Ӯро аз роҳбарии гурӯҳ гирифтан лозим набуд. Ба фикри Чернов меояд, ки аз афташ ба полкҳои атроф фармон шуд, ки тадбире кардаю деворро гузашта, ба шаҳр ҳуҷум кунанд. Аммо девор ба назар мисли кӯҳи баланди мағрур менамояд. Қаҳрамонест мағлуб нашаванда. Аробакашҳои аз роҳи мобайнаш убуркунанда аспҳоро чунон метозонанд, ки гумон мекуни ҳозир аспу аробааш чапа шуда меравад. Фурсате мегузараду ҳама аз тори девор поин мешаванд. Яқин ба шаҳр даромадани аскари русро дида, хавотир шуда фуромаданд. Ҷанги тан ба тан дар кучаҳо авҷ мегирад. Инҳо таҳҷоиҳое мебошанд, ки ба ҳимояи хонаю дарашон хестаанд. Гумон доранд, кофирҳо ба хонаҳои мардум даромада, ба номуси занҳо таҷовуз мекунанд. Муллоҳо дар Фарғонаю Самарқанд ва дигар шаҳрҳои атроф чунин овоза паҳн кардаанд. Яқин дар ин ҷо низ чунин андешаҳои ботил баён шудааст. Баъзан сарбозҳои худашон низ сарашонро бо рӯймол бастаанд. Ин полки мусулмонист, тахмин мекунад Чернов ва вуҷудашро ҳисси норозигии номаҳфуме лабрез мекунад. Фикр мекунад, ки мардуми Бухоро беҳуда зиддият мекунанд. Алҳол ними армияи Русия ин ҷост. Шумо метавонед бо белу шохаҳоятон ба он муқобил истед? Аз дилаш гузаронд, ки ба гурӯҳи худаш бояд таъкид кунад, ки ҳар чи қадар мушкил бошад ҳам, ба мардум муносибати хуб кунанд. Зинҳор ба ҳавлиҳо надароянд. Вале дар ин ҳолатҳо кӣ киро гӯш мекунад? Баъзеҳо асосан барои дуздию ғоратгарӣ ба ҷанг омадаанд. Онҳоро дар пешониашон камон мони ҳам боз корашонро мекунанд. Хусусан дастаҳое, ки дар рӯзҳои охир оварданд. Маълум нест, ки онҳоро аз кучо овардаанд. Ба истиснои сардастаҳо ҳама пастакҳои чашмтангу кӯсаришу муттаҳамнусха...

Дар ин асно садои тра-та-та-и пулемиёт аз наздик шунида шуд ва дар пеши қӯшун бетартибию талотӯб сар зад. Аспҳо бо соҳибонашон калапо мешаванд. Як гурӯҳ сарворахо аспҳоро давонда ба кӯчаи дигар мегузаранд, ки аз пас ҳуҷум кунанд. Яке аз муҳофизон дартоз омада ба Чернов нуқтаеро, ки пулемиёт ҷойгир аст, нишон дод. Ду нафар муҳофизону сардастаҳо ҳамроҳи Чернов ба таги тути сершохе, ки дар паси он бинои масҷидшакл воқеъ аст, баромаданд. Чернов аввал аспи сиёҳи гарданаш хунчаконро дид, ки ба соҳибаш тан намедод ва ба деворҳои ду тарафи кӯча бархӯрдаю давида пеш мерафт. Соҳибаш чобуксаворе,

аз афташ, аз ротаи Семёнов аст. Пас як гурӯҳ одамонро дар болои боми пас дид, ки гирумон доранд. Пулемётҳо як хомӯш шудаю пас аз андаке боз фаъ шуданд.

– Инҳо аз куҷо пайдо шудаанд?- Чаро талоя бехабар мондааст?- пурси Чернов. –Чаро моро касе огоҳ накард?!

Касе ҷавоб надод.Аз тарафи қӯшун биноро зери борони тир гирифтан Вале пулемёт аз парондан боз намеистод. Ин дам Чернов дид, ки Манучеҳр а паси хона аспашро тозонда меояд. Аз паси Манучеҳр сарбозе асп меронад. Ва Амонов Амон аст. Боз чор-панҷ нафар намудор мешаванд. Загорский низ да байни онҳост. Аз ҳама пас Семёнов, ҳамроҳаш сержант Михайлов сарбоз Тар ев Тимофей меоянд. Манучеҳр аспашро ба бом ҷафс карда сабук худро боло он мегирад. Одамони болои бом пароканда мешаванд. Байни Манучеҳр ва я занозанӣ мешавад. Ҷавони тануманди сарлуч дар даст чӯб аз ақиб Манучеҳр заданӣ мешавад. Манучеҳр давр гаштаю тез-тез қамчин андохта, ӯро назд омадан наменонад. Загорский назди бом омада, ҷавони дар даст чӯбдошта мепаронад. Ду нафар худро ба ҳавлӣ мепартоянд. Манучеҳр ҳам аз паси он нопадид мешавад. Загорский болои бом баромада, аз туфангча парон-пар карда аз паси онҳо фуромад.

Чернов фармуд, ки хонаро муҳосира кунанд. Чун наздиктар омаданд, я аз муҳофизон хабар дод, ки аз тири пулемёт панҷ нафар мурдаю нӯҳ нафа ярадор шудаанд. Чор мурда аз ротаи 3-юм.

– Ҳамааш ба айби талоя,-мегӯяд Чернов ба ғазаб. –Онҳоро саёҳат фир стодаем? Бояд медиданд!

– Ҷойи онҳоро аз роҳ дидан намешавад,-гуфт Муҳаммадшариф.- Бом а тарафи кӯча девор дорад. Як нафари пулемиётчиро Манучеҳр парондаст боқӣ се нафар гурехтаанд.

Сарбозҳо чанд нафари дар кӯчаву бомҳои атроф пайдошударо бо шоф з даю паронда куштанд ва қӯшун роҳро идома дод. Баъдтар хабар оварданд, к боз ду нафар ярадор вафот карданд.

"Ҳафт нафар мурда!-Чернов аз ғазаб дандон ба дандон монд: -Хуб ка данд, ки аэропланҳоро оварданд. Ин салладоракҳои назарногирро бо дига роҳ тарсонда намешавад. Каллаи Фрунзе кор мекунад. Инҳоро нағз медонад!

Лейтенанти холдор Марозов хабар овард, ки Низомидинхоҷаи қушбегӣ б аскараш вориди шаҳр шудааст. Навкарҳои парешони амирро ҷамъ овардаас ихтиёриёну муллобачаҳои бисёре дар қӯшунаш будаанд.

– Акнун бедор шудед?!- оташин шуд Чернов.-Бояд дирӯз инро аниқ мекарде

Марозов хомӯш истоданро авло донист. Дақиқае пас Загорскйи низ и хабарро овард.

– Имрӯз қушбегӣ Низомиддинхоҷаю Абдуҷалоли тӯпчибошӣ бо қӯшун калон ба ҷанг медаромадаанд.

– Кӣ мегӯяд? Аз куҷо фаҳмидӣ?

– Ба хонаҳое, ки даромадем, одамонашон ба Манучеҳр ин хабарро р сониданд. Гуфтанд, ки ана-мана нагуфта Низомиддинхоҷа бо аскараш б шаҳр медарояд. Чанд нафар туксиҳбою додхоҳҳо (полковнику генералҳо) б

Низомиддинхоҷа маслиҳат кардаанд, ки агар амири тарсу гурезад ҳам, онҳо то охирин қатраи хун Бухорои шарифро ҳимоя мекунанд. Қисме аз армияро ҳам ба тарафи худ гардондаанд. Низомиддин қасам хӯрдааст, ки то уруса аз Бухоро набарорад, аз асп намефуромадааст.

Ба хотири Чернов суханони дирӯз дар ситод гуфтаи Рубенов меоянд: «Ба ғайр аз амир дигар қувваҳо ҳам ҳастанд.» Яқин қушбегиро дар назар доштааст. Лекин чаро рӯирост нагуфт. Ё он вақт аниқ намедонист, воҳима кардан нахост.

– Ҷанг шавад, хуб аст, -Семёнов нигоҳашро аз Чернов намеканад. –Ман то ҳол худамро мисли марде, ки ба ҳашар даъват кардаанду пас аз анҷоми кор омадам, ҳис мекунам. Ҷанг бошад, ки дар он задухӯрд кунӣ, хун резӣ,хунат резад, он гоҳ ба шаҳр дорӯ ва ҳарчи дилат хоҳад, бикунӣ орзушикан мешавӣ.

Чернов ба рӯйи дурушту сергӯшти Семёнов зеҳн монда, тамасхур кард. Аз дилаш гузаронд, ки суханони Першин «Казак то хун нарезад, то чизу чора ғун накунад, дилаш қарор намегирад» ростанд.

Ин дам Муҳаммадшариф асп тозонда омад.

– Одамоне, ки ҷониби қӯшуни мо аз пулемёт паронданд, ҷадидҳо будаанд,- хабар дод ӯ. -Пулемётчиҳо русҳо.

– Кӣ гуфт? Ҷадидҳо тарафи мо нестанд?-пурсид Чернов.

– Кӣ медонад, онҳо тарафи кӣ?-Муҳаммадшариф аспашро ба зӯрӣ медорад.- Дирӯз дар ситод ҷавоне даромада гуфт, ки минбаъд ба Бухоро аэропланҳоро надароред, ҳамаро вайрон кардаанд. Мебинад, ки суханашро гӯш намекунанд, ба ин аҳмақӣ даст мезанад. Ба хонае даромадему марде ин хабарро расонд.

– Даҳ нафар рафтеду ӯҳда накардед, ки ӯро доред!

– Ба тамоми ҳавлиҳои он атроф даромадем,-гуфт Муҳаммадшариф.- Бачаҳо ҳатто чағораҳояшонро кофтанд.

– Тарконед хонаро?-фармон дод Чернов. - Соҳибхонаро маҷбур кунед дар кӯчо буданашро гӯяд.

– Семёнови ҷиннӣ ду нафарро бо шоф зада кушт. Хуб, ки Манучеҳр дошташ, -гуфт: Муҳаммадшариф.

Чернов боз ҳам дар оҳанги сухани ҷилавдораш ғазаб ҳис карда гап назад.

Ҳангоме ки қӯшун бозори начандон калонеро гузашта, ба назди бинои зебои Ширкат Баракат, ки як тарафаш аз таркиш зарар дидааст, расид, талоя хабар расонд, ки қӯшуни чорҳазораи Низомиддин аз дарвозаи Ҳоҷатбарор ворид шуд.

– Хуб шудааст, мо онҳоро пешвоз мегирем,- гуфт Чернов. Ва аз дилаш гузашт, ки агар гурӯҳи Бондаренко ҳам расад, чор ҳазору панҷ ҳазор назди қувваи онҳо ҳеҷ аст.

Дар паҳлӯи чапи роҳ масҷиди навпӯшида намудор аст. Токи осмонранг ва равоқҳои баланд дорад. Дар тарафи рост ҳам масҷиди нимпӯш.

– Ин мардум худашон лучу гурусна мегарданду масҷидпӯшиашон дар авҷ,- ғур-ғур кард Муҳаммадшариф.

– Инҳо мардуми Бухоро?-пурсид Чернов мардуми дар саҳни масҷид сафоростаро нишон дода.

– Бухороиҳо камтар, инҳо бештар муллобачаҳои аз ҳар тараф омадаю муздурҳоянд. Муздурҳо аз деҳаҳои атрофи Бухоро ва кӯҳистон коркобӣ мео-

янд. -Ва бо оҳанги накӯҳиш илова кард: -Мебинанд, ки бомба масҷидро ҳ
рӯи хотир накарда, лабу лахт мекунад, аммо боз ҳам умедашонро накан
масҷидро хонаи Худо мепиндоранд ва ҳар ҷо масҷиде бинанд, худро ба дохи
он мезананд. Мисле ки гӯсфанд худро ба оғил мезанад.

– Рост, инҳоро бо масҷид тилисм кардаю калидашро дар дарёи Ҷайҳун па
тофтаанд.- Чернов сари аспашро дошта, пурсид:-Низомиддинхоҷа бо дасту
амир даромада бошад?

– Не, амир "қочмаган номард" гуфта, гурехт. Низомиддин як мӯйсафе
аҳмақ аст. Душмани ҷони ҷавонбухориҳо. Дидааст, ки Бухоро бесоҳиб, ҳаво
амиршавиаш ҷӯшидаасту навкарҳои парешон ва муздуру муллобачаҳоро ҷа
карда, ба тавраш «чиҳод» эълон кардааст. Гумон дорад, ки армияи сурха з
данаш осон аст.

– Ҷавонҳоро беҳуда нобуд мекунанд,- Чернов ба таассуф сар ҷунбонид. Як
соат мегузараду ҷанг ба қиём мерасад. Лашкари Низомиддин ним аз сӯйи кӯчаи
Қӯрхона, ним аз кӯчаи Говкушон намоён шуда, ба тирпаронӣ шурӯъ мекунанд.
Чернов ротаи дуюмро мефармояд, ки аз ақиб тоб хӯрда, аз паҳлӯ ба ҳуҷум га-
зарад. Бригадаи худаш рӯбарӯ меравад. Назди ротаи 3-юм рафт, ки Семёнов ба
ҷанговаронаш амр медод."Ба парон-парон нигоҳ карда намешинем. Бо аввалин
фурсат аз рӯбарӯ ба ҳуҷум мегузарем. Ба душман ҳамроҳ шуда, майдондории
армияи сурхро нишон медиҳем". Вале ҷанг шурӯъ мешаваду дарҳол шароити
якҷоя шудану майдондориро нишон додан даст намедиҳад. Лашкари Низомиддин
ҳам бо пулемёту пушкаҳо ба ҷанг медарояд. Вале снаряддҳояшон, чун дар ағбаи
Китоб, дар наздашон афтидаю наметаркиданд, дар ду рӯзи аввали ҷанги Бухоро
натаркиданд, ҳоло ҳам аз онҳо заррае зарар намерасад. Лекин пулемётҳояшон
ба ҳадаф мерасид. Ин ҳолат ду-се дақиқа давом карду бас. Аз паҳлӯ ротаи дуюм
зада даромад. Фурсате нагузашта аз гурӯҳи Бондаренко бригадаи 4-уми савора
омаду ҷанги тан ба тан шурӯъ шуд. Ҷанге, ки Семёнов мехост.

Нисфи армияи Низомиддин аз ҳисоби раҳакию бозоракиҳо буданашон
дарҳол ба чашм мерасид. Хусусан муллобачаҳо, ки онҳоро аз ҳуҷраҳои мадрасаҳо
пеш-пеш карда овардаанд, билкул ба дард намехӯрданд. Рафторашонро дида,
ҳам хандаат меояд, ҳам ба ҷавониашон дилат месӯзад. Баъзеашон аспро ба тарсу
ларз идора мекарданд, бехабар аз он, ки камон ё шамшере, ки пагоҳӣ ба дасташ
қапонда буданд, кайҳо афтидааст. Баъзеҳо ба ҳавои дави асп, даст бардошта
"ҳо-о-о-й-й-й" мегӯянд. Мисле ки асптозониро намоиш медоданд. Дар чунин
ҳолат ба шамшери хандон гардан ё рӯйи кӯдаконааш карамвор бурида мешавад.
Баъзе казакҳои дар ҷанг обутобёфта чунон шамшер мезананд, ки гардан бозӣ
кардани тани бесарро мебинӣ. Лекин навкарҳо, хусусан онҳо, ки аз ҷониби кӯчаи
Қӯрхона омадаанд, хуб истодагарӣ мекунанд. Ҳарчанд зарби шамшер хӯранд
ҳам, тан надодаю бо сарбозони дастаи Семёнов мардона сарбасар мешаванд.
ҳам худашон меафтанд, ҳам ягон-ягон ин ҷонибро зада меафтонанд. Ин лаҳза
Чернов ба худ як кашфиёт ҳам кард. Ҳангоме ки навкарҳо ба майдон дохил
мешаванд, дар чеҳраашон равшанӣ ва ҷазбият ҳувайдост. Чун мебинанд, ки
ҳамроҳонашон ҷангро намедонанд, силоҳ надоранд, баъзеҳо камон дошта бо-
шанд ҳам, парондан наметавонанд: "ошно, инро чӣ гуна фус мекунӣ?" - гуфта

мепурсанд, ҷойи рӯҳбаландиро ноумедию алам фаро мегирад. Аммо ҷанговарони худаш ҳолати муштзанеро доранд, ки дар майдони мусобиқа сустии ҳарифро пай бурда, бо ҷаҳду шитоби бештар ҳуҷум мекунад. Бахусус дастаи Семёнов. Онҳо, ки кайҳо боз ташнаи ҷанг ҳастанд, ҳоло бо ҷӯшу хурӯш сафдороиҳо мекарданд. Онҳо дар ҷониби чапи майдон як дастаи калони салладорҳоро, ки дар байнашон чобуксаворони хуб низ ҳастанд, зада парешон карданд. Аллакай дар таги пойи аспҳо мурда бисёр буд. Нигоҳи Чернов ба сарбози шиносе афтид, ки бо салладори таҳамтане шамшерандозӣ карда, то наздикии Чернов омаданд. Сарбозро шинохт: собиқ ҳамяроқаш Тараев Тимофей аст. Чернов ба гирумони Тараев зеҳн монда, дилпур шуд, ки бартарӣ аз ӯст. Ҳангоме ки онҳо афту дарафт кардаю аз саҳн ба роҳрав гузаштанд, Тараев, мисле ки дилтанг шуда бошад, шамшерро тез-тез ҳаракат дода, бо як чолокии ҳайратовар онро ба шиками ҳариф зад, ки хунаш фаворра зада, аз ду тарафи зин нишеб шуд Ҳариф яктараф кашол шуда, шамшер аз дасташ афтид, бо ҳарду даст шикамашро дошта, аз болои асп ба замин зад. Марди дар сараш рӯймолбастае ба сӯйи Тараев ҳуҷум кард. Аммо Тараев ӯро низ яродор кард. Душман параи сарашро, ки нӯги шамшер расида буд, дошта, сари аспашро гардонда гурехт.

"Офарин!"- Чернов ҳавасаш омад ва аспашро маҳмез зада ба дарунтари майдон даромад. Дар назди ҳавз сержант Манучеҳр Мирзоев бо марди навчаи биникалоне ба ҳам дарафтодаанд. Аспҳояшон гоҳ ба сари якдигар хез мезананд, гоҳ сикандарӣ хӯрдаю боз сари по мешаванд. Онҳо ба чунин равиш ҳамдигарро задаю кӯфта ба кӯчаи танги он сӯйи ҳавз даромаданд. Чернов дар рӯбарӯяш навкарҳои нимтанаи туркипӯшро дид, ки қаҳрамонӣ доранд. Мисле ки дар бузкашиҳояшон гала шуда, улоқро мегиранд, дар як нафас панҷ сарбози ротаи 3-юмро гирд карда, зада афтонданд. Дар хотири Чернов ҷанги як салладори чеҳрасурх ва ҷанговари худашон аз ротаи мусулмонон, марди шикамдори нуғайнусха, ки насабаш Тӯрақулов ё Шӯрақулов буд, нақш бастааст. Онҳо аз гӯшаи майдон ҳамдигарро задаю дашном дода, то лаби ҳавз омаданд. Гоҳ ба қамчин, гоҳе ба мушт ба сару рӯйи ҳамдигар мезаданд. Аспҳояшон, ки аз ҳам дур мешуданд, соҳибон зуд онҳоро тоб дода, боз ҳамдигарро қамчинкорӣ мекарданд. Ва бештар қамчин ба сари аспҳо мезад. Аспҳо бо чашмони аз даҳшат калоншуда чароғак мешаванд, якдигарро аз дасту гардан мегазанд. Сари тоси Тӯрақулов хунолуд аст. Рӯяш ҳам сурх шуда хестаю хун чорист. Хуб қамчин хӯрдааст. Дар ҷӯши ҷанг пойи аспи Турақулов ба лаби ҳавз расида ақибсуна каме хам шуд, ки салладор аз соқи мӯзааш корди дудамаро гирифта наздик шуд ва ба зарба ба банди дилаш заду ба гардани аспаш хам шуда бо чолокии фавқулъода ҳардуро ба ҳавз тела дод.

Чернов туфангчаашро кашида саросема сари аспашро ба ҳамон тараф гардонд. Ҳанӯз ба салладор нарасида буд, ки аз пешаш Семёнов бо марди худаш барин тануманду ришдароз занозанӣ карда гузаштанд. Гардани аспи сафеди Семёнов хунолуд ва ҳаракатҳояш суст аст. Яқин, шамшер расидааст. Ҳарифаш марди ҷангҷӯй менамояд. Чернов наздик шуда, туфангчаашро ба рӯйи ришдор дошт. Ришдор тарафаш рост шудани пистолетро дида, ҳайрон ба Чернов нигарист. Гӯё мегуфт, ки чаро ба ҷанги мо ҳамроҳ мешавӣ? Тапонча оташ гирифту

ришдор синаи сурхшудаашро дошта, бо овози шунаво «Лои-ло-ҳа Ила-ло-ҳу Муҳаммаду расулулоҳ,» гуфта оҳиста ба замин нишеб шуд. Семёнов лаҷоми аспи ришдорро гирифту ҳамоно сар дод, зеро дид, ки ду нафар ба Чернов ҳуҷум мекунанд. Ӯ Муҳаммадшарифро ҳам дид, ки аспашро ҷавлон дода, пеш якеро медорад. Ин дам ҷанговарони взводи Манучеҳр ҳам расида, навкарҳоро гирд карда ҳардуро ба шоф зада афтонданд. Чернов, ки дар таҳлуқаи марг монда буд, сабукӣ ҳис карда, ба баландии назди ҳавз баромад; Дар атрофи ҳавз сартарошхонаҳо, самоворхонаҳо, дуконҳои қаннодию гуштфурӯшӣ - ҳама лабу лахт шудаанд. Дар самоворхонае, ки назди масҷид буд, ду самовар, ки дар офтоб ҷило медиҳанд, чапа шуда хобанд. Яқин инҷо бомба партофтаанд.

Дар атрофи вайронаҳо ва ҳавз мурдаю захмиҳо ба ҳар тариқа афтидаю хобанд. Саллаҳои бесар ҳар ҳар ҷо афтидаанд. Аз ҷониби худашон ҳам мурдаҳо ҳастанд. Оби ҳавз аз хун сурх шудааст. Ҷое мурдаҳои даруни ҳавз намоён. Он ҷо ду асп ҳам ҳаст. Яке дар даруни об. Гоҳе сараш намоён мешавад. Дигаре тӯруки пешониаш холи сафеддор ду дасташро берун аз об мондаю танаш меларзад. Дар чашмони калон кушодааш осори оҷизи ва андӯҳ ҳувайдост. Сағриаш аз зарби шамшер хунравон. Чернов ба майдони корзор зеҳн мемонад ва мушоҳида мекунад, ки навкарҳо камтар ба назар мерасанд. Онҳо ба ҳар баҳона худро ақиб мекашанд. Ҷавонҳои ҷангнадидаи сода бошанд, мисли парвона, ки худро ба чароғ мезанад, ҳамчунон аз дами тиру шамшери сарбозони кордида беҳуда нобуд мешаванд. Ақаллан ақли гурехтан надоранд. Ин дам Амони Калтаро дид, ки тӯруқи даруни ҳавзро, ки аз сағриаш хун равон буд, кашида баровардааст. Хандааш омад: «Ин Калта дар масъалаи аспдорӣ устухон надорад. Мегӯи забонаша медонад. Ҷониби рости майдон асп монда, чашмаш ба салладори рӯсурхи Туракуловро задаю ба ҳавз ҳаводода афтид, ки бо ҷанговаре аз ротаи якум занозанӣ карда, ба ӯ зӯрӣ дорад: "Ин аблаҳ аз худ рафтааст!" Аспро ба ҳамон тараф гардонда тозиёна зад. Ва дид, ки салладор ба сарбози ришдори ротаи сарҳадӣ рӯбарӯ омаду якбора бо шаст аспашро ба пас гардонда, ба кӯчаи паси ҳавз даромада рафт. Ин вақт садои ҳой-ҳой ва ура-а! ур-а! баромад ва аз гурӯҳи Бондаренко бригадаи 4-уми аз Красноводск омада ба саҳн ворид шуд. Худи Бондаренко ҳам он ҷост. Ҳоли аскари Низомиддин, ки бад буд, боз бадтар шуд. Дар андак муддат саҳни майдону роҳравҳо ва даруни ҳавз пур аз мурда гашт. Ин дам кадоме "ақиб гардед! Ҳама ба ақиб!»- гуфта фармон медиҳад. Қисме ақиб гаштаю боқӣ ба кӯчаҳои атроф парешон шуда мераванд. Як гурӯҳ навкарҳоро то назди дарвозаи канори шаҳр пеш мекунанд. Чернов аз гӯшаи рости майдон ба пас бармегардад. Таъкиди дирӯзаи Файзуллоҳ Хоҷа, ки дар ҷамъомади штаб гуфт, ки «қӯшун майдони Регистонро давр зада гузарад», ба хотираш меояд ва ғоибона ба ӯ муроҷиат мекунад: «Рафиқ амири ояндаи Бухоро. майдони Регистонро бухороиҳои худатон ҷойи ҷанг интихоб карданд.» Рӯз ним нашуда ҷанг тамом шуд. Аммо аэропланҳо ҳамчунон парвоз мекарданд. Тӯпҳо ҳам дар айни кор. Як даста ҷанговарон аз роҳи тарафи чап омада, ба майдон медароянд ва «Ғалаба! Ғалаба аз мо!» мегӯянд. Боз дастаи калонтаре аз ҷониби кӯчаи Лаби Рӯд меояд. «Инҳо полкҳои тирандозӣ!» пай мебарад Чернов. Ва мебинад, ки аз роҳи поини ҳавз таҳҷоиҳо гурӯҳ-гурӯҳ хару бору зану фарзанд

ҳамроҳашон аз шаҳр мераванд. Фурсате мегузараду аз роҳи кӯчаи Баракат як гурӯҳ савораҳои олуфтаи худашон намудор мешаванд. Пеш-пеш марде савори саманди бодпо меояд. Маълум, ки дар штаби ҷабҳа кор мекардагиҳоянд. Онҳо ба майдон наомада, ҷониби Арк мераванд. Аз афташ, мехоҳанд бинанд, ки Арк дар чи ҳол аст? Онҳо Бондаренкоро низ ҳамроҳ гирифтанд. Чернов дар байнашон комиссари дивизияи Шестакро шинохт. Аммо Шестак бо нафаре аз дари Арк ақиб гашта ба роҳи омадаашон аспҳоро лики дода рафтанд.

Баъдтар маълум мешавад, ки чобуксавор Рубенов будааст. Яқин хабари «Бухорои шариф бо дувоздаҳ дарвозааш дар дасти мо»- ро ба Фрунзе расонд. Лекин аз масъалаи гурехтани амир чӣ мегӯяд? «То омадани мо гурехтааст,» -гуфта ҷонашро халос мекунад. Аммо Фрунзе ҳам дирӯз шунида буд, ки амиру аскараш аз шаҳр рафтаанд. Албатта баъди ҷамъомади дирӯза Рубенов аҳволро фаҳмонда буд. Лекин Фрунзе пеши ҳучумро нагирифт. Ин тоифаи монданам барои худнамоишдиҳи шаҳрҳоро несту нобуд мекунанду мижаашон хам намехӯрад. Чернов худро нодид вонамуд карда, рӯяшро мегардонад. Ҳаваси ба онҳо ҳамроҳ шудан надорад. Мехоҳад мурдаҳоро зудтар аз саҳн яктараф кунанд. Ин дам дар байни сарбозони полки тирандозӣ марди ҳайкалдори дар роҳи Когон, дар анбори озуқа вохӯрдаро мебинад. Дирӯз ба ҳадде маст буд, ки сар аз по намешинохт. Ӯро Фрунзе гумон карда "рафиқ сардори ҷабҳа, девори Бухоро мисли тилисм аст." мегуфту ноумед барин менамуд. Ҳоло аз ҳама баланд фарёд задаю "Ғалаба аз мо! Аз мо-о!" мегуфт.

– Ту дирӯз ба ғалаба бовар надоштӣ,-Чернов аспашро рӯбарӯи мард нигаҳ дошт.

Мард ҳам Черновро шинохт ва заррае тағйир наёфта гуфт:

– Рафиқ сардор, бе бригадаи шумо ғалаба намешуд. -Ва қаҳ-қаҳ хандид.

Бӯй борут, болорҳои нимпӯсида, бӯйи хонаҳои оташгирифта фазоро пур карда буд. Бисёриҳо месулфиданд ва мегуфтанд: ин бомбаҳошон ягон бало доранд. Вагарна дар дигар ҷойҳо бӯяш ин қадар гулусӯз намешуд.

Аз баъзе мурдаҳо аллакай бӯи бад меояд. Дар байни майдон бештар мурдаҳои муллобачаҳо, ки шамшербуршон кардаанд. Баъзеро шамшер аз болои бинию гӯш гузаштааст, баъзе чакаи сараш буридаю дар таги сараш хун қул шуда истодааст. Баъзеҳоро, ки ҳанӯз ҷон доранд, рафиқонашон бардошта мебаранд. Дар майдон аспони мурдаю нимҷон ҳам бисёр. Баъзешон худро ғунча кардаю як-як по мезананд. Аспи калонҷуссаи сафеде, ки гирдаи сабз дорад, дар лаби роҳ афтидаю баданаш дарақ-дарақ меларзад. Гарданашро аз шиддати дард ҳар гоҳ сахт мечунбонад. Даҳонаш кушода, дандонҳои зардаш намоён аст. Чернов нав ҳис кард, ки куртааш аз арақ тар шудааст. Ҳамроҳонаш ҳам чунин ҳолро доранд. Ӯ аз паҳлӯи аспе, ки ароба ба болояш афтода- аст, гузашта, фикр кард, вақте ки дар дигар шаҳрҳо ғалаба мекарданд, хурсанд мешуд, Ин ҷо ин хел не, дилаш сиёҳу ғашнок...

Муҳаммадшариф баробараш омада, чизе гуфт, аммо ӯ нашунид. Вале аз овозаш пай бурд, ки ӯ низ аз чизе норизост. Ин лаҳза дар пеши пои аспаш мурдаи сарбоз Тараев Тимофейро дид, ки руболо хоб аст. Дар гардан ва атрофи лабону чашмони кушодааш пашшаҳои сиёҳу сабзранг нишастаанд. Аз асп

фуромада, сарашро бардошт; дар рӯйи шикамаш ду захм аст. Маълум, ки бо корд задаанд. Шабе, ки дар ағбаи Китоб вохӯрданд, чӣ қадар меҳрубон бу Пурсид, кай вақтат мешавад аз ҷангҳои дар Уфа кардаамон ёд кунем? Черно гуфт: Бухороро, ки аз амир озод кардем, баҳузур суҳбат мекунем. Ва имрӯз мардона ҷангиданашро дид. Орзуи ҳамроҳ сӯҳбат карданро ба хок бурд.

Овозҳои «ғалаба аз мо!» зиёд мешаванд. Инҳо гурӯҳҳое мебошанд, ки аз атрофи шаҳр омада ба майдон ворид шудаанду ҷангро надидаанд. Баъзе кар гастинатон мурдаҳоро кову чов доранд. Ногоҳ ба гӯши Чернов овози гир мерасад. Мебинад, ки одамони шаҳрро тарк мекарда зиёд шудаанд. Аз кӯчаҳо Баракат, Лаби Рӯд, Қӯрхона гурӯҳ-гурӯҳ мераванд. Занҳо бастаҳо дар даст баъз фаранчӣ доранд, баъзе сарандоз. Ҷавонзанеро сарандоз ба китфаш ҷеҷидааст. ӯ ба як даст кӯдаки бағалашро доштааст, ба дасти дигар се-чор халтаю бастаҳо бардоштааст. Як писараки тахмин чорсола доманашро дошта, шеван карда м равад. Аз андоми зан маълум, ки дар шикамаш ҳам кӯдак дорад. Аз миён бало кӯдаке, ки шеван мекунад, урён, дар гарданаш ду тӯмор овезон. Духтарчаи а пас меомада ҳам (дасташ ба дасти писараке) тӯмор дорад, фиси духтарча б лабаш омада кашол аст. Ва писараки сарлучи аз пас намудор шуда ҳам... В мушоҳида мекунад, ки аксари кӯдакҳо тӯмору бозубанд,баъзеҳо кокул доран Кокул нишони назр ба мазоре. Вақташ ояд, ба он мазор гӯсфанд бурда ҳ карда, кокулбурон мекунанд. Бозубанди тумор бошад соҳибашро аз балоҳ заминиву самовӣ муҳофизат мекунад. Ба Загорскӣ гуфтан лозим, ки дар лаф тари «Ривоятҳои халқӣ»- аш маънию мазмуни тӯмору бозубандҳоро нависа

Фирориён ҳар тоифаанд: баъзеҳо уштур доранд, баъзеҳо борашонро дар ҳ ё асп бор кардаанд, баъзеҳо гов, баъзеҳо бузашонро ба зӯрӣ кашида мебаран Нафақат занҳо, балки баъзе мардҳо ҳам бе овоз гиря доранд. Ва аксар месӯ фанд. Шояд аз ҳамин дуди тезу бӯйнок тарсида мегурезанд? Дар қатори он як гурӯҳ дарвешону қаландарҳо ҳам ҳастанд. Нимашон пойлуч, ними дигар т тани бараҳна чакмани чо-чо дарида доранд. Яқин аз ягон хонақоҳ хестаан Дар чеҳраҳои қоқ шудаашон ранг намондааст. Баъзе калавида меравад. Баъз хомӯш баъзе худ ба худ гап зада қадам мезананд. Маълум, ки сахт тарсидаан Ин дам ӯ ақиб гашта, ҷониби Муҳаммадшариф, ки қадам ба қадамаш мегарда мегӯяд:-Фирориҳоро гардонем, ба хонаҳояшон раванд.

– Аз дӯзахи сохтаи мо мегурезанд... Куҷо мегарданд?-Ӯ ба таъна сух мекунад.

– Дӯзах...Ҷанг, ки шуд, дӯзах мешавад! –ғур-ғур мекунад Чернов.

Ду аэроплани боқимонда осмони Бухороро тарк мекунанд. Лекин тӯпҳо пулемётҳо ҳанӯз парон-парон доранд.

Ин дам Чернов сабаби хирагии табъашро пай мебарад. Аз шаҳр рафта мардум норозиаш кардааст. Ба назараш менамуд, ки хонаю дарашонро тар кардани мардум маънои мағлубият надошта, як навъ эътироз ба онҳост.

Чашмаш ба сардастаи ротаи 2-юм Першин афтод, ки бо ҳамроҳонаш ҷониби Қурхона меояд. Ба ӯ ва загорекий мефармояд, ки ба дигар сардаста низ хабар додаю ароба ёфта, мурдаҳои ҳарду ҷонибро аз шаҳр берун бурд гӯронанд. Пас ба сӯйи дигари майдон меравад ва нохост бобояш ба хотир

меояду дар зеҳнаш ба ӯ муроҷиат мекунад: «Димитрий Николаевич, агар ин манзараро медидӣ, ҳам аз умри ба азобҳо ба сар бурдаат дилмондаю пушаймон мешудӣ, ҳам моро мегуфтӣ, ки инқилоби сурхатон дар фалонатон. Шумо тирончакҳо ҳам худатонро бадном кардед, ҳам рӯҳи ҳазорон-ҳазор шаҳидони роҳи озодиро». Ва ба хотираш омад, ки дар чунин ҳолат, яъне дар майдони ҷанг бо бобо гуфтугӯ кардан бори дуюм аст, ки ба ӯ рух медиҳад.

Ин ҳол бори аввал дар ҷанги Уфа рӯй дода буд. Шаби кӯтоҳи моҳи июн: дарёи тезу пурмавҷи Белийро гузаштан лозим буд. Ягона пул дар зери назорати армияи Колчак. Поёну боло давида ҷойи гузар меҷустанд, ки ду киштии майдаро диданд. Онҳоро доштаю даромада бинанд, ки ҳама сафедҳоянд. Ҳамаро парондаю ба дарё андохта, киштиҳоро гирифта, ба ҷойи бехатар оварда, то субҳ полкро аз дарё гузаронданд. Пагоҳӣ ҳам ҷосусонашон ва ҳам як взвод афсари гуреза аз армияи Колчак хабар оварданд, ки дивизияи номии генерал Капел, ки дар рӯбарӯяшон қарор дорад, тамоман бе тир мондааст. Ҳаводоронашон ҳукуматҳои Франсияю Чехословакия тиру силоҳи ваъдагиро ҳеҷ не, ки расонанд. Зуд тайёр шудаю баъд аз ним соат ҳуҷумро шурӯъ карданд. Аз қӯшуни Капел ягон нафар нагурехт. Балки камонҳои бе тир дар даст чун девор ба муқобилашон меомаданд. Аз ин сӯ пулемётҳоро қатор монда паронданд: "девор" ғалбер барин сурох мешуд, қисм-қисм пора шуда меафтод, вале пеш омаданаш қатъ намешуд. Даштро мурда зер кард. Якчанд ҷанговар ин ҳолати дилрешро таҳаммул карда натавониста, ба сари пулемётчиҳо тохтанд: "Модарбахатоҳо!Инҳо ҳам рус.! Ҳамдиёр..!» Қариб занозанӣ мешуд. Хабарро ба Фрунзе расонданд. Ӯ савори асп омаду бо хашм чунин суханҳо гуфт: "Ин чӣ гап?! Чӣ андешаи ботил?! Шумо хуб медонед, ки беҳтарин фарзандони Русия ҳудуди дусад сол аст инқилобу озодӣ гуфта, ҷонбозиҳо карданд! Шумо медонед, ки дар бадтарин ботлоқҷойҳои Сибир маҳкамаҳо сохта, онҳоро ҷой мекарданд, ки зудтар муранд! Ман медидам, ки ҳар рӯз чӣ гуна онҳоро қатл мекарданд! Ҳамонҳое, ки аз рӯбарӯи шумо меоянд, онҳоро қатл мекарданд. Имрӯз дилсӯзӣ мекунед, пагоҳ онҳо қувват гирифта, шуморо мепаронанд!"

Марди ҷидисимои чашмкалоне аз полки Попов ғурбат кард:

– Шумоён инқилоб меорем гуфта дар Росия мард намемонед?

– Дар Росия мард бисёр,-гуфт Фрунзе. – Аммо касе зиди инқилоб ҳаст ба вай ҷой нест!

– Онҳо шуморо зиндон мекарданд, намекуштанд.- гуфт мард бо ғазаб ва аспашро луказанонда рафт.

Он лаҳза байни сарбозону сардастаҳо боз хеле баҳс шуд.

Аз армияи Капел одамони ба шумор чон ба саломат бурданд. Ва ҳамон вақт ҳам агарчи ғалаба карданд, ҳолати норизоии ғашовару афсурдагӣ хеле вақт ҳамроҳи Чернов буд.

Сарбозони ротаи Семёнов мурдаи асперо ба аробаи чорчархаи хуқандӣ бор карда, тараддуд доранд мурдаи дуюмро бор кунанд. Он сӯтар як гурӯҳ таҳҷоиҳо ҳам ароба овардаю машғули мурдаборкунианд.

Аз масҷиди паси ҳавз марди лоғарандоме, ки саллаю яктаҳи алочаи тар дорад, назди як гурӯҳ муллобачаҳои дуртар аз ҳавз истода меояду байнашон чунин гуфтугӯ сурат мегирад:

– Мурдаҳои фирқаи болшевикро ҳам фурорем?

– Фурореду, болшевик ҳам бандаи Худо!

– Ҳазрат, барои онҳо ҷаноза чӣ даркор? Намозхонро мекушанду!

– Дар зинда буданаш болшевик буд. Мурдая ҳукмаш дигар.

– Воллоҳ – билоҳ, агар ба мурдаи болшевик даст расонам, домулло! Мурда болшевик садқаи ҷаноза шавад!

– Рост, инҳо арақ хӯрда, пас ба ҷанг медароянд.

Домулло нигоҳи тезе ҷониби шогирдон андохта дигар баҳс намекунад.

Мурдаи ҳузарбе, ки сараш шамшербур шудааст ва куртаю эзораш аз хун лолагун аст, ҳангоми аз ароба фаровардан аз дасти муллобачаҳо меафтад. Вайро чоркаса кашола карда меоранду муллобачае, ки саллашро дар миёна бастааст, фарёд мекунад. Инро беҳуда фуровардем! Эзораш олуда!

Домулло ба тариқи маслиҳат мегӯяд:

– Ба олудагии эзораш коратон набошад. Ин пагоҳӣ вай ба нийяти мудофиаи ватан аз хона баромада буд. Фардо дар арасот вақте ҳамаро мехезонанд. Ба ҳамон нийяту ҳолате мехезонанд, ки дар он роҳ ҷонашро дода буд. Масъала ин ҷост.

– Дузд бошад, дар роҳи дуздӣ мехезад?-мепурсад ҷавони чашмкалон бадқавоқе нописандона.

– Бале, мехезад ва шарманда мешавад. Ин одамкушҳои муртад ҳам шарманда мешаванд. - Домулло аробаеро, ки мурдаҳои аскари сурх дорад, нишон медиҳад.

Муллобачаҳо дигар гапгардонӣ накарда, мурдаро оварда, дар қатор хобонданд.

– Мурдаҳоеро гиред, ки ҳама узвҳояшон барҷо бошад!-меафзояд домулло.

Чернов даҳон пур мекунад, ки пурсад: “Агар ягон узваш набошад, мумкин нест ҷаноза кардан?” Вале худдорӣ мекунад.

Муллобачае, ки саллаашро дар миён бастааст, бо овози баланд “Салоти ҷаноза! Салоти ҷаноза!”- гуфта хабар дод.

Пештар касе ин овозро мешунид, зуд ба намози ҷаноза меомад, то ки тарки фарз кардаю аз савоби намоз намонад. Ҳоло аз масҷид ва атрофи саҳн ҳашт-нӯҳ нафар муздур сарам-дилам меоянду халос. Аз раҳакиҳо як нафар мӯйсафеде, ки ҷома дар китф дорад, харашро раҳо карда, омада ҷомаро ба кунҷе ниходу ба саф истод.

Домулло пешии саф баромада гуфт:

– Ин бародарони мусалмон машғули зиндагии осуда буданд. Имрӯз бо ҳимояи дину ватан бар зидди ин кофирони ҷаббор хестаю ба шаҳодат расидаанд. Шаҳид то рӯзи қиёмат ба пайвандон ва мардуми шаҳраш шарофат мерасонад. Ин азизон шаҳид шудаанд. Мо, зиндамондаҳо, масъулем, ки бо онҳоро ҷаноза кунем. Фармудаи Расули Худо “Мӯъмин бародари мӯъмин!”ро ба ҷой биёрем.

Аз пас касе садо кард: “Дар ин ҳавз мурдаи маҳшар хоб аст”... Мурда Абдуҷалоли Тӯпчибошӣ ҳам дар ҳамин ҷо!

– Абдучалол бошад, зуд биёред,-гуфт домулло. –Танашро озор надиҳед. Он шаҳбоз дар ин чор рӯз баҳри ватан чи қадар ҷонбозиҳо кард... Пас пеш гузашта "ба ният бошед!" гуфта намозро шурӯъ кард. Намози ҷаноза ду дақиқа вақт мегирад.

Чернов, ки бо ин расму оин шинос аст, ба онҳо кордор нашуд. Намоз тамом шудан замон чашмаш ба Семёнов афтид, ки ҳамроҳи Манучеҳр пеш-пеши дастааш аз ҷониби кӯчаи Тӯпхона меоянд. Инҳо душманро аз дарвозаи шаҳр берун карда омаданд. Аз паси онҳо як гурӯҳ сарбозони дастаи загорский пайдо мешаванд. Ба хотири Чернов меояд, ки Манучеҳр бо навкаре ҷангкунон ба кӯча даромада буд. Ҳаваси шӯхиаш омад вале худро ҷидди вонамуд карда пурсид:

– Сержант Мирозев, оқибати муҳорибаатон бо навкари биникалон ба чӣ анҷомид? Аз афташ гурехта рафт?

– Не, рафиқ сардор. Ӯро аз дари дӯзах дарун тела кардаю аз пасаш як лағат зада дарро сахт баста, ақиб гаштам.

– Ҳеҷ боварам намеояд, –Семёнов ба шӯхӣ ҳамроҳ мешавад.- Ба тангкӯча даромадеду ту зуд баргаштӣ.

– Ҳақиқати ин воқеъаро аз ман пурсед.-Загорский вазъи суҳбатро пай бурду ҷониби Чернов ба тариқи низомӣ муроҷиат кард:-Рафиқ сардор, Амони Калтаро аз пасашон равон карда будам. Вай омада гуфт, ки дар хамгашти кӯча ҳарду гӯшакӣ карда ҷудо шудаанд.-Ва ӯ ҷониби Манучеҳр мегардад.-Оҳ, шумо, шарқиҳоро, шинохтан чӣ қадар душвор аст!

– Ҳой, Михаил Загорский, ҳамон Амонро ҳам чизе мегӯяму туро ҳам!- Манучеҳр ба атроф нигариста Амонро кофтанӣ мешавад.

– Ман ҳам бовар намекунам,- мегӯяд сержанти взводи 3-юм Ҷангиев Ҳасан, ки ба наздикӣ сардори взвод таъйин шудааст.-Дар кӯчаҳои танги Бухоро шахси аспсаворро доштан аз имкон берун аст.

– Барои ту барин даббаҳо мушкил!- Манучеҳр ба Чернов арз мекунад. - Дар хотир доред, ӯро Ҳасани ҷувоз мегуфтанд! Пои луч ҷувоз мекашид. Наздатон оварда гуфтам, ки ба кор гиред. Ана, оқибати некӣ. Рост мегуфтаанд, ки "гушна сер нашаваду луч - пӯшида!"

– Рост, он вақт маро Хасани ҷувоз мегуфтанд, ҳоло сержант Ҷангиев мегӯянд.- Ҳасан сӯйи Чернов менигарад.-Ё нодуруст мегӯям, рафиқ майор?

– Бале, ҳамин тавр аст,- Чернов чун пешина ҷиддӣ сухан мекунад ва нигоҳашро аз Манучеҳр наканда мегӯяд:-Мехостам, ки туро ба медал пешниҳод кунам, акнун намешавад.

– Рафта мурдаи он лаънатиро меорам,-Манучеҳр сари аспашро мегардонад.

– Сержант Мирзоев, бе иҷозат рафтан мумкин нест.- Чернов хандаашро базӯр медорад:- Худамон таҳқиқ мекунем,-гуфт.

– Ман хоҳ-нохоҳ он тараф равонам,- гуфт Манучеҳр.-Мехоҳам хонаеро, ки сӯйи мо пулемиёт монд, хабар гирам. Шояд он ҷадидро ёбам.

– Ҳамроҳат одам гир,- гуфт Чернов.

Дар даромади кӯча ба Манучеҳр Загорский ҳамроҳ шуда гуфт:

– Лаҳзае, ки аз бом поин фуромада, ба хонаи паҳлӯ гузаштам, дар остона духтареро дидам, ки сахт соҳибҷамол буд. Мехоҳам ӯро дидаю аз ҳолаш огоҳ шавам.

– Ту ба он духтар чӣ кор дорӣ?-Манучеҳр бо нигоҳи қаҳролуд ба Загорский зеҳн монд.-Ту ба он духтар кордор набош! Вай моли ман аст.

– Моли ту? Ту он «мол»-ро кай харидӣ? – Корро ин тавр ҳал намекунанд, ошно. Интихоб дар дасти духтар аст. Ӯро мепурсем: бигзор худаш интихоб кунад!

– Ин масхарабозии интихобкунӣ дар ҷойи шумост. Дар ҷойи мо бо падараш гапро мепазонӣ, падараш ба модараш мегӯяд, ки тайёриатонро бинед, фалон рӯз тӯй.

– Ин номаъқулӣ дар Бухорои куҳна буд, ҳоло Бухоро нав шудааст.

– Ҳоло Бухоро нав нашудааст. Ҳоло амир дар ҳамин атрофҳо. Яке бозгашта меояд

– Яъне, ту дилпур ҳастӣ, ки амир гашта меояд, армияи сурхро мезанаду боз ҷояшро мегирад?

– Рафиқ лейтенант, гӯш кун, ту суханҳои маро чаппароста кардӣ. Лучу пусткандаи гап ҳамин, ки мусулмон мардум ба урус ҳеҷ гоҳ духтар намедиҳад. Таъна мекунанд. Барои ҳамин, илтимос, ту аз баҳри ин орзуи беҳосил гузар. Мон, ман духтарро гирам.

– Хуб, то он хона ҳамроҳ меравем. Ҳоло ҳеҷ чиз маълум нест. Шояд вай шавҳар дорад.

– Шавҳараш ҳам бошад, ба ӯ маслиҳат медиҳам, ки заната сар медиҳӣ, ҷӯра!

– Оҳ, ту чӣ хел каси хатарнокӣ! -Загорский нигоҳашро аз Манучеҳр наканда ба роҳ медарояд.

Дар майдон одамон аз ҳар тараф тарсидаю ларзида ҷамъ меоянд. Як гурӯҳ аз масҷид баромада, ба сӯйи майдон равонаанд. Муҳаммадшариф назди Чернов омада, ҷониби онҳо ишора кард.

– Онҳое, ки дар масҷид саф кашида менишастанд, нияти ҳамин сӯ омадан доранд.

Чернов меандешад, ки ба онҳо чӣ гӯяд. Муҳаммадшариф авзои ӯро пай бурда, ба овози паст огоҳ мекунад:

– Дар байни инҳо бухорой кам аст. Бештар муздурҳои аз кӯҳистон омада ва баъзе муллобачаҳоянд.

Омадаҳо то рафт зиёд шудаю ба тоҷикию ӯзбекӣ изҳори шодмонӣ мекунанд. «Қанд занед! Офарин! Яшасун! Қизил армияга ката раҳмат!»

Чернов бо ризомандӣ сар меҷунбонад: бори дуюм ба хотираш мақоли «Ғолибро сарзаниш намекунанд» меояд. Ва ба чеҳраҳои тарснишастаи одамон зеҳн монда, табассум мекунад.

❁ ❁ ❁

Саҳни чойхонаи Мусаллохона серодам менамояд. Муштариён қисме аз аспу улоғҳояшонро ба дарахтзорҳои рӯбарӯи саҳн, ки баъзе зард шудаанд, бастаанду баъзеро ҳайдав кардаанд. Мансур Ҷовидро, ки ҳоло ҳам як-як ҳикак мезанад,

аз бараш поён ниҳода, ба чеҳраи чун пахта сафед шудааш бо хавотирӣ зеҳн монда гуфт:

– Дар ин соягӣ сабр кун, ман рафта ҷой мегираму омада туро мебарам..

Ҷовид сар ҷунбонд. Ӯ мехоҳад, ки ҳикак заданро бас кунад. Вале он мисли чашмаи булуқ худ аз худ берун меояд. Ин ҳолати аз ихтиёр берун аламашро бештар меорад. Ҳангоме ки онҳо болои кати чойрехтаю норӯфта ҷой гирифтанд, чашми Ҷовид ба Муллоносири дароз, ки се рӯз пеш дар корвонсаройи Қаровулбозор паҳлӯи ҳам нишаста буданд, меафтад. Домулло яктаҳашро таҳ кардаю дар паҳлуяш гузошта, ба ӯ эътибор намедиҳад. Нигоҳаш ба самте андармон, ғарқи андеша. Шогирди чашмсурхаш дар паҳлӯяш. Онсӯтар ду марди деҳқоннамо нишастаанд. Яке риши сиёҳи дароз ва саллаи фарсуда дорад, дигаре ҷавони сияҳҷурда буда, як гӯшаи кулоҳи сараш дарида аст. Дар наздашон нони сиёҳи нимаш поракарда. Он сӯ аксари катҳо одам доранд. Дар чеҳраи ҳама нишони тарсу изтиробу ташвиш ҳувайдост. Ин ҷо дуду чанг камтар. Ҳар гоҳ ки аэроплане наздик меояд, онҳо дар таҳлука меафтанд. Баъзеҳо мисли аспи раманда ба гурехтан тайёр мешаванд. Ҳуши Ҷовидро бештар самоварчии сарлучи шкамғафси каллакалоне, ки дар паҳлӯи самовор рост истодааст, ба худ ҷалб мекунад. Ӯ аз болои куртаи суф миёнбанд дорад ва гоҳе ба шитоб дохили самовархона медарояду боз ба ҷояш бармегардад. Ҳар гоҳе аэроплане наздик ояд, "онаи шумоён шаҳрсӯзҳоро..."гуфта дашном медиҳад. Дар ошхонаи дарун ду нафар ошпаз дар назди дегҳояшон гирумон доранд. Ба мизоҷон ҷавонписари гандумгуни жӯлидамӯй хизмат мекунад. Дили Ҷовид чизе намекашад, ӯ бемадорӣ ҳис мекунад. Мехоҳад дар ҷойи нишастааш дароз кашида хоб равад. Падар кабобу чой овардаю аввали чойро ба домулло дароз карда, изҳори хурсандӣ мекунад: "Кӯҳ ба кӯҳ намерасаду одам ба одам мерасад", мо боз во хӯрдем.

– Бале,-гуфт домулло ва боз хомӯш шуд. Он шавқу ҳаваси суҳбатороияш нест.

Ин дам марди қоматбаланде изтиробзада омада, паҳлӯи деҳқонҳо ҷой гирифта гуфт:

– Корвонсарои Шайх Камолро зада нобуд кардаанд. Бумба дар саҳни корвонсарой афтида, аксари ҳуҷраҳоро харобу вайрон кардааст. Якчанд мусофир мурдаанду нисфи дигар мачрӯҳу маслуқ. Ҳама колояшон, ки аз Чин оварда будаанд, аз қабили шолку, чиниворӣ таги вайронаҳо мондаанд. Дар саҳн оғили калоне доштааст, барои аспу улоғҳои мусофирон. Ҳайвонҳо ҳам нисф мурдаю нисф мачрӯҳ. Мурдаҳо варам карда бӯй кардаанд. Он аҳволро дида ҳам метарсӣ, ҳам раҳмат меояд. Ҳавлии шайх Камол дар пушти корвонсарой буд. Ба ҳавлӣ дароям, касе нест. Як хонааш осеб дидааст. Ду-се нафарро пурсидам, ки худи Камол зиндааст? Касе чизе намедонад. Шаҳр пури парон-парон. Аз осмон ҳам парон-парон доранду аз замин ҳам. Мардум ваҳшатзада, хонаю дарашонро тарк карда мегурезанд. Ман ҳам тарсида ақиб гаштам.

– Шаҳр намеравем,-деҳқони сияҳҷурда рӯймоли нондоштаро ҷамъ кард ва афзуд:- Борамонро баргардонда мебарем.

– Соҳиби корвонсарой ба шумо шинос буд?-пурсид дигаре.

– Ҳа, хешӣ доштем.

– Дар тақдири хешатон ин рӯз навиштагӣ будааст.-Чӣ гуфтед, домулло?

– Падар табақро ба байн давонда, ӯро муроот кард.- Марҳамат кунед, гӯшт гиред.

– Додар, суханатонро нафаҳмидам,- гуфт домулло ва баъде ки падар, суханашро такрор кард, ӯ бо аломати тасдиқ сар ҷунбонда гуфт:

– Бале, умру ризқ азалиянд. Ҳамроҳи соҳибашон ба ин дунё меоянду ҳамроҳ мераванд.- Домулло як пора нонро ба равғани кабоб зада, ба даҳон андохту даст пок кард.

– Дар вохӯрии пештараамон гуфта будед, ки ба дидани устодҳоям меравам, ягон нафарро вохӯрдед?

– Як нафарро дидам. Дигарҳоро наёфтам.

Падар беҳавсалагии домуллоро дида ба Ҷовид муроҷиат кард.

– Гӯшт гир, қувват пайдо мекунӣ. – Ва як бурида гӯштро маҷбур ба дасташ дод.

Муллоносир ҷониби Ҷовид, ки ҳам месулфад ва ҳам дилаш беҳузур мешавад, зеҳн монда гуфт:

– Партоӣ ҳам боке нест, писарҷон,сабук мешавӣ.

– Аз дирӯз боз чизе нахӯрдааст,- гуфт падар.

Домулло ба ҷабини Ҷовид даст ниҳода, аз назди шогирд чойникро гирифту ба пиёла чой рехта, ҷониби самоварчӣ ишора карда гуфт: "Инҳо обро хуб намеҷӯшонанд» ва дуо хонда ба об куф карда, ба лаби Ҷовид дошт:

– Нӯш, ҷони бобо, иншооллоҳ, нағз мешавӣ,- гуфт ва ба Мансур маслиҳат дод:- «Бомбаҳои кофирҳо чӣ балое доранд, ки аксари кӯдакону занҳоро ба дарди ғасаён (меда) гирифтор кардаанд. Ба писар алҳол равғанӣ надиҳед. Хона ки рафтед, бештар ҷурғот хӯрад, дилбеҷоияшро мебурад."

Ранги Ҷовид гӯё каме равшан шуд, нон талаб кард.

– Акнун ба ҷойи кор гашта меравед?- падар пуле ба дасти домулло қапонданӣ шуд, ки ӯ ба шиддат сар ҷунбонд: "Монед пулатона, – гуфт.-Дар чунин вақту соат аз Худо талаби мағфират кунед!" Ӯ муддате хомӯш истоду пас ба падар гуфт:

– Мо саҳарӣ хеста рафтанӣ будем, ки овоза омад: ҷаноби қушбегӣ Низомиддинхоҷа бо чор ҳазор аскар ба ҷиҳод даромадаанд. Қасам хӯрдаанд, ки кофири ба шаҳр қадамниҳодаро сар мезадаанд. Ва акнун охири корро интизорам.

Ранги падар дигар шуд, вале чизе нагуфт:

– Домулло, хубаш аз роҳ намонед,¬ ¬- гуфт деҳқони ҷавон.-Аз дасти амир чӣ омад, ки аз дасти қушбегиаш биёяд?

– Додар, шайтон ноумед аст. Бандаи мӯъмин мудом умед аз раҳмати Парвардигор дорад.-Домулло саллаашро ақиб тела дода, ба атроф нигарист.

– Аскари урус чанд дарвозаро лабу лахт карда даромадааст,-гуфт деҳқони ришдор.-То Регистон зер карда омадаанд...

– Низомиддинхоҷа ҳам аноӣ не,- домулло ҳам бо дилпурӣ сухан мекунад. - Аз рӯйи шунидам, он кас ҳам тӯпу пулемути зиёд доштаанд.

– Пиракии Низомиддин чию ҷанги рус чӣ? -Самоварчӣ, ки назди дар рост меистод, ҷониби домулло тамасхури нешдор кард.-Бо чор навкари гурезаю чор муллобачаи беэзору бекурби ҳавоидаҳон чӣ кор буд мешавад?!

– Қӯшбегиамон чандсола?- пурсид деҳқони сафедрӯ.

– Воллоҳаълам ё якам ҳаштод ё дар ҳаштод ҳастанд,-гуфт домулло.

– Қувват доштааст, ки ба чунин кори хатарнок даст задааст.

– Он ҳазрат ҳоло аспбарин, -гуфт домулло.-соли гузашта тӯйи калон карда духтари ҳаждаҳсоларо ба зани гирифтанд.

– Ҳар бойю мулло, ки ҳафтогӣ зан гирифт, пас ба мо зан мерасад? -Деҳқони ришдор ҷониби ҳамроҳонаш заҳрханда кард.

Домулло ба суханони деҳқон эътибор надода ҷониби Мансур нигариста гуфт:

-Додар, нусрат ҳам аз ҷониби Худованду нуҳсат ҳам. Дар хотиратон бошад, дар ҷанги Колесуф омию уламо ва касе, ки дар умури давлат дар хизмат буд, ҳама якҷо шуда бо як ҷӯшу хурӯши фавқулъода аскари ҷаррори Колесуфро зада-зада, аз Когону Қизилтеппа ҳам он тараф бурданд, роҳи поездашонро канданд, сими телграфашонро бурида бартараф карданд, ки дар ин ҷойҳо ному нишонаш намонад.

Ин дам як гурӯҳ одамон аз ҷониби шаҳр омада, бештарашон ба шитоб аз дарвозаи Мусаллохона баромада рафтанд. Чор нафар сӯи чойхона омаданд. Аз қиёфаашон маълум, ки дар таҳлукаанд. Вале самоварчӣ ба онҳо нигоҳ накарда, ҷониби домулло манша кард:

– Худатон дар он ҷанг будед, домулло?

– Бисми-л-Лоҳи-р – Раҳмони-р -Раҳим, худам ба кандани роҳи поезд ёрӣ додам. Он замон ҳамаи муллою муллобачаҳо ба ҷанг баромаданд. Ман метавонистам, ки наравам?

– Шумо, домуллоҳо, ҳеҷ аз сару садоҳои воҳимаангезатон намондед.- Самоварчӣ қасдан бо овози баланд сухан мекунад, ки ҳама шунаванд.- Колесуф ҳамагӣ ҳазор аскар дошт. Шумо ҳамроҳи аскари амиратон аз чил ҳазор зиёд ҷамъ шуда, ба муқобилаш баромадед. Ҳангоме ки зада аз дарвозаатон дарун кард, сулҳ мекунем, сухани шуморо иҷро мекунем гуфта, фиребаш кардед. Шаб ки шуд, халқа хезондаю мисли мӯру малах часпида, роҳи поездро кандед!

– Ҳой бародар, ҷанг ҳамааш фиреб аст.-Домулло сулҳҷӯёна табассум кард.

– Ҳазрат, айни ҳақиқатро гуфтед,-шогирди домулло бо эҳтиром сар меҷунбонад.

– Гӯш кунед, ғалаба кардем, мегӯед! -самоварчӣ пештар омад.- Сад миллион рубл товони ҷанг додед? Медонед ин чи қадар пул? Ба ин пул ду Бухоро месозед! Роҳи вайронкардаатонро дуруст кардед? Ва аз ҳама дардноктараш, русҳо амиратонро тавба доданд, ки минбаъд на қӯшун медорӣ, на қӯрхонаи тиру камон. Бар болои ин саллоти рус ҳангоми омаданаш мардуми шаҳрҳои Хатирчию Карминаро хонасалот кард. Акнун фаҳмидед, ки он чор релси кандаи шумо ба чӣ русиёҳӣ овард?!

– Ман ба сулҳи Колесуф ва чӣ додану надодани амир чӣ кор дорам?- гуфт домулло ҳамчунон ба табассум, - пурсидед, кори шударо гуфтам.

Шогирд ба ситез дузону нишастаю бо чашмони пурғазаб нигоҳи самоварчиро доштанӣ шуд. Вале вай ба ӯ нигоҳ намекунад.

Ин дам аэроплане паст парвоз карда омад. Баъзе муштариён саросема ба саҳни берун давиданд. Самоварчӣ давида ба коргоҳаш даромада, камони русие бароварда, ҷониби аэроплан тир паронд. Ва чун дид, ки тираш намерасад,

камонро ба тамоми қувват ба дарахти беди паҳлуи самовархона зад, ки чӯбаш пора шуд, пас гашту ғазабашро ба домулло рехт:

– Худатонро олиму аъламу боз чӣ балоҳое ном мегиред! Бист солу сӣ сол хондам гуфта ҳавои даҳон мекунед! Имрӯз, ки мардум таги тиру оташи беамони душман мондааст, ку нишони олимиатон?! Ку он бадале, ки солҳо болонишини будеду шумо афсунгарҳо ба ин халқи мазлун додед! Ку каромотатон! Ку нишони маҳсуле, ки сӣ сол хондед?! Олимӣ ҳам, доной ҳам ба урус мезебад! Аълами ю орифӣ ҳам! Не гӯед, пайғамбарӣ ҳам!

– Ҳӯй мард, кофир шудӣ! Ғайри ислома пайғамбар гуфтӣ, кофир шудӣ!- Шогирд хестанӣ шуд, ки домулло китфашро зер карда, бо оҳанги аввала гуфт:

– Астағфируллоҳ гӯед, додар. – Аэроплани рус барин дар осмон паридану халқи худоро ба оташи барқу бало задан, манзили умеду орзуяшро бо зану кӯдакаш сӯзондан кори шайтон, кори ҷодугарон аст. Шукр, пешвоҳомон моро чунин ҷодугарӣ ва бад-ин тарз одамкушӣ ёд надодаанд.

– Шайтон! Шайтон худи шумоён! Зӯратон, ки меояд, нодонию нотавониатонро ба гардани шайтон бор мекунед!

– Ин мард аз ҷадидҳост! –гуфт шогирд ва ҷониби самоварчӣ дасташро теғ кард:- Ин урусу нуғаю тоторҳои болшевикро шумо, ҷадидҳои беимон, ба сари мардум овардед, на муллоҳо! Сӯхтани мадрасаю манзили мардумро шумо. ҷадидҳо, ба дили душман андохтед, на...

– Ба ман нигаред,-Муллоносир сухани шогирдро бурид.-Ин урусу қалмиқе. ки ба шаҳр даромад, ба хости Худост, вагарна ин ҷо мазорҳое ҳастанд.

– Ҳой мулло!-самоварчӣ бештар хашмгин шуд: - ҳамон мазорат ҳам ту барин дурӯғгӯй! Хости Худо мегӯй! Хости Худо буд, ки Бухоро оташ гирад?! Хости Худо буд, ки занҳо аз тарс дар кӯчаҳо бача партоянд?! Ин қадар мардум хонаю дарашонро тарк карда раванд?! Чӣ, Худо ба бухороиҳо душман шудааст?! Не! Аълам ҳо дониста гиред! Ин мардум, ки имрӯз шармандаю шикастаанд, дар рох мондаанд, аз бедодию берӯии шумо уламолақабҳост! Ба ҷое, ки... Рӯзе ба ин хиёнати бузургатон ҷавоб мегӯед!

Домулло ба як даст зонуи шогирдро зер кардаю ин дафъа ба шиддат ва бо лаҳни “ту” сухан кард.

– Ба кадом далел ин суханро мегӯй?

– Ба кадом далел?! Даҳ сол зиёд аст, ки мактабҳои таълими нав мекушоянд-намемонед- ин далел нест? Дорухона мекушоянд “дард ҳам аз Худою шифояш ҳам ” гуфта, намемонед! Асли бандагӣ дарвешӣ, мегӯеду лекин худатон қасрҳо мепӯшед, болои ҳам зан мегиред?! Аммо халқи нодона аз шариат берун по нагузор гуфта, дасту пояшро бастаед! Хуб шуд, ки урус омада, кишвара гирифт! Шумоёнро аз масҷиду мадрасаю пешгоҳнишинӣ берун кардаю дар кунатон чӯб зада, ҳай кард! Акнун шаҳр ба шаҳр гадоӣ кардаю маъною маззаи “дарвеш бош”-ро мефаҳмед!

– Ин ҷадиди беимон аз ҳад гузаронд!-Шогирд парида аз кат фуромад. Вале фурсати дастбардорӣ накард. Самоварчӣ, ки кайҳо ҷангталаб буд, бо як ҷаҳиш худро ба ӯ расонда, бо калла ба пешониаш зад, ки ӯ пуштнокӣ афтид:-Маро кофир гуфтӣ?!

Падар хеста самоворчиро дошт. Дар ин асно Ҷовид аз наздик рӯйи сурхи, ки самоварчиро мебинад ҳар чо доғи сурх дорад. Ӯ мехоҳад, ки падар муште ба даҳони самоварчӣ занад. Вале падар ӯро ақиб мекашаду намезанад.

– Самоварчӣ, ту одами хуб набудай,- марди ғафсаке аз кати рӯбарӯ садо дод: -Панҷ сол аст, ки байни шумо, ҷадидҳою амиратон, баҳсу талош аст. Ана оқибати корҳоятон: Бухоро аз дасти дуи шумо рафт, на аз дасти муллоҳо.

Аз кати онсӯтар ҳам марди қадбаланди ришсафеде хеста чизе мегӯяд. Аз нигоҳаш маълум, ки вай ҳам ҷонибдори домуллост. Вале домулло ба онҳо эътибор надода, ба ситез аз кат поин фуромаду шогирдашро, ки ба худ омада буд, тела дод ва рӯбарӯи самоварчӣ шуду бо ғазаб ва овози баланд гуфт:

– Ҳӯй, маҳмадоно! Ту даъво дорӣ, ки мулло ба мардум тиру туфангсозиро ёд надод?! Аэроплан насохт?! Ба мағзи пӯсидаат гир! Дар бисоти таърихи ҳазорсолаат ҳамин шариъат ҳаст, ки ман ба заҳмату хорӣ ёд гирифтам ва касе хоҳад, ёд медиҳам. Шеър ҳаст... Дигар даҳоҳояту пешвоҳоят чӣ роҳе нишон додаанд, ки ман онро рад карда бошам?! Ё аз уҳдааш набаромадам? Подшоҳат ба кадом кор маро маъмур кардааст, ки не гуфта бошам?! Ва рӯзи ҷазо ҳам рӯбарӯи Худои меҳрубон ин суханамро хоҳам гуфт! Аммо кори ту, бебуну бадзот ин аст, ки ба мардум оби ноҷӯшида медиҳӣ. Нони нимдирамаро се дирам мефурушӣ! Чунки инсофу имон надорӣ! Ду сухани бемаззаи аз ҷадидҳо шунидаатро дастак карда донотарошӣ мекунӣ! Ва рӯзи ҷавоб довар худаш хоҳад гуфт, ки кӣ нек буду кӣ бад! Кӣ ба халқу ватанаш хиёнат кард!

Самоворчӣ дигар сухан накард.

– Хом гӯю пухта шунав.-Марди ғафсаки аз кат фуромада ба шиддат ба атрофиён шунавонда, афзуд:- Сухани домулло рост. Имрӯз номи домулло ҷойи таҳқир шудааст; ҷадидаш хестааст, ки мулло бад, кофираш омадааст, ки муллоро мекушам. Ку бе муллою бе дин рӯзатро гузарон. Умри одами бе дину бе мулло мисли саги бесоҳиб аст!

Домулло нигоҳашро аз самоварчӣ наканда бо шиддати бештар суханашро идома дод:- Бар зидди душман ҷанг кардан кори подшоҳу сипоҳаш аст, на кори мулло. Илмро илму амал мекунад ҳукумат, на мулло (ҷониби самоворчӣ ишора кард). Акнун ки шумо, ҷадидҳои номусулмон, урусро пеш андохтаю кишварро ба-дин ҷафоҳо шикастаю хору забун кардед ва ин ба таъби дилатон будааст, якҷоя шаведу тӯпу туфангу аэропланҳои шаҳрсӯз созед! Аммо чашмам намегирад! Шумо ҳам мисли моед, шохи зиёдӣ надоред! Насли мо таъриху одобу оинашро медонисту пос медошт, шумо аз он ҳам маҳрум мешавед! Шумо бадбахтҳо хоку оби Бухороя олуда мекунеду бас. Ҳамин номаъқулиҳои душманкунию китобсӯзиатон бошад, оқибат ғуломи дари урусу яҳудед, муртадҳо! -Ва шогирдашро, ки пешонааш варам кардааст, пешандоз карда рафт.

Деҳқонҳо маънидорона ба ҳам нигариста ба роҳ даромаданд. Кадоме раҳораҳ садо баланд кард: "Мулло марди пухта будааст. Самоварчия даҳонаша баст."

Мансур дигар Ҷовидро гӯшт гир гуфта маҷбур накард. Андешид, ки мулло рост гуфт. Ҳукумати баақл бошад, илму динро ба ҷои худ шинондаю аз ҳарду баҳравар мешавад.

Фурсате гузашту дар роҳ як даста аспакиҳо намудор шуданд. Инҳо навкар аз ҷанг баргашта мебошанд. Аспҳояшон шип-шилта арақ кардаю калаи роҳ мераванд. Сағриҳои васеъашон дар офтоб йилтиррос мезанад. Аз бай поҳояшон парча-парча кафки сафед мепарад. Қамчин зананд ҳам, гашташ ро дигар намекунанд. Соҳибонашон ҳам афсурдаю пажмурда менамоянд. Д байнашон мачрӯҳҳои сару китфҳо баста ва хунравон ҳам ҳастанд. Ду-се на муштариҳо давида наздики роҳ рафтанд. Ва дархол овоза паҳн шуд."Ас Низомиддинхоҷа шикаст хӯрдааст! Кӯчаҳои Бухоро пури мурда шуда Низомиддинхоҷа ҳам тир хӯрдааст!" Гурӯҳҳои аз ақиб меомада аспҳояшо тозиёна зада ҳадаҳа мекарданд.

Одамони дар катҳо нишаста саросема хеста, аз паси аспу улоғҳояшон р танд.

– Бачаҷон, мо ҳам мехезем.-Падар Ҷовидро озод бардошта ба сари ки гузошт.

Аз роҳ ҳам қӯшуни шикастхӯрда мегузарад, ҳам гурӯҳ-гурӯҳ фирориҳ Баъзе фирориҳо борашонро ба ароба бор кардаанд. Ҷовид аз баландии китф падар атрофро баҳузур мебинад. Чашмаш ба марди қаддарозе, ки як тоб салл фарсудааш дар пас чун ҳалқа овезон шудаасту рухсораҳояш мисли замбурӯ куҳнашудаанд, меафтад. Ӯ аз полони хараш, ки зане бар он савор асту бех оҳиста меравад, дошта бо овози манқаи гӯшхараш шеван мекунад:

– Во-о-й шариато! Во-о-й амири оламгир! Во-о-й Бухорои Шариф!

Писари навхаташ ҳам, ки худаш барин сиёҳи дароз аст ва дар сар ток сурхи чокҳояш дарида дорад, тамоми овозашро сар дода, ба падараш так мекунад:

– Во-о-й шариато! Во-о-й амири оламгир!.. Во-о-й Бухо-р-о!

Занаш низ гиря мекунад. Саргиракаш ҳар лаҳза меғечаду чеҳраи мис осӯхтааш намоён мешавад.

Гурӯҳҳои фирорӣ то рафт зиёд мешаванд. Маълум, ки аксар оилаашонр гирифта баромадаанд. Марди сипоҳинамои аспсаворе аз паҳлӯи саллакашол гузашта пуписааш мекунад: "Чӣ, хар барин ҳангос дорӣ?!" Саллакашол як ором мешаваду боз мисли пештара фарёду фиғон мекунад.

Дар назди юнучқазори он тарафи роҳ марде бори харашро аз нав мебандад Занаш нӯхтаи харро, ки беист ҳангос мезанад, доштааст. Марди раҳгузаре а ӯ пурсид:

– Ашӯрмуҳаммад, кучо равонед? -Ва дақиқае пас: - Қаерга борасан, Ашур-ака!

Мард бо мушт ба гӯши хар зада ором карда, ситезаманд гуфт:

– Дар ин қиёмат қибларо гум кардаму кучо рафтанамро медонам?- Хар боз ҳанг зад. Мард ресмони борбастаашро сахт-сахт кашида афзуд:- Фарзандҳоямро аз таги оташи ҷадидҳою урусҳо онсӯтар барам мегӯям. Хонаам сӯхту чор девораш монд. Аз Масковашон омада, хонаи камбағалии маро оташ заданд. Ман онҳоро нашиносам, бадӣ накарда бошам. Илоҳо рӯзи ман ба сарашон ояд!

Дар байнтар, дар ҷое, ки дуроҳа мегӯянд, мачнунбеди баланде қомат аф рохтааст. Онсӯтар аз бед хонаҳои пастаки қатор оташ гирифтаанд. Забонаҳо

оташ сӯи дарахт ҳаракат доранд. Марде ҷома дар китф тез-тез қадам зада, бо тамоми овоз касеро беист дашном медиҳад:

– Алайҳилаънаҳо модарбахатоҳо! Мегуфтед, ки ҳуррият меоред, озодию адолат меоред. Тири сӯзон овардед, мору каждум овардед, дарду бало овардед, оташи дӯзах овардед! Рӯзи сиёҳ...

Ҷовид ба одамон зеҳн монда, ба дилаш меояд, ки ҳама аз шаҳр гурезону падараш ӯро ҷониби шаҳр мебарад. Ва ҳамин дам манзарае мебинад, ки он як умр дар хотираш мемонад. Чунон ки дар аввали баҳор яхпораҳои хурду бузурги кандашудаи дарё баробари мавҷҳо пасту баланд шудаю ғалаён карда мераванд, мардум аз кӯчаву тангкӯчаҳо ба роҳи калон рехта, ҳамчунон бо шӯру шеван равонанд. Мардҳо бастаю халтаҳо дар даст, занҳо ҳамроҳи кӯдакҳошон фиғон доранд. Баъзе дар гардани говаш ресмон бастаю пешандоз карда зада-зада меравад, дигаре харашро халачӯб зада, ба шиддат меронад, сеюмӣ аспи аробаашро ҳой-ҳой мекунад. Ва ба ҳамаи ин овозҳо фарёди қаландаре, ки тахтакулоҳе ба сар дорад, ҳамоҳанг мешавад.

Фарёд аз ин замон, ки Бухоро хароб шуд,
Маққури дасту панҷаи хирсу қалоб шуд.

Каме роҳ мераванд, ки аробаҳо назди пуле тамба шуда истодаанд. Пешро аробаи чорчархаи хуқандӣ банд кардааст. Як чарх ба сурохии пул даромада руст мондааст.

– Ба дигар роҳ мерафтӣ, хуб набуд?-Маслиҳат медиҳад падар ба аробакаше, ки дар канори роҳ маъюсу андешаманд аст.

– Дарвозаи Ҳазрати Имом равам, аз ин ҷо ҳам бадтар,- аробакаш норозиёна ба падар зеҳн монда меафзояд:- Он ҷо ҳам боратро мекованд, ҳам худатро.

Назари мард ба мардуми фирорӣ афтода, фиқ-фиқ гиря кардаю бо овози ларзон афзуд: - Имрӯз рӯзи фироқи бухороиҳост.

– Рӯзи фироқ,- падар ба тасдиқу алам сар ҷунбонд. Ва Ҷовидро ба замин гузошта, рӯймоли миёнашро кушода, чашмони об гирифтаашро пок кард ва ба шаҳр зеҳн монда, ба алам сар ҷунбонда илова намуд: - Бухорои нозанин имрӯз мисли дарахти барқзадаю оташгирифта аст.

Аэроплане пайдо шуда паст фуромад. Аз байни издиҳом садо баланд шуд: “Бубинед, пилоташ хам шуда моро нигоҳ дорад. Шояд амирро мечӯяд?”

Аробакаши канори роҳ рӯ ҷониби осмон бо тамоми овоз фарёд мекунад:

– Амир Олимхон ра-ф-т! Ӯро дар даштҳои Қизилтеппа! Ко-в-е-д! –(овозашро боз баландтар карда) Ё дар Чӯли Мал-и-к!!

Ҷовид пилотро намебинад. Ба дилаш меояд, ки як назар бошад ҳам, ягон нафари онҳоро медид. Оё одамрӯ бошанд? Аз афташ, ҳеҷ гоҳ онҳоро намебинад.

Ҷовид дар он лаҳза чунин фикр мекарду ақлаш намегирифт, ки зери осмони кабуд ҳама чиз гузарон аст ва замонҳо ҳам дигар мешаванд. Ва рӯзе парда меафтаду воқеъаҳо урён мемонанд. Некию бадӣ тавре буд, рӯ мезанад. Чунон ки дар баҳорон чашмаҳо рӯ мезананд.

...Дар охири умри Ҷовид давраи бозсозӣ фаро расиду қаҳрамонҳо, шоҳилҳо, нависандаҳо рӯйдодҳоро ошкор карданд. Аз ҷумла як маҷаллаи русӣ хотира яке аз он пилотҳоро бо насаби Столяров оид ба рӯзҳои бомбаборони Бухоро чоп кард. Ӯ овардааст:

"То ки душманро ҳарчи бештар ба тарсу таҳлука афканем, нӯҳ аэроплан б болои шаҳр парвоз кард. Ман ними шаҳрҳои оламро дидаам гӯям, муболи намешавад. Аммо он замон Бухорои пурасрору пурафзолро дида, моту маб мондам. Сари ҳар қадам масҷиду мадрасаҳои пурнақшу нигор бо гунбад осмониранг, манораҳои боҳашамат, бозору корвонсаройҳои пуродам, ҳавлиҳ гачкорию гулкорӣ кардаро медидем. Арк дар байни шаҳр мурғи сафеди аф навиро мемонад. Мо он ҷо дарахтони тутро дидем, ки ба тарзи ҳайратан калонанд. Баъзе аз онҳо як маҳалларо пӯшондааст. Аз баландӣ мегӯи ҷо зардузикарда аст. Дар болои гунбадҳои боҳашамат тасвири моҳи ҳилол н шудааст, ки ба назарат наву ороста ва асроромез ҷилва мекунад. Дар мадрас муллобачаҳои салладор, мисли хонаи занбӯр дарою баро мекунанд. Дар кӯча каҷмакаҷ фойтуну аробаҳои хурду калон ва рангоранг дар давутозанд. Одам харсавору уштурсавор дар шитоб. Ҳавзҳои обро, ки машкобҳо дар атрофа давра нишастаанд, анборҳои сафеди пахта, корвонсаройҳо бо рахту тахтҳои р ҳам зада, даста-даста занҳои фаранҷидорро мебинӣ. Ва ҳамаи инро гирдо девор печонда муҳофизат мекунад. Дар болои мазору гӯристонҳои берун вор буда як-як ҳайкали уқобҳои дар ҳолати парвоз ва дорои боз ким-чи тасвиру ороиши шарқиёна ва аксар аз тилло. Таҳҷоиҳо ба тилло будани эътибор намедиҳанд. Баъд аз он ки қалтабонҳои мо чанд ҳайкалчаҳоро кан соҳибӣ карданд, фаҳмидем, ки онҳо аз тилло будаанд.Алқисса, Бухоро ша афсонавӣ ё чунон ки мо мегӯем, шаҳри осорхона буд. Ростӣ, ман дар аввал дасту дили бомбапартоӣ накардам. Ҳатто ҳавас мекардам, ки ақаллан як да дар кӯчаҳои ин шаҳри дилангез сайругашт кунам. Он хурду бузургро, ки ҳ салла доранд, аз наздик тамошо кунам. Вале ёрон корро шурӯъ карданд ва хотирам суханони пагоҳӣ дар ҷамъомад гуфтаи сардаста омад: "Мо ба ч Бухорои куҳнаи амир Бухорои нави ҷамъияти сотсиалистӣ месозем!" Ва ҷ ки мегӯянд, "Радди поҳо то лаби дарё бувад", дудилагиро фурӯ нишонда. б баи аввалро дар канортари шаҳр партофтам. Мисле ки рамаро гург меза одамон ҳамчунон худро ба дару девор мезаданд. Дуди сиёҳи ғализ чун м дар қаҳру ситез афтода аз пасашон медавад. Пас аз он ки чанг фурӯ ниш дар вуҷудам шавқу ҷунуни дигар ҳаракат мекард. Бо ғайрату ҳавас гунба лоҷувардиро нишон гирифта, задаю лабу лахт мекардам. Ва чунон ки варкушоён заминҳои тассарруфкардаашонро моли худ мепиндоштанд, мо масҷид ё хонаи задаамонро ба ҳамдигар нишон дода, ишораи "аз они ман мекардему ба завқ механдидем."

Ҷовид ёддоштро хонда, бо озору алам гиря кард. Пеши назараш боз ма раи ҳамон рӯз омад. Хусусан ҳолати баъди таркиш: духтарачаҳое, ки рӯй сабзи нав бастаанду дасти ҳамдигарро дошта шодикунон аз дар баромаданд. қадбаланде ҳамроҳи сагчае аз пасашон баромад. Аз афташ, сагча омадани ҳа ро ҳис карда буд, ки ҳар дам аз домани зан мекашид: гӯё зорӣ мекард:"Раф

дуртар! Дуртар!..” Зан истиҳола дошт. Касеро интизор буд. Лаҳзае гузашту таркиш шуд. Баъди парокандани чанг дид, ки зан аз зинаҳо поён афтида, куртааш боло шудаю эзораш намоён аст. Духтарчаҳо дигаре дар болои зина, яке дар паҳлуи зан дигаре дар болои зина афтидаанд. Сагча ба тарзи ачиб чор дасту пояш сӯи осмон асту намечунбад. Ҷовид сагчаро дар чунин ҳолат диду дарёфт, ки ҳама мурдаанд... Ҷовид хотираи пилотро дар синни ҳафтоду нӯҳсолагиаш хонд...

Аммо дар он рӯзи фироқи бухороиҳо Ҷовид дар китфи падар нишаста, ҳам нолаву шевани анбӯҳи мардумро медиду ҳам худаш баробарашон гиря мекард ва ягона тассаллои дилаш садои марғуладори қаландари тахтакулоҳпӯш буд, ки аз дуриҳо ба гӯшаш мерасид:

Фарёду сад фиғон, ки ватан бепаноҳ шуд,
Армону зиндагӣ, ки саросар табоҳ шуд.

ФАСЛИ СЕЮМ

Ба коми оташ рафтани маркази дину диёнат, фирори мардум ва гандидани мурдаҳо дар кӯчаву хонаҳо болшевикҳоро ба воҳима андохт. Онҳо як даста (рота) чобуксаворонро аз пайи амир фиристода боқии артишро ба хомӯш кардани оташ ва гӯрондани мурдаҳо сафарбар карданд. Таҳҷоиҳои боқимонда ва мардуми деҳаҳои атрофро низ ба ёрӣ даъват карданд. Аммо он оташ моро афсонавиро мемонд, ки сарашро аз як ҷой бурӣ, аз чанд ҷойи дигар сар мебаровард. Мансуру Мирзоумед низ рӯзи дувум аст, ки ҳамроҳи ҳаммаҳаллаҳо оташ хомӯш мекунанд.Дирӯз дар қатори чанд хона оташи хонаи домулло Исмоилро хомӯш карда буданд. Домуллои пиракӣ саҳарӣ - рӯзи фироқ хари Даҷҷол (аскари сурхро дар назар дорад) даромад,-гуфта бо аҳли оилааш шаҳрро тарк кардааст. Хонааш сиҳат будааст. Рӯзи дигар мехезанд, ки хона оташ гирифтааст. Ҳамсояҳо ҳойёҳуй бардошта, аз чор тараф ҷамъ шудаю обу хок зада оташро хомӯш кардаанд. Аммо, чунон ки баъдтар маълум шуд, дар мағзи болорҳо аловмонда будааст, ки шабона боз ҳаво гирифта дармегирад. Болорҳои аловгирифта қарсу чарс карда садо мебароранд. Дар шафати ҳавлӣ ҳезумхона ва дарахтони наздик - ҳама оташ гирифтаанд. Аз шаш дар хона фақат яке монда, дигар ҳама ба коми оташ рафт. Ҳолдонҳо мегуфтанд, ки кадоме хонаи домуллоро қасдан оташ задааст.

Дар ҳавзҳои атроф об нест. Дар ҳамаи шаҳр об камёб шудааст. Овоза карданд, ки кадоме аз рӯйи душманӣ рӯди ба шаҳр меомадаро вайрону хароб кардааст. Шаҳр, ки бесоҳиб монд, он ҷо ситаму ҷабру ҷафо фармонраво мешудааст.

Мансур баъди нимрӯзӣ ба хона омад ва Ҷовидро ҳамроҳ гирифта ба сайри шаҳр баромад. Мушоҳида кард, ки бозору чойхонаҳоро бастаанд. Аз афтоси ҳамаро ба ҳашар баровардаанд.

Онҳо гузари Қозиро гузашта рӯбарӯйи бинои бонки "Русию Бухорой" омаданду чашми Мансур ба масҷиди Поянда афтид, ки ду табақаи дарвозаи кандакориаш кушодаю он ҷо сарбозҳо аспсавор даро баро доранд. "Нахоҳ масҷидро аспхона карда бошанд?" Наздик рафта дуртар аз саҳн дарахти тут шиносро дид, ки як шохи рост баромада ва ду шохи уреб рафтаи нимсӯхтаи мондааст. Дигар шохаҳоро буридаанд. "Дарахта ҳайф кардаанд, кофирҳои малъун. Чунин дарахти бузург дар ин музофот набуд. Ҳам салобат дошт, ҳам зебоияш хурсандат мекард. Яке аз муъҷизаҳои ин шаҳри бостонию суннатӣ буд. Сершоху барг, ки буд,"аз синфи дорост", гуфтаю дар садади нест кардана шудаанд..."

Мансур аз дари масҷид ба дарун нигаристу дилаш шуввӣ карда рафт. Дар аввал моту мабҳут монд. Гумон кард, саҳван ба ҷои дигар даромадааст. Ба атроф назар кард: Не, ҳамон саҳни озоди шинос, сутуну равоқҳои кандакорикарда ва ҷо-ҷо кафида.... Аз дохил бӯйи порую арақи асп меояд: дар атрофи саҳни зебо аспҳоро бастаю байнро ҷойи хоб кардаанд. Ду асп фаххос задаю ҳамдигарро лагад мезананд. Гилему намадҳо қатор партофта, баъзе сарбозҳо ҳанӯз хобанд. Дар наздашон либосҳоро таҳ карда мондаанд, мӯзаҳо қатор. "Кофирӣ аз ин зиёд мешавад?" Ба сарбози зардинаи пахмоқмӯй, ки аспро зин мекард, назараш афтиду гуфт:

– Наход ҷойи аспбандӣ наёфтед? Медонистед, ки ин ҷо мардум садсолаҳо намоз мехонданд. Манзили муқаддаси фарҳангию эътиқоду имон аст. Ҳатто сухани баланд намегуфтанд.

– Ошно-тоҷик, ман ҳам ин корро намехостам,-гуфт сарбоз бо забони шикастаи ӯзбекӣ.- Ду шаби аввал аспҳоро дар берун бастем. Дар ду шаб ҳафт аспамонро дуздиданд. Маҷбур шудем. Айби тоҷикони худатон...

Мансур пас гашт ва раҳораҳ пичирос зад: "Ман ҳеҷ вақт тарафи шумо намеравам. Ҳазор озодию амонӣ биёред, ки намеравам," Назди Ҷовид омаду ҷониби Арк қадам заданд, ба хотираш расид, ки ҳамин баҳор, ҳангоме ки ними гӯсфандонашро дар бозори Самарқанд фурӯхта ба Бухоро омад, боре ба ин масҷид даромада намози аср хонда буд. Таъхир карда хест, ки марди қаландарнусхае аз сафи ақиб ба кунҷи пеш рафта, дузону нишаст. Дақиқае гузашту пиракии ришпаҳне даромада, ҷониби қаландарнусха бо дағалӣ гуфт:

– Намоза хонда шудед? Пас чаро нишастаед?!

Мард хиҷолатманд шуду бо нимовоз чизе гуфт, ки Мансур нафаҳмид.

– Ин ҷо ҳар роҳгузар ҳаққи зикргӯйӣ надорад,- гуфт бо тундӣ ришпаҳн.- Ин ҷо фақеҳону муфассирон зикр мегӯянд! Хезед, аз пайи коратон шавед! Хезед!

Мард "хуб шудааст, хуб шудааст" гуфта, сабук хест ва бари ҷомаашро афшонда рафт. Гӯё онҳо гард гирифта буданд. Мансур ҳам хест ва дигар пояш накашид, ки ба он масҷид дарояд. Ана акнун ба ин макони муқаддас, на фақеҳ медарояду на раҳгузар. Манзили хачирону аспҳою маркабҳо ва кофирҳои арақнӯш шудааст. Шайх Аҳмад дар сӯҳбаташ гуфта буд, ки ҳар воқеае рӯй диҳад, ҳикмате дорад. Ҳикмат ҳамин, ки ин масҷидҳоро дуои ҳамон раҳгузарҳо, ки намегузоштанд онҳоро лаҳзае нишаста бори дил холӣ кунанд, гирифт... Мансур аз фикре, ки ба сараш омад, норозӣ шуда, худро маломат кард. "Андешаи хато накун".

Дар канори рости майдон, дар даромади кӯчаи Тӯпхона, дар хирманҷой оташ забона мезанад. Як гурӯҳ сарбозҳо он ҷо гирудор доранд. Дар рубарӯи даромади Арк ҳам як даста қатор истодаанд: сардорашон пасу пеш қадам зада, ба онҳо чизе мегӯяд. Дар атрофи Арк ҳам посбоҳо равуо доранд ва касеро наздик рафтан намемонанд. Ду рӯз пеш ин дарвоза ва бурҷу бораҳои боҳашамат, қасру кӯшкҳои болои Арк- ҳама ба хок яксон шуда дар алангаи оташ қарор доштанд. Ҳоло хоку хиштҳои рехтаро ғундошта, роҳи даромадро тоза карда, оташи қасрҳоро хомӯш намудаанд. Вале ҷо-ҷо дуд мебарояд. Сарбозҳо он ҷойро низ хокпӯш мекунанд. Аммо оташи баъзе хонаҳои атрофи Арк ҳанӯз аланга

мезанад. Инҳо хонаҳои мардуми доро ва касоне ҳастанд, ки дар ҳукумати амир кор мекарданд.

Сарбозҳои назди Аркро қатор карда, дохил даровардаанд. Яқин имрӯз ин ҷо коре доранд. Дар таги Арк хазинаи Бухоро ҷойгир аст. Шояд онро посбонӣ мекунанд? Аз рӯйи овозаҳои охир, гӯё амир имкони аз хазина чизе гирифтан накардааст. Каллаи бемағзашро гирифта гурехтаасту бас. Чанд нафар сарбоз дар китф халтаҳои бордор аз наздашон гузаштанд. Мансур дид, ки халтаҳо китоб доранд. Фикр кард, ки аз хонаҳои мардум китобҳои хубро ҷудо карда, барои худ гирифтаанд. Дақиқае гузашту боз чор сарбози тануманд ду ҷуволеро аз ду тараф гоҳе бардоштаю гоҳе кашола кардаю чанги кӯчаро хезонда оварданд. Аз паси сарбозҳо мӯйсафеди айнакие, ки сараш луч ва миёнаш ба рӯймол баста аст, тез-тез қадам задаю бо изтироб равон аст. Фурсте гузашту сарбозҳо ҷуволҳои китобро бурда, ба хирмани дуду оташ рехтанд.

– "Ин чӣ номақулӣ!? Ин чӣ кори кардаашон!?"-беихтиёр пичирос зад Мансур ва ҳамроҳи Ҷовид сӯйи хирманҷо рафтанд. Он ҷо манзараи дилхарошро дида, ҳуш аз сараш парид. Хирмани китоб месӯхт. Як гурӯҳ сарбозҳо дар атрофи хирман посбон истодаанд. Китобҳои куҳнаю нав, хурду бузург, баъзеро ҷилд аз пӯст, баъзе ба рӯймол печондашуда, баъзе ордолуд, баъзеро дарозӣ ним метр, ҳатто зиёдтар аз он, баъзе сандуқча барин ғафс. Дар байни оташ ҷо-ҷо сандуқу хӯрҷинҳои пур аз китоб ҳам ҳастанд. Яқин онҳоро аз одамони фироркарда, ки ҳамроҳ бурданӣ шудаанд, кашида гирифтаанд. Сарбозҳо китобҳои овардаашонро бо ғазабу нафрат пора карда, ба оташ меандозанд. Аммо варақҳои аз абрешими Самарқанд сохта ва даст хӯрда ҷинҷ шудаю дуди сафед бароварда, сиёҳ шуда, мемонданд. Гӯё навиштаҳоро ҳифз карданӣ буданд.

Оташ як паст мешаваду боз аланга мегирад. Дар атрофи хирман ҳар тараф одамон истодаанд. Баъзеҳо хомӯш оби дида мерезанд. Баъзеҳо ба овоз гиря мекунанд. Як гурӯҳ кӯдакҳо дар замини поёни роҳ, ки дарахтони калон дорад, ҷамъ шуда истодаанд. Сарбози паканаи рӯйтуруше ҳар гоҳ камонашро ҷониби онҳо гардонда шарақ-шуруқ мекунад. Сержанти танадори чашмтанге ҷониби одамон пӯписа мекунад: "Чанд маротиба гуфтам, ки ин ҷо наистед?! Китоби мусодирашуда баргардонида намешавад!"

Ин дам як гурӯҳ сарбозҳо ду аробаи пур аз китоб оварданд. Дар шину хези аробаҳо китобҳо мерезанд. Ҳамроҳи аробаҳо ду мард омаданд; яке қаддарози айнакӣ, ки куртаи сафеди дароз дорад, банди китфҳояш кушода, ва сараш луч аст. Дигаре нисбатан ҷавон, намудаш зардина. Ҷавон, мисле ки каси наздикаш мурда бошад, бо сӯзу алам гиря мекунад. Аз пас зани наҳифандоме меояд. Сарандозаш ба китфаш афтидааст. Чашмонаш гиряолуд. Аробаҳо назди хирман истоданд. Сарбозҳо ҷамъ омада китобҳоро ба оташ ҳаво доданд.

Марди айнакӣ атрофро бо таҳлука аз назар гузаронда, ҷониби сарбози қаддарозе, ки дар аробаи пеш менишаст, зора кард. "Писарам, ин ҷо китоби нучум, авзои кавокиб, санъати устурлоб ҳам ҳаст. Ақаллан онҳоро мегирифтам."

Сарбоз ба сухани марди айнаки эътибор намедиҳад. Нигоҳаш ба хирмани оташ ва одамони атроф банд аст.

Зан сарандозашро дуруст кардаю дасти марди айнакиро гирифта чизе гуфт.

Нафаре аз байни одамони болои роҳ айнакиро шинохта, ҷониби ҳамроҳонаш гуфт: "Ин кас эшони Ҷалолуддин-муфтии Чорҷӯй!"

Дар ҳамин ҳин Мансур шайх Аҳмадро дида ҳангу манг монд. Ва ба дилаш омад, ки яқин шайх равонаи Афғонистон аст. Ин ҷабру ҷафо ба сари ӯ ҳам омадааст. Акнун фикрҳояш дигар мешаванд. Ӯ ҳамон ҷомаи ҷо-ҷо пахтааш намоёну рӯймоли дар сар мисли салла баста дошт, ки бори нахуст ҳамроҳи падараш дида буд. Ва бо ҳамон бардамию чолокӣ аз паси сарбози танадори сиёҳандоме, ки як халта китоб дар китф дорад, меояд.

Мансур ҳам Хурсанд ҳам, ҳам хавотир шуд. Хурсанд аз дидори шайх, хавотирӣ аз сарбозҳои камондор. Ӯ пеш давида, дасти шайхро гирифт:

– Амак, шумо кай боз дар ин ҷо? - Мушоҳида кард, ки шайх хеле лоғар шудаю устухонҳои рухсорааш баромадаанд. Аммо дар нигоҳаш ҳамон рӯшанию салобати пешина барҷой аст.

– Дирӯз омадам ё парер буд. -Шайх табассум кардаю аз рӯи одат худро ба нодонӣ зад. Ва тез-тез сухан кард: -Як-як ба мазори Саиди Побанд медароям. Саллотҳо китобҳои мазорро гирифтанд. Онҳо дар зери чанг хоб буданд. Гуфтам, ки инҳо безарараанд, бовар накарданд. Кучо мебурда бошанд гуфта, аз пасашон омадам. Ин ҷо омада хирмани оташи китобро дидам.

Мансур хост сухани шайх "инқилоб бе ҳикмат нест"-ро ба ёдаш биёрад. Ӯ аз дур гап сар кард:

– Ватанамонро, ки соҳиб шуданд, акнун ба китоб даст заданд! Мешавад, ки бе китоб...

Шайх суханашро бурида лоқайдона гуфт:

– Китобҳои беҳуда ҳам бисёр шуда буд. Аз он шеъру ғазалу афсонаю ривоятҳо манфиат набуд. Баҳри онҳо худатона дилтанг накунед. Ман хостам "Шоҳнома"-и Фирдавсӣ ва "Маснавӣ"-и Мавлоноро гирам. – Ӯ андак таваққуф карду афзуд:-Ҳарду китоби қимат-а! - Ва чунон ки одаташ буд, табассум кардаю нигоҳи синчакоронаашро ба рӯям дӯхта илова кард:-Ҳоло ба мо китобе даркор, ки дар он фикри бедорӣ бошад.

"Ин шайх гоҳ ба худ аст, гоҳ бе худ. Ман аз тут мегӯям, ӯ бед!"- Мансур рост ба чашмони шайх нигариста, сухани дар забонаш чарх мезадаро пурсид:

– Амак, ҳикмати инқилоб дар чӣ бошад, мегӯям?

– Ҳикмат дар дасти Парвардигор,- бо ҳамон оҳанги аввала гуфт шайх.- Ҳикмат табдили замона, зиндагиамон. - Баъд Ҷовидро дида, дасташро ба китфаш ниҳода, суханро ба дигар тараф бурд:- Шумо ба Бухоро барои тамошо омадед?

Мансур хост гӯяд, ки табдили зиндагиро ман намефаҳмам, ки шайх боз ҳам пешдастӣ кард, нигоҳашро аз Ҷовид наканда афзуд:

– Тамошо кардед, гашта равед. Дар шаҳри нимсӯхта наистед,- ва сӯи Мансур нигарист. Мисле ки ба ӯ низ ин суханро таъкид мекард. Ин дам сарбози пакана халтаи китобҳои аз мазори Саиди Побанд овардаро назди хирмани оташ холӣ кардаю китобҳои берунафтидаро бо пояш зада, даруни оташ тела дод.

Шайх ба кори ӯ нигариста, таъбаш хира шуд.

Чанд нафар аз ақиб "поят шиканад! Гарданат парад!" гуфта садо баровардаанд.

Як гурӯҳ сарбозҳои аз кӯчаи Самангон омада низ халтаҳои китобро назди оташ рехтанд. Пас ҳар кадоме китобе бардошта дуртар рафта болояш нишаста аз китобҳо варақ даронда тамоку печонда дуд доданд. Одамони аз паси китобҳо меомада низ зиёд мешуданд. Баъзеҳо ба «Нарас! Дур рав!» гуфтани сарбозҳо эътибор надода аз назди оташ китоберо мегирифтанд. Сарбози дароз ба назди пойҳояшон тир паронда онҳоро дур мекард.

Марди айнакӣ дид, ки суханаш ба нағзӣ намегузарад, ҷониби дароз бо ғазаб гуфт: "Чизу чорама гирифтӣ! Курпаю намадама гирифтӣ! Ба китобам чӣ кор дорӣ?! Бар падари ин инқилоба бароварда ҳам лаънату туя ин ҷо роҳи карда ҳам!"

Зан бо тарс дасти мардро дошта, бо ситезмандӣ ва ҳам бо зорӣ гуфт:

– Шумо ҳуш доред?! Монед ҳамон китобҳоро! Бубинед, китоби ҳамаро мегиранд. Фақат аз они шуморо не!

– Ҳуши ман дар ҷояш, ҳӯши ин безурётту бетавфиққо нест! Дар вақташ ин ду китоба як аспи пеши бо зину банд дода гирифтам!

Сарбоз камонашро шарақ –шуруқ кунондаю тарафи мард дошт, ки ӯ дасташро хато карда гиребони куртаашро бо ғазаб зӯр зада даронда, банди дилашро луч карда, пеш дамонда, бо ғазаб фарёд зад:

– Парон, номард! Китобама гирифтӣ, зиндагиамро гирифтӣ,парон акнун! -Ва гиря кард. Чеҳраи мард суп-сурх шуда буд. Танаш чун барги бед меларзид.

Зан ба ҷавони зардина ишора карду мардро аз ду тараф даст гирифта бурданд.

Сержанти чашмтанг бо овози баланд чизе гуфт, ки сарбози дароз ақиб гашт.

Дар ин асно шайх бебокона сӯйи оташ қадам монда, китоби "Қуръон" ва "Шоҳнома"-ро бардошта берун омад. Вале пакана китобҳоро бо шиддат аз дасти шайх кашидаю ба оташ ҳаво дод. Шайх боз байни оташ даромада Шоҳномаро бардошт, ба китоби Каломуллоҳ ки дуртар афтидааст ҳанӯз нарасида буд, ки пакана қадаме болои оташ гузошта аз рӯймоли миёнаш дошта берун кашид. Хост китобро гирад, шайх китобро ба синааш зер карда, дасташро силтав дода хато кардани шуд, ки пакана пуштнокӣ калавида даруни китобҳои нимсӯхта афтид. Ба китфу сарурӯи пакана чанги хокистар парид. Мансур ӯро зуд бардоштаю либосҳояшро афшонд. Пакана дар ғазаб шуда туфангчаашро аз миён кашида, аз паси шайх, ки бепарво қадам мезад, давид.

Мансур пеши роҳашро дошт ва ба русӣ зорӣ кард: "Вай шахси назаркарда аст. Ба худат хуб намешавад..."

Пакана Мансурро задаю тела дода худро халос карданӣ шуд, ки сержант омада бо ситезмандӣ паканаро кашола карда бурд. Сержант сарбози дарозро низ ҷанг кард. Вай беҳуда ба ҳар тараф тир мепаронд.

Мансур дасти Ҷовидро дошта ақиб гашт. Болои чашмашро, ки аз зарби таппонча варам кардааст, дошта лабханд карда гуфт: "Аз паси ин шайх мудом калтак мехӯрам".

Одамони дар гирди оташ ҷамъшуда, бо овози баланд китобсӯзҳоро дуо карданд:

– Илоҳо рӯзи рӯшан набинед!

– Илоҳо мисли ҳамин китобҳо сӯзед!

Ҳангоме ки онҳо аз назди бинои дуошёнаи деворҳояш сафед гузаштанд, Ҷовид, "гурусна мондам" гуфт.

Мансур банди андешаҳо сухани Ҷовидро нашунид. Вақеаҳои дар хирман рӯйдода як-як аз пеши назараш мегузаштанд. Муфти "парон номард! Китобама гирифти, зиндагиама гирифтӣ", гуфту худаша рӯбарӯи камон дошт. Рост мегӯяд, барои деҳқон абзору зиндагиаш каланд бошад, барои ин тоифа абзор китоб аст. Дар Самарқанд, Фарғона ин номаъқулӣ набуд. Ин ҷо гӯё қасдан ин корро мекунанд. Шайх сухани аҷиб гуфт: "баҳри китобҳои шеъру ғазалу ривоёт худатона дилтанг накунед." Ин суханон ҳайронаш карданд. Пас зиндагиамон холӣ намешавад? Оянда чӣ гуна сурат мегирад? Ин қадар мактабу мадрасаҳои олам аз он китобҳо хондаю одами маърака, олими номдор шуданд... Не, ин шайх гоҳ ба худ аст, гоҳ бехуд. Аскари пакана ғалтиду хуб ки ягон ҷояш насӯхт, вагарна дар балош мемондем. Лекин шайх телаш надода буд...

– Падарҷон, гурусна шудам,-Ҷовид суханашро такрор кард.

– Ман ҳам гурусна. –Мансур беихтиёр ситезманд шуд.- Ҳоло дар ин шаҳр чойхона ҳам намеёбӣ.

Онҳо майдонро давр зада ба чойхонаи Лаби Ҳавзи Девонбегӣ рафтанд. Ними девори тарафи кӯчаи чойхона афтидаю болорҳо овезон аст. Он ҷо як гурӯҳ муздур интизори корфармоянд. Одамеро бинанд, ба умед мешаванд. Мансур дасти Ҷовидро гирифта, ба кӯчаи Лаби Рӯд гузашт ва дид, ки дастаи сарбозҳо аз масҷиди Поянда баромада, ҷониби Арк мераванд. Дарак гирифта, ба пушти масҷид гузаштанд, он ҷо касе ними ҳавлиашро чойхона кардааст. Ба кате ҷой гирифтанду Мансур нону тухм овард.

– Падарҷон, барои чӣ китобҳоро месӯзонанд?-пурсид Ҷовид.

Мансур ҳаваси сухангӯӣ надошт, бо дили нохоҳам гуфт:

– Худат дидӣ, гуфтам, насӯзонед, "не, месӯзонем"- гуфтанд.

– Шумо медонеду намегӯед,- норизо шуд Ҷовид.

– Калон шавӣ, худат мефаҳмӣ,- гуфт Мансур ва оҳ кашида афзуд:

– Сӯзондани Бухорою китобҳояш нав нест.

– Боз Бухороро сӯзонда буданд? Кай сӯзонданд?

Мансур ҷавоб надод.

– Чаро гап намезанед? Пеш ҳам Бухороро месӯзонданд? - Ҷовид ором намешуд.

– Эҳ бачаҷон.- Шаҳрҳо ҳам мисли одамон тақдиру тақдирҷунбон доранд... - Мансур чойи сӯзони дасташро нӯшиду боз пиёларо пур кард. Давраи дар мадраса хонданаш ба хотираш омад. Устодаш Мавлоно Сайфуддин аз таърихи кишвар чанд суҳбат оросту Мансур ҳамон вақт пай бурд, ки илми таърих инсонро ба тафаккур водор мекардааст. Гузаштаро мисли дарахти чормағзи бузурги пурмева пеши назарат намоиш медиҳад. Фикр кард, ки агар он шунидаҳоро ба Ҷовид гӯяд, онҳо дар зеҳнаш менишинанду ӯ дар оянда ба нигоҳи шахси бохабар ба воқеаву рӯйдодаҳо менигарад. Дар ин замонаи пуршӯр, ки зимоми давлату миллат ба дасти бегонаҳо афтодааст, фарзандони мо на фақат таърихи

худ, балки таърихи башарро бояд донанд, то ки ба дарки воқеаҳо зуд сарфаҳм раванд. На ин ки мисли қавми мо баъди кор аз кор гузаштан, "пула буду шӯла буд" гуфта баҳси беҳосил кунанд. Зимни чунин андешаҳо қарор дод қиссаи аз Мавлоно Сайфуддин шунидаашро, ки айнан ба ин рӯзҳо шабоҳат дорад, нақл кунад. Чойи пиёлаашро нӯшиду гуфт:

– Гӯш кун, ҷура: саргузашти ҳамин масҷиди рӯбарӯямонро, ки масҷиди Поянда ном дорад, мегӯям, ба хотир гир!

– Дар замонҳои хеле- хеле дур дар ҷойи шаҳри Бухоро ва ин атрофу акноф ҳама ҷангал буду кӯл ва найистонҳое дошт баландтар аз қадди аспу одам. Рӯди Зарафшонро он айём рӯди Мосиф мегуфтанд, пештар Номик ва аз он ҳам пеш Кӯҳак ном мебурданд. Чун он айём зимистонҳои сард меомад, гоҳе барфи зиёд борида, оби кӯҳҳои аз ҷониби Самарқанд меомада ба Мосиф мерехту дарё туғён карда, дашту ҷангалҳоро аз лойобу гилоб пур мекард. Дар ин ҷойе, ки мо нишастаем, дарё паҳн ва ба чанд шохоб тақсим шуда мерафт. Он замон ин ҷойҳо макони ҳайвонҳо буд. Баъдҳо одамон пайдо мешаванд. Аввал даста-даста аз хаволу сӯрохиҳо ба соҳилҳо мебароянд. Пас ба даштҳо роҳ ёфта, рафта-рафта шумораашон аз ҳисоби тоифаҳои раҳгузар, ки ин ҷо дам мегирифтаанду дарахтзору шикоргоҳҳо писандашон омада муқимӣ мешудаанд, меафзуд. Ва ҳамон вақт дар ин макон аввалин хонаҳоро сохтанд. Хонаҳои сангини калон, ки дар онҳо як авлод ё як қабила ҷой мегирифт. Зиндагиашон асосан аз рӯйи шикор мегузашт. Ва мудом дар тарс буданд, ки мабодо шикорашон барор нагираду аз гуруснагию сардӣ бимиранд. Баъдтар кадоме аз раҳгузарҳо ҳамроҳаш гандум оварда кориду баъди он ғаллакорӣ ривоҷ ёфт. Мардум аз шикори ҳамарӯза фориғ шуда ба корҳои деҳқонӣ низ расиданд ва зиндагиашон рӯ ба тараққӣ ниҳод.

Дар он аҳд як шохоби Мосиф аз майдоне, ки ҳоло Регистон ном дорад, убур мекард. Баъди чандин соли омадану афзудани миқдори одамон, дар ду соҳил деҳу барзанҳо пайдо шуданд. Дар соҳили шарқӣ, дар байни деҳаҳое, ки Исвона ва Вардона мегуфтанд, замини заҳоберо ҳамвор карда, бозори бутон (бутфурӯшӣ) сохтанду он маҳалро ба лаҳҷаи худашон Виҳор ном ниҳоданд. Яъне ҷойи об. Он ҷо аз ҳар тараф роҳибон меомаданд ва дар паҳлуи бозор, дар пайҷои хонаи куҳнае, ки камубеш деворҳояш боқӣ монда буд, хонаи ниёиш сохтанд (онро Хонаи Қадим ҳам мегуфтанд). Ва дар девори хона сурати худоёни он замон Офтобу Моҳтоб ва ҳайвонҳоро кашиданд. Ибодатгарон ба онҳо саҷда мекарданд. Аммо мардум бештар ба парастиши Офтоб ҳаводор буданд. Ҳар пагоҳӣ, ки офтоб мебаромад, ӯро бо рақсу шодӣ пешвоз мегирифтанд. Ба-дин тартиб солҳо сипарӣ шуданду тоифае, ки онҳоро муғон меномиданд, дини худашонро ҷорӣ карданд. Дар ҷойи Хонаи Ниёиш аввалин оташкадаро онҳо бино кардаю ба оташ саҷда мекарданд. Он оташкадаро Навбаҳор ном ниҳодаанд. Он дин се ҳазор сол пойдори карда буд. Дар он оташкада паҳлавонони номдори мо Рустаму Эраҷу Исфандиёр намоз гузоридаанд. Подшоҳон Кайхусраву Кайқубоду Гуштоспу дигарон дар он ба ниёиш будаанд. Он ҷо беморонро меоварданд, онҳо аз баракати оташу дуъоҳо шифо меёфтанд. Девори хона чунин шеъре навишта дошт.

Фурухта бодо рӯш, хунинда Гаршосп ҳӯш,
Ҳаме пур аст аз ҷӯш, ануш кун май анӯш
Ҳамеша некӣ кӯш, ки дӣ гузашту дӯш.

Чанд садсола гузашту марде ба номи Зардушт омад. Ӯ ҳамаи динҳоро омӯхта, ба дурустиашон шак овард ва яктопарастиро талқин кард. Ва гуфт: "Оташ мазҳари нури Худованд аст, таскиндиҳанда, илҳомбахш ва ба сӯйи Холиқ ҳидояткунанда. Ва аввалин вазифаи Одам дар он аст, ки бояд ба дини Аҳурамаздо бигаравад ва аз нопокиҳо парҳез кунад. Чунки баъд аз марг одам зинда гардонида шуда, дар адолатхонаи илоҳӣ аз амалҳои неку бадаш бозпурсӣ хоҳад шуд. Ва пас аз он аз рӯи амалаш одамро ба дӯзах ё биҳишт мебаранд. Ба воситаи пули Чиновот (сирот)."

Он замон ин суханҳо нав буданд ва чун тундар танинандоз шуданд. Овоза рафт, ки одам боз зинда мешудааст! Ин орзу, ки дар дили мардум нишаста буд, ба дини Зардушт гаравиданд. Зардушт китоби Авасторо навишту дар он қоидаи динсозию шариатдориро арза дошт ва ҳаводоронро ба он ошно кард. Чун овозаи ин илму амал ба атрофу акноф рафт, Виҳорро –Бухоро гуфтанд. Яъне макони илм. Аммо дар ин олам чизе нест,ки пойдор бимонад. Он дини моро коҳинони шикамбора бадрӯю бадном карданд. Дар солҳои охир мардум аз ӯ мерамидагӣ шуданд. Дере нагузашта оташкадаҳоро аз беху бун барафканданд. Ин кор аз чониби арабҳо шуд. Онҳо бо қувваи бисёр омада, шаҳрро тасарруф карданд, дар ҷойи Оташкада масҷиди бузург бунёд карданд. Ин масҷид ду маротиба ҳангоми адои намоз фурӯ меравад ва мардуми бисёре ҳалок мешаванд. Дигар метарсанд, ки он ҷо масҷид созанд. Баъдтар донишмандон ҷамъ омада, тадбир ҷустаю маслиҳат кардаанд, ки агар масҷидро ба намуди ситораҳои ҳафтдодарон созанд, шояд поянда монад. Ва сохтанду номашро "Поянда" монданд. Аммо дар аввал мардум ба дини ислом ҳеҷ дилгармӣ нишон намедиҳанд. Чор маротиба бо аскари араб ҷанг кардаю созиш намуданд. Ва ҳар дафъа, ки қушуни душман мерафт, намояндаҳоро сар бурида, боз ба дини бобоӣ бармегаштанд. Дар ин миён халқи бисёре нобуд мешавад. Охируламр соҳибони дини нав чунин дастур доданд: "Дар ҳар хона як сарбозеро ҷой мекунед, то ки ӯ ба намозу ниёиши онҳо назорат барад. Дар ивазаш ҳақ дорад, ки аз се як ҳиссаи молу мулкашро соҳибӣ кунад. Сарватмандон бо арабе ҳамхона буданро таҳқир дониста, манзилашонро монда, беруни шаҳр рафта хона месозанд.

Истилогарон онҳоеро, ки дар шаҳр монда буданд, ҳар вақт пеш-пеш карда, масҷид мебурданд. Онҳо шикоят мекарданд, ки на забонатонро мефаҳмем, на ба ниёишатон сарфаҳм меравем. Мебинанд, ки ниҳолашон пайвандгир нест, мегӯянд: намозро ба забони худ хонед ва дар масҷид мардеро вазифадор мекунанд, ки ҳангоми рукӯъ ва сучуд бо овози баланд: "Нигуниё Нигунӣ!" ва "Хезедо, хезед!" мегуфт. Ва касе ба масҷид меомад, ду дирам медоданд. Дар аввал бекорону муздурон, пас деҳқононро низ ҳаваси пайсагирӣ боло гирифт. Рафта-рафта домуллоҳо пайдо шуданд. Домуллоҳо бартарии дини навро ба мардум фаҳмонданд. Баъди ин тадбирҳо мардум ба масҷид меомадагӣ шуданд. Дар ҳамон рӯзҳо Бухоро аввалин маротиба оташ гирифт. Сабаб дар он будааст,

ки мусулмоншудаҳо молдору ҳолдор шудаю қувват гирифта, ҳар гоҳ ҳамроҳи пешвоҳояшон рафта одмони дар беруни шаҳр хона сохтаро "мачусӣ!", "кофир!" гуфта, дашном медиҳанд. Байнашон якчанд маротиба занукӯб мешавад. Боре ҷанҷолашон калон мешаваду чанд хонаи "мачусиҳо"ро оташ мезананд. Дар ҷавоб онҳо омада аввал масҷиди Пояндаро оташ мемонанду пас хонаҳоро. Ва ҳамон вақт ҳам чун ҳозира бештари хонаҳои Бухоро месӯзанд. Фотеҳон мисли имрӯз фармон медиҳанд, ки китобҳоро аз хонаҳо ҷамъ карда сӯзонанд, то ки мардум дигар дину дастурҳои гузаштаашонро нахонанду надонанд. Оташпарастонро таъқиб мекунанд. Чанд донишманд аз рӯйи ватандӯстӣ маслиҳат кардаю баъзе китобҳои ба хати мехӣ (хати пешинаи мо) навиштаро ба арабӣ мегардонанд, то ки аз таъриху тадбирҳои гузашта ёдгоре бимонад. Яке дар китобе байни сатрҳо ситами он рӯзҳоро ифшо мекунад: "Ҳоло лафз ва дину хулқи ман ғарибу бегона шуда ва ба тааммулу азияту озор одат кардаам. Он, ки маро мешинохт, ношинос шудааст. Он, ки аз суҳбатам ифтихор дошт, аз диданам кароҳат мекунад." Хабари ба арабӣ баргардонидани китобҳо ба фотеҳон мерасаду он бечораҳоро пора-пора карда, пораҳояшонро дар оташ сӯзонда, хокистарашонро ба дарёи Мосиф пош медиҳанд..

– Оҳ, чи қадар одамони бад будаанд онҳо,- Ҷовид токат накарда садо кард.

– Бале, бад буданд. Чунон баду бахилу нодида, ки таҳҷоиҳоро ба кори обрӯмандтаре роҳ намедоданд.. Таҳҷоиҳоро аспсавор медиданд, бадашон мерасид. Ва аҷиб ин, ки бубин: таърих боз ба ҳамон тарзу тадбир такрор шуд: китобҳоро месӯзонанд, хонаҳои мардумро соҳибӣ мекунанд. Мансабҳоро ба одамони худашон тақсим мекунанд. Боз... - Мансур худро дошт ва ба андешае, ки оё гуфтаҳояшро Ҷовид мефаҳмида бошад, синчакорона ба ӯ зеҳн монд ва афзуд: -Ҳамин гуна гапу корҳо, ҷӯра. Он оташи деринаро нобуд карданд. Аммо дар ин мулк оташи кини маҷусӣ, кини рофизию, шиъаю суннӣ ва боз ким-чиҳоеро барафрӯхтанд, ки то ҳол гоҳ-гоҳ аланга мегираду хомӯш мешавад, аланга мегираду хомӯш мешавад.

Аммо Ҷовид, ки интизори шунидани давоми қисса буд, пурсид:

– Ҳамин масҷиди рӯбарӯ ҳамон масҷиди Поянда аст?

– Худи худаш.-Мансур нигоҳашро аз Ҷовид наканда афзуд:- Акнун навбати болшевикҳо шуд. Инҳо масҷидро вайрону аспхона кардаанд. Хоҳ-нохоҳ баъди инҳо боз дигарон меоянд ва ба ин монанд корҳое мекунанд...

– Ин як хонаи ҷангандоз будааст.-Ҷовид ошуфта ба падараш нигарист.

– Сухани ҳақро худат гуфтӣ.- Мансур ба завқ хандид.-Хонаи ҷангандоз. Аз рӯзи бино шуданаш ҳамроҳаш баҳсу наҳсу куштору сӯхтор аст. Ӯ фикр кард, ки ҳангоме Мавлоно таъбаш хуш мебуд, бо тамасхур сар ҷунбонда илова мекард:

– Он замон ки китобҳои оварда, масҷиду муллогӣ нав буд, сӯҳбатро асосан аз ҳашру ҳисобу ҷаннату дузах мекарданд. Ваъдаи ҷаннату ҷӯйҳои ширу асал, сояи беду ҳурони биҳиштӣ, ки шаб ба онҳо ҳамхоба мешавӣ, рӯзи дигар боз ба ҳолати духтариашон бармегарданд, мардумро ғуломи ин афсона кард. - Ва бо таассуфу истеҳзо сар меҷунбонад: - ғуломи мулло ҳам карда монд.

Баъдтар (баъди дусад сол) одамоне пайдо шудаю ба ин қиссаҳо киноя карданд: "Дар он олам кор мудом ошиқбозӣ будааст-дия". Ё "агар арақи ҷабин

нарезонӣ, он сояи беду ҷӯйҳои асал ба чӣ кор оянд?" Яке аз шаккокон коре кард, ки он дар хотирҳо монд. Ӯ Шарифии фақеҳ буд. Худро ба сурати дарвеш ороста чӯберо аз ду ҷониб чун шамъ оташ гиронда дар кӯчаҳо ба шитоб медавид. Мардум ҳайрон мешуданд. Шарифӣ ин чӣ ҳол аст? Оташро куҷо мебарӣ?

– Рафта ҷаннату дӯзаха алов мемонам!-шиддат мекард ӯ.

– Чаро чунин мекуни?-мепурсиданд баъзеҳо.

– Чунки ҳама аз ҷаннату дӯзах сухан мегӯянду дигар коре намонда.

Дере нагузашта Шарифӣ мурд. Мурдаашро дуртар аз хонааш ёфтанд, ки ҷанд захми корд дошт. Ҳолдонҳо мегуфтанд, ки ин кори морсарони замон аст.

Мавлоно Сайфуддин баъди қиссаро гуфтан тибқи одат даст ба пушт гирифта, рӯрӯи ҳавлӣ қадам зада, бо овози паст худ ба худ шеър мунга мекард:

Гарчи таърих афсонаранг аст,
Ман ин афсонаҳоро дӯст дорам.
Зиндагӣ зебост, зиндагӣ зебост,
Оташгоҳи дерина побарҷост.
Гар бияфрӯзиш, рақси шӯълааш то бекарон пайдост,
Варна хомӯш асту хомӯш чун гуноҳи мост.

Мансур ба самте нигариста муддате хомӯш монд. Пас хеста рафт, ки чой биёрад. Марде аз рӯбарӯ омада гуфт:

– Ака, тамошо намеравед? Саллотҳо хазинаи амирро мебаровардаанд.

"Ана барои чӣ имрӯз назди дари Арк даробаро доштаанд".- Рафтан лозим,- гуфт Мансур.

Одамони дар катҳо нишаста аллакай гап-гапи хазинаро доштанд. Ҷавони дохунданамое майдонро гузашта омаду дар кате ҷой гирифта гуфт:

– Ба Арк даромадан наметонанд, беҳуда овора нашавед.

Мансур ҳам аз роҳ гаштанӣ шуд. Вале кунҷковиаш боло гирифту фикр кард, ки дар паҳлӯи хазинаи ватан қарор дошта, надонӣ, ки чӣ қисмате дорад, хуб нест. Ҷовидро бурда аз дари хонаи Мирзоумед дарун карда омад. Ногаҳ назараш ба посбоне афтид, ки аз марде пул гирифту ӯро раҳнамоӣ кард. Ӯ ҳам як қабза каренкаро (пули Керенский) ба дасти сарбоз қапонда буд, ки ба ҷойи бо тӯп зада паст кардаи девори Арк тахтаеро рост монду огоҳ кард: "касе пурсад, гӯй, ки барои тоза кардани роҳравҳо оварданд".Мансур ба болои тахта баромада, чӯби дар байни девор хобондаро, ки сараш як вақаб берун аст, дошта худро боло гирифт. Ва аз наздик кӯшкҳо ва ӯрдаҳои вайроншудаю сӯхтаро дида, дилаш тақ кашид. Арк ба назараш мисли махлуқи бузурге намуд, ки одамони бисёре ӯро бо тиру чӯбу оҳан зада нимҷон кардаанд. Дар қадим одамон ҳайвонҳои бузургро бад-ин тарз зада меафтонданд.

Ба изтироб аз паҳлӯи бинои вайронае гузашта, сангу хишти роҳро чидаю ҷамъ карда, ба ҷое, ки сарбозҳо намоёнанд, наздик шуд. Эҳсос мешуд, ки ин ҷо нисбат ба шаҳр бӯи дуду ҳаргуна ғубор бештар аст.

Хазина дар қисми поёни Арк аст, дараш дар поёнтари хонаи қушбегӣ. Сарбозҳо бо шитоб аз таҳхона сандуқу халтаҳоро мебаровардаанд. Яқ қисми

сарбозҳо ва ҳангомаҷӯйҳо онҳоро давра кардаанд. Аз дур халтаю саночҳои пурбори дар роҳравҳо ҷамъ оварда намоёнанд. Зарфҳои тиллоию шишагӣ дар офтоб медурахшиданд, Аз тамошои онҳо ҳам ҳаввасат меояд, ҳам мавҷи изтиробангези номаълуме вуҷудатро нороҳат мекунад. Мансур назди давра омад. ки дасте сахт аз бозӯяш дошт. Баргашта Низом -махдумро шинохт. Ӯ либоси мардикорӣ дар бар дошт. Саллаи фарсудаи нимрангеро то болои чашмонаш фуровардa буд. Мансур нигоҳи рамузноки дӯсташро мушоҳида карда, фаҳмид. ки ӯ қасдан либосашро дигар кардааст, то нашносанд.

– Хуб кардед, ки дар ин рӯзи таърихӣ омадед,-гуфт Низом- махдум.- Тиллои дар тӯли панҷсад сол ҷамъовардаи подшоҳонамонро тамошо мекунед.

Онҳо ба қатори даврабудаҳо омаданду Низом -махдум худро паноҳтар дошт. Дар байни сарбозҳои борбардор ҷавонони ҳузарби таҳҷоӣ ҳам ҳастанд. Яқин онҳоро аз бозори мардикор овардаанд. Аз таҳҳонаҳо ҷуволҳоро онҳо мебароранд. Сержанти гандумгуни танадоре саллотҳоро гоҳ ба русӣ, гоҳ ба тоҷикӣ "суст намонед!"-гӯён ҳадаҳа мекунад. Он тараф аз зинаҳо ду афсар ва марди мӯйлабисиёҳдори таҳҷоӣ бори аз хазина баромадаро ба дафтар менависанд. Ва дар баландӣ боз ду нафар- яке лейтенанти калони рӯяш гирд, ки аз гирумонаш сардаста буданаш маълум аст, дигаре марди таҳҷоии хушандом, ки камзӯли тоҷикӣ ва саллаи осмониранг дошт, суҳбат мекарданд.

– Он марде, ки бо лейтенант сӯҳбат дорад, номаш Муҳиддин,-гуфт Низом- махдум,- вай яке аз бойҳои машҳури Бухоро!. Ҳоло писараш Абдуқодир ҳамроҳи болшевикҳост. Инҳо ҳам ба гирдоби ин бало афтиданду дигар баромада натавонистанд.

– Русиро медонад, ки бо сардаста сӯҳбат дорад?

– Каму беш медонад. Ин ҷо касе тиҷорати калон дошт, русиро омӯхт. Чунки бо шаҳрҳои Русия тиҷорати пахтаю пӯсти қароқӯлу дигар масолеҳ дар понздаҳбист соли охир фузун шуда рафт ва забондонӣ зарур шуд.

Мансур мушоҳида кард, ки хазина ҳам таҳҷоиҳо ва ҳам сарбозҳоро бесаранҷом кардааст. Бахусус сардастаи гирдарӯро. Ӯ ҳар баста ва сандуқеро, ки мебароранд, ба шиддат "дошта ист!" гуфта тагорӯ карда чӣ доштанашро менависад. Ва гашта-гашта ҷониби сержант таъкид мекард: ягон танга ё чизе аз рӯихат берун намонад. Бо чунон оҳанге сухан мекард, ки гӯё чизу чораи дуздбурдаашро ёфтаасту онҳоро мешумурад.

Низом- махдум як қисми молҳои баровардаро номбар кард.

"Дар саночҳое, ки дар канори даҳлез тахт задаанд, тиллои бемӯҳр аст. Халтаҳои паҳлӯяшон тиллои бамӯҳр. Сандуқҳои дар роҳравҳо чидашуда ҷавоҳирот доранд ва ҳаргуна саҳмияҳо ва пулҳои Николай. Амирони аҳмақ пулро бисёр ҷамъ карда будаанд. Халтаҳои он сӯ ҳама пури пул. Дар ҷуволҳои болои суфа тахтзада тиллои хока ва нуқра ҳаст. Дар ин бастаҳо ҷомаҳои шоҳона ва либосвориҳо. Он асбобу анҷом, ҳайкалчаҳо- ҳама аз чинию тилло сохта шудаанд.

Сарбозҳо саночу халтаҳоро қасдан корд задаю даронда, тангаҳоро резонда, бар болояшон бо хандаю бозӣ қадам монда, ба нӯги по зада, "амир хазинаро барои аскари сурх ҷамъ карда будааст"- гуфта мазоҳ мекарданд.

Ду нафар ҷавони таҳҷоӣ бастаҳои кампалро, ки аз мӯйи уштур бофта шудаанд, баровардаанд. Қитобҳои шоирони муосир ва замони пеш бо соядасти "Тӯҳфа ба амирам!", ким- чи гуна алафҳои доруӣ, хумҳои майи сурғучкарда, санадҳо, ваколатномаҳо, таърифномаҳои аз замони Темур ва дигар ҳокимон мондаро ҷамъ кардаанд. Аксари саллотҳо майи бепулро нӯшидаю ширакайфанд. Сарбозе сандуқчаи бо махмал печондаро баровардаа, сарпӯшашро кушод ва ба атрофиҳо нишон дода, бо овози баланд гуфт: "Бубинед, чизи аз ҳама қиматро худам ёфтам!" Дар даруни сандуқча бриллиантҳои баробари тухм ва аз он майдатар ҷой карда шудаанд Сержанти гандумгун хост сандуқчаро гирифта ба ҷое гузарад, ки лейтенанти кулчарӯ "сержант Мирзоев, сандуқро ба ман деҳ!"- гуфт ва онро гирифта ба кунҷе ҷой карда, аз болояш ду китоби фарсударо монд. Сарбози қадбаланди чашмкабуде ҷоми аз санги барф барин сафед сохтаеро, ки аз ду тараф даставу атрофаш навиштаҳо дошт, нишон дода, пурсид: "кӣ хонда метавонад?" Сарбозҳо атрофи чашмкабуд ҷамъ шуданд. Аз давра ҷавони олуфтае пеш рафта, қадаҳро гирифта, бо домани куртааш тоза кард ва ба навишта зеҳн монда, ба лаҳни русӣ гуфт:

– Ин хатти форсӣ не. Аз афташ ба хатти мехӣ навишта шудааст.

– Солаш ҳаст? Кадом сол сохта шудааст?

– Маълум не,-олуфта боз ба навишта зеҳн монд.

– Ҷоми даҳмардахӯр будааст-ку!-Сарбозе садо баланд кард.

– Шумоён аз уҳдаи хати худатонро хондан намебароед,-гуфт сарбози чашмкабуд.-Ба ман деҳ! Қадаҳ Маскав меравад. Он ҷо ҳам хатро муайян мекунанд, ҳам солро.

– Хазинаро Маскав мебаред? -ҳайрон шуд ҷавон.

– Барои шумо мемондем?- сарбоз низ ҳайрон шуд.

– Вай гумон дорад, ки чун хазинаро гирифтем, ба ҳар кадоме даҳ тангагӣ тақсим мекунем,-гуфт сарбози биникалоне, ки аз майи кӯҳна маст шуда буд ва ҳама хандиданд.

Фақат сержант Мирзоев нахандид. Вай ҷониби лейтенанти гирдарӯ бад-бад нигоҳ мекард.

– Амир гурехт? - Сарбози ҷом дар даст ҷониби олуфта нигарист. -Акнун чизе дар хазина ҳаст, моли ҳалоли каси ғолиб. Қоидаи ҷанг чунин аст.

– Пас ин ҷанг ҷанги тассарруфу тороҷ будааст, на инқилобу озодӣ,- ҷавони қавипайкаре, ки ҷуволи нуқра дар пушту ду печ саллааш дар нӯги сараш аст, бо оҳанги шӯхӣ садо дод.

– Ҷавони олуфта ба оҳанги аввала афзуд:

– Маълум мешавад, ки он хату хабарҳое, ки рӯзи аввал дар шаҳр паҳн карда мегуфтед, ки:- "Мардуми шарифи Бухоро, мо дӯсти шумо! Мо фалону бисмадон мекунем!" -ҳама фиреб будаанд?

– Додари сода, бе ин намешавад, - яқин сарбози биникалон зиёд нӯшидааст, ки пешониашро мастона молида бо овози баланд афзуд:-Ба гӯшат гир, ҷӯра! Кадоме гуфта будааст, ки инқилоб ситамдидагонро озод намекунад, истисморгаронро иваз мекунад. Мо ҳақиқати ин гуфтаҳоро дидем...

– Офарин! Ҷони гапро гуфт,- пичирос зад Низом – махдум. Рухсора сурх шуданду афзуд:- Хазинаро мебаранд, як дона наменонанд.

– Капустин, ту боз нӯшидӣ? –Сардаста наздики биникалон омад.-Ин ш нӯшад, аз лақидан наменонад!- гуфт. Ва ба Сержант Мирзоев фармон Капустинро ба таҳхона бар, халта бор кунад.

– Ба канахонаи амир барам-чӣ?- пурсид Мирзоев ба оҳанги шухӣ Капустин фармуд:-Пеш даро! Сазоят таҳхона.

Сержант ба лаҳҷаи самарқандӣ сухан мекард. Мансур гирумони Мирз таъқиб кард.

Дар давра будаҳо байни худ баҳс доштанд.

– Хазина насибшон карда будааст.

– Урус гирад-е, ошаш шавад. Ба дасти мусулмони мо нарасад!

– "На худ хӯрду на ба кас дод, ганда карду ба магас дод", дар ҳаққи ҳа

Ин дам аз назди даромади Арк овози мошин баромаду ду нафар дар л низомӣ мӯйсафеди асобадастеро ба роҳе, ки аз ҳар тараф хишту хок рех пеш-пеш карда оварданд. Мӯйсафед миёнаш андаке хам шудаю устух чеҳрааш баромадаи ҳар ҷо хол пайдокарда ва пурожанг дошт.. Ба ҷуволи н дар сари роҳ дастони ларзонашро такя монда, тез-тез нафас кашид. Дар с тоқии нав, ки андаке калон буданаш маълум. Дар нигоҳаш озору изт ҳувайдост. Ба чизу чораи атроф ва одамон гӯё бо истеҳзо ва маломат менигар

– Мӯйсафедро кӣ маълумот дода бошад?-пичирос зад Низом - махдум

– Кист ин мӯйсафед?- пурсид Мансур.

Низом -махдум чашмони калон кушодаашро аз мӯйсафед намеканд.

Мӯйсафед ба чизу чораи аз хазина бароварда бо таассуф сар чунбо сар-сарӣ назар андохту пас гӯё чизеро ба хотир меоварда бошад, ба сам гариста андешаманд шуд.

Муҳиддину лейтенант омада ба мӯйсафед салом доданд.

– Муҳиддинҷон, шумо ҳаминҷо будаед–дия,- нигоҳи таънабори мӯйс ба рӯи Муҳиддин дӯхта шуд. -Шумо дараки маро додед?

– Амаки Файзуллоҳ, ман ҳам ин ҷо омадани саллотҳоро шунида, п аз шумо омадам.-Муҳиддин нигоҳи меҳрборашро аз рӯи мӯйсафед намек Ҳоло шуморо дида, ҳайрон шудам.

– Мана ҳоли Бухорою ҳоли хазинаи номӣ! Ҳамаро ба дасти калхоту додем.-Мӯйсафед ҳоло ҳам ба мусоҳибаш бо гумон менигарист, яктахи сабзрангашро аз танаш кашиду бо миёнбанд арақи сарурӯяшро пок ка аз болои курта ҳам миёнбанд дошт: ин дафъа ғазаболуд пурсид:- Ин чав мо чӣ кор карданд? Абдуқодиратонро мегуфтанд, ки баақл аст, хондагӣ

– Ин тоифа баақл набаромад, амак,- чеҳраи Муҳиддин сурх шуд.- Мо онҳоро хондагӣ мегуфтем. Хондан то хондан фарқ доштааст.

– Латифхоҷа ҳам сухани шуморо гуфт: "Бародарам Убайдуллоҳ Файзул хононду ба худаш бало кард" (Убайдуллоҳи падари Файзуллоҳ Хоҷа дар аст). Худам якчанд маротиба насиҳат кардам: "Файзуллоҳ, ба ту чӣ на сад? Худованд молу давлат додааст. Чи қадар пул хоҳӣ, падари аҳмакат кардааст. Гиру урус барин зовут соз, фабрик биёр!" Ҷувонимарг суханам

ин ки гӯш накард, балки ба таври худ насиҳатам кард: "Амак, ҳамнишиниро бо Олимхон бас кунед вайро ҷанозааш хондагӣ –Ӯ ба атроф бо чашм ишора карда, афзуд:- Ҳоло қабоҳаташонро фаҳмида бошанд?

– Ягон рӯз мефаҳманд.

– Баъзан ба фикрам меояд, ки хуб шуд Убайдуллоҳхоҷа пештар мурд. Вагарна кору кирдори писари бадаъмоли ҷабборзадаашро медид, ҷиннӣ мешуд.

– Ҳоло Латифхоҷа дар ҳамин ҷо?-пурсид Муҳиддин. - Шумо ҳамсоя-ку.

– Вай пештар аз рӯзи фироқ баромада рафта буд. Гурехтани амирро шуниду дарҳол худашро панаҳ кард. Рафтагияш хуб шуд. Рӯзи фироқ хонаашро аз осмон бо аэропланашон чунон алов партофтаю тирзаниҳо карданд, ки як болор ё девори обод намонд. Ҳамаи маҳаллаи моро чунин карданд. Дарахтҳо сӯхта бурафт. Молхонаҳо ба молаш сӯхт. Ҳоло худам дар гӯшаи шаҳр дар хонаи духтарам зиндагӣ дорам. Як умр ба ҳавас хонаю дар кардему... Мо уруса мардуми хуб мегуфтем, баинсоф мегуфтем... Овози мӯйсафед ларзид.

Сарбозҳои тилломебароварда пай бурда буданд, ки мӯйсафед хазинадор аст, гап мепартофтанд.

– Марди ба иқбол будааст.

– Бубин, чи хел неруманд аст.

– Тилло дорад. Хонаша кофтан лозим.

Лейтенанти калон марди мӯйлабдорро, ки ҳамроҳи ду нафар афсар моли аз хазина баромадаро ҳисоб мекарданд, сӯяш ишорат карда, чизе гуфт:

– Бо мӯйсафед акаи Муҳиддин гап зананд, хуб аст,- ҷавоб дод мӯйлабдор.

Амаки Файзуллоҳ ба тангаҳо ва пулу саҳмияҳое, ки рӯйи зинаю роҳравҳо рехта буданд, зеҳн монда, ҷониби мӯйлабдор гуфт:

– Шумо бо инҳоед? Ин чӣ кори кардаатон? Ҳамаи молу чиз дар таги по! Се рӯз шуд мефаҳмам, ки саллотҳо ба таври худ ба хазина дарою баро мекардаанд. Шаҳрро гирифтед, хазина дар дастатон, пас сариштаро кунед! Онро ба коре истифода кунед, ки халқу Худо хурсанд бошанд.

– Албатта, албатта, амак,- мӯйлабдор даст пеш гирифта, таъзим кард.

– Ман аз замони амир Музаффар ин тараф ин ҷо кор кардам,- афзуд Файзуллоҳ.- Дар даврони Абулаҳад сенздаҳ сол ин хазина дар дастам буду як хасро аз ҷояш бечо накардаам. Нисфи ин ҷуволу саночҳои чарминро худам дӯхтам. Ин ҷо молу чизи бисёре ҳаст. Қариб панҷсад сол аст, ки ин ҷо чизи хуби ин музофотҳо ва берун аз он ҳам ҷамъ мешавад. Ман аз ёд медонистам, ки дар куҷо чӣ гузошта шудааст. Ба заҳматам дилам месӯзад.

Мӯйлабдор чизе гуфт.

Мӯйсафед ба сухани ӯ гӯш накарда, байни халтаю саночҳо чарх зад, чандеро даст карда дид, мисле ки вазнашро андоза мекард. Баъзе сандуқҳоро кушода дид ва нафаси ҷуқур кашида, ба шиддат пӯшонд. Назди асбобҳо рафта, баъзеро бо нӯги асояш тела доду яке чашмаш ба сандуқчаи таги китобҳо афтид, онро кушода зеҳн монд ва гуфт:

– Ин ҷо бриллиантҳои тухм барин ва майдатар сад дона буд. Ин ҷо чанд-то...- Ва шумурда афзуд: -Хурду калон сию се дона мондааст. Ҳафтто шамшери тиллоӣ буд ин ҷо, дуто мондааст.

– Амак, шояд пештар худи амир шамшерҳояшро ба касе додааст...

– Вай чунин чизҳоро намедод,- мӯйсафед сухани бурутакиро бурид ва ба ситезмандӣ афзуд: - Аз сандуққо пули Николайро кам кардаанд.

– Амак, ҳоло ҳамаи пулро набаровардаанд.

– Ҳама пулҳоро баровардем,- садо дод касе.-Дар он халтаҳо ҳам пул ҳаст!

Хазинадори пештара болои халтаҳои дар суфа рахтзада пуштнокӣ таки карда, бо чашмони калон кушода ва андаке табассум ба шаҳр абгору шикаста нигарист. Зуд рӯяшро ҷониби дарёи Зарафшон, ки ҳар дам аз нафасаш шамолак хур-хур вазида гармии ҳаворо мегирифт, гардонд. Аранге табассум кард. Шоял айёми пуровозаю пурдабдабаи гузашта ба хотираш омаданд. Он вақт дар чашми мардум обрӯи хазинадори амири Бухоро аз амир кам набуд.

– Амак, мо аз шумо пурсиданием... - Муҳиддин гап сар карда буд, ки мӯйсафед ба ӯ эътибор надода, ба халтаҳои таги дасташ ишора карда гуфт:

– Ин тиллои Бадахшон аст, тиллои тоза,- сипас бо абрӯи пургирех сӯйи бурутакӣ нигариста афзуд:-Хазина дар дастатон, ман ба чӣ кор лозим шудам, ки пешандоз карда овардед? Олимхон баъди чор соли амириаш "ту пир шудӣ"гуфта ба ҷоям аз Қаршӣ Имомқулро овард. Имомқул як удайчии дузд буд.

Сардаста бетоқат шуда ҷониби мӯйлабдор ғур-ғур кард. Муҳиддин нигоҳи мӯйсафедро дошта, бо оҳанги маслиҳат гуфт:

– Амакҷон, ман ҳам ин ҷо омада, аз корҳо хабардор шудам. Аз рӯйи сухани сардаста шуморо барои он овардаанд, ки гӯё хазинаи амир дар таҳхонаҳои гуногун будаасту дарҳояшон хишт чидаю маҳкам карда шудаанд. Ва гӯё шумо он таҳхонаҳои пинҳониро медонед. Ман ба инҳо гуфтам, ки ин овозаҳои аҳмақона дурӯғи маҳз аст. Ман ин ҷо калон шуда, чунин суханро якумин маротиба мешунавам.

Чеҳраи мӯйсафед андаке сафед шудаю дар он изтироб мавҷ зад, бо рӯймоли дасташ арақи пешониашро пок карда оҳиста, вале ба зарда гуфт:

– Ҳама тиллое ки ҳаст, дар пеши чашматон. Мо шунида будем, ки Шайбак (Шайбонихон) аз Ҳирот тилло овардаю онро ҷудо медоштааст. Ин воқеъа чорсад сол пеш рӯй додааст. Ва он тилло дар замони Кучқулихони аштархониҳо ҳам гуё ҷудо будааст. Баъди он, ки Раҳимхон - сарсулолаи манғитҳо истоқлолияти Бухороро ба даст мегирад, ҳамаро омехта мекунад.

Сардаста боз чизе гуфту мӯйлабдор тарҷума кард:

– Сардаста мегӯяд, ки бе шумо ҳам таърихро медонем, роҳи тиллоро гӯед вагарна борут монда, худамон меёбем.

Хазинадор ҳам одами тез будааст, ки бафурҷа рафта рӯйи сандуқ нишасту боре ҳам ҷониби сардаста нигоҳ накарда, ҳамчунон ба зарба гуфт:

– Тилло! Аз тилло ин гуруснаҳо сер намешаванд? Хазинаро соҳибӣ карданд хонаҳои мардумро толон карданд, шаҳрамро, хонаамро сӯзонданд, акнун маро аз ин Арки хоктӯдашуда метарсонанд! Монад, борут мемонад, бумба мемонад балою батар мемонад, заррае парво надорам. Бароям фарқ надорад, ки ҳозир мемурам ё пагоҳ, ё баъди як сол!

Сардаста ғазаболуд шуд. Ғур-ғур карда атрофи асбобҳо қадам зад, ки Муҳиддин аз китфаш дошта, дуртар бурда, чизе гуфт.

Мансур дасти Низом - махдумро дошта бо нимовоз гуфт:

– Шумо ҳам аз ин воқеъаҳо хабар доштед?

– Бале, чунин овозаҳоро мо ҳам мешунидем,- Низом -махдум аз собиқ хазиначӣ чашм намеканад.- Мегуфтанд, ки он таҳхонаҳоро амир ва боз як ё ду нафар медонанд. Якеш ҳамин Файзуллоҳ, ки синнаш аз ҳаштод гузаштааст. Кӣ ин овозаро ба болшевикҳо расондааст?... -Ӯ бо таассуфу нафрат сар ҷунбонда илова кард: - Ба назарам, ҳам Муҳиддин, ҳам Файзуллоҳ ба рамз сухан карданд.

– Таҳхонаи пинҳонӣ бошад?

– Бошад ҳам, Файзуллоҳ нагуфт...

Дар ин лаҳза як ҳолати бетавофутии ғашовар ба дили Мансур роҳ ёфт. Фикр кард, ки шахси пулу моли бисёр ҷамъкарда нахӯрдаю надода нохост мемурад, рӯзи ҷанозааш ба мурдаашу рӯзгорашу дороияш нафрати кас меояд. Аз ин хазинаю соҳибонаш ҳам ҳамингуна нафрат мекунӣ, безорӣ меҷӯӣ.

Бештари одамоне, ки барои тамошо пул дода даромадаанд, ба сарбозҳои хасташуда ёрӣ мекунанд. Чанд нафар сарбозе, ки майи кӯҳнаро зиёд нӯшидаанд болои зинаҳою роҳравҳо нишастаю пинак мераванд. Ҷавонони таҳҷоиро низ он ҳавасу рағбати тиллокашонии пештараашон нест. Ҷуволҳои нуқра онҳоро хастаю лакот кард. Бар болояш ҳаво гарм. Сардаста ин ҳолатро мушоҳида карда, ба сержант Мирзоев фармуд, ки аз берун боз даҳ- бист ҷавони ҳузраб ёфта биёрад.

Мӯйсафеди Файзуллоҳро гусел карданд. Ӯ дастҳо ба пушт, бо сари хам оҳиста қадам монда мерафт. Гоҳ-гоҳ байни роҳ истода ба шаҳри зеҳн мемонд. Кӣ медонад, дар сар чӣ андеша дошт. Ин дам назари Мансур ҳам ба шаҳр афтид. Аз баландӣ шаҳр мисли гулзоре менамуд, ки шаби сарди пурбарфро гузарондаасту гулу гиёҳ ҳама сиёҳ гаштаву пажмурдаву беҳол аст.

Аз байн тақрибан даҳ дақиқа гузашту садои "Дур истед! Гурезед!" баланд шуд ва бист-сӣ нафар аспакиҳо намудор шуданд ва сардаста ба дав рафта, ба калони даста вазъиятро фаҳмонд. Ӯ худро лейтенанти калон Першин муаррифӣ кард ва афзуд, ки ротаи 2-юми бригадаи 11-ум ба кашонидани хазина сафарбар шудааст.

Аз гурӯҳи омада панҷ-шаш нафар аз аспҳо фуромада, назди хазина омаданд. Як гурӯҳ камонҳоро дар ҳолати омодабош нигоҳ дошта, атрофро таҳти назорат гирифтанд.

Низом- махдум дасти Мансурро дошта пичирос зад:

– Пеш-пеш меомадаҳо - камардорон, аз пас меомадаҳо- шапкааш дар даст Фрунзе, сардори ҷабҳаи Туркистон. Он бинидарози ҳамроҳаш Куйбишев, намояндаи Масков, болшевики кӯҳна аст. Ба фикрам, ҳамин яҳудинусхаи айёр ҳамроҳи Фрунзе аз Тошканд истода Московро ҳадаҳа карданд, ки Бухороро зудтар тасарруф кардан лозим. Хурдҷусааш Рубенов. Бухороиҳоро ба рӯзи фироқ ҳамин расонид. Дигарашро медонед, Файзуллоҳ Хоҷаи худамон. Аз пас меомадагиҳо одамони ситод.

– Мансур ба омадаҳо зеҳн монд: Фрунзе ришу бурути сиёҳ дорад. Мӯйи сарашро шона карда, оҳиста ба атроф зеҳн монда меомад. Дар чеҳрааш ифтихору шодмонӣ барқ мезад. Албатта, хазинаи номиро ки зада гирифт...

Мансурро Файзуллоҳ Хоҷа бештар дар ҳайрат гузошт. Дар газетаҳо мақолаҳояшро хонда буд. Тасаввур мекард, ки миёнсол асту чун бухороиҳои мансабдор риши гирда дорад. Ҳоло дид, ки як ҷавони газгӯшти сафедрӯй, ҳамсоли Баҳодураш аст. Либосаш урупоӣ, бо сари баланд қадам зада меояд. Ба вайронаҳои атроф гӯё бо тамасхур менигарад. Суханони дар суҳбати пештар гуфтаи Низом - махдум ба хотираш омаданд: «Аз рӯйе, ки олимона сӯҳбат мекард, ҳаводораш шудам». Кош олими ҳақиқӣ бошаду дар байни ин қадар гургу кафторҳо саргардон намонад, рӯзе чун амир Олим шармандаю бе тахту бахташ накунанд.

– Файзуллоҳ ҳама корро бо ризоияти Куйбишев мекунад,-афзуд Низом -махдум.

– Боз ҳамон тартибу низоми давлатдории амир Олимхон шудааст-ку! Мегуфтанд, ки амир ҳамаи масъалаҳои дохилу хориҷро ба розигии консулхонаи Русия анҷом медод.

–Яқин мекунам, ки аз вай ҳам бадтар мешавад. Аз ҳозир пеши дили худ чунон корҳо мекунанд, ки ҳайрон мешави. Тақсимоти пулу мансаб дар дасти худашон. Файзуллоҳро барои намоиш дар паҳлӯяшон гирифтаанд. Армия чӣ хоҳад, мекунад.

– Дар масъалаи подшоҳу пешво мо бахт надорем,-гуфт Мансур ва ба шаҳри вайрона, ки дарахтҳояш барвақт зард шуда, ҳолати маъюсиро дошт, бо дилсӯзӣ зеҳн монд. Ба фикраш омад, ки дар ин шаҳри азиз чизи муқаддас намонд. Олиму фозиле ҳам намонд. Овоза ҳаст, ки турку тоторҳои мансабгирифта занҳои бекасмондаро ба акди нигоҳашон медароранд.... –Мансур ин фикрҳоро аз сараш дур ронда, овозашро андаке баландтар кард:

– Фрунзе ба таҳҷоиҳо монанд. -Қиёфашиносҳо ингуна кулчарӯйҳои чашм калонро ҳангомаҷӯй мегӯянд.

– Рост, ба ғайр аз ҳангомаҷуй буданаш бераҳми мардумкуш ҳам ҳаст, –гуфт Низом- махдум нигоҳашро аз Фрунзе наканда. Ҳамроҳаш кор кардаҳо мегӯянд ки дар Уфаю Урал қири казакҳоро баровардааст.

Фрунзе наздик шуда он ҳама асбобу анҷом ва тилою тангаю ҷавоҳироти дар зинаю роҳравҳо рехтаро дида, хандааш гирифт. Ба ҷуволу саночҳо даст зад, саросема сандуқҳо ва бастаҳоро боз кард. Куртаҳои занонаи бриллиантдӯхтро кушода, тамошо кард. Назди асбобу анҷомҳои ғункарда рафту ба онҳо дурдароз зеҳн монда истод. Ба ҳаяҷон омада буд, чашмонаш медурахшиданд, лабонаш аз табассум ҷамъ намешуданд. Ниҳоят худро ба даст гирифта, кӯзаи начандон калони тилоиро ба ҳавои даст вазн карда, аз Файзуллоҳ Хоҷа пурсид:

– Ҳамааш тило бошад? Кош дар даштҳои Пишпек бошию аз ин кӯза қими нӯшӣ. -Чашмонаш аз куза канда намешаванд.

– Аксари молҳое, ки ба амир меоварданд, тилоӣ аст,-гуфт Файзуллоҳ Хоҷа

– Дар хазина ҳоло тило бисёр аст?

– Ҳоло андакашро баровардаанд. Хазинаи Бухоро шуда..,-гуфт Файзуллоҳ Хоҷа ва ҳама ба завқ хандиданд.

– Ин касофатро бинед-а! Ин қадар вайронию ҷафоро ба ин замину мардуми наш оварду мижааш хам намехӯрад.-Низом -махдум нигоҳашро аз Файзуллоҳ Хоҷа намеканад.-

Дунёро об барад ҳам, худашро ҳамин гуна орому бепарво нишон медиҳад. Бо русҳо равуо мекардагиву гапу гузор мекардагӣ ҳамин буд. Онҳоро ба Бухоро ҳаровардагӣ ҳам ҳамин. Ин аз зоти одам нест. Бо рӯбоҳию чоплусию муттаҳамӣ ба мақсадаш расид.

– Сардори рота кӣ?-Фрунзе ба Рубенов муроҷиат кард.-Чӣ қадар тило будааст, муайян кардед?

– Аз рӯйе, ки саноҷу халтаҳоро ҳисоби тахминӣ кардем, тило аз ҳафтсад тон зиёд, -гуфт Рубенов,- нуқра бошад, аз як саду даҳ тон зиёдтар аст.

– Оҳ-о!- Фрунзе як лаҳза дахонаш кушода монд ва нигоҳашро аз Першин наканда, бо нобоварӣ пурсид:- Тило ҳафтсад тонна?

– Бале, тилои софро дар назар дорам. Пули Николайӣ бо саҳмияҳо зиёда аз яксаду сию се миллион

Дар чеҳраи Фрунзе баробари табассум ларзише ҳам пайдо шуда, нигоҳаш чиддӣ гардид. Назди саноҷҳои канори даҳлез рафта, тангаҳоро ба каф гирифту баргашта ба сандуққои пул зеҳн монд, пас аз Файзуллоҳ Хоҷа пурсид:- Дар бозори шумо як асп чанд пули русӣ меистад?

– Аз сӣ то чил рубл.

– Ҳисоб кунед. Хато накунам, пули чор миллион асп. Ба ин пул як Бухорои дигар месозед.

– Боз дар бонкҳо пул дорад. Ними бештари пули "Бонки Русияю Бухоро" азони амир аст. Дар бонки Русия ҳам доштааст.

– Ин беинсофию бесоҳибиро бинед,- Фрунзе бо таҳайюр сар ҷунбонд. - Ин аҳволи Бухорои шарифатон.

– Ва қанд хӯреду ба ин мардум гӯед, ки дар берӯзии шумо амир гунаҳгор аст, -истеҳзо кард Файзуллоҳ.-Ҳам муллояш, ҳам авомаш, ҳатто ҳиссае аз рӯшанфикрҳо аз гулӯят мегиранду сангсорат мекунанд, ки чаро "Сояи Худо"-ро бад мегӯӣ?

– Ман мехостам ин шикамбораро зудтар зада нобуд кунам,-Фрунзе назди ҷуволҳои болои суфа тахтзада рафту тилохокаро ин тараф - он тараф кардаю ба каф гирифта афзуд:-Рафиққои Масква, "ҳоло бардошт кунед, бардошт кунед" гуфта, корро ба таъхир андохтанд ва ба Файзуллоҳ муроҷиат кард: -Овоза кардед, ки хазинаро тороҷ карданд, маълум не-ку!

– Дар ду рӯзи аввал ин корҳо шудааст. Ҳатто белогвардейсҳо либоси аскари сурхро пӯшида, даромада баъзе чизҳоро бурдаанд.

Фрунзе даҳони ҷуволро пӯшонда гуфт:

– Ин пагоҳӣ амр додам, касе, ки аз аҳолӣ ба зӯрӣ чизе мегирад, паронда шавад. Касе ки як тангаи хазинаро гирифтааст, баргардонад. Вагарна ба суди трибунал дода мешавад.- Ва ба Рубенов фармуд: -Ҳама чизе, ки дар хазина ҳаст, ном ба ном рӯй хат карда, бегоҳ ба ман биёред.- Баъд ҷониби сарбозҳо нигариста илова кард: -Рафиқон, раҳмат ба шумо! Кору қаҳрамоние, ки шумо анҷом додед, дар таърих ҳамто надорад. Шумо дар Бухорои амирӣ душманони

халқи заҳматкаш ва инқилобро зада несту нобуд кардед. Ин хазинае, ки шумо ба ивази хун ба даст овардед, барои таҳқими пойдорӣ ва пешбурди инқилоби азизи мо саривақтист. -Баъд ба Рубенов гуфт:

– Сарбозони корнамоӣ нишондодаро ба ордену медалҳо пешниҳод кунед. –Ӯ боз чарх зада, назди асбобҳо рафту, таппончаи тилоиро гирифта, тамошо кард. Яқин дар ин вақт ҳис намекард, ки волаи хазина шуданашро дигарон бо писханд тамошо доранд.

Нигоҳи харисона ва мақсади сардори ҷабҳаро пай бурда, Файзуллоҳ Хоҷаи зирак гуфт:

– Рафиқ Фрунзе, бояд як нишона аз Бухорои Шариф дошта бошед, вагарна кӣ бовар мекунад, ки шумо аморати Бухороро зеру забар кардаю хазинаро гирифтед.

– Суханатон рост,- Фрунзе ба завқ хандид: –Дар ҳақиқат мо бояд чизе аз ин рӯзҳо ёдоварӣ дошта бошем.-Ӯ таппонча дар даст ҷониби камардораш ишора карда, гуфт: - Барои нишона шамшер ҳам хуб аст. Ва боз чарх зада дигар асбобҳоро тамошо кард...

Куйбишев шамшер ва сандуқчаи зевари занонадоштаро гирифт.

– Гиред, ҳар чӣ мехоҳед, гиред, ҳақ доред,-пичирос зад Низом - махдум бе киноя.

– Шумо ҳам хушк намонед,-Файзуллоҳ ҷониби Рубенов муроҷиат кард.- Ҳоло, ки хирманро ҷамъу гир накардаем.

Рубенов асои аз тиллои сурх сохтаро соҳибӣ кард.

– Рубенов, асбоби хубро худат гирифтӣ,- Фрунзе хандид.-Асо дар пирӣ мададгорат, пойи сеюм мешавад.

– Ба хотири асо сар буриданашон ҳам мумкин. Инро ҳам дар назар гир,- гуфт Куйбишев ва ҳама хандиданд.

– Рафиқ Файзуллоҳ Хоҷа, ба шумо чӣ маъқул аст?-пурсид Фрунзе.

– Мо, ки аз ин шаҳр ҳастем, ҳақ надорем,-гуфт Файзуллоҳ.

– Сиёсати шаркро хуб медонед,-гуфт Фрунзе ва оҳанги рафтан кард.

Одамони давра ба ин нишонагирӣ бо хомӯшии нафратангез менигаристанд.

Омаду рафти Фрунзе вазъиятро дигар кард. Сарбозҳо акнун "бояд нишона аз Бухорои Шариф дошта бошем" гуфта, тангаҳои тилоро рӯирост ба ҷайбашон мезаданд. Першин қадаҳи сангинро ба таги зарфҳо зер кард. Сержант Манучеҳр аз таҳхона баромада қадаҳро дар ҷояш надида, бо Першин дар баҳс шуд. "Бриллиантҳоро гирифтӣ, шуд, ҷомро дар ҷояш мон! Намонӣ, ба Фрунзе хабар медиҳам!"

– Бриллиантҳо соҳиб доранд! -Першин дандонҳояшро ба ҳам фишурд. – Ин ҷо ҳама зери назорат аст! Қадаҳ ҳам дар ҷояш! Ва ту гумон накун, ки ӯро мегирӣ.

– Канӣ, дар куҷост? -Манучеҳр байни зарфҳоро кофта, қадаҳро ёфта, ором шуд. Вай дар дил қарор дода буд, ки қадаҳро мегирад. Нашавад, медуздад. Аз худи қадаҳ навиштааш ба вай асроромез менамуд.

– Ин ҷуҳудҳо бриллиантҳоро барои худашон мегиранд,-гуфт Низом - махдум.

– Ҷуҳуд буданашонро аз куҷо донистед?

– Дар чеҳраи маккоронаашон навиштагӣ.- Низом - махдум саллаашро каме боло кард. Ҳоло андоми ӯ гирифта менамуд. Нигоҳаш бештар ҷониби шаҳр буд. Шояд вай ҳам фикр мекунад, чи асроре гузашт, ки ба сари шаҳраш чунин рӯзҳо омаданд? Фурсате гузашту гуфт: -Мансурбой, хубаш аз ин ҷо меравем. Ин ҷо ҳарчи зиёд истодӣ, ҳамон қадар озору дарду аламат бештар мешавад.

Онҳо ба пайраҳаи калон баромаданду Низом -махдум гуфт:

– Мардум пагоҳӣ аз хоб хестаю бо ҳавас ба Арк менигаристанд. Арк рӯҳи шаҳр буд. Аз он эҳсоси амнияту ифтихор мекарданд. Аммо ин рӯҳ, ин пушту паноҳ ва ин шарафу нангу номусро зеру забар карданд. Онҳо аз паҳлӯи қасре, ки вассаю болору тахта-тахта гачҳои девори гулкорӣ дошту ҳоло қандилҳои зарҳалин ба хоку гилему курпачаҳо омехта шуда хобанд, гузаштанд. Низом – махдум, овозаш ба ларза шуда, афзуд: - Аламат мекунад, ки ту ноогоҳона дар ин корҳо шарикӣ. Мардум рост мегӯянд, ки ҷадидҳо пеш даромада, ин вайрониҳоро карданд. Моро русҳо чунон аҳмақ карданд... Моро пеш андохтаю инқилобу чангу сӯхтору дуздиро худашон кардаанд. Ва чунон вонамуд карданд, ки ин кор бо талаби мо шуд. Ба мо ёрӣ карданд, вассалом. Дар он шуриши аввала ҳам, ки Колесовро ҳамроҳӣ кардем, аҳмақамон карда буданд. Азоба мо кашидем, бадномия мо гирифтему ҳама товони чанг аз они онҳо шуд.

– Ҳоло охири кор маълум не, шояд хуб мешавад.-Мансур рафиқашро тассалӣ дода илова кард:- Кошки аркро ҷои амирнишин гуфта, ба замин ҳамвораш накунанд.

– Аз дасти инҳо ҳама кор меояд. Мегӯянд, ки дар Маскови худашон чанд ҷойи зебои таърихиро пасмондаи подшоҳон гуфта, вайрон кардаанд. Муллоҳои моро таассубгар мегӯянду худашон аз онҳо гузаронданд. Наход одама барои мулло буданаш кушӣ?!

Онҳо поёнтар фуромада диданд, ки гурӯҳи Фрунзе болои вайронаҳои қасре, ки “меҳмонхонаи Раҳимӣ” мегуфтанд, истода сӯҳбат доранд.

Дар поёни меҳмонхона таҳҳонаҳо буданд. Аз онҳо дуд мебарояд. Чанд сарбоз он ҷо об мекашанд. Низом - махдум аз роҳ истода гуфт:

– Аз рӯйи шунидам дар яке аз ин таҳҳонаҳо китобҳои нодирро нигоҳ медоштаанд.

– Китобҳои нодирро ҷамъ мекарданду намехонданд,-гуфт Мансур, - вагарна ин ҳолат рӯй намедод.

– Бале, вақтҳои охир дар Бухоро ҳам китобхон кам монд,- гуфт Низоммахдум ва ишора кард, ки худро коргар вонамуд карда, хишту гачҳои роҳи назди меҳмонхонаро чидаю ҷамъ карда, ба сӯҳбаташон гӯш меандозем.

Фрунзе қиссаи бори аввали ба Бухоро, ба назди амир омаданашро нақл мекард: -Аввали зимистон, ҳамроҳи Элиава Шалва Зурабович наздаш омадам. Ба мо хабар доданд, ки Ҷаноби Олиашон баъди ду рӯз қабул мекардааст. Консул ҳамроҳамон буд. Гуфтам, ки даромада нарезондаю начаконда расон: пагоҳ субҳ надамида аскари сурх ин қалъаатро ба замин ҳамвор кардаю ҳараматро байнашон тақсим мекунанд! Консул даромада ишора мекунад, ки ин ҳамон Фрунзест, ки аз Волга интарафро гирифта омад.Ҳай-ҳай накунем, дар ду рӯз то Хитой зер карда меравад. Қабул кард. Як соат дар қабулаш нишастааму

пай бурдам, ки гапамон бо ӯ намепазад. Вақт беҳуда наравад гуфта, дар чо нишастам ба рафик Ленин ба чунин мазмун хат навиштам:

"Ин амири азхудрафта ба ғайри он, ки зулмро аз ҳад гузарондаю аморат ба дасти элу авлоди носерамаш додааст, Бухороро бошишгоҳу такягоҳи душ нони инқилоб эълон кардааст, бояд ҳарчи зудтар ӯро аз сари роҳ барандоз Вагарна ҳамаро ба Британиё медиҳад". Ҳангоме ки наздаш даромадем, дил ки дар як бинои чоргӯшаи гулу гулкорию шишабандишуда як кулӯлаи пури с лату садамати ғашовар дар курсӣ нишастааст. Дар ҷомаи гулдораш орденҳои Николай гирифтааш овезон. Чашмонаш мисли чашми гов калон ва беҳара Дилу бедилон аз ҷояш хеста салом дод. Он ҷо боз ду-се нафар ҳам буданд.

Ду масъаларо наздаш гузоштам: "Ҳамчун кишвари дӯсту ҳамсоя р надиҳед, ки белогвардейсҳо ва дигар душманони инқилоб ин ҷо маскан гу нанд. Таҳқиру таъқиби ҷавонбухориҳоро бас кардан лозим. То кай инҳо ғурбату оворагӣ зиндагӣ мекунанд?" Ҷониби тарҷумонаш лаҳзае хира шуду бо овози базӯр шунаво каме ғуд-ғуд кард. Вале тарҷумонаш бафурча карда гуф ки белогвардейсҳо ва баъзе одамонро, ки аз Русия ва дигар ҷойҳо ба кишвар мо паноҳанда шудаанд, мо пеш карда наметавонем. Онҳо ҳукми меҳмонро р ранд. Аммо бо ҷадидҳо мо душмани қаттолем.

Ба консул, ки суханпардозиҳои шарқиёна мекард, эътибор надода, худ пурсидам: "Ба мо, ҳа мегӯед, ё не?"

Ба сӯям бад-бад нигоҳ карду "я вам ответил" гуфт ба русӣ. Хуллас, б ҳардуяш не гуфт. Дасти холӣ баромадему ба таги дилам хурсандӣ кардам: "Ху шуд, ки не гуфтӣ. Акнун баҳонаи туро задан ҳаст."

– Дар мо мақол ҳаст,-гуфт Файзуллоҳ Хоҷа: "Сагро аҷалаш расад, да меҳроби масҷид мемезад."

– Бале, ҳамин тавр шуд,- Фрунзе хандид ва ба атроф зеҳн монда, афзуд:- О вақт ин ҷойҳо бисёр шукӯҳманд менамуданд. Роҳравҳо васеъ ва озодаю зебо буданд. Ҳар ҷо сарбозҳо бо шамшерҳои бараҳна меистоданд. Аҳли дарбор, сипоҳиён, муллоҳои саллакалонро ин ҷо медидем. Як-як занҳои чеҳрасафед ва сергӯшти фаранҷидор низ вомехӯрданд, ки тез-тез роҳ мегаштанд. Дар поён масҷид ва баъди он саломхонаи амир, толори калони деворҳояш ҳама гулу гачкоришуда буд. Дар ду тараф кушкҳо ва суфаю айвонҳои зарнигору зарҳалдавонда дар суфаҳо кӯрпачаҳо партофта шуда буданд. Аммо касе рӯй онҳо наменишаст. Ҳама дар такудаву саросема менамуданд. Ба мо гуфтанд, ки тахтгоҳи амирашон дар баландтар будаасту он ҷо посбонҳо меистодаанд ва баъди он ҳарам оғоз меёфтааст. Аз рӯйи гуфти рафиқон он ҷо занҳои рус ҳам будаанд. Ба ҳарам ба ғайр аз худашу маҳраму маҳрамбачаҳояш дигар касе ҳаққи дарою баро надоштааст. Он вақт Элиава аз марде, ки моро гусел мекард, пурсид, ки хазинаи амир дар Арк бошад ё берун аз он? Он мард гуфт, ки хазина дар Арк аст ва хуб таъриф кард. Бовар мекунед: мисле ки дар баҳорон яхи соҳили дарёҳо канда шуда, рӯрӯи об мераванд, ҳамон лаҳза ин қасру кӯшкҳо ҳамчунон тиккаю пора шуда, аз пеши назарам мегузаштанд. Ба дилам гуфтам: "Ин амирро, ки дар болои хазина мисли мор нишастааст рондан лозим". Ҳамон соат аз пайи иҷрои ин кор шудаму имрӯз ба анҷом расонидам. Пас чӣ тавр хурсандӣ наме-

кунем? -Ӯ хандид ва даст ба китфи Файзуллоҳ Хоҷа ниҳода афзуд: -Ҳангоме ки дар пешорӯям хазинаи амирро дидам, солҳои дар донишкада хонданам ба хотирам омаданд. Боре бе пул мондам. Дар хона ҳам пул набуд. Дили модарро ёфта, медали бародарро фурӯхтам... Он рӯзҳоро ҳам дидаму имрӯзро ҳам, ки хирмани тилою бриллиант дар пеши пой аст...- Ӯ маънидорона ба одамони атрофаш нигарист.

– Михаил Василевич, шумо одами хушбахт,-гуфт Куйбишев. - Медалу орден ҳам ёфтеду хазина ҳам. Ва аз ҳама муҳим, дар таърихи инқилоби бузург номатонро дар қатори бузургон сабт кардед.

Фрунзе ба суханаш идома дод:

– Дирӯз баробари ба Бухоро расидан ба рафиқ Ленин барқия фиристодам: "Қалъаи Бухорои кӯҳна имрӯз фатҳ гардид. Дар болои майдони Регистон парчами сурхи инқилоб ғолибона мавҷ мезанад!" Ва ба шариконаш хонаҳои беруни атрофи аркро нишон дода, ба таҳдид афзуд:-Бубинед,ин амиру амирчаҳо барои худу наздиконашон чӣ қадар қасрҳои муҷалло сохтаанд. Аммо мағзи пӯсидаашон дарнамеёбад, ки ин ҳама бо ранҷи бепоёну арақи ҷабини деҳқон бино шудааст. Деҳқон аст, ки замин меронаду гандум медараваду пахта мечинад! Аслан халқ ба хотири инҳо намеояд. Фақат бой шуданашонро фикр мекунанд. Пас чӣ хел намезанед?

– Албатта, мезанем!-гуфт Файзуллоҳ Хоҷа ба оҳанги сухани ӯ тақлид карда.

Низом - махдум ишорати рафтан кард. Аз суфаи вайроншудае поён шуданду гуфт:

– Суханҳои он ҳавобаланди Фрунзеро шунидед? Ин бадиро ба сари халқамон оварда ҳамин бахтак. Вақте ки ҳамроҳи русҳо будем баъзе калонсолҳошон мегуфтанд, ки ин ба рӯз расида, қирри русро бароварда буд. Дар назди баромадгоҳ посбонҳо онҳоро хуб кофтанд, фармуданд, ки мӯзаҳоро ҳам кашида таконанд, пас раҳо карданд.

– Гумон кардед, ки мо тило дуздидем?-гуфт Низом- махдум.-Шумо гурӯҳи аз паси мо омадаро ковед, дар онҳо чунон чизҳо меёбед, ки худатон ҳам ҳавас мекунед.

– Ака,онҳо алов доранд, даст расонӣ месӯзӣ,-гуфт сарбоз бо овози паст.

Дар роҳи баромади тарафи рост, ки то майдони Регистон сарнишеб меравад, зиндонҳои номӣ – обхонаю канахонаю каждумхона ва дигар хонаҳо паси ҳам қаторанд. Ҳоло дарҳои онҳо кушодаю шикаста, боми баъзе биноҳо фурӯ рафта. Солҳои охир дар ин зиндонҳо тарафдорони болшевикҳо- ҷадидҳоро партофта буданд, ки ҳангоми бомбаборон қисме фавтидаю ниме осеб дида баромадаанд. Дар тарафи чапи роҳ хонаи калоне менамояд, ки нисфи сақфаш фурӯ рафтаву нисфи деворҳояш афтидааст. Дар ними хона гулӯлаҳои аз чӯян сохташуда чун тӯбҳои хурду калон, ниме ҷамъу ниме парешон хоб рафтаанд. Назари Низом-махдум ба гулӯлаҳо афтиду бо истеҳзо гуфт:

– Медонед, ин гулӯлаҳо барои чӣ? Агар фотеҳе Бухороро гирифта, ҳаракати ба Арк даромадан кунад, инҳоро аз баландӣ ба таги пойи аспҳояшон мепартоянд. Аз замони амир Музаффар инҳоро нигоҳ дошта меоянд.

– Ихтироъ аз ин зиёд намешавад,- киноя кард Мансур.

Низом махдум ба суханаш идома дод:- Музаффар кори тўпҳои русро дида, барои ба онҳо муқобилат кардан бо пули калон аз Ҳиндустон филҳои ҷангӣ харида будааст.

Мансур ба гулўлаҳои вазнин зеҳн монда гуфт:

– Пешвое, ки маърифати фаҳмидани замонаро надошта бошад, барои халқаш дарди сар мешудааст.

Онҳо аз даромадгоҳ, аз паҳлўи хоку хиштҳои як тараф тўпкарда берун баромаданду Низом -махдум пурсид:

– Ба суханони Фрунзе эътибор додед? Фақат ба пули русӣ ва саҳмияҳои дар хазина ҷамъшуда чор миллион асп харида мешудааст. Пас маълум мешавад, ки пулу моли ин касофатхо аз пулу моли мардуми бисту шаш тумани Бухоро чанд маротиба зиёд будааст. Ва дар ҳамин ҳол ба навкарҳо маоше намедод, ки бо дили гарм ҷанг кунанд. Ҳавзҳои Бухоро пури чирку кирм. Мардум бероҳбару бесарвар, бе донишу бе хониш...

Мансур ба рафиқаш нигоҳ мекарду тассаввур карда наметавонист, ки як нафар чӣ гуна чор миллион аспро харида метавонад.. Низом - махдум бо ҳамон оҳанги норизой суханашро идома дод.

– Мансурбой, фикр кунам, мо, ҳарду ҷониб, ҳам тарафдорони амиру ҳам тачаддудхоҳон, бой додем. - Пас ба зўрӣ табассум кардаю бо ишораи хайр то боздид, даст ҷунбонда тез-тез қадам зада рафт.

Мансур аз майдон гузашта, ба кўчаи Лаби Рўд расид. Дар кўчаҳои мудом серғавғои Бухоро ҳоло одам кам аст. Фойтунҳо мисли рўзҳои пеш шўру валвала бардошта намегарданд. Ҳарчанд вақти намози аср наздик аст, садои азон намебарояд. Мардум ба сўйи масҷидҳо намешитобанд. Ҳатто муздурони ду ҷониби майдон, ки мудом гурўҳ-гурўҳ дар интизори корфармо сўҳбат мекарданд, наменамоянд. Ҳоло дар кўчаҳо бештар аскарони сурхро мебинӣ, ки савлат карда мегарданд. Кулоҳу шапкаҳошон ситорадор, тасмаи миёнбандашон ҳам ситора дорад. Чеҳраҳо сурх (ин ҷувонимаргҳо бе шароб намегарданд), нигоҳашон душманона, овозашон дағал... Кўчаю бому дар ҳамон, аммо Бухоро он Бухорои пешин, Бухорои Шариф нест.

❁ ❁ ❁

Дар деҳа баъди ду соли инқилоб артел ташкил карданд. Хабари артелро Сангов аз район овард. Дар ду соли ҳокимияти Шўро ба ин муносибат нахустин маротиба зану марди деҳа ҷамъ омада буданд. Дар ҷамъомад зани Маҳмуди мисгар низ буд. Вай аз шаҳр омадааст, ки заминашро фурўхта, аз байни ин мардуми, ба гуфти худаш кўрнамаку ҷафопеша, ки шавҳари панҷ-панҷааш ҳунарро, ки аз рўи ҳасудиашон бой гуфтаю зиндон кардаанд, раваду дигар дар ин дунё рўйҳошона набинад. Лекин заминашро фурўхта натавонист. Фаъолон ба рўяш хандида гуфтанд, ки дар замонаи шумо замина мефурўхтанд, дар даврони Шўравӣ заминфурўшӣ нест. Ва ҳамчунин писари Умарбек Шодибек, ки он рўзҳо аз Тошканд омада буд, ҳамроҳи падараш омадааст. Вай як соли охир дар кадом идораи давлатӣ кор мекард. Ҳавои аввали моҳи феврал офтобӣ бошад ҳам, хунук буд. Аз шабоз аз ҷониби кўҳҳои Оҳалик шамоли сард мевазид.

Ҷамъомадро дар саҳни масҷид оростанд. Дар як тараф занҳо, дар дигар тараф мардҳо менишастанд. Раис Сангов ва аъзоёни шӯро Тоши Тарош, Остон, Обид боз ду-се нафар дар пешгоҳ болои гилем ҷой гирифтаанд. Ҳоло аксар ба ҷои чакманҳои бӯин ҷомаҳои дуздиашонро пӯшидаанд. Ҷомаи тани Одина аз хонаи Мансури самарқандӣ будааст. Кадоме шунохтааст. Тош ҳам боре ҷомаи аз хонаи Мирзоумед бурдаашонро пӯшида кӯча мебарояд, ки холаи Гулмоҳ ӯро дида, ҷомаи шавҳарама мекашӣ, гуфта ғавғо бардоштааст. Тош занро рӯ-рӯи кӯчаи хоку нам кашола кардааст, ҳарду тагурӯ шудаанд. Вале зан то ҷомаро аз танаш накашидааст, раҳо накардааст.

Сангов сухан кардан наметавонист. Мисле ки уштури маст полеза вайрон мекунад, суханрониаш ҳамон хел аст. Саросема шуда фикрҳояшро дарҳам-барҳам мекард. Кам касон суханашро дарк мекарданд. Худаш ҳам пай мебурд, ки суханашро нафаҳмиданд. Ин ҳолат ғазабашро бештар овардаю суп-сурх мешуд. Лекин ба худ коре карда наметавонист. Ҳоло ҳам ӯ ба ҳаяҷон омадаю то ҷо гирифта нишастани мардум рост истод, пас тибқи одаташ ба таҳдид гуфт:

– Мардум, худатон ҳам аллакай медонед, ҳоло дар ҳама ҷо артел ташкил мекунанд. Дар район ба ман гуфтанд, ки молу заминатона яҷоя кунед, ҳама одамони деҳа якҷоя шавед. Пас моро артел меҳисобанд. Гуфтанд, ки не, таъкид карданд, ки ҳама бояд молу заминашро диҳад. Ягон кас ба не гуфтан ҳақ надорад, гуфтанд.

Сангов хомӯш шуд. Он чизе, ки медонист, гуфта буд.

Дар саҳн низ лаҳзае хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Мардум пай бурданд, ки раис дигар сухани мегуфтагӣ надорад. Домуллоназару Тӯйчии нишолло баробар хестанду домулло пурсид:

– Артелаш боз чӣ бало будааст? - Ва афзуд:-Муллохолбек, суханҳое, ки дар район шунидед, содатар карда ҳамаашро ба мо фаҳмонед. Қувваи идроку фаҳмиши мо деҳотиён сусттар аст.

– Гуфтам-ку, ҳушатон дар кучо буд?-Ҳамчунин бо таҳдид ҷавоб дод раис.-Ҳама молу заминеро, ки дар деҳа ҳаст, якҷоя мекунем, якҷоя кор мекунем, якҷоя бихӯр - бигард мекунем.

Одамон ситезманд шуда, аз ҳар тараф гап партофтанд.

– Ин оллоӣ мегӯяд?

– Вай замину мол соҳиб дорад, бемийя!

– Замини Олимбой сад таноб, Тошу Қодир се танобӣ замин доранд, пас чӣ гуна ҳамаро баробар мекардаӣ?!

– Зани Олимбой як қутан мол дорад, Мавлонбой як қутан мол дорад!

– Ману Умарбек дами субҳ дар сари замин мешавем, Остону Обид пас аз баромадани офтоб аз хоб мехезанд! Ту мегӯӣ, баробар мешавем.

– Аз афташ, худи ин ҳафтафаҳм таги гапа нафаҳмида омадааст!

– Шумо аввал гапа гӯш кунед,- Сангов мардумро ором кард.-Минбаъд дами субҳ ба кор рафтан лозим нест. Баҳузур хоб равед, баҳузур чойи саҳара хӯрдаю пас баробари ҳама ба кор равед.

– Эҳ-а, ана гапу мана гап!

Азизбек, собиқ саиси Олимбой, ба Шодибек муроҷиат кард:

– Додар, шумо дар Тошканд кор мекунед, гӯед, ки ин корҳо дар он тарафҳо чӣ гунаанд?

Шодибек ҷавони сафедрӯ ва мисли падар қоматбаланд аст. Ҷониби падар чизе гуфт, ки вай ба тасдиқ сар ҷунбонд, пас пеш баромада рӯ ҷониби мардум карда гуфт:

– Ҳамдиёрон, фикре, ки раис гуфтанд, яъне ташкили артелҳоро, ҳоло дар ҳама ҷо ба роҳ мемонанд. Он як роҳи нави меҳнати коллективона ё ба гуфти худамон рафиқона аст. Бубинед, дар заводҳо сад ё ҳазор одам кор мекунанд, як гапу коре шавад, ҳама медонанд, якҷоя ҳаллу фасл мекунанд. Бубинед, дар якҷоягӣ ҳам кор осон, ҳам байни одамон дӯстӣ пайдо мешавад. Аммо ин тавр нест, ки ҳама аҳли деҳа маҷбуран як артел шаванд. Метавонед авлод ба авлод артел шавед. Касе хоҳад, яккахоҷагӣ ҳам мемонад. Лекин он мушкилтар аст. Касе дар яккахоҷагӣ мемонад, андози зиёд медиҳад.

– Гап ин хел мешавад,-Домуллоназар овоз баланд кард.-Раҳмат, ҷиян.

– Ҳукумати Шӯро беақл нест, охир,-гуфт Каромат ва хандида афзуд:-Баъзе одамон худашон ҳафтафаҳманд.

Шодибек ба суханаш идома дод:

– Инро ҳам бояд гӯям, ки ҳукумат ба бонкҳои молиявии хурд фармудааст, ки ба деҳқонони артелташкилкарда қарз диҳанд. Артелҳо қарзро баъд аз гирифтани ҳосил бармегардонанд.

Боз сару садоҳо баланд шуданд.

– Шодибек, худатон гап занед, монед ҳамон қатрона!-Ин сухан аз байни занҳо баромад.

– Қарз диҳад, кори хуб-ку!

– Ин ҳам як гапе гуфта, аъзои артел мешавем.

– Ман аз ҳукумат қарз намегирам, монад, ки дар заминамон кор кунем, бас аст.

Ба суханони Шодибек таввақуҳ кардани мардум ба раис хуш наомад ва ба тундӣ овоз баланд кард:

– Ба мо касе нагуфтааст, ки қарз медиҳад! Райони мо пули қарз медод надорад! Деҳқон замина гирифт? Гирифт. Кишт кардаю сари вақт андозаро медиҳад, вассалом!

Остон хеста сухани раисро тақвият дод:

– Мардум, ҳукумати Шӯро ба ҳама замину об дод. Безаминҳоро заминдор кард. Имрӯз фармудааст, ки артел шавед артел – мешавем.

Каромати дуредгар ҳам тарафашро гирифт.

– Ҳамдиёрон, падаронамон мегуфтанд, ҷое ки халқ ҳаст, баракат ҳаст. Ман аъзои артел мешавам. Шумо ҳам аъзо шавед.

Тӯйчӣ хеста гулӯ тоза кард. Вай пеш аз инқилоб камбағал буд. Замин зиёд надошт. Дар бесарусомонии солҳои охир аз шаҳр карасину равған оварда мефурӯхтагӣ шуд. Баъди як сол дар паҳлӯи хонааш дукон сохт. Худаш мол меоварду зану ду писараш ба савдо машғул буданд. Дар бадали се-чор мол мағозааш номдор шуд. Аз деҳаҳои атроф омада чизи зуруриашонро мехариданд. Хуллас, Тӯйчӣ пулдори калон шуда рафт. Осиёи вайронаи Мирзоумедро харид

Хонаҳои Маҳмуди мисгарро хариду вайрон кард, дар ҷояшон таҳкурсии дукони калонтарро гирифт. Домуллоназар чанд маротиба гуфтанд, ки Тӯйчибой, ин ҳукумат ба бойҳо хуш надорад, гуш накард. Дар суҳбатҳо мегуфтааст, ки бой ман, на Олимбойю Мавлонбой!

– Раис, ҳоло вассалом нагуфта истед, - Тӯйчӣ калонгирона сухан оғоз кардаю ба бари ҷомаи беқасаби навдӯхташ худро печонда гуфт: - Ба мардум сухани ҳукумат гуфтаро фаҳмонед, мардум тарафи ҳукумат меравад. Нафаҳмонед, кучо меравад? Роҳа надонад, кучо равад! Ҳукумати фуқаропарвари болшевик ба мардум некӣ мехоҳад. Ҳукумати болшевик пешравӣ мехоҳад... Аз ин гуна суханҳо хеле гуфту дар охир афзуд: - Ин ҷо ҳаққи гапа гуфтанд, ки ин кор маҷбурӣ нест. Худамро мисол меорам, наметавонам дуконҳои навпӯшидаамро умумӣ кунам. Шумо шоҳид будед, ки бе ёрии касе онҳоро пӯшидам. Ман маҷбурам яккахоҷагӣ монам.

– Зӯрат биёяд чунон тақсим кунӣ, ки...-Аз оқиб кадоме оҳиста овоз дод.

Боз чанд нафар хеста фикрҳояшонро гуфтанду дар интиҳо натиҷа чунин шуд: фаъолону камбағалон ва бештари миёнаҳолон як артел шуданд. Умарбеку Амини домоди Мавлонбой ҳар кадоме бо авлодашон алоҳида артел ташкид карданд. Домуллоназар, Тӯйчӣ, боз се - чор нафар яккахоҷагӣ монданд.

Баҳор, ҳангоми кишт, байни гурӯҳҳо ҳаргуна сару садоҳо пайдо шуд. Артели фаъолон ҳамаи заминҳои бекорхобидаро соҳиб шуд. Лекин барзаговҳои ҷуфтиашон кам буд. Ният доштанд, аз дигарон, ки заминашонро ҷуфт карданд, бо зорию зӯрӣ говашонро мегиранд, ки ин кор ба осонӣ даст надод. Амин бо се ҷуфт барзаговаш як қисми заминҳои падарарусаш Мавлонбойро ҷуфт карда, говҳоро шабона ба деҳаи ҳамсоя, ба як хешашон, ки онҳо ҳам артел доштанд, бурда медиҳад.

Тӯйчӣ, "гардани ҳарду барзаговам яғир шудааст" гуфта, ақаллан онҳоро нишон надод. Ду ҷуфт гови Умарбек ва як ҷуфт говеро, ки аз дигарон гирифта буданд, се рӯз истифода бурданд. Кисме аз заминҳои фаъолон кишт накарда монд.

Аъзоёни артели фаъолон тирамоҳ ҳангоми тақсимоти гандум байни худ ҷанҷол ва қариб кордзанӣ мекарданд.

Каромат барои гирифтани ҳаққи ғаллааш ба анбор омад, ки он ҷо якчанд ҳамкорон халтаю ҷуволҳо дар даст машғала доранд.

Аз баҳсашон Каромат фаҳмид, ки фаъолони ҳамкор даст ба рӯшанӣ зада, ҳама гандуми сафеди тирамоҳиро тақсим карда гирифтаанд. Ӯ гиребони мудири анбор Қодирро дошта гуфт:

– Гандуми замини худама медиҳӣ! Ман аз гандуми сангу хокдор намегирам!

Қодир марди сияҳҷӯрдаи қадбаланди тавоно аст. Дар гузашта бузгалапои ҳам кардаасту осиёбон ҳам будааст. Лекин ӯ нисбат ба дигар корҳо ҷанг карданро хубтар медонад. Ва барои ҳамин сифаташ шуда, Сангов ӯро мудири анбор таъйин карда буд.

Ӯ дасти Карокатро ба силтав канда, гуфт:

– Вақте ки дар артел кор мекуни замини ману замини ту намегӯянд! Ҳамаи гандум як гандум. Гандумро мешӯӣ, мешавад тоза.

– Ина гапзаниша бин! Худат чаро ин гандума набурдӣ. Канӣ гандуми замини ман?

Агар он ҷо одамон намешуданд, Қодир бешубҳа Кароматро зада-зада бароварда пеш мекард. Ӯ лаб зери дандон карда гуфт:

– Ман гандуми туро нагирифтиям.

Обиду Азизбек низ ҳай-ҳай бардоштанд:

– Замини мо ҳам гандуми сафед дошт.

– Инҳо моро аҳмақ кардаанд.

Каромат бештар аламзада шудаю боз гиребони Қодирро гирифт. Аз алам ки дошт тарсро фаромӯш карда буд.

– Гап зан, кӣ бурд гандума?!

– Дастата гир, ки мезанам!

– Ҳой мардум, ҳама ҷамъ шавед, ин сиёҳ ҳам ғарию ҳам зӯрӣ дорад!- Каромат ба ҳамкорон мурочиат кард.

Якбора чор-панҷ нафар ба Қодир ҳуҷум карданд.

Одинаю Остон аз куҷое расиданд, Азизбек ҳам ба онҳо ёрӣ карду Қодирро аз чанголи ёрон халос карда, ба даруни анбор тела доданд.

Каромат аз берун дарвозаро қулф андохта, пӯписа кард:-То нагӯй, ки гандума киҳо бурданд, рӯшониро намебинӣ!

Рӯзи дигар дар назди анбор боз ҷанҷол шуд. Санговро ҳам даъват карданд. Сангов гуфт, ки фаъолон омаданд, ки нони хӯрданӣ надорем, фармудам. ки гандуми ҳаққашона гиранд. Надонистам, ки онҳо гандуми хуба ҷудо карда мегиранд.

– Ҳама аз бемиягии ту!-Каромат ором намешуд.- Аз нодонии ту мо дар азоб бем! Баҳор барзговҳоям аз кор баромаданд, аз меҳнат кардана дасту панҷаҳо лабулахт, ана натича!

– Ман ҳам сингори шумо. Ин обилаҳои дастамро бинед,-Обид панҷаҳои сиёҳи ҳар ҷо кафидаашро нишон дод.

Он лаҳза ҳар кас чизе мегуфт:

– Бо инҳо ҳамкорӣ кардан аҳмақист!

– Беҳуда намегӯянд, ки "чизи шарикия саг нахӯрдааст"!

Каромат пай бурд, ки дигар гандуми аз даст рафтаро намегардонад, аламзада шуду гуфт:

– Занам се талоқ, минбаъд бо шумо, гуруснаҳои нодида, ҳамкорӣ намекунам!

– Ман ҳам намекунам,- овоз дод Обид.-Илоҳо, хиёнаткарда ба хиёнат ларсад монад!

Он рӯз ними аъзоёни артели фаъолон қасам хӯрданд, ки минбаъд бо артел ҳамкорӣ намекунанд.

❁ ❁ ❁

Охири моҳ ҳаво тағйир ёфту Мансур баҳри Ҷовид мӯзахарӣ ба бозори Тор Надоффон рафт. Аз хона баромада, раҳорах ба худ дар гуфтугӯ шуд: "Хуб, Мансур, ҳоло хона намехарӣ. Пас, чӣ кор мекунӣ? Намешавад, ки як умр дар хонаи Мирзоумед зиндагӣ кунӣ. Самарқанд ҳам рафта наметавонӣ. Нодон ки

станд, дармеёбанд, ки сарбозашонро куштагӣ соҳибхона аст. Дар пеш Кӯлоб, он тараф Афғонистон. Наход...” Мансур риштаи андешаҳоро канд ва Регистонро гузашта дид, ки як гурӯҳ дар атрофи майдон байрақ мезананд. Дар қисмати шимолии майдон ба ҳуруфоти форсӣ ва кириллӣ шиорҳо овехтаанд:”Зинда бод фирқаи болшевикӣ! Зинда бод инқилоби Бухоро!” Ва боз якчанд “зинда бод”-ҳои дигар. Дар роҳравҳо, бому дар, девори хонаҳои атороф низ парчамҳои хурду калон овезон. Дар атроф милисаҳо равуо доранд. Аз ҷониби масҷиди Поянда ва кӯчаи Тӯпхона даста-даста саллотҳои қатор ҷониби майдон меоянд. Як взводе, ки аз ҳама ақиб аст, бо лаҳни русӣ шарқӣ мехонад:

Пуст громко звучит наша клятва святая,
У эмира Бухары победа грядеет!

Милисаҳо аксар турк. Як турушрӯе гурӯҳи мардикоронро, ки дар гӯшаи майдон, таги дарахтон интизори корфармоянд, пеш андохтаю ба ҳар кадоме латтаи сурх дода, фармуд, ки ба дастҳошон банданд. Дигаре ҷамъомадаҳоро аз ҷониби шимолии майдон пешандоз карда оварда ва ба ҳар кадом байрақча дод. Милисаи чашмкабуде Мансурро ҳам аз сари кӯча дошта оварда, ба дасташ байрақча қапонда гуфт, ки ранги сурхи парчам рамзи хуни коргару деҳқон аст. Яъне дарди дили шумост. Қатор истода, митингро гӯш кунед. Аз баски дар ин тарафҳо чунин корҳо нав буданд, одамон ҳайрону изтиробзада ба латтаҳою байрақчаҳо менигаристанд.

Мансур низ ба маъноии суханони милиса чандон сарфаҳм нарафт. Лекин ҳис кард, ки бо байрақча ҳамроҳашон истодан шаҳодати ҳамрайъӣ бо онҳоро дорад. Баъдтар даста-даста одамон аз корхонаҳо омаданд. Онҳо низ дар даст латтаҳои сурх бастаанд. Онҳо ҳавою рӯҳияи идона доштанд. Табъашон болида менамуд. Лекин аксари онҳо мардуми бегона. Таҳҷоиҳо ангуштшуморанд.

Дере нагузашта калонҳо омаданд. Бештар ҳамонҳое буданд, ки Мансур дар Арк ҳангоми хазинаро баровардан дида буд. Миз оварда монданд ва паси он нишаста яке аз паси дигар “халқи озодидӯсти Бухороро, ки бо ёрии аскари сурх амиру амирзодаҳои ҷафопеша ва душманони халқро зада аз ватан берун кардааст”, табрик карданд. Ва ваъда доданд, ки “акнун мо дар ин вайронаҳо ба ҷойи Бухорои исломӣ Бухорои сурх, Бухорои Шӯравӣ месозем, ки дар он ҳамаи халқу миллатҳо бо бародарию баробарӣ кору зиндагӣ мекунанд. Таълиму тарбияти замони навро мегиранд”.

Нигоҳи Мансур бештар ба Файзуллоҳ Хоҷа банд буд. Фикр мекард, ки ин ҷавони оташмизоҷ дар пайи иҷрои орзую ҳавас собиткадам будааст. Дар чунин синну соли ҷавонӣ тахти подшоҳиро зада гирифт. Ҳалолаш бод, кош акнун он корҳоеро, ки солҳо бо ҳамсафону рӯшанфикрон дар орзӯяш буд, раҳандозӣ кунад. Подшоҳие кунад, ки гирду атроф гӯяд: инҳо ҳам одам будаанд, аз уҳдаи кор мебаромадаанд.

Он ҷо ду-се муздур ҳам (онҳоро намояндаи халқи коргару деҳқон номиданд) баромада “Зинда бод... Зинда бод...”-ҳои ба даҳонашон мондаро гуфтанд. Файзуллоҳ чунин суханҳо гуфт: “То замину осмон боқист, халқи озодидӯсти

Бухоро ёрии бародарона ва беғаразонаи халқи бузурги русро фаромӯш на кард. Аз роҳи нишондодаи Ленини муаззам қадаме берун намегузорад. И диеро, ки онҳо оварданд, чун гавҳараки чашм ҳифз мекунад. Дар охири су афзуд, ки кумитаи инқилоб талаби халқи Бухороро ба инобат гирифта, ма Регистонро "Истиқлол" номгузорӣ кард. Ва дар зери чапакзаниҳо ово баланд кард: - Халқи Бухоро бо талошу хунрезиҳо бо ёри армияи сурх-ар мағлубнашаванда ба ҷойи аморати тираву пӯсидаи Бухоро Ҷумҳурии "Х Шӯравии Бухороро барпо карданд!" Саллотҳо "Ура-а, Ур-а!"-гӯиро карданду дигарон ба онҳо пайваста, нишоту фараҳмандӣ намуданд.

Мансур он лаҳза дар чеҳраи ҷамъомадаҳо фараҳмандию умедро муш кард. Ва чанд рӯз дар қайди ин гуфтугузору шиоргӯиҳо монд. Фикр ка минбаъд ҳаёташон аз оғили гов сар карда то маъракаороию масҷидра дигар мешавад. Ва, албатта, бояд беҳ шавад. Охир донишмандон панч зиёд шуд, ки дар бораи тараққӣ, пешравӣ ва инқилоб мегӯянду мена умеди беҳбудӣ доранд. Худаш ҳам се сол пеш ба кунгураи Тошканд ба ояндаи нек рафта буд. Мансур чунин орзу мекард. Аммо як гӯшаи дилаш ғашнок буду сабабашро сарфаҳм намерафт.

❁ ❁ ❁

Пагоҳи чоршанбеи муродбахш Мансур Ҷовидро ҳамроҳ гирифта, ба ни шайх Аҳмад баромаданд. Онҳо ба бозор даромада, асалу қаймоқ дас гирифта, сари роҳи калон хеле дар интизори ароба истоданд. Ба хотир сур омад, ки рӯзҳои охир сарбозҳо аробаҳоро кор фармудаю музд нал Яқин, ба ин иллат онҳо ба кор набаромадаанд. Баъдтар фойтуне гузашт ки дарунаш пури сарбозони лунчҳояшон пурбод кардаю папироскаш б каме истоданд, ду ароба одам гузашту дар болои яке Низом -махдумро зери чашмаш кабуд, бо дастони баста зору низор болои ароба нишастаа охири ароба ду аскари сурхи туфангдор. Ҳаво гарм бошад ҳам, Низом салла мондаю ҷома пӯшидааст. Аз паси ароба писараш Шарифҷон Мансур бешуурона давида ба ароба расид ва садо кард: "Низом - мах шуд? Шуморо куҷо мебаранд?!"

– Ба зиндон мебаранд, Низом - махдум,- базӯр табассум кард.

Сарбозе ҷониби Мансур ба забони туркӣ пӯписа кард:

– Ҳой мардак, канӣ, рав! Мумкин нест гап задан!

– Ин кас одами шумо... Дар қӯшуни шумо буд!- саросема гуфт Ма

– Мансурбой, фоида надорад. Ҳамроҳ нашавед, -нидо кард Низом -

– Ҳамроҳ мешавам! Ин чӣ гап?! Дар олам одамеро намондаанд Файзуллоҳ Хоҷа равам?- Мансур ором намегирифт.

Низом - махдум ба ишораи лозим нест, даст ҷунбонд ва бо як навъ бе ҷониби писараш гуфт:-Шарифҷон, ба амакат фаҳмон, ки ҳеҷ гап не, меб

Шарифҷон баробари Мансур қадам зада гуфт:

– Дар хонаи ҳамсоя чӣ ҷанҷоле мешаваду падарам ҳамроҳ мешаванд Файзуллоҳ Хоҷа амакам рафтанд. Аз паси ароба наоед. Ба инҳо наме

Мансур ҳайрон монд ва то дур шудани ароба аз пас нигоҳ карда истоду баъд ақиб гашта, ба Ҷовид шунавонда гуфт: "Имрӯз дер шуд. Пагоҳ кофтани шайх меравем." Пагоҳӣ, вақте ки Ҷовид шайхро ба хотири Мансур расонд, "он кас дар як ҷо зиёд намеистанд, равем ҳам, намеёбем" гуфта монд.

Даромад- даромади зимистон Мирзоумед ба шӯъбаи нозироти маориф ба кор омаду Мансурро ҳам ташвиқ кард: "Бинанд, ки шумо газета мехонед, русиро медонед, ҷон-ҷон гуфта ба кор мегиранд" гуфт.

Онҳо болои гилеми таги тут нишастанд. Мирзоумед бо бари ҷомае, ки нав харида буд, зонуҳояшро пӯшонд.

– Маоши хуб медиҳанд?- Мансур ба рӯи рафиқаш нигарист.

– Алҳол маош кам аст, лекин ваъда доданд, ки баъди соли нав зиёд мекунанд, – гуфт Мирзоумед. - Ҳукумати нав ҳамин қадар мекунад, ҳалолаш бод.

"Мирзоумед ҳаводори ҳукумат шудааст. Маоши ҳукумата, ки гирифтӣ, забонат васфи ҳукумата мекунад." Мансур тамасхур карду гап назад.

– Сардори шӯъбаи мо турк. Одами хуб менамояд. Як наздаш медаромадед.

Ба хотири Мансур омад, ки ҳафтаи гузашта фикри корёбӣ ба сараш омаду барои ҳавои корро гирифтан ба идораи нозироти замин даромад. Дар хонаи васеъ як турку се нафар тотор ва як ӯзбеке, ки ба ришаш сафедӣ дамида буд, менишастанд. Назди ӯзбек нишаста гап кушод.

– Дар чунин идораҳо таваҷҷуҳашон бештар ба касест, ки ҳуруфоти кириллиро медонад,-гуфт ӯзбек.- Ҳуруфоти лотиниро ҳам донед, мешавад. Туркҳо ҳуҷҷатҳоро ба лотинӣ менависанд.

– Бухороиҳо чӣ кор кунанд? Ин хатҳоро намедонанд.

Бухороиҳоро мегиранд, гуфтам-ку...-Ӯзбек нигоҳашро бегона кард. Ва дақиқае пас бо овози паст афзуд:-Алҳол ману шумо дастнигар...

Онҳо боз чизе гуфтанду вақти хестан ӯзбек ба ҳамкоронаш гуфт, ки то майдони Регистон рафта меояд. Яқин ба Мансур маслиҳате доданӣ буд.

Тотори сардори шӯъба ҷониби ӯзбек ба забони русӣ ситеза кард:

– Муқимбой, чанд маротиба гӯям, ки он майдон Истиқолол ном дорад? Ё шумо зидди қонуни давлати Шӯро ҳастед?

– Одам калонсол шавад, хотираш парешон мешудааст. –Муқимбойро ранг канд.

– Тамоми олам он майдонро бо номи Регистон медонанд,-бо чиддият гуфт Мансур.- Панҷ ҳазор сол пеш аз он ҷо дарё мегузаштааст регзоре будааст. Аз ин рӯ Регистон гуфтаанд.

– Шумо кӣ? Яқин аз ҷадидҳои чап ҳастед,-тотор ҷониби Мансур бад- бад нигарист.

– Ман чапу рост нестам. Бухороиям, манзилам дар кӯчаи Лаби Рӯд. Шумо кӣ?

– Ман болшевик, болшевики кӯҳна,-ба зарба гуфт тотор ва маншаталабона афзуд:- Пагоҳ ё фардо кӯчаи Лаби Рӯдро, ҳатто Бухороро ном дигар мешавад. Аз Бухорои пӯсидаи амирӣ ному нишоне намемонад. Ҳама нав мешавад.

– Точикҳо мақоле доранд: "Ба чӯйи обканда об меояд,"-гуфт Мансур ва аз ҷо хест: -Шумо қонун мебароред, қарор мебароред, барои мо, точикон, то рӯзе

ҳастем, Бухоро Бухоро асту Регистон-Регистон. Ва аз он, ки ӯзбек баақлӣ кар ҳамроҳаш набаромад, хурсанд шуд. Вагарна бечора аз кору нонаш мемонд.

Мансур аз ин гуфтугузор ёдовар нашуда, андешаманд баргҳои зарди дарахт ба наздаш рехтаро чида, гуфт:

– Алҳол ба ман ҳамон мардикорӣ маъқул,.- Дар байни онҳо ҳар гуна хат хабарро мешунавед. Дар хонаҳо кор карда, аз зиндагии мардум огоҳ мешавед

– Мардум чӣ мегӯянд? Зиндагиашон чи навъ аст?

– Касе ки соҳибмансаб аст зиндагиаш нағз. Дар хонаи яке кор кардем, пахтаю боз ким-чиҳое дар дасташ будааст. Ҳар рӯз се-чор нафар гӯсфанду дигар чизҳо меоранд. Ҳар гӯсфанд сад кило бор дорад. Боз баъзеро мебинӣ нон хӯрданӣ надорад.

– Ҳоло аввали кор аст. Оянда хуб мешавад.

Мансур ба суханаш идома дод:

– Масалан, имрӯз, ҳангоме ки дар гузари Мирмасъуд бо супориши милиса хонаи нимсӯхтаеро мекандем, ба суҳбати ҳамкорон гӯш кардам. Як қисм зидди болшевикҳо буданду мегуфтанд, ки бо онҳо ҳамкорӣ накунед, замин диҳанд нагиред, фарзандҳоятонро ба мактабҳояшон намонед. Дар мактаби кофир хонӣ кофир мешавӣ.

– Замин чӣ гуноҳ доштааст, ки намегирифтаанд?

– Гӯш кунед, тарафдорҳо чӣ мегӯянд: "Аллакай дар шаҳр бемориҳои варача риштаю нағзакон намонд. Шикамдам ҳам намонд. Эму чечу сӯзан зада, ҳамаро кӯфтаю тир зада аз паси амир Олим карданд. Мактабу беморхонаҳо сохтаю барои мардум чойи кор муҳайё мекунанд. Минбаъд ҳуқуқи ҳамаи мардум баробар мешудааст. Яҳудиҳоро майдамиллат гуфтан мумкин набудааст. Минбаъд мисли солҳои пеш дар миён ресмон намебастаанд. Онҳоро зуд ба кор мегирифтаанд Чунки, ҳангоме ки қӯшуни рус ба таги девори Бухоро омадааст, онҳо байрах бардошта, ба пешвоз рафтаанд.

– *Гуфтаҳошон рост,-хандид Мирзоумед.- Ҳамин гуна ободониҳо дар дигар шаҳрҳо ҳам шурӯъ шудааст. Нозироти маориф аллакай сесад нафар ҷавонро ҷудо карда, ба Масков роҳӣ кард.* Онҳо он ҷо як сол хонда омада, муаллимӣ мекунанд. Калони нозироти маориф Фитрати ошноятон. Одамҳоро худаш ҷудо кард.

– Ошною лекин то ҳол вонахӯрдем,- лабханд кард Мансур ва ба фикраш омад, ки вақтҳои охир Мирзоумед олуфтанамо шудааст. Ҳар ҳафта риш тоза мекунад. Ба сарулибосаш эътибор медиҳад. Дар байни ҷамъият кор кардан хуб аст. Ва пурсид:-Ҳоло мактабҳои кӯҳна ҳам ҳастанд?

– Ҳастанд, - гуфт Мирзоумед ва ба самте нигариста афзуд: -Ба назарам менамояд, ки корҳои нозироти мо яктарафа. Дар тамоми мактабҳои нав таълим ба забони туркӣ. Ва ҷавонони ба Масков фиристодаро ҳам бештар аз туркзабонҳо гирифтаанд. Фитрат худаш ин корро зери назорат гирифт. - Ӯ нигоҳашро чониби Мансур гардонда илова кард.- Аммо тоҷикҳо фарзандҳояшонро дар мактабҳои кӯҳна мемонанд. Мардуми мо куҳнапараст. Ояндаро фикр намекунанд.

– Хуб, дар ҳукумати шумо чӣ гапҳо?-пурсид Мансур.

– Корҳо дар ҷӯш! Дар пештоқи корхонаву кӯчаҳо шиор мезананд... "Инқилоби Уктабр ба деҳқонон ва қӯшчиҳои безамин замин дод!" Дар корхонаву нозирот ҳар се-чор рӯз ҷамъомадҳо мегузаронанд. Фармон шудааст, ки маҷлисҳоро бештар бо худтанқидкунӣ баргузор кунанд. Газета баромад, номаш "Бухоро ахборӣ" нимаш тоҷикӣ, нимаш ӯзбекӣ. Боз мехоҳанд як газета ташкил кунанд, номаш "Занони Шарқ". Иттифоқи ҳунармандон, иттифоқи деҳқонон,иттифоқи аробакашҳо таъсис доданд. Ду ҳафта пеш дар Ситораи Моҳи Хоса қурултой, ба гуфти худашон- сеъезд баргузор карданд. Он ҷо намояндаи Русия низ буд. Дар баромадаш мустақилияти ҷумҳурии Бухороро эълон кард. Сипас Шӯрои нозирони халқӣ ташкил кард. Файзуллоҳ Хоҷаро сардор монданд. Кумитаи инқилобро ба кумитаи иҷроияи шӯроҳо табдил дода, Абдуқодир Муҳиддиновро раис монданд.

– Ба Бухоро мустақилият дода бошанд, хуб аст.

– Ду рӯз пеш (3-юми ноябри с 1920) байни Ҷумҳурии Бухоро ва Русия муоҳадаи ҳарбию сиёсӣ бастанд. Тотори ҳамкорамон гуфт, ки ин муоҳада ба ном аст, дар асл ресмонест дар пойи ҳукумати Бухоро, ки қадаме ноҷо гузорад, мекашанд.

– Ресмонкаш кӣ будааст?- Мансур дарҳол ба маънои сухани рафиқаш сарфаҳм нарафт.

– Ман ҳам ин саволро додам. Ӯ марди бинидарозеро, ки дар паҳлӯи Файзуллоҳ менишаст, нишон дода гуфт: - Ресмонкаш ҳамон намояндаи Масков аст. -Насабаш Куйбишев.

– Масков, ки ин ҷо ин қадар ҷонканӣ кард, албатта манфиати худашро ҳам дар назар доштагист.

– Лекин ба гумонам ин муоҳада сабаби дигар ҳам дорад. Амир Олим дар Ҳисор қувва ҷамъ мекардааст. Муоҳада ба он мақсад, ки якҷоя бар зиддаш мубориза кунанд,- Мирзоумед ба мусоҳибаш нигариста, афзуд: -Газетаи "Бухоро ахборӣ" мақолаи хуб чоп кардааст. Ба оҳанги таъна навиштааст, ки "Ҳой мардуми мусулмон, солҳост, ки дар сари дастархон давлату ватан гуфта мушт ба сина мезанед, ҳоло ки давлат месозем, чаро фарзандҳоятонро ба хизмат намедиҳед? Чаро хирсу хуку рӯбоҳ хоки худашро ҳимоя мекунаду мо не. Пагоҳ, ки русҳо рафтанд, ин ватанатонро кӣ ҳимоя мекунад? Ё шумо аз ҳамийяти ватандорӣ барӣ ҳастед?!"

Ба хотири Мансур суҳбати дар газета додаи Мустафо Чоқай - яке аз саркардаҳои мухторияти Хӯқанд омад. "Дар ин сарзамин аъламу орифон лаб задаасту кас намеёбӣ,ки тадбири армия кунад!" Ӯ ба оҳанги таъкид гуфт:

– Мардуми моро ба зӯрӣ ёд медиҳед! Ин мақолашон баёнгари ҳол: "Хирс ба зарби чӯб мулло шудааст."

❁ ❁ ❁

Ҷумҳурии Халқии Шӯравии Бухоро мисли кӯдаке, ки ба зӯрӣ таваллуд шудааст, бо чунин бемориҳои модарзод, чун андозсупории фаврӣ, лашкарғундории фаврӣ, мусодираи оммавӣ (продразвёрстка) арзи ҳастӣ кард. Дере нагузашта,

мисле ки дар бадани навзод сурхакон медамад, аз Фарғона шурӯъ карда, то ин тараф, то соҳили Ҷайҳун, паси ҳам шӯришҳо сар заданд. Сармураббиҳо Куйбишеву Файзуллоҳ Хоҷа дору фармуданд: "Авфи умумӣ эълон кунед! Зудтар заминро ба мардум тақсим кунед! Таъқиби муллоҳоро қатъ кунед!" Вале дер шуда буд, ин тадбирҳо натиҷа намедоданд. Хавфи бемории давомдор, ҳатто фавти кӯдак пеш омад. Сармураббиҳо аз ҷавобгарӣ тарсида, аҳволро ба Маскав маълум карданд. Дар ҳамон рӯзе, ки аз Маскав комиссия омад, ротаи 3-юм бригадаи 11-ум иди ғалаба дошт. Онҳо дар ин рӯз дар Бошқирдистон ба ҳучуми бобарор деҳаи "Белое Озеро"-ро, ки дар баландии муҳимме ҷойгир буд, аз дасти двизияи 7-уми Колчак зада гирифтанд.

Чернов саргармии омӯхтани харитаи Бухорои шарқӣ буд, ки Пётр Загорский хабар расонд: "Александр Николаевич, пагоҳ 7-уми декабр".

Чернов фармон дод, ки ҳамаи ҳайати бригадаро даъват кунанд. Чернов дирӯз аз рухсатӣ баргашта буд. Ба Иваново рафта, зану бачаашро дид, сари роҳ ба Пишпек даромада, падару модарашро ҳам хабар гирифта, пас ба Бухоро омад. Сардори стансияи Когон Степанов Александр Василевич ӯро пешвоз гирифта раҳорах баъзе хабарҳоро расонд:

– Амир Олимхон дар Ҳисор қувваи бисёр ҷамъ кардаасту нияти ба Бухоро ҳуҷум кардан доштааст. Бо ташвиқи бою муллоҳо дар аксари шаҳру нохияҳо халқ бар зидди Шӯроҳо шӯриш бардоштааст. Беки Шаҳрисабз, ки гурехта буд, бо каллабурҳояш баргаштаю дар он тарафҳо кормандони кумитаи инқилоб ва ҳаводорони моро сар буридааст.

Чернов дар оҳанги сухани Степанов як навъ тарсу таҳлукаро ҳис кард. Ҳамчунин мушоҳида кард, ки бинои вокзалро таъмиру сафед кардаанд. Дар сӯи перрон якчанд коргар, бештар занону мардони рус, бо лойу гил машғул доранд. Ба фикраш омад, ки аллакай аз Русия ба ин ҷо коргарон меоянд. Ин хуб аст. Дар кори пардозу оро додан онҳо устотаранд.

– Фрунзе гуфта буд, ки агар бекҳоро раҳо кардед, ороматон намегузора, Чернов ба чашмони мусоҳибаш нигарист.

– Худаш, ки осиёӣ аст, кинагир будани ин мардумро медонад,-гуфт Степанова пурсид:-Баъде, ки рафт, фаҳмидед, ки дар роҳ бо ӯ чӣ карданд?

– Шунидам, ки ба фронти ғарбӣ роҳӣ кардаанд.

– Пеш аз он ки ба фронт фиристанд, қариб ба зиндон меандохтаанд.

– Оҳ-о, ба чи сабаб?

– Ҳангоме ки аз ин ҷо меравад, дар даромади Масква одамони НКВД даромада, вагонашро тагу рӯ карда, ҳама асбобу анҷоми бурдаашро рӯкӣ мекунанд. Овоза рафта будааст, ки гӯё аз хазинаи амир хеле чизҳои тилло аз худ кардааст.

– Аҷиб! Чизи бисёр меёбанд?

– Нафси одамӣ... Хеле чиз гирифта будааст. Хабарро Рубенов расонда. Вай ду рӯзи охири ҷанг, ҳангоми хазинаро гирифтан омада буд.

– Як хазинаи номиро гирифта дод. Ду-се чиз гирифта бошад, ҳеҷ гап нест будагист.

– Намедонам, фармони Тротский будааст. Аз рӯйи овозаҳо, баъде ки хеле чиз меёбанд, аз ҷебакҳояш тангаи тиллоро мегиранд. Он ҷо байни калонҳо баҳсу мунозира мешавад. Ниҳоят худи Ленин ҳамроҳ шудаю ӯро аз дасти Тротский раҳонида, ба ҷабҳаи ғарбӣ фиристодааст.

Чернов тугмаҳои шинелашро кушода, хаёлолуд ба мусоҳибаш дида дӯхт.

– Дар штаби фронт чунон овозаҳо,-аз нигоҳи Чернов рамуз гирифт Степанов.- Айб дошт-куя. Вақтҳои охир мағрур шудаю аз худ рафта буд.

– Мо ин ҷо инқилоб гуфтаю зери тиру оташ мегардему дар боло чӣ гапҳо мешаванд,-Чернов қадамашро тезонд.

Бегоҳӣ лейтенант Загорский низ хабарҳои шунидаашро расонд. Гуфт, ки байни Ҳукумати Бухоро ва сардорони ҷабҳаи Туркистон зиддиятҳо шуд. Ҳукумат ба Маскав нома менависад, ки армия худсарона ба шаҳру деҳаҳо медарояду ба зӯрӣ ба хонаҳои мардум даромада, пулу мол талаб мекунад. Одамони бегуноҳро мепаронад. Аз ин кор димоғи сардорҳои ҷабҳа сӯхт. Қисмеро аз шаҳрҳо баровардаанд. Дар ин байн ҳукумат ҳам худнамоӣ карда, бо Эрону Туркия ва Афғонистон шартномаҳои ҳамкорӣ баст, ки ба Масква маъқул нашуд. Ва боз хостанд худашон армия ташкил кунанд, аммо аз уҳдааш набаромаданд. Мардум ба ҳукумат дилсӯз не. Ин ҳукумати бедин оқибат надорад гуфта, эътибор намедиҳанд. Ҳатто қисме бад мебинанд. Вақте ки овозаи «амир дар Ҳисор аскар ҷамъ мекардааст!» омад, ҳукумат ба ҷабҳаи Туркистон муроҷиат кард. Ҷабҳа ба ҳукумат мефармояд, ки «Барои кашондани тӯпу пулемётҳо нақлиёт тайёр кунед». Ин ҷониб як гала хару уштур харид. Сардорони ҷабҳа, ки димоғсӯхта буданд, имрӯз-пагоҳ гуфта, корро кашол доданд. Дар ин байн гала парешон шуд. Ҳар кадомеро ба коре бурданду хуллас аз он чизе намонд. Омад-омади амир ба гӯши Маскав расиду ҷабҳаро маҷбур кард, ки зуд ба таъсиси отряди инқилобии Бухоро ёрӣ кардаю ҳамроҳ чораи кори амирро бинанд. Ҳатто барои беэътиборию бепарвоиашон ду-се нафарро аз кор гирифт. Баъди он сардорони нав омада саросема ба гиру мон даромаданд. Худашон ба ин ҷо омада хеле корҳоро ба роҳ монданд. Аллакай як полки мусулмонӣ таъсис додаанд.

– Масков ҷабҳа не, Масков корашро хуб медонад,-гуфт Чернов.- Наход баъди ин қадар ҷонканию хунрезӣ Бухороро ба ҳоли худ монӣ? Ин ба он монанд аст, ки ба замин дона мепошию нигоҳубин намекунӣ. Ва пурсид:-Амир қувваи бисёр ҷамъ кардааст? Тарафдор дорад?

– Аз рӯйи маълумотҳо дар атрофаш мардуми зиёд ҷамъ омадаанд. Англия ваъдаи силоҳ додан кардааст.

– Агар Англия силоҳ надиҳад, аз дасташ коре намеояд.

– Як қисми аскараш тарафҳои Ғузору Шаҳрисабзро аллакай тассарруф кардааст. Қисмҳои дар Қаршӣ будаи мо низ фармони ҷангро гирифтаанд. Пагоҳ ё фардо бояд ба ҷанг дароянд.

– Дар як моҳ ин қадар воқеъаҳо...-Чернов аз Загорский ҷудо шуда, ба штаби движия омад, ки дуртар аз вокзали Когон ҷойгир буд. Хабари шунида беқарораш кард. Вай бовар дошт, ки ҷанг ба охир расид, аморати Бухороро тассаруф кардаю то соҳили дарёи Ҷайҳун сохти сосиалистӣ барқарор карданд. Агар боз шӯриш бардоштаю амир Олим ба ҳуҷум бархеста бошад, ҷавобаш намедиҳанд.

Чернов рӯзи дигар коғазу ҳуҷҷатҳои ҷамъшударо аз назар гузаронд барвақттар ба ошхонаи дохили боғи вокзал омад, ки он ҷо бригада дастархо идона тайёр мекард. Хост Степановро ҳамроҳ гирад, вале ӯро наёфт. Штаб отряди инқилобии Бухоро даъваташ кардааст. "Штаб чӣ мегӯяд? Мегӯяд полкҳо меоянду тайёр шав" худ ба худ хулоса кард Чернов. Шояд имрӯз пагоҳ ба мо ҳам фармони тайёр шаведро диҳанд. Ӯ аз дари боғ ворид шу дид, ки аз гурӯҳе бачаҳо ба бозиҳои дастхобонӣю мусобиқаи тирпаронӣ, гур ба дастархонороӣ машғуланд. Аз ҳама серкор взводи хизмати ақиб буд. Ба деги калон палав андохтаанд, самоварҳо дар ҷӯш. Чашми Чернов ба Мануч афтод, ки бо ду нафар аз ароба қуттиҳои аракро мефурораанд. Чернов, ки ошиқиҳои ӯ огоҳ буд, аз Зогорский пурсид:

– Пётр, духтари бухороӣ ба кадомат розигӣ дод?

– Шумо ҳам бохабаред? – дар чеҳраи Загорский осори шарму хиҷолатмач намоён шуд, ӯ дафтари ёддоштро пӯшонда, аз ҷояш хест. Онҳо атрофи боғ ч заданду Пётр афзуд:-Манучеҳр розигии касеро напурсида, духтарро гирифт.

– Ба гуфти таҳҷоиҳо, қанд занад.

– Корро бо модари духтар мепазонад. Аввал ду-се маротиба меравад духтар нест. Модараш мегӯяд, ки ба Фалғар ба хонаи хешамон рафтааст. Ди ин ки вай падар дорад, номзад дорад. Манучеҳр мегӯяд, ки "холаҷон, ба ху хурсандӣ духтаратонро диҳед. Вагарна армияи сурхро оварда, Бухороро т рӯ карда, духтарро ёфта мегираму шумою шавҳаратонро Сибир мекунам" ва мушт тилоро ба дасти зан меқапонад. Зан тилоро дида, дилаш нарм мешавад мегӯяд, ки аслан ман ба он ҷадиди қишлоқӣ, ки худаша хеши шавҳарам т шидаю духтарамро аз роҳ баровард, духтар доданӣ набудам. Рӯзи дигар ҳ ҳамсояро даъват мекунанду, ба таврашон, тӯй медиҳанд. Мулло никоҳашон кунад, духтарро гирифта Когон меорад. Ҳоло дар хонаи иҷора зиндагӣ дор

– Ба ҷойи ту мешудам, Пётр, як мушт не ду мушт тило дода, духтарр даст медаровардам,-Чернов маккорона лабханд кард.

– Дар ин ҷойҳо духтаргирӣ мушкил барин, -гуфт Пётр. –Ҳоло ном духтар Манучеҳрро қасди куштан карда, аз ақибаш мор барин поида гашт

– Оҳ-о! Эҳтиёт карда гардад,- Чернов ҷиддӣ шуд.-Ин мардум барои духтар ба ҳар кор даст мезананд. Онҳо қадам зада, ҷониби дарахтзори ка боғ равон шуданду назари Чернов ба болои мизҳо, ки бо нонҳои ширмол. гӯ обҷӯш ва ҳаргуна меваҳо ороста шуда буданд, афтиду фикр кард, ки дар ново ҳанӯз гуруснагӣ ҳукумфармост. Нонро бо карточка ба касоне ме ки кор мекунанд. Баъзе мардҳо зану фарзандро партофта, сари худро г рафтаанд. Кӯдакҳояшон дар кӯчаҳо аз гуруснагӣ мурдаанд.

Он тарафтар як гурӯҳ аз ротаи 15-ум дар таги дарахтҳо ҷамъ ом ҷанги Колчак ёдоварӣ доштанд. Дар наздашон табақи себ, яқин арак ҳ ранд. Чернов фикр кард, ки дар чунин рӯзҳо кас кӯшиш мекунад вокеаҳои ё ёдоварӣ кунад. Аз назди дарахти афтондае гузаштанду Пётр гуфт:

– Александр Николаевич, вақт дорем боли ин дарахт мешинему дар б бобоятон, Дмитрий Николаевич, суҳбат мекунем.

Чернов ҳоло ҳавсалаи қиссагӯй надошт. Аммо Пётр дафъаи сеюм аст, ки аз ин боб мепурсад. Ин дафъа ҳам баҳона пеш аварда сар тобад, хафа мешавад. Ӯ ба атрофи боғ назар андохту қадам зада гуфт: -Хуб, навиштанро мон, шунидаҳоямро мегӯям, ба хотир мегирӣ,-ва шуруъ кард:

– Нақли охирини бобоям бо ташаббуси падарам сурат гирифта буд. Бегоҳирӯз дар сояи себи рӯи ҳавлӣ менишастем. Бобо қартаро гирифт (ӯ картабозиро нағз медид), падарам онро аз дасташ гирифта гуфт:

– Қиссаҳои дар зиндонҳои Сибир зиндагӣ карданатонро барои дигарҳо мегӯед, як дафъа барои набераатон ҳам гӯед.

Бобоям ба рӯям озмоишкорона зеҳн монд, пас гӯё ҳавасаш омаду якпаҳлӯ такя карда, суханат рост, гуфт ва бо овози пасту дуруштшудааш, тибқи одат "он азизони ман" гуфтаю чунин нақл кард:

– Он азизони маро шабона бурданд. Мо ҳама дар полки Семёновӣ хизмат мекардем. Ман он замон бисту ду сол доштам. Моро ҳафт моҳ дар зиндони қалъаи Петропавловск нигоҳ доштанд. Он қалъа дар Петроград аст. Он ҷо дар пойҳо завлона задаю хуб пурсучӯ карданд-е. Бори охир аввалҳои моҳи май бо чашмони баста аз зиндон бароварда, ба толоре, ки «Комендатский дом» мегуфтанд, дароварда, завлонаҳоро кушоданд. Пас як-як ба хонае гузаронда гуфтанд, ки чашматонро кушоед. Дар он толор қандилҳо сахт равшан буданд, чашмонамон сӯзиш мекарданд. Он ҷо гурӯҳи тафтишот ба сардории вазири ҳарбӣ Тишеев менишаст. Ҳам саҳн, ҳам даруни толор пури жандарму ҷилавдору муҳофизону ҳаводорон буд. Дар толор бештар муфаттишҳо ва вазиру вузаро менишастанд. Подшоҳ Николай бо ғазаб байни толор равуо мекард. Он ҷо охирин пурсишро гузаронда, айбномаро хонданд. Аввал Кулешов Василий Алексеевичро пурсиданд. Вай афсари далеру нотарс буд, дар полки Вятский хизмат мекард. Мо шунида будем, ки ӯро дар зиндони «мёртвый дом» (хонаи марг) нигаҳ медоранд. Он ҷо касонеро нигоҳ медоранд, ки бисёр чизро медонаду бояд зудтар бимирад. Аз он ҷо берун баромадан манъ аст. Одамоне, ки ба он ҷо хӯрок медароранд ҳуқуқи бо маҳбусон сухан кардан, ба саволҳояшон ҷавоб додан надоранд.

Василий Алексеевич қаҳрамони ҷанги ватании соли 1812 буд, дар майдони Бородино корномаҳо нишон додааст. Худи Кутузов ба ӯ шамшери тилоӣ тӯҳфа карда будааст. Василий Алексеевич подшоҳ Александрро бад медид. Николай, бародари Александр, ки шӯришро фаҳмида, аз Полша омадааст (омада ҷои бародарро, ки дар Таганрок ногаҳон вафот карда буд, соҳибӣ кард), ӯро дида безобита шуд. Пурсишро аз ӯ шурӯъ карданд. Генерал Левешеви бинишилпуқ ӯро огоҳ кард:

– Аз тафтиш ба мо ҳамааш маълум: дар ҷамъияти «Махфиятон» барои куштани подшоҳ қуръапартоӣ кардаеду фол ба номи шумо афтидааст...

– Агар ба номам намеафтид ҳам, ман ин кори бисёр зарур ва муқаддасро ба касе намедодам,- ришханд кард Василий Алексеевич.

Николай, ки дар толор равуо мекард, дар ҷояш истод ва наздик омада, ба чашмони Василий Алексеевич зеҳн монд; гӯё мехост бидонад, ки ақли ин мард дар ҷояш аст, ё ӯ девона бошад?

Аз толор ҳар гуна садоҳо шунида шуд. Кадоме Василий Алексеевичро дашном дод.

– Зуд ба ҷояш бареду ба дасту пояш завлона занед! -фармуд Николай. Ва Василий Алексеевичро то моҳи июл дар он гӯри торик доштанду пас дар қатор панҷ нафар, ба гуфти онҳо, ҷиноятқорҳои «шарир» ба дор кашиданд. Густохию мардонагии Василий Алексеевич ҳамаи моро рӯҳбаланд кард. Баъд аз шаш нафар навбати ман омаду савол доданд: «Шумо дар суҳбатҳо мегуфтаед, ки чаро дар Урупо сохти крепостноиро барҳам додаанду дар мо не? То кай мо дар сахтию беҳуқуқӣ зиндагӣ мекунем? Мардумро ба шӯриш даъват мекардаед.»

Подшоҳ ду қадам дуртар чашмонашро танг карда, ба ман зеҳн монд. Ман ҳам рост ба чашмони сарди гургмонандаш нигариста, суханҳои аз рафиқонам шунидаро гуфтам:

– Чунки мо дар ҷанг онҳоро задем. Аз армияи шашсадҳазораи Наполеони номӣ як мушт монд. Модом ки халқи мо қаҳрамон будааст, пас чаро зиндагиамон нисбат ба онҳо бадтар аст? Дар онҳо озодии сухан будаасту дар мо не?

Рӯи Левешев вз ғазаб суп-сурх шуд. Бинии хунукаш бештар ҳумосида рафт. Агар илоҷашро меёфт дар ҳамон ҷо кордам мезад.

– Гуфта бошӣ, даҳ сол зиндон мешинӣ, ҷувонимарг,-дандон зиреҳ кард Левешев.- Боқии умратро дар Сибир мегузаронӣ!

Ман он вақт аз куҷо медонистам, ки зиндонаш чисту бадарғааш кучост? То он, ки Василий Алексеевич шунаваду донад, ки ман ҳам мисли ӯ наметарсам, бо тамоми овоз дод задам: «Дар бадтарин ҷойи Сибир ҳам офтоб ҳаст!»

Охирҳои моҳи июл моро шабона аз зиндон баровардаид. Мо аввалин маротиба дидем, ки бисёр будаем. Баъдтар фаҳмидем, ки аз панҷсад нафар ҳам зиёд. Баъзеҳо либоси генералӣ доранд, баъзеҳоро рутбаашон пасттар. Якчанд профессорҳои донишкадаҳоро низ овардаанд. Маълум шуд, ки онҳо низ ба «ҷамъияти махфӣ» шарик будаанд. Пас сарбозҳое ки аъзои ин ҷамъият буданд оварданд. Дар пойҳомон кунда, базӯр роҳ мегардем. Жандармҳоро тела дода, ҳамдигарро оғӯш мегирифтем. Мо ҳис мекардем, ки кори бузургеро иҷро мекунем. Дар як гӯшаи майдон оташ афрӯхтаанд. Аз либоси маҳбусон пагонҳои зардӯзиву орденҳоро канда ба оташ мепартоянд. Жандарми шикамдоре хост ордени «Салиби Георгий»ро аз бари Василий Алексеевич канад, ки дасташро сахт тела дода «Ин нишони мардона бо душмани ватан ҷангиданам аст. На ту додаӣ на ту мегири!» - гуфт ва худаш орденро канда ҷониби марде, ки дар ҳалқаи одамон меистод, ҳаво дод. Ҳангоме ки моро ба аробаҳои болопӯшида савор карданд, жандарме пӯстинамро аз танам кашида гирифт ва як шинели даридаро дод. Дар ҳар ароба жандармеро шинонда, ҷониби Сибир фиристоданд. Чор моҳ роҳ гашта, ба Иркутск расидем. Дар тамоми роҳ мардум ба мо меҳрубонӣ мекарданд. Хӯрок меоварданд, пул медоданд. Дар баъзе деҳаҳо халқ дар ду тарафи роҳ ҷамъ шуда, ба болои аробаҳо тангаю дастагулҳо мепошиданд. Духтарҳо рӯймолҳояшонро ҳаво медоданд. Боре дар каппаи сари роҳ дам мегирифтем, ки кампире даромад, чанд тангаро назди мо монду гуфт: «Ман ҳамаи ин бойигариамро ба шумо, падарони мушфиқ, бародарони ба ҷон баробарам медиҳам.» Дар Ярославл мансабдорҳои калон тағйири либос карда,

моро роҳнамоӣ мекарданд. Ба хобгоҳҳои гарм ҷой мекарданд, худашон хӯрок меоварданд. Рафиқонам мегуфтанд, ки Димитрий, суханат рост будааст. Дар Сибир офтоб бештар аст. Моро аз Иркутск сад километр дуртар дар маҳбас ҷой карданд. Пас дар муддати се сол дар якчанд маҳбас гардондаю ба Остроги Чита бурданд. Соати панҷи саҳар ба кор меравем. Он чи аз сари мо мегузашт, ба назарамон мисли як хоби даҳшатнок менамуд. Мепиндоштем, ки ин ҳолат зиёд давом намекунад. Пагоҳ ё фардо подшоҳ моро ҷавоб медиҳад. Рӯзи дигар боз ҳамин фикрҳо ба сарамон меомад. Чор нафар занҳои ҳамроҳамон он ҷо омаданд. Ва онҳо сӣ сол ҳамроҳи шавҳарҳояшон мондаю он рӯзгори пур аз заҳрро бо ҳамдигар паси сар карданд. Ҳамроҳи мо устоди Университети Москва Абрамов Пётр Давидович ном марди яҳудие ҳам буд. Пётр Давидович барои шеъраш «Ҷаноб, то кай мардуми Русия аз ту нолон бошанд,» зиндонӣ шуда буд. Он ҷо ҳама бемор шуданд: гулӯдард, диқи нафас. Пётр Давидович ҳам диқи нафас шуд, ҷароҳатҳои дар зиндони Петербург гирифтааш кушода шудаанд. Моро чор сол он ҷо нигоҳ доштанду пас қариб ду моҳ роҳ гашта, ба маҳбаси азобаш сахттар, ки «Петровский завод» мегуфтанд, бурданд. Роҳбалади мо бурятҳо буданд. Дар наздикии сарҳади Чин ба деҳаи майдаяке расидем, ки атрофаш ботлоқ буду хонаҳои каппашакл дошт. Дар он хонаҳо посбонҳо зиндагӣ мекарданд. Маҳбас деворҳои баланд дошт. Онсӯтар бинои калоне буд, ки бомаш сурхранг менамуду девори даҳметра дошт. Он ҷо як гурӯҳ рафиқон моро пешвоз гирифтанд. Ду рӯз шудааст, ки онҳоро ба ин ҷо овардаанд. Пётр Давидович, илҳомаш омаду дар ҳаққи он маҳбас шеъре ба номи «Биҳишти гумшуда» навишт. Дар байни бино долони дароз буду ду тараф хонаҳо. Бино навсохт буд, умуман тиреза надошт. Замину деворҳо тару нам. Ба ҳар хона чорнафарӣ ҷо карданд. Хонаҳо торик, фақат рӯзона дар назди дар китоб хондан метавонистӣ. Дар як рӯз фақат ду маротиба оташ гирондан мумкин буд. Шабҳо ҳар чи доштем, мепӯшидему хоб мерафтем. Он ҷо умр дар назарат мисли ҷомаи пурхор менамояд. Мо байни худ мегуфтем ки аз баромадаш дида Николай дилсанг будааст. Мақсадаш маро бемор карда куштан. Аммо сардори зиндон ба мо сахтгирӣ намекард. Моро бештар ба корҳои хоҷагӣ машғул медошт. Даромади сентябр борону шамолҳои ҷонсӯз шурӯъ шуданд. Сад чизи гарм пӯшӣ ҳам, шамоли он ҷо то мағзи устухонат коргар мешавад. Ин шароиту зиндагиро занҳо ба хешу таборашон менависанд: «Дар руднике, ки пештар кор мекардем мо чун моҳии дохили қуттӣ будему ин ҷо мисли говҳое ҳастем, ки дар оғили ботлоқ ҷой кардаанд. Волидайн аз ин боб ба Николай хат навишта, аз саломатии фарзандонашон изҳори хавотирӣ мекунанд. Ӯ иҷозат медиҳад, ки дар хонаҳо тиреза кушоянд. Аммо декабристҳо мардуме буданд, ки ғаму андӯҳашонро ба подшоҳ нишон намедоданд. Пётр Давидович нимшӯхию нимҷиддӣ ёдрас мешуд, ки мо шеърияти зиндагиамонро эҳтиёт мекунем. Худаш ботинан месӯхту лабони мудом табхолдорашро ба ханда моил медошт. Мо сурудхонон ба кор рафта меомадем. Шаби шеър, шаби илм баргузор мекардем. Байни мудпарастону хайёлпарастон баъзан то субҳ баҳс мешуд. Рафиқон шеъру қисса менавиштанд. Баъзе донишмандон табиату обу хоки Сибирро омӯхта, мақолаҳо менавиштанд. Аммо дар Петербург ҳеҷ яки онҳоро чоп намекарданд. Дар баҳори соли панҷум Пётр Давидович вафот кард.

Мо дар он ғамкада ҳар чи қадар, ки метавонистем, занҳоро меҳрубонию дилбардорӣ мекардем. Ва ба ҳамдигарамон ҳам меҳрубон будем. Ин меҳрубониҳо рӯҳи моро болида медошт, ба умеди ояндаи нек раҳнамоӣ мекард. Дардҳоямонро табобат мекард.

Боре як гурӯҳ рафиқон, ки камбизоат буданд, ба Николай нома навиштанд, ки ёрдампулиро зиёд кунад. Гурӯҳи дигар фаҳмида, нагузоштанд, гуфтанд, ки аз ин пас ҳар мавизи ёфтаамонро ҳамроҳ мехӯрему ба он бадаъмол сар хам намекунем. Ана, он азизони ман чи гуна касон буданд!

Бобо суханашро ба ин ҷо расонду гуфт: набераи бобо: «Дар як нишаст сисола азоба гуфта наметавонӣ? Сари кас пӯла мешавад. Пагоҳ, ки сарам ба ҳуд биёд, боз нақл мекунам.»

Чернов бо табассум ба рӯйи мусоҳибаш зеҳн монд ва мушоҳида кард, ки ӯ ба тамом ҳушу гӯш шуда, ба ӯ менигарад. Аввалин маротиба аз дилаш гузашт, ки ин қиссаҳоро ҳама мардуми Русия ба ҷон гӯш мекунанд. Агар рӯзгор даст диҳад, худаш онҳоро омӯхтаю китоб мекунад.

– Раҳмат, Александр Николаевич, маро хурсанд кардед, бисёр чизҳоро фаҳмидам.-Загорский болои дарахти ғалтида нишасту аз бағал дафтарашро бароварда.

Чернов аз канори боғ баргашта дид, ки Манучеҳр бо сардори взводи хизмати ақибгоҳ Тошев Чилла баҳс дорад. Боз ҳам баҳсашон дар бораи кӣ ҷангида метавонаду кӣ наметавонад, буд. Чилла бо як сержанти чутурандоме гӯсфанди дар шохи дарахт овезонро пӯст кандаю ба Манучеҳр мегуфт:

– Фикрҳои хаторо аз сарат бардор! Ту ё ягон нафар рафиқи русат баробари ман ҷуфт кардан метавонед? Наметавонед! Дараву хирманро ҳам мисли ман наметавонед. Ту ҳатто панҷ вақт намози ба гарданат фарзро намехонию...

– Гапҳои кӯдакона мезанӣ,- писханд кард Манучеҳр. - Ман ток мегӯям ту бед! Дар бораи ҷанг мегӯям, ту аз ҷуфту дарав мисол меорӣ!

– Гапи кӯдаконаро худат мезанӣ.- Чилла тез-тез корд давонда, пӯстро аз гӯшт ҷудо мекард. - Офтобу обу замини диёри ман деҳқону шоиру намозхон мепарварад. Иқлими дашту ҷангалҳои Русия каси шикорчию тирзану аракхӯрро. Ту ҳам мисли онҳо тирандоз шудаӣ! Кадом рӯз тир мехӯрию пушаймон мешавӣ. Морбоза мор куштаасту тирзана тир!

– Аввал ту тир мехурӣ! Худам мурдаата гӯр мекунам. Қабрата чуқур мековам!

– Ту ки ба тир наздикӣ, пештар ҷувонимарг мешавӣ! Ҷанозаата худам мехонам!

Манучеҳр корди сержантеро, ки қассобӣ мекард, аз наздаш гирифту ба Чилла ҳамла кард. Чилла ҳам корди дудамаашро пеш давонд. Агар Чернов сулфа карда наздик намеомад, ҳарду кордзанӣ мекарданд.

Чернов Манучеҳрро даъват карда фармуд, ки кори оростани мизҳоро тезонад.

❁ ❁ ❁

Ҷанговарон акнун паси миз менишастанд, ки Першин ҳам омад.Вай баъди он ки дар роҳ назди ҳавзи сунъӣ аз болои асп афтид, ҳоло ҳам андак мелангад. Пештар ӯро ба штаби Бухоро даъват кардаанд. Дар штаб ба ӯ чӣ мегӯянд? Шояд ба дигар ҷой ба кор мефиристанд? Ба назари Чернов омад, ки ӯ каме лоғар шудааст. Айби худаш, бо бачаҳо чандон унс нагирифт. Першин ба ҳама даст доду дасти дарозкардаи Манучеҳрро нагирифт. Манучеҳр дар назди рафиқон шарм кард.

– Инҳо ҷангӣ, - Загорский як карч харбузаро назди Чернов гузошту оҳиста афзуд: -Барои кадом як қадаҳ, ки аз хазинаи амир гирифтаанд, ба гап мераванд. Манучеҳр Першинро дузд мегӯяд. Першинро агар намедоштаанд, ӯро мепарондааст.

– Парондан ба ӯ осон будааст?-Чернов сигор гиронд:-Зудтар ягон тараф мегузаронданд, хуб буд.

Семёнов аллакай ширакайф шуда, бо ҳамшаҳриҳояш сӯҳбат мекард.

Загорский барои хурсандии давра ба Манучеҳр гап партофт:

– Иди шумо кай, Манучеҳр?

– Иди мо? -Манучеҳр забон хоид. -Иди мо рӯзе, ки ба майдони Регистон даромадем.

– Як воқеъаи ҳамон рӯзи ҷанг то ҳол норавшан монд,- Загорский сӯйи Чернов нигарист, пас бо овози баландтар ба Манучеҳр гуфт:- Оқибати ҳамон ҷанг бо салладор, ки ҳамдигарро занукӯб карда, ба кӯчаи танг даромада рафтед, чӣ шуд?"

Манучеҳр суп-сурх шуд. Вай аз он салладор ва аз гаппартоии рафиқон қимоб шуда буд. Вале дар давра худро дошта, ҳарчи оромона гуфт:

– Ун салладор ҳарвақт аз дӯзах пайк мефиристад, ки Пётрро кайҳо боз вочибулдафъ асту чаро дер мекунад?

Семёнов базӯр хандаашро дошта, сухани Загорскийро тақвият дод:

– Ман ҳам ҳаминро пурсиданӣ будам. Дина бегоҳӣ ҳамон салладорро дар бозор дидам, самбӯса мефурӯхт. Маро шинохту ба ҷӯраат Манучеҳр салом расон,- гуфт.

Ҳама хандиданд.

– Рафиқ лейтенант, шумо додарашро дидед,-гуфт Манучеҳр як зарра дигар нашуда. –Вай бо Петро дӯсти қарин.

Чернов гоҳ хандидаю гоҳ ҷиддӣ шуда, ҳамаро бо иди зафар аз болои армияи Колчак ва амири Бухоро табрик карда, пас ҷониби Манучеҳр дӯстона афзуд:- Ман намедонам, оқибати кори он салладор чӣ шуд. Лекин имрӯз ҳуччат омад, ки Мирзоев Манучеҳр барои корнамоӣ нишон доданаш бар зидди душманони инқилоб бо ордени "Байрақи сурх" мукофотонида шудааст. -Чернов дар қатори мукофотгирифтаҳо номи сарбози лабчок Тараев Тимофей Иосифовичро, ки дар майдони Регистон қаҳрамонона ҷангидаю ҳалок шуда буд, низ хонд.

Ҳама хурсанд буданд. Фақат Першин, ки ҳам Манучеҳру ҳам Семёновро хуш надорад, ба ҷабинаш чин андохта нишастааст. Вай барои ба мукофот пешниҳод кардани Манучеҳр зид буд... Фурсате гузашту чумчаи наздашро дуртар тела дода афтонд ва дилашро кафонд.

– Ид фақат барои камбағалҳо, барои болшевикони ҳақиқист. Барои бо дузду дигарҳо не! - Аз афташ дузд гуфта, Манучеҳрро дар назар дошт.

Семёнов фаҳмид, ки ин сухан ба ӯ низ равона карда шудааст. Вале давр рӯйи хотир карда, сир бой надод. Баъдтар қадаҳашро пур карда, назди Пер омада, бо оҳанги дӯстона гуфт:

– *Рафиқ лейтенанти калон, командирамон Александр Николаевич фар* дод, ки имрӯз рӯзи нӯшиданист, рӯзи гилаву ҷингидан нест.

– Ман бо казак арақ наменӯшам,-гуфт Першин.

Ин сухан ба бисёриҳо нафорид.

Чернов низ ғазабманд шуд. Магар ин давра ҷои ин гуна суханҳост? Ӯ нигох Семёновро доштанӣ шуд, то ки ӯро ба сабр даъват кунад.

– Чаро?- Семёнов дасташро ба миз такя монда, рост ба чашмони Першин нигарист.

– Чунки мо, камбағалҳо, аз шумо азоби кам надидаем. Ҳар ҷо ки мужики бечора аз ночорӣ шӯриш мебардошт, подшоҳ "казачие войска"гуфта, шуморо роҳӣ мекард ва шумо халқро бодирингбур мекардед.

– Ун номаъқулиҳо дар гузашта буд, Иля. Дар гузашта бисёр гапу корҳо буд. Соли нуздаҳ, баъди шӯриши Каледин армияи сурх дар кадом хонае, ки фуражка медид, он хонаро ба бало гирифтор мекард. Фуражка ва салиби Георгий ифтихори казак буд. Лекин дар он шабу рӯз мардуми мо шабона ин чизҳоро таги хок мекард! Халта-халта бурда ба дарёи Дон мепартофтанд, ки ба чашм нанамояд. Ва боз бисёр гапу корҳои дигар. Пас, дар гузашта ину он буд гуфта мо ҳамдигарро куштан гирем?

– Барои ҳамин ҳам ба шумо бовар нест, дар байни армияи сурх ба шумо ҷой нест.

– Армияи сурх бе казак мисли руди камобу каммавҷ аст, дар хотир дор.- Семёнов рост шуду қадаҳашро нӯшид.

Чернов бо нигоҳи дилсӯзона ба Семёнов зеҳн монда, нисбат ба ин марде ки гармиву сардии рӯзгорро дидааст, эҳтиромаш бештар шуд. Ва аз ҷояш хеста, нимҷиддию нимшухӣ гуфт:

– Димитрий Попович, ту одами дигар! – Ва нигоҳашро наканда, бо оҳанги дигар афзуд: -Туро шӯхиҳоят аз худат қиматтаранд.

Семёнов бо ризоият табассум карду ба ҷояш рафт. Аммо ногаҳ тез шуду аз роҳ гашта, бо ғазаб гуфт:

– Ё ягон директиваи махфӣ гирифтаӣ, ки мегӯӣ, дар армия ба шумо ҷой нест! Ҳоло Кремл дар дасти ҷуҳудҳост! Дар каллаи яҳудиашон ҳар номаъқулие биёяд, навишта мефиристанд.

Першин аз бағал таппончаро гирифта, рӯбарӯи Семёнов дошт ва дар ҳоле, ки аз ғазаб суп- сурх шуда буд, гуфт:

– Замоне ки шумо эрка будеду моро ҷуҳуд мегуфтед, гузашт! Барои таҳқир кардани миллати яҳудӣ ва болшевикҳо мепаронам!

Чанд нафар аз ҷояшон хестанд. Загорский низ таппончаашро ба даст гирифт.

– Ҳама дар ҷояш шинад!-Чернов онҳоро дошт.

Хестани ҳамяроқон дами Першинро паст кард.

– Ман аз таппонча наметарсам,-гуфт Семёнов бо овози хаста.

– Таппончаро ба ман деҳ. -Чернов назди Першин омад.

– Ту ба ман таппонча надодай, камандир!

– Фақат фурӯмояи пастниҳод ба сари рафиқаш таппонча мебардорад. -Чернов рӯбарӯи Першин истод ва бо ғазаб афзуд: - Ба ту дар байни мо ҷой нест! Ҳозир меравӣ!

– Ту ҳақ надорӣ!..

– Ранги рӯи Черновро дигар шуд ва ҷониби Загорский гуфт:

– Ротаи дувумро қатор кун! Ротаро қабул мекунӣ! Фармон чунин аст!

Першин аз давра хеста рафт. Ҳангоме ки ҳама хестанд, Муҳаммадшариф ба дасти Чернов барқия дод, ки дар он навишта шуда буд:

"Шуморо ба маҷлиси фаъолони ҳукумати Бухоро даъват мекунем."

❄ ❄ ❄

Дар аввали зимистон дар Бухоро боронҳо зиёд шуд. Дере нагузашта барф бориду кӯчаҳо зери барфу ях монданд.

Мансур як пагоҳӣ, ки осмон соф буду офтоб шӯълапошӣ мекард, барои дидани аспаш ба деҳаи Сафедмӯй равон шуд. Чун ба дарвозаи Самарқанд наздик шуд, дид, ки ба ҷойи дарвозаи боҳашамати бо бурҷу бора дарвозаи оҳанине насб кардаанд, ки баландиаш баробари қади одам аст. Ва ду саллоти лоғарандоми таҳҷоӣ онро ранг мекарданд. Дар қаровулхона ҳам сарбозҳо баро-даро доштанд. Онҳо ҳам таҳҷоӣ буданд. Атрофи дарвоза аз барф тоза карда шудааст. Ҳоло офтоб гармтар шавад, пас барфи боқимонда об шудаю ин ҷойҳо сиёҳ мешаванд.

Сарбози пастаки рангаш зарди беморнамо некхоҳона гуфт:

– Ака, огоҳ бошед, ки мардуми деҳаҳои атроф бар зидди аскари сурх хестаанд. Касеро доранд, "ҷосус" гуфта, истинтоқ мекунанд.

"Маълум мешавад, ки мардум ҳамийят пайдо карда, ба муқовимат хестаанд!" Равшание ба дили Мансур даромаду пурсид: "Кӣ ин хабарро расонд"?

– Ҳамин пагоҳӣ моро қатор карда, хабар доданд,-гуфт сарбоз.

Мансур гашти рӯз ба деҳаи Сафедмӯй расид. Дид, ки аскарони сурх ҳам дар деҳаҳо хуб бедодӣ кардаанд. Баъди онҳо муҷоҳидин (болшевикҳо онҳоро босмачӣ ном мегиранд) даромада, аз мардум молу чиз талаб кардаанд. Ин корҳо мардумро тарсонда қисме ба муҷоҳидин ҳамроҳ шуда, қисме зану фарзандашонро гирифта, ба ҳар тараф рафтаанд.

Мансур одамеро, ки аспҳоро ба ӯ дода буд, наёфт. Ҳамсояш хабар дод, ки дастаҳои болшевик ду маротиба ба деҳа даромаданд: молҳоро аз оғилҳо гирифта бурданд. Аспатонро дар даромади аввал бурданд. Худи Маҳмуд (соҳибхона) аҳли аёлашро гирифта ҷониби Термез рафт. Дили Мансур пуралам буду пураламтар шуд. Он асп нишона аз Баҳодураш буд. Қарор дод, ки дастаро меёбаду чи қадар пуле ки гӯянд, дода аспро мегирад. Аз паси даста дарак гирифта, ҷониби Нурато рафт. Раҳораҳ худро огоҳ кард: "он балое, ки аз пасат равон буд, аспатро ҳам гирифт. Аз гузашта дигар чизе намонд. Акнун гашта мерафтагист.

Роҳи домани ҷангалеро, ки аз ҷариҳои тез мегузарад, убур мекард, ки чӯпон хабар расонд: "Дар деҳаи Бочароғи паси тепаҳо саллоти маҷрӯҳе ҳаст, шоя куҷо рафтани дастаро донад".

Онҳо боз каме гапзанон карданду чӯпон асое дода афзуд:

– Бохабар бошед, ки дар роҳҳо гург ва галаи сагҳои дайду бисёранд. Дар торикӣ нагардед.

Мансур он рӯз ва рӯзи дигар аз байни ду деҳаи барфпӯш гузашта, ҳангоми аср ба деҳаи Бочароғ расид. Деҳа дар домани кӯҳи начандон баландест. Аз поёни деҳа рӯди тезоб ҷорист. Бому дари деҳа барфпӯш аст. Ҳатто дар шохи дарахтон барф хоб аст. Мансур дар канори деҳа истода, мушоҳида кард, ки бошандагон камтар ба назар мерасанд. Аз мӯриҳои башумор дуд мебарояд. Ба оби чашмае, ки ҷониби деҳа меравад, таҳорат карда, намози асрро хонд. Оби чашма гарм аст. Аммо поёнтар, ки об нишеб шуда меравад, ду ҷониб ях дорад. Маълум. ки ҳавои ин ҷо аз шаҳр хеле хунук аст. Оҳиста қадам зада, ба хонаи поёни деҳа, ки наздиктар буд, рафт. Тӯдаи сагҳо тарафаш ҳамла карданд. Саги бузурги алое ду-се қадам пеш-пеш меояд. Ашкҳои даҳонаш чун зоғнул намоён. Ҳама шавқун бардошта метозанд. "Лабу лахт мекунанд-чӣ!" гузашт аз дили Мансур. Саги сархайлро сахт бо ассо зад, саг як ғел зада хеста гурехт. Ҳамроҳонаш низ гурехтанд. Мансурро ханда гирифт. Фикр кард, ки одамон ҳам ҳамин феълро доранд. Сардорашона ки задӣ, нафаси дигарҳо мегирад.

Дар поёни деҳа марди танадори ланге Мансурро дида, ба пешвозаш омад ва бо оҳанги маломат гуфт:

– Шумо аскари сурхед? Чаро дер кардед? Пойи он бечора куппӣ бар варам кардааст.

– Ман аз онҳо нестам,- гуфт Мансур ва матлабашро баён кард.

– Рафтем хона,- мард пеш даромадаву афзуд:-Ин саллот мемураду дар балояш мемонам.

Онҳо даҳлезро гузашта ба хонае, ки сандалӣ дошт, даромаданд. Аз хона бӯйи алови арча меояд. Дар оташдон гулхан гирон аст. Зани гандумгуни ситора гармe даромада, салом карду лахча оварда ба сандалӣ рехт, пас байни хона шол кашиду худашу кӯдаконаш назди оташдон монданд.

– Дар замистон меҳмон биёд, мо хонаро ба ин тарз ду тақсим мекунем,-гуфт мард ва ба пушти меҳмон болишт монда ба нақл пардохт:

– Бисту як рӯз пеш панҷ нафар шапкапӯш омада, мо барои аскари сурх озуқа мегирем, гуфта рӯғану орду гӯсфанд ҷамъ карда рафтанд. Пас овоза шуд, ки дар деҳаи Маҳтобрӯ ду нафар аскар ба зане дасти зӯрӣ кардаанд. Ин овоза, рост буд ё дурӯғ, мардумро тарсонд. Занҳои бечора аз тарс хоб надоштанд. Ҳафта гузашта яке садои "урус омад! урус омад!" шуду ҳама парто-парто худро ҷониби кӯҳ гирифтанд. Дар поёни деҳа рӯде ҳаст, ки сангҳои хурду калон ва лағжа дораду зимистон ки об кам шуд аз он гузаштан метавони. Дар болояш пул ларзонаке ҳаст. Ҳангоме ки аз ақиб русҳо зер карда омаданд, болои пул тамом шуд. Ҳарчанд соҳил ях кардаю об сард буд, як қисм зану мард бо фарёду фиғон сангҳои ях кардаро дошта аз об гузаштанд. Аз қазо ҳамин саллот аз ақиби духтари ҳабдаҳсола, духтари муллои деҳаамон, ки қории Қуръон аст, асп мемонад

Духтар пулро банд дида, худро ба об мезанад. Саллот ҳам сари тоз аспро ба об меандозад, ки аспаш меғеҷаду меафтад, худаш ҳам парида дар болои санги тез мезанад. Одамон ҳардуро аз об мебароранд. Духтар як нохунаш харошида нашудааст. Саллотро ҳам зону ва ҳам китф шикаста ва як тарафи бадан мӯрӣ барин сиёҳ шуда буд. Ба асп бор мекунанд - дошт намедиҳад: ҳамроҳонаш пушт карда, ба хонаи мо оварданд. Шаш нафар, ҳама шинелу телпаки нав доштанд. Суханашон ба муомила. Яке маҷбур пул доданӣ шуд, ки нагирифтам. Гуфтанд, ки амак, рафиқи моро нигоҳубин мекунӣ, мо пагоҳ омада мебарем. Онҳо рафтанду дидам, ки саллот як ҷавонаки сафедрӯи банур тахмин бистсола аст ё андаке зиёдтар. Ҳоле дорад хароб. Мудом менолад. Бандаи Худо гуфта як шишаки бачоиямро куштам: каме гӯштро бо зарчӯба хуб ҷӯшонда, аз оби шӯрбо гарм-гарм маҷбур хӯрондам, ки танаш қувват гирад. Пою китфашро чӯб (лангет) монда, бастам. Бори аввал ин корро мекардам. Ба ҷойҳои сиёҳшудаи баданаш равғани зағера бо зардии тухм якҷоя карда молидам. Пагоҳӣ аз ҳамроҳонаш дарак нашуд. Пас як шабу як рӯз барф борид. Ба худам гуфтам, ки баъди барф меоянд, аммо аз онҳо дарак нашуд. Ин бечораро китфашу пояш варам кард, пешобаш хунолуд меояд. Яқин ягон узви дарун ҳам зарб хӯрдааст. Баъди ду рӯз хунравии дурун бас шуд. Варами по ҳам кам шуд. Лекин китф ва сиёҳии баданаш беҳ нашуд. Балки рӯз то рӯз бад шуд. Аз ҷазабаи дард хобаш парид. Нӯҳ ғуза кӯкнори калона тар карда, обаша гирифтам. Гоҳе оби ҳамонро медиҳам, хобаш мебарад. Гоҳе дуо мехонам. Атрофро кофтем, табиб наёфтем. Се нафарро овардам, ки ба хар бор карда шаҳр барам, то назди дар бурдему намонд: гуфт, ки наметавонам. То дар роҳ мурдана ҳамин ҷо мурам, беҳ гуфт. Худаш ҳам то дирӯз умедвор буд, ки рафиқонаш меоянд, пас умедашро канд.

Аз ҷониби оташдон овози ҷизубиз баромаду бӯи хуши рӯғани думба паҳн шуд.

Мард "ҳозир меоям" гуфта, хесту он сӯи парда гузашта аз занаш пурсид: "Ба чӣ кор ёри кунам? Сабзӣ пора кунам?"

– Худамон мекунем,-омад овози зан. Ӯ боз чизе гуфту Мансур нафаҳмид.

Мард чой дам карда овард.

– Ҳоло мардуми гурехта дар кучо?-пурсид Мансур.

– Болои ин кӯҳи рӯбарӯро Маҷнундарра мегӯянд. Он ҷо айлоқҷо ҳаст. Баъзе ҳанӯз он ҷо нишастаанд, баъзе фуромаданд.

– Мардумро дар ин хунукиҳо дар азоб монда..,- гуфт Мансур ба ғазаб:- Ин хел оқибатдарҳо садқаи нигоҳубин шаванд. Табиб накобед, монед сиёҳ шудаю варам кардаю ҷазояшро бинад! Аспаш лат нахӯрдааст? Асп дар ҳамин ҷо?

Мард номашро Мирзоодил гуфт ва лаҳзае таваққуф карду ба тариқи маслиҳат афзуд:

– Вай як ҷавони мусофир... Хато кардааст. Дар ин синну сол ҳама хато мекунад. Ҳоло аз карда пушаймон.

– Аспаш сиҳат аст?

– Асп сиҳат. Болои сумашро бурида буд, хун мерафт, лангида омад: сипанду қандро кӯфта рехтам, рӯ гирифтааст.

– Намешавад, ки назди бемор рафта сӯҳбат кунем?

– Ду рӯзи аввал се-чор нафар ҳамсояҳо мусофир гуфтаю ба расми бемор нону об карда омаданд, мушоҳида кунам, чандон маъқулаш нест. Минбаъ ҳам баҳона карда, касони омадаро намондам. Ҳоло бевақт шуд, саҳарӣ мед

Дар назди оташдон кӯдакҳои Мирзоодил бо овози паст аз чи бора мекарданд. Мансур чойро нӯшида фикр кард, ки об бӯи дуд ва кажа кунад ҳам батаъм аст.

Баъди шом зан палав оварда ҷониби шавҳараш гуфт:

– Аз дари саллот нигоҳ кардам, ғанабаш бурдааст. Пиёба ҳам ка баъдтар ҳардуро баред, кадомашро ки хӯрад.

– Се рӯзи охир, балки чор рӯз шуд, ҳеҷ ҷунбида наметавонад,-гуфт М одил.-Эзорашро кашида партофтам. Бо занам бардору мон мекунем. Ҳ ки тағора медорам, шарм мекунад. Ба ишора мефаҳмонам, ки шарм Дирӯз хеле сухан кард, русӣ намефаҳмам. Аммо аз ишораҳояш фаҳмид Худо кайфари гуноҳамро дод, мегӯяд. Ва гуфт, ки аз духтаре, ки аз ҷабр худро ба об партофт, аз номам узр пурсед. Боз "инқилоб, инқилоб" гуфт нафаҳмидам.

– Намешавад, ки наздаш рафта хоб кунам?-пурсид Мансур ва аз гузашт, ки хизмати мард аз рӯйи тарс набуда, балки некии беғаразона ба одам аст.

– Наздаш хоб кардана нағз намебинад,- Мирзоодил ҷомаашро кашид меҳмон ҳам фармуд, ки чакманашро кашида баҳузур дам гирад ва афзу шаб хоб надорад.

Шаб Мирзоодилу меҳмон дар бари сандалӣ хоб карданду зан бо кӯда дар он сӯйи парда- дар назди оташдон. Мирзоодил шаб се маротиба б хабар гирифт. Пеш аз субҳ алов карда, хонаашро гарм карда омаду гуф

– Ин пагоҳӣ ҳарорати бемор баланд. Пурсидам, ки дилат чӣ ме Ширчойро бо мағзи чомоқу равғани зард ҷӯшонда биёрам? "Ҳоло х лозим не", гуфт.

Мансур саросема шуд: "Наздаш равем?" гуфт.

– Ноништа кунем пас,-Мирзоодил дастархон партофт ва афзуд:

– Мабодо кору ҳоле шавад, чӣ мекунем?

– Чӣ мекунед? Одам, ки мурд, таги хок мекунанд,-содагии соҳиб Мансур маъқул нашуд.

Онҳо берун баромаданд. Аёси саҳар баланд. Оби ҷӯйбораки по ях кардааст.

– Ба шумо осон,-гуфт Мирзоодил. Ин аз пушт одам дорад, ҷавобгар Дигар ин ки мурад, ман таъомули инҳоро надонам. Як ҳамдеҳаамон ки агар мурад, бояд ба қадаш сандуқ созӣ, сару либоси нав харида пас мурдаро ба даруни сандуқ монда гӯронӣ. Оинашон чунин будааст. каси нимтана...

– Нагуфт, ки аспу асбобҳояшро ҳам ҳамроҳаш гӯронед,- тамасхур Мансур.-Ҳеҷ чиз лозим нест. Қаброо меканеду мурдаро дарунаш мон мепӯшонед.

– Дар қабристони мусулмонҳо муллоҳо роҳ медиҳанд?

– Гӯш кунед, ман ҳам мадраса хондагӣ. Мо ҳама бандаи Худо. Замин аз они худаш. Назди ӯ кӣ писанд аст, мо намедонем,- Мансур дастархонро гирифта пеш даромад.

– Ҳамту гӯед, диламро сабук кардед,-гуфт Мирзоодил.

Ҳаво ин пагоҳӣ соф, шустагӣ барин. Поки дилатро хурсанд мекунад. Гӯё хабари хуше дар пеш аст. Шӯълаҳои офтоби пагоҳӣ дар теғаи баланди кӯҳ чун хатти ба қалами сурх кашида менамояд.

Дар он тарафи хона, дар сутуни каҳдон аспи баландқомати майгуне бастагӣ. Мансур аспро дида дилаш шуввӣ карда рафт. Ба Рӯшани Баҳодур як мағзу ду кафон барин монанд. Фарқашон ҳаминқадар, ки вайро пеши дасти чапаш сафед буд, инро пеши дасти рост. Ба пушти асп гилеме партофтаанд, ки то замин мерасад. Мансур пай бурд, ки асписалот аст. Фикр кард, ки аспро чӣ гуна гирад? Як даҳон пурсад, ки аспро мефурӯшӣ? Ё гӯяд, ки аспатро мегираму баъдтар... Не, хубаш мегӯяд, ки ҷӯра, аспи маро ёронат гирифтаанд, ман аспи туро мегирам. Аз ман не, аз ҳамроҳонат хафа шав.

Онҳо аз назди барфҳои тӯда ва шоху шиппаҳои барои аловӣ ҷамъ карда гузаштанду Мирзоодил гуфт:

– Як ҳамдеҳаамон дар кӯҳ дар хунукӣ азоб кашида будааст, ҳамон ҳам сухани шуморо гуфт:- Ҳатто обаш надиҳед, мегӯяд. Инҳо қавми динкушу қадаҳшикан. Ва дастаки дарро дошта, пичиррос зад: "Номаш Андрей." Наздаш бисёр намешинем.

Меҳмонхона мувофиқи ҳамон замон оро дода шудааст. Фарш намадҳои ранга дорад. Атрофро тахтапӯстҳои баррагӣ оро медиҳад. Дар токҳо гилему якаандозҳо ва табақу косаҳои чӯбиву сафолӣ чида шудаанд. Дар кунҷе ду китоби фарсудаю чангзеркарда ҳам ҳаст. Маълум, ки яке Чоркитоб аст. Ин мардум нахонанд ҳам, дар хона доштани чунин китобҳоро савоб медонанд. Хона бӯйи нохуш дорад.

Баробари даромадани онҳо бемор, ҷавони газгӯшти зардина, ки чеҳраи кӯдакона дорад, аз ҷояш ковок шуд. Мирзоодил дарҳол ба таги сараш лӯла гузошт. Лабони бемор парчин баста, рангаш коҳ барин зард аст. Чашмонаш гӯё аз қаъри сараш ба кас менигаранд. Нав риш баровардааст ва онҳо дароз шудаанд. Дар чеҳрааш ҳам осори дард ва хиҷолату андӯҳ дида мешуд.

"Не, аҳволат нохуб, ҷӯра!"Мисле ки дирӯз дар канори деҳа галаи сагҳо ба сараш ҳуҷум карданду саргаларо зад ва ҳама гурехтанд, фикрҳои номатлуб ҳамчунон аз сари Мансур пас гашта рафтанду оҳиста дар паҳлӯи бемор нишаст ва ба русӣ пурсид:

– Рафиқон наомаданд?-Ва нигоҳи беморро дошта, бо табассум афзуд:- Имсол дар ин тарафҳо барф бисёр борид. Барф сабук шавад, меоянд.

Дар чеҳраи Андрей, чунон ки субҳи рӯзи баҳор медамад, рӯшанӣ дамид. Яқин забони модарӣ нерӯяш бахшид, ки худро сабук гирифта баландтар бардошт.

– Ман ҳам ба умед будам, ки меоянд,- Андрей нигоҳи меҳрборатро аз Мансур наканда пурсид: - Шумо русӣ медонед?

– Медонам, рафиқҳои рус дорам,-гуфт Мансур ва чашмаш ба китфу гардани варамкардаи ҷавон афтиду дилаш ларзид. Гардани ҷавон шишаи кабуди дар

офтоб афтода барин ялаққос мезанад. Яқин, варами китф ба гардан гуз аст. Дар рӯи пусти шиками сафеди фурӯрафтааш доғҳои сабзу сияҳтоб пур Лаҳза ба лаҳза худашро ковок карданӣ мешуд.

– Рус бояд рафиқашро дар сахтию хорӣ нагузорад.-Ин дафъа овози А устувор ва ба накӯҳиш садо дод.- Рус бояд рафоқату садоқати рафиқиро ҷойи аввал гузорад.

– Русҳо чунин супориш гирифтаанд? –нигоҳи синчакоронаи Манс нигоҳи бемор бархӯрд.

Андрей бо тасдиқ ва табассум сар ҷунбонд ва афзуд:- Мо нависандае Николай Гогол. Ӯ ба мо чунин супориш додааст.-Андрей нигоҳашро ч сақф гардонду дақиқае пас бо лаҳни дигар афзуд:- Лекин ман, ки аз паси хато рафтам, ба ин хорӣ гирифтор шудам. Рафиқон маро сарфи назар кар Яқин Худованд ба дилашон андохт, ки назди он беодоб наравед. -Ва ба М озмоишкорона зеҳн монд, ки оё суханашро мефаҳмад?

"Инро бинед-а, чӣ гуфт? Азоби худу ноҷавонмардии рафиқонро аз бади худ медонад. Бе дину бе Худо мегӯем, ана Худошиносӣ!"

Бемор гӯё рамуз гирифта бошад, илова кард: "Дар ду рӯзи охир гашта чунин фикр ба сарам меояд".

– Мо шоире дорем бо номи Хайём, - гуфт Мансур. Ӯ ба Худо мурочи дааст, ки маънояш чунин аст. "Ҳар неку баде, ки ба сари ман ояд, ту нави Ба гуфти шумоён гӯем, барномаамро, мегӯяд, ту тартиб додай, пас аз ман дигар чӣ меояд?" Ту ҳам худатро дилхун накун. Ҳамаро ба Худо кардаю сабр пеш гир.

Андрей лаҳзае андешаманд шуда гуфт:

– Шояд барнома бошад, лекин тасмимгириҳо аз ҷониби худи инсон

"Бубинед, ҷавон асту чӣ фикрҳо дорад! Не, мо ҳазор дар сина занем. таълим инҳо пеш рафтаанд. Таърихашро медонад, динашро медонад, ас рию тирпаронию ҷангкуниро медонад" – Бале, аз рӯи ҳамон тасмимгир рӯзи ҳисоб баррасӣ мешавӣ,-гуфт Мансур.

– Ман аз пайи духтаре асп монда, ба ин ҳол гирифтор шудам: ма амал дар қисматам будааст?-Андрей рост ба чашмони Мансур нигарист.

Мансур курпаи болои беморро дуруст кардаю бо овоза гиреҳхӯрда

– Ҷавоби ин савол мушкил, аст, ошно. Ман аз таҷрибаам медонам. аз роҳ бероҳа шудӣ, осмон тарсакие задаю ба роҳ мегардонад. Мисле пешгард агар ба бероҳа рафтанӣ шавад, чӯпон санг партофта мегардо

– Агар он санг буза кушад? – Бемор ба як тарафи лаб табассум кар

Ба чи ишора кардани беморро Мансур пай бурда гуфт:

– Ба як санги чӯпон буз намемурдагист.

Чеҳраи бемор боз гирифта шуд. Дандон ба дандон гузошта, чашм пӯшид.Яқин захмҳояш ба дард даромаданд.

– Бисёр сухан намекунем, мехезем,-ҳушдор дод Мирзоодил.

Аммо бемор чашм кушода, рӯ ҷониби шифт карда бо дилҷӯӣ ба даромад:

– Зиндагии шумо сода ва осон, ҳама неку бадро ба Худо ҳавола мекунеду бепарво гаштан мегиред.

Ҳар се муддате хомӯш монданд.

Ба димоғи Мансур боз бӯйи тунду нофорам зад. Ӯ пай бурд ки бӯйи пешоб аст, ки аз бадани бемор меояд. Нав дид, ки нохунҳояш ҳам дароз шудаанд. Мӯи сараш ҳам бетартиб дароз шудааст.

– Рафта аз Когон духтур биёрам?-пурсид Мансур. Ва аз дилаш гузашт, ки дигар духтур ҳам фоида намекунад.

Андрей ё нашунид, ё ки қасдан эътибор надод. Дақиқае ҳамчунон ҷониби шифт нигарон, шуду пас бо садои пасттар гуфт:

– Сухани шумо модарамро пеши назарам овард. Вай китоб нахонда бошад ҳам, аҷаб зани боақлу меҳрубон аст. Мудом таъкид мекард, ки аз ҳад ки гузаштӣ, Худо мезанад. -Дар ҷанг чанд маротиба ҳақиқати ин суханҳоро дар амалҳои худаму ҳамяроқон ва оқибати корашон мушоҳида кардам. Аммо ҷавонӣ кай ба насиҳат эътибор додааст? Ҳамон кореро мекунад, ки дилаш мехоҳад...

Мансур фикр кард, ки инсон ҳамин гуна махлуқ аст. Пеш аз марг хоҳ ҷавон бошад, хоҳ пир, корҳои неку бадашро андеша карда, ба онҳо бо камоли ростӣ ва донишмандӣ доварӣ мекардааст.

Мирзоодил боз суханашро такрор кард, ки Андрей ҷонибаш гашта, маҳин табассум кард, нигоҳаш чунин мазмун дошт: "Шумо дилтанг нашавед, сӯҳбат кунем, хуб аст."

– Шумо, инқилобчиён, ба Худо бовар надоред-ку,- Мансур ба суханаш оҳанги шӯхӣ дод.

Андрей сарашро оҳиста ҷониби Мансур тоб дод ва бо лаҳне, ки гӯё бо дӯсти деринаш суҳбат мекарда бошад, гуфт:

– Мо дар деҳаи Бахаревкаи наздикии Перм зиндагӣ мекунем. Ду десятина замин (аз ду гектар зиёдтар) ва молу зиндагии хуб доштем. Ҳама ба серков (калисо) мерафтем. Ногаҳ инқилоб пеш омад. Мисли як бозии изтироббарангез ва пурасрор. Дар ҳама ҷо шиорҳои "Зинда бод!.. Зинда бод!..." пайдо шуданду баъди он шурӯъ шуд гунаҳҷустанҳо: ту сурх, ту сафед, ту бой, ту батрак. Баъд ба гурӯҳҳо ҷудо шудему ҳар кас роҳе гирифт. Саркардаҳомон аз мо полк сохтанд. Идеяи зиндагии баробар моро ба шӯр овард. Аввал худиҳоро, пас бегонаҳоро душман гуфтаю задему тороҷ кардем. Ин оварду бурд ба мо, ҷавонон, ки бекору бероҳ монда будем, писанд буд. Завод, фабрика, боғ, хона, чизи зебое медидем, мегирифтем ё вайрон мекардем. Агарчи Русияро ба харобазор табдил дода будем, ҳукумат моро пуштибонӣ мекард. Аз Перм омадем ба Уфа, ба Уралск ва аз он ҷойҳо ба ин тараф - ба Хиваю Бухоро. Қуввае набуд, ки пеши пулемётҳои моро гирад. Ҷое бо душманӣ, ҷое бо нону намаку рақсу мусиқӣ моро пешвоз мегирифтанд...

Андрей ногаҳон хомӯш шуду ба гарданаш даст бурд. Рангаш пахта барин шуд. Чашмонаш пӯшидаю дандонҳояш ба ҳам совиш мехӯрданд. Мирзоодил ба таги сараш даст бурд.

– Андрей, бачаҷон, чӣ кор кунам? Об диҳам?-гуфт.

Андрей бо ишора косаи болояш пӯшондаи дар тоқ бударо нишон дод. Коса оби кукнор дошт.

– Ҳаминро нӯшад, дардро камтар ҳис мекунад,-гуфт Мирзоодил ва косаро ба лабони хушки бемор дошт.

Лабони табхолдори Андрей аз оби сабзранг тар буданд. Танашро ларза гирифт.

Дақиқае сукут карду боз чеҳрааш кушода шуд ва "аз арақи дастии мо ин оби амакҷонам беҳтар аст",- гуфта бо оҳанги нолишомез суханашро идома дод.

– Ду рӯз пеш аз ин воқеъа як рафиқам аз хона хат овард. Навиштаанд, ки дар замину фабрикаҳое, ки пеш се-чор оиларо мехӯронданд, ҳоло ҳама аҳли деҳа кор мекунему маош мегирем ва ободониҳо дучандон шудаанд. Аксари мардум аз сохти нав розӣ. Ростӣ, то ин вақт хавотирӣ мекашидам, ки охири кори мо чӣ мешавад? Баъди ин хатро хондан дилам осуда шуд. Он қувва, он тиру тӯпе, ки мо сарф кардему вайрон кардем, аз қаъраш ободониҳо меомадааст..

"Ин ҷавон аҷаб суханҳое гуфт. Яъне, инҳо ҳам аз роҳи пешгирифтаашон дар гумон будаанду нав фаҳмидаанд, ки гӯё корашон ҳақ будааст?" Мансур ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Халқи шумо замини бегонаро мегирад. Мардуми мо "моли кас ба худаш насиб накард, ба ман ҳам намекунад" гуфта, намегиранд.

Андрей ба тариқи тасдиқ сар ҷунбонд. Аммо нигоҳаш баръало мегуфт, ки беҳуда баҳс намекунем. Яқин аз ин гапҳо бисёр гуфтаю шунида буду ҳоло намехост.

Ба дили Мансур омад, ки шояд мардуми мо беҳуда яктарафӣ кардаю замини додаро намегиранд. Аз афташ, дигаргунию пешравии ҷамъият бе ҷангу хунрезӣ намешавад. Онҳо боз каме аз ҷангҳои атрофи Бухоро гуфтугӯ карданду Андрей дасти Мирзоодилро гирифта, ба рӯяш бо меҳрубонии кӯдакона нигариста гуфт:

– Ин марди биҳиштӣ мисли падар бароям хизмат карданд. Занашон холаи Гулнисо ҳам, лаҳзае, ки аз дард печу тоб хӯрдаю менолам, инҳо низ баробарам дард мекашанд. Кӯшиш мекунанд коре кардаю дардро кам кунанд. Нигоҳубини ман барин бемор мушкил аст. Вале инҳо ҳазар накарданд. Гоҳе, ки бетоқатӣ мекунам, амак дуо мехонанд ва дуояшон мисли дору дардамро мегираду хобам мебарад.-Андрей ҷониби Мирзоодил табассум кард. Пас халтаи сафарии дар кунҷи хона партофтаро нишон дода, ҷониби Мансур нигариста гуфт: "Он ҷо либосҳоям ва баъзе анҷомҳое, ки аз ҳарҷо гирифтаам ва ҳафтоду се тангаи тило ҳаст. Онҳоро аз ду хонаи бухорой ба пешониашон таппонча монда, гирифта будам. Яке бепарво шаст тангаи тилоро бароварда ба забони шикастаи русӣ: "Инқилобатон барои ҳамин тилоҳо буд?"-гуфта истеҳзо кард. Худамро ба нофаҳмӣ зада, берун баромадам ва аз сабаби он, ки номи инкилобро паст задам, аз карда пушаймон шудам. Вале рӯзи дигар ҳаваси бештар тило доштан бар ман ғалаба кард... - Андрей хомӯш монд.

– Дар шаҳр чунин корҳо бисёр буданд?-пурсид Мансур.

– Ҳама ба ин кор даст назад,-гуфт Андрей. - Ду рӯз шаҳр дар дасти сарбозҳо буд. Калонсолҳо мегуфтанд, ки ин бадаъмолиро накунед. Онҳоро гӯш намекарданд. Лекин баъди он ки бо фармони Фрунзе ду нафарро паронданд, иштиҳои

тилоғундории мо гирифт.Аммо байни бачаҳо овоза буд, ки баъзеҳо се-чор кило, баъзеҳо зиёдтар тило ба даст овардаанд.

– Бисёр касон тило доштанд?

– Аз рӯйи гуфти рафиқон, ҳамаи мансабдорони Бухоро тило доштаанд. Яҳудиҳо, тоҷирон доштанд.- Андрей нигоҳаш ҷониби дар шуду илова кард:- Байни сарбозон овоза буд, ки чанд нафар аз хонаҳои бойҳои Бухоро, ва бойҳои деҳаҳо хишти тилло ёфтаву аз худ кардаанд.

– Ин амали аскари сурх халқи Бухороро сахт дилмонда кард,-гуфт Мансур.

– Бале, муносибати ҷавонбухориҳо низ дигар шуд.- Андрей нигоҳашро аз шифт кандаю ба рӯи Мансур дӯхт ва афзуд:-Инро касе ба забон намеовард, вале ҳама мефаҳмидем.

Мансур чизи гуфтани шуд, ки Андрей пешдасти карда гуфт:

– Баъди ҷанги Бухоро сарбозҳо сустҳаракат шуданд. Он шӯру шавқу пештаашон намонда буд. Калонсолҳо мегуфтанд, ки бас ба шаҳрҳои касон даромада мардума толон кардан. Хонаҳомон рафта як муддат дам гирем.

– Ҳам монда шуда будед, ҳам хурҷину халтаҳо пур шуда буданд, - бо табассум давонд Мансур.

– Сухани шумо ҳам ҷой дораду баъзеҳо сахт пазмони хона шуда буданд, - гуфт Андрей

Онҳо муддате хомӯш монданд. Ҳар кас банди фикрҳои худ буд. Чеҳраи Андрей ҳоло сурх менамуд. Ӯ ҷониби Мирзоодил гуфт:

– Амак, он тилоҳои борхалта барои шумо.

Мансур фармудаи Андрейро ба Мирзоодил тарҷума кард:

– Ман тилои ӯро чӣ кор мекунам? Моли кас... -Мирзоодил сар ҷунбонд ва гуфт:-Андрей, бачаҷон, тилоҳоята мон. Ҳоло ту сиҳат мешавӣ.

– Намехоҳад,-Андрей ба сақф нигарист.

Мансур ҳам хомӯш шуд. Надонист, чӣ гӯяд. Нигоҳаш ба туфангчаи даруни борхалта афтиду ба дилаш омад, ки агар ҳамроҳат бошад, дигар парвои гургу хирс надорӣ.

– Баъде ки ба марг наздик мешавӣ, пас ҳақиқати зиндагиро мефаҳми. - Андрей курпаро баландтар кашид.- Зиндагии пок дигар аст.

– Агар ҳамааш хуб бошад ҳам, он зиндагӣ беранг аст.-Мансур ба тавраш Андрейро тасалло дод.

Андрей сухан накард. Оҳи чуқур кашида, мисле ки бекарор шуда буд, кӯрпаро тела дода худро ба ҳар тараф партофт. Сипас рӯяшро ҷониби девор тоб дод. Танаш меларзид. Ӯ дарун-дарун гиря мекард.

Мирзоодил бо дилсӯзӣ ва таассуф сар ҷунбонда гуфт:

– Модом ки сухан кардан нахоҳад, наковед.

Ба ёди Мансур омад, ки аз аспаш гап кушояд. Вале зуд аз фикраш гашт.

Мирзоодил хесту Мансурро ҳам ишораи хестан кард. Онҳо берун баромаданд. "Ба шумо офарин, ки забони русиро медонед!" гуфт Мирзоодил.

Мансур гап назад. Фикр кард, ки мешавад беморро ба шаҳр баранд, роҳи пурбарфи хатар ба ёдаш омаду сар ҷунбонд. Ба ҷавон дилаш сӯхт. Ба ҳавлӣ, ки даромаданд, гуфт:

– Раҳмат, ки ин ҷавона нигоҳубин кардед. Каси ғариба дилаш нозук аст.- Андешаманд шуду боз: - Пайғамбарамон гуфтаанд, ки дуъои мазлум мустаҷоб мешавад. Агарчи кофир бошад ҳам.

Он рӯз Мирзоодил нагузошт, ки Мансур равад.

Пагоҳ ва рӯзи дигараш ҳам Мирзоодил "пӯла буду шӯла буд" гуфта, Мансурро нигоҳ дошт. Худи Мансур ҳам тағйир ёфтани ҳаворо дида, қатъӣ меравам, нагуфт. Боз ду маротиба ҳамроҳи Мирзоодил назди Андрей даромадаю сӯҳбат карданд. Рӯзи охир Андрей дигар гарданашро ҷунбондан натавонист. Ба пурсишҳошон. "Хунук нест? Дилат чӣ мекашад?" ба ишораи лозим не, сар ҷунбонда ҳаваси сӯҳбат накард. Рӯзи савум Андрей рӯ ба девор шуд...

Хабари марги ҷавони урус дар ҳол дар деҳа паҳн шуд. Сухани Андрей "аз духтаре, ки худро ба об партофт узр пурсед" мардумро мулоим карда буд. Ба барфи сабук нигоҳ накарда, аҳли деҳа ҷамъ шуда, мурдаро ба тариқи мусулмонӣ ҷаноза карданд. Домулло, падари духтаре ки Андрей аз пасаш ба асп сур карда буд гуфт, ки баъд аз марг мусулмону кофир баробаранд. Бояд ҷаноза кард. Мурдаро дар гӯшаи қабристон гӯронданд. Пас баъзеҳо ба расми азодорӣ ба хона омада, фотеҳа хонда, ба рӯҳу арвоҳи майит бахшиданд. Домулло гуфт, ки рӯҳи майит баъди ин фотеҳаро хондан ҷаҳонро тарк карда, ба олами улвӣ мерафтааст...

Баъди рафтани одамон Мирзоодил худаш аз асп гап кушод: "Аспи раҳматиро баред,-гуфт.-Ман беда надорам, ки ӯро нигоҳубин кунам, -Ва бо ҷиддият афзуд: - Халтаи зарфҳояш чунон ки ҳаст, меистанд. Хоҳ-нохоҳ ҳамроҳонаш барои тило меоянд ва халтаро бардошта, ба тоқчаи хона монда, аз болояш шинели раҳматиро партофт.

Чун бегоҳирӯз буд, Мансурро рафтан намонданд. Меҳмонро ҳамсояи Мирзоодил талабид. Дигар мардони деҳа низ он ҷо буданд. Мансур дар ҳамон ҷо фаҳмид, ки амир Олимхон бо қувваи калон баромада, ба сӯйи Бухоро меомадааст. Ва он ҷо баҳс шуд, ки Бухороро амир гирифта метавонад ё не? Аксар мегуфтанд, ки халқу Худо гуфтаанд. Халқ хезад, аз дасти урус чӣ кор меояд.? Мансур ба баҳс ҳамроҳ нашуд. Аммо ҳангоми хестан фаҳмид, ки қарори ба армияи амир пайвастану бар зидди русҳо ҷанг кардан дар дилаш нишастааст.

ФАСЛИ ЧОРУМ

Ҳукумати Бухоро маҷлиси фаъолонро бо фотеҳони худ - намояндаҳои Ҷабҳаи Туркистон ва Маскав якҷоя баргузор кард. Дар пештоқи толор бо ҳарфҳои калон "Ҳама барои фронти шарқӣ!" навишта шудааст. Аз рафти кору чеҳраҳои тираи намояндаҳо ва нигоҳҳои хастаи сардорони ҳукумат маълум аст, ки дар маҷлис гуфтушунид ба сахтӣ хоҳад гузашт. Вазъият дар ҳақиқат хатарнок буд. Дар қисмати ғарбии Русия душманони инқилоб дар тараддуди кушодани фронти нав буданд. Дар Шарқи Дур белогвардейсҳои дар Хитой ҷамъомада кӯшиши зада даромаданро доштанд. Илова бар ин амири Бухоро, ки гурехта буд, тавонистааст армияи чилҳазора ҷамъ карда, ҳаваси боз пас гирифтани тахташро кунад.

Пленум то ними шаб давом карду рӯзи дигар намоянда Назаров Сергей Назарович, марди тануманди чашмтанг, назди рафиқонаш лоф зад: гуфта-гуфта ҳам дили худам ва ҳам дили рафиқони Маскавро холӣ кардам. Ва рост ҳам гуфт, дар оғози маҷлис ҳисоботи ду нафарро гӯш карда, ба сухан баромад:

– Мегӯед, ки мардум дар бисёр ҷойҳо шӯриш бароштаю шӯроҳоро задаю барҳам додаанд, гӯшу бинии коргарони ревкомро бурида, таҳқир кардаанд. Мардуми таҳҷоӣ бо шумо ҳамкорӣ намекардаанд, фарзандҳояшонро ба хизмати ҳарбӣ намедодаанд, бештари заминҳо нокорида мондааст.-Назаров ба қатори фаъолони дар пеш нишаста зеҳн монда, бо оҳанги маслиҳат пурсид:- Ҳамин тавр?- Ва ҳамоно лаҳни суханашро ба таъна гардонда, идома дод:- Аммо сафи ба партия медаромадаҳо меафзудааст! Дар панҷ моҳ сафи аъзои партияи Ҷумҳурии Халқии Бухоро се маротиба афзудааст. Рекорд! Чунки мансаб лозим! Ин мардум мансаба аз фарзандаш, балки аз ҷонаш ҳам бештар дӯст медорад. Ин феъл аз манғитиҳо мерос мондааст. - Назаров таваққуф кард ва боз ҳам аз одамони ҳукумат, ки дар қатори пеш нишастаанд, пурсид: -Ё нодуруст мегӯям?- Ва ҷавобро интизор нашуда, ба истеҳзо ва таҳдиди бештар афзуд: - Мардум кӯр не! Мардум дид, ки ҳукумати амир саллаю дастори калон дошту риши дароз, ҳукумати нав шапка дораду дар лабонаш папирос, дар миёнаш наган ва савлат! Аммо худаш мубтало буд, мубталотар шуд! Мардум дид, ки шумо ноӯҳдабаро, танбал, нобалад. Давлататон чун кӯдаки ношуд ба по намеистад: чунин дигаргунии шармандаоварро диду аз шумо дил канд! Дар оянда бухорой ҳатто бо шумо хешӣ намекунад! Доманаш расад, бурида мепартояд! Шумо вақт ёфтаю бо Эрону Туркия ва кадом давлатҳое шартномаҳо бастед, аммо натавонистед, ки замини амиру беку муллоҳоро, ки чор моҳ боз бекор хобанд,

ба деҳқон тақсим кунед! То ки ӯ соҳиби замин шаваду барои ҳукумати ш
истодагарӣ ва мубориза кунад. Чаро то ҳол қасру кушку корвонсаройҳои
ки аз беку тӯраҷону бегиҷонҳо гирифта будед, бесоҳибанд, ба мардум
нашудаанд? Чаро дар чор моҳ амири гурезаю шарманда, ки беақлаш
тед, лақабашро гов мондед, тавонист, ки дар як ҷойи вайрона ҳукумат со
армияи чилҳазора ҷамъ кунаду ҳукумати халқии шумо барои ҳимояи ху
ҳисоби халқаш ақаллан як рота сарбоз ҷамъ карда наметавонад? Пас ма
мешавад, ки вай нотавон не! Нотавону бечора шумоед, комунистҳои Бу
Раҳмат ба ситоди Туркфронт, ки омада бароятон як полк ташкил кард. Аз
хабарҳо як қисми армияи амир, аллакай Китобу Шаҳрисабзу он тарафхоро
карда, ба инсӯ равон шудаст. Пагоҳ ё фардо, ки ба таги девори Бухоро р
ҳукумати худмухтори шумо чӣ чора мебинад? Эрону Туркияро ба ёрӣ
мекунед? Шумо шартнома доред, биёед! (Назаров лабханд кард) Не! Он
дарди худ гирифторанд! Ҳаргиз парвои шумо надоранд! Баръакс, тав
давлати навбунёди шуморо чӯҷа барин таги по гирифтаю маҷақ карда, т
худ мегардонад! Болшевикҳои ҷавонмарду назарбаланд буданд, ки халқато
юғи ситами амир раҳо намуда, давлат ташкил карда ба дастатон доданд!
хуб медонем, ки армияи амир, ки ин ҷо расид, нахуст ҷадиду коммунистро
мебурад! Ва дигар корҳо ҳам мекунад! Шумо феъли ҳамшаҳриҳоятонро
медонед. Ва мақоли хуб ҳам доред: "Феъли саг ба соҳибаш маълум". Ан
сарлучу пойлуч «ваё! вой! гӯён ҷониби Афғонистон мегурезед?

Дар толор ғалоғула бархост.

– Ин бетарбиятро кӣ ба ин ҷо роҳ дод?!

– Гум шавад-е!

– Файзуллоро хуб мешавад! Худкардаро даво нест!

– Акнун як умр таъна шунида гард, Бемағз!

Файзуллоҳ Хоҷа хеста мардумро ором кард.

Намоянда ба ҳой-ҳойи толор эътибор надода, ба оҳанги пештара сухан
идома дод:

– Ё дилпур ҳастед, ки мисли замони Колесов ҷомадонҳоро бардошт
Тошканд мераведу кумитаи инқилобии Русия шуморо ҳимоя мекунад? Ч
андеша доред? Ба гӯшатон ҳалқа карда гиред, ки ин кор нахоҳад шуд! Ин
шуморо касе тарафдорӣ намекунад! Кумитаи инқилобӣ аввал шуморо
монда мепаронад! Намегузорад, ки аз пушти шумо инқилоб бадном
Ана баъд бар зидди армияи амир ҷанг мекунад. Армияи садҳазора биёра
сина сипар мекунад!

Чернов дар қатори пеш менишаст. Суханҳои намоянда ба ӯ маъқул
данд. "Одам қаҳт шудааст, ки Москва ин нотарошидаро роҳӣ кардааст!" Ӯ
ки Куйбишев ба Назаров хатча дод. Пас назараш ба Файзуллоҳ Хоҷа афт
чеҳраи кӯдаконааш сурх шудаю бесаранҷом аст. Маълум, ки ба зӯрӣ ху
доштаю тоқат карда нишастааст. Ин танзу таънаҳо ба ҳамаи аъзои ҳ
равона шуда бошад ҳам, намояндаҳо ва атрофиён ба шахси аввал менига
"Ҷойро банд кардай, хеста ҷавоб гӯй!" Дили Чернов ба ҳоли Файзуллох
Ва дар дил ба ӯ муроҷиат кард: "Мӯҳтарам раиси Шӯрои нозирон, аз

ин подшоҳие, ки буду шудатро додаю ба азобу хушомаду, хиёнатҳо гирифтӣ, хурсандат намекунад. Москва рӯзи хушат намедиҳад".

Лекин Файзуллоҳ Хоҷа ҳам ба суханони Назаров ҷое ба киноя, ҷое ба рамз ҷавобҳои пухта дод. Вай оҳиста ба сухан шурӯъ карда буд, ки аз қатори пеш ҷавони сурхинарӯи олуфтанамо, ки либоси урупоӣ дошт, хеста бо ситеза ва ба забони русӣ гуфт:

– Файзуллоҳ Хоҷа! Минг - минг накарда буррою фаҳмо сухан кунед, ки мардум фаҳманд! Ба овози баланд ба рафиқ Назаров гӯед, ки "сага рӯи худаш нею рӯи соҳибаш!", вагарна худам аз толор берунаш мекунам!

Файзуллоҳ овозашро баланд карда, бо табассуми сохта суханашро идома дод:

– Рафиқ Назаров, чунон ки дидед, дар мо панду андарз бисёр аст. - Ва рӯ ҷониби толор гардонда, ба оҳанги дигар суханашро идома дод:-Таъна мекунед, ки армия насохтем! Армия барои он насохтем, ки ҳоло ҳукумати чормоҳаи мо пул кор накардааст. Ин ҷо ҳам замин баъди як сол ҳосил медиҳад (Ин сухан чунин маънӣ дошт: пулу пайсае, ки буд, бурдед, мо чӣ гуна армия созем?). Таҳҷоиҳо барои он ҳамкорӣ намекунанд, ки хатти медонистаи онҳо (хатти форсӣ) ба ҳукумат чандон қобили қабул нест. Дар бисёр ҷойҳо ба кириллӣ ё лотинӣ баргардон карда биёред мегӯянд. Ва дар он, ки имрӯз мардум ба шӯриш хестааст, камбудии мо ҳам ҳаст. Армия дар баробари корҳои нек корҳои хато ҳам кард. Сухани моро ба эътибор нагирифта, масҷидҳоро ҷойи аспу харбандӣ кард, китобҳоро сӯзонд. Донишмандро муллою душман гуфта паронданд. Ҳол он ки бисёри онҳо тарафдори мо буданд. Мардум ҳамаи инро дида шӯриш бардошт. Онҳое, ки ҳаводори мо буданд, рӯ гардонданд...

Назаров сухани Файзуллоҳ Хоҷаро бурид:

– Ин заифнолиҳоро мо на якбору ду бор шунидаем. Чунин шикоятҳоро дар Уфаю Хева ҳам мекарданд. Агар сухане баҳри пешбарии кор доред, гӯед.

– Сухан бисёр! – Аз ақиб кадоме бо ғазаб овоз дод.

Файзуллоҳ ҷониби Назаров нигоҳ накарда афзуд:- Ва боз хато дар он шуд, ки амир дар Ҳисор монду армия аз пасаш нарафт. Мардум ки кинаҷӯ шуда буданд, дар атрофаш ҷамъ омаданд. Бисту панҷ беки гурехта (ба истиснои беки Чорҷӯй) бо дастаҳояшон ҳамроҳи амир шуданд. Аз рӯи хабарҳо ду-се гурӯҳи калони гвардиячиёни сафеди аз Русия омада низ ба онҳо пайвастаанд. Шумо аз ҳамаи ин бохабаред. Вале ба ҷои он ки маслиҳат кардаю ҳамроҳ тадбири корро ҷӯем, роҳи таънаро пеш гирифтед! Таъна задан кори занҳост!

Дар толор боз ғулғула бархост. Аз ҳар тараф маслиҳат медоданд.

Ҷавони олуфтанамо хеста ба "Ҳой Муҳиддинов, шумо шинед!" гуфтани Назаров эътибор надода, афзуд:

– Файзуллоҳ, гӯед, заминҳои онҳоеро, ки феодал набуданд, деҳқон буданд, кашида гирифтанд, молашонро мусодира карданд. Тоҷиронро, ки рӯшанфикр ва ҷонибдори мо буданд, хонасалот карданд. Ҳар нафаре эътироз мекард ё сухани салоҳ мегуфт, аксулинқилобчӣ будаӣ гуфта мепаронданд! Гӯед, ки шаҳр ба қасди тилоковӣ толон шуд!

Чернов ба рӯйи тозатарошидаи Муҳиддинов зеҳн монда аз дилаш гузашт, ки аз Хоҷаев дида ин ҷавон ба дилу гурда менамояд.

Файзуллоҳ ба суханаш идома дод:

– Дар масъалаи ҷанг, мо ба Ҷумҳурии Русия шартномаи ҳамкорӣ дорем. Ҳолати ҷанг ӯ ба мо ёрӣ мерасонад. Агар Москва худаш дар ҳолати ҷанг бо ба мо ёрӣ карда натавонад, мо силоҳро аз давлатҳои ҳамсоя мегирем. Ма шартнома бастани мо бо Эрону Туркия ҳамин аст. Агар амир бо лашкар ин сӯ ояд, ҳамаи коммунистҳо ҳамроҳи полки ҳафтсаднафараи милисаам ҷанг мехезем. Тир наёфтем, ба нохуну дандон ҷанг мекунем. Аммо ин ҷомадон бардошта ба Тошканд намеравем. Дар чор соли гузашта азоби фиратро бисёр дидем ва ҳам нағмаю усулҳои ҳаррангаро...

"Офарин!-Чернов лабханд кард.-Назаров, ки берӯй нишон дод, Файз ҳам рӯйи хотир накард."

Ва боз ҳам Куйбишев назди Файзуллоҳ Хоҷа хатча гузошту ӯ сӯ кӯтоҳ кард. Ва Чернов пай бурд, ки яқин Куйбышеви айёр дар хатчааш кард, ки рафиқ Хоҷаев, андозаро нигаҳ дор. Ва маълум мешавад, ки пеш Назаров ҳам ҳамин маъноиро ишора карда будааст. Нигоҳи Чернов ҳам ҷониби Файзуллоҳ Хоҷа буд: ба дилаш омад, ки дар масъалаи душман баъзеҳо суханат рост, раис, каҷравиҳо шуд... Беназмӣ ҳам шуд. Хато аз ҳукумати шумо ҳам шуд. Хароҷоти армияро ба гардан гирифтеду аз уҳда баромадед. Дар вақташ маҳсулот нарасид. Сарбоз, ки гурусна монд, шу нигоҳ карда намешинад.

Назаров барои иззати нафсашро доштан бори дигар хеста бошад ҳам сухани ҷолибе нагуфт.

Дар охир қарор карданд, ки ҳама чузъу томҳои Ҷабҳаи шарқӣ, ҳам ҳарбии Бухоро якҷоя ба ҷанги зидди амир мераванд.

Чернов дар маҷлис барои худ ду кашфиёт кард. Модом ки дар бисёр халқ бар зидди шӯроҳо хестааст, ҷанг ба тезӣ хотима намеёбад. Ва пештараашро, ки "Русия намехоҳад Ҷумҳурии Бухоро худмухтор бошад дар дил тасдиқ кард. Аз оҳангу гуфтори Назаров инро пай бурд.

❁ ❁ ❁

Дар роҳи Бухоро то Ҳисор Мансур ба як манзараи гайричашмдошт шуд: дар тамоми шаҳру деҳот мардум ба таҳияи аспу туфанг ва дигар ҷангӣ банд буданд. Дар сӯҳбату маъракаҳо аз ҳамин боб сухан мерафт. шумо чанд нафар роҳи кард? Ҳама тиру туфанг доштанд? Мӯза до Ҷанҷӯйҳо гурӯҳ-гурӯҳ ҷониби Ҳисор барои пайвастан ба лашкари амир танд. Мисле ки ҳашари умумихалқӣ эълон шуда буд. Мансур ҳамон рӯҳияи мардум ангезаи хунрехтану муқовимат ба душманро мушохи Дар аввал ин аҳвол набуд, - мегуфт дар дил. - Мардум ҷабру зулми бо дида ба по хест!". Ва ҳамзамон аз он ки ба ин ҳашар ҳамроҳ аст, хур

Ӯ ҳамроҳи дастае дар деҳаи Деҳқонобод ба оши худоие, ки мард носибати гусели фарзандҳояшон ороста буданд, фуромаданд. Дар бо роҳ, ки барги дарахтонаш рехтаю заминаш ҳанӯз сабза дошт, хурд деҳа ҷамъ омада буданд. Маълум шуд, ки ба муносибати гусели фарза

худой медодаанд. Онҳоро низ ба давраашон даъват карданд. Баъди хўрок чилу ҳашт нафар ҷавони чорпаҳлў аз лаҷоми аспҳо дошта, қатор истоданд. Бештар камонҳои чақмоқӣ ва як-як камони русӣ доштанд. Домулло камарбанди сардастаро, ки ҷавони сафедрўи шонадор буд, басту чунин суханҳо гуфт:

– Фарзандонам, шумо дар ҳама корҳои деҳа намуна будед. Бо гўштингирӣ, човандозию маъракадорӣ ва дигар амалҳо деҳаро номдор кардед. Ҳоло, чунон ки мебинед, ватани зебои мо зери пойи аҷнабиҳо мондааст. Онҳо ба мо чӣ ҷафоҳоро раво мебинанд, худатон мебинеду мешунавед. Замини бобоиро аз дастамон кашида мегиранд! Хонаамонро соҳиб мешаванд! Кор ба ҷое расидааст, ки дину оинамонро манъ мекунанд! Ту агар зўр будӣ, толону тороҷатро кардӣ, ҳаққатро гирифтӣ, дигар ин сў нагузар! Ба масҷидам чаро медаровӣ?! Чаро китобамро месўзонӣ?! Дар кучо ин кор буд?! Пас мо чӣ гуна зиндагӣ кунем?! Ҳайвонбарин?! Агар мо ҳозир ҷоннисорӣ накунем, пас мо чӣ гуна одамем?! "Зиндаро ватан-мурдаро кафан" гуфтаанд. Аз ин рў шуморо интихоб кардем ва талаби мо ҳамин, ки ба сафи лашкари подшоҳамон Сайид Олимхони Баҳодур, ки ваъда кардаст дини исломро ба ҷойгоҳаш бармегардонад, пайваста, ба фармонаш бошед. Дар корзор даромадед, шарики кори ҳамдигар гардед. Ба душман чунон ҷанг кунед, ки мо дар ин музофот аз кору қаҳрамониҳоятон гуфтаю бо сари баланд гардем. - Ва сурае аз Қуръони карим хонда, дуои нусрати мусулмонон талабид. Ва ҳама дар ҳолате, ки шамол хеста буду як-як борон мечакид, ба роҳ даромаданд.

Дар баромади деҳа болои девори баланде, ки дар тарафи теппа аст, як гурўҳ духтарон то охири девор баробарашон тез-тез қадам задаю садо медоданд.

– Эраҷ! Худатона эҳтиёт кунед!

– Порсо, расидед, хат нависед!

– Ҷасур! Ман интизор мешавам! - Духтаре ба суханони ҷавони сафедрўе гўш дода механдид ва бо овози хотирмон биафзуд: "Ҳар рўзи Худо интизор мешавам."

Сардаста аспашро баробари аспи Мансур дошта гуфт:

– Қаҳрамонии духтарҳои моро дидед? Ҳарчанд духтари нисбатдор ҳаққи аз хона баромадану рўяшро ба номаҳрам нишон доданро надорад, аммо инҳо барои гусели каси маҳбубашон баромадаанд.

– Ин корашон маро ҳам ба риққат овард,-гуфт Мансур.-Онҳо бо ин амалашон ангезаи душманситезии ҳамаро зиёд карданд.

Сардаста бо хушнудӣ сар ҷунбонда гуфт:

– Номам Мурод, шумо ҳаққи гапро гуфтед. Маро ҳоло ҳолате фаро гирифтааст, ки мехоҳам аспро ба тамоми қувват тозонда, зудтар ба душман расида қаҳрамонӣ нишон диҳам,-ҷавон бо завқ хандид.

– Домуллоятон одами баакл будааст,-Мансур ҳам аспашро пошна зад.- Суханаш "ҳаққатро гирифтӣ, ба ин сў нагузар" як китоб гап аст. Маъноаш ҳамин, ки китоб навиштан, масҷид сохтан, намоз гузоридан кори рўҳонии ман аст! Ба он дахолат накун! Фаҳмидед?

– Мардуми мо зиндагиашонро бе намоз тасаввур намекунанд, намоз қуввати танашон аст гӯем, хато намекунем,-гуфт Мурод.- Касеро бад бинанд, "бенамоз!" гуфта дашном медиҳанд.

– Албатта, намозро илм ҳам гӯем, мешавад. Намоз инсонро ба замину осмон, ба покию парҳезгорӣ мепайвандад: одам буданатро дарк мекунӣ.

– Рост,- Мурод ба дидаи эҳтиром ба мусоҳибаш нигарист.

– Касбу коратро ба зебоӣ анҷом диҳӣ, вай ҳам намоз аст,- афзуд Мансур.

Дар лаби чашмаобе, ки кулбаи бедар дошт, дар атроф заминҳои корам низ буданд, чанд салладорро диданд. Аз дари кулба дуди тунуки сафед мебаромад. Мурод гуфт ки онҳо мардуми Бухоро онҳо низ ба чанг равонанд. Дар ҳамон рӯзҳои ҷанг ки аз Бухоро мебароянд, дигар даромаданашон наменамонанд. Даромадаро дошта душман эълон мекардаанд. Инҳо се рӯз шуд, ки дар масҷиди мо хобу хез мекарданд. Обу нонашона меоварданд. Дирӯз гуселашон карда будаанд.

Сардастаро ҳамроҳонаш ба гап гирифтанд.

Мансур шиддат гирифтани боронро дида, чакманашро пӯшид, фикр кард, ки мо сода будаем, ки ба он варсоқиҳои болшевик бовар кардем. Дар ин се моҳ дидему дарк кардем, ки чӣ мехостаанд. Ҳамон фанду фиребу зӯрие, ки ҳазорҳо сол боз ҷабборон мекунанду зиндагиашонро пеш мебаранд. Ба Бухоро дигарҳо ҳам омадаю чунин бадъамолиҳоро карда буданд. Болшевикҳо ба роҳу равиши нав ин корро карданд. Мардум қабоҳаташонро дер фаҳмиданд. Фаҳмиданду имрӯз муллою омию косибу козиб ҳама бар зиддашон хест. Ҷадидҳои ҳамнишинашон низ бар зиддашон хестанд. Зимни чунин фикрҳо ба назари Мансур менамуд, ки минбаъд бояд пеши корашон кушода шаваду ба душман зафар кунанд, таълиму тарбияи замонавӣ ба роҳ монанд ва зиндагиашон ба тарзи дигар равад.

Он лаҳза ин амалҳо ба назари Мансур осон ва ичрошаванда менамуданд.

Онҳо дар рӯзи сеюм ба Ҳисор даромада фаҳмиданд, ки як қисми аскари амир як ҳафта пеш, қисми дигар дирӯз ба Бойсун ба ҷанг рафтаанд.

Водии Ҳисор ҷо-ҷо зери барф мондаасту ҳаво хунук буд. Бегоҳӣ ба деҳаи Душанбе даромаданд. Ба бошишгоҳи амир, ки дар наздикии қалъа будааст, рафтанд. Атрофи бошишгоҳро девор бардоштаанд. Дар рӯбарӯйи кӯрғон майдони ба тозагӣ ҳамворкарда ва дар атроф қатор-қатор хаймаву чодарҳои хурду бузург тӯл кашидаанд. Назди дари хаймаҳо гулхан афрӯхтаанд. Дар атроф одам бисёр; удайчию шиғавулу ясавулу дафтардору дарбону шарбатдору... Мансур гумон дошт, ки ин ҷо дар майдонҳо тӯпу пулемиёт мебинад. Ҷавонони ҷамъомада бояд андармони машқи ҷанг бошанд. Вай дар Бухоро дида буд, ки ҷанги ин замона бе тӯпу пулемёт худкушӣ асту бас. Амир ҳам дида буд. Як қисми аскараш, ки ин ҷо ҷамъ омадаанд, низ шоҳид буданд. Ӯ аз машқ нишоне надида дар таҳлука афтид. «Мабод, ки он ҳама кӯшишу умеди мардум баҳри ҳимояи ватан барабас равад. Боз ҳама шикаст хурдаву муш барин ба сӯроххо дароем».

Даста дуртар аз қалъа истоду се нафар ба "дарбор" рафта, матлабро фаҳмонданд. Марди шикамдоре, ки аз болои ҷома бо рӯймоли шилшиладор миёнашро баста буд, як табақи дарвозаро кушода, ба омадаҳо бо дили нохоҳам назар афканда гуфт:

– Қӯшуни амирам дирӯз баъди намози чумъа қабри аскари болшевика кандан рафт.

– Каси номнавис мекардагӣ ҳаст?-пурсид Мансур ва илова кард:-Боз кӣ меравад, ки мо ҳамроҳ шавем?

– Ҳой марди сода! Ин чо ҳар лаҳза фавҷ-фавҷ мардум омада худро тасаддуқи сари Ҷаноби Олӣ мекунанд, мо вақти ҳамаи онҳоро номнавис кардан надорем: То пагоҳ интизор шавед, ба дастаҳои дигар ҳамроҳ шуда ба Бойсун меравед.

– Камон медиҳед?-пурсид ҳамроҳи Мансур.- Бештари камонҳои гурӯҳи мо чақмоқӣ.

– Ин чо зовуди камонсозӣ нест. Ҳар кас бо тиру туфангаш бояд ояд,-гуфт одами амир, ӯ омадаҳоро сар то по аз назар гузаронда, бо оҳанги нармтар афзуд:- Лекин ба оҳангарҳои гирди атроф фармон шудааст, ки шабу рӯз шамшер созанд, то ки ягон нафар бе шамшер ба роҳ набарояд.

Аз пас яке аз ҳамроҳон ба ситез "ин шикамба чӣ кора аст?"- гуфт.

Шикамба ба тавраш Мансурро, ки дар пеш меистод, дилбардорӣ кард:

– Дар Бухоро қӯрхона буду ба дасти урус афтид. Худатон медонед.

– Ин чо чойи хоб ҳаст?-пурсид Мансур.-Либосҳоямон тар шудаанд...

– Чойи хобро аз ман мепурсед?- шикамба таҳдид кард.-Равед, ба деҳаҳои атроф, он чо чойи хоб кобед. Равед! Аз барои шумо шуда аз намоз дер кардам!- гуфта дарвозаро ба шаст пӯшид.

Чавоне, ки "шикамба" гуфта буд, дарро бо пояш заду ҳама ҳайрону дилозурда пас гаштанд.

Он замон Душанбе як деҳи хурде буд ва дар домани теппаҳои начандон баланде қарор дошт. Бештари хонаҳо гилину бомҳояшон бо қамиш пӯшонда шуда буданд. Баъзеҳо ба чойи дар шолча овехтаанд. Хонаҳо ба чойи мурӣ дудбаро доранд.

Байни асру шом аст. Роҳҳо барфу ях. Аз чониби дараи Варзоб шамоли хунук мевазад. Аз хаймаҳо дусад қадам он тараф бозорчо аст, ки атрофаш бо шоху бутта иҳота карда шудааст. Ҳар рӯзи душанбе аз деҳаҳои атроф молҳояшонро ин чо ба бозор меовардаанд. Он тарафи бозор Варзобрӯд чорист. Соҳилҳояш ях кардаанд. Варзоб руди калоне будааст. То баландтари Қалъа, то чои тангии дара, об чамъ меояду поёнтар ки фуромад пас паҳн шуда меравад. Аз дур он мисли баҳр менамояд. Аз деҳаи Қарамшикор ин тараф ҳама чангал. Дар болои дарё ягон пул нест. Дар чое, ки деҳа намудор аст, одамон тавассути гупсар равуо мекунанд.

Дар ду тарафи руд ҳар чо деҳаҳо ба чашм мехӯранд. Ҳамсафарон барои шабгузаронӣ ба деҳаҳои он сӯйи рӯд гузаштанд. Мансур хост назди гурӯҳи одамоне, ки дар чои шамолпанаҳи бозор оташ гирондаю суҳбат доранд, равад. Вале хунукии шабро фикр карда, аз роҳаш гашт. Аспи хастаро ба пайраҳаи чониби теппа гардонда, ба деҳе, ки Ҳазора мегуфтанд, даромада, дари чанд хонаро кӯфт; ҳама "чой нест ё одам дорем!" мегуфтанд. Ба яке пӯписа кард: "Чой надорам мегӯй, пас дар кучо хоб мекунӣ!? Ман дар ин бевақтии шаб кучо равам!?"

Мард занашро кучое фиристод, ҳарду шабро дар хонаи ӯ гузаронданд. Нав хоб рафта буданд, ки гусолаи навзод ҳум-ҳум кардаю калавида байни хона

омад. "'Эҳ, ин исқотӣ яла кардааст!» гуфт соҳибхона ва хеста ӯро дар ҷоя баст. Маълум шуд, ки гусоларо дар охири хона нигоҳ медоштаанд.

Пагоҳӣ соҳибхона, марди сиёҳҷурдаи чашмкалон, шир ва гандумбирён оварда гуфт:

– Меҳмон, дар номат садқа, гандуми маро ба ҷойи нон дон.

Мансур чизе нагуфт. Дар дил худашро тамасхур кард. "Мансур, гандумбирёнро ба ҷайбат резу ба ҷанги урус шитоб. Ҷанг кардани ин тоифа аз рафторӣ дирӯзаи ба мо кардаашон маълум. Ақаллан муносибати одамӣ надоранд." Ӯ ба рӯи соҳибхона, ки гулхани хомӯшшударо пуф-пуф карда, гиронданӣ мешуд, бо нафрат нигариста гуфт:

– Ба чанд даромадӣ? Ба якам чил, мегӯй. Пас чаро хона надорӣ?! Чаро нон набудааст? Чаро ҳезум надорӣ? Ин хона аст ё гӯр?! Садқаи одам шав, ошно!

– Меҳмонҷон, рост мегӯй. Аслан мо дупула одам нестем.-Мард боз хам шуда ба пуф-пуф пардохт.

Мансурро ханда гирифт.

Мард пас аз он, ки оташро равшан кард, бо бепарвоӣ гуфт: - Овоза ҳаст, ки имшаб аз Балҷувон як даста сарбоз ба тарфдории амирам омадаанд. Имрӯз аз шаҳрҳои Миёнкол ҳам аскар меомадааст. Беки Ҳисор ба он тарафҳо одам монда будааст.

– Одам мондааст ё мардум ба хоҳиши худ меоянд?-Мансур ширро ошомиду хест.

– Мегӯянд, ки ба шаҳрҳои калон аз номи амир одам рафтааст. Вагарна дар ин зимистон киро саг газидааст, ки ҷойи гармашро хунук мекунад?-гуфт мизбон.- Дар ин тарафҳо дар аввали кор ҳатто мардони то чилсоларо ҳам ба зӯрӣ гирифтаю ба тарафи Шеробод равон карданд.Майдони ҷанги урус аввал ҳамон ҷо будааст. Мегӯянд, ки ҳама як шуда уруса бурда аз Самарқанду Тошканд он тараф мекардаанд.

– Кӣ мегӯяд ин сафсатаро?

– Одамони давру пеши амирам, ҳамсояҳо мегӯянд.

– Ин мардум ақлашонро хӯрдаанд, –гуфт Мансур бо ғазаб ва аз дар баромада афзуд:- Ба ин варсоқиҳо бовар накун.

Субҳ ҳаво аёс кард ва осмон кушода шуд. Мансур аз баландӣ мушоҳида кард, ки аз ҳар тараф одамон даста-даста пиёдаю савора ҷониби бошишгоҳи амир мераванд. Ин дам аспашро дид, ки яла карда, рафта алафи ҷирани меҳмони ҳамсояро хӯрдан дорад. Яқин ҷиранро тарсондааст, ки он бечора ба девори ҳавлӣ ҷафс шуда ларзида истодааст. Мансур аспро аз лаҷомаш дошта, оварда бандашро таранг бастаю насиҳат кард: "Ошно, ту дигар моли Андрейи кофирбача нестӣ, ки ҳар ҷо хоҳӣ, равию номаъқулӣ кунӣ. Шукр, ту акнун аспи марди мусулмонӣ. Бетартибӣ кардӣ, маро чанг мекунанд: "Худата мусулмон мегирию аспата бин!" мегӯянд. Минбаъд ту набояд йему алафи бегонаро бихурӣ. фаромӯш накун! Дар ин ҷаҳон аз ҳама амали дилнишин ва ба замину осмон писанд парҳезкорӣ будааст." Мансур худ ба худ лабханд кард ва гардани аспро молида, афзуд:- Лекин ба ту ном мондан даркор. Як номи зебо ҳаст: Номи аспи писарам гуфтанӣ шуду зуд худро дошт) ва афзуд: Ҳангоме, ки дар хонаи

Мирзоодил дидамат, даруни дилам мисли лампаи чилум гузошта рӯшан шуд. Ман ду сол пеш як асп доштам. Вайро ҳам ҳар вақте медидам, чунин ҳолат рӯй медод. Аз ин рӯ ӯро Рӯшан мегуфтам. Пас як кор аз пеш баромаду ман беақли кардам. Хулоса гап ҳамин, ки розӣ бошӣ номатро Рӯшан мемонем..

Мансур баландии деҳаи Ҳазораро фуромада, ба роҳи қалъа тоб хӯрд. Дар даромади деҳа дуконҳои хӯрокворӣ ва чарчинфурӯшӣ қатор ҷойгиранд. Қариб ҳамаи соҳибхонаашон яҳудиҳо. Онсӯтар дӯконҳои оҳангарҳо тӯл кашидаанд ва ҳама саргарми коранд. Дар пештоқи дарвозаю дарашон шамшерҳои сохтаашон овезон. Дил кард, ки як шамшер харад. Вале ба андешае, ки баъд меояд, гузашта рафт. Онсӯтар рафту ба димоғаш бӯйи бад расид: ба атроф нигариста, дилаш лабрези аламу ғазаб шуд. Дар ду тарафи роҳ, ҳатто дар болои роҳ ахлоту пешоб кардаанд. Ҷое пойи аспу одамон олуда шуда рафтааст. Пештар рафта дид, ки дар паси девори бошишгоҳи амир мардҳо, хурду бузург ҷомаҳо мисли саргираки занҳо дар сар, чеҳраҳоро пинҳон кардаю қатор ба қазои ҳоҷат нишастаанд. Ҳисси нафраташ боло гирифт. Ин қадар аъламу аҳром бо амирашон ин ҷо зиндагӣ доранду ақл намекунанд, ки ду-се мабраз созанд. Аз меҳмонҳое, ки омада мераванд, шарм намекунанд? Ӯ аз майдон гузашта, чашмаш ба чӯби дор афтид. Як даста салласафедҳое, ки аз поён меомаданд, ҳайрон ба чӯби дор нигаристанашро дида, ба таврашон чӣ сир доштанашро ба ӯ шарҳ доданд.

– Ин дори баланд барои ҷадидҳо ва ёғиҳо!

– Аллакай ин дор сари сенздаҳ нафарро хӯрд.

Дили Мансур таккон хӯрд ва ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Ҳоло вақти ба доркашию таҳдид нест. Вақти сухан гуфтану дил ба даст овардан аст.

Марди кӯтоҳ, ки риши сиёҳаш мисли халтаи ҷавдиҳии асп аз баногӯш то баногӯш аст, бо хашм ба Мансур нигариста, гуфт:

– Ту худат кистӣ, ки ба Ҷаноби олӣ ақл ёд медиҳӣ?

Марди бузургҷуссаи кӯсае лаҷоми аспашро дошта, ҳайбат кард:

– Мабодо ҷадид набошӣ?-Ва мисле, ки хазина ёфта бошад, ба шӯр омад.-Ҷадид аст, куртаи буғақ дорад.-Ду нафар ҷавони сиёҳандом аз ду ҷониби Мансур шуданд ва яке "худат баринҳоро кофта гаштаем!" гуфт ва ба завқ хандида, ҷониби ҳамроҳонаш афзуд:- Доред, ба пойи худ омадааст!?

– Улоқаш метозем! - Овози марди ришкалон ба гӯши Мансур омад.

Ин дам ҳамроҳони дирӯзаи Мансур, ки бо як гурӯҳ балҷувониҳо аз пас меомаданд, кашокашро дида, онҳоро гирд карданд.

– Ҳой, ин одам ҳамраҳи мо! Мо дирӯз омадем,-гуфт деҳқонободие ва аспашро маҳмез задаю наздик омад. Чаро ба ин дарафтодед?! - гуфт ӯ ба таҳдид.

Балҷувониҳои аз пас омада, ҳам воқеаро фаҳмида ситезманд шуданд. Ҷавони қадбаланди сафедрӯе, ки аз болои ҷома яктаҳи рах-рах дорад, бо овози баланд гуфт: "Мо аз роҳи дур ба ёрии амир биёему шумо улоқамон метозед?! Кор агар ин тавр бошад, мо шуморо улоқ метозем! Ва лаҷоми аспи Мансурро дошт.

Дигарҳо низ ҷамъ шудаю сару садо баланд карданд.

Аз гурӯҳи салласафедҳо чашмкалоне ҳамроҳонашро шиддат кард:

– Сар диҳед мардака! Дирӯз ҳам ба ин дору гиратон як гурӯҳа хафа кар будед!

Кӯса лаҷоми аспи Мансурро раҳо кард.

Як нафари аз рӯбарӯ омада деҳқонободиҳоро саросема карду ҳама ба м дони поёни қалъа шитофтанд. Мансур ҷониби марди ришкалон ба зарда ни риству аспашро тозиёна зад.

Дар майдоне, ки қирав пӯшондааст роҳраваш лой аст, аллакай балҷувон ва як даста фархориҳо ҳамроҳи аспҳояшон қатор истодаанд. Ин ҷо амир сарбозҳои ба ҷанг равона дуъо медодааст. Ҷавонони қатористода ҳама тануман ва пурҷӯшу хурӯшанд. Аспҳояшон ҳам мисли худашон яккачинанд.

Мансур низ аспашро резачарпо дода, омада дар қатор истод. Аз он ки а дасти одамони амир халос хӯрд, ҳам хурсанд буд, ҳам хориаш меомад. "Қар буз барин улоқаш метохтанде-а!"

Аз ҷониби дараи Варзоб беист шамоли сард мевазид. Аспҳо беқарорӣ мека *данд ва ҳар лаҳза ба замин сум зада, фир-фир бинӣ меафшонанд.* Ҷанговаро амирро интизоранд. Пеш аз сафар онҳо бояд амирро бинанд, ки чи намуд дора Ба онҳо чӣ мегӯяд? Охир аз куҷоҳое ӯро гуфта омадаанд. Қариб як соат мунта зир шуданд. Вале аз амир дарак набуд. Аммо дарою барои мардуми ришсиёҳ ришсафед бисёр буд. Чор нафар мардони ришдор пайдо шуда назди саҳн рох баромади амирро ҷорӯб зада қиравро тоза карданд. Хотири ҷанговарон озурд шуд ва аз ҳар тараф овоз баланд карданд:

– Ин Ҷаноби кашола кай мебарояд? Шаб дар хунукӣ мондем, бас набуд?

– Серро чӣ парвои гурусна?

– Ба Худое, ки халқам кардааст, баъди панҷ дақиқа набарояд, гашта ба ватанам меравам.. Ёфтаст бесоҳибаша. Рӯят дар гӯр!

Аз дохил ҳамчунон гурӯҳ-гурӯҳ одамон дарою баро доштанд, гӯё кор зарурero анҷом медоданд, ки саросема менамуданд. Боз ним соат барин вақт гузашту ниҳоят дари боғ кушода шуда, ҳашт-нӯҳ нафар ясавулу шиғавулҳо пеш-пеш, аз пас муқаррабону муаззамони дарбор баромаданд.Баъзеро пӯстин то замин кашол, баъзеҳо ҷома ба бар, баъзеҳо чакман доранд. Ҳама шикамҳо дамида ва миёнҳо баста. Овози оруғдиҳиашон ки ба қар-қари зоғ мемонад, баръало шунида мешавад. Онҳо дар даромади саҳн интизор истоданд. Панҷ-шаш дақиқа пас амир ҳамроҳи се нафар домуллоҳои салласафед баромад. Амир марди қадпасти сергӯшт буда, риши гирда ва чеҳраи мисли дунбаи дербоз истодаю сиёҳ гашта дорад. Дар танаш ду ҷомаи рангубаранг, саллааш сафед ва фашаш болокарда. Аз қиёфаи берангаш чизе фаҳмида намешавад. Сарсарӣ ба навомадаҳо нигариста, бо овози базӯр шунаво "салламно, салламно",- гӯён ғур-ғур кард ва ду-се қадам пештар омада, боз ҳам "салламно, салламно" гуфт. Пас яке аз ҳамроҳонаш, ки қадбаланд буду ҳар лаҳза оби чашмонашро пок мекард, сухан кард. Боди сарди саҳаргоҳ ҳур-ҳур мевазад, овозаш гоҳ шунида мешуд гоҳ не. Ҷанговарон, ки хунук хӯрда буданд, ба суханонаш эътибор намедоданд По ба замин задаю садо медиҳанд:

– Э бас!...

– Худаш, ки аз ҷойи гарм баромадааст, чӣ парвои мо дорад!

Даме он шамол суст шуду Мансур суханони нотиқро шунид:

–...То рафтанатон иншооллоҳ, аскари амирам Бойсунро аз пайи қадами кофирҳо пок мекунаду пас ҳамакаса ҷониби Бухорои Шариф ҳаракат мекунем. Ва дини мубини исломро боз ба ҷойгоҳаш баргардондаю Бухороро Бухорои ислому дин мекунем!

Амир Олим ба тасдиқу таъкид сар ҷунбонд. Чунон дилпуру бепарво менамуд, ки гӯё аскараш аллакай Бойсунро гирифтаю ҷониби Бухоро ҳаракат карда бошад. Мансур дар замираш ба мард сухан ёд дод. "Аблаҳ, минг-минг накарда гӯй буд, ки ватан дар хатар! Обу замин азони халқ гуфта обу замин ватана соҳиб шуданд! Ояндаамон номаълум. Додарҳо, шумо бояд донед, ки мо ё хун рехта ба душмани сарсахт ғалаба мекунем, ё аз ватан ронда мешавем».

Овози марди сухангӯй ба шиддат шуд:

– Шумо сабаби аз Бухоро баромадани амири баҳодурамон ва соҳиби шариатамонро медонед! Ҷаноби олӣ диданд, ки русҳо бо аэропланҳои даҷҷолнусхаашон Бухороро бомбаборон карда, ба тамом месӯзонанд, ман бароям, бас мекардагиянд гуфта, ҳатто фарзандҳои азизашонро нагирифтанд. Лекин кофирҳо бештар тирзанию оташзаниҳо кардаю мардумро тарсонда аз дару девори шаҳр аскари яъҷуҷу маъҷуҷашонро даровардаанд. Имрӯз мардуми ғаюр хестанд, бекҳои баҳодур пеш даромадаанд, ки мо хун ба хун мегирем!.. -Ӯ боз ким-чиҳое гуфту пас сурае аз Қуръон хонд ва амир лаб ҷунбонда дуо дод.

– Мақоли "Саг нолоиқ бошад, рӯбоҳ бом ба бом мегардад," дар ҳаққи шумоён аст,- гуфт кадоме бо овози паст.

Ҳангоме ки аз саҳн баромаданд, Мансур байни русҳо Фёдорро дид, ки гӯшакҳои телпакаш фуроварда ба ӯ нигоҳ дорад.

– Туро дидаму аз худ пурсидам, ки оё ин Мансури самарқандӣ бошад?-Фёдор нигоҳашро аз Мансур намеканд.

– Яқин барои газета мавод ҷамъ кардан омадӣ?- Мансур мушоҳида кард, ки дар пешонаи баланди Фёдор чинҳо ҷамъ омадаю хона кардаанд. Мӯйлаби зардаш як-як сафед шудаанд.

Онҳо ба ҳам зеҳн мондаю дар замирашон ба як андеша омаданд: "Инқилоб насли моро барвақт пир кард."

– На он газета монду на он одамон, - Фёдор бо лабханд аз китфи Мансур дошта, раҳораҳ афзуд: - Соҳиби матбаа марди яҳудӣ буд. Шояд аз ин корҳо бохабар будааст, ки дар вақташ матбааро арзон ба ман фурӯхту нопайдо гашт. Баъди ним сол омад-омади болшевикҳо шурӯъ шуд ва дастгоҳҳоро бардошта ба Когон омадам. Гумон доштам, ки ҳукумати амир мисли замони Николай барҷой мемонаду мо шуғламонро давом медиҳем, ки болшевикҳо ин ҷоро ҳам соҳиб шудаю матбааро давлатӣ карданд.

– Ин ҷо омадӣ, ки ҳамроҳи аскари амир ниқор гирӣ?-пурсид Мансур ва аз дилаш гузашт, ки аз дасти инқилоб русҳо ҳам дар азобанд.

– Не, -Фёдр лабханд кард.- Дар байни сардастаҳои болшевик шинос доштам. Омадам, ки ӯро миёнрав карда ақаллан дастгоҳҳоро гирам. Ӯ маслиҳат дод, ки аз баҳраш баро, дастгоҳро гирӣ ҳам, чӣ кор мекунӣ? Дар кишвари болшевикҳо

дигар ба корхонаи хусусӣ роҳ намедиҳанд. Ҳатто осиёби шахсӣ дошта бошӣ, ба рӯйхати буржӯй медаровӣ.

– Акнун чӣ нақша дорӣ?

– Гашта ба Самарқанд меравам.- Мабодо аз хона ҳам намонам, –гуфт Фёдор, ва пурсид: -Худат ин ҷо чӣ кор мекунӣ?

– Бар зидди аскари рус ҷанг мекунам.

– Бар зидди аскари болшевик.- Фёдор сухани Мансурро ислоҳ кард ва бо нармӣ афзуд:- Ба ҷанг дер намешавад. Имрӯз дам гир, пагоҳ ё фардо меравӣ.- Ҳоло ба аспат савор шав, онсӯтар чарх зада меоем.

Мансур фараҳманд шуд. Дилаш аз амиру атрофиёнашу кордориҳояшон монда буд.

Онҳо аспсавор ҷониби пуштаҳо равон шуданд. Дар баландиҳо барф бештар аст. Фақат барфи офтобрӯи теппаҳо, ҷо-ҷо барф об шудааст. Дар ҳар тараф ягон-ягон сароҳо ба назар мерасанд. Яқин қосидони амиранд, ки сарбоз ё молу чиз ҷамъ мекунанд. Онҳо ба пайроҳаи беруни деҳа баромаданду Фёдор гуфт:

– Ба он ҷанге, ки равонай, пушаймон мешавӣ. - Ӯ лаҷоми аспро кашиду афзуд: - Мебахшӣ, ин амираи манякатон "на шамъи мазор шуду на ҷорӯби хона". Мо як гурӯҳ собиқ тоҷирон ва соҳибони корхонаҳо фаҳмидем, ки ин ҷо қурултой мешудааст. Овора шуда омадем. Рӯзи қурултой ин ҷо мисли рӯзи маҳшар пуродам буд. Ҳатто аз Хеваю Қафқоз намояндаҳо вазъиятро санҷиданӣ омаданд. Аксулинқилобиҳо, гвардиячиёни сафед даста-даста бо генералҳояшон омаданд. Уламо ва озурдаҳои худатон, ҷавонони сода даста-даста аз деҳаҳо меомаданд. Чунин ба ҷавою ҷавлон омадани мардум моро ҳайрон карда буд."Ана ин халқ чӣ гуна будааст! Он сайёҳон, ки навишта буданд ин халқ пир шудааст, фалон бисмадон, ҳақиқат надоштааст" мегуфтем. Ва маслиҳат кардем, ки мо ҳам бо пулу силоҳ армияи амирро ёрӣ мекунем. Аммо амиратон ба сари ҳамаи ин ангезаю кӯшишҳо об рехт. Ба ҷои он, ки кори разму размгоҳро дуруст кунад, бо аҳмақию аблаҳиаш ҳамаро дилмонда кард. Худро амири Бухоро хонда ба чапу рост ярлиғ дод. Чи қадар одамон соҳиби мансабҳое шуданд, ки дар асл нестанд. Баромада тортуқ қабул мекард. Мефаҳмидем, ки духтари ким- кадом бекро ба занӣ гирифтааст. Кадоме духтарашро худаш ба канизии зоти Ҳумоюнӣ бахшидааст. Хуллас, вақтро беҳуда мегузаронд. Одамонеро сардори дастаҳо таъйин кард, ки ҷанг як тараф, тирпарониро намедонистанд. Ҳолдонҳо мегуфтанд, ки сарлашкар ҳам тарҳу тартиби ҷангро намедонад. Хуллас, қувваи азими ҷамъомадаро на ин ки саришта накард, балки хунсо кард. Рӯҳашро шикаст. Мисли зани нодон, ки патронҳои шавҳардодаро ба латтаи тар мепечонад. Ва мардуми ҷамъомада имрӯз як гурӯҳ "рафтем ба ғазавот!" гуфта, ба таври худ ба роҳ мебарояд, пагоҳ гурӯҳи дигар ба –дин минвол омодаи сафар мешаванд. Касе намедонад, ки чӣ қадар қувва ҷамъ шуд? Омадаҳо чӣ камбуд доранд? Инҳоро чӣ гуна бояд истифода баранд. Ҳама корҳо аҳмақона ғашовар. Дастаҳоро ба ҷанг мефиристанду барояшон як сухани лозимӣ намегӯянд. Сухани пеш аз ҷанг зарур аст. Мисли тумор аст. То охир ҳамроҳат мемонад. Дастаҳо ба сари худ дар деҳаҳо хуфта, баъди як ҳафта, хоҳанд баъди ду ҳафта ба майдони ҷанг мерасанд. Генералҳои мо интизор шуданд, ки амир онҳоро ба армияаш мегирад.

ба ихтиёрашон даста медиҳад. Онҳо ҷазбманди ҷанг бо болшевикҳо буданд. Не, ишорае нашуд. Одамони мо дар суҳбатҳояшон мегуфтанд, ки ин шизофреник (девонаавзо) ба шумори зиёди мардум ғарра шудаю дарк намекунад, ки ду пулемёт кори ҳамаи инҳоро мекунад. Ин қадар сол амири як кишвари бузург шудаю фаҳмиши кору пайкори замонаро надорад. Ин бояд зиёфатхӯрию дигар корҳоро як сӯ гузошта, зуд ба Афғонистон ё Ҳинд, ё ба Англия раваду силоҳ биёрад. Мардуми ба атрофаш ҷамъомадаро машқ диҳад, бо силоҳ таъмин кунад, даст ба китфи сарбоз ниҳода гӯяд: писрам, ман ба ту бовар мекунам. Ҳамроҳ ҷанг мекунему ватана аз даст намедиҳем. Яке аз генералҳои мо, ба насаби Василев, мебинад, ки вақт меравад, ба маҳрамбошияш мегӯяд, ки ба амират расон, маро қабул кунад. Маҳрамбошӣ хеле дер карда, баромада мегӯяд, ки амирам ба муроқиба рафтаанд. Ӯро ишораи "берун" мекунад, аз дарвоза ки мебароянд, мегӯяд: "Кош амират дигар аз муроқибааш набарояд. Агар мабодо баромад, гӯй, ки вақтро аз даст додӣ. Ва боз гӯй, ки афсӯси ин замину мардумонаш, ки ба дасти чунин тайлоқи бешарм афтодаанд." Ва таъкид мекунад: фаҳмам, ки гуфтаи маро нарасондай, мепаронамат. Ва ба қароргоҳаш рафта, ба ҳамроҳонаш мефармояд, ки русҳоро гӯед, ба ин девори қиёмат эътимод накунанд. Ва ҳамон лаҳза дастаи ҳаштоднафараашро гирифта, ҷониби Чин раҳсипор мешавад. Ҳамин гуна корҳо шуд, чӯра. Ин аҳволро дида, бисёриҳо дилмонда шуда рафтанд.

Мансур ҳангу манг монд ва пурсид:

– Русҳоро умуман ба армияаш нагирифт?-Ҷавобро интизор нашуда боз гуфт:-Шояд баъд аз ҷанги Бухоро ба онҳо бовар намекунад?

– Чанд нафар русҳое, ки пеш аз инқилоб ба Бухоро омадаанд, ҳамроҳаш ҳастанд.

– Ин пагоҳӣ қариб худамро улоқ мекашиданд.- Мансур лаҷоми аспро кашида бо дард табассум кард. Ӯ дирӯз пай бурда буд, ки кори ҳарбу разми амир тарҳу тартиб надорад. Гумонашро Фёдор равшан кард. Пеши назараш мардуми Деҳқонобод омад, ки ба ҷигарбандҳояшон аспу камон ёфта додаю ба ҷанг гусел мекарданд. Ва умедвор буданд, ки фарзандҳояшон дар паҳлӯи амир истода, ватанро аз кофирон озод карда бармегарданду ҳама боз ба рӯзҳои хуш мерасанд. Духтарони нисбатдор ҳар рӯзу ҳар соат номзадҳояшонро интизоранд. Акнун ин ҷавонҳоро тири пулемёт интизор аст...

– Лекин ин ҷо камбудии халқ ҳам бисёр.-Фёдор суханашро идома дод:- Дар байни ин қадар одам як нафар олим ё, ба қавли худатон, аълам пайдо намешавад, ки вазъиятро таҳқиқ карда, ба амир гӯяд, ки ҳой, пешвои беақл, вақти дорсозию бузкашӣ ва созу бози ҳарам нест, таккаи кӯҳӣ!- Ва аз суханонаш хандааш омад.

– Барои таҳқиқи замона дониши замона даркор,-гуфт Мансур.- Ва ба теғаҳои барфгирифта нигариста, фикр кард, ки аз афташ он орзуҳое, ки мо дар роҳ карда меомадем, аз рӯи нодониамон будааст.

– Донишро шумо, зиёиён, омӯзонед. –Фёдор бо накӯҳиш ба Мансур нигарист. - Халқатонро бояд шумо дигар кунед.

– Мо чӣ гуна халкро дигар мекунем?

– Урупо дигар кард, Русия дигар кард. Аз халқи шумо халқи мо бештар ҷоҳилу қафомонда буд. Зиёи аз оми чандон фарқ намекард. Дар ҷамъомадҳо

дод зада сухан мекарданд. Як сухани табии ё дилнишин гуфтан наметавонистанд. Пас донишмандони соҳибихтиёр пайдо шуда шуҳрати ватану миллатро бардоштанд. Аслан чунин пешвоҳо неруҳои ҳимоятгар дар зиндагии пойдор ва мустақилонаи миллат пайдо мешавад. Шумо ҳам асрҳо « Во дино! Во Саидо» гуфта сар ба замин зада нашинеду чон канда решаи худатона ёфта нигоҳу бин кунед то ки он ҷавона занад. Дар мо бахусус нависандаҳомон дар давоми дусад сол гуфта-гуфта алфозу алчахтҳои(тамаъ) диниро андак-андак задаю зер по карда, як қисми халкро китобхон карданд. Лев Никалайевич Толстой ном нависандаамон воқеаҳои ҷанги сад сол пеш байни русу франсуз рӯйдодаро дар китобаш "Ҷанг ва ҷаҳон"навишт. Он китобро хонӣ, таърих, сабаб ва оқибатҳои ҷангро пай мебарӣ. Ба зиндагӣ ва орзую омоли он мардум шинос мешавӣ. Чӣ гуна одамон ватандӯст буданд, кадом тоифа хиёнат кард, пешвоҳо чӣ гуна касон буданд, чӣ андешаҳо доштанд, ҷурму хатои ҳукумат ё сарлашкар дар куҷо буд. Ту мебинӣ, ки тамоми дворянин, мардуми ватандӯст бо тақозои дили худ хеста ба фронт мераванд. Хулоса ҳамаро мефаҳмӣ. Аз он китоб ҳар хонанда роҳе интихоб мекунад. Ва дар маҷмӯъ ин роҳҳо ба ҳам омада, халқи парешонро ҷамъ карда миллат месозад. Рӯҳашро тавоно мекунад. Ана нависандаи халқ чи гуна кас аст!

Ба хотири Мансур суханони Андрей омаданд: Мо Николай Гогол ном нависанда дорем. Ӯ супориш додааст ки "Рус бояд рафоқату садоқати рафиқиро ба ҷойи аввал гузорад. Рафиқашро дар сахтиҳо танҳо нагузорад." Инҳо ҳамин гуна олимону нависандаҳо доштанд, ки ҷаҳонгир шуданд. Мо ҳавои дахон мекунем, ки ину он дорем. Инҳо ҳам доштаанд. Фикрҳои хубро нависандахон инҳо мегуфтаанд. Ӯ дар андеша шуду ба хотираш "Шоҳнома" омад ва гуфт:

– Дар мо ҳам хастанд китобхое, ки...

– Ман аз адабиёти шумо бохабарам, -Фёдор сухани ӯро бурид. -Кадом китобро дар назар дорӣ, медонам. Он китобҳо ҳам хубанд, вале афсонаранганд. Сухани афсона сабуктар аст. Ба қаъри дилат намефурояд. Ҳатто таърихҳоятон афсонаранганд.

Мансур бо инкор сар ҷунбонд ва аз дилаш гузашт, ки кош китоби Толстойро мехонду баҳс мекарданд. Аз "Шоҳнома" шеъре хонд:

Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаку дину пайванди хеш.
Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

– Магар сухан аз ин баланд мешавад?-Мансур ба мусоҳибаш нигарист.

– Шеъри Фирдавсӣ гуфт Фёдор.-Дар ҳақиқат "Шоҳнома"-и ӯро китоби осмонӣ гӯем, мешавад. Лекин онро дар ҳар аср одамони ангуштшумор мехонданд. Ва аз тарафи дигар баъзе шоирҳои номдоратон ӯро "Ба мадҳи габрако умре ба сар бурд," гуфта сиёҳ карданд. Муллоҳоятон "Мадҳи габраконро хондан бидъат!"- гуфтанд: нагузоштанд, ки орзую ормонҳои шоири ватандӯст дар дили ҳамватанонаш реша давонад.

“Инро бинед-а суханҳое мегӯяд, ки ба фикраш ҳам наомадаанд. Ва ҳама айни ҳақиқат. Ба фикраш омад, ки Мустафо Чокай ҳаққи гапро гуфта будааст: “Русҳо моро аз худамон беҳтар медонанд”. Ва чунин буд, ки панҷоҳ сол пеш ин ҷо омада, дилпур дар пахлӯи шаҳрҳомон шаҳр сохтанд: Самарқанди нав, Тошканди нав, Хӯқанди нав. Аз Ишқобод ин тараф дар ду ҷониби роҳи оҳан зиёда аз дусад деҳаи руснишин сохтаанд. Ҳалолашон бод. Беҳуда падараш нагуфта будааст, ки ба русҳо ҳамроҳ бошед, хуб аст. Бале, аз дӯсти нодон душмани доно беҳ. Лекин, падарҷон, ман бо инҳо дӯст шуда наметавонам, дар гардани инҳо марги Баҳодурам ҳаст... Аспашро тозиёна зада гуфт:

– Фёдор, баъзе суханҳоят ҳаққанд. Аммо инро, ки адабиёту таърихатон афсонаранг мегӯй, қабул надорам. –Ва лаҳзае сукут карду афзуд: -Ошно, хафа нашав. Модом ки ин қадар китобхону бамаърифат будаед, пас чаро болшевикҳоятон ба халқи Худо ин қадар ҷафо мекунанд? Дар Бухоро қариб як моҳ аст, ки аз хонаю масҷидҳо китобҳоро ҷамъ карда месӯзонанд?

– Медонам,-ранги Фёдор дигар шуд: -Ман ҳам он манзараро дида, аз шарм гурехтам. Болшевикҳо ин қабоҳаташонро ба зудӣ мефаҳманд. Ӯ оҳи чуқур кашида афзуд:- Ин инқилоби лаънатӣ барои сотсиалистони хаёлию ҷавонони пуршӯр мисли аспе шуд, ки савор шудаанду чи қадаре дилашон хоҳад, метозонанд.

– Аҷаб замоне: ҳукумати амир Олим зери назорати русҳо буд. Русия зери назорати ким-кадом сотсиалистон будааст!-Мансур бо нигоҳи тез ба мусоҳибаш нигарист.

Фёдор ба тасдиқ сар ҷунбонда гуфт:

– Масалан, армия дар дасти Тротский ном марди яҳудист. Ӯ дар НКВД аксар ҳамқавмҳояшро ҷо кардааст.

– Мо шуморо давлатдор мегуфтем. Шумо ҳам мисли мо дастнигар будаед.

– Дастнигар нею,-Фёдор забон хоид:-Дар ин даҳ-бист соли охир воқеаҳое рух додаву ҳамаро дарҳам - барҳам кард. Умуман қисмати ватан ҳам мисли қисмати одамонаш будааст. Фалокат аз таги по мехезаду ту чӣ кор карданатро намедонӣ. Ба Русия ҳамин ҳолат рӯй дод.

– Худатон роҳа намедонеду моро куҷо мебаред?

– Ягон ҷо мебаромадагистем,-Фёдор низ хандид ва лаби поёнашро хорида, бо дилпурӣ гуфт:- Мо замони мутассибонро паси сар кардем. Хоҳ-нохоҳ хирадмандон ёфт шудаю ба халқ роҳ нишон медиҳанд.

Мансур чизе гуфтанӣ шуд, ки Фёдор пешдастӣ карда, афзуд: - Гӯш кун Мансур, воқеаҳои сад соли охир халқи моро пухта кард. Мо ба донишу тачрибаи худ такя мекунем. Халқи шумо ба гуфти подшоҳ, ба гуфти рӯҳонӣ кор мекунад. Ҳоло ин мавзӯъро мемонем. Мо, русҳо, як ҳафтае, ки ин ҷо будем, мудом дар ҳамин бора баҳсу гуфтугӯ карда, дилбазан ҳам шудем.

Мансур аз шарҳу тафсири Фёдор қаноатманд нашуд. Вале дигар баҳс накард.

Онҳо ба баландие баромаданд, атроф чун дар кафи даст намоён аст. Ин ҷо шамол сахттар мевазад. Вале анвори офтоби чоштгоҳ дами сардии шамолро гирифтааст. Дар пеш, дар паси ҷангали дарахтони дӯлона ва зорич (зирк) кӯли начандон калон намоён аст. Атрофи кӯл ях кардааст. Обаш каб-кабуд аст. Тахмин ду километр онсӯтар дар бағали баландӣ деҳае намоён. Аз мӯриҳо

дуди сиёҳи ғафс ба осмон мебарояд. Барфи бомҳоро ки пок кардаанд, сиёҳ менамоянд, боқӣ атроф чунон сафед аст, ки чашмро мебарад. Аз ҷониби деҳа ду нафар аспсавор меоянд. Дар паси яке духтаре нишастааст.

– Ана, боз барои амиратон тортуқ омад,- Фёдор хандид.

Мансуру Фёдор аз пайраҳа ба роҳи калон тоб хӯрда, аз рубарӯи сафаракиҳо рафтанд. Марде, ки дар пасаш духтар нишаста буд, тахмин чилсола асту дигаре ҷавонтар, таги чашми ҷавон сиёҳ аст. Маълум, ки шаллоқ хӯрдааст.

– Ҳамшаҳриҳо, сафари куҷо доред?-пурсид Мансур.

Дар ин асно духтар фаранҷиашро боло карду назари Мансур ба чеҳраи сафеди кӯдакона ва чашмони аз гиря сурхшудааш афтид. Ӯ, мисле ки имдод талабона ба Мансур менигарист.

– Ба назди Ҷаноби Олӣ амир Олимхони баҳодур равонаем,-гуфт мард.-Оҷизаамонро, ки амонатии он кас аст, бурда месупорем.-Дар нигоҳ ва оҳанги гуфтори мард ифтихор ҳис мешуд.

– Ман амлокдори ин деҳа,- худро шиносонид ҷавон.

– Чаро амонат? Гаҳворабахш буд?-пурсид Мансур.

– Замини Ҳисор, балки ҳамаи моли аморат аз амирам аст. Мо амонатдори он касем,- гуфт мард.

Фёдор ҷониби Мансур нигарист. "Гуфтам, ки бояд халқатона дигар кунед!" мегуфт нигоҳаш.

– Як моҳ зиёд шуд, ки бо ҳидояти беки Ҳисор Авлиёқул удайчии Ҷаноби Олӣ ҳастам,- афзуд мард.-Дар ҳамон рӯзи аввал ният кардам, ки ин рӯпӯшидаам ҷорӯбзани даргоҳашон бошад.

– Худат ният кардӣ ё Авлиёқул дар забонат монд?

Мард ҳайрон шуду ба ҳамраҳаш нигарист. Гӯё саволро аниқ кардан мехост.

– Ин ҷиҳати масъаларо фаромӯш кардааст,-хотиррасон кард Фёдор.

– Гӯш кун, ошно! Духтари бечораро дар даҳони аждаҳо напартою назди модараш бар,-гуфт Мансур ва аз андешае, ки мабодо хабар ба амир расад, ба дилаш тарс афтод. Вале зуд худро ба даст гирифт.

– Шумо худро зомини ризқи амирам накунед,-гуфт амлокдор. Ӯ бештар ҷониби Фёдор менигарист.

– Дар байни халқи мо ҳастанд ҳамин гуна зотҳои паст ва лаъин, ки эшонро муллои лаққиро бинанд, ё ба гуфти худашон "воизеро", духтар аст ё писар, ҳалол кардан мегиранд. Мисле ки хар ё аспро ҳадя мекунанд: "Гиред савор шуда гардед, ҷонамба занед!"- гуфт Мансур ҷониби Фёдор. -Шумо рост мегӯед, ки содаи халқатон аз бесаводӣ аст. Ва худаш ҳам нав дарк кард: одаме, ки бесавод аст, аз наҷобату мардӣ ҳам бенасиб мешудааст. Хари боркаш будаасту бас. Ӯ боз ба сафаракиҳо чанд сухане радду бадал карду саранҷом ба шиддату нафрат гуфт:

– Эй аблаҳ, Ҷаноби холиат пагоҳ ё фардо ба кадом гӯр мегурезад! Ё рустро дошта ба дораш мекунанд! Фаҳмидӣ? Духтарро баргардону ба ягон ҷавони худаш мехоста ба шавҳар деҳ!

Мард дамаш дарун зад. Амлокдор мехост чизе гӯяд, ки Мансур фурсат надод.

– Ҳар кас пурсад, ки чаро баргаштед, гӯед: одамони амир гуфтанд, ки баъди як ҳафта биёед. Зуд гашта равед! Зуд!

– Ҳамроҳатон рус аст?..-Пурсид амлокдор.

– Ҳа. рус. Ёрдамчии амир,-гуфт Мансур.

Ин сухани дурӯғ таъсир карду тортуқбарҳо лом нагуфта, аз роҳ гаштанд.

– Кори савоб кардӣ, як духтарро аз чанголи аждаҳо раҳонидӣ,- гуфт Фёдор ва афзуд:- Агар рӯзро торик карда набаранд.

Онҳо пас гаштанду Мансур гуфт:

– Шумо мақоли хуб доред. "Халқ чи гуна, подшоҳ намуна".

❁ ❁ ❁

Фармони Москва ба-дин мазмун шуд, ки барои маҳв кардани лашкари овозадори амир, ки дар Ҳисор гирд омадааст, қувваҳои ҳарбии ҳукумати Бухоро ва дивизияи 1-уми савораи ҷабҳаи Туркистон, полки 8-уми тирандоз ва батареяи савораи кӯҳгарди Каркӣ якҷоя амал кунанд. Ҳукумати Бухоро полки навтаъсисашро ба ҳайъати бригадаи 11-ум, ки дар Бухоро мустақар аст, ҳамроҳ мекунад.

Сардори бригадаи 11-ум Чернов пеш аз он ки ба сафар барояд, ба ҳукумат муроҷиат кард, ки либоси зимистонаи ҷанговаронро таъмин кунад.

Ҳукумат ҷомаю чакман ва каме нимтанаҳои сиёҳи туркии аз давраи амир мондаро пешниҳод кард. Баъзе сарбозҳои мусулмон аз онҳо гирифтанд, дигарон розӣ нашуданд. Қарор шуд, ки сарулибосро аз пас мефиристанд.

Бригада рӯзи 21-уми декабр аз Бухоро баромада то Қаровулбозор бо поезд омаду пас ба роҳи ағбаи Оққӯтал сӯйи Бойсун ҳаракат кард. Дар наздикии ағба батареяи 1-уми савораи кӯҳгард аз бошишгоҳаш Каркӣ омада, ба бригада ҳамроҳ шуд. Сардори эъзомияи Ҳисор Исоев Игор Леонидович ном марде аз ситоди ҷабҳа таъин шудааст. Вай дар ҷанги Бухоро сардори батарея будааст. Ҳамроҳи полки 3-юми сарҳадӣ аз Каркӣ рост ба Бойсун мерафтааст.

Ҳангоме ки ба таги ағба расиданд, дастаи пешгард хабар овард, ки баъзе қисмҳои амир аллакай ба сари ағба баромадаанд. Чернов хавотир шуд. Ӯ аз рӯйи хабари шоҳидон ва кордидаҳо медонист, ки сари ағба барои мавқеъ гирифтан ҷойи хуб аст. Роҳ аз байни ду баландӣ мегузарад. Мобайн чун дарвоза аст. Аз ин рӯ набояд гузошт, ки душман дар тори ағба лангар партояд. Аз рӯйи шунидаш дар армияи амир якчанд генералҳои аз инқилоб дилмонда ҳастанд. Агар онҳоро пеш андохта бошанд, кори бригада мушкил мешавад. Мабодо дар он баландӣ хандақ канда бошанд, на тир мегирадашону на тӯп. Ҳоло аэроплан ҳам нест, ки аз тори сарашон зананд. Аз рӯйи хабари Степанов (ӯро дар маҷлиси фаъолон дид) аз ёздаҳ аэроплане, ки ба ҷанги Бухоро омада буданд, ҳафтоаш харобу вайрон дар фурудгоҳи Когон хобанд. Ба шаштояш тир расидаю ҳанӯз дар таъмир будаанд. Яктояш нобуд шудааст. Дар рӯзи сеюми ҷанги Бухоро мотораш аз кор мебарояд. Халабон чолокӣ карда, онро дар кӯли байни Когону Бухоро мешинонад. Баъд онро қисм-қисм карда, ба фурудгоҳ меоранд. Ду аэроплани коромад доштаанд, ки ба фронти ғарби фиристодаанд. Чернов зимни ин андешаҳо ба қароре меояд, ки хубаш дер накарда, ҳозир ба ҷанг даромада, ағбаро гиранд. Шабро дар он сӯйи ағба ба рӯз мебаранд. То он вақт дастаи ҷангии Шеробод ҳам расида меояд. Пас якҷоя ба Бойсун ҳуҷум

мекунанд. Агарчи кайҳо рӯз гашт кардаву, осмонро абр гирифтаю шамол хестааст, Чернов фармони бетаваққуф ба ағба баромаданро дод.

Комиссари двизия дар ин сафар Ершов Николай Харитонович аст. Комиссари пештара Шестакро ба Тошканд, ба ситоди ҷабҳа гирифтаанд. Ершов ба тариқи маслиҳат гуфт, ки шояд ҳуҷумро пагоҳ шурӯъ кунем. Чернов ба суханаш истод: "Ағба чандон баланд нест. Бо асп якуним - дусоата роҳ аст" гуфт. Аммо зову ҷариҳои ағба бисёр будаанд. Роҳҳо лой ва хатарнок шудаанд. Ҷанговарон лағжидаю ғелида, ними ағбаро баромаданд, ки ба тирпаронии башиддат рӯбарӯ шуданд. Аввал старшина Руднев Евгений бо аспаш афтид. Асп аз ҳамвории пушти буттае мегузашт, ки аз ақибтанааш тир хӯрд, ду пояшро бардошта лағат партофт. Старшина парида пештари бутта дар болои замини лой афтид. Асп хестанӣ шуд, ки натавонист, поён ғелид, боз кӯшиши беҳуда карду дар болои лой панҷ-шаш қадам ғеҷида рафта ба ҷарӣ афтид. Пас боз чанд аспу сарбоз чаппа шуданд. Чор асп бо соҳибонашон ба ҷарӣ афтида нобуд шуданд. Маълум, ки аскари амир ағбаро соҳиб шудааст. Чернов вазъиятро ноқулай дида. фармони ақибнишинӣ дод. Аз ағба як аспдав поён деҳаест. Бригада ба деҳа фуромаду Чернов ҳамроҳи маъмурони батарея ва пулемётчиҳо Гриша Дудкин ва Михаил Романенко то вақти говгум дар бағали кӯҳ, дар ҷойҳои мусоид шинак (блиндаж) дуруст кардаю он ҷойҳоро ҳам барои Чернов ва ҳам барои худашон харита карда гирифтанд.

Ҷанговарон пагоҳӣ аз домани кӯҳ паҳн шуда, ба ҳуҷум баромаданд. Аз осмон поға-поға барфи сабук меборад. Замин ҷое сафед шудаю ҷое лой аст. Лекин ҳаво хунук нест. Ними ағбаро набаромада аз ҷониби душман тирпаронӣ шурӯъ шуд. Тӯпҳо мавқеъи душманро гулӯлаборон карданд. Дар ин муддат қӯшун хеле пеш рафт. Як даста сарбозҳои ротаи Загорский ба домани ҷангали паҳлӯи сой расиданд. Худаш ҳамроҳи онҳост. Сойчаеро баромада Загорский дар рубарӯ саги сафеди шиносро дид. Саг уч нишаста забонашро баровардаю тез-тез нафас гирифта ба ӯ менигарист. Дина бегоҳ баъди хӯроки шом ҳамроҳи старшина Руднев беруни дарвоза баромада махорка печонда ин сагро он ҷо дида буданд. Вай наҳаросида ба онҳо менигарист. Руднев хост аз ҳезумҳои паҳлӯи дарвоза чӯберо гирифта ҷонибаш ҳаво диҳад, ки Пётр намонд. "Бубин. чигуна саги сафеди зебост. Шояд гурусна монда ба дари мо омадааст" гуфт ва ба ошхона даромада, устухон бароварда наздаш партофт. Маълум мешавад. ки ба хотири ҳамон некӣ аз пасаш омадаст. "Эҳ нодон, беҳуда инҷо омадӣ. Ин ҷо ҷанг аст, ҷанг! Баргард ба ҷоят",- пичирос зад Пётр нигоҳашро аз саг наканда. Саг дуртар рафта нишаст. Пётр баландтар баромада мушоҳида кард, ки якчанд пулемётчӣ ҷойҳояшонро дигар кардаанд. Як гурӯҳ ба сойчае гузашта. пулемётро то ними ағба баровардаанд. Ӯ Черновро ҳам дид, ки аспаш аз пас саросема қадам мезанад. Дақиқае чанд гузашту Чернов ба ҷои истодаи Загорский расид. Ӯ аспашро ба Муҳаммадшариф дод ва худро ба таги шах гирифта ба атроф зеҳн монд. Барфи хушк борад ҳам, ҳаво сафедабр ва рӯшан аст. Атроф чун дар кафи даст намоён. Дар баландкӯҳҳо ҳанӯз барфи пешина хоб аст. Роҳи ағба ва пайраҳаҳо сафед мешаванд. Дарахтону буттаҳои атроф низ ба тадриҷ сафед мешаванд. Роҳи кӯҳӣ лағжону пурлой бошад ҳам, ҷанговарон сустӣ на-

мекарданд. Дар сойи паси арчаҳо Барасевич Володя ва Швирков Володя ҷое ханҷол задаю ҷое чорпо шуда мебароянд. Ҳарду ҷанговари бағайратанд, аз дастаи Загорский. Ними даста аз пас ҳамчунон ғалтидаю хеста талоши ба сари ағба баромадан доранд. Онсӯтар аз бари теға Сенин Семён бо дастааш ҳаракат дорад, ки қафо намонад. Онҳо аз ротаи Семёнованд. Ин манзара ҳаваси Черновро меорад. Ва худаш ҳам наган дар даст аз тариқи пайраҳа баробари дигарон ҳаллос задаю шитоб мекунад. Аз паҳлӯи Чернов сарбоз Сафаров Юсуф давида мегузарад. Дар танаш ҷомаи тунук дорад, ки шип-шилта тар шудааст. Шиму дасту панҷаҳояш ҳама лой. Аз дарахти хушк асо кардааст. Сафаров аз взводи Манучеҳр аст. Манучеҳр баъди Амону Ҳасани ҷувоз Юсуфро овард. Хар се ҷавонҳои дилпур баромаданд.

– Сафаров, аспат канӣ? - пурсид Чернов.

– Дар дасти Амон, -гуфт ӯ.-Аспи Манучеҳр ҳам дар дасташ. Манучеҳр пеш гузашта рафт.

– Се аспа бароварда метавонад? -Черновро пой мелағжаду ба даҳан мезанад.

– Вай забони аспро хуб медонад, зиёд бошад ҳам, мебарорад.- Сафаров асояшро ба Чернов медиҳад. - Аз афтидан медорад,- мегӯяд ва пеш меравад.

Аз ҷониби душман тирпаронӣ авҷ мегирад. Тире аз паҳлӯи гӯши Чернов гузашт. Ва боз ҳам тире гузашту ин дафъа гармиеро ҳис кард: пай бурд, ки ба сӯи ӯ мепаронанд, аммо тирҳо хато мераванд. Хурсанд шуд. Нашавад, ки "дар майдони ҷанг қаҳрамонона кушта шуд» хабар равад. гуфт худ ба худ ва ба хамгашти сой гузашт. Дар паси арчаи сершохе нафас рост карда ба ақиб назар андохт ва мушоҳида кард, ки аспе тир хӯрда бо соҳибаш каллапо шуда, ғелида ба ҷарӣ рафт. Ана, боз яке афтид ва дар ҷояш тоб хӯрда, ғеҷида аз роҳ поён шуд. Савор аз асп намефурояд ё наметавонад: "Парто! Парто худатро!" фарёд зад Чернов. Вале сарбоз дер мекунад ва ҷарӣ ҳардуро, мисле ки мор гунҷишкро афсун карда ба комаш мекашад, фурӯ мебарад.

Фурсате гузашту аз шинакҳои наздик пулемётҳо ба кор даромаданд. Чашми Чернов ба Семёнов афтид,ки аз ҷойи регзор ва камбарф милтиқашро асо карда, ҳар лаҳза ғеҷидаву хастаҳолона пеш меравад. Асп ҳам аз пасаш қадам мезанад. "Ин ҷо Уралск не, Дима, ки шамшера дар болои сар бозӣ доронда, урр-а гуфта асп тозонӣ." Чернов лаҳзае бо табассум ба рафтораш зеҳн монд. Баландтар аз вай, дар болои шахе Загорский истода, ба пулемётчиҳо ишорат дорад, ки даруни сойро зананд. "Хуб кард, ки ӯро ба рота сардаста монд. Аз Першин як сару гардан болост. Ҳарчи Першин ҷанҷолашонро ҳангома накард. Дар штаб ба Чернов гуфтанд, ки Першинро бо фармони Москва ба фронти ғарбӣ равон кардаанд. Яқин, ба он ҷо ҳам барои суханчинӣ роҳӣ карданд. Дар Бухоро рӯзе, ки бояд хазинаро мебаровардан, Рубенов гаштаю баргашта таъкид кард, ки ротаи Першинро ба Арк барои ҳифзи хазина фиристад. Яқин Тротский овозаи ғорати хазинаро фаҳмида, одамонаш Першину Рубеновро равон кард, ки назорат баранд. Фрунзеро ҳамонҳо фӯрӯхтанд".

Ба гӯши Чернов овози гуфтугӯ расид. Баландтар баромада дид, ки дар пушти хор- бутта дар ҷойи ҳамвортаре Сафаров Юсуф бо сарбози мачрӯҳшудаи душман сухан раддубадал мекунанд. Аслан дуруст нигарӣ, душман ба сарбоз

ҳам монандӣ надорад. Ҷавони деҳқоннамое аз болои куртаи карбос чакман фарсуда пӯшидааст. Саллааш ҳам фарсуда. Ҳама либосҳояш тар шудаанд. Кафшҳои чӯбинашро бо банд ба пояш печондааст. Сару рӯяш, банди дилаш ки чун мавҷ меларзад шип-шилтаи арақ аст. Бо чашмони аз тарс калоншуда ба Чернов менигарад. Милтиқи думилаи русӣ он тараф ба санге такя дода шуда, барфи атрофаш зер хӯрда, ҷо-ҷо хунолуд шудааст.

"Ҳамшаҳриҳо ҳамдигарро ёфтаанд-ку?" Андешид Чернов ва хост гузашта равад, ки Сафаров бо оҳанги ифтихор ба ӯ маълумот дод:

– Рафиқ сардори бригада, камонро дар шохи арча монда, нишон гирифта задам, ки мисли оҳу ғелида фуромад. Тир ба думбааш даромадааст. Мегӯяд, ки аз замини Ҳисорам. Бо кӯдакҳоям санги заминамро мечидам, ки одамони бе омада, ба зӯрӣ ин ҷо оварданд.

Чернов бо чеҳраи гирифта ҷониби Сафаров нигоҳе андохт ва бо шитоб роҳро давом дод. Баландтар баромаду овози Сафаров ба гӯшаш расид: "Ро гаштан метавонӣ? Фуро рав. Дар поён деҳа ҳаст. Он ҷо худатро муолиҷа карда, рафта заминатро кишт кун, ки кӯдаконат гушна намонанд." Ҳисси норозигӣ ғашоваре ба дили Чернов роҳ ёфт. Дар дил ба гуфтаҳои Сафаров ҳам розӣ шуд ҳам норозӣ гашт. Охир ҷанг ҷойи дилсӯзию гузашт нест! Пастии обкандаеро бо эҳтиёт гузашта заҳрашро ба амир рехт. "Касофати фосиқ! Медонӣ, ки зӯра ба армияи рус намерасад! Чаро дидаю дониста мардуми лучу бенаворо ба тир мефиристӣ?"

Сарбози танадоре, ки рӯяш иззи корд дорад, аз дастаи Сенин рӯи пайроҳа лой дароз хоб рафта нолиш дорад. Ду нафар ба ӯ ёрӣ мерасонанд. "Аз китфаш тир хӯрдааст", мегӯяд яке. Ин дам назараш ба пулемётчии дар баландӣ бу афтиду ӯро шинохт: Романенко Димитрий. Дар баландӣ овози Семёнов б гӯшаш расид: "Ҷанг ҳамин гуна аст, бародар. Рав, дигарашро зан! Кӯшиш ку ки тират хато наравад!" Сарбози калтаи рӯйдароз, чашмонаш мисли чашмон гурба зард, шояд аз полки бухороист, бо ишораи тасдиқ сар ҷунбониду саро сема ба роҳ даромад.

Чернов дар назди Семёнов навкари сараш луч ва захмиро дид, ки рӯбо ҷон меканад. Чашмонаш аз тарс калон кушода шудаанд. Танаш як-як раг ме кашад. Тир аз шона даромада аз поёни гардан баромадааст. Аз хуни гарм к болои замини барфгирифта мерезад, ҳавр мехезад.

– Ин сарбоз аз кадом рота?-пурсид Семёнов.- Тирам ба ин расид гуфта қариб аст, ки гиря кунад.

– Инҳо нав майдону камона дидаанд,-гуфт Чернов.-Инҳоро ба худат баробар накун. Аспатро медодӣ, корат осон мешуд.

– Ин бечора халал намерасонад,-Семёнов ҷониби навкар, ки хир-хир карда охирин дақиқаҳои умрро паси сар мекард, нигариста гуфт:

– Ҳафт мурдаро зеҳн мондам, ягонтааш мӯзаи дуруст надошт, ки иваз кунам.

– Димитрий Попович, як гапҳо мегӯй, ки ба гуфти фарғонагиҳо, буза ханда мегирад. Кӣ ба инҳо мӯза медиҳад? Амирашон барои худаш мӯза кофта гаштааст. -Ва хандида илова кард:- Хазинаро бо ду дасти адаб доду акнун мӯза кофта гаштааст.

– Ротаи моро ба хазинабарорӣ роҳ надодед, ҳоло ҳам дилам алам дорад.

– Шуморо роҳ медодем, нимашро медуздидед,-гуфт Чернов ва ақиб гашта дар домани кӯҳ ротаи хизмати ақибро дид, ки аллакай анҷомҳояшонро ба уштуру аробаҳо бор кардаю ба роҳ даромадаанд. "Майлаш, дер намонанд, хуб аст." Рамаи молашон ҳам ба кӯҳ часпидааст. Дар рама бузу гову гӯсфанд омехта аст. Тошев Чиллаи бухорӣ сардори рота аст. Ҳангоме ки Муҳаммадшариф ӯро овард, ба Чернов маъқул нашуд. Марди қадбаланду сияҳҷурдаи дағалсимо. Чилла, мисле ки бо ӯ шинос бошанд, кушодарӯёна гуфт: "Рафиқ камандир, ба шумо маъқул нашудам, лекин корро шурӯъ кунем, маъқул мешавам". Суханаш дуруст баромад, баъд маъқул шуд: корҳоро ба фаҳмиши худ, ба хубӣ анҷом медиҳад, хӯрокаш батаъм. Марди ростқавл ва хушбин аст. Бо бригада зуд унс гирифт. Молро раҳораҳ худаш мехарад. Пулро ҳукумати Бухоро ба Чернов дод. Чернов ба Чилла баргардонд. "Ту медонию бозор"гуфт. Лекин табибе ки ба бригада ҳамроҳ карданд, номашро Карим-ака мегӯянд, ба кораш усто менамояд. Дар роҳ пой ё дасти касе мебарояд, захмӣ мешавад, ё шамол мекашад, доруҳояш зуд даво мебахшанд. Вай тарзи табобати худашро дорад. Аввал беморро пурсуҷӯ мекунад "Чӣ хӯрока нағз мебинӣ? Дар як рӯз чанд маротиба пешоб мекуни?" Яъне миҷози беморро муайян кардаю пас дорую дармон мекунад. Аммо ин усулҳо дақёнусианд. Ҳоло тарзи табобат дигар аст. Ба хусус дар сафарҳои ҷангӣ духтури хондагӣ лозим аст, на табиб. Дар штаби Бухоро Черновро гусел карда гуфтанд, ки шумо равед, аз Тошканд духтур талаб кард мефиристем. Аммо ҷанг шуруъ шудаасту ҳоло ҳам аз духтур дарак нест. Ӯ аз паҳлӯи арчаи шохҳояш бурида ва зардшуда гузашта дид, ки даҳ-бист қадам баландтар Ершов ва сарбози фарбеҳе аз ротаи Загорский аспҳоро савор шуда, аз пайраҳа уреб мераванд. Каҷиеро гузаштанду ба аспи сарбоз тир расид. Асп ақибсуна шишт. Сарбоз худро партофт, дарҳол пай набурд, ки чӣ воқеъа рӯй дод. "Туруқ, туро чӣ шуд?"- гуфта аспро қамчин мезанад. Асп дастонашро рост гирифта мехезад ва боз ба ақиб мешинад: барфи ҷойи шиштааш аз хун сурх шудааст. Тир аз наздикии дум даромадааст. Сарбоз чӣ кор карданашро надониста, лаҳзае ҳайрон монд. Пас зертангу забартангро кушод зинро гирифта як тараф монд. Аз сари асп лаҷомро бароварда, ба китфаш андохт ду қадам заду баргашта лаҷомро ҳам партофту дигар ба пасаш нигоҳ накарда рафт. Ершов бошад аз асп фуромада, хам шуда чорпо роҳро давом дод.

Загорский нигоҳаш ба Руднев афтиду овоз дод:

– Евгений, ба ту осон, асп нест, ки кашол кунӣ.

– Хурсандӣ, ки аспи маро заданд? Ҳоло аспи худат калапо шавад, пас мефаҳмӣ хурсандия.

– Ту гапро ба қаҷӣ набар, ба даҳонам омаду гуфтам.

– Ҳар чизи ба даҳон омадаро намегӯянд.

– Евгений, аввалин аспи ба дасти бачаҳои ротаи мо афтидаро ту мегирӣ.

– Гӯй, ки аспи амир Олимхонро гиранд, дигараш даркор нест.

– Тири ин даридачашмҳо фақат ба ҳайвонҳои безабон мерасад,-бо овози баланд ғур-ғур кард Семёнов. Аз байн ду дақиқа барин гузашту аспаш аз гардан тир хӯрд. Ва гӯё сахт тозиёна хӯрда бошад, фаххос зада чорпоя шуд,

пас ба паҳлӯ афтида ва ба поин ғелид. Гоҳе хестанӣ мешуд, аммо наметавонист. Семёнов лаҷомро сар надода, ҳар дам болои вағничу хорбутаҳои тар ва барфнишаста афтидаю хеста аз пасаш мефурояд. Онҳо тез ба ҷарии ду-се қадам сафедор баланде, ки зови поёнаш то қади таксой меравад, наздик шуданд. "Сар деҳ! Дима! Сар деҳ!!!"- дод зад Чернов ва худаш ҳам парто-парто тохтаю ғеҷида ва нигоҳашро аз Семёнов наканда, поён фуромад. Семёнов лаҷом дар даст шохи овезони хореро дошта, ист кард. Аспаш ҳам як ист кард ва ҳамоно гарданашро сахт силтав дода хестанӣ шуд, ки лаҷом аз дасти Семёнов хато хӯрд. Аммо асп дар замини қиравгирифта ба паҳлу афтиду ин дафъа башаст ғеҷида рафта, дар ҷарӣ нопадид гардид. Ва ин кор чунон тез рӯй дод, ки ҳама ҳайрон монданд. Охирин лаҳзае, ки дар хотири Чернов монд, чашмони калони кушодаи асп буд. Мисле ки сӯйи Семёнов бо маломат нигоҳ мекард. Семёнов сари ҷарӣ рафтанӣ шуд, ки Чернов ба ӯ расида, аз дасташ дошта: "Лозим не! Дима, мон! Рафтем!" гуфт.

Семёнов хомӯш дасташро пас кашид, арақи сарурӯяшро пок карда, дунболи ӯ равон шуд. Бо панҷаҳои хунравон тугмаҳои нимтанаашро боз кард. Лабҳои парсинг бастааш мепариданд. Дар рӯяш ранг намонда буд. Ҳангоме ки ба пайраҳа баромад, тез-тез нафас гирифта, бо овози хаста гуфт.

– Бинам, куҷо рафт...

– Охир, чиро мебинӣ? Ҷари аз сад метр ҳам зиёд, поёнаш таксой меравад. Он ҷо ғеҷон...

– Ба ин асп одат карда будам,- Семёнов роҳро давом дод. - Мисли рафиқам буд. Ӯ истода ба пеш нигариста афзуд:- Дар ҷойҳои мо мурдани аспи ҷанговарро фоли бад медонанд.

– Димитрий Попович, инҳо гапҳои кӯҳнаи хурофотӣ! Чернов ӯро дилбардорӣ кард.

Ин дам Швирков Володя омада пешниҳод кард, ки аспашро савор шавад. Семёнов ба ишораи "лозим не" сар ҷунбонд. Онҳо ба арчазор гузаштанд. Дурро дидан намешуд. Шамол зарраҳои барфро ба чашм мезад. Чернов худро ба паноҳи бурси калоне гирифта, мушоҳида кард, ки як гурӯҳ аскари амир тор кӯҳро гузашта мераваду як қисм аз сой баромада, сӯйи онҳо тирпаронӣ мекунад. Дудкин аз пулемёташ аз паҳлӯ оташ кушод, ки онҳо мисли рамаи гургзада парешон шуданд. Баъзеҳо чорпо шуда мегурезанд, баъзеҳо саргум монда, поён медаванд ва ба тири ачал, ки аз рӯбарӯяшон равон аст, бармехӯранд. Дар тарафи рост як гурӯҳ сарбозони худашон аз даруни хору буттаҳои барфгирифта гузашта ба қулла наздик мешаванд. Бештари онҳо аз взводи Манучеҳранд. Худаш пеш-пеш меравад. Ҳар дам пас гашта ёронашро ҳадаҳа мекунад. Баъзан кадомеро ном гирифта ришкашак мекунад. Манучеҳр ҷавони нотарсу бағуруру аст. Ҷояш ояд, бачаҳои взводашро ҳимоят мекунад. Лекин касе, ки тарсӣ нишон диҳад, сахт лату кӯб мекунад. Чернов чанд маротиба огоҳ кард, ки аз рӯи устав сарбозро задан мумкин нест. Ин чиноят аст. Сар меҷунбонаду гур-гур мекунад: "Рафиқ командир, халқи мо то ду кӯрмушт нахӯрад, ба ҳуш намеояд. Инҳоро табармусулмон мегӯянд."

Поёнтар аз Манучеҳр сардори ротаи 2-юми мусулмонӣ Исматов Давлат сарбозонашро ҳадаҳа дорад. Ӯ пеш дар шӯъбаи милиса кор мекардааст. Вай ҳам чавони дилпур менамояд. Чернов андешид, ки "Манучеҳр чанговари хуб шудааст. Ҳамаи взводаш чавонони хуб. Дар чанг аз русҳо камӣ надоранд. Мегӯянд, ки ин мардум рӯҳияи силаҳшӯрӣ надоранд. Гап дар шароит ва тарбият аст." Ӯ дар наздикии тори ағба саги сафедеро дид, ки аккас задаю ба қатори сарбозон тохта, пеш меравад. Гумон корд, ки саги чӯпоние инҷо омадааст.

Ба сари ағба наздик шудани дастаи Манучеҳр ба дигарҳо илҳом бахшид. Хоки замини сари ағба лағжонак аст. Ин ҷо шибоқу тоғун зиёд аст. Ҷанговарон аз якдигар ақиб намонем гуфта, тез ҳаракат мекунанд. Ба назар менамояд, ки ҳатто ҳаракати аспҳо дигар шудааст. Онҳо ҳам меғечанд, меафтанд, фукашон ба замин мезанад, қасар-қасари сулукашон мебарояд ва боз саросема хеста, кӯшиш мекунанд, ки аз соҳибонашон ақиб намонанд. Ҷонварҳо наздик шудани ғалабаро ҳис кардаанд.

Эркатулфори Манучеҳр дар ҳамин ҷо ҳам мулоимхунукӣ дорад. Ҳар лаҳза тӯруқи Амонро газидан мехоҳад. Дар ин асно Мухаммадшариф хабар овард, ки Дудкин тир хӯрдааст.

– Тир хӯрдааст?! Гриша? Аҳволаш хуб аст? - Чернов рӯйи ҳам савол дод ва афтидаю хеста ҷониби теға шитобид. Ершов ҳам овозаро фаҳмида, давида омад. Аллакай дар назди Дудкин чанд нафар ҳамяроқон ҷамъ омадаанд. Сергей Таратухин аз дастаи тӯпчиҳо куртаи тагашро даронда ҷароҳатро баст. Онҳо пештар шинос будаанд. Чернов аз чашмони беҳоли Дудкин пай бурд, ки аҳволаш хуб нест. "Зуд ба ароба бор карда ба беморхонаи Когон баред", гуфт.

– Ба роҳи дур бурда намешавад,-Ершов сар меҷунбонад ва Чернов аз оқибати кор пай мебараду рӯи Дудкин хам мешавад. Тир аз гардан даромадааст. Либосу дасту рӯяш ҳама лойолуд.

– Гриша, азизам, ин ғалабаро ту кардӣ, ту роҳ кушодӣ!- гуфт Чернов ва ҳис кард, ки кор аз кор гузаштааст. Зарраҳои барф ба чеҳраи сафедшудааш нишаста, ба зудӣ об намешаванд. Наход... Чернов пеши фикрашро медорад. Дақиқае пас аз дилаш гузашт, ки чанговарон дар теға ӯро интизоранд. Ба ду нафар фармуд, ки Гришаро ба ароба бор кунанд. Раҳораҳ овози Ершов ба гӯшаш расид: "Ин чӣ гуна барф аст! На дурусттар меборад, на бас мекунад!"

Дар наздикии теға дар ҳар тараф мурдаю мачрӯҳони қӯшуни амир ба назар мерасанд. Аз ҷониби худашон ҳам чанд мурда хоб аст. Дар болояшон барф нишастааст. Агар ин шаб барф зиёд борад, дигар то баҳор намехезад. Аз қади одам ҳам баланд шуда хоб меравад. Баъзе мачрӯҳон дар болои барф, ки аз хунашон сурх шудааст, нишастаю бо овози баланд гиря доранд. Либосҳои аксари сарбозон шип-шилта шудаю ҷое лой, ҷое хунолуд аст. Баъзеҳо бо сари бараҳнаву пойлуч. Маълум, ки кафшҳои чӯбин аз пойҳояшон афтидаанд. Аз афташ, хунукиро ҳис намекунанд. Нигоҳҳояшон бетафовут. Ба марг тан додаанд. Муҳаммадшариф тез-тез қадам зада омад. Чернов аз ҳавои омаданаш аз ҳоли Гриша воқиф шуд. "Фармудам, ки мурдаро бор карда то таги ағба фуроранд",- хабар дод Муҳаммадшариф.

Чернов ба аломати ризо сар ҷунбонд ва назараш ба сарбози чашмонаш баромадаи сафедрӯйе, ки байни мачрӯҳҳо гашта, онҳоро тир мезад, афтид ва тозиёнаро бардошта ӯро қариб мезад.

– Гум шав аз назарам, разил! –дод зад ба сараш.- Рав кората кун! - Ва дар дил тасдиқ кард, ки аз дастаи Загорский аст.

Бригада нисфирӯзӣ ағбаи Оққӯталро убур кард... Баъд аз ду соат ҳама ба поёни ағба фуромада, боз каме роҳ гашта, ба работе расиданд, ки болорҳои бурс дошт, сақф ҷое фурӯ рафтаву оби барф рехта, фарш ях кардааст. Саҳни пешро бо шохбаст маҳкам карда, ҷойи молпанаҳ кардаанд. Дар даромади работ ду хоначаи сангин ҳаст. Дар надоранд. Дохилашон бӯи порую намади сӯхта мекунад. Чил-панҷоҳ қадам поён ду чашма ҳаст, ки як даҳанаӣ об доранд. Поёнтар ҳарду якҷоя мешаванд. Дар ду тараф заминҳои корам ва барфпӯш хобанд. Ҳоло барф мондааст. Ин тарафи ағба зиёд боридааст, ки, ба қавле, сари хас наменамояд. Ҳаво хунук аст.

Чернов дар назди Пётр, ки пуштанги аспашро суст мекард сагро дида табассум кард.

– Пётр, ин сагро харидӣ?- пурсид ӯ.-Дар тори ағба ин ҳам аз паси душман дӯғу пӯписа дошт.

– Босмачиро бисёр бад мебинад,- ҷиддӣ шуд Пётр.

– Инҳо ҷӯраҳои қадим, нав ҳамдигарро ёфтаанд,- гуфт Манучеҳр.- Номашро Белий мегӯяд.

– Рост, ӯро дар деҳае, ки шаб хоб рафтем, дидам,- гуфт Пётр.

Чернов аз Муҳаммадшарифу Семёнов, ки бо ҳам суҳбат доштанд, пурсид:

Шабро дар ҳамин ҷо ба рӯз барем, хуб нест? Аз он ки пеш рафтаю мабодо дар бевақтӣ бечой монем?

Муҳаммадшариф ба атроф зеҳн монд: замин, хору арчаҳои қади дара ҳама барфпӯш. Болои сангҳои хона барини ду тарафи сой низ барф қади зону хоб рафтааст. Аз фикре, ки шаб ин ҷо мемонӣ, дилатро тарсу ваҳм фаро мегирад. Аллакай аз ҷониби ағба шамоли сарди бегоҳӣ беист ғув-ғув мевазад.

– То Бойсун боз се-чор соат роҳ аст, - мегӯяд Муҳаммадшариф ва ночор меафзояд: -Монем хубтар, шамолпанаҳ...

Семёнов чизе нагуфт. Аз замоне, ки аспаш ба ҷарӣ рафт, болу параш шикастааст. Онҳо работро чарх заданд. Нигоҳи Чернов ба аробаҳои ротаи хизмати ақибгоҳ афтид, ки аллакай нисфи ағбаро фуромадаанд. Дар аробаи пеш мурдаи Гриша Дудкин бор аст. Дили Чернов таҳ мезанад. Дирӯз ҳамин вақти рӯз буд, ки мо дар теппаҳои пурлойу лағжони он сӯи ағба ҷойи шинак мекофтем. Дасту панҷа либосҳомон то ним тару лой. Лекин, Гирша, ту хурсанд будӣ, ки шинакҳои хуб сохтем. Бо ханда мегуфтӣ, ки рафиқ камандир, баъде, ки мошинҳои мо ба кор даромаданд, он тараф кор ҳал шуд гӯед. Ва гуфтаат баромад. Аммо чӣ шуд, ки роҳатро дигар кардӣ?

Муҳаммадшариф аз пас қадам зада, ба тариқи маслиҳат илова кард:

– Барои Гриша ҳамин ҷо манзил кунем-чӣ? Аз он ки ба ароба бор карда, мебарем... Насиб бошаду пагоҳ ба ҷанг дароем... Ба ҳар ҳол ҷанг-ҷанг аст.

Чернов розӣ шуд. Дуртар аз роҳ зери чиноре қабр канда, бо иззату ҳурмати ҳарбӣ Дудкин Григорий Викентевичро ба хок супурданд.

Саранҷом хару хачирҳои ротаи хизмати ақибгоҳ ҳам расиданд. Ба назари Чернов чунин намуд, ки хачирҳояшон кам шудаанд. "Яқин дар ҷариҳо афтидаанд." Ҳамакаса работро аз барфу пору тоза карданд. Яхашро лахта-лахта канда берун партофтанд. Яке аз хоначаҳоро вайрон карда аз чӯбҳояш оташ дардоданд ва ба яке мачрӯҳонро - ҳабдаҳ нафар тир хӯрдаҳоро, ки дар аробаҳо боранд, ҷой доданд. Аз рӯйи хабари рафиқон мурдаҳо камтаранд. Дар чанд ҷой гулхан гиронданд. Ҷанговарон дар атрофи гулхан либос хушк кардаю ба ҳазлу шӯхӣ пардохтанд. Гармии оташ ҳама ташвишу азобҳоро аз ёд бурд.

– Иқлими кишваратон мисли қӯдаки эрка аст. –Семёнов гарданашро молида, нигоҳашро аз Манучеҳр намеканад. - Як рӯз намедонӣ аз гармӣ саратро ба куҷо занӣ, рӯзи дигар мебинӣ, ки ҳама ҷо барфу ях.

– Рафиқ лейтенант, ба марги аспат зиёд азодорӣ накуну чеҳратро кушо!- гуфт Манучеҳр бо ҷиддият. –Ба Бойсун, ки расидем, худам бароят асп меёбам. Аспи хатлонии мо аз аспи донии шумо як сару гардан боло аст.

– Аспро чашми ту гирифт,-Семёнов наздиктари оташ рафт.

– Дар мо як масали кӯҳна ҳаст,- гуфт Манучеҳр, -"Моли нағзат мурад, хурсанд шав," -мегӯянд.

Аз ҳар тараф садо баланд шуд.

– Далел!

– Таъбир кун.

– Хуб, гӯш кунед,-Манучеҳр овоз баланд кард. –Рафиқи кӯдакии Довуд пайғамбар, наздаш омада, илтиҷо кард, ки забони сагу хурӯсро ёдаш диҳад. Хуб ёд дод. Боре дастархонро афшонд, ки як пора нон афтид ва то саг анамана кард, ки хурӯс онро бардошта дуртар бурда, тез-тез нӯл зада хӯрд. Саг ранҷида, гуфт: "Худат медонӣ, ки ин чашмгуруснаи хӯҷаин се рӯз шуд, ки ба ман чизе надодааст. Ҳамон пораи нонро барои ман мемондӣ. Ба ту дон ёфтан осонтар. "Суханат ҳақ,- гуфт хурӯс ва хабар дод, ки баъди се рӯз аспи хӯҷаин мемурад. Ана пас хона пури гӯшт мешаваду шикамсерӣ мехӯрӣ".Ин суханро хӯҷаин фаҳмиду фавран аспро бозор бароварда фурӯхт. Саг аз ҳол воқиф шуда хурӯсро хуб таъна кард: "Шумоён пушт ба пушт каззобу дурӯғгӯед! Дар ними шаб, "субҳ шуд!" гуфта мардуми хобро мехезонед." Хурӯс гуфт: "Ҷӯра, ту саросема нашав. Хӯҷаин намонд, ки асп мурад, кори хуб накард. Акнун уштураш мемурад". Ва хӯҷаин ин суханҳоро шуниду уштурро бурда фурӯхт. Саг боз ба таънаи бештар пардохт. Хурӯс гуфт: "Ин чашмгуруснаи хӯҷаин ба худаш бад кард; акнун худаш мемурад." Хӯҷаин назди Довуд пайғамбар рафта, воқеъаро баён кард. Довуд чунин ҷавоб дод: "Ошно, чӣ хатое кардию соҳиби осмонҳоро ранҷондӣ, ки санги қазоро ба сари аспат ҳаво доданд. Ту ба таврат доноиятро нишон дода аспро фурӯхтӣ, ки санг ҷониби уштур гашт. Ту бошӣ, ба ҷои ибрат гирифтану тавба кардан якравӣ карда, боз ҳам нагузоштӣ. Акнун он санг гашта ба осмон намеравад. Ногузир аст, ки ба сари худат занад." Ва ту ҳам, рафиқ лейтенант, азо нагир, баръакс хурсанд шав, ки он балои аз осмон омада ба аспат зад.

– Оқибати кори хӯчаин чӣ шуд? Мурд ё не?- савол дод кадоме.

– Оқибати кори вай ба ману ту дахл надорад,- Манучеҳр оташро худаш кашиданӣ шуд.- Аммо оқибати кори рафиқамро медонаму ки вай тиру шамшер асар намекунад. Ҳатто тири дайду дилу гурдаи т омадан намекунад.

– Ҳикояи хуб,-гуфт Семёнов нигаҳашро аз Манучеҳр наканда,- дилам шуд. Лекин ваъдаи аспи хатлиро фаромӯш накун.

Руднев ҷониби Манучеҳр истеҳзо кард:

– Мирзоев, ту аввал ба старшина асп ёб.

– Дар ҷои мо старшина харсавор мегардад.

– Наёфтӣ, аспи худатро мегирам.

– Аспи вай аҷали муаллақ аст. Аз санги ӯч ҳам мехӯсад,-гуфт Загор аз ҷайбаш дафтару қалам гирифта аз Манучеҳр пурсид.

– Боз ҳамин гуна ривоят медонӣ? – Вай агар ривояте шунавад, ба д менависад, ёддошт мекунад.

– Мо китобе дорем "Маснавӣ" ном, ки саршор аз чунин ривоёту м олӣ аст.

Чернов дигар ба гуфтугӯи ҷанговарон гӯш надода, танҳо атроф зада, то наздикии дарахти чинори сершох рафта, пас ақиб гашт. Наз сарбозоҳои қади сой афтид, ки тахмин панҷоҳ нафар аз ротаи мусулмонӣ соҳили яккарда остин барзадаю шимҳоро фароварда, таҳорат доранд. Ӯ Муҳаммадшариф, ки ба аспҳо беда мепартофт, шиддат кард:

– Инҳо девона шудаанд? Дар ин хунукӣ зарур аст, ки дар оби як кардан? Нав аз ағба фуромаданд. Танашон ҳоло гарм!

– Бе таҳорат намоз хондан намешавад,-Муҳаммадшариф механдал саросемаанд, ки намози аср қазо нашавад.

– Об хунук не, мегӯяд сарбозе оби оринҷҳояшро пок карда.

– Қазо хонанд чӣ? -пурсид Чернов

– Дар вақташ хондани намоз савоби бештар дорад.

– Задани душманро ёд гиранд, савоби ҳарду олам дар ҳамон.

– Қазо хондани намоз мисли он аст, ки ҷомаи навро аввал ш бипӯшӣ,- Муҳаммадшариф аз таҳоратгарҳо чашм намеканад.

– Баъзе ҳилаҳо доред-ку! Даст дар хок задаю маҳс мекунед. Ҳам нанд, хуб нест?

– Таяммумро мегӯед. Таяммумро дар ҷойи беоб мекунанд. Ин ҷо чашмаи оби равон.

– Аслан дини исломро мушкилу нофор кардагӣ шумо, суннатиҳо! С мешаваду шумо суннати бобоӣ гуфта ҷон медиҳед! Охир "дин ақл аст" анд! Либосҳояшонро хушк кунанд, ақаллан. Агар ягон нафараш бемор ҳамаро пеш мекунам. Армия ҷои панҷ бор таҳорату панҷ вақт намоз Армия майдони мардию хунрезию қаҳрамонӣ нишон додан аст.

– Александр – ака, нерӯи эътиқод наменамонад, ки инҳо касал шаванд ки дар намоз рӯбарӯ ба Худо меистӣ, аз хунукӣ заррае дар тан на Баръакс, оромию роҳат ҳис мекунӣ.

– Инҳо бояд баъди ҷанги имрӯза як пиёла арақ нӯшанд, баданашонро ғарбият кунад, фикри ҷанги пагоҳро кунад. Эҳ мусулмонҳо...

Онҳо аз ҳам ҷудо шуданд. Рӯзи дигар Муҳаммадшариф дар пешобдонаш дард ҳис карду аз фикраш гузашт ки сухани Чернов ҳақ аст. Дар вақти ҷанг ҷанг мекунад на ин ки намоз хонӣ.

Чернов аз назди суфае, ки атрофашро девор бардоштаанд гузашту чашмаш ба Манучеҳр афтид, ки бо ду нафар як тӯда бузу гӯсфандро ба заминҳои барфпӯш ҳай карда бармегаштанд. "Яқин, ҳангоми аз ағба фуромадан дар наздикиҳо рамаеро дида, ба сараш рафт. Дар феълаш, ки дуздӣ ҳаст, як-як рӯ мезанад. "Феъли бо шир даромада бо ҷон мебарояд." Агар пурсӣ, ки чаро дуздӣ кардӣ? ҷавобаш чунин аст: "Рафиқ сардор, лаззати чизи дуздӣ дигар аст." Ба хотири Чернов рӯзи дар Самарқанд шинос шуданашон расид. Ҳарду аз боби сарбоз шуданаш гапзанон карда, аз заводе, ки кор мекард, берун меомаданд, ки касе аз пас садо кард: "Дар бозорҳо дуздӣ карда мегаштӣ! Ин ҷо оварда одамат кардам." Манучеҳр ҳам паст наомад: "Аз ин кори бемузди ту дуздиам беҳтар буд." Аз он вақт якуним сол гузашт. Манучеҳр ҷавони дилпур баромад. Дар ҷанг рафиқашро танҳо намегузорад. Муҳимаш ҳамин. То ки ӯ шарм накунад, Чернов худро нодида ангошта, дохили ҳота шуд. Дар байни маъюбони навоварда, ки дар атрофи оташ хӯрҷину шинелҳоро партофта нишастаанд, Ершов ҳам ҳаст. Дастонашро ба оташ доштаю бо овози баланд чизе мегӯяд. Чашми Чернов ба сарбоз Сафаров Юсуф афтод, ки бо ҳоли зор якпаҳлӯ асту об талаб мекунад. Дасту рӯю либосҳояш лойолуд. Ҷомаи шип-шилтааш дар китфаш овезон. Хабар доданд, ки ҳангоми ағбаро баромадан тир ба шикамаш даромадааст. Табиб Карим-ака захми Юсуфро бо хлорофом шушта, ким -чигуна равған молид.

Чернов ҳамаро як-як пурсида, дасти Сафаровро дошта, ба рӯяш зеҳн монда гуфт:

– Додар, тоқат кун. Пагоҳ Бойсун дароем, он ҷо мо беморхона дорем. Духтурҳои мо ин гуна захмҳоро зуд табобат мекунанд.-Ва ҷомаи тарро аз китфаш гирифта, ба Муҳаммадшариф ишора кард, ки шинели эҳтиётиашро оварда, ба китфи Сафаров партояд. Мушоҳида кард, ки пеши мӯзааш даридаю пайтобааш мисли забони саг кашол аст. Аз ҳисси хиҷолатмандӣ нигоҳашро дигар сӯ тофт. Боз чанд нафарро дид, ки низ, мӯзаашон дарида буд. Дар дил қарор дод, ки дигар ҳеҷ гоҳ дар зимистон бе сару либоси гарм қӯшунро ба роҳ намебарорад. Ин сафар барояш дарс шуд.

Табиб Карим-ака ошуфта менамуд. Ӯ саллаи фарсудае дорад. Аз болои ҷома миёнашро бастааст. Сарбози лоғарандоми ба сараш тир расидаро дору карду пас ба хона даромад. Имшаб кори вай бисёр аст.

Баробари торикӣ фуромадан "рафиқ"и Пётр- Белий масъулияти посбониашро бештар ҳис карда, гоҳ ин тарафу гоҳ он тарафи работ давида, аккос мезад. Гӯё атрофро огоҳ мекард: "Ҳой, ин ҷо соҳиб дорад!" Гоҳ ҷониби заминҳои поён, ки барфи баланд доранд, рафта меомад, пас дуртар аз давра истода маҳин овоз мебароварад. Хабар медод, ки баҳузур бошед, атроф тинҷ аст: ду-се дақиқа истодаю боз ба атроф тохта мерафт. Кори сагро дида "шабона посбон мондан лозим нест" мегуфтанд бачаҳо.

Манучеҳр шӯрбо оварда, сари Юсуфро бардошта, лаби косаро ба дошт. -Ман нав аз ҳолат огоҳ шудам. Амон хабар дод, - гуфт, овозаш ме

Юсуф шӯрборо як бор ошомиду сулфааш гирифт ва шикамашро до нолиш "бар, намехӯрам" гуфт.

Чернов Манучеҳрро бо ишора дуртар бурда пурсид:

– Арақ мехӯрад?

Манучеҳр ба ишораи "не" сар ҷунбонд. Ва илова кард.-Табиб ди тааст, ки ҳолаш хуб нест.

– Вай табиб ингуна ҷароҳатҳоро надидааст.- Як пиёла арақро пур маҷбур деҳ. Тавонӣ, ду пиёла деҳ, фоида дорад. Доруи иштиҳо гӯй.

Чернов лаби оташдони назди хона ҷой гирифт. Чойҷӯши Мухамма дар ҷӯш аст. Муддате гузашту кабоб оварданд.

– Ин гӯшти гӯсфанде, ки Манучеҳр харидааст,- гуфт Загорский ва ба нигарист.-Худаш куҷо рафт? Мепурсидем, ки пулашро дод ё баъди медиҳад?

Муҳаммадшариф як пиёла рӯғани таги кабобро назди Чернов гузошт

– Александр-ака, ҳаминро нӯшед, то пагоҳ хунук намехӯред.

– Худат ҳам менӯшӣ?

– Ман аввал бо чой ташнагиамро шиканам.

Бештари сарбозҳоро баъди хӯрок зуд хоб бурд.

Чернов ба Загорский фармуд, ки *дар атроф посбон монад.*

– Александр Николаевич, дар чунин аҳвол кӣ ба ин ҷо меоял? Х бандед, намеистад.

– Ман ба хирс кор надорам,- Чернов шинели дар китфаш партофтаро Низомнома посбон мон мегӯяд, вассалом. Ӯ атрофро чарх зад. Ба назар яд, ки сафедии барф шабро рӯшан кардааст. Аз ҷониби ҷангале, ки дар рости ағба доман паҳн кардааст, ҳар гуна садоҳо шунида мешаванд. Аз он ҷо шамол сахт мевазад. Ҷанговарон назди оташ гурӯҳ-гурӯҳ ба ҳам шудаанд, баъзеҳо дароз кашидаанду баъзеҳо сӯҳбат доранд. Ду-се гур девори хонаҳо хобанд. На парвои шамол доранд, на парвои замини ях ширини ҷавонӣ бар ҳама чиз пирӯз гаштааст. Дар гӯшаи дигар ҷанг солманд оҳиста ва ба навбат аз шаҳрҳое, ки тасарруф карданд, вок ҷойҳо рӯйдода ва аз хуторҳояшон гуфтугӯ доранд. Дар давраи дигар ба ҷангҳои бо генерал Дутов кардаашон ва оқибати кораш, ки гӯё ба се ҳа ба Чин гурехта он ҷо аз гуруснагӣ азобу азият мекашидаанд, сӯҳбат м Полки мусулмонӣ (он ҷо бештар бухороиҳоянд) дар кунҷи ҳота ҷо гир Онҳо бо овози баланд гуфтугӯ мекунанд. Ҳезум фаровон, оташ забона Чернов қадамашро суст карда ба сӯҳбаташон гӯш медиҳад.

– Бовар кунед, ними армияи амир бухороиҳоянд.

– Ҳама гурезаю аламдорҳо ҷамъ шуда ба ҷанг омадаанд. Писар Абдулазиз Шоҳмуродро дар пайраҳаи охири ағба дидам, ки салла мегурезад. Ба пояш нишон гирифта андохтам, нарасид.

– Чаро ба пояш? Ба тахтапушташ мезадӣ. Зани ҷавонаш бева мемон овоз механдад) Кошки дар Бойсун ба дастам афтад.

дуди сиёҳи ғафс ба осмон мебарояд. Барфи бомҳоро ки пок кардаанд, сиёҳ менамоянд, боқӣ атроф чунон сафед аст, ки чашмро мебарад. Аз ҷониби деҳа ду нафар аспсавор меоянд. Дар паси яке духтаре нишастааст.

– Ана, боз барои амиратон тортуқ омад,- Фёдор хандид.

Мансуру Фёдор аз пайраҳа ба роҳи калон тоб хӯрда, аз рубарӯи сафаракиҳо рафтанд. Марде, ки дар пасаш духтар нишаста буд, тахмин чилсола асту дигаре ҷавонтар, таги чашми ҷавон сиёҳ аст. Маълум, ки шаллоқ хӯрдааст.

– Ҳамшаҳриҳо, сафари кучо доред?-пурсид Мансур.

Дар ин асно духтар фаранҷиашро боло карду назари Мансур ба чеҳраи сафеди кӯдакона ва чашмони аз гиря сурхшудааш афтид. Ӯ, мисле ки имдодталабона ба Мансур менигарист.

– Ба назди Ҷаноби Олӣ амир Олимхони баҳодур равонаем,-гуфт мард. -Оҷизаамонро, ки амонатии он кас аст, бурда месупорем.-Дар нигоҳ ва оҳанги гуфтори мард ифтихор ҳис мешуд.

– Ман амлокдори ин деҳа,- худро шиносонид ҷавон.

– Чаро амонат? Гаҳворабахш буд?-пурсид Мансур.

– Замини Ҳисор, балки ҳамаи моли аморат аз амирам аст. Мо амонатдори он касем,- гуфт мард.

Фёдор ҷониби Мансур нигарист. "Гуфтам, ки бояд халқатона дигар кунед!" мегуфт нигоҳаш.

– Як моҳ зиёд шуд, ки бо ҳидояти беки Ҳисор Авлиёқул удайчии Ҷаноби Олӣ ҳастам,- афзуд мард.-Дар ҳамон рӯзи аввал ният кардам, ки ин рӯпӯшидаам ҷорӯбзани даргоҳашон бошад.

– Худат ният кардӣ ё Авлиёқул дар забонат монд?

Мард ҳайрон шуду ба ҳамраҳаш нигарист. Гӯё саволро аниқ кардан мехост.

– Ин ҷиҳати масъаларо фаромӯш кардааст,-хотиррасон кард Фёдор.

– Гӯш кун, ошно! Духтари бечораро дар даҳони аждаҳо напартою назди модараш бар,-гуфт Мансур ва аз андешае, ки мабодо хабар ба амир расад, ба дилаш тарс афтод. Вале зуд худро ба даст гирифт.

– Шумо худро зомини ризқи амирам накунед,-гуфт амлокдор. Ӯ бештар ҷониби Фёдор менигарист.

– Дар байни халқи мо ҳастанд ҳамин гуна зотҳои паст ва лаъин, ки эшону муллои лаққиро бинанд, ё ба гуфти худашон "воизеро", духтар аст ё писар, ҳадя кардан мегиранд. Мисле ки хар ё аспро ҳадя мекунанд: "Гиред савор шуда гардед, ҷонамба занед!"- гуфт Мансур ҷониби Фёдор. -Шумо рост мегӯед, ки содагии халқатон аз бесаводӣ аст. Ва худаш ҳам нав дарк кард: одаме, ки бесавод аст, аз наҷобату мардӣ ҳам бенасиб мешудааст. Хари боркаш будаасту бас. Ӯ боз ба сафаракиҳо чанд сухане радду бадал карду саранҷом ба шиддату нафрат гуфт:

– Эй аблаҳ, Ҷаноби холиат пагоҳ ё фардо ба кадом гӯр мегурезад! Ё русҳо дошта ба дораш мекунанд! Фаҳмидӣ? Духтарро баргардону ба ягон ҷавони худаш мехоста ба шавҳар деҳ!

Мард дамаш дарун зад. Амлокдор мехост чизе гӯяд, ки Мансур фурсат надод:

– Ҳар кас пурсад, ки чаро баргаштед, гӯед: одамони амир гуфтанд, ки баъди як ҳафта биёед. Зуд гашта равед! Зуд!

– Ҳамроҳатон рус аст?..-Пурсид амлокдор.

– Ҳа. рус. Ёрдамчии амир,-гуфт Мансур.

Ин сухани дурӯғ таъсир карду тортуқбарҳо лом нагуфта, аз роҳ гаштанд.

– Кори савоб кардӣ, як духтарро аз чанголи аждаҳо раҳонидӣ,- гуфт Фёдор ва афзуд:- Агар рӯзро торик карда набаранд.

Онҳо пас гаштанду Мансур гуфт:

– Шумо мақоли хуб доред. "Халқ чи гуна, подшоҳ намуна".

❁ ❁ ❁

Фармони Москва ба-дин мазмун шуд, ки барои маҳв кардани лашкари овозадори амир, ки дар Ҳисор гирд омадааст, қувваҳои ҳарбии ҳукумати Бухоро ва дивизияи 1-уми савораи ҷабҳаи Туркистон, полки 8-уми тирандоз ва батареяи савораи кӯҳгарди Каркӣ якҷоя амал кунанд. Ҳукумати Бухоро полки навтаъсисашро ба ҳайъати бригадаи 11-ум, ки дар Бухоро мустақар аст, ҳамроҳ мекунад.

Сардори бригадаи 11-ум Чернов пеш аз он ки ба сафар барояд, ба ҳукумат муроҷиат кард, ки либоси зимистонаи ҷанговаронро таъмин кунад.

Ҳукумат ҷомаю чакман ва каме нимтанаҳои сиёҳи туркии аз давраи амир мондаро пешниҳод кард. Баъзе сарбозҳои мусулмон аз онҳо гирифтанд, дигарон розӣ нашуданд. Қарор шуд, ки сарулибосро аз пас мефиристанд.

Бригада рӯзи 21-уми декабр аз Бухоро баромада то Қаровулбозор бо поезд омаду пас ба роҳи ағбаи Оққӯтал сӯйи Бойсун ҳаракат кард. Дар наздикии ағба батареяи 1-уми савораи кӯҳгард аз бошишгоҳаш Каркӣ омада, ба бригада ҳамроҳ шуд. Сардори эъзомияи Ҳисор Исоев Игор Леонидович ном марде аз ситоди ҷабҳа таъин шудааст. Вай дар ҷанги Бухоро сардори батарея будааст. Ҳамроҳи полки 3-юми сарҳадӣ аз Каркӣ рост ба Бойсун мерафтааст.

Ҳангоме ки ба таги ағба расиданд, дастаи пешгард хабар оварда, ки баъзе қисмҳои амир аллакай ба сари ағба баромадаанд. Чернов хавотир шуд. Ӯ аз рӯйи хабари шоҳидон ва кордидаҳо медонист, ки сари ағба барои мавқеъ гирифтан ҷойи хуб аст. Роҳ аз байни ду баландӣ мегузарад. Мобайн чун дарвоза аст. Аз ин рӯ набояд гузошт, ки душман дар тори ағба лангар партояд. Аз рӯйи шунидаш дар армияи амир якчанд генералҳои аз инқилоб дилмонда ҳастанд. Агар онҳоро пеш андохта бошанд, кори бригада мушкил мешавад. Мабодо дар он баландӣ хандақ канда бошанд, на тир мегирадашону на тӯп. Ҳоло аэроплан ҳам нест, ки аз тори сарашон зананд. Аз рӯйи хабари Степанов (ӯро дар маҷлиси фаъолон дид) аз ёздаҳ аэроплане, ки ба ҷанги Бухоро омада буданд, ҳафтоаш харобу вайрон дар фурудгоҳи Когон хобанд. Ба шаштояш тир расидаю ҳанӯз дар таъмир будаанд. Яктояш нобуд шудааст. Дар рӯзи сеюми ҷанги Бухоро мотораш аз кор мебарояд. Халабон чолокӣ карда, онро дар кӯли байни Когону Бухоро мешинонад. Баъд онро қисм-қисм карда, ба фурудгоҳ меоранд. Ду аэроплани коромад доштаанд, ки ба фронти ғарби фиристодаанд. Чернов зимни ин андешаҳо ба қароре меояд, ки хубаш дер накарда, ҳозир ба ҷанг даромада, ағбаро гиранд. Шабро дар он сӯйи ағба ба рӯз мебаранд. То он вақт дастаи ҷангии Шеробод ҳам расида меояд. Пас якҷоя ба Бойсун ҳуҷум

мекунанд. Агарчи кайҳо рӯз гашт кардаву, осмонро абр гирифтаю шамол хестааст, Чернов фармони бетаваққуф ба ағба баромаданро дод.

Комиссари двизия дар ин сафар Ершов Николай Харитонович аст. Комиссари пештара Шестакро ба Тошканд, ба ситоди ҷабҳа гирифтаанд. Ершов ба тариқи маслиҳат гуфт, ки шояд ҳуҷумро пагоҳ шурӯъ кунем. Чернов ба суханаш истод: "Ағба чандон баланд нест. Бо асп якуним - дусоата роҳ аст" гуфт. Аммо зову ҷариҳои ағба бисёр будаанд. Роҳҳо лой ва хатарнок шудаанд. Ҷанговарон лағжидаю ғелида, ними ағбаро баромаданд, ки ба тирпаронии башиддат рӯбарӯ шуданд. Аввал старшина Руднев Евгений бо аспаш афтид. Асп аз ҳамвории пушти буттае мегузашт, ки аз ақибтанааш тир хӯрд, ду пояшро бардошта лағат партофт. Старшина парида пештари бутта дар болои замини лой афтид. Асп хестанӣ шуд, ки натавонист, поён ғелид, боз кӯшиши беҳуда карду дар болои лой панҷ-шаш қадам ғеҷида рафта ба ҷарӣ афтид. Пас боз чанд аспу сарбоз чаппа шуданд. Чор асп бо соҳибонашон ба ҷарӣ афтида нобуд шуданд. Маълум, ки аскари амир ағбаро соҳиб шудааст. Чернов вазъиятро ноқулай дида, фармони ақибнишинӣ дод. Аз ағба як аспдав поён деҳаест. Бригада ба деҳа фуромаду Чернов ҳамроҳи маъмурони батарея ва пулемётчиҳо Гриша Дудкин ва Михаил Романенко то вақти говгум дар бағали кӯҳ, дар ҷойҳои мусоид шинак (блиндаж) дуруст кардаю он ҷойҳоро ҳам барои Чернов ва ҳам барои худашон харита карда гирифтанд.

Ҷанговарон пагоҳӣ аз домани кӯҳ паҳн шуда, ба ҳуҷум баромаданд. Аз осмон поға-поға барфи сабук меборад. Замин ҷое сафед шудаю ҷое лой аст. Лекин ҳаво хунук нест. Ними ағбаро набаромада аз ҷониби душман тирпаронӣ шурӯъ шуд. Тӯпҳо мавқеъи душманро гулӯлаборон карданд. Дар ин муддат қӯшун хеле пеш рафт. Як даста сарбозҳои ротаи Загорский ба домани ҷангали паҳлӯи сой расиданд. Худаш ҳамроҳи онҳост. Сойчаеро баромада Загорский дар рубарӯ саги сафеди шиносро дид. Саг уч нишаста забонашро баровардаю тез-тез нафас гирифта ба ӯ менигарист. Дина бегоҳ баъди хӯроки шом ҳамроҳи старшина Руднев беруни дарвоза баромада махорка печонда ин сагро он ҷо дида буданд. Вай наҳаросида ба онҳо менигарист. Руднев хост аз ҳезумҳои паҳлӯи дарвоза чӯберо гирифта ҷонибаш ҳаво диҳад, ки Пётр намонд. "Бубин, чигуна саги сафеди зебост. Шояд гурусна монда ба дари мо омадааст" гуфт ва ба ошхона даромада, устухон бароварда наздаш партофт. Маълум мешавад, ки ба хотири ҳамон некӣ аз пасаш омадаст. "Эҳ нодон, беҳуда инҷо омадӣ. Ин ҷо ҷанг аст, ҷанг! Баргард ба ҷоят",- пичирос зад Пётр нигоҳашро аз саг наканда. Саг дуртар рафта нишаст. Пётр баландтар баромада мушоҳида кард, ки якчанд пулемётчӣ ҷойҳояшонро дигар кардаанд. Як гурӯҳ ба сойчае гузашта, пулемётро то ними ағба баровардаанд. Ӯ Черновро ҳам дид, ки аспаш аз пас саросема қадам мезанад. Дақиқае чанд гузашту Чернов ба ҷои истодаи Загорский расид. Ӯ аспашро ба Муҳаммадшариф дод ва худро ба таги шах гирифта ба атроф зеҳн монд. Барфи хушк борад ҳам, ҳаво сафедабр ва рӯшан аст. Атроф чун дар кафи даст намоён. Дар баландкӯҳҳо ҳанӯз барфи пешина хоб аст. Роҳи ағба ва пайраҳаҳо сафед мешаванд. Дарахтону буттаҳои атроф низ ба тадриҷ сафед мешаванд. Роҳи кӯҳӣ лағжону пурлой бошад ҳам, ҷанговарон сустӣ на-

мекарданд. Дар сойи паси арчаҳо Барасевич Володя ва Швирков Володя ҷое ханҷол задаю ҷое чорпо шуда мебароянд. Ҳарду ҷанговари бағайратанд, аз дастаи Загорский. Ними даста аз пас ҳамчунон ғалтидаю хеста талоши ба сари ағба баромадан доранд. Онсӯтар аз бари теға Сенин Семён бо дастааш ҳаракат дорад, ки қафо намонад. Онҳо аз ротаи Семёнованд. Ин манзара ҳаваси Черновро меорад. Ва худаш ҳам наган дар даст аз тариқи пайраҳа баробари дигарон ҳаллос задаю шитоб мекунад. Аз паҳлӯи Чернов сарбоз Сафаров Юсуф давида мегузарад. Дар танаш ҷомаи тунук дорад, ки шип-шилта тар шудааст. Шиму дасту панҷаҳояш ҳама лой. Аз дарахти хушк асо кардааст. Сафаров аз взводи Манучеҳр аст. Манучеҳр баъди Амону Ҳасани ҷувоз Юсуфро овард. Хар се ҷавонҳои дилпур баромаданд.

– Сафаров, аспат канӣ? - пурсид Чернов.

– Дар дасти Амон, -гуфт ӯ.-Аспи Манучеҳр ҳам дар дасташ. Манучеҳр пеш гузашта рафт.

– Се аспа бароварда метавонад? -Черновро пой мелағжаду ба даҳан мезанад.

– Вай забони аспро хуб медонад, зиёд бошад ҳам, мебарорад.- Сафаров асояшро ба Чернов медиҳад. - Аз афтидан медорад,- мегӯяд ва пеш меравад.

Аз ҷониби душман тирпаронӣ авҷ мегирад. Тире аз паҳлӯи гӯши Чернов гузашт. Ва боз ҳам тире гузашту ин дафъа гармиеро ҳис кард: пай бурд, ки ба сӯи ӯ мепаронанд, аммо тирҳо хато мераванд. Хурсанд шуд. Нашавад, ки "дар майдони ҷанг қаҳрамонона кушта шуд» хабар равад. гуфт худ ба худ ва ба хамгашти сой гузашт. Дар паси арчаи сершохе нафас рост карда ба ақиб назар андохт ва мушоҳида кард, ки аспе тир хӯрда бо соҳибаш каллапо шуда, ғелида ба ҷарӣ рафт. Ана, боз яке афтид ва дар ҷояш тоб хӯрда, ғеҷида аз роҳ поён шуд. Савор аз асп намефурояд ё наметавонад: "Парто! Парто худатро!" фарёд зад Чернов. Вале сарбоз дер мекунад ва ҷарӣ ҳардуро, мисле ки мор гунҷишкро афсун карда ба комаш мекашад, фурӯ мебарад.

Фурсате гузашту аз шинакҳои наздик пулемётҳо ба кор даромаданд. Чашми Чернов ба Семёнов афтид,ки аз ҷойи регзор ва камбарф милтиқашро асо карда, ҳар лаҳза ғеҷидаву хастаҳолона пеш меравад. Асп ҳам аз пасаш қадам мезанад. "Ин ҷо Уралск не, Дима, ки шамшера дар болои сар бозӣ доронда, урр-а гуфта асп тозонӣ." Чернов лаҳзае бо табассум ба рафтораш зеҳн монд. Баландтар аз вай, дар болои шахе Загорский истода, ба пулемётчиҳо ишорат дорад, ки даруни сойро зананд. "Хуб кард, ки ӯро ба рота сардаста монд. Аз Першин як сару гардан болост. Ҳарчи Першин ҷанҷолашонро ҳангома накард. Дар штаб ба Чернов гуфтанд, ки Першинро бо фармони Москва ба фронти ғарбӣ равон кардаанд. Яқин, ба он ҷо ҳам барои суханчинӣ роҳӣ карданд. Дар Бухоро рӯзе, ки бояд хазинаро мебаровардаанд, Рубенов гаштаю баргашта таъкид кард, ки ротаи Першинро ба Арк барои ҳифзи хазина фиристад. Яқин Тротский овозаи ғорати хазинаро фаҳмида, одамонаш Першину Рубеновро равон кард, ки назорат баранд. Фрунзеро ҳамонҳо фӯрӯхтанд".

Ба гӯши Чернов овози гуфтугӯ расид. Баландтар баромада дид, ки дар пушти хор- бутта дар ҷойи ҳамвортаре Сафаров Юсуф бо сарбози маҷрӯҳшудаи душман сухан раддубадал мекунанд. Аслан дуруст нигарӣ, душман ба сарбоз

ҳам монандӣ надорад. Ҷавони деҳқоннамое аз болои куртаи карбос чакмани фарсуда пӯшидааст. Саллааш ҳам фарсуда. Ҳама либосҳояш тар шудаанд. Кафшҳои чӯбинашро бо банд ба пояш печондааст. Сару рӯяш, банди дилаш ки чун мавҷ меларзад шип-шилтаи арақ аст. Бо чашмони аз тарс калоншуда ба Чернов менигарад. Милтиқи думилаи русӣ он тараф ба санге такя дода шуда, барфи атрофаш зер хӯрда, ҷо-ҷо хунолуд шудааст.

"Ҳамшаҳриҳо ҳамдигарро ёфтаанд-ку?" Андешид Чернов ва хост гузашта равад, ки Сафаров бо оҳанги ифтихор ба ӯ маълумот дод:

– Рафиқ сардори бригада, камонро дар шохи арча монда, нишон гирифта задам, ки мисли оҳу ғелида фуромад. Тир ба думбааш даромадааст. Мегӯяд, ки аз замини Ҳисорам. Бо кӯдакҳоям санги заминамро мечидам, ки одамони бек омада, ба зӯрӣ ин ҷо оварданд.

Чернов бо чеҳраи гирифта ҷониби Сафаров нигоҳе андохт ва бо шитоб роҳро давом дод. Баландтар баромаду овози Сафаров ба гӯшаш расид: "Роҳ гаштан метавонӣ? Фуро рав. Дар поён деҳа ҳаст. Он ҷо худатро муолиҷа карда, рафта заминатро кишт кун, ки кӯдаконат гушна намонанд." Ҳисси норозигии ғашоваре ба дили Чернов роҳ ёфт. Дар дил ба гуфтаҳои Сафаров ҳам розӣ шуду ҳам норозӣ гашт. Охир ҷанг ҷойи дилсӯзию гузашт нест! Пастии обкандаеро бо эҳтиёт гузашта заҳрашро ба амир рехт. "Касофати фосиқ! Медонӣ, ки зӯрат ба армияи рус намерасад! Чаро дидаю дониста мардуми лучу бенаворо ба таги тир мефиристӣ?"

Сарбози танадоре, ки рӯяш иззи корд дорад, аз дастаи Сенин рӯи пайроҳаи лой дароз хоб рафта нолиш дорад. Ду нафар ба ӯ ёрӣ мерасонанд. "Аз китфаш тир хӯрдааст", мегӯяд яке. Ин дам назараш ба пулемётчии дар баландӣ буда афтиду ӯро шинохт: Романенко Димитрий. Дар баландӣ овози Семёнов ба гӯшаш расид: "Ҷанг ҳамин гуна аст, бародар. Рав, дигарашро зан! Кӯшиш кун, ки тират хато наравад!" Сарбози калтаи рӯйдароз, чашмонаш мисли чашмони гурба зард, шояд аз полки бухороист, бо ишораи тасдиқ сар ҷунбониду саросема ба роҳ даромад.

Чернов дар назди Семёнов навкари сараш луч ва захмиро дид, ки рӯболо ҷон меканад. Чашмонаш аз тарс калон кушода шудаанд. Танаш як-як раг мекашад. Тир аз шона даромада аз поёни гардан баромадааст. Аз хуни гарм ки болои замини барфгирифта мерезад, ҳавр мехезад.

– Ин сарбоз аз кадом рота?-пурсид Семёнов.- Тирам ба ин расид гуфта, қариб аст, ки гиря кунад.

– Инҳо нав майдону камона дидаанд,-гуфт Чернов.-Инҳоро ба худат баробар накун. Аспатро медодӣ, корат осон мешуд.

– Ин бечора халал намерасонад,-Семёнов ҷониби навкар, ки хир-хир карда, охирин дақиқаҳои умрро паси сар мекард, нигариста гуфт:

– Ҳафт мурдаро зеҳн мондам, ягонтааш мӯзаи дуруст надошт, ки иваз кунам.

– Димитрий Попович, як гапҳо мегӯй, ки ба гуфти фарғонагиҳо, буза ханда мегирад. Кӣ ба инҳо мӯза медиҳад? Амирашон барои худаш мӯза кофта гаштааст. -Ва хандида илова кард:- Хазинаро бо ду дасти адаб доду акнун мӯза кофта гаштааст.

– Ротаи моро ба хазинабарорӣ роҳ надодед, ҳоло ҳам дилам алам дорад.

– Шуморо роҳ медодем, нимашро медуздидед,-гуфт Чернов ва ақиб гашта дар домани кӯҳ ротаи хизмати ақибро дид, ки аллакай анҷомҳояшонро ба уштуру аробаҳо бор кардаю ба роҳ даромадаанд. "Майлаш, дер намонанд, хуб аст." Рамаи молашон ҳам ба кӯҳ часпидааст. Дар рама бузу гову гӯсфанд омехта аст. Тошев Чиллаи бухороӣ сардори рота аст. Ҳангоме ки Муҳаммадшариф ӯро овард, ба Чернов маъқул нашуд. Марди қадбаланду сияҳҷурдаи дағалсимо. Чилла, мисле ки бо ӯ шинос бошанд, кушодарӯёна гуфт: "Рафиқ камандир, ба шумо маъқул нашудам, лекин корро шурӯъ кунем, маъқул мешавам". Суханаш дуруст баромад, баъд маъқул шуд: корҳоро ба фаҳмиши худ, ба хубӣ анҷом медиҳад, хӯрокаш батаъм. Марди ростқавл ва хушбин аст. Бо бригада зуд унс гирифт. Молро раҳораҳ худаш мехарад. Пулро ҳукумати Бухоро ба Чернов дод. Чернов ба Чилла баргардонд. "Ту медонию бозор"гуфт. Лекин табибе ки ба бригада ҳамроҳ карданд, номашро Карим-ака мегӯянд, ба кораш усто менамояд. Дар роҳ пой ё дасти касе мебарояд, захмӣ мешавад, ё шамол мекашад, доруҳояш зуд даво мебахшанд. Вай тарзи табобати худашро дорад. Аввал беморро пурсуҷӯ мекунад "Чӣ хӯрока нағз мебинӣ? Дар як рӯз чанд маротиба пешоб мекуни?" Яъне миҷози беморро муайян кардаю пас дорую дармон мекунад. Аммо ин усулҳо дақёнусианд. Ҳоло тарзи табобат дигар аст. Ба хусус дар сафарҳои ҷангӣ духтури хондагӣ лозим аст, на табиб. Дар штаби Бухоро Черновро гусел карда гуфтанд, ки шумо равед, аз Тошканд духтур талаб кард мефиристем. Аммо ҷанг шуруъ шудааст ҳоло ҳам аз духтур дарак нест. Ӯ аз паҳлӯи арчаи шохҳояш бурида ва зардшуда гузашта дид, ки даҳ-бист қадам баландтар Ершов ва сарбози фарбеҳе аз ротаи Загорский аспҳоро савор шуда, аз пайраҳа уреб мераванд. Каҷиеро гузаштанду ба аспи сарбоз тир расид. Асп ақибсуна шишт. Сарбоз худро партофт, дарҳол пай набурд, ки чӣ воқеъа рӯй дод. "Туруқ, туро чӣ шуд?"- гуфта аспро қамчин мезанад. Асп дастонашро рост гирифта мехезад ва боз ба ақиб мешинад: барфи ҷойи шиштааш аз хун сурх шудааст. Тир аз наздикии дум даромадааст. Сарбоз чӣ кор карданашро надониста, лаҳзае ҳайрон монд. Пас зертангу забартангро кушод зинро гирифта як тараф монд. Аз сари асп лаҷомро бароварда, ба китфаш андохт ду қадам заду баргашта лаҷомро ҳам партофту дигар ба пасаш нигоҳ накарда рафт. Ершов бошад аз асп фуромада, хам шуда чорпо роҳро давом дод.

Загорский нигоҳаш ба Руднев афтиду овоз дод:

– Евгений, ба ту осон, асп нест, ки кашол кунӣ.

– Хурсандӣ, ки аспи маро заданд? Ҳоло аспи худат калапо шавад, пас мефаҳмӣ хурсандия.

– Ту гапро ба қаҷӣ набар, ба даҳонам омаду гуфтам.

– Ҳар чизи ба даҳон омадаро намегӯянд.

– Евгений, аввалин аспи ба дасти бачаҳои ротаи мо афтидаро ту мегирӣ.

– Гӯй, ки аспи амир Олимхонро гиранд, дигараш даркор нест.

– Тири ин даридачашмҳо фақат ба ҳайвонҳои безабон мерасад,-бо овози баланд ғур-ғур кард Семёнов. Аз байн ду дақиқа барин гузашту аспаш аз гардан тир хӯрд. Ва гӯё сахт тозиёна хӯрда бошад, фаххос зада чорпоя шуд,

пас ба паҳлӯ афтида ва ба поин ғелид. Гоҳе хестанӣ мешуд, аммо намет нист. Семёнов лаҷомро сар надода, ҳар дам болои вағниҷу хорбутаҳои тар барфнишаста афтидаю хеста аз пасаш мефурояд. Онҳо тез ба ҷарии ду-се к сафедор баланде, ки зови поёнаш то қади таксой меравад, наздик шудан "Сар дех! Дима! Сар дех!!!"- дод зад Чернов ва худаш ҳам парто-парто тохта ғеҷида ва нигоҳашро аз Семёнов наканда, поён фуромад. Семёнов лаҷом да даст шохи овезони хореро дошта, ист кард. Аспаш ҳам як ист кард ва ҳамоно гарданашро сахт силтав дода хестанӣ шуд, ки лаҷом аз дасти Семёнов хато хӯрд. Аммо асп дар замини қиравгирифта ба паҳлу афтиду ин дафъа башаст ғеҷида рафта, дар ҷарӣ нопадид гардид. Ва ин кор чунон тез рӯй дод, ки ҳама ҳайрон монданд. Охирин лаҳзае, ки дар хотири Чернов монд, чашмони калон кушодаи асп буд. Мисле ки сӯйи Семёнов бо маломат нигоҳ мекард. Семёно сари ҷарӣ рафтанӣ шуд, ки Чернов ба ӯ расида, аз дасташ дошта: "Лозим не Дима, мон! Рафтем!" гуфт.

Семёнов хомӯш дасташро пас кашид, аракӣ сарурӯяшро пок карда, дунболи ӯ равон шуд. Бо панҷаҳои хунравон тугмаҳои нимтанаашро боз кард. Лабҳо парсинг бастааш мепариданд. Дар рӯяш ранг намонда буд. Ҳангоме ки б пайраҳа баромад, тез-тез нафас гирифта, бо овози хаста гуфт.

– Бинам, куҷо рафт...

– Охир, чиро мебинӣ? Ҷари аз сад метр ҳам зиёд, поёнаш таксой меравад Он ҷо ғеҷон...

– Ба ин асп одат карда будам,- Семёнов роҳро давом дод. - Мисли рафиқа буд. Ӯ истода ба пеш нигариста афзуд:- Дар ҷойҳои мо мурдани аспи ҷанговарр фоли бад медонанд.

– Димитрий Попович, инҳо гапҳои кӯҳнаи хурофотӣ! Чернов ӯро дилбардор кард.

Ин дам Швирков Володя омада пешниҳод кард, ки аспашро савор шава Семёнов ба ишораи "лозим не" сар ҷунбонд. Онҳо ба арчазор гузаштанд. Ду ро дидан намешуд. Шамол зарраҳои барфро ба чашм мезад. Чернов худро б паноҳи бурси калоне гирифта, мушоҳида кард, ки як гурӯҳ аскари амир тор кӯҳро гузашта мераваду як қисм аз сой баромада, сӯйи онҳо тирпаронӣ мек над. Дудкин аз пулемёташ аз паҳлӯ оташ кушод, ки онҳо мисли рамаи гургза парешон шуданд. Баъзеҳо чорпо шуда мегурезанд, баъзеҳо саргум монда, по медаванд ва ба тири аҷал, ки аз рӯбарӯяшон равон аст, бармехӯранд. Дар т рафи рост як гурӯҳ сарбозони худашон аз даруни хору буттаҳои барфгириф гузашта ба қулла наздик мешаванд. Бештари онҳо аз взводи Манучеҳран Худаш пеш-пеш меравад. Ҳар дам пас гашта ёронашро ҳадаҳа мекунад. Баъз кадомеро ном гирифта ришкашак мекунад. Манучеҳр ҷавони нотарсу бағур аст. Ҷояш ояд, бачаҳои взводашро ҳимоят мекунад. Лекин касе, ки тарс нишон диҳад, сахт лату кӯб мекунад. Чернов чанд маротиба огоҳ кард, ки рӯи устав сарбозро задан мумкин нест. Ин ҷиноят аст. Сар меҷунбонаду ғур-ғ мекунад: "Рафиқ командир, халқи мо то ду кӯрмушт нахӯрад, ба ҳуш намео Инҳоро табармусулмон мегӯянд."

Поёнтар аз Манучеҳр сардори ротаи 2-юми мусулмонӣ Исматов Давлат сарбозонашро ҳадаҳа дорад. Ӯ пеш дар шӯъбаи милиса кор мекардааст. Вай ҳам ҷавони дилпур менамояд. Чернов андешид, ки "Манучеҳр ҷанговари хуб шудааст. Ҳамаи взводаш ҷавонони хуб. Дар ҷанг аз русҳо камӣ надоранд. Мегӯянд, ки ин мардум рӯҳияи силаҳшӯрӣ надоранд. Гап дар шароит ва тарбият аст." Ӯ дар наздикии тори ағба саги сафедеро дид, ки аккас задаю ба қатори сарбозон тохта, пеш меравад. Гумон корд, ки саги чӯпоние инҷо омадааст.

Ба сари ағба наздик шудани дастаи Манучеҳр ба дигарҳо илҳом бахшид. Хоки замини сари ағба лағжонак аст. Ин ҷо шибоқу тоғун зиёд аст. Ҷанговарон аз якдигар ақиб намонем гуфта, тез ҳаракат мекунанд. Ба назар менамояд, ки ҳатто ҳаракати аспҳо дигар шудааст. Онҳо ҳам меғечанд, меафтанд, фукашон ба замин мезанад, қасар-қасари сулукашон мебарояд ва боз саросема хеста, кӯшиш мекунанд, ки аз соҳибонашон ақиб намонанд. Ҷонварҳо наздик шудани ғалабаро ҳис кардаанд.

Эркатулфори Манучеҳр дар ҳамин ҷо ҳам мулоимхунукӣ дорад. Ҳар лаҳза тӯруқи Амонро газидан мехоҳад. Дар ин асно Мухаммадшариф хабар овард, ки Дудкин тир хӯрдааст.

– Тир хӯрдааст?! Гриша? Аҳволаш хуб аст? - Чернов рӯйи ҳам савол дод ва афтидаю хеста ҷониби теға шитобид. Ершов ҳам овозаро фаҳмида, давида омад. Аллакай дар назди Дудкин чанд нафар ҳамяроқон ҷамъ омадаанд. Сергей Таратухин аз дастаи тӯпчиҳо куртаи тагашро даронда ҷароҳатро баст. Онҳо пештар шинос будаанд. Чернов аз чашмони беҳоли Дудкин пай бурд, ки аҳволаш хуб нест. "Зуд ба ароба бор карда ба беморхонаи Когон баред", гуфт.

– Ба роҳи дур бурда намешавад,-Ершов сар меҷунбонад ва Чернов аз оқибати кор пай мебараду рӯи Дудкин хам мешавад. Тир аз гардан даромадааст. Либосу дасту рӯяш ҳама лойолуд.

– Гриша, азизам, ин ғалабаро ту кардӣ, ту роҳ кушодӣ!- гуфт Чернов ва ҳис кард, ки кор аз кор гузаштааст. Заррахои барф ба чеҳраи сафедшудааш нишаста, ба зудӣ об намешаванд. Наход... Чернов пеши фикрашро медорад. Дақиқае пас аз дилаш гузашт, ки ҷанговарон дар теға ӯро интизоранд. Ба ду нафар фармуд, ки Гришаро ба ароба бор кунанд. Раҳорах овози Ершов ба гӯшаш расид: "Ин чӣ гуна барф аст! На дурусттар меборад, на бас мекунад!"

Дар наздикии теға дар ҳар тараф мурдаю маҷрӯҳони кӯшуни амир ба назар мерасанд. Аз ҷониби худашон ҳам чанд мурда хоб аст. Дар болояшон барф нишастааст. Агар ин шаб барф зиёд борад, дигар то баҳор намехезад. Аз қади одам ҳам баланд шуда хоб меравад. Баъзе маҷрӯҳон дар болои барф, ки аз хунашон сурх шудааст, нишастаю бо овози баланд гиря доранд. Либосҳои аксари сарбозон шип-шилта шудаю ҷое лой, ҷое хунолуд аст. Баъзеҳо бо сари бараҳнаву пойлуч. Маълум, ки кафшҳои чӯбин аз пойҳояшон афтидаанд. Аз афташ, хунукиро ҳис намекунанд. Нигоҳҳояшон бетафовут. Ба марг тан додаанд. Мухаммадшариф тез-тез қадам зада омад. Чернов аз ҳавои омаданаш аз ҳоли Гриша воқиф шуд. "Фармудам, ки мурдаро бор карда то таги ағба фуроранд",- хабар дод Мухаммадшариф.

Чернов ба аломати ризо сар ҷунбонд ва назараш ба сарбози чашмон баромадаи сафедрӯйе, ки байни мағрӯҳҳо гашта, онҳоро тир мезад, афтид тозиёнаро бардошта ӯро қариб мезад.

– Гум шав аз назарам, разил! –дод зад ба сараш.- Рав кората кун! - Ва дил тасдиқ кард, ки аз дастаи Загорский аст.

Бригада нисфирӯзӣ ағбаи Оққӯталро убур кард... Баъд аз ду соат ҳам поёни ағба фуромада, боз каме роҳ гашта, ба работе расиданд, ки болор бурс дошт, сақф ҷое фурӯ рафтаву оби барф рехта, фарш ях кардааст. Са пешро бо шохбаст маҳкам карда, ҷойи молпанаҳ кардаанд. Дар даромади р ду хоначаи сангин ҳаст. Дар надоранд. Дохилашон бӯи порую намади с мекунад. Чил-панҷоҳ қадам поён ду чашма ҳаст, ки як даҳанаӣ об доранд ёнтар ҳарду якҷоя мешаванд. Дар ду тараф заминҳои корам ва барфпӯш хоб Ҳоло барф мондааст. Ин тарафи ағба зиёд боридааст, ки, ба қавле, сар наменамояд. Ҳаво хунук аст.

Чернов дар назди Пётр, ки пуштанги аспашро суст мекард сагро дид бассум кард.

– Пётр, ин сагро харидӣ?- пурсид ӯ.-Дар тори ағба ин ҳам аз паси ду дӯғу пӯписа дошт.

– Босмачиро бисёр бад мебинад,- ҷиддӣ шуд Пётр.

– Инҳо ҷӯраҳои қадим, нав ҳамдигарро ёфтаанд,- гуфт Манучеҳр.- Ном Белий мегӯяд.

– Рост, ӯро дар деҳае, ки шаб хоб рафтем, дидам,- гуфт Пётр.

Чернов аз Муҳаммадшарифу Семёнов, ки бо ҳам суҳбат доштанд, пур

Шабро дар ҳамин ҷо ба рӯз барем, хуб нест? Аз он ки пеш рафтаю маб дар бевақтӣ бечӯй монем?

Муҳаммадшариф ба атроф зеҳн монд: замин, хору арчаҳои қади дара барфпӯш. Болои сангҳои хона барини ду тарафи сой низ барф қади зону рафтааст. Аз фикре, ки шаб ин ҷо мемонӣ, дилатро тарсу ваҳм фаро мег Аллакай аз ҷониби ағба шамоли сарди бегоҳӣ беист ғув-ғув мевазад.

– То Бойсун боз се-чор соат роҳ аст, - мегӯяд Муҳаммадшариф ва ҳо меафзояд: -Монем хубтар, шамолпанаҳ...

Семёнов чизе нагуфт. Аз замоне, ки аспаш ба ҷарӣ рафт, болу параш стааст. Онҳо работро чарх заданд. Нигоҳи Чернов ба аробаҳои ротаи хи ақибгоҳ афтид, ки аллакай нисфи ағбаро фуромадаанд. Дар аробаи пеш му Гриша Дудкин бор аст. Дили Чернов таҳ мезанад. Дирӯз ҳамин вақти рӯз ки мо дар теппаҳои пурлойу лағжони он сӯи ағба ҷойи шинак мекофтем. панҷа либосҳомон то ним тару лой. Лекин, Гирша, ту хурсанд будӣ, ки шин хуб сохтем. Бо ханда мегуфтӣ, ки рафиқ камандир, баъде, ки мошинҳои кор даромаданд, он тараф кор ҳал шуд гӯед. Ва гуфтаат баромад. Ам шуд, ки роҳатро дигар кардӣ?

Муҳаммадшариф аз пас қадам зада, ба тариқи маслиҳат илова кард

– Барои Гриша ҳамин ҷо манзил кунем-чӣ? Аз он ки ба ароба бор мебарем... Насиб бошаду пагоҳ ба ҷанг дароем... Ба ҳар ҳол ҷанг-ҷанг ас

Чернов розӣ шуд. Дуртар аз роҳ зери чиноре қабр канда, бо иззату ҳурмати ҳарбӣ Дудкин Григорий Викентевичро ба хок супурданд.

Саранҷом хару хачирҳои ротаи хизмати ақибгоҳ ҳам расиданд. Ба назари Чернов чунин намуд, ки хачирҳояшон кам шудаанд. "Яқин дар ҷариҳо афтидаанд." Ҳамакаса работро аз барфу пору тоза карданд. Яхашро лахта-лахта канда берун партофтанд. Яке аз хоначаҳоро вайрон карда аз чӯбҳояш оташ дардоданд ва ба яке маҷрӯҳонро - ҳабдаҳ нафар тир хӯрдаҳоро, ки дар аробаҳо боранд, ҷой доданд. Аз рӯйи хабари рафиқон мурдаҳо камтаранд. Дар чанд ҷой гулхан гиронданд. Ҷанговарон дар атрофи гулхан либос хушк кардаю ба ҳазлу шӯхӣ пардохтанд. Гармии оташ ҳама ташвишу азобҳоро аз ёд бурд.

– Иқлими кишваратон мисли қӯдаки эрка аст. –Семёнов гарданашро молида, нигоҳашро аз Манучеҳр намеканад. - Як рӯз намедонӣ аз гармӣ саратро ба кучо занӣ, рӯзи дигар мебинӣ, ки ҳама ҷо барфу ях.

– Рафиқ лейтенант, ба марги аспат зиёд азодорӣ накуну чеҳратро кушо!- гуфт Манучеҳр бо ҷиддият. –Ба Бойсун, ки расидем, худам бароят асп меёбам. Аспи хатлонии мо аз аспи донии шумо як сару гардан боло аст.

– Аспро чашми ту гирифт,-Семёнов наздиктари оташ рафт.

– Дар мо як масали кӯҳна ҳаст,- гуфт Манучеҳр, -"Моли нағзат мурад, хурсанд шав," -мегӯянд.

Аз ҳар тараф садо баланд шуд.

– Далел!

– Таъбир кун.

– Хуб, гӯш кунед,-Манучеҳр овоз баланд кард. –Рафиқи кӯдакии Довуд пайғамбар, наздаш омада, илтичо кард, ки забони сагу хурӯсро ёдаш диҳад. Хуб ёд дод. Боре дастархонро афшонд, ки як пора нон афтид ва то саг анамана кард, ки хурӯс онро бардошта дуртар бурда, тез-тез нӯл зада хӯрд. Саг ранҷида, гуфт: "Худат медонӣ, ки ин чашмгуруснаи хӯҷаин се рӯз шуд, ки ба ман чизе надодааст. Ҳамон пораи нонро барои ман мемондӣ. Ба ту дон ёфтан осонтар. "Суханат ҳақ,- гуфт хурӯс ва хабар дод, ки баъди се рӯз аспи хӯҷаин мемурад. Ана пас хона пури гӯшт мешаваду шикамсерӣ мехӯрӣ".Ин суханро хӯҷаин фаҳмиду фавран аспро бозор бароварда фурӯхт. Саг аз ҳол воқиф шуда хурӯсро хуб таъна кард: "Шумоён пушт ба пушт каззобу дурӯғгӯед! Дар ними шаб, "субҳ шуд!" гуфта мардуми хобро мехезонед." Хурӯс гуфт: "Ҷӯра, ту саросема нашав. Хӯҷаин намонд, ки асп мурад, кори хуб накард. Акнун уштураш мемурад". Ва хӯҷаин ин суханҳоро шуниду уштурро бурда фурӯхт. Саг боз ба таънаи бештар пардохт. Хурӯс гуфт: "Ин чашмгуруснаи хӯҷаин ба худаш бад кард; акнун худаш мемурад." Хӯҷаин назди Довуд пайғамбар рафта, воқеъаро баён кард. Довуд чунин ҷавоб дод: "Ошно, чӣ хатое кардию соҳиби осмонҳоро ранҷондӣ, ки санги қазоро ба сари аспат ҳаво доданд. Ту ба таврат доноиятро нишон дода аспро фурӯхтӣ, ки санг ҷониби уштур гашт. Ту бошӣ, ба ҷои ибрат гирифтану тавба кардан якравӣ карда, боз ҳам нагузоштӣ. Акнун он санг гашта ба осмон намеравад. Ногузир аст, ки ба сари худат занад." Ва ту ҳам, рафиқ лейтенант, азо нагир, баръакс хурсанд шав, ки он балои аз осмон омада ба аспат зад.

– Оқибати кори хӯҷаин чӣ шуд? Мурд ё не?- савол дод кадоме.

– Оқибати кори вай ба ману ту дахл надорад,- Манучеҳр оташро тарафи худаш кашиданӣ шуд.- Аммо оқибати кори рафиқамро медонаму ки дигар ба вай тиру шамшер асар намекунад. Ҳатто тири дайду дилу гурдаи тарафаш омадан намекунад.

– Ҳикояи хуб,-гуфт Семёнов нигаҳашро аз Манучеҳр наканда,- дилам сабук шуд. Лекин ваъдаи аспи хатлиро фаромӯш накун.

Руднев ҷониби Манучеҳр истеҳзо кард:

– Мирзоев, ту аввал ба старшина асп ёб.

– Дар ҷои мо старшина харсавор мегардад.

– Наёфтӣ, аспи худатро мегирам.

– Аспи вай аҷали муаллақ аст. Аз санги ӯч ҳам мехӯсад,-гуфт Загорский ва аз ҷайбаш дафтару қалам гирифта аз Манучеҳр пурсид.

– Боз ҳамин гуна ривоят медонӣ? – Вай агар ривояте шунавад, ба дафтараш менависад, ёддошт мекунад.

– Мо китобе дорем "Маснавӣ" ном, ки саршор аз чунин ривоёту масалҳои олӣ аст.

Чернов дигар ба гуфтугӯи ҷанговарон гӯш надода, танҳо атрофро чарх зада, то наздикии дарахти чинори сершох рафта, пас ақиб гашт. Назараш ба сарбозоҳои қади сой афтид, ки тахмин панҷоҳ нафар аз ротаи мусулмонӣ дар ду соҳили яхкарда остин барзадаю шимҳоро фароварда, таҳорат доранд. Ӯ ҷониби Муҳаммадшариф, ки ба аспҳо беда мепартофт, шиддат кард:

– Инҳо девона шудаанд? Дар ин хунукӣ зарур аст, ки дар оби ях таҳорат кардан? Нав аз ағба фуромаданд. Танашон ҳоло гарм!

– Бе таҳорат намоз хондан намешавад,-Муҳаммадшариф механдад.-Инҳо саросемаанд, ки намози аср қазо нашавад.

– Об хунук не, мегӯяд сарбозе оби оринҷҳояшро пок карда.

– Қазо хонанд чӣ? -пурсид Чернов

– Дар вақташ хондани намоз савоби бештар дорад.

– Задани душманро ёд гиранд, савоби ҳарду олам дар ҳамон.

– Қазо хондани намоз мисли он аст, ки ҷомаи навро аввал шӯию пас бипӯшӣ,- Муҳаммадшариф аз таҳоратгарҳо чашм намеканад.

– Баъзе ҳилаҳо доред-ку! Даст дар хок задаю маҳс мекунед. Ҳамонро кунанд, хуб нест?

– Таяммумро мегӯед. Таяммумро дар ҷойи беоб мекунанд. Ин ҷо, шукр, ду чашмаи оби равон.

– Аслан дини исломро мушкилу нофор кардагӣ шумо, суннатиҳо! Санг дигар мешаваду шумо суннати бобоӣ гуфта ҷон медиҳед! Охир "дин ақл аст" гуфтаанд! Либосҳояшонро хушк кунанд, ақаллан. Агар ягон нафараш бемор шавад, ҳамаро пеш мекунам. Армия ҷои панҷ бор таҳорату панҷ вақт намозхонӣ нест! Армия майдони мардию хунрезию қаҳрамонӣ нишон додан аст.

– Александр – ака, нерӯи эътиқод наменомад, ки инҳо касал шаванд. Вақте ки дар намоз рӯбарӯ ба Худо меистӣ, аз хунукӣ заррае дар тан наменомад. Баръакс, оромию роҳат ҳис мекунӣ.

– Инҳо бояд баъди ҷанги имрӯза як пиёла арақ нӯшанд, баданашонро ғарбият кунад, фикри ҷанги пагоҳро кунад. Эҳ мусулмонҳо...

Онҳо аз ҳам ҷудо шуданд. Рӯзи дигар Муҳаммадшариф дар пешобдонаш дард ҳис карду аз фикраш гузашт ки сухани Чернов ҳақ аст. Дар вақти ҷанг ҷанг мекунад на ин ки намоз хонӣ.

Чернов аз назди суфае, ки атрофашро девор бардоштаанд гузашту чашмаш ба Манучеҳр афтид, ки бо ду нафар як тӯда бузу гӯсфандро ба заминҳои барфпӯш ҳай карда бармегаштанд. "Яқин, ҳангоми аз ағба фуромадан дар наздикиҳо рамаеро дида, ба сараш рафт. Дар феълаш, ки дуздӣ ҳаст, як-як рӯ мезанад. "Феъли бо шир даромада бо ҷон мебарояд." Агар пурсӣ, ки чаро дуздӣ кардӣ? ҷавобаш чунин аст: "Рафиқ сардор, лаззати чизи дуздӣ дигар аст." Ба хотири Чернов рӯзи дар Самарқанд шинос шуданашон расид. Ҳарду аз боби сарбоз шуданаш гапзанон карда, аз заводе, ки кор мекард, берун меомаданд, ки касе аз пас садо кард: "Дар бозорҳо дуздӣ карда мегаштӣ! Ин ҷо оварда одамат кардам." Манучеҳр ҳам паст наомад: "Аз ин кори бемузди ту дуздиам беҳтар буд." Аз он вақт якуним сол гузашт. Манучеҳр ҷавони дилпур баромад. Дар ҷанг рафиқашро танҳо намегузорад. Муҳимаш ҳамин. То ки ӯ шарм накунад, Чернов худро нодида ангошта, дохили ҳота шуд. Дар байни маъюбони навоварда, ки дар атрофи оташ хӯрҷину шинелҳоро партофта нишастаанд, Ершов ҳам ҳаст. Дастонашро ба оташ доштаю бо овози баланд чизе мегӯяд. Чашми Чернов ба сарбоз Сафаров Юсуф афтод, ки бо ҳоли зор якпаҳлӯ асту об талаб мекунад. Дасту рӯю либосҳояш лойолуд. Ҷомаи шип-шилтааш дар китфаш овезон. Хабар доданд, ки ҳангоми ағбаро баромадан тир ба шикамаш даромадааст. Табиб Карим-ака захми Юсуфро бо хлорофом шушта, ким -чигуна равған молид.

Чернов ҳамаро як-як пурсида, дасти Сафаровро дошта, ба рӯяш зеҳн монда гуфт:

– Додар, тоқат кун. Пагоҳ Бойсун дароем, он ҷо мо беморхона дорем. Духтурҳои мо ин гуна захмҳоро зуд табобат мекунанд.-Ва ҷомаи тарро аз китфаш гирифта, ба Муҳаммадшариф ишора кард, ки шинели эҳтиётиашро оварда, ба китфи Сафаров партояд. Мушоҳида кард, ки пеши мӯзааш даридаю пайтобааш мисли забони саг кашол аст. Аз ҳисси ҳиҷолатмандӣ нигоҳашро дигар сӯ тофт. Боз чанд нафарро дид, ки низ, мӯзаашон дарида буд. Дар дил қарор дод, ки дигар ҳеҷ гоҳ дар зимистон бе сару либоси гарм қӯшунро ба роҳ намебарорад. Ин сафар барояш дарс шуд.

Табиб Карим-ака ошуфта менамуд. Ӯ саллаи фарсудае дорад. Аз болои ҷома миёнашро бастааст. Сарбози лоғарандоми ба сараш тир расидаро дору карду пас ба хона даромад. Имшаб кори вай бисёр аст.

Баробари торикӣ фуромадан "рафиқ"и Пётр- Белий масъулияти посбониашро бештар ҳис карда, гоҳ ин тарафу гоҳ он тарафи работ давида, аккос мезад. Гӯё атрофро огоҳ мекард: "Ҳой, ин ҷо соҳиб дорад!" Гоҳ ҷониби заминҳои поён, ки барфи баланд доранд, рафта меомад, пас дуртар аз давра истода маҳин овоз мебароварад. Хабар медод, ки баҳузур бошед, атроф тинҷ аст: ду-се дақиқа истодаю боз ба атроф тохта мерафт. Кори сагро дида "шабона посбон мондан лозим нест" мегуфтанд бачаҳо.

Манучеҳр шӯрбо оварда, сари Юсуфро бардошта, лаби косаро ба даҳонаш дошт. -Ман нав аз ҳолат огоҳ шудам. Амон хабар дод, - гуфт, овозаш меларзид.

Юсуф шӯрборо як бор ошомиду сулфааш гирифт ва шикамашро дошта, бо нолиш "бар, намехӯрам" гуфт.

Чернов Манучеҳрро бо ишора дуртар бурда пурсид:

– Арақ мехӯрад?

Манучеҳр ба ишораи "не" сар ҷунбонд. Ва илова кард.-Табиб дида, гуфтааст, ки ҳолаш хуб нест.

– Вай табиб ингуна ҷароҳатҳоро надидааст.- Як пиёла арақро пур карда маҷбур деҳ. Тавонӣ, ду пиёла деҳ, фоида дорад. Доруи иштиҳо гӯй.

Чернов лаби оташдони назди хона чой гирифт. Чойчӯши Мухаммадшариф дар ҷӯш аст. Муддате гузашту кабоб оварданд.

– Ин гӯшти гӯсфанде, ки Манучеҳр харидааст,- гуфт Загорский ва ба атроф нигарист.-Худаш куҷо рафт? Мепурсидем, ки пулашро дод ё баъди инқилоб медиҳад?

Муҳаммадшариф як пиёла рӯғани таги кабобро назди Чернов гузошта гуфт:

– Александр-ака, ҳаминро нӯшед, то пагоҳ хунук намехӯред.

– Худат ҳам менӯшӣ?

– Ман аввал бо чой ташнагиамро шиканам.

Бештари сарбозҳоро баъди хӯрок зуд хоб бурд.

Чернов ба Загорский фармуд, ки дар атроф посбон монад.

– Александр Николаевич, дар чунин аҳвол кӣ ба ин ҷо меояд? Хирсро бандед, намеистад.

– Ман ба хирс кор надорам,- Чернов шинели дар китфаш партофтаро пӯшид.- Низомнома посбон мон мегӯяд, вассалом. Ӯ атрофро чарх зад. Ба назар манамояд, ки сафедии барф шабро рӯшан кардааст. Аз ҷониби ҷангале, ки дар тарафи рости ағба доман паҳн кардааст, ҳар гуна садоҳо шунида мешаванд. Аз афташ, он ҷо шамол сахт мевазад. Ҷанговарон назди оташ гурӯҳ-гурӯҳ ба ҳамдигар ҷафс шудаанд, баъзеҳо дароз кашидаанду баъзеҳо сӯҳбат доранд. Ду-се гурӯҳ таги девори хонаҳо хобанд. На парвои шамол доранд, на парвои замини ях. Хобгоҳи ширини чавонӣ бар ҳама чиз пирӯз гаштааст. Дар гӯшаи дигар ҷанговарони солманд оҳиста ва ба навбат аз шаҳрҳое, ки тасарруф карданд, воқеаҳои он ҷойҳо рӯйдода ва аз хуторҳояшон гуфтугӯ доранд. Дар давраи дигар ба шавқ аз ҷангҳои бо генерал Дутов кардаашон ва оқибати кораш, ки гӯё ба се ҳазор аскар ба Чин гурехта он ҷо аз гуруснагӣ азобу азият мекашидаанд, сӯҳбат мекунанд. Полки мусулмонӣ (он ҷо бештар бухороиҳоянд) дар кунҷи ҳота ҷо гирифтааст. Онҳо бо овози баланд гуфтугӯ мекунанд. Ҳезум фаровон, оташ забона мезанад. Чернов қадамашро суст карда ба сӯҳбаташон гӯш медиҳад.

– Бовар кунед, ними армияи амир бухороиҳоянд.

– Ҳама гурезаю аламдорҳо ҷамъ шуда ба ҷанг омадаанд. Писари эшони Абдулазиз Шоҳмуродро дар пайраҳаи охири ағба дидам, ки саллааш кашол мегурезад. Ба пояш нишон гирифта андохтам, нарасид.

– Чаро ба пояш? Ба тахтапушташ мезадӣ. Зани ҷавонаш бева мемонд (Сохиби овоз механдад) Кошки дар Бойсун ба дастам афтад.

– Ман Махсуми Мирбадалро дидам! Вай ҳам ғалтидаю хеста, ҷонсарак мегурехт.

– Лекин эшони Абдулазиз ва фарзандҳояш ҳама одамони безарар буданд. Мурдаю зиндаи гузари Ҷӯи Чапаро онҳо саришта мекарданд. Маҳаллаи худамон ҳам беморҳояшонро назди онҳо мебурданд. Куфу суф мекарданд, бемор ё ин тараф мешуд, ё он тараф. Хонаашон барои гузарамон мисли шифохона буд. Ба ивазаш чизе аз дил бароварда медодӣ, қонеъ мешуданд. Ба мардум дар роҳи Худо ройгон хизмат мекарданд.

Писари калонишон Абдуқудус қасидахон буд. Ба касе ҷин ёр мешуд наздаш мебурданд. Вай аз қабили кофирҳо ё мусулмонҳо будани ҷинҳоро медонист. Ба ҳамонҳо забон ёфтаю аз тани бемор зада ҳайшон мекард.

– Безарар буданд ё не, дигар рӯйи Бухороро намебинанд.

– Рост, намонанд дигар ин гуна эшону махдуму тӯраҳоро ба Бухоро даромадан! Бас аст болонишинии онҳо!

– Акнун оқипадарҳои фирқашударо боло мешинонем!-Салладоре қаҳ-қаҳ механдад.

– Оқипадарҳо Армияи Сурх доранд. Эшонҳо ки доранд?

Чернов роҳашро давом медиҳад ва фикр мекунад, ки зиндагӣ ва тартибу низомеро, ки мардум дар садсолаҳо ба он одат карда буд, дигар кардан лозим. Оё он зиндагие, ки мо месозем, ба ниёзҳои мардум ҷавоб мегӯяд? Бояд гӯяд. Дар Урупо беморро назди духтур мебаранд, на ба назди мулло. Яъне он мавҳумоту ҳурофотро нест карда, зиндагие бар асоси илму дониш бояд сохт. Лекин барои чунин корҳо хеле вақт лозим аст. Чи қадар вақт лозим Чернов тасаввур карда натавонист.

Оташ домани кӯҳро равшан кардааст. Дар болои барф сурати забона заданашро мебинӣ. Ба хотири Чернов шаби пурситораи ағбаи Китоб омад. Шабе, ки ба аморати Бухоро ҳуҷумро шурӯъ карданд. Он замон фикр мекард, ки дар Бухоро низ мисли Уфаю Уралск ва дигар шаҳрҳо дар як ҳафта ё як моҳ инқилоб ҷорӣ мешаваду ба ватан бармегарданд. Лекин ним сол гузашту ин ҷо ҳоло интиҳои ҷанг намудор нест. Мегӯянд, ки Фрунзе рафту кори фронти Туркистон суст шуд. Ин суханҳо ҳақиқат ҳам доранд. Вай, ки ин ҷо калон шуда буд, урфу одату шароитро хуб медонист. Лекин хабаре, ки вагонашро кофтуков кардаанд, чун тарошаи аз бом афтида шуд. Аз афташ, аз хазина ба ғайри таппончаву шамшер боз чизҳои дигар низ гирифтаасту хабар ба Масков рафтааст. Одамӣ- дия, ҳамаамон сустию камбуд дорем.

Черновро овози саг ба худ овард. Белий ӯро дидаю гурдапур шуда то сари чашма рафтаю ҳайбат дорад. Ба дилаш омад, ки овози саг ба кас ҳисси ҳушёр буданро илқо мекунад.

Шамоли шаби чилла ба мағзу устухон кора мекунад. Чернов тоқат накарда ақиб гашт ва дар давра бесаранҷомиро мушоҳида кард. Карим-ака ҳам он ҷо буд. «Яқин ҳоли Сафаров бад шуд!» Ба Манучеҳр рӯбарӯ омада пурсид: «Гуфтаамро кардӣ?»

– Не, фаҳмид, ки арақ аст, нахӯрд. «Мабодо мураму маст ба қабр монед-, чунин шармандагиро намехоҳам», гуфт.

Дами субҳ хабар омад, ки Сафаров вафот кардааст. Қабрашро дар паҳлӯи Дудкин Григорий карданд.

Ҳамон пагоҳӣ аз анбори Қаршӣ барои бригадаи 11-ум мӯза ва сару либоси гарм оварданд. Гуфтанд, ки баъдтар боз меоранд. Ҷанговарон хурсанд шуда, барои фатҳи Бойсун ба роҳ баромаданд. Дар як ҳафта Бойсун ду маротиба аз даст ба даст гузашту ҷанговарон дар давраҳояшон ба шухӣ мегуфтанд, ки Бойсунро ба ҳамон шасти аз ағба фуромадан гирифтему боз ба ҳамон шаст додем. Вақте ки бори аввал шаҳрро фатҳ карданд, армияи амир бо қувваи зиёд омада, онҳоро аз қасру кушкҳои бек, ки як ҳафта боз дар он ҷо хуфту хоб доштанд, зада бароварда. Онҳо дар як гӯшаи шаҳр, ки урдугоҳи низомӣ будааст, лангар партофта, дар атроф пулемётҳоро насб карда интизори омадани ёрӣ шуданд. Ҳар гоҳ, ки лашкари бек ҳаракати ҳуҷум мекард, пулемётҳоро ба кор медаровардан. Баъд аз даҳ рӯз полки Ғузор шӯришҳои Шаҳрисабзу Шӯрча ва дигар ҷойҳоро пахш карда, ба ёрӣ омад. Полки 8-уми тирандоз аз Фарғона баргашт. Полки 3-юми сарҳаддӣ аз Термез омад. Ҳамроҳи полк сардори эъзомияи Ҳисор Исоев Игор Леонидович ҳам буд. Ӯ марди тануманд мӯйлабдор ва дар ҷангҳо обутоб ёфта буд. Ҳама якҷо бар зидди қӯшуни чилҳазораи амир ҳуҷумро шурӯъ карданд. Пагоҳӣ хабар омад, ки кӯчаҳои шаҳр пури сароҳо пиёда аст. Исоев полки 8-уми тирандозро фармуд, ки аз поёни шаҳр гузашта, роҳи ақибгардии душманро банданд. Ба батарея фармуд, ки қалъаи бекнишинро гулӯлаборон кунад.

Бригадаи Чернов, полки 3-юми сарҳадӣ ва полки милисаи Бухоро фармон гирифтанд, ки бар зидди қувваҳои асосии амир, ки бо кӯчаҳои ду ҷониби бозор пиёдаю савора меоянд, ба ҳуҷум гузаранд.

Ҳангоме ки ба роҳ баромаданд, Чернов фармуд, ки якчанд пулемётро бар болои бомҳо ва даромади кӯчаи Корвонгузар, ки то маркази шаҳр тӯл кашидааст, оварда ҷо кунанд. Ҳаво нарм аст. Барои ҷанг мувофиқ. Дурбин монда, роҳи омади душманро муоина кард: дастаҳо аз ҷониби шимолу шарқии шаҳр, аз кӯчаҳои Кулолгарон ва Шутурбанд сӯйи майдони назди бозор меоянд. Бозор хеле калон буда, дар тарафи рости роҳ қарор дорад. Аз афташ, душман майдони назди бозорро ҷойи муҳориба қарор додааст. Ба сардастҳо фармуд, ки зудтар ҳаракат кунанд. Нагузоранд, ки гурӯҳҳои душман ба дигар кӯчаҳо паҳну парешон шаванд. Ин дам тӯпҳо ба кор даромада, қалъаи бекнишину майдонҳои атрофро гулӯлаборон карданд. Ин амал қӯшуни амирро бесаранҷом кард. Тахмини Чернов дуруст баромад. Лашкари амир бозорро гузашта, сафҳоро ба тартиб дароварда, ба ҳуҷум гузашт. Аз оғози майдон он тараф то назди бозору баромади он сароҳои зиёд ҷамъ омадаанд. Мисле ки ба пойга омада бошанд. Аз пас боз дастаҳои зиёд намудор мешуданд.

Бо ҳамон сару сурате, ки дар ҷангҳои пеш доштанд, шӯру мағал бардошта меоянд. Гӯё аз ҳавзи бузурге об канда шуда, бо даҳшат пеш меояд. Баъзеҳо қамчинашонро бардошта, ҳо-о-о-й-й мегуянд. Баъзеҳо қамчинро бо дандон газида дасташонро бардошта, гӯё аз паси улоғ метозанд. Чернов ҳам таъхир накард. Баробари тиррас шудан фармони «занед!»ро дод. Аввал полки тирандоз корро шурӯъ карду баъди он садои пулемётҳо баланд шуда, овозҳои ҳайюҳӯйро

пахш карданд. Мисле ки жола барги дарахтро мерезонад, ҳамчунон сарорахо бо аспҳо каллапо мешуданд. Сарорахои ақиб ба онҳо бархӯрда, меафтоданд. Доду фарёд ба осмон печид. Андак пас кӯча пури мурда шуд. Аммо сарорахо чун дарёи пурталотум ҳамчунон пеш меоянд. Лаҳзае ба назари Чернов намуд, ки пулемётҳо таъхир мекунанд. Ӯ наздик шудани дастаҳоро дида, пай бурд, ки ҷанги тан ба тан ногузир аст. Гашти аспашро суст карда, бешуурона туфангчаашро бароварда, ҳар панҷ тирро ҷониби тӯда холӣ кард. Нафаҳмид, ки тирҳояш расиданд ё не. Мушоҳида кард, ки дар тарафи чапи майдон баландие ҳасту хонаҳои гилӣ то домани кӯҳ мераванд. Поёнтар аз баландӣ ҷавоне, ки дар тан ҷомаи рах-рах дораду як тарафи рӯяш хунолуд аст, нишаста ба атроф менигарад. Гӯё ҳайрон аст, ки ин ҷо чӣ воқеа рух додааст? Дар поёнии баландӣ аспу одамони афтидаро мебинад. Аспи гирдаи шилшиладоре кӯшиши хестан карду натавонист. Тагаш пури хун. Сарорахо ба ҳам расиданду ҷанги тан ба тан шурӯъ шуд. Аскари амирро сару либос ҳархела: қисме телпак ва нимтанаи сиёҳи туркӣ доранд, бо шамшер хуб ҷанг мекунанд. Маълум, ки сарбозони касбиянд. Қисме саллаю ҷомаҳои аз тику читҳои навбаромад дӯхта пӯшидаанд. Қисме, ки аз кӯчаи Кулолгарон тӯда-тӯда шуда меояд, бештар саллаю чакман дорад, силоҳашон асосан калтаку корд. Баъзеҳо найза доранд. Аз афташ, барои он тӯда шуда меоянд, ки тавоноиро дар якҷоя будан мебинанд. Аён аст, ки бори аввал дар чунин корзоранд ва беҳуда аз тир ё шамшери беамон қурбон мешаванд. Охир пеш аз он ки ба ҷанг даропӣ, бояд илми ҷангро биомӯзӣ. Каму беш донишу таҷриба бигирӣ. Ду-се маротиба дар чунин ҷангҳо иштирок кунию тир аз пеши биниат гузарад, гӯшатро харошад, аз болои мурдаҳои чашму даҳонашон кушода ва бадвоҳима бигзарӣ. Ҳатто лаҳзае пеш меояд, ки як ба як бо душман мемонӣ: тарси ҷон маҷбурат мекунаду шамшерро ба кор мебарӣ. Агар чолокӣ кардаю теғаш задӣ ва зинда мондӣ, чеҳрааш ду-се рӯз пеши чашматро парда барин мегирад, шабҳо чеҳраи маҳзун ва каҷу килебшудааш дар хобат медарояд ва пас аз он, ки он парда барафтод, одами ҷангӣ мешавӣ. Худам ҳам ин зинаҳоро тай кардаам.

Аз ҷониби кӯчаи Шутурбанд дастаҳои нав ба майдон даромаданд. Онҳо ҳама ҷавонони тануманд ва аспҳояшон яккачин, либосҳои сиёҳи ҷангӣ доранд. Аз рӯи хабарҳо амир дар солҳои охир аз ҳисоби қадбаландтарин ашрофзодаҳои Бухоро дастаҳои ҷангии «кувонска» ва «шефска» таъсис дода будааст, шояд ҳамонҳоянд. Муддате нагузашта Чернов мушоҳида кард, ки баъзе дастаҳо дар чолокию нотарсӣ аз сарбозҳои худаш камӣ надоранд. Аз болои ҷӯйборе гузашта, чашмаш ба Манучеҳр афтид, ки дар соҳили рӯд бо марди ҳузарбе муҳориба карду пас аспро ба шаст ақиб гардонд, наздик буд асп ба рӯд меафтид, аммо сиёҳмушкин чолокӣ карда гурехт.

Дар поёни роҳ, назди масҷид як даста салладорҳо ба ротаи Семёнов фишор оварда, ба соҳил танг мекарданд. Он ҷо мурдаҳои зиёд менамоянд. Семёнов, ки дар орзуи ҷанги тан ба тан буд, акнун маззаашро мечашид. Худаш дар назди дарвозаи масҷид бо чобуксавори рӯйпаҳне, ки аспи майгун дорад, занозанӣ мекунад. Семёнов таги курта аст, пешонааш хунолуд. Чернов ба Давлат, ки бо дастааш бо гурӯҳи либоси туркипӯш муҳориба дорад, фармуд, ки ба ёрии

Семёнов шитобад. Ва худаш низ наганашро бароварда он сӯ асп монд. Ва раҳорах мушоҳида кард, ки ҳарифи Семёнов ҷавони чолок аст. Хаму рост шуда устокорона аз зарбаҳои Семёнов мегурезад. Яқин, ҷавон човандоз аст. Чернов дар ҷангҳои Фарғона дида буд, ки човандозҳо саворони чобуканд. Ҳангоми мусобиқаҳо тангаро аз замин мебардоранд. Аммо Чернов ҳанӯз наздик нашуда Манучеҳр расида бо шамшер ба китфи ҷавон заду зуд лаҷоми аспашро гирифта ӯро ба замин тела дод. Аммо андак монда буд, ки Манучеҳр ҳам саросар барбод диҳад. Ҳасани ҷувоз ба сарвақташ расида, пеши роҳи ҷавони ҳузарберо ки бо шамшери кин наздик омада буд, дошт. Дукаса ба душман ҳуҷум карданд, ки ҷавони ҳузарб хатари маргро дида, зуд сари аспи бузургҷусаашро гардонд. Чернов аз пасаш куланги тапончаро зер кард ва дарҳол тир надоштани он ба хотираш расид. "Ҳоло аҷалаш нарасида будааст!" гузашт аз дилаш.

Ҷанг шиддат гирифт. Дар тарафи чапи майдон дастаи Загорский харб мекард. Сержант Сергеев Сергей, ки взводи Загорскйиро қабул карда буд, бо ду нафар муҳориба карда, якеро ба шоф ба китфаш зада афтонд, дуюмӣ саросема сари аспашро гардонда гурехт. Он ҷо аз ҳарду тараф захмиҳо бисёранд. Полки самарқандӣ дар наздикии баландӣ ҷанг дорад. Дар даромадгоҳи бозор полки 1-уми аз Ғузор омада пеши фавҷи гурӯҳҳои тозаомадаро мегирад. Полки 3-юми сарҳаддӣ ҳам дар наздикии онҳост. Исоев дар ҳамон ҷо. Худаш ҳам ба ҷанг даромадааст. Вай дар ҷанги якуми ҷаҳонӣ иштирок кардааст. Аз соли 1917 бо хоҳиши худ ба Армияи сурх мегузарад. Ба сифати сардастаи артилерия дар фронти Моварои Каспиӣ хизмат кардааст. Дар озод кардани Уралск ва Хева иштирок карда, бо ордени Байраки Сурхи ҷангӣ мукофотонида шудааст. Ба гуфтаи Манучеҳр, ки аз ҳама гап бохабар аст, баъди он ки Исоев бо тӯп манораи Бухороро мезанад, ӯро "Исоеви манора" лақаб мемонанд. Аз кӯчаи Шутурбанд омадани дастаҳо ҳеҷ кам намешавад ва Муҳаммадшариф хабар овард, ки Исоев қисме аз полки 8-уми эҳтиётиро низ ба ҷанг даровард. Чернов мушоҳида кард, ки дастаҳои аз кӯчаи Кулолгарон меомадаро Романенко бо пулемиёт зада пас мегардонад. Назараш ба сарбози ротаи 3-юм Володя Барасевич афтод, ки марди тануманди ба сараш шамшер кашида омадаро ба тир зада ғалтонд. Баъд чобуксавори ҷомаю салладоштаро дунбол гирифту ҳарду сӯйи баландӣ асп монданд. Аспи ҳарифаш чолокӣ карда пеш гузашт. Дар ин вақт савори сурхрӯи бурутдоре аз паси Барасевич аспашро қамчинкорӣ карда, бо ӯ баробар шудан хост. Барасевич аз пасаш омадани душманро пай бурда, аспашро ба шаст пас гардонд. Асп мувозинаташро гум карда наздик буд, ки ба паҳлу меафтид. Дар ҳамин лаҳза ҳариф бо корд ба байни шонаҳояш зад. Ва ба сағрии аспаш ҳам корд зад, ки асп хез гирифту Барасевич бо сар ба замин зад. Асп пеш по хӯрда, ба болояш афтид. Сару синаи Барасевич таги асп монда буд. Чернов ба сӯи бурутдор тир паронд, аммо тираш нарасид. Лаҳзае пас дид, ки як гурӯҳ ҷангиҳо аз роҳи поён баромада, ба полки самарқандӣ фишор меоранд. Вале ҳуҷумашон дер давом накард. Сарбозони полки 3-юми сарҳаддӣ ба имдоди полки самарқандӣ омаданд. Чернов ҳис кард, ки рӯзи кӯтоҳи зимистон аллакай аз ним гузаштааст. Андак пас навкарҳои нимтанаи туркипӯш ноаён корзорро тарк карда, ба даруни бозор ақибнишинӣ карданд. Ҷавонони содаи

деҳотӣ бошанд, истодагарӣ доранду беҳуда худро қурбон мекунанд. Ҷанг боз ним соат барин давом карду пас аз ҳар тараф "Урра! Урра!"-гуфта душманро ҷониби баландӣ фишор оварданд. Онҳо тоқат накарда дар гурез шуданд. Чернов сабукӣ ҳис кард, пай бурд, ки либосҳояш аз арақ тар шудаанд. Андешид, ки дирӯз хунук буду имрӯз чӣ қадар гарм аст! Абрҳои сафед, ки пагоҳӣ осмонро пӯшонда буданд, ҳоло пора-пора шудаю ҷониби шимоли шаҳр ҳаракат доранд. Ногоҳ овози шӯру мағал шунида шуду Чернов дид, ки аз кӯчаҳои Шутурбанд ва Неъмати Шерозӣ, ки сӯйи бозор меоянд, анбӯҳи мардум бо чӯбу корду досҳои зангзада доду фарёд бардошта, бар зидди аскари сурх ба ҷанг меоянд. Инҳо деҳқононанд. Бештар ҷома ё чакмани дарбеҳкардаю куртаи карбос доранд: саллаҳои баъзеҳо кушода шудаю соҳибонашон бехабаранд. Баъзеҳо эзор то зону бар задаю пойлуч дар роҳи лой бепарво қадам мезананд. Яқин инҳо аз деҳаҳои гирду атроф омадаанд. Пагоҳӣ Давлат ё каси дигаре гуфта буд, ки "одам бисёр меояд." Нӯҳ рӯз пеш, ҳангоме ки шаҳрро гирифтанд, бек қалъаву қасрҳояшро гузошта, фирор карда буд. Ва баъди он, ки дубора ҳамроҳи қӯшуни амир ба қалъа даромад, ба умеди пуштибонӣ мардуми деҳаҳои атрофро низ ҷамъ кардааст. Мехоҳад нишон диҳад, ки халқ ҷонибдораш аст. Чернов дид, ки Романенко ҳамроҳи ҷавони ланге даву тоз кардаю пулемётҳояшонро байни саҳн меоранд. Романенко пулемётро ба муқобили душман ба кор даровард мардум тут барин рехтанд. Камиссар Ершов аз поёни роҳ аспашро лукка зананда омаду Романенкоро доштанӣ шуд, ки Чернов намонд:"Николай, пеши онҳоро надорем, моро шуста мебаранд!"- гуфт. Дар роҳ мурдаҳо ғарам шудаанд. Аммо тӯда мисли гови аз банд раҳошуда, ҳамчунон уштулум карда пеш меояд. Ақиббудаҳо дарк намекарданд, ки дар пеш борони марг нобудашон мекунад. Ва бо ҳамон фарёду ғавғо аз болои ғарами мурдаҳо гузашта мераванд. Романенко ба ваҳм афтида, пас гашт. Яқин, пурсиданист, ки корашро давом диҳад ё қатъ кунад? Якбора се - чор нафар фарёд заданд: "Зан! Михаил, зан!! Намон, пеш биёд!!" Дар байни фарёдзадаҳо Чернов ҳам буд. Рӯйи ҳам афтидани одамонро дида, чунон ки дар чунин мавридҳо рух медиҳад, дилашро на раҳму пушаймонӣ, балки ғазабу нафрати бепоён лабрез кард: "Ош ҳамону коса ҳамон!." Дар ҷанги Колесов чунин шӯру мағал бардошта меомаданд, дар ҷанги Бухоро ҳамчунин буд, ҳоло ҳам ба ҳамон тарзу низом меоянд. Ӯ дод зада гуфт: "Инҳо гурги гурусна барин пеш оянд, ман чӣ кор кунам?!" Аз байн рӯзе чанд гузашту дар ҷанги Ҳисор айни ҳамин ҳолат рӯй дод: тӯда доду ғавғо бардошта пеш омад. Романенко пулемёти оташфишонро сӯяш дошт: тӯда ҳамчунон меомаду меомад. Черновро тоқат тоқ шуда, "Ист! Михаил! Даме ист!"-гуфт. Романенко ҳамин гуфтаи ӯро ба рӯяш кашид. "Инҳо гурги гурусна барин тозанд, ман чӣ кор кунам?!" Чернов дандон ба дандон монда, хомӯш шуд. Воқеаи Ҳисор баъди як моҳ рух дод. Ҳоло бошад, корзори Бойсун аст. Баъде ки он ғарами мурда афзуду тӯда воқиф гардид, бо ҳамон шаст ва ҳой-ҳуй пас гашта, фирор кард.

Қисми бештари қӯшуни амир акибнишинӣ кард. Аммо дар атрофи масҷид ва назди бозор ҷанг давом дошт. Дастаи Загорский, полки мусулмонӣ душманро фишор оварда, ба дохили бозор бурда ҷо кард. Як қисми ротаи Семёнов низ ба онҳо ҳамроҳ шуд. Семёнов ҳоло ба аспи майгуни бузургчусса савор аст.

Манучеҳр дар ағбаи Оққӯтал ба ӯ ваъда карда буд, ки барояш аспи хат
пайдо мекунад. Пайдо кард. Ҷавони рӯпаҳнро бо шамшер зада афтонду асп
ро гирифта ба ӯ дод. Дар ин асно дастаҳои тозаи душман ба майдон вор
шуданд. Ҷанги баъди нимрӯз ду соат барин давом кард. Вале ба шиддату с
тии бештаре сурат гирифт. Ҳарду тараф медонистанд, ки шикаст чӣ оки
нофарҷом дорад. Хусусан барои бухороиҳо, ки дигар ватанашонро намебин
Аз ин рӯ аз камтарин имкон истифода мекарданд. Гаштаю баргашта ба май
медаромаданд ва қурбонӣ медоданд. Мисли мурғе, ки сайёди аз паси чӯҷаҳ
афтидаро дидаю болои сараш давр мезанад, назди сайёд нишаста, ҳуши ӯ
ҷалб карданӣ мешавад, вале сайёди доно ба ӯ эътибор намедиҳад, ҷӯҷаҳо
ки ҳанӯз парида наметавонанд, дар танаи кӯҳ ба тарс чув-чув кардаю ғалт
хезон равонанд, як-як дошта ба бағал меандозад.

Дар ин асно дар дохили бозор воқеъаи ғайри чашмдоште рӯй доду ҳам
дар таҳлуқа андохт. Аз паси пешдуконҳои бозор, чоши ҷаву гандум, халт
ҷуволҳои бозоракиҳо, ки ҳар ҷо тӯп карда шуда буданд, ногаҳон марде
деҳқонамо ва бо корду оҳанҳои нӯгтез мусаллаҳ хеста, ба полки самарқан
ҳуҷум карда, дар андак муддат як қисми онро аз по дарафканданд ва чанд
худашон ҳам мувоҷеҳи марг шуданд. Ҳамзамон ду дастаи калони мусаллаҳ
дари паси бозор ба ҷанг даромаданд. Чернов аҳволро дида, дастаи Давлат
ба он сӯ равона кард ва худаш ҳам аспашро маҳмез зада рафт. Аммо аз бол
мурдаҳои одамону аспҳо, ки дар майдон, дар ҳар қадам хобанд, тез раф
имкон надошт. Исоев, ки ҳамроҳи як гурӯҳ кормандони штаб дар дарома
саҳн, дар баландӣ меистод, воқеаи даруни бозорро дида, зуд ними полки 1-у
аз Ғузор ҳамроҳаш омадаро, ки дар назди масҷиди поёни роҳ бо дастае ч
доштанд, ба ёрии полки самарқандӣ фиристоду худаш ҳам бо ҳамроҳонаш
ҷойи воқеъа шитофт. Дастаҳои тозаворид ба даруни бозор даромаданду ка
ним соат ҷанг давом кард. Дар охир боз ҷанги тан ба тан сар шуд. Гурӯҳе
даст корду шамшер гурӯҳе бо калтак меҷангад, Чернов Сергей Таратухин
Швирков Володяро дид, ки дар байни ду дӯкон аз мили камон доштаю
гашта, душманро наздик омадан наемонанд. Дар пешдукони он тараф ст
шина Руднев бо шамшер корзорӣ мекард. Дар тагаш туруқи қоматбаланд
Офарин, аспи хуб ба даст даровардааст. Аз байн ду-се дақиқа барин гуза
полки 8-уми тирандоз, ки роҳи гурези душманро мепоид, бо садои "ур-а!
а!" ба ёрӣ расид. Душман рӯ ба гурез ниҳод. Аз афташ, онҳо медонистанд
роҳи баромад баста аст, ба кӯчаҳои танги шаҳр паҳн шуда ба сӯйи кӯҳ р
гирифтанд. Баъзе қисмҳо аз пасашон то баромади шаҳр рафтанд. Чернов
даромади кӯчаҳои Кулолгарон ва Неъмати Шерозӣ ғарами мурдаҳоро ли
дигар пеш нарафт.

Муҳаммадшариф хабар овард, ки пагоҳ ҷангро дар дараи Бандихона
вом медодаанд. Ин хабарро аз забони гурӯҳҳои навомада, ки дар беруни ш
қарор доштанд, шунидааст.

– Баъди ҷанги имрӯза дар гумон аст, ки онҳо ба зудӣ ба худ оянд.-гу
Чернов ва аспашро пошна зад.

– Рост,- Муҳаммадшариф низ аспашро тозиёна зада баробари аспи Чернов расонда афзуд: - Бо ҳамин гурехтан амирро аз Афғонистон меёбед.

❁ ❁ ❁

Мансур ба як даста ҷавонони балҷувонӣ, ки аз паси мирашон Давлатманд омада буданд, ҳамроҳ шуда, ҳангоми говгум ба Бойсун расид. Заминҳои атроф ҳама барфпӯш. Кӯчаҳо ҳам барф доранд. Аз ҷониби кӯҳҳои баланди шимол боди хунук вазида, барфи хушкро рӯфта сӯи шаҳр меорад. Шаҳр мисли киштии пурбори дар соҳил лангар партофта менамояд. Зарраҳои гулхане, ки аз мӯриҳо берун меоянд, зуд нопадид мешаванд. Аз ҳар тараф овози гуфтугӯи одамон, садои маркабу шиҳакашии аспҳо шунида мешавад. Аммо касе ба сафаракиҳо кор надорад. Касе намепурсад, ки шумо аз кучо омадеду ба кучо равонаед? Дарвозаеро задаю дараки лашкари амирро пурсиданд. Соҳибхона аз он ки дар ин бевақтӣ нороҳаташ карданд, норизо шуда гуфт: "Додар, панҷ рӯз аст, ки ба ин ҷо лашкар меояд. Ҳоло масҷидҳо ва меҳмонхонаҳои мардум пури лашкар аст." Худашон дар торикӣ пурсуҷӯ кардаю ба масҷиди кӯчаи Кулолгарон, ки камтар одам доштааст, даромаданд. Саҳни масҷид васеъ ва ду тарафаш пӯшида буд. Он ҷо одамони зиёд дарою буро мекарданд. Маълум шуд, ки ба ғайр аз балҷувониҳо дастаҳои дигар низ он ҷо иқомат мекардаанд. Атрофи масҷид, роҳҳо, ҳавлиҳои одамон пур аз аспу улоғ! Баъзе аспҳои наздик басташуда ба ҳамдигар лагад партофтаю ҷанг доранд. Чун дохили масҷид пури одам буд, онҳо рӯйи ҳавлӣ ҷой гирифтанд. Як муддат дар саҳн бесаранҷом шуд. Ҳар кас ҷойи гармтар меҷуст. Баъзехо ба дарҳо сар халонда, ғур-ғур мекарданд: "Дар чиллаи зимистон сагро дар берун бандӣ, намеистад!" Марди сергӯшти биникалоне, ки он ҷо барою даро мекард, фармуд, ки дар байни саҳн оташ гиронанд. Навомадаҳо дар ду гӯшаи ҳавлӣ оташ афрӯхтанд. Мансур дари яке аз хоначаҳои назди дарвозаро кушоданӣ шуд, ки намонданд. Гуфтанд, ки ин ҷо домуллоҳои калон ва сарҳангон ҷой гирифтаанд. "Домуллоҳоятон ҷои гарма гирифтаанд, пагоҳ ҷанг кунанд" пичирос зад Мансур. Ӯ дар кунҷе, ки шамъ дошт, болои намад намози хуфтанро хонду чашмаш ба ҷавоне афтид, ки сарашро якмаром пешу қафо кардаю як-як ба шиддат худ ба худ чизе мегуфт, номи шахсеро гирифта ба ӯ гап мезад. Домуллои наҳифҷуссае бо ҷома худро печонда, рӯйи намад дузону нишаста, бо овози шунаво тез-тез дуо хонда, беморро куфу суф мекард.

– Ин ҷавон ду рӯз пеш аз Каттақӯрғон ба ҷанг омада буд, девона шудааст,- гуфт марди ришпаҳне, ки ба девор такя карда пинак мерафт. -Домуллоро аз шаҳр овардем, ки ӯро қасидахонӣ кунад.

Онсӯтар боз се нафар чакманҳоро ба сар кашида, нолиш доштанд. Нафаре, ки ба онҳо нигоҳубин мекард, гуфт, ки инҳо тасб кардаанд: аз афташ, дар роҳ шамол кашидаанд. Баъзеҳо рӯймол паҳн карда нони овардаашонро тановул мекарданд. Дар назди дари даромад махзани об аст. Дарунаш кафлеси чӯбин дорад. Касе хоҳад, рафта менӯшад. Девона ду маротиба парида хестанӣ шуд, ки марди ришпаҳн ҳарду дасташро дошта шинонда ҷаҳл кард: «Шин ки мезанам!»

Мансур ин ҷо фаҳмид, ки толибони ҷанги куффор бисёр омадаанд, пагоҳ ҷанг сар мешудааст.

Посе аз шаб гузашту Мансур аспашро хабаргирӣ баромад. Ҳоло шамол [illegible] шудааст. Шиботи барф ҳам нест. Аммо дарою бурои одамон ҳеҷ бас намеша[illegible]

Маъмурон (яқин бо фармони беки шаҳр) дар таги девори масҷид дег[illegible] монда, ба хӯрокпазӣ шурӯъ карданд. Боре биникалоне, ки фармуда бу[illegible] байни саҳн оташ гиронанд, ҷома дар танаш ба мардум хабар расонд:

– Бародарон, маслиҳат шуд, ки баъд аз намози бомдод палавро хӯр[illegible] ҷанг мебароем. - Ӯ ҳамчунон аз болшевикҳои мулҳиду мункир, аз боби пур[illegible] будани Ҷаноби олӣ, аз он, ки мардуми мусулмон ба эҳтирому ҳурматашон. [illegible] ҳар соат фавҷ-фавҷ меоянд ва боз аз масоили дигар сухан гуфт. Вале Мансур [illegible] аз кӯфти роҳ хаста шуда буд, пушт ба девори саҳн ғанабаш бурд. Дар хоб [illegible] ки куҷое меҳмонӣ рафтааст баъди бархостан дар рӯйи ҳавлӣ беҳуда каша[illegible] кардаю то ними рӯз вақтро гузарондааст. Пас ба роҳ мебарояд ва наздики гу[illegible] мебинад, ки анҷомҳояшро фаромӯш кардааст. Ҳатто ҷомаашро нагирифта[illegible] Аз роҳ пас мегардад. Аз пеш биёбони пурҳавл баромаду роҳгум зад. Ба хотир[illegible] расид, ки ҳатто номи деҳаро, ки меҳмон буд, намедонад. Ақлаш нарасида[illegible] ки пурсад. Шаб шуду ӯ на пеш рафтан метавонад, на пас гаштан. Ҳар дам [illegible] дашро мазаммат мекард, ки нодонию аблаҳӣ магар аз ин зиёд мешавад? Д[illegible] дашт пайроҳаҳо бисёр буданд. Намедонӣ ба кадомаш равӣ. Бегоҳ фаро рас[illegible] ва аз тарс, ки шабона дар дашти беканор танҳост, бедор шуд. Мансур аз та[illegible] бири хоб андешаманд шуду фикр кард, ки аз афташ ҷанги пешорӯ саргардони[illegible] таҳлука ба бор меорад.

Дар гӯшаи саҳн беморони табкарда ҳоло ҳам нолиш доштанд. Онсӯта[illegible] муллое, ки савдоиро мехонд, низ бедор буд. Ӯ хушҳолона гуфт, ки бемор на[illegible] арақ карду ғанабаш бурд. Арақ кардан нишони шифо ёфтан аст. Ва ба Мансу[illegible] маслиҳат дод: - Ба ҷанг ки даромадед, дуои ҳазрати Юнусро аз даҳон намонед: "Ло-иллоҳа - илло - анта субҳонака - инни кунтум минал золимин".

Аммо дар масъалаи ҷанг болшевик магар маслиҳатро напазируфт, ки бароб[illegible] ри кафидани чашми рӯз тӯпҳояшро ба кор даровард. Дар атарофи қалъа тарки[illegible] шуд. Мардум бесаранҷом гаштанд. Баъзеҳо ҳатто ба намоз нигоҳ накарда, [illegible] паси аспашон шуданд. Баъзеҳо намозро хонда ба фотеҳа нигоҳ накарда хестан[illegible] Назди дарвозаи дутабақаи ҳавлӣ тамбаю тела шуд. Баъзеҳо кафш, баъзеҳо хӯрч[illegible] мекобанд. Баъзеҳо саросема кафши чӯбинро ба пояшон сахтакак мебандан[illegible] баъзеҳо сари дег мераванд, ки хӯрок гиранд. Аз боби камону тиру шамш[illegible] касе сухан намекунад. Мансур ҳам, ки ду-се рӯз боз дами гарм нахӯрдааст, [illegible] табақ палав гирифта, ба гӯшае меравад. Аз дарвоза шамоли хунук медарояд[illegible]

Саркорҳо ба хонаи сарҳангону домуллоҳо табақҳои ҳавраш баромадаист[illegible] да палавро даровардand. Аз дохили масҷид як даста масчоиҳо баланд-бала[illegible] сухан гуфта баромаданд. Ҳама ҷавонони қоматбаланданд, чеҳраҳои сурхи зе[illegible] доранд. Баъзеҳо ҷома, бештар чакман пӯшидаю бо рӯймолҳои алоча гӯшп[illegible] бастаанд. Камонҳояшон ҳархела: чақмоқӣ, даҳонпур, баъзе камони милдарс[illegible] русӣ, баъзе англисӣ доранд, касе чизе ёфтааст. Мансур аз дур онҳоро шино[illegible] Ҳар вақт барои хариди масолеҳи тӯйу маъракаҳояшон ба бозорҳои Самарқа[illegible] меоянд ва ба лаҳни махсуси худашон ҳамин гуна беибо, баланд-баланд гуфт[illegible] хандида, бозорӣ мекунанд. Кисабурҳои шаҳр, ки нотарсию ғаюрии онҳо

медонанд, бо эҳтиёт ба онҳо наздик мешаванд. Ҷавони қавипайкар ва русурхе, ки пеш-пеш меомад, гӯшпечи шоҳӣ ва ҷомаи беқасаб дорад. Аз тоқи ҳавлӣ гилемро гирифта, байни саҳн партофт, болояш чорзону карду бо ҷидият гуфт:

– Воллоҳ, то палав нахӯрам, қадам аз масҷид берун намегузорамо. Шумоён ҳам шинето. Дар ин аёси саҳари чилла дили гушна на ин ки дар ҷанг кор намеоед, воллоҳ, дар болои асп дошт намедиҳед. –Аз рӯймоли паҳлӯяш нони ширмол гирифта, болои дастархон монду ба оҳанги дигар афзуд:- Ин кору ин масхарабозия бинед, як ҳафта шуд дами гарма надидем. Ин подшоҳи Бухоро, ба ном подшоҳ будааст, худаш ба як мири ҳам намеарзидааст. Тура гуфта, ҳамин қадар кӯҳу ағбаҳои барфу яхро тай карда биёему як зиёфат надиҳӣ, чи хелӣ подшоҳӣ! Худо марги ҳалоҳилат диҳад.

Ҷавони ҷиддисимое, ки риши сиёҳи дароз дорад, дигар гилему намадҳоро оварда, ба саҳн андохту ба зарда гуфт:

– Дар пеши пойи Баҳромбек сарама мунам, сухани ҳақ мегуядо. "Дасти шикаста кор мекунаду дили шикаста не," - гуфтиян. На дар Душанбе, на дар ду рӯзе, ки ин ҷоем, як муқарраби Ҷаноби олӣ аст ё Ҷаноби холӣ, ё Ҷаноби масхара нагуфт, ки ҳой масҷоӣ, ин қадар раҳи дур омадӣ, чӣ камию костӣ дорӣ? Акнун то муқарраборну муккарамони палавхӯраш омада пеш-пеш надароянд, волло агар аз ҷоям ҷумбамо!

Марди шонапаҳне, ки чашмони калони қаҳромез дорад, гуфт:

– "Касофат як ба дах, дах ба сад" дар ҳаққи ҳамин подшоҳи мо. Одамҳои даруна гӯш кардед? Ҳамонҳо ҳам дилашон пури дард. На тиршун додаст, на камон. Баъзеҳоро пеш-пеш карда овардиян, чоруқош чоруқи ман барин фуқаш даридагӣ.

Ҷавони русурх аз рӯймолаш нон гирифта болои дастархон монда гуфт:

– Ман ин ҷо омадам, ки барои ватанам шуда хуни кофира резам, хуни худам ҳам резад, ман сад ҷун розӣ. Лекин барои ту барин ҷаноби падарлаънат, ҳатто даст боло намекунам!

Онҳо палав оварда даврa нишастанд. Чанд таркиш шуду ҷавони рӯсурх нигоҳаш ҷониби майдон гуфт:

– Дар гӯри бобои бачабекат(болшевик) риҳам, ба ҳамин хокпошакҳояш алови чашми масҷоҳиро гирифтанист. Мон, ҳамин палавро хӯрам, биллоҳиазим хеста ҳамраҳат қад ба қад мешавам. Ана баъд мебинем Худо ба ту медиҳад ё ба ман. -Ва ҷониби рафиқонаш илова кард: -Бар нақизаш ягон нафарат аз ҷоят наҷумб. Мон як бор ғурури масҷоҳиро бинад!

– Дар пеши поҳотун ҷунам, Баҳромбек, як суханҳо мегӯед, ки дар пойи самбақа ҳафтбанд кунӣ агар, истадо -гуфт марди чашмкалон. - Тӯпу туфанг ба ғурури масҷоҳӣ чӣ кор дорад? Воллоҳ, вақте ки тӯп задтун, ба замин чалпак мешаведо, ба кафгир тарошида мегиремтун.

– Акои Муллораҷаб, худатон дида будед, барзагови Охунбека. Хона барин будо, ду шох дошт найзаи хаттӣ барин, зад наафтидаму аз тӯпи ким-кадом кофири мубтало меафтам?

Мансур хандаашро базӯр дошт ва фикр кард, ки ин ҷавонҳои нодону содаро, ки аз сад гулашон яке ҳам нашукуфтааст, ҳокимону муллоҳо, чиҳод фарз,

ҳифзи дин фарз гуфта ба ин бало андохтаанд. Лаҳзае пас бо ҳамон содаг якравии кӯҳистонӣ, бо камонҳои дақёнусиашон, ки гоҳ оташ мегиранду г не, бар зидди армияи ҷангдидаю техникаи асрии рус мераванд. Инҳо монан кӯдаки навпоянд, ки сӯйи партгоҳ равонанду дар атроф касе нест, ки огоҳ н над. Инҳо аз деҳаҳое омадаанд, ки овози тӯпро нашунидаанд ва намедонан ки пулемёт чист. Инҳо намедонанд, вале амиру атрофиёнаш медонанд, ки бо пилтакамонҳо ба ҷанг даромадан ҷуз шармандагию худкушӣ нест. Модом чиҳод эълон кардию мардумро хезондӣ, ин тарафи корро ҳам бин буд, номар Бухорои нозанинро додӣ, дороиеро, ки дар ин ватан буд, додӣ. Акнун дили дониста ҷавонҳои ғаюрро ба куштан медиҳӣ?!

Аз хоначаи назди дарвоза сипоҳии биникалон қамчин дар даст ҳамроҳи нафар домуллоҳои салласафед тасбеҳҳоро гардондаю дуъо хонда баромада Сипоҳӣ саросема менамуд. Ба домулло шунавонда гуфт, ки пеши аскари амир аллакай ба майдони назди бозор расид. Аммо домуллои лоғарандоми зард саросема нашуда, аз зиндагии ҳазрати Довуду ҳазрати Иброҳиму ҳазрати Ю ки аз даҳони моҳӣ саломат берун омадааст, қисса карду афзуд, ки онҳо ба н яти Худои яккаву ягона зинда мондаанд...

Сипоҳӣ "мо дер мекунем!" гуфта, домуллоро саросема кард. Вале домул ҳамчунон оҳиста сухан мекард. Вай медонист, ки дар ин маърака коре. к бояд анҷом диҳад, ҳамин росту дурӯғ гуфтан аст. Аз ин рӯ бафурча ба сухан идома дод:

– Ҳоло рӯзу соате расидааст, ки мо аз ин болшевикҳои ношустаю бен интиқом бигирем. Ин лаҳза Худованд моро дар майдони озмоиш қарор дод ки оё аз дасти душман ватанамонро пас мегирем?! Динамонро ҳимоя мекун Ин ҷо баъзе нодонҳо ғур-ғур мекунанд, ки аскари болшевик пулемуту фал бисмадон дорад? Дорад! Сад чандон дошта бошад ҳам, корҳо ба иродаи Хо якто сурат мегиранд! Шумо ҳам, ки дар роҳи дини мубини ислом мечан дилро ба сӯйи Парвардигору шамшер ба сӯйи душман доред! Аз рӯи сун "дил ба ёру даст ба кор" амал кунед. Ва донед, ки дар зери шамшери ҳар шумо ҳазор малоика дар саф асту аллакай онҳо сарозер шудаанд.

Сипоҳӣ домуллоро бо оринҷаш нихта кард.

Домулло фотеҳаро ҳам дароз гирифт:

– Аҳадо, Самадо, худат шоҳид, ки мо на тир дорем, на туфанг ва аэропланҳои ҷаҳонсӯз; танҳо туро дорем! "Эй Парвардигори мо, бар мо шикеб ва ҳамийят биафзой ва қадамҳои моро устувор гардон ва моро бар гурӯҳи гаравидагон ғалаба деҳ!" (Бақара-250)

Ҷанговарон баробар омин гуфтанд. Яқин, дуъо ба дилҳошон умеди ғал барангехт, ки гиру монашон дилпуртар шуд. Мансур ҳам хесту ҳамроҳи кӯ баромад. Зинро ҷунбонда дид, ки банди ба ҳалқа даровардаи зертанги ас қариб канда шудааст. Аспро аз байни боғе, ки ҷо-ҷо барф дошт, гузаронд дари хонае омада, банд пурсида гирифт. Пас ба кӯчаи рӯбарӯ, ки кӯчаи Нем Шерозӣ мегуфтанд, гузашт. Он ҷо аз гирду атроф мардум пиёдаю савора силоҳҳои бобоӣ- калтаку корд ҷамъ мешаванд. Баъзеҳо оҳани тезро дар н асо бастаанд ва дилпуранд, ки он ба осонӣ шиками болшевикро сӯрох мекун

Баъзеҳо пойлуч омадаанд. Яқин, беку муллоҳо ба дилашон хуб оташи кину душманӣ андохтаанд. Ё ки беки Бойсун қасдан мардумро баровардааст, то ки болшевик "халқ хестааст" гуфта, рӯйи хотир кунад. Аммо ҷанг ҷанг аст, рӯйи хотир надорад. Бояд хунат резад, хун резонӣ ва зӯрӣ карда, ғалаба ба даст орӣ. Мансур аспро аз канори роҳ мебурд, осмонро абрҳои сафед фаро гирифта буданд, лекин ҷониби қибла кушода, ӯро он чи ҳайрон кард, ки кӯчаҳо серодам. Дар кӯчаи он сӯи биноҳо ҳам одамони саворао пиёда равуо доранд. Харсаворҳо ҳам ҳастанд. Фикри "беки Бойсун қасдан мардуми атрофро баровардааст"-ро дар дил тасдиқ кард. Ногоҳ чилави аспашро марди қадбаланде дошт. Мансур баргашта Раҳими қассобро дид. Бо ин мард дар хонаи Низом - махдум нишаста буд. Аз он вақт якуним сол гузаштааст. Мушоҳида кард, ки Раҳимро рангу рӯ паридаю дар нигоҳаш осори озурдагию парешонӣ ҳувайдост. Онҳо ду-се дақиқа гапзанон карданд. Раҳим овозашро паст карда, гуфт: "Мо, таҷаддудхоҳон, ин ҷо бисёр. Аз Самарқанд ҳам дастае омадааст. Баъди он,ки болшевикҳо Бухороро заданд, бештар ҷавонбухороиҳо ба онҳо рост наомаданд. Мо як гурӯҳ шуда чанд постгоҳошона зада камонҳошона гирифта, дар деҳаҳои атрофи шаҳр ва Нурато бар зиддашон ҷанг кардем. Се рӯз пеш фаҳмидем, ки қӯшунашонро ба ин тараф кашидаанд, аз пас расида омадем.

– Хуб кардед,-Мансур хурсанд шуд.- Ҳоло вақтест, ки ҳама як тан шуда, инҳоро зада, аз ватан берун кунем.

– Мо ҳам бо чунин фикр омадем. Лекин ин ҷо гапҳое мегӯянду корҳое мекунанд, ки мехоҳӣ ба рӯяшон туф карда, баромада равӣ.

Мансур пай бурд, ки мусоҳибаш аз ҷадидкушиҳо ва чӯби дор задани амир бохабар шудааст. Аз ин бора гап накушода пурсид:

– Бовар доред, ки қӯшуни амир ба русҳо муқовимат карда метавонад?

– Худатон аҳволро дида истодаед,-лабханд кард Раҳим.- Фарз кардем, ки чунин коре шуданӣ ҳам буд, вале худи амир онро бо нодонияш барҳам зад.

– Пас, мо чӣ гуфта ҷанг кунем?

– Ҷанг накарда чӣ кунем? Ҳама хонаю дар дар дасташон. Ҳеҷ не, ки одамкуширо бас кунанд.

– Раҳим рафтанӣ шуд, ки Мансур пурсид:

– Низом -махдумро ҷавоб доданд? Ӯ ҳоло дар кучост?

– Ҷавоб доданд. Лекин вазъи Низомака хуб набуд. Ҳар вақт шапкапӯшҳои абусчеҳра омада пурсуков мекарданд. Ҳоло бояд аз шаҳр рафта бошанд.

– Ин ҷо наомаданд?

Раҳим ба ишораи "не" сар ҷунбонд ва аспашро тозиёна зада аз паси рафиқонаш рафт.

Раҳим марди кушодарӯи хуштабъ буд. Ин корҳои ношояму ин масхараҷанг рӯҳафтодааш кардаанд.

Мансур яке марди каллакалони саллаи сабздоштаро дид, ки аспашро луки дода меравад. Ӯро шинохт. Ин хуҷандии каллакалонро се сол пеш дар кунгураи Тошканд баргузоршуда дида буд. Мансур аспашро тезонд. Хост гӯяд, ки мо шиносу номи ҳамдигарро намедонем. Вале хуҷандиро дарёб накард.

Аз ҷониби Қалъа овози ҳойю-ҳӯй ва садои камон баланд гардид. Аз паси Мансур даста-даста сараҳо асп тозонда омаданд. Ҳамчунин аз кӯчаи Кулолгарон ва Шутурбанд сараҳо ҷониби қалъа равонанд. Мансур ба онҳо ҳамроҳ шуд. Аз кӯчаи Кулолгарон балчувониҳо омаданд. Онҳо ҳоло аз сесад нафар зиёданд. Маълум мешавад, ки ҳамроҳонашонро ёфтаанд. Аз паси онҳо гурӯҳи масчоиҳо ва ду дастаи чорсаднафараи ӯзбекҳо омаданд. Дастаҳое, ки аз ҷониби кӯчаҳои Кулолгарон ва Шутурбанд меоянд, аз андомашон маълум ки бештар аз тарафи Бухороянд. Коргарони ҳукумати амирӣ, тӯраю махдуму мавлоною судурҳо, аҳли тақвову вараъ, ки дар рӯзҳои бомбаборон ва рӯзи фироқ ва баъдтар ҳам худро аз шаҳр берун гирифта, гумон доштанд, ки ин гирдоби ваҳшат баъди ҳафтае ё моҳе фурӯ менишинаду боз ба манзилашон бармегарданд. Вале он гирдоб ҳеҷ нишони кам шудан накард. Балки акнун ба авчаш расидаю фотеҳҳон на ин ки ёди падар намекунанд, балки соҳиби хонаю *мансабу давлат шуда, по болои по монда, папирос кашида фармон медиҳанд. Як қисми инҳо хешу табор доштанд ин чор моҳро як навъ карда гузаронданд.* Аммо аксар дар дари мардум дар бекасиҳо зистанд. Дар чунин ҳолат ғурури бухорои ҳам наменомад. Онҳо ҳама пайт мечустанд, ки душмани қаттолро зада аз шаҳрашон берун кунанд. Ҳоло ки фаросат даст додааст, ҳама як тан шуда хестаанд. Бале, ҳамин хел шуд. Худои ҳакиму карим нолаашонро шуниду ба онҳо таваҷҷӯҳ кард. Вале алҳол ғалаба бо аскари куффор аст. Ба воситаи туфангҳои дурзану туфангчаҳояшон каси наздикшударо осон сари тир мекунанд. Ба замин паҳн шуданашро дида қақар-қақар механданд. Аз қӯшуни мо низ сардастаҳо туфангча доранд. Лекин онҳо дар даромади майдон одамони худиро пӯписа мекунанд. Мабодо шаккокӣ карда, худатон ҳам ҳамроҳи мо биёед гӯй, мепаронанд. Қаҳрашон сахт.

Мансур бо як бухории салааш дегбарин сиё, нигоҳаш қаҳромез ки дар рӯйи дарозаш зери риши сурхрангаш ду холи мош барин дорад, ҳамрикоб шуда, аз ӯ гап гирифт.

– Шуморо дар кучои Бухоро дидаам...

– Ман ҷорӯбкаши масҷиди маҳаллаи Ялангӣ мебошам. Омадам, ки ду-се ҷадиди муртадро кушаму савоб гирам.- Мард бо абрӯи гиреҳ ба Мансур зеҳн монд. Чашмони сурхрангаш бо ғурур ба кас менигаранд.

– Ҷадидҳоро барои чӣ мекушед? Ҳоло бештари онҳо низ бар зидди болшевик хестаанд.

– Балворо хезонданд, Бухороро зери суми аспи тотору урус кардаю диданд ки ҳама пиру барно ба ҷанг хестаю душмана мезананд, аз ояндаашон тарсида худро ба ин сӯ заданд?! Не, ин найрангашон намегузарад. Мо аввал кори ҳамонҳоро тамом мекунем!

«Ин кину адоватро бинед-а! Ду сол пеш бо айби ҳамин кундаҳо ислоҳот нашуд. Ба айби ҳамин ҷоҳилтинатон ватандӯстону рӯшанфикрҳо хориҳо дидаю берунвилоят шуданд. Ба айби ҳамин ношоистаю нобалад даруну беруни ватан пур аз маҷрӯҳу маъюбу мағбун шуд. Ҳоло ҳам ва дар оянда ҳам аз таассубу вомондагии ҳамин тоифаи бегонатинат, пастсифат шарманда шуда, дардҳо хоҳем кашид!" Мансур ба мард нигоҳи пургазаб андохта, бо овози шунаво гуфт:

– Одам набудаӣ! Бохабар шав, ҳоли худат бад нашавад! -Ва аспашро қамчин зад.

Дар ду ҷониби дарвозаи қалъа одамон давутоз доранд. Сарорахо зиёд мешаванд. Аз саҳни қалъа, аз ҷониби майдон овозҳои изтиробангези «Ҷиҳод! Ал-ҷиҳод! Шаҳбозҳо, ҳаракат кунед! Ҳаракат кунед.!» меояд. Чунон ки ҳангоми ҷовандозӣ гала шуда аз пайи улоғ мераванд, ҳамчунон саҳни қалъаро мегузаранд.

Мансур мушоҳида кард, ки даруну беруни қалъа пур аз одам ва ҳама бесаранҷоманд. Гӯё ки бесаброна касеро интизоранд. Дар майдони он сӯйи бозор аллакай ҷанг сар шудааст. Дуртар аз роҳ ду ҷавон куланги милтиқҳояшонро пасу пеш кардаю тирдонро тамошо мекунанд. Аз афташ ҳайронанд, ки тир чи гуна аз ин сурохӣ баромада, дур мераваду одам ё аспро ҷо ба ҷо мекушад. Яке саллаашро кушода аз нав мебандад, дигаре миёнбандашро, сеюмӣ банди эзор сахт мекунад. Баҳона карда вақт мегузаронанд. Аз тарси ҷанг ҳама саргуму раҳгуму бесаранҷоманд.

Гурӯҳе, ки Мансур дар он аст, аз роҳи пушти бозор ба майдон наздик мешавад. Мансур аз дур сипоҳии биникалони дар масҷид вохӯрдаашро дид, ки ба ишораи "зуд бошед" даст меҷунбонад. Мисле ки ба маъракаи оши худоӣ саросема аст. Дар даромади майдон марди ҳузарбе, ки камзули сиёҳи туркидӯхт дорад, аспи сиёҳмушкини бузургҷуссашро ин тараф -он тараф давонда, фармон медиҳад: «Аралаш шаваед! Аралаш шавед! Эшони Усмон, аз ақиб гузар! Эшони Азизхоҷа, ту ҳам! Абдуқудус, майманаро дор!" "Имомқулӣ тағои амир будагист," - тахмин кард Мансур. Аз рӯйи овозаҳо сардори ҷабҳа вай аст. Бартарии русҳо дарҳол ба чашм мезанад. Яке.бо шамшер мечангад, дигаре туфангчаашро кор мефармояд. Аммо шумораи ҷанговарони худашон зиёданд, хеле зиёд.

Марди сурхинае аспи сафедашро лукка дода, аз паҳлӯи Мансур гузашт, ки ба синааш тир расид. Мард як боло ҷаҳиду пас ду даст ба сина гузошта, аз асп афтид. Мансур лаҷоми аспи тезшудаашро кашид. Худро мазаммат кард, ки бояд шамшер мегирифт. Дар Душанбе имкон буд, аз паҳлӯи дӯконҳои шамшерсозон гузашта, шамшерҳои тайёрро дида буд. Баъд меоям гуфта, эътибор надод. Назди ҷӯйбори обаш гилолуди тарафи рости роҳ муборизаи ду ҷониб ба шиддат давом дорад Аз гӯшаи майдон марди рӯйпаҳни ришсурх, саллаи сабадмонандаш кашол, аспашро тозиёна зада ба мобайни майдон даромад. Сарбози сарлуче аз гурӯҳи он сӯйи ҷӯйбор ҷудо шуда, аспи сафедашро ҷавлон дода, бо шамшери бараҳна ба муқобилаш омад. Наздик шуданду саллакашол лаҷоми аспашро сахт кашида, дар ҷояш истод. Вазъе дошт, ки мегуфтӣ сарлучро насиҳат карданист: "Бародарҳо, айба намедонед? Дар китобҳои осмонӣ навишта шудааст, ки..." Сарлуч наздик шуда ба фурҷа шамшерро бардошта ба сари ӯ зад. Аспи саллакалон тарсида, чорхез гирифт, соҳибаш бо сари ду ним ба замин зад. Хуни сараш чун чошма мерехт...

"Ҷангро наметавонӣ, номаъқул карда ба майдон медаровӣ?"Мансур дар ғазаб шуд ва худаш ҳам тарсида сари аспашро он сӯе, ки қӯшуни худашон бештар менамуд, гардонда, тозиёна зад. Ва боз ҳам ба қӯшун нарасида, аспро нигаҳ дошт. Вай ҳолати ҷовандозеро дошт, ки нав ба майдон даромадаасту намедонад, ки корро аз чӣ сар кунад. Ӯ нав ҷангро аз наздик медид. Не, ин ҷо суҳбати атрофи

дастархон набудааст, ки табақи палава пеш кашидаю ҳавои даҳан кун
худам мешудам!" Ин ҷо аз хуну пӯстат мегузарию амал мекунӣ. Раҳм. ш
дилсӯзӣ ин ҷо маънои худро гум мекардааст! Мекушӣ ё мекушанд, дигар
рӯшана намебинӣ. Ҳар лаҳза ба назарат менамояд, ки ҳозир шамшере ба
меояд, ё тири дайдуе ба танат мезанад. Аслан аз ин ҷо баромада равад, хуб
Маълум шуд, ки аз дасташ ҷанг кардан намеомадааст. Вале ин хаёлро бо
зуд аз сараш дур кард. Бешараф нашав, Мансур! Муллоҳои масҷиднишин
кунанду ту гурезӣ. Дар он сурат на худат, на фарзандҳоят, на авлодат
дар ин диёр зиндагӣ карданро надоред!

Дар тарафи рости майдон сарбозони камзулҳои сиёҳдор хуб ҷанг
нанд. Ин навкарон аз лашкари амир ҷамъ омадаанд. Машқдида, ки ҳаст
дар муқобили душман истодагарӣ карда метавонанд. Чил-панҷоҳ қадам
аз роҳ бинои нимвайрона ва рӯди пуробе намоён аст. Он ҷо ду дастаи ӯзб
низ қаҳрамонона ҷангидаю душманро ба тундӣ ҷониби рӯд ба ақибни
водоштаанд. Дар тарафи рост, дар домани баландӣ балҷувониҳою гу
фархориҳо корнамой мекунанд. Он ҷо замин лой ва ҷасадҳои аспу о
бештар аст. Дар рӯбарӯйи Мансур аскари сурхи бурутакие шамшераш
нофи ҷавони навхати салладор зер кард, ки аз пасу пеш хун фаввора з
яктарафа кашол шуду пояш дар узангу дармонд. Асп бо ҳамон тарз кашо
карда рафт. Дар дили Мансур ҳисси душманию қасос ба тӯғён омада, во
корзор шуд. Дар байни майдон сарбозони як гурӯҳи калон ба ҳам мухо
доштанд. Ҳоло шамшеру тозиёнаҳо бештар ба сару гардани аспҳо мефу
Тураю махдумони бухорои ҳам онҷоянд. Мисли дарахти меваш расида
андаке шамол мерезад, ҳамчунон меафтанд, вале ҳаракати пешрафтаашо
намешавад. Ӯ аспашро ба ҳамон тараф гардонд, ҳис кард, ки гӯшҳояш г
мекунанд. Як карахтии ланҷкунанда вуҷудашро фаро гирифт. Ин дам
сарбози кулоҳаш то болои чашмаш фуроварда шофи кӯтоҳи каҷашро б
сар бардоштаю ӯро нишон гирифта меояд. Мансур фурсати лаҷоми ас
тарафе тоб додан накард. Бо тамоми ҳастияш сардии устухонсӯзи марг
кард. Ду тарафи аспро сахт қамчинкорӣ кард, ки аспи бағазабомада ч
шуд. Мансур сари узангу хеста, сару рӯйи душманро қамчинкорӣ кард.
душман чунин бархӯрдро интизор набуд, ки як суст шуду пас шофро ба
рост ҷавлон дода, наздик омад. Мисли ҳайвоне буд, ки зарба заррае та
намекунад. Марди калонҷусса нест. Як газгӯшти зардина, ки нӯги бурут
боло тобонда шудааст. Бори дувум ба дили Мансур омад, ки чаро бе ш
ба майдон даромад? Чи қадар хому сабукфикр будааст. Шамшер медо
шак дар баробари ин зард истодагарӣ мекард. Як лаҳза чеҳраи ба ханда
Ҷовид пеши назараш ҷилвагар шуд: дар ин олами пуразоб танҳо монда
ҳис карду тарси дилаш барҳам хӯрд. Чунон ки дар замони човандозиаш
шуда бузро мегирифт, ҳамчунон худро ба замин партофт ва ҳамзамон
касе аз пас зардро ба шамшер зад. Мансур рост шуд, аспи душман чорҳе
соҳиби дар болои зин хамидаашро ба анбӯҳи ҷангиҳо бурд. Мансур аз
наҷот ёфт ва дид, ки марди ба имдодаш расида ҳамон ҷавони қоматба

балҷувонӣ аст, ки ҳафтаи гузашта аз дасти ясавулҳои амир раҳонида будаш. Бо ҳамон яктаҳи рах-рах, ки ба танаш мезебад. Дар қоши зинаш чӯбе овезону дар нӯгаш банд дорад.

– Қамчини мо ба ин шайтонҳо таъсир намекунад,- табассум кард ӯ.

– Ду маротиба шуд, ки шумо маро аз марг наҷот медиҳеду номатонро намедонам,-Мансур ба ҷавон ҳамрикоб шуд.

– Номам Мирзо. Мирзои човандоз,-ҷавон дӯстона ба Мансур зеҳн монд

– Маро дӯстонам Мансури самарқандӣ мегӯянд,- Мансур ба зӯрӣ табассум карда банди дар зин овезонро нишон дод:- Ин барои чӣ?

– Инро ҳафк(хафак) мегӯянд, ба гардани душман мепартоӣ, - гуфт Мирзо ва саросема илова кард, -як ҷо наист, ошно. Вагарна ҳалок мешавӣ. Ин тараф он - тараф асп тозон: қулай омадаашро мезанӣ. -Ва аспашро қамчин зада рафт.

Ин бархӯрди ногаҳонӣ бо марг Мансурро тарсонд, вале аз биму карахтие, ки дасту пояшро печонда буд, раҳо кард. Худро сабуку далер ҳис кард ва ба дилаш омад, ки беҳуда салладорро маломат кард. Худаш ҳам аз вай бартарӣ надошт. Ҳама аз як матоъ будаем. Ӯ наздики баландӣ омада, мушоҳида кард, ки балҷувониҳою масчоиҳо якҷо шуда, ҷанг доранд. Онсӯтар деҳқонободиҳо бо дастаи Намози ҳисорӣ як шудаанд. Назараш ба масчоҳии русурх афтод, ки як шапкадорро пеш карда аз кӯчаи паҳлӯи бозор меравад. Чанд нафар аз пасаш тир мепаронанд. Вале аспи сиёҳмушкини масчоҳӣ тез меравад. Яке овози "дар пеши поят мурам, Баҳромбек, то масчоҳ сураш кун! Он онҷо, рафтем, улоқаш метозем" шунида шуд.

Ҳамроҳи ҷавон, ки Муллорачаб ном мебурдандаш, як аскари худаш барин танумандро дар замини лой хобонда бо мушт ба руйӣ хуну лойолудаш мезанад. Сарбоз аксуламале нишон намедиҳад. Вале ҷавон аз ӯ даст намебардорад. Мансур ба андешае, ки "мабодо аз пас зананд!" аспашро ба ҳамон сӯ ронд. Аз пеши роҳаш ду нафар ҷангиҳои ба ҳам дарафтода баромаданд: яке рӯйдарози салладор, дигаре хурдҷусса, ки телпаки ситорадорашро то болои чашмонаш зер кардааст. Аз онҳо гузашт ва ҳамзамон чашмашро аз ҷавони масчоӣ наканда, дар дил ба ӯ муроҷиат кард: "Мон ӯро! Мон! Хез, назди ёронат рав!" Мансур дер кард. Афсари шапкапӯше аз пас расиду туфангчаашро рости тахтапушти ҷавон дошта, ду маротиба паронд. Ҷавон аз ҷо хест ва калавида-калавида бо чашмони пур аз ғазаб сӯйи душманаш ҳаракат кард. Ба назар чунин мерасид, ки ӯро дошта поён мекашад. Вале ду қадам заду пас гӯё пешпо хӯрда бошад, ба замин афтид.

Мансур аз роҳ баргашта аламашро аз аскари телпакаш ситорадор гирифт. Бо шитоб аспашро ба ӯ наздик оварда, аз сари мӯзааш кордро гирифта, бо тамоми қувват ба тахтапушташ зад. Бо садои шунаво дуои пагоҳӣ дар масчид ёд додаи муллоро хонд: "Ло иллоҳа - илло - анта субҳонака - инни кунтум минал золимин!" Аскар афтод. Ҳарифаш марди руйдароз аз асп худро партофта, ба тани нимҷони аскари сурх рӯйи ҳам корд зад.

– Чаро мурдаро мезанӣ?!-Мансур ҷониби рӯйдароз дод зад.

– Ин муртад ҷадид аст! -рӯйдароз кордро бо остини ҷомааш пок карда, ба аспаш савор шуд ва бо овози баланд гуфт: -Аз маҳаллаи мост. Аз дур шинох-

тамаш. Ба Худо шукр мекунам, ки ба резондани хуни ин маздакӣ маро шар кард. Аз дасти ҳаминҳо Бухоро фано шудаю аз даст рафт.

Мансур дар чеҳраи мард пайи сурхшудаи тозиёнаро дид ва ба сараш зад: "Зуд гум шав аз ин ҷо! Иблис!" Ва аспашро тозонда, худро таъна зад: "Ан киро куштӣ, қаҳрамон!"

Дар ин асно аз ҳар тараф овози тирпаронӣ баланд шуд. Аз дастаи дех ободиҳо ҷавоне ба номи Беҳрӯз ҳамроҳи аспи сиёҳаш тир хӯрда ба замин аф тид, Сипас ду нафар балҷувонӣ низ афтиданд. Аз паси онҳо Мирзои чован китфашро дошта хам шуд. Ӯро ба тир заданд. Нафаре ӯро дошта, аз май берун бурд. Сеюмиро сарбози шапкааш то болои чашмонаш фуромада дун карду аспи ҳарду сӯи баландӣ рафтанд. "Очаи зори шумо, кофирҳоро...!" М сур аспашро пошна зада, аз паси сарбози шапкадор ба баландӣ баромад. А балҷувонӣ чобукӣ карда, соҳибашро раҳонд. Шапкадор фаҳмид, ки аз па душман аст, аспашро ба шаст пас гардонд. Ҳамзамон Мансур ҳам аспашро г донда, ба сарбоз расиду ба байни шонаҳояш корд зад. То ба пастӣ фурома ки бори дигар корд зад, сағрии васеъи аспашро низ захмӣ кард. Асп ҷонхав партофт, ки пеш по хӯрд, соҳибаш пеш париду аз пас аспаш ба болояш аф "Ҷӯра, шумо бо туфангу мо бо корд хуб ҷанг мекунем!" пичирос зад Ма ва бо овози шунаво дуо хонд: "Ло иллоҳа - илло - анта субҳонака- инни - к тум минал золимин! Ло иллоҳа"... Мушоҳида кард, ки дар байни майд гурӯҳашонро фишор оварда, ҷониби қалъа танг кардаанд. Як дастаи ка ӯзбекҳо аз поёни роҳ аспҳояшонро давонида, ба ёришон омаданд. Боз ним барин ҷанг давом карду қӯшуни онҳо даста-даста ақибнишинӣ кард. Баъз мачрӯҳонро бардошта бурданд. Мансур низ аспашро тозонда, ба кӯчаи па бозор рафт. Бо он кӯча тезтар берун меравӣ. Дид, ки аз кӯчаҳои Кулоб ва Шутурбанд издиҳом бо калтаку корду шоха доду фарёд бардошта мес "Инҳоро пас гардондан даркор" омад ба дилаш. Ҳамзамон дарк кард, ки ин асно лаб кушой, таги поят мекунанд. Аз кӯчаи он сӯйи роҳ- кӯчаи Хо низ ҳамин гуна издиҳом меояд. Саворахо саросема аз паҳлу гузашта м ванд. Мансур ҳангоме ки бозорро гузашт, садои пулемётро шунид. Ӯ бе аспашро пошна зад. Оҳ, ин садои марг аст. Садо як хомӯш мешуду боз ба мегардид. Ӯ пай бурд, ки пулемётҳо ба сӯи издиҳом оташ кушоданд. Да гузашту одамон гурӯҳ-гурӯҳ бо тарсу таҳлука аз паҳлӯяш давида гузашт Аз дилаш гузашт, ки "ақибнишинӣ намекардем, издиҳомро зада наметав станд." "Имомқулӣ, сардори лашкар, куҷо шуд? Ин зотҳои касофат п ҳама мегурезанд". Суханони домуллои зардинарӯй, ки пагоҳӣ дар масчид ғазабашро оварданд. Ӯ аз корзори ҳазрати Довуд, аз зиндамонии ҳазрати Ю дар шиками моҳи сухан кард. О лаққӣ, он одамони ду ҳазору се ҳазор со бударо чӣ мисол меорӣ? Ту аз дарди бедармони имрӯз гӯй! Мегуфтӣ. ки халқҳо, ба ин шикасту азоби шумо мо, донишмандони беарзиш, гунаҳг Дар ҳазор соли вомондагимон ба ҷои он, ки илми замонаро ба шумо омӯ масчиду мадараса сохта, муллою шайху суфиҳои ҳазёнгӯй тайёр кардем. А мани гунаҳгор дар ин рӯзҳо зеҳн мондаю камонпарониро ёд гирифтам ва н медодӣ, ки чӣ гуна мепаронӣ. Гӯй, кори пулемиётро ҳам дидам. Писар

шумо ҳам ёд гиред. Ин суханҳо ба дили сарбоз ангезаи ҷангро мехезонад. Не, баръакс, вақти қиматро гирифту донишманди "илми калом" буданашро ҷилва дод. Аҷиб ин ки мо ҳама мисли хари коркӯфта сарҳо хам шуморо гӯш мекунем. Сад маротиба ҳам гӯед, гӯё сад маротиба тилисм карда бошад, лабҳо бастаю дам ба дарун гӯш мекунем. Ҳоло тамоми масҷидҳою маъракаҳои мо аз чунин тоифаи мавъизагуйу насиҳатгар лабрез аст. Худашон медонанд, ки маддоҳе беш нестанд, гуфтаашон дар бораи асҳоби қаҳф, асҳоби қабзаю қисас, шайхону муршидон риё аст, бе манфиат аст. Ҳаминҳо мардуми моро каммоя, камяқин, каминояту кифоят кардаанд. Аз андешае ки инҳо боз чи қадар давру даврон хоҳад кард, оқибати миллат чӣ мешавад, дилата ларза мегирад. Шайх Аҳмад гуфт, ки ин тӯфон, ки инқилоб, ном асту мисли дарёи пурлойу гилоб равон аст, бе ҳикмат нест. Шояд ҳикматаш дар барҳам додани ҳамин сӯфиёни дарюзагую дарюзагар ва соҳибони калом аст...

...Дид, ки дастаҳои бухороиҳо аспҳояшонро тозонда, пеши гурезаҳоро доштанӣ шуданд: "Ҳой истед! Ҳой нагурезед!" Пас ноумед шуда, "онаи шумо тарсончакҳоро... Хоҳари шумо мардудҳоро..."гуфта дашном додаю баргашта ба майдон даромаданд. Ин ҷанг охирин умедашон буд. Мағлуб шуданд, дигар рӯйи Бухороро намебинанд. Боқии умрашон бо хорию дарбадарӣ хоҳад гузашт. Сари тир мешуданд, шамшербуршон мекардан вале майдонро тарк намекарданд. Онҳоро на ҳаваси қаҳрамонӣ ё ҳисси интиқом, балки ғами дурии хонаю дар, ғами дидори пайвандон ба ин қиёмат пойдор медошт...

Ақибгаштаҳо ба бозор нарасида, дастаҳои нав ба имдод омаданд. Инҳо дастаҳои савора аз Лақай, аз тарафи Кӯлоб ва як гурӯҳи сесаднафараи пиёданизом аз Ҳисор буданд. Аслиҳаашон асосан қамчин ва як-як камонҳои даҳонпуре, ки солҳои пеш дар қӯрхонаи Бухоро месохтанд. Ба сӯи русҳо ҳам дастаҳои савораю, пиёда ба ёрӣ меоянд. Ҷанг боз ҳам ба ҳамон тарзи аввала сурат гирифт: савораҳо гӯё дар пойга бошанд, аспҳоро қамчин задаю ҳоёҳӯй бардошта, ҷониби қӯшуни русҳо асп метозонанду ба борони тир бармехӯранд. Дар лаҳзаи аввал далертарину чобуктаринҳо беҳуда нобуд мешуданд. Ин ҳолат рӯҳияи ҷангии лашкарро мекоҳонад. Онҳое, ки аз борони тир хато хӯрдаю ба тӯдаи душман мерасиданд, ҳанӯз ба худ наомада, дучори шамшери беамон мешуданд. Ҷанг аз як соат зиёдтар давом кард. Дар охир дар як канори бозор, ки девори баланд дошт, ҷанги тан ба тан сурат гирифт. Дар байни пешдуконҳо як даста ҷавонони ҷангҷӯй ногаҳон бо корду ханҷарҳо ҳеста, ба савораҳои душман дарафтоданд. Бо калтаку найзаҳо савораҳоро мезаданд, бо камон мепаронданд, агар фурсат намеёфтанд, аз мили камон дошта ба ҷанг медаромаданд. Дар ин ҷои танг қиёмат барпо шуд. Аз ду ҷониб сарбозон меафтиданд. Аспҳои бесоҳиб монда лаҷомҳо овезон бо даҳшат ба ин тарафу он тараф тохта, роҳи гурез меҷустанд.

Дар ин асно чашми Мансур ба ҳамшаҳриаш Зарифпаҳлавон афтод, ки ба марди сарлуче афтударафт кардаю ӯро ба зери пешдӯкон тела медод. Сарлуч муқобилат мекард. Вале Зариф ӯро раҳо намекард. Пагоҳӣ Раҳими қассоб гуфта буд, ки як гурӯҳ таҷаддудхоҳони Самарқанд ҳам омадаанд. Маълум мешавад, ки Зариф ҳам омадааст.

Мансур фурсати истодан надошт, аз пас сaвораҳои бисёре асп тозонда ба имдоди ёронашон омаданд. Аз поёни рӯд дастаҳои худашон ҳам омада, ба ҷанг дохили бозор ҳамроҳ шуданд. Аммо ҷанг кам давом кард. Қӯшуни онҳо дар майдони ҷанг мурдаю захмии бисёр гузошта, роҳи гурезро пеш гирифт. Дар даромади кӯчаи Неъмати Шерозӣ дар болои дастаҳои салласафед, ки ғалтидаю хеста мегурехтанд, аспҳои аскари сурх хез мезаданд. Саворaҳо медонистанд, ки дар баромади шаҳр дастаҳои душман роҳашонро мепоянд, ба кӯчаҳои шаҳр паҳн шуда, ҷониби кӯҳ гурехтанд.

Мансур даставвал ба масҷид гузари ялангӣ даромад, ки аз аҳволи Мирзои балҷувонӣ хабар гирад. Шунида буд, ки ӯро ба масҷид овардаанд. Раҳорaҳ қарор дод, ки захмаш вазнин аст ё сабук, бардошта ба хонае бурда пул медиҳад, ки табобаташ кунанд. Ҳамчунин хӯрӯшину чакманашро, ки дар тоқи дохили масҷид монда буд, мегирад. Дар назди масҷид одамони бисёр даро-баро доштанд. Аспашро ба шохи садаи назди дарвоза баста, саросема вориди масҷид шуд. Дар назди дарвоза чанд нафар маҷрӯҳро дид, ки аз захми баъзе хун мерафт. Дар гушае мурдае сараш докапеч кардаро дид. Ин мурда хуҷандии каллакалон буд. Ҳангоме, ки дар кунгураи Тошканд воҳӯрданд, гуфта буд, ки сарам равад равад, намемонам, ки русҳо давлата гиранд. Ва сараш рафт... Ҷойҳои бо латта баста маҷрӯҳон суп - сурх аст ва бо овози баланд фарёду фиғон мекунанд. Мансур вориди дар шуда, беихтиёр дар ҷояш истод ва ба таҳлуқа афтод: дар ҳавлӣ ва дохили масҷид маъюбу маҷрӯҳи бисёре оҳувоҳ доштанд. Кай инҳоро овардаанд? Баъзеро рӯй, баъзеро сар бо шамшер бурида. Яке тир хӯрдаст. Баъзеро захмаш баста, захми баъзеҳо кушода. Баъзеҳо олоӣ мегӯянд. Яке гиряву фиғон дорад, дигаре беки Бойсуну амир Олиму боз ким-киҳоеро зану духтар гуфтаву дашному сақат доранд, ки онҳоро оварда бо дами пулемёти урус партофта, худашон гурехтаанд. Аз дарвоза дуртар чашмаш ба ҷавони сафедрӯи қавипайкар афтод, ки яктарафа хобида буду зӯр зада кӯшиши хестан мекард, аммо каме нимхез мешуду боз меафтид. Шамшер аз бехи гардан даромадааст. Ҷавон захми мункар бардоштааст. Либосҳо ва таги пояш аз хун тар аст. Наздик омада ҷавонро шинохт: деҳқонободие, ки ҳангоми гусел мулло камарбандашро баста буд. Номашро Мурод гуфта буд. Аз он вақт бисту як рӯз гузашт. Чӣ ҷавони зебо ва пурорзую ҳавас буд? Марг ҳатто ба ёдаш намерасид. Номус карда омад, ки ба Олимхон -подшоҳи ислом ёрӣ диҳад. Пирони деҳа ҳамин гуна супориш дода буданд. Ана оқибати кораш! Акнун ба ғайр аз падару модар ва маҳбубааш ки сар-сари девори канори деҳа, аз пасаш давида, бо ҳазорон умед, бо покиза отифаи духтарона “чашмам ба раҳат чор аст!” гуфта буд, дигар касе ёдаш намекунад. Аз умр чизе надид. Шояд маҳбубаашро ҳатто бӯса накардааст. Мисли Баҳодури ӯ дар айни шукуфоӣ хазон шуд. “Бояд ҳамроҳонаш ин ҷо бошанд” Мушоҳида кард, ки болои намаду гилемҳо ҳарҷо хун кӯл шудааст. Ҷое пешоб ҳам ҳаст. Бӯйи нaҷосат ҳам меояд. Дили кас бечо мешавад. Аз байни ин қадар маҷрӯҳон гузаштан мушкил аст. Ҳар қадар пеш равӣ, ҳамон қадар ваҳму оҳрат бештар мешавад. Касе ҳушу дармон дорад, гаштаву баргашта як суханро такрор мекунад: “Ёрӣ диҳед! Ҳой мусулмон, ёрӣ деҳ!”Ягон-ягон ба додашон мерасидагиҳо ҳам ҳастанд. Баъзеҳо маҷрӯҳро бардошта мераванд. Кай ин қадар

захмиҳоро овардаанд? Магар ёронашон ба умеде, ки ин ҷо шаҳриҳо нигоҳубин мекунанд, оварда партофтаю худашон гурехтаанд.?

Дар назди меҳроб як гурӯҳ одамон баҳсу кашокаш доранд. Маълум шуд, ки аз шаҳр табиб овардаанд, то мачрӯҳонро табобат кунад. Табибро соҳибдоштаҳо ба ҳар тараф мекашанд. Ба ғайр аз табиб ҳам дар саҳн, ҳам дар дохил одамоне ҳастанд, ки захмҳои хунравонро мебанданд. Чун латтапора ёфт намешавад, бо саллаҳояшон мебанданд. Мансур ин тараф -он тараф қадам зада, Мирзои балчувониро наёфт. Хӯрчину чакманашро ҳам пайдо накард. Аз афташ, кадоме асоро ба рӯшноӣ зада, бардоштааст. Дар хӯрчин ба ғайр аз майда-чӯйда куртаю эзори русидӯхти гарм дошт. Аз бозори Душанбе харида буд. Гарм мешавам гуфта напӯшид.

Бӯйи бад торафт тоқатфарсо мешавад. Овози шинос ба гӯшаш расид. Дар тарафи рост назараш ба марди рӯйдарози дар майдони ҷанг дидааш афтид. Ҳамоне ки ҳаммаҳаллаашро Мансур ба гумони аскари сурх зада афтонда буду вай аз асп фуромада он нимҷонро рӯи ҳам корд зада, гуфта буд: "ба Худо шукр мекунам, ки маро ба резондани хуни ин маздакии ҷадид шарик кард". Тир аз шиками рӯйдароз даромадааст, сараш луч, дасташ дар болои захм, рангаш мисли пахта. Дар чашмонаш асари дарди шадид, ноумедӣ ва интизорӣ ҳувайдост. Бо нолаю зорӣ ба Мансур муроҷиат кард: "Додари қиёматӣ, ба сабаби гуноҳе, ки кардам, Эзиди пок ҷазоямро дод. Шумо мардумӣ кардаю маро даст гиред, ба хонае бирасонед. Ман то ҳастам, ғуломи даратон хоҳам буд. Дар Бухоро ду ҳавлӣ дорам. Яктаашро ба номатон васиқа мекунам."

Мансур ба ӯ эътибор надод. Бори дигар токеро, ки хӯрҷинашро монда буд, хабар гирифт. Дар он тоқ ва тоқҳои паҳлу хӯрчину халтаҳо ҳастанд, аммо хӯрчини вай нест. Баъзе хӯрчинҳо ҳар гуна хӯрданӣ ва либосу ким-чиҳое доранд. Якеро дид, ки рӯймолу либосвории занона дорад. Яқин аз бозори Душанбе харидааст. Ба нияти модар ё занашро хурсанд кардан харидааст. Он ҷо ингуна матоъҳо бисёранд. Ба фикраш омад, ки соҳибони инҳо дар майдони ҷанг фавтидаанд. Якеро бардошта равад. Зуд ин фикрро аз сар дур кард. Соҳибаш оғуштаи хоку хуну ту либоси ӯро гирифта пӯшӣ... Ҳаргиз ин ноодамиро накун. Назди табиб рафт, ки он ҷо ду-се гурӯҳ шӯру мағал доран. Марди сипоҳиандоме, ки телпаки туркӣ дорад, ҷониби табиб садо баланд кард, ки аввал одами ӯро бинад. Табиб марди газгӯшти ҷиддисимо ба суханони сипоҳиандом эътибор надод. Дақиқае пас ситезмандона гуфт:"О, чанд маротиба гӯям? Аз диданам чӣ фоида, дору набошад!" Мансур дар дил қарор дод, ки табибро бурда, ҷароҳати ҷавони деҳқонободиро бандад. Ӯ худро ғазабманд вонамуд карда гуфт:

– Ҳой мардум, осиё ба навбат! Ман ду соат аст, ки ин ҷо истодаам!- Ва ба рӯйи табиб нигариста, бо оҳанги маломат афзуд:-Ошно,одам ин қадар беинсоф намешавад. Ин бечора ба худатон ҳам хешӣ дорад! Дору накунед ҳам, як назар бинед!

Табиб ҷониби Мансур нигоҳе карду дақиқае пас бо ситезмандӣ пурсид:

– Дар куҷост он хеш? Як гуфтеду куҷо шудед? Ин қадар одам...

– Ин ҷо биёед.-Мансур пеш даромаду онҳо ҷониби ҷавони деҳқонободӣ рафтанд. Мансур ҳангоме, ки аз байни мачрӯҳон мегузашт, чашмаш ба ҷавони

сафедрӯе афтод, ки сари мағрӯҳаш бо салла баста шудаву рӯяш ҷуқурчаҳои холмонанд доштанд (шояд аз таъсири борут буд). Ӯ мисли каси шинос бо меҳрубонӣ ба Мансур менигарист. Ба дилаш омад, ки аксари ин фалакзадаҳо ҷавонанд. Калонсолҳоро болшевик "ту доро" гуфта, нест мекунаду ҷавонҳоро амир Олим ба дами тир мемонад...

Ин дам чанд нафар мард ба тарсу изтироб аз дари паҳлӯ даромаданд. Ҳамроҳашон занҳо ҳам ҳастанд. Яқин одамони деҳаҳои атрофанд, ки аз ин ҷо будани пайвандонашон дарак ёфта омадаанд. Зани сафедрӯи хурдҷуса байни масҷид рафта, аҳволро дид ва тоқат накарда, бо гиря гуфт: "Эҳ Худо, ба халқи бечора чӣ кардаед?" Ва садо дод: "Ҷаҳонгир, Ҷаҳонгир! Ту дар куҷоӣ? Ҷаҳонгир, бачаҷонам, қуввати дилам, куҷоӣ!"

Марди қадпасти ришсафеде ба ҷавоне, ки сари захмгирифтаашро бо саллааш баста буд, дар гуфтугӯ шуд. Рӯйдарози аз шикам тирхӯрда Мансурро дида, сарашро бардошту тавалло кард: "Додари қиёматӣ, ба умеди шумо ҳастам. Дар пеши пои фарзандҳоятон мурам." Мард гиря кард. Мансур боз ҳам ба ӯ эътибор надод.

Дар таги девори саҳн муллои қасидахон ба се-чор нафар захмиҳои дар ҳолати назъ буда ёсин мехонд. Дар паҳлӯи домулло ҷавоне хир-хир дорад. Гарданаш бо салла ва аз болояш бо рӯймол басташуда ва ҳарду ҳам хунолуд. Домулло Мансурро дида, хурсанд шуд. "Ҳар чи омадед", овозаш хаста садо дод. Яқин "Ҳар чи зинда мондед"- гуфтанӣ аст. Мансур дасти домуллоро бо меҳрубонӣ фишурд. Марди сипоҳинамо, ки аз пас меомад, тоқаташ тоқ шуда ҷониби табиб ба шиддат таҳдид кард: "Дон, ки беморам, кору ҳоле шавад, як тир дар пешониат мезанаму рафт. Як соат шуд аз пасат овораам!" Табиб ба ӯ ҷавоб намедиҳад. Парво надорад, кӣ зора мекунаду кӣ пӯписа. Ким-чи хел беҳуш барин аст. Ин дам аз роҳи пушти масҷид садои тир ва садои пои аспҳо омад. Як қисм бемордорон худро ба дарвозаҳо заданд. Табибу домулло бепарво корашонро давом медиҳанд. Ҳамроҳи табиб зани хурдҷуса калавида қадам мезанад. Даҳонашро доштааст, ки овози гиряаш набарояд. Китфонаш меларзанд.

Боз чанд марду зан вориди масҷид шуда, бо ҳоюгир дар паи кофтани пайвандон шуданд. Мансур пеш гузашта назди дарвоза омад ва деҳқоноболиро дар ҳолати назъ дид. Табиб ба ишораи "фоида надорад" сар ҷунбонд.

Мансур ҳам дар ҳавли ҷон шуд, берун баромад ва дид, ки марде чакмани сафед дар тан саллаашро болои чашмонаш фуроварда, саросема аспашро мекушояд. Бо ду-се чаҳиш худро ба аспдузд расониду бо корд ба шикамаш зад. Мард худро ба замин партофта, бо овози баланд зорӣ кард: "Накуш! Бародарҷон, саросема шудам! Бародари қиёматӣ!..." Мансур бори дуюм корд заданӣ шуду дарҳол худро дошт. Аспашро, ки беқарорӣ дошт, базӯр савор шуда аз паси гурезаҳо кӯчаҳои тангро гузашта, ҷониби кӯҳ роҳ гирифт. Дар кӯчаҳо тез рафта намешавад. Ҳарҷо барфҳои аз бомҳо пок- карда тӯб-тӯб хобанд. Аспҳо аз ҷойҳое, ки барфи тӯбкарда сахт шудааст, ба мушкилӣ мегузаранд. Бошандаҳои канори шаҳр дарвозаҳоро баста, аз деворҳо сар баланд карда, бо хавотирӣ ба гурезаҳо менигаранд. Аммо аспҳои гурезаҳо тез намераванд, монда шудаанд. Роҳ ҳам фароз меравад. Баъд аз он ки аз болои пули рӯди беоб гузаштанд, он

тараф хонаҳои пасту гилин ва шиппаҳои бомҳояшон овезон шурӯъ шуданд. Чун бегоҳирӯз буд, гову гӯсфандҳо назди оғилҳо ҷамъ шуда, интизори соҳибонашон истода буданд.

Ҳанӯз аз ҷониби шаҳр садои тир меояд. Дар домани кӯҳ барфи кӯҳна ях бастааст. Барфи пайраҳаҳои молгузар ҷое сиёҳ шудаю ҷое об шуда кӯлмакҳо пайдо шудаанд. Сараҳо, қатъи назар аз мушкилии роҳ, аспҳои мондашударо ҳадаҳа мекунанд. Мансур аспро ба пайраҳаи калонтар гардонд. Ба домани теппае расиду асп дигар пеш нарафт. Мансур лакот шудани аспро дида, зуд пиёда шуд ва пеш гузашта бо дилсӯзӣ рӯю чашмонашро молидаю лаҷомро гирифта, пичирос зад: "Рӯшан, азизам, аз тарс фаромӯш кардам, ки ту рӯзи дароз давидаю монда шудаӣ. Имрӯз кори мани бетолеъ ин шуд, ки бегуноҳеро душман гуфта задаму он берӯзӣ тоҷики худамон будааст. Маро наҳсӣ ҳамроҳам шудааст, ки ҳама корам чаппа аст."

Аз ҷониби шаҳр ҳанӯз гурезаҳо меоянд. Пиёдаву савора меоянд. Баъзе пиёдаҳо монда шуда, худро рӯи роҳ партофта дам мегиранд. Сарурӯи баъзеҳо харошида, баъзеҳо хунолуда, баъзеҳо аз изи қамчин сурху сиёҳ шуда варам кардаанд. Аз сойи васеъ ва баландии рӯбарӯ шамоли тез шув-шув садо мебарорад, гӯё аз хунукии шаб огоҳ мекунад.

Ногоҳ чашми Мансур ба Раҳими қассоб афтод, ки худро ба ду ҷома печонда, зери дарахте нишастааст. Аз болои салла рӯймолро ба таги манаҳ бастааст. Аз ваҷоҳаташ маълум, ки ҳолаш хуб нест. Гуфтушунид карданд. Маълум шуд, ки ба сараш шамшер расидааст. Аспаш ҳам, ки аз гардан маҷрӯҳ будааст, ҳангоми аз шаҳр баромадан аз ҳол рафта афтидааст.

– Метавонед, ки маро ба ободоние расонед? –Рост ба чашмони Мансур нигарист ӯ. Дар нигоҳаш ҳам илтиҷо буд, ҳам хиҷолат.

Мансур каме таъхир карда гуфт:

– Дастатонро гирифта, ба ягон хона мерасонам. Ду-се рӯз истода қувват мегиред. Ба он тарафаш Худо подшоҳ...

– Намехоҳам, ки дар ин шаҳри балозада монам.

– Соҳибхонаро пул дода розӣ мекунам.

Раҳим бо инкор сар ҷунбонд. Пас рӯймоли манаҳашро поин тела дода худро бепарво вонамуд карда, "шумо равед", - гуфт ва истиҳола кардани Мансурро дида афзуд: "Аз ростӣ мегӯям, ки равед. Истода ҳол пурсидед, раҳмат."

– Асп базӯр роҳ меравад, вагарна савор карда ягон тараф мебурдам,-гуфт Мансур.

– Мефаҳмам, хайр. - Раҳим сарашро хам кард.

Мансур баландтар баромада, бо алам пичирос зад: "Кошки Раҳим маро мефаҳмид. Охир як ҳоле, ки..."

Роҳ торафт мушкил мешавад. Як қисми гурезаҳо ба тарафи рост тоб хӯрда, ба дохили боғи навбунёд даромада мераванд. Ӯ боз истода ба пас нигарист.

Осмони қибла кушода шуда, нури офтоб дар теғаҳои баланди кӯҳҳо намоён асту бас. "Баъди як соат торикӣ мефурояд, пас чӣ кор мекунем?" Ин савол чун девор рӯбарӯяш омад. Дар поин шаҳри ғасбшуда ҳоли сарбози ба дасти душман асир афтодаро дорад. Қасру кушкҳо, замину боғҳои атроф, ба назар, аз даст

рафтаю бегона менамоянд. Бале, ин шаҳр ҳам аз даст рафт. Дигар дар он на овози муаззинро мешунавӣ, на мулло мемонаду на косиб. Касеро, ки дар берун монд, минбаъд ба ҷурми "хоини миллат" на ин ки ба шаҳр роҳ намедиҳанд, балки хонаашро кашида мегиранд. Боғу заминашро ба батракҳо тақсим мекунанд. Қонуну қоидаи болшевикӣ –дусти камбағалҳо ба ҳамин тартиб аст. Рӯзи сахти бухороиҳо ба сари инҳо ҳам омад. Дар пеш ниҳоли вағниҷу ғушу хома бисёр аст. Барф ҳам баланд аст. Мансур каҷиеро гузашту пеши назараш домуллое, ки беморони масҷидро дуо мехонд, чи қадар чеҳраи меҳрубон дошт. Тарзе сухан мекард, ки гӯё шиноси садсолаанд. Мо дар ин шабу рӯзҳо, чӣ кофиру чӣ мусулмон, ҳама дар пайи куштан будему ӯ дар пайи зинда доштан. Шояд дуои ёд додаи домулло буд, ки дар он қатли ом зинда мондам... Яқин, болшевикҳо ӯро низ парондаанд. Фаҳманд, ки домулло аст, дар тану ҷони ба тоату дин парвардааш панҷ тиру дах тирро дареғ намедоранд. Ин қадар муллоро бад мебинанд ин рӯсиёҳон! Қирони муллоро оварданд. Кор ин тавр рафтан гирад, баъди чанде касе намеёбӣ, ки ҷанозаатро хонад.

Пайи ҳам садои тир баромад. Садоҳо аз ҷониби масҷид меомаданд. "Шояд, маҷрӯҳҳоро парондаанд", -тахмин кард Мансур. Ба ёдаш омад, ки рӯи гилемҳои масҷид пури хун буд, акнун пури мурда ҳам мешавад. Хонаи Худо... Аз он хона хӯрҷину чакмани моҳутиашро дуздиданд, ҷангҷӯйҳо... Хӯрҷин нишона аз Бибигулаш монда буд. Дигар ҳаваси пеш рафтан накарда, ба шаҳр зеҳн монд. Аз баъзе мӯриҳо дуд мебарояд. Ҷое гулхан фаввора задаю зуд нопадид мешавад. Зиндагӣ ҳамин аст. Мурда мурд, зинда дар пайи шикам мешавад. Боз ба хотираш Зарифпаҳлавон омад. Чӣ шуд ба ӯ? Куштандаш ё гурехта рафт? Охирин маротиба ду сол пеш ба диданаш рафта буд. Марде аз хонааш баромада гуфт: "Хеле шуд, ки он кас дар хона нестанд." Чеҳраи мард гирифта буд. Замона, ки хунрез аст, Мансур дигар пурсуҷӯ накард. Пас аз он, ки ба Бухоро омад, фаҳмид, ки чун болшевикҳо ситаму ҷафо бисёр мекунанд, Зариф даста ташкил карда, бар зидашон қиём мекунад. Даста берун аз шаҳр дар Рустамқишлоқ буду бош доштааст. Гарнизони Даҳбедро ғорат мекунанд, гарнизони Ургутро толон карда оташ мезананд. Мансур он лаҳза хеле афсӯс хӯрд, ки аз дастаи Зариф бехабар мондааст. Вагарна ба Бухоро наомада, ба онҳо ҳамроҳ мешуд.

Баъдтар хабар омад, ки болшевикҳо Рустамқишлоқро муҳосира карда, бештари ёрони Зарифро парондаю худашро маҷрӯҳ кардаанд. Боз овоза пахш шуд, ки гӯё Зариф ба болшевикҳо пайвастааст. Имрӯз дид, ки зидди болшевикҳо меҷангид.. Аҷаб корнамоие кард он даста: ногаҳон аз паси пешдӯкону чошҳои гандум хеста, ба душман дарафтоданд... Мегӯянд, ки дар ҷангҳои пештара мусулмонҳо ҳамин ки садои тӯпро мешуниданд, мегурехтаанд. Имрӯз ин тавр нашуд. Агар мисли русҳо аслиҳа медоштему бо он сару кор гирифтанро медонистем, ҳатман ғалаба мекардем... Вале мо ҳамаро аз даст додем...

Поинтар марди ношиносе аспашро кӯтал карда меояд. Аспи вай ҳам калавида-калавида қадам мебардорад.

Ин дам бори дигар ба хотири Мансур хоби дами субҳ дидааш омад. Ҳангоми сафар ба биёбони бепоён расиду дид, ки анҷомҳои сафариашро фаромӯш кардааст ва ҳам роҳгум задааст. Ҳоло фикр мекард, ки айни ҳамон хоб рост баромад.

Хӯрҷинашро бо анҷомҳояш дуздиданд. Ҳоло торикӣ фуромадааст дар таҳлука аст, ки куҷо равад? Шаби дайҷурро чӣ гуна ба рӯз барад?

Савори пас наздик шуда, бо лаҳни нарм садо кард:

– Пеш куҷо меравем? Он тараф кӯҳ.

Мансур ба марди ношинос зеҳн монд: чеҳрааш дуруштнамо, аммо нигоҳаш ошно барин.

–Хубаш ҳоло ки торик нашудааст, ба ҳамвории тарафи рост мегузарем,- афзуд мард наздик шуда. - Торик шавад ҳам, аз он ҷо ба роҳ фуромадан осон. Ба роҳи калон, ки даромадем, дар ду-се соат ба деҳаи Дуоба мерасем. Ман он ҷо шинос дорам.

Пешниҳоди марди ношинос ба Мансур маъқул шуду гуфт:

– Бигзор гуфти шумо шавад, - ва пурсид:-Ба суи кӯҳ рафтагиҳо шабро дар куҷо рӯз мекунанд?

Мард аспашро ба тарафи рост гардонда гуфт:

– Дар буни сангу шах. Баландтар бароянд, айлоқ, аст.- Ва пас аз он, ки ба ҷойи кушод баромаданд, хандаи кӯтоҳ карду афзуд:- Бо он одами кордзадаатон ман шиносам. Вай аз деҳаи Ҷартеппаи Ҳисор аст. Аспаш се рӯз пеш дар роҳ нохунак шуда мурд. Писарамакашро, ки маҷрӯҳ шудааст, ба масҷид оварда буд. Ҳангоме ки гурезогурез шурӯъ шуд, бинам аспи ношиносро аз дарахт мекушояд. “Ҳой, ин корро накун!” гуфтам. “Саидмухтор, корат набошад!”- гуфт.

– Бародарҷон, гуфтаву худашро пеши поям партофтанашро дида, кордро сахт назадам,-гуфт Мансур.

– Ман ҳам дигар нигоҳаш накардам,- Саидмухтор овозашро баландтар кард.-Он ҷо дигар истодан намешуд, зеро русҳо омаданд.

Намози шом. Ҳавои дашт сахт хунук аст. Мансур, ки ҷомаи тунук дошт, хунук хӯрд. Андешид, ки чакмани аспдуздро аз танаш кашида гирифтан лозим будааст. Орзу кард, ки кош ин ҷо як вайронае мебуд, ки як чойник чойи гарму нон ёфта мехӯрд ва то пагоҳӣ хоб мерафт. Ба ёдаш омад, ки пагоҳӣ палав хурда буду то ҳол дигар чизе ба даҳон набурдааст. Акнун то ба ягон ободӣ расидан бояд тоқат кард.

Аз ҷониби ғарбии осмон моҳи нав мисли карчи харбузаи сурхранг намоён шуд. Мансур ҳар гоҳе, ки моҳро бинад, дилашро эҳсоси хурсандӣ фаро мегирад, гӯё ҳамроҳ пайдо карда бошад. Аммо равшании моҳи нав мисли лампаи чилум аст. Атрофашро равшан мекунаду бас. Моҳ зиёд дошт надод. Мисли кӯдаке, ки нав рост хестанро ёд мегирад, як худро нишон доду нишаст. Дар дашт торикӣ фаромад. Имрӯз ҳаво нармтар ки буд, барф хеле об шудаю ҷо- ҷо кӯл пайдо шудааст. Баъзе кӯлҳо пулакча бастаасту баъзе не. Аз байни кӯлҳо, аз паҳлӯи харсангҳо бо эҳтиёт қадам монда гузаштан лозим. Аспҳо ҳарвақт фур-фур карда бини тоза мекунанд. Бештар аз ду соат роҳ гашта, афгору афсурда шуда, ба роҳи калон баромаданд.

– Он тараф осон, - гуфт Саидмухтор ва афзуд:-Муллоёну муқаррабони амир гап-гап доштанд, ки ҷанги калон дар Деҳнав мешавад.

Пастиеро, ки об ҷамъ шудааст, давр зада гузаштанду Мансур гуфт:

– Гумон аст, ки баъди ҷанги имрӯз онҳо ба зудӣ ба худ биёянд.-Лаҳзае хомӯш қадам заду бо овози хаста илова кард: -Касе, ки кори пулемётро дид дигар худро ба чунин ҷангҳо намезанад.

– Мо ҳам ягон вақт чунин тиру тӯп месозем?

– Акнун, ки дидему дармондем, бояд дар паяш шавем.-Русҳо ҳам вақте ки чунин ҷангҳоро дидаю дармонданд, маҷбур шуданд, ки ин гуна силоҳҳо созанд. Лекин то сохтанд, ки сад сол гузашт.

– Мо ҳам дар сад сол месохта бошем?

– Шояд, агар ҳама дар андешаи ҳимояи ватан бошем, пешвоҳо миллатдӯст. ва ватанпараст бошанд. - Мансур бефараҳӣ ҳис карда, ба аспаш савор шуд ва ҳамроҳашро фармуд, ки ӯ ҳам савор шавад.

❄ ❄ ❄

Баъд аз як рӯзи фатҳи шаҳри Бойсун комиссари дивизия Ершов Николай Харитонович маҷлиси ҳизбӣ доир кард. Ба маҷлис аз шаҳр як гурӯҳ ҳаводоронашонро даъват карданд. Он замон коммунистҳо ҳамин гуна дастур доштанд, ки моҳе як маротиба ҷамъ омада, кору фаъолияташонро натиҷагирӣ мекунанд, неку бади рӯйдодаро гуфтаю нақшаи кори ояндаро мураттаб сохта ба ҳар нафар иҷрои вазифаеро вогузор мекарданд. Иҷрои корҳои мушкилро бештар коммунистҳо ба ӯҳда мегирифтанд.

Ҳангоме ки намояндаҳо аз шаҳр омаданд, Белий аккосзанон рафта пеши онҳоро дошт. То Пётр нарафт, нагузошт, ки наздики қароргоҳ оянд.

– Посбони хуб доштаед,-гуфт кадоме аз меҳмонҳо.

– Ин худро сохтаи бригада гирифтааст,-гуфт Руднев норозиёна.

– Мансаби старшина ба ин маъқул,- сежант Швирков ба завқ хандид.

– Ту салага (тиррончак) ба даҳонат нигоҳ карда гап зан! - Руднев дашном карда омад.

– Ту барин пиракиҳоро бисёр дидем,-Швирков ҳам хеста ба ҷанг тайёр шуд. Онҳо боз гаппартоӣ карда, қариб меҷангиданд. Пётр ба байн даромада онҳоро ором кард.

Дар маҷлис Ершов, ки марди пуртанутуш аст, оҳиста аз ҷояш хеста, суханро аз танқиди Романенко шурӯъ кард:

– Тиру шамшери болшевикҳо барои буржуйу муштамзӯрҳо аст, Михаил Харламович, на барои деҳқону пойлучҳо!-Мо бояд ба деҳқонон дӯст будан монро намоиш диҳем, онҳоро ба сӯйи худ гардонем. Он издиҳоме, ки дирӯз бо пулемётҳо задед, ҳеҷ гоҳ аз пеши назари ин мардум дур нахоҳад рафт!

– Насиҳат кардан осон аст, ҳангоме ки издиҳом тарафатон меомад, чаро пулемётро аз дастам нагирифтед?- Романенко ҳам паст наомад.

Аз толор ҷониби Романенкоро гирифтанд:

– Хуб кардӣ, ки задӣ, Михаил! Ба идоранишинҳо гуфтан осон.

– Одамони ситод аз осмон сухан мегӯянд.

Пас дар масъалаи интихоби коргарон бо кумитаи инқилобии Бойсун баҳс карданд. Маълум шуд, ки дар туманҳои Ғузору Шаҳрисабз тарафдорони амир дар ҳамаи шаҳру деҳот коргарони кумитаи инқилобиро қатл кардаю хонаю да-

рашонро тороҷ намудаанд. Баъди он мардум тарсида, бо болшевикҳо ҳамкорӣ намекарданд. Ершов пешниҳод кард, ки як гурӯҳро дар Бойсун монанд, то ки онҳо мақсади инқилобро ба мардум фаҳмонда, кори шӯроро дуруст ба роҳ монанд.

– Мо наметавонем дар ҳама шаҳру деҳот даста созем!,- эътироз кард Чернов. - Ду-се нафари мо ҳамроҳи одамони худашон меистанд, корро ёд медиҳанд, халқ мебинад, ки кори мо ҳақ аст, минбаъд худаш тарафдорӣ мекунад. Ҳоло кори инқилоб нофаҳмиҳо дорад, аз ҷониби мо камбудҳо мешаванд. Лекин рӯзе мерасад, ки мардум дар озодию ободӣ зиндагӣ карда, моро ба некӣ ёд мекунанд.

Чернов медонист, ҳар сухане, ки ин ҷо мегӯянд, даҳон ба даҳон ба гӯши сарбозҳо мерасад. Ӯ афзуд:-Минбаъд корро тарзе ба роҳ мондан лозим, ки бештари сарбозҳо бо тупу пулемиёт кор карданро ёд гиранд. Сардастаҳо чунин сарбозҳоро қадр кунанд.

Сардори дастаи хизмати ақибгоҳ Тошев Чилла дар суханронияш хабар дод, ки ёздаҳ хару се хачир дар роҳи ағба афтида аз кор баромадаанд. Ду хачир бо борашон ба партгоҳ фурӯ рафтаанд. Пуле, ки ҳукумат дода буд, барои харидани озуқа ва нақлиёт кифоят намекунад.

Қарор карданд, ки минбаъд забонхат дода, аз аҳолӣ хару уштур гиранд. Пас аз ҳукумат пул гирифта, қарзашонро баргардонанд..

Пеш аз он ки аз ҷамъомад хезанд, сержант сергеев хабар дод, ки ду сарбозаш, аҳволашон бад шудааст.

–Бад шудаат, госпитали Бойсун роҳи кун, - гуфт Чернов ва илова кард. - Аспҳои хуб ёфта диҳед.

– Дирӯз хабар омада буд, ки тамоман ҷой нест, ҳатто долонҳо пурри мачрӯҳон шудаанд, - гуфт Сергеев.

– Ҷой ёбад! - гуфт ба сахти Чернов. - хонааш барад!

Ҳамон бегоҳӣ Ершов дар бозори шаҳр митинг ороста, моҳияти инқилобро ба мардум фаҳмонд.

– Деҳқонон, мардуми гирду атроф, шумо донед, ки инқилоб расму сохти пӯсидаи пешинаро барҳам медиҳад! Инқилоб шуморо аз камбағалию қашшоқӣ начот медиҳад! Намегузорад, ки назди беку эшону мулло сарҳаму мулзам бошед! Донед, ки инқилоб ғалаба кунад, шумо бо сари баланд мегардед! Лаззати зиндагии озоду ободро, ки бобоҳоямон садсолаҳо дар орзуяш буданд, хоҳед чашид!..

❁ ❁ ❁

Бригадаи Чернов баъди се рӯзи ҷанги Бойсун баробари дигар полкҳо ба юриши Ҳисор омода шуд. Саҳаргоҳ аёс баланд аст. Загорский аз ошхона баромада овози Белийро шунид. Ӯ ҳамроҳи сержант Сергеев ва Швирков дуртар аз даромадгоҳ истода, аз хусуси он ки дар шаҳр алаф ёфт намешавад суҳбат мекарданд.

– Ин пагоҳӣ ба аспҳо нимбандӣ алаф расидааст. Ҳамон ҳам алафи ҳархела.

– Як моҳ шуд, ки ин ҷо аспу улоғи маҳшар ҷамъ мешаваду алаф мемонад?

– Зудтар аз паси амир мерафтем, бедаи дар Ҳисор ҷамъкардаашро мегирифтем.

Пётр сухан накард. Вай пагоҳӣ алафи аспашро дода буд. Алафро Манучеҳр овард. Ӯ мушоҳида кард, ки овози Белий торафт ба шиддат мешавад. Хавотир шуда, паси биноро гузашта дид, ки Белий ҷониби аспи Руднев аккос мезанад. Наздик шуда сабабашро фаҳмид. Руднев алафи аспи Пётрро гирифта ба аспаш додааст. Пётр аз назди ҳайвоне, ки ҳарисона қабза-қабза алафро ба даҳон гирифтаю зуд фурӯ мебарад, ҳамаашро нагирифт, нимашро бардошта ба аспаш дод. Пас сари сагро бо меҳрубонӣ сила карда гуфт: "Дуздиро дидию тоқат накардӣ?"

Ин дам Руднев лаҷом дар даст аз назди онҳо гузашт, ки Белий ба сараш ҳайбат бардошт.

Пётр Белийро ба сахтӣ "шин!" гуфта нигоҳ дошт. Ва мушоҳида кард, ки ҳарду бо душманӣ ба якдигар менигаранд.

– Дӯстон, суҳбат доред?-пурсид Руднев. Ӯ пай бурд, ки Пётр аз кораш огоҳ шудааст. Саг "хабаркашӣ" кардааст. Худро ба нофаҳмӣ зад.

– Суҳбат дорем,-Пётр ба ӯ нигоҳ накард ва таҳдорона илова кард:- Белий аз ҳар коре, ки ин ҷо рӯй медиҳад, маро огоҳ мекунад.

Руднев чизе нагуфта, худро ба зинкунии аспаш машғул дошт. Аз байн як соат гузашту Руднев шайпурнавозро фармуд, ки бо шайпур хабари зин кардани аспҳоро диҳад. Ва ҳамзамон сарбозҳоро, ки дар саҳн ҳар кадом ба коре машғул буд, ҳадаҳа кард.

Белий овози шайпурро шунида, аввал ба сари шайпурнавоз, пас ҷониби старшина аккос зад. Гоҳ сӯй шайпурнавоз рафта, ӯро метарсонд, гоҳ ба старшина ҳуҷум мекард.

Бачаҳо ба рафтори Белий механдиданд. Семёнов ба завқ хандида гуфт:

– Старшина, Белий дид, ки аёс баланд, роҳҳо ях, бачаҳо азоб мекашанд ба ту ба мо дилаш сӯхту ҷанга бардошт:

Руднев камони сарбозеро гирифта, Белийро паронданӣ шуд, ки Пётр даставшро дошт. "Ин номаъқулиро накун" гуфт ва Белийро, "рав аз ин ҷо" гуфту бо лаҳанд афзуд:- Евгений, шумоён аз рӯзи аввал ба ҳамдигар маъқул набудед.

– Агар дуюмбора ин корашро кунад, мепаронам.

Дар назди лӯлаи об Чернов ба Ершов аз хусуси хачиру уштурҳои харидаи Чилла (баҳри кашондани пушкаю пулемётҳо) баҳс доранд. Яке мегӯяд, ки қимат харидааст, дигаре мегӯяд, ки дар ин замона ҳама чиз қимат аст. Дар гӯшае Семёнов ба гардани аспаш тап-тап задаву ба Манучеҳр шунавонда мегуфт:

– Ист! Гӯш кун. Ту бояд донӣ, ки дигар аспи босмачӣ нестӣ. Туро аспи аскари сурх мегӯянд. Ту дон, ки минбаъд бартарии аслу насаб ба назар гирифта намешавад. Барои ҳамин ҳам дигар ҳар вақт худатро ба ҳаргуна аспҳои сиёҳу сафед баробар накун.

Манучеҳр фаҳмид, ки ин суханҳо ба гушонаи ӯ гуфта шуданд намуди ҷидди гирифта гуфт:

– Дар айни ҷанг дидам, ки дар байни дигар аспҳо чароғ барин аст, "ин асп зеби рафиқам дорад",гуфтаму ба сари соҳибаш тохтам. Соҳибаш як барзангии сиёҳи кӯҳтан буд. Дар аввал тан надод...

– Мо бо соҳибаш дар зану кӯб будем, ки ту омадӣ, хотиррасон кард Семёнов. –Соҳибаш он қадар сиёҳ ҳам набуд, марди бурутакии банур буд. Саллаш намешуд, мегуфтӣ, ки казаки Дон аст.

– Ту дар куҷо будӣ, ки ман надидам?-Манучеҳр пуштанги аспашро сахт кард.- Соҳибашро худам задаю аспро гирифтам.

– Манучеҳр, маълум, ки ту дар вақти ҷанг бештар ба асп зеҳн мемонӣ?-Давлат ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд. -Барои ман ҳам якта меёфтӣ, ошно мешудем.

– Аспро наъл зананд, қурбоққа ҳам пояшро бардоштааст,-Манучеҳр бадбад ба Давлат нигарист. - Аввал пулаша парто. Осон нест босмачиро куштану аспаша гирифтан. Босмачи онаи одама дар чашмаш нишон медиҳад.

Ин дам Чернов шинел дар даст аз дарвозаи оҳанини бошишгоҳ берун шуд. Раҳораҳ шинелро пӯшида, чашмаш ба вусъати осмони нилгун афтид ва дилаш равшан шуд. Андешид, ки осмони кушода мисли чеҳраи зебои кӯдак касро хурсанд мекунад. Ба назарат кори пешгирифтаат осон менамояд. Даҳ рӯз пеш шабона дар домани ағбаи Оққӯтал ҳаво чӣ гуна сард буду имрӯз мисли аввали баҳор тозаву озода ва форам аст. Осмони ин диёр феъли мардумонашро дорад. Гоҳе бо корду каланд ба сарат ҳуҷум мекунанду, гоҳе дар кӯча вохӯрӣ, гарм дар оғӯшат мегиранд.

Ин дам лейтенанти пушти лабаш холдори корманди штаб Морозов Сергей ҳуҷҷату номаҳои аз штаб овардаро ба Чернов дод.

Чернов сар-сарӣ номаҳоро аз назар гузаронду ногоҳ рангаш дигар шуд:

– Ин чист? Ин марда чӣ кор мекунед? - Ӯ ҷониби Морозов ғазаб кард.

Морозов ҷавоб надод.

Чернов муддате андешаманд шуду коғазро ба ситез ба Морозов дароз кард.

– Бар, худат деҳ, ман кордор нестам,-гуфт.

Морозов боз ҳам сухан накард. Дақиқае пас портфелашро гирифту гуфт.-Ман бояд имрӯз баргардам. Ним соат пас Чернов Семёновро даъват карда, гуфт:

– Дуямонро ба штаби Самарқанд даъват кардаанд (бардурӯғ худашро низ ҳамроҳ кард).

Чашми Семёнов ба барқия афтиду пурсид:

– Барқия аз трибунали ҳарбии инқилобӣ?-Яке рангаш шафақ барин шудаю илова карӯд:-Ин кори Першин. Москва рафта, одамашро ёфта, душманиашро кард.

Чернов ба тариқи маслиҳат Семёновро таскин дод:

– Агар муноқишаи дар Бухоро кардаатонро дар назар дошта бошӣ, он ҷо сухане, ки одамро ба муҷозот кашанд, набуд. Ту ба инқилоб софдилона хидмат мекунӣ.

– Ману ту чунин фикр мекунем. Онҳоро диду водид ба одамон дигар аст. Ҳазор корнома нишон диҳию аз синфи дигар бошӣ, алафи бегона гуфта, канда мепартоянд.

– Ҳоло ҳеҷ чиз маълум не. Дар хотир дорӣ? Ба Алексеев ҳам аз НКВД барқияи "ба Москва ҳозир шав!" омада буд. Баъзеҳо дарҳол таблак заданд, ки барои зиндон кардан бурданд. Баъд маълум шуд, ки ба сарситод ба кор даъват кардаанд. Дирӯз Исоев хабар овард, ки ба фронти ғарбӣ мефиристодаанд.

– Дар он ҷо ҳам ғалаба карда баргардад, он идора боз даъваташ кардан пурсучӯ мекунад. -Семёнов ба андеша фурӯ рафт ва ба лейтенант Морозов бо оҳанги илтиҷо гуфт:- Намешавад, ки ҷангро бо амир тамом карда пас биравем?

– Таъкид шудааст, ки зуд биёяд,- Морозов паси гарданашро хорид.

– Як ҳафта вақт медодед, амирро дастгир мекардем, пас дар қафас андохта зиндон мекардед ҳам, ман розӣ будам.

– Морозов нигоҳашро гурезонд ва илова кард. - Дар бораи зиндон сухан намеравад.

Чернов мехоҳад гӯяд: "Модом ки талаб кардаанд, як сари қадам рав." Вале забонаш намегардад. Аз байн ду ҳафта гузашту дар даромади Душанбе аз оқибати кори Семёнов огоҳ шуд. Аз Самарқанд ба Тошканд бурда, ба маҳкамаи НКВД андохтаанд...

❁ ❁ ❁

– Ҳоло пас гаштан хатарнок аст. Беҳтараш ба Ҳисор меравем, ду-се рӯз меистед, роҳ, ки бехатар шуд, пас меравед,- Саидмухтор аз китфи Мансур гирифту аз хона ба ҳавлӣ баромаданд. Мансур дар аввал "вақт бисёр меравад" гуфта майл накард. Пас ба андешае, ки Фёдорро дида, дар бораи ба Самарқанд баргаштанаш маслиҳат мекунад, розӣ шуд. Ҳангоме ки ба Душанбе омад, мушоҳида кард, ки деҳа мисли рӯзҳои пеш серодаму пурташвиш аст. Шермуҳаммади Фарғонагӣ (Куришермат) ҳафтаи гузашта бо чорсад нафар аскараш омадааст. Сарлашкар бародараш Нурмуҳаммад будааст. Аз Самарқанду Кӯлобу дигар ҷойҳо низ дастаҳои тоза ба имдоди амир омадаанд. Мансур Фёдорро наёфта, гашта ба Ҳисор рафт ва шоҳиди ҷанги Ҳисор ҳам шуд. Пагоҳӣ дар хонаи Саидмухтор чой менӯшиданд, ки дар кӯча ғавғои "Ба ғазавот хезед! Ғазавот фарз шуд!"- баромад.

– Намешавад, ки ба калонҳо гӯем, ҳамин шармандагазаватошонро накунанд? –Мансур хеста ҷома пӯшид.-Мо нодонҳо ба "ҷиҳод" гӯии кадом муллои ҳангомаҷӯй камонҳои камоғулакнусхаамонро бардошта, ба ҷанг меравему худамонро беҳуда ба дасти марг месупорем. Русҳо бошанд, гӯё ба тамошо мебароянд: тӯпу пулемёташонро ба кор дароварда, афтидану гурехтани моро мебинанду завқ мебаранд.

– Ин суханҳоро гӯем, ба ҷурми "ҷадид будааст!" мисли гӯсфанд сарамонро мебуранд.

Баъди ҷангӣ Бойсун дар феълу хӯи Мансур дигаргунӣ рӯй дода буд. Медид, ки ҳама корҳое, ки аз ҷониби онҳо бар зидди русҳо мешавад, бе нақша бе ҳисобу китоб аст. Аз ин рӯ мудом аз худашу аз атрофиёнаш норозӣ буд. Мудом ҷиготаш гирифтаю андешаманд мегашт. Дасту дилаш ба кор намерафт. Меандешид, ки зиндагиашон мисли ҳаёти касони кару гунг мегузаштаасту онро дарк намекардаанд. Ин инқилоб сарубарҳӯр парда аз рӯи бисёр корҳо бардошт. Фаҳмидем, ки барои миллат шуданамон дар пеш бисёр корҳо будааст. Дар фаҳмидан фаҳмидему пеш ҳамчунон торик аст...

Ҷанг рӯзи дигар дар заминҳои ҷо-ҷо барфпӯши беруни деҳа рух дод. Мардуми зиёд саворао пиёда бо кордҳои зангзадаю ҷуволдӯзҳояшон ба ҷиҳод баро-

маданд. Муҳорибаи тарафайн оғоз шуду баъд пушкаю пулемётҳои аскари сурх ба кор даромаданд ва қӯшуни савораи амир ба тарафи рост тоб хӯрда, ҷониби Қаратоғ, ки ними қӯшун он ҷо буд, рафт. Касе маслиҳат додааст, ки бар зидди русҳо амали якҷоя беҳтар аст. Аммо мардуми пиёда ба ғазавот омада, чунон ки қаблан маълум буд, беҳуда ғарам-ғарам сари тир ва шамшербур шуданд.

Гашти рӯз борон сар шуд ва майда-майда тамоми рӯз борид. Дар ин тарафҳо борони майда гирад, баъзан то се-чор рӯз, ҳатто зиёдтар ҳам, давом мекунад. Мансур ҳамрикоби Саидмухтор шуда, гуфт:

– Хоҳ-нохоҳ дар Қаратоғ ҳам ҳамон ҳолати Бойсун рӯй медиҳад. Аввал пешвоҳо мегурезанд. Бубинед, ягон бек дар майдони ҷанг кушта намешавад. Хубаш ақиб мегардем.

Онҳо аз Ҳисор гузашта, ба Чӯянчӣ-деҳаи Саидмухтор рафтанд. Дар майдони муҳорибаи пиёдаҳо ҳанӯз мурдаҳо хобанд. Ҷӯйбору заҳбурҳо, хирмани назди деҳа, ки ду рӯз пеш беки Ҳисор Авлиёқул он ҷо ҷамъомад доир карда буд, пур аз ҷасади ҷавонҳо. Борон рӯйу ҷомаҳои хуну лойолудаашонро мешӯяд. Яқин деҳа ҳанӯз кушта шудани онҳоро нашунидааст. Алҳол ҳамон резаборон нигаҳбонашон аст. Ҷондореро наздик шудан намемонад. Баъдтар хабар мераваду мардуми деҳа омада мурдаҳояшонро соҳибӣ мекунанд. Пагоҳ ё фардо аз деҳаҳои атроф низ омада мурдаҳои зери обу борону лой мондаи пайвандонашонро меёбанд. Бо аробаҳо бор карда "Вой писарам! Вой ҷону ҷигарам! Асои пириам!" гуфтаю гирён-гирён ба хонаҳояшон бурдаю кафан карда, бо изату икром гӯр мекунанд. Оши се, чил ва сол медиҳанд. Дар он рӯзҳо одам бисёр меояд. Дар он рӯзҳо фақат модару хоҳар гиря мекунад. Баъзе мурдаҳои бесоҳибро галаи сагҳои дайду меҳӯрад. Ҳоло ин гуна галаҳо дар ҳама ҷой бисёранд. Қисме аз мурдаҳоро, ки зиёдтар гандида мешаванд, мардуми деҳа ҷамъ омада, ҷанозаи умумӣ мехонанд ва як чуқурӣ канда аз болояшон хок мерезанад. Баробари хок пӯшидан бӯй гум мешавад. Дар мағзи хок чӣ доруе ҳаст, ки бӯйро ба худ мегирад. Вақте ки баҳор дашту даман сабзапӯш мешавад, одамон бо ҳавасу орзу ба кори деҳқонӣ машғул мешаванд, ин ҷо хирмони лола бисёр мерӯяд. Ва ҳар вақте, ки бод лолаҳоро ҷилва меорад, доғи сиёҳошон намудор мешавад. Пирони аз воқеъаҳо огоҳ буда ҷавонҳоро ҳушдор медиҳанд: «Ин сиёҳи доғи дилҳои пурозори ҷавонони шаҳид шуда мебошад.

Сафаракиҳо пайраҳаи байни заминҳоро, ки лой шудааст, гузашта, ба роҳи деҳаи Чӯянчӣ баромада, аспҳоро ба резачорпо андохтанд. Мансур дар хонаи Саидмухтор зиёд наистода роҳи Бухороро пеш гирифт. Дар роҳ хабари ба Афғонистон гурехтани амирро шунид. Ба алам сар ҷунбонду пичиррос зад:" Ту касофат чи гуна дилат шуд ки гурезӣ? Сар то сари кишвар оташ аланга мезанад, мардум дар ваҳшату даҳшат. Охир он ҷавононе, ки дар ҷанг кушта мешаванд падару модару хешу акрабо доранд. Онҳо то поён дунё домангири ту мешаванд ё дар ту чунин фаҳмиш нест, тайлоқ!" Боз ба фикраш омад, ки Шермуҳамаду дигар дастаҳо, ки ҷанг мекунем, гуфта омада буданд, акнун чӣ кор мекунанд? Гашта ба ватанашон мерафта бошанд? Мегӯянд, ки дар тарафҳои Фарғона ҳукумати Шӯроҳо қувват гирифтааст. Агар чунин аст, онҳо ҳам ҳамроҳи амир гурехта

ба Афғонистон мераванд? Дигар дастаҳо чӣ? Акнун марказе нест, ки мардум он ҷо ҷамъ шаванд. Пешво халқро ба ҳоли худаш партофта, дум хода кард...

❁ ❁ ❁

Сардори бригадаи 11-уми ҷабҳаи Туркистон майёр Чернов хабари "амир ба баҳонаи зиёрат гурехтааст"-ро дар Душанбе фаҳмид. Он лаҳза ӯ дар ҳавои хунук дуртар аз бошишгоҳ пушкаҳои навсохти ҳамин пагоҳӣ овардаро тамошо мекард. Хабарро шунида, бо хабар фикр кард, ки амир аз чангашон ин дафъа ҳам хато кард. Ба Кӯлоб равад, он тараф то Афғонистон ним рӯз роҳ аст. Агар подшоҳи Афғонистон иҷозат диҳад. Аз дигар тараф, бригада шароити зуд ба роҳ баромадан надорад. Ними сарбозҳо ба беморӣ гирифторанд. Хунукиҳои сахти поёни зимистон, роҳҳои вайрон ҷанговаронро ба азобу сахтиҳои ғайричашмдошт гирифтор кард. Заминҳои ду тарафи роҳ аксар заминҳои шоликорӣ будаанд дар ошӯбҳои ду-се соли охир, ки бесоҳиб мондаанд, ҳама ботлоқ шудаанд. Ҳангоме ки аз он ҷойҳо мегузарӣ, пашшаҳо мисли туман ба сару рӯят мешинанд. Як қисми сарбозҳо ҳанӯз ҳам либоси гарм надоранд. Бисёриҳо ба касалии сармохӯрдагиву гулӯдард гирифторанд. Ҷои гарм нест. Кӯрпаю ҷогаҳ нест. Ки як маротиба баданат арақ кунад. Ягона ҷои хоб масҷиду корвонсаройҳоянд, ки беҳад калон ва хунуканд. Бар зимми ин рӯзҳои охир касалии табларза ҳам паҳн шуд. Бачаҳо акаллан чор-панҷ рӯз бояд дам гиранд.

Чернов ҳам гулӯдард шуд, ҳам шамол кашида буд. Гулӯяшро гӯё чок карда бошанд, дард мекард. Ва яқин аз таъсири гулӯ буд, ки аъзои баданаш ҳам озурда менамуд. Иштиҳо надошт, сухан кардан ҳам наметавонист. Тарсид, ки мабодо аз овоз маҳрум шавад. Ӯ кам бемор мешуд. Ба ҳар ҳол дар хашт-и соли охир бемориашро ба ёд надорад. Боре ҳам доруи духтурро истифода карда буд. Ва ба он чандон ҳам эътиқод надошт. Ба беморӣ як рӯз тан надод гашт. Баъде ки аҳволаш ба тамом бад шуд, воҳимааш гирифт. Ба як бригад ҷавобгар аст. Наметавонад, ки зиёд, хоб равад. Дар байни сарбозон ҳам бемор рон зиёд шудаанд...

Табиб омад хунук кашида чакман пӯшидааст. Остини чакманаш ост зинҳояшбарин дароз. Чернов ӯро ба ин аҳвол дида ғазабаш бештар чӯш пурсид:

– Чӣ дору доред, табиб.

– Доруи тафсшикан ҳасту... Хубаш ман доруи худамона мекунам,-гуфт таб

"Охир як духтури хондагӣ наёфта, чаро инро ба мо ҳамроҳ карданд?" ғазаб даруни фикр кард Чернов. Вале худро ба зӯрӣ ором вонамуд карда тамасхур пурсид:

– Худатон чӣ дору доред?

Табиб ҳолати дарунии Черновро пай бурда, чашмони сурхшудаашро рӯяш дӯхту ғазабашро фурӯ нишонда гуфт:

– Доруе, ки беморро сиҳат мекунад. Иншооллоҳ, пагоҳ не, фардо ба шурӯ мекунед.

– Кунед, чизе лозим донед. Шумо табиб-ку. - Чернов кӯтоҳ сулфид ва фикр кард, ки фардо сиҳат нашуд пас сухани даркориро ба рӯяш мегӯяд. Ӯ бо лабханд илова кард: -Либоси сафед, ки надоред, табиб буданатонро фаромӯш мекунам.

Карим-ака берун рафту баъд аз соате Черновро ба хонае, ки сандалӣ дошт, даровард. Қумғони чӯшидаро наздаш ниҳода гуфт:

– Ба ин гиёҳи доругӣ андохтам, сарро бо сачоқе пӯшонда, панҷ-даҳ дақиқа аз он чуқур-чуқур нафас гирифта, нафасро ба дарун фурӯ мебаред.

Баъде ки ин кор ба анҷом расид, табиб Черновро ба сандалии сӯзон дарун карду "ин ҷо кӯри зардолу андохта шудагӣ" гуфт ва илова кард:-чуби зардолу сахт аст, тафси оташаш ҳам баланд.

Пас аз нимашаб Чернов хост либосҳои шип-шилта шудаашро кашад, ки Карим-ака намонд.

– Шамол надиҳед, - гуфт.- Боз як алов мепартоем, либосҳо дар танатон хушк мешаванд. Пагоҳӣ Чернов аз ҷояш хеста худро сабуку бардам ҳис кард.

– Имрӯз ҳам тоқат карда дар сандалӣ мешинед,-гуфт табиб.-Фардо ихтиёратон.

Ҳамон бегоҳи табиб хабар дод, ки аз ротаи мусулмонӣ нӯҳ нафар шошадонашонро хунук гирифтааст.

– Ин мукофоти намозхониашон аст,-гуфт Чернов.-Вақту бевақт дар оби хунук таҳорат мекунанд, ба умеди ҷаннат шуда. Ана ҷаннат даромаданд.

Табиб ба ишораи "чунин нест", сар ҷунбонд.

Рӯзи дигар Чернов ба Давлат фармон дод, ки каси шошадонаш касал аст аз армия ҷавоб диҳад.

Пётр ҳам ба касалии табларза гирифтор шуд. Баъде ки хест, Белийро дар кофту наёфт. Вай намедонист, ки пагоҳии аз Қаратоғ баромаданашон Руднев ӯро паронда буд. Аз қалъае, ки хоб мерафтанд, страшина ва Белий аз ҳама ақиб баромаданд. Аз дарвоза дуртар, ҳангоме ки Руднев аспашро савор мешуд, ногоҳ Белий пайдо шуду дар рӯбарӯяш шишт. Руднев ғазабманд шуда "ту боз маро мепоӣ!" гуфту туфанчаашро бароварда сагро паронд. Саг талх-талх ълингос зада, туб барин кулула шуда, ду-се дафъа тоб хӯрду аз азоби дард белаки пои тир расидаашро ки оташ афтидабарин месӯхт, газиданӣ шуда пас афтид.

Руднев бо ҳамон ситезмандӣ ҷониби посбони дарвоза гуфт: "Мурдаро аз ин ҷо гум кун!"

Дар охири ҳафтаи фурӯд ба Душанбе қисмҳои аз дигар ҷабҳаҳо омадаро ҷавоб доданд. Исоевро ба Тошканд даъват карда, ба кори баландтар гузарондаанд. "Манораи Бухороро боз ҳам баланд бардоштаанд!" -шӯхӣ мекарданд бачаҳо. Николай Бондаренкоро, ки вақтҳои охир полкаш дар Фарғона буд, ба Қаршӣ интиқол доданд. Ҳамон бегоҳӣ штаби дивизияи 1-ум ҳамроҳи шӯъбаи сиёсии ҷабҳа ба Душанбе омаданд. Ҳукумати Бухоро низ намояндаҳояшро бо сардории раиси шаҳри Бухоро Усмонхоҷа Пӯлодхоҷаев ва полки аз ҳисоби милиса тартибдода ба Душанбе равон кард. Онҳо дар Бухорои шарқӣ ҳукумати шӯроро ташкил мекунанд. Пӯлодхоҷаев духтари беки Ҳисор Авлиёқулро, ки ду моҳ пеш ба амир дода буд ва амир ӯро низ ҳамроҳи бештари ҳарамаш партофта

гурехта буд, хуш карда ба занӣ гирифт. Ва ҳамчунон як гурӯҳ афсарони полки мусулмонӣ низ аз ҳисоби чунин тортуққо, ба гуфти худашон, тааллуқдор шуданд.

Ниҳоят рӯзи шанбе қӯшун аз паси амир раҳсипор шуд. Пулҳои вайронкардаро таъмир кардан лозим буд. Дар Норак шаш нафар бойҳоро даст баста оварда дар тавилаи паҳлӯи бошишгоҳашон буда маҳкам караанд. Хонаҳояшонро, канда, болорҳои дарозро оварда баҳри пулсозӣ истифода карданд. Дар се рӯз пули беҳтар аз пештара сохтанд.

Бегоҳирӯз ҳангоми говгун Пётр ба қазои ҳочат баромаду дид, ки Руднев бойҳои дар тавила маҳкам кардаро дар задан аст. Аз зарби қамчин асирҳо сару рӯҳо кафидаю хун меоқад.

– Ба чӣ сабаб инҳоро мезанӣ?! – Пётр ба силтав қамчинро аз дасти Руднев кашида гирифт.

– Мебинам чойники ротро гирифта дар таҳарткуниаст,- хабар дод Руднев. - Боз инаш ба ман зӯрӣ кардани шуд, - гуфта марди мӯйлабу чашмони зебо доштаро ба лағаташ задан гирифт.

– Дастбастаро, ҳар кас ҳам мезанад! - Пётр ба ғазаб Рудневро берун тела карда пӯписа кард: - Дигар ба инҳо даст расонданатро набинам!

Руднев вақти хоб бурутакиро паси тавила бурд ба оғиле, ки холӣ буд дароварда шамшер зада кушт.

Лекин дар сохтани пуле, ки аз тарафи Лақай ба Қурғонтеппа мерафт ва онро Пули Сангин мегуфтанд, ҳашт рӯз ҷонканӣ карданд. Ин ҷо дарёи Вахш хеле паҳноб буд. Ва ҳам айёми обхезӣ шурӯъ шуда буд.

Дар роҳи байни Фархору Кӯлоб старшина Руднев захмӣ шуд. Вақеъа чунин сурат мегирад. Загорский панҷ нафарро ба сифати талоя (дозор) равон мекунад. Руднев, ман ҳам меравам гуфта, ҳамроҳ мешавад. Яқин дашту доманҳои дар баҳорон гулпӯш шудаи замини Бохтар ҳавасашро оварда буданд. Дуртар аз деҳае дар баландие аз бари осиёи нимвайрона мегузаранд, ки аз даруни чакалакзор ҳашт нафар босмачӣ аз рӯбару мебароянд. Байнашон занозанӣ сурат мегирад. Ду нафари босмачиҳоро захмӣ мекунанд. Аз инҳо Евгений аз по тир мехӯрад. Ҳамроҳонаш ӯро бардошта меоранд.

Хабарро бегоҳи рӯз Загорский ба Чернов расонд. Тир аз баландтари зону задааст. То меоранд, ки по варам кардааст. Худаш гоҳ баҳуш будаасту гоҳ беҳуш.

– Табиб дид? Чи мегӯяд?-пурсид Чернов.

– Табиб ҳамроҳи ротаи хизмати ақиб будааст, дертар омад. Гуфт, ки ҳеҷ гап не. Дар ду-се ҳафта сиҳат мешавад.

– Ҳуши табибат дар ҷояш ё оллои мегӯяд? Ку рафтем, бинем!

Онҳо аз замини алафаш кӯрпашуда гузаштанд, баландиро баромаданд, ки табиб бо дастони хунолуд аз ҳавлии осиё баромад.

– Карим- ака, бемор чӣ ҳол дорад? - Пурсид Чернов.-Ягон дору кардед? Спирт доред?

– Спирт нест, каме монда буд, ки бачаҳо ёфта нӯшидаанд.

Чернов дар гуфтори табиб бепарвоиро ҳис карда оташин шуда бошад ҳам, худро ором вонамуд карда пурсид:

– Пас ба бемор чӣ мекунед? Ҳозир ароба ёфта беморро ба Душанбе баред. Аз он тараф духтури хондагӣ ёфта диҳанд, ҳамроҳ биёед.

Карим-ака бо нигоҳи қаҳролуд ба Чернов нигарист. Ӯ пай бурд, ки Чернов мехоҳад гӯяд, ки ба мо духтури дар донишгоҳҳои худамон хондагӣ даркор, на табиб.

– Дар шаб, дар роҳҳои вайрон бо ароба ба роҳ баромада намешавад,- гуфт Карим-ака ва оҳ кашид. - То Душанбе дар чор рӯз мерасем. Дар ин муддат пои бемор аз кор мебарояд.

– Спирт надоред, хлороформ надоред. Ҷароҳатро бо чи тоза кардед, ё тоза накарда бастед?

– Ба дастам об рез,- гуфт Карим-ака ба сарбозе, ки аз пас меомад ва ҳамзамон нигоҳашро аз Чернов наканда, ба тариқи маслиҳат афзуд:- Намакоби даҳфоиза кардаю онро ҷӯшонда, шаш маротиба ҷои захмро шуста, пас устухонҳои порашударо мисли аввала чидаю ба ҷои, ками монда, устухонро кӯфтаю рехта, бастам. Ду ҳафта захмро ҳамин гуна шуста мебандем, бемор нағз мешавад.

– Ҷои шикастаро гачбанд мекунанд, Карим-ака!

– Мо лангет (чӯб) мебандем. Лангет хуб, ба ҷароҳат ҳаво расидаю зуд сиҳат мешавад.

– Ман тут мегӯям, шумо бед мегӯед Карим-ака?

Загорский ба маънои “тез нашав” дасти Черновро зер кард.

– Агар бовартон набошад, беморро Душанбе мебаранд,-лабханд кард табиб

– Модом ки шумо аз коратон дилпур бошед, набаред,- Чернов аз тезии кардааш пушаймон шуд.

Чернову Загорский беморро дида, ақиб гаштанд.

– Вақте ки Рудневро оварданд, аҳволаш бисёр бад буд,-гуфт Загорский.- Зан барин гиря мекард. Ҳама мегуфтанд, ки пояшро мебуранд. Табиб устухонҳои шикастаро даст карда, сиҳат мешавад гуфт.

– Ку бинам, бо лангеташ чӣ кор карда метавонад,- Чернов дандон ба дандон хоид.

Загорский ба чашмони мусоҳибаш нигариста гуфт:

– Вақте ки хабари аз по тир хӯрдани Рудневро шунидаю наздаш рафтам, ба дилам омад, ки мегӯям: “Евгений, ин ҳамон тири ба пои саг парондаат буд, ки баргашта ба пои худат зад.” Аммо аҳволашро дидаму забонам нагашт.

– Не, ин гапро нагӯй, худаш мефаҳмидагист...

Баъд аз ду рӯз варами пои бемор гашт. Ҳамон бегоҳӣ ҳамроҳи аробае, ки тир овард, духтури хонда аз Тошканд омад.

Қарим-ака пагоҳӣ ба сафар тайёр шуда ба саҳн баромад.-Акнун маро ҷавоб диҳед гуфт.

– Мо ҳамроҳ ин бозиро шурӯъ кардем Карим-ака, ҳамроҳ ба охир мерасонем,- гуфт Чернов кушодарӯёна.

Карим-ака ба ҳамон ҷиддияте, ки мудом дар чеҳрааш хаст, синчакорона ба мусоҳибаш назар дӯхта, ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

Бригада ба Фархор нарасида хабар омад, ки амир Кӯлоб рафтааст. Баргашта Кулобро кофтаю пай гирифта, то гузаргоҳҳи Чӯбек расиданд, ки амир

ба Афғонистон гузашта рафт. Баъди гурехтани амир бригадаи 16-ум ҷониби Кӯлоб рафту бригадаи Чернов ба Қурғонтеппа баргашта, қад-қади дарёи Вахш ба деҳаи Обигарм баромада, ба тасарруфи водии Қаротегин равона шуд. Дар ин кӯҳистони дур қариб, ки рӯздармиён борон боридаю гоҳе ба барф табдил меёфт. Роҳи харгарди домани кӯҳ пур аз нишебу фарозу тангноҳост. Ҷое харсанге фуромадаю роҳро банд кардааст, ҷое дар камари шах ё байни ду ҷарӣ ду ғулачӯбро хобонда, ба болояш сангу рег рехта, роҳ кардаанд Ё, ба қавли худашон, овринг сохтаанд, ки аз он бо тарсу ларз мегузарӣ. Поин партгоҳи махуф буда, руди Сурхоб уштулум мекунад. Дар роҳ Соҳибназар ном марди қавипайкаре ба онҳо ҳамроҳ шуд. Аз Тошканд аз мардикорӣ омада як ҳафта шудааст, ки аз сабаби набудани роҳ банд мондааст. Русиро медонад. Нақл кард, ки соли 1915 ба хизмати армияи подшоҳӣ рафта будааст. Дар полки роҳи оҳан хизмат кардааст. Дар охири соли 1917, ки Оқподшоҳро мағалтонанд, гурехта ба Тошканд меояд. Соҳибназар корашонро осон кард. Чанд сарбозро гирифта ба деҳа даромада қариб сӣ нафар мардро бо арраю табарашон пеш-пеш карда оварда, пули беруни деҳа ва оврингҳоро дуруст карданд.

– Инҳо бе ману шумо ҳам худашон мекарданд, вале омадани моро интизор шудаанд, ки бо маслиҳат кор кунем. Эҳтироми шарқии мо ҳамин гуна аст.

Соҳибназар ин суханҳоро гуфта механдад. Вале бо киноя гуфтанаш маълум аст. Вай мувофиқ ба танутӯшаш қувват дорад. Чӯбҳои се-чор кас мебардоштаро танҳо бардошта меорад. Ё дар вақти зарурӣ тарафи ғафсии чӯбро мебардораду ҳамроҳонашро ҳушдор медиҳад. “Тез гардед, савоби роҳ сохтан аз савоби намоз баландтар аст.” Ба шарофати Соҳибназар дар панҷ рӯз роҳҳои байни Обигарму Дарбандро дуруст карданд Ин ҷо мушкилии бештар ба ротаи хизмати ақиб афтид. Хару аспу уштурҳояшон аз сад зиёд аст. Аз паси ҳар ҷонвар одам мондан лозим аст, то ки ба сангу шаҳҳои овезон бархӯрда, ба ҷарӣ наравад. Пулҳо ҳангоми гузаштан меларзанд. Аспҳоро нафаре аз пеш нӯхтакаш мекунаду дигаре аз пас тела дода, ба зӯрӣ мегузаронанд. Ҷонварҳо болои пул қадам мегузоранду танашон мисли барги бед меларзад. Се асп бо бораш ба дарё рафт. Аз ҷумла ҷирани дӯстдоштаи даста бо номи Чапаев, бораш ба сангги овезоне бархӯрду худаш ҳавоякӣ ба шаҳҳои нӯгтез зада-зада ба қаъри дарё афтид. Сардаста Тошев Чилла ба ҷойи афтодаи асп хеле нигоҳ карда истод. Дар оби гилолуду тира нишоне надид. Тамоми роҳ роҳсозу роҳдору бекҳоро хуб дашном дод. Дар ду-се ҷой аз сабаби танг будани роҳ тӯпҳоро аз харҳо фуроварда, ба занбарҳо бор карда, гузаронданд.

Дастаҳои Шермуҳаммад, аз он ки амир пинҳонӣ гурехтааст, ба ғазаб омада, деҳаҳои сари роҳро тороҷ ва роҳҳоро вайрон карда мерафтанд. Дар наздикии деҳаи Чинор ки зери барф роҳро дуруст мекарданд, Загорский дар қаҳр шуда гуфт:

– Александр Николаевич, аз роҳе, ки намедонем оқибат кучо мебарад, бригадаро бурдан зарур аст?

– Чаро намедонистаем? Дар ин дара камаш ҳафтод - ҳаштод деҳа ҳаст,- гуфт Чернов. –Ва ту медонӣ, ки ман бо ҳавас ва хоҳиши худам шуморо ҷое

намебарам. Супориши ҷабҳа аст. Чунки Қаротегин ҳам тобеи аморати Бухоро буд. Намешавад, ки ин тикаро нодида гирем.

– Ҳаштод деҳа бошад, роҳашонро дуруст намекунанд, ки рафту омадашон осон шавад?

– Ба Қаротегин, ки расидем, ин масъаларо аз худашон мепурсӣ.-Чернов нигоҳашро аз хару хачирҳо, ки дар бари кӯҳ чун корвон равонанд, наканда, афзуд: -Пётр, дар дафтаре, ки масал ҷамъ мекунӣ, саргузашти корвони моро ҳам навис, аҳволи роҳҳояшонро низ. Баъдҳо хонда мефаҳманд, ки чи роҳу чи азобҳо доштанд ин мардум.

Рӯзи дигар офтоб шуд, тангноеро гузашта, ба деҳаи Чинор наздик шуда диданд, ки аспҳою маркабҳо калавида роҳ мераванд, баъзан роҳро монда ба ҷариҳо нишеб мешаванд. Ин ҳолат харкорҳоро ҳайрон мекунад. Баъд маълум шуд, ки дар равшании офтоб барф чашмҳояшонро бурдааст. Дар Чинор ду рӯз дам гирифтанд. Мардум ин ҷо чун дар Ҳисор аз русҳо намегурезанд. Ба аскарон нону хӯрок меоранд. Соҳибназар дар даврае, ки таҳҷоиҳо бошанд, нимшӯхию нимҷиддӣ ҷониби сардастаҳо мегуфт: «Мо аввал шуморо меҳмондорӣ мекунем, пас мӯйи саратонро якто-якто меканем, ки дигар ёди ин тарафҳо накунед.»

Наздики говгум се нафар ҷавони таҳҷоӣ хабар оварданд: "Аҳолӣ аз торочи қӯшуни Кӯришермату Фузайлмахсум ба дод омадаасту тарафдори ҳукумати Шӯро мебошад." Яке аз онҳо бо лаҳни русӣ хуб сухан мекард. Ӯ худро Нусратуллоҳ муаррифӣ кард. Гуфт, ки дар Фарғонаю Тошканд дар заводҳои пахтатозакунӣ бо русҳо ҳамроҳ кор мекардааст.

Рӯзи дигар дар даромади Ғарм бо дастаи Шермуҳаммад як соат барин муҳориба карданду даста бо роҳи Ҳоит пас гашта, ба кӯҳи Зардол баромад. Аммо дар баромади ағбаи Қашқарча аз пас расидани аскари сурхро дида, рамаи молҳои дуздиашонро партофата гурехт.

Дастаи Фузайлмахсум, ба сӯйи Дарвоз ақибнишинӣ кард. Аз рӯи гурехтанаш маълум буд, ки вай фикри ҷанг кардан надорад. Штаби полк ба Душанбе роҳи карда зиндон карданд. Ҳоит омада дар ҳавлии бойе, ки дар канори деҳа буда хонаи бисёр дошт ҷой гирифт. Як рӯз аспҳоро дам дода пас, эскадрони 1-ум ба соҳили рости Сурхоб, эскадрони 2-юм ба соҳили чапи Қалъаи Лаби Об рафта, дар тамоми Қаротегин бою амалдорони амирро пок карда, вакили давлати Шӯро монданд.

Аввали моҳи май овоза шуд, ки эшони Султон аз Дарвоз бо роҳи Чилдара ба тасарруфи Ғарм омадааст. Нусратулло хабар дод, ки чун Эшон ҳаҷ кардааст, ӯро шахси мӯътабар меҳисобанд. Ин ҷо муридҳо дорад. Падараш ҳам ин ҷо обрӯманд будаю муридони бисёр доштааст.

Дар он замон ягона роҳе, ки Ғармро ба Дарвоз мепайваст, ағбаи Камчироғ буд. Дастаи эшони Султон ағбаро гузашта, дар баландие ҷойи муҳимро соҳибӣ кардааст. Чун эскадрони 2-юм ҳанӯз аз Қалъаи лаби об наомада буд, Чернов ба ротаи Загорский як қисми ротаи Давлатро ҳамроҳ карда, ба ҷанги Эшон равона кард. Даста дар ду рӯз аз ҷониби дарёи Сурхоб се маротиба бар зидди қӯшуни Эшон ҳуҷум кард, вале қадаме пеш рафта натавонист. Душман дар паси шинаку сангарҳо ҷой гирифта ба шиддат тирпаронӣ карда, онҳоро пеш рафтан

наемонд. Чанд нафар сарбоз мурдаю захмӣ шуданд. Рӯзи сеюм Загорский беҳуда будани азмашонро фаҳмида деҳаи Сари Пулро, ки дар сари роҳ буд, ба душман гузошта, фармони ба Ғарм баргаштанро дод. Дар ин ҷанги бебарор Манучеҳр аз дасташ тир хӯрду пулемиётчи Романенко аз сараш. Раманенкоро, ки захми кори гирифта буд, ба Душанбе фиристоданд. Чернов нокифоя будани қувваашонро пай бурда, аз Душанбе ёрӣ талабид. Баъди як ҳафта баталиони тирандоз ва батареяи савораи кӯҳгард бо сардории полковник Исоев ба имдод омад ва рӯзи 12-уми май ҳама якҷоя аз Ғарм баромада, ба сӯйи ағбаи Камчироғ ба муқобили эшони Султон равон шуданд. Соҳибназар ҳам зарурати худро ҳис карда, ба онҳо ҳамроҳ шуд. «Ман набошам, коратон ба осони пеш намеравад» мегуфт ӯ ба шӯхӣ.

Рӯзи баҳор чоштгоҳи калон аст. Баъди зимистони сарди дурудароз нав тани сарбозҳо гарм шуда, ҳама шинелҳоро кашидаанд. Дар заминҳои ду тарафи сой ҷаву гандум сар кашидааст. Зағирӣ доманкӯҳҳо ғарқи гул аст, мегӯи як пораи осмон ин ҷо афтидааст. Ин ҷо офтобу осмони лоҷувард чунон рӯшананд, мисле, ки ба ҳам меҷӯшанд. Аз покию равшани кӯҳҳо ба ваҷд омада, садҳо намуд гулу гиёҳу ҷангалу теғаҳои барфпӯшашонро ба каф бардоштаю дар баробари осмони беҳад тавоно рост истодаанд. Хайл-хайл мурғон дар баландиҳо парвоз карда, нидоҳои шодиёна медиҳанд. Аз сойҳо, аз дили сангу шаҳҳо обҳои ширбарин сафед ҷорист. Ҷое об ба шибирзорҳо паҳн шудаю дар офтоб ҷило медиҳад, ҷое аз баландиҳо шар-шара шуда садояш дарараро пур мекунад. Ин садо аз он ҷиҳат дилангез ҳаст ки ҳамроҳи барфу боронҳо аз осмон омадааст. Дарунтари дара роҳи вайрон шурӯъ мешавад. Ҳар ҷо тармаҳо хобанд. Баъзан аз ду тараф тарма фуромадаю мисли кӯҳ роҳро банд кардааст. Сарбозҳо аз болои тармаҳо гузашта, бо ҳаяҷон овоз медиҳанд.

– Ана, боз рамаи оҳу!

– Дар ин тараф пода барин гаштаанд! Инҳо ғурм. Шоххошон аҷиб. Дар ду тарафи сар саллача бастагибарин.

– Эҳ, ба ин сӯ нигаред! Қатор шуда моро тамошо доранд.

Аз деҳаи он тарафи сой чанд хари бордор намоён шуданд. Дере нагузашта боз гурӯҳе омад.

– Онҳо муридони эшони Султон -гуфт Нусратуллоҳ,-ба қӯшунаш озуқа мебаранд.

Чернов се-чор нафарро фармуд, ки борашонро гиреду худашонро сахт занед, ки аз каромоти эшон баҳраманд шаванд. Ӯ ду рӯз пеш фаҳмида буд, ки аз деҳаҳои атроф ҳаводорони эшон ҷамъ омада, ба лашкараш пайвастаанд. То ки халқ дутарафа нашавад, онҳо дар чанд деҳа митинг карданд. Бо пирони деҳаҳо аз ҳадафу мазмуни инқилоб сӯҳбат карданд. Ершови содадилро аз суханронӣ овозаш гирифт. Мардум ба суханҳояш розӣ мешаванд. Аммо бегоҳӣ нимчамуллое дар масҷид ба арабию тоҷикӣ онҳоро аз оташи дӯзах тарсондаю аз ҳурони биҳишт ёдрас мешавад ва ҳама мисли рамаи гӯсфанд боз ба сӯи масҷид метозанд. Ҳаваси ҳурҳои он дунё бар ҳама чиз зӯри мекунад. Афсунгаре дар вақташ ҷойи заъифи ин мардумро хуб ёфтааст. Охир ҳамон ҳурро дар ҳамин дунё дидем. Бо

тагу болою бузу ёлааш рафтему гирифтем. Пас, биёед, мисли дигарон онсӯтар равем. Лаззати илм, фикри оянда ва пешрави ҳам хуб аст...

Бригада деҳаи Сари Пулро гузашта, дар соҳили дарёи Сурхоб ҷой гирифт. Он бегоҳ ва рӯзи дигарро ба диду боздиди қуввахои ҳамдигар ба поён бурданд. Тарафи бегоҳ борон бориду ба барфи лакка табдил ёфта, дар андак муддат заминро сафед кард. Дар замини барфпӯш хиргоҳу хаймаҳо рӯшантар менамоянд. Дар болои хаймаи калоне байраки сабзи Бухоро насб шудааст. Дар ҳар тараф шинаку сангарҳо сохтаанд ва ҷо-ҷо нақб ҳам кандаанд. Дар дохил ва беруни хаймаҳо оташ забона мезанад. Пайдост, ки барфи ногаҳон бесаранҷомашон кардааст.

– Бе тӯп инҳоро аз ҷояшон хезондан мушкил,- мегӯяд Исоев, бо дурбин ба мавқеи душман зеҳн монда.

– *Ин мардум бештар корро баъди намози бомдод шурӯъ мекунанд,*- ёдрас шуд Чернов.

– Бале, як чой ҳам менӯшанд, то ки танашон гарм шавад, - афзуд Исоев ва пурсид.-Харҳои тӯпкаш кай мерасанд?

– Соате пас.

Исоев сигор гиронида, дар зеҳнаш то хаймаҳо фосила гирифта гуфт:-Ин барф ба фоидаи мо шуд.-Баъд аз говгум чор тӯпро дар соҳили дарё ҷой мекунем, гулӯлаи тӯп то хаймаҳо мерасад. Ба сойи паҳлӯ пинҳонӣ пулемёт бароварда, дар тори сарашон ҷо мекунем.

– Эшонро дилкаф мекунӣ, Леонид Николаевич.

– Тезтар кафад. Овози тӯп дар хунукӣ газандатар аст.

Барф монду, пеши ҳаво кушода шуд. Онҳо пас гашта, раҳорах тарҳи амалиёти пагоҳиро кашиданд.

...Соати сеи шаб, ки ҳама дар хоб буданд, пушкаю пулемётҳо ба кор шурӯъ карданд. Кӯҳҳои барфпӯш акси садо дода, "бом-м-м! бом-м-м!" ва "тра-та-та"-и пулемётҳоро бештар воҳиманок мекарданд. Овози ҳойу –ҳӯйу дашноми одамон, садои суми аспҳо шунида мешавад. Аз кӯҳ садои ғелидани санг меояд. Мурғон аз тарс бо қийу чув ҷуфт-ҷуфт ба шаст ҷониби деҳа мепаранд. Маълум буд, ки душман ба чор тараф мегурезад. Тӯпҳо муттасил бошишгоҳи душманро мезананд. Пулемёт даме ист кардаю боз корашро давом дод. Дар ағба ҳаргуна овозҳо зиёд мешаванд. Касе касеро фарёд мекунад. Касе касеро дашном медиҳад.

Ин дам ҷавони тануманде бо шодмонӣ хабар дод:

– Эшон гурехт! Гурехт!

– Кадомаш Эшон буд?-мепурсад дигаре.

– Ҳамоне, ки ба аспи сафед савор буд.

Чернов низ дар танаи кӯҳ, мардуми гурезаро дид: қариб ҳама чакманҳои дароз доранд, аспҳоро нухтакаш мекунанд. Баъзеҳо аспҳояшонро пешандоз кардаанд. Чернов натавонист муайян бикунад, ки кадоме аз онҳо Эшон аст.

– Ҳамон фарбеҳаш Эшон,-гуфт Соҳибназар ва карабинашро шарак-шуруқ кардаю Эшонро нишон гирифта паронд, ва сахт-сахт сулфида гуфт:

– Ин эшонҳои хонасалот дуъои зидди тиру камона хонда-хонда мегурезанд.

– Шайхро ҳунар нест, хонақо танг,-Муҳаммадшариф бо шӯхӣ хандид.

Чернов аз Соҳибназар пурсид:

– Карабинро аз куҷо гирифтед?

– Ин карабини австрягиро аз ҷанг нишона оварда будам.

Тақрибан бист нафар таҳҷоиҳо бо ҳаргуна камон ба ёрии бригада омаданд. Онҳо пеш медароянд.

Ҳавои пагоҳӣ хунук, лекин газанда нест. Каме роҳ ки гаштӣ, одат мекунӣ.

Дастаҳои Эшон, ҳудуди се ҳазор одам, дар кӯҳ паҳну парешон шуда мегуреза д. Онҳое ки либосу пойафзори дилпур надоранд даст бардошта поён меоянд. Ними қушун поён меомад. Яқин умедвори авфанд. Вале ба тири сӯзон рӯбарӯ мешаванд. Дар андак муддат болои барфи тар байни хору арчаҳои бурида мурда зиёд мешавад. Баъзеҳоро хунаш рехта атрофашро сурх кардааст. Гӯё дар тагаш гилеми сурх ҳаст.

Исоев ҳамроҳи эскадрони 2-ум ба Ғарм бармегардад то ки пеши роҳи гурезаҳоро гирад.

Чернов ҳамроҳи эскадрони 1-ум дунболи дастаи Эшон мебарояд. Чанд асп дар нақбҳои кандаи душман афтида аз кор баромаданд. Аммо дар қароргоҳи Эшон аспҳои бесоҳиб, силоҳ ва хӯроки захира ҳам бисёр буд. Дар назди дари хаймаҳо ва пайраҳа, кафшҳои калони чӯбин паҳну парешон хобанд. Яқин муридҳои эшон овози пулемётро шунида, кафшҳоро монда гурехтаанд. Муҳаммадшариф ду-се ҷуфтро ба хӯрҷин андохт. "Онҳоро чӣ мекунӣ?"- пурсид Чернов. "Инҳо алови хуб мешаванд, яктояш як чойчӯшро меҷӯшонад" - гуфт бо ҷиддият Муҳаммадшариф.

Дар тори ағба баландии барф ду метр, ҷое то се метр аст. Барф, ки баланд аст як роҳи борик меравад. Қӯшуни Эшон ҳафтае пеш ин ҷойҳоро бо буқаҳо пай зада, роҳ карда будааст.

– Бачағари Эшон хуб меҳнат кардаасту кораш мазза накард! - гуфт Давлат.

Вақти ғуруб бригада аз тори ағба пас гашт. Қуллаи кӯҳҳои ҷониби Помир бо абру туман пӯшида аст. Ин ҷо кадом тарафе назар андозӣ, кӯҳро мебинӣ. мепиндорӣ, ки ҳама кӯҳҳои дунё инҷо ҷамъ омадаанду пушт ба пушт монда, дам мегиранд. Дар поён ҷангалу сойҳо ва теппаҳои бешумор тӯл кашидаанд. Барфи домани кӯҳҳо об шудааст. Оби сойҳо аз баландӣ мисли ресмоне менамояд, ки сарҳади кӯҳу пуштаҳоро ҷудо кардааст. Дар тарафи шимол қаторкӯҳҳои Зарафшону Олой, дар ҷанубриштакӯҳҳои Дарвозу Помир ва Шоҳдара ба чашм мерасанд. Риштакӯҳҳои тарафи ҷанубто ба кӯҳҳои Ҳиндукуш рафта мерасанд. Қуллаҳои баъзе кӯҳҳо мисли арраи дандоншикаста пасту баланд менамоянд. Баъзе найза барин ба дили осмон рафтааст. Ҳангоме ки дар ин баландӣ меистӣ. баробари бузургию шукӯҳи кӯҳҳо як навъ ошноӣ ва наздикиашонро низ эҳсос мекунӣ. Ва ҳамонзамон дар баробари ин коргоҳи Худованд, инсон ҳақирии худро ҳис мекунад.

Нигоҳи Чернов ба Загорский ва дигар ҳамроҳонаш бармехӯрад: ҳама ҳайратзада атрофро назора доранд. "Инҳо чӣ фикр мекарда бошанд?"- гузашт аз дилаш. Фурсате пас Загорский бо изтироб гуфт:

– Ба ростӣ, даштҳои Русияи мо нисфи ин азамату шукӯҳмандиро надоранд! Ин ҷо ҳам оромии коинот, ҳам як навъ садои муқтадири кору пайкори онро ҳис мекунӣ.

Рӯз, ки ба охир мерасид, Чернов фармон дод, ки эскадрон ба роҳ дарояд.

❁ ❁ ❁

Даромади тирамоҳ ҳавои тарафҳои Ғарм салқин шуд. Саҳару бегоҳиҳо мардум яктаҳу ҷома мепӯшиданд. Чернов ҳоло фикри аз Ғарм баровардани бригадаро надошт. Дар ин гӯшаи дурдасти кӯҳистон ҳама мансабдорони амирро аз кор гирифтаю аз ватан ронда, ба ҷои онҳо аз ҳисоби камбағалон ревкому раису саркор монданд. Мувофиқи декрети обу замин, замину боғи эшону ҳоҷию судуру муштамзӯрҳоро гирифта ба камбағалҳо тақсим карданд. То мардум бинанд, ки ҳокимияти шӯро дар ҳақиқат халқист. Писари раису ҳоким бо писари пойлуч якҷоя дар як мактаб мехонад, дар артел меҳнат кардаю маош мегирад.

Пеш аз сар шудани мактаб хабар оварданд, ки ҳабдаҳ нафар бойҳоро, ки се моҳ пеш ба зиндони Душанбе бурда буданд, Пӯлодхоҷаев Усмонхоҷа, сардори комиссияи диктаторӣ (диккомиссия), ҷавоб додааст онҳо ба хонаҳояшон омадаанд. Чернов дар ғазаб шуд. Шарикони босмачиҳоро чаро ҷавоб медодааст? Омада бошанд, он заминҳояшонро, ки ба камбағалҳо додем, гардонда мегиранд. Хонаҳои баъзеҳоро гирифта ҷои кор кардем. Акнун чӣ мегӯем?

Рӯзе, ки таҳсил дар мактаб сар шуд, Чернов аз сардори ҷабҳаи Туркистон фармон гирифт. Дар он гуфта мешуд, ки сарвории дивизияи 1-уми савора ба уҳдааш вогузор шудааст (Сардори дивизия Исоев дар беморхона буд). Чернов қарор дод, ки субҳ вазъияти полкҳоеро, ки дар Ҳоит ва Сари Пул мондаанд, дидаву дилпур шуда, пас ба Душанбе меравад, ки штаби дивизия он ҷост. Бегоҳи рӯз дар назди қалъаи бек, ки ҷойи истиқоматашон буд, яке аз бойҳоро, судури замони амир - Ҳайдаршоҳро дид. Ӯро рӯзи аввали омаданашон гирифта буданд. Марди миёнақади зардинаи мушчашм аст. Шарм накарда тамоми овозашро сар дода ким - чи суханҳо гуфта гиря карда буд. Оби дидааш чун аз новдон мерехт. Одамони атроф ҳайрон шуданд. Дар ягон ҷой ин хелашро надида буданд. Мардон гиря мекарданд, лекин гиряашонро нишон намедоданд. Чернов аз суханонаш ҳамин қадар фаҳмид ки ду сол шудааст, ки амир ӯро аз мансаби судурӣ гирифта будааст.

Ҳайдаршоҳ ҳоло аз он ки ҷавобаш додаанд, хурсанд буд. Яктаҳу саллаи нав ба бар кардааст. Буғаки куртаи аз суфи урус дӯхтааш чорангушта аст. Назди Чернов омада калонгирона гуфт:

– Рафиқ сардор, ба ин кӯҳҳои мо зеҳн монед; яке пасту назарногир аст, дигаре бисёр баланду бовиқор. Мардумамон ҳам мисли ҳамин кӯҳҳомонанд. Яъне ҳам пасту патак доранд, ҳам назарбаланд. Ман аз назарбаландҳо. Маро аз ҷониби ҳукумати шӯро оқсақол монед, фармудаатонро сад маротиба аз пойлучон беҳ накунам, номамро мегардонам. Хонаю дар дорам. Ҳар вақте намояндаатон баҳри коре биёяд, ҷой кардаю ба қадраш меҳмондорӣ мекунам. Он баду батракҳое, ки шумо тарафашона мегиред, на хона доранд, на меҳмондориро метавонанд,

на корро уҳда мекунад. -Ва аз суханҳояш завқ карда, даҳани бедандонашро калон кушода хандид.

– Ман ҳуқуқи оқсақол монданро надорам,-гуфт Чернов. - Оқсақолро халқ интихоб мекунад. Ва дохили қалъа шуд.

– Баъди рафтани Ҳайдаршоҳ кадоме хабар дод, ки писараш Нуруллоҳ дар дастаи босмачиҳост. Дастаи ҳаминҳо взводи Манучеҳрро ғофилгир карда, нимашро куштаю маъюб карда буд.

Рӯзи дигар Давлат Ҳайдаршоҳро ба даруни қалъа дароварда, ҷониби Чернов гуфт:

– Рафиқ сардор, Ҳайдаршоҳ шуморо ба меҳмонӣ даъват кардааст. Мегӯяд, ки аллакай гӯсфандро кушта ба дег андохтааст. -Ва хандида илова кард:- Аз афташ, оқсақолии ҳукумати шӯроро хариданист.

Чернов ба чашмони чуқуррафтаи Ҳайдаршоҳ назар афканду дилашро ҳисси кунҷковӣ фаро гирифт.

– Гӯсфандро куштаю ба дег андохта бошад, рафтан лозим,-гуфт ҷониби Давлат. –Ку, хонаи таърифии собиқ судурро бинем.

Нисфи рӯз шаш нафар аспҳоро савор шуда ба меҳмонӣ рафтанд. Мохи *аввали тирамоҳ - вақти мевахӯрист. Шоҳҳои дарахтони меваашон пухта, себу олуҳои суп-сурх дар сари деворҳо рӯи ҳам афтодаанд. Муҳаммадшариф назди* деворе аспашро дошта гуфт:

– Мевае, ки аз дарахт ба дасти худат мекани таъми дигар дорад. Онҳо назди шоҳҳои овезон аспҳоро дошта себу биҳи меканданд, ки одами Ҳайдаршоҳ омада ҳадаҳашон кард. Берун аз дарвозаи аспдарои судур як намади гулаш сурх партофта шудааст. Ва ҳамин гуна намаду гилемҳои зебо ба болои пайрохае ки аз байни боғ мегузарад, то даромади меҳмонхона партофтаанд. Ҳайдаршоҳ гуфт ки фақат барои меҳмони оликадр ин гуна пойандоз меандозанд.

Дару девори Ҳайдаршоҳ дар ҳақиқат зебост. Дарахтони боғ бо мевахои рангобаранг шохшикананд. Ҳайдаршоҳ рост мегӯяд, ин гуна боғро камбағал хоб мебинад.

Чернов, пеш аз он ки ба хона дарояд, пурсид:

– Писари босмачиатон дар кучост?

– Шаш моҳ шудааст, ки ман он писарро надидаам,-гуфт Ҳайдаршоҳ. - Ме кайҳо боз падару писар нестем. Вай чувонимарг кайҳо аз хонаи ман рафтагӣ аст.Се намуд хӯрок оварданд. Дар охир ҳаногоме, ки палавро оварданд Муҳаммадшарифи зирак ноаён карда хабар расонд: «Писараш Нуруллоҳ дар хона!» (Аз кӯдаке гап гирифтааст).

Чернов ду нафарро фармуд, ки бо баҳонаи мабраз хеста, хонаро аз берун муҳосира кунанд.

Ин лаҳза Ҳайдаршоҳ ҳам хатарро пайхас карда писарро мегурезонад.

Меҳмонҳо каме палав хӯрда хестанду Давлат ба тариқи дӯстона аз китфи Ҳайдаршоҳ дошта гуфт:

– Акаи Ҳайдаршоҳ, то ки мо ба сидқу вафо дштанатон бовар кунем, хонатонро мекобем. - Ва таппончаро бароварда афзуд:-Намечунбед!

Онҳое, ки аз берун хонаро муҳосира мекарданд, хабар доданд, ки пештар ду нафар зан аспҳоро савор шуда рафтанд. Чун ба мо фармон буд, ки зинҳор ба занҳо сухан накунед, мо истиҳола кардаю наздик нашудем.

Ҳайдаршоҳ қасам мехӯрд, ки аз марги худ хабар дораду аз омадани писари ҳаромиаш не. Ва писарро дашному дуъо мекард. «Ман аз ҳафт пушти чунин писар безорам!» Чашмам ба чашмаш афтад, оқаш накунам, номам Ҳайдаршоҳ не.

Чернов тугмаҳои куртаашро кушода лабханд карда гуфт:

– Ҳайдаршоҳ, ба қасаму дуъои шумо бовар намекунам.

Аспҳоро савор шуда дуртар ки рафтанд, Муҳаммадшариф гуфт:

– Бечора судур хуб меҳнат карда буду кораш барор накард. Акнун зиёфат беҳуда рафт гуфта, як моҳ ба алам ақибаша мехорад.

Чернов ба Душанбе ба штаб омада, дарҳол ба тайёрии зимистон пардохт. Фармуд, ки дару девори ҷойҳои хобро таъмир кунанд. Кӯрпаву кат биёранд. Барои аспҳо охтахона созанд. Аз пайи чунин корҳо буд, ки фармони сардори фронт дар бораи пароканда кардани дивизияи 1-уми савора омад. Чернов моту мабҳут монд. Фикр кард, ки яқин роҳбарони фронт қасдан ин корро карданд. Чернов медонист, ки байни роҳбарони фронт ва ҳукумати Бухоро номувофиқист. Ин баҳсҳошон як сол пеш ҳанӯз аз рӯзи ба Бухоро даромадани армияи сурх шурӯъ шуда буд. Дуруст аст, ки дивизия ҳам талафоти калон дод. Ними дивизия намондааст. Қисме сари тири босмачӣ шуд, қисмеро иқлими номусоид, ба хусус тобистони гарм, аз кор бароварда. Охир ҳар деҳаву ҳар шаҳр бо белу корду каланд ба ҷанг мехест. Онҳо ба гап намедаромаданд. Ягона роҳ ба онҳо зӯрӣ кардан буд. Ба чунин мушкилиҳо аз Самарқанд то соҳили Ҷайҳун зада омада давлати шӯроро сохтанд. То ин корҳо шуданд, ки як сол гузашт. Ва акнун ҳамаро монда бароед будааст. Ин аҳмақиро бине! Аз байн се рӯз гузашта буд, аз Ғарм хабар оварданд, ки бойу эшонҳо заминашонро гардонда гирифтаанду камбағалҳои замингирифтаро азоб медодаанд. Ҳамон рӯз байни Чернов ва Пӯлодхоҷаев бо сардӣ чунин гуфтугузор шуд.

– Мо ҷанг кардаю хун рехта, бойю эшонҳоро дошта ба зиндон фиристем, назди мардум худамонро бадном кунем, шумо онҳоро раҳо кунеду худро дӯст нишон диҳед.

– Худатон дидед, ки ҷанг кашол ёфт. Мардуми ин тарафҳо сар фуровардан нестанд. Мо ба сардорони дастаҳо, шартномаи сулҳ бастем. Онҳо розӣ шуданд, ки ба манфиати тартиботи ҳукумати нав кор кунанд...

– Тартиботи нав ҳамин, ки ҳамаи табақаҳои мардум баробар кору зиндагӣ кунанд.

– Мо ин шартҳоро гузоштем.

– Ҳеҷ вақт бойу эшони шумо худро баробари пойлуч намедонад!

– Намешавад, ки ҳамаи бойу эшону аъламҳоро нест кунем! Онҳо ҳам ҳуқуқи дар ватанашон зиндагӣ кардан доранд!

– Бояд нест кард, то ки ҷамъияти нав сохта шавад.

– Динро нест кунед, урфу одатро нест кунед, китобҳоро сӯзонед, ин чӣ бало инқилоб шуд?!

– Хуб, бойу эшонҳоро ҷавоб додед! Онҳо рафта боз боғу заминҳояшонро пас гирифтанд. Нагуфтанд, ки, ҳой камбағал, биё як гӯшаи ин боғро ту ҳам гиру зиндагиатро бин!

– Кӣ чизашро медиҳад? Ман ҳам намедиҳам!

– Барои ҳамин ҳам мо инқилобро ҳар хел мефаҳмем. - Ба майдони рақс, ки даромадӣ, рафиқ Пӯлодхоҷаев, кунро ҷунбондан лозим!

– Мо гумон намекардем, ки инқилоби шумо майдони кунҷунбонист, гумон доштем, ки майдони тараққию пешравист!

– А-ҳа, Бухороятон дарҳол Париж мешаваду шумо перемер- министр!

Онҳо бо ғазаби ошкоро ба ҳам нигаристанд.

«Шумо баробарию бародарӣ мекунем, зиндагии мардума обод мекунем гуфта, моро фиреб дода даромадеду на як хонаи обод мондеду на одами одамшаванда. Шумо чӣ гуна махлуқед! Мо аз шумо безор шудем!» мегуфт нигоҳи яке.

«Ҳамин дудилагию буздилии шумо, ҷадидҳо, буд, ки як сол боз мо дар ин гӯшаи фаромӯшкардаи олам ҷангу ҷидол кардаю дар азобем! Ҳоло мо меравем ва мебинем аз дасти шумо чи кор меояд? Ба каллабурҳоятон чӣ гуна забон меёбед! Мо бори дигар дарк кардем, ки шумо ҳанӯз аз уҳдаи давлатдорӣ кардан намебароед». Дар нигоҳи Чернов чунин суханҳо хонда мешуд. Ӯ зарханд карда афзуд:

– Кадоме гуфта будааст, ки душмани сахттарин дӯсти пештараат аст. Ва пас гашта дар дил қарор дод, ки пагоҳ комиссари двизия Ершовро мефармояд, ки ба Бухоро рафта бо раиси ҳукумат Файзуллоҳ Хоҷаев гапзанон карда, фармони аз кор дур кардани ин ҷадиди ношудро ба дасташ диҳад. Вай дар чунин корҳо усто аст.

ФАСЛИ ПАНҶУМ

Баҳори соли 1921, мардум аз рӯйи одат хонатаконӣ карда, ба иди Наврӯз тайёрӣ диданд. Аммо иди он сол мисли идҳои гузашта фараҳмандию фирӯзӣ надошт. Болшевикон, ки зиндагии мардумро аз решаҳояш дигар карда буданд, баъдтар ба ҳамон берӯие, ки одаташон шуда буд, эълон карданд, ки иди Наврӯз диниву хурофотист. Мо иди ҳақиқии худамон –иди октябрро дорем. Дар бисёр хонаҳо, ки мард намонда буд, ба ин дигаргунӣ эътибор надоданд. Ба назарашон иди Наврӯз ҳам мисли як чизи нозарур ва ба наздикӣ гумшуда намуд. Чунон ки асбобҳои тиллоӣ ё тиллодавонда, аз қабили офтобаю дастшӯю шамъдонҳо аз рӯйи ҳавлиҳо гум шуданд. Гӯё тӯфоне омада, ҳама буду шуди ин заминро рӯфта бурд. Аммо бухороиҳо одатан ба чунин майда-ҷуйдаҳо аҳаммият намедоданд. Хабар меёфтанд, ки мол ё чизе гум шудааст, ё касе бурдаст, худро тасаллӣ медоданд: «Насибааш ҳамин қадар будааст. Ҳар балое ояд, ба ҳамон занад.» То замони инқилоб дар Бухоро, умуман дар аксари шаҳру деҳоти Мовароунаҳр дар сад - дусад соли охир ба ду забон такаллум мекарданд - тоҷикию ӯзбекӣ: ду забон донистанро мисли чароғи лампа доштан зарур медонистанд Ва ба он эҳтиром доштанд. Касе ин забонҳоро надонад, шахси ақибмонда ва бемаданият маҳсуб меёфт. Шоироне пайдо шуданд, ки ба ду забон шеър мегуфтанд ва ин шеърҳо дар байни омма бештар маҳбубият пайдо карданд. Занҳои деҳаҳои ӯзбекзабони атроф, ки ба ҳонаи шиносе ба тӯйу маъракаҳо меомаданд, ба узбекӣ, занҳои шаҳр ба тоҷикӣ такаллум карда, ҳамдигарро мефаҳмиданд. Надонистани забон онҳоро бегона намекард. Балки баъдтар ба некӣ ёд овардаю мегуфтанду механдиданд. Дар сохти нав ин падида аз байн рафт. Ҳоло навдавлатҳо гаштаю баргашта ба таъкиду таҳдид мегӯянд, ки ин ҷо Туркистон аст, ба туркӣ сухан гӯед. Таҳҷоиҳо дар сӯҳбатҳояшон мегуфтанд, ки ин бенасақиҳо ҳам резаю қатраҳои ҳамон тӯфони инқилоби наҳс асту мегузарад. Кофирҳо чизе хостанд, гирифтанд. Акнун бояд каму гум шаванд, ки мо ба зиндагии худ баргардем. Ҳамзамон бештари болшевикҳо низ нисбат ба бухороиҳо нигоҳи манфӣ доштанд. Байни худ шикоят мекарданд, ки ин мардуми ғофилу мутаассиб то ҳол давлати Шӯро чист намедонанд? Ба мафҳуми озодӣ, баробарӣ сарфаҳм намераванд. Демократияро нодуруст мефаҳманд. Аз гуфтаи муллоҳои ноқисулақлашон як қадам он сӯ намераванд. Фрунзе хуб кард, ки бо аэропланҳо шаҳрашонро задаю валангор кард. Вагарна аз деворашон дарун нигоҳ кардан наметонданд. Баъзе муллобачаҳояшон чунон мутаассибанд, ки ҳазор далелу бурҳон биёрӣ ҳам, қабулат намекунад. Мисле ки зан мешиканаду феълашро дигар намекунад. Дар

дигар кишварҳои Туркистон ин номаъқулиро надидем. Шаҳрро мегирифтем, к
сар боло намекард. Мефаҳмондем, ки оянда фалон беҳбудиҳо мешавад, ҳур
мешуданд, ба корҳои мо ёрӣ медоданд. Ин ҷо ҳатто деҳаҳояшон бо белу ш
ҷуволдӯзашон бар зидди мо мехезанд. Тамоми шаҳрҳои Миёнколро тасх
карда будем. Ҳоло ҳама аз нав шӯриш бардоштаанд. Нашавад, ки дар ҳар к
сарбоз монӣ, ки инқилобиашон кунад, чунон ки арабҳо дар ҳар хона як
монда, мусулмонашон карда буданд. Он замон инҳоро беҳуда табармусу
намегуфтаанд. Агар мемонданд, ки зудтар он тараф то Ҳиндустон мераф
барои худашон хуб буд. Роҳҳо кушода, раву биё баҳузур. Эҳ, «хари кӯру с
танг», мон дар г... ҷӯлида гарданд.

Баъдтар чорасозҳои инқилоб бо Файзуллоҳ маслиҳат кардаю фармӯ
ки дар Бухоро хатро дигар кунед, ҳам таърихро аз нав нависед. Инҳо гузал
афсонарангашонро надонанд, хуб аст. Ба гуфти худашон, китобҳои замо
ва инқилобӣ оварда, китобхонаҳо ташкил карданд. Зуд почтаю телегр
чойхонаҳои сурхро ба кор даровардаанд. Мактабҳо сохтаю таълиму тад
бо салоҳдиди худ ба роҳ монданд. Ҳамаи ин корҳо аз он дарак медод. к
сарони нохалаф аслан ёди падар надоранд, ё оқи падаранд?..

Аммо одам чунон як махлуқи пурбардору дилёбест, ки ба ҳар гуна мушк
одат мекунад. Мардуми Бухоро, гӯё баъд аз касалии дуру дароз хеста бо
чору ночор бо ҳукумати болшевикҳо ба ҳамкорӣ даромад.

Мансур баъди аз Ҳисор омадан каме бекор гашту боз ба сафи мардик
пайваст. Баъзан Ҷовидро ҳамроҳ мегирифт. Вай ҳоло каме қад ёзондааст. М
лум, ки Зулайхои меҳрубон хуб нигоҳубинаш мекунад.

Боре бегоҳӣ, ки ҳама шом мехӯрданд, Мансур гуфт:

– Дар чанд ҷое, ки кор кардем, ба дигарҳо корашон не, ба ман зехн
таҳковӣ мекунанд: «Шумо аслан аз куҷо? Касабаатон чист?»

– Мебинанд, ки шумо аз дигар гала омадаед, марди озодаи шаҳрие
кунҷковиашон боло мегирад,- гуфт Мирзоумед.

– Озода буданам ҳам дигар намонд,- Мансур лабханд кард.- Ӯ нигоҳи Ҳ
хоро ҷонибаш дида, хиҷолатманд шуда афзуд: -Ин суханро ба он маънӣ гуф
ки баъзан дилам хавф мебарад, мабодо кулак буданамро дониста хабар д

– Хоҳ-нохоҳ бой буданатон маълум, -гуфт Мирзоумед ва нигоҳаш ба
наш бархӯрду дид, ки ба рӯйи Мансур нигоҳ дораду нишони «аз дигар
буданашро мечӯяд. Пай бурд, ки суханаш хато баромад. Дар назди зан м
бегонаро таъриф кардан лозим набуд. Ӯ нигоҳи занашро таъқиб карда. а
-Ҳоло дар аксар гузарҳо мактаб кушодаанд, шояд дар ягон мактаб мутал
кунед.

– Хуб мешаваду..,-Мансур забон хоид.

– Болшевикҳо дар масъалаи илму дониш пулро дареғ намедоранд. М
накунам, дар як сол кори сад соли моро карданд.

Мансур гап назад, вай ба ин кори болшевикҳо- маъракаи «маҳви бесав
сарфаҳм намерафт.

– Ҳоло дар деҳаҳо ҳам ҳамин гуна мактабҳо мекушоянд,-афзуд Мирзо

– Мақоли «сад нӯшаш ба як неш намерасад» дар ҳаққи ҳаминҳо,- гуфт Мансур.-Ин қадар оилаҳоро нест карданду ҳеҷ не ки дородорашонро бас кунанд. Ҳамин ҷаллодиҳошон аст, ки мардум ором намегиранд. Аз ҳар тараф бар зиддашон шӯриш мебардоранд. Гап-гап ҳаст, ки дар атрофи Бухоро ва шаҳрҳои калон боз дастаҳои шӯришгар пайдо шудаанд. Шӯроҳоро барҳам дода, коргоҳҳояшонро оташ мезадаанд.

– Аз дасти ин дастаҳоятон дигар ҳеҷ номаъқулӣ намеояд, Мансурбой, – гуфт Мирзоумед ситезмандона. -Худатон дар ҷангҳо иштирок кардед. Аз ман хубтар медонед.

"Дастаҳоятон" гуфтани Мирзоумед ба Мансур сахт расид, вале ӯ худро дошт.

– Бубинед, муаллимҳоро аз Масков оварда, ҷавонҳои моро дониш меомӯзанд, -афзуд Мирзоумед ба оҳанги сарзаниш.- Кори ҳарбро таълим медиҳанд. Дигар пешравиҳо бо ёрии онҳо мешавад. Некӣ аз ин зиёд намешавад. Мағозаҳоро бинед, пур аз либосвориҳои озодаю арзон. Суханатон "сад нӯшаш ба як нешаш намерасад" ба ин мардум намечаспад. Ин суханро дар дигар ҷой нагӯед.

"Инро бинед-а, ҳатто андешаатро гуфтан мумкин набудааст!" Мансур заҳрханда кард.

Зулайҳо баланд омадани шавҳрашро пай бурда, ба оҳанги шӯхӣ Мансурро дил дод: -"Ҳоло ин кас коргари давлати Шӯравӣ, ба эҳтиёт сухан кунед", -гуфт ва чойбиёриро баҳона карда, хона даромад.

– Мирзоумед, шумо ҳам кӯтоҳандеш нашавед,-гуфт Мансур ҳарчи дӯстона.- Аз хотиратон баромад, ки дар Найзаварон замин, гову мол доштем, худамон ҳам алочаю адрасу беқасабу дигар молҳои ватанӣ мебофтем. Ва муҳиммаш дар ватанамон озоду бебок мегаштем.

– Он вақт танҳо як қисми мардум дорою беғам буд. Дигар ҳама лучу бенавою бедониш буданд.

– Ин суханҳоро аз ҳамкоронатон шунида бовар кардед?-гуфт Мансур бо мулоиматӣ. -Саводнок шуда, кучоро гирифтем? Номдор шудем?! Не, пора-пораю шарманда шудем! Бале, бисёриҳо хонда наметавонистанд. Лекин касбу кори бобоиро хуб медонистанд. Аз офтобу анҷум нишонаҳо, таҷрибаҳо доштанд, чунон деқонию молдорӣ мекарданд, ки хондагиҳо дар ҳайрат мемонданд.

– Худамро мисол меорам,- Мирзоумед миёнбандашро кушода, танашро шамол дод.- Кор мекунам, маош мегирам. На ғами зимистон дорам, на ғами тобистон. Оянда ҳама ҳамингуна зиндагӣ мекунанд. Магар ин бад аст?

– Шумо худатонро монед. Беруни шаҳрро баромада бинед, мисле ки ду сагро ҷанг меандозӣ, падару писару тоҷику ӯзбеку қирғизу қазокро ба ҳам ҷанг андохтаанд: мардум ту бой, ту ранҷбар, ту мулло, ту босмачӣ гуфта, гулӯи ҳамдигарро гирифтаанд...

– Замона замонаи инқилоб аст. Дарёи инқилоб мухолифонашро шуста мебарад.

"Бале, ҳамнишинӣ бо болшевикҳо инро дигар кардааст!"- Эҳтиёт кунед, мабодо мавҷи ин дарё худатонро ҳам набарад,-гуфт Мансур аз ҷояш хеста, ба зӯрӣ табассум карду афзуд:- Хоб мекунем, пагоҳ аз кор дер намонем.

Рӯзи якуми сентябр Мирзоумед гуфт, ки Ҷовидро худам бурда, ба мак мемонам. Дар гузарамон дар назди Чорсӯ мактаби нав кушодаанд. Бешт муаллимонаш бухорой.

– Дар дигар мактабҳо бухорой нест?

– Дар мактабҳои нав бештар туркҳо кор мекунанд

– Ҳама ҷойро турк зер карда будааст: нозироти маориф, нозироти за умуман дар аксари нозирот туркҳо кор мекунанд. Ҳамаи милисаҳо турк.

– Инҳо ҳам мардумони хубанд. Мардуми худамон набиёд, корро натавон айби кӣ?

Мансур гапро ба дарозо кашидан нахост, то ки баҳс накунанд ва гуфт:

– Шуморо овора накарда, Ҷовидро худам барам чӣ?

– Талабгор ба мактаби нав бисёр. Ман намояндаи нозироти маориф ҳаст не намегӯянд,-гуфт Мирзоумед.

Он пагоҳӣ Мансур ба Ҷовид дафтару қалам харида оварду дертар ба б зори мардикор омад. Корфармо ҳам дер омад. То ба хонааш, ки дар канор шаҳр будааст, расиданд, ки рӯз аз чоштгоҳи калон шуда буд. Хӯҷаин, мар сияҳҷурдаи рӯйдароз, ришаш ҳам дароз, Мансурро назди оғиле оварда ба р шаш аз ду тараф даст бурда гуфт:

– Дуямон ин поруро берун мепартоем.

Кӯча танг буд. Дар он сӯйи кӯча низ оғилу каҳдонҳо тӯл кашида буд. Хӯҷаин белу каланд овард: оғил дар пастӣ ва дараш танг буд. Дохили оғил торик. Дар ду тарафи дар хокистар тӯда карда шудааст, мобайн ҳама зак. Ба кӯча партофтани пору мушкил аст. Ба дили Мансур омад, ки аз баҳри кори имрӯз барояду равад. Чунки имрӯз Ҷовидро бояд аз мактаб гирад. Вале як соат рох гаштану "хӯҷаин"-ро ба умед кардан ба хотираш омаду дилу бедилон белро гирифт. Дере нагузашта назди дар пури порӯ шуд. Мансур берун баромада хост назди дарро тоза кунад, ки хӯҷаин риши хунукашро ларзонда "кори беруна ба ман монед, шумо кори дарунро тамом кунед," гуфт. Сару рӯяш арақолуд бу Ҷӯйбори поини хонаашро тоза карда буд. Маълум буд, ки дар кор пухта аст. дар одамшиносӣ ҳам таҷриба даштааст. Пагоҳӣ байни одамони зиёд чарх за даю рӯбарӯи Мансур қарор гирифта, бо оҳанге, ки гӯё шинос бошанд, гуфт:

– Як оғил дорам, ҳарду тоза мекунем.

– Ба мо девор бардоштану дигар корҳо бошад,-гуфт Мансур.-Оғилтозакун кори ҷавонҳо.

Мард баланд хандида гуфт:

– Кори шуморо ягон ҷавон карда наметавонад. - Ва ба оҳанги дигар ило кард:-Дурр шиканаду сухан не, гуфтаанд. Аз дур шуморо дида, ба дилам омад ки пулам ба ҳамин мард насиб кардагӣ. - Ва боз варсоқиҳое хонду ба гуфт худаш, тилисмбандаш карда овард.

– Ин поруи чандсола?- пурсид Мансур.

– Ду сол шуд тоза накардаам,шояд зиёд ҳам бошад.

Мард дурӯғ мегуфт. Дар нигоҳаш истеҳзо аён аст. Гӯё мегуфт, модом к омадӣ, кор мекунӣ.

– Ду сол бошад ҳам, говҳо даҳто будаанд-дия, - Мансур киноя кард.

– Ин чо дах гов намеғунчад,-мард ришханд зад. Ва афзуд:-Шуморо одами чашмикордон дидаю тилисмбанд карда овардам.

Мансур бо нафрати ошкоро гуфт:

– Аз абри сафед битарсу аз риши бузург,-гуфтаанд.

Мард ба ришаш даст бурд.

– Ба назарам ҳоло ришам кӯтоҳ аст-ку,-гуфт.

– Кӯтоҳ, кӯтоҳ, -Мансур тамасхур кард.-Монед думи асп барин шавад, пас одамасп шуда мегардед. Ӯ дам нагирифта то гашти рӯз кори оғилро тамом карда, баромада либос пӯшид.

Мард либоспӯшии ӯро дида, саросема наздаш омад:

– Барои шумо аз гӯшти тоза шӯрбо пухтам. Ба номи Худое, ки халқам кардааст, то шӯрборо нахӯред, чавобтон намедиҳам. -Ӯ аз китфи Мансур дошт.

Мансур дид, ки болои боми рӯбарӯ дастархон партофтаю хӯрок тайёр аст. Чун номи Худоро гирифт, рӯи хотир карду ба дили ғаш сари зону нишаста шӯрборо ошомида хест, ки мард боз рӯбарӯяш истод ва ин дафъа ҳам бо ҳамон оҳанги аввала гуфт:

– Ҳоло офтоб баланд, ҳамин чӯйбори поини хонаро тоза мекунему дигар шуморо намедорам.

– Дар гуфтугӯи мо чӯйбор набуд, -Мансур аз он ки нони ин марди беинсофро хӯрд, пушаймон шуд.

– Ҳоло рӯз баланд - такрор кард мард. Ва боз дар чеҳрааш истеҳзо аён шуд. -Аз ду тараф медароему...

Мансур нав ба маънои «ҳоло офтоб баланд», гуфтани мард сарфаҳм рафт. Асосан корфармоҳо мардикорро рӯзбайъ мегиранд. Бисёр иттифоқ меафтад, ки корфармо, кореро гуфтаю муздурро мебарад. Кори гуфтааш, ки буд шавад, кори дигар мефармояд ва мешаванд чанг.

Мансур чанчол кардан нахост.

Мард ҳамчунон лақ-лақ мекард:

– Шумо ҳам мисли худам коргар будаед. Пагоҳӣ беҳуда ситораи дуямон рост наомада буд.

Мансур либос накашида, ба кор шурӯъ кард. То офтобшин чӯйбори аз нешхӯрду сарқуту хасу хошок пуршударо тоза карда, дарро зад.

Хӯчаин баромада, чӯйбори тозаро дид ва аз чайбаш пул бароварда, гуфт:

– Даруни ҳавлӣ боз каме кор буду дидам, ки шумо саросемаед...

Мансур пулро гирифта, ба рӯи мард нигоҳ накарда, аз ҳавлӣ баромад.

– Ақаллан пулатонро нашумурдед... Ё аз ман ранчидед?

Овози мард ба гӯши Мансур нафратангез расид. Қариб буд пулро ба рӯяш мезад. "Астағфируллоҳ!" гуфта худашро дошт. Боз ҳам ба пас нигоҳ накард. Раҳораҳ оғили бадбӯйро ба ёд оварда, ба ҳолаш гиряаш омад ва ба оҳанги надомат пичирос зад: "Чӣ ношукрие карда будам, ки Худованд ба ин рӯзам расонид..."

Ба мактаб хеле дер карда омад. Ҷовид назди дарвоза рост меистод. Чашмонаш гиряолуд. Посбон Мансурро дида гуфт: "Муаллим каме шуморо инти-

зор шуду писаратонро назди ман монда рафт: Гуфт:- Ба падараш гӯед, ки ман муаллимам, на қаровули писарашон."

Аз дарвоза, ки берун баромаданд, Ҷовид ҳиқ-ҳиқ гиря кард.

– Бачаҷон, маро бубахш, ки дер кардам,-Мансур писарро ба оғӯш гирифт.

– Дер кардед, -такрор кард Ҷовид ва афзуд: -Муаллим ду бор гуфтанд, ки падарат одами хуб набудааст.

"Ана алами Ҷовид аз чӣ будааст? Аз дер омадани ӯ не, падарашро ки таҳқир кардааст, аламаш омадааст. Феъли Мансуриён".

– Бачаҷон, ту хафа нашав. Зиндагӣ чунин аст; гоҳ танқидат мекунанд, гоҳ таърифат.

Онҳо роҳи гузар ба саисхонаи Нусратбойи ҳамсояашон даромада, аспашро ки Мансур он ҷо ҷой карда буд, дида, пас ба ҳавлии Мирзоумед омаданд.

Дар рӯйи ҳавлӣ дарвозаи калони чӯби чормағз мехобид. Дарвоза кандакорӣ накардагӣ бошад ҳам, чӯбаш бақувват буд. Мирзоумед тани курта атрофи дарвоза ҷунбуҷӯл дошт. Арақи рӯяшро пок карда гуфт:

– Дарвозаи ҳавлӣ пасти бенур буд, аз бозор калонашро харидам.-Ва аз рӯйи Мансур нигоҳашро наканда афзуд:- Дар савдо будам, ки Сафари додари Ҷаббор пайдо шуд. Ҳамроҳаш Саидакбари писари Қодир, ба кадом мактабе семоҳа хондани омадаанд. Маҷбур карданд, ки дарвозаатонро худамон мебарем. Оварданд, хӯрок хӯрданду пеш аз шумо баромада рафтанд.

Чеҳраи Мансур хашмолуд шуд ва пурсид:

– Чи хабарҳо гуфтанд?

– Ҳангоми чойнӯшӣ шуморо пурсиданд, Амини домоди Мавлонбойро пурсиданд, ки ин ҷо меоянд?.

– Чи ҷавоб додед?

– Гуфтем, ки онҳоро надидаем.

– Наҳз кардед.-Касе пурсид-хоҳ худӣ хоҳ бегона, гӯед надидам.

– Сафар гуфт, ки дар он тарафҳо дородор бас шудаасту артел ташкил кардаанд. Дар деҳа якчанд артел шудааст. Сардори ҳамаи артелҳо Сангов будааст. Баъзеҳо яккахоҷагӣ мондаанд.

Мансур сарварии Холу Тош баринҳоро тассаввур карда андешид, ки гумон аст кори артел ба дасти онҳо пешрав шавад. Аз дасти ин тоифа чоплусию хабаркашӣ меояду бас.

Мирзоумед хомӯшии рафиқашро дида гуфт:

– Овоза будааст, Нуралӣ рустӣ як дафъа омада дидааст, ки ҳоло ҳам як-як хонаашро кофтан меоянд, зуд баромада рафтааст.

– Бечора гумон кардааст, ки ҳамдиёрон раҳаш медиҳанд. Сояша дар девор бинанд, метарошанд.

– Ростӣ, таги дили худам ҳам буд, ки андактар баргашта меравам. Он ҷо хонаю дар дорам, замину боғ дорам.

– Минбаъд замину боға фаромӯш кунед.

– Зани калониам ин тараф - он тараф давида, ними замини паси хонаамро гандум коридааст. Маро мудом дуъои бад мекардааст.- "Илоҳо ба по рафт, ба

сар биёд! Илоҳо меҳнатҳои дар ҳаққаш кардаам кўраш кунанд!" мегуфтааст. Як маошамро ба писари Қодир додам, ки бурда ба дасташ диҳад.

Мансур тоқат накарда, хашмашро берун рехт.

– Мирзоумед, мебахшед, ҳеч не, ки феъли қишлоқиатонро партоед. Охир ҳамин зот набуд, ки моро аз рўйи қасос бой кардаю ба куштан дод!. Хонаҳоямонро толон кард. Гумон кардед, пулатона бурда мерасонад? Пулатона дар ҳамин шаҳр мехўрад ва пас хабар мерасонад, ки душман он ҷо озод гаштааст.

Мирзоумед ранг бой дод. Дарҳол ба даркаш расид, ки асли кор ҳамин тавр ҳаст.

– Рост мегўед. Мана ақлам нест, гуфт ва пурсид: - Акнун чӣ кор мекунем?

– Пул садқаи сар. Ҷойи истиқоматро дигар мекунем. Ба ягон шаҳри дигар меравем.

Мансур дар таҳлука афтидани рафиқашро дида, дилбардориаш кард:

– Ҳамроҳи ҳукумат кор мекунед, шояд рўйи хотир мекунанд. Мебинанд, ки тарафдорашонед, тозакор, албатта, рўйи хотир мекунанд.

Мирзоумед аз занаш ҳам гап шунид. Ҳамон ҷувонимаргҳоро дидед, чашматона бегона накардед? Бо кадом ақл ба душманбача пул додед? Акнун аз Бухоро хеста боз куҷо дум панаҳ кунем?!.."

– Охир аз наздам ҷин барин баромаданд, надонистам...- Мирзоумед худро сафед кард.

Мансур намози асрро хонда аз Мирзоумед, ки байни ҳавлӣ рост истода газетаро варақ мезад, пурсид:

– Дарвозаро шинонем?

– Ҳоло монед,- Мирзоумед оҳ кашида даст афшонд.- Баъдтар мешинонем. Вале аз байн ду-се ҳафта гузашту дигар ёди дарвоза накард. Боре рўзи ҷумъа дертар аз кор омада, аз Мансур пурсид:

– Корҳои Анварпошоро шунидед?

Мансур вақтҳои охир дамдузд шуда буд. Аз кор қасдан дер меомад. Кўшиш мекард, ки ба Мирзоумед камтар сўҳбат дошта бошад. Фикр мекард, ки ба воқеаҳо ва сиёсати ҳукумат фикру андешаҳояшон ба ҳам мухолифанд ва ин ҳолат онҳоро рўз то рўз аз якдигар дур мекунад. Хусусан баъд аз он, ки Сафару ҳамроҳаш хонаро дида рафтаанд, хавотир мегашт. Боре ба Мирзоумед хотирасон кард, ки ақаллан ба дигар маҳалла кўчанд. Вай гуфт, ки то кай гурехта мегарданд. Таваккал гуфта дар ҷоямон шиштан мегирем. Аз афташ, аз он ки дар ҳукумат кор мекард, дилпур буд. Ӯ боз фикр мекард, ки хубаш як хона харида равад. Лекин Ҷовидро чӣ кор метавон кард? Зулайхо нағз нигоҳубинаш мекунад... Ба ҳар ҳол ба як қарор омада наметавонист.

Ҳоло ӯ дар чеҳраи рафиқаш парешонӣ мушоҳида карда, ба дилаш омад, ки яқин хабарҳое, ки аз ҷамъияти мардикорҳо мешунавад, ҷон доранд. Ҳафтаи гузашта аз даҳони онҳо шунида буд, ки Анварпошо, домоди султони Туркия, халифаи мусулмонҳо, аз дасти болшевикҳо вайрону толон шудани Бухороро шунида, сари қаҳр ҳамаи корҳояшро партофта, ба ин ҷо омадааст.

Мансур ба ин суханони содалавҳона аҳаммият надод. Ва ин пагоҳӣ ҳам дар гўшаи майдони Регистон (навдавлатон он ҷойро майдони "Истиқлол" ном

гузоштаанд) ҷамъ омада, интизори корфармо меистоданд, ки шамол ча... кӯчаҳоро хезонда ба майдон овард. Онҳо худро ба паноҳи девори чойхо... паҳлӯи роҳ гирифтанд ва Мансур он ҷо чунин хабарҳо шунид:

"Анварпошо Кӯлобу Фархорро аз дасти болшевикҳо гирифтаю сӯйи Бух... ҳаракат доштааст. Ба мардуми Туркистон муроҷиат кардааст, ки хезед, рус... зада берун мекунем! Амир Олимхонро оварда ба ҷояш мешинонем! Ин чӣ г... Бухоро бекас мондааст?! Дини мубини ислом ҳам бесоҳиб нест,- гуфтааст." ... он ҷо байни тарафдорону муқобилҳо чунин баҳс шуд:

– Дар ҷӯйи обомада об омадааст! Зоти шоҳонаи амирам ин ҷо назди... дусад сол подшоҳӣ кард, мемонад, ки як даста болшевики пойлуч омада ба... тахташ такя занад?

– Армияи болшевикҳо ҳам аноӣ не (суст не), Оқпошшоҳи номиро сарнагу... карданд, тамоми Русия, Қафқоз, тотору, қипчоқро гирифта омада, амир Ол... хонро зада тахту бахташа гирифтанд, акнун мемонанд, ки Бухороро Анв... соҳибӣ кунад?

– Ҳой дохунда!, Анварпошо ҳам аз кӯча ба ин ҷо наомадааст! Лашкарбо... шии Туркия, ва бисёр ҷангҷӯй ҳам ҳаст! Валлоҳ, қири болшевиката набарорад, номамро мегардонам.

– На Анварат, на Олимхонат дигар ҳеҷ кор кардан наметавонад!

– Ҳой мулло Тухмак, ту ин қадар руспараст шудай?! Ё...

Агар милисаҳо намеомаданд, занозанӣ мекарданд.

Мансур аз ин боб чизе нагуфт, ҷавоб дод, ки ҳафтаи гузашта дар газе... хондааст, ки Анварпошо омадааст.

– Шумо аз дунё бехабар будаед. -Мирзоумед овозашро паст кард.- Дар ҷой... кори ман аксар тотору туркҳо –ку. Забонашонро кам-кам мефаҳмам. Бай... худ пичир-пичир мекунанд, ки Анварпошо гӯё бо калони болшевикҳо Ле... шиносӣ доштаасту Ленин ба ӯ фармудааст, ки халқи Бухоро ҳеҷ не ки ба ифо... биёяд. Бехуда аз ҳар тараф шӯриш мехезонанд. Ҳол он ки сохти шӯроӣ ба о... марҳами ҷон аст. Яқин шуморо домоди халифа гуфта, суханатонро ба за... намегузоранд. Шумо он ҷо раведу фаҳмонед, ки мо душмани амирем, душ... халқ нестем. Анвари зирак ба ин ҷо омада мебинад, ки болшевикҳо инки... мекунем гуфта, "маззаро аз қайла" гузарондаанд. Мардум аз ҷинигиҳоя... ба сутӯҳ омадаю аз ҳар тараф бар зиддашон шӯриш бардоштаанд, дар пой... болои ҳукумати Файзуллоҳ бештар туркҳо, қариб ҳамаи милисаҳо турк. Ва... иятро муносиби табаддулот дида, андешаҳояшро ба наздикон ифшо мекун... Вазири ҳарбӣ Орифов Абдулҳамид, раиси кумитаи иҷроияи Бухоро Усмонхо... Пӯлодхоҷаев, сардори милисаи Бухоро Дониёрбек, ки аз бераҳмии болшевик... дилмонда будаанд ва ҳамзамон дар ҷамъомади гузашта аз намояндаи Моск... хуб таънаю тааддӣ шунида буданд, ба Анварпошо мепайванданд ва як гур... шуда ба Қубодиён мераванд. Дар он ҷо митинг баргузор кардаю масъа... равшан мекунанд. Мегӯянд, ки мо омадем, то шуморо аз асорати русхо оз... кунем. Дини азизи исломро ба мақоми аввалааш баргардонем. Баъди ин су... муҷоҳидини он тарафҳо ба ӯ ҳамроҳ мешаванд. Аксари милисаҳо ҳам, ки ту... будаанд, ба ӯ мепайванданд. Гӯё амир ин хабарро шунида, сарлашкари та...

мусулмонҳо таъйинаш кардаю ваъдаи пулу силоҳ додааст. Ҳоло вай бо русҳои мустақар дар Бухорои шарқӣ буда, ҷанг доштааст ва аллакай чанд гарнизони болшевикро зада гирифтааст.

Ин суханҳо Мансурро моту мабҳут карданд. Фикр кард, ки агар туркҳои дар ҳукумат нишаста чунин суханҳоро гӯянд, пас ин овозаҳо ҷон доранд.

– Ҳамкорҳоятон боз чӣ мегӯянд?-пурсид ӯ.

– Боз фаҳмидам, ки вазири мудофиаи Афғонистон Нодиршоҳ будаасту вай ҳам ваъдаи аскару аслиҳа додааст.

Дар дили Мансур шамъи умед рӯшан шуд. Ба Анварпошо Афғонистон ёрӣ кунад, албатта Туркияи худаш бетараф намеистад, ана он вақт болшевикро на ин ки аз Бухоро, балки аз Тошканду Хева ҳам берун кардан мумкин. Ин кор бояд шавад. Акнун ҷазояшонро мебинанд. Дар дили Мансур аз нав шуълаи умед равшан гашт. Кош зиндагӣ мисли рӯзҳои аввал мешуду хонаи Самаркандашро мегирифт, як бори дигар байни он роҳраву дарахтҳо мегашт, бегоҳиҳо ба фотиҳа падару модарашро ёд мекард, дар дилаш армон наемонд. Дар ин дунёи бӯқаламун, дар ин кайҳони беинтиҳо фақат дар ҳамон макони бобоӣ дилаш ором мегираду бас.

Мирзоумед боз ба ғум-ғум даромад:

– Аз тарафи дигар, магар армияи сурхро задаю аз ин ҷойҳо рондан осон аст? Ин тоифаро аз бом занӣ, аз мӯрӣ медароянд, аз замин ронӣ, бо аэропланҳояшон аз осмон меоянд.

Мансур ба фикрҳои худ банд буд, меандешид, ки Анварпошо амир Олимхон нест, ки аз омад-омади урус талхакаф шуда гурезад. Агар чунин шароити мусоид пеш омада бошад, бояд ҳама хеста ба Анвар ёрӣ диҳанд.

Ӯ барои огоҳии бештар аз ин хабарҳо ба хонаи Низом махдум рафт. Раҳими қассобро надид. Дари дуконаш баста буд. Шарифҷон- писари Низом -махдум рӯйи хавлиашон баромад. Ӯ "падарам ба Балҷувон барои дидани аммаам рафтанд," гуфт ва ба гусел баромада, дар таги дарвоза афзуд: - Як моҳ зиёд шуд бо якчанд шиносҳояшон ба тарафи Кӯлоб рафта буданд, ки ба дастаи Анварпошо ҳамроҳ шаванд. Ду рӯз пеш як рафиқашон омада буд, гуфт, ки баъдтар меоянд. Мансур хост пурсад, ки овозаи русҳоро аз Кӯлобу Балҷувон берун карданашон оё рост аст? Вале забонаш нагашт. Нахост ҷавонро бо ҳар гуна овозаҳо безобита кунад. Раҳораҳ дар дилаш ҳаваси Низом -махдумро ёфтану ба қӯшуни Анварпошо пайвастан пайдо шуд.

Миёнаҳои баҳор овозаи "муҷоҳидҳо русҳоро аз деҳаҳои атрофи Бухоро зада пеш кардаанд", паҳн шуд. Ду рӯз пас боз овоза карданд, ки дастаҳои Муроди Пешкӯҳӣ (ӯро Муроди машкоб ҳам мегуфтанд) ва Кӯри Атои Галаосиёӣ то таги девори Бухоро омадаанд. Ва рӯзи чоршанбеи муродбахш ба дастаи мулло Абдуқаххори Ғиждувонӣ ҳамроҳ шуда, ба дарвозаҳои Мазори Шариф ва Шайх Ҷалол зада даромаданӣ мешаванд, ки қисмҳои ҳарбии ҳукумат ва коммунистҳо тӯпу пулемиётҳояшонро бардошта, назди дарвозаҳо омада, пешашонро медоранд. Ду-се рӯз пас қисмҳои армияи сурх, ки дар Бойсун будаанд, ба имдодмшон расидаю дастаҳои шӯришгарро зада дур мепартоянд.

❁ ❁ ❁

– Ин турки моҷароҷӯй дар ҳақиқат пешравиҳо дорад, ё газетаҳо воҳима мекунанд?- Чернов дар коргоҳи Степанов бо ӯ рӯбару менишаст.

– Воҳима не,-Степанов аз ҷояш хест ва коғазҳои парешони болои мизро ҷамъ карда як тараф монд:-Рафтем, дар чойхонаи паси бино ноништа кардан суҳбатамонро давом медиҳем,-гуфт.- Ҳоло то маҷлиси шумо ду соат вақт хаст.

– Шумо намеравед?-пурсид Чернов аз ҷояш хеста.

– Мо акнун нозирот дорем. Раиси нозиротамон меравад.

Ҳавои аввали тобистон гарм аст. Офтоб нав тулуъ кардаасту аллакай баданро арақ зер мекунад.

Онҳо дар кати сояи дарахте ҷой гирифтанд. Степанов айнакашро аз чашм гирифта, чойхоначиро даъват карда пурсид:

– Акаи Суҳроб, Александр Николаевичро мешиносед?

– Александр - акаро албатта мешиносам. Як моҳ пеш худатон ба поезд шинонда гусел карда будед.

– Офарин, чашми мушоҳидаатон зӯр. Аз Беҳрӯзи ошноятон дарак нест?

– Ошно,-лабханд кард Сӯхроб. –Аз«Ошно» алҳол дарак нест. Ӯро бисёр маккор мегӯянд. Ин дафъа ки аз дур дидам, зуд хабар мерасонам.

– Хуб чойи кабуд ва нону қаймоқ биёред.

Баъде ки Суҳроб рафт, Степанов гуфт:

– Ин мард дар гузашта ҷадиди гузаро буд. Дар замони амир гуреза шуда мегашт. Ба ин ҷо бисёр меомад. Боре билет наёфта назди ман даромад. Ҳамон вақт шинос шудем.

– Хуб кас ёфтед.

– Бисёр пухта. Касонеро, ки мековем, ин зуд меёбад: бо киҳо мегарданд, дар чи хусус суҳбат мекунанд, ҳамаро зери назорат мегирад.

– Маълум, дар бораи ман гуфт-ку: «Як моҳ пеш худатон гуселаш кардед».

– Чанд маротиба ва кадом рӯз ба поезд савор шудед, медонад,- Степанов хандид.

– Хуб, хабар дод, пас шумо чӣ чора меҷӯед?

– Мемонем, ки беташвиш ба поезд савор шавад, пас дар истгоҳи дигар мефарорем.

– Аз ҷадидҳои худашон ҳам хабар мерасонад?

– Албатта, мерасонад. Ҳоло душмани сарсахти мо ҳамонҳоянд. Дар ҳама ҷо болшевикҳо моро фиреб карданд, гуфта гаштаанд.

– Онҳо хабаркашиашро пай намебаранд?

– Пай баранд ҳам, кори мо чӣ?-тамасхур кард Степанов.

– Ба пул кор мекунад?

– Не-е, канӣ пули бекор. Дар рӯихати бойҳо меафтад. Ин ҷо оварда Қазоқистон роҳӣ карданӣ буданд, ки маро дида ба зорӣ даромад: «Халос кунед, ҳама коратона мекунам.» Бо шербачаҳо гапзанон кардам: чойхоначии пештараро ба ҷояш фиристонданду инро ин ҷо ба кор гирифтем. Вай ҳам хурсанд, мо ҳам.

– Он чойхоначӣ чӣ айб дошт?

– Инашро напурсидам. Шояд айбҳои инашро ба сари ваяш мемондагистан...

Черновро аз сухани Степанов ғашаш омад. Чӣ гуна мешудааст, ки як одами бегуноҳро аз рӯзгору зиндагиаш маҳрум кард ба ҷафоҳо гирифтор кунӣ. Вале ба инҳо чӣ мегӯи? Ҳамин ки гуфтӣ, худатро зери гумон мегиранд. Қарор дод, ки минбаъд дар назди ин бетавфиқ гапашро дониста мезанад. Боз заҳрханда сар ҷунбонда гуфт:

– Барои шумо корҳо осон,- ва афзуд:-суҳбатамонро дар бораи Анвар давом медиҳем.

Степанов қаймоқро наздиктари меҳмон гузошт ва суханашро идома дод:

– Дар моҷарои Анвар газетаҳо, баръакс, истиҳола карда менависанд. Росташро гӯям, вазъият хеле хатарноку печида аст. Анвар тамоми Бухорои шарқиро то Душанбею Деҳнав гирифта, қонуну қоидаи амириро ба роҳ мондааст. Аз раисони ревкому ҳаводорони мо касе гурехт, ҷонашро халос кард, касе ба даст афтод, гӯсфандвор сар буриданд.

– Гарнизонҳои мо дар Кӯлобу Қурғонтеппаю Душанбе буданд. Дар сарҳади Саройкамар як баталион буд. Ҳамаро бо силоҳ муҷаҳҳаз карда буданд.-Чернов чойникро наздаш гирифта, пиёлаашро пури чой кард.-Коре аз дасти онҳо наомад?

– Нимашро кушт гӯем хато намекунем. Ними камтараш гурехт. -Степанов беихтиёр овоз баланд кард ва ба чашмони мусоҳибаш нигарист.- Газетаҳо навиштаанд, ки гӯё гарнизонҳои мо муваққатан ақибнишинӣ мекунанд. Дар асл онҳоро зада баровардаанд. Дар Кӯлоб аз паси бинои гарнизон нақб канда шабона борути бисёре ҷой карда, онро таркондаанд, дар натиҷа қариб сад одам ҳалок шудаанд, нафарони зиёде захмӣ гаштаанд.

– Оҳ-о! Рост мегӯед?

– Рост. Анвар се рӯз пеш (19-майи 1922) бо имзои сарфармондеҳи артиши миллии кишварҳои Туркистон, Бухоро ва Хева ба Москва таҳдиднома фиристодааст. Талаб кардааст, ки Русия онҳоро ба расмият шиносаду қисмҳои ҳарбияшро аз он ҷойҳо барорад! Понздаҳ рӯз мӯҳлат додааст.

– Эҳ-а! Ин аҳмақиро бин!

– Бале! –Степанов айнакашро ба чашмаш монд.- Ин овозаро шунида, газетаҳои хориҷӣ ҳай мағал бардоштаанд: «Дар батни гетӣ Наполеони нав зуҳур кардааст»! «Анварпошо дар Осиёи Миёна Туркистон месозад!» «Инқилоби русҳо дар Осиёи Миёна шикаст хӯрд!» ва ғайра.

– Пас қувва доштааст, ки чунин корҳоро анҷом додааст. Дилпур намешуд, чунин талаб намегузошт.

– Қувваш асосан ҳамон дастаҳоанд, ки ду сол пеш дар атрофи амир Олимхон ҷамъ омада буданд. Ва як қисм туркҳое, ки дар ҳукумати Бухоро кор мекарданд, низ ба онҳо ҳамроҳ шудаанд. Ғайр аз инҳо тахминан сад нафар афғонҳо ихтиёрӣ, гӯё ба ёрии бародарони мусулмонашон омадаанд. Ва ҳудуди шаст-ҳафтод нафар ҳаводоронаш аз Туркия омадаанд. Онҳо таҳҷоиҳоро машқи ҳарбӣ медодаанд. Амир Олимхон аз Афғонистон ба аҳолӣ фармони "ҷиҳод кунед"-ро додааст.

– Маълум мешавад, ки туркҳо ба ин кор ҷиддӣ машғул шудаанд. Боз ҳавои империяи Усмонӣ ба машомашон задааст:

– Ҳоло Туркия бо дарди худаш банд аст. Бо Юнон ҳоло ҳам ҷанг дорад. Ба кори Бухорою Туркистон Анвару атрофиёнаш ҳаводоранд. Ба ҳар ҳол ҳамин гуна суханҳо мегӯянд, боз кӣ медонад?..

Чернов ба дарахтони зардолуи канори боғ, ки аз бори зиёд шохҳояшон нишеб шудаю меваашон ба пухтан расидааст, нигариста, Мудате хомӯш монд. Фикрҳои мухталиф дар сараш равуо мекарданд. Ба рӯи мусоҳибаш нигариста гуфт:

– Игор Николаевич, ман панҷ сол аст, ки дар даруни ин ҷангҳо ва дар байни ин мардум ҳастам. Дигар фармони амиру подшоҳ, ҷиҳоди муллоҳо дар байни мардум на таъсир дорад, на қурбу манзалат. Ҷиҳод гӯеду тиру камон набошад... Ду кундаро назди мо партофта мефармоянд, ки лабу лахт кунем. Ман табар дорам, шумо, ки табар надоред, чӣ кор карда метавонед? Мо ва дастаҳои муҷоҳид дар чунин ҳолат қарор дорем. Аз ин рӯ ман аз ҷиҳоду нихол Олимхону муллоҳо парво надорам.

– Аз рӯйи гуфти сарбозҳое, ки аз он ҷо гурехта омадаанд, ҳоло онҳо усули ҷангро дигар кардаанд. –Степанов ҷиддӣ шуд.- Дигар тӯда шуда, бо калтакҳу корд "бос! бос!" гуфтаю калоба шуда намеоянд. Нақб кофтан, шинаку сангар сохтан ва дигар санъатҳои ҷангиро ёд гирифтаанд.

– Офарин! Туркҳо, ки мардуми ҷангдида ҳастанд, инҳоро ёд додаанд. Гап дар ин ҳам не. Агар Англия ё давлати дигаре силоҳ диҳад, корашон пеш меравад.

Степанов айнакашро ба чашм гузошту ба чойхоначӣ ишораи "чой биёр" карду гуфт:

– Мо шунидем, ки гӯё Англия силоҳ додааст. Лекин ҷосусҳои мо ин хабарро рад мекунанд. -Роҳҳо таҳти назорати онҳоянд.

– Аммо ҳангоми ба Бухоро омадани Анварпошо гап дигар буд: - Чернов чашмонашро танг карда, ба мусоҳибаш зеҳн монд: "Меҳмони азизи мо... Инқилобчии моҳир. Пайрави кори Ленин..." –гуфта, хуб бардор-бардор карданд.

– Гап дигар буду... – Степанов ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд. - Ман ҳам дирӯз аз Тошканд, аз ситоди ҷабҳаи Туркистон омадам. Он ҷо рафиқон гуфтанд, ки Туркияро ба ҷанги ҷаҳонӣ Анвар ҳамроҳ карда буд. Пештар дар Олмон консул шуда кор мекардааст. Ҳарбиёни Олмон ваъдаҳо карда, дилашро ба ҷанг гарм мекунанд, вай ҳукуматашро моил мекунад. Баъд аз он, ки Туркия ҳафтод ҳазор аскарашро бой дода, ба шикаст мувоҷеҳ мешавад, дар дохили кишвараашон зиддиятҳо сар мезананд. Анвар гурехта ба Олмон меравад. Ва ба воситаи шиносҳои олмониаш ба Москва роҳ меёбад. Москва нақша мекашад, ки агар Камолпошо отатурк ҷангро бой диҳад, ба Анвар армия дода Туркияро тасарруф мекунад. Ҷумҳурии алоҳида месозад. Вале Камолпошо ғалаба мекунад. Анвар аз бозӣ мебарояд. Пешниҳод мекунанд: барои пешбурди кори инқилоб дар кишварҳои шарқ ба онҳо ёрӣ расонад. Вай бошад, ин ҷо меояд, ҷинҳоро моҷароҷӯияш безобитааш мекунанд ва ӯ ҷангро сар мекунад.

– Кор ин тавр нест, Анварпошо наметавонист, ки ба танҳоӣ Туркияро ба ҷанг кашад. Яқин, омилҳо зиёданд,-гуфт Чернов бо оҳанге, ки суҳбатро бас ме-

кунад ва зуд илова кард.-Игор, азизам, роҳи инқилоб ҳамин гуна пур аз нишебу фарозҳо будааст: шӯриш, маҳбас, гурезогурез... Ва газетаҳо овоза мебардоранд; Барои халқу ватан шуда... Худат медонӣ. Баъди ин кашокашҳо, агар бахтат омад кард, ҳокимиятро мегирӣ, омад накард, як умр дар банду зиндон мемонӣ. Пешвоҳои мо ҳам бо чунин роҳҳо ҳокимиятро гирифтанд. Ба худат маълум...

– Рост, инқилоб ҳамин гуна ранг доштааст,-Степанов чашмонашро танг карда, аз паси айнак ба мусоҳибаш зеҳн монд.

– Дар ин масъала Москва чӣ мегӯяд?-Чернов дар чашмони Степанов як айёрии ногувворро мушоҳида кард.

– То ҷое ман медонам, Москва пушаймон аст, ки Анварпошоро ба ин тараф равона кард. Ба шумо ҳам маълум, ки Москва ин обу офтобу замини ҳосилхезро ба осонӣ аз даст нахоҳад дод.

Чернов аз ҷояш хеста худро ба тартиб дароварда гуфт:

– Армияи сурх ҳам ҳамин фикрро дорад.

❁ ❁ ❁

Пленуми Ҷумҳурии халқии Шӯравии Бухоро якҷоя бо намояндаҳои Москва ва Ҷабҳаи Туркистон соати даҳи пагоҳӣ шурӯъ шуда, панҷ соат давом кард. Боз ҳам аз ҷониби номояндаҳои Москва ба сари сарварони ҳукумати Бухоро, Файзуллоҳ Хоҷаю атрофиёнаш танзу таъна мисли хокрӯба рехт. Мардумро ба ҷанг хезондани Анварпошо, рӯз ба рӯз афзудани нуфузи босмачиҳо, беназмии кишвар ва баланд шудани нархи наворо (ҳабдаҳ маротиба) натиҷаи ноӯҳдабароии ҳукумати Бухоро маънидод карданд. Ва ҳамзамон дар масъалаи тақсими мансабҳо сахт норизоӣ карданд: "Боз ҳамон салладорҳо, боз ҳамон тоҷиру аъёну хоҷаҳои собиқ дар ҳукумат ҷой гирифтаанд! Боз хешу табору ошнобозии шарқӣ. Дар байни ёздаҳ аъзои ҳукумат як деҳқон нест! Пас оё мешавад ин ҳукуматро камбағалпарвар гуфт?! Не. Ин ҳукумати бойҳост ва боз тарафи бойи худашро мегирад!

Ҳангоми танаффус Чернов ба мусоҳибаи гурӯҳҳо гӯш андохта (онҳо намедонистанд, ки ӯ забони таҳҷоиро медонад), мақсадашонро пай бурд. Онҳо байни худ мегуфтанд, ки русҳоро аз кори давлатдорӣ дур доштан даркор. Роҳ надиҳед, ки рафта байни аҳолӣ росту дурӯғашонро гӯянд. Чернов ба Мелников намояндаи Масква марди танадори қадпаст, ки таҳҷоиҳо аллакай ба ӯ лақаби "фитна"-ро часпонда буданд, ин гуфтугӯро расонд ва илова кард, ки ҳамаи ҷадидҳоро аз ҳукумат пеш кардан лозим аст. Инҳо аз душман ҳам душмантаранд.

Мелников ришханд карда, оромона гуфт:

– Мо акси гуфтаҳояшонро мекунем. Аксари аъзои шӯрои инқилобӣ аз ҳисоби сардастаҳо мешаванд ва ваколати шӯро зиёд мешавад.

Мелников сухан гирифтаю дар фуроварди суханаш Файзуллоҳро хезонду гуфт:

– Рафиқ Файзуллоҳ Хоҷаев, шумо хуб медонед, ки мо дар таърихи башар аввалин маротиба давлати коргару деҳқонро барпо кардем. Бо чӣ қадар хунрезию мушкилиҳо онро сохтем. Дуруст аст, ки дар ин ҷо коргарони заводҳо

нестанд. Шумо бояд рафта аз байни заминҳои шоликорию пахтакорӣ дех камбағалро ёфта меовардед. Чунки ба ободию пешравии ин ҳукумат камб дилсӯз аст, на буржуй, на бой!

Дар масъалаи замин пешниҳоди пешинаи Файзуллоҳ Хоҷаро қабул кар Яъне барои заминҳои вакф кумитаи алоҳида таъсис доданд, (чунки баъд заминҳои вақфро ба дигар заминҳо якҷо кардан, мардум "ин кофирҳукумат ҳалолу ҳаромаш як будааст", - гуфта, на ба кори замин рағбат карданд. на маҳсулоте, ки ҳукумат медод).

Ҳангоме ки Файзуллоҳ Хоҷа ба сухан хест, Чернов бо кунҷковӣ инт шуд, ки чӣ мегуфта бошад? Ӯ фикр кард, ки дар толор намояндаҳои чаб Туркистон ва аксари аъзоёни ҳукумат медонистанд, ки байни роҳбарони Т фронт ва ҳукумати навтаъсиси Бухоро рақобати пинҳонӣ меравад. Ин рақо аз рӯзи ба Бухоро даромадани аскари сурх шурӯъ шудаю то рафт вусъат гирифт. Ҷангҳои нӯҳмоҳа бо босмачиҳо, иқлими гарми нофорам, душм аҳолӣ (ба истиснои камбағалҳо) дивизияи 1-уми савораи ҷабҳаи Туркист ба марҳилаи фаношавӣ расонда буд.

Рӯзи 12 августи 1921 дар деҳаи Калтачинори ноҳияи Балҷувон байн мояндаи ҳукумати Бухоро- Ато Хоҷаев (писарамаки Файзуллоҳ Хоҷаев намояндаи муҷоҳидин- Давлатмандбиӣ шартномаи сулҳ баста шуд. Мувоф шартнома муҷоҳидин бояд ба итоати ҳукумати Бухоро даромадаю мин силоҳ намегирифтанд. Тарафи ҳукумат бояд амволеро, ки аз дороён гир буд, бармегардонд. Аскари болшевикро аз Бухорои шарқӣ мебароварад. М минбаъд ба корҳои давлати Бухоро набояд дахолат мекард.

Ҳукумати Бухоро шартномаро қабул накард. Норозӣ шуданд, ки чӣ Давлатманду Эшони Султону дигар қурбошиҳо, ки тарафдорони амир б акнун бо онҳо сулҳ ва ҳамкорӣ мекардаанд (Мувофиқи шартнома яке бо Балҷувону дигаре дар Дарвоз раиси ревком мешуд).

Миёнаҳои сентябр Туркфронт фармон дод, ки дивизияи 1-уми савора хорои шарқӣ бароварда шавад. Баъди чунин зиддият ва бесарусомони тараф, мардум, ба хусус онҳое, ки ба аскари сурх, сохти нав ҳаводор б дар азоби алим монданд. Овоза омад, ки муҷоҳидин майдонро холӣ дид тозу қасосситониро ба сари аҳолӣ садчандон карданд...

Файзуллоҳ Хоҷа, чунон ки одаташ буд, оромона ба сухан шурӯъ кар

– Дар масъалаи обрӯи давлати Бухоро ҳаминро хотиррасон мекун чун соли гузашта дар як қисми Бухорои шарқӣ, ки ҷангҳо байни дивизияи армияи сурх ва босмачиҳо шаш моҳ давом кард, мо барои ризоияти ду тар сардастаҳои мухолиф шартномаи сулҳ бастем. Ин сулҳ ба як қисми рафик маъқул нашуду гуфтанд, ки баъзе нуктаҳоро дигар мекунанд (Номи Кӯйб нагирифт). Бо фармони ҷабҳа дивизияро баровардан. Босмачиҳо фах ки шартномаро қабул накарданд, майдонро холӣ дида, дар пайи қасос ш Тамом тарафдорони моро дор кашиданд, сангсор карданд, занҳояшонро с карданд. Дар масъалаи ба ин ҷо омадани Анварпошо ва ин моҷароҳо эзоҳи ман шарт набудагист...

Ва боз ҳам Муҳиддинов, ки дафъаи гузашта ба намояндаи Москва суханони сахт гуфта буд, хеста ҳамчунон ба лаҳни русӣ бо шиддат ҷониби Файзуллоҳ Хоҷа гуфт:

– Шумо чоплусиро монеду кори шударо рӯирост гӯед. Гӯед, ки шумо, болшевикҳо, дар дасисасозӣ бисёр усто будаед! Барои тасарруфи Бухоро моро пеш андохтед, то ки гапу кори ноҷое рух диҳад, гуноҳро ба сари мо партоед! Муллоҳо, овоза карданд, ки гӯё мо ҷавонбухориҳо зидди дини ислом будаему кофирҳоро баҳри вайрон кардани Бухоро мо овардаем! Гӯед, ки аз ду ҷониб бадном шудани мо кам буд, ки акнун худи шумо моро таъқиб доред. Дар масъалаи Анварпошо, мо ӯро на мешиносем, на ба меҳмонӣ даъват кардаем! Ин балоро ба сари мо Масков фиристод! Гӯед, ки...

– Ин ҷо бозор аст ё пленум!- Намоянда аз ҷош хеста ба тундӣ сухани Муҳидиновро бурид.

– Муҳиддинов, шумо маҳмадонӣ накунед!-гуфт Файзуллоҳ Хоҷа ҳам, ки суп- сурх шуда буд.

Аз қатори пеш подполковнике, ки дар ҷабҳаи Туркистон хидмат мекард, луқма партофт:

– Москва Анварпошоро нафиристодааст! Ӯро ду сол пеш, ҳангоме ки ба Боку ба анҷумани халқҳои Шарқ омада буд, Пӯлодхоҷаеви худатон ба меҳмонӣ даъват намуд.

Файзуллоҳ Хоҷа ин даъфа ба зарба суханашро идома дод:

– Дар масъалаи кадр гуфтед, ки деҳқона аз байни замини шолӣ меовардӣ, хуб мебуд. Аммо он деҳқон дасти ростро аз чап фарқ накунад, ҳарфу ҳисобро надонад, коре аз дасташ наояд... Бовар надорам, ки Москва...

– Москва ошпазро ҳам ба кор мегираду шоликорро ҳам! - Намоянда ба шиддат сухани Файзуллоҳро бурид.

Чернов мушоҳида кард, ки Файзуллоҳ Хоҷа нисбат ба порсола имсол хеле лоғар шудааст ва оҳангу зарби овозаш ҳам нерӯи пештараро надорад. Ӯ барои худ боз як кашфиёт кард: Москва ба Файзуллоҳ бовар надорад... Дар дил ба ӯ муроҷиат кард: "Файзуллоҳ, азизам, ту ҳоло ҷавонӣ, бо чор-панҷ забонро донистан ба онҳое, ки сад моҷарою майдону маҳкамаро дидаанд, сарбасар шуда наметавонӣ. Инҳо намегузоранд, ки ту дар Бухоро, ба хоҳиши дилат давлату даврон ронӣ. Ҳатто дӯстону ҳамақидаҳои худат аз рашку ҳасаду нотавонбинӣ рӯзат намедиҳанд."

Аз вазъият истифода бурда, пленум қарор кард, ки баҳри беҳбудӣ ва осонии кор роҳбарияти давлатҳои Хева, Туркистон (Тошканд) ва Бухороро якто карда ба он номи Бюрои Осиёмиёнагии РКП(б) (Средазбюро) дода шавад. Ва ҳама қувваю қудратро ба як мушт ҷамъ карда, ба сари Анварпошои турк зананд. Дастгоҳи таблиғоти ҳукумат ҳамаи воситаро истифода карда, ба мардум фаҳмонад, ки Анвар шахси хатарнок ва ҷосуси империализм аст. Ҳамзамон бояд сохти низоми Ҷумҳурии халқии Шӯравии Бухоро нигоҳ дошта шавад. Ба комиссияи фавқулъодаи диктаторӣ, ки пештар таъсис ёфта буд, фармуданд, ки по ба пои артиши сурх рафта, касони ба Шӯроҳо бадбинро батамом бартараф кунанд. Дигар бас аст бозии мушу гурба!

Чун аз ҷой бархостанд, Чернов аз ҳуқуққое, ки ба комиссия доданд, мабҳут монд. Комиссия бояд аз паси қӯшун рафта дар шаҳру деҳот, кумитаи инқилобӣ ва ташкилоти ҳизбӣ таъсис диҳад. Бо салоҳдидаш ба корхонаҳо одамони алоҳида молиёт бандад. Андози калон ба оқсақолу эшону хочаи муллоҳо баста мешуд. Ҳангоми зарурат аспу уштури мардумро гирифтан ихтиёри қӯшун медод. Касеро, ки бар зидди шӯроҳо ё инқилоб кору рафтор ноҷо анҷом дода буд ё зиддият нишон медод, бе пурсишу бе суд мепарронданд. Фаъолияти корхонаҳоеро, ки маъқулашон намешуд, қатъ мекарданд (асосан корхонаҳои байҳоро). Чернов зимни ин фикрҳо меандешид, ки Анварпошо истиқлолият меорам гуфта, ба сари ин мардум бало овард.

Дар он замон як бозёфти болшевикҳо ин буд, ки ҳар кореро, ки мекарданд, аз номи халқ мекарданд. Ва аз рӯзи дигар шурӯъ карда аз номи ҳукумату корхонаҳо, ҳатто муфтию уламои намоён ба номи Ҷабҳаи Туркистон номаю барқияҳои сохта қатор мешуданд: "Халқи ранҷбари Бухоро..." ё "деҳқонони водии Фарғона аз шумо бо эҳтиром хоҳиш мекунад, ки баҳри саркӯб кардани душмани давлати тозаистиқлоли мо, ҷосуси империализими хунхор, ҷосуси Британиё Анварпошои моҷароҷӯй ба мо ёрӣ диҳед". Ва чунин номаҳоро ҳар рӯз дар газетаҳо чоп мекарданд.

Ба зери рикоби Анварпошо даромадани тамоми дастаҳои Бухорои шарқӣ. ба Русия таҳдиднома навиштанаш ва чунин андешае, ки гӯё бештари мардум ба пуштибониаш бархостааст, Москваро сахт ошуфтаю безобита кард. Бо сардории Лев Тротский (шахси дуюм баъд аз Ленин, соҳиби амру фармону андешаи ба таври ҳарбӣ роҳбарӣ кардани давлати коргару деҳқон) ва сардори Қувваҳои мусалаҳи Русия Каменев Сергей Сергеевич ва як даста машваратчиҳои соҳибтаҷриба ба Тошканд омада, маслиҳати муқовимат бо Анварпошоро карданд. Маслиҳат чунин шуд, ки ба ғайр аз ҷабҳаи Туркистон дар кӯтоҳтарин муддат аз ҷабҳаҳои Қафқозу Сибир низ дастаҳои хуби ҷангӣ оварда, Анварпошою тарафдоронашро чунон саркӯб кунанд, ки ин ҷо касе минбаъд ёду ҳаваси исён накунад. Ду гурӯҳ таъсис доданд, ки яке бо рохи Бойсуну-Душанбе ҳаракат карда то Кӯлоб меравад, дигаре бо роҳи Бойсуну-Қубодиён ба Кӯлоб меравад. Киштии "Черняев"-ро бо ротаи десантӣ фармуданд, ки аз роҳи дарё то Қубодиёну Саройкамар рафта, гузаргоҳи дарёро зери назорат гиранд, ки Анварпошо ба Афғонистон фирор карда натавонад.

Ба гурӯҳи Чернов бригадаи 1-уми савора, полки 3-уми тирандози Туркистон ва кисми ҳарбии Бухороро ҳамроҳ карданд.

Ба гурӯҳи дуюм сардастаи полки 7-уми тирандозӣ Бондаренко Николай Григоревичро, ки дар Қаршӣ мустақар буд, сарвар интихоб карданд (Николай дар ҷанги Бухоро ордени Байраки Сурх гирифта буд). Ба гурӯҳи ӯ бригадаи 8-уми савора ва ротаи савораи аз Қафқоз омада низ ҳамроҳ шуданд.

❁ ❁ ❁

– Дарвозаро шинонем, пас девор мебардорем,-мегӯяд амаки Мирзоумед ва нигоҳашро аз холаи Зулайхо, ки куртаи шоҳӣ ва рӯймоли дока баста баромад, намеканад.

– Пас, хонаҳоро ҳам канда, аз нав хонаҳои баланд месозем,-маслиҳат дод Ҷовид ва хандид. Ӯ бӯи атри холаро ҳис карда наздиктараш рафт. Хола ҳар гоҳе, ки куртаи шоҳи пӯшад аз вай ин бӯй меояд.

– Раҳмат, бачаҷон, ман ҳам ҳамин суханро гуфтанӣ будам,- холаи Зулайхо даст ба китфи Ҷовид гузошт.

– Ба шарте, ки ту дигар "кай деҳа меравем?" намегӯй.- Аз лабони амак табассум ҷамъ намешавад. Аз афташ бӯи атр ба он касҳам маъқул аст.

– Э, ин нағмаҳотона монед, он ҷо модарам, пайвандон, Гулмоҳатон...

Амак ба оҳанги шӯхи меафзояд:-Гулмоҳи меораму дар гушаи дигари шаҳр хона мехарем.-Ва ҳарду механданд.

Ҳар гоҳ ки зану шавҳар шӯхӣ мекунанд, Ҷовид аз амак рашк мекунад. Мехоҳад хола ба вай меҳрубон бошаду бас.

Амак дарвозаи харидаашонро, ки ду моҳ зиёд хоб буд, хобонда андоза мегирад, ва ҷониби Ҷовид нигариста мегӯяд:

– Ҷура, ту бобоят барин дуредгари номӣ шав, хонаҳои номии шаҳра бобоят пӯшидагиянд.

Ба хотири Ҷовид рӯзҳои охири умри бобояш Меҳрони камон меоянд. Болои чойгаҳ хобида, ба падараш мегуфт, ки касби бобоиро хор накунед. Мо наздики чорсад сол аст, ки аз ин касб нон мехӯрем. Он кас овози базарба доштанд. Он овоз ҳоло ҳам дар гӯшаш аст.

– Падарам ваъда карда буданд, ки маро дуредгарӣ ёд медиҳанд,- гуфт Ҷовид

– Ҳеҷ не ки падарат сари калобаи корашро ёбад.-Амак нигоҳашонро аз дарвоза намеканад. –Мегӯям, ки ба кори давлатӣ даро, қабул намекунад. Ин давлату ҳукуматро назараш намегирад.

– Айби падараш не, ҳукумати шумо дили мардума ранҷонд,-хола ҷониби падарашро мегирад.

– Ту ба ҳукумат кордор нашав,-маслиҳат дод амак.

– Чаро кордор намешудаам? "Ба хӯрдан сер нашуда, ба лесидан сер?" дар ҳаққи ҳаминҳо. Дирӯз аз гузарамон Нусратбойи нонпазро "ту кам андоз супоридай" гуфта, бурда ҳабс кардаанд. Мақсадашон ҳамин будааст, ки пули нони фурӯхтаашро ду тақсим кунад.

– Пули андозро супурад. Ин мардуми моро ба ҳоли худ монӣ, як танга ба касе намедиҳад.

– Имрӯз гузарро гаштам, нон наёфтам! Ҷӯрабек ҳам аз банду зиндон тарсидаю дари нонвойашро бастааст.

Дар ин асно ду марди низомипӯш бе иҷозат ба ҳавлӣ даромаданд. Марди калтаи нуғайнусха, ки рӯяш хол дорад, ба лаҳни шикастаи туркӣ аз амак пурсид:

– Мирзоумеди Мирзокарим шумо?

– Ман,-ранги амак пахта барин канд. Ва гӯё худро сафед мекарда бошад, бо овози гирехҳӯрда гуфт:-Ман як сол зиёд шуд, ки дар шӯъбаи нозироти маориф кор мекунам.

– ОГПУ медонад, ки дар кучо кор мекунед!- истеҳзо кард холдор. –Гурезе буданатона, ба Бухоро кай омадед, медонад. Пеш дароед, ҳамроҳи мо меравед. Ва чашмаш ба холаи Зулайхо афтоду лаҳзае тавақкуф карда пурсид: -Инҳо занҳ фарзандатон?

Амак ҷавоб надод.

Холаи Зулайхо, ҳар вақте ки ҳамроҳи шавҳараш ношиносеро бинад, рӯ панаҳ мекунад. Ин дафъа, гӯё ки шах шуда бошад, аз ҷояш намеҷунбад. Он касро овози омиронаи амак ба худ овард.

– Ту хона даро!- Ва бо ҳамон оҳанг ҷониби холдор афзуд: -Ман ақалла ба сардорам хабар дихам.

– ОГПУ аз сардори шумо намепурсад,-холдор араҡи рӯяшро пок карда ин дафъа ба нармӣ пурсид:- Либосатонро дигар мекунед ё ҳамин хел меравед?

Амак чи гуфтанашро надониста, дар ҳолате ки сарурӯяшро арақ зер карда буд, сархам хона даромад.

Ҳамроҳи холдор, марди газгӯшти чашмзард, тугмаҳои ялаққосии куртаашро кушодаю худро шамол дода, ҷониби Ҷовид чашмакӣ зада пурсид:

– Дарвозаи нав фармудед?

Ҷовид ба ӯ бад-бад нигариста, аз ӯ ҳазар карда, дуртар рафт. Аз дарч нимроғи хона овози пасти гиряи хола ва суханони амак меомад.

– Зулайхо, азизам, гиря накун. Ҳоло ҳеҷ гап не. Онҳо маро доштан наме тавонанд. Нашавад, мегӯям, ки авфи умум эълон кардед! Шумо қавл доред ё не?! -Овозашро паст карда, боз:-Маро зиёдтар доранд, мефармоям, ки Мансур туро ба Найзаварон барад... Он ҷо Фирӯз шумоёнро хабар мегирад.(Фирӯз домодашон).

Аз байн ду дақиқа барин гузашту токати холдор тоқ шуда, рафта дарро за

Амак дар ҳавои гарм саллаю ҷома карда баромад: Ба атрофи ҳалӣ нигоҳ андохту пас ҷониби Ҷовид арз кард. «Ин кори мудири шӯъба Эфендиев. Ӯ инҳ кардааст.»

Ҳама аз дарвоза баромаданд. Амак нагузошт, ки Ҷовид ҳамроҳаш рава Дуртар рафта гуфт:

– Суроғи маро аз идораи хуфия пурсед.

Ҷовид баргашта дид, ки холаи Зулайхо худро болои суфаи таги тут партоф мисли касе, ки дард мекашад, ғунча шудаю гиря карда мегуфт:

– Хонаат сӯзад, золим! Бачаи азизат мурад, золим! Дар ин ғарибӣ дома киро гирам?

Ҷовид байни ҳавлӣ шах шуда истод, намедонист чӣ гуфта холаро тас диҳад.

Мансур аз кор омада хабари бурдани Мирзоумедро шунида, ҳангум монд. Вазнин дар гӯшаи суфа нишаст. Фикр кард, ки Мирзоумеди сода як маош гирифту ба гузашта хати бутлон кашид. Гуфтам, ки сад нӯши ин хук ба як нешаш намерасад, бовар накард. Акнун мефаҳмад, кӣ будани инҳоро. нигоҳаш ба Зулайхо, ки болои остонаи хона мотам гирифта менишаст, аф ва ӯро дилбардорӣ кард:

– Мирзоумедро раҳо мекунанд, келин. Хатое шудааст. - Ва гӯё кори заруреро фаромӯш карда бошад, саросема аз мехи сутуни ҳавлӣ ҷомаашро гирифта, ҷониби Ҷовид нигариста, илова кард:

– Касе маро пурсад, гӯед, ки порсол як бор омада буд, дигар наомадааст.

Баъди ду рӯз, нисфи шаб омада фаҳмид, ки касе суроғаш накардааст, ором шуда гуфт: "Ҷойи Мирзоумедро муайян кардам. Мадрасаи Ғозиёнро ҳабсхона кардаанд, гунаҳгоронро ҳамон ҷо бурдаанд."

Пагоҳи якшанбе ҳамакаса Мирзоумедро хабаргирӣ рафтанд. Шаб борону шамоли сахт шуда баргу ғураҳои дарахтонро резондааст. Баъзе кӯчаҳоро рӯфтаанд, баъзе ҳанӯз норӯфта. Зулайхо камзӯли бахмал пӯшида, сарандоз гирифтааст. Он рӯзҳо нав баъзе занҳои таҳҷоӣ бо рӯйи кушода ба кӯча мебаромаданд. Мегуфтанд, ки онҳо занҳои калоншавандаҳо мебошанд. Аз дидани онҳо баъзе мардони тақводор сар хам мекунанд, аксар бо даҳони кушода нигоҳ карда меистанд.

– Ин бино мадрасаи Турсунҷон буд, - бинои дуошёнаи боҳашаматеро нишон дод Мансур. - Навомадаҳо онро ҷойи истиқомат кардаанд.

Ба кӯчаи Наддофон, ки ҳабсхона он ҷост, омаданд. Назди ҳабсхона зану марди бисёре дар интизори дидани пайвандонашон буданд. Баъзеҳо бо оби дида мегуфтанд, ки як ҳафта аст омадурафт доранду пайвандонашонро дида наметавонанд. Дуртар аз дари даромад, дар наздикии девори мадраса тути калонест, ки шохҳояш то девори ҳабсхона расидаанд. Якчанд кӯдак баланд-баланд гуфтугӯ кардаю тутҳои нопухтаи шамолрезондаро чида мехӯранд. Дари даромади мадрасаро чӯб зада махкам карда, як тирезача мондаанд. Дар дохил ду-се ҷавони низомипӯш менамоянд. Ҳар гоҳ, ки даричаро кушоянд, аз он бӯйи арақи бадан ва гушти бӯйкарда меояд. Баъзе занҳо навдавлатонро бо овози баланд дуою нафрин мекунанд:

– Илоҳо давлати зулмободатон зеру забар шавад!

– Илоҳо инқилоби сархӯратон сари худатона хӯрад.

– Номи ҷадидҳо дар гӯр, ки шумо кофирҳои дуздро оварданд.

Дар гӯшае марди қадбаланди сарлуч, ки савдоӣ аст ё қасдан худро чунин вонамуд мекунад, ба ҳар каси рӯбарӯ омада ҷониби маҳбасхона ишора кардаю ба нимтабассум тез-тез чизе мегӯяд.

Аз гуфтаҳояш ҳамин қадар фаҳмидан мумкин: "Файзуллоҳ хоҷа ин ҷо одамони саллакалони Бухороро ҷамъ кардааст. Меғӯяд онҳоро Масков маҷлис мебарам."

Мансур аз дасти Ҷовид дошта, кашид: "Одам ба девона зиёд нигоҳ намекунад!", -гуфт.

Маҳбусҳо дар назди ғурфаҳо тӯда-тӯда бо рангу рӯйи зарду нигоҳи маҳзун интизор истодаанд. Дар ошёни поён баъзеҳо бо пайвандонашон гуфтугӯ доранд. Паси тирезаҳо маҳбусон шаш-ҳафт нафар тамба шуда меистанд. Баъзе номи шахсеро гирифта фарёд мекунад. Ним соат барин гузашту назди ғурфаи ошёнаи дуюм Мирзоумед намудор шуд. Дар сараш тоқии фарсудаи аз сараш калон. Саллаашро ба миён бастааст. Маълум буд, ки ҳоли ноҷур дорад. Дар ду ҳафта лоғар шудаю устухонҳои рӯяш баромадаанд. Дили Мансур ба ҳоли рафиқаш

сӯхт ва боз ҳам фикри пештарааш ба сараш омад: "Наход ҳаёти минбаъдаашро ба банду зиндон гузаронад?"

Мирзоумед занашро дида, худро ба даст гирифт ва ба зӯрӣ табассум карда гуфт:

– Кофта-кофта маро ёфтед? - Ва кӯтоҳ-кӯтоҳ сулфид.

Оби дидаи Зулайхо шаш қатор равон шуд. Саргиракашро ақиб карда пурсид:

– Чӣ мехоҳанд аз шумо? - Аз зарби гиря китфонаш ба ларза даромаданд.

– Ҳоло пурсучӯ доранд.-Мирзоумед худро ба ғурфа ҷафс кард:-Яке раҳмашон меояду ҷавоб медиҳанд.

Зулайхо чизе гуфтанӣ шуду натавонист. Андак пас бо овози баланд гуфт:

– На дар ватан монанд, на дар ғарибӣ рӯзмон диҳанд. Инҳо чӣ турфа одаманд?!

– Дар байни ин овозҳои бисёр намефаҳмам чӣ мегӯӣ?-Мирзоумед болои ғурфа хам шуд, ва боз сулфааш гирифт.

– Ду сол ҳамроҳашон кор кардеду рӯйи хотири...-гуфт Зулайхо ва боз гиря гулӯгираш кард.

– Барои ҳамин ҳам номашон болшевикбой, ки рӯйи хотир накунанд.- Мирзоумед овозашро баланд кард.

– Келин, ҳаволаи бада ба Худо кунед,-гуфт Мансур ва сӯйи Мирзоумед афзуд: -Шояд аз ҷойи коратон нома биёрам?-Мегӯянд, ки чунин номаҳо ёрӣ медиҳанд.

– Ҳоло не, инҳо аз ҳама гап бохабар.-Овози Мирзоумед ларзид:- Ман аз Эфендиеви ҳамкорам гумонбар будам. Вай ба ин кор дахл надоштааст. Сафари додари Ҷаббор ҳама хабарро овардааст. Суханони он рӯз гуфтаатон баромад. Мани сода ӯро ҳамдеҳа гуфта, меҳмондорӣ кардам...

– Он вақт гуфтед, ки тую Аминро пурсид, дилам гумонбар шуда буд.

– Суханатон "ҳушёр бош, мавҷи ин дарёи касофат худатро ҳам набарад"- рост баромад. -Мирзоумед лабханд кард.-Ман ҳоло дар оғӯши маргбори ҳамон мавҷҳоям. Аз ин оташ дуртар истодани шумо хуб будааст. Корашону маошашон сарашона хӯрад.

– Мирзоумед, "бар сари фарзанди одам ҳарчи ояд, бигзарад", гуфтаанд. Иншоолоҳ, ҳамааш зуд мегузарад. Боз бо ҳам менишинем.

Зулайхо худро ба даст гирифту ҷониби Мансур муроҷиат кард:

– Пурсед, чаро месулфад?

– Хуш ба ҳоли касе, ки зуд зану фарзандашро гирифта, аз ин ватан рафт,- гуфт Мирзоумед бо ҳасрат.- Дигар ин ватан ватани мо нест.

Дили Мансур фишор хӯрд. Ин сухан ба ӯ ҳам тааллуқ дорад. Чандест, ки ин ватан ба вай ҳам рӯйи ошноӣ нишон намедиҳад.

– Ватанро барои ин бехудоҳо намегузорем,- гуфт ба шиддат Мансур. -Чи қадар фотеҳон омадаю давр рондаю гум шуда рафтанд. Рӯзи инҳо ҳам гум мешаванд. Дар ин дашту даман бобоҳомон зиндагӣ карданд, моҳам набераҳомон ҳам зиндагӣ хоҳанд кард.-ӯ ба атроф назар андохту пурсид:-Чаро месулфед?, шамол хӯрдед?

Мирзоумед заҳрханда карда, чизе гуфтанӣ шуд, ки ду сарбози камондор баромада, "вақти вохӯрӣ ба охир расид!" гуфта одамони атрофро пароканда карданд.

– Пагоҳ ягон чиз лозим бошад, биёрам? Чӣ хӯрок мехӯред?- пурсид Зулайхо.

Дар ғалоғула овози Мирзоумедро нашуниданд. Маъюсу рӯафтода ақиб гаштанд. Мансур фикр кард, ки яқин сулфаи Мирзоумед аз задани муфаттишҳост. Овоза аст ки муфаттишҳо ки аксар рӯсҳоянд маҳбӯсонро сахт мезананд. Вале ба Зулайхо сир надод. Ӯ қадам задаю солҳои бо Мирзоумед дӯстӣ доштанаш пеши назараш меомад. Ибтидои дӯстӣ аз ҷониби Мирзоумед сурат гирифт. Ҳангоме ки дар мадраса мехонданд, ҷавоне "акаи Мансур шуморо мепурсанд" гуфта, партобгоҳи пушти мадрасаро нишон дод. Мансур наздик омада буд, ки ду нафар ба сараш ҳуҷум карданд. Якеро шинохт: он зардинаи бадрӯ дирӯз дар назди нонвойхона аз паси Сумани хоҳари Бибигул кашол шудаю гап партофта буду ҳарду занозанӣ карда буданд. Ва акнун ӯ қасосгирӣ омадааст. Дукаса хуб задандаш. Мирзоумед намеомад, ниммурдааш мекарданд. Дар панҷ соле, ки дар мадраса хонданд, ба қавли устодаш Мавлоно Сайфуддин, ин гуна сагҷангашон бисёр шуда буд. Гоҳе шудааст, ки Мансур тарафи Мирзоумедро гирифта шаллоқ хӯрдааст. Хусусан байни шаҳриҳоюо деҳотиҳо бисёр занозанӣ мешуд. Як даҳан сухани "шумо шаҳриҳои фалон" ё "қишлоқиҳои чиркин" бас буд, ки ҷавонони як мадраса дутарафа шаванд. Вақти тӯйи бачашавони Меҳрубон (дар водии Зарафшон ба фарзанди аввал ба-дин ном тӯй медиҳанд) Мирзоумед тӯйи улоқ дод. Дар ними бозӣ Мансур бо марди рӯсурхи манаҳаш пеш баромада тую ман кардаю гиребони ҳамдигарро гирифтанд, ки Мирзоумед аз пилаҷо фуромада омаду лаҷоми аспи мардро дошта бо оҳанги омирона гуфт: "Ба меҳмони ман нарасед!" Дар маърака сухани соҳибтӯйро паҳлӯ намегардонанд. Мард димоғсӯхта шуда аз бозӣ баромада рафт.

Баъди хондани мадраса ҳам онҳо мудом ба хонаи ҳамдигар равуо мекарданд. Мардҳо набошанд, занҳояшон назди меҳмон ду-се ҳамсояро даъват карда, меҳмондорӣ мекунанд. Қариб бист сол аст, ки ба-дин тарз рафиқӣ доранд. Ва тақдир будааст, ки дар як вақт кулакшон карданд. Ҳамроҳ гурехтаю Бухоро омаданд. Ва ана акнун Мирзоумед дар зиндону аз дасти Мансур коре намеояд. Ва ин андеша ки ӯро халос карда наметавонад, аламашро бештар меорад.

Баҳори соли 1922 комиссияи диктатурӣ, ки чун гурги гурусна дар авҷи дарондану хун рехтан буд, тафтиши кори Мирзоумедро тезондаю ҳукми Сибир карданашро баровард. То он вақт Мансур ҳар рӯз аз кор барвақт ба хона меомаду хӯрок гирифта, ҳамроҳ бо ҳамсари Мирзоумед ба ҳабсхона мерафтанд. Чун роҳ то ҳабсхона дур буд, гоҳ ароба меёфтанд, гоҳ пиёда мерафтанд. Зулайхо, ҳаво гарм бошад ҳам, фаранҷӣ мегирифт. Мансур боре аз рӯйи дилсӯзӣ гуфт:

– Келин, шояд шумо овора нашавед?

– Дар байни ин деворҳо дигар чӣ коре мондааст?- итоб кард Зулайхо.- Ақалан як бор чашмам ба чашмаш меафтид.- Гиря гулӯгираш кард.

Мансур аз гуфта пушаймон шуд. Аз дарвоза ки берун шуданд, Маисур ғум-ғум кардаю шеър хонд.

Бале, онро, ки зиндонист ёраш,
Ба ҷуз зиндон куҷо бошад қароraш.

Ва афзуд:- Келин, маро бубахшед, мо мардҳо аз азал беназокатем.

Чеҳраи зан кушода шуда гуфт:

– Шеъре, ки хондед, гуноҳатонро бурд.-Ва боз илова кард:- Шумо гунох надоштед.

Аробасавор мерафтану Мансур фикр кард, ки Зулайхо ба чанд даромада бошад? Ба чил рафтагист. Айёме, ки зан бештар шавқманди зиндагию шавҳардорист. Ба ҳар ҳол аз рӯи таҷрибаи худаш чунин менамояд.

Ҳангоми аз ҳабсхона баргаштан зани Нусратбойи нонвойро ҳамроҳи писари калониаш Аҳмадҷон диданд. Баъди зиндон кардани шавҳар зан бо се кӯдак бесаробон монда буд. Ӯ гуфт, ҳар вақте ки ба кор меравад, аз асп хавотир мешавад. Мансур ҳамон бегоҳӣ аспро оварда, дар гӯшаи ҳавлии худашон ҷой кард. Баъди се рӯзи ин воқеъа Мирзоумед хабар дод, ки имшаб онҳоро ба поезд савор мекунанд. Вай ҳоло камгап менамуд. Овозаш базуре мебаромад. Маълум буд ки сахт задиянаш.

"Имшаб савор мекардаанд. "Зулайхо бо таҳлука сухани шавҳарашро такрор кард ва гӯё бори вазнине зераш карда бошад, фаранҷиро башиддат боло бардошта бо гиря ба дарахти тут такя кард. Дар назди ҳамаи ғурфаҳо одам бисёр буд. Ҳама бо овози баланд сухан мекунанд. Ҳамсӯҳбатро базӯр мешунавӣ. Мирзоумед одамони атрофашро тела дода, сарашро хам карда, ба оҳанги ҳам меҳрубонӣ, ҳам ситезмандӣ гуфт:

– Гӯш кун, Меҳрубон (номи занашро ба номи духтараш гирифт). Худатро мардона дор. Аз қисмат гурехтан намешудааст. (ӯ сулфааралаш суханашро давом медод) Худат шоҳид будӣ, аз Найзаварон гурехтаму ин ҷо ба даст афтодам. Шумо раведу чакману мӯзаҳоямро ба вокзали Когон биёред. Моро шабона савор мекунанд.

– Ягон касе ҳаст, ки ба ин корҳо ёрӣ карда тавонад, шумо шояд медонед?- пурсид Мансур.

Мирзоумед ба маънии "намедонам"китф дарҳам кашид.

Мирзоумедро ақиб тела доданду марди каллакалоне ба ҷойи ӯ сарашро берун карда, ба одамонаш, ки таги тиреза ҷамъ омада буданд, дар гуфтугӯ шуд.

Зулайхо ҳамчунон рӯяш ҷониби ғурфа меистод, ки Мансур ӯро ба худ оварда:

– Келин, дер мекунем.

– Дирӯз мегуфт, тӯшаи роҳ тайёр мекардам,-гуфт Зулайхо ба алам.

– Келин, тӯшаро аз бозор мегирем,-гуфт Мансур ва аробаеро дошта, аввал ба бозор даромаданд. Азбаски соли гуруснагӣ буд, ду бозорро гашта нон наёфтанд, каме мағзу мавиз гирифтанд. Ба хона омаданду Зулайхо зуд хамир човидаю ду хомсӯз пухт, ғӯлингу чормағз ҳам гирифт. Ҳангоме ки як пос аз шаб гузашта буд, ба вокзали Когон расиданд. Чун моҳи рамазон буд, Мансур куҷое рафта чойу нон ва бодиринг ёфта оварду дар гӯшае рӯза кушоданд. Мисли онҳо мусофирон зиёд буданд. Дар ҳавои гарм, ки ташна монда буданд, аксар обкобию чойкобӣ мекарданд. То рӯз интизор шуданд, вале маҳбусонро

наоварданд. Пас аз он ки офтоб баланд шуд, афсаре аз рӯйи дилсӯзӣ гуфт: "Дар офтоб нашинед, маҳбусонро баранд ҳам, шабона мебаранд"!

Мансур пешниҳод кард, ки ба хона рафта дам гиранд, бегоҳ боз ароба гирифта меоянд. Зулайхо розӣ нашуд. "Яке рӯзона баранду набинем",-гуфт. Пагоҳӣ чизе нахӯрда рӯза гирифтанд, рӯзаи марямӣ. Мисли онҳо чизе нахӯрда рӯза гирифтаҳо бисёр буданд. Он рӯз ҳам торикӣ фуромаду аз маҳбусон дарак нашуд. Имшаб дар вокзал одам бештар буд. Дар перрон, таги дарахтони атроф ҷойи сӯзанзанпартоӣ нест. Ҳар гоҳ садои бонги поезд ё тақ-таки роҳгардиашро шунаванд, ҳама беқарор шуда аз ҷой мехестанд. Зулайхо гоҳ-гоҳ пичирос мезад: "Худоё, ба дили душманонаш раҳм андоз.Аз банду зиндони кофирҳо раҳояш кун." Ними шаб маҳбусонро оварданд. Наздик рафтан наметавонданд. Атрофашонро сарбозҳои камондор печондаанд. Роҳтушаашонро мегиранду худашонро ба пас тела медиҳанд. Онҳо пайвандонро дида, фарёд мекунанд. Баъзеҳо бо овози баланд гиря мекунанд.

Мирзоумед ҳамроҳи дастаи пасин омад. Ҷомааш зери каш, дар сараш саллаи осмониранге, ки дар маъракаҳо мебаст. Нигоҳаш Зулайхоро меҷӯяд. Зулайхо ҳам баробари Мирзоумедро дидан давида роҳтӯшаро доданӣ шуд, ки сарбози навчае бо дағалӣ онро аз дасташ кашида, ҷониби қатор ҳаво дод. Ва ҳамчунон бастаҳои се-чор нафарро низ ба-дин тарз гирифта партофт

– Зулайхо, наздик набиё! Намехоҳам дасти нопоки инҳо ба ту расад,-гуфт Мирзоумед ва рӯймоли нонро, ки ду-се қадам дуртар мехобид, бардошт ва ба овози баланд сулфида илова кард:- Паноҳатон ба Худо! Ман меоям. Нашавад, гурехта меоям! Сухани охирашро ба таъкид гуфт ва ба тела додани сарбоз эътибор надода афзуд:

– Мансурбой, хонаю дарамро ба шумо амонат месупорам! Амонат месупорам! Фаҳмидед, амона-т!

Ду нафар сарбоз Мирзоумедро ҷониби вагон тела доданд.

– Одамхӯрҳо!-гуфт Зулайхо ва бо садои баланд гиряро сар дод. Он лаҳза аз ҳар тараф овози гиря меомад.

❁ ❁ ❁

Бадарға кардани Мирзоумед Мансурро ҳам тарсонд, ҳам дилмондаи ёру диёр кард. Пешомадашро фикр карда дилаш сиёҳ шуд. Ӯро минбаъд дар ватанаш унсури бегона меҳисобанд. Ҳоло роҳ мераваду ба пасу пеш минигарад, ки мабодо дастгираш кунанд. Хоб равад ҳам, бо тарс хоб меравад. Бояд аз ин ҷо рафт. Аммо ба кучо? Ё як мудат ба Афғонистон равад?.. Чанд рӯз чунин фикрҳо гаштаю баргашта ба сараш меомаданд. Пештар агар мешунид, ки касе ба Афғонистон рафтааст, мӯйи баданаш мехест. Чи хел мешудааст, ки аз ватан, аз хонаю дари бобоӣ ҷудо шуда, дар ҷойи бегона умр гузаронӣ? Акнун он рӯз ба сари худаш омадааст. Ин чӣ рӯз шуд? Дар зодгоҳат ҷо намедиҳанд. Низом - махдум хуб кард, ки рафта ба армияи Анварпошо ҳамроҳ шуд. Мансур бо фикрҳои парешон дар даруну беруни бозор сар-сарӣ гашту тарафи бегоҳ ба хонаи Низом - махдум рафт. Аз рӯйи гуфти писараш ӯ бояд аз Балҷувон омада

бошад. Ба хона наздик шуду аз дур дид, ки дарвоза кушодааст Низом - махдум халтаҳои пурборро ба таҳхона мекашонад. Хона надаромада, сӯҳбат карданд. Маълум шуд, ки ӯ чор рӯз боз ин ҷо будааст ду ҳафта пас боз ба Балҷувон, ба хонаи аммааш мерафтааст. Аллакай зану фарзандҳояшро фиристодааст. Халтаҳои бордор баъзе анҷомҳои рӯзгор будааст, ки ба таҳхона дароварда мемондааст.

Онҳо каме суҳбат карданду Низом - махдум маслиҳат дод, ки Мансур агар ин ҷо тарсу бим дошта бошад, хубаш писарашро ҳамроҳ гираду ба Балҷувон раванд. Он ҷо барои бо болшевик ҷанг кардан шароит ҳаст. Кӯҳу дараҳои хуб дорад. Рафту ба корҳояшон шикаст афтад, як муддат ба Афғонистон мегузаранд.

– Чаро ба Афғонистон?-гуфт Мансур норозиёна.- Ҳамроҳи Анварпошо будед... Ин ҷо овоза ҳаст, ки Анварпошо болшевикҳоро зада ин тараф меояд...

– Корҳои Анварпошо дар аввал хуб буд. Баъд ин тоҷику узбекҳои ҷаббборзадаи мо дутарафа шуданду... Мо ба Афғонистон равем ҳам, бисёр намеистем. Русҳо ин ҷо чи қадар мемонанд? Кори олам ба як ранг нест...

"Корҳои Анварпошо дар аввал хуб буд", дар дил такрор кард Мансур ва ба пурсидан забонаш нагашт. Низом - махдум саросема менамуд. Ӯ ҳам "Балҷувон равем, он тарафи корро мебинем", гуфту парешонавзоъ аз дарвоза баромада, Мансурро гусел кард.

Мансур дар роҳ фикр кард, ки чӣ гуна ба Зулайхо мефаҳмонад, ки ҳамроҳи Ҷовид аз ин диёр меравад. Ба хона омада, аз номи Зулайхо ба домодаш Фирӯз Асрорӣ хат навишт, ки дар шаҳр танҳо мондааст. Ва худ барои сафар тайёрӣ дид. Субҳи рӯзи шанбе ба бозор рафта, барои ду-се моҳ ба Зулайхо орду биринчу дигар маҳсулот харида, оҳиста вориди дарвоза шуду дид, ки Ҷовиду Зулайхо дар рӯйи суфа нишастаанд. Овози Зулайхо ба гӯшаш омад: "Аз афташ падаратро ҷинҳояшон безобита карданд, ки ба кучое тараддуди сафар доранд." Ба дилаш омад, ки Бибигул ҳам ҳар гоҳе омодаи сафар медидаш, ҳамин суханро мегуфт. Ӯ дарвозаро пӯшиду "сӯҳбат доред?" гуфта, ба давраашон пайваст. Дар ҳавои гарм арақшору нафастанг шуда бошад ҳам, дасташ нарафт, ки назди зан тугмаи гиребонашро кушояд. Ба зан, ки дар тан камзӯл дошт, нигоҳаш афтиду фикр кард, ки аз рафтани Мирзоумед қариб ду моҳ гузаштааст ӯ ҳамчунон мусибатзада аст. Раҳматии занаш мегуфт, ки Мирзоумед ба ҳар тори мӯйи зани ҷавонаш меларзад. Моли хубро ҳар кас ҳам эҳтиёт мекунад. "Бибиҷон, худатро ман кам меҳрубонӣ мекардам? Аз афташ меҳрубонӣ кардаму эҳтиёт накардам. Акнун ман барои ту месӯзаму Зулайхо барои Мирзоумед. Ҳар гулеро як доғе".

Мансур аз дур сухан сар кард:

– Келин, дар ин олам ҳар неку баде, ки мешавад, аз тақдиру пешонист. Аммо одам ба Холиқи якто такя кардаю аз раҳматаш умедвор мешавад, ки ояндааш хуб бошад.

– Ҳамин тавр, дигар чӣ коре аз дасти банда меояд?-гуфт оҳиста Зулайхо. Ӯ фикр кард, ки Мансур тасаллояш медиҳад. "Ин қадар ғам нахӯр ину он..." гушбақимор шуд.

– Раҳмат, келин, - Мансур бештар ҷониби Ҷовид нигариста, афзуд: -Баъд аз ду рӯз ману Ҷовид як муддат ба тарафҳои Душанбе меравем (Номи Балчувонро нагирифт).

– Ман ин ҷо бо кӣ мемонам? - Зулайхо, ки интизори чунин сухан набуд, итоб кард.-Дар шаҳре, ки як шинос надорам?

– Шумо танҳо наемонед.- Мансур табассум карду аз ҷайбаш номаеро бароварда афзуд: -Ба Фирӯзи домодатон хат карда будам, ҷавоб омад, ки аллакай ба таътил баромадаасту баъди як ҳафта ҳамроҳи Меҳрубон меомадааст.

– Ҳамроҳи Меҳрубон меомадааст?-Чеҳраи зан аз хурсандӣ арғувонӣ шуд. - Илоҳо барака ёбед. Чӣ кори хуб кардаед. Илоҳо бурси сабз гардед.

Мансур аз наздик дандонҳои қанд барин сафеди занро диду табассум карда афзуд:

– Домодатон биёяд, шояд ин ҷо ба кор медарояд. Муаллимҳоро зуд ба кор мегиранд.

– Кош ҳамту шавад,-гуфт зан ва рост ба Мансур нигариста пурсид:

– Шумо кай меоед?

– Насиб карда бошад, тез бармегардем. -Боз хабар медиҳам,- гуфт Мансур.

Зан таҳковӣ кард:

– Шумо барои он меравед, ки мисли Мирзоумед зиндонатон накунанд?

– Ҳар чӣ ҳаст, як муддат меравам, - Мансур даст ба китфи Ҷовид ниҳод ва суханро ба дигар тараф бурд.-Фирӯз меояд... Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки Мирзоумед ҳам зуд мегарданд. Он кас гуноҳ надоранд. Худашон ҳам ҳангоми гусел ваъда карданд, ки зуд меоянд... – Мансур ба рӯйи зан нигоҳи кӯтоҳе андохт ва хеста дар офтоба об гирифт.

Пагоҳӣ Мансур намоз хонда аз хона баромад, ки зан атрофи суфаро об задаю рӯфта, дастархон партофтааст. Чой оварда ва як лаган кулчаҳои ширмоли гармро оварда, ҳамаро ба руймол баст: "Тӯшаи роҳ мекунед "гуфт.

– Шаб хоб нарафтед?-Мансур ғарқи ҳайрату миннатдорӣ ба зан нигарист.

– Як шаб хоб нарафтам, ҳеҷ гап не.-Зулайхо Ҷовидро, ки ҳанӯз хоболуд буд, зуд-зуд бӯса кард. -Маро партофта меравед?-гуфт бо оҳанге, ки лаҳни маҳрамона дошт (ба Мансур чунин намуд). Ва бо нигоҳи маҳзун ҷониби Мансур нигариста, афзуд:- Маро фаромӯш накунед. Ба ғайр аз шумоён касе надорам?

– Албатта, албатта,-Мансур низ нигоҳе ҷониби зан андохт ва лаҳзае аз сафари пеш гирифтааш пушаймон шуд. Оё ин ҷавонзанро дар ин шаҳри ноошно партофта рафтанаш хуб аст? Вале дар беруни шаҳр интизор будани Низом - махдумро ба хотир оварда, чойи дасташро саросема нӯшиду хест. Дастархони нонро ба хӯрҷин ҷой карда, аспро берун баровард.

Онҳо дар баромади шаҳр бо Низом - махдум вохӯрда, тарафи бегоҳ ба деҳаи Ғиждувон, ба хонаи Нуриддини самоварчӣ омаданд. Нуриддин марди фарбеҳ буд, риши паҳни мошу биринҷ дорад: онҳоро бо чеҳраи кушода пешвоз гирифт. Болои сабзаҳои назди ҳавлӣ палос партофта обу зиёфати хуб кард.

Дар танҳоӣ Низом - махдум гуфт:

– Бо ин одам мо ҳашт сол пеш дар як тӯй ҳангоми човандозӣ шинос шуда будем. Бузро ҳамроҳ ба пиллаҷо оварда партофтем, солим як чароғи лампа ва

як либоси алочаи хом буд. Пай бурдам, ки дили ин одам ба чароғ кашол, чароға дода гуфтам, ки дар деҳа чароғ заруртар аст, хурсанд шуд. Дар сари роҳи деҳа чойхона дошт. Ҳоло на он чойхона монду на одаме, ки дар он чой нӯшад.

Мансур ба хонаи ҳамсоя, ки беодам менамуд, зеҳн монда, аз Нуриддин пурсид:

– Ҳангоме ки аз байни деҳа мегузаштем, мушоҳида кардам, ки бисёр ҳавлиҳо дару деворҳояшон шикаставу бесоҳибанд?

– Чӣ гӯям?- Нуриддин оҳ кашид ва дар чеҳрааш гарди озору андӯҳ нишаст ва ба нақл шӯруъ кард: - Аз ҳамон рӯзе, ки амир аз Бухоро гурехта, ба деҳаи мо омада як шаб хоб рафт, ду сол гузашта бошад ҳам, мо то ҳол рӯзи хушро надидаем. Гӯё наҳсашро ин ҷо монду худ гузашта рафт. Дар хонаи Абдуллобойбача хоб рафт. -Мо аз ҷониби модар ба он кас хешӣ дорем. Баъди рафтани амир болшевикҳо омада фаҳмиданд, ки дар хонаи Абдулло шабро ба рӯз бурдааст, хонаи он бечораро талаю тороҷ карданд. Як қисмашро сӯзонданд. Ҳоло зану кӯдакҳояш дар хонаҳои мардуму худаш бедарак.

– Дар Бухоро дар дигар шаҳрҳо ҳам касе бо амир шиносоӣ ё дӯстӣ дошт. ҳамин рӯзро ба сараш оварданд,-гуфт Низом - маҳдум.

– Ҳамон рӯзи омадани амир, ба хотирам ояд, мӯйи баданам рост мехезад,- афзуд Нуриддин.- Гӯё ки маҳшар шуда буд. Халқи бисёре, тахминан ҳафтодҳаштод ҳазор саворао пиёда ҳамроҳаш. Сокинони деҳаҳои гирду пеш гурехтанашро шунида, хурду бузург, ҳатто занҳо аз пасаш мерафтанд. Ва ҳама "Во дино!!! Во шариато!!! Во амиро!!! Во сайидо!!!" - гӯён фарёду фиғон бардошта мемонданд. Гӯё як сели пурдаҳшату пурсадое ба деҳа ҳуҷум мекард. Амир ҳам баробарашон фиғон мекард. Ва ҳар вақт фаши бардоштаашро кашида оби бинию чашмони сурх шудаашро пок мекард. Одамон дар ҳолати беҳушӣ худро ба дару девор мезаданд. Занҳо мӯйҳоро парешон кардаю хурӯшону гардон рӯйу мӯй меканданд. Баъзеҳо ба замин меафтидану аз даҳонашон кафк мерехт. Баъзеҳо таги по мемонданд ва касеро парвои касе набуд. Ин ҳолати ҳавлнок ним соат барин давом кард. Пас чанд муллои номдор ба байн даромада «Хости Худо чунин будааст! Дар тақдирамон ин рӯз будааст. Ношукрӣ накунед! Қаҳри Худоро наоред" - гуфта мардумро ба ифоқа оварданд.

– Амир аспакӣ буд?-пурсид Мансур.

– То ин ҷо бо мошин омад. Пас бензин наёфту он тараф аспакӣ рафт. Ҳамон вақт ҳабдаҳ нафар ҷавонони моро, баъзеҳоро ба хоҳиши худ, баъзеҳоро калонҳои деҳа ба роҳ андохта, ба рикоби амир ҳамроҳ карданд. "Ҳифзи подшоҳ фарз аст"гуфтанд. Аз онҳо се нафар баргашт; аз дигарҳо то ҳол на хат ҳасту на хабар. Баъди ду ҳафта кӯшуни рус даромад. Аз деҳа чордаҳ нафарро бой карда баъзеҳоро паронданд, баъзеҳоро Бухоро бурда ба зиндон андохтанд. Онҳоро ҳам нобуд карданд. Он бечораҳо тиҷорат мекарданду пулдори калон набуданд, баъзешон деҳқонӣ мекарданд. Одамони дасткушод буданд. Маҳсули дастранҷашонро ҳам худашон мехӯрдану ҳам умраю кавсан гуфта ба беваю бечора медоданд. Хонаҳои он бечораҳоро низ тороҷ карданд. Шаб хоб рафта пагоҳӣ оташ заданд. Фарзандонашон дар кӯчаҳо сарсон монда, мӯҳтоҷи дари мардум шуданд.

Низом - махдум, ки ин қиссаҳоро шунида буд, чойникро наздаш гирифта "чойи хуштаъм кардед", гуфт.

– Сергапӣ кардам?- Нуриддин хиҷолатманд шуд ва афзуд:-Ку, хабар гирам, харбузаи пухтагӣ дошта бошад?..- ва ба полез даромад.

Мансур аз гуфтаҳои Нуриддин ҳайрон шуд ва фикр кард, ки ҳоли кӯдакони ин деҳро кӯдакони дигар шаҳру деҳот низ доранд. Ба куҷое сар халонӣ, онҳоро дар кӯчаю паскӯчаҳо, дар дари мардум мебинӣ. Афсурдаю урёну дидаҳо пуробу дилҳо пурхун...

Нуриддин ду ҳандалаку ду харбуза оварда гуфт:

– Ба шарофати шумо харбуза нишона додааст.

– Амир аз хазинааш бор оварда буд?-оҳиста сӯҳбатро идома дод Мансур.

– Даракдоштаҳо гуфтанд, ки дар панҷ-шаш аробаи чорчархаи хӯқандӣ саночҳои тилло бор карда оварда будааст. Тахмин меравад, ки аз хазинаи Бухоро чизе гирифта натавонистааст, ҳар бойигарие, ки дар Ситораи Моҳи Хоса будааст, ҳамонро гирифтааст. Ва тиллое, ки баъзе ҳокимҳои атроф ҳангоми гурехтанашон бардошта наздаш омаданд, соҳибӣ кардаю бор кардааст.

– Суханатон ҷон дорад,-гуфт Низом - махдум.-Дар он маҳшари тӯпу тиру бомбазанӣ аз тарси ҷон хазина ба ёди касе намеомад.

– Вале аз рӯйи гуфти шоҳидон аз он бор ҳам як дона насибаш накардааст,- гуфт Нуриддин.-Баъди рафтанаш ҳафтае гузашту хабар омад, ки аскарони болшевик ҳама тиллои ҳамроҳаш бурдаро зада гирифтаанд. Аэропланҳо ду рӯз дашту кӯҳҳои атрофро чарх зада, роҳи корвонро пайдо карда, хабар додаанду баталионе, ки асосан аз казакҳои атрофи Ҳафтрӯд будаанд, аз пасаш шудаанд. Дар дашти Ғиштӣ корвонро дарёфтаанд. Он ҷо байнашон задухӯрд мешаваду казакҳо як қисми аробаҳоро зада мегиранд. Чун саночҳои тиллоро мебинанд, дигар касеро гӯш накарда ба талаю тороҷ медароянд. Сардастаҳо мебинанд, ки ҳаёҳуяшон таъсир надорад, худашон низ ба толонгарҳо ҳамроҳ мешаванд. Дар ин муддат амир хеле дур меравад. Вале шавқи тилло зӯрӣ мекунаду аскар боз ӯро дарёб карда, дигар аробаҳоро ҳам тороҷ мекунад. Охирин уштурҳояшонро дар байни дарёи Зарафшон мепаронанд. Баъди он баталион ба қафо гаштааст. Амир дасти холӣ роҳи гурезро идома додааст.

"Моли мумсик - хӯроки бебок" гуфтаанд.-тамасхур кард Мансур.- Ҳамаи гуфтаҳоятон рост. Ҳангоме ки ба Ҳисор рафту ҷангро пеш гирифт, тиллодориаш маълум набуд. Агар сухани силоҳ мебаромад, одамонаш мегуфтанд, ки пул бошад, силоҳро аз Афғонистон ҳам ёфтан мумкин.

Нуриддин харбузаҳоро пора карда, суханашро идома дод:

– Боз як сабаби кам шудани одамони деҳа дар он аст, ки баъзе домуллоҳои ҳушёр дар ҳамон шабу рӯзи ҷанги Бухоро "дар ин кишвар дину оин намонд" гуфта, кӯчу борашонро бардошта, ба ҳар тараф рафтанд. Аввали ҳамин сол Абдуқаххори ҳамшаҳрамон (ӯ аз деҳаи Ғиштист, аз Ғиждувон ҳафт километр берун) ба сухани калонҳо гӯш надода, ба тавраш ҳамйият карда, бар зидди болшевик хесту ҷавонҳоро ҳамроҳаш гирифт. Чунон ки медонед, шикаст хӯрду бо як қисм аскараш ба куҷое ғайб зад. Ними одамонаш мурданду ними дигар

ҳоло ҳам дар гурезогурезанд. Хуллас, ду сол аст, ки як балое мисли гирдбоди марг дар деҳа гаштаю мардҳоро бо худ мебарад.

– Ҳама шаҳру деҳот ҳамин ҳолатро доранд,-гуфт Низом - махдум.-Ними аҳолии Бухоро бедарак шуд. Ҷойи онҳоро турку тотору рус гирифт.-Ӯ табаки харбузаро наздики Мансур давонда, афзуд:- Сӯҳбатамонро дигар мекунем. Ин қиссаҳоро гуфтан гиред, дил сиёҳ мешавад.

Мансур ночор саволи нӯги забонаш омадаро изҳор накард.

Сафаракиҳо як ҳафта роҳ гашта, ба Душанбе расиданду дарак ёфтанд, ки қӯшуни Анварпошшо ақибнишинӣ карда, ҷониби Қурғонтеппа рафтааст. Се рӯз шудааст, ки аскари сурх ҳама шаҳру деҳаҳоро аз пас тасарруф кардаю ҳукумати Шӯроро барқарор карда равон аст. Ин хабар Низом - махдумро дар таҳлука андохт. Дилаш сиёҳ шуду раҳравон гуфт:

– Аз рӯзе, ки дар байни сардастаҳои мо нотифоқӣ рух дод, яқин буд, ки ҷангро бой медиҳанд.

Нисфирӯзӣ дар даромади Кофарниҳон, дар сояи беди лаби рӯд, барои фароғат истодаю аспҳояшонро ба юнучқазори ғарқи гул раҳо карданд. Қитъа-қитъа гандуми заминҳои атрофи рӯд кайҳо пухта сафед шудааст. Ҷое байни гандум молҳо мечариданд. Мошу боқила ҳам пухта буд. Дарахтони себу зардолуи марзҳо кайҳо пухтаю рехта, дар зерашон тӯда-тӯда пӯсида хобанд. Ба истиснои заминҳои дури домани кӯҳҳо дар атроф одам намебинӣ. Ҳама дар ихтиёри зоғу заған. Маълум аст, ки мардум аз ҷабри талаю торочи муҷоҳид ва омад-омади урус тарсида, дастранҷашонро партофта, ба кӯҳҳо фирор кардаанд.

Дар шибирзори соҳили рӯд ҷомаҳоро партофта, то паст шудани ҳарорати ҳаво дам гирифта, чой нӯшида, суҳбат карданд. Ҷовид ҷониби дарахти себ, ки суп-сурх пухтааст, рафт.

Мансур чойҷӯши дуюмро ҷӯшонда оварду сӯҳбаташонро идома доданд:

– Низом махдум, ҳукумати нав ин ҳама куштору гурезогурезро мебинаду чаро пешашро намегирад? Мебахшед, худатон боре гуфта будед, ки Файзуллоҳ ҷавон бошад ҳам, донишманд аст ва ҳаммаҳалла ҳастед. Напурсидед, ки чӣ ният дорад? Ҳамаи муллою бойю деҳқон равад, бо кӣ ҳукумат мекунӣ? Ватана ҳаминҳо ватан мекунанд.

Дар пешонии васеи Низом - махдум ожангҳо ҷамъ шуданд, оҳи ба дард кашида, лаҳзае, рӯ ҷониби рӯд, хомӯш монд. Пас мисли шахсе, ки дилашро холӣ мекунад, ҷомаашро таги китф монда ба сухан даромад:

– Хуб, бароятон мегӯям, ки ин воқеаҳои талху шӯр аз кай шурӯъ шуданд, ва саранҷом ба чӣ оварданд. Ба Файзуллоҳ аз наздик шинос шуданам зимистони соли 1916 дар як маърака рӯй дода буд. Худатон медонед, ки он солҳо байни муллоҳо ва таҷаддудхоҳон барои ҳар кори нав баҳсу ҷанҷол мешуд. Боре ман ҳам ба ҷангҷол ҳамроҳ шудаму дар он гирудор се-чор муллоро задаю аз бом поин партофтам. Ҳамон бегоҳ ёрон маро ба хонае даъват карданд. Он ҷо қариб сӣ нафар менишастанд. Аксарашон шахсони намоён буданд. Ду нафар олуфтаҳоямон низ ҳузур доштанд. Маро дар паҳлӯи онҳо ҷой дода гуфтанд, ки ин ҷо панҷ нафар ҷавони бағайрати шаҳрамонро даъват кардаем, то ки ба

ҷамъияти "Тарбияи атфол" бипазирем. Ман, ки аз кори "ҷамъият" огоҳ будам, розӣ шудам. Дар он давра Файзуллоҳ Хоҷа ҳам буд. Он ҷо суханҳое мегуфтанд, ки ман бори нахуст мешунидам. Хулосаи сӯҳбаташон чунин буд, ки дар Урупо ва Туркия донишмандҳояшон муттасил талош кардаю ҳатто ҳангоми зарурат хун рехтаю ҷон бохта, подшоҳу амиру султонҳои худкомаро аз байн мебардоштаанд. Сохти кишварашонро ҷумҳурӣ мегуфтаанд ва минбаъд мардумашон ҳукумате интихоб мекардаанд, ки барои халқу ватан дилсӯз бошад. Аз доираи қонун берун по ниҳад, газетаҳо рӯирост танқид мекунанд. Дахлу харҷи кишвар зери назорати вакилон будааст. Парлумон дид, ки подшоҳ ба корҳои ғайриқонунӣ роҳ медиҳад, ба ҷояш шахси дигарро интихоб мекардааст. Мо ҳам одамем, нону оби ин заминро мехӯрем, бо духтаронаш ишқ меварзем, хонаю дар мекунем. Мо ватанамонро обод накунем, кӣ мекунад? Дар он давра Файзуллоҳи ҷавон бо фасоҳат ва олимона сухан мекард. Ва чун аз гузари мо буд, ҳаводораш шудам. Фитрат ки он рӯзҳо аз Туркия омада буд, ҳамон ҷо аввалин маротиб дидам. Вай гуфт, ки ин корҳои мо дар ҳаққи халқу ватанамон аст. Мо баҳри ватан ҳатто ҷонамона дареғ намедорем. Қавмҳои оянда дар ҳаққи мо хоҳанд гуфт: "Онҳо пешоҳанг буданд ва шуҳратёр шуданд". Вай аз ин маъни бисёр суханҳо гуфта ҳамаро ба ваҷд меовард. Ба мо, олуфтаҳо, гуфтанд, ки аввали тирамоҳ шуморо барои таҳсил ба Туркия мефиристем. Харҷи роҳу таҳсилро "ҷамъият" медиҳад. Мо розӣ шудем.

Мо он рӯзҳо бо баровардани газета, тарҷума ва паҳн кардани адабиёти русу Урупо, зиёд кардани мактабҳои сохти нав аз дилу ҷон даву тоз карда, ёрӣ медодем. Худамон пул ҷамъ кардаю китобҳои лозимиро, аз он ҷумла китоби Аҳмади Дониш "Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития"-ро чоп карда, бепул ба хонаҳо тақсим мекардем. Пешвоҳо таъкид мекарданд, ки тарҷума карданро ёд гирем, осори бадеъию таърихии дигархалқҳоро тарҷума кунем. Хуллас шавқи кишварро ба роҳи илму амал бурдан, мардумро аз маданияти замона огоҳ кардан дар дили мо шӯъла мезад. Ба ҳамин фикрҳо хоб кардаю мехестем. Ҳамроҳу ҳаводорони мо рӯз то рӯз меафзуд. Вале ба сабаби он, ки падарам ҳамон тобистон ба бемории марговар гирифтор шуданд, ман ба Туркия рафта натавонистам. Корҳои мо то рӯзе, ки амир фармони ислоҳотро доду аз уламои тараққихоҳ ду нафарро масъул кард, пешрав буд. Баъд баъзе рафиқон ба сухани калонҳо гӯш накарда, ба таврашон намоиши "шукрона" ташкил карда, ҷониби Арк рафтанд. Дар ин соат як гурӯҳ муллонамоҳои зидди ислоҳот бо садои "Во шариато! Во дино! Во саидо!" -гӯён ғавғо бардошта мисли филҳои ҷангӣ ба сарамон тохтаю гурӯҳи моро зада маҷрӯҳ ва парешон карданд. Дар ин гурӯҳ қозии маъзул Бурҳониддин пешво буд. Аз ҳамон рӯз сар карда, азоби мусофирию дарбадариамон шурӯъ шуд. Ман аввал ба Когон, пас ба Тошканд рафтам. Дар Тошканд ҳам, бо даъвати Файзуллоҳ, ба ҷамъияти болшевикҳо пайвастам. Ростӣ, он замон зиндагии озод, баробарӣ ва демократияе, ки болшевикҳо таърифу тавсиф мекарданд, ҳавасамро меовард. Ин буд, ки ман ҳам муштоқи инқилоб шудаму ба болшевикҳо ҳамкорӣ кардам. Рӯзе шуд, ки ҳамроҳи дигар рафиқон тиру туфанг бардошта, ҷониби Бухоро ҳаракат кардем. Наздики шаҳр омада пас мушоҳида кардам, ки болшевикҳо лашкари

зиёд овардаанд. Мо ҳайрон мешудем, ки ин қадар аскар барои чӣ ва аз кучо онҳоро ҷамъ кардаанд. Ва ҳамон рӯзҳо мо пай бурдем, ки гуфторашон дигару корашон дигар аст. Хусусан пас аз он ки Фрунзе юришро шурӯъ кард, дағою дағалиашон кушоду равшан шуд. Ҳангоме ки ба Бухоро наздик шудему қасру кушкҳо аз дур намоён гардиданд, дилам ба тапиш даромад. Ҳис кардам, ки ба кори хатое даст задаам. Чунон ки медонед, дар рӯзи аввали ҷанг ҳам навкарҳои амир, ҳам баъзе гурӯҳҳое, ки дар дохил дар атрофи девори шаҳр ҷангҳои пинҳонӣ мекарданд, корнамоӣ нишон доданд. Аскари болшевикро намонданд, ки ба шаҳр дарояд. Лекин мо медонистем, ки ин ҳама дар муқобили артиши рус "давидани гӯсола то каҳдон" аст. Ҳамон бегоҳӣ гап-гап шуд, ки пагоҳӣ шаҳрро бо аэропланҳо мезананд. Хостем пеши ин ваҳшониятро бигирем. Баъзеҳо розӣ шуданд, баъзеи дигар зид буданд. Ҳатто бо коммунистҳои худамон кордзанӣ кардем, аммо суханамон нагузашт. Шабона чанд нафар тағйири либос карда, пул дода, бо роҳи пинҳонии байни девори дарвозаҳои Қарокӯл ва Таллипоч ба шаҳр даромадем. Ва рӯзи дигар қиёмати ба сари шаҳру мардумонаш омадаро дидем. Дидем, ки Арк, хонаҳо, биноҳои маъмурӣ бо одамон метаркиданду аз он ҷо оташ фағона мезад. Мардуми тӯпу таркишро дар умраш надидаю нашунида, бо чашмони аз тарс аз косахона беруншуда дар таҳхонаю чағораҳо ҷо мешуданд. Занҳо кӯдакон дар оғӯш намедонистанд, ки ба кучо гурезанд. Чунон ки худатон шоҳид будед, духтари бародарам дар бомбаборон қурбон шуд ва ману бародарам то ҳол қаҳрием

Низом - махдум нигоҳашро ҷониби рӯд гардонда лаҳзае тавақкуф кард, яқин аз он рӯзҳо чӣ фикре ба сараш омад, ки бо лабханд кардаю дардолуд ба суханаш идома дод:

– Бародарам байни мардум бо ашки шашқатор гуфт, ки аз ҷадидҳои худамон хунталаб ҳастам. Язнаам гуфт, ки "Хиёнати ба шаҳрамон кардаи ҷадидҳоро пушт ба пушт фаромӯш намекунем!" Атрофиён пай бурданд, ки ин суханҳо бар нақизи ман аст. Ман он ҷо истода орзу мекардам, ки тезтар замин кафаду дароям. Ҳамон вақт фикри бар зидди армияи сурх ҷангидан ба сарам зад.

Низом -махдум аз нақл бозистода: "имрӯз беҳад гарм шуд" гуфта, куртаи аз суфи урусӣ дӯхтаашро кашида, худро шамол дод, лаби рӯд нишаста ба рӯю гарданаш об рехт.

Мансур Ҷовидро хабаргирӣ рафт. Раҳораҳ ба хотираш ҷанги Бойсун омад. Сарбози сурхеро зада афтонду бухороие аз асп фуромада, ӯро якчанд корд зада гуфт: "Ба Худо шукр мекунам, ки ба резондани хуни ин муртади ҷадид маро шарик кард".Пас ӯро дар масҷид байни маҷрӯҳҳо дид: ёрӣ талабид вале ӯ ҳатто ба суханаш гӯш накард. Акнун пай бурд, ки он мард чӣ алам доштааст. Шоял вай ҳам дар он рӯзҳои бомбаборон пайвандашро аз даст дода ё хонааш сӯхта буд, ки дилаш пур аз ғазабу кин буд. Ва ба ҳамон алам мурда рафт.

Ҷовид як рӯймол себ оварда ба падар доду онсӯтар барои зардолу рафт.

Мансур руймоли себро назди Низом - махдум ниҳода, ба умеди сӯҳбатро давом додан гуфт:

– Аҷаб корҳое шуд. Лекин мардум ҳақиқатро намедонанд. Ҳама айбро ба гардани ҷадидҳо бор мекунанд.

Низом - махдум бо лабханд сар ҷунбонда афзуд:

– Баъд аз гӯру чӯби чиянам ҳамсояамон Раҳими қассобро, ки ба бозорҳо равуо дошт, фармудам, ки бароям асп биёрад.

– Андак сабр кунед,-гуфт Мансур.-Раҳимро дар Бойсун ҳангоми ҷанг дидам. Он ҷо як кори нохуб шуда буд...Хонааш омад?

– Аз Бойсун сиҳат омад. Аммо бисёр афсурдаю рӯҳафтода буд. Мудом амиру атрофиёнашро дашном медод,- гуфт Низом - махдум ва ба суханаш идома дод: -Раҳим аспро овард. Бо бисту панҷ нафар олуфтаҳои Бухоро якҷо шудему ба дастаи Абдуҷалолбеки тӯпчибошӣ пайвастем. Ва ду рӯз бар зидди лашкари болшевик ҷанг кардем. Баъд ба қӯшуни Низомиддини урганҷӣ ҳамроҳ шудем. Ҳарчанд медонистем, ки ин ҷанг ба ҷуз худкушӣ чизе нест. Он рӯз олуфтаҳои Бухоро бештар ҷамъ шуданд. Онҳо овозаи маро фаҳмида омада буданд. Дар он ҷанг як нафар аскари сурхро куштам. Ва як нафар ҷадиди худамонро, ки қаблан шинос будем, захмӣ кардам. Пас аз он ки шамшерам пешонаашро бурид, ӯро шинохтам. Бо чашмони пиёла барин калон сӯям нигоҳ карду аз асп афтид. Он рӯз бисёр ҷавонҳо беҳуда нобуд шуданд. Муллобачаҳоро казакҳои ҷангмаст мисли карам бурида мепартофтанд. Аз он ҷанги аблаҳонаамон то ҳол азоб мекашам. Ба ҳамааш Низомиддини аблаҳ гунаҳгор буд. Тақрибан се соат ҷанг шуд. Навад дар сади мурдаҳо аз тарафи мо буд. Хона рафтаму як аламам сад алам шуд. Кош ба ҷанг намерафтаму қатли ом шудани мардум, аз ватан фирор карданашонро намедидаму намесӯхтам. Ҳамон шабу рӯз ҳатто фикри худкушӣ ба сарам зад. Бо ҷону дил мехостам, ки ҳукумати нав ба қатори бойҳо маро ҳам зиндон кунад. То ки уқубати ба сари халқам омадаро набинам, аз теғи нигоҳи ёру дӯст дур бошам. Худамро ба ҳар кор мезадам. Дар кӯчаҳо мансабдорҳоро дида пеши роҳашонро дошта, "шаҳри маро осӯхта кардед" гуфта, ғавғо мебардоштам. Лекин аз ман ҳазар кардаю кордор намешуданд. Намедонам, занам чӣ гуна аз ҳолам пай бурда гуфт: "Танҳо худатона не, фарзандҳоро ҳам фикр кунед. Мо медонем, ки ба умеди беҳ шудани зиндагии мардум давутоз мекардед. Ҳоло нафаҳманд ҳам, рӯзе албатта мефаҳманд." Ин суханҳо бори диламро сабук карданд. Баъди он дигар фикри худкушӣ накардам. Лекин бештар хонашинӣ ихтиёр кардам.

Низом - махдум ким-чи хел гунаҳгорона нахуст ба Мансур пас ба рӯд, ки дар он ягон-ягон себҳои сурх шино мекарданд, нигариста, хеле вақт хомӯш истод.

Мансур рӯзи ҷанги Низомиддин қушбегӣ дар Бухоро буд. Ҳоло ҳам садои даҳшатангези аэропланҳо, таркидани бомбаҳо, садои тиру тӯп аз гӯшаш нарафтааст. Вале ӯ сухан накарда истод то ки ба рафти андешаҳои ҳамсӯҳбаташ халал нарасонад. Фурсате тоқат карду пас ба оҳанги шӯхӣ хомӯширо шикаст.

– Қариб зиндон ҳам мекарданд!- гуфт ӯ ва рӯзеро, ки сарбозони камондор дастҳояшро баста савори ароба мебурданд, ба ёд овард.

– Ҳа, он вақт аҷаб коре шуд, - Низом - махдум намои табассум кард. - Аз тассаруф кардани шаҳр чор рӯз гузашта буд. Ҳамсояи кӯҳнадӯзе доштем, номаш Давлат. Чоштгоҳ буд, ки занаш бо гиряву нола ба хонаи мо даромада хабар дод, ки саллоте Давлатро "тилло ёб!" гуфта занукӯб дорад. Он рӯзҳо аз хона баромадани мардҳо хатарнок буд. Чунки дар ҳар қадам сарбозҳои сурх ода-

монро доштаю таъқиб ва кофтуков мекарданд. Бо ҳар баҳона кашола карда, ба постгоҳҳо бурда, пулашонро мегирифтанд. Ба ин нигоҳ накарда, ба хонаи ҳамсоя рафтам, ки аз болохона фарёду фиғон меомад. Баромада бинам, сарбози ғафсаки сиёҳандоме наган дар даст Давлатро задаю сару рӯйашро сиёҳу кабуд кардаасту ба русӣ пӯписа дорад: "Ҷойи тиллоро гап зан!" Давлат маро дида, гиря кард: "Махдум, ба ин золим гӯйед, ки ман тилло надорам. Ба ман бовар накарда, як дастамро тоб дода шикаст". Дидам, ки сарбозро на ин ки ба сари инсоф овардан намешавад, балки маро ҳам мепаронад, гуфтам "рафтем, ман тилло медиҳам". Сарбоз озмоишкорона ба сӯям назар андохта гуфт: "Офарин! Ту бухороии асил менамоӣ!" Лекин ман ин мумсики чиркинро мепаронам!" Ва пурсид:

– Хонаат дур аст?

– Мо бо ин мард ҳамсояем, -гуфтам ба русӣ.- Дар ҳақиқат ин тилло надорад. Кӯҳнадӯз аст, базӯр рӯз мегузаронад.

– Хуб, барои он ки бо ту ҳамсоя будааст, намекушам, –гуфт сарбоз. Вай овози баланд дошт. Нигоҳаш хашмист, риши зарди нотарошида рӯяшро пӯшидааст.

Ҳангоме ки аз зинаҳо нишеб шудем, фикр кардам, ки поён телааш диҳам, ба ҷӯи об афтад, ҳеҷ балош намезанад, хеста паронданаш мумкин. Аз дарвоза берун шудему наганашро ба ғилоф андохт. Ман ки ин лаҳзаро мепоидам, хез зада аз гиребонаш дошта, ба зону ду маротиба ба шикамаш задам. Сарбоз марди бақуввати машқкарда будааст, ки тан надода аз гиребонам дошта "Гад! Сволоч! Убью!"- гуфт. Роҳгузарҳо ҷамъ шуда, моро тамошо мекарданд. "Болои дард - чипқон" гуфтагӣ барин, ин вақт аблаҳи Давлат аз пас маро дорад, мешавад. "Назанед, дар балояш намонем", мегуфт. Ҳаромӣ, аввал туро мекушам гуфтам, ки сар дод. Ду дақиқа барин занукӯб кардем, ки як взвод аскари сурх аз кӯча қатор гузашта, моро дида давида омада, аз ҳам ҷудоямон карданд. Ба Давлат гуфтам, ки зуд илоҷе карда воқеъаро ба Файзуллоҳ расон! Ба хонаи Атохоҷаи писарамакаш даро! Онҳо мерасонанд. Сардори аскарҳо як ӯзбеки тошкандӣ (аз лаҳҷааш шинохтам) аз дасти сарбоз, ки мехост маро паронад, чолокӣ карда наганро гирифту ба шиддат ва лаҳни ӯзбекӣ маро пӯписа карда:" Гӯй, ки ҷангро худаш шурӯъ кард! Бе асос маро зад, гӯй!" Фаҳмидам, ки тарафи маро мегирад. Назди гарнизон рафтему ӯро ба гуфти худашон ба камандирашон супориданду маро ба охтахонаи воқеъ дар паҳлӯяшон ҳабс карданд. Он ҷо бандиҳо бисёр буданд. Баъзеҳоро, ки зада афгор кардаанд, дар нолиш буданд, баъзеҳо беҳуш бо чашмони кушода дар болои порӯи хушкшуда дароз хоб рафтаю ба хаёл фурӯ рафтаанд.

Касе напурсид, ки ба чӣ сабаб туро оварданд? Дар он шабу рӯз гуноҳи бухорой маълум буд. Касе тилло намедод, фотеҳонро ба салоҳ даъват мекард, мулло гуфта ё мепаронданд, ё зиндон мекарданд. Рӯзи дигар маро ба зиндон мебурданд, ки шумо вохӯрдед. Шаб ду нафар моро аз зиндон бароварда ба фойтун савор карданд. Аз овозашон фаҳмидам, ки кор ба некӣ аст. Шаб кӯрмаҳтоб буд. Шамоли сахте, ки аз ҷониби қибла мевазид, хокрӯбаи кӯча ва барги дарахтонро ба ҳар тараф пош медод. Мо ба назди бинои дуошёна, ки пештар "Ширкати Пунба" мегуфтанд, омадем. Ду-се долонро гузашта ба хонаи калоне

даромадем, ки паси мизи болояш ду лампаи чилуми фурӯзон дошта Файзуллоҳ Хоҷа нишастааст. Дар ду моҳи охир бори аввал ӯро медидам. Ҳамон вақт дар байни мардум чунин овозаҳо паҳн шуда буд ки гӯё барои он ки русҳо подшоҳ таъйинаш кунанд, тамоми хазинаро ба онҳо додааст. Хонаҳои бойҳоро барои истиқомат карданашон додааст. Гӯё барои ба шаҳр даровардани аэропланҳо ӯ розӣ шудааст. Дар рӯбарӯяш нишастаму дар чеҳрааш кибр ва як ғолибияти ғашоварро мушоҳида кардам. Ба дилам омад, ки овозаҳо ростанд. Аз қабоҳати гузашта дар вуҷудаш заррае хиҷолат ё пушаймонӣ дида намешуд.

Сабаби ҷангҳоямонро гуфтаму дилам тоқат накарда афзудам: -Файзуллоҳ, мо панҷ сол якҷо будем, бо болшевикҳо шину хез мекардем, аммо ба гӯшаи хаёл намеовардем, ки онҳо Бухороро ба-дин ҳол гирифтор мекунанд. Аз Арки номӣ чизе намонд. Бухороиҳоро аз ватанашон берун мекунанд.

Файзуллоҳ бо тамасхур аз болои миз қутии ҷилодорро кушода аз он папирос гирифт. Ман суханамро давом додам:

– Касе андаке зиддият нишон диҳад, мепаронанд. Касеро хоҳанд, душман гуфта, нест мекунанд. Ин корҳо поён дорад ё не?

– Бухоро дар ҷояш,- гуфт Файзуллоҳ ба забони узбекӣ ва бо ҳамон оромии пештара аз болои миз китоберо гирифта тез-тез варақ зада худро машғул дошта афзуд:- Аркро барои он зада лахтупора карданд, ки зарур буд. Бухоро дигар ба Арку амиру амирзодаҳо эҳтиёҷ надорад. Мо ба ҷои Бухорои амиру аъламу эшонҳо Бухорои нав- Бухорои сурх месозем!

Аз ин сухан аламам бештар шуду гуфтам:

– Ба тоҷикӣ гап занем. Хонаҳои мардума тороҷ карданд, медонед? Мардуми Бухоро мо - ҷадидҳоро шабу рӯз дуъои бад мекунанд, хабар доред?

– Хуб мешуд, шумо ҳам ба ӯзбекӣ сухан мекардед,-гуфт Файзуллоҳ ва коғазҳои таги дасташро дуртар тела доду ситезмандона афзуд:-Дар Бухоро ҳамон корҳое мешаванд, ки инқилоб талаб мекунад. Тороҷ карданд мегӯед. Феъли ин мардум мисли феъли муш бошад, айби кист? Ба пули ёфтааш тилло харида, печонда, дар таги сандуқ руст мекунад. Аз он на ба худашон фоида буду на ба каси дигар! Оқибат мемурду он тиллои мемонд!

– Урус гирифт, нағз шуд?!- Тез шудам ман боз ба тоҷикӣ сухан карда ва зуд худамро ба даст гирифта афзудам:-Нисбат ба халқи худ ин қадар сангдил будан натонро намедонистам. Ҳамин сангдилии мо буд, ки дар Бухоро одам намонд.

– На зани ин дунёву на марди охират дар ҳақи мардуми мо,-гуфт Файзуллоҳ.- Чор муллою чор махдум рафта бошанд, ҳеҷ гапе не. Онҳо ба Бухоро дарбеҳ намешуданд.

– Одами хуб кӣ? Кадом пойлучи беномус хуб буд?

– Ман ба пойлучон кор надорам. Одами хуб касест, ки бо ҷону дил ҳурриятро тарафдор аст. Дурӯя, дукуна нест. Аксари он ҳамроҳоне, ки доштем, ҳоло аз роҳи рафтаю кори карда пушаймонанд. Аз аввал ба бозӣ надаро буд. Даромадӣ, куна ҷунбон!- Файзуллоҳ бадқаҳрона по болои по монда рӯяшро ҷониби тиреза гардонд.

Панҷсола азоби кашидаам пеши назарам омад. Чӣ қадар ёру дӯст кушта шуданд. Чӣ қадар дар зиндонҳо боҷигару қабурғаи кафида хобанд. Чи қадар

аз пайи коратон шавед! Минбаъд коратона дониста кунед, нахӯди пеши қошуқ нашавед.

Ба кӯча баромадаму худамро мисли ҷуволи холишуда ҳис кардам. Фикр мекардам, подоши панҷ сол ҳамроҳу ҳаводораш буданам ҳамин шуд, ки гӯяд: "коре кун, ки фарзандҳоят худат барин махдуму муғамбир нашаванд."Низом - махдум дардолуд табассум кард:-Ҳамин хел шуд.

Мансур ҳолати он вақтаи Низом - махдумро тасавур карду ба оҳанги дилбардорӣ гуфт:

– Хуб, ки зиндонатон накардааст,- ва хандид.

Низом - махдум ҷавоб надод. Нигоҳашро ҷониби рӯди равон дӯхтаю хомӯш буд. Кӣ медонад, ба сараш чӣ фикрҳо меомаданд.

Ҷовид дар доманаш туту зардолу оварда, болои дастархон рехту нон гирифта, хӯрда-хӯрда лаби рӯд рафт.

Мансур низ хомӯш монд. Ӯ ба ҷитъаи секунҷаи гандумзори домани теппа, ки гандумаш сафед шуда, дар дарунаш гову гусолаю гӯшдарозҳо мечариданд нигарист. Пеши назараш Фпйзуллоҳи сафедрӯи газгӯшт омад, ки дар Арк дида буд, дар даврахо таъриф мекарданд, ки донишманд аст. Аз афташ, дониш ҳам ҳархел мешудааст. Ӯ ҷониби мусоҳибаш нигариста ба тариқи маслиҳат пурсид:

– Оё дар ин ҳоле, ки ҳама ҷой ба дасти яҳуду қалмиқу урус афтодаасту чор тараф нотинҷӣ аст, Файзуллоҳи ҷавон метавонад подшоҳӣ кунад?

Дар пешонии Низом - махдум чинҳо ҷамъ шуданд. Лаби болояш гӯё ларзиду боз бо оҳанги озору надомат гуфт:

– Дар бораи чӣ кас будани Файзуллоҳ ҳар вақт фикр мекунам. Ва як мақол ба хотирам меояд: "Мардро то ки шиносӣ, мансаб деҳ". Файзуллоҳ то раис шуданаш як ҷавони орому баодоб буд. Мансаб гирифту ёронро назараш намегирифтагӣ шуд. Шиносҳо мегуфтанд, ки шину хеза бо мо не, бо русҳою туркҳо мекунад. Аммо дар масъалаи подшоҳӣ карданаш, офтоб барин равшан аст, ки русҳо намегузоранд аз хати кашидаашон берун равад.

– Аҷаб гапу корҳое,-Мансур ба тааҷҷуб сар ҷунбонд.- Худаш инро мефаҳмида бошад?

– Дар оғоз нафаҳмида буд. Баъдтар фаҳмид... Баъди як сол, ҳангоме ки овозаи ҷанги Анварпошо омад, барои озод кардани як домуллои зиндонӣ наздаш даромадам. Бо дили нохоҳам қабулам кард. Мушоҳида кардам, ки он такаббуру савлати пешинааш намондааст. Он замон дар шаҳр овоза буд, ки лаҷоми давлати Бухоро боз ба дасти русҳо аст. Аммо ман мехостам, ки норозигии Файзуллоҳро аз болшевикҳо аз забони худаш шунавам. Ин даъфа ҳам суҳбати мо ба тоҷикию ӯзбекӣ сурат гирифт.

– Аз афташ кор вазнин аст, ки ман барин лоғар шудаед?-гуфтам.

Аз рӯйи одат аз қутии ҷилодораш папирос гирифтаю оташ дода, гуфт:

– Кор вазнин нест,- ва қоғазҳои наздашро як тараф ҷамъ карда, бо ситеза афзуд: - Баҳри ин мардуми мутаассибу барҷоймондаи Бухоро ҷонкани кунӣ чию накунӣ чӣ. Халқҳои атроф ҳама сохти навро пазируфтаю аз пайи ободии диёр пешбарии миллаташон ҳастанд. Роҳашонро ёфтаанд. Инҳо бошанд, аз ин

оилаҳо бесаробон монданд ва чӣ ҳоли ҳозир доранд. Ҳама барои он будааст, ки ин "донишманд"-и касофат раис шуда дар ин курсӣ нишинад. Корҳои кардаю роҳи рафтаам дар назарам нафратангез намуд.

– Шумо он Файзуллоҳи пешина не,-гуфтам. Ба хотир биёред, он рӯзҳое, ки...

Суханамро ба шиддат бурида бо ғазабу таъна гуфт:

– Махдум, Бухороятонро дусад сол боз манғитҳои касофат чарида мегаштанд! Шумо хуб медонед, ки касе ҳад надошт пишаки амиру атрофиёнашро пишт гӯяд. Ҳама номдорони Бухороятон туксабою миршабу мирохур мусаллафу муваззаф будед, ки баробари ба қад расидани духтаратон аризаи ихлосӣ нависед: "Каниз ба хоки остони ҳузури муқаддас омода аст." Духтар хушрӯ бошад, домод худи Олимтӯра мешуд. Не мегуфтед, дар пасатон чӯб мезад. Мактабу маорифатон чои мазоҳ буд. Солҳои охир...

Ман ҳам суханашро бурида, гуфтам:

– Бале, касе ба амир ҳамнишин буду мансаб дошт, барои ҳурмат мепурсид, ки фарзандаша тӯй кунад ё не. Пагоҳ - фардо шумо ҳам аз болшевикҳоятон мепурсед. Ин одоб аст, фарҳанги мост.

– Мо ҳеҷ вақт намепурсем! Ин хӯи ғуломӣ дар шумо буд! Дигар ин суханро ба даҳон наоред! - Файзуллоҳ пасмондаи папиросашро партофта дарҳол дигарашро гирифту ба рӯям нигариста афзуд:-Чаро хотираи мо мардум ин қадар заиф аст? Шумо, Махдум, ҳамроҳи мо будед ва медонед, ки чи гапу корҳо шуд! Дар намоиши "шукрона"-е, ки се сол пеш баргузор кардем, амиратон ҳазор нафари моро кушту зиндонӣ кард. Колесови урусро зорӣ кардаю бо дастааш овардем, ки ислоҳот гузаронад. Амир хуб гуфту фиребмон кард. Шабона роҳи поездро канда, чӣ азобҳое ба сарамон овард. Одамонро фақат барои он, ки ҳаводори мо буданд, гӯшу бинию забон бурида, дар пасашон чӯб задаю луб луч дар симчӯбҳои қади роҳ овехт...

– Файзуллоҳ, биёед гузаштаро мемонем,- гуфтам. Аҳволи ҳамин рӯза гӯем. Ҳоло ҳама хонаҳою масҷидҳо месӯзанд. Масҷид чӣ гуноҳ дорад?!

– Чаро гузаштаро мемондаед? Ҳамаи ин корҳо аз гузашта омадаанд.- Файзуллоҳ курсиашро пештар давонада, бо ғазаби ошкоро гуфт:

– Ҳазор сол аст, ки дар майнаи дармондаи шумо ҳамин қадар гап аст: "Масҷид рафтем. Масҷид сохтем!" Кай дарк мекунед, ки замонаи масҷиду зарбу залилӣ гузашта рафт! Замони мактаб аст, илм аст. Ақаллан фарзандҳоятонро хононед, ки худатон барин муғамбиру махдумнусҳа нашаванд!

Файзуллоҳ аз болои курсии раиси ҳукумати Бухоро сухан мекард. Ҳак дошт ба ҳар оҳанге хоҳад, сухан кунад. Ман бошам, маҳбус будам, ба тарики маслиҳат гуфтам:

– Ман бо ин болшевикҳоятон ҳеҷ гоҳ пайванд намегирам. Болшевикҳо ба мардуми мо газанди зиёд расонданд.

Файзуллоҳ ба тамасхур ба рӯям нигариста гуфт:

– Ба пайвандгирии шумою шумобаринҳо касе зор нест. Ҳамин дудилагию бечуратие, ки дар хуни мо вуҷуд дорад, моро ҳеҷ гоҳ ба манзил намерасонад. - Ба соаташ нигаристу саросема хесту дарро кушода, бо сардӣ афзуд:- Равед.

монро доштаю таъқиб ва кофтуков мекарданд. Бо ҳар баҳона кашола карда, ба постгоҳҳо бурда, пулашонро мегирифтанд. Ба ин нигоҳ накарда, ба хонаи ҳамсоя рафтам, ки аз болохона фарёду фиғон меомад. Баромада бинам, сарбози ғафсаки сиёҳандоме наган дар даст Давлатро задаю сару рӯйашро сиёҳу кабуд кардаасту ба русӣ пӯписа дорад: "Ҷойи тиллоро гап зан!" Давлат маро дида, гиря кард: "Махдум, ба ин золим гӯйед, ки ман тилло надорам. Ба ман бовар накарда, як дастамро тоб дода шикаст". Дидам, ки сарбозро на ин ки ба сари инсоф овардан намешавад, балки маро ҳам мепаронад, гуфтам "рафтем, ман тилло медиҳам". Сарбоз озмоишкорона ба сӯям назар андохта гуфт: "Офарин! Ту бухороии асил менамоӣ!" Лекин ман ин мумсики чиркинро мепаронам!" Ва пурсид:

– Хонаат дур аст?

– Мо бо ин мард ҳамсояем, -гуфтам ба русӣ.- Дар ҳақиқат ин тилло надорад. Кӯҳнадӯз аст, базӯр рӯз мегузаронад.

– Хуб, барои он ки бо ту ҳамсоя будааст, намекушам, –гуфт сарбоз. Вай овози баланд дошт. Нигоҳаш хашмист, риши зарди нотарошида рӯяшро пӯшидааст.

Ҳангоме ки аз зинаҳо нишеб шудем, фикр кардам, ки поён телааш диҳам ба ҷӯи об афтад, ҳеҷ балош намезанад, хеста паронданаш мумкин. Аз дарвоза берун шудему наганашро ба ғилоф андохт. Ман ки ин лаҳзаро мепоидам, хеле зада аз гиребонаш дошта, ба зону ду маротиба ба шикамаш задам. Сарбоз мардӣ бақуввати машқкарда будааст, ки тан надода аз гиребонам дошта "Гад! Сволоч! Убью!"- гуфт. Роҳгузарҳо ҷамъ шуда, моро тамошо мекарданд. "Болои дар - чипқон" гуфтагӣ барин, ин вақт аблаҳи Давлат аз пас маро дорад, мешавад "Назанед, дар балояш намонем", мегуфт. Ҳаромӣ, аввал туро мекушам гуфтам ки сар дод. Ду дақиқа барин занукӯб кардем, ки як взвод аскари сурх аз кӯча қатор гузашта, моро дида давида омада, аз ҳам ҷудоямон карданд. Ба Давлат гуфтам, ки зуд илоҷе карда воқеъаро ба Файзуллоҳ расон! Ба хонаи Атохоҷа писарамакаш даро! Онҳо мерасонанд. Сардори аскарҳо як ӯзбеки тошкандӣ (ал лаҳҷааш шинохтам) аз дасти сарбоз, ки мехост маро паронад, чолокӣ карда на ганро гирифту ба шиддат ва лаҳни ӯзбекӣ маро пӯписа карда:" Гӯй, ки ҷангр худаш шурӯъ кард! Бе асос маро зад, гӯй!" Фаҳмидам, ки тарафи маро мегирад Назди гарнизон рафтему ӯро ба гуфти худашон ба камандирашон супориданд маро ба охтахонаи воқеъ дар паҳлӯяшон ҳабс карданд. Он ҷо бандиҳо бисёр буданд. Баъзеҳоро, ки зада афгор кардаанд, дар нолиш буданд, баъзеҳо беҳуш бо чашмони кушода дар болои порӯи хушкшуда дароз хоб рафтаю ба хаёл фурӯ рафтаанд.

Касе напурсид, ки ба чӣ сабаб туро оварданд? Дар он шабу рӯз гуноҳи бухороӣ маълум буд. Касе тилло намедод, фотеҳонро ба салоҳ даъват мекард мулло гуфта ё мепаронданд, ё зиндон мекарданд. Рӯзи дигар маро ба зиндон мебурданд, ки шумо вохӯрдед. Шаб ду нафар моро аз зиндон бароварда ба фоиҳ тун савор карданд. Аз овозашон фаҳмидам, ки кор ба некӣ аст. Шаб кӯрмаҳтоб буд. Шамоли сахте, ки аз ҷониби қибла мевазид, хокрӯбаи кӯча ва барги дар рахтонро ба ҳар тараф пош медод. Мо ба назди бинои дуошёна, ки пештар "Ширкати Пунба" мегуфтанд, омадем. Ду-се долонро гузашта ба хонаи калон

даромадем, ки паси мизи болояш ду лампаи чилуми фурӯзон дошта Файзуллоҳ Хоҷа нишастааст. Дар ду моҳи охир бори аввал ӯро медидам. Ҳамон вақт дар байни мардум чунин овозаҳо паҳн шуда буд ки гӯё барои он ки русҳо подшоҳ таъйинаш кунанд, тамоми хазинаро ба онҳо додааст. Хонаҳои бойҳоро барои истиқомат карданашон додааст. Гӯё барои ба шаҳр даровардани аэропланҳо ӯ розӣ шудааст. Дар рӯбарӯяш нишастаму дар чеҳрааш кибр ва як ғолибияти ғашоварро мушоҳида кардам. Ба дилам омад, ки овозаҳо ростанд. Аз қабоҳати гузашта дар вуҷудаш заррае хиҷолат ё пушаймонӣ дида намешуд.

Сабаби ҷангҳоямонро гуфтаму дилам тоқат накарда афзудам: -Файзуллоҳ, мо панҷ сол якҷо будем, бо болшевикҳо шину хез мекардем, аммо ба гӯшаи хаёл намеовардем, ки онҳо Бухороро ба-дин ҳол гирифтор мекунанд. Аз Арки номӣ чизе намонд. Бухороиҳоро аз ватанашон берун мекунанд.

Файзуллоҳ бо тамасхур аз болои миз қутии ҷилодорро кушода аз он папирос гирифт. Ман суханамро давом додам:

– Касе андаке зиддият нишон диҳад, мепаронанд. Касеро хоҳанд, душман гуфта, нест мекунанд. Ин корҳо поён дорад ё не?

– Бухоро дар ҷояш,- гуфт Файзуллоҳ ба забони узбекӣ ва бо ҳамон оромии пештара аз болои миз китоберо гирифта тез-тез варақ зада худро машғул дошта афзуд:- Аркро барои он зада лахтупора карданд, ки зарур буд. Бухоро дигар ба Арку амиру амирзодаҳо эҳтиёҷ надорад. Мо ба ҷои Бухорои амиру аъламу эшонҳо Бухорои нав- Бухорои сурх месозем!

Аз ин сухан аламам бештар шуду гуфтам:

– Ба тоҷикӣ гап занем. Хонаҳои мардума тороҷ карданд, медонед? Мардуми Бухоро мо - ҷадидҳоро шабу рӯз дуъои бад мекунанд, хабар доред?

– Хуб мешуд, шумо ҳам ба ӯзбекӣ сухан мекардед,-гуфт Файзуллоҳ ва коғазҳои таги дасташро дуртар тела доду ситезмандона афзуд:-Дар Бухоро ҳамон корҳое мешаванд, ки инқилоб талаб мекунад. Тороҷ карданд мегӯед. Феъли ин мардум мисли феъли муш бошад, айби кист? Ба пули ёфтааш тилло харида, печонда, дар таги сандуқ руст мекунад. Аз он на ба худашон фоида буду на ба каси дигар! Оқибат мемурду он тиллои мемонд!

– Урус гирифт, нағз шуд?!- Тез шудам ман боз ба тоҷикӣ сухан карда ва зуд худамро ба даст гирифта афзудам:-Нисбат ба халқи худ ин қадар сангдил будан натонро намедонистам. Ҳамин сангдилии мо буд, ки дар Бухоро одам намонд.

– На зани ин дунёву на марди охират дар ҳақи мардуми мо,-гуфт Файзуллоҳ.- Чор муллою чор махдум рафта бошанд, ҳеҷ гапе не. Онҳо ба Бухоро дарбеҳ намешуданд.

– Одами хуб кӣ? Кадом пойлучи беномус хуб буд?

– Ман ба пойлучон кор надорам. Одами хуб касест, ки бо ҷону дил ҳурриятро тарафдор аст. Дурӯя, дукуна нест. Аксари он ҳамроҳоне, ки доштем, ҳоло аз роҳи рафтаю кори карда пушаймонанд. Аз аввал ба бозӣ надаро буд. Даромадӣ, куна ҷунбон!- Файзуллоҳ бадқаҳрона по болои по монда рӯяшро ҷониби тиреза гардонд.

Панҷсола азоби кашидаам пеши назарам омад. Чӣ қадар ёру дӯст кушта шуданд. Чӣ қадар дар зиндонҳо боҷигару қабурғаи кафида хобанд. Чи қадар

оилаҳо бесаробон монданд ва чӣ ҳоли ҳозир доранд. Ҳама барои он будааст, ки ин "донишманд"-и касофат раис шуда дар ин курсӣ нишинад. Корҳои кардаю роҳи рафтаам дар назарам нафратангез намуд.

– Шумо он Файзуллоҳи пешина не,-гуфтам. Ба хотир биёред, он рӯзҳое, ки...

Суханамро ба шиддат бурида бо ғазабу таъна гуфт:

– Махдум, Бухороятонро дусад сол боз манғитҳои касофат чарида мегаштанд! Шумо хуб медонед, ки касе ҳад надошт пишаки амиру атрофиёнашро пишт гӯяд. Ҳама номдорони Бухороятон туксабою миршабу мирохур мусаллафу муваззаф будед, ки баробари ба қад расидани духтаратон аризаи ихлосӣ нависед: "Каниз ба хоки остони ҳузури муқаддас омода аст." Духтар хушрӯ бошад, домод худи Олимтӯра мешуд. Не мегуфтед, дар пасатон чӯб мезад. Мактабу маорифатон ҷои мазоҳ буд. Солҳои охир...

Ман ҳам суханашро бурида, гуфтам:

– Бале, касе ба амир ҳамнишин буду мансаб дошт, барои ҳурмат мепурсид, ки фарзандаша тӯй кунад ё не. Пагоҳ - фардо шумо ҳам аз болшевикҳоятон мепурсед. Ин одоб аст, фарҳанги мост.

– Мо ҳеҷ вақт намепурсем! Ин хӯи ғуломӣ дар шумо буд! Дигар ин суханро ба даҳон наоред! - Файзуллоҳ пасмондаи папиросашро партофта дарҳол дигарашро гирифту ба рӯям нигариста афзуд:-Чаро хотираи мо мардум ин қадар заиф аст? Шумо, Махдум, ҳамроҳи мо будед ва медонед, ки чи гапу корҳо шуд! Дар намоиши "шукрона"-е, ки се сол пеш баргузор кардем, амиратон ҳазор нафари моро кушту зиндонӣ кард. Колесови урусро зорӣ кардаю бо дастааш овардем, ки ислоҳот гузаронад. Амир хуб гуфту фиребмон кард. Шабона роҳи поездро канда, чӣ азобҳое ба сарамон овард. Одамонро фақат барои он, ки ҳаводори мо буданд, гӯшу бинию забон бурида, дар пасашон чӯб задаю луб луч дар симчӯбҳои қади роҳ овехт...

– Файзуллоҳ, биёед гузаштаро мемонем,- гуфтам. Аҳволи ҳамин рӯза гӯем. Ҳоло ҳама хонаҳою масҷидҳо месӯзанд. Масҷид чӣ гуноҳ дорад?!

– Чаро гузаштаро мемондаед? Ҳамаи ин корҳо аз гузашта омадаанд.- Файзуллоҳ курсиашро пештар давонада, бо ғазаби ошкоро гуфт:

– Ҳазор сол аст, ки дар майнаи дармондаи шумо ҳамин қадар гап аст: "Масҷид рафтем. Масҷид сохтем!" Кай дарк мекунед, ки замонаи масҷиду зарбу залилӣ гузашта рафт! Замони мактаб аст, илм аст. Ақаллан фарзандҳоятонро хононед, ки худатон барин муғамбиру махдумнусҳа нашаванд!

Файзуллоҳ аз болои курсии раиси ҳукумати Бухоро сухан мекард. Ҳақ дошт ба ҳар оҳанге хоҳад, сухан кунад. Ман бошам, маҳбус будам, ба тариқи маслиҳат гуфтам:

– Ман бо ин болшевикҳоятон ҳеҷ гоҳ пайванд намегирам. Болшевикҳо ба мардуми мо газанди зиёд расонданд.

Файзуллоҳ ба тамасхур ба рӯям нигариста гуфт:

– Ба пайвандгирии шумою шумобаринҳо касе зор нест. Ҳамин дудилагию бечуратие, ки дар хуни мо вуҷуд дорад, моро ҳеҷ гоҳ ба манзил намерасонад. - Ба соаташ нигаристу саросема хесту дарро кушода, бо сардӣ афзуд:- Равед,

аз пайи коратон шавед! Минбаъд коратона дониста кунед, нахӯди пеши қошуқ нашавед.

Ба кӯча баромадаму худамро мисли ҷуволи холишуда ҳис кардам. Фикр мекардам, подоши панҷ сол ҳамроҳу ҳаводораш буданам ҳамин шуд, ки гӯяд: "коре кун, ки фарзандҳоят худат барин махдуму муғамбир нашаванд."Низом - махдум дардолуд табассум кард:-Ҳамин хел шуд.

Мансур ҳолати он вақтаи Низом - махдумро тасавур карду ба оҳанги дилбардорӣ гуфт:

– Хуб, ки зиндонатон накардааст,- ва хандид.

Низом - махдум ҷавоб надод. Нигоҳашро ҷониби рӯди равон дӯхтаю хомӯш буд. Кӣ медонад, ба сараш чӣ фикрҳо меомаданд.

Ҷовид дар доманаш туту зардолу оварда, болои дастархон рехту нон гирифта, хӯрда-хӯрда лаби рӯд рафт.

Мансур низ хомӯш монд. Ӯ ба қитъаи секунҷаи гандумзори домани теппа, ки гандумаш сафед шуда, дар дарунаш гову гусолаю гӯшдарозҳо мечариданд нигарист. Пеши назараш Фпйзуллоҳи сафедрӯи газгӯшт омад, ки дар Арк дида буд, дар даврaҳо таъриф мекарданд, ки донишманд аст. Аз афташ, дониш ҳам ҳархел мешудааст. Ӯ ҷониби мусоҳибаш нигариста ба тариқи маслиҳат пурсид:

– Оё дар ин ҳоле, ки ҳама ҷой ба дасти яҳуду қалмиқу урус афтодаасту чор тараф нотинҷӣ аст, Файзуллоҳи ҷавон метавонад подшоҳӣ кунад?

Дар пешонии Низом - махдум чинҳо ҷамъ шуданд. Лаби болояш гӯё ларзиду боз бо оҳанги озору надомат гуфт:

– Дар бораи чӣ кас будани Файзуллоҳ ҳар вақт фикр мекунам. Ва як мақол ба хотирам меояд: "Мардро то ки шиносӣ, мансаб деҳ". Файзуллоҳ то раис шуданаш як ҷавони орому баодоб буд. Мансаб гирифту ёронро назараш намегирифтагӣ шуд. Шиносҳо мегуфтанд, ки шину хеза бо мо не, бо русҳою туркҳо мекунад. Аммо дар масъалаи подшоҳӣ карданаш, офтоб барин равшан аст, ки русҳо намегузоранд аз хати кашидаашон берун равад.

– Аҷаб гапу корҳое,-Мансур ба тааҷҷуб сар ҷунбонд.- Худаш инро мефаҳмида бошад?

– Дар оғоз нафаҳмида буд. Баъдтар фаҳмид... Баъди як сол, ҳангоме ки овозаи ҷанги Анварпошо омад, барои озод кардани як домуллои зиндонӣ наздаш даромадам. Бо дили нохоҳам қабулам кард. Мушоҳида кардам, ки он такаббуру савлати пешинааш намондааст. Он замон дар шаҳр овоза буд, ки лаҷоми давлати Бухоро боз ба дасти русҳо аст. Аммо ман мехостам, ки норозигии Файзуллоҳро аз болшевикҳо аз забони худаш шунавам. Ин даъфа ҳам суҳбати мо ба точикию ӯзбекӣ сурат гирифт.

– Аз афташ кор вазнин аст, ки ман барин лоғар шудаед?-гуфтам.

Аз рӯйи одат аз қутии ҷилодораш папирос гирифтаю оташ дода, гуфт:

– Кор вазнин нест,- ва қоғазҳои наздашро як тараф ҷамъ карда, бо ситеза афзуд: - Баҳри ин мардуми мутаассибу барҷоймондаи Бухоро ҷонкани кунӣ чию накунӣ чӣ. Халқҳои атроф ҳама сохти навро пазируфтаю аз пайи ободии диёр пешбарии миллаташон ҳастанд. Роҳашонро ёфтаанд. Инҳо бошанд, аз ин

гӯшаю он гӯша корду калтаки масхараашонро бардошта, ба таврашон "чихо мекунанд. Кошки аз дасташон чиҳод ояд. Фақат номбадкуню аблаҳӣ!

Ман ҳам ба оҳанги худаш гуфтам:

– Мулло Файзуллоҳ, корҳои бадро болшевикҳо ҳам мекунанд. Шахси н мозхону худотарсро ба ҳукуматашон роҳ намедиҳанду дузду модарбахатох худашонбарина улфату ҳамқадаҳ месозанд.

Ӯ турушрӯ шуду папиросашро дар лабаш тоб дода болои ҳам кашид. Ба фурсат надода афзудам:

– Инҳо ба мо бовар намекунанд, шумо ҳам аллакай фаҳмидагистед. Ва ои заи чангу пешравиҳои Анварпошоро дар назар дошта пурсидам: -Ҳукуматат мустаҳкам истодааст?

Заҳрханда кардаю бо нафрат ба рӯям нигариста гуфт:

– Кӯҳ барин! Ягон қувва аз чояш чунбонидан наметавонад. Умеди барга тани амира аз дилатон дур кунед!

– На ба амир кор дораму на ба дигараш, - гуфтам. – Пурсиданиям, ки : датон сахт истодаед ё не?

Ба суханам эътибор надод ё нафаҳмид, ки лаҳзае нигоҳаш ба самте дӯ шуду гуфт:

– Мардуми мо ҳунари давлатсозию миллатсозӣ надоранд, фарзандҳояшоя ба хизмати ҳарбӣ намедиҳанд. Аз хонаҳо ба зӯрӣ мегирем, баъд мефаҳмем. камонро гирифта гурехтаанд.

Сӯҳбати Мустафо Чоқайро, ки панҷ сол пеш дар газета чоп шуда буд. ёдаш овардам: "Ин кишвар лабрези муллою мадраса аст, аммо одаме намеёб ки кори армиярро ба роҳ монад".

– Бубинед, аз он гуфтаҳо панҷ сол гузашт; ин мардум чи қадар ба сар зад сару гардан шикастанд, вале як қадам пеш нарафтанд. Вазири ватан шудаа писараша ба хизмати ватан роҳи намекунад. Агар ҳамин феълашон бошад, : сад соли оянда ҳам дигар намешаванд. Боз мегӯед, ки корҳоятон вазнин а Ин миллата донишманду шоиру сипоҳияш дар сари дастархон лофи хирад дию ватандорӣ мезанад, аммо коре пеш ояд, муш барин ба сурохиҳо дароя нопадид мешаванд.

– Акнун шумо пешво шудед, халкро дигар мекунед, он орзуҳое ки дошт амалӣ мекунед,- гуфтам. Ба суханам чавоб надода нигоҳашро гурезонд. Ё вар шудам, ки ду ҳафта пеш дар газетаҳо муоҳидаи байни чумҳурии Бухоро Русия чоп шудааст. Дар он омадааст: "Минбаъд ба Русия ҳукук дода мешав ки дар гуфтугӯҳои байналхалкӣ манфиати Чумҳурии Бухороро ҳимоя куна Агар чунин бошад, мухторияти шумо, мисли даврони амир, ба ном мемон бас. Аз ҳамсояҳоятон як сӯзан барои зарурат гирифта наметавонед, чӣ ра ба тиру туфанг".

Чехраи Файзуллоҳ дигар шуду пурсид:

– Мардум ҳамин гуна суханҳо мегӯянд?

– Ҳа-а, дар чойхонаю масчидҳо мегӯянд, ки Бухороро боз мисли дав манғитӣ дастнигари урус карданд. Мегӯянд, ки дар дигар кишварҳо аз Тошк ин тарафро Бухоро мегуфтанд. Русҳои Николай омада аз Тошканд то Фарғ

тасарруф карда, Туркистон ном ниҳоданд. Акнун болшевикони носерамашон Бухороро ҳам соҳибшудаю ҳамаро Туркистон мегӯянд.

Файзуллоҳ аз ҷояш хеста, дар рӯбарӯям истод, аз ғазаб чеҳраи сафедаш сиёгуна шудаю лунҷҳояш ларзиданд, вале овоз баланд накарда гуфт:

– Ман розӣ, ки ин кор шавад! Сад маротиба розӣ! Ин мардум, агар истиқлолият мехоҳанд, чаро барои он коре намекунанд? Армияи сурх аз тамоми кишвар беку эшонҳои айёшро, ки дум-думи амиру беку бойҳо буданд, зада берун кард. Ҳукуматро ба дастамон дод, ки гиреду одамвор зиндагӣ кунед! Инҳо чӣ карданд? Боз дар атрофи ҳамон амири фосиқашон ҷамъ шудаву кафки даҳон паронда дар кӯчаву бозор "Ғазавот фарз шуд! Фармони амир фарз шуд! Динамон фалон шуд!" гуфта ҷор андохтанд! Рус боз гашта омаду ғазавотгӯйро аз дарё он тараф кард. Акнун, ки Анварпошои турк омадаасту "ман домоди халифаи мусулмонҳо"мегӯяд, ҳама орифу омии кишвар дар гирдаш парвона шудаед! Ҷадидҳои дурӯя рафта худашонро пеши пояш партофтаанд. Ҳатто коргарони ҳукумат ба хушомадаш рафтаанд!..

– Ун сардори камиссияе ки аз Масков омада ба гуфти худатон пленум гузарондаю дуғу дарангашон кардааст, дар ғазаб шуда аз ӯ рӯ гардондаанд. Мардум ҳамин гапҳоро мегӯянд.

– Файзуллоҳ сӯям назари тез андохту назди тиреза рафт. Ман ҳам аз ҷоям хеста гуфтам:

– Амир Олимхон ҳам сарҳад ва сиёсати хориҷиро ба ихтиёри русҳо дода мегуфт, ки бигзор онҳо моро посбонӣ кунанду мо подшоҳӣ. Рӯзе, ки ба русҳо лозим шуд, сарҳадро бастанд ва як тир даровардан намонданд.

Файзуллоҳ гап назад, рӯяшро ҳам нагардонд.

Нигоҳ кунам, дар болои мизаш номаҳои зиёде чапаю роста хобанд. Баъзе бо ҳуруфоти форсӣ, баъзе кириллӣ, лотинӣ ҳам ҳаст. Ба рӯи ду коғази маҷақи сигор навишта шудааст: "Зуд ба бригада гӯшту равған фиристед!" Поёнтар изофа шудааст: "Бароталиро ба нозироти замин ба кор монед"! Ва имзои сардори полки 7-ум тирандозӣ В. Бобров. Дар дигаре "Хидировро ба кумитаи андоз ба кор гиред!"- сардори ротаи фалон, Давлатов ва имзо. Коғазҳоро бардошта пурсидам:

– Ин супоришҳоро иҷро мекунед?

Ҷонибам нигоҳе андохту боз ҳам чизе нагуфт. Аз нигоҳаш чунин маъно пай бурдам: «Вақти ҳамаи инро ба ту фаҳмондан нест».

Мақсади омаданам ба хотирам омаду истиҳола карда истодам, ки худаш "чӣ кор доред?" гуфта пурсад, баъд мегӯям. Ба даҳонам омад, ки кори Анварпошо чи мешавад? Мегӯянд мардум тарафдораш ҳастанд.

– Чӣ мешуд? Русҳо сари тираш мекунанд.- Файзуллоҳ тирезаро кушод ва афзуд: - Чолокӣ кунад, гурехта ба Афғонистон меравад. –Ӯ бо оҳинге ин суханро гуфт, ки гӯё масъала аллакай ҳал шудааст. Он вақт фикре ба сарам омад, ки ин бадъамол ҳама қабоҳату чоплусиҳоро мекунад, то ки дар сари қудрат монад.

Ин вақт дар саҳн марди низомипӯше пайдо шуда бо қадамҳои устувор сӯи бино омад. Файзуллоҳ ҳам ӯро дида бесаранҷом шуда ба абруи гирех аз ман пурсид:

– Шумо чӣ кор доред? - Ва интизор нашуда бо оҳанге, ки аз дилгирӣ ... мекунад, афзуд:-Ин одам комиссари дивизия Ершов аст. Вай назди ман мес... ва маълум, ки мо боз ҷанҷол мекунем. Ман бо ӯ ҳеҷ рост нагирифтам. Пеш... дар шӯъбаи махсуси армияи 1-ум дар Воронеж кор мекардааст. Иштирок... иъзомияи Ҳисор, узви Шӯрои инқилобии Ҷумҳурии Бухоро. Қариб ҳамаи с... дорони бригадаю полкҳо аъзои шӯро мебошанд. Дар шӯро мудом аз кор... ҳукумат норозигӣ мекунад: ба армия озуқа нафиристодед, либос нафиристо... Чаро фалониро, ки ин ҷо хун рехтааст, ба кор нагирифтед ва монанди ин...

Дар кушода шуд ва марди русе, ки дар қабулгоҳ менишаст, хабар дод...

– Рафиқ Ершов омадаанд.

Файзуллоҳ сар ҷунбонду дуюмбор аз ман пурсид: "Чи кор доред?" Но... насаби домуллои шиносро навишту афзуд:

– Комиссияи диктаторӣ як ҳафта зиёд шуд, ки корашро шурӯъ кард... Аллакай як гурӯҳ туркҳои корманди ҳукумату милисаро, ки бо Анварпо... ҳамкорӣ кардаанд, ба зиндон андохтанд. Нафарҳои гумонбарро пайгирӣ ... кунанд. Барои эҳтиёт шумо як муддат рӯ панаҳ кунед. Комиссия ба ғайр... Масков ба касе итоат намекунад.

Ба хона омада фаҳмидам, ки комиссия аллакай баъзе ҳамсояҳоро пурсу... кардааст. Дар он шабу рӯзҳо Бухоро мисли шикоргоҳ шуд. Дар ду-се рӯз бе... аз сад нафарро бурда, қисмеро зиндон кардаю бештарашонро паронданд. А... сари коргарони ҳукумат, ки ба душманӣ гумонбар шуда буданд ва домулло... номдорро паронданд. Айби он бечораҳо ҳамин буд, ки, ба қавли худашон... шикам санг бастаю лаб зери дандон монда, улуми ҳикмату мантиқ аз бар кар... аз имтиҳон гузашта, даҳякҳӯри амир буданд. Боре бегоҳи рӯз ба сари ман ... омадаанд. Занам боақлӣ карда гуфтааст, ки вай як моҳ пеш ба хонаи хеш... ба Балҷувон рафта буд. Ва лулигӣ ҳам мекунад: Аз тарси шумо ба Афғони... рафта бошад ҳам, ачаб не. Баъди ду рӯз аз сӯрохи девори шаҳр баромада ... Балҷувонро пеш гирифтам. Равам, ки Анварпошо қисмҳои дар Қабо... Кӯлоб будаи болшевикҳоро зада берун кардааст. Тамоми аҳолӣ, ҳатто як ... одамони ҳукумати маҳаллӣ ҳаводораш шудаанд. Дар даромади деҳаҳо ш... овехтаанд:" Озодӣ аз русҳо!" Якчанд туркон ҷавононро кори ҳарб меом... Дар бисёр ҷойҳо устохоноҳои аслиҳасозӣ бунёд кардаанду устоҳо саргарм... Ман ҳам ба онҳо пайвастаму дар як ҳафта аз Саройкамар то Кӯрғонтеппа ... қадами наҳсашонро тоза карда то Душанбе омадем. Мардум чунон бо ш... шавқ душманситезӣ мекарданд, ки ҳайрон мемондӣ. Ман ҳамон вақт дидам... пешво худ нотарсу кордон бошад, сарбоз барои ӯ ҷонашро медиҳад.

– Офарин! –Мансур ба вачд омад.

– Ҳамин хел корҳо, Мансурбой. –Низом - махдум себ гирифтаю ду... карда илова намуд:- Ҳоло ачибтараш дар пеш аст.

– Комиссия ҳоло ҳам гумонбарҳоро мебарад? - пурсид Мансур ва чав... интизор нашуда гуфт:- Низом - махдум, вокеаҳои рӯйдодаро фикр мек... му ба маънии як амали навдавлатон сарфаҳм намеравам. Забону коргузо... ҳукуматашон ва тамоми муассисаву корхонаҳоро туркӣ кардаанд. Тахчо... таъкид ба таъкид мегӯянд, ки шумо худатонро турк гӯед. Гӯед, ки решаҳ...

турк аст. Ин ҳамаро дида, дасту дилат аз кор мемонад, худатро дар ватанат мусофир ҳис мекунӣ. Балки онҳо туро бегона мепиндоранд. Ба ҳар ҳол ба назари ман чунин намуд.

– Сабаби ин амалашонро аз Файзуллоҳ пурсидам.- Низом - махдум ба рӯймоли миён араки сарурӯяшро пок кард.-Вай гуфт, ки дар ин марҳилаи нозук мо бояд сухани "ту тоҷик, ту ӯзбек"-ро як тараф монему як давлати бақувват созем. Дар ин атроф туркҳо бештару бақуваттаранд, ба онҳо эътимод кардан мумкин. Вақте ки давлат ба роҳ монда шуд, обрӯ пайдо кард, он тараф мисли пешина ҳар кас ба забони худаш такаллум кардан мегирад.

Аз суханаш пай бурдам, ки ин масъала наздаш арзиш надорад. Ҳама фикру ёдаш ба давлатсозию давлатро аз русҳо гирифтаю танҳои кардан, банд аст.

Мансур пас аз каме хомӯши гуфт:

– Дар хотир доред? Се-чор сол пеш дар газетаҳо мегуфтанд, ки Фитрат, Файзуллоҳ, Ҳамдӣ ва боз ким – киҳое маорифпарварони хуб шудаанд. Мардум аз шунидани номи онҳо хурсанд мешуданд ва ба онҳо бовар мекарданд. Аз пасашон ба обу оташ мерафтанд. Лекин бубинед, ки оқибат корашон ба кучо расид?

Дар нигоҳи Низом - махдум ифодаи андӯҳ ва нафрат намоён шуд. Нафаси чуқур кашиду гуфт:

– Дониши онҳо дар тани миллат заҳру зақум шуд. Ба пиндору гуфтори онҳо мекарданд, дигаргуни ҳам мешуду тараққӣ ҳам мекарданд. Аммо дар муқобили ҷомеаи парешону мутаассиби мо истодагарӣ кардан натавонистанд ва саросема шуданд. Русҳо ҳукуматро аз дасти амир Олимхон гирифта додану кори худашон хостаро фармуданд.

Ба хотири Мансур суханони Фёдор омаданд: «Олимону нависандаҳои мо дусад сол ҷон канданд, то ки халқи русро китобхон кардаю миллат созанд.» Пас маълум мешавад, ки дар рӯбарӯи рӯшанфикрони мо ҳоло роҳи дарозу пурхатар қарор дорад. Ӯ суҳбатро ба мачрои аввалааш гардонд:

– Овозаҳои "Анварпошо Қабодиёну Кӯлобро гирифтааст" ба Бухоро низ омаданд. Ба назаратон, кори Анвар то кучо мекашад?

– Кори Анварпошо мисли буттае шуд, ки як аланга гирифту зуд хомӯш гашт,-гуфт Низом - махдум. – Дигар коре аз дасти вай намеояд. Хубаш, сараша гирифта ба ягон тараф баромада равад.

– Ҳоло бисёриҳо аз ӯ умеди ғалаба доранд. Шумо худашро дидед? Ба назаратон одами дилпур аст?

– Мансурбой, агар Ҷабраили Амин ояд ҳам, ин мардуми нохондаю бефаҳм коре карда наметавонад. Мо то ҳол маърифати ором гӯш кардани якдигарро надорем. Ҳатто дар ҷамъомад ба сари якдигар пӯписа мекунем.

Низом -махдумро чеҳра чиддӣ шуду ба нақл шурӯъ кард:

– Анварпошоро бори нахуст дар қурултойи Лақай дида будам. Марди бануру босалобат аст ӯ. Он ҷо сардастаҳо Эшони Султон, Фузайл Махсум, Давлатманди балчувонӣ, Ашӯри кӯлобӣ, боз чанде бо чилавдору маслиҳатгарҳояшон омада буданд. Ҳамчун сарони қабилаҳои семиз, лақаю қарлуқу дурман ва касе шарик буд, омад. Намояндаҳо аз дастаҳои муҷоҳидони Самарқанд аз Фарғона низ омаданд. Анварпошо бо як дастаи саднафараи турку афғон аз ҷониби Ҳисор

омад. Он вақт ӯ аллакай ҳукми сарлашкари умумиро дошт. Як-як домуллою мавлавиҳои номдоре, ки аз ҷафои болшевик тарки ватан карда буданд, низ иштирок доштанд. Анварпошо ҷадидҳои Бухороро ҳам даъват карда будааст. вале аз онҳо касе наомад. Баҳоррӯя буд. Дар як хирманҷои канори деҳа гилему намаду пӯстак партофта ҷои нишаст карда буданд. Аз ҷониби пуштаҳо насими диловез мевазид. Дар саҳрои атрофи Лақай хирман-хирман лолаҳоро дида ҳавасат меомад. Ман бо дастаи балчувониҳо ҳамроҳ омада будам. Умаркул ном марде, ки ба яке аз ҳамроҳони мо дӯстӣ доштааст, дар давраи мо ҷой гирифт. Ӯ гуфт, ки ба умеди ба даст овардани дили Иброҳим ин маъракаро ин ҷо баргузор кардаанд. Лекин Иброҳими мо феъли хари зери борро дорад. Чапу роста намебинад. Ба ҷадидҳо душмани ашаддӣ аст. Анварпошоро ҷадид мегӯяд ва гумон аст, ки бо ӯ гарм гирад. Ҳангоме ки домулло аз Каломулло ояте хонду қурултойро шурӯъ карданд, Анварпошо ба байни саҳн баромада чунин суханҳо гуфт:

– Бародарон, дӯстони туркистонӣ, мақсади ҷангу талоши мо кофирҳоро аз хоки Бухорои Шариф берун карда, дини азизи исломро, ки таги пойи аспу уштурҳои аҷнабиён мондааст, ба ҷойгоҳаш шинондан аст. Аз ҳар тараф овозҳо омаданд: «Аллоҳу акбар!» «Яшанг уғлим!» «Туро Худо расонд». Ва садои ҳиқ-ҳиқи гиря ҳам шунида шуд. Аз ҳар ҷониб сардастаҳо низ садо медоданд. «Ҷузъи худамон! Узимизнинг фарзанди!» Анварпошо ҳаводории мардумро дида, бо садои гиротар ба ӯзбекию туркӣ омехта афзуд:

– Иншооллоҳ, баъди ғалаба амир Олимхонро оварда, ба тахташ мешинонем.

Боз овозҳои таҳсин садо доданд, Анварпошо ба суханаш идома дод:

– Дустони азиз, бояд шумо дар хотир дошта бошед, ки Туркистони бузург ватани аҷдодии ҳамаи мою шумост! Камбуди шумоён дар он аст, ки ҳар қабила қарияи худашро муҳофизат мекунаду парвои дигарҳоро надорад. Балки душманӣ кардаю ҳамдигарро нобуд мекунанд. Ин тарзи зиндагии гузаштаҳост. Ҳоло замоне расидааст,ки мо бояд як кишвари бузург, як миллати муттаҳид шавем. Бубинед, русҳо кишварашонро чӣ гуна бузург кардаанд. Ин тараф Ҳинду Чину дигарон дар пайи кишварсозию кишваркушоиянд. Иншоллоҳ, мо низ дар оянда ин корро хоҳем кард. Дар масъалаи ҷанг бо русҳо бошад, ба шумо хушхабар мерасонам, ки ҳоло вусъати ҷабҳаи мо аз соҳили Ҷайҳун то зери девори Бухоро расидааст! Ҷангҳои моҳҳои охир нишон доданд, ки ҷавонони Туркистон хуб ҷанг мекунанд. Онҳоро каме санъати ҷанг омӯзонед, аз русҳо чобуктару ҳушёртаранд. Аз ӯҳдаи ҳифзи ватан ва нангу номуси мардумашон мебароянд. Алҳол камбуди мо дар набудани силоҳи замонавист. Лекин ғалабаҳои рӯзҳои охири мо мардуми оламро ба ваҷд овардаву онҳо ба мо рӯ овардаанд. Ҳукумати Британиё ва вазири дифои Афғонистон ваъда доданд, ки моро бо силоҳ таъмин хоҳанд кард. Мо агар талаб кунем, ҳатто лашкарашонро ба ихтиёри мо мегузоранд.

Аз байни издиҳоми мавлавиҳо марди қавитаркибу ришпаҳне хеста бо овози баланд «Шоҳини мо, то ҳол куҷо будӣ?» гуфт ва аз шодӣ ҳунг-хунгкунон гиря кард.

Суханони Анварпошо рӯҳияи мардумро бардоштанд.

Дар қурултой чунин андешаҳое ҳам изҳор шуданд: «Зарурати овардани амир Олимхон нест! Дар Душанбе халқро партофта, пинҳонӣ гурехту ӯро куҷо меоред!». Ин суханро Фузайл Махсум гуфту баъзеҳо ӯро дастгирӣ карданд. Вале Иброҳимбек бо қаҳр хеста гӯё гулӯяшро буғӣ карда бошанд, ғум-ғум кард, ки мардум суханашро дуруст нафаҳмиданд. Аз паҳлуяш марди бузриши салласафеде, ки эшони Довуд мегуфтаанд, хеста, ба қавли худаш, ба гуфтаҳои Иброҳимбек рушанӣ андохт.

«Ҷанобашон мефармоянд, ки ҳазрати амирам Олимхони Баҳодурро оварда, ба тахташон мешинонем! Падару бобоҳои Ҷаноби Олӣ подшоҳзода буданд. То хоки Бухоро барҷой аст, ин зоти ҳумоюнӣ подшоҳ хоҳад монд! Ба ин қалами тақдир рафтааст.»

Аз ҳар тараф гап партофтанд:

– Дар Бухоротон садҳо нафар подшоҳ буданд, боз садҳо меоянду мераванд.

– Ба мо садҳо даркор не, амир Олимхон даркор.

Баҳс тӯл кашиду ниҳоят сухани Иброҳимбекро пазируфтанд. Баъд Анварпошоро сардори армияи мусулмонон интихоб карданд. Пас аз он аввал ҳоҷиҳо, пас мавлавиҳо дасти дуо бардоштаю тоҷикию туркию арабӣ карда сарлашкарро хуб дуъо доданд ва изофа карданд, ки «уғлим, ин дуъоҳо аз тӯпу пулемёти кофир сад маротиба бартарӣ доранд.»

Ҳангоми хестан Иброҳимбек бештар ҷониби ҳамқавмҳояш нигариста, бо қаҳр гуфт:

– Ман бо лашкарам аз қаламрави Ҳисору Лақай ҷадиду кофирро берун мекунам! Анварпошо дигар тарафашро занад! Ба мо сардор лозим нестай!

Қурултой мисли гулхани обрехта шуду ҳама лол монданд. Ман ҳамон дам Иброҳимро аз наздик дидам: марди миёнқаду миёнсоли шонапаҳн аст. Чеҳраи гирифта ва чашмони тангу рӯи сияҳҷурда дорад.

Анварпошо ҳайрон ҷониби издиҳом нигарист ва бо заҳрханда гуфт:

– Дар кишварҳои пешрафта дар замони ҷанг баҳс намекунанд. Сухани сарлашкар қонун аст.

– Мо ба ҷадидҳо бовар надорем!-гуфт Иброҳимбек. -Онҳо ҳам кофиранд!

Анварпошо ба эшони Довуд нигариста гуфт:

– Аввал ин ки ман аз ҷадидҳои шумо нестам...

– Шумо ҳам ҷадидед, риши тарошидаю палтун (палто) доред,-Иброҳим ришханд кард.

– Чӣ пӯшам? Чакман пӯшам?-Бо оҳанги дӯстона пурсид Анварпошо.

– Мусулмон ҷома мепӯшад, салла мебандад, - гуфт Иброҳим.

Баъзеҳо хандиданд, бисёриҳо худро ноҳинҷор ҳис карданд. Умарқули ҳамдеҳааш, ки назди мо менишаст, хиҷолатманд шуда, овозашро пасттар карда гуфт:

– Ин гунга буду шудаш ҳамин. Аз ягон мулло шунидагеша тутӣ барин такрор кардан мегирад. Ба назари ин нодон сухани мулло сухани Худост.-Ва оҳ кашида, афзуд: -Пеш аз ҷангҳо аз даҳонаш гап намебаромад. Дар ғоибаш «гунги Иброҳим» мегуфтанаш. Падараш ин ҷо туқсабо (андозгундор) буд. Се сол дар мактаб хонду чизе ёд нагирифт. Чӯпон монданд. Ёздаҳ сол чӯпонӣ

кард. Кори дӯстдоштааш човандозӣ буд. Чун дар замони амир мансабҳо мерос буданд, баъд аз марги падар хешу табораш номус карда, як аспи хуб ва чиз чора карда, бурда ба амир дода, ярлиқи тӯқсаборо гирифтанд. Вақте ки амир Олимхон гуреза шуда ба Ҳисор омад, бекҳою мансабдорон ба давру бараш ҷамъ шуданд, ҳамқабилаҳои Иброҳим низ пеш даромадаю чизу чора карда. Ба Иброҳим саллаю ҷома пӯшонда, назди амир равон карданд. Ӯ он ҷо дастгоҳ дарбори амири гурезаро дид ва аз суҳбатҳо шунид, ки ҷадидҳо урусро овардаю амирро аз тахт фаровардаанд. Ҳамзамон аскарғундории мансабдоронро атрофро дида, ҳаваси сарлашкарӣ кард. Бо ишораи одамони амир дасту остин барзада, аз Лақай чорсад нафар чобуксаворонро гирд овард. Ҳамзамон чорсад асп ҷамъ карда, барои амир тортуқ бурд. Якчанд муаллимро дошта. ба ҷурми «ҷадид» улоқ кард. Ин хабар ба амир Олимхон мерасаду «дузд дӯзда дар шаби торик мешиносад» гуфтагӣ барин, мегӯяд, ки «мо аз аввал ба самимияти Иброҳимбек шубҳа надоштем.» Ӯро аз муқарработи дарбор мекунад. Ва номаш шуд Иброҳимбек. Ҳангоме ки амир ба Афғонистон гурехт, ба вай ва Давлатманд гуфт, ки ба шумо рутбаи парвоначӣ (генерал- лейтенант) додаем. То баргаштани мо пеши роҳи душманро доред. Баъди ин сухан Иброҳим саллату такаббур кард, фармуд, ки лашкарро зиёд кунанд. «Асп бошад, охур ҳам мешавад»,- гуфтагӣ барин дар атрофаш камардору маслиҳатчиҳою мавлавиҳо ҷамъ омаданду пиру мурид шуданд. Иброҳимбек дар як ҳафта дасти ҳафт пир гирифту обрӯяш ҳафтод маротиба зиёд шуд. Ва «пир»ҳо овоза паҳн карданд, ки дар китфи Иброҳимбек пайи панҷаи ҳазрати Хизр ҳаст. Ба тани он ҳазрат тиру тӯпи кофир ҳеҷ гоҳ таъсир нахоҳад кард. Дар давраҳо эшони Довуд мудом ёдрас мешуд: «Пулемути кофир ҳазратама бинад, худ ба худ даҳанаш кафт мезанаду дигар, ҳарчанд зӯр зананд ҳам, кушода наметавонанд». Овозаҳоро шунида даҳони мардуми эътиқодманд яла мемонд. Аскари Иброҳим деҳа ба деҳа гашта, тарафдорони сохти навро пурсучӯ ва қатлу ғорат мекарданду тартиботи амириро ба роҳ мемонданд.. Ҷавононро ба ҷанги куффор номнавис мекарданд ё ба ивазаш пулу мол меситонданд. Кучое аспи нағз медиданд, мегирифтанд. Лекин ба аскари урус рӯбарӯ ҷанг намекарданд. Гоҳ-гоҳе аз паноҳиҳо баромадаю ҳаёҳуй мебардоштанд ё, ба қавли худашон, шабехун мезаданд.

Зимистон раиси комиҷроияи Бухоро Усмонхоҷа Пӯлодхоҷаев ҳамроҳи сардори милисаи Шаҳрисабз Дониёр аз болшевикҳо рӯ гардонда, бо хафтаи милиса омада, гарнизони Душанберо муҳосира кард. Баъди ду рӯз Усмонхоҷа ба Иброҳим хат кард, ки ёрӣ деҳ. Иброҳим дар ҷавоб, «аз уруса шумо - ҷадидҳо бад ҳастед,»-гуфта, аз пасашон ҳуҷум карда, қисми зиёди яроқу аспҳояшонро зада гирифт. Усмонхоҷа баъди ин воқеъа дилмондаи ёру диёр шуда, роҳи Афғонистонро пеш гирифт, Дониёр бо дастааш ба кӯҳи Боботоғ рафт. Сардори гарнизони русҳо, ки марди ҳушёр будааст, аз вазъият истифода карда, ба унвони Иброҳим ба мазмуни зайл нома фиристод: «Ҷаноби Иброҳимбек, модом ки амир шуморо ба ҷояш монда рафтааст, мо тақдири ояндаи Бухоро танҳо бо шумо ҳаллу фасл мекунем. Ба мо Анварпошо даркор нест.» Баъди ин Иброҳим худро бар тахт нишаста дида, сардори гарнизонро талабида, ҷома пӯшонду ба тавраш роҳи ҳамкорӣ пеш гирифтанд. То ки нуфузашро калонтар

ҷилва диҳад, аскарро ба чор ҳазор расонд ва мандонамию карруфараш як бар дах афзуд. Чунон ки дидед, ҳоло аз ҳузури Анварпошо шод нест. Намехоҳад сарвариро диҳад. -Умаркул чунин суханҳо гуфту мо ҳайратзада мондем.

– Дар Бухоро мардуми сода баумед, ки Иброҳимбек бар зидди русҳо ҷонканӣ дораду шояд ба дардашон даво шавад.-Мансур бо надомат сар ҷунбонд.

Низом - махдум лабханд кард ва хеста либосҳояшро бадар карду шохи дарахтро дошта оҳиста ба даруни об даромад ва садо дод: «Об роҳат будааст, дароед!»

– Баъдтар медароям, - гуфт Мансур ва хеста қад-қади соҳил қадам зад, нигоҳаш ҷониби дашт шуд ва дид, ки селаи бузурги зоғҳо аз ҷониби кӯҳ омада, дар гӯшаи замини гандумаш помолшуда нишастанду он ҷо мисли матоъи сиёҳ паҳн кардашуда намуд. Фикр кард, ки мардуми Самарқанду Тошканд дар панҷоҳ-шаст соле, ки бо русҳо паҳлӯ бо паҳлӯ зиндагӣ мекарданд, аз ҳам розӣ буданд. Хусусан баъди он ки баъзе аз китобҳоро ба забони тоҷикӣ тарҷума карданд, зиёиҳо бо русҳо улфат шудаю роҳи дӯстӣ ҷустанд. Дар ҳашт-дах соли охир дар Бухоро ҳам ба истиснои як қисм муллоҳои чаласавод ҳамин ҳолат рӯй дод. Вале дар Бухорои шарқӣ аҳвол тамоман дигар буд. Русҳоро кофир гуфта, қабул намекарданд. Ана, ҳамин вазъи нобаробарии донишу фаҳмиш мардуми гуногунқавми ин мулкро чун обу оташ аз ҳам ҷудо медорад.

Низом - махдум аз об баромада, ба ҷояш баргашту садо баровард:

– Мансурбой, чаро ба фикр фурӯ рафтед?

– Суханҳои шуморо гӯш карда, рӯзҳои гузашта ба хотирам омаданд,- Мансур ба ҷояш баргашта ба чашмони мусоҳибаш маънидор нигаристу афзуд:- Шояд дар хотир дошта бошед, соли 1917, баъди он ки дар Русия «Декларатсияи ҳуқуқи халқҳои Русия» чоп шуд, дар шаҳрҳои мо ҳам ҳизбу гурӯҳҳо пайдо шуданд. Аз он ҷумла ҳизби «шӯрои исломия» таъсис ёфту ҳамон тирамоҳ дар 15 ноябр анҷумани шӯроҳои кишвари Туркистон барпо шуд: панздаҳ нозирот таъин карданд. Нозиротҳоро ба гурӯҳи болшевику меншивику дигарҳо тақсим карданду ба шӯрои исломия, яъне ба таҳҷоиҳо ягонто ҳам надоданд. Мо як гурӯҳ ба нишони эътироз толорро тарк кардем.

– Дар хотирам ҳаст, домуллоҳо хеста, «шумо чӣ гуна махлуқед, ки моро дар ватанамон маҳрам намедонед!»- гуфта, хуб ғавғо бардошта буданд,- афзуд Низом - махдум.

– Бале, аммо ман дигар чизро мехоҳам гӯям, - дар нигоҳи Мансур озору андӯҳ чун мавҷ забона зад:- Ҳар вақте ки он лаҳза ба хотирам ояд, худро маломат ба худам нафратам меояд. Берун баромадему ҳама ҷазбманд шудем, ки бар нақизи болшевикҳо худамон давлат месозем! Ва ҳар кас сухане гуфт. Яке ҳавои даҳон мекард, ки дар ин роҳ ҳамаи дороияшро медиҳад! Дигаре мегуфт, сарам равад, ки аз ин роҳ намегардам. Сеюмӣ ваъдаи болотар аз ин медод. Ӯн рӯз аз даҳони мани аҳмақ баромад, ки лозим шавад, ҳам худамро қурбон мекунам, ҳам фарзандонамро. Як фарзандамро қурбон кардам. Занам паси ӯро гирифта рафт. Ҳоло худам дарбадарам. Чанд маротиба азм кардам, ки ба гӯшае рафта, боқии умрамро гузаронам, нашуд. Ин чаҳормавҷи инқилоб намегузорад.

Низом - махдум бо дилсӯзӣ ба рӯи рафиқаш нигариста гуфт:

– Гузаштаҳомон мегуфтанд, ки сухани маърака мисли фили ҷангист. Ар ба ҷойи фиристода расида натавонад, баргашта худатро таги по мекунад.

– Бале, дар таҷрибаам инро дидам. Сухани байни халоиқ гуфта мисли ба худ роҳ кушодаю ҷавлон зада мерафтааст.

Ин дам Ҷовид дар тоқиаш олуҳои беоби холдор оварда, болои дастар рехт.

– Ҷони амак, бештар себ чин, ки ҳамроҳамон барем,-гуфт Низом - махд

Мансур аз паси писараш, ки давида мерафт, нигариста гуфт:

– Охир он ҷонканиҳоро мо ба умеди ояндаи нек мекардем. Назди ким-ка одами шӯрошон даромада каме пул ҳам дода будам... Миннат не, ҷояш о кори шударо гуфтам:

– Бале, ба нияти нек мекардему бубинед, ҳама корҳо баръакс шуда ра гуфт Низом - махдум ва нигоҳи андешамандашро боз ҷониби заминҳои дӯхта, бо ришханд афзуд: -Давоми қиссаро гӯям, ба саволатон ҷавоб меги Аз он қурултойи ёдшуда аллакай чор моҳ гузаштааст ягонтаи он гуфтаҳо нашуданд. Чун ки дар оғоз Иброҳим онҳоро хунсо кард. То ҳамон ҷамъо кори Анварпошо мисли аэроплани урус боло мерафту пайваста фатҳу фут мекард. Пас аз он кораш суқут кард. Онҳое, ки дар оғоз ҳаводораш бу бо ифтихор, «ҷузву аъзои худамон аст» мегуфтанд, дере нагузашта мухолиф шуданд. Баъд аз ҷамъомад ҳама сӯи Бойсун роҳ гирифтем. Иброҳим нарафт. Афғонистон дусад сарбоз бо тиру камон ба ёрии Анварпошо омаданд. Гап карданд, ки сарбозҳо ихтиёрӣ «ёрӣ ба бародарони мусулмон» гуфта омадаан тиру туфангро амир Олимхон додааст. Ва гуфтааст, ки ӯ маслиҳатро пазон асту ба зудӣ аз Англия силоҳ меовардаанд. Қисмҳои ҳарбии русҳо дар Бойс буданд, он ҷо манзили ҳарбӣ ва анбори силоҳ доштанд. Касеро наздик раф намемонданд. Мо шаҳрро ба муҳосира гирифтем.

Аз Бухоро як гурӯҳ милиса бо сардории вазири дифоъ Орифов ҳукумат тарк карда, омада ба мо пайвастанд. Ҳамон рӯзҳо овоза паҳн шуд, ки Фарғона Эргаш Кенҷа, дар Самарқанд Зарифпаҳлавон, дар масчоҳ Нусрат шӯриш бардоштаанд. Ин овозаҳо моро рӯҳбаланд карданду Анварпошо ҳукумати Русия нома навишта, талаб кард, ки давлатҳои исломии тозаистиқл Туркистонро ба расмият шиносад. Ва дар давоми ду ҳафта қисмҳои ҳарбиаш аз ин сарзамин барорад.

– Саросемагӣ кардааст,-Мансур бо таассуф сар ҷунбонд.

– Бале, ин талаб ба сараш бало оварда,-гуфт Низом - махдум.- Анварпош аз Бойсун ду маротиба ба Иброҳим одам монд, ки «ба ёрии ту ниёзманд Меомадӣ, русҳоро зада, ҷониби Бухоро ҳаракат мекардем.» Наомад. Ҳафт аз байн гузашту овоза паҳн шуд, ки русҳо қӯшуни чорҳазораи Абдуқодир Ғиждувониро, ки то таги девори Бухоро омада будааст, зада то кӯҳҳои Нура бурдаанд. Ин хабар Анварпошоро сахт безобита кард. «Аз афташ, қувваи илов русҳо расид! Мо ҳама корро аз даст додем!»- мегуфт. Аз байн чор рӯз гузашту хабарҳои бадтаре, ки касе ба гушаи хаёлаш ҳам намеовард, аз ҷониби худам омаданд. «Дастаҳои Иброҳим ба деҳаҳо даромада, барои лашкари ислом гуфта пулу гандуму колои мардумро ба зӯрӣ мегирифтаанд. Ин бедодиҳоро бешта

дар Кӯлобу Балҷувон, дар деҳаҳои тоҷикнишин мекардаанд». Анварпошо бо дастаи Давлатманд ва як қисм ҷангиёни Кӯлоб роҳи Балҷувонро пеш гирифт. Ман ҳам ҳамроҳ шудам. Дар Балҷувон даста-даста ба арзу додхоҳӣ назди Давлатманд омада мегуфтанд, ки гурӯҳҳои ба деҳа даромада хонаҳоро толон мекунанд, рамаю галаҳоро мебаранд ва мегӯянд, ки онҳо аз Лақай омадаанд. Баъзеҳо мегӯянд, ки ӯзбакони Кӯлобанд. Ҳамон шабу рӯзҳо гурезаҳои бисёре аз дастаҳои Эргаш қурбошӣ ва Абдуқодир омада, дар деҳу шаҳрҳои Бухорои шарқӣ паҳну парешон мегаштанд. Мегуфтанд, ки онҳо аз ҷафои болшевик гуреза шуда омадаанд.

Анварпошо ҳам дар Кӯлоб, ҳам дар Балҷувон мӯйсафедону раисонро ҷамъ карда гуфт, ки ин кори дастгоҳи хуфияи болшевикҳост. Онҳо байни қавмҳо оташи хусумат андохта, қувваи моро шикастаниянд. Бубинед, дузд молатонро мебараду мегӯяд, ки ман аз фалон ҷой омадам. Ин худ шоҳиди гуфтаҳои мост. Ӯ якчанд домуллои номиро ҷамъ карда, фармуд, ки рафта ба Иброҳим гӯед, ки мо бовар намекунем, ки аскари ту нисбат ба ҳамватанонашон чунин ҷафоро раво бинад. Ин кори ҷосусони болшевик аст, ки моро ба таҳрик меандозанд. Ту ҳам мисли мо пеши ин номаъқулиҳоро бигир! Домуллоҳо баргашта гуфтанд, ки агар эшонҳои атрофаш намешуданд, зиндонамон мекард. Мегӯяд, ки «он ҷадиди беришро (Анварпошоро дар назар дорад), ки «русҳоро занем, навбати Иброҳим мерасад»-гуфтааст, ман ҳамту наменомам. Аз Усмонхоҷа бадтар накунам, номам Иброҳим не!» Анварпошо сарони қавмҳоро ҳамроҳ гирифта, ҳарчанд тагу боло давиданд, ки пеши ин корро бигиранд, чизе аз дасташон наомад. Анварпошо ночор ба вазири дифоъи Афғонистон Нодирхон хат навишт: «Дӯсти гиромӣ! Суханамро ба замин намонда, панҷсад сарбоз ва се-чор пулемёт фиристед, то пеши роҳи Иброҳимро бигирем, ки байни ӯ ва Давлатманд ҷанг нашавад. Мо ба иллати нодонию аблаҳии Иброҳим ба русҳо ҷангро бой медиҳем».

Ҳамон рӯзҳо гурезаҳои аз Фарғонаю Самарқанд омада дар масҷиду маъракаҳо рӯирост Анварпошоро «ҷосуси рус, ҷосуси Англия будааст, ба Ленин ҷӯра будааст мехостааст, ки моро ғуломи русҳо кунад,»- гуфта ташвиқот мебурданд. Баъзеи онҳо наган доштанд. Он вақт мо ба суханони Анварпошо, ки инҳо одамони ОГПУ мебошанд, мегуфт, аҳамият намедодем. Медидем, ки онҳо ҳам мисли мо ришу салла доранд, панҷ вақт намозашон тарк нест, ба ин гапҳо бовар намекардем. Баъди гузаштани он рӯзҳову он воқаеҳо, ки шикастаю пора-пора шудем, касони номаълум рафиқонамро аз хонаҳояшон берун даъват карда корд заданд, пас дарк кардем, ки он гуфтаҳо айни ҳақиқат будаанд. Оташи душмании қавмҳои ӯзбеку тоҷик рӯз то рӯз бештар аланга мегирифту мо ба сарамон омадани фоҷеаро ҳис мекардем. Ва он зуд расид. Ӯзбекҳо ва як қисми лақайҳои Кӯлоб ҷониби Иброҳимро гирифтанд. Туркману лақайҳои атрофи Кӯлоб, ки торочу ҷафои дастаҳои Иброҳимро дида буданд, ба қӯшуни Давлатманд пайвастанд. Нӯҳ рӯз ҷангу кушокушӣ карданд, хонаҳои ҳамдигарро ғорат кардаю сӯзонданд. Ёрони Анварпошо ҳам ба ҷонибдории Давлатманд корнамоӣ карданд. Охируламр, қӯшуни Давлатманд тарафи Иброҳимро зӯр овард ва як қисм сарбозҳояш дар кӯҳҳо паноҳ бурданд. Иброҳимбек бо як даста ба Лақай гурехт. Акнун бар қасд тоҷикҳо хонаҳои ӯзбекҳоро месӯзонданд. Дар ҳамин

ҳин овоза шуд, ки русҳо бо қушуни маҳшар аз Бухоро баромада, сӯи Бойсун меоянд. Анварпошо ҳарчанд аз номи домоди Халифатӯл- муслимин ба раисону қозиҳои шаҳру деҳот нома навишт, ки ба ҷанги куффор ҳозир шаванд, дигар фоида накард. Ба касофатии ихтилофи қабилавӣ кор чунин шуд, ки ӯзбекҳо даста-даста ҷамъ омада, ҷониби Лақай, назди Иброҳим мерафтанд, тоҷикон сӯйи Балҷувон ба гирди Давлатманд ҷамъ меомаданд. Касе, ки хонаю дараш осеб дида буд, дигар ҳаваси ҷанг намекард. Бо кӯшишу илтимоси Анварпошо ҳудуди се ҳазор одам ҷамъ шуд. Охирҳои моҳи июн мо ба роҳ баромадем.

Ба деҳаи Андигони Кофарниҳон расидему Анварпошо ба Иброҳим, ки бо аскараш дар деҳаи Мавлоно истиқомат дошт, одам монда, гуфт: «Ба ваъдаи русҳо, ки гӯё туро беки Ҳисор ё амири Бухоро мемонанд, бовар накун. Дар лаҳзае, ки ватан дар хатар аст, кинаву адоватро як тараф мону ҳамроҳи мо шав. Вагарна инҳо моро мезананду пас ба сари ту метозанд!» Иброҳим боз ҳам, «Барам ба бари ҷадид расад, мебурам,» - гуфта, наомад. Мо ба Бойсун расидем, ки русҳо ҳам омаданд. Ҳамон ҷо фаҳмидем, ки нисфи қӯшуни русҳо аз Термез ҷониби Қабодиён рафтаасту ҳучумро аз ҳамон ҷо шурӯъ мекардаанд. Ва як киштӣ ҳам бо як баталон аскар ба роҳи дарё рафтааст. Онҳо роҳи дарёро зери назар гирифтаанд.

– Иброҳимбек ин қадар якрав будааст,- дар тааҷҷуб монд Мансур ва пурсид:- Дигар ба ҷанг наомад?

– Дар рӯзи севум омад. Аз амир хат гирифтааст, ки албатта ба Анварпошо ёрӣ диҳад. Омаду чандон дилгармӣ нишон надод.

– Ва шумо ҷангро бой додед?- Мансур ба чашмони мусоҳибаш нигарист.

– Бой додем, дигар чӣ кор мекардем, - Низом - махдум куртаашро пӯшида афзуд: - Рӯз бегоҳ шудааст, мехезем.

❁ ❁ ❁

Бригадаи Чернов наздики офтобнишин дуртар аз Бойсун, дар мавзее, ки Зароба мегуфтанд, барои шабгузаронӣ бор меканад. Обаке, ки аз домани кӯҳи ҷониби офтоббаро ҷорӣ шуда, қади сой меояд, аз канори бедҳои пир гузашта, ба дара мерезад. Дар ду тарафи сой дарахтони пада ва аҳён-аҳён чинорҳои сершохубарг қад афрохтаанд. Дар бештари заминҳои поёни бедҳо, ки дар ду тарафи сой тӯл кашидаанд, ҷав коридаю ҳосилашро ғун доштаанд. Алафи юнучқа гул карда вақти дараваш аст. Дере нагузашта, ротаи хизмати ақиб ҳам омада, ба куштани мол, ва пухту паз шурӯъ кард. Ҷойи шабгузаронӣ ба ҷанговарон писанд омад ва дарҳол гурӯҳ-гурӯҳ шуда, ба сӯҳбат ва қартабозию қиморбозӣ пардохтанд. Сергей Николаеви тамбовӣ бо Валерий Кузмини тошкандӣ аллакай бозӣ доранд. Баъдтар давраашон калон мешавад. Ин ду тан бозигарони тардастанд. Дар охир ду тан мондаю байнашон занозанӣ мешавад ва Михаил Черевиченкои киевию Ниёзи форобӣ ҷудошон мекунанд.. Ниёзов Ниёз (Ниёзи дароз ҳам мегӯянд) аз взводи Манучеҳр. Баъде ки ором мегиранд, Михаил кӯҳҳоро нишон дода аз Давлат мепурсад: «Номи ин кӯҳҳо чист?» Намедонӣ:

«Ин кӯҳҳоро қаторкӯҳҳои Зарафшон мегӯянд». Ва ба Манучеҳр рӯ меорад:- Вайронаҳои тахти Қубодро дар Қубодиён мегӯянд, намедонӣ? Чаро намедонӣ?

– Ман ҳамагӣ якуним соат мадраса хондаам, ту аз...

– Ист,ист! –Михаил сухани Манучеҳрро мебурад, -шумо барои он таърихатонро намедонед, ки ба гузаштаатон таваҷҷуҳ надоред, кӯшиши пеш рафтан намекунед.

– Ман намефаҳмам, ба пеш рафтан таърих чӣ дахл дорад,-мегӯяд Манучеҳр.

– Таърих матори пешравист,-мегӯяд Михаил ва ҳамдаврaҳо механданд.

Соли гузашта пас аз он ки як гурӯҳ калонсолҳоро аз хизмати артиш ҷавоб доданд, Манучеҳр Ниёзро овард. Гуфт, ки дар баталиони мардикори хизмат кардааст. Ба русӣ такалум мекунад. Чернов ӯро ба сифати харкори гирифт. Баъди як моҳ фармони ба взводи Маучеҳр гузаронданашро содир кард.

Черевиченко ҳар вақте ки Кузминро ҷудо кунад, мепурсад: Қарз чанд?.. Қабул: ба дафтарат навишта мон! Аз ман мегирӣ! Ҳарду ҷангара дар армияи подшоҳ хизмат мекардаанд. Кузмин бо афсаре ҷанг карда, як соли умрашро дар зиндони Саритсин гузарондааст. Баъд дар армияи 7-уми дар Қафқози шуравӣ мустақар буда хизмат кардааст. Аз он ҷо ба Уралск пас ба ин тараф партофтаанд.

Навомадаҳо бештар дар взводи сержант Григорев Максим мебошанд. Взводи ӯро се моҳ пеш аз Оренбург ба ин ҷо интиқол додаанд.

Аз сой он тараф як гурӯҳ тангаро нишона монда, мусобиқаи тирпаронӣ барпо кардаанд. Бештарашон аз ротаи Загорский.

Чернов лаби об қадам зада, ба хотираш меояд, ки ду сол пеш, ҳангоме ки аз ин ҷо гузашта ба ҷанги амири гуреза мерафтанд, зимистони туф куну ях кун буд. Аз ин кӯҳҳои сар ба фалак мудом шамоли сарду ҷонкоҳ мевазид. Ҷои хоби аскар масҷид буд. Масҷидҳо хунук буданд. Лекин хоҳӣ, хоначаҳои атрофашро ё як тарафашро канда алов мекунӣ, гарм мешавад. Ҳоло тобистони хомпаз аст. Ҳарҷо буни сангу болои санг хоб мекунӣ. Аз ҷанговарони пештара қариб нимаш намондааст. Қисме дар ҷанги босмачиҳо сар ба бод доданд, қисме ба сабаби калонсолӣ аз армия рафтанд. Баъзеҳо барои дуздӣ ё шӯрапуштӣ дар маҳбасҳо умр мегузаронанд. Баъзеҳо, ки қарсакзану шиорпарто буданд, одами калон шуда рафтанд. Фуражкаро ба шапка иваз карда, кори ҳизбро пеш мебаранд. Чернов аз байни онҳо бештар Дудкин Григорий ва Семёнов Димитрийро ба ёд овард. Ҳоло хурсанд аст, ки ҳангоме аз ҷанг баргашт, устухонҳои Дудкинро ба «гӯристони дӯстии халқҳо», ки дар Самарқанд ҷойгир аст, бурда дафн кард. Баъди ин кор аз қарз халос шудагӣ барин дилаш ором гирифт. Дар он гӯристон бештар русҳо хобанд. Аммо Семёновро дигар надид. Хабар омад, ки «контра» карда, парондаанд. Чернов дар назди рӯҳи ӯ худашро гунаҳгор ҳис мекунад. Сардори бригада шуда, командири ротаашро ҳифз карда натавонист.

Чернов аз байни хорҳои зорич, ки мевааш хӯшаи ангур барин овезон аст, гузашта, ба ҷои нисбатан баландие омад, ки он ҷо чанд чордевор ҳаст. Дар яке алаф гирифтаю дарашро бо шоху шипа бастаанд. Шояд замоне ин ҷо яйлоқ будааст. Боз каме роҳ рафту шаҳри Бойсун намудор шуд. Шаҳр дар байни кӯҳҳои баланд, дар дашти фарохе доман афрохтааст. Чун бегоҳирӯз аст, подаю бузгала ҷанги роҳро хезонда аз кӯҳ мефарояд. Ҷанг аз худашон пештар меояд. Овози

ҳой-ҳойи чӯпонҳо шунида мешавад. Аз роҳи канори шаҳр як гурӯҳ аспакихо меоянд. Якин чое тӯй рафта буданд. Дуд аз мӯриҳо хеста, болои шаҳрро чун докаи ҳарҷодарида пӯшондааст. Якуним сол пеш дар ин ҷо бо армияи амир Олимхон ҷанг кардаю ӯро шикаст дода буданд. Худаш гурехт. Агар он вакт дастгираш мекарданд, ҳоло ин оворагиҳо намешуд. Инак, бояд бо армияи Анвар-пошо ҷанг кунанд. Ба назараш намуд, ки шаҳр он шукӯҳу шаҳомати пешинаро надорад. Мисле ки маъюсу рӯҳафтода аст: аз пайраҳа поёнтар фуромада, дурбин монд ва андешид. Барои он шукӯҳ надорад, ки се сол шуд мудом ин ҷо ҷанг хунрезӣ аст. Ва акнун боз ҷанги калонтар оғоз меёбад. Комиссияи диктаторӣ омадааст. Комиссия бандро сахттар мекашад. Айби худашон, калавида ба ҳар тараф мераванд, ана натича. Ба хотираш суханони дар ситоди Бухоро гуфтаи Андреев Фёдор Матвеевич меоянд (ӯ ҳоло дар управленияи қувваҳои мусаллахи Русия кор мекунад). «Босмачиҳои Бухорои шаркӣ ҳоло байни худ сахт задухӯрд доранд. Он ҷо бачаҳои ОГПУ нағз кор кардаанд. Ба Душанбе, ки расидед, пушту пеши ин бозиро хуб дидаю санҷида, бо онҳо маслиҳат карда, амал кунед.» Чернов пас гашту аз дур дар пушти чордевориҳо се-чор нафар сарбозро дид. «Аз афташ, ин ҷо барои ҷанг омадаанд. Ду сарбоз, ки ба гӯшаи хилват рафт. донед, ки ҷанг мекунанд. Манучеҳр дар ҳамин ҷо. Бале, ба ҷанг омадаанд. Вай ҷангро нағз мебинад. Ҷангиев ва як сарбози ба наздикӣ ба дастааш ҳамрохшуда ҳам ҳаст. Пештар аз вай Загорский назди онҳо омад. Чернов ба пайраҳаи дуртар гузашта, ба як нигоҳ пай бурд, ки Ҷангиев шаллоқ хӯрдааст. Худро бехабар вонамуд карда, раҳравон Ҷангиевро наздаш хонд. «Лаби поёнаш кафида, рӯяш аз зарбаи мушт суп-сурх, ҷойе сиёҳ шудааст.»

– Ин ҷо чӣ кор мекунед? Лабат чаро хунолуд?-Чернов бо оҳанге пурсид, ки гӯё ҳайрон шудааст.

– Афтидам. Сабил монад, ин ҷо ҷӯйбор будааст.

«Намегӯяд! Ҳамроҳонаш ҳам нахоҳанд гуфт.» -Афтидӣ?-Чернов дигар чӣ гуфтанашро надонист. –Афтида бошӣ, духтур рав!- гуфт ва сир бой надод.

Дигарҳо ҳам омада ба ӯ ҳамроҳ мешаванд, Манучеҳр ошуфта аст. Як тарафи рӯйӣ вай ҳам сурх аст. Дар чашмонаш оташи никор шуъла мезанад.

– Аз взводи ту ҳам калонсолон рафтанд?-Пурсид Чернов оромона.

– Аз взводи мо ҳафт нафар рафтанд,- Манучеҳр рӯйи сурхшудаашро ба баҳонаи хоридан пинҳон медорад.

– Ин ҷо чӣ мекобед?

– Ҳамту, тамошо омадем.

«Хавосаш парешон. Кайҳо боз риш нагирифтааст. Ин он Манучеҳри шӯхтабиати пешина не, дамдузд шудааст. Ҷавон дарде дорад. Аз Муҳаммадшариф бояд пурсид, ё аз Загорский.»

Пас аз он ки хӯроки шом хӯрда, ҳамроҳи Муҳаммадшариф атрофро чарх заданд, ӯ гуфт:

– Ҷавон зан гирифту лекин аз зан мазза накард. Зан, ҳар гоҳе ки хоҳад, аз Когон ба поезд савор шуда, ба Бухоро ба хонаи падараш мерафтаасту ҳафтае намеомадааст. Аслан духтари нисбатдорро беҳуда гирифт. Фотиҳа мӯҳри Худост. Мӯҳри Худоро, ки шикастӣ, хор мешавӣ. Ва боз гуфт, ки нисбати духтарро

ки Беҳрӯз ном доштааст, дар дастаи Дониёр дидаанд. Дар Когон дар атрофи хонаи Манучеҳр як-як пайдо мешудааст.

– Ин гапҳоро аз худаш фаҳмидӣ?- ҳайрон шуд Чернов.

– Худаш ин гапҳоро намегӯяд,- Муҳаммадшариф нигоҳашро аз Чернов намеканад.- Чойхоначии даруни бозори Когон аз Бухорост. Ӯ қисса кард.

– Чойхоначӣ... Номаш Сӯҳроб?

– Бале, шумо ҳам аз вай бохабар будагистед. Ман аниқ намедонам. Лекин пай мебарам, ки хабарчин аст.

– Каму беш хабар дорам,-Чернов озмоишкорона ба рӯи ҷилавдораш нигарист.-Аслан вай ошнои Степанови сардори корхонаи роҳи оҳан аст. Ва пурсид:- Вай аз кучо медонад? Чаро ба ту нақл мекардааст?

– Он Сӯҳроб бо ман ҳам саломалек аст,-Муҳаммадшариф хандид.- Ӯ ба ман нақл кард, ки занаш рӯирост ба Манучеҳр гуфтааст, ки «Беҳрӯз мурд гуфта, маро фиреб додед. Мо ҳамдигарро нағз медидем. Агар аспсаворӣ метавонистам, ба муҷоҳидҳо пайваста, бар зиддатон ҷанг мекардам».

– Оҳо! Вай ин гапҳоро аз кучо медонистааст? - пурсид Чернов.

– Духтар ба модараш гуфтааст. Дигар ҳамаи маҳалла фаҳмидааст. Сӯҳроб аз ҳамон маҳалла-ку!

«Ана барои чӣ ҷавон маъюс будааст.» Зане, ки шавҳарро нағз набинад, мисли гови шохзан аст.

– Пас чаро он босмачиро намепаронад? - Чернов ситезманд шуд.

– Боре қариб худашро парондаанд.-Муҳаммадшариф лаҷомро кашида, гашти аспашро суст кард. -Чойхона медарояд, ки чойхоначӣ баробари чойро дароз кардан оҳиста «гурез, ки аз пасат одам аст!» - гуфта хабар додааст. Манучеҳр, кӣ буданашро пай бурда, чойникро болои кат монда, оҳиста худро аз девор партофта гурехтааст. Ду нафар аз пасаш то дари гарнизон таъқиб кардаанд... Тир ҳам парондаанд.

Чернов бо тааҷҷуб сар ҷунбонда, ғазаболуд шуда гуфт:

– Ҳоло гашта биёям, тамоми милисаро ба по хезонда, он босмачиро бо элу авлодаш ба зиндон мепартоям!

Муҳаммадшариф аз Чернов ҷудо шуду барои алафи асп, ба замини юнучқазори дар поёни дарахтҳо буда фаромад. Дуртар аз заминҳо мазорест: як хонача ва ҳавлии назарногир дорад. Дар атроф қабрҳои куҳнаи болоҳояшон ба санги тоба пӯшонда намудоранд. Болои баъзе қабрҳо яла шудаанд. Дар боми мазор ду ходаи дарози панҷ-шаш метра наб карда шудааст. Дар нӯгҳояшон латта бастаанд. Латтаи яке кушода шуда дар шамол байрақ барин ҷавлон мезанад. Дар паси латта думи гов бошад ё қутос низ баста шудааст. Муҳаммадшариф ҷониби мазор фотиҳа гирифт ва фикр кард, ки ин ходаҳоро туғ меноманд. Туғ чӣ маъно дошта бошад? Шояд ишораи «ин ҷо гур доштан»-ро дорад. Латтаю мӯйро (дар баъзе ҷо зангула ҳам мебанданд) яқин мазорбонҳо баҳри воҳима ва хотири роҳгузаронро ҷалб кардан мебанданд?

Муҳаммадшариф як банд алаф даравида баргашту дар болои боми мазор Кузмини тошкандиро бо сарбози калтае дид. Кузмин табар дар даст ҳарду туғро

пора кардаасту дар тарадуди ба пушти ҳамроҳаш бор кардан аст. Як латтаи дар нуги туғ баста ба чӯбаш дар гӯшае партофта.

– Кузмин, чи зарурат дошт, ки туғҳоро буридӣ? – Муҳаммадшариф бандро ба замин монд.

Чихир(чойи талх) чушонам гӯям ҳезум нест. Дидам, ки ин ходаҳо аловибоб буридам.

– Медонӣ, ки ба мазор расидан убол аст?

– Аз Алмаато ин тараф чандторо буридам уболиашро надидам.

Муҳаммадшариф беҳуда будани баҳсро пай бурда алафро бардошта гуфт:

– Кузмин, аз хотират набарор, баъзе мазор бардошт мебошад, баъзе ё гарданата мешиканад ё ба балое гирифторат мекунад. Ӯ ба роҳ даромаду ғур-ғури Кузминро ғшунид: «Чернов ба кадом ақл ҳаминро чилавдор гирифтааст?»

Бригада рӯзи дигар вақти офтоббаро ба гарнизони Бойсун даромад. Чавонони ОГПУ «аз пушту пеши бозӣ» Черновро огоҳ карданд: «Дар Балчувон ду ҳафта пеш байни ӯзбекону тоҷикон чанги сахт шудааст. Баъди он мардум дилмондаву ба дарди худ овора. Ҳамроҳи Анварпошо ҳамагӣ се ҳазор аскар омадааст.»

Чернов медонад, ки пеши онҳо се ҳазору чор ҳазор аскари босмачӣ, ки силоҳи замонавӣ надоранд, муқовимат кардан наметавонанд. Ва чунин ҳам шуд. Анварпошо дар ду рӯзи чанг аз панч як қисми армияро бой дода, ақиб гашт. «Наполеони асри бист», ки се моҳ пеш ба Русия таҳдид карда «қӯшунатро дар муддати понздаҳ рӯз барор!» гуфта буд, ҳоло саркану покан мегурехт. Дар даромади Қаратоғ қӯшунашро чамъ карда, худаш пеш-пеш шуда, ба чанг даромад. Яқин аз ақибнишинӣ шарм кардаю мехост пеши армияи сурхро гирад, ки нашуд. Ва боз ҳам ҳамон ҳолати ду сол пеш рӯй дода такрор шуд. Аз Душанбе бештари дастаҳо, чунон ки аз ҳамроҳӣ ба амир Олимхон ноумед шуда рафта буданд, ҳамчунон Анварпошоро тарк карданд.

Чернов дар Душанбе фаҳмид, ки гурӯҳи Бондаренко дастаҳои дар Қубодиёну Кӯлоб будаи Анварпошоро торумор карда, сӯйи Қурғонтеппа равон шудааст. Ва ҳамин ҳафта бо ёрии аэропланҳо ба Қурғонтеппа, ки қӯшуни ақибнишастаи Анварпошо он чо чамъ омадааст, ҳучум мекардаанд. Чернов бо роҳи Файзобод ба Қурғонтеппа омад. Чосусҳо (коммунистҳои тасбеҳ бадасту челакпӯш хабар оварданд, ки Анварпошо бо дастаи Давлатманд ба Балчувон рафта, он чо батаъчил қувва чамъ мекунад.

Чернов дар Қурғонтеппа бо Бондаренко маслиҳат карданд, ки вай аз роҳи Кӯлоб, бригадаи ӯ бо роҳи Сангтӯда рафта, босмачиҳои Сангтӯдаву Балчувонро зада кори Анварро ба поён мерасонанд..

Чернов барои он ки ба Анварпошо вақти сарбозчамъкунӣ надиҳад, пагоҳ ба Сангтӯда омада, босмачиҳоро аз он чо ронда, пас ба домани кӯҳҳои Сарсара чониби Балчувон роҳ гирифт. Азбаски дирӯз дастаи босмачиҳо ба ротаи хизмат ақибгоҳ ҳучум карда, се нафарро кушта, се нафар захми карда чанд гову як рам молашонро (як қисми буз бештар гусфанд) рабуда буданд, ба ротаи Загорски фармон дод, ки баъд аз ду-се соат роҳ рафтани ротаи хизмати ақибгоҳ ба ро мебароянд. Наздики чоштгоҳи калон равона шуданд. Пас аз он ки замину боғҳо

канори деҳаро гузаштанд, тепаву сойҳои алафашон зардшуда шурӯъ шуданд. Ҳаво аллакай гарм шуда буд. Аспҳо дар замини сахт яка-яка қадам монда бо дили нохоҳам роҳ мерафтанд. Сағриҳояшон дар офтоб йилтирос мезад. То Балҷувон якрӯза роҳ аст. Ба ёди Чернов омад. ки порсол ҳамин шабу рӯз барои фатҳи Қалъаи Ҳисор ба полкашон Байрақи Сурхи инқилоб тақдим кардаю номи «полки Ҳисорӣ» дода буданд. Хизматҳои худашро ҳам қадр карданд. Аз ҷониби ҳукумати Русия Ордени Байрақи Сурх, аз ҷониби ҳукумати Бухоро, «Ордени дараҷаи аввали Республикаи Бухоро» дода буданд. Аз полкашон сию ду нафар соҳиби ордену медал шуданд. Аз пешниҳодшудаҳо фақат Семёнов нагузашт. Сарбози содиқ буд, аммо қасдан қадраш накарданд... Дар ин нӯҳ моҳе, ки дар Бухорои шарқӣ меҷангиданд, дивизияи савора корҳои намоён кард. Аз Бойсун то Қӯрғонтеппа, он тараф водии Ғармро тасарруф кардаю давлати Шӯро сохтанд. Танҳо Бачувону Дарвоз монд. Андаке ёрӣ мешуд, то охири сол онҳоро ҳам задаю шикаста дар тамоми хоки Бухорои шарқӣ давлати Советиро барқарор кардан мумкин буд. Имсол овора намешудем. Лекин дар боло чӣ фикр карданд, ки моҳи сентябр сардори ҷабҳаи Туркистон фармони аз Бухорои шарқӣ баровардани дивизияро содир кард. Баъзеҳо мегуфтанд, ки шартномаи миёни ҳукумати Бухоро ва ҷабҳаи Туркистон ба охир расидааст. Баъзеҳо мегуфтанд, ки сардорони ҷабҳа бар қасди раҳбарони ҳукумати Бухоро ин корро кардаанд. Мегуфтаанд, ки «ку бинем, бе мо ҳукумат карда метавонанд?» Байнашон ихтилоф будааст. Чизе буду набуд, он фармон хатои маҳз буд. Бо димоғсӯзию носозии ду-се нафар халқ азоби дӯзаха дид. Ҳанӯз дивизия набаромада босмачиҳо ба сари халқ чун галаи гургон тоз оварданд. Бойҳо замину хонаву дари аз сӯи болшевикҳо ба камбағалҳо тақсимшударо гардонда гирифтаю худашонро зери шиканҷа қарор доданд. Онҳоро кофир эълон карданд. Муллоҳояшон фатво додаанд, ки ҳақ доред занҳояшонро гиред. Пеши роҳи муҷоҳидин кушода буд. Муҷоҳидин деҳа ба деҳа гашта «кофир» мекофтанд. Дар роҳҳо чанги пойи аспашон кам намешуд. Садои нолаи ҷонсӯзи ҳаводорони инқилоби Рус шаҳру деҳро пур кард. Аммо Рус рафта буд. Касе ба фарёди онҳо намерасид.

Ҳангоме ки бригада ба Ҳисор даромада буд Муҳаммадшариф тарафи бегоҳ аз Чернов пурсид:

– Соҳибназарро дар хотир доред? Дар Обигарм роҳбаладӣ мекард.

– Ҳамон кӯҳтанро? Ӯро фаромӯш карда мешавад? Чӣ қадар ба мо ёрию меҳрубониҳо карда буд.

– Ҷиянаш омадааст, мехоҳад шуморо бинад.

– Ҷиян бо ду чашми хунбор хабар дод, ки пас аз он ки шумоён рафтед, босмачиҳо моро ба балоҳо гирифтор карданд. Муллоҳою босмачиҳо Соҳибназарро тарафи кофирро гирифтӣ, роҳбаладӣ кардӣ гуфта, фатвои қатл доданд. Мардум ҷамъ шуда мардака сангу чӯб задаю кашон-кашон байни бозор бурданд. Бо дастҳо рӯяшро мепӯшонд, дастҳоро мезаданд. Он ҷо чӯби дор дуруст карданд. Пеш аз он ки ба дор кашанд, «ситораи Рус ба ҷонат баробар буд!» гуфта дар пешонааш бо корд ситора кашиданд. «Замин мехостӣ? Мана, замин!» гуфта даҳонашро пури хок карданд. «Об мехостӣ?! Мана ба ту об!» гуфта тани бараҳна ба ҳавзи хунук партофтанд. Пас марди нимҷонро аз ҳавз бароварда ба

дор кашиданд. Барои чашми мардумро тарсондан касе дар кори ҳукумат бу
аз ҷумла муаллимҳои ба дасташон афтидаро ба дор кашиданд.

Ба деҳқононе, ки замин дода будед, ҳам он заминро гирифтанд, ҳам го
моле доштанд гирифтаю азобшон доданд.

Аз Ҳисор то Душанбе омаданашон чандин нафару гурӯҳҳо ин гуна хабарҳо
оварданд. Ва ҳама мехостанд, ки аввал ба деҳаи онҳо раванд. Ҷазои душ
нони онҳоро диҳанд. Бале, он бойу муллоҳо ба халқи худ ҷафоҳо карданд
Худованд барояшон соати интиқомро расонд. Ҳоло комиссияи диктаторӣ
паси армия ба шаҳру деҳот даромада касе ки ба кори инқилоб душманӣ кар
бошад, ҷавоби амалашро медод. Фарқи камиссия аз муллоҳо дар он бу
гунаҳгорро дар байни бозор ба дор намекашиданд, ё сангсор намекарданд, ба
молу чизашро мусодира карда, худашро зиндон ё бадарға мекарданд. Ак
дигар на бой мемонаду на мулло. Ҳама баробар пролетар мешаванд. Ар
сохта меҳнати коллективона мекунанд. Дар таълимоти пешвоҳои инқилоб
чунин роҳи халосӣ аз буржуазия будааст.

Роҳ боз ба байни заминҳои ҳосилхез даромада мерафт. Аз паҳлӯи ро
бори обаш равон мегузарад. Баъзе заминҳоро зироаташон даравидаву б
ҷойҳо даст назадааст. Дар заминҳои баландтар ғарамҳои гандум намоён.
атрофашон чорво ҷамъ шудаю бандҳоро кашида мехӯранд.

Ҳоло ёфтани гандум мушкил шудааст. Лекин барои аспҳо дар ҳама
қадар хоҳед, алаф ҳаст. Соли гузашта, ҳангоме ки аз ин ҷо убур мекар
дар домани ин теппаҳо чанд деҳаи ободу сарсабз буд. Аз баъзе хонаҳ
девор мондааст, мардум ба ҳар тараф парешон шуда рафтаанд. Бисёрҳ
он тарафи дарё гузаштанд.

Аз рӯи хабари ОГПУ ҳоло одами машҳур на Анварпошо, балки Иброҳи
ғозӣ будааст. Гӯё тири тӯпи русҳо ба танаш коргар набудааст. Аз ча
муборакашон намегузаштааст. Чунки ҳимоятгари дини мубини ислом.
диҳандаи кори васию набӣ будааст. Ин мардум ин қадар соддаву нодо
Муҳаммадшарифро ҳар вақт алам зиёд шавад, як шеъри хуб мехонад: «Зи
бинолад дили санги кӯҳ».

Шояд дирӯз яке аз дастаҳои Иброҳим ба ротаи хизмати ақиб ҳуҷум
буд? Агар онҳо бошанд, ба мо мушкил мешавад. Онҳо аз панҷсаду ҳаш
намегарданд. Фақат посбонҳои Иброҳим дусад нафар будаанд.

Соли гузашта ду маротиба ба Иброҳим рӯбарӯ ҷанг карданд.

Моҳи май дар Душанбе бо иштироки намояндаҳои ҳамаи қавму ка
маҷлис баргузор карданд. Ба гуфти худашон, қурултой сохтанд. Аз Лакай
яндагони қавмҳои бадракшӣ, марка, исанхоҷа ҳам иштирок доштанд. Ма
асосӣ супурдани силоҳ буд. Дар маҷлис Файзуллоҳ Хоҷа ҳам иштирок кар
суханаш боиси баҳс шуд. Гуфт, ки минбаъд мо набояд ба қонуни шариат
ба қонуни инқилоб зиндагӣ кунем. Бисёриҳо норозигӣ карданд. Аз ҳар
«Қонуни шумо қонуни кофир, қонуни шайтон» гуфта, ғулғула бардоштан
аз ҷамъомад Файзуллоҳ Хоҷаю комиссари дивизия Ершов Николай Харит
бо ҳам тез шуданд. Ершов гуфт, ки рафиқ раиси нозирот, ин суханатон

роҳи пешгирифтаи партия аст. Мо мухолифинро дилёбӣ кардаю ба сулҳ даъват мекунем, шумо озор медиҳаду мерамонед. Шояд қасдан ин корро мекунед?

Файзуллоҳ ҳам паст наомада гуфт, ки ман ҳар кореро бо розигии сардори ҷабҳа мекунам, на бо розигии ҳар яки шумоён.

– Мо дар ду тарафи сангар қарор дорем,-гуфт Ершов.-Шумо дар сангари ашроф мебошед, ман дар ҷабҳаи камбағалҳо.

Ин сухан барои Файзуллоҳ Хоҷа таъна буд. Ӯро дар ғаибаш аксар «ин миллионер ба мо нест» гуфта таъна мекарданд.

– Бештари инқилобчиёни Масква ҳам аҳли ашрофанд,- захрханда кард Файзуллоҳ ва аз паи кораш шуд.

Иброҳимбек аз баргузории маҷлис огоҳ шуда хашмӣ гаштааст. Гуфтааст, ки ин чӣ аҳмақист, ки амир Олим маро ба ҷояш амир гузоштаасту бе розигии ман маҷлис меоростаанд?! Армияи панҷҳазораро мефармояд, ки ҳар кучо раису ревкому тарафдори бошевик ҳаст, сар буранд. Дар роҳҳо аскари сурхро бинад, зинда намонад! Мисли дарёи хурӯшон ҳамаро вайрон кунад.

Чернов низ ба равиши Иброҳим кор гирифт. Се полкро ба взводу ротаҳо тақсим карда, дар деҳаҳои калон ҷой кард. Ба ҷанговарон супориш дод, ки ба корҳои деҳқонон аз қабили хонасозӣ, алафдаравӣ, хирманкубӣ ва ғайра ёрӣ расонанд, то ки бинанд мо ҳам мисли онҳоем. Гуед, ки овозаҳои гӯё тоҷикҳою лақайҳоро бурда дар бозорҳои Росия мефурӯхтаанд, дурӯғи маҳз аст. Аз одамҳои дилпур ҷои буду боши босмачиҳоро дониста гиред. Дере нагузашта сарбозе аз ротаи Давлат хабар овард. Ду нафар дар ҳавлие ба таъмири хона ёрӣ медодаанд, ки додари соҳибхона аз деҳаи Ишқобод омада хабар мерасонад, ки Иброҳимбек бо ду ҳазор аскараш имшабро дар он деҳа мегузарондааст. Чернов ба полк фармони тайёрӣ дод. Аз он ҷой то деҳи Ишқобод шаш километр роҳ аст. Роҳбалад Асадулло аз қавми бадрақлӣ. Ӯ гуфт, ки бояд садое набароварда наздик равем, вагарна Иброҳимро аз даст медиҳем. Аз хонаҳо намад ҷамъ карда пора-пора бурида ба суми аспҳо баста, ними шаб ба роҳ баромаданд. Ҳавои шаби моҳи май нарм буд. Дар осмон ситораҳо ба ҳам зич мехчакӯб карда шудаанд. Аз афташ, аспҳо ҳам хатарнок будани сафарро пай бурданд, ки ба эҳтиёт қадам мемонданд. Ба деҳа наздик омада аз чор тараф онро печонданд. Субҳ рӯшанӣ карду сафедору чинорҳо ва хонаҳои гилини деҳа намудор шуданд. Дар баъзе хонаҳо чароғ гиронданд. Ин дам дар роҳҳо, ҳавлиҳо, аспҳои бастаро диданд. Баъзе саворахоро дар болои зин хобашон бурда буд. Онҳо хеле бисёр менамуданд! Ба дили Чернов тарс муставлӣ шуд. Андешид, ки дар баробари мардуми деҳа ва ин қадар савор онҳо коре карда наметавонанд. Аз он ки атрофии деҳаро печонданд, дар тангие роҳашонро мегирифтанд, хуб буд. Дере нагузашта ҳаво рӯшантар шуд. Аввал сагҳо хатарро ҳис карда ғавғо бардоштанд. Саворахо безобита шуданду пулемиётҳо ба кор даромаданд ва ҳамон замон аз болои дару девор ва дохили боғҳо гурехтани босмачиҳоро диданд. Ҷанговарон аз ҳама тараф ба садои «Урра!» вориди деҳа шуданд. Садои суми асп, садои дашном, ҷое гиряи талхи занону кудакон шунида мешуд. Ҳашт-даҳ дақиқа гузашта буд, ки кӯчаҳои танги деҳа пури асир шуд. Дусад нафарро асир гирифтанд.

Бори дигар, охири моҳи июн, ҳаво монанди имрӯз гарм буд. Дар бароми Янгибозор як дастаи калони Иброҳимбек аз пешашон баромад. Пештар ҳанго аз деҳа гузаштанашон мардуми ҷамъомада шикоят карданд, ки ҳар рӯз дастаи нав ба нави Иброҳим омада аҳолиро метарсонанд. Хабар меоранд, ки рӯ омада касеро, ки салла дорад, мепаронанд. Намозхонҳоро ҳам мепаронда Занҳоро дасти зӯрӣ мекунанд. Барои он ки онҳо бар зидди русҳо мечанг пулу мол талаб мекунанд. Касе зиддият кунад, ӯро байни бозор бурда то м данаш мезананд. Дар хонаҳо чизи хӯрданӣ намондааст, кӯдакҳо аз гурус мемиранд. Дар ин ҷойҳо зиндагӣ кардан мушкил шудааст.

Он шабу рӯз дар ҳақиқат мардум азоби сахт доштанд. Гуруснагӣ, та мардумро тарсонда буд.

Гардиши Янгибозорро гузашта буданд, ки аз зери дарахтони дӯл олуҳои худрӯй, дастае хеста ба садои «Ала! Ала!» бо шамшеру калтакҳо ба рашон фурӯ рехт. Ҳуҷум, ки ногаҳон сурат гирифта буд, дар лаҳзаи аввал ҷангиҳои моро зада афтонданд. Дере нагузашта аз сойи тарафи рост да калонтаре наздик шуд. Аммо пулемиётчиҳои мо онҳоро қир карданд, на шудан намонданд. Мо дастаро ба ақиб, ба ҷои тангии сой рондем, ки тохт карда натавонанд. Баъд дар паси сангҳо мавқеъ гирифтаю пулемиётҳоро ба даровардан. Дар авҷи ҷанг Амони калта «Иброҳимро бинед!» гуфта овоз Чернов ба самти нишондоди ӯ нигариста Иброҳимро дид, ки дар паси шахе рос истодааст. Ду-се қадам поёнтар си-чил нафар саворон атрофаш кардаанд. Яки ҷилавдоронашанд. Ҳар дам ба ишораи Иброҳим ду-се нафар ҷудо шуда, назд ҷангиёнаш омада, онҳоро ба зери тири пулемиёт мефиристоданд. Чернов фикр кард, ки «ана барои чи ба ин «ғозӣ» тир намерасидааст. Камандирҳои аскари сурх дар пеши қӯшун истода мечанганд».

Чернов фармуд, ки пулемиётро пештар оварда ҷониби Иброҳим гардонанд. Он ҷо чанд аспу одамон калапо шуданд. Чернов фармони «ба аспҳо савор шавед!»ро доду ба ҳуҷум гузаштанд. Ҳангоме ки ба ҷойи Иброҳим истода баромаданд, диданд, ки ҳафт асп афтодаю се нафар маҷрӯҳ хобидаанд. Яке аз онҳо, ки аз по тир хӯрда буд, ба сар ишора кард, ки Иброҳим ҷониби кӯҳ гурехт.

Ба роҳ ки баромадан Загарский хандида гуфт: - Иброҳим медидааст, ки қӯшунаш ғалаба кардааст, ба онҳо ҳамроҳ шудаю ҳатто пеш гузашта «зан! сахт зан!» гуфта ба тавраш ҳадаҳа мекардааст. Асирҳо ин нақаро кардаанд.

Ҳамон вақт Чернов пай бурда буд, ки агар бад-ин тавр ба қавли худашон шабехун задаю кӯҳ ба кӯҳ гурехта гарданд, вақти бисёр мегузарад. Ва чунин ҳам шуд. Аз он вақт қариб як сол гузашт. Ҳоло лашкараш ба панҷ ҳазор расидааст.

Дараи тангеро убур мекунанд. Қиёми рӯз аст, нури офтоб чун сиҳҳои сӯзон ба сару тан фурӯ меравад. Сангҳои дашт, шояд аз таъсири офтоб бошад, ҳама қатрони сиёҳанд. Аз сангҳо, аз замин, аз гиёҳҳои пажмурда гармсел мехезад. Аз ҳаво бӯи чанг, бӯи арақи асп меояд. Дар чунин шароит бештар аспҳо азоб мекашанд. Безабонҳо шип-шилта арақ кардаанд. Аз байни пойҳо аз пештанаашон панҷа-панҷа кафк ба замин мерезад. Узангуҳо чунон тафсонанд, ки даст расонда намешавад. Чернов фикр кард, ки баъд аз нисфирӯзӣ ба роҳ мебаромаданд, хуб будааст. Вале зуд аз фикраш гашт. Мабодо душман пешдастӣ

кунад? Чашмаш ба Кузмини тошкандӣ афтод, ки ҳамроҳи гурӯҳи қартабозҳояш куртаҳояшонро кашидаю танашонро луч кардаанд. Ниёзи дароз ҳам дар рикоби онҳост. Аспҳояшонро тозиёна мезананд. Вале аспҳо тан намедиҳанд, гӯш намечунбонанд. Ақибтар аз онҳо Манучеҳр бо Амони калта ҳамриқобанду гуфтаю хандида равонанд. Онҳо ҳам куртаҳоро кашидаанд. Ачиб феъле доранд онҳо. Гоҳе ҷанҷол кардаю ҳамдигарро чунон дашномҳо медиҳанд, ки, ба қавли худашон гӯшат қуфл мезанад. Лаҳзае мегузараду гӯё байнашон чизе нашуда бошад, мегӯянду механданд. Чернов пас гашта дид, ки баъзеҳо дар болои зин худро партофта ғанабашон бурдааст. Муҳаммадшариф низ пинак меравад. Чернов, то ки аз ӯ гап гирад, аспашро ба ӯ наздик кард:

– Мебинам, ки Манучеҳр хеле лоғар шудааст.

Муҳаммадшариф ба маънои тасдиқ сар ҷунбонд, вале ҳавсалаи суҳбат накард.

– Вақти хобатро ёфтӣ,- Чернов бо қамчин оҳиста ба сағрии аспаш зад.

Муҳаммадшариф озмоишкорона ба Чернов зеҳн монд ва хамёза кашида гуфт:

– Александр-ака, ин дашти дарозро бо хоб кӯтаҳ накунӣ, маззаат меравад. –Ӯ лаҷоми аспро кашиду бо оҳанги маломат афзуд:

– Албатта, лоғар мешавад, як сол аст, ки кори ин сержант омад намекунад.

– Омад накарданашро дар чӣ мебинӣ? Дар масъалаи зан бошад, сар диҳаду дигарашро гирад. Ҳоло дар Бухоро чӣ бисёр- зан.

– Мард зане мегирад, ки дилаш об хӯрад,- Муҳаммадшариф лаҷоми аспашро кашид. –Манучеҳр соли гузашта дар ҷанги Рашт аз дасташ тир хӯрда, қариб ду моҳ дар беморхона хобид. Дар хонааш рӯзи хуш надорад, мудом бо зан ҷанҷол, бо рафиқон низ муносибаташ хуб нест. Дар даромади Бойсун, дар Зароба бо Ҷангиев занозанӣ карданд. Бо Чилла ҳам барои қамчин шуда қариб кордзанӣ мекарданд. Ба Душанбе омадему бо Ҷангиев боз дасту гиребон шуд.

– Барои чӣ? Магар мерос тақсим мекарданд?

– Як масъалаи ачиб.-Муҳаммадшариф дилгирона даст афшонд. -Ман ба шумо мегӯям, лекин гап байни худамон монад. - Манучеҳр дар хӯрҷинаш чил тангаи тилло ва қадре пул доштааст. Ҳангоми дар Зароба буданамон гӯё Ҷангиев онҳоро дуздидааст.

– Ачиб!-Чернов ҳайрон шуд.-Ҷангиев ҳамин гуна феъл ҳам дорад?

– Ҷангиев мегӯяд, ки хӯрҷинаш дар болои хурҷинам буд, гирифта яктараф монда, дароз кашидам. Занталоқ қасам хӯрд, ки на тиллояшро дидаасту на пулашро. Вақте ки бори дувум ҷанг мекунанд, кордро дар гулӯи Ҷангиев монда гуфтааст, биллоҳиазим «тиллоро надиҳӣ, саратро мебурам!» Ҷангиеви бечора маргро рӯбарӯ дида, «ёфта медиҳам» гуфта, халос хӯрдааст. Аз кадоме даҳ тилло харида додаасту ҳоло боқиаш надода. Пул ҷамъ карда боқимондаашро ҳам мехаридааст.

– Нагирифта бошад, надиҳад.

– Аз вай чашмам метарсад. Кушад ҳам, ачаб не.

– Одамро шинохтан мушкил.

– Ӯро кордории занаш аз доираи одамгарӣ бароварда.

Чернов нигоҳашро аз рӯи Муҳаммадшариф наканда пурсид:

– Ба Ниёз муносибаташ чи гуна аст?

– Ба Ниёз ҳарду ҷӯраи ҷони, дар як тешуки шоша мекунанд-Муҳаммадшариф хандид ва афзуд:- Галае ё рамае ки аз пеш барояд ҳай-ҳай накунӣ нимаша зада мегирад. Дар баталиони мардикори хизмат кардааст.

– Медонам ҳангоми ба кор омаданаш гуфта буд, ва гуфт, ки он ҷо бо болшевикҳо шинос шудааст.

– Рост мегӯяд, душмани ашадии бойҳо шуда омадааст. Росту дурӯғи онҳоро шунида бовар кардааст. Ба деҳае ки даромадем, пурсучӯ карда ба хонаи бойҳо меравад.

– Рафта чӣ кор мекунад? Сахт карда гӯй, ки минбаъд чунин номаъқулиро накунад.-Чернов ситезманд шуд.

– Ба гуфти худаш молу чизи он муфтхӯронро рӯйхат кардаю ба камбағалҳо тақсим мекардааст,-гуфт Муҳаммадшариф ва ба рӯи Чернов синчакорона нигариста афзуд:-Дар ин тарафҳо бой ҳам намондааст. Ҳама ба он тарафи об гузаштаанд.

– Чернов чеҳрааш гирифта шуду гап назад.

Онҳо сойчаро гузашта ба паҳное ворид шуданду сарбозе садо баланд кард:- Ин ҷойро дашти Маҳтобӣ мегӯянд.

Ин ҷо аз домани кӯҳ харраҳа мегузарад. Дар бағали кӯҳ ягон –ягон хори ангату дӯлонаи хордор дида мешавад, ки аз гармо ва чанги роҳ сиёҳранг менамоянд. Поёни роҳ дашт асту то ҷарӣ сесад –чорсад қадам масофа аст. Дар поин дарёи тезоби Сурхоб ҷорист. Дар байни дашт ҳар ҷо-ҳар ҷо сойчаҳои хурду калон ва гиёҳҳои пастаки хушкшуда намудоранд. Дар пеш теппаи начандон баланде ҳаст, ки роҳ ба ҳамон баромада, боз поён меравад.

– Теппаро ки гузаштем, фармо, ки бачаҳо либосашонро пӯшанд, -гуфт Чернов ҷониби Загорский. Ва мушоҳида кард, ки Загорскйиро дар болои асп ғанаб бурдааст. Бепарвоии ҳамраҳонаш Черновро хавотир кард. «Мабодо дар атроф дастаҳои босмачӣ бошанду ба сарашон тозанд.»

–Ҳама куртаашро пӯшад! –Бо шиддат фармон дод ӯ. –Низомномаи роҳгардиро фаромӯш кардед?!

– Дар ин дӯзахкада курта пӯшида мешавад? -Наздик будаҳо ғур-ғур кардаву худро ба тартиб даровардand..

Даштро хато карда, ними даста баландии рӯбарӯро убур кард, ногоҳ назари Чернов ба аспи Манучеҳр афтод, ки дар баландӣ зӯъм карда истодаасту пеш намеравад. Пас аз он ки Амон аз ақиб шиддат кард, асп гӯё тарсида бошад, дилубедил қадам бардошт. Чернов дар замираш Манучеҳрро накӯҳиш кард: «Туро на фақат зани хуб, балки аспи хуб ҳам насиб накарда будааст. Дар рӯйи ин аспи ҷиннӣ маҳ дидӣ? Чӣ қадар аспҳои хуб аз дастат гузаштанд...» Ин дам дид, ки сержант Григорев дар тори баландӣ истода, онҳоро саросема карда фарёд дорад: «Зудтар биёед! Зуд! Ин ҷо босмачиҳо!»

Ҳама аспҳоро тозиёна зада, ба баландӣ баромаданд. Аспи Чернов дар роҳи танг, ки аз ду тараф сангҳои калон дорад, қадам тез кардаю сипас лука гирифт. Ба гӯши Чернов овози тирпаронӣ расид. Дар поини теппа ва пасттар аз роҳ ҳаштнӯҳ хонаи сангин намудоранд. Поёнтар аз хонаҳо ҷангалакест, ки чанд дарахти

баланд ва сершох дорад. Баъзеашон аз нисф боло кайҳо хушк шудаанд. Баъзе шохаҳо афтидаанду дар гӯшае онҳоро ҷамъ кардаанд. Баландтар аз дарахтҳо чашма аст. Обаш ба болои себаргаҳо шорида меравад. Яқин мазорҷой аст. Барои ҳамин шохаҳои хушкшударо касе дилу гурдаи буридану бурдан намекунад. Аллакай дар атрофи хонаҳо сарбозон бо босмачиҳо задухӯрд доранд. Чернов баландиро фуромада, тахмин кард, ки теъдоди душман ҳафтод-ҳаштод нафар аст. Дар сар рӯймол бастаанд. Баъзе либоси милиса доранд. Ин дастаи Донёр аст! Соли гузашта онҳо дар ағбаи Фахробод ду маротиба ҳамин тавр ногаҳон аз пеши роҳи ротаи Давлат баромада, хеле сарбозҳоро куштаю захмӣ карда буданд. Акнун онҳоро дунбол карда, пеши роҳашонро гирифтаанд. Маълум мешавад, ки дирӯз ҳаминҳо ба ротаи хизмати ақиб дарафтода, молҳояшонро рабудаанд. Аспи Чернов ҷониби чашма давид, ки лаҷомашро кашидаю ба сараш сахт тозиёна зада гардонд. «Вақти обнӯшита ёфтӣ!»

Ҳоло ҷанг поинтар аз хонаҳо дар қутанҷо идома дорад. Сарбозон бо ғазаб ва нотарсии фавқулъода ба душман дарафтодаанд. Ҳатто аспҳояшон, ки дар ҳавои гарм бемадор менамуданд, ҳоло чолоканд. Ӯ аз бари хонаҳо гузашта, аспи Манучеҳрро дид, ки бесоҳиб, лаҷомаш овезон лукка зада мегурезад. Аз афташ Манучеҳрро зада афтондаанд. Кошки сиҳат бошад. Дар даромади қутан мурдаи Николаев Сергей ва сержант Максим Григорев хобанд. Максим қариб як сол шудааст, ки взводи Загорскийро қабул кардаю бо онҳо унс гирифтаю аз кораш хурсанд буд... Ҳардуро тир задаанд. Онсӯтар Михаил Черевиченко ба харсанге такя карда, бо дастонаш синаи хунфишонашро доштааст. Дар нигоҳаш озору ҳасрати бепоён аён аст. Аз байни панҷаҳояш хун чашма барин ҷӯшида мерезад. Вай ҳафтае пеш аз Киев омада буд; хурсандӣ дошт, ки занаш писар зоидааст. Михаили кӯҳтан ҳам таърихдон аст, ҳам мисли кӯдак сода аст. Барои ҳамин феълаш ҳама нағзаш мебинанд. Чернов аз дарду алам лаб мегазад ва ба сарбози аз пасаш омада мефармояд, ки захми Михаилро бандад!

Се нафар аз взводи Манучеҳр ҳамчунон оғуштаи хоку хун байни шоху шипаҳои хушкшуда бо сару рӯйи бо шоф бурида хобанд. Якеро як чашм яла, аз чашми дигараш хун мешорад, дигареро ҳам рӯяш бурида, ҳам шкамаш, рудаҳояш намоён, хам шуда бо ду даст онҳоро доштааст. Чашмонаш аз ваҳму тарс мисли коса кушодаанд. Ҳар се аз рӯзҳои аввали зидди амири Бухоро ҷанг сар кардан ҳамроҳи бригада буданд. Эҳ, чӣ қадар рафиқонро куштаанд... Чернов таппонча дар даст аспашро сахт тозиёна зада, пеш меронад. Дар даромади кутанҷои назди чангалак Ниёзи дарозро дид, ки бо босмачии рӯймол ба сар кашокаш дорад. Хонаро тоб хӯрда гузашт ва чашмаш ба чобуксаворе афтод, ки аспашро сӯйи поини теппа қамчинкорӣ дораду сарбози танлуче банд дар гардан аз паси асп медавад, пешипо хӯрдаю афтида кашол мешавад, ҷонсарак мехезад, ду-се қадам медаваду боз меафтад. Чернов саросема ҳамаи тирҳои таппончаашро ба тани сиёҳи мӯйлабдор, ки ба сарбози ҷингиламӯйи лоғарандом часпу талош дорад, холӣ кард. Кафи дасташ гармии пистолетро ҳис кард. Мӯйлабдор бо аспаш каллапо шуд. Вай раҳораҳ боз ба таппонча тир ҷой кард. Дастонаш ларзидаю аксар тирҳоро резонд. Михаили синааш хунфишон бо чашмони калон кушода пеши назараш омад. Фикр кард, ки бо чунин захм дар гумон аст, ки зинда

монад. Се ҷасади душман дар таги пойи аспҳо хобанд. Сарҳо бо шамшер бурида. Якеш нимхез шудааст, як тарафи сар ба гӯшаш овезон. Ду нафар куртаи милиса доранд. «Офарин, ин сагҳоро ҳамин гуна куштан лозим!» Ана боз якеро афтонданд. Ниҳоят Чернов ба таппонча тирҳоро андохта, ба ёрии Амони калта, ки ба марди калакалони сиёҳандоме занозанӣ дорад, наздик шуд. Пештар аз ӯ Ҷангиев расиду шофашро ба шиками сиёҳ зад. Сиёҳ як боло хесту пас аз зин яктарафа шуда ба замин зад. Онсӯтар Ниёзи дароз танаи дарахтеро оғуш кардаю кӯшиши хестан дорад. Сарбозе китфашро мебандад. Аз афташ, захмаш сабук аст. Дар дохили ҷангалаки атрофи чашма аспҳои бесоҳиб ҷамъ шудаанд. Михаил Черевиченко, ки сангеро дошта меистод, афтидааст.

Ҷанг боз даҳ-панздаҳ дақиқа давом карду дастаи Дониёр пас гашта ба даруни алафҳои қади зону хестаи сой поён шуда. Сой шибитзор аст, ҷое обкандагӣ дорад. Аспи босмачие ғеҷида ба кун шист. Соҳибаш то аз он фуромада ӯро хезонда савор шуд, ки саворони пеш расида шамшербураш карданд. Даста дар поёни теппа ба тарафи рост тоб хӯрда, ҷониби дашт гурехт. Аз паҳлӯи Чернов садои тирпаронӣ шунида шуд ва босмачие аз асп каллапо афтид. Яқин Загорский паронд. Вай дар тирандозӣ хамто надорад. Ду рӯз пеш дар деҳаи Сангтӯда як аспи номиро, ки аз босмачиҳо ғанимат гирифта буданд, шарт монда, бисту ду нафар тирпаронҳои моҳир мусобиқа карданд, Пётр Загорский ҷойи аввалро гирифт.

Сарбозон низ поёни тепаро тоб хӯрда, аз паси даста асп монданд. Ин сӯйи дашти Моҳтобӣ тобасангҳои сиёҳи дар замин хобрафта бисёр дорад. Дар таги сойчаҳо ҳарҷо тӯп-тӯп хори янтоқ аст. Ҷое камар паҳн шудаю дон бастааст, ҷое хома то зону хеставу атрофаш сабз аст.

Назари Чернов боз ба аспи Манучеҳр афтод. Ин дам пай бурд, ки он нафари танлучи дар гарданаш ҳафк сержант Мирзоев Манучеҳр аст. Аз душман чашм наканда мушоҳида кард, ки савори Манучеҳрро гирифта ақиб мондаасту аспашро аз ду ҷониб тозиёна мезанад. Манучеҳр дигар намехезад. Ҷисми афгораш аз болои тобасангҳо ва хорбуттаҳо кашон-кашон меравад. Аз пасаш шохи хушки хор, ки шояд ба шим ё мӯзааш дармондааст, кашол аст. Чанге ки аз паси даста хестааст, чун абрҳои сафеди тобистон ноҷунбон истодааст. Чернов ба ҳасрат пай бурд, ки дастаи Дониёр фирор мекунад. Аспҳои худашон, ки хастаанд, ақиб мемонанд. Аммо аз байн ду дақиқа гузашту аспе, ки Манучеҳрро кашола мекард, ақиб монд. Яқин, монда шуда буд. Соҳибаш сари аспро ҷониби поёни дашт гардонд. Яке аз ёронаш низ аспашро гардонд. Онҳо бо ҳам ба шиддат сухан мегуфтанд. Шояд рафиқаш ӯро аз роҳ гардонданӣ буд.

Аз дастаи Чернов низ як гурӯҳ сари аспҳоро гардонданд. Амони калта аллакай аз паси онҳо шудааст. Аз пас Ҷангиеву Кузмин ҳам ҳамроҳ шуданд. Кузминро дида, Саша Григорев низ сари аспашро гардонд. Саша ҳам аз Тошканд, думараваки Кузмин аст. Чернов аз паси душман бехуда овора шудани ёронашро пай бурда бошад ҳам, чизе нагуфт. Худаш низ аз паси босмачие, ки Манучеҳрро кашола мекард, асп монд. Дар байни дашт пои аспи Кузмин бо чуқурӣ рафт ва ҳарду саракӣ афтиданд. Кузмин хеста сару рӯйи аспро қамчин задаю боз савор шуд. Сойеро убур карданду Муҳаммадшариф хабар дод, ки

босмачии Манучеҳрро ҳафк андохта Бекзода Беҳрӯз аст. Лаънатӣ барои қасоси номзадаш морбарин қадам ба қадами мо мегаштааст.

– Ҳамон Беҳрӯзе, ки дар Когон Манучеҳрро пайгирӣ мекардааст?

– Бале, ҳамон!

Чернов аспашро ба тарафе, ки камсанг буд, гардонда фарёд кард:

– Шумо мардуми кинаваред!

– Дар ин кор шумо ҳам аз мо камӣ надоред, - гуфт Муҳаммадшариф бо овози баланд.

Ин дафъа аспи Чернов пештар хато карду сухани ҷилавдорашро нашунид. Мушоҳида кард, ки ба домани дашт наздик шудаанд. Дар пеш ҷарӣ, поин дарё. Босмачӣ дигар ҷойи гурез надорад. Ин ҷо чӯҷа барин гирду пеш карда, мегирандаш.

Муҳаммадшариф дигар аспашро намедавонд. Фикр кард, ки сабаби марги Манучеҳр худаш аст. Барои тиллои гумкардааш шуда ҷанҷол бардошта, ба назари ҳама шум шуда буд. Вақте ки шум шудӣ, замину осмон дигар роҳат намедиҳанд. Беҳрӯзи лаънатӣ чунон қасос гирифт, ки... Лекин ӯ ҳам саломат наменамонад. Хоҳ-нохоҳ дар домани дашт доштаю шамшербураш мекунанд. Барои як зан шуда ду ҷавони ғаюр ҷони худро аз даст доданд. Заннадидаҳо!

Амони калта худро ба гардани асп партофтаю аспро ҳар дам тозиёна мезанад. Ӯ ҳашт-нӯҳ қадам аз дигарҳо пеш метохт. Фосилаи байни вайу босмачиҳо кам мондааст. Ҷангиев аз ақиб равон. Вай ба Амон чизе мегӯяд. Вале Амон гӯш намекунад. Инак, босмачӣ ногаҳон аспро доштаю парида фуромада, ҷониби ҳамроҳаш дод задаю ишораи "Гурез! Гурез" кард. Аммо ҳамраҳаш дуртар рафта, аспро дошт. Назари Чернов ба Манучеҳр афтод: не, рамаке нишон намедиҳад. Кадоме аз туфанг паронд. Кузмин аз таппонча парондааст. Чернов мехоҳад гӯяд, ки напаронед! Зинда гиред ӯро! Хуб, ки Загорский фармони "напаронед" дод. Ин дам дид, ки босмачӣ рӯймоли сиёҳи сарашро кушода чашмони аспашро баст, сипас сабук парида онро савор шуда, аз ду ҷониб сахт қамчинкорӣ кард. Аспи баландқомати абргун, ки зинаш болопӯши бахмали сиёҳ дорад, бо шаст аз ҷояш ҳаво гирифта тохт ва ҳарду ба партгоҳ рафтанд. Ҷасади Манучеҳр аз пас парид. Гӯё саросема шуда онҳоро доштан мехост. Ҳамроҳаш лаби ҷар рафта истод. Дилу гурдаи партофтан накард. Аспаш ҳам худро ақиб медуздонад. Кузмин ӯро дастгир карда, аз асп поён кашид. Ҳама аз асп фуромада, ба партгоҳ нигоҳ карданд. Дар поён руди тираоби Сурхоб туғён дорад. Он ҷо касе наменамояд. Танҳо чанги сабуки сафедранг аз партгоҳ боло меояд. Он сӯйи соҳил ягон-ягон дарахтони бутташакл дорад. Баъд чакалакзор шурӯъ мешавад.

Рафтори босмачӣ ҳамаро моту мабҳут кард. На аз худаш нишоне монд, на аз Манучеҳр. Дақиқае пас овозҳо баланд шуданд:

– Кори кардаашро бин!

– Ҷар аз бист метр ҳам баланд аст.

– Қандаша занад!- Сухани Загорскйи ба оҳанги таҳсин садо дод.

Чернов ҷониби Загорский нигоҳ кард. Дар забони худаш низ изҳори таҳсин омаду зуд онро дошт. Фикри дигаре ҳам ба сараш омад: "Ин воқеъа дилатро

хор барин мехарошад. Ба рафиқат чунин ситамро раво бинаду аз дастат кор наояд."

Аз пас овози дашному ғалоғула шунида шуд. Чернов дид, ки дар дасти Амон корду ду нафар ӯро доштаанд. Босмачии асирро аллакай кадоме зада афтонда чашмашро кафондааст. Аз даҳону биниаш хун меравад. Яқин асирро Кузмин задааст. Вай қасоси Сергей Николаевро гирифт. Агарчи пулҳояшро дар қимор мебурид, рафиқ буданд.

Чернов ба Кузмин нигоҳи ғазаболуд андохта, ба асир зеҳн монд: ҷавони зардина, мӯйлабаш мисли сабзаи навруста аст. Аз сару рӯяш, гӯё ки об мерезӣ. арақ мешорад. Куртаю эзори сафедаш дар об тар карда барин. Куртааш дар ду тарафи китфонаш банд дорад. Бандҳо кушода...

– Чаро худатро аз паси рафиқат напартофтӣ?-пурсид Ҷангиев аз ӯ.

Асир сари зону хест. Ҳайрон ба Ҷангиев нигоҳ кард, вале сухане нагуфт.

– Чаро ҳафкро накушодӣ, ки ба қатори дигарон гурезед?-пурсид Ҷангиев бо овози баландтар.

– Ҳафк... Асир гӯё ба худ омад ва бо овози ларзон гуфт: -Хафк гирех афтидааст.- аракӣ сарурӯяшро ба остинаш пок карда чашми маҷрӯҳашро бо дасташ дошт.

Ҷангиев саволашро такрор кард.

– Ҳамроҳам аз ман корд пурсид, ки ҳафкро бурад. – Гуфт асир ва овозаш гиряолуд шуд. – Бинам, кордам ҳамроҳ бо рӯймолам афтидааст. Вай, ки ҷониби дашт нишеб шуд, ман ҳам аз пасаш рафтам. Мо писарамакем.

– Номаш Бехрӯз?-пурсид Муҳаммадшариф.

Асир бо як чашм ҷониби Муҳаммадшариф нигариста ба тасдиқ сар ҷунбонд.

Амон дод зада чизе гуфт, ки асир ба ӯ эътибор надоду ҳикак зада суханашро идома дод:

– Писарамакам аскарро зада афтонду пас ба гарданаш банд андохта, онро ба қафои зинаш баст.

– Қарор додед, ки худатонро аз ҷарӣ партофта он тараф гурехта меравед?-пурсид Ҷангиев.

Асир нигоҳашро ҷониби дарё гардонду сухан накард.

Кузмин мили камонро ба шиками асир монда пӯписа кард:-Ҷавоб деҳ саг, вагарна ин чашмат ҳам мекафад!

Асир боз ҳам гап назад.

– Сар деҳ, ман ин ҳаромиро як корд занам!-гуфт Амон бо нолиш.

– Худат ҳаромӣ!- ин дафъа бо ғазаб дод зад асир.- Ба урус ҳамроҳ шуда, худиҳоро мекушед... Ҳама аз ҷабри шумо рафт! – Асир дигар худро дошта натавониста бо овози баланд гиря кард. Тамоми баданаш меларзид.

– О, сар деҳ мана! –Амон дасти Ҷангиевро, ки ӯро дошта буд, газиданӣ шуд. Тани ӯ ҳам меларзид. Вай ҳам аз алами Манучеҳр дарун-дарун гиря дошт.

– Амонов Амон, ором бош!-гуфт ба тундӣ Чернов. Дили ӯ ҳам лабрези ғазаб шуда буду намедонист онро ба кӣ резад.

– Худат аз кучо мешавӣ?-Ҷангиев бо ҳисси дилҷӯӣ ба рӯйи асир зеҳн монд.

– Ба ту чӣ фарқ дорад? –Асир хуни даҳонашро туф кард.

– Мо ҳоло туро аз паси рафиқат мефиристем, ба кӣ хабар диҳем, ки куҷо рафтӣ?

– Кордаш зан!- дод зад Амон. - Аслан ту аз мурдани Манучеҳр хурсандӣ. Дигар ӯ тилло талаб намекунад!

– Байни ману Манучеҳр ҳарчи буд, ту кордор нашав!- гуфт Ҷангиев бо зарда ва ҷониби асир нигарист.

– Мо аз тарафи..., – гуфт асир ва хап шуд. Нигоҳашро аз дарё намеканад. Яқин он ҷо мурда ё зиндаи писарамакашро диданист.

"Агар хато кунад, худашро ба ҷарӣ мепартояд!"- ба сари Чернов чунин фикр омад.

Ин дам садоҳо баланд шуданд:

– Зинда!!! Баромад, зинда!!!

– Ух шайтан! - Живой, невредим![1]

– Сволочь! Босмач! Вот он![2]

Ҳама лаби ҷарӣ рафта, ба дарё нигаристанд.

Босмачӣ аз ҷое, ки худашро партофта буд, ягон бист қадам поинтар аз об баромада дилғеҷ аз байни сангҳо гузашта, дар паси ниҳолаки сершохе паноҳ бурд.

Нахуст Кузмин паронд; аз паси вай Амон паронд, тирашон нарасид. Фосила зиёд буд.

Босмачӣ ҳамчунон дилғеҷ пештар рафта, худро паси санге гирифт. Фақат пойҳояш берун монданд. Боз паронданд. Загорский сари зону нишаста, нишон гирифт, ки Чернов ба китфаш даст монда, гуфт.

– Пётр, камони маро гир. Хез, хез! Тираш нишонрас аст.

Пётр дар сухани сардор асроре пай бурда, рафта аз фитроки зин камонро гирифта, ҳашт-нӯҳ қадам онсӯтар истода паронд. -Босмачӣ хеста дасташро нарра карда нишон дод ва лангон-лангон дуртар рафт.

– Худатро тирандоз мегирию аз дастат г... наомад.- Амон ҳиқ-ҳиқ гиря кард.

Дар ин асно Кузмин коре кард, ки ҳамаро ба ғазаб овард.

Асирро, ки ҷониби писарамакаш бо ифтихор ва хурсандӣ менигарист, аз гарданаш кашола карда лаби ҷар бурда, "эй босмач, сволоч, смотри!"[3] гуфта бо шамшер аз пушти гарданаш зада тани хунфишон ва ларзонашро ба ҷарӣ ҳаво дод.

Ин кор чунон тез сурат гирифт, ки касе ба лаб кушодан фурсат наёфт. Боз ҳама ба лаби ҷарӣ рафта ба дарё нигаристанд. Ин дафъа тани ҷавон ба дарё наафтид. Ба ҷарӣ зада-зада фуромада ба соҳил афтид. Хоку реге ки аз ҷар мефуромад, дар болояш мерехт.

Чернов бо ғазаб тохта мушташро ба манаҳи Кузмин зер кард, аз ғояте, ки забонаш мегирифт, гуфт:

---

1. Оҳ шайтон! зинда! сип-сиҳат!
2. Нобакор! Босмачӣ! Ана дар онҷо!
3. Ҳой босмачии нобакор, Нигоҳ кун!

– Ҳаромӣ, аз кӣ пурсидӣ?! Кӯдака... Худата чунин мекунанд, пеш даро! -Ва аз китфаш тела кард.

Ҷангиев, ҳам ба сари Кузмин дама карда рафт. Ӯ аз ғазаб меларзид.

Аммо Амон хурсанд шуд. Пештар рафта ҷониби Беҳрӯз бо тамоми овоз фарёд кард:

– Босмач, гардани туя худам мебурам!

Ҳой, шумо чӣ кор мекунед? - Кузмин аз тарс чашмонаш баромаданд. –Барои босмачӣ шуда рафиқи худатона!... Онҳо Сергейро куштанд. Бо Сергей мо чун бародар будем.

– Ту ба мо рафиқ нестӣ!- Ман ҳеҷ вақт туро рафиқ намеҳисобидам!-Чернов ин суханҳоро гуфта, ба ҷониби Загорский бад-бад нигарист ва “рафтем, чӣ меистед дар гармӣ”?! гуфт.

Ҳама афгору афсурда ҷилави аспҳоро ба даст гирифта, пас гаштанд.

Кузмин аспашро ба Саша дод, ки нухтакаш кунад, худаш ба аспи майгуни босмачӣ савор шуд.

Черновро кори Кузмин ором намегузошт. Ба сари Загорский боз ҳамла кард.

– Чаро сарбозат бе пурсиш ин номақулиро кард?

– Ман ҳам...

– Хомӯш!...-Ҷаҳл кард Чернов ва аспашро пошна зад.

Аз он сӯйи дашт ҳамярокҳо оҳиста ба пойи аспҳо меомаданд. Баъзеҳо пиёда шудаанд. Маълум, ки аспҳо беҳол шудаанд.

Ҳарчанд рӯз кайҳо аз ним гузаштааст, ҳаво мисли пештара гарм буд. Дами гармсерӣ бехудат мекунад.

Аспҳои бесоҳиб дар домани тепа, дар атрофи чашма ҷамъ шуда алаф мехӯрданд. Ҳангоме ки Чернову ҳамроҳонаш сойчаҳои байни даштро мегузаштанд, аспи Манучеҳрро диданд, ки аз роҳи таги тепа гузашта хеле поин фаромадаасту нигоҳаш сӯйи онҳост. Асп чун рӯзҳои пеш хӯсида намегурезад. Чунон менигарад, ки гӯё пурсише кардаву дар интизори посухаш истодааст. Чернов пиёда шуду оҳиста қадам зада гардани аспро дошта пичиррос зад:« моро бубахш» ва сарашро баланд дошт, ки оби дидаашро пинҳон дорад.

❁ ❁ ❁

Нигоҳи Мансур ба ситораи шом афтоду ба фикраш омад, ки ин ситораро дар диёрат бинӣ, аз баландию фурӯзониаш ҳавасат меояд. Вале дар ғурбат эҳсоси изтироби номаълум ва яъсу андӯҳ дилатро реш мекунад. Ҳоло ин ҷо ҳам ватанашон аст. Худо накарда Афғонистон раванд, ҳолаш чӣ мешавад? Ӯ зербанди аспро суст карда, ба Низом махдум рӯ овард:

– Кори ҳамин ситора фақат хабар додани шом бошад ё кори дигаре ҳам дорад?

– Як суханҳо мегӯед, Мансурбой. Ин ситора миллиардҳо сол боз кораш дар ҳамин вақту соат чун ошиқи зор ин ҷо расидан аст. Кӣ медонад, аз куҷоҳо задаю хеста меояд. Ва ғайр аз мусулмонҳо дигарҳо низ ин ситораро дар ҳамин лаҳза мебинанд.

– Ва дар миллиардҳо сол боре як дақиқа дер ё дақиқае тез набаромадааст?- ҷиддӣ пурсид Мансур.

– Мансурбой, кори коинот мисли кори ману шумо ё болшевику Анварпошо нест. Як чашм задан дер кунад, ҳама олам қунфаякун мешавад. Хубаш ин суханони хандаоварро монеду чойҷӯшатонро бароварда, ба тагаш оташ гиронед..

Сафаракиҳо наздики шом дар даромади деҳаи Кулисуфиён ба мақсади шабро ба рӯз бурдан дар гӯшаи хирмане, ки дар атрофаш бандҳои гандум ғарам буданд, бор канданд. Дар хирман марде танҳо гандум бод мекунад. Мард бор канданашонро дида, лаҳзае пас наздашон омад. Ва бо лаҳни дӯстона пурсид:

– Меҳмонҳо, ба деҳаи мо марҳамат. Пурсидан айб не, аз куҷо сар кардед? Аз муҷоҳидҳоед ё аскари сурх?-Ва табассум кардаю нимшӯхию нимҷиддӣ афзуд:- Замоне шуд, ки напурсед, дилатон дар изтироб мондаю ором намешавад.

– На ину на вай: яке аз Самарқанду дигаре аз Бухоро омадем.-Ба Мансур кушоду равшан сухан гуфтани мард маъқул шуд.

– Мардуми Самарқанду Бухоро нури дидаи моянд. Он шаҳрҳои азиз ифтихорамон... Мо ҳар сол ба он ҷойҳо рафта, орзушикан шуда меоем.

– Аз чӣ, орзу мешиканед? - Мансур ба чеҳраи гарди коҳ нишастаи мард зеҳн монд: куртаи карбос, миёнбандаш ва пойҳои бараҳнааш низ пур аз гарду чанганд.

– Аз тамошои шаҳр, аз мардуми баодобашон, аз чойи батаъме, ки дар самоворхонаҳо менӯшем,- мард миёнбандашро кушода рӯю лабони парсингбаста ва кафидаашро пок кард.

– Мо ҳам аз суханони шумо, аз ин хирмани гандум, аз саҳроҳои дилангезатон хурсанд шудем. –Низом - махдум ба суҳбат ҳамроҳ шуд.

– Аспҳоро он ҷо бандед, хоҳ-нохоҳ каси ин алафҳоро медаравида намонд,- Мард юнучқазори поёни хирманро нишон дод. -Ман аз гандуми нав нон фармудам. Ҳоло меоранд.

Мизбонон аспҳоро баста омаданд. Вале нони гандуми нава хӯрдан насибшон накард... Як хурма ҷурғотро ошомида, салқинии маҳтобшабро баҳона карда, ба роҳ баромаданд.

Дар Балҷувон онҳоро аммаи Низом - махдум - Робиа пешвоз гирифт. Вай зани сергӯшт ва банур аст. «Бухороро ба хок яксон карданд?»- гуфт ба оҳанги каси мусибатдида сар ба китфи Низом - махдум ниҳода гиря кард.

– Бухоро боз обод мешавад, аммаҷон.-Низом - махдум дасташро ба китфи зан ниҳод.- Худамон сиҳат бошем.

Шавҳари Робиа, амаки Сайфуллоҳ, марди қадпасти миёнсин, ҳамроҳи писараш Тоҳирҷон бори харҳоро фуроварда, пас аз саломалейк бо меҳмонҳо дарди дил кард: «Пирию хартозӣ» мегӯянд, ки дар ҳаққи ман аст. Аз боғҳо себ ҷамъ карда, ба аскари Давлатманд мебарем. Миннат нашавад, нону дигар маҳсулот ҳам мебарем.

– Аскари Давлатманд ҳоло дар куҷост?-пурсид Низом - махдум.-Онҳо ба Анварпошо ҳамроҳанд?

– Ҳамроҳ. Ҳоло аскар зиёд нест, –гуфт Сайфуллоҳ ва ҷониби занаш афзуд:- Дар ҳавлии берун ҷой парто,- ва ба суханаш идома дод: -Панҷ рӯз мешавад, ки хурду бузурги ин деҳа хоб надоранд. Ҳама саргардонӣ, молҷамъкунӣ. Аз деҳаҳо молу гов ҷамъ карда ба Афғонистон фиристодем, ки ба ивазаш тир биёранд.

– Ин кор ҳам зарур.-Низом - маҳдум язнаашро дилбардорӣ кард.-Бе тир ҷанг кардан намешавад.

– Ҳафтаи гузашта дар деҳаи Қулободи наздикии Сангтӯда бо аскари сурх рӯбарӯ шуда, каму беш тирпаронӣ карда, ин ҷо омаданд,-афзуд амаки Сайфуллоҳ. Аскари сурх дар Қулобод бисёр одамҳоро шамшербур кардаанд. Ба занҳо дасти зӯри кардаанд.

– Аскари сурх ба занҳо кордор набуд,-гуфт Низом - маҳдум.- шояд овозаҳо дурӯғ бошанд?

– Ҳамонҳое ки ҳамроҳашон ҷанг карданд, овоза оварданд,- гуфт Сайфуллоҳ ва шохи себи рӯйи ҳавли афтидаро бардошта дур ҳаво доду наздиктар омада илова кард. -Як қисми аскар «ғалламона куфтаю ҷамъ кунем» гуфта, хонаҳошон рафтанд. Сад нафар ёрони Давлатманд монданду ҳафтод нафар афғон ва тахмин си-чил нафар туркон, ки ҳамроҳи Анварпошоянд. Дар ин байн ҷосусҳо хабар оварданд, ки аскари сурхи дар Сангтӯда ва Кӯлоб буда, маслиҳат кардаанд, ки якҷоя омада Анварпошою Давлатмандро зананд. Пас аз ин хабар ҳам Анварпошо, ҳам Давлатманд ба деҳаҳои атроф хат фиристода, ҷангиҳоро даъват карданд. Анварпошо аз паси Фузайл махсуму эшони Султон туркҳои худашро фиристод, ки бо дастаҳояшон пеш-пеш карда биёранд. Худашон чор рӯз пеш тарафи Обдара рафтанд. Обдараи мо аз ин ҷо тахмин бист километр меояд. Гуфтанд, ки то аз Афғонистон расидани тир он ҷо мунтазир мешавем...-Амаки Сайфуллоҳ нақлашро қатъ карда, «чаро инҳо дастархон намеоранд!» гуфта хест. Ҳарчанд Низом- маҳдум, «мо нав чой нӯшидем» гуфт, гӯш накарда, сӯйи ошхона рафту овозаш баланд шуд:

– Ҳой, ту ҳанӯз дар мотами Бухороӣ?! Бо гиря урус Бухороро гашта намедиҳад?! Ку дастархон?! Тоҳир куҷост?

– Ҳозир ҳамааш мешавад. Нонҳоро аз танӯр канам, – оҳисти ҷавоб дод Робиа.

– Ҳозират кай! -ҷаҳл кард Сайфуллоҳ.-Тоҳир куҷост, мегӯям?!

– Тоҳир сари замин рафт, ки барои аспҳо беда биёрад. Пасттар гап зан. Ҳама медонанд, ки овозат тундар барин аст.

– Ин язнаи мо қаланфур барин тез аст.-Низом - маҳдум аз баҳси соҳибхонаҳо хиҷолатманд шуд.

– Акнун сабаби холӣ шудани деҳаҳоро фаҳмидед?-Мансур худро бепарво вонамуд карда, гапро ба дигар тараф бурд. -Аскари сурх омада мегӯяд, ки ба мо нону равғану гӯшт диҳед, ки мо дӯсти шумоем, Иброҳим мегӯяд, ки мо лашкари ислом, ҳаққи моро деҳед! Анварпошо мегӯяд, ки ман домоди халифаи мусулмонҳоям. Ду сол мешавад, ки ин боди самум вазида деҳаҳоро хокбарӯ валангор кардааст.

Амаки Сайфуллоҳу занаш дастархону нон оварданд.

– Занҳоро сахт нагӯед, писандатон намекунанд,-гуфт Сайфуллоҳ ба оҳанги шӯхӣ ва ба ҷояш гузашта, суханашро идома дод:- Аслан гиред, мардум баъд аз ҷанги тоҷику ӯзбак дигар ба коре иштиёқ нишон надод. Вақте мебинӣ, ки ҳамсоя хонаатро оташ задааст, ҳама кора монда хеста бо урус ҷанг мекунӣ? Не-е, аввал аз ҳамсоя қасд мегирӣ. Табиати мардуми мо чунин аст. Аз тарафи дигар, арафаи ид аст. Ин ҳам таъсир кард.

– Ин сарсонию саргардониро бинед,- Мансур ҷониби Низом - махдум гашт.

– Мардум фаҳмида бошанд, ки урус моро ҷанг андохт?-пурсид Низом - махдум.

– Не, дар ин бора сухан намегӯянд. Тоҷикҳо аз Иброҳиму узбакҳо аз Давлатманд домангир.

– Ҳамроҳ иди қурбонро гузаронанду мушкилашонро хушӣ ба хушӣ ҳал намоянд,-гуфт амаки Сайфуллоҳ.-Мардумро ҳам фикр кунанд, бечораҳо аз кору зиндагиашон монданд.

– Ин кор дигар хушӣ ба хушӣ ҳал намешавад.- Низом - махдум косаи ҷурғотро назди Мансур гузошт.- Баъди ин қадар овозаю дарвоза ва аскару аслиҳае, ки русҳо оварданд, мемонанд, ки Анварпошо хушӣ ба хушӣ ин ҷо гардад? Ҳаргиз намегузоранд.

Холаи Робия ҳар гоҳе дарояд, ба Низом - махдум зеҳн мемонад. "Шукр, ки худатон сиҳат" мегӯяд, хешу таборро як-як ном гирифта мепурсад. Баъди рафтанаш Низом - махдум гуфт: "Ҳоло гӯям, ки духтари додарам Даврон мурд", наво меандозад.

Ҳангоми хоб ки танҳо монданд, Низом - махдум дилашро кафонд:

– Мансурбой, баъд аз се-чор рӯз ин ҷо урус ҳам меояду аскари Анварпошо ҳам, ва маҳшар барпо мекунанд. Сухани мо ин ҷо «Ҷанг кунед ё накунед» қадр надорад. Агар гапамро гиред, мо пагоҳ роҳи Афғонистонро пеш мегирем."

Дили Мансур аз шунидани номи Афғонистон ба тапиш даромад.

– Ку пагоҳ шавад,-гуфт. Аммо пагоҳӣ, ҳангоми чойнӯшӣ хабар дод, ки бояд як маротиба Бухоро равад. Он ҷо баъзе корҳои зарур дорад.

– Ин тавр бошад "бор"и дина шаб гирифтаамонро худатон бурда, ба Давлатманд супореду пас Бухоро равед. То ки гапаш набарояд. Онҳо ҳам борро бинанд, хурсанд мешаванд.

Мансур ба тасдиқ сар ҷунбонд.

Баъди чой Низом - махдум зану бачаҳояшро гирифта, ҷониби Афғонистон раҳсипор шуду Мансур ҳамроҳи шаш нафар ҷавон ба дах хар нону мева бор карда, роҳи Обдараро пеш гирифт.

Он пагоҳӣ ҳаво шамолдошт буд, хасу хошокҳои хушкшударо ба ҳар тараф мебурд. Гули гиёҳи талу теппаҳо ранг бохта ҳоло хор шудаанд: Ба пойи харҳо гаштанро Мансур хуш надошт. Вале дигар чора набуд. Ба назараш менамуд, ки ин ҷо кӯҳдара бисёр асту чашмаобҳо камтаранд. Тоҳирҷон гуфт, ки дар ин ҷо баҳорон чашмаҳо зиёд мешаванд тирамоҳ ки шуд, хушк мешаванд.

Онҳо қариби намози аср ба бошишгоҳи дастаҳо расиданд.

Ёрони Давлатманд дар сояи дарахтони тут ва чинорҳои сершоху барги атрофи чашмае, ки обаш аз баландӣ ҷорист, барои худ ҷойи буду бош омада

кардаанд. Чун ҳавои дара салқин аст, бештарашон ҷома пӯшидаанд. Давлатманду Анварпошо дусад қадам баландтар, дар ҳавлии на чандон калони канори деҳе, ки тахмин бист-сӣ буна дорад, ҷой гирифтаанд. Ин ҷо ҳамаи хонаҳо гилин буда, ғурфаю дудбароҳояшон ҷониби поёни дара аст. Дере нагузашта Анварпошою Давлатманд бо як гурӯҳ камардору ҷилавдорҳояшон ҷониби ёрон нишеб шуданд. Намози асрро ҳамроҳи ҷамоат мехондаанд. Мансур даҳ моҳ пеш сурати Анварпошоро дар газета дида буд. Он марди овозадор ҳоло намуди дигар дошт, риш мондааст, чеҳрааш офтобзада, рӯи биниаш пуст партофтааст, дар тан нимтанаи рангпарида дорад. Нигоҳаш ошуфта менамояд. Ба як дидан пай мебарӣ, ки он шавқу шӯри пешинаро надорад.

Давлатманд марди баландқомати кӯҳтан буда, чеҳраи гандумгуну сергушт ва чун осмон кушода дорад.

Тоҳирҷон Мансурро ба Давлатманд шинос кард. Мансур бо̀ри овардаашро (ду қутти тир) пешкаш карду афзуд, ки дар роҳ муфт ва ногаҳон ба дасташон афтод. Ва боз илова кард, ки ду аскари сурхро зада, аз дасташон гирифтем.

– Дар ҷонат садқа, мо аз бетирӣ гурехта, ба ин кӯҳҳо паноҳ бурдем. –Давлатманд хандида, Мансурро ба оғӯш гирифт.

Аз овози баланди Давлатманд Мансурро низ хандааш омад. Баъдтар Анварпошо сар то пойи Мансурро озмоишкорона зеҳн монда, пурсид:

– Он сарбозони рус аз кучо пайдо шуданд? Ва чӣ гуна шуд, ки ин тирҳо ба шумо расиданд?

Мансур фаҳмид, ки Анварпошо ба ӯ бовар надорад, моҷарои рафтаро гуфт:

– Дар назди деҳи Кулисуфиён, дар хирмане шабро гузаронидани шудем, ки ду нафар аскари сурх омаданд. Онҳо барои бригадаи 11-ум тир мебурдаанд. Мо инро баъд фаҳмидем. Байнамон баҳс шуд. Яқин онҳо намедонистанд, ки мо низ таппонча дорем. Яке аз онҳо таппончаашро наздаш мондаю ҳангома кардан гирифт. Халқи моро ҷоҳилу нодон гуфта наҳ зад. Худаш ҳам мусулмони ҳамин тарафҳо будааст. Инро ҳам баъд фаҳмидем. Кор ки ба ҷанг оид шуд, мо пешдастӣ карда онҳоро парондем. - Анварпошо боз ким-чиҳое пурсиду пас бо тасдиқ сар ҷунбонда гуфт:

– Дар Бухоро тир ёфта метавонем? -Ва бори нахуст табассум карда, афзуд:- Дар байни русҳо шахсони ба чунин корҳо манфиатдор ҳастанд. Онҳоро ёфтан лозим.

– Ман ин корро накардаам,-гуфт Мансур.-Ба байнашон ҳам надаромадаам.

Анварпошо тугмаҳои куртаашро гузаронда ба самте нигарист.

Шабона дар байни ҷанговарон пичир-пичир шуд, ки пагоҳ арафа аст; бояд ҷавоб диҳанд, ки ба хонаҳоямон рафта ид кунем. Ва саҳар маълум шуд, ки як гурӯҳ шабона бепурсиш ба хонаҳояшон рафтаанд.

Пагоҳӣ, баъд аз намоз хабар доданд, ки аз ҷоятон нахезед. Анварпошо сухан мекунад.

Ҷои зисти размандагон дар баландӣ буда, атроф ялангӣ аст. Мансур ба атроф зеҳн монда, мушоҳида кард, ки кӯҳҳои ин ҷо баланд нестанд. Яктарафа такя задаанд. Мисле ки суҳбати маҳрамона доранд. Кӯҳҳои хокаш мулоим, сералаф. Чормағз доранду дулонаю ҷоричу хуч доранд. Иқлимаш ҳам нарм.

Барои одам мувофиқу барои мол ҳам. Ба осмони васеъ назарат меафтаду дилат кушода мешавад. Ҳоло аз ҳисоби тобистон боз даҳ-понздаҳ рӯз мондааст. Аммо алаф ба тамом зард шудааст. Нафаси тирамоҳро ҳис мекунӣ. Оромии пагоҳиро садои оби чашма, ки ба поин мешорад ва фириқ-фириқи аспҳо, ки дар тагу болои тепаҳо мех кардаанд, халалдор мекунад. Лаҳзае пас дар баландиҳои осмон мурғон пайдо шуданд. Онҳо ғавғо кардаю давр мегаштанд ва торафт бештар мешуданд. Анварпошо дар пайраҳаи канори чашма бо ду нафар рафиқони туркаш дар гуфтугӯст. Шояд дар бораи он ки назди ҷанговарон чӣ бояд гӯяд, маслиҳат доранд.

Дере нагузашта нахустин нурҳои офтоб дар теғаҳои кӯҳҳои дур нишаст. Дирӯз, ҳангоме ки ба ин сӯ меомаданд, ҳамроҳон номи кӯҳи рӯбарӯро Душоха гуфтанд. Мансур ҳайрон шуд, ки чаро душоха? Нав мушоҳида кард, ки кӯҳ ду теғаи ба ҳам наздик ва ростбаромада дорад, ки аз дур мисли шохҳои буқачаи фарбеҳ ба назар мерасанд.

Мансур мушоҳида кард, ки одамони дар сафҳо нишаста ҳама тоҷиконанд. Фикр кард, ки ҷанги аз Самарқанду Фарғона ин тараф то Бухорою Бойсун шуда бар зидди таҷовузи болшевикҳо буд. Пас, баъдипанҷ моҳи ҷанги Бухоро ба ҷанги халқӣ табдил ёфт. Нисфи мардум тарафи руса гирифт, бахусус рушанфикрон. Нисф ҷониби босмачиро гирифт. Дар охир байни тоҷику узбек ҷанги аҳмақона шуду хонаву дари якдигарро сӯзонданд. Худашонро сарсону бадбахт карда байни роҳ монданд.

Анварпошо оҳиста қадам зада, рӯбарӯи саф омад. Ии пагоҳӣ кители тозаи хушдӯхт ба бар дошт. Рангу рӯяш ҳам тоза аст. Бале, марде, ки дар мактабҳои номдори Урупо хондаю маърифат андӯхтааст ва дар мансабҳои баланди давлатдорӣ кор кардаву дар инқилобҳои ҷаҳонию таърихӣ даст доштааст, бояд зебо пӯшаду зебо гардад ва зебо сухан гӯянд. Аз рӯйи нақлҳои Низом - махдум Анварпошо бисёр корҳои некро ба анҷом расондааст, хатоҳо низ кардааст. Ҷое, ки кор ҳаст, хато низ ҳаст. Таҷриба аз ислоҳи хато маншаъ мегирад. Ва Мансур мушоҳида кард, ки Анварпошо ба худ хос салобату виқор дорад. Ва андешид, ки то рӯзе ин мард дар ватани онҳо меҳмон аст, бояд ба ӯ тарзе муносибату меҳмондорӣ кунанд, ки худро озурдаю бегона ҳис накунад.

Анварпошо оромона ва бо овози гиро ба сухан шурӯъ кард:

– Бародарҳо, муҷоҳидини роҳи ислом! Шумо талаб мекунед, ки русҳо оташбасро қабул кардаанду моро дар рӯзҳои ид ҷавоб диҳед.- Лаҳзае хомӯш шуда, пасу пеш қадам зад, ба сафҳо озмоишкорона назар андохт, пас рӯбарӯ истода афзуд:-Ман ба бародарам Давлатманд гуфтам, ки хати "дар рӯзҳои ид оташбас кунем"ро фиристодан лозим набуд.-Ӯ боз қадам заду ин дафъа бо оҳанги маломат, ҳатто озурда суханашро идома дод:-Магар ҷанг ваъда дорад? Ростӣ дорад? Иду арафа дорад?! Не! Ҷанг дурӯғу душманию куштору қаллобӣ дорад! Ҷанг марг дорад ва ғалаба дорад, вассалом! Ғалаба кардӣ, ҳамаи фанду фасоду фиребат осмони пурситора барин зебо менамояд. Таърифу тавсифат мекунанд. Мағлуб шудӣ, шармандаи ду олам ҳастӣ! Минбаъд рӯзу рӯшноӣ намебинӣ! Ва фарзандҳоят низ рӯзи хуш намебинанад (намои табассум карда), ман инро аз таҷрибаам мегӯям. Чунин аст қонуни ҷанг ва он ҳеҷ гоҳ дигар намешавад.

Мисле, ки ин кӯҳҳои зебо дигар намешавад. Ман мегӯям, ки дар пайи и
ашбас чӣ корҳоест: русҳо моро дилпур карда, даруни масҷид мекунанд, б
моз ки истодем, аз пулемётҳошон тирборон мекунанд. Чунон ки дар Хева
Фарғона, дар Бухоро ва дар дигар шаҳрҳо карданд. Вагарна дар ин гарм
ҷонашон ба лаб омадаю бе озуқа мондаанд, мо се рӯз оташбас мепурсем.
як ҳафта мегӯянд. Навиштаанд, ки ин ид барои мо ҳам муққаддас аст. Ки
масҷиду мадрасаи асрҳо ободкардаро бо ҷорӯби инқилоби сурхашон р
партофтанду ин лаҳза ин ид барояшон муқаддас шуд? Аз кай боз онҳо
шудаанд? Барои одами бофаросат ҳамин дурӯғашон басанда аст! Баъд
қадар афтидану таъна гирифтанҳо бояд мо, мусулмонҳо, аз содагиву но
бадар оем. Боре ба пас нигарем ва бубинем, ки чӣ хатоҳо кардем! Ва ба
кӣ ин хиёнатҳо шуд?!

Суханони Анварпошо як лаҳза сафҳоро лолу мот кард. Фақат овози мур
шунида мешуд, ки хайл-хайл дар баландиҳои осмон парвоз доранд.

Анварпошо, боз пасу пеш қадам зад. Ҳоло чеҳрааш мисли офтоби
қуллаҳои кӯҳи рӯбарӯ арғувонӣ менамуд. Маълум буд, ки гуфтаниҳои зиё
раду истиҳола мекунад.

Аз сафи пеш марди танадори биникалоне, ки рухсораҳояш чун ҷигар сур
хеста, чанд маротиба рӯйи ҳам атса зад, бо рӯймоли таршудааш даҳону б
рӯйашро пок карда бехабар буруташро олудаю бо овози баланди чирроси

– Ҷаноби Анварпошо, мо ҳеҷ гоҳ сухани шумо ва додарамон Давлат
дро, ки ғозии дини мубини ислом ҳастед, ҳаққи ду кардан надорем. Амм
масъалаи намоз ва риояи шариат ҳақ надорем аз гуфти Худою расул б
бароем, агар ҷонамон равад ҳам.

Анварпошо лаҳзае рост истода сӯйи биникалон нигарист, гӯё ба гуфта
сарфаҳм рафтан мехост. Ҳамзамон мушоҳида кард, ки размандагон бо кунҷ
баъзе бо норизоӣ ба ӯ менигаранд. Рафиқони туркаш, ки дар гӯшаи чап н
стаанд, нороҳат шуданд. Ӯ ба зӯрӣ табассум карда, ба тариқи маслиҳат г

– Домулло, кадом вақт ид мекунанд? Вақте ки хотират ҷамъ аст, х
куштанат нест. Аз ин рӯ, Худованд аввал ҳифзи ҷону танро фарз гардон
аст. Ҳифзи номусро гуфтааст. Чунки бандае, ки номус надорад, мисли
касалии ғашовар аст. Аз вай намоз ҳам талаб карда намешавад. - Ва хан
мегираду дар ҳоле, ки алам доштанаш ҳис мешавад меафзояд. - Мо ба ро
бароему ба Балҷувон нарасида, болшевик аз омадани мо огоҳ мешавад. Ч
коммунистҳои саллаю тасбеҳдораш дар масҷидҳомон намоз хондаю ҳамз
сухан чида нишастаанд. Шояд онҳо дар ин ҷо ҳам бошанд. Аз ин рӯ, шу
фикри намозу идро аз сар бароред.

Дар сафҳо ғалоғула шуд. Муҷоҳидҳо ду тараф шуданд. Қисме мегуф
сухани Анварпошоро гиред, иддае мегуфт, ки дар назди ид дигар гапу к
арзиш надоранд.

Биникалон хам шуда ҷониби ҷавони паҳлӯяш ҷаҳл кард: “Ту ба ан
худат гап зан! Дин маҳалли шухӣ нест!” Фарзҳое ҳастанд, ки ба онҳо гу
нест! Ҷонат дар ҳалқат омада бошад ҳам, бояд фарзро анҷом бидиҳӣ. Ва

қарздору рӯсияҳ аз ин дунё меравӣ! Намоз аз чунин фарзҳост!- Рухсораҳои биникалон бештар сурх менамуданд.

Давлатманд, ки дар гӯшае бо диққат ба саҳна менигарист, наздиктар омада, ҷониби биникалон гуфт:

– Муллоҳамроҳ, намозро ҳамин ҷо мехонем. Касе халал намерасонад.

Муллоҳомроҳ боз атса заду "исқотии атса намемонад!" гуфт ва боз ҳам бехабар як абрӯяшро ба фисаш олондаю пас лаҳни гуфторашро нарм карда афзуд:

– Ҷаноби Анварпошо, шумо барои ман мисли додарам ҳастед.- Дар китобҳои осмонӣ омадааст, ки дар рӯзи арафа аз мурғ то моҳӣ озод аст... Таваккал ба Худо кардаю моро иҷозат фармоед, ки ба хонаҳомон равем.

Аз гӯшае марди газгуште, ки сараш докапеч буд, хесту ҷониби Давлатманд гуфт:

– Додар, Давлатманд, худат медонӣ, ки "ид бо ёрон хуш аст, деҳ бо дарахтон" гуфтаанд. Зебогии ид дар намоз асту зебогии намоз дар масҷид, - гуфту хандид.

Ду нафар салласиёҳе, ки паҳлӯи ҳам менишастанду монандӣ доштанд, аз ҷо хестанд ва яке тез-тез сухан карда гуфт:

– Ин иди саид дар як сол як маротиба мешавад! Сари манзили падарон рафтан даркор. Рӯҳи онҳо моро интизоранд! Ва ҳарду аз давра баромада дар гӯшае рост истоданд.

Чеҳраи Анварпошо тағйир ёфт. Рухсораҳои сурхаш сафед шуданд. Яқин аз фикре, ки дошт, дил канд ва ҷониби ҳамдиёронаш, ки дар гӯшае истода ин манзараро бо ришханд тамошо доштанд, бо забони худ чизе гуфт. Онҳо ба аломати тасдиқ сар ҷунбонданд.

Якчанд нафар хеста, сухани Муллоҳамроҳро тақвият доданд:

– Сухани домуллоро ба замин нагузоред.

– Рус мардум аз суханаш намегардад.

– Дар он дунё аввали пурсиш аз намоз аст!

Муллоҳамроҳ боз чизе гуфтанӣ шуд, аммо боз "исқотии атса" омаду сухан дар дахонаш монд.

Мансур мушоҳида кард, ки афғонҳои дар паси онҳо нишаста низ ҷазбманди намози идро дар деҳа хондан ҳастанд. Пай бурд, ки инҳо аз роҳашон намегарданд. Ва дар ин лаҳза кашфиёте ҳам кард: Чизе, ки ин халқи нодонро мисли ду дандони анбур сахт доштаю хеҷ сар намедиҳад, ҳокимони ҷоҳилу муллоҳои нодон мебошанд. Нигоҳаш ба кӯҳи Душоха афтид. Ҳоло нури офтоб то ба "шох"-ҳо низ расидааст. Ҳар пагоҳию бегоҳ офтобӣ ин кӯҳҳоро ранги арғувонӣ мекашад ва ҳар қавме, ки меояд, ба ин рангҳои тоза ба ҳавас менигарад.

Ҷавони турки паҳлӯяш даст ба зону ниҳода, пурсид: -Шумо аз Бухоро? - ва афзуд:- Ин мутаассибҳо фаҳму дарки авзоро надоранд!

– Муллоҳамроҳро бо ду нафар тарафдораш хуб тозиёна мезанед, дигарҳо ба суханатон ҷон-ҷон гуфта, гӯш мекунанд,-гуфт Мансур. Ва дид, ки Анварпошо ба гӯшае рафт ва нигоҳ ба замин басту даст болои даст ниҳода хомӯш истод.

– Ҷони гапро гуфтед. Дар Туркия мешудам, ҳамин тавр мекардам,-гуфт ҷавони паҳлуи Мансур ва афзуд: -Номам Фаррухбой. Аз Туркия омаданамро

нӯҳ моҳ шуд. Понздаҳ сол шуд,ки бо Анварпошо якҷоем. Дар ҷанги Балкану Юнон ва ҷанги русҳо якҷо будем. Аммо бесарусомонӣ ва бероҳиеро, ки дар кишвари шумост, дар ҷойе надидем. Дар ҳолати ҷанг аз сухани сарҳанг баромадан мумкин нест. Аммо чунин қонун ин ҷо риоя намешавад. Мафҳуми ватану миллат ва оянда чӣ мешавад ин ҷо маънӣ надорад. Мисли галаи аспанд, ки аз ишораҳои айғирашон берун намебароянд.

– Ин ҷо ғайр аз ҳарфи мулло дигар гуфтаҳоро берун аз шариат дониста, қабул намекунанд ва ҷиддӣ ҳам намегиранд,- гуфт Мансур ва пурсид: -Бо Юнон ҳам ҷанг доштед?

– Бо Юнон ҳам ҷанг доштем, бо ҳамаи давлатҳои Урупо ҷанг доштем. Онҳо Туркияи моро дар муҳосира гирифтанд. Вале ҷавонтуркон пеш-пеш ба майдон баромаданд, халқамон қаҳрамонӣ нишон дода ватанро муҳофизат карданд. -Фаррухбой ба рӯи Мансур синчакорона нигариста илова кард:- Аз ҷанги Юнон ҳафт сол гузашт. Асосан он ғалабаро қӯшуни Анварпошо кард. Дар дигар ҷабҳаҳо акибнишинӣ мекарданд, дар ҷабҳаи Анварпошо ғалаба болои ғалаба буд... Лекин дар ҷанги ҷаҳонӣ шарики Олмон шудему дар охир шикаст хӯрдем...

Ин дам сафҳои тарафи рост паси ҳам хеста, ҷониби аспҳояшон рафтанд. Дигарон низ паси онҳо хестанд.

Анварпошо дигар сухан накард. Ҳамчунон дар гӯшае бепарво меистод. Аз афташ фаҳмид, ки ин ҷо будан дигар маънӣ надорад. Дар фикри оянда шуд. Аз ҳама пас туркҳо ва Давлатманд ба аспҳо савор шуданд. Шамоле, ки аз теға меомад, партову пасмондаҳоро аз байни алафу буттаҳои зардшуда рӯфта аз пас мебурд. Ҷорӯби осмон заминро тоза мекард.

Давлатманд ҳамрикоби Анварпошо шуда бо оҳанги дилбардорӣ гуфт:

– Мо ин ҷо истода наметавонем. Агар истем, мегӯянд, ки тарсида пеш наомаданд. Ба деҳа меравем, он тараф маълум мешавад.- Каме рафтанду афзуд: -Муллоҳамроҳи мо ҳам дар Бухоро хондагӣ.

– Маълум,-Анварпошо ба зӯрӣ лабханд кард:-Русҳо барои ҳамин Бухороро тиккаю пора карданд, ки минбаъд ингуна одамони пастниҳод рафта нахонанд ва ба кори нек халал нарасонанд.

Давлатманд медонист, ки Анварпошо агар суханаш нагузарад, сахт дилмонда мешавад, бо оҳанги узрхоҳӣ гуфт:

– Анварҷон, фалоната ғам набошад. Корамон пеш наравад, як муддат ба кӯҳ меравем. Кӯҳҳои мо ҷойҳое доранд, ки паранда роҳ намеёбад, чӣ расад ба урус.

Муддате хомӯш роҳ рафтанд. Давлатманд пай бурд, ки Анварпошо ба суханаш эътибор надод. Дар сараш фикрҳояш равуо доранд.

Баландиеро фуромадану Анварпошо лаҷоми аспро кашида гуфт:

– Давлатманд, бароят ду сухани зарур мегӯям. Ба деҳа, ки расидем, аз паси иду арафа нагарду, зану фарзандҳоятро зуд ба дигар ҷой фирист. Дигар ин ки назди Ашӯри кӯлобӣ (Ашӯр семизи беки Кӯлоб) одам мон, ки ба мо қувва фиристад, то мо якҷо шуда, пеши русҳоро дорем. Ё роҳе ёфта моро аз Ҷайҳун гузаронад.

– Хуб шудааст,-гуфт Давлатманд.-Ин кор тани ман. Абдукодири хешаш дар қатори сарбозон аст. Ӯро мефиристам.

Баъдтар Мансур аз Давлатманд пурсид:

– Дастаҳои Фузайл Махсуму эшони Султон меоянд?

– Даракашон нашуд. Барои ҳамин Анварпошо ошуфта аст,-гуфт Давлатманд ва ҷониби ҷавони паҳлӯяш мерафта афзуд:- Гадобой, пагоҳ, баъди ид, ҳамроҳи Рустам ба Дарвоз меравӣ ва эшони Султонро пеш-пеш карда меорӣ.- Пас, ҷониби Мансур афзуд:- Гадобой аз Чойоби Афғонистон аст. Ду сол шуд ҳамроҳем. Гоҳе ӯ барои ман ҷилавдорӣ мекунаду гоҳе ман барои ӯ ва ба завқ хандид.

❁ ❁ ❁

Бригадаи Чернов интизори ротаи 3-ум дар соҳили дарёи Сурхоб дар мавзее, ки Яккабед мегуфтанд, дар сояи чинорҳо манзил гирифт. Аз ҳамин ҷо бояд ҳамроҳи бригадаи 16-ум якҷоя ба Балҷувон рафта, Анварпошоро ба ҳалқа гиранд.

Ротаи 3-ум, ротаи Загорский баъд аз фоҷиаи соате пештар рӯй дода ба деҳаи Қулобод ки дар баромади Сангтуда қарор дорад расидаанд ва он ҷо фаҳмиданд ки дастаи Дониёр ду рӯз пеш шабро он ҷо гузаронидааст. Аз аламе, ки онҳоро ҷой додаанд дар чорроҳаи байни деҳа нуҳ марди вохурдаашро шамшербур карданд. Ба гуфти худашон деҳаро тохтанд. Ҳангоме ки озими роҳ шудаанд, ду мард ба Чернов хабар овардаанд ки чанд нафар сарбозонаш ба хонае даромада ба зане, ки ҳафтае пеш арус шудааст, дасти зӯри кардаанд. Баъде, ки онҳо мераванд, зан болои пул рафта худро ба чӯши дарёи Сурхоб партофтааст. Одамони дар атроф пинҳон буда, дидаанд, ки худро партофтааст.

– Чанд нафар будаанд сарбозҳо?- пурсид Чернов.

Гуё ҳафт нафар будаанд.

Чернов дастаро қатор карда аз омадаҳо пӯрсид, ки мешиносанд, он сарбозҳоро?

– Не намешиносанд.

Худаш ҳам пурсӯҷу карду ба касе гумонбар нашуд.

Ба омадаҳо ваъда кард ки албатта он нобакоронро ёфта ҷазои сазовор хоҳад дод. Ваъда кард, ки онҳоро мепаронад. Вале баъдҳо хеле пурсуҷӯ карда бошад ҳам касеро қоил карда натавонист.

Ротаи 3-ум ҳангоми торики фуромадан ба Яккабед ба назди рафиқон расид. Пагоҳӣ аз хоб хеста дар назди дастаҳо тӯдаи харбузаю тарбузро диданд. Маълум мешавад ки полези харбуза ёфтаанд. Вале табъи Чернов хира буд. Дар фоҷиаи дашти Маҳтобӣ худро гунаҳгор медонист. Мегуфт, ки сабаби марги ҷанговарон бемаъсулиятию беандешагии худаш шуд. Бояд пеш аз рота гурӯҳи иктишофӣ равона мекард. Низомномаи сафарро риоя накард. Одам чи қадаре дониш андӯзаду таҷриба гирад ҳам, аз хатою ғалат эмин набудааст.

Онҳо тамоми рӯз бригадаи 16-умро интизор шуданду аз онҳо дарак нашуд. Лекин тарбузи ширин хастагиашонро бароварда. Ҳавои ин ҷо салқин аст. Насими дарё хастагиро мешиканаду тану ҷонат роҳат мекунад.

Бегоҳӣ Чернову Загорский бо пешниҳоди Давлат ба тамошои атроф рафтанд. Муҳаммадшарифу Чилларо низ ҳамроҳ гирифтанд. Чернов раҳорах мушоҳида

кард, ки аксари заминҳои атроф кишт нашудаанд, онҳоро алафи бегона зер кардааст, ҷое қамишзор шудааст. Дар баъзе қитъаҳо алафи юнучқа баланд *шуда, аз беобӣ баргу гулаш рехтаю чӯб шудааст. Гандум ҳам баланд хестааст. Лекин чорво даромада поймолу бенур кардааст. Полези харбуза дар он сӯйи* ҷӯйбори калон дар домани кӯҳ аст. Дар ду тарафи ҷӯйбор қади одам най хестаааст. Сарбозон ҳоло ҳам он ҷо равуо карда дар даст харбуза ё тарбуз гурӯҳ-гурӯҳ меоянд. Онҳо аз пайраҳаи байни заминҳо гузашта ба домани замини харбуза омаданд, ки аз як гектар зиёд аст. Дар ду қитъаи аввал фақат харбузаҳои майдаву хом мондааст. Аммо дар қитъаи назди сипанҷ тарбузу харбуза зиёд аст. Он ҷо марде байни полези харбуза хишова мекунад. Давлат наздаш рафта чизе гуфт, ки мард рӯймоли сарашро ба тартиб дароварда, омада бо қатъият ҷониби Чернов нигариста гуфт:

– Меҳмонҳо, фуроед, аз харбузаи ман даҳон ширин кунед, пас гузашта меравед.- Ва миёнбандашро кушода, чеҳраи арақолуд ва афрӯхтаашро пок карду ба он сӯи каппа ишора карда афзуд: - Марҳамат кунед, он ҷо ҷойи нишаст ҳаст. - Мард куртаи карбосии рангпаридаи дарозиаш то зону дорад, пойҳояш луч ва лойолуданд.

Меҳмонҳо ба ҳам нигариста розӣ шуданд ва аспҳоро баста, ба суфа баромаданд. Аз ду канори суфа об ҷорӣ аст. Дар атроф сабзаю пудина фаровон. Аз тарафи чап найзор суфаро печондаст. Ҷониби қибла кушода, дашти зардранг ва кӯҳҳои сиёҳи Боботоғ намоён.

– Оҳ-о! Ин ҷо ҷаннат будааст! –нидо кард Муҳаммадшариф ва ҷониби Чернов нигаристу афзуд:- Александр Николаевич, хоҳед, шаб ин ҷо хоб мекунем..

Мард пӯстакҳои ҷамъкардаро дар атрофи суфа партофт. Ба байни замин рафта ду харбуза канда овард. Писараки тахмин чорсола ва духтарчаи баландтари пахмоқмӯй нону дастархон бардошта омаданд. Яқин модарашон дид, ки меҳмон омад, онҳоро фиристод.

– Эраҷ, чой ҳам биёред, зуд равед!-мард ҷониби писарак, ки домани апаашро дошта нигоҳаш ҷониби меҳмонҳо буд, мурочиат кард.

Кӯдакҳо пас гашта баланд хандида рафтанд.

– Акаи Саидбек, харбузаҳоятон аз асал ҳам ширинтар,-гуфт Давлат.- Сирри ширинашонро гӯед, вагарна мо ба зудӣ аз ин ҷо намеравем.

– Меҳмон як рӯз меҳмонӣ дорад, пас хира мешавад,- Саидбек хандид. -Харбузаро дар замини нав коред. Муҳим, ғизо диҳед, мудом бехашро нарм карда истед, обашро дар вақташ расонед, он вақт харбуза ширин мешавад. Ман пас аз баромадани ситораи Парвин ба харбуза об мемонам. Офтоб, ки ба замин расид, обро мебандам.

– Агар рӯзона об диҳед, чӣ мешавад?

– Ёрра аз шуҷоат мемонад. Ёрраи касал ҳосили хуб намедиҳад.

– Чаро ба сарбозҳои мо дастранҷатонро бепул медиҳед? Чаро онҳоро пеш намекунед?-пурсид Чернов. Ба ӯ бе истиҳола сухан кардани Саидбек маъқул шуд.

– Онҳо наган доранд,-Саидбек табассум кард, пас чиддӣ шуда, бо оҳанги дӯстона афзуд:- Харбузаи мо насибашон карда будааст, ош шавад.

– Босмачиҳо ҳам меоянд? -пурсид Загорский.

– Як ҳафта пеш як даста, тахмин ҳаштод нафар як маротиба омаданд. Лекин бетартибӣ накарданд. Сӣ дона харбузаи пухтагиро ҷудо карда гирифтанду гуфтанд, ки пазад, боз меоем.

– Ҳамон дастаи дирӯза аст, -гуфт Муҳаммадшариф ҷониби Чернов.

– Харбузаро ба бозор ҳам мебаред?-пурсид Давлат.

– Солҳои пеш аз Кӯлобу Балҷувон омада, савдо карда мебурданд. Аз афташ, одам ҳам намонд, ки имсол касе намеояд.

Ин дам писарак тохта омада дасташро дар китфи падар ниҳоду нигоҳаш ҷониби меҳмонҳо хабар дод:

– Очам мегӯянд, ки додота гӯй, зуд биён.

Саидбек хеста рафту лаҳзае пас дар қаробоӣ чой оварда гуфт:

– Занам фармуд, ки нагузоред меҳмонҳо хезанд, биринҷи палавро андохтааст.

– Мо то пагоҳ ҳамин ҷоем,- Муҳаммадшариф ханда кард ва ҷониби Саидбек афзуд:- Зирбак тайёр будааст-дия.

– Аз афташ тайёр будааст. Беҳуда намегӯянд, ки ризқи меҳмон пеш аз худаш меояд.

– Ин замин ҳама аз они худатон?-пурсид Загорский.

– Ҳамааш аз они худам, боз як замини ҳаштсотиха дорам, дар вай гандум коридам.

– Оҳ-о, шумо ҳам бой будаед-ку,- гуфт Муҳаммадшариф.-Аз афташ мо шуморо ба рӯйхати бойҳо ҳамроҳ мекунем.

– Ҳамаро бой кардаю дар зиндонҳо кунед, кӣ харбуза мекорад, ки қӯшунатон ду рӯз нӯши ҷон кунад,-гуфт Саидбек нимшухию нимҷидди карда.- Кори харбуза осон нест. Аз дасти батракҳои мо ин корҳо намеояд. Мо онҳоро "те хураму зан мурам" меномем.

Муҳаммадшарифро ханда гирифт. Оби чашмонашро пок карда гуфт:

– Дар ҷои мо баъзе батракҳоро "лус" меноманд.

То меҳмонҳо палав хӯрда хестанд, ки мизбон панҷ харбуза оварда, "инҳоро тӯшаи роҳ мекунед", гуфт.

Чернов Чилларо нихта кард.

– Пули харбузаро додан лозим.

Чилла пул дароз карда буд, ки Саидбек дасташро дошта гуфт:

– Дар ҷои мо аз меҳмон пул намегиранд, айб аст.

– Шахси назарбаланд касро хурсанд мекунад,-гуфт Чилла бо меҳрубонӣ.-Мо то заминҳои домани кӯҳ тамошо меравем, дар бозгашт харбузаҳоро мегирем.

Ба роҳ ки баромаданд, Чернов аспи Загорскийро оҳиста қамчин зада гуфт:

– Пётр, обу зироати ҳамин деҳқонро дидаму як фикр ба сарам омад. Балки ин фикр кайҳо дар сарам чарх мезад. Дар байни мардуми Осиёи Миёна асосан ҳамин деҳқononи заминдор одамони озода, дилкушод ва сахиянд. Номусу нангу рӯи сурхи миллаташон ҳаминҳоянд. Муллою подшоҳу вазирони носераму дигар мансабдорони зиёдро ҳаминҳо мехӯронанд.

– Пас чаро...

– Ҳоло ист. Батракҳое, ки мо ҷонибдоришон мекунем, гадотаъбу лаванду беғайратанд. Мисли деҳқон биёю раву одамгариро намедонанд. Дониш як тараф,

расму русумашонро намедонанд. Ана барои ҳамин артелҳое, ки дар Самарқанд он тарафҳо карданд, маза надоранд. Мо ба зӯрӣ батракҳоро ба сари манса меорему ба ин халқ хиёнат мекунем. Ба кори инқилоб ҳам...

– Ман ҳам инро мушоҳида намудаю ёддошт кардам:-гуфт Пётр. ва бачаш мони мусоҳибаш нигариста илова кард: - Намешавад, ки ҳамин фикрҳоятр дар боло гӯй?

– Намешавад, ин мардум инқилоби моро ба он сабаб қабул намекунанд ки бо батракҳо якҷоя зиндагӣ кардан наметавонанд. Мисле ки аз гуруснагӣ мемуранду замини вақфро намегиранд.

– Пас зиндон кардан мегирем?

Чернов оҳ кашид.

Загорский ба суханаш идома дод:

– Дар Русия ҳам зулму бетартибиҳо аз ҳад бисёр шуданд ва ҳоло ҳам давом дорад. Дастбакорону донишмандонро нест мекунанд.

Чернов лаҳзае хомӯш истоду гуфт:

– Хайр, онҳое, ки ин тӯфонро барангезондаанд, барномае доштагистанд ки кишварро ба ободонӣ бубаранд.

– Эҳ ин инқилоби шумо...

– Мебахшӣ, инқилобӣ мо не, инқилоби рус.

– Рус ин шармандагиро намекунад. Ин инқилобро аз берун ба сари мс оварданд.

– Аз берун ё аз дарун оварда бошанд ҳам, дар ҳама олам инқилоби рус мегӯянд.- Чернов аспашро маҳмез зад.

Пётр лаҷоми аспашро кашиду дафтарашро бароварда, ба тавраш ёддошт ишора кард:

«Ин ҷо даштҳо қариб якранг, сангҳои сиёҳ доранд, шивоқ, як-як камари байни сангҳо паҳн шуда гули сурх карда ва дар атроф дарахтони газ ва хордор рустаанд. Хонаҳо аксар пушт ба пушт сохта шудаанд. Баъзе дуошёнабарин, онро болохона мегӯянд. Дар кӯчаҳо харҳо дар хок ғел задаю ба паҳнои кӯча дароз кашида, роҳро бастаанд. Гӯё ки дар пост бошанд. Баъзе якдигарро пеш карда даври деҳа метозанд. Мардҳо ҳама ришу салла доранд. Ҳар рӯз корро аз масҷидрави шурӯъ мекунанд. Пагоҳи ду соат ҳатто зиёдтар вақти азизи ки тобхониро дар масҷид мегузаронанд. Байни ду намоз, асру шом, дар масҷид ба қавли худашон гап дода мешинанд. Мард ба зани ҷанҷолбардоштааш гӯяд, ки дар масҷид будам, хап мешавад.

Занҳо болопӯш (чодар) доранд. Ин корашон ҳилаи занона. Онҳо аз зиҳи болопӯш моро дида метавонанд, мо онҳоро не.

– Ин қадар чӣ менависӣ? - Муҳаммадшариф афташро ҳамрикоби Пётр кард.

– Навиштам, ки ин ҷо масҷид бисёру аз мактаб нишоне нест.

– Ҳар гапу хабари фачро навишта ба Русия набар, ошно. Инҷо ҳар мулло як мактаб ҳаст.

– Дар шумо кор осон... Мулло ҳам даркор лекин мактаб дигар аст. - Пётр хандид ва дафтарашро пӯшонд.

Онҳо ду соат барин дар байни замину боғҳои бесоҳиб пасу пеш гаштанд. Чернов боғеро, ки зардолуҳояш рехтаю хушк шудаанд, ба Муҳаммадшариф нишон дода пурсид:

– Соҳибони ин боғҳо рафта бошанд чаро мардум меваашро намечинанд?

– Саидбек барин одамон чизи касро бе пурсиш намегиранд. Ин корро ба шаъни худ муносиб намедонанд,-гуфт Муҳммадшариф.-Лекин одамони бешарм ҳам ҳастанд.

– Бешарм гуфта батракҳоро дар назар дорӣ?

– Батрак бинад, ки соҳиби боғ рафтааст, меваашро мечинад.-Муҳаммадшариф оҳи чуқур кашида афзуд:- Ҳангоме ки ҷавоб гирифта ба деҳаамон Коссонсой рвфтам, падарам ба аламу ҳасрат гуфт, ки аз ҷабри инқилоби шумо деҳқону дастбакорҳо ба ҳар тараф баромада рафтанд.

– Падарро гӯй хафа нашавад, ҳоло боз тинҷӣ мешаваду ҳама баргашта меоянд, - гуфт Чернов ва дид, ки ду нафар сарбоз аз он сӯйи замини харбуза худро ба паноҳи қамишҳо гирифта, хам шуда тез-тез қадам мезананд.

– Майкапӯш Кузмин бошад?

– Бале, - гуфт Загорский.- Дигараш Саша Григорев. Аз қади пасташ шинохтам.

Ба хотири Чернов омад, ки дирӯз ҳам ҳангоме ки дар дашти Маҳтобӣ Чернов "куртаҳоро пӯшед, ба мардуми ин ҷо тани луч гаштан хуш намеояд" гуфт, дигарҳо пӯшиданду Кузмин писанд накард.

– Пётр, ба бачаҳо фармо, ки минбаъд касе ба замини харбуза надарояд! – Фармуд Чернов.

– Рафиқ подполковник (Чернов рутбаи подполковникро баъди ҷанги Бухорою Бойсун гирифт), монед, бачаҳо як маротиба шикамсерӣ харбуза хӯранд. -Ин ҷо каси харбузахӯр ҳам кам мондааст.

– Ба бозор бурда мефурӯшад харбузаашро,- Чернов нигоҳашро аз Кузмин намеканд ва дақиқае пас ҷониби Чилла илова кард:- Лозим шавад, худатон омада харбузаро нарх карда мегиред.

– Барояшон давлати шуравӣ месозем, боз пул диҳем? –Давлат сухани Загорскийро тақвият дод.

– Худам ҳам ҳамин ниятро доштаму аз шумо пурсидан мехостам,- гуфт Чилла.

Ҳангоме ки онҳо назди сипанҷ омаданд, манзараеро диданд, ки ҳамаро ҳайратзадаю дилхун кард. Дар байни ёрраҳои зардшуда соҳиби полез Саидбек мурда мехобид. Ӯро парондаанд. Чеҳраи афрӯхтааш ҳоло пажмурда, менамуд. Як тарафи куртааш аз хун суп-сурх шудааст. Хоки зардчаи таги пояш ҳам пури хун аст. Пойҳояш то зону луч ва лойи ҳар ҷо часпида хушк шуда мондааст. Занаш рӯймоли сафедашро болои пешониаш кашида назди мурда сари зону нишаста, шеван мекард. Духтараки пахмоқмӯю писараш аз ду тараф доманашро дошта бо тарс гиря мекарданд. Он тарафтар ду мард, онҳо ҳам пойлуч, гиря мекарданд.

Муҳаммадшариф назди онҳо рафта пурсид: «Чӣ гап шуд? Кӣ ин одамро паронд?»

Марде, ки риши тунуки сиёҳ дорад, бо оби дида воқеаро накл кард:

– Ин одам бародарам мешавад. Пас аз он ки шумо рафтед, ду саллот о ду харбузаи калони назди сипанҷро канданӣ мешаванд. Бародарам: "бач дигарашро канед, инҳо ҳанӯз ширин нестанд, инҳоро барои тухмӣ монд мегӯяд. Байнашон тую ман мешаваду саллоте харбузаҳоро меканад. Барод белро гирифта ба сарашон метозад, ки яке таппончаашро бароварда мепар

Чернов фаҳмид, ки ин кори Кузмин аст. Аз ғазаб дастонаш меларзанд дар майдони ҷанг бисёр мурдаҳоро дида буд. Лекин аз наздик шудан ба мурда метарсид. Ба фаҳму идрокаш намерафт, ки он деҳқони меҳнатӣ ва пур шодӣ, аз дасти сарбозаш кушта шуд. Қарор дод, ки рафта Кузминро мепар

– Кори Кузмини ҳаромӣ!-гуфт Муҳаммадшариф. - Беҳуда худашро пин намекард.

– Инҳо зану фарзандҳои ҳамин бетолеъ,-афзуд бародари Саидбек бо ов ларзон. Инҳо бекас монданд.

Соате пеш ин зан ба эҳтироми шавҳар баҳри меҳмонҳояш палав пухта бу Ин кӯдакҳо дар атрофи падар шодӣ доштанд. Дигар он падар нест. Он зинда ширини беғам бебозгашт рафт.

Касе намедонист, чӣ гӯяду чӣ кунад. Ниҳоят Чернов овоз бароварда:

– Хоҳар, мо ҳозир он аскарро ёфта, ба сазояш мерасонем. - Овозаш мела зид. Ва ба Чилла ишора кард, ки ба мард як миқдор пул диҳад.

Зан пул дароз кардани Чилларо дида бо ғазабу шеван гуфт:

– Саидшоҳ, нагиред пулашона! Се рӯз шуд, ки саллотҳояшон дастран ин марда мехӯранду мебаранд. Ба ивазаш парондадаш! Иброҳимбеку аскара омада мехӯрданд, Туғайу одамонаш ҳам мехӯрданду (Туғайсарӣ сардори даст босмачиҳо) ин кора накарданд! Инҳо нокасон... Пулашон сарашона хӯрад! д мурдаи худашон равад.

Пул дар дасти Чилла монд.

– Чи рӯзе ба сарам омад! Инҳо чи зоғу зоғананд!Мардумро ба чи рӯз р сонданд! Иллоҳо ба рӯзи ман монанд! -Зан шеван мекард.

Саидшоҳ дар атрофи мурда ҷамъ омадани магасҳоро дида, рӯймоли ми нашро кушода рӯяшро пӯшонд ва ҷониби ҳамраҳаш чизе гуфт. Шояд дар бор тачҳизи ҷаноза маслиҳат кард.

Зан ором намешуд.

– Фарзандҳома бе падар кардед! Зиндагима барбод додед! До-д! До-д! Д аз дасти шумо! Аз дасти шумо на деҳ монду на одаму ободӣ!

– Тамошо карда шудем,- Муҳаммадшарифҳи ба дард кашид. Ва ишор рафтан кард.

Чернов пулро аз дасти Чилла гирифта, ба бародари мурда дода гуфт:

– Баъдтар пули харбузаро, ки сарбозҳо дирӯзу имрӯз хӯрдаанд, ба шу мерасонем, сарбози қотил зинда нахоҳад монд!- ва пас гашт. Раҳорах овози з нро шунид, ки ба нола мегуфт: "Кош ҳамин замину харбузаҳояш намешудан рӯйи шумо кафторҳоро намедидам! Кош мо ҳам ба қатори дигарон аз ин з мини балозада мерафтем!"

Касе сухан намекунад. Ҳама сархам қадам мезананд.

Чернов Кузминро дар давраи қартабозҳо ёфт. Ӯ бепарво чизе гуфтаю дигаронро механдонд. Харбузаҳои овардаашонро пора кардаю нимхӯрда ба ҳар тараф ҳаво дода буданд. Кадоме Кузминро маломат мекард: "Валера харбузаҳои овардаат калону таъм надоранд."

Чернов рӯбарӯи Кузмин қарор гирифт ва дар ҳоле, ки рӯяш аз ғазаб качу килеб шуда лабонаш мепариданд, гуфт:

– Модарата фалон кунам, деҳқонро куштию чӣ гуна харбузааш аз гулӯят мегузарад?! Ва бо мушт ба рӯяш зад.

Кузмин дар ҷояш нишаста лаби кафидаашро дошт.

Чернов ӯро аз гиребонаш бардошта заданӣ буд, ки Загорский пешашро дошт. "Александр Николаевич як дам ист, худатро ба дастгир" гуфт. Ӯ ҳеҷ гоҳ рафиқашро чунин бадқаҳр надида буд.

Чернов тугмаҳои куртаашро кушода бо овози пасттар афзуд:-Намехоҳам ба хуни ту ҳаромӣ дастамро олонам! Барои он ки деҳқони бегуноҳро парондӣ, суди саҳроӣ ҷазои ҳардуятро медиҳад! Ҳуҷҷатро худам тахт мекунам! Аз пушти ту барин ифлосҳо ин мардум хонаю дарашро партофта меравад. Ту барин модарбахатоҳо обрӯи армияи сурхро мерезонед!

– Сардор, ба даҳонат нигоҳ карда гап зан!-Кузмин бо рӯймолча лабони кафидаю хунравонашро пок карду аз ҷояш хест ва аз рӯйи одат ҷониби атрофиёнаш нигариста, бо истеҳзо гуфт:

– Тӯҳматро дидед?! Сардори бригада ину обрӯро ман резондаам!

Таппончаи Кузмин дар миёнаш буд. Чернов қарор дод, ки агар ба таппонча даст барад, ӯ пештар мепаронад.

– Кайҳо туро нест кардан даркор буд!-Чернов боз дар ғазаб шуд.

Кузмин, пай бурд, ки Чернов кори дирӯзаашро дар назар дорад. Ҳангоме ки асирро аз паси гардан шамшер задаву ба ҷар партофт, Чернов ҷиннӣ шуда мушташро ба зери манаҳаш дошта буд.

– Рафиқ подполковник, аслан аз рӯзи ба бригадаат омаданам ба ман рӯи хуш намедодӣ,-гуфт Кузмин бо лаҳни нарм.- Дирӯз ҳам барои як босмачӣ шуда қариб маро мекуштӣ.

– Ин суханҳоро дар суд мегӯӣ.-Чернов фаҳмид, ки Кузмин таппончаро намегирад.

– Рафиқ подполковник, рафиқ сардори бригадаи 11-ум. Айби худи деҳқон шуд! Худаш ҷангро сар кард! Бо бел қариб ба сарам мезад! Моро куштанӣ буд. Ман худамро ҳимоя кардам. Ба суд ҳам мегӯям, ки мо худамонро ҳимоя кардем.

– Умратро ба бадиҳо гузарондӣ, ояндаат боз бадтар хоҳад гузашт, - гуфт Чернов. Ва ба одами шуъбаи сиёсӣ фармуд, ки дастонашро бандад.

Рангурӯи Кузмин пахта барин сафед шуда, ба тавалло даромад:

– Александр Николаевич, маро бубахш! Хато кардам. Аз карда пушаймонам. Дар ҷанг гуноҳамро мешӯям...

– Гуноҳи ту, хуки ёбоиро, оби ин олам намешӯяд,- гуфт Чернов ва бо нафрат аз ӯ дур шуд.

Соати шаши пагоҳӣ дастаҳо, ҳар кадом алоҳида, назди соҳил нишо
ништo карданд. Дарёи Сурхоб хеле паст шуда бошад ҳам, ҳанӯз обаш
аст. Дарахтони ба соҳил наздик ҳанӯз сабз ва шодобанд. Аммо боғу зам
он сӯи соҳил аллакай ҳама зарду сурх шуда, ранги тирамоҳро гирифтаанд.

Хабар омад, ки бригадаи 16-ум баъд аз ним соат мерасад. Ротаи Загор
дар зери ду беди калон, ки байнашон регзор аст, ҷой интихоб кардааст. Д
ин рота нуҳ нафар қурбонӣ дод, ҳафт нафар захмӣ шуд.

Ротаи Давлат ва ротаи 1-юми полке, ки аз Термез омада буд, поёнтар
зери бедҳои қатор ҷойгиранд. Коргарони штаб болотар дар соҳили дарё н
стаанд. Чернов ҳам он ҷост. Дар назди баъзе ротаҳо ҳанӯз харбузаю тарбуз
дирӯз овардаашон тӯп-тӯп намудоранд. Аз дирӯз, вақте ки хабари парон
деҳқон омад, дигар касе барои харбуза нарафт. Харбузаву тарбузҳои ҳамин
бударо низ бисёриҳо намехӯранд. Аз гулӯ намегузарад. Кузмини ҳамяроқ
онҳоро ба хуни ноҳақ олуда кард.

Ҳоло ҳаво салқин аст. Шамолаки дарё беист мевазад. Боз як соат мегу
ду пас офтоб ҳама ҷойро гарм мекунад. Ва ҳама ҷондор мисли дирӯз аз г
дилгиру бемадор мешаванд.

Ноништо бештар гӯшт аст. Нон ба ҳама нарасид. Ротаи Давлат бе нон м
Дирӯз Чилла бо одамонаш деҳаҳои атрофро чарх зада, ним халта барин
ёфта буд. Чернов иштиҳо надошт, хесту лаби дарё рафта даст шуст. Ха
Кузминро дирӯз даст баста ба зиндон равон карда бошад ҳам, алами д
паст нашудааст. Андешид, ки ин ҷанг ҷанги наҳс аст. Мудом ошуфта в
изтиробӣ. Наход деҳқон душман бошад? Ҳамон бойаш ҳам душман нест... К
Анварро тамом кунад, меравад. Маҷбур кунанд ҳам, намеистад. Охир касбу
ӯ дигар аст. Пеши назараш симои бобояш пайдо шуд. Ҳар гоҳе асабӣ ш
ин симо рӯбарӯяш меояд. Чернов ғазабашро ба сари бобо рехт. "Мухт
Димитрий Чернов, он ислоҳоту инқилобе, ки барояш умратро хазон кар
мо ҳам ҳавасманди он шудем, он қадар моле набудааст. Маҳсулаш ҳун
дарду дилсиёҳӣ. Худат ҳам ба ҷои ман мешудию ин рӯзҳоро медидӣ.
фикрро мекардӣ." Ӯ пас гашта дид, ки Муҳаммадшариф ба карчи харбуз
ки Ершов бурида наздаш мегузорад, даст намерасонад. Лекин Ниёзи дар
иштиҳо мехӯрад. Пас маълум мешавад, ки захмаш рӯ ба беҳбудӣ овардаа

Ҳангоме ки бригадаи 16-ум расид дами субҳ ба роҳ баромаданд. Ч
Ниёзов Ниёзро ба ҷойи марҳум Мирзоев Манучеҳр сардори взвод таъйин к

Тафси рӯз сардори взводи ақибгоҳ Чилла хабар расонд, ки хӯроки нисф
далда аст. Худашон гандум даравидаю онро бо кӯба кӯфтаанд. Чунки
наздикиҳо на осиё мондааст на осиёбон, ки гандумро орд кунанд.

Чернов, ки дилозурда буд, дилозурдатар шуд. Соли гузашта дар ин п
пеш чи қадар деҳаҳои обод буданд. Ҳоло ба ҷояшон тӯда-тӯда чордевор
мондаанду бас.

Соате гузашту нуҳ нафар оилаи фирориро диданд, ки занону кӯдакҳо
дар болои харҳои бордор савор мераванд. Яке юғу омочашро ҳам бор кар
Онҳоро дида маркабҳоро задаю тела карда бо овози баланд дашном кар

зонданд. Гӯё нишон доданӣ шуданд, ки ҳой, аз ҷафои шумо гурезонем. Давлат пеши роҳашонро дошта пӯписа кард.

– Кадом гӯр меравед?!Марди ҳақиқӣ ватанашро партофта намеравад! Мо инқилоб гуфтаю худамонро дар дами тири босмачӣ гузорему шумо ба ҷои ин ки заминатонро соҳибӣ карда гандум кored, мегурезед!

Марди лоғарниҳоде, ки чашмонаш чуқур рафтаанд, бо ситезманди салаашро болои чашмонаш давонда бо овози нарм ҳамон фикрҳоеро гуфт, ки пештар ба сари Чернов омада буданд:

– Шумо тоҷики худамонед, писар?-Пурсид мард ва афзуд:- Марди ҳақиқӣ намеравад, мегӯед. Ин деҳаҳое, ки холӣ шуда, бисёр мардони ҳақиқӣ доштанд, лекин ҳама рафтанд. Дирӯз як деҳқони харбузакореро, ки маҳсулоташро шикамсерӣ хӯрдед, чӣ кор кардед? Баъди ин мардум ба кӯдакҳояшон васият мекунанд, ки барои шумо на ин ки гандум, балки нони мӯшхӯрдаашро надиҳад.

Давлат чизе гуфтанӣ шуд, ки Чернов сурфа карда, ӯро дошт. Ва ишора кард, ки мон, раванд. Пас ба ҷояш баргашта ба Чилла фармуд, ки ба зани мақтул ба ғайр аз пули харбузааш пули як говро ҳам бурда деҳ, то ки зан бачаҳояшро хӯронаду пӯшонад. Чойи дарозкардаи Муҳаммадшарифро тез-тез нӯшиду андешид, ки агар ин мардум инқилобро нафаҳманду қабул накунанд, чаро бояд маҷбур кунем? Маъқулашон будааст, ки ғуломи бек бошанд. Мулло хар барин саворшон шуда гардад. Аз даридагию пойлучиашон парво надоранд. Барф ҳаст, борон ҳаст пойлуч гаштан мегиранд. Гурусна ҳам намемонанд. Дар кӯҳҳояшон чормағзу пистаю дӯлона лаб задааст. Ҳар чормағз, ҳар тут, ки эҳ-е... Як авлодро як сол мехӯронад. Мисли гургу хирсу рӯбоҳи кӯҳҳояшон тобистон тарашро, зимистон хушкашро мехӯранд. Мактаб, духтур, касбу кор ҳам лозим нест. Инҳо мисли ҳайвон бемор ҳам намешаванд...

Комиссар Ершов номае дар даст саросема омаду гуфт:

– Давлатманд талаб кардааст, ки се рӯз оташбас эълон кунем, то ки мардум осуда иди қурбонро гузаронанд. Чӣ нависам? Фикрат чист?

Чернов ҳавсалаи сухан кардан надошт. "Ҳар чӣ мехоҳӣ, навиштан гир," – гуфт. Ҳатто сарашро набардошт.

– Хаташро як маротиба мехондӣ.

– Намехоҳам.- Чернов сар ҷунбонд.

Муҳаммадшариф ба пиёлаҳо чойи гарм рехта гуфт:

– Дар Балҷувон овоза шудааст, ки гӯё аскари сурх аз тарси Анварпошо ба он тараф қадам намемондааст.

"Ин кори ОГПУ! - Чернов муддате андешаманд шуд: -Яқин тарҳе доранд. Шояд босмачиҳоро дилпур мекунанд, ки нагурезанд".

– Розӣ мешавем, дигар чӣ роҳ дорем?-гуфт Ершов ва ба оҳанги дигар афзуд: -Александр Николаевич, ту ҳеҷ не, ки баъд аз ҷанги дашти Маҳтобӣ ба худ биёӣ. Он чӣ шуданӣ буд, шуд. Оби рехтаро баргардонда намешавад.

Муҳаммадшариф Ершовро тарафдорӣ кард.

– Розӣ мешавем. Мардум аз кӯҳҳо омада идашонро ҷашн гиранд.- Мо ҳам ба савоб шарик мешавем.

– Ба намоз меоянд? - Чернов рост ба чашмони ҷилавдораш нигарист.

– Албатта меоянд! Намозро тарк намекунанд.

Дар қаъри дили Чернов оташаке аланга зад ва бо ҳаяҷон гуфт:

– Навис, ки як ҳафта оташбас эълон мекунем. Навис, ки мо ҳам савобчӯ Ин ид барои мо ҳам муқаддас аст!

– "Ин ид барои мо ҳам муқаддас аст", лозим не.- Ершовро ханда гири ва пурсид: -Чаро як ҳафта? Дар ин гармии тобистон як ҳафта ин ҷо исто метавонем? На нон меёбем, на гандум.

– Навис! - суханашро такрор кард Чернов.

Ершов дар чеҳраи сардаста тағйиротеро мушоҳида карда, дигар пофишорӣ накард. Аз фикри ниҳони сардаста дили худаш низ хира-хира огоҳӣ медод.

❄ ❄ ❄

Мансур аз роҳи Обдара ба ҳавлии амаки Сайфуллоҳ даромада, дар тани Ҷовид куртаи тики дарозро дида, ҳандааш омад.

Ҷовид гаҳвора меҷунбонд. Онсӯтар назди танӯр холаи Робиа бо келину ду духтари шавҳардораш нон мебандад. Хола Мансурро дида, ба пешвозаш хесту нимҷиддию нимшӯхӣ гуфт:

– Писаратон сахт якрав. Барояш курта дӯхтам, зорӣ кардам, ки пӯш бачаҷон! Не! Ман куртаи сурх намепӯшам, гуфт. Набераамро як нафас ҷунбон гаҳворабахшат мекунам гӯям, не, ман аз ин ҷо зан намегирам, мегӯяд.

– Ҷовид, бачаҷон, кас аз бахти аввал рӯй намегардонад,-Мансур низ ҷиддӣ сухани холаро тақвият дод.- Ин ҷо бароят хона мепӯшам...

– Набераи шумо ба ман чӣ даркор?-Ҷовид ҷигот гиронд ва ҷониби падар гуфт:- Ман аз ин ҷо зан намегирам. Хона пӯшеду худатон шинед.

– Домодча, каттагиашро бинед!-гуфт духтари хола ва занҳо хандиданд.

Тоҳирҷон меҳмонҳоро болои суфа даъват карда, раҳораҳ хабар дод, ки дар деҳа овоза, ки русҳо сарҳадро бастаанд, то ки Анварпошо нагурезад.

– Кӣ ин хабарро овард?

– Балчувониҳои мо. Як гурӯҳ бо супориши Анварпошо ба Афғонистон гов мол бурда будаанд, ки тир оранд. Ҳамонҳо хабар овардаанд.

– Тир овардаанд?

– Маълум не. Он ҷо мол бисёр арзон будааст.

– Албатта арзон аст, ҳама моли мардум он тараф рафт,-Мансур бо таассуф сар ҷунбонд.

Ин дам холаи Робиа табақ дар даст аз дар даромад. Фатирмаскаи гарм овардааст.

Наздики намози аср Мансуру амаки Сайфуллоҳро ба назди меҳмонҳо ба хонаи Давлатманд даъват карданд.

Дар боғи барҳавои Давлатманд барои меҳмонҳо ҷой кардаанд. Дар даромади боғ себу олуҳо аз вазнини шохҳояшон нишеб шудаанд. Ин себҳо оби мизон хуранд ана баъд ширин мешаванд. Ҷониби поёни боғ, ки роҳи калон мегузарад, девор дорад. Хидматгарон дар таку дав. Як тараф гӯсфанд мекушанд, як

тараф дегу алов доранд. Дар лаби чӯй болои суфа калонҳо нишастаанд. Он чо се-чор нафар домуллоҳои салласафед ва чанд нафар ёрони Анварпошо сӯҳбат доранд. Муллоҳамроҳ ҳам дар ҳамин чо. Ҷелаку салла карда омадааст. Ришу буруташа қайчӣ задаю чеҳрааш ҳам чиддист. Вай баъд аз муллои миёнсини зардинае, ки нигоҳи меҳрубонона дорад, чой гирифтааст. Ба меҳмонҳо писарандари Давлатманд – Муқаддас, чавони газгӯшти гандумгун хизмат мекунад. Поёнтар болои сабзаҳо чил- панчоҳ нафар сарбозону муҳофизон гилему намад партофта давра кардаанд. Анварпошою Фаррухбой дуртар дар поёни чӯйбор рост истода гуфтугӯ доранд. Анварпошо ошуфта менамояд.

Давлатманд аз дасти Мансур дошта, ба болои суфа ҳидоят карду чониби Сайфуллоҳ "амак, хоҳед, дар поён нишинед, хоҳед, назди меҳмонҳо бароед" гуфт. "Мо дар поён баҳазуртарем," гуфт Сайфуллоҳ ва сӯйи давра рафт.

Мансур дар паҳлӯи Муллоҳамроҳ чой гирифта, мушоҳида кард, ки барои меҳмонҳо дастархони пурнеъмат оростаанд. Гӯшти оҳу, гӯсфанд, кабку мурғи ҳилол дар табаққои алоҳида. Аз ҳалво ҳашт-нӯҳ намуд. Ангурҳои рангоранг. Нонҳое пухтаанд, ки мегӯйӣ рӯйи духтар аст. Аз паҳлӯи суфа чӯйи пуроб чорист

Анварпошо баъди сӯҳбат бо Фаррухбой аз назди оташдон гузашта, як даста коғаз ва суратеро ба коми оташ ҳаво дода, то сӯхтанашон нигоҳ карда истод. Ва наздик омада, аз Давлатманд пурсид: "Ба теғаҳои атроф посбон мондед?" Ҷавоб гирифта, чониби чилавдори Давлатманд Гадобой илова кард:-Аспҳоро ҳам дар ҳамин боғ назди худамон чой кунед.

– Анварҷон, ҳама гуфтаҳоят ичро мешаванд, - Давлатманд ҳоло куртаи суфи то зону ва миёнбанд дорад. Дар сар локии сабзранг бастааст. Дар ин либос зеботару чолоктар менамояд. Ӯ миёнбандро аз нав баста афзуд:-Ту заррае парво накун. Магар мардуми мо мегузорад, ки болшевики ломазҳаб наздики ту ояд? Пиру барно хеста, сангшапаш мекунанд. - Ва чомаи таҳкардаи банорасро аз дасти Муқаддас гирифта, ба китфи меҳмон партофта, бо ханда илова кард:- Ту камгӯштӣ, мабодо хунук нахӯрӣ?

– Аз дӯст ҳар чӣ расад, накуст.- Анварпошо чомаро пӯшида, болои курпача паҳлӯи домуллои зардина нишаст. Дар он сӯ дӯстони Анварпошо Усмон Човушу Мурод Човуш, Саша Роиеви казак, Ҳусейни черкас ва боз панҷ-шаш нафар туркону таҳчоиҳои салладор чойгиранд. Фаррухбой паҳлӯи Мансур чой гирифт.

Анварпошо даврабудаҳоро сарсарӣ аз назар гузаронд ва ба Мансур нигариста, гуфт:

– Дидед, болшевикҳо чӣ гуна мардуми Бухороро фиреб доданд? Дар аввал Ҷумҳурии халқӣ гуфтанду пас аз он ки пойҳояшон чой гирифт, шартнома мебандем гуфта, чумҳуриро ба худашон илҳоқ карданд.

– Ҳеҷ кас чунин гумон намекард,-Мансур дар сухани Пошшо оҳанги ҳис кард ва ба хотираш омад, ки агар дар ин давра Низом - махдум мешуд, бо ӯ аз ин боб суҳбат мекард. Ӯ аз баргу навои болшевикҳо бохабар буд. Ва боз фикр кард, ки чаро Анварпошо хату суратро ба оташ партофт? Сурати кӣ буд? Шояд маҳбубааш буд? Шояд мӯътақид аст, ки чанг мешавад. Ва ба ҳар эҳтимол суратро нест кард. Хуб кард. Сурати каси маҳбуб бояд ба дасти бегона наафтад.

– Бо Бошқирдистон ҳам ҳамин бозиро карданд,-гуфт Валиш, яке аз ёрони Анвар, ки поёнтар менишаст.- Чор-панҷ моҳ истиқлолияташон доданду пас ба Русия ҳамроҳ карданд. Ба Хева, Олош, Урдаву Тошканд низ чунин корро лоиқ диданд. Сарварҳояшон ҷамъ шуда, хостанд назди Ленин рафта, гӯянд: "Ваъда дода будӣ, ки ба халқҳо ҳуқуқи истиқлолият медиҳем, магар аз хотират баромад?" Онҳоро ба ҷурми "ташкили ҳукумати буржуазияи миллатгаро" зиндонӣ ва баъзеҳоро нобуд карданд.

– Болшевикҳо дар пайи иҷрои мақсадашон аз ҳеҷ рӯсиёҳӣ даст намедоранд,- гуфт Анварпошо. – Лекин мо халал расондем. Вагарна нияти ба Афғонистон ва он тараф то Ҳиндустон рафтан доштанд. Аммо ҳамсояҳо ба мо ёрӣ надоданд.

Мансур ба Анварпошо нигариста, аз дилаш гузаронд; "Шумоён, ки замоне ҳамнишин будед, дарди дили ҳамдигарро медонед ".

Давлатманд дар давра камтар менишаст. Ин тараф - он тараф гашта, ба дегу дастархон, ба иззату икроми меҳмонон назорат мекард.

Анварпошо ба дастархон чандон эътибор намедод, маълум буд, ки фикраш парешон аст. Ӯ ҷониби домуллои дар паҳлӯяш нишаста нигариста, суханашро идома дод:

– Ақаллан тир надоданд ҳамсояҳотон, домулло. Поси хотири ҳамсоягиро надоштанд.

– Шояд Худованд ба дилашон андозад.-Домулло маҳин табассум кард.

Муллоҳамроҳ наздиктари домулло ғеҷид. Пагоҳӣ дар Обдара ӯ гуфта буд, ки намози ид аз ҷону аз ватан боло меистад. Ба ҳар ҳол маънои суханаш ба чунин мазмун буд. Ҳаво гарм бошад ҳам, дар танаш ҷомаи тики навдӯхт дошт. Ӯ бо овози чирросияш ба сухан шурӯъ кард:

– Яздони ҳамабин ҷаноби шуморо ба пешвоии ин халқи мазлум пешандоз карда овард. Ҷонбозиҳо кардеду номи мубораки "ғозии дини ислом"-ро гирифтед.

– Домулло, ин гапҳоро монед. Ғозӣ ғалаба мекунад, мо мудом дар мағлубию гурезогурезу шармандагием.- Дар оҳанги сухани Пошшо озору ғазаби ниҳонӣ ҳис мешуд.

Рухсораҳои Муллоҳамроҳ бештар сурх шуданду бо худнамоӣ афзуд:

– Дар китоби "Мушкоти шариф" омадааст, ки рӯзи қиёмат дар назди дарвозаи ҷаннат барои даромадан ба он олами малакутӣ байни одамон сахт баҳсу талошҳо мешавад...

Чеҳраи Анварпошо гирифта шуду оҳ кашида, рӯяшро ҷониби ҷӯйбори паҳлӯи суфа тоб доду дасташро ба об зад. Баръало намоиш дод, ки ба чунин қиссаҳо ҳавас надорад.

Мансур нигоҳи Муллоҳамроҳро дошта, маънидорона табассум кард, яъне ҷойи ин суханҳо не, гуфт ба тавраш. Ва нон шикаста, "дар мо ин нонро ширмол, мегӯянд" гуфта, ҷараёни суҳбатро ба дигар тараф гардонд.

Аммо Муллоҳамроҳ ишорараро пай набурд, бепарво бо домуллои паҳлӯяш сӯҳбатро идома дод.

Анварпошо ҳамчунон дасташро дар об пасу пеш мебурд ва гӯё аз садои об завқ мекард.

Фаррухбой даст ба зонуи Мансур ниҳода гуфт:

– Барои он наздатон нишастам, ки суҳбат кунем,- ва пурсид:-Домуллоҳамроҳ мадраса хонда бошад?

– Хондагӣ барин, -гуфт Мансур ба мусоҳибаш зеҳн монда ва ба хотираш суханони пагоҳӣ гуфтаи Фаррухбой расид: "Ҳангоме ки давлатҳои Урупо як шуда Туркияи моро дар муҳосира гирифтанд, ҳамин ҷавонтуркон буданд, ки пеш-пеш шуда, ба майдон даромадаю халқашона хезонда барои ватанашон роҳи наҷот кушоданд. Дар Юнон дар ҷабҳае, ки Анварпошо сарлашкар буд, ғалаба болои ғалаба буд". Ана акнун он инқилобчӣ, он сарлашкари номдор ба чи ҳол гирифтор... Болшевикҳо оварда дар кунҷе телаш карданд ва оқибати кораш маълум нест. Аз ин фикр дили Мансур такон хӯрд. Ӯ ба Анварпошо чой дароз кард.

Фаррухбой пиёларо гирифта, бо меҳрубонӣ ишора кард, ки: монед ба ҳолаш, нороҳат накунед...

Фаррухбой, ки феъли рафиқашро медонист, пай бурда буд, ки ин лаҳза ӯ ба дунёи ботини худ фурӯ рафта аст. Мансур ҳам аз ларзиши рухсораҳои Пошшо пай бурда буд, ки ӯ худро ором вонамуд кунад ҳам, дарунаш пур аз ғавғост.

Оре, дар он лаҳза дар сари Анварпошо андешаҳо чун дарёи обаш дамида хурӯш мекарданду хурӯш. Ӯ гузаштаро пеши назар оварда, аз он ҳам ифтихор мекард, ҳам хориаш омада ба умри пур аз шӯру шар гузарондааш дилаш месӯхту месӯхт. Мисле ки кундаи чӯбу ғӯш месӯзаду ҳеҷ тамом намешавад.

Ифтихор аз он мекард, ки тақдир дар ҷавонӣ ӯро ба одамоне пайваст, ки дар дилашон ишқи ватан ҷӯш мезад. Онҳо ҷонашонро дар хатар гузошта, султонҳои Туркияи Усмониро, ки шашсад сол дар тахт нишаста пиру заиф шуда аз маърифати замона дур монда буданд, умрашонро ба гирудори хонаводаашон сарф карда, халқи кишвара фаромӯш карда буданд, аз тахт барканор карданд. Ҳокимияти манархистиашонро барҳам дода, кишварашонро мисли давлатҳои ҳамсоя ба сохти демократию парламентӣ раҳнамо шуданд. Дар соли 1911, ки наҳангкишварҳои атроф бо роҳҳои хушкию баҳрӣ ватанашонро пора-пора кардаву фурӯ бурданӣ буданд, рӯбарӯ истода, ҷонбозиҳо карда, Туркияи азизашонро наҷот доданд. Дар Юнон, дар Балкан ҷабҳае, ки Анварпошо сарлашкар буд, ғалабаҳои овозадор ба даст оварда. Газетаю журнале набуд, ки сурати Анварпошоро чоп накарда набошад. Баъдтар ба таври мӯъҷизаосо гарданаи Дарданелро аз дасти душман раҳониданд. Ин воқеаҳо алови чашми душманҳоро гирифт. Туркия боз номдор шуд. Ҳамон солҳо авҷи шуҳрати Анварпошо будааст. Дару дарвозаи султонҳо ва ҳукумат ба рӯяш боз мешуданд. Як ишорааш бас буд, ки зеботарин душизаҳо дар наздаш ба ракс дароянд.

Дере нагузашта наҳангҳои гурусна боз ба Туркия ҳамлавар шудаю ин дафъа ӯро шикаст доданд. Фармон шуд, ки силоҳатонро супоред. Анвар бо як гурӯҳ рафиқон, ба умеде, ки роҳи наҷот пайдо мекунад, пинҳонӣ аз муҳосира баромад. Ва чунон ки дар чунин мавридҳо рух медиҳад, байни ёрон зиддият сар зад. Хайр, ин гапу кори дигар. Аммо ба он сабаб ба ҳолаш дилаш месӯхт, ки ба як кишвари ақибмонда ва пур аз ҷаҳлу ҷунуну ҷафописанд ба умеди ёрӣ омаду чун гург дар қапқон афтид. Ба хотираш омад, ки аслан ин сафар аз рӯзи аввал

номуборак буд. Дар Олмон ду маротиба ба аэроплан савор шуду дар нимар
сабаби техникӣ гуфта фуровардand. Дафъаи сеюм ҳам аз аэроплане фурова
да, таъмирталаб будааст гуфта, ба дигаре шинонданд. Ҳоло фикр кунад, он
ишораҳои осмони меҳрубон будаанд, ки гаштаву баргашта, "Ҳой, нарав! Н
рав!" мегуфтааст. Вале Анварпошо, ки феъли якравӣ дорад, аз роҳаш нагаш
Ҳангоме ки ба Масков омад (қариб як сол он ҷо монд), рафиқон гуфтанд
зинҳор ба ваъдаи болшевикҳо эътимод макун. Мо дурӯғӯ дағои инҳоро на якбо
дубор дидам. Ба Бухоро омада дид, ки дар тагу болои ҳукумат аксар тото
туркҳоянд (Туркҳои дар ҷанги якуми ҷаҳон ба русҳо асир афтода). Сарвар
ҳам аз ҷавонбухориёни дар Истанбул таҳсилкарда ва тачаддудхоҳ буданд
онҳо бовар кардан мумкин буд. Туркистон ба назараш кишвари ошно ва бе
зебою васеъ ва пур аз сарват намуд. Ба назараш намуд, ки ин ҷо осонак
лате мисли давлати Туркия сохтан мумкин аст. Он гоҳ боз ба Туркияи бо с
баланд бармегардад. Ин орзу мисли киштии бузурге буд, ки ба ғутях бархӯр
ба жарфтарин ҷойи баҳри дилаш фурӯ рафт, то ки дигар барнагардад. Боз ф
кард, ки ин мардумро аз вомондагӣ раҳонидан лозим аст. Охир инҳо ҳам
қавми турканд. Бояд ба чашми кушода ба олам нигаранд.

Дар Бухоро рафиқон аз нияташ огоҳ шуда гуфтанд, ки дар ин ҷо орз
давлат сохтан накун. Закибой - марди донишманди бошқирд гуфт, ки мо
ба умед "ҷамъияти иттиҳоди миллии Туркистон"-ро аз Уфа ба ин ҷо кӯчон
ва баъд дидем, ки вазъи ин гӯшаи ақибмонда аз мо бадтару абтар буда
Мардум аз дарку диди оянда ва истиқлолият бебаҳраанд. Зинҳор ин ҷо ик
ба шӯриш накунед. Халқ тайёр нест. "Ин халқ ҳеҷ гоҳ тайёр намешавад" -гу
Анварпошо ва боз ҳам феъли якравиаш боло гирифт. Оҳ, ин феъл мисли
дар дарунаш манзили сангин кардаю мудом дар ғавғо аст. Коре, ки пеш
рифт, то сомон надиҳад, оромаш намегузорад. Аммо пас аз он ки кор аз
гузашт, фаҳмид, ки Закибой ҳақ будааст. Ин ҷо як халқи пора-пораву а
нокора. Ҳатто ҷадидҳояшон якгапаю якрӯя нестанд. Рӯшанфикрони Тош
Самарқанд, ҳатто Фарғона ҳаводори русҳоянд. Бо русҳо бошанд, зиндагия
осуда мешудааст. Русҳо табиати камбағалпарвар доштаанд. Ба хусус адаб
шон ба инҳо писанд будааст. Солҳои охир Бухоро ҳам ба ҳамин дард гири
шуд. Аммо ин тарафҳо, ки Бухорои шарқӣ мегӯянд, ҳоли зоре дорад. То
намефаҳманд, ки давалат, миллат, ватан гуфтанӣ гапҳо ҳаст. Агар Моварон
гӯед, намефорадшон. Мо миллати ислом мегӯянд. Акнун, ки аз ватан р
шуданд, мефаҳманд, ки дин чӣ будаасту ватан чист...

Анварпошо пештар, вақте аз Фаррухбой фаҳмид, ки русҳо сарҳадро аз
каппаи наздики туркманҳо то Саройкамар зери назорат гирифтаанд, дим
сӯхт. Не-е, натарсид, қаҳраш хест. Аз берӯии русҳо, он мандонамиҳош
ғазаб омад. Чӣ номаъқулие, ки ба сарашон ояд, кардан мегиранд! Бубин.
берун рафтан наменонанд. Сад сол пеш Қиримро бо фиребу найранг аз
шон гирифтанд. Наздик буд, ки Константинополро ҳам гиранд. Он тараф
Шарқи Дур, то назди савмааҳои Ҷопон рафтанд. Ин тараф ними Хуросо
соҳиб шудаанд, боз кам. Мисли мурғи чаковак, ки шабу рӯз об мегӯяд.
замин мегӯянд. Соли гузашта дар Масков ӯро фиреб доданд. Гуфтанд, ки кӯ

медиҳем, Туркияи пора шударо барқарор мекунӣ. Пас интизор шуда нишистанд, ки кори Камолпошо, ки бар зидди истилогарҳо шӯриш бардошта буд, то кучо мекашад? Вай, ки ғалаба кард, табрик кардандаш. Анварпошо ду даст ба бинӣ монд. Сарашро гиҷ кардаю ба ин тараф фиристоданд ва дар вартаи бало афкандand... Оғозгари ҳамаи ин корҳои бетарҳу бесубот болшевикҳо буданд. Каргас, ки раҳнамо мешудааст, ба гӯристон мебурдааст...

Дар ин асно Гадобой хӯрок оварда назди Анварпошо монду бемайлу хотир буданашро мушоҳида карда пурсид:

– Акаҷон, айрони хунук ҳаст, биёрам?

– Баъд. –Анварпошо косаро пеш кашида, хӯрокро қошук зад. Ҳатто эътибор надод, ки чӣ хӯрок оварданд. Боз нигоҳаш ба самте банд монду беихтиёр дунболи хотираҳояш рафт. Ҳамчунон аз кори вазири ҳарбии Афғонистон Нодирхон аламаш омад. Ду маротиба хат кард, ки се-чор пулемёт фирист... Ақаллан якто мешуд, дар ҳамин тангиҳо роҳи болшевикҳоро поида дилсерӣ мезадашон. Ду тӯпи бомбаафкан мешуд... Не, нафиристод. Акнун чӣ илоҷ? Ба қавли Давлатманд, танҳо ба кӯҳҳо гурехтан монд... Ба кӯҳ баромаданашро тассаввур карда, лабханд кард. Боз даст ба об бурд ва ба фикраш омад, ки дар ҳамин ҷо ҳам кораш дар аввал омад кард. Ду ҳуҷуми бобарори рӯзҳои нахуст чеҳраи ҷангро дигар карданд. Дар Қубодиён гарнизони болшевикҳоро ҳалқа кардаю ними баталионро куштаю асир гирифтанд. Дар гарнизони Кӯлоб шабона борут монданд. Он ҷо халқи бисёр кушта шуд. Ҷангиҳои аз Туркия омада ҷавонони таҳҷоиро санъати ҷанг омӯхтанд. Ин кордориҳо таъсири бузург дар рӯҳияи мардум гузошт. Он рӯзҳо дар суҳбатҳо ва маъракаҳо аз ҷанги ғозиҳо сухан мерафт. Мардум аввалин маротиба болшевикони масҷидшикану мағруру мутааддиро сархаму сарафканда диданд ва ба Анварпошо эътимод бастанд. Он айём бо чунин пирузиҳои пай дар пай болшевикҳоро аз соҳили Ҷайҳун задаю то таги девори Бойсун бурд. Чӣ овозаҳо карданд... Баъд шикаст хӯрд. Баъде ки бо Иброҳимбек вохӯрд, парвозаш ба суқут бадал гашт. Дар аввали вохӯрӣ бесабабу беибо зиндонаш кард. Он вақт ӯ аз бисёр корҳо хабар надошт. Баъд пай бурд, ки ин корҳо бе ишораи амир Олим сурат намегирифтаанд. Ба ҳар ҳол ба назараш чунин менамояд. Чунки баъдҳо аниқ донист, ки Иброҳимбек Фузайл Махсумро барои он ки ҳаводори ҷадидҳо будааст, ба ишораи амир зиндонӣ карда будааст. Чанд нафар ёронаш, аз ҷумла ҳоҷӣ Ҳакими Кошғарӣ, пирамарди хирадмандро барои он суханаш, ки "Иброҳимбек, ҳушатро ба ҷояш биёр, ҳоло вақти ҷадидкушию муаллимкушӣ нест" гуфтааст, ба қатл расонд. Амиру тарафдоронаш ҷадидҳоро душмани қаттол мегуфтанд. Ба ҳукумат роҳ надодани онҳоро аз вазифаҳои аввалдараҷа медонистанд. Анварпошоро ҷадид мехонданд. Байни худ "Ин ҷадид ҳаваси тахти Бухоро кардааст" мегуфтаанд.

Тарафдорони амиру Иброҳимбек ва аксар дастаҳои турктабор дар сӯҳбату ҷамъомадҳояшон ба таъкид мегуфтаанд, ки нисбат ба ҷадидҳо русҳо Бухороро гиранд, хуб аст. Дар дигар кишварҳо дар рӯзи ҷанг ҳама яктану якҷон шуда, бар зидди душман мехезанд, дар ин ҷо чунин набудааст. Сабаби ҳазор сол боз дигар нашудани ин мардум низ дар он буд, ки ҳар кадом чун кирм дар чирку

ифлосии ғашовараш меҷуладу дар ҳамин парешонию мутаасссибию шкампарварӣ дармондаанд.

Дар поёни давра Мурод Човушу Усмон Човуш баҳс доштанд. Поинтар Саша Роиеви казак ва Ҳусайни черкас сӯҳбат мекарданд. Ҳар гоҳе, ки Роиев ба туркӣ чизе мегуфт, ҳарду механдиданд. Аз афташ Роиев калимаҳои туркиро нодуруст талаффуз мекард. Ҳам Ҳусайн ва ҳам Роиев аз даврахои ҷанги Юнон ба Анварпошо содиқанд. Балки мисли бародарони ҷонианд.

Давлатманд ду табақ кабоб дар даст омада ба фикр ғӯтавар будани Анварпошоро дида, *домуллои зардинаро бо нимшӯхӣ накӯҳиш кард:*

– Домуллошариф, шуморо даъват кардем, ки асп барин қантар карда шинед? Меҳмонҳоро ба гап гиред, чой дароз кунед. - Ва худаш дар поёни давра ҷой гирифта, кабкҳоро пора карда, назди меҳмонҳо гузошту афзуд:-Анварчон, кабкҳои Балҷувон фақат дони гулҳои кӯҳиро мехӯранд. Ку, гир, лаззаташа бин.

– Аз бӯяш маълум,- Анварпошо синаро гирифта, ду тақсим карда, нимашро ба Давлатманд баргардонд.

– Анварҷон, ба як сина дуямон даст барем, мегӯй? - гуфт Давлатманд ва баланд хандид.

– Сина зебо бошад, дастҳо рафтан мегиранд,- Анварпошо низ худро ба ханда моил кард.

Вақте ки Давлатманд хест, ба фикри Анварпошо омад, ки "Нодирхон на ин ки тиру пулемёт нафиристод, балки фармон дод, ки ҳама сарбозҳои Афғонистон ба хонаҳояшон баргарданд. Дар акси ҳол зану фарзандҳояшонро аз дарё он тараф кардаю хонаю дарашонро мусодира мекунанд!" Анварпошо акнун дарёфт, ки он фармон аз ӯ набуда, аз подшоҳ Амонуллохон будааст. Он вақт ё Британиё ё Масков ба ӯ гуфт, ки сарбозҳоятро аз Бухорои шарқӣ барор. Анварпошо шунида буд, ки амир ба шоҳи Британиё се-чор хат навишта, пулу силоҳ пурсидааст ва ба ғайр аз ҷавоби "меомӯзем" дигар чизе нагирифтааст. Яқин онҳо омӯхта диданд, ки ин ҷо боз як кишвари мусулмонӣ сохтан ба зарарашон хоҳад буд (бе ин ҳам мусулмонҳои Ҳиндустон ҳеҷ оромашон намегузоранд). Барои ҳамин ба Олимхону Анварпошо ёрӣ надоданд. Онҳо бо Амонуллохон ҳам муносибати хуб надоранд. "Баъди ҷанги солҳои 1842 -1880, ки қӯшунашон дар Афғонистон шикаст хӯрд, наметавонистанд фармон диҳанд, ки "сарбозҳоятро барор". Пас маълум мешавад, ки Масков ба Амонуллоҳ фармудааст. Солҳи гузашта Русия аввалин кишваре буд, ки мустақилияти Афғонистонро шинохт. Ҳамчунин маблағи зиёде ба ройгон дод. Албатта ин корҳо ба рағми Британиё буд. То ки Британиё аз дарёи Ҷайҳун ин тараф бинӣ нахалонад. Амонуллохон ҳам, албатта, тарафи болшевикҳоро гирифт. Ҳамсояи тавонманд пуштибонӣ карда метавонад. Албатта, вай бояд манфиати давлату ватанашро ҳимоя кунад, на манфиати Анварпошоро. Ба ҷойи вай ман ҳам чунин рафтор мекардам. Ду ҳафта пеш сардори дастаи афғонҳо Аҳмадхон ба Анварпошо пешниҳод кард, ки ҳамроҳашон равад. Ба таъкид гуфт, ки ин ҷо ҷангу ҷӯш дигар фоида надорад. Анвар қатъӣ рад кард. Моҳе пеш ба Русия ду ҳафта вақт дод, ки қӯшунашро аз ин кишварҳо барорад, акнун гурезад? Мардуми олам чӣ мегӯянд? Ин косаи заҳрро то охир бояд нӯшид. Мардона зиндагӣ кард, мардона бояд бимирад...

Давлатманд боз ғарқи андеша будани Анварпошоро мушоҳида карда, ба дилаш омад, ки яқин Пошшо фаҳмид, ки сарҳадро бастаанд, безобита шуд. Супориши дар роҳ додааш ба хотираш омад "Ашӯри кӯлобиро фармо, ки роҳе ёбаду моро аз дарё гузаронад. Ӯ ба нияти анҷом додани ин кор хеста берун баромад: "Ақаллан ҳамин кор барор мегирифт, ки Анварпошо сиҳат саломат ба ватанаш мерафт, - орзу мекард ӯ.- Раҳмат ба ӯ, ки дар ин рӯзҳои вазнин ба ёриашон омад. Ӯ ва рафиқонаш кори ҳарбро ба онҳо ёд доданд. Аммо Абдуқодири кӯлобӣ хабар расонд, ки русҳо Кӯлобро гирифтаанд, Ашӯр бедарак аст. Давлатманд қарор дод, ки ин хабарро пагоҳӣ баъди намоз ба Анвар мерасонад. Шабона хавотираш намекунад.

Анварпошоро нигоҳ ба давра бархӯрд. Мушоҳида кард, ки давра ҳам аз ӯ ранг гирифт, ягон-ягон саригӯшӣ сухан мекарданд, хиҷолатманд шуда, ба Муллоҳамроҳ гап партофт:

– Домулло, бубахшед, ман ба фикре андармон шуда охири суханатонро нафаҳмидам, аввал кӣ ба ҷаннат медарояд гуфтед?

– Хуб шудааст, тақсир, мегӯям, -Муллоҳамроҳ ду зону нишаст, аз он ки Анварпошо ба ӯ муроҷиат кард, хурсанд шуд ва аз нав ба сухан шурӯъ кард:

– Дар рӯзи ҷавоб назди дарвозаи ҷаннат, ки баландиаш то осмони ҳафтум аст, байни чор гурӯҳ сахт баҳсу талошҳо мешавад...

– Осмонашро камтар пасттар мекардед, домулло, -Анварпошо ба завқ хандид.

Домуллои зардина ҳам хандида пурсид:

– Инро ҳам аз китоби Мушкот хондед?

– Китоб дар хотирам нест,- гуфт Муллоҳамроҳ ва ба суханаш идома дод. -Назди дарвоза гурӯҳҳо баҳс мекунанд... Он лаҳза Худованд ба доварӣ меояд. Ба гурӯҳи ҳоҷиҳо мегӯяд, ки шумо на барои ман ҳаҷ рафтед, балки ба он хотир рафтед, ки "ҳоҷибобо, боло гузаред," гӯянд, шумо аз ҳама пас равед. Ба гурӯҳи муҷоҳид мегӯяд: Шумо на барои дини ислом ҷанг кардед, балки барои он ки молу пул ба даст ored, шумо ҳам пас гузаред. Ба гурӯҳи олимҳо мегӯяд: -Бештари шумо на барои он олим шудед, ки ба мардум нафърасон бошед, балки ба хотире, ки номатон дар таърих монад: шумо ҳам ақиб истед. Ғозиҳо пеш оед: аввал шумо ба ҷаннат медароед, чунки шумо чизи аз ҳама азиз - ҷонро нисори дини ислом кардед. Бубинед, дар он макони ҷовидонӣ марди ғозӣ чӣ мақому манзалат дорад?!

– О, чӣ фарқ дорад, ки як рӯз пеш ё як рӯз пас медароед!- Анварпошо косаи наздашро дуртар давонда самимона хандид ва ба чеҳраи Муллоҳамроҳ зеҳн монда, афзуд:- Як савол медиҳам, домулло, ба ростӣ ҷавоб гӯед. Фарз кардем, ҳамаи пайвандону дӯстонатон дар дӯзах ҷамъ меоянд, шумо ба кадом тараф майл мекунед?

– Тақсир, пайвандон гуфтед? - Муллоҳамроҳ забон хоид ва афзуд:-Дӯстонам куҷо ҷамъ меоянд, кордор нестам. Худ аз даргоҳи Довари якто умеди ҷаннат дорам.

Ҳамдаврaҳо хандиданд. Анварпошо ҷониби Домуллошариф гуфт:

– Домуллоҳои мо ҳам вақте ки аз ҷаннат сухан мекунанд, бисёр хушат меояд, аз дӯзах сухан кунанд, сахт метарсӣ.

Дар табақҳои чинӣ хӯрок оварданд.

Анварпошо аз Домуллошариф пурсид:

– Амак, пагоҳӣ намозро соати чанд мехонем?

– Иншооллоҳ, офтоб, ки намоён шуд, мехонем.

– Намози иди Рамазон ва иди Қурбонро офтоб, ки ба тори теғаҳо расид, мехонанд,-афзуд Муллоҳамроҳ.

– Намешавад, ки пештар хонем?-Анвар ба Домуллошариф рӯй овард.

– Мешавад, тақсир, мешавад.

–Боз ҳам Муллоҳамроҳ пешдастӣ кард: - Агар соати ҳашт бошад, мешавад панҷ-даҳ дақиқа барвақттар хонем.

– Ақаллан як соат гӯед.-Анварпошо ҳайрон монд.

– Мешавад, ҳамааш дар дасти худамон,-гуфт Домуллошариф. Маълум набуд, ки ӯ шухӣ мекунад ё ҷиддӣ мегӯяд.

Фаррухбой ба туркӣ чизе гуфт, ки Анварпошо сар ҷунбонд ва дақиқае сархам хомӯш истоду пас аз Мансур пурсид:

– Шумо ба Туркия нарафтаед?

– Не, нарафтаам-гуфт Мансур.- Аз рӯйи нақли рафиқон медонам, ки Истамбул шаҳри зебост.

– Бухоро ҳам зебо, Самарқанд ҳам. Хеваро намегӯед, аз дидани қасру кӯшкҳояш ангушти ҳайрат мегазед. Ҳамаи ин шаҳрҳои зебои мусулмононро муттаҳид кардаю як давлати боқувват сохтаю ана пас зӯр зада Туркия азизи моро боз номдор мекардем...- Анварпошо таваққуф кард. Охири суханашро нагуфта, боз дасташро ба об доштаю пасу пеш бурда, дар андеша шуд.

Ҳама мутаваҷҷеҳи Анварпошо шуданд. Вале ӯ ҳамчунон хомӯш буд.

Мансур нигоҳашро аз Анварпошо наканда аз дилаш гузаронд, ки ана ин мард чӣ мехостааст. Он шиорпартоиҳояш, ки "Бухоро соҳиб дорад! Дини ислом фалон аст, мегуфт, духули зери гилем будаанду бас. Дар сари Анварпошо ҳоло ҳамон ақидае будааст, ки сарварони мухторияти Хуқанд доштанд. Империяи Туркия ташкил кардан. Аз афташ, барои ҳамин ҷадидҳои Бухорою Самарқанд ба қурултойи дар Лақай баргузор шуда наомаданд ва минбаъд ҳам таваҷҷух накарданд. Кишвар, ки бесоҳиб монд, даст ба даст мешудааст. Сад сол пеш русҳои Николай омада диданд, ки як кишвари пуробу офтобу зебоиҳо дар дасти беҳунарҳост, осон соҳибаш шуданд. Пас русҳои болшевик тасарруфаш карданд. Анварпошои некӯ бадӣ замона дида ҳам омада мушоҳида кард ки мардум девонавор кӯча ба кӯча "Во дино! Во амиро!" гуфта гаштаанд, ман домоди халифаатон гуфта, худро соҳиб эълон кардӣ шуд, ки зӯраш нарасид. Лекин дуруст нигарӣ, гунаҳгор худамон. Пешво ҳам гунаҳгору олим ҳам, омӣ ҳам. Мегӯянд, мард вақте ба мардӣ мерасад, ки ҳифзи ватанро дар ҷойи аввал гузорад. Туркҳо ба ин баландиҳо расидаанд. Ҳоло мо дурем. Бисёр дур.

Валиш, ки дар поёни давра менишаст, мавзӯи суҳбатро дигар кард. Гуфт. ки дар ин тарафҳо роҳи аз ҳама наздик ба Ҳиндустон роҳи Читрол будааст. Аз Дарвоз ба Помир мебароеду он тараф ба Покистон мегузарад. Он ҷо як рӯз роҳ

гашта ба хоки Ҳиндустон медаровӣ. Ин хабар Анварпошоро ҳавасманд кард, ки ба пурсуҷӯ даромад.

Аммо Мансур ҳамчунон банди андешаҳояш буд: "Анварпошо ҳангоме ки ба ин ҷо омад, аксари мардуми туркзабон дар шахси ӯ пуштибонро дида, дар атрофаш парвона шудаю "уғулим, узимизни, ҷону танимиз" гуфтаю ифтихор мекарданд. Аммо дар лаҳзаи душвор нахуст ҳамонҳо партофта рафтанд. Тоҷикҳо дар атрофаш монданд. Фитрати азалиашон нагузошт, ки як марди мусулмону мусофир, ки номуси мардуми мусулмон, ҳимояи дину оин гуфта омадааст, танҳо монад. Давлатманд медонад, ки ба хотири Анвар болшевикҳо халқашро нобуд мекунанд. Деҳаи пояш расидаро чапагардон мекунанд. Мардум зироати ба даҳан расидаро партофта, деҳа-деҳа ба он сӯи дарё мераванд. Аммо аз ӯ ҷудо намешавад. Ба хотири Мансур воқеъаи дирӯза омад. Аз Обдара поён шудаю аз назди хирмане мегузаштанд, ки як гурӯҳ хирманкӯбону даравгарон сари роҳашонро гирифта гуфтанд: "Мо фаҳмидем, ки болшевикҳо бар ивази сари Анварпошо як саноч тилло ваъда кардаанд. Анварпошо, писарам, дон, ки як саноч не, агар хазинаи Бухороро бо амираш биёранд, ки мо мӯйе аз меҳмонамонро нахоҳем дод!" Анварпошо дасти пирамарди рӯяш пуроҷинг ва гарди коҳ нишастаро ба кафаш гирифта ба лабонаш ниҳод ва баъде, ки дуртар рафтанд, ба баҳонаи тоза кардани рухсора, ашки чашмонашро пок кард.

– Шом шуд! - гуфта хестани Муллоҳамроҳ ҳамаро ҳушёр кард. Мансур, ки ғарқи хаёл буд, ба худ омада, аз суфа поён фуромад ва ба ишораи ҳамроҳон, ки ба сафи пеш гузаред мегуфтанд, эътибор надода, дар ақиб ҷой гирифт.

❁ ❁ ❁

– Холаҷон, то аз намоз баргаштани мо Ҷовидро аз ҳавлӣ берун рафтан нагузоред,-Мансур пагоҳии ид холаи Робиаро назди дари ошхона дида, наздаш рафт. -Вай каме эрка аст. Рӯйи хотир накарда, сахт гӯед. - Ва пурсид: - Амаки Сайфуллоҳ рафтанд?

– Он кас ба торикӣ рафтанд,- дастони хола хамиролуд буд.- То омаданатон чанголӣ тайёр мекунам,-гуфта ваъда кард.

Мансур аз хӯрҷин ҷомаи маъракаравиашро гирифта, раҳораҳ ба китф партофт, ба ёдаш омад, ки имрӯз душанбе аст.

Тоҳирҷон дар берун аспҳоро тайёр кардааст. Ҷонварҳо пазмони роҳ шудаанд, ки бекарор шудаю бадқаҳрона сулук мехоянд. Шаб Анварпошо фармон дод, ки сарбозҳо бо аспу аслиҳаашон ба намозгоҳ раванд. Мансур мушоҳида кард, ки Тоҳирҷон ҷавони сафедчеҳраи баландболо асту ба танаш яктаҳи бекасаб мезебад. Аспаш ҳам абзори идона дорад. "Ин ҳам мисли Баҳодури ман ба асп ҳавас доштааст. Аз байн чор сол гузаштаасту ҳар ҷавони зебоеро бинам, ба ёдаш дилам гум мезанад. Шаҳбозам, қасоси падар мегирам гуфтию ба дили падар захме задӣ, ки решаш равон асту равон..."

Холаи Робиа баромада ба Тоҳирҷон фотиҳа дод ва бо ҳавасу шоди ба писар синчакорона зеҳн монда гуфт:

– Дар қаду бозӯи шоҳин ҷонам аз Бухоро занат меорам.

– Очам мудом ҳамин гапа мегӯянд. - Тоҳирҷон ҷониби Мансур хандида нухтаи аспро ба дасташ дод.

Дирӯз осмон соф буду кӯҳу камарҳои дурро равшан медидӣ. Имрӯз осмон ғуборолуд ва дашту теппаҳо дуру хиратоб менамоянд. Вале файзу фазои ид ки ҳаст, мардум хурсанд. Бо фараҳмандӣ ба идгоҳ равонанд. Кӯдакон дасту ба даст шодону шукуфону хурӯшон. Духтарчаҳо бо кокулчаҳои чилбофташон аз шодӣ дар худ намеғунҷанд. Кӯчаҳо об задаю рӯфтаву озода. Мардум ба ҳам дилсӯзу меҳрубонанд. Имрӯз агар ду қаҳрӣ рӯбарӯ оянд, оштӣ мекунанд, як-дигарро мебахшанд. Дар рӯзи ид аз баду неки гузашта намегӯянд. Ин одат аз гузаштаҳо омадааст. Ба хотири Мансур омад, ки вақте дар Самарқанд буданд ҳам зиндагиаш ба нуру зебо буд ҳам, идеро, ки мегузаронданд рангу бӯи дигар дошт. Ин тараф умраш ба зӯрӣ мегузарад. Рост мегуфтаанд, ки "Ҳар гул дар буттаи худ бӯй дорад." Овора чию ид чӣ?...

Идгоҳ панҷсад- шашсад қадам поинтар воқеъ аст. Он ҷо мазор ҳам ҳаст. Аз деҳаҳои атроф аспакию харакӣ меоянд. Бисёриҳо аспашонро ороиш додаанд. Баъзе ҷомаи дарбеҳкарда дораду дар аспаш гирдаи гулдӯзи карда партофтааст. Ва аспҳо ҳам рӯзи идро ҳис карда, худашонро ҷилва дода, бо мақом роҳ мераванд. Дар ду тарафи даромадгоҳ талбандаҳо - маъюбу беваю бечораю дармондагон истодаанд. Дар тори дарахтон кӯдакон чун хайли кабӯтарону гунҷишкон ҷамъ шудаю шӯру ғавғо мекунанд. Аз он ҷо сафи намозхонҳоро дидан мумкин.

– Ду сол пеш дар ин ҷойҳо ба ғайр аз лӯлиҳо ва як-як қаландарҳо гадое намедидед. Баъди ҷангҳо гадо пур шуда рафт,-гуфт Тоҳирҷон ва ба кафи зане ки дар бағал кӯдак дорад, пул ниҳод.

Аз дарвозаи идгоҳ дарун айвони васеъ: фарш бо намаду гилемҳои рангин ороста шудааст. Домуллошариф, ки шаб дар хонаи Давлатманд буд, дар курсии муҳаммадӣ нишаста, аз пайдоиш ва чи мақом доштани ид амри маъруф дорад. Яктаҳу саллаи сафед ӯро босалобат нишон медиҳад. Домулло Мансурро дида ба ҳавлии дарун даъват кард. Вале Мансур ишора намуд, ки берун маъқултар аст. Ба сафи дуюм гузашт. Муллоҳамроҳ ҳам ҳамин ҷост. Имрӯз саллаи сабзи барин бастааст. Аллакай хеле одам ҷамъ омадааст. Баъзеҳо кӯдакҳои шаш-ҳафт солаашонро ҷомаю тоқии нав пӯшонда ҳамроҳ овардаанд. Ба ифтихор роҳ гаштани кудакҳоро дида хандаат меояд. Баъзеҳо шиносҳояшонро овардаанд. Мансур онҳоро дар Обдара дида буд. Дирӯз онҳо ҷангиёни ришҳояшон дамида бадқаҳр ва бадвоҳима менамуданд. Имрӯз мардони одӣ ва гӯё сад сол боз бе ҳам шиносанд. Ин меҳрубонӣ аз баракати ид аст. Мансур мувофиқи дастури шариат ду ракъат намози таҳияи масҷид хонд. Ҳангоми намоз хондан ба фикраш омад, ки устодаш Мавлоно Сайфуддин мудом огоҳ мекарданд: Расули акрам таъкид кардагӣ ҳастанд, ки "ба ҳар масҷиде даромадед, ду ракъат намози таҳияи масҷидро хонед". Яқин савоби ин намозҳо ба номаи аъмоли масҷидсохта ҷамъ мешавад. Тоҷики мо, ки аз ин қазия сахт бохабар аст, пулдор шавад, хатман масҷид месозад.

Сафҳо лаҳза ба лаҳза зиёд мешаванд. Ба хотири Мансур омад, ки шаб Анварпошо ба таъкид гуфта буд, ки дар теппаҳо посбон монед. Дар рӯбарӯ теппаҳои начандон баланд мавҷуданд, ки дар ҳар қадам дарахтони олу, дӯлоғ

ва ягон-ягон чормағз доранд. Дарахтҳо ҳанӯз сарсабз, вале алаф кайҳо зард шудааст. Ранги зарди тоза дар таги осмони кабуди саҳарӣ мегӯӣ чило медиҳад. Дар пас, чониби офтоббаро тепаҳои баландтаранд. Дар он теппаҳо ба ғайр аз олую дулона дарахтони арчаҳои қадпаст ҳам ҳастанд. Дар чойҳои соярӯ ҳар чо чангалҳои на чандон калон намоёнанд. Лекин посбонҳо наменамоянд. Се-чор нафар кӯдак бузу гӯсфанд мечаронанду бас. Аз афташ, посбонҳо "дар он дунё аввали пурсиш аз намоз аст" гуфта, кӯдакҳоро ба чояшон гузошта, худашон ба намоз омадаанд. Бале, ин чо намоз дар чои аввал меистад. Дар сӯҳбате агар гӯӣ, ки фалонӣ муҳандиси хуб будааст, дах аэроплан сохтаасту лекин намоз намехонад, чавоб чунин хоҳад буд: "Бо аэропланҳояш сангсор кунед!" Эътироз кунӣ, ки ҳамон илм ҳам намоз аст, дар назари ҳамаи деҳа шум мешавӣ.

Гурӯҳи Анварпошою Давлатманд омаданду саҳн пур шуд. Онҳо наздики сад нафаранд. Бегоҳӣ одам кам буд. Шояд ёрони ба аскаргирӣ рафтаашон низ омадаанд. Дар тани Анварпошо чомаи дирӯз тақдимкардаи Давлатманд. Дар сар кулоҳи зебои туркӣ. Бо мардум салом додаву ҳамроҳи Давлатманд дуртар аз домулло чой гирифт. Вай марди давразеб аст ва ҳузураш саҳни намозгоҳро дигар кард. Чомаро кашида, дар паҳлӯяш монд. Атрофро аз назар гузаронд. Нигоҳаш ба бачаҳои болои дарахтон афтиду табассум кард. Табъаш хуш менамуд. Ба дили Мансур омад, ки ба намоз омаданашон хуб шуд. Шояд ба шарофати намози иди қурбон пеши кори мусулмонҳо кушода шавад...

Одам бисёр аст. Беруни дарвоза ва атрофи идгоҳро ҳам чой кардаанд. Яқин ин чо ҳузур доштани Анварпошоро шунида, мардум бештар омадаанд.

Дере нагузашта ба теғаҳои баланди кӯҳи Душоха офтоб расиду бори дуюм аз дили Мансур гузашт, ки офтоби дирӯз рӯшантар буд. Мансур дар баландиҳои осмон мурғонро дид. Онҳо бисёранд. Ин дафъа шӯру ғавғо накарда, болои деҳа давр гаштаю сипас парвозашонро тезонда, ба водиҳои поён мерафтанд. Дар шунаъи офтоб болҳояшон сафед менамояд. Мардум ҳанӯз гурӯҳ-гурӯҳ меоянд. Даву този кӯдакҳо меафзояд. Нигоҳи Мансур ба Анварпошо афтод, ки аз чайбаш соатро бароварда сӯйи Давлатманд чизе гуфт. Аз байн дақиқае гузашту домулло бо овози марғуланокаш "Вақт шуд! Сафҳоро рост кунед!" гуфта, хабар дод ва ду маротиба тарзи намозгузориро ёдрас карда, такбир гуфт. Ракъати якумро хонда, дар ракъати дуюм ба қаъда нишаста буданд, ки овози кӯдакҳо баланд шуд: "Урус омад!!! Урус!!! Урус омад!!!" Чанд нафари онҳо аз тори теппаҳо поён метохтанд. Баъзеҳо лағжидаю меғеланд ва чонсарак хеста мегурезанд. Дар сафҳо бетартибӣ мешавад. Ними одамон намозро қатъ карда хестанд. Баъзеҳо номи фарзанд ё бародарашро мегиранд. Овози Анварпошо бо зарба баланд шуд: "Хезед!!! Зуд!!! Зуд хезед!!!" Ва овози Давлатманд: "Шаҳбозҳо, зуд аспҳоро гиред! Пеши саллотро доред! Намонед наздик омадан!" чун раъд садо дод. Назди дарвоза тамбаю тела мешаваду дарвозаи дутабақа меафтад. Мардум дигар ба фотеҳа эътибор надода, ҳамдигарро тела карда сел барин берун мебароянд. Дар сафҳои ҳавлӣ Домуллошариф ва боз чанд нафар мемонанд. Кадоме Мансурро тела мекунад, вай ҳам ба худ роҳ кушодаю сӯйи дарвоза меравад. Бачаҳо таги по афтида, шағаф бардоштаю карахт мешаванд. Муллоҳамроҳро мебинад, ки писарбачаи дар сар саллачабастаро ба бараш

сахт зер карда меравад. Ӯро касе тела медиҳад, ки меафтад, писарчаро ра намекунад. Саросема хеста меравад. Овози дашном ва садои суми асп меоя Ногаҳ садои пулемёт шунида шуд. Ин садо дили Мансурро ба ларза андохт. *дид, ки дар баромадгоҳ одамон меафтанд, фикр кард, ки яқин аскари бол* вик ба торикӣ омада, дар теппаҳои ақиб ҷой шуда будааст. Роҳбалади усто доштааст. Шояд роҳбалад аз ҳамин деҳа аст. Ӯ сӯйи дарвоза нарафта, аз са поён ҷаҳида, аз байни дарахтҳо давида гузашту ҷониби аспаш рафт. Авва фикре, ки ба сараш омад, бояд Ҷовидро гирифта, аз ин гирдоби ваҳшат бер оварад, буд. Талабандаҳо, кӯдакҳо, мардуми ба намоз омада ғалтону хезон якдигар пеш гузашта сӯйи деҳа метозанд. Аспакию харакӣ мегурезанд. Баъзе аспро дошта, кӯдаконро ҳамроҳ мегиранд. Ба онҳое, ки тир мерасад, кала мешаванд. Ниҳоят Мансур аскарони душманро дид. Онҳо аз теппаҳои ақ парон-парон карда, пиёдаю савора мефуроянд. Пешаш ба пайраҳаи дома теппа наздик шудааст.

Аз гурезогурез ва ҳайёҳуйи одамон аспҳои баста тӯрида худро девонавор ҳар сӯ мезаданд. Баъзе аспҳо бандро канда, бошаст ин тараф -он тараф метозанд. Ба баъзеҳо тир расидаасту таги пояшон пури хун, бо нолиш ҳиҳ-ҳиҳ доранд. Мансур лаҷоми аспи ба ваҳшат афтидаашро дошта, "ист азизам! Ист!" гуфта, гиреҳро кушода натавонист, онро бо корд бурида, бо азобе худро болои зин рифта, дудаста лаҷомро дошта ба атроф нигарист. Садои парон-парон "та-та пулемётҳо гӯё аз ҳама тараф меояд. Дар саҳн ва атрофи намозгоҳ хеле одам хӯрда, болои ҳам афтидаанд. Хуни дар тагашон кул шуда намоён аст. Инак ҷониби поён ҳам сараҳои шапкадор намоён мешаванд. Нури офтоби паго дар шамшерҳои болои сар бардоштаашон бозӣ мекунад. Поёнтар дар байн роҳ баландие ҳаст, ки атрофашро ҳаргуна дарахтҳо, ки баргҳои баъзе суп-сур шудааст, печондаанд. Сараҳои душман аз ду ҷониби баландӣ аспҳояшонро тозиёна зада меоянд. Дили Мансурро ҳисси нафрату ғазаб пур кард. Ба роҳ ромада дид, ки Анварпошо чун шоҳин дар болои асп нишастаю ёронро дастур фармони ҷанг медиҳад. Бо лаҳни тунд сухан карданашро мешунавад. "Дӯстон лаҳзаи далериву интиқом фаро расид!" Дар дили ӯ низ ҳисси интиқом бало мегираду худро ба сафи сарбозон мерасонад. Вай ҳоло чуноне, ки дар Бойсу буд, тарс ҳис намекунад. Баръакс, ангезаи худро ба душман расонидану ӯро задан, дар дилаш ҷӯш мезанад. Анварпошо ба Давлатманд фармуд, ки пеш гурӯҳи аз поён омадаро бигирад. Худаш бо ними ёрон сӯи дастаи аз паси те фуромада асп монд.

Ҷанг дар замини паси намозгоҳ барпо шуд. Дигар фурсати тиру ка намонд. Сарбозони ҳар ду тараф шамшерҳоро ба кор даровардаанд. Ғадру т вире, ки душман кард, шартномаи оташбасро шикаст, рӯйи хотири кӯдакон рӯзи идро накард, тарсро аз дили далерони Давлатманд берун овард ва о бо ғазабу нафрат ба душман ҳамла оварданд. Аз тири сӯзону зарби шам худашон қурбон мешуданд ва ҳам аз душман қасос меситонданд. Дар дом теппаҳо Анварпошо бо дастааш байни тӯдаи душман даромада, қорнома мекар Аспи сафеди бузургчуссааш гоҳ дар пеш, гоҳ дар охири майдон намудор меш Аз пасаш Фаррухбой ва дигар ёронаш канда намешаванд. Роиев ҳамрикоб

мешавад. Аспашро ҳадаҳа дорад, ки аз вай пеш гузарад. Мансурро нотарсии Анварпошо ба ваҷд овард. Не, ин мисли Абдумалик тӯра ё Олимтӯраи манғит не, ки садои шамшери душманро шунидаю эзорро олонда, пеш аз ҳама гурезад. Марди майдон аст. Сарлашкари ҳақиқист. Чунин сарварро дар майдон танҳо намегузоранд. Бо дилу ҷон пуштибониаш мекунанд. Барояш хун мерезанд. Мансур сӯи майдон асп ронд. Сухани Мирзои балҷувонӣ, ки дар ҷанги Бойсун гуфта буд, ба хотираш омад. "Дар як ҷой наист, ин тараф он тараф асп тозон." Ҳоло дар ватанаш бояд тарзе ҷанг кунад, ки рӯҳи он ҷавонмарди меҳрубон шод шавад. (Рӯзи аввали ба Балҷувон омаданаш фаҳмида буд, ки рафиқонаш Мирзоро ба ватанаш мерасонанду ӯ пас аз се рӯз ҷон ба ҷонофарин месупорад). Назараш ба сарбозе афтод, ки шапкаашро то болои чашмонаш зер кардаю ба наганаш тир ҷой кардан дорад. Аспашро сахт пошна зада ба сараш тозонд. Сарбоз аспашро гардонда гурехтанӣ шуд, ки фурсат надод. Шамшери Мансур аввал ба сағрии аспаш расиду пас ба паҳлӯи сарбоз даромад. Сарбоз Оллоҳ ба даҳонаш наомада бо асп каллапо шуд. Ин ғалаба хурсандаш кард. Аспро тезонда ба гӯшаи дигари майдон рафт. Мушоҳида кард, ки аз ду ҷониб аз пулемёт мепаронанд. Дар байни роҳе, ки аз ҷониби деҳа меомад, як гурӯҳ сарбозҳои душманро дид, ки баъзе сари зону нишаста, баъзеҳо ба замин дароз кашида, сӯяшон тир мепаронанд. Мардум аз тири ҳамонҳо бештар меафтанд. Аммо рӯҳияи ёрон заррае коҳиш намеёбад. Ҳамраҳонашонро бой медоданд, вале дар назди ёру диёр ҷавонмардиро аз даст намедоданд. Ҷанг як соат бештар давом карду душманро ҷониби нишебӣ танг карданд. Ногаҳ чашми Мансур ба Анварпошо афтид, ки бо як даста ёронаш аспҳоро давонда, ба баландии байни роҳ, ки дар поёни майдон аст, баромадан доранд. Он ҷо дар паноҳи дарахтон пулемётҳоро дид. Дастаи дигаре аз паси Анварпошо мерафт. Мансур ҳам баробари онҳо асп монд. Ду нафар ёронаш афтиданд. Тир ба аспҳо расид. Мансур Роиевро шинохт, ки хеста лангон пеш меравад. Ҳусайн черкасу Усмон Ҷовуш тохта аз ӯ пеш мегузаранд. Анварпошо ба теппа расида, аз рӯбарӯ пулемётчиро бо туфангчааш паронд. Овози парондани пулемиёт қатъ шуд. Ин дам худи Анварпошо ҳам тир хӯрд ва оҳиста, ғӯё бо дили нохоҳам, аз болои асп нишеб шуд. Фаррухбой, ки аз ақиб расида буд, низ тир хӯрда афтид. Савораҳои Анварпошо ба болои теппа расида, бо душман дар задухӯрд шуданд. Гурӯҳи душман ҳудуди бист-сӣ нафар аст. Баъзеҳо поён мегурезанд. Баъзе аз мили камонаш доштаю давр гашта касеро наздик рафтан намемонад. Усмон Ҷовуш расида, шамшери ҳилолмонанди аскари сурхи афтидаро гирифт. Ин дам Мансур марди танадор ва пеши сараш калро дид, ки туфангчаашро ҷонибаш рост кардааст. Ӯро шинохт. Ин ҳамон ғуладинге буд, ки хонаашро дар Самарқанд соҳиб шуда буд. Ҷисму ҷонашро карахтии маҷҳул фаро гирифт. Ҳар вақте ки ин душмани ҷонашро бинад, ба ӯ чунин ҳолат рӯй медиҳад. Мисле ки ҳазрати Азроил болои сараш омада, ҷон талаб мекунад. Вале ҳолати карахтӣ зуд гузашт. Мансур худро ба замин партофт. Ва ҳамзамон мушоҳида кард, ки туфангча оташ нагирифт. Тираш тамом шудааст. Ғӯладинг гурехтанӣ шуд, ки Мансур мисли паланг бо ду ҷаҳиш ба ӯ расида, баробари пояш ғеҷидан аз гиребони куртааш дошта, бо шамшери беамон ба сараш зад, ки хун мисли фаввора боло парид, сипас паст шуда ба

атрофи сараш фаромад мисле, ки оби чашма кам мешавад. Ғӯладинг дар ҷояш нишаст. Танаш дир-дир меларзид. Бо чашмони сурх ба Мансур нигариста сухане ба забон ронд. Мансур ба суханаш эътибор надод. Ғазабу нафраташ ҷӯшидаю шамшерро бардошта пешониашро нишон гирифт. Вале ба задан фурсат накард. Ғӯладинг бо чашмони бенур яктарафа афтид. Овозе ба гӯши Мансур даромад ва дид, ки афсари сараш тоси тануманде бо Усмон Човуш афтударафт дорад. Давида рафту дукаса ӯро зада афтонданд. Ҳамроҳони Мансур, ки душманро фишор оварда, поин карда буданд, баргаштанд. Мансур ғуладингро, ки чеҳраи зардшудааш хунолуду нафратангез менамуд, бо пояш тела дод, мурда чун ҷуволи каҳ ғелида поин рафт. Аз санги калоне поин заду ба даруни дулонаи хордоре даромада дармонд. Дар ин асно дар ҷисму ҷонаш як сабукие ҳис кард ва бо овози шунаво пичирос зад: "Парвардигори ман, шукр мекунам, ба ман ғайрат додӣ, ки душманамро задам." Баландтар баромада дид, ки Рустамбек ҳамроҳи ҷавони чолоке ҷасади Анварпошоро бардошта, паси теппа зери дарахти санҷид бурд. Аз пас ду нафар мардони турк расида, аспу анҷомҳояшро гирифтанд. Чанд нафари дигар болои ҷасад расида омаданд. Касе таъкид кард, ки кушта шудани Анварпошоро нафаҳмонед.

Дар замини рӯбарӯи идгоҳ Давлатманду ёронаш ҳанӯз дар ҷанганд. Дар рӯйи замин ҷасадҳо бисёранд. Аспҳо аз болояшон ин тараф он тараф метозанд. Муққаддас тоқат накарда, хабари марги Анварпошоро ба падараш расонд. Давлатманд дақиқае диранг кард, мисле ки бовараш намеомад. Пас бо ғазаб ба атрофиён таъна зад:

– Аз дастатон наомад, ки он мусофири бекасро ҳимоя кунед. Эҳ ношудҳо! Дареғи он марди майдон. Дареғи он турки ватандӯст.- Ва беҳушу беёд аспашро сӯйи дастаи душман гардонда, бо тамоми овоз фарёд зад: "Занед ин бединҳоро! Занед ин бепадарҳоро! Занед!!!" Ҳама ёрон як шудаю чун сели дамон ба сари душман ҳамла оварданд. Давлатманд лаҷомро ҷониби қумандоне гардонд, ки ба сӯяш тир мепаронд. Тирҳо аз буни гӯшаш мегузаштанд. Ӯ боди сӯзони тирҳоро ҳис мекард. Аз он ки ба вай намерасиданд, хурсанд мешуд. Командир нарасидани тирҳояшро дида, аспашро ақиб гардонд. Аспи хатлонии абргуни Давлатманд зуд ӯро дарёб кард. Давлатманд бо панҷаи алмосгунаш аз гиребони душман дошта, сабук кашида, ба гардани асп овард. Ва аз дасташ дошта. пояшро аз болои даст гардонд. Аспи кордида асирро "буз" пиндошта, чун дар маъракаҳои бузкашӣ, ҳамаи рагу пайяшро як карда, гирди майдон давр мезаду як гурӯҳ мардуми гурезаи домани теппа аз роҳ истода нидоҳои шодӣ мебардоштанд. Давлатманд як давр гашта ба ҳамроҳон фармон дод: "Ёрон, ҳамдиёрон, маро монеду равед! Гурезед! Ҳама гурезед!" Аспро дубора ба майдони корзор андохт, то ки душманро ба худ ҷалб карда ба ёрон фурсати гурехтан диҳад. Аммо қисмат дар даври дуюм ба Давлатманд ёр нашуд. "Буз" ба худ омада, туфангчаашро аз бағал бароварда, ба пушти Давлатманд ду тир паронд. Яке аз пеши сина баромаду дигаре аз болои ноф. "Буз" афтод, Давлатманд ҳайрон шуд, ки "асир" чӣ гуна аз дасташ афтод?. Панҷаҳояшро раҳо накарда буд. Давлатманд аз худ бехабар аз асп поён шуд, ки ҳамяроқон аз ду тарафаш дошта оҳиста ба замин хобониданд. Хун ҳамаи либосашро тар кардааст. Чеҳраи

сурхаш зардча менамуд. Лабону даҳонаш хунолуд. Яктарафа гашт ва ҳамзамон ба назараш намуд, ки одамон, хонаву теппаҳои атроф, кӯҳи Душоха, осмонсой бо лахта-лахта абрҳои дураш ҳама якчо шуда, ӯро бо худ гирифта, давр мезаданд. Пас ба назараш Анварпошо намудор шуд. Вай дар тори баландии байни роҳ, чое, ки тир хӯрдааст, рост истода, бо нигоҳи таҳсиномез ва нимтабассуми хосаш ба ӯ менигарист. Хестанӣ шуд, ки натавонист.Зӯр зада, овоз баровард:

– Мисле ки дар даруни оташам.

Ҷилавдораш Гадобойи Чоёбӣ сарашро рӯйи зону гирифт. Сӣ-чил қадам онсӯтар командири асирро дид, ки кӯшиши хестан дорад. "Ин сагро кушед, ки маро паронд", гуфт бо овози паст. Ва равшан ҳис кард, ки дақиқаҳои охири умраш мегузаранд. Ҳушашро ҷамъ карда, хуни ба даҳонаш омадаро туфиду ба Гадобой васият кард:

– Писарам, Гадобой, маро бо Анварпошо ва ёроне, ки ба ҷафо худро қурбон карданд, дар тори теппаи рӯбарӯ гӯронед. Бигзор ояндаҳо донанд, ки мо барои ин диёри азиз чӣ ҷоннисорӣ кардем. Нафасаш тангӣ кард. Тарси марг безобитааш кард. Фурсате гузашту овози пасти хирросӣ бароварда ва ҷон ба ҷонофарин таслим кард.

Мардуми Балчувон, вақте ки пешвои маҳбуби худро афтода диданд, хурду бузург, занҳои ба тамошои намоз омада аз роҳ гашта, сангу кулӯхи ба даставшон омадаро бардошта ба сари аскари болшевик тохтанд. Як ҳолати бехудию нотарсӣ ва хоҳиши аз душман қасос ситондан ҳамаро фаро гирифта буд. Касе аз маргу мурда парво надошт. Аз тиру дами шамшер ба замин меафтиданду дар ҳамон ҳолат хокро ханҷол зада, ба чашми душман мепошиданд. Аскари сурх ин дарёи нафрату ғазабу хатарро дида, саросема пас гашт. Мардуми шӯрида аз паси душман то поёни деҳа рафта, сипас хурӯшону нолон ақиб гаштанд. Дар атрофи идгоҳ, болои роҳ, рӯйи замин ҷасади муллою деҳқон, муҷоҳид ва кӯдакони бо ҳавасу шодӣ ба ид омада ғарқи хун хобидаанд. Ҳама либоси идона дар бар доштанд. Аз деҳа занону пирон бо фарёду фиғон меоянд. Мегӯӣ рӯзи маҳшар аст. Чашми Мансур ба аспи Тоҳирҷон афтид, ки дар танаи ҳамон дарахти пагоҳӣ бастааш сархам истодааст. Дуртар аз дари масҷид ҷасади Тоҳирҷонро дид, ки рӯ ба осмон хоб аст. Яктаҳи беқасаби пагоҳӣ пӯшидааш дар хун тар шуда. Атрофи чашмону даҳони ялаашро пашаҳо чун хати сиёҳ печондаанд. Хуни мурдаҳои поёни девори мазоргоҳ ба ҷӯйи беоб рехтаю, панҷ-шаш қадам рафта хушки сахт шуда мондааст.

Пеши назари Мансур гиряву нолаҳои ҷонсӯзи холаи Робиа омаду дар ин рӯз бори аввал мондагиро ҳис карда, рӯйи замин нишаст ва бо овоз гиря кард.

❁ ❁ ❁

Падару писар наздики ғуруб ба деҳае расиданд, ки бошандагонаш фирор кардаанд. Мансур фикр кард, ки аз воқеаи Балчувон ду ҳафта гузашта бошад ҳам, куштори бераҳмонаи рӯзи ид, нолаҳои шабонрӯзии холаи Робиа бар марги Тоҳирҷонаш ва лаҳзае, ки ба сари калпеси ғӯладинг бо шамшер заду хунаш фаввора зад, аз пеши назараш дур намераванд. Боз ба ёдаш омад, ки ғӯладинг гӯё чизе пурсиданӣ шуду Мансур нафаҳмид. Вале баъдтар аз рӯи оҳанги суханаш

ва воқеъаи он шаб дар ҳавлиаш рӯй- дода дарёфт, ки ӯ аз Мансур пурсидан шуд. "Он мардро ту куштӣ?" Маълум мешавад, ки ин фикр то дами марг дар сараш будааст. Дар дил ӯро таъна кард: "Ғуладинг, аз ман мепурсӣ, ки он мард кӣ буд? Аз зани ҷалабат пурс буд! Вақте ки хонаю дари мардумро соҳиб шудӣ, занат зани мардум, умрат умри саг мешавад. Оқибат подоши кората бо сангу тарозуят баркашида гирифтӣ!".

Онҳо ба деҳа даромада, дар кӯчае, ки аз пахлӯяш ҷӯи об меравад, аз асп пиёда шуда қадам заданд. Пеши обро ҷо-ҷо хасу хошок гирифта банд кардаю сӯи хонаҳо гардондааст. Кӯчаҳо беодам: дарӣ хонаҳо ҷое канда, ҷое болорхоро рабудаанд. Тавилаю танӯрхонаҳо, ҳайрон монда. Дар ҳавлиҳо ва замини назди хонаҳо села-села зоғҳоро мебинӣ, ки оромона аз як замин хеста ба дигараш мешинанд.

Аввал саги пири зарде, ки аз як чашмаш об меравад, аз бом ҷаҳида, ба сарашон ҳамла кард ва зуд куҷое ғайб зад. Дар ҷониби шарқии деҳа хонаҳои сӯхта намоёнанд. Аз пеш ду ҷавон дар чор хар болор бор карда омаданд. Ҳамонҳо гуфтанд, ки аҳли деҳи Фирӯзи Боло аввали зимистон сарҷамъ ба Афғонистон гузаштанд. Ин ҷо Эшони Муҳаммадназар зиндагӣ мекард. Чун фаҳмид, ки Анварпошо бо болшевик сари ҷанг гирифтааст, ватани моро ҳайҷо мекунад, гуфта, равон мешавад, ки дигарҳо низ: "Ҳазрат, мо аз шумо ҷудой надорем" гуфта, хару хингил карда, ба ӯ ҳамроҳ мешаванд.

Дар тарафи чап, дар ҷое, ки андаке баландист, хонае менамояд, ки болору вассаҳояш офтоб хӯрдаю сиёҳ шудаанд, маълум, ки хона аз сад сол зиёд умр дорад. Фақат аз як тарафи кунгура об фаромадаю нишеб шудааст, хоки бом рехта вассаҳо овезонанд. Боқӣ ҳама сиҳату ҷобаҷост. Ба бошандагонаш чӣ ситам расида бошад, ки ин хонаи қадимро партофта рафтаанд?

Мансур раҳораҳ фикр кард, ки "хуб кардаанд, ки аз паси Эшон рафтаанд. Дар ин деҳаҳо мактабу табиб набошад, фарёдрас набошад, сарашон дард кунад, назди эшон мераванд. Фарзандашон бетартибӣ кунанд, назди эшон мераванд, ки даму нафасаш кунед, ки парӣ ёраш шудааст. Ба духтарашон дер хостгор ояд, назди эшон мераванд: куфу суф кунед, ки бахташ кушода шавад. Эшон, ки равад, дигар ҳама ҷо торикистон аст."

Мансур сари аспро сӯи хонае гардонд, ки дар поёни роҳ аст. Атрофи замин бо шоху шиппа шохбаст карда шудааст. Ҷое шохҳоро канда, алов кардаанду осӯхтаҳо боқӣ мондааст. Баъзе дарахтҳо хушк шудаю баъзеро баргҳо кайҳо зард шудаанд. Ду ниҳолаки зардолуро меваҳо аз беобӣ пучала шудаю нимаш рехта, як қисм дар танаш сурху хушк шуда мондаанд. Фақат дарахти себе. ки дар тарафи хонаи ҳамсоя ҳаст, дар шохҳои баландиаш ягон-ягон себҳои калон сурхшуда дорад. Тарафи ҳамсояро ҳам заминаш калону, ҳам хонаҳо зиёданд. Як қисми болорҳои хонаҳоро канда рахт задаанд. Яқин ин кори ҷавонхоест, ки дар харҳо болор бор карда мерафтанд.

Дар гӯшае ҷой интихоб карданду Мансур ба Ҷовид фармуд, ки аз атроф барои чой ҷӯшонидан ҳезум ҷамъ кунад. Худ ба хонаи пеши рӯ даромад. Хона калоне будааст. Вале сақфаш паст, ба қади одам меояд. Як бӯи бад ва чангар лаш аз он ҷо меояд. Дар байн сутун дорад. Аз рости сутун аз сӯрохии бом нур

офтоб ба хона медарояд. Дар мехи сутун як ҷомаи кӯҳна овезон ва дар атроф латтапораҳо ва кафшу табақи чӯбии шикаста. Ва як саре, ки маълум нест, аз кадом ҳайвон аст, ҳама ҷояш хоида. Садои маҷҳул ва бурандае ба гӯшаш заду дилаш ваҳм кард: ба атроф назар дӯхт. Дар кунҷе, ки хамбаи орди даҳонаш яла намудор аст, мори бадвоҳимае сарашро ду вақаб барин бардоштааст боқии танаш чун кулчаи нав аз зери хокистар гирифта намудор аст. Чашмони рахшонаш чароғак мезанад. Гарданаш гардани асп барин ёл дорад. Аз бим мӯйи баданаш рост шуду ақиб-ақиб худро аз дар берун гирифт. Танаш меларзид. Бо овози шунаво гуфт: "Гум шав аз ин хона, касофат!" Дуртар рафта чуберо бардошт; танаш аз ларзиш монд ва ба оҳанги пештара афзуд: - Мӯйи хестаи пушти сарашро бин, мегӯй, авбоши кӯча аст. Панине, ки дар вокзали роҳи оҳан дуздӣ мекард. Пештар мерафтам, мисли ҳамон калла хоида мепартофт." Дасти Ҷовидро гирифту аз болои хиштҳо ва шоху шиппаҳои парешон гузашта, ҷониби боғи ҳамсоя рафтанд. Хонаҳои он ҷо ҳама чордевор. Оби аз кӯча омада як гӯшаи заминро кандаю чуқур кардааст. Дар байн тути сершохест, ки мевааш рехтаю хушкида хоб аст. Он тарафи деҳа то домани теппа тул ёфтааст ва ҳама хонаҳо вайрону валангор. Мардум солҳо зиндагӣ мекарданд? Ҷӯй кандаю об овардаю замину боғ карданд. Тӯйу маъракаҳо барпо мекарданд. Орзуи зиндагии ояндаро доштанд. Ба хотири кӣ меомад, ки рӯзе ҳамаро партофта мераванд? Ҳоло дар ватани бегона чӣ ҳол доранд? Ҷовид таги себ рафт. Мансур хам шуда як каф тути қоқ гирифта ба даҳон партофт. Аз тори тут садои баланди гунҷишкҳоро шунид ва дар танаи тут, ҷое ки шохҳо чудо мешаванд, сарҳои ду мори ба ҳам печидаро дид, ки ҷонибаш нигоҳ доранд. Аз кароҳату нафрат тутҳои даҳонашро туф кард. Дигар ҳаваси тутхӯрию себчиниаш намонд.

– Бачаҷон, ақиб гард, ба канори деҳа рафта хоб мекунем,-гуфт.

– Ҳамин ҷо истем-чӣ?-Ҷовид ҳайрон шуд.

– Бачаҷон, гузаштаҳомон сахт таъкид кардаанд, ки зинҳор дар вайрона хоб накун!-гуфт Мансур тез-тез роҳ гашта.- Ин сухан нав ба хотирам омад. Ин гуна ҷойҳоро мевааш ҳам балозада аст. Бо тарс ба замини аввала гузашту пичиррос зад:-Ин деҳа макони морон шудааст.

Дар ин асно садои одам ба гӯшашон даромаду Мансур дар ҳамвории даромади деҳа қатори аскари сурхро дид. "Ба паноҳи девор гузар!" –фармон дод ба Ҷовид ва аспро кашида, ба чордеворӣ дароварда, аз паси девор нигарист: даста ҳамвориро гузашта ба ду ҷониб тақсим шуд. Яке ба роҳи домани кӯҳ рафт, дигаре ба роҳи байни деҳа қатор шуд. "Кош бо ҳамон роҳи калон гум шуда мерафтанд,"- гуфт дар дил ва "мабодо асп овоз барорад!" гуфта хавотир шуду ба йемхалтааш қадре ҷав рехта, ба гарданаш овехт ва наздаш нишаста, бо тарс пичирос зад: "Рӯшанҷон, хуру овозатро набарор. Моро бинанд, камонро дар бехи гушамон монда мепурсанд: "Ту кӣ? Куҷо мегурезӣ?" Ба пиндошти онҳо ҳар салладору қадбаланду назарбаланд босмачист, ҳар пастаку гадотаъбу беарзиш пролетар. Маънои пролетар пойлуч аст.

Гурӯҳ кӯчаи рӯбарӯро гузашт. Хурҷинҳошон пури бор. Баъзе баднафсаш ду хурҷин дорад. Дар он хурҷинҳои сабилмондаашон чи гирифта бошанд? Садои суму шарақ-шарақи сулуки аспҳояшон мисли калтак ба гӯш мерасад. Яке

шапкаашро ба сар зер кардааст, дигаре сарлуч сеюми ғанаболуд асту ба ҳавои гашти асп танаш алвонҷ мехӯрад. Аксар дар лабҳо папирос, шофҳояшон ба узангу расида диринг-диринг садо мебарорапд. Баъзеҳо аз миён боло бараҳна. Танаҳошона дар офтоб дошта суп-сурх, кунондаанд. Э сурх нашуда зарду мурда шавед! Яке суруде сар мекунаду дигарҳо ҳамроҳ мешаванд. Маълум, ки баталион нияти хоб рафтан надорад. Вагарна ҳама ба ин сӯ меомаданд, аз дил гузаронид Мансур ва ба девор ҷафстар шуд: "Ба Балҷувон ҳаминҳо ҳуҷум оварда бошанд? Инҳоро шинохта ҳам наметавонӣ. Ҳама либоси якранг доранд. Ҳама попироскашу арақхӯру роҳзану ростомезу растохез... Бубин, як нафар суруд мехонад, дигарон ҳамовоз мешаванд. Занҳои дойрабадаст барин. Мисле ки як хар ҳанг занад, сад хар ҳамроҳ мешавад. Онҳо мехонданд:

Это наш последный
И решительный бой!
С интернационалом воспрянет
род людской.
Вышли мы все из народа
Дети семьи трудовой!

Яке аз пас, бо овози манқаи аламдор илова кард:

В годы смуты и разврата
Не осудите, бартья, брата...

Баъде ки баталон нопадид шуд, Мансур аспро аз чордеворӣ бароварда, ҳезумҳои ҷамъкардаро зери бағал гирифту ба тарафи муқобил рафтанд. Ӯ тез-тез қадам задаю худ ба худ бо ғазаб ғур-ғур мекард. "Инҳо як тоифаи беномус, мардум инқилобатонро набинам гуфта, деҳаҳоро партофта мераванду заррае шармашон намеояд. Дақиқае хомӯш қадам заду бо овози баландтар афзуд: -Аз чӣ шарм кунанд, хурсанд мешаванд, ки заминҳо холӣ мемонанд, соҳиб мешаванд".

Берун аз деҳа, дар сари чашма ҷой карданд. Мансур оташ гиронда, ба китфи Ҷовид ҷома партофту гуфт:

– Бачаҷон, таҳорат кун, ҳамроҳ намози асрро мехонем.

– Ман намозро намедонам, то ҳол таҳорат ҳам накардаам.

– Таҳоратро ҳам нишон медиҳаму намозро ҳам. Намоз одамро нерӯманд мекунад. Одоби намозхониро падарам ба ман гуфта буданд, ман бояд ба ту гӯям. Дар намоз ба ман иқтидо мекунӣ. Ҳар сураеро, ки хондам, ба ёд гир. Аз хотир набарор, ки фарқи одамӣ аз ҳайвон ба эътибори диндорӣ аст. Ҳайвон ин истеъдодро надорад.

Пас аз он ки аз намоз фориғ шуданд, Мансур насиҳатро идома дод: -Ҳар намоз шинохт дорад. Намози асрро мобайнӣ мегӯянд. Чунки миёни панҷ намоз аст. Намози шомро ҳангоми падид омадани ситорагон мехонанд. Намози шом ва намози бомдод дар канори шабу рӯзанд. Аз ин рӯ онҳоро намози канорӣ мегӯянд. Намози хуфтанро дар торикии шаб мехонанд. Намоз нурест аз

ҷониби Худованд ба бандаҳояш тақдим шуда. Мо ба он нур тавҳидро шинохтем. Алҳол дилосоию дилангезии миллати мусулмон дар намоз мондаасту бас. Намоз саломатист, хотирҷамъист. Намоз ва ҳар кореро аз бисмиллоҳ шурӯъ кун. Бисмиллоҳ, ки гуфтӣ, кори пешгирифтаат бо либоси мехостаат пӯшонда мешавад. Аз гӯшат набарор.

То обро ҷӯшонда ба сари дастархон нишастанд, ки торикӣ фуромад. Мансур нонпораҳоро аз таги хӯрҷин гирифт ва чашмаш ба кулчае афтод, ки Зулайхо дода буд. "Якто мондааст," хурсанд шуд. Кулчаро бо ҳавасу ҳасрат ба даст гирифта, бӯй кашиду ба лабаш бурд ва боз ба ҷояш гузошт.

– Чаро дар хона хоб нарафтем?-Пурсид Ҷовид.

Мансур лаҳзае диранг карда гуфт:

– Аз он хонаҳо соҳибонашон маҷбур шудаю бо дили сиёҳ баромада рафтаанд. Он сиёҳӣ он ҷо монда. Касе дар он хонаҳо хоб мекунад ё аз онҳо чизе мегирад, дили вай ҳам сиёҳ мешавад.

Ба андешае, ки Ҷовид дар вақти хоб натарсад, аз морҳои дидааш чизе нагуфт.

– Ҳоло то Афғонистон дур аст?-пурсид Ҷовид.

Мансур надонист, ки чӣ ҷавоб диҳад. Вай то ҳол ба забон наовардааст, ки ба Афғонистон мераванд.

– Касоне, ки аз Афғонистон меоянд, ҷойи хуб аст, мегӯянд?-Ҷовид ором намешуд.

– Гӯш кун, бачаҷон, ҳоло маълум нест, ки мо кучо меравем. Дили маро пурсӣ, аз ватан ҷое рафтанӣ нестам. Ин гапҳоро мону ин ҷо гузашта дароз каш, ки пагоҳӣ барвақт ба роҳ мебароем.-Ӯ аз болои хӯрҷин ҷома партофт. -Хез! Зуд хез!

Ҷовид дилу бедилон болои ҷома дароз кашид.

Мансур алафи аспро партофта омаду дасташро болои китфи Ҷовид ниҳод. Ӯ шиддат гирифтани шамолро дида, хеста болои оташи аловгирифта об зад. Атроф торик буд. Ду-се қадам онсӯро намебинӣ. Дилашро ваҳм гирифт. Фикр кард, ки деҳи вайронаро сари чашмааш ҳам хатарнок аст. Аслан ин ҷо наистода мерафтанд, хуб буд. Шамшерро аз хӯрҷин бароварда, паҳлӯи чакман монд. Аз таъсири зин суринҳояш ҷиз-ҷиз ба дард даромаданд. Яке ба гӯшаш садои «Бумм! Бумм...» омад. Ин чуғз аст. Овозаш аз тори дарахти чормағзи поёни чашма меояд. Чунон бад аст, ки ба гушат мисли тупи урус мерасад. Ин шумқадам вайронаро ки ёфт, илҳомаш меояд. Оҳиста дасташро рӯи бадани Ҷовид гузошт, ки ӯ боз савол дод:

– Холаи Зулайхо фикр намекунанд, ки мо гурехтем?

– Ҳоло ҳам хоб нарафтаӣ? -Мансур сарашро бардошта, ба Ҷовид нигарист.- Чӣ фикрҳо ба сарат меоянд? Бачаҷон, дигар гапу ҳарф бас. Хоб мекунем. Рӯяшро ба рӯи писараш монда, ба дилаш омад, ки дар ин замин барояш ҳамин қадар чиз мондааст. Давомдиҳандаи дудмони Мансуриён. Акнун бояд ҳамаи нерӯяшро ба кор бурдаю эҳтиёташ кунад. Касб омӯзад. Тавонад, хононад...

Дере нагузашта Ҷовидро хоб бурд. Вале хоби худаш ба тамом парид. Пештар, ҳангоме ки кулчаи Зулайхододаро ба даст гирифта буд, мавҷи шодии латиф ва нозуке ба дилаш ворид шуд. Аммо ҳоло, ки номи он занро аз даҳони фар-

зандаш бо оҳанги умедворию меҳрубонӣ шунид, он шодии ҳаяҷонбахш мисл
дарёи пуршӯре сахт ба девори дилаш заду бо беху бун таконаш дод. Ва ҳамо
лаҳза дарёи бузургтару пургилтар бо зарбаи бештар ба девори дигари дилаш
бархӯрд ва ба гиряи пурозор водораш кард. Рӯяшро дур гирифт, то ки оби ди
дааш ба рӯйи Ҷовид нарезад. Ва лаҳзае пас худро маломат кард: «Номақулир
кам кун, Мансур! Бо шавҳари он зан қариб бист сол нону намак хӯрда будӣ! А
хотират баромад, рӯзе ки ба Қазоқистон гуселаш мекардем, ба вагон даромада
бо таъкид гуфт: «Мансур, бохабар бошед, ҳатман меоям! Нашавад, гурехт
меоям.» Ба чӣ хотир ин суханро гуфт, маълум. Ба он зан ҳам маълум.

Мансур, то ки аламу озори дилашро паст кунад, гӯш ба садои чуғз дод
«Ҳммм. Ҳммм». - Овози ин мурғи бадхоҳ дилатро мехарошад. Ин бадбахт я
дафъа, ки даҳонашро кушод, як соату ду соат, ҳунги бад металабад... Вал
ҳайҳот, магар пеши андешаро гирифта метавонӣ? Андешаву сари инсон шабеҳ
коиноту корашанд. Кӣ метавонад пеши роҳи коинотро бигирад? Аз лаҳзае, к
кулчаи барояш пухтаи Зулайхоро дид, зан аз пеши назараш дур намешуд. Ша
хоб нарафта он кулчаҳоро пухт. «Маро фаромӯш накунед, ба ғайри шумоҳо
кӣ дорам?» гуфт. Дар ин сухан умедворию пазмонӣ буд. Зан барояш дар
муҳаббаташро боз карда монд. Акнун амалу ирода бояд аз тарафи ӯ шавад
Фикре ба дилаш омад, ки аз баҳри ҳама чуну чароҳо гузараду рафта бо за
зиндагии нав сар кунад. Чорӯза умраша ба хурсандӣ гузаронад. Боз ба фикра
меомад, ки яке Мирзоумед биёд. Баъзеҳо меоянд-ку. Баъзеҳо гурехта меоянд
Ана пас чӣ мешавад? Дар сари Мансур ишқу ақл баҳсу кашокаш мекарданд
зӯрӣ ӯ намерасид, ки онҳоро ҷудо кунад ва торафт ранҷ кашидаю дам ба дам
гиряаш зиёд мешуд.

Шамоли тирамоҳ дарахтонро гоҳе оҳиста, гоҳе сахт такон медод. Як тараф
зер карда мехобонд, медид, ки зӯраш намерасад, раҳо мекард. Қасдашро а
хасу хошоки дашту саҳро мегирифт. Ҳар лаҳза онҳоро бо ситезмандӣ ба осмо
бардоштаю боз баргардонда ба замин мезад. Сиҳатмондаашро боз бардошт
мезад. Ҳамзамон чанги роҳро пешандоз карда, ба тарафат ҳамлаовор мешава
ё дар пеши назарат гирдгардон карда, сутун месозад ва он сутунро чун дастгоҳ
дақиққор аз чор тараф баробар тарошидаю то замин фуровардаю нопадид ме
кунад. Гӯё дар саҳна ҳуққабозе мӯҳраҳояшро ба бозӣ даровардааст.

Ин шамоли аввали тирамоҳ аст. Баъди як моҳ ё барвақттар боронҳо ва
хунукиҳои тирамоҳ шурӯъ мешаванд. Аммо қатъи назар аз ин ҳама роҳҳо пу
аз гуреза аст.

Мансур ба роҳи Саройқамар баромада, ба хотираш омад, ки ду сол пеш
ҳангоме ки ағбаи Китобро мебаромаданд, ҳамин гуна шамоли аввали тирамоҳ
шурӯъ шудаю ҳаво пурчангу ғубор буд. Мардуми дорою дастбакори Фарғонаю
Хуҷанду Самарқанд аз ҷафои болшевик ҷулу ҷиҳозашонро пушт карда, сӯйи
Бухоро меомаданд, ки амиру аскару овозаҳо дошт. Пас аз он ки аз амиру
овозааш осоре намонд, ба онҳо мардуми шаҳрҳои Миёнкол ва Бухоро ва ин
тараф то соҳили Ҷайҳун ҳамроҳ шуда, сӯйи Афғонистону дигар кишварҳои
мусулмонӣ роҳ гирифтанд. Ва ин ҷангу куштору талаю тороҷ ва гурезогуре

чор сол аст, ки пайваста давом дорад ва ин шабу рӯз ба авҷи аъло расидааст. Дар дашти рангпарида оғози қофила дида намешавад. Дар байни фирориҳо ҷавон, пир, лангу беморро ҳам мебинӣ, ки бо парешонию пажмурдагӣ роҳ мепаймоянд. Дарвешону қаландарҳо низ бисёранд. Чорукҳоро мисли хурҷин ба китф партофта, як-як бо овози марғуланок «Ё-хӯ-ӯ-ӯ! Ё олл-о-ҳ»! мегӯянд, ки пеши қофила мешунавад. Дарвеши сиёҳсӯхтае, ки яктаҳи сурхранги то замин кашола дорад, сафаракиҳоро огоҳ мекунад: «Мардум, ин шӯру шарар нишони охири замон аст! Қиёмат наздик аст! Ин, ки номашро болшевик мегӯянд, яке аз ёрони Хари Даҷҷол мебошад, ки ба қавле чил рӯз, ба қавле чил сол пеш аз худи он малъун омадаю подшоҳии олам мекунад! Дар ин чил сол...» Мансур ба суханони дарвеш эътибор надода, аспашро маҳмез зада, пеш гузашт. Ду гурӯҳ занҳо гуфтаю хандида мерафтанд. Ҷамъ шуда рафтанашон хуб аст. Буғси дил мебарояд. Ҳарчӣ фаранҷи надоранд. Ҳардам бо рӯймол аракҳи чеҳраҳои зебо, гардани барф барин сафедашонро пок мекунанд. Баъзе кафшу маҳси дорад, баъзе мӯзаи керз, баъзе калуш доштаҳо як-як истода пойҳояшонро бароварда шамол медиҳанд. Духтарони қадрасро дар байн гирифтаанд. Мисле, ки галлаи асп тойчаҳоро ба байн мегирад.

Ҳуши Мансурро марди миёнсинне, ки харашро халачӯб мезанад, ба худ ҷалб кард. Дар байни колояш потешаю арра намудор, аз афташ дуредгар аст. Аз пас занаш бо миёни баста, бардам қадам задаю бо остини курта, ки аз дасташ як вақаб дароз аст, ҳар дам аракҳи чеҳраашро пок мекунад. Се нафар кӯдакҳои хурду калон мисли чӯҷаҳо дар атрофаш давдавонанд. Чеҳраашон аракшору супсурх. Андаке ақибтар ҷавони салладоре борхалтааш дар пушт, бо ҷавонзани нозукандому зебое гуфтаю хандида равонанд. Шодии бо ҳам будан сафари касофатбору нобасомонашонро халалдор намекунад. Ҷавонзан ягон-ягон истода, пойи сафедашро аз кафши чӯбин берун кашида, шамол дода боз равон мешавад. Мансур аспашро дар баробари марде, ки дар хараш потешаю арра бор кардааст, нигоҳ дошта, пурсид:

– Ҳамшаҳр, сафар ба куҷо?

Мард бо қаҳр ба Мансур нигариста гуфт:

– Ҳамин мардум худашонро ба Ҷайҳун мепартоянд, ба Афғонистон мераванд, ман ҳамроҳашон. -Мард ба зарда харашро халачӯб зад.- Саволатон ба чӣ маъно?

Дар ниҳоди Мансур ангезаи кунҷковӣ ҷӯш заду бо киноя гуфт:

– Арраю тешаатонро дида пурсидам. Ҳамин ҷо ҳам хона сохта мегаштед.

– Шумо аз осмон афтидед магар?! Намебинед, ки ин ҷо мардум хонабезоранд! Қасрҳои хусравониашонро партофта мераванд! - Мард ба Мансур фурсати сухан надода ба шиддати бештар гуфт: -Худатон куҷо мегурезед? Обу хок, гапу ҳарфи диёр дар дасти шумо, савораҳо, буд, ҳамаро ба куффор дода, акнун шармандавор гурезонед?

Ду нафар ҳамроҳони мард бо кунҷковӣ ба Мансур зеҳн монданд.

Мансурро хандааш омад, худро дошту гуфт:-Ин гапро ба амир Олимхон гӯед.

– Ин ҷо мешуд, бадтарашро мегуфтаму бо потешаам чортарошаш мекардам, к... фурӯша!

– Хуб, ки шумо ҳам дигарҳо барин ӯро «сояи Худо» нагуфтед.

Мард чашмони чуқуррафтаи қаҳролудашро аз Мансур наканда гуфт:

– Ҷавони ланге, ки аз паси хари сафед меравад, оҳангар аст, яктаҳпӯшҳои ҳамроҳаш яке пӯстакдӯзу лойзан, яке заргар. Он гурӯҳҳои пеш деҳқононанд. Дар байнашон муллоҳо ҳам ҳастанд. Мо ҳама аз Кангуртем. Дармонда шудаю бо дили пурдард ҷилои ватан кардем. Якчанд деҳаҳое ки дар атрофи мо буданд ҳама рафтанд. Амир Олимхон дар Афғонистон истода фармон медиҳад, ки «Ҷиҳод кунед! Ватанро аз дасти душман раҳонед!» Ин ҷо мулло фатво медиҳад, ки касе ҷиҳод накунад, молаша баҳри ҷиҳод надиҳад, кофир асту дӯзахӣ. Думравакони болшевиқҳо мегӯянд, ки хонаю дари обод дорӣ, маълум мешавад, ки муштамзурӣ-пеш даро, ҷоят зиндон. Пас дар ин ватан чӣ гуна зием? Дар ҷавонӣ тагу боло давидему касб омӯхтем, ки рӯз мебинем, имрӯз касб душмани ҷон шудааст. Дар ягон давру замон ин корҳо набуд.

«Ҳоле, ки дорем, ин мард хуб фаҳмонд,-фикр кард Мансур.-Вале вай намедонад, ки ман ҳам рӯзи ӯро дорам.»

Марди лоғарандоми салладоре, ки кӯтоҳ-кӯтоҳ месулфид, ба оҳанге, ки шикоят мекард, ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд:

– Мани бетолеъ дувоздаҳ сол санг таги сар монда, мадраса хондам. Дар ин роҳ ҳатто рӯйи гарми падару модарро надидам. Калонҳои навбаромад мегӯянд, ки дувоздаҳ сол хонда бошӣ, дувоздаҳ сол дар Сибир ҷангалбурӣ мекунӣ. Ба ин ҳоле, ки дорам, ман кучою ҷангалбурӣ кучо?-мард оби дида кард.

– Муллоҷалол, ҳар кас дар ҷойи худ пошшо. Шумо набошед, мо маргу мурдаамонро чӣ гуна ӯҳда мекунем?- Дуредгар Муллоҷалолро дилбардорӣ кард.

– Рост, домулло, агар дувоздаҳ сол ба Худо пуштгармӣ дошта бошед, албатта, подошашро хоҳед гирифт,-афзуд Мансур.

Сӯҳбати онҳоро овози гӯшхароши буз халалдор кард. Ҷавони чашмзарде дар паси хари пурбор бузи сафедро баста буд. Буз гоҳ тохта меравад, гоҳ худро кашол меандозад. Ҷавон ӯро тела додаю бо химча ба пойҳояш мезанад, вале буз бо тамоми овоз баос зада, худро кашол меандозад. Ҷавон ӯро ҳардам бардошта тела мекунад. Пештар марди сияҳҷурдае чакман дар китф гови зарди синакалонро ҳай карда меравад. Гусола пойҳояшро монугир карда калавида меравад. Гов ҳар замон гарданашро гардонда овоз медиҳад, гусола сар бардошта қадам тез кардани мешавад вале боз мекалавад.

– Ҳой, мард, ҳамон ноубола бардошта рав гов аз пасат меравад, - маслиҳат дод домулло.

– То ҳол бардошта омадам, дигар мурат ки намебардорам, - гуфт мард.

Мансур ба писарбачаҳо зеҳн монда, аз дуредгар пурсид:

– Инҳо писарҳои худатон?

– Дутояш аз худам, калонтараш аз ҷиянам. Падараша душман карданд. Модараш боз як кӯдак дорад. Инро ба мо ҳамроҳ кард. Ин ҷо касе нест, ки ӯро нигоҳубин кунад, -гуфт.

Аз дили Мансур гузашт, ки агар худашро зиндон мекарданд, Ҷовид ҳамин ҳолро дошт. Аз ин фикр дилаш таҳ кашид.

Онҳоро гурӯҳе, ки аспу аробаҳо доштанд: «Роҳ диҳед! Роҳ диҳед!» гуфта, пеш гузаштанд. Бори аробаҳоро бо бандҳо бастаанд. Марде савлат карда, ба

аспи қашқа савор аст. Дар атрофаш қариб бист нафар ҷавони савораю пиёда равонанд. Пиёдаҳо аракрезону чеҳраҳо суп-сурх тез-тез қадам мезананд, ки аз аспҳо ақиб намонанд.

– Эшони Абдумаликҷон бо муридҳояш рафт,-гуфт Муллоҷалол.-Чӣ дардаш гирифтааст, ки саросема аст. Яқин муридҳояш то Афғонистон мебарандаш.

Дуредгар чизе гуфтанӣ шуд, ки домулло пешдастӣ карда афзуд:

– Мо дар Бухоро саломалек будем. Маро диду як даҳон напурсид, ки мурдаӣ ё зинда...

– Домулло, шумо чаро мурид нагирифтед?- пурсид дуредгар.

– Мо ҳам ду-се нафар дорему онҳо худам барин кашола.-Муллоҷалол бо бари яктаҳаш арақи сару рӯяшро пок кард:- Барои муриди зиёд ҷамъ кардан каме берӯй ва дурӯғгӯй будан лозим.

Буз боз худашро кашол партофта баос зад. Исқот овозаш чунон гушхарош аст...

– Ҳой мард, ин бузат дар дили ҳама зад!-гуфт дуредгар.-Сараша бур!

– Дар дили худам ҳам задааст!- гуфт соҳиби буз.- Ният дорам, ба соҳили дарё, ки расидем, кушта гӯшташа хомталош мефармоям, то ки дарёро саломат гузарем.

– Гӯшта ба ман додан гир,-гуфт Муллоҷалол.- Чунон дуъо кунам, ки дарёро савор гузарӣ.-Дар оҳанги сухани мулло ҳам илтиҷо, ҳам ҷиддият ҳис мешуд. Аммо соҳиби буз дудила шуда ҷавоб надод.

Мансур аспашро баробари дуредгар дошта ин дафъа дустона гуфт:

– Ошно, ман ҳам мисли ту гурезонам, дар ин ватан савора ҳам намонду пиёда ҳам ва нигоҳи синчакоронаашро дида илова кард: «Ин боди самум аввал савораҳоро аз ватан бадар кард» сипас аспашро пошна зад.

Онҳо гардишеро гузашта баландиеро баромаданд. Аз тарафи рост рӯди обаш ба қадди як ҷӯйбор камшуда ҷорист: Дар ду ҷониби об пастии шибирзор тӯл кашидааст ва ҳар ҷо тӯб-тӯб дарахтони сафедор ва бед қад афрохтаанд. Дарахтони сафедорро баргҳо нӯгашон зард шудаю рехтаанд. Дар нӯгҳояшон барг намондааст. Аммо аз нисф поён ҳанӯз сабзанд. Дар он сӯи рӯд дар паси теппаҳо ҷангали анбӯҳ то домани кӯҳҳои Фархор меравад. Дар пастии шибирзор аз ҳам дур-дур якчанд кулбаи навсохт намудор ҳаст. Дар наздикии хонае аспи майгуне, ки гарданашро баланд бардошта ҷониби онҳо нигоҳ дорад, баста шудааст. Дар атроф як оромии фараҳфазо ҳукмфармост. Шояд ин одамон ҳам фирорианду ин ҷоро нишемангоҳ ихтиёр кардаанд. Аз дили Мансур гузашт, ки ин об, ин ҷангалу кӯҳҳо ба ӯ ва ин мардуме, ки фирорӣ шудаанд, дигар тааллуқ надоранд. Инҳо моли одамони бегона шудаанд. Онҳо мераванд ба замину обу кӯҳҳои дигар. Вале ин ошноию ин дилангезиро дар он обу замин нахоҳанд дид...

Аз пас Ҷовид аспро ҳадаҳа карду овоз дод: «Аз чанг тезтар хато кунем.»

– Хуб,- гуфт Мансур, вале лаҷомро кашида дошт. Аз пастии ва сукунати шибирзори лаби об дил канда наметавонист. Ба дилаш орзу омад, ки кош Бибигулаш ҳамроҳаш мешуду бо ҳазорон хурсандӣ ин ҷо кулбае бино мекард. Ҳамроҳ лаб-лаби ин обаки ширин, таги дарахтҳо гардиш мекарданд. Гоҳе дар сояи дарахтҳо менишастанд, чун рӯзҳои дар Самарқанд буданашон суҳбату

шӯхиҳо мекарданд, садои хандаҳои шӯхшангашро мешунид. Неъматдортарину хуштбахттарин кас дар олам мебуд. Аммо Бибигул гум шуд. На дар замин меёбиш, на дар осмон.

Мансур аспро тозиёна зада аз чанд оилае, ки харҳои бордор, гову молашонро ҳай карда мерафтанд, пеш гузошт, вале саросема нест. Дар Балҷувон ба Низом - махдум, «дар Бухоро кор дорам» гуфта, Зулайхоро дар назар дошт, ки рафта як назар бинад. Оё домодаш Асрорӣ омада бошад ё зан ҳанӯз дар шаҳри бегона танҳост? Баъди воқеъаҳои дар Балҷувон рӯйдода се рӯз дар паҳлӯи амаки Сайфуллоҳ ба сӯгворӣ истод. Раво надид, ки аз назди холаи Робиа зуд равад. Ва ҳамон ҷо овоза омад, ки даромаду баромад ба Бухоро бо иҷозат шудааст. Ҳар каси ба шаҳр медаромадаро хуб таҳқиқ мекардаанд. Ин хабарҳоро шунида, ҳайрон шуд, ки ба Бухоро равад ё не. Ба дилаш меомад, ки агар ба дасти болшевикҳо афтад, дигар рӯи Ҷовидро намебинад. Онҳо чӣ кас буданашро зуд муайян мекунанд. Мансур бо чунин андешаҳо як бегоҳирӯз саргум ба Саройкамар, ба соҳили Ҷайҳун омада расиду аз манзараи дидааш моту мабҳут монд. Дар соҳил тахминан сесад –чорсад нафар одам аст. Аспу астарҳояшон аз худашон бештар ва ҳар тараф парешон. Маркабҳо ханг задаю ҳамдигарро пешопеш доранд. Дар ду тарафи роҳрав, қад- қади қамишзори соҳил хаймаю каппаҳо тӯл кашидаанд. Ҷое заминро то миён кандаю ҷойи нишаст кардаанд. Болои баъзе каппаҳоро бо гилем ё намаде пӯшонда, чӯб задаанд. Дар назди хаймаҳо занҳо оташ гирондаю дар тараддуди хӯрокпазиянд. Кӯдакҳо дар атрофи хаймаҳо давутоз доранд. Мегӯй, ин ҷо гузаргоҳ не, бошишгоҳ аст. Дар таги дарахтони паҳлӯи пайраҳа ҳар ҷо найҳои даравидаро чун «кӯрпа» паҳн карда, мусофирон хобанд. Онсӯтар дар тарафи чапи роҳ аробаҳои дучархаю чорчарха истодаанд. Дар болои қисме аз онҳо соҳибонашон нишастаю суҳбат доранд. Поёнтар, дар соҳил аробаҳои бесоҳибу вайрона хобанд. Яқин баъзеҳо бо онҳо борашро то ин ҷо овардаю пас партофта дарёро гузашта рафтаанд. Ягон-ягон одамон қад-қади соҳил андешаманд равуо доранд. Аксари мусофирон бо рӯймол сару гӯшҳоро бастаанд. Салладору телпакдору кулоҳдорҳо ҳам бисёр. Ин ҷо шамоли дарё рутубатнок аст, барои ҳамон гӯшпеч бастан беҳтар. Ҳамаро чеҳраҳо пурандӯҳ ва ҳолашон парешону ҷигархунанд.

Мансур дасти Ҷовидро гирифта фикр кард, ки чаро ин мардум ин ҷо баҳузур нишастаанд? Чӣ гап бошад? Шояд ҷониби Афғонистон роҳро бастааст? Ӯ гумон дошт, ки ба соҳил расида, се чор нафар якҷо шуда, дарёро гузашта мераванд. Ин ҷо ин гуна зиёд будани одамро чашмдор набуд. Фикр кард, ки бояд ҷое ёфта, Ҷовидро хобонад. Роҳи дароз лакоту хастааш кард.

Дар тарафи чап, дар гӯшае, ду чинори баланд дида мешавад, ки шохҳои поёнашро буридаанд. Марди қадпасти серҳаракате, ки чеҳраи сурх ва бинии дароз дорад, болои тобасангҳо ду самовор монда ба ниёзмандон чой дам карда медиҳад. Онсӯтар пӯстаку кӯрпаҳои кӯҳнаи рӯи ҳам тӯб карда дида мешавад. Яқин инҳоро ҳам партофта рафтагистанд. Мансур ба Ҷовид ишора кард, ки аспро дошта истад, худаш назди самоворчӣ рафта пурсид:

– Ин ҷо барои дарёро гузаштан навбат меистанд?

Самоворчӣ ҷониби Мансур нигоҳ накард. Онсӯтар рафта, бафурча чӯбҳои ғафсро ҷудо карда, ба таги самовор партофт, пас рост хеста, ба самте чашм дӯхта гуфт:

– Ин ҷо навбат нест. Касе хоҳад, ҳозир ҳам гузашта меравад. Шаб ҳам хоҳад, мегузарад. Шабҳо маҳтоб баланд аст. Мисли рӯз рӯшан. - Ва сӯйи марду занҳое, ки аз пайраҳаи байни найзор ҷониби дарё мерафтанд, ишорат карда гуфт: - Ин гурӯҳ соате пеш аз Фарғона омад. Як чой нӯшиданду аллакай «юл борганга юл яхшӣ» гуфта, ба роҳ даромаданд.

– Ҷои хоб ёфт мешавад?- пурсид Мансур.

Самоворчӣ боз ҳам ҷавоб надод ё нашунид, аз машки ба дарахт овезон, ки поёнаш ба ҷомаи кӯҳнае печонда шуда буд, ба самоворҳо об рехт ва ҷониби аробаҳо, ки он ҷо уштури бузургҷусае аз даҳонаш кафк парондаю уштулум доштаву уштурҳои бастаро мегазид, нигоҳ карда, «уштури аз қазоқ омада ҳамааш масту бетартиб»,- гӯён ғур-ғур кард.

Мансур бо андаке ситезмандӣ суханашро такрор кард.

Самоворчӣ сӯи Мансур озмоишкорона нигариста гуфт:

– Онсӯтар рафта, байни каппаҳо гардед,-агар каппаи холӣ наёфтед, биёед, ман заминкан дорам; пӯстаку курпа ҳаст. Пулаша медиҳед.

– Самоворчӣ мардум аз пул серӣ надорад,-Мансур киноя зада, аз ӯ дур шуд.

Соҳил дусад қадам барин найзор асту пас ҷангали зич ва он тараф теппаҳо шурӯъ мешаванд. Най чунон баланд аст, ки аспро бо савораш пиҳон мекунад. Дар ҷое, ки баҳоррӯя даравидаанд, най қади одам аст. Якчанд ҷойро ба наздикӣ ба қади оғил даравида, мол дарун кардаанд. Он ҷо мисли ҳота маҳкам аст. Дар гӯшае, ки об наздик аст, ду нафар зан либос мешӯянд. Зане оташи хомӯшшударо хам шуда пуф-пуф карда гиронданист. Дуртар аз самоворчӣ назди хаймае, ки ҳезум туп карда шудааст, зани ғафсаки хунукрӯе куртаашро чаппа карда дар алов медорад. Самоворчӣ ҷонибаш пӯписа кард.

– Ҳой занаки бешарм, ту чӣ дард дорӣ?! Мемурӣ-чӣ?! Ҷои шабушктакиатро ёфтӣ!

– Ини худама накарда истодаам,-гуфт зан бо овози паст ва ба ангушт каппаи ҳамсояашро нишон дод.

Самоворчӣ бештар дарғазаб шуда, чӯби дарозе бардошта раҳорах бо овози баланд фарёд зад:

– Ҳоло ҳама либосатро дар алов мепартоям! Хез аз ин ҷо, гум шав...

– Шӯям набошад, хонаю дар набошад, куҷо равам?-Зан бепарво корашро давом додаю дақиқае пас бо ғазаб илова кард:-Ту, мумсик пули маҳшара ҷамъ мекунию ба ман як қулт оби чӯши бе пул намедиҳӣ! Дар сарат алов!..

Касе аз дасти Мансур дошт. Ӯ баргашта дар рӯбарӯяш Абдуллохони хӯқандиро дид. Ҳарду аз вохӯрии ногаҳонӣ шод шуданд. Дар тани Абдуллохон ҷомаи чити рангпарида, дар сар рӯймол бастааст. Он шукӯҳмандии пештарааш нест. Дар қаъни чашмонаш як андӯҳи мурда намоён. Мисли маслухи гандида дар паҳлуи роҳ.

– Дар хаймаи мо ҷой тайёр. Як меҳмон ҳам дорем,-гуфт Абдуллохон.

– Албатта, меравем,-гуфт Мансур ва ба Ҷовид ишора кард, ки аз пас аспро нӯхтакаш карда биёрад.

– Ду ҳафта зиёд шуд, ки дар ин соҳилем. Мо ин ҷо соҳибватан шудем,- Абдуллохон аз Мансур чашм намеканад. –Солҳои рафта ҳардуямонро дигар кардаанд.

– Солҳои рафта шаҳрҳоро дигар карданд, роҳу равишро дигар карданд, чӣ расад ба мо.- Мансур ба зӯрӣ табассум карда афзуд:-Тассавур намекардам, ки ин ҷо ин қадар одам ҷамъ мешавад ва шуморо ҳам ин ҷо мебинам.

– Ин ҷо шаҳр, - Абудллохон бо табассум сар ҷунбонд. -Саҳар шавад, бозорро тамошо кунед... Одамони деҳаҳои атроф молашонро меоранд. Мардуми дармонда чизу чораашонро арзон фурӯхта мераванд. Баъзеҳо пайса надоранд, маҷбур шуда аспу улоғашонро мефурӯшанд. Савдо бештар ивази мол ба мол аст.

– Чаро одамон ин ҷо меистанд, ман ҳайрон?

– Мусофирон ин ҷо, ки расиданд, як рӯз- ду рӯз, баъзан як ҳафта меистанду ҳавои кори он тарафро, ки гирифтанд, пас аз дарё мегузаранд. Баъзеҳо ақиб мегарданд.

– Ақиб мегарданд? Чаро?

– Ҳаёти он тарафро пурсучӯ мекунанд, маъқулашон нашавад, гашта мераванд.

Онҳо аз назди хаймаи калонтаре, ки аксар русҳо ва ягон-ягон қафқозинусхаҳо ба ҳам бо овози баланд баҳс доранд, гузаштанд

– Ин ҷо русҳо ҳам ҳастанд?-пурсид Мансур ва ба афту андоми парешонашон зеҳн монда андешид, ки инҳо ҳам мисли худашон ҳоли ноҷур доранд.

– Як рӯз ин ҷо истед, қудрати Худоро мебинед. Қазоқу қирғизу кунғуроту дункану семизу Эҳ-е, ҳамагуна миллат пур. Аз Қафқозу Қазон ва ҳатто аз Петербургу ким куҷоҳо одамон ҳастанд.

– Аз Петербург? Шояд ҷосусанд?- Мансур баъд аз ҷанги Балҷувон ба русҳо бовариаш намондааст.

– Мушоҳида кунам, одамони Петербург ба он болшевикҳои пасту пакананусха монанд не. Маълум, ки тарбиятдидаанд. Одамони диндору баинсоф. Дар самовор пагоҳӣ навбати чой меистем, мо ришсафедҳоро пеш мегузоронанд. Чашму дилашон сер. Гапу корашон хушмуомила. Боз дили ҳар каса Худо медонад.-Абдуллохон ҷониби фарғонагиҳое, ки ба соҳил расида буданд, нигариста ба суханаш идома дод:- Ҳамин аҳвол дар дигар гузаргоҳҳо ҳам будааст. Аммо дар он ҷойҳо киштӣ будаасту пули калон мегирифтаанд.

Мансур истода, ба ду марди сафедрӯи ботанутӯш нигарист, ки аробаеро таъмир мекарданд. Онсӯтар аз онҳо партобгоҳ буд. Аробаҳои кӯҳна, сандуқ, пӯстаку кӯрпачаю болиштҳои ҷулмонанд. Табақу кӯзаҳои шикаста ва дигар асбобҳо хобанд.

– Инҳо анҷомҳои мардуми гуреза,-гуфт Абдуллохон.- Ин ҷо меоранд, мебинанд, ки аз дарё гузарондан наметавонанд, партофта мераванд.- Қадамзанон Абдуллохон афзуд:-Ин гуна асбобу анҷомро дар ҷазираҳои байни дарё ҳам мебинед.

Мансур аз аҳволи нофарҷоми гурезаҳо, аз ояндаи торикаш дилтанг шуд.

– Ароба ростмекардаҳо аз Доғистони Қафкоз,- афзуд Абдуллохон. - Аробаҳои ин ҷо партофтаро созу боз карда, бозор бароварда мефурӯшанд.

– Кӣ онҳоро мехарад?

– Талабгор пур! Аз Шаҳритус, аз дигар ҷойҳо омада, ҷон-ҷон гуфта мехаранд.

Абдуллохон ба хаймае, ки дар назди дар ду хурҷини пури китоб дошт, сар халонда, «ака Салоҳиддин, назди меҳмон биёед» гуфту раҳорах илова кард: - Марди ин ҷо қарордошта аз Бухоро. Мадраса хондагӣ, дукон доштаанд. Аз ҳисоби ҳавай рӯз мегузарондаанд. Ман дар хонаи ин кас иҷора менишастам. Баъде, ки аз аҳволам воқиф шуданд, пул нагирифтанд. Дар дохил боз се хӯрҷин китоб доранд. Мегӯянд, ки як- ду ҳафта тоқат мекунам, то ки об паст шавад, пас дилпур шуда, китобҳоро бор карда мегузаронам.

– Мардуми Бухоро мардуми бараҳманд. Лекин ба сарашон рӯзи сахт омад,- гуфт Мансур ва мушоҳида кард, ки дар назди чанд хаймаи он тараф низ хӯрҷину халтаҳои китоб ҳаст.

– Мушоҳида кунам, вазъи молиашон бад аст. Ҳамроҳашон фақат китоб доранд. Русҳо мебинанд, ки пул надоранд, пулашон медиҳанд. Баъзеҳо мегиранд, баъзеҳо «пули кофирро намегирам» гуфта, рӯ мегардонанд.

«Фоҷиа аз ин беш мешавад?» Мансур оҳ кашид ва пурсид:

– Ду ҳафта боз ин ҷоед, аз ин пеш куҷо будед?

Нигоҳи Абдуллохон ғамолуд шуд. Дақиқае хомӯш истод ва ба нақлаш идома дод:

– Пас аз он, ки ағбаи Китобро фуромадем, аз раҳгузарҳо шунидам, ки болшевикҳо Қарширо талаю тороҷ карда, ба тасарруфи Бухоро рафтаанд, ба Косон омадам. Як сол он ҷо интизор шудам. Он ҷо писари калонӣ, Муқимҷон шикамдард шуд. Дорую табибӣ кардем, домулло овардем, натиҷа надод. Яке маслиҳат дод, ки иқлимро дигар кунед. Саросема Бухоро омада хона иҷора гирифтам. Ду рӯз гузашту бача беҳол шуд. Бо маслиҳати ҳамсояҳо кӯдакро ба беморхонаи русҳо бурдам. Духтуре кӯдакро муоина карда, ба тоҷикӣ пурсид: Дар шиками кӯдак «рафидаи гарм мондед?» «Ду ҳафта шуд, ки рафида мемонем», -гуфтам. Табиб гуфт, ки атрофи нофаш газак гирифтааст. Дар сандалии гарм хобонед». Рус бо ғазаб тарафам нигариста гуфт, ки «кӯдакро дер овардед. Ба табиби аблаҳатон гӯед, ки минбаъд ба чунин беморҳо гармӣ нафармояд!» Баъд фаҳмем, бечора кӯдак варами кӯрруда шуда будааст.» Ҳамон бегоҳӣ бача вафот кард.

«Он андӯҳи дар чашмони Абдуллохон хобрафта мусибати фарзандаш будааст». Мансур бо овози паст гуфт:

– Ин кӯҳи ғам дар дили ман ҳам нишастааст.

– Дар Бухоро рӯзамон надоданд,-афзуд Абдуллохон.-Ким -чи гуна як балое бо номи комиссияи фавқулъода (тройка) баровардаанд, ки мисли ғуза ҳамаро мегазид. Маро низ ба пурсуҷӯ кашиданд. Ҳарчи як фарғонагии мансабдоре ҳамроҳашон кор мекардааст, Худованд ба дилаш раҳм андохту оҳиста ба гӯшам гуфт: «Зуд кӯчу бандро бардошта, як муддат аз ин ҷо равед!» Дами субҳ аз Бухоро берун шудаму нияти Афғонистон кардам. Ин ҷо омадаму занам ду

пойро дар як мӯза кардааст, ки ба Афғонистон намеравем. Ҳамин ҷойҳо ду-се сол меистему пас ба ватанамон бармегардем мегӯяд. Аз кадоме шунидааст, ки он тараф пури мардуми саргардон.

«Ломазҳаби болшевик ҳамаамонро сарсону саргардон кард.»- Мансур ба рӯи мусоҳибаш чашам дӯхту аз рӯйи дилсӯзӣ гуфт:- Як муддат ба Афғонистон равед. Мо барои инҳо душманем. Роҳамон намедиҳанд.

Дар назди хаймаи Абдуллохон писараки зардинае сангчаҳои сафедро болои ҳам чидаю бозӣ мекард. Ба хотири Мансур омад, ки дар ағбаи Китоб бародараш ҷониби Ҷовид гуфт: «Ошно, ҷоимизни олмаштирайлик?» Ҳанӯз овозаш дар гӯши Мансур садо медиҳад. Вале дигар он кӯдаки ширинсухан дар ин дунёи кушод нест. Ӯ ҳанӯз намедонист, ки марг чист? Аз ноҳӯдабароии мо, падарон, марг фарзандҳоямонро мебарад.

Ҷовид ҳам писарро шинохту пештар рафта салом дод. Ба дили Мансур омад, ки тақдири инҳо якранг аст. Ҳарду аз ватан дур, бародаргумкардаанд...

Ҷовид ҳамроҳи Маъмурҷон монд.

– Гӯсола бо гӯсола -ошнои садсола, инҳоро ба таври худашон мемонем,- гуфт Абдуллохон.

Дар хайма марди рӯйпаҳни қазоқсимо ба пешвози онҳо хест.

– Ин кас ошнои мо Кучибой, Абдуллохон мардро шинос кард.-Аспҷаллобӣ мекунанд. Як аспама ба ин кас фурӯхтам, омадаанд, ки ҳошакалло дигарашро фурӯш.

– Аҷолиқ, агар хоҳиши фурӯхтан дошта бошед, гуфта омадам,-Кучибой бо овози баланд хандид.

– Аспро дар кучо мефурӯшед? Ба Афғонистон мебаред?-Чеҳраи кушода ва нигоҳи меҳрбори Кучибой ба Мансур маъқул шуд.

– Касбам галабонӣ,-гуфт Кучибой. – Аз мардуми гирду пеш ё гурезаҳое, ки меоянд, аспи хубе пайдо кунам, арзон харида, ба он тарафи об бурда мефурӯшам. Ба ҳамин тариқ зиндагиро меҷунбонам, вагарна бо галабонӣ рӯз намегузарад.

– Дар он тараф асп қимат аст?

– Дар соли аввали ҷанг ба асп пули нағз медоданд. Баъдан нарх афтидан гирифт. Дар ду соли охир бисёр аспҳоро ба он тараф бурданд. Хусусан пас аз он ки Анварпошо ҷангро шурӯъ кард. Одамони Анварпошо алоҳида, одамони Иброҳимбек алоҳида гала-гала аспҳоро бурда ба ивазаш тиру туфанг харида оварданд.

– На фақат асп, рамаи молу гов ҳам бурданд!-гуфт Мансур ва пурсид: -Он ҷо гурезаҳо чӣ ҳол доранд?

– Ман аз деҳаҳои назди соҳил он тараф намеравам. Аз рӯйи шунидам, аксар дар азобу оворагиянд. Хонаю дар набошад, ватани бегона бошад, ба худатон маълум.-Кучибой ҷониби Абдуллохон дӯстона нигариста афзуд:- Мехоҳам аҷолиқро гӯям, ки нараванд, аз тарафи дигар, дар ин ҷо дилпур зиндагӣ карда наметавонанд.

– Азоб ҳам бошад, маҷбурам як муддат равам,-гуфт Абдуллохон ва берун баромада, Ҷовиду Маъмурҷонро дохили хайма карду сабзӣ оварда пора кард ва гуфт: -Сабзию пиёзи моро Кучибой мерасонанд.

– Рӯзе, ки аспашонро савдо кардам, маҷбуран даровардand, ки шавла тайёр, ҳамроҳ мехӯрем. Бинам, шавлаашон бе сабзӣ. Худашон одами маъракаю шавлаашон бе сабзӣ: -Кучибой хандаи барқосо сар доду афзуд: -Рафта як халта сабзию як халта пиёз овардам.

Абдуллохон сабзиҳои поракардаро бардошта, пурсид: «Палав фармоям ё шавла»

– Аҳолиқ, бемалол бошад, шавла фармоед. Зудтар мепазад.-Кучибой ҷониби Мансур гашт.- Шумо чӣ мегӯед, меҳмон?

Мансур низ ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд ва дид, ки Ҷовидро аллакай хоб бурдааст, болояшро пӯшонд ва аз Кучибой пурсид:

– Насиб бошад, боз кай ба Афғонистон аспфурӯшӣ меравед?

– Як асп дорам, боз якто ёбам, меравам.-Кучибой ба Ҷовид синчакорона нигарист.- Писаратон? Шумоён ҳам нияти он тарафҳо доред?

– Гузаштанием...-Мансур ба кашиш ҷавоб дод.-Якчанд хешу табор рафтанд. Ман ҳам як ҳамон тарафҳоро бинам мегӯям.

– Писарро ба мусофириҳо набаред. Худатон як чарх зада дилатона хунук карда биёед.-Кучибой риши сиёҳи тунукашро қабза карда афзуд: –Дар ин мавриd як масали машҳур ҳаст: «Ба Афғонистон набиё, ки ба сарат орд зада, пас мефиристанд». Одаме, ки он ҷо меравад, дар ним сол сарсафед мешавад.

Мансур беихтиёр оҳ кашида гап назад.

– Агар ҷоятон набошад, дар хонаи мо монед,-гуфт Кучибой. -Се духтар дорам, кенҷааш писар.

– Аслан Афғонистон рафтани нестам, - гуфт Мансур ва хесту «алафи аспро дода меоям» гуфт.

Дар берун шамоли қибла шиддат гирифта, баргҳоро аз ҷониби деҳи он сӯйи роҳ рӯфта, бо ситез ҷониби дашту дарё мебарад. Мардум бесаранҷом шуданд. Баъзеҳо болои хаймаашонро бо гилем мепӯшонанд, баъзеҳо аспашро зин мезананд, дигаре кӯза дар даст ҷониби дарё меравад. Занҳое, ки дар соҳил ҳезум ҷамъ мекарданд, саросема сӯйи бошишгоҳашон шитофтанд. Одамони болои аробаҳо ҳам безобита шуда ҷома мепӯшиданд.

Фурсате гузашту аз дуриҳои ҷониби Афғонистон овози тундар омад. Дар баландиҳои осмон хатҳои дароз ва оташгуни качу килеб намоён шуда зуд гум мешуданд. «Борон шавад, мардум азоб мекашанд.» Мансур дид, ки самоворчӣ алаф мефурӯшаду харидорон бандҳои боқимондаро талош мекунанд, ӯ низ расида, ду банд гирифт. Марди танадори калакалоне, ки сарашро бо тики сурх печондааст, сӯйи самоворчӣ ба лаҳҷаи самарқандӣ илтиҷо кард:

– Ман ба шумо ҳисобӣ карда, пас аз ин ҷо меравам, гардам. Намегурезам, аспи безабон гурусна намонад!

Мансур мардро дида лаҳзае шах шуда монд. Ин одам Ҳасани Чароғ буд. Яке аз бойҳои номии Самарқанд. Дуконҳои бисёр дошт. Дар шаҳр ва деҳаҳои атрофи Самарқанд чароғи лампаро ӯ паҳн карда буд. Ва лақаби «чароғ»-ро ҳам ба ҳамин сабаб гирифта буд. Мансур худро ифшо накард. Мабодо Ҳасан аз ҳоле, ки дорад, шарм кунад.

– Амак, ду рӯз шуд, ки алафро бепул мегиред. Ман дигар наметавонам бепул диҳам. Ин алаф аз ҷойи дур меояд.-гуфт дар ҷавоб самоворчӣ.

– Боз ду рӯз алаф диҳед, зин ба фурӯш наравад, аспро фурӯхта, пулатона медиҳам,-гуфт Ҳасан ба оҳанги маслиҳат.

– Не, наметавонам. Ман ин алафро қарз овардаам,-гуфт самоворчӣ ва ба ҷавоне ишора кард, ки бандҳои ҷудокардаи Ҳасанро гирад.

– Амак, алафҳоро гирам?- пурсид ҷавон аз Ҳасан.

Рангу рӯи Ҳасан пахта барин сафед шуд. Ҳарфе нагуфта бо ҷаҳл, ба сӯи самоворчӣ нигоҳ андохта, алафҳоро монда рафт. Аз ними роҳ баргашта ба алаффӯруш гуфт:

– Чор банд алафат шиками аспа сер намекунад! Гумон дорӣ бо чунин фиреб пулу мол ҷамъ мекунӣ! Не, дарду ғам ҷамъ мекунӣ. Ман барин хокбоду беватан мешавӣ! Мо ин гуна бозиҳоро бисёр дидем! - Ва ду қадам зада баргашта омаду илова кард: -Пулатро пагоҳ мегирӣ!

– Агар ҳозир биёред, боз хубтар, - киноя кард самоворчӣ ва ба одамони ҷамъшуда гуфт:-Ҳоло боз ду хар алаф меояд.

Ноодамии самоворчӣ ғазаби Мансурро овард, вале ҷои гап набуд.

Ҳасан назди аспи сиёҳ рафт, ки дар назди каппаи чодарпӯш бастагӣ буд.

«Дарду ғам ҷамъ мекунӣ...» Аз афташ, Ҳасан ин суханҳоро аз таҷрибааш гуфт. Мансур пас гашт ва фикр кард, ки дар шаҳр ҳоло ҳам аз тӯйе, ки пеш аз инқилоб Ҳасани чароғ барпо карда буд, бо ҳавас ёдоварӣ мекунанд. Тӯй дар ҳамон рӯзе, ки Баҳодурро ба хизмати сарбозӣ гирифтанӣ шуданду Мансур аспашро пора дода ӯро халос кард, баргузор шуда буд. Аз алами асп на худаш ва на Баҳодур ба тӯй нарафтанд. Лекин баъди нимрӯз ҳамсояш Намозбой маҷбураш кардаю ҳамроҳ ба тамошо бурд. Дар он тӯй ғайр аз шаҳри Самарқанду атрофаш аз Китобу Шаҳрисабзу Даҳбеду Панҷакенту Дизах човандозҳо омада буданд. Қариб чорсад асп ҷамъ шуда буд. Бозӣ аз пагоҳӣ то гашти рӯз давом кард. Аввал серкаи калонеро мепартоянд. Як соат нагузашта, серка лабу лахт шуда меравад. То охири бозӣ боз ду навбаст оварданд. Бойҳо баҳс ба баҳс солимҳои калон мемонданд: Яке ҷуфти гов ё уштур, дигаре панҷоҳ тангаи Бухоро ё панҷоҳ тиллои урус мемонд. Хабарчӣ чанд маротиба фарёд мекард: «Аз номи Ҳамдами соҳиби зовуди чарм панҷоҳ тиллои урус! Панҷоҳ тиллои ур-у-с!» Мардум мудом гӯшбақимор мешуданд, ки хабарчӣ боз номи кадом бойро мегирад ва ӯ чӣ солим мемонда бошад? Баъдтар хабарчӣ садо баланд мекард: «Аз номи ҳоҷӣ Саъдуллоҳи гузари Мирзорашиди Заркӯб як гилеми Қазонӣ! Аз номи ҳоҷӣ Саъдуллоҳ гил-е-е-м!» Соҳибтӯй Ҳасан ҳам се солим монду дар охир фармуд, ки яке аз аспҳои номиашро ба номи «Урметан» (аз деҳаи Урметан харидааст) биёранд. Ҳангоме ки аспро меоранд, саисаш Ниёзи Носро дар болояш дида, аз сари шавқ ҷониби хабарчӣ фармон дод: «Гӯй, ки асп бо одамаш!» ва хабарчию карнайчиҳо низ ба шӯр омада, рӯ-рӯи ҳам карнай навохтаю шӯру валвала карда хабар доданд: «Аспи урметании соҳибтӯй бо одам-а-ш! Ҳо-о-й асп бо савор-а-ш! Бо савор-а-ш!». Саис, Ниёзи Нос, ки феъли хӯҷаинро медонист, аспро ба дасти касе дода «қочмаган номард» гуфта гурехт. Аммо ҳангомаҷӯйҳо аз ҳар тарафи маърака хестаю ҳамчунон садо медоданд.

«Ҳо-о-о-й, Ниёзи Нос бар бо-ло-яш! Ниёз бар бо-ло-яш!» Мардум хуб ҳангома кардаю хандиданд. Ва ҳоло ҳам баъд аз панҷ сол мавридаш ояду чизе доданӣ шаванд, ба тариқи шӯхӣ мегӯянд: «Ниёзи Нос бар болояш».

Рӯзе, ки инқилоб ба Самарқанд омад, Ҳасан фурсат ёфта, зани ҷавон ва як қисм молашро гирифта гурехт. Баъди ду сол Ниёз, ки чун харкор ҳамроҳаш рафта буд, хабар овард, ки дар шаҳри Хутан дуздҳо хонаи Ҳасанро задаанд. Ҳолдонҳо мегуфтанд, ки дар ин «бозӣ» Ниёз шарик аст. Падараш дар масҷид кафшҳои одамонро медуздид. Аз он хабарҳо ду сол гузашту Ҳасанро ин ҷой дид. Яқин ӯ аз Хутан ба ватан омада дидааст, ки хонаву дараш давлатӣ шудаю, номаш дар рӯйхати сиёҳ аст, сари аспро ба ин тараф гардондааст. Ба собиқ саисаш Ниёзи Нос, ки ҳоло мансабдори калон будаасту (ҷонишини раиси шаҳрдорӣ) Ниёз Ниёзов ном мебурдаанд, эътимод накардааст. Эътимод накард не, «кабк аз даҳони худ тир хӯрдааст» гуфтагӣ барин Ҳасан аз кори кардаи худ тарсид: Магар одамро дар улоғ солим мемонанд? Дунё дигар шуду ҳоло чархи гардун ба муроди Ниёз аст. Агар Ҳасанро дорад, дар пӯсташ коҳ ҷой мекунад. Ба дили Мансур омад, ки рафта худро ба Ҳасан шиносондаю аз саргузашташ пурсуҷӯ кунад. Ду-се қадам монду аз роҳ гашт. Фикр кард, ки худро шиносонад, Ҳасан ҳатман чунин суханҳо мегӯяд: «Писари Меҳрон, ҳоли маро дидӣ? На чиз монд, на хонаю дар, на ёру дӯст. Ёру дӯст сухани беҳуда будааст. Вақте ки дармондам, на дӯст, на хеш нигоҳ кард. Ин инқилоб фалону фалон...» Чунин суханҳоро Мансур он қадар шунидааст, ки дигар тоқат надорад. Лекин алафи ду-се рӯзаашро харида додан лозим. Як банд алафро пеши аспи Абдуллохон партофту якеро ба аспи худ бурд. Ба хотираш суханони шайх Аҳмад омад: «Ин инқилоб, ки мисли дарё бо ҷӯшу хурӯш равон аст, беҳикмат нест. Шояд Худои одил созу навои оламашро дигар мекунад»,- гуфтаи шайх айни ҳақиқат будаасту он вақт Мансур ин суханҳоро содагӣ пиндошт. Дигаргунӣ ҳамин, ки замона тавоноию обрӯмандиро аз онҳо гирифта, ба тоифаи Ниёзи Носу Хол дод, ки дар деҳи Найзаварон, «ҳаромӣ» гуфта, ба давраҳо роҳаш намедоданд. Бале, ин гуна тарҳу табдили ҷамъият фақат бо сунъи Офаридгор сурат мегирад. Ва он суханҳо, ки аз дасти батракҳо кор намеояд, фалону бисмадон, худтассалодиҳие беш нест. Одам аст, ёд мегирад. Пешвоҳояшон, болшевикҳо, ҷонишин мегиранду ёд медиҳанд. Дар ду сол он қадар мактабу маориф карданд, ки ҳушат меканад. Баъди панҷ-даҳ сол оламро коргару деҳқони хондагӣ мегирад ва мешавад пешравӣ, давлатдорию дигаргуниҳои азим...

Аз рӯбарӯ ду марди рус меоянд. Яке калонсол, кулоҳаш чиркини қатшуда, дигаре навхат, танадор ва жулидамӯй. Шояд падару писаранд. Аз нигоҳашон маълум, ки ҳоли парешон доранд.

– Аз куҷо нон харидан мумкин?-пурсид калонӣ ба забони шикастаи тоҷикӣ.

– Ман нав омадам,- аз вай пурсед.- Мансур ҷониби самоварчӣ ишора кард.

– Шумо аз Бухоро?-пурсид мард.- Дар масъалаи хӯрду хӯрок ин ҷо хуб бошад ё Афғонистон?.

– Акнун нияти ба Афғонистон рафтан дорам,- гуфт Мансур дӯстона ва пурсид:-Шумоён падару писар? Шуморо чӣ зӯр овард?

– Ҳамон, ки шуморо зӯр овард.- Мард дардолуд табассум кард.

Мансур ба ишораи «мефаҳмам» сар ҷунбонд. Ва дид, ки Абдуллохон дар даст чойник назди хайма ӯро нигоҳ дорад. Бо ишораи «баъди ду дақиқа меоям» рафту ними банди алафи ба аспаш додаро гирифта бурду назди аспи сиёҳмушкини Ҳасан партофт, пас вориди хайма шуд. Он ҷо ба ғайр аз Кучибой, Салоҳиддин, ошнои Абдуллохон, марди сару саллаи калондошта ва чойхоначии чойхонаи назди дарвозаи Мусаллохонаи Бухоро, нишаста сухани ҳамдигарро бурида, бо шурӯ ғавғо баҳс доштанд. Чойхоначии шикамкалон Мансурро нашинохт. Ҳоло вай, чунон ки ду сол пеш дида буд, сурхрӯю ғазабманд набуд. Аловаш мурда, лоғар шуда, ноумеду нотавон менамуд.

Онҳо салом карданд.

«Чойхоначӣ дар торикии хайма нашинохт» қарор дод Мансур ва боз фикр кард, ки он вақт аз ғояти қаҳру ғазаб касеро намедид. Ӯ ҳам ошноӣ надод.

– Қосимбек, додарам, шумо, ҷавонбухориён, ҳама гуноҳро ба гардани амир Олимхон бор накардаю боре гиребони худатонро ҳам бӯй кунед.-Муроҷиат кард Салоҳиддин ҷониби чойхоначӣ ва дасташро болои зонуи Мансур ниҳода узрхоҳона афзуд:- Меҳмон, мо боз ду дақиқа суханҳоямонро мегӯему пас лаҷоми суханро ба шумо месупорем.

Қосимбек ба тариқи муросо гуфт:

– Акаи Салоҳиддин, айби мо, баргаштабахтҳо, ҳамин, ки дар Истамбул мактаб хондаю дидем, ки давлат дар тараққи ҳасту мардум ҳаводораш мусулмони ҳам ҳаст. Ин ангеза дар дили мо ҳам забона зад.. Диду водидро ба амир расондем. Амир розӣ шуд. Лекин муллоҳо ки бар зидди мо хестанд, амири занмичоз дудила шуду тарафи муллоҳоро гирифт. Ҳамин дудилагӣ ҳамаро хунсо ва несту нобуд кард. Моро ки гӯш накард...

– Гӯш накард-а! Шумоҳо саросема шудед!

– Ҳеҷ саросемагӣ набуд. Мо мехостем, ки рӯи халқи нодонатонро ҷониби Урупо гардоне.

– Қосимбек, шумо ин суханони «ин мехостем, он мехостем»-ро монед. Хостаатонро дидем. Шумо, ҷавонбухоирён, як даъфа мард шуда айбатонро ба гардан гиред. Айбатон ҳамин, ки як гурӯҳ тоҷирон пулдор шудеду аз худ рафтед. Дунёро дигар мекунем гуфтед, ки зӯратон нарасид. Охир шумо кӣ шудед? Махлуқи нокора, нодон! –Дар оҳанги сухани Салоҳиддин кинаву бадбинӣ набуд, балки маслиҳату мадоро ҳис мешуд.

– Акаи Салоҳиддин, ҳозир ҳам мо, шахсан ман, аз он гуфтаҳомон намегардем. Бояд сохту суроби Бухоро дигар мешуд. Лекин шумо, домуллоҳо, мудом аз номи шариат сухан гуфтану худатонро донишманд гирифтанро бас кунед. Он «сиёҳу сафеде», ки гӯё шумо фарқ мекунед, онҳо имрӯз ба сифати дониш пазирои илму пешрафти имрӯз кузаи танги дин намеғунҷад. Барои он, ки ҷамъияти мо дигар шавад, пеш аз ҳама фикру ақидаи шумоён, муллоҳоро, дигар кардан лозим...

– Маро гӯш кунед,-домулло сарашро пеш кардаю бо чашмони калон шуда ба мусоҳибаш нигарист:- Маро падару бабоёнам ҳамин донишро доштанд, бе он дониш ҳаққу ҳалол зиндагӣ мекарданд, мардум аз онҳо розӣ буданд, сухана шонро ба ҷон мепазируфтанд. Ман аз онҳо ифтихор мекунам. Аммо аз рӯзе, ки

«ҷамъияти атфол»-и шумоён рӯи об омад, Бухоро таги гапу таъна монд. Охири коратон ҳамин шуд, ки Бухоро зери пои аспи урусу нуғайю тотор монд. Халқ хонасалот шуд. Ҳой, ними хонаи бухороиро аскари сурх соҳиби кард. Не гӯед занҳошона ҳам соҳиби кард! Инро ба гардан мегиред?!

– Урус пештар гуфта буд ба амиратон, ки душмани инқилобро ба Бухоро роҳ надеҳ, вагарна...

– Гап ин хел не! Урусро шумоён пул дода овардед.

– Пул дода? Як гапҳо мезанед, ки дар бел намеистад!

– Ду сол пеш ба Колесуф пул дода овардед, ин ҳам дурӯғ?

– Мо овардем Колесовро, аммо пул доданро нав мешунавам! Ин дурӯғҳоро аз кучо шунидед?!

– Ин инқилоби самумро урус не, шумо овардед, ин ҳам дурӯғ?

– Ин ҳам дурӯғ! Шумо, муллоҳо, оламро бо чашми ақл нигоҳ мекунед ё тибқи одататон, дар ривояте омадааст, гуфтаю чашм пӯшида ҳар чӣ ба даҳон омад, мегӯед?

– Салоҳиддин, забонамро нахоронед, ки...

– Хоронам чӣ?!

– Он ҷамъияти шумо ҷамъияти «атфол» не, ҷамъияти касофат шуд!

– Домулло зӯрӣ карданд-е! Зӯрӣ карданд! Ман қоил!- Кучибой, ки то ин дам ба даҳони кушода ба ҳарду менигарист, бо завқ хандиду чойникро наздаш гирифта ва чой рехта ба Салоҳиддин дароз кард:-Домулло, чой гиред, даҳон тар кунед.

– Инҳоро гӯш кунед, зиқии дилатон мебарояд,-Абдуллохон ба рӯи Мансур синчакорона назар дӯхт.- Ҳарду аз гузари Мирдӯстими Бухоро. Инҳо ҳам Афғонистон равону ман барин дил накарда истодаанд.

– Ба ман ҳам чой резед,-гуфт Қосимбек ин дафъа оромона ва афзуд:- Домулло, урус Бухороро бе мо ҳам рӯзе мегирифт.

– Э, шумо боз сар кардед?!

– Дар ҷанги Бойсун шумо набудед, ман будам,-Қосимбек бо оҳанги таъкид ба суханаш идома дод: -Сардастаҳои амиратон аз паси қӯшун истода, «Ҳой пеш даро! Пештар рав!» мегӯянду худ аз паси қӯшун панаҳ шуда мераванд. Сардастаҳои аскари сурх бошанд, дар пеши лашкар истода ҷанг мекунанд.

– Охир вайҳо таълими ҳарб хондагӣ. Медонанд, ки ба кучоҳо чапғалат дода гузаранд, ки тир нарасад.

– Ин сафсатаҳоро як тараф монед, ман дигар чиз гуфтанӣ. Уруса сардастааш пеш-пеш меравад.. Ба фарзандаш ҳам мегӯяд, ки, чӯра, хизмати ватана ба хубӣ анҷом бидеҳ. Дар онҳо шаҳди ватанпарварӣ аз бобо ба падар, аз падар ба фарзанд меояд.

– Дар мо ҳам...

– Дар шумо ҳеҷ бало нест. Писари амиру вазиру раисатон хизмат мекард? Намекард. На шумо, на ман, на каси дигар намегузорем, ки фарзандамон ба армия равад. Пас ватанамонро кӣ ҳимоят мекунад? Кӣ кори ҳарба ёд мегирад? Киро қаҳрамон гуем? Яъне камбудии мо бисёр.

Мансур оҳиста оҳи бадард кашид. Ин суханҳо дилашро чун мех харошида хунфишон карданд. Дар вақташ ӯ ҳам намонда буд, ки Баҳодур ба баталио ни кории армияи Оқподшоҳ равад. Ҳама бадбахтиҳояш аз ҳамон рӯзи шу шурӯъ шудаю то ҳол давом доранд. Шояд барои ҳамин хатояш ватан аз Мансу қасдашро гирифт?

Баҳси Саллоҳиддину Қосимбек давом дошт.

Абдуллохон наздиктари Мансур ғеҷида бо овози пасттар гуфт:

– Ин гуна баҳсу айбҷӯиҳоро дар Фарғона ҳам мекунанд. Дар Бухоро ма як сол будам. Бисёр гапу корҳоро бо чашмам дидам. Айб аз ду тараф шуд.

– Не,не, ҷавонбухориҳо айб надоранд. Бегуноҳ гунаҳкорашон карданд, Қосимбек ба суханаш истод.

– Ҳоло шумоёнро ҷавонбухориён не, ҷадид мегӯянд, ҷадид,- Салоҳидди беихтиёр шӯрида рафт ва боз дасташро ба зонуи Қосимбек ниҳода афзуд:- хи ёнате, ки шумо, ҷадидҳо, ба ватан кардед, ягон бандахудо накардааст.

– Хиёнатро шумоён, муллоҳо, кардед!

– Шумо ҳукумати амирро фалону бисмадон гуфта, мудом наҳ мезадед Ҳукумате, ки худатон овардед, дӯзд, роҳзан бешарму ҳаё...

Кучибой ба пиёлаи домулло чой рехт. Нигоҳашро аз ӯ намеканд.

– Ман ҳам ба бисёр корҳои онҳо розӣ нестам,-гуфт Қосимбек. -Лекин корҳо хуб ҳам шуда истодааст!-Дар овози Қосимбек ба суханони худаш нобоварӣ ҳи мешавад.

– Ҳукумататон хуб бошад, чаро худатон мегурезед? Чаро ҳамнабардатон болшевик, ба турку қалмоққу қазоқ бовар мекунаду ба шумо бовар надорад?

– Баъзан мешавад, ки...

– Монед баъзанро! Гӯсфанде, ки аз барраи навзодаш рӯ мегардонад, ин қилобатон ба шумо ҷадидҳо чунин муносибат кард.- Дигар ҳазор зӯр занед қабултон намекунад.

– Офарин, домулло, буридед! -нидо кард Кӯчибой ва ҷониби Қосимбе афзуд: -Ошно шумо бой додед. Ба гардан гиред.

– Шаш сол шуд, ки аҳволи мо ҳамин, -Қосимбек ба алам лабханд карду ба пиёлааш чой рехт. -Ба ман ҳатто чой намерезед.

Абдуллобек хандакунон хеста аз дар табақи шавлаи ҳавраш барояндарс гирифту ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Ҷӯраҳо, дар болои хӯрок баҳс намекунем, ки убол мешавад...

– Баҳс маъқул, - гуфт Мансур ба нармӣ,- баҳси илмӣ.

– Шумо ҳам аз он илм чизе гӯед,-ором намешуд домулло.

– Ману меҳмон баъд аз хӯрок баҳс мекунем,-гуфт Абдуллохон.

Ин дам Қосимбек ба Мансур синчакорона зеҳн монда гуфт:

– Хато накунам, мо дар чойхонаи Мусаллахона вохӯрда будем.

– Хато накардед,-гуфт Мансур.-Он вақт ҳам бо як домуллое баҳс карда будед.

– Рост, он кас Муллоҳамроҳ ном доштанд, мо бо он кас пештар шинос будем. Аз даврaҳои дар мадраса хонданамон...

– Баҳсатонро гӯш кардаю ба худ мегуфтам, ки он вақт шумо он домулло ро «муллоҳо ба ватан хиёнат кардед» гуфта таъна карда будед. Ҳоло ҳамон

сухан ба худатон баргашт. Ин кас гуфтанд, ки шумо ҷадидҳо, ба ватан хиёнат кардед.- Мансур ин суханро гуфтаю ҳамон замон аз дағалиаш пушаймон шуд.

Қосимбек ҷабинашро чин кардаю ба аломати тасдиқ сар ҷунбонда гуфт:

– Дустам, одам махлуқи хом. Суханеро як вақт мегӯеду гумон мекунед, ки айни ҳақиқат аст. Аз байн чанде мегузараду мебинед, ки дигар тараф ҳам ҳақ будааст. Ба ҷавонбухориён ҳаводор будам, ҳоло фикр кунам, бисёр корҳои онҳо ҳам хом будааст...

– Бале, акнун ба ҳақ расидед,- Салоҳиддин ғолибона сар ҷунбонд.

– Шумо ҳам ба ҳақ расед, дар нодониатон по зада намонед. - Қосимбек пештари дастархон ғеҷид.

– Сухани ҳақ ҳамин, ки бештари домуллоҳои мо ҳам к...фурӯш буданд.

– Қанд занед, домулло. -Мансур хандид ва хест, ки аспашро хабар гирад.

Дар берун ҳоло ҳам мусофирон равуо доштанд. Дар назди баъзе хаймаҳо оташ забона мезанад. Овози сагҳои деҳае, ки дар паси роҳи калон, дар домани теппаҳост, шунида мешавад. Ҳоло шамол кам шудааст. Абрҳо пора-пора шудаю дар равшании моҳтоб зарду сурх менамоянд ва оҳиста ҷониби шимол ҳаракат доранд. Мансур оҳиста қадам монд ва фикр кард, ки ин одамоне, ки ҳамсӯҳбаташон буд ҳама ҷони одаманд. Акнун тақдир онҳоро ба куҷо мебарад ва чӣ рӯзҳое ба сарашон меорад?.. аз назди хаймае гузашту овози сурудхонии занеро шунид. Овоз паст ва ҳазин садо медод. Мансур таваққуф кард. Байни овоз гиря кардани зан маълум мешуд. «Шояд зан бе мард мондааст.» Мансур як дил кард, ки дари хаймаро бардошта бинад, вале дасташ ба дар нарафт, роҳашро давом дод. Баъде, ки аспашро бо гирда печонда баргашт, мардеро дид, ки дар бари доман чизе дорад сархам бо овози шунаво мунга карда меояд. Ин мард Ҳасани чароғ буд, ки аз соҳил алаф чида ба назди аспаш мебурд.

ФАСЛИ ШАШУМ

– Кай омадед? Аз афташ асп ёфтед? –Мансур рӯзи дигар тарафи бегоҳ Кучибойро дар назди чойхонаи он сӯйи сарҳад вохӯрд.

– Ман дарёро дар шаб ҳам гузаштан мегирам.-Кучибой хандаи раъдмонандашро сар дода ва дасти Ҷовидро байни кафҳош гирифтаю ҷониби Мансур гуфт: – Рафтем, як чой гирифта сӯҳбат мекунем, ва раҳораҳ афзуд: -Дирӯз аз назди шумо баромадаму мардеро вохӯрдам, ки асп мефурӯхт. Аспашро харидаму саҳарии барвақт аз дарё гузаштам ва аллакай фурӯхта омадам.

– Аспфурӯш марди танадори ришаш мошубиринҷ буд?

– Худи худаш. Дидам, ки ҷазбманди фурӯхтан аст, аспаш аспи хуб, арзон карда гирифтам.

«Аспи Ҳасани Чароғ! Ор карда, аспро фурӯхта, пули қарзро додааст». Мансур аз он ки дирӯз худро ба Ҳасан шинос накард, пушаймон шуд. Баъде ки ба аспаш беда бурд, бояд рафта худро шинос мекард. Пул дошт, пул медод. Акнун он бечора чи кор мекарда бошад? Баргашта ба Самарқанд рафтан натавонад, бе асп дар ин ватани бегона азоб мекашад.

Кучибой бепарво ба суханаш идома дод:

– Аз рӯи шунидам, он мард ба ҳамин сӯ меомадааст. Бе асп биёяд, хуб аст. Ин ҷо йему алаф бисёр қимат. Гурезаҳо алафро қимат кардаанд.

Онҳо дар кати дуртар ҷой гирифтанд.

Офтоб аз рӯи дашт парида аз ними кӯҳҳои муқобил, ки намудоранд, боло шудааст. Ба дили Мансур меояд, ки ҳарчи қадар офтоб кам шавад, ғарибиашро бештар ҳис кардаю биму таҳлукааш зиёд мешавад.

– Ҷӯрачон, дарё натарсондат? – пурсид Кучибой аз Ҷовид.

– Ҳангоме ки шохоби калонро мегузаштем, тарсидам,-Ҷовид ба пиёлааш қанд партофт..- Дашту кӯҳҳо пеши назарам чарх мезаданд, қариб аз асп меафтидам.

– Пиракиҳои мо мегуфтанд, ки «бахт ҷӯйӣ, марди майдон бош».-Кучибой нигоҳашро аз Ҷовид наканда афзуд:- Ду бор ин дарёро гузарӣ, дигар он ба назарат чӯий об барин менамояд.

– Сухани амакатро аз гӯшат набарор,-гуфт Мансур ва ҷониби Кучибой афзуд:- Дар ин тараф чойхонаи хуб кардаанд. Мушоҳида кунам, бештари муштариҳо фирориҳои худамонанд.

– Инро чойхонаи Ғуломҳайдар мегӯянд. Худаш дар Оҳанқалъа мешинад. Ҳар гоҳ ин ҷо биёед, чойу хӯроки гарм ҳаст.

– Ҷои хоб ҳам бошад, боз хубтар.

– Як хона барои хоб дораду ҳар касро он ҷо роҳ намедиҳад,-гуфт Кучибой ва аракӣ пешониашро пок карда бо хурсандӣ илова кард: - Ин дафъа як кори хуб кардам. Дар чойхонаи бозори Оҳанқалъа бо чор нафар аспҷаллобҳои Қатаған нишастаму аз Абдуллохон ёдовар шудам. Гуфтам, ки хеши Худоёрхони Хуқандист, аз ҷафои болшевик чор сол боз бору бунааш дар пушташ овораи дашту саҳрост. Онҳо бисёр мутаассир шуданд ва ваъда доданд, ки рафта бо раисамон гапро мепазонему обро гузашта, чизу чораашро бардошта, оварда ҷой мекунем.

– Офарин, дили он бечораи дар роҳ мондаро бардоред, савоби оламро мегиред. -Мансур ба пиёлаҳо чой рехта лаҷоми суханро ба дигар сӯ гардонд. -Хоҳнохоҳ гузаштани дарё азоб доштааст. -Пагоҳӣ пеш-пеши мо як гурӯҳ қазоқҳои поёни Тошканд мегузаштанд. Кӯдакҳо аз тарс беист шағаф мекарданд. Модарон баробарашон гиря доштанд. Баъд як гурӯҳ бухороиҳо омаданд. Нимашон гузаштанд, нимашон аз соҳил ақиб гаштанд, ки пагоҳ меоем. Мегуфтанд, ки як шаби дигар дар ватан монем, аз ҳавояш нафас гирем.

– Дар ин соҳил ду-се рӯз истед, бисёр вокеъаҳоро мебинед. Лаҳзаҳое мешавад, ки занҳо кӯдаконашонро партофта мераванд.

– Пас он кӯдак чӣ кор мекунад? Назди кӣ меравад?

– Зинда монад, ба Афғонистон расида, гадоӣ карда мегардад.- гуфт Кучибой ва лаҳзае хомӯш шуду лоқайд суханашро идома дод: - Ду сол пеш ҳангоми гурехтани амир Олимхон ин ду соҳил нисбат ба ҳозира серодамтар буд. Амир аз гузаргоҳи Чубек гузашт. Он ҷо киштӣ ҳаст. Аммо халқ бештар ин ҷо омад. Баҳори хунук омада буд он сол. Ҳафтаҳо меборид. Аз хунукӣ дар соҳил соате тоқат кардан, наметавонистӣ. Роҳҳо обу лой, баъзеҳо дар ҷойҳояшон афтида мурда мерафтанд. Гурезаҳо аз зӯромад ба хонаҳои мардум зада медаромаданд.

– Ин гурезогурез кай шурӯъ шуд?

– Ин равубиё ҳамеша буд. Солҳои пеш деҳаҳои ду тарафи об ба тӯю маъракаи ҳамдигар омаду рафт мекарданд, духтар дода духтар мегирифтанд. Калонсолон мегӯянд, ки шаст-ҳафтод сол пеш аз тарси асари вабо аз ҷониби Афғонистон мардуми бисёр ба ин тараф гузаштааст. Аз ин пештар ҳам ба асари офати малах аз Бадахшону Тахористон ними халқ хонахез ба тарафи худамон омада будааст. Аз ҷониби мо фирорӣ шудани мардум аз солҳои 1864-65 шурӯъ шудааст. Соле, ки урус Авлиё Ота, пас қалъаи Чимкент ва баъди як сол Тошкандро тассаруф карда будааст. Ҳамон вақт ҳам бештар эшону шайхҳо баромада рафтаанд. Падари ман ҳам ҳамон солҳо ба ин тараф омадаанд.

– Падаратон эшон ё мулло буданд?

– Не-е! Мулло, не! - Вақте ки қӯшуни Черняеви рус ба деҳаи мо Сӯзак, наздики Чимкент, сарҳади хонигарии Хӯқанд меояд, мардум, ки ба асари бераҳмиҳо ва андози зиёд зидди ҳукумат будаанд, шӯриш бардоштаанд. Дастаи сарҳадии хонро маҷбур мекунанд, ки яроқро партофта, ба тобеъияти русҳо дароянд. Баъди он чанд деҳаи қазоқнишини атроф низ аз мо ибрат гирифта, худашон ба раъияти русҳо медароянд. Баъдтар ҳукумати Хӯқанд, ки қувват мегирад, аз пайи ҷазо додани саркардаҳо мешавад. Падарам ва боз чанд нафар, ки саркардаҳои

табаддулот будаанд, ночор роҳи Афғонистонро пеш мегиранд. Ҳангоме ки ба ин ҷо мерасанд, падарам бемор мешаванд ва ин ҷо мемонанд.

– Пас маълум мешавад, ки русҳо шуморо на тасарруф, балки ба хоҳиши худатон ба қаламравашон ҳамроҳ кардаанд.

– Бале, падарам мегуфтанд, ки русҳо моро аз ситами бекҳои худамон озод карданд.

– Беҳуда "аз мост, ки бар мост" нагуфтаанд.

– Дуюмбора зиёд шудани фирориҳо аз соли 1914, аз ибтидои ҷанги ҷаҳонӣ, шурӯъ шудаю то ҳол идома дорад.

– Бале, аз оғози ҷанг, - Мансур ба тасдиқ сар ҷунбонду нигоҳаш ба дашту дарахтони зарду сурхшудаи ватан дӯхта шуд. Ҳоло нисбат ба он ватану он хок меҳри ҷӯшон ҳис мекунад. Бо алами талх фикр мекард, ки мадфани падару бобоҳояш он ҷост. Ҳам мадфани Бибигулу Баҳодураш, ҳам ишқе, ки ба Бибигул дошт, низ он ҷост. Зулайхои меҳрубон низ дар он кишвари зебо зиндагӣ дорад. Дар Самарқанд ва Найзаварон хона дорад. Онҳоро ҳеҷ вақт ба касе нахоҳад дод. Яке дастдарозӣ карду сараш дупора шуд." Мансур дид, ки Кучибой ба рӯяш нигоҳ дорад, фикрҳояшро дур андохта, пурсид:

– Аспҳоро тез фурӯхтед, кай бармегардед?.

– Насиб бошад, шаб ин ҷо хоб рафта, чойи саҳарро ҳамроҳ менӯшему ман ба роҳи худам меравам, шумо ба роҳи худатон.

Мансур нигоҳи ҳасратомезашро аз Кучибой намеканд. Аз дилаш мегузашт, ки ин мард чӣ қадар зиндагии беғам ва осуда дорад. Хоҳад, ин сӯ меояд, хоҳад он сӯ меравад, мисли уқоби осмон озод аст.

– Тарафи Мазори Шарифро таъриф мекунанд.-Кучибой ба одамоне, ки дарёро убур мекарданд, зеҳн монд.- Аксари донишмандони худамон ба ҳамон тараф мерафтаанд. Байни худ он ҷойро Бухорои дуюм мегуфтаанд.

Мансур чизе нагуфт. Бехабар фикрҳояш боз ба сӯи ватан мераванд. Ба рӯзҳои хуше, ки дар шаҳр зиндагӣ мекарданд. Озоду ором, бо серию пурӣ ва орзуҳои оянда, як ҷо ба Бибигул.... Аз шаҳр баромаду азобу кулфат шурӯъ шуд. Лекин дуруст андешӣ, дар он ватан танҳо ӯ азобу дард надорад. Ба истиснои чор пойлучи бетагу бебар дигар зоғе бе доғе набуд.

Кучибой хомӯш мондани мусоҳибашро дида, мавзӯи сӯҳбатро дигар кард:

– Писаратон бачаи ҳушёр метобад. Баъди ду сол худашро саришта мекунад.

Мансур бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд. Вале фикраш ба он аст, ки ана-мана нагуфта торик мешавад. Фикри ҷои хобро бояд кард. Аз афташ, дар ҳамин катҳо хоб мекунем. Дигар куҷо меравем?

– Аспамро йем медиҳам,-гуфта Кучибой хест ва раҳорах илова кард:- Навомадаҳо ду аспи хуб доштаанд. Намефурӯхта бошанд?

Дами субҳ Мансур Кучибойро аз хоб бедор кард: "Чунон хобатон сахт, ки ақаллан паҳлӯ нагаштед," гуфта, ба дасташ офтоба дод. Намози бомдодро хонданду Мансур дилашро кушод.

– Кучибой, ман дар умрам бисёр сахтию мусофиратҳоро дидаам. Аммо имшаб ҳис кардам, ки беватанӣ аз ҳама азобу дардҳо бадтару шадидтар будааст.

Бурида шудани решаҳоят ва хушк шудани ҷисму ҷонатро эҳсос мекунӣ. На дӯст, на хотира, на умеду орзу мемонад. Мисле ки амонат истодай...

– Ин суханҳоро аксари гурезаҳо мегӯянд.-Кучибой "ҳавои пагоҳӣ хунук" гуфта аз болои яктаҳ ҷома пӯшид ва чорзону нишаст.-Ҳоло дарунтар рафта, аламу озори мардумро бинед, зиёдтар ҷигархун мешавед.

– Гӯш кунед, Кучибой, ман намехоҳам қисмати беватанӣ насиби писарам гардад, - гуфт Мансур бо овози паст. -Беҳуда дирӯз суханатона гӯш накардам. Имшаб фикр кардам, ки ҳамроҳ ба ватан равему муддате писарам дар хонаатон монад. Худам ин тараф баргашта, зиндагии шиносҳоро дидаю ҳавои корро гирифта, пас меоям.

Кучибой нӯги риши сиёҳашро ба лабонаш бурда, ба рӯи мусоҳибаш озмоишкорона зеҳн монда пурсид:

– Бар зидди одамони Шӯро ё аскари сурх камон бардошта будед?

"Ин мард чандон сода не!" Дили Мансур дар изтироб афтид. Ӯ низ синчакорона ба Кучибой нигарист, ба дилаш омад, ки ҳамаи воқеаҳои ба сараш омадаро гӯяд. Дар лаҳзаи охир қарор дод, ки алҳол худдорӣ мекунад.

Ин дам Ҷовид аз хоб хеста, чашмонашро молида, ба атроф зеҳн монд. Яқин пай намебурд, ки ба кучо афтодааст. Мансур ӯро ба бар гирифта, ба ҷома печонда, ба оҳанги таассуф гуфт:

– Балҷувон меҳмонӣ рафта будем. Рӯзи иди Қурбон, ҳангоме ки намоз мехондем, сурхҳо ба сарамон тохтанд; беихтиёр ҳама ба ҷанг даромадем. Он ҷо кӣ киро мезад, маълум набуд. Гурехтан ҳам намешуд. Иштирокам дар ҳодисаҳо ҳамин аст.

– Медонед, барои чӣ пурсидам?- Кучибой хавотирии Мансурро пай бурд. –Ман галабони давлати Шӯро, яъне ҳамонҳо. Боре сипоҳинусхае ҷониби раиси мо гуфт, ки касе бар зидди аскари сурх ё аъзои шӯро теғ набардошта бошад, дилпур кору зиндагӣ карда гардад. Он воқеъаи Балҷувон, ки ғайри ихтиёр сурат гирифтааст, теғ бардоштан ҳисоб намешавад. Шумо зодаи Бухоро. Дар қӯшуни Анварпошо ё Давлатманд набудед. Пас ба ягон гӯшаи диёр рафта, зиндагӣ кардан гиред. Хоҳед, ба деҳаи мо биёед. Барои чӣ ин суханро мегӯям? Чунки ҳоло бисёриҳо аз хабарбару дуруягӣ ва рашку ҳасади ҳамдиёрон номи душмана мегиранд, дилмонда мешаванд ва тарки ватану диёр мекунанд.

– Дили худам ҳам ҳаминро мегӯяд.-Мансур дар сухани Кучибой садоқату самимият ҳис карда, дилаш ором гирифт. -Лекин ба ҳар ҳол як бор бояд Афғонистонро бинам.

– Майлатон. Лекин ҳамроҳи мо беҳуда овора шуда наравед. Аз пайи коратон шавед. Мо худамон...

– Не, не!-Мансур нагузошт, ки Кучибой суханашро то охир гӯяд. Ба Ҷовид фармуд, ки рафта дастурӯй шӯяд. Вақте ки ӯ дур шуд, илова кард:-Сӯҳбатамонро Ҷовид нафаҳмад. Хубаш, ҳамроҳ меравем. Ба ин баҳона зодгоҳатонро мебинам.

Фурсате пас ҷониби шарқии осмонро шафақи сурх фаро гирифт. Дар атрофи чойхона равуои одамон шурӯъ шуд. Ду ҷавон аз дарё дар машкҳо об оварданд. Марде дар паҳлӯи самовор ҳезум мешикаст. Мусофирон аспу улоғҳояшонро хӯрок медоданд. Баъзеҳо аллакай ба сафар омодаанд. Коргарони соҳил ҳам

омаданд. Як гурӯҳ ба роҳи поён ба ҷойи корашон-ба соҳил мераванд, дигарон сӯйи чойхона меоянд. Инҳо ҳар рӯз ба соҳил омада, барои аз об гузаштан ба гурезаҳо ёрӣ медиҳанд. Ба-дин восита ду-се танга кор мекунанд. Дере нагузашта аз ҷониби Афғонистон мусофирон низ сар заданд. Чор нафар пиёда саллаҳои хокистарранги нимдошт болои чашм ва яктаву куртаҳои карбосу алоча доранд. Баъд шаш нафар сипоҳинусха аспҳои бузургҷуссаашонро лука дода омаданд. Хӯрчинҳояшон пурбор. Баъзеҳо ду хӯрчин доранд. Шояд аз онҳое бошанд, ки аспу астар бурдаю ба ивазаш тир меоранд? Самоворчӣ зуд ба кати онҳо лаълии чойу нон овард. Сипас гурӯҳи дигаре омаду аз байнашон ду нафар марди миёнсинни лоғарандом, ки дар сар саллаи яктоби камбағалӣ доранд, чудо шуда рафта, дар паҳлӯи роҳ рӯбарӯи муштариёни чойхона нишаста, бо чашмони пӯшида думбраҳояшонро хеле вақт нохун задаю ҷӯр карданд. Пас яке, ки чеҳраи мисли коҳ зардшуда дошт, овози марғӯладорашро сар дода ба хондан шурӯъ кард:

Сангтӯдаи сангвора,
Давлатманди ҷангара.
Куштанд Пошоанвара
Ҷавонҳои даврона ӣ-ӣ-ӣ-ӣ-ӣ-ӣ-ӣ...

– Инро бинед-а! Ҷанги Балҷувонро мехонад! –Мансур рӯ ҷониби хонанда нишаста сар то по гӯш шуд. Дар овози мард ҷафои душманон, алами дурӣ аз ватану пайвандон ва ранҷи ғарибӣ баръало ҳис мешуд.

Мард бо чашмони пӯшида боз хеле думбра навохта, мақомҳоро гардон-гардон кард ва боз ба мақоми аввала баргашта, ин дафъа бо овози баландтару ҷозибаноктар замзамаро идома дод:

Ай подшоҳи олам!
Гӯш кун, ки арз дорам!
Сад ҳайфҳои Бухоро,
Ғазоро қарз дорам ӣ–ӣ-ӣ-ӣ-ӣ-ӣ-ӣ-ӣ...

– Ин мард аз кай боз ин ҷо суруд мехонад?-пурсид Мансур.

– Ҳоло як соат ин ҷо нишинед, ин гуна марсияхонҳоро бисёр мебинед. Шоирҳо низ ин ҷо омада шеърхонӣ мекунанд. Ҳама аз дурии ватан, аз фалаки бемурувват фарёду фиғон доранд. - Кучибой нигоҳашро аз аспҳои сипоҳиҳо, ки дар девори чойхона баста буданд, канда ба Мансур дӯхт. -Ин бечораҳо дар ҳамин деҳу дараҳои атроф нишемангоҳ ёфтаву баъзан ин ҷо омада, рӯ ҷониби ватан карда, хумор мешикананд. Яке аз Балҷувон, дигаре аз Фарғона, сеюмӣ аз ким-кадом деҳе. Баъзан ба ҳолати ваҷду изтирор афтода, як соат и-и-и-и гуфтаю беҳуш шуда меафтанд.

Ин суханҳо дарду озори Мансурро афзунтар карданд.

Баробари шӯълаҳои аввалини офтоб аспҳоро нӯхтакаш карда, ба соҳил фуромаданд. Соҳили ин тараф санглоҳ аст. Аҳён-аҳён дарахти газ, ки гули

сурх дорад ва вағничу хору ҳилолбуттаи зардшуда ба назар мерасад. Ба чашми Мансур имрӯз шохоби пеш калонтар намуд. Об ҷое то зонуи асп меояд.

Мансур дид, ки дар он сӯйи шохоб аллакай афғонҳо як гурӯҳ гурезаҳоро соҳибӣ карда, ба ватанашон роҳнамоӣ мекунанд. Баъзеҳоро ба гупсарашон савор кардаанд, баъзе нӯхтаи асперо доштааст, баъзе хари пурборро пешандоз карда шохобро убур мекунад.

Кучибой аспашро ба об андохтанӣ шуд, ки Мансур гуфт:

– Каме мунтазир шавем, одамони рӯбарӯ гузаранд. Ва пурсид: - Ҷовид савор шаваду ман думи аспро дорам, мешавад?

– Беҳуда худатонро тар кардаю дар азоб намонед, –гуфт Кӯчибой.-Аспро *савор шавед, писаратон вазни зиёд надорад.*

Чун як қисми мардум байни шохоб расиданд, Кӯчибой аспашро ба об андохт. Мансур аз пас равон шуд. Аспи Мансур боэҳтиёт қадам мемонд. Оби софи тирамоҳ хунук аст. Садои ҳайбатангези дарё, ба тарс қадаммонии асп, паридани об, ҳама якҷоя шуда касро ба изтироб меорад.

Дирӯз аз поёнтар гузашта буданд, шохоб ин гуна чуқур набуд,- фикр кард Мансур ва ба Ҷовид фармуд, ки рӯймоли миёнашро сахт дорад. Аспи Кӯчибой майда бошад ҳам, чобуктар меравад. Аз афташ пастию баландии дарёро хуб медонад. Кӯчибойро роҳгардии аспаш ба шавқ оварда буд, ки ҳар замон дӯстиаш мекард. "Ҳе-е дар сумҳоят ҷонам, саманд! Дар ёлу думи базебат мирам, саманд! Ҳоло хона расем, чаватро зиёд мекунам, Дулдулам!"

Одамон поинтар аз онҳо гузаштанд. Нигоҳи Мансур ба марди ҳузарби сиёҳандоми дағалсимо афтод, ки чавонзани зебое дар пушт бо шитоб дарёро мегузашт. Эзори сурхранги мард барзадаю аз зону болост. Ҷое ки об чуқур аст то зонуҳояш меояд. Сарандози зан дар пас кашол, рӯймолаш ҳам ақиб афтидааст. Сари бараҳнаи мардро ба ситез пеш тела дода, худро партофтан мехоҳад. Вале сиёҳ бо як даст аз пушти чавонзан ба худ сахт зер карда доштааст. Аввал Ҷовид чавонзанро шинохт. "Ин ҳамон занест, ки дар роҳ дида будем,"-гуфт. Ба ёди Мансур ҳам омад, ки чавонзани наҳифпайкарро чор рӯз пеш ҳамроҳи шавҳараш дар роҳ дида, ба худ гуфта буд, ки чуфти ба ҳам мувофиқанд. Ба саволи "сафари кучо доред?" шавҳараш чунин чавоб дода буд: "Болшевикҳо, ки ба деҳаамон даромада, муллоҳою бойҳоро дородор карданд, падарам гуфтанд, ки дар ватани мо мусулмонӣ намонд. Хезед, ба ягон кишвари мусулмон равед". Ва боз гуфт, ки мо як сол боз зану шавҳарем. Ва дирӯз ҳам, ҳангоме ки ин тараф мегузаштанд, ҳардуро дар соҳил дида буд. Дигарҳо обро убур мекарданду зан дасти шавҳарашро тела дода, по ба об намегузошт. «Шодичон, мегардем, хонаамон меравем!», гуфта зорӣ мекард. Пас маълум мешавад, ки имрӯз то шохоб расидаанду сиёҳ ба гузаронидани зан ёрӣ карданист. Мансур лачомро андаке кашида, мушоҳида кард, ки сиёҳ ҳар қадар ба соҳил наздик шавад, ҳамон қадар тез метозад. Аз он ки мисли асп метозад, чарахсаҳои об ба атроф мепаранд. Чавонзан думушта ба сару гарданаш мезанад, аммо вай заррае парво надорад, намеистад. Мансур аз қасди сиёҳ пай бурд: «Неъмати ба дасташ афтидаро намедиҳад!» Ва ҳамин тавр ҳам шуд. Сиёҳ ба соҳил баромада, чунон давид, ки бод наметавонист дарёбадаш. Ба роҳи калон нарафта пайраҳаи

поини чойхонаро гузашту ба сойчаҳои домани дашт даромада рафт. Мансур шавҳари занро ҳам дид. Аз байни шохоб думи аспро дошта меояд. Аз болои яктаҳ миёнашро бастааст. Дар сараш салла. Ба соҳил нарасида, думи аспро раҳо карду раҳораҳ рӯймолу яктаҳи таршудаашро кашида партофту ба самте, ки сиёҳ тохта буд, давид.

Шохобро гузаштанду Мансур аз Кучибой пурсид:

– Ин сиёҳ чӣ кор кард? Занро бурданаш мумкин?

– Чӣ кор кард? Зани гул баринро гирифта гурехт.Шавҳар даст ба бинӣ монд.-Кучибой тамасхур кард.-Сипас ошуфтагии Мансурро дида, бо оҳанги тасалло афзуд:- Шавҳараш назди волии вилоят меравад, занашро ёфта мугирад.

– Ин гуна расвоиро ҳар вақт мекунанд?

– Не, ҳар вақт не, дар байни панҷоҳ- сад нафар чунии як васвосӣ пайдо мешавад.

Ранги Мансур суп-сурх шуда, сари аспро гардонд, ки Кучибой лаҷомро дошта гуфт:

– Гумон мекунед, ки ӯро дошта метавонед? Вай аллакай худро ба сӯрохие гирифт. Муши даштӣ ҳам намеёбадаш...

❁ ❁ ❁

Деҳаи Новдонак –ватани амаки Кучибой дар паси дашт, дар домани теппаҳои сиёҳранги начандон баланд ҷойгир аст. Деҳа дорои хонаҳои похсагӣ буда, хонаҳо аз ҳам дуранд. Дар назди ҳар хона тавилаҳо, оғилҳо ва ғарами беда, ки бештарашон аз оғилҳо як маротиба баланданд, дида мешаванд. Пештар ин ҷо шаст буна будааст. Лақайҳою тоҷикҳо паҳлӯи ҳам мезистаанд. Ҳоло ним ҳам намондааст. Дар ду-се соли ҷанг аксар кӯчу борашонро бардошта, ба он тарафи дарё гузаштаанд. Ва як-як омада, хонаҳояшонро хабар мегирифтаанд. Интизоранд, ки болшевикҳо кай гум мешаванд.

Ҳангоми молчӯшӣ Кучибой Ҷовидро, ки дар пушти аспаш савор буд, назди тавилаи поёни хона фуроварда, "ту ба хона даро, ман галаро хабар гирифта меоям" гуфт.

Дар канори деҳа, дар ҷое, ки андаке ёна аст, се хонаи ба ҳам часпидаи амак қаторанд. Ҳавлӣ нест. Ин ҷо бештари хонаҳо ҳавлӣ надоранд. Ҷовид дари хонаи пешро кушода, болои остона нишаст. Ҳавои саҳаргоҳи аввали баҳор поку беғубор аст. Дар чунин ҳаво дар хона шиштанат намеояд. Мехоҳӣ берун биравию ба кори бузурге даст бизанӣ. Аз баландӣ атроф чун дар кафи даст намоён. Деҳаҳои хурд-хурди атрофи дашт мисли селаи кафтарҳо менамоянд. Заминҳои поёни деҳа ҷое кишт шуда, ҷоеро алафи бегона зер кардааст. Дарёи ба шахобҳо тақсимшудаи Ҷайҳун бо ҳама паҳноӣ намоён. Шохобҳо аз дур чун қатори шишаҳои паҳнкарда менамоянд. Дар он сӯи дарё дашту кӯҳҳои Афғонистон низ намоён. Ин субҳ Ҷовид ҳамроҳи амаки Кучибой падарашро то соҳил бурда гусел карда омад. Падараш ваъда кард, ки даъфаи дигар албатта ҳамроҳаш мебарад. Ва ҷониби Кучибой чашмак зад. Маълум, ки дурӯғ мегӯяд. Порсол ҳам ду маротиба омад. Каме истоду боз рафт. Соли сеюм аст. ки омада

меравад. Чаро ба он тараф меравӣ? Дар ҳамин ҷой ист! Ё маро ҳам бар! Падар шуда... Ҷовид аз алами ҷудоӣ гиря кард. Оби дида вз паси панҷаҳояш шорида поён мешуданд. Чашмаш ба Шарофат, духтари калонии амак афтид, ки назди дари ошхона гиру мон дорад. Хона даромада кӯрпаро болояш кашид, сӯзи дилаш бештар шуд, бо дасташ даҳонашро медошт, то ки овозаш набарояд. Фурсате гузашту Шарофат дарро бо шаст кушода гуфт:

– Ҷовид, худатро хоб наандоз! Модарам гуфтанд, ки поруи оғилҳоро тоза кунед!

– Ту рафтан гир, ман меоям,-гуфт Ҷовид аз зери кӯрпа.

Шарофат ҳамчунон ба шаст дарро пӯшида, ғур-ғур кард: "Эркаи Бухоро! То ними рӯз хоб меравад!" Ҷовид ба ғазаб омада, аз пасаш давиданӣ шуд, вале дар ошхона ҳузур доштани модараш -холаи Карорматро дониста, худро дошт. Ӯ дар ин хона бо ҳама рост гирифту бо ин духтари рафидарӯ не. Аз куҷо ин гапро ёд гирифтааст? Охир вай бухороӣ ҳам нест. Холаи Каромат мегӯянд, ки шумо ҳамсолҳо дар кӯдакӣ ҷангу ҷӯш мекунеду баъде, ки калон шудед, дӯсти ҷонӣ мешавед. Ман ҳеҷ гоҳ бо ин рафидарӯ дӯст намешавам, ҳеҷ гоҳ! Чашмонашро пок карда аз хона берун шуд: дар роҳе, ки аз байни деҳа мерафт, Ризвони осиёбонро дид, ки харсавор мегузарад. Ҷовид ба писари ӯ Насим рафиқ аст. Насим дар интернати маркази ноҳия мехонад. Ҳафтаи гузашта гуфта буд, ки муаллимро пурсида, ӯро ҳам ба мактаб мебарад. Мактабашонро хуб таъриф кард.

Ҷовид аз паси Шарофат фуромада, қарор дод, ки баъди сомон кардани корҳо ба назди Насим меравад. Имрӯз якшанбе, шояд омадааст. Муаллимашро хоҳ пурсида бошад, хоҳ не, ҳамроҳаш мактаб меравад.

Шарофат оғили худашро тоза карду бо рӯйҳои сурхи арақшор аз дар ба кори Ҷовид нигоҳ кард ва писханд зад: "Ҳоло ҳам тамом накардай, эркаи Бухоро!"

– Эй ҳабата!-Ҷовид белро ҳаво дода ба сари Шарофат тохт, ки ӯ фиғон бардошта гурехт. Пойҳои сафедаш то зону луч ва олудаи обу лойи саргиномез. Нақши пойҳояш баръало дар роҳ мемонад. Куртааш даридаву китфаш намоён. Рӯймолаш дар дасташ. Кокулҳои майдабофташ дар атрофи сараш бозӣ мекунанд.

Ҷовид аз ними роҳ ақиб гашт, сухани холаи Карорматро шунид: "Ҳабатааш чӣ будааст? Сад маротиба аст мегӯям, ки ба вай кордор нашав! Кораш бад аст, нек аст, ҳамроҳ нашав! Худо бекасаш кардааст, бас нест!" Ҷовид ба оғил даромада, хориаш омаду боз гиря кард. Кӯшиш мекард ки худро дорад, вале наметавонист. Сӯзу алами бекасӣ оби дидаашро аз қаъри дилаш мисли фаввора берун мерехт. Яке овози хола ба гӯшаш даромаду зуд рӯю чашмонашро пок карда, худро ба кор андармон кард.

– Ҷовид, ҳамаашро шудӣ-ку! Мондагиашро баъд мекунӣ. -Хола аз дар ба Ҷовид нигарист.Яқин пай бурда буд, ки Ҷовид гиря кардааст. Бо меҳрубонӣ афзуд: -Рафтем, ноништа мекунем. Ту нағз мебинӣ гуфта, ин пагоҳӣ ширчой пухтам. Рафтем,-Ҷовид сарашро набардошт. Ва ҳаял карда баромад.

Дар атрофи дастархон кӯдакҳо нишастаанд. Хоҳари Шарофат Хосият ва Шералии дусола ҳам ҳастанд. Шералӣ як куртачаи кӯтоҳи карбос дораду бас. Оби биниаш чун кирм аз лабонаш поён шудааст. Ӯ нигоҳашро аз Ҷовид наме-

канад. Чумчаро ба шир задаю то ба даҳонаш мебарад, ки ҳамааш болои нофу пойҳои бараҳнааш мерезад.

Ҷовид аз мехи паси дар куртаи кӯҳнаеро гирифта, бинии Шералиро пок карда, ширчойро тез-тез нӯшид, ки Шарофат ба тариқи маслиҳат ба ӯ гӯшрас кард:

– Ба шир нон реза карда мехӯранд.

– Ҳоло ҳамин косаро дар сарат мезанам,-гуфт Ҷовид бо овози паст.

– Нон нахӯрӣ, калон намешавӣ!, - ғуд-ғуд кард Шарофат.

Хола, ки дар ақиби хона гуппӣ мезад, баҳсашонро шунида, Шарофатро ҷанг кард:

– Шарофат, мӯят резад, кори худата дон!

Ҷовид ҳамон бегоҳӣ Насимро дар тӯйи ҳамсояашон дид. Вай хабар дод, ки муаллим таъкид кардааст, ки Ҷовидро биёрад.

Пагоҳӣ амаки Кучибой Ҷовидро аз роҳ гардонданӣ шуд:

– Падарат туро ба ман амонат монда рафтааст! Кору ҳоле шавад, чӣ ҷавоб медиҳам? Мактаби писари Ризвон мехондагӣ мактаби сағираҳо! Он ҷо аз зиндон бадтар аст. Пашшаро бе иҷозат дарою баро кардан намемонанд. Хӯрокаш хӯроки урус. Гӯшташ гӯшти чучқа.

– Амак, хӯрокашонро намехӯрам, фақат мактаб мехонам!-Ҷовид рост ба чашмони амак нигарист.

– Ҳоло баҳор шавад, ҳарду паси гала меравем.-Кучибой Ҷовидро ба гап даровардани шуд. - Тобистон қимиз менӯшӣ, аспсаворӣ карда мегардӣ.

– Меравам, меравам! –Ҷовид гиря кард.

Кучибой оби дидаи Ҷовидро дида, мулоим шуд. Нӯги ришашро ба лабонаш бурда, бо андаке ситезмандӣ гуфт:

– Майлат, рав: як ҳафта ҳам тоқат накарда гашта меой.

Аз рӯзи душанбе ҳаёти Ҷовид ба куллӣ тағйир ёфт. Дигар аз паси гову гала намедавид. Ҳар гоҳ бо Шарофат баҳс намекард. Дар интернат ба ӯ ҷойи хоб, либоси мактабӣ доданд. Он ҷо кӯдакҳои сағирамондаро ҷамъ карда буданд. Духтарону ҷавонҳо якҷоя дарс мехонданд. Ба бозиҳои варзишӣ машғул мешуданд. Қатор қадамзанон суруд мехонданд. Бештари муаллимон русҳо ва аз тарафи Хуҷанд омада буданд. Якшанбе ки мешуд, ҳамроҳи Насим ба деҳа меомаданд. Амаки Кучибой ҳардуро дар кӯча дида, мазаммат мекард: "Зиндагиатона бо чӯчқахӯрию сурудхонӣ мегузаронед?!"

Даромад-даромади зимистон якчанд нафар одамони низомипӯш ба интернат омада, даруну беруни мактабро гаштаю ким – чи гуна корҳоеро ба нақша гирифтанд. Ҷовид дар байни онҳо Черновро шинохта, мисле ки каси наздикашро дида бошад, тохта рафта салом дода гуфт:

– Ман шуморо дар деҳаамон Найзаварон дида будам. Ба ман пул додед...

– Гуфтан гир, гуфтан гир, ба хотирам меояд.- Чернов чашмонашро танг карда, ба Ҷовид зеҳн монд.

– Аз ман пурсидед, ки падарат ояд, чӣ мегӯй? Ҷавоб додам ки "Мегӯям, ки аз шаҳр табиб оварда, модарамро табобат кунад..."

– Ба хотирам омад.-Чернов хандида дасташро ба китфи Ҷовид ниҳода афзуд: -Ту он вақт хурд будӣ. Ҳоло марди калон шудаӣ. Ба чанд даромадӣ?

– Ба чордаҳ.

– Пас, падарат омад?

– Боре омаду "як шаб истода рафт. Баъдтар фаҳмидам, ки ба Афғонистон гузаштааст, аз пасаш омадаму ин ҷо дар сарҳад мондам." Сухани падар ёддодаро гуфт.

– Хушбахт будаӣ, ки нарафтӣ! Марди ҳақиқӣ ватанро партофта намегурезад. Интернатро, ки хондӣ, донишгоҳро мехонӣ, ана пас одами баэҳтироми замони худ мешавӣ.-Чернов нигоҳе ба атроф андохт ва бо табассум илова кард:-Пас ин сӯҳбати моро ба ёд овардаю ба ман раҳмат мегӯй.

Ин дам яке аз ёронаш ба Чернов чизе гуфту ӯ ба соаташ нигариста сӯйи Ҷовид озмоишкорона зеҳн монда афзуд:

– Ман як духтару як писар дорам. Писарам ҳамсоли ту, балки як сол аз ту калон. Ҳоло хонаамро пӯшида буд кунам, онҳоро меорам, пас туро бурда шинос мекунам. Ӯ табассум кард. Лекин ту забони русиро ёд гир, хуб!

– Забони русиро медонам,- Ҷовид бо ду-се калимаи нав ёдгирифтааш мандонамӣ кард. Ва суханони ҷониби ҳамроҳаш гуфтаи Черновро шунид:

– Пётр Михайлович, мо бояд тарзе кор кунем, ки наслҳои оянда бо дӯстию рафоқат зиндагӣ кунанд.

❄ ❄ ❄

Чернов дар як рӯзи боронии баҳор, ки ҳар лаҳза бод хестаю барқ чароғак мезад, бо ду нафар ҳамсафонаш аспсавор дар байни ботлоқу санглохҳои соҳили Ҷайҳун қадам зада, дар дил гашта-гашта худро мазаммат мекард, ки чаро ба чунин як гӯшаи аз назарҳо дур ва дилгиркунанда, ба чунин коре, ки то ҳол накардаасту намедонад, розӣ шуд. Ба босмачӣ рӯбарӯ шудану пулемёт монда ӯро гурезондан дигару дар сарҳад, дар соҳили дарё, ки ҷазираю гузаргоҳҳои бисёр дорад, шабу рӯз нишаста, интизор шудан, ки душман аз куҷо сар боло мекунад, дигар аст.

Рӯзи душанбеи гузашта худи Андреев Фёдор Матвеевич (сардори раёсат оид ба корҳои сарҳадӣ) аз Масков занг зада, Черновро ба наздаш даъват карду байнашон чунин гуфтугузор шуд.

– Фидокорию қаҳрамонии шумоён буд, ки Бухорои пӯсидаи амирӣ ба Бухорои сотсиалистӣ иваз шуд. Ин кору қаҳрамониҳои шумо дар таърихи сохти ҷаҳони сотсиалистӣ сабт аст.

– Рафиқ генерал, чандон қаҳрамони накардаем, - Чернов стулашро пештар давонд.

– Шумо хоксориро як тараф монед, - гуфт Андреев ва самимона табассум кард ва ба чанд лифофаи дар гушаи мизаш рӯи ҳам чида, ишора карда афзуд: – Ин номаҳо аз Бухоро, Фарғона, Хева ва дигар шаҳрҳо ба номи рафиқ Сталин омадаанд. Навиштанд, ки болшевикҳо он орзую омоли бо баробарию бародарӣ зиндагӣ карданро, ки мардум ҳазорсолаҳо дар афсонаҳо мегуфтанд, дар китобҳо

менавиштанд дар амал татбиқ карданд. Мо то ҷон дар рамақ дорем барои и партияи халқпарвар аз дилу ҷон хизмат хоҳем кард.

Фёдор Матвеевич ин гуна суханҳои он замон маъмулро гуфту пас нӯг бурутҳои сафедиовардаашро боло кардаю ба Чернов синчакорона нигоҳ кар да, бо оҳанги ҷиддӣ афзуд: -Акнун собиқ аморати амирӣ як ҷузъи давлат Шуравӣ аст ва ӯро бояд ҳифз кард. -Ба шумо маълум, ки сарҳади моро а Афғонистон дарёи Ҷайҳун ҷудо мекунад. Аз ин хусус бо Британиё, ки онҳ ҳам ин ҷо манфиатҳои худро доранд, маслиҳат шудааст. Дарозии сарҳад, агар то Термез ва Кушкаи бошишгоҳи туркманҳо гирем, наздики ду ҳазор километр меояд. Ва ҳама мисли дарҳои яла аст. Касе ба кучое хоҳад, равуо мекунад. Ана ҳамин дарвозаро сахту мустаҳкам бастан лозим. Мо маслиҳат кардаю доир ба сарҳади Афғонистон як раёсати алоҳидаи сарҳадӣ кушодем. Марказ дар Ду шанбе мешавад. Мутахассисҳо ба роҳбарии раёсат ба як овоз номзадии шуморо пешниҳод карданд.

Ҳоли Чернов дигаргун шуд. Вай як моҳ пеш бо сардори ҷабҳаи Туркистон Исоев Леонид Николаевич маслиҳат карда буд, ки охири сол ӯро аз кори ҳарбӣ ҷавоб медиҳанд. Ӯ рафта касби бофандагиашро давом медиҳад. Аллакай бо хонаводааш ҳам гапро пазонда буд. Ризоият шуд, ки падару модари пирашро аз Пишпек ба Ивановск наздаш мебарад.

– Ман донишкадаи бофандагиро хондаам. Фабрикаи худамон дар Иванов вайрон хоб рафтааст.- Оҳиста эътироз кард ӯ.

– Рафиқ полковник, ҳоло ҳама ҷой вайрон аст. –Андреев асроромез табассум кард. (Чернов нав фаҳмид, ки рутбаашро ба полковникӣ бардоштаанд). Ҳангом ки аз байни Москва гузашта меомадед, мушоҳида кардед, ки бисёр биноҳо канда аз нав месозанд. Ҳукумати нав ҳам мисли шаҳи нав ҳама либосу пало сашро дигар мекунад. Ҳоло навбати фабрикаи шумо ҳам меояд.

Чернов беҳуда будани зиддиятро пай бурда, оҳи дурудароз кашиду пурсид

– Сарҳадро сахту мустаҳкам бо чӣ мебандем? Девор мебардорем?

– Девор ҳам бардорем, мешавад.-Андреев бо завқ хандид.- Ҳоло роҳи осонаш ҳаст; симхор мекашем. Ду баталион дар як рӯз ду километро симхор мекашад Атрофи СССР ҳамааш маҳкам мешавад.-Ин давлати навсохтамонро ҳамингун накунем, душманон моро сар боло кардан намегузоранд. - Ӯ аз болои ми коғазеро ҷудо карда гирифт: - Ин фармони ба кор гузаштанатон. Аз бригада атон касеро хоҳед, мегиред...

Чернов ба Душанбе омада, аз афсарҳои собиқ Загорский, Давлатов в боз чанд нафар ҷавонҳоро интихоб карда, ба полки сарҳадбон гузаронд. Б Муҳаммадшариф, ба дилаш гап наояд гуфта, дипломатияи шарқиро ба ко бурд: «Агарчи солат аз чил гузашта бошад ҳам, ба шарофати чойчӯшат, к рафики бовафои бригада аст, туро ҷавоб намедиҳем» гуфт.

Муҳаммадшарифи зирак пай бурд, ки гап чист:

– Агар рафики бовафо чойчӯш бошад, чойчӯш дар сафатон истодан мег рад,- гуфту хандид ва бо лаҳни дӯстона афзуд: -Чи қадар дашту ҳомун медав бас-дия. Акнун навбати ҷавонҳо.

Чернов мансабашро истифода карда, дар Душанбе ба ӯ хона гирифта дод. Ёри кард, ки кучашро аз Фарғона ба Душанбе биёрад. Ҳар гоҳ маҷлису маъракаашон шавад, барои оварданаш мошин мефиристад. Муҳаммадшариф аз кору зиндагиаш, ё чунон ки худ мегӯяд, аз рафиқи бо Чернов сад ҷон розист...

Онҳо домани ҷангалеро хато карданду борон монд. Пеши ҳаво кушод. Дар даромади деҳе, ки Банокат мегуфтанд, якчанд тути қатор ҳаст. Шамолу борон баргу тутҳои нав сафедшударо резондааст. Имсол тутҳо бисёр бастаанд. Баъзе навда мисли ниҳоли шукуфтаи пахта менамояд. Кӯдакҳо дар сари дарахтҳо тутхӯрӣ доранд. Дар поён ҳам як тӯда хому хариши рехтаашро чида мехӯранд. Мӯрчааралаш мехӯранд. Ба як тарафи даҳон мехоянду ба тарафи дигар хоку регҳои ба тутҳо часпидаро берун мекунанд. Гӯсфанд барин. Чернов дар ҳашт-нӯҳ соли дар ин тарафҳо будан мушоҳида кардааст, ки тут сафед шавад, бачагала рӯзи дароз дар тораш аст. Пешобашон биёд ҳам, намефуроянд. Аз сари тут гиза кардан мегиранд. Касе ташна шавад, фуромада ба дил хоб рафта лабаша дар ҷӯй монда об менӯшаду боз ба ҷойаш мебарояд. Мисле барае, ки тохта ба таги синаи модар мераваду ду-се ҷуръа менӯшаду боз ҳамроҳаш тохта меравад. Шабҳо гарм шавад, баъзеҳо дар сари тут хоб кардан мегирад. Аз ин рӯ тарафи тирамоҳ бачаҳо аз тут ва дигар меваҳои саҳро нӯши ҷон кардаю ба қавле лолагӣ шуда, ба хонаҳо бармегарданд. Дарахти тут чунон бобаракат аст, ки дар хушксолӣ ҳам бар мекунад. Ҳангоми тутпаз калонсолҳо онро дар чодар афшонда, шабу саҳар табақ-табақ мехӯранд. Афшондаю дар офтоб хушк мекунанд. Ва дар осиё орд карда (баъзан ба гандумбирён дар осиё якҷоя орд мекунанд), дар хамба мегиранд. Зимистон бо табар тика-тика бурида, болои дастархон мемонанд. Баъзе ҳалилоб ё ҳалво кардаю рӯған андохта тановул мекунанд. Масале ҳам доранд: «Хамбаи тут дорӣ, беморӣ надорӣ.»

Яке аз ҳамраҳони Чернов Пётр Загорский нигоҳашро аз кӯдакони тори тут наканда гуфт:

– Александр Николаевич, ҳамин ҷанги мою босмачӣ ҳеҷ сомон меёбад? Ду соли пеш лашкари Иброҳимбек буду боз се-чор дастаҳои дигар. Имсол аз Душанбе то соҳили Ҷайҳун аз бист даста ҳам зиёд шудаанд. Якешро нест мекунӣ, дар ҷояш ду-се то пайдо мешавад. Мисли мори ҳафтсар, ки якеро буридӣ, ба ҷояш дигаре мерӯяд.

Чернов дар оҳанги сухани рафиқаш норизоӣ ҳис кард; ҷониби ҷилавдораш Степан, ки аз ақиб меомад, нигоҳе андохта пас ба тариқи маслиҳат гуфт:- Сарҳадро бандем, ки ин мардум ба тарафи Афғонистон равуо карда натавонад, силоҳ набиёрад, нест кардани босмачӣ мушкил нест.

– Инҳо аз шағол ҳам гандаанд. Шабона ба деҳаҳо даромада ҳар номаъқулие хоҳанд, мекунанду рӯз гурехта ба кӯҳҳо мераванд. Аз паси онҳо ба кӯҳ баромада нашавад.

– Чаро намешудааст? Мо аз онҳо камем?

– Ҳукумати Бухоро суст. Босмачиҳо тарафдоронашонро мекушанду аз даташон коре намеояд.

– Суст не, ношуд, беирода,-гуфт бо ситезмандӣ Чернов.- Худашонро раҳмгин нишон медиҳанд. Дар кори инқилоб раҳм кардед, ҳамаро бой медиҳед.- Ӯ гашти

аспашро оҳиста карду бо оҳанги нарм афзуд:-Аз тарафи дигар, Батко Семён (
назар аст Будёний) мазаро аз қайла гузаронд. Нархи пиёзро напурсида фарм
дод, ки салладорро дидед, паронед. Ин ҷо ҳама салла мебандад. Салабанди
суннат медонанд.

– Аз тарафи дигар, Батко ҳам наметавонад, ки дар ин гӯшаи беназму фа
мӯшшуда моҳу солҳо нишинад, ки кай босмаӣ аз кӯҳ фурояд, ки ҷанг кунад

– Ба ҳар ҳол хост чашми мардумро тарсонад, ки аксуламал бештар ш
Дастаҳои босмачиҳо зиёд шуданд.

– Ин мардум феъли гурги кӯҳро дорад,- бо оҳанги аввала гуфт Загорски
Ҷониби ҷангал нигоҳ кардгеш кардагӣ.Колхозро намехоҳанд.- На бой
мехоҳад, на камбағалаш. «Чизи шарикиро саг нахӯрдааст» мегӯянду шари
кор намекунанд.

Чернов дақиқае андешаманд шуду бо оҳанги таассуф гуфт:

– Акнун инҳо ду роҳ доранд: Ё роҳи моро мепазиранду ҳамроҳ мешаван
сотсиализм месозем ё рафта вайронаҳои Сибирро обод мекунанд. Ба ҷойаш
ин ҷо одамоне меоянд, ки сохти колхозӣ писандашон аст.

– Аз ҳад сахту сангин намешавад?- Загорский рост ба чашмони мусоҳиба
нигарист.

– Бо дигар роҳ нашава, чӣ илоҷ? - Чернов нигоҳаш ҷониби заминҳои найзо
кардаи рӯбарӯ афзуд: -Дар маҷлиси ҷамбасти семоҳаи ду ҳафта пеш баргузо
гардида як мӯйсафед, ки пеш ҳамроҳи ҷадидҳо будааст пас аз онҳо рӯ тофтаас
пешниҳоди хуб кард. Гуфт ки ин дастаҳои худрӯйро бо задану парондан ба зуд
нест карда наметавонем. Хубаш халқро ба тарафи худ кашидаю ба душмани
онҳо шӯрондан лозим. Ҳоло халқ гурусна, чизи хӯрданӣ надорад. Ба деҳаҳо
ки дар сари роҳи калон ҳастанд, ақаллан ордашонро мерасондем. Шояд панҷо
ё сад тонна орд равад. Корҳои фаҳмондадиҳиро ба роҳ мемондем. Ба касон
дилпур силоҳ додан лозим. Ва аз ҳама муҳим, дар байни ҳар шаш - ҳафт дех
як даста аскари сурх мемонед, ки ба кори онҳо назорат барад. Ва ба ҳар хабар
овоза зуд чора андешад.

– Рост, инҳо худашон сари ҳисоби босмачиашонро наёбанд, намешудагӣ
барин.

– Се сол пеш ОГПУ ин гуна корҳоро ба роҳ монда буд...

Ин дам онҳо ба рости резишгоҳи Вахшу Амурдарё расиданду Загорский аз
роҳ боз истода пурсид:

– Александр Николевич, дар хотир дорӣ, Кузмин Валерйи чанд сол гирифт?

– Кузмини тошкандиро мепурсӣ? Понздаҳ сол доданд. Чӣ шуд, ки якбора
Кузмин ба хотират омад?

– Дарёи Вахшро дидаму Манучеҳр ба хотирам омад. Ҷавони хуб буду дар
охир аҷаб корҳо шуд.

Чернов нигоҳи саволомезашро ба Пётр дӯхт.

– Дар хотират бошад, Кузмин Саша Григорев ном рафиқ дошт. Рафиқ не,
думравакаш буд. Ҳамон, баъде ки Кузминро Сибир мекунанд, ба ҷӯраҳояш накл
мекунад, ки тиллоҳои Манучеҳрро Кузмин дуздида будааст. Лекин шаллоқро
Ҷангиеви бечора хӯрд.

Чернов ба чашмони мусоҳибаш нигариста гуфт:

– Ман аз Муҳаммадшариф шунида будам, ки гӯё Манучеҳр дар гулуи Ҷаҳгиев корд мемонад, ӯ ваъда медиҳад, ки тиллоро ёфта медиҳад. Вале ҳанӯз ҳамаашро нагардонда буд, ки Манучеҳрро куштанд.

– Бале, тиллоро медуздад ва маслиҳат медиҳад, ки корда ба гулӯяш чуқуртар зер кун, тиллоро ёфта медиҳад.

– Аз дасти вай ҳама номаъқули меомад,- дар ҷабини Чернов чинҳо ҷамъ шуданд, таваққуф карду афзуд:-он тилло насибаш намекунад.

– Ҳамон вақт як кори аҷиби дигар ҳам шуда буд. Мудом мепурсам мегӯяму ҷоз истиҳола мекунам.

– Пурсидан гир.

– Босмачии ба гардани Манучеҳр банд андохта худро ба дарё партофтаву саломат баромада дар пушти санг пинҳон шуд, ҳангоме ки тарафаш нишон гирифтам, дастамро дошта, камони маро гир, гуфтӣ. Ба ман чунин намуд, ки фурсатро кашол медодию намехостӣ, ки ӯро паронам.

Чернов бо табассум ба мусоҳибаш нигарист. Хост ҳақиқати он лаҳза рӯйдодаро гӯяд. «Мушоҳидаат рост: аз чунин баландӣ бо аспу бо мурда худро ба ҷӯши дарё партофтани он ҷавонро дида, марди майдон будааст, мон, дар дунёи рӯшан гардад гуфтаю намондам.» Вале вай, ки дар ҳашт соли дар армия буданаш найрангу хиёнатҳои рӯзгори бозидеҳро бисёр дида буд, китф ҷунбонда гуфт:

– Дар хотирам нест, ки он вақт чӣ гуфтаму чӣ коре кардам.

– Дили шуморо намедонистам, -гуфт Загорский. -Лекин ман ба ӯ нишон гирифта будаму чи шуд, ки тирам нарасид.

Нигоҳи онҳо ба ҳам бархӯрд. Чернов фаҳмид, ки рафиқаш ҳам мисли ӯ рафтор кард. Ҳақиқатро нагуфт.

Хандида роҳашонро давом доданд. Сойчаеро, ки дар тагаш як бел барин оби лойқа равон буд, гузаштанду Пётр гуфт:

– Александр Николаевич, шунида будам, ки Амони калтаро ба баталиони сарҳадӣ гирифтаи, лекин ман дигар ӯро надидамаш.

– Ӯро гирифтанӣ будаму розӣ нашуд. Модарам пир гуфта баҳона карду рафт. Лекин як чойхначии шинос дар Когон, номаш Сӯҳроб, гуфт, ки як моҳ зиёд шуд Амон гуфтани собиқ сарбозатон дар ҳамин ҷойҳо мегашт. Пай бурдам, ки мақсаде дорад. Боре дарун даъват кардаю меҳмондорӣ карда, гап гирифтам. Гуфт, ки ин ҷо Беҳрӯзи Бекзода гуфтанӣ босмачиро кофта мегаштам. Шиносҳояшро ёфта маълумот гирифтам. Чанд нафар ҷавони худашмонандро ба гап даровардаю ба Афғонистон рафтааст. Ман акнун аз пасаш равонам. Онро ёфта бояд хун ба хун кунам. Чунки рафиқи маро кушта буд.

– Бар қасоси Манучеҳр ин корро мекардааст?

– Бале, бо Манучеҳр ҳарду ҷура буданд-ку.

Сӯҳроб гуфтааст, ки агар ӯро ёфта кушӣ, савоби ду дунёро мегирӣ. Вай дар Когону дар Бухоро ҳам бисёриҳоро ранҷонда буд.

– Оҳ, калта, чи қадар кинагир будааст, -Пётр ҳайрон шуд ва пурсид: -Пас рафтааст?

– Калтаҳо кинагиранд...

Пётр ба аломати тасдиқ сар ҷунбонду лаҳзае пас лабханд карда гуфт:

– Он Суҳроби чойхоначиро ман ҳам мешиносам. Ба гуфти худашон шайтони бо саллаю дастор аст. Ба сари бисёриҳо об рехт.

– Худамон шайтонаш кардем.-Чернов бо тамасхур ба рӯи Пётр нигарист ва бо оҳанги дурушт илова кард:- Ҷон ширин.

Ҳоло борон ба тамом мондааст. Абрҳои пуроби дар баландиҳои осмон буда ҷониби шимол ҳаракат доранд. Тарафи қибла кушода, офтоб намоён аст. Кӯдакҳои сари тутҳо фуромада каме даву тоз кардаю боз ба ҷойҳояшон баромаданд. Мисле, ки мурғон ба лонаашон бармегарданд.

Саворон қатори тутзорро гузаштанду Чернов гуфт:

– Рӯзи шанбе ду баталионро оварда, якеро дар Саройкамар, дигареро дар Шаҳритус ҷой карда, симчӯбҳоро шинондан мегирем. Бигузор ин ҷо алҳол ду гузаргоҳ шавад..

– Ҷойи хоб кучо мешавад?-пурсид Загорский.

– Дар пеш тобистон. Ин ҷо дигар хунукии сахт намешавад. Ҳам корро ба роҳ мемонему ҳам хобгоҳ месозем.

Дар саҳни мактаби навпӯшида талабаҳоро диданд, ки қатор шеърхонӣ доранд. Чернов аспашро дошта, ҷониби онҳо нигарон гуфт:

– Чи хуш аст, вақте ки самараи коратро мебинӣ.

– Чиро дар назар дорӣ?- Пётр маънои сухани рафиқашро нафаҳмид.

– Медонӣ, Пётр, ҳар вақте ки пешравию тараққие дар ин халқҳо мебинам, *дилам тасалло меёбад. Ифтихорманд мешавам, ки дар ин кор мо, русҳо, шарикем.*

– Камбудӣ ё, ба гуфти рафиқ Ленин, каҷравиҳо ҳам шуданд-куя. -Пётр хандид.

–Камбудию каҷравиҳо шуданд, -Чернов ба бурутҳояш даст бурд. -Аммо ҳақиқат ин аст, ки инқилоб подшоҳони худкомаро аз байн бурд, бойҳоро, ки аз пулу мол маст шуда одамро одам намеҳисобиданд, ба решаашон несту нобуд кард. Боз муҳим он аст, ки фикру андешаи мардум дигар шуд. Аз хурофоту бозмондагӣ, ба мактабу дониш рӯ оварданд. Бубин, кӯдакҳо бо чи гуна фараҳмандӣ ба мактаб мераванд. Дар ин ҷо деҳаҳое буданд, ки як нафар саводнок надоштанд. Ватанашон ободу зиндагиашон хуб шавад ва фаҳманд, ки қадр пайдо кардаанд, пас худашон мегӯянд, ки инқилобу ислоҳот зарур буд... Русҳо кори хуб карда будаанд.

– Ту гуфтанӣ, ки маҳбаснишиниии Николай Димитревич(бобои Черновро дар назар дорад) бесамар набудааст.-Пётр синчакорона ба рафиқаш нигарист.

– Ҳар вақте, ки аз ҳаёти бобоям андешам ин фикр ба сарам меояд. Боз фикр мекунам, ки зироат дар чор-панҷ моҳ, дарахт дар як сол пазад агар, барои пухтани фикри одам сад сол лозим будааст.

– Э мон-е! фикрҳое ҳастанд, ки баъди ду дақиқа ичрояшон мекунӣ.

– Дар назар дорам фикри дигар кардани ҷамъиятро. Ҳамон ҳам, агар рӯшанфикрҳо собитқадам бошанд. Рӯшанфикрони Русияи мо таассуби ғарб карда муқобили ҷаборон рафтанд, банду зиндон диданд, теғ хӯрданд ниҳоят

инқилоб карда он дигаргуни ва баробариеро, ки дар халқ мехостанд дар амал татбиқ карданд, ҳалолашон бод.

Загорский чизе гуфтанӣ шуд, ки Чернов пешдастӣ кард:

– Пётр, ба назарам, аз он зарбулмасалҳое, ки дар дафтарат ҷамъ мекунӣ, кори илмӣ кунӣ, хуб аст. Кадом халққоро чӣ гуна фикрҳо ё чӣ гуна одамон дар чанд муддат дигар карданд.

– Оҳ-о! Ин кори мушкил, лекин кардан мумкин, ба шарте ки маро ҳозир ҷавоб медиҳӣ.

– Не-е, сарҳадро бандем, пас,-гуфт Чернов ва ба чашмони рафиқаш нигариста афзуд:- Гуфта будӣ, ки аз ҳаёти декабристҳо китоб менависам, канӣ китоб?

– Канӣ китоб,-Загорский лабханд кард.- Александр Николаевич, ин кор чунон мушкил будааст... Дар аввал осон менамояд, вақте ки ворид мешавӣ, худатро мисли шахси дар домани кӯҳи сарбафалак, ки тавоноии баромаданашро надорӣ, ҳис мекунӣ.

– Воҳима накун. Чияш мушкил?

– Гӯш кун: Ин як қуввае буд, ки тамоми Русияро ба ҷунбиш оварда. Ин инқилоб ҳам аз ҳамон манша мегирад. Он қувваро, ба хусус дохили онро, ба он бузургӣ шарҳу тасвир карда тавонистан... Фаҳмидӣ, чияш мушкил?

Чернов бетафовут китф ҷунбонда гуфт:

– Лев Николаевич Толстой ҷанги соли 1812-ро ба он бузургию паҳноии таърих тасвир кард...

– Лев Николаевич ҳам аввал мехост ҳамин воқеъаро нависад,-Пётр табассум кард.- Лек чи шуд, ки аз баҳраш гузашт.

– Мон ин гапҳоро,- Чернов даст афшонд.

Онҳо пайраҳаро гузашта, ба роҳи калон баромада як гурӯҳ гурезаҳоро диданд, ки ҷониби сарҳад мераванд. Дуртар аз онҳо қаландаре танҳо, оҳиста-оҳиста қадам мезанад. Мисле ки дилу бедил меояд.

– Пурс, аз кучо омадаанд -Чернов Степанро ба назди онҳо фиристод. Маълум шуд, ки аз Тошканду Дизах якчанд оила омадаанд.

– Гардон, ба ҷойҳояшон раванд,-афзуд Пётр.- Вагарна он тараф мегузаранду пас аламзада шуда, бар зиддамон тиру туфанг карда меоянд.

– Инҳоро гардонда намешавад,- гуфт Чернов.-Як моҳ зиёд роҳ гашта ба ин ҷо расидаанд. Мумкин хонаашонро фурӯхта омадаанд.

– Ду моҳ роҳ гашта бошанд ҳам, гардондан лозим.

– Ҳафтаи дигар қарори ҳукумат мебарояд, пас ҳаққи гардонданро дорем.

Ин вақт Чернов қаландарро, ки наздик омада буд, шинохт. Соле, ки ба юриши Бухоро мерафтанд, ӯро дар баромади Самарқанд дида буд. Он вақт ҳавои гарми тобистон буду дарвеш чор яктаҳу чор миёнбанд, кулоҳи намадии нӯгтез дошт, чоруққои сад ямоқаш мисли хурчин дар китф партофта буд. Ҳоло борон шудаю замин тар бошад ҳам, як яктаҳи тунук дар тан дорад. Ҳамаи корҳои ин тоифа намоиш аст. Ангезаи ба дарвеш гуфтугӯ кардан дар дилаш боло гирифт. Аз асп фуромада ба Степан фармуд, ки аилро сахт кунад ва худаш наздиктари дарвеш рафту байнашон чунин гуфтугузор сурат гирифт.

– Ассалом, дарвеш, дар ин бегоҳирӯз ба кучо сафар дорӣ?

Дарвеш ба ишора ҷавоби салом дода, роҳашро давом дод.

– Дарвеши Худо, баъди ҳашт сол акнун воҳӯрдему ду дақиқа суҳбат і мекунем?

Дарвеш боз ҳам чашмашро бегона кард, сари асо истода ба атроф нигари Гӯё фаҳмиданӣ буд, ки ба кӯҷо омадааст.

– Қаландархонаатон дар Самарқанду шумо ин тараф меравед?

– Қаландархона ҳам аз об он сӯ гузашт.

Чернов киноярро фаҳмида бошад ҳам, худро ба нодонӣ зада пурсид:

– Чӣ хабарҳо мебарӣ, дарвеш?

– Чӣ хабаре, ки Худованд меҳрубонӣ кунад.

– Хабарҳои нохушанд?

– Он ҷо барноҳо меоянд: аз Баҳораку Бомиёну Балх. Ин тараф аз Бохтаі Бухорои мо ҳам сар мезананд. Аз ҳоли ҳамдигар, аз ҳоли замона мегӯему м шунавем.

Чернов саволашро такрор кард.

– Чӣ хабар мебарӣ, дарвеш?

– Чӣ хабар?-дарвеш сар хам кардаю бо тамасхур гуфт:- Он ҷо ёрон аз рӯй ранг бину ҳол пурс худашон ҳамаро мефаҳманд.-Дарвеш сар бардошта аввали маротиба ба рӯйи Чернов нигоҳи кӯтоҳе андохту афзуд.- Шукр, ҳама ба фаҳм идроканд.

Дар сухани дарвеш ҳам киноя, ҳам таънаю ғазаб ҳис мешуд.

– Хабар мебарӣ, ки русҳо азобмон медиҳанд?

– Мегӯям, ки роҳи Бухорои нозанинро русҳои базаҳкор бастанд,-гуфт дар веш ва оҳи бадард кашид, чашмонашро пӯшида, овоз баланд накарду ба савт худаш шеър хонд:

Диле, к-аз маърифат нури Худо дид,
Ба ҳар чизе, ки дид, аввал Худо дид.

Мисли пеш оҳиста қадам задаю ба роҳаш рафт ва ба мақом мисраи дувумр такрор кард: «Ба ҳар чиз-е, ки ди-д, ав-в-а-л Ху-д-о д-и-д!»

Чернов ба дарвеш дигар кордор нашуд.

Баъде ки дур шуданд, ба суханони «Мегӯям ки роҳи Бухорои нозанинро бастанд», сарфаҳм рафт. Хабар мебарад, ки роҳи сарҳадро бастаанд. Бубин, қарори ҳукумат набаромадаасту ин аллакай хабар мебарад!

❁ ❁ ❁

Дами офтоббаро Мансур аспашро ба дарё андохта, гарданашро молиш додаю далер карда бо нимовоз гуфт:

– Рӯшан, мушоҳида кардӣ, тирамоҳ даромада бошад ҳам, ҳанӯз об калон аст. Агар ҳаво боз ҳамин гуна гарм истад, аҷаб нест, ки боз ҳам калон шавад. Ӯ фикр кард, ки ҳар дафъа ба лаби дарё ояд, мисле ки бо ҳарифи аз худаш не-

румандтаре гӯштин мегирифта бошад, дилашро ваҳм зер мекунад. Ба ҷазира баромаданду Мансур боз ба аспаш муроҷиат кард:

– Рӯшан, пеш хӯҷаинат раҳматии Андрей буд, худат ҳам медонӣ. Вай ҳам ҷавони хуб буд. Пас ман тӯро ба ҷои аспам гирифтам. Вай аспи писарам Баҳодур буд. Лекин ту дон, ки ман як зарра туро аз вай кам намебинам. Кам донам агар, ба соҳил нарасам, акнун бовар кардӣ?

Назари Мансур ба анҷомҳои ба ҳар тараф партофтаи фирориён бархӯрд. Касе ҷуволи пурбор, касе хурҷин ё сандуқашро партофта рафтааст. Баъзеҳо анҷомҳоро то ин ҷо меоранд, пас зӯришон мекунад (хар ё асп дарёро гузашта наметавонад), ба умеде, ки баъд меоянд, партофта мераванд. Аммо ба Афғонистон ки медароянд, чунон оворао саргардон мешаванд, ки дигар ин коло ба ёдашон намерасад. Сипас ду-се моҳ мегузараду дарё калон мешавад ва ҳамаро гирифта мебарад.

Рӯшан пай мебарад, ки суханони хӯҷаин ба ӯ дахл доранд, гарданашро баланд бардошта, чобук ба шохоби пешомада медарояд: мехоҳад зудтар ин дарёи парешону сарду дилбазанро паси сар карда ба чойхонаи Ғуломҳайдар равад. Он ҷо Рӯшан ҳам мисли хӯҷаин дам мегирад.

Ду шохобро мегузаранд, дар шохоби сеюм, ки чуқуртар аст, Мансур аспро ба рафти об андаке уреб мегардонад. Ба назари Мансур менамояд, ки дашту дарахтону кӯҳҳо ва абрҳои осмон -ҳама якҷоя шуда дар об шино карда, пешпешаш мераванд. Нигоҳашро ба хушкӣ мегардонад ва аз дилаш мегузарад, ки чор сол шуд, ки дар роҳи байни Саройқамару Афғонистон он тараф то Қурғонтеппа равуо дорад. Ин дафъа қарор дода буд, ки то Бухорою Самарқанд меравад, лекин натавонист. Фаҳмид, ки роҳҳо аз ҷанги босмачию баталионҳои аскари сурх хатарноканд, аз Қурғонтеппа бо дили кашол пас гашт.

Ба ҷазираи нисбатан калонтаре, ки дарахтони хурду бузург дошт, омад ва мушоҳида кард, ки дар ҳар тараф гулҳои осмониранги то зону хеста ин ҷо зиёданд. Инҳоро гули «пиёда» мегӯянд. Дар салқиниҳои тирамоҳ мешукуфанд. Пеши назараш симои писараш Ҷовид пайдо шуд. Ӯ ин гулҳоро бинад, хурсанд мешавад. Ин дафъа то соҳил ҳамроҳи Кучибой омада, падарро гусел кард. Дар ду соле, ки дар мактаби интернат мехонад, тамоман дигар шудааст. Овозаш ғафс шудаю қад ёзондааст. Гоҳе ки мерафтааст, ҳаёти интернат маъқулаш аст. Бо шодию ҳавасмандии кӯдакона аз тарзи дарсдиҳии муаллимону дарсҳое, ки мехонанд, нақл мекунад. Ба Чернову занаш чӣ қадар эҳтирому эътизоз дорад!... Номашро гирад, даҳонаш пури асал мешавад. Соли гузашта ба хонааш бурдаю бо зану фарзандонаш шинос карда будааст. Хонааш дар дохили гарнизон будаасту як писару як духтар доштааст. Занаш Мария Николаевна аз худаш меҳурбонтар будааст. Ҳар гоҳе равад, наздаш хӯрок гузошта, маҷбур карда меҳӯрондааст. Ҳангоми гусел дар ҷайбаш конфет мемондааст. Ин фикрҳо ба дили Мансур ҳам фараҳмандӣ меоранд, ҳам ким - кадом гӯшаи нозукашро мехарошанд. Намехоҳад, ки Ҷовид ба онҳо сахт дил бандад. Мабодо худашон барин кофиртабиату динбезор кунанд.

Ба шохоби охир наздик омаду аспро дам доданӣ шуд. Вале Рӯшан ист накарда, худро ба дарё зад. Мансур ҳам кордор нашуд.

Ҳоло чоштгоҳи калон шудааст, ҳаво сафедабри шамолнок аст. Мансур да рӯбарӯ дар байни шохоб ҷавонеро дид, ки оҳиста қадам зада меравад. Мисл ки дар таги об чизе меҷӯяд. Ҳайрон шуд: "оё хунук намехӯрад?" Андешид, к яқин шаб дар ҷазирае хоб карда, пагоҳӣ ба роҳ баромадааст. Ҷавон чанд қада гузошту гӯё лағжида афтид. Ва ҳамоно калавида бо карахтӣ хест. Оби байн а соқи мӯзаҳояш баландтар аст. Мансур суръати аспро тезонда дид, ки ҷавон бс чашмони калон кушода ҷониби соҳил нигарон аст. Пай бурд, ки аз хунукӣ шах шуда мондааст. Чеҳраи сафеду кабудшудааш ба назараш шинос намуд. "Оё аспаш қувват мекарда бошад, ки ӯро ҳамроҳ гирад? " Дар ин дам кӣ будани ҷавон ба хотираш омад. Чор сол пеш дар соҳили тарафи худашон ӯро дида буд. Аз хаймаи Абдуллохони хуқандӣ баромада, барои алафи асп мерафт, ки ин ҷавон бо падараш аз рӯбарӯ омада, аз куҷо нон гирем, гуфта пурсиданд... То соҳил ҳамагӣ ҳашт ё нуҳ қадам мондааст. Мансур аз ақиби гиребони ҷавон бардошт, ки асп калавидаю қариб ҳама меафтиданд. Мансур ларзидани бадани аспашро ҳис карда, овоз дода аспро далер кард: "Рӯшан, худата дор! Рӯшан, ҷонам шавӣ! Ин ҷавонро монда равем, мемурад!..." Рӯшан қадамашро метезонад, гоҳе мекалавад. Мансур хавотир мешавад, ки асп мабодо ақибсуна нишинад. Ҳар чи аз об баромаданд. Аммо ҷавон ҳамчунон карахту беёд аст. Мансур назди чойхона аз асп фуромада, ӯро пеши бағал бардошта ба паҳлуи бино гузашт ва дари хоначаи самоворчиро кушода даромад. Самоворчӣ марди қоматбаланди сияҳҷурдаи афғон, рӯйи гилем чорзону нишаста пул мешумурд. "Яқин Ғуломҳайдар, соҳиби чойхона, аст," Мард Мансурро дида, оташин шуд"

– "Чаро ин ҷо даромадед? Бароед аз ин ҷо! Ва "Набихон!"- гуфта овоз баланд кард.

– Дарёро гузаштам, ки ин ҷавон дар байни об шах шуда рост истодааст, партофта гузашта натавонистам ва бардошта овардам.-Мансур нигоҳашро аз Ғуломҳайдар намеканад.

– Бардошта назди ман меоред? Ман табибам ё беморбин?! Бароед аз ин ҷо!

Аз Набихон дарак нашуд. Мансур ҳарчи дилҷӯёна гуфт:

– Шуморо ғоибона мешиносам, акаи Ғуломҳайдар. Шуморо марди бадоду диҳиш мегӯянд, ғарибпарвар мегӯянд.-Дар чеҳраи афғон дигаргунӣ мушоҳида карду болои ғӯлачӯби назди дар нишаста афзуд: -бандаи Худо, дилам нашуд...

– Бандаи Худо! Оламро банда зер кардааст! Ман кафили ҳамаи инҳоро гирифтаам!

Мансур хомӯш истод. Дар овози афғон он шиддати пештара набуд. Ӯ ба хона назар андохта дид, ки дар як тараф сандуқҳои гулкорикардаро рӯиҳам гузоштаанд, рахти хоби Ғуломҳайдар ҳанӯз набардоштааст. Дар паҳлуи дар боз сандуқи калонтарест. Ин гуна сандуқҳои гулкоридор бештар маҳсули ҳунари устоҳои Бухорост. Яқин инҳоро аз гурезаҳо харидааст, шояд партофта рафтаанд...

Афғон ба шиддат пулҳои шӯравию рупияҳои афғониро бардошта, ба рӯймол андохт ва аз ҷояш хеста, бо оҳанги аз пештара ҳам шиддатноктар гуфт:

– Дилатон нашуд... Дар чор соли аввал ман инхелиҳоро бисёр ба ин ҷо овардаю ба по мондам! Хаста шудам! Ва фикр кардам, ки пеши ин балои осмониро

Довари корсоз худаш нагирад, мани банда наметавонам... Балки ғазабашро меорам!

– Акаи Ғуломҳайдар, барака ёбед, баробари онҳо ба ҳаминаш ҳам некӣ кунед. Ҷавон будааст! Худо ба дилам андохту бардошта овардам.

Ғуломҳайдар нафаси чуқур кашидаю рӯяш дард кашидагӣ барин шуд,- "монед ин ҷо!" гуфта, ба рӯи гилем ишора кард ва ба чеҳраи ҷавон зеҳн монда бо оҳанги мулоимтар пурсид:-

– Урус аст?

– Тахмин урус,-гуфт Мансур ва ин дафъа дар нигоҳи афғон як навъ накуҳиш ва ризоияти ба ҳам омехтаро дид.

Афғон ба кори худ усто будааст. Аз тоқ гилеми мӯйини оҳариро кушода, ҷавонро бараҳна карда, дар он печонид. Фармуд, ки бо равғани кӯҳнаи зард ҳалилоб карда оварданд. Худаш ба он гармдорую боз ким чи навъ гиёҳи хушбӯе ҳамроҳ карда, ба даҳони бемор рехт.

Мансур мушоҳида кард, ки он ҷавони танадоре, ки дида буд, лоғар шудаю нимаш намондааст. Фикр кард, ки дар ин чор сол инҳо куҷо гаштанд? Падараш куҷо шуд? Шояд ҳамроҳ буданду ӯро дарё бурд?

Ғуломҳайдар ҳалилобро ба даҳони бемор рехта гуфт: "Шаб ин ҷо хоб меравад. Иншооллоҳ, пагоҳ ба по хеста ҳамроҳатон давида меравад."

Мансур пул дароз кард.

Ғуломҳайдар сар ҷунбонда бо ҷиддият гуфт:- Дар чунин корҳо пул намегиранд. Ба Парвардигор хуш намеояд.

Мансур миннатдорӣ изҳор кард, баромаду алаф харида назди аспаш партофт, пас болои кате, ки канортар буд, ҷой гирифт. Аз он, ки ҷавонеро аз марг наҷот дод, сабукӣ ҳис кардаю дилаш лабрези шодӣ шуд. Зимни чойнӯшӣ назараш ба сандуқи дар гӯшаи ҳавлии чойхона афтид, ки зери чанг мондааст.

Ғуломҳайдар рӯйи ҳавлӣ баромада нигоҳи Мансурро ҷониби сандуқ дида гуфт:

– Ин сандуқ китоб дорад. Шоире аз Самарқанд онро ин ҷо монду "пагоҳ улоғ оварда мебарам",-гуфт ва ду сол зиёд шуд, ки даракаш нест.

– Ман аз Самарқанд, вай кӣ будааст? Номашро нагуфт?

– Гуфт, ки шоирам, Хубӣ ё Хубон гуфт. – Ҳамин қадар медонам.

Мансур лаҳзае андешаманд шуду сар ҷунбонд: "Не ин гуна шоирро намешиносам" гуфт.

– Ягон донишманд пайдо шавад китобҳоро медиҳам,-гуфт Ғуломҳайдар.-Ин ҷо беҳуда нобуд мешаванд. - Ӯ байни саҳн омада бо коргараш дар сӯҳбат шуд.

Мансур хӯрок хӯрда хестанӣ шуд, ки Ғуломҳайдар наздаш нишаста гуфт:

– Бародар, Мансур, коргарони ман маҳсули устогии шуморо дар куҷое дидаанд ва хуб таъриф карданд. Ман фармудаи шуморо иҷро кардам. Акнун шумо талаби маро ба замин нагузоред.

– Аз дастам биёд, албатта, иҷро мекунам,-гуфт Мансур ва фикр кард, ки шояд аспашро талаб мекунад. Аспро пурсад, дода наметавонад.

– Дар шафати чойхона боз ду хона ва як ҳавлӣ сохтаниям,-гуфт Ғуломҳайдар ва намои табассум кард.

Мансур фикр кард, ки дар бадали чор-панҷ моҳ ин корро карда метавонад. Аз ин ҷо Ҷовидро зуд-зуд дидан мумкин. Ва шояд то он вақт роҳҳо бехатар мешаванду ҳамзамон ба Бухоро меравад.

– Фармудаатонро иҷро мекунам,-гуфт Мансур.-То Мазори Шариф рафта меоям, пас корро шурӯъ мекунем. Иншооллоҳ, то баҳор хонаатонро сохта медиҳам.

Ба корҳои Мансур Юра ёрӣ медод. (Ҷавони русе, ки аз дарё раҳонида буд). Юра бо хоҳиши худ назди Ғуломҳайдар мондааст. Дар чойхона кор мекардаҳо номашро Юсуф мегуфтанд. Вале сохтмони хонаҳо нимбуд монданд. Мансур як моҳ кор карду боре аз сабабе, ки тахта нарасид, бекор монд, лаб-лаби соҳили Ҷайҳун тамошо рафт. Офтоб ба ғурубгоҳаш рафта буд. Баъди борони дирӯза ҳама ҷо об задаю озода менамуд. Дарё ҳоло ба ҳадди ниҳоӣ нишастаю мисли шахси мондашуда оҳиста равон аст. Дар соҳил ҷойе найи қади асп хеста дон бастааст. Ҷойе вағничу сопликҳоро гулбуттаи ғарқигулшуда пӯшондааст. Онҳо аз дур мисле, ки сарандози сафед гирифтаанд менамоянд. Дар ҷазираҳои хурду бузурги қади дарё алафи донбастаю зардшуда хоб аст. Фақат бедҳои аз бех ғунча барин шохзадаю паҳншуда ва як-як ниҳолакони чинори худрӯй сарсабзанд. Шохобҳои каб-кабуд ва паҳну парешони дарё то дуриҳо мераванд. Дар он сӯи соҳил замини ба наздикӣ ободкарда намоён аст. Ниҳолаконаш мисли лола менамоянд. Баргҳои рехтаи таги дарахтон ҳам сурханд. Мисле ки кӯрпачаҳои сурх партофтаанд. Дарахти чанори сершохе, ки дар тори теппа қад афрохтааст, се ранг дорад. Нӯгаш зард шудааст, байн зарду сабз омехта, поёнаш батамом сабз аст. Аз дур, мегӯй, рангинкамонест, ки аз замин баромадааст. Зеҳн монӣ, поёни аксари дарахтҳо ҳанӯз сабз асту нӯгашон зард шудаанд. Мисле ки пешонибанди зард бастаанд. Аз афташ зимистон хунук меояд. Деҳқонҳои нишонадошта мегӯянд, ки дарахтҳо, ки аз нӯг зард шуд, зимистон хунук меояд.

Мансур ба роҳ даромад ва ба дилаш омад, ки дар он сӯи об занест ба номи Зулайхо, ки Мансурро дуст медорад. Ҳангоме ки ӯро дар Бухоро монда рафт, зан ҷониби Ҷовид гуфт, ки маро фаромӯш накунед. Дар ин тарафҳо ба ғайр аз шумо кӣ дорам? Охир ин сухан маънои "Мансур, ман интизоратам гуфтанро дорад!" Мансурро шавқмандии дидори зан чунон безобита кард, ки дигар чизе ба назараш нанамуд. На кори нимбуди Ғуломҳайдар, на роҳи пурхатари Бухоро. Боз фикр кард, ки магар занеро, ки нағзаш мебинӣ, дар як шаҳри ношинос партофта меоӣ? Кӣ медонад, домодаш омад, наомад? Вуҷудашро хавотирие, ки оромаш намегузошт, фаро гирифт. Ақиб гашту зуд йеми аспро дода, намози асрро хонд, ҳарчанд "ҳамкорон бевақт шуд, пагоҳ меравед" гуфтанд, гӯш накарда аспро ба дарё андохт. Ба деҳаи Новдонак ба торикӣ даромад. Сагҳо дар ҳар тараф ғавғо доштанд. Дар дарахту девори кӯчаҳо, атрофи хонаҳо аспҳои бастаро дида, пай бурд, ки кадом дастаи муҷоҳид барои шабгузаронӣ ба деҳа омадааст. Аспро дуртар дар паноҳие басту аз дари пушт ба хонаи Кӯчибой даромад. Кӯчибой бо янгаи Каромат ва як марди ғуландоми чашмкалон дар табақҳои чубин шурбо мекашиданд.

– Хонаатон пури меҳмон, ба ягон ҷои дигар меравам,-гуфт Мансур.

– Ҳоло ҳама хонаҳо ҳамин аҳволро доранд,-Кӯчибой кафлеси дасташро монда хеста ба меҳмон оғӯш кушода, салом кард.

Мансур андешид, ки Кӯчибою занаш ҳар вақт ӯро бо меҳрубонӣ пешвоз мегиранд. Раҳмат ба онҳо.

Кӯчибой гӯштро ба табақҳо тақсим карду ҷониби ғуландом афзуд:-Холдорбек, ба меҳмонҳо гӯй, ки нон кам шуда бошад, ба ҷояш гӯшт хӯранд, заҳрашон шавад. Худат ҳам наздашон шин.

Хеста аз токи берун пӯстак дароварда назди оташдон партофту ҷониби Мансур гуфт:

– Ин ҷабборзадаҳо ҳазору ду ҳазор шуда ҷиҳод мекунанд. Ҷиҳодашон сарашона хӯрад. Ҳоло ба деҳаҳои ҳамсояҳо равед ҳам, ҳамин ҳолро мебинед. Шуморо дар хонаи хобамон ҷой мекунам.

Холдорбек омада хабар дод:

– Худашон тамба шуда нишастиянд. Ҷои нишаст нест.

– Тамба шудиянд!- ғуррид Кӯчибой.- Ақл медоштед, камтар меомадед. Дар ин шаби зимистон бисттои шуморо кӣ метавонад саришта кунад? Мардум барои худаш ҳезуми аловӣ намеёбад. Ӯ оби боқимондаи таги дегро ба корсоне, ки гӯшт дошт, рехта ду порча гӯшти таги кафгир мондаро ҳам ба карсон партофта ба Холдорбек ишораи нишастан карду афзуд:- Шумо шӯрбои бе нон мехӯред.

– Ба меҳмонҳо расад, мо хӯрдагӣ ҳисоб,- гуфт Холдор.

Мансур ба рӯи Холдор нигариста дилаш таҳ зад: чеҳраи рафидамонандаш аз шамолу шӯриш сиёҳ шуда ҳар ҷо кафидааст,чашмонаш сурх, ришаш пешсуна қат шудаю чунон бенур аст.

Янгаи Каромат нимта нон оварда назди меҳмонҳо гузошту гуфт:

– Хӯрдану бурданашон як бало, акнун аз бую тафашон ба ин хона як ҳафта даромадан намешавад.

– Холдор хешамон мешаванду дарди диламона мегӯем. Хеши занам, барои ҳамин нағзаш мебинам,-гуфт Кӯчибой хандида.

– Пасттар гап занед,- холаи Каромат чойи дамкардаашро назди Мансур ниҳод.

– Бист нафаранд?-пурсид Мансур.

– Камтаранду аз қаҳрама бист мегӯям.

Кучибой як тика дунбаи дар таги дег мондаро гирифта назди Холдор гузошту нимҷидию нимшӯхӣ гуфт:- Соли гузашта ҳам ду маротиба омада будед. Ду маротиба омадеду ҳама буду шуди мардума рӯфта бурдед. Ва ҷониби Мансур афзуд:- Вақти хунукии зимистон буд, ки ҳаждаҳ нафар зер карда даромаданд. Занамро фармудам, нон пухт. Худам ду шишак куштам, якто барои шаб, якто барои саҳарашон. Пеш аз субҳ ду нафараш ба оғил даромада, як чориро нишон доданд, ки инро кушта гӯшташро паз, ҳамроҳ мебарем. Гуселашон кардаю як моҳ дуъои бадашон кардам. Ба инҳо дуъо ҳам таъсир намекунад. Ана, имрӯз офтобшин буд, ки боз мисли вулқоне, ки аз пеши дарат мехезад, пайдо шуда хонаро пур карданд. Хоҳ нохоҳ имшаб ҳам мефармоянд, ки як гӯсфанда кушта паз, ки мо ҳамроҳ барем. Ва иддаъо ҳам мекунанд: “Мо ба аскари куффор маоф дорем!” Ё суханам нодуруст, Холдорбек.

– Порсол, вақте ки ба деҳа даромадем, аз ҳазор нафар зиёд будем,- овоз гафси Холдорбек мисле ки дар гулӯяш дар монда мебарояду ба касе нигоҳ на мекунад. Дунбаро газида як даври даҳон гардонда, фурӯ мебарад. Аз паҳлӯ оташдон латтаи хокистаролудеро ёфта лабону дастонашро пок карда афзуд Ҳоло шашсад нафарем. Дар чор деҳаи атроф тақсим шудем.

– Агар одамон чизи хӯрдан надошта бошанд чӣ?- пурсид Мансур.-Баъзеҳ мол надоранд-ку.

– Набошад, рӯзи сиёҳ,- гуфт Кӯчибой,- соҳибхонаро "марди бетаҳу бебарака" будаӣ" гуфта, хонаашро тагу рӯ карда, ҳар чизе маъқулашон ҳаст, мегиранд.

– Рост аст, ки ними аскарашро Афғонистон роҳӣ кардааст? - Мансур лабу рӯйҳои Холдорро, ки латта сиёҳ карда буд, дида нафрataш омад.

– Рост, ду ҳазора роҳӣ кард.-Холдор рӯи ҳам оруқ дода афзуд: -Фармуд, ки дар тарафҳои Баҳораку Бадахшон ҷой шаванд. Таъкид кард, ки лозим шавад, боз фарёд мекардааст.

– Худаш зудтар каму гум мешуд,-ғурунгид Кучибой.

– Тахмин мекунам, ки худаш ҳам меравад,-гуфт Холдорбек.-Чунки имсол мо дар кӯҳҳо азоби сага кашидем. Деҳаҳо мефароем, нон яктараф, роҳамон намедиҳанд. Рӯзҳое шуд, ки решаи алаф мехӯрдем.

– Дар тарафҳои Қӯрғонтепаю Кӯлобу дигар ҷойҳо наздик омаданашон намемонанд,-гуфт Кӯчибой овозашро паст карда.- Дар деҳаҳо дастаҳои ихтиёрӣ ташкил кардаанд. Қӯшуни рус ҳам ба дастаҳо тақсим шуда, дар байни деҳаҳо ҷойи будубош кардааст. Муҷоҳид ба деҳа дарояд, дарҳол хабар ёфта ҳамакаса шуда мезананд. Мондааст Лақайи худашону деҳаҳои атрофи Саройкамар.

– Пас чаро ҳамроҳи вай мегардед?-гуфт Мансур.-Партофта равед.

– Намешавад,- Холдорбек аз байни чӯбҳои паҳлуи оташдон латтаи партофтаашро гирифта дастонашро пок кард:-Намемонад, мепаронад. Ба ҳамту ҳам имсол аз панҷоҳ нафар зиёд гурехт.

Янгаи Каромат Холдорро ҳушдор дод.

– Ба латтаи хокистардор даст пок накунед, вай рӯбаки оштон аст, ман дигарашро меорам.

– Ба инҳо хокистардораш хуб аст,- гуфт Кучибой.

– Иброҳим дар ҳамин деҳа бошад?-пурсид Мансур.

– Намедонам, вай бо сад-дусад нафар наздикони худаш мегардад. Сардори гурӯҳи мо Мавлонназар.

Кучибой чизе гуфтанӣ шуд, ки Холдор пешдастӣ карда афзуд:-Айби муллоҳои атрофи Иброҳимбек ҳам ҳаст. "Ту ғозӣ, ту пушту паноҳи мо ту муҷоҳиди роҳи ислом" гуфта бардор-бардораш мекунанд. Мо гӯш ба гӯш мешунавем, ки ҳар вақте аз Амир Олимхон хат мегирифтааст: "Муллоиброҳимбеки ғозӣ, фаромӯш накунед, ки шумо ба ҷои моед. Насиб бошад, ба наздикӣ мо бо қӯшуни калон меоем. Ва хизматҳои шуморо қадр хоҳем кард " гуфта хабар медодааст. Лекин чор сол гузашту ба истиснои ду дафъа кам-кам тир роҳӣ карданаш на аз худаш дарак ҳасту на аз қӯшунаш. Иброҳими сода ба ин гуфтаҳо бовар мекунад.

– Ишқи Бухоро аз дили амир кам намешавад,-гуфт Мансур.

– Иброҳимаш бошад, худро ҳимоятгари дин, подшоҳ ба ҷои Амир Олимхон мепиндорад.-Кӯчибой ду чойҷӯши овардаи занашро болои алов монда, илова кард:- Ин умедҳои аҳмақона ҳеҷ аз дилаш намеравад.

Ин дам янгаи Каромат даромада хабар дод, ки ду нафар меҳмон хестанд.

Кучибой аз тоқ косаеро назди Мансур ниҳода гуфт: "Ин ҷо чарбӯи буз ҳаст, ба мӯзатон молед, об намедарорад". Пас, ҳамроҳи Холдор берун баромаданд.

Мансур ба янгаи Каромат муроҷиат кард.

– Ҷовид аз мактаб пагоҳ меояд?

– Пагоҳ шанбе аст, намеояд. Рӯзи якшанбе меояд.

– Келин, раҳмат ба шумо, ки ӯро нигоҳубин мекунед.

– Худаш бачаи хуб. Ҳар кора ақлаш мегирад. Ҳоло камсамол шудааст. Аз камсамол шудагиш чунон хурсанд...

– Аз берун садои Кучибой омад: "Холдорбек, шишаки оғила бароварда сар буред, гӯшта меандозем, ки пухтан гирад.

– Илоҳҳо гушти шишакам шикаматона тешук кунад! Илоҳо аз аспҳо пареду муред! -янгаи Каромат меҳмонҳоро дуъо кард.

Субҳдам Мансур хост барвақт ба роҳ барояд, ки Кучибой намонд: - Дар роҳҳо дидбон доранд,- гуфт. Доранд, ҷосус гуфта тир мезананд. Мансур он рӯз тоқат карду субҳи рӯзи дигар раҳакӣ шуд. Як ҳафта роҳ гашта ба Душанбе омад. Дар постгоҳи даромади Душанбе дошта гуфтанд, ки рафта аз ҷойи истиқомат справка меорӣ.

– Шумо ҳуш доред, то Саройкамар дар понздаҳ –бист рӯз рафта меоянд,- гуфт Мансур.

Сардори дидбонгоҳ чашмонашро ало карда ба лаҳни русӣ пӯписа кард: "Мабодо босмачӣ нестӣ?!"

Мансур пас гашт. Як ҳафта роҳ гашта ба коргоҳаш чойхонаи Ғуломҳайдар омад. Ҳаваси сафар дар дилаш хунук шуд. Хонаю ҳавлии Ғуломҳайдарро сохт. Юра-Юсуф маъқулаш шуд. Ҷавони абҷири баҳуш будааст. Ғуломҳайдар ҳам аз вай розӣ буд. Соҳибкор фармуд, ки боз як ҳавлӣ созонанд. Онро ҳам буд карданду Мансур охири тирамоҳ ба сафар баромад. Аввал справка гирифт. Справкаро Кӯчибой оварда. Гуфт, ки шумо минбаъд Отабоев Кучибой, истиқоматкунандаи деҳаи Новдонак, колхозчии колхози ба номи Чапаев мебошед.

Ду моҳ ба қавли афғонҳо дар шаҳрҳои пори дарё (он сӯи дарё) гашта, пас ба Афғонистон баргашт. Дар роҳ фаҳмид, ки Иброҳимбек бо аскараш гурехта ба Афғонистон рафтааст.

Инак, Мансур дарёро гузашта дар ҳавлии чойхонаи Ғуломҳайдар, ки худаш устоӣ карда буд, болои кате нишаста, аз натиҷаи сафар ҳам шоду ҳам ношод чой менӯшид. Аз болои тухмбирён боз чой фармуд. Пас, мисле ки аз худ ҳисоботи сафар талаб мекарда бошад, бо овози шунаво гуфт: "Мансур, дар ин ду моҳе, ки дар Шуравӣ будӣ, ку, гӯй, чӣ дидию чӣ шунидӣ?" Ва бафурҷа чой гардондаю дар замираш бо худ дар гуфтугӯ шуд.

– Ҳавасмандии дидори Зулайхоро доштӣ, рафта дидӣ. Вале ин дидорбинӣ ғаму ҳасрататро зиёд карду кам не. Духтараш Меҳрубон пешвозат гирифт. Туро дида кӯдак барин хӯрсандӣ кард. "Амак, кучо шудед? Рӯзе набуд, ки шуморо ёд

накунем. Модарам мудом, "аз афташ ба амакат кору ҳоле шуд, шояд одамҳое, ки додота бурданд, он касро ҳам бурданд," гуфта худашона хӯрданд. Аз падараш пурсидӣ. Маълум шуд, ки Мирзоумед ду соли аввал дар Қазоқистон будааст пас ӯро ба ким- кадом ҷойи дури Сибир бурдаанд, ки дар се-чор моҳ як маротиба хаташ меомадааст. Ва дар ҳар хат маро мепурсидааст, ки чӣ кор карда гаштааст? Зулайхо тарафи намози аср аз туйи кадом ҳамсоя омад. Туро дида аз ҳаяҷон сурх шуд ва ба ханда гуфт: "Гуреза, омадед? Мудом фикр мекардам, ки ин акаам (бале, акаам гуфт) ба Душанбе меравам гуфта, куҷо шуданд? Аз одамон мепурсидам, ки Душанбе дур аст? "Ду ҳафта роҳ аст," мегуфтанд. Ё душманашон карданд, ё ба Афғонистон рафтанд, мегуфтем ба худамон.

– Афғонистон нарафтаму лекин то сарҳад рафтам, -гуфтию хурсанд будӣ, ки зан бароят пазмон шудаю рӯбарӯят чун каси маҳбуб суҳбат мекунад.

– Аз рафтагиатон чор сол гузашту як хабар надодед!-Дар оҳанги сухани Зулайхо ҳам таъна, ҳам меҳрубонии занона ҳис мешуд.

– Рост мегӯед! Охир ин замонаро бинед, ҷаллод барин аст, гуфта худро сафед карданӣ шудӣ. Ҷовидро пурсид. Ҷавоб додӣ, ки "Ҷовид ҳоло марди калон, мактабхон. Мудом мепурсад, ки кай назди холаам меравем?"

– Ҳавай ёд накунад...-Гуфт Зулайхо ва бештар сурх шуд. Ту ин дафъа меҳрубонии занро бе ҷавоб намондӣ. "Не-е, чаро? Ман ҳам ҳар рӯз, ҳар шаб шумоёнро ёд мекардам,"(ба ҷои шумо «шумоён») гуфтӣ.

Меҳрубон гарм шудани суҳбататонро дида, ба баҳонаи «чой монам» халтаи дастовез овардаатро бардошта, ба хона даромад.

Зулайхо ҳам дигар истиҳола накарда, халтаи дигарро бардошта афзуд: «Рафтем, дар хона ҷой мекунам, берун салқин».

Аз шавҳари Меҳрубон Фаррух пурсидӣ, маълум шуд, ки ӯ дар маорифи шаҳр кор мекардааст аз ҷои кораш чандрӯза Самарқанд фиристодаанд. Меҳрубонро ҳам дар он ҷо ба кори хоҷагӣ гирифтааст.

Он бегоҳ то ними шаб суҳбат кардед. Онҳо аз воқеаҳои Найзаварон (Саидҷони ҷияни Мирзоумед ягон-ягон омада мерафтааст) ва ту аз аҳволи деҳаҳои атрофи Ҳисор аз ҳаёти гурезаҳои дар роҳҳо дидаат нақл кардӣ.

Пеш аз хоб Зулайхо либосҳои Мирзоумедро дода гуфт, ки инҳоро пӯшеду либосатонро кашед, ки шӯям. Розӣ нашудӣ. Метарсидӣ, ки мабодо дар либосат шабушк бинад. Чойхонаю корвонсаройҳое, ки хоб мекунӣ, бе ин ҷондор нестанд. Вале зан маҷбурат кард. Қариб худаш либосатро мекашид. Рӯзи дигар тарафи бегоҳ аз шаҳр омадӣ, ки Зулайхо рӯйи ҳавлӣ танҳост. Дар танаш ҳамон мунисаки кимхо ва рӯймоли сабзе, ки бори аввал дар Найзаварон дида будӣ. Зулайхо кӯрпача бароварда, дар суфаи таги тут ҷой карданӣ шуд, ки бозор рафта биём, пас мешинем, гуфта баҳона кардӣ. Эб надидӣ бо зан танҳо бошӣ ва аз болои дарвозаи ба тани девор хобонда ҷомаатро гирифтию (ҳамон дарвозае, ки сабаби зиндон кардани Мирзоумед шуд) беихтиёр ба гап андармон шудед. Суҳбат аз бобати фарзандон рафт. Вай аз Ҷовид пурсид. Ту аз зиндагии Меҳрубон таҳковӣ кардӣ. Зулайхо гуфт, ки ба шавҳараш зиндагиашон бад нест. Ба ҳам ишку меҳрубониҳо доранд. Лекин фарзанд нашуд. Аз ҳамин ҷиҳат хавотирам. Ту занро тасалло додӣ. Гуфтӣ, ки ману Бибигул низ баъди чор сол

фарзанд ёфтем. Пас бозор рафтию суҳбати дирӯзу имрӯз гашта-гашта пеши назарат меомад. Дар тарзи гуфтор, табассум, тобиши нигоҳ зарраҳои муҳаббат мечӯстӣ. Ва онҳоро дар ҳар ҳарфаш пайдо кардаю курта-курта гӯшт мегирифтӣ.

Аммо аз шаҳр барака парида буд. Ба назарат бештари одамон бегона, гурусна ва нодидаю номаҳрам менамуданд. Он бозорҳои пуру паймонаи Бухоро, чойхонаҳои пуродам холӣ буданд. Ҳама чиз қимат буд. Ба хусус нон камчин буд. Дар ҳама ҷо одамон аз ташкили колхоз ва кори колхоз бо тарсу ҳарос норозигӣ мекарданд. Ту ба таҳлука ба пасу пешат нигариста ду рӯз дар шаҳр гаштию дигар набаромадӣ.

Бегоҳи рӯзи дувум Меҳрубон нимшӯхию нимҷиддӣ як хабари аҷиб гуфт: ҳангоми падарашро бурдан як одами нуғайнусхаи НКВД ба хонаашон даромадаю чашмаш ба модараш афтидаю ошиқи зор шуда будааст. Баъди табъид кардани падараш чанд маротиба ба хона омадаю, ман шуморо нағз дидаам, ба тарзи мусулмонӣ тӯй карда ба ватанам мебарам, гуфтааст.

– Ба ватанаш мебурдааст?! - гуфтию дар ғазаб шудӣ.

– Се моҳ сари ҳафта, баъзан тезтар пайдо мешуд,-гуфт Зулайхо шармида. Дарвозая мезад, ки мефаҳмидам ҳавай аст. Баромада "ба дари ман набиё! Ба раҳат рафтан гир!" гуфта дарро сахт мепӯшидам.Боре ғазабам ҷӯшиду чӯб гирифта ба дари аҷиб баромада зани Нусратбойи ҳамсояро ҳамроҳ гирифта, дукаса омадему ба сараш дод задам: «Гум шав аз дарам, бадзот! Ду дунё як шавад, сари тирам кунед, ки ба рӯйи ту даридачашм нигоҳ намекунам!» Аҷиб - аҷиб аз дарвоза баромаду бо ҳамин пойю қадамаша канд.

– Даридачашмаш гуфтед,-гуфтию хандидӣ.

– Рост-дия! Як аҷнабӣ ба дарат биёяд, аламат намекунад? Бекасӣ ҳамин-дия,-гуфт Зулайхо бо маломат ва ҷониби Меҳрубон илова кард:-Дару деворамон ҳам паст. Шабҳо дилам ваҳм мекунад.

Ту дар чор рӯз ҳам дарвозаи навро шинондӣ, ҳам давродаври девори ҳавлиро бардоштӣ. Аз шавқу ҳавасмандии дидори зан мисли ҷавони бистсола гирумон мекардӣ. Хастагию гуруснагӣ ба хотират намерасид. Ва ҳамзамон аз он, ки зан ба ту амонат супурдагӣ аст, худро мисли шахсе, ки пояш баста асту дур рафтан наметавонад, ҳис мекардӣ. Ва маълум буд, ки зан ин ҳамаро пай мебурд. Чунки баъзан бо дилсӯзӣ, баъзан ошуфта ба тарафат нигаристанашро медидӣ. Ва ту ҳамон вақт дарк кардӣ, ки мояи ин ҷаҳон ишқ будааст, агар дастрас набошад ҳам, дилат пури шодист.

Боре Зулайхо ҳамроҳи чой дар коса тути кӯфтаю мағзи чормағз оварду ту шаби моҳи рамазонро ба ёд овардӣ. «Дар хотир доред, Мирзоумедро гусел карда омадему талқони тут ва мағз монда гуфтед, ки...» Зулайхо бо завқ хандида, суханро аз даҳонат гирифта, афзуд: «Ман берун истода, «ҳоло субҳ надамидааст! Ҳоло вақт ҳаст, ба ҳузур хӯред!» мегуфтам. Ту ҳам баробараш хандида гуфтӣ: «Ман бошам, меандешидам, ки инро бинед-а, барои ман шуда хоҳарам пеши субҳро медоранд...» Пеш мудом «келин» гуфта муроҷиат мекардию ин дафъа «хоҳарам» гуфтӣ. Зулайхо синаашро доштаю хандида гуфт:

– Шумо чашмамро хато карда, ними туту мағзро дар коса рехта, дар т баланд гузоштаю гуфтед, ки «келин, хеле хӯрдам, раҳмат!.» Ман он кос баъди се рӯз дидам.

– Давутозатонро дида нахостам, ки дар хиҷолат монед,-гуфта баро механдидед.

Он рӯзи муборак он лаҳзаи ширин ҳарду мисли ҷавонони навошиқ аз ҳ ва суханони якдигар лаззат бурда, шодӣ мекардед. Баъдтар Зулайхо чойн пиёларо бардошта гӯё дар изофаи суҳбат бо оҳанги маъюсона гуфт:-Чӣ и «моҳӣ бо об зинда, одам бо дӯст».

Ин суханҳо туро аз қайди амонату ахлоқ берун андохтанд: дар баданат даромадагӣ барин шуду шӯру шарораи ҷинсиро, ки мудом пӯшида медошти хато карда чун фаввора ба осмон парида дарунат оташ гирифт. Саросема куртаи шустаи дар мелоқ тунуккарда даст пок кардӣ. Дар ҳамин асно аз ка, гӯшаи ҳавлӣ садои ҳавлноке баланд шуд, гӯё гилеми ҷамъкардаро аз бом г тофтанд. Ин садо лаҳзае пеши қасдатро дошт. Дар дақиқаи дигар Меҳру вориди ҳавлӣ шуд. Он ҳаваси ҷӯшонат, ки занро рӯйи даст бардошта, аз то қадамаш бӯса заданӣ будӣ, дар дилат санг шуда монд.

Очаю духтар, ки ба хона даромаданд, ту худ ба худ дар гуфтугӯ шу «Зулайхо, агар шавҳарат сухани «амонат»ро ба забон намегирифт, ба ч нигоҳ накарда ҳозир мулло оварда никоҳ мекардамат. Охир ту медонӣ, сух «амонат» барои мо мусулмонҳо мукаррам аст. Онро касе гуфту дигаре па руфт ин монанд ба он аст, ки дукаса атрофи моли номбурда садди мусад барафрохтед. Агар шахси пазируфта онро шикаст, ҳам он мол шикастаю ҳам пош мехӯрад, ҳам ба худаш зарар мерасад. Хубаш ин, ки мо аз муҳабб ҳамдигар сӯхтаю пухта гардему ба амонат хиёнат накунем».

Мансур намедонист, ки он лаҳза зан ба хона даромада ба ҳавои хонаро тартиб даровардан дар замираш ба итоб ба ӯ муроҷиат мекард: «Намеома охир. Ту амонат супурдагӣ мегӯию худата дур мегирӣ. Лекин намедонӣ, ки ҳ рафиқат меҳри сабилатро дар дилам ҷой карда буд. Дар хотират будагист, д суҳбате «ба кадом хона мардикорӣ равем, ба дигарҳо кордор не, ба ман зе мемонанд» гуфтӣ. Мирзоумед гуфт: мебинанд, ки шумо марди озода, аз ди гала омада ҳаводор мешаванд. Ман ҳам он лаҳза ба рӯи марди «аз дигар г ла омада», нигаристаму меҳрат дар дилам ҷой гирифт. Баъде, ки Мирзоуме Сибир карданд, он меҳрро ки пӯшида медоштамаш раҳо шуд. Чун оҳу аз қа парид, сар ба кӯҳу ҳомун зад ва дигар тоби доштанаш накардам...

...Бегоҳии рӯзи шашум Асрорӣ омад. Боз ду рӯз истодию пас роҳи саф гирифтӣ. Ба онҳо гуфтӣ, ки аввал ба Самарқанд медарой, пас ба Душанбе раф Ҷовидро меорӣ. Ҳамаи он чизе, ки бо он зан дидию гуфтеду шунидед, ҳам Аз ин дидорбинӣ бори ҳиҷронат кам не, балки кӯҳ барин шуд. Акнун то да марг онро гирифта гард, ҷӯра.

Мансур оҳи ҷигарсӯз кашида, чойи хунукшударо пошид, чойи гарм ре ва боз бо худ дар гуфтугӯ шуд.

– Пас ба Самарқанд, ба он диёри азизе, ки ба дасти душман афтидаа равон шудӣ. Асрорӣ бо ароба рафтанатро фаҳмида (ҳоло дигар корҳо барҳ

хӯрдаю аробакаш бисёр шудааст) маслиҳат дод: «Амак, худатонро азоб надода ба поезд равед. Дар куҷое, ки ҳуҷҷат пурсанд, справкаи ҷои истиқоматро нишон диҳед. Мабодо касе пурсад, ки дар Тошканд чӣ кор доред? Гӯед, ки бародарам касал шудааст, диданӣ меравам. Пурсад, ки дар куҷои Тошканд, гӯед, ки дар Чумчуқарал. Чумчуқарал аз Тошканд понздаҳ-бист километр берун аст. Дар он ҷо телефон нест, ки занг зада пурсанд».

Дар поезд касе кордор нашуд. Лекин тамоми роҳ дар таҳлука будӣ, ки мабодо гирандат. Рӯзи сеюм сиҳату саломат ба Самарқанд фуромада аввал ба гузари Дари Занҷир рафтӣ. Хостӣ бинӣ, ки аз ғӯладинг дар хона кӣ мондааст? Аввал дари Абдурашиди рангрези ҳамсояатро задӣ, то ки аз онҳо ҳавои кор гирӣ. Зани ношиносе дарро кушода гуфт, ки Абдурашид хонаро ба мо фурӯхта, ба гузари Ҳавзи Сангин рафтанд. Он ҷо хешашон зиндагӣ мекардааст. Пештар рафта дидӣ, ки дарвозаи хонаат кушодаю одамон даробуро доранд. Дар дохил ду тараф харакҳо монда одамон нишастаанд. Маълум шуд, ки хонаро коргоҳи суди шаҳрӣ кардаанд. Аммо дару девор, чунон ки пеш буд, барҷоянд. Дар хонаҳо мизу курсиҳо мондаю шапкапӯшу ягон-ягон салладорҳо машғули кор. Дар хонаи хоб марди тоссаре сархам китоберо варақ мезад. Он ҷо бо Бибигул хобу хез карданатро ба ёд овардию лаҳзае карахт шуда мондӣ. Аз он хона садои ҳарфи Бибигул ба гӯшат меомад. Пас дили бирён байни дарахтҳо омадӣ. Зардолуи маҳтобиеро, ки дар гӯшаи тарафи чап буд, буридаанд. Фақат кундааш мондааст. Падарат мегуфтанд, ки ин дарахтро Мансури аввала шинондагӣ аст. Як саду сӣ сол умр дорад, як зовут барин ба мо маҳсулот медиҳад. Ҳамаи авлоди моро ном ба ном медонад. Баъзе дарахтҳо сурх шудаю буғузак кардаанд. Ба назарат менамуд, ки дарахтҳо, дару девор воқеаҳои ба сарат омадаро медонанд ва ба меҳрубонию дилсӯзӣ ба сӯят менигаранд. Зиёд наистодӣ берун баромада фикри хандаоваре ба сарат омад: «Ягон падарлаънатӣ ин ҷо нишаста, фикр мекарда бошад, ки ин хонаи кӣ буд? Соҳибаш ба замин рафт ё ба осмон?»

Бегоҳӣ ба хонаи боҷаат Аббос рафтӣ. Балки ба хонаи Суман- хоҳарарӯсат. Охир вай хоҳари Бибигул аст. Як ҷо калон шудаанд. Таги як кӯрпа хобу-хез кардаанд. Нишону овози ошноро аз ӯ ҷӯё будӣ. Вале тират хок хӯрд. Аббос «биёед, биёед» гуфту ба пешвозат хест. Гуфтораш самимият надошт. Суман ба пешвозат омад: гӯё ҳайрон шуда буд, ки ман нохост аз куҷо пайдо шудам. Вай тани сергӯшт ва чеҳраи мисли гули сафеди маснӯӣ дорад. Пай намебарӣ, ки дарунаш чӣ мегӯяд. Баъдтар Суману духтараш Маҳина дар бораи фаранҷипӯшӣ бо овози баланд баҳс карданду Маҳина гапашро гузаронда, камзули сурх пӯшида бефаранҷӣ ба бозор рафт. Дилтанг шудию зиёд нанишастӣ, корам ҳаст, боз меоям гуфта хестӣ. Суман аз пас омада гуфт; «Ин чӣ омадан? Ман ҳоло дег намондаам, Ҷовидро напурсидаам. Ӯ ҳоло дар куҷост?...» Не, дар Суман заррае он гармии гуфтору самимияти Бибигул нест! Ҳатто овозаш монандӣ надорад. Рост мегуфтаанд, ки ҳар гулеро як бӯе.

Шаб дар хонаи Абдурашид хуфтӣ. Хонааш дар ҳамсоягии Ҳоҷӣ Неъмати ошнои падарат будааст. Дар хонаи Абдурашид занаш Назира ва ду духтари қадрасаш буданд. Абдурашид бо писараш дар Дарғот (боғҳои берун аз шаҳр) обмону посбон будаанду ду рӯз шудааст, ки шаббош рафтаанд.

– Духтарҳо, шукр, калон шудаанд.- Ба чеҳраи хоҳарзодаат нигоҳ к
гап гирифтанӣ шудӣ.

– Калон шудаанду домод дар нӯли зоғ- Назира мақсадатро пай бурд
тарҳоро бо шарму шариати муҳаммадӣ калон кардам, пухтупазу дӯхтуд
додаму бечораҳо байни хона монданд.

– Худованд ҳеҷ бандаашро танҳо наофаридааст.Ҳоло ҷавонҳои тақди
ба инҳо баста чорукҳояшон ғалберу асоҳояшон сӯзан шудаю ҷиянҳоямро
гаштаанд. Рӯзе худашон хонаатро кофтаю меёбанду тӯйро сар мекунем.

– Кошки ҳамту шавад,-гуфт Назира ва маккорона хандида, афзуд:-
биёнд ҳам, духтари хурдӣ ҳаққи Ҷовид аст. -Акнун Назира ба тағо зеҳн
гап гирифтанӣ шуд.

– Дар насибашон чӣ бошад, ҳамон мешавад,-гуфтию мавзӯъи суҳбатро
кардӣ.- Аз Ҳоҷӣ Неъмат дарак нашуд?

– Раҳматии духтараш гуфта буд, ки аз Қошғар хаташон омадаасту
азоб доштаанд.

– Духтарашон раҳматӣ шуд? Ҳамон арӯс?:

– Ҳамон арӯс. Духтари номдори Самарқанд буд. Ҳоҷии гӯрсӯхта
хонаҳояш шуда, ба як ғуломи безурёти дараш додаю духтара ба аламҳо
Лекин биёд ҳам, дар гумон аст, ки минбаъд аз он ғулом хона гирад.

– Ба духтар чӣ шуд?

– Духтар дар хонаи каси доро калон шудаю ба доду диҳиш, озод
озодагард буд. - Шавҳараша Ҷумъа мегӯянд, як гушнаи нодида. Хеш ё
аз дараш дарояд, ҷонаш мебурод. Зан як одама биё гӯяд, намефорадаш.
ба гадо тикаи нон диҳад, «бойдухтар буданатро нишон медиҳӣ? Даври ш
гузашт!» - гуфта мезиқад. Боре ҳамсоя гуфтему ҳардуро талабидем. Ҷор
роҳӣ карда худаш дертар омад. Омад ки дар танаш як ҷома- мегӯи ҷу
бошад. Занаш шарм дошта гуфт: «Ҷомаатон дӯхтам, ки дар маъракаҳо
боз ин кӯҳнаполоро аз куҷо ёфтед?» Ҷумъа чашмонашро бароварда: «
кулакию забондарозии шумоён гузашт! Чӣ хоҳам, ҳамона мепӯшам!»
дод зад.

Зани бечора дар пеши мо шарм дошта, оби дидааш равон шудаю ба
нимшӯхӣ гуфт: «Кош Худованд ҷони маро гирад, ки дигар на дар ин д
дар охират ҳамдигарро набинем.» Баъдҳо ҳам медидем, ки он мушти па
дуо мекард. Ду поҷомаю ду куртаи шоҳии арусиашро ба духтари калон
оварда дод. «Чаро чунин мекунӣ?» гуфта пурсам, «шӯи ман садқаи эзор
шавад. Вай чию зебои чӣ» гуфт. Хуллас ҳамин хел шуду зиндагиаш ба
накашид. Дар соли се бемор шуду ҷон ба ҷабори Ҳақ таслим кард.

– Мансур бо таассуф сар ҷунбонда пурсид: «Фарзанд надоранд?»

– Не-е! Ба хаёлам духтар он ғула бад дидаю ба худ роҳ надод...

Пагоҳӣ, ҳангоме ки сафари Тошканд пеш гирифтию аз назди хона
Неъмат гузаштӣ, симои духтар ба назарат намудор шуд, ки назди дар
ҳамон зебоӣ ҷонибат менигарист.

Дар Тошканд дар хонаи духтарат ҳам ҳолати хонаи Суман такр
Онҳо соҳиби ду фарзанд шудаанд. Зиндагиашон нағз. Хурди писар,

ба мансуриён монандӣ дорад! Ба гуфти Бибигул нигоҳаш ҳам меҳр дорад, ҳам истеҳзо кардаю аҳмақат мекунад. Домодат Шодибек худро ким-чи хел бетавофут вонамуд кард. Мисле ки ту меҳмони туфайлӣ бошӣ. Ва боз ҳам димоғи нозукат сӯхт. Болои чойнӯшӣ, баъде ки духтарат тақсимчаи ширинихоро пеши шавҳараш тела дода «чашида бинед,» гуфт, пиёлаи чойро ҳамту мондӣ ва худатро мачбур кардаю ба кӯдакҳо як соат барин машғул шуда нишастӣ. Пас бо баҳонаи ба поезд билет дорам, хестӣ. Дигар ба «додочон, ақаллан то пагоҳ истед» гуфтани духтарат, ки оби дидааш чун аз новдон мерехт, эътибор надода вогзал омадию дар толори сард, болои тахтаҳо саг барин азоб кашида шабро саҳар кардаю роҳи бозгашт гирифтӣ.

Дар постгоҳи Қурғонтеппа огоҳ карданд, ки справкаи аз колхоз гирифтаат ба дасти босмачиҳо наафтад, ки азобат медиҳанд. Боз гуфтанд, ки роҳи Сарой-камар дар дасти Мастигул-босмачист. Соли гузашта ин роҳро Алӣ- полвон бо дастааш соҳиб шуда буд. Ӯро аскари сурх зада нест карда буд. Имсол Мостигулаш пайдо шудааст.

Дар Қурғонтеппа ба як гурӯҳ гурезаҳо ҳамроҳ шуда ба роҳ баромадед. Дар даромади деҳаи Панҷбед босмачиҳо пеши роҳатона гирифтанд. Бори харакиҳоро кандану ду нафар аспакиро ба як хонаи беҳавлӣ даровардан. Он ҷо се нафар саркардаҳо менишастанд. Чашмҳошон чун даҳони камон ба сӯят менигаранд. Намудашон чунон бад, ришҳошон то таги чашм пур шудааст. Наздикашон рафтан намешавад. Аз танашон бӯи ҳафт хар меояд. Аскари сурх пешатро гирад, наметарсӣ. Аз инҳо метарсӣ.

Як харобаи морсар қамчин гирифта ҷонибат пӯписа кард:

– Паат, чиба аспа намедиҳӣ?! Ё ҷосуси болшевикӣ? Дурӯғ гуфтӣ, рудаҳота дар сарат салла мебандам! Маро Мастигул мегӯянд. Шунидагӣ ҳастӣ?!

Худатро ба нодонӣ зада гуфтӣ: «Додар, ман аз Самарқанд аз дасти болшевик ба дод омада гурезонам. Чӣ медонам, ҷосусаш кист? Чӣ кор аз дасташ меояд.»

– Ба дод омада бошӣ, ин ҷо меистию ҳамроҳи мо бо онҳо шамшерзанӣ мекунӣ!-Морсар Мансурро ҳамчунон ба афсун гирифта меистод.

– Охир ман шамшера надида бошам, ҷанга аз куҷо медонам, гуфтӣ ва пай бурдӣ, ки пӯписааш барои аспатро гирифтан аст. Ва ҳамту ҳам шуд.

Баъди гуфтушуниди кӯтоҳе Мастигул гуфт, ки аспатро мону гум шав.- Толеъат баландӣ карду саратро нагирифтам! Ду хурҷин тӯша доштӣ, ҳамаро гирифтанд. Ду даст ба бинӣ уф-уф гуфта ба хонаи Кучибой омадӣ. Вай бо онҳо шинос будааст, рафта аспата оварда. Хӯрҷинҳоро бо тушаҳояшон надодаанд.

Ҷавоне иҷозати нишастан пурсиду фикрҳои Мансур парешон шуданд. Ӯ баландтар ғеҷид ва мушоҳида кард, ки чоштгоҳи калон асту дар чойхона мизоҷон зиёд шудаанд. Ҷавони иҷозатпурсида хӯрҷини китфашро ба пояи кат овезон карду барои чой рафт. Мансур гуфтушунидеро, ки дар замираш ба худ дошт, ҷамъбаст кард:

– Лекин ту, ҷӯра, беҳуда аз домоду боҷаат хафа шудӣ. Аввал ин ки духтарро моли хонаи кас мегӯянд. Халқ ин суханро аз таҷрибааш гуфтааст. Худат хуб медонӣ, ки барои Бибигул ҳам аввал ризоии ту буду пас ризогии волидайну дигарҳо. Духтарат нусхаи модараш. Ва боз аз хотират набарор, ки ту дар рӯйхати

давлаташон душманӣ. Онҳо метарсанд, ки душманро дар хонаашон роҳ диҳанд. Ту инро ба назар бигир. –Мансур чойи хунукшудаи пиёларо нӯшиду оҳанги хестан кард. Фикрҳояш мисли аспи ба ҷавлон омада боз лука гирифтанд:

Аммо аз шунидаҳот сухани Кучибой аҷиб буд. Баробари рахти хоб партофтанаш гуфт:

– Ду ҳафта пеш барои духтарам Шарофат хостгорҳо омаданд. Ба онҳо гуфтам, ки худамон дар хона ҷавони наврас дорем, рост-дия.- Ва мувофиқи одати дерин қаҳқаррос зада хандиду байни хона рост истода пурсид: «Чӣ гуфтед? Дуяшон ба ҳаждаҳ даромаданд. Насиб бошад, туйашонро тарафҳои тирамоҳ ё соли дигар барпо мекунем.»

Ту дар ин маслиҳати ногаҳонӣ дармондию «Ман чӣ мегӯям, ҷавонҳо розӣ бошанд, ман розӣ» гуфтӣ. Пагоҳӣ болои чой ки шуд, ба дасти Кучибой пул қапонда, "чизе лозим шавад, мехаред" гуфтӣ. Ҳамин ҷо хомӣ кардӣ. Пул додан маънои онро дорад, ки маслиҳатро якҷоя пазондед. Бояд мегуфтӣ, ки Ҷовид мактабашро тамом карда ба кор дарояд, пас зан мегирад. Пул додаю ин корро ба гарданашон мондаги барин шудӣ. Акнун Ҷовид "не" гуфта наметавонад. Хуб, ҳар чи шуданӣ буд, шуд. Ба гузашта салавот гӯю мон.

Мансур аз кат поён шуда мушоҳида кард, ки аксари муштариён ороҳои тарафи худашон. Баъзеҳоро аҳён-аҳён дар ин роҳ мебинад, ки равуо мекунанд. Шояд онҳо низ мисли Мансур ба ватан дилкашолие доранд? Ва ҳама изтиробзадаю мушаввашхотиру рӯҳшикастаю қоматхамидаанд. Нигоҳи баъзеҳо ҷониби он сӯи дарёст, баъзеҳо рӯ ба марсияхонҳои таги дарахтон. Ҳоло марсияхонҳо ҳам дигар, марсияҳошон ҳам. Бештар фалакӣ мехонанду аз бемуруватии фалак гила мекунанд.

Мансур аз назди онҳо гузашта ҷониби аспаш рафту ба худ муроҷиат кард: "Ҳоло куҷо меравӣ? ҷӯра?" - Алҳол рост ба хонаи Низом - махдум меравӣ. Маслиҳат мекунеду дар Қундуз замин гирифта, ҳамин тобистон хона мепӯшед. Ва минбаъд кори дуредгариро давом медиҳӣ, усто Мансур. Ин ҷо мардуми хонапӯш зиёд аст. Пули хуб медиҳанд. Дар масъалаи ба Афғонистон овардан ё наовардани Ҷовид боз се-чор сол тоқат мекунӣ, он тараф маълум мешавад.

❁ ❁ ❁

Нуралии гуреза «як сол ним сол гашта меоям" гуфта буду шаш сол пас, боз ҳам ҳангоми гандумдарав, бо ҳамон роҳи омадааш ба домани теппаҳои сойи Ҳумо омаду ин дафъа ба деҳа надаромада дар каҳдоне, ки дар гӯшаи боғашон буд, қарор гирифт. Каҳдоне, ки чизу чораи пинҳонкардаашро аз он ҷо дуздида буданд. Вай дар ин муддат пиёдаву савора хеле шаҳрҳои дуру наздикро гашт. Як муддат дар кори Канали калони Фарғона ҳам кор кард. Афғонистону Эронро ҳам гашта баромад. Панҷ моҳи охир дар яке аз деҳаи назди соҳили Афғонистон қарор дошт. Хуб азобу укубати ғарибиро кашиду пас ба нияте баргашт, ки дар ватан ҳар ҷазое, ки раво бинанд, бинанду лекин дигар ба ҷое нахоҳад рафт.

Инак рӯзи сездаҳум буд, ки гоҳе дар каҳдон, гоҳе ба сойи Ҳумо боло шуда дар авулҷои паси теппаҳо хоб мерафт. Ӯро бештар занашу Мирзошариф хабар

мегирифтанд. Мирзошариф харсавор ба баҳонаи боғашро об додан рафта ногумон карда наздаш медаромад.

Дар деҳа навигариҳо бисёр шуда буданд. Лекин ягонтои онҳо ба нафъи Нуралӣ набуд. Колхоз шудааст. Аз он артели пештар кардаашон сад бор бадтар. Ҳама молу замини мардумро ба зулму зўри якто кардаанд. Замину боғи Нуралӣ ҳам дар дасти колхоз будааст. Ҳама баробар ба кор рафтаю аз кор меомадаанд. Бе иҷозати раис касе аз деҳа баромадан наметавонистааст. Дородори бойҳо ҳанўз бас нашудааст. Соли гузашта пеш аз колхозшавиашон Тўйчиро ҳам бой кардаю зиндон карданд. Гўё вай дар ин шаш соли охир пулу моли бисёре ҷамъ карда будааст. Сангов ба вай хеши доштаасту заррае ёриаш накардааст. Сангов аз пештарааш ҳам бадтар шудааст. Ҳангоме ки халқа ҷамъ карда колхоз мешавем, мегўянд, одамон ба як руснусхаи аз район камиссия шуда омада рўирост гуфтаанд, ки раисамонро дигар кардан лозим, чунки пешбарии корро намедонад. Ба одамон мудом ба таҳдид сухан мекунад. Вай гуфтааст, ки Сангов ба армияи сурх хизмат кардагӣ аст. Дар муқобили суханаш касе чизе нагуфтааст.

Ба он каҳдони торик зани Нуралӣ- Гулрў руздармиён меомаду аз ин қабил нақлҳо мекард.

Нуралӣ рўзҳоро ба сахтиҳо мегузаронд. Лекин шабона аз каҳдон баромада ин тараф он тараф мерафт. Дар рўзи сездаҳум Гулрў дертар омад. Банди алафи дар сараш овардаро партофту болояш нишаст.

Нуралӣ ба як нигоҳ пай бурд, ки занаш ошуфта аст, дар дил сухане дорад.

Зан то ки мардро хавотир накунад, худро бепарво вонамуд карда гуфт:

– Имрўз беҳад гарм шуд. Гандуми замини Олимбойро дарвидем.

– Одам бисёр буд? Гандумшон хуб аст?

– Нағз барин. Ҳоло бисёр заминҳо надаравида.

– Ба Анвар дилам месўзад. Бачаи бечора дар офтоби сўзон ба қатори мардҳо медаравад.

– Келину Моҳрухсор имрўз рафтанд?

– Ҳа, дар хона касеро намемонанд. Дар гузари мо Одинаи лусро пайкор мондаанд, то кор рафтанатә даҳбор дари хонаат меояд.

– Ҷавонҳо ба ҳам созанд? Келин маъқулат ҳаст?

– Соз, панҷ моҳ шуд, ки ба ҳам зиндагӣ доранд. Мирзошариф ини худӣ ки ҳастанд, ҳам духтарашона доданд, ҳам сар шуда тўйро гузаронданд.

– Ҳама арўсакҳоро кор мебароранд?

– Ҳа, ҳашт нафари имсол арўсшуда ҳама дар коранд. Аз рўзи душанбе ба дашти Сурхӣ мераванд. Гандуми замини худамонро медараванд.

Нуралӣ аз шунидани хабаре, ки заминаш дар дасти колхоз аст, дилаш шуввӣ карда рафт. Дигар ба он замини офтобию ҳосилхез Нуралӣ ҳақ надорад.

– Дарун медаромадем аз чашм паноҳ.

– Торик нашуда равам, хўроки гова диҳам,-гуфт зан ва ба рўи шавҳараш зеҳн монда, «шумо чӣ тавр?» гуфта пурсид ва афзуд: - Бевақт шавад ҳам, ба дасти Анвар хўрок мефиристам ё худам мебиёрам.-Сухани охири зан оҳанги норизои гирифт. Ба ҳар ҳол ба Нуралӣ чунин намуд.

– Гулрӯ, ту монда шудӣ, кори колхоз, кори хона ба болояш ман... – Нурал дасти занро гирифта хезонд.

– Шумо?- Оҳанги сухани зан боз меҳрубон шуд,- шумо тинҷ бошед, бар мо давлат. Диламон пур, ки шумо ҳастед. Файзмуҳаммади бечора мурд. Хонаа титу парешон шуд. Писари калонӣ дар зиндон, боз як хурдиҳошон чӣ каса шуду мурд. Занаш мудом наво меандозад.

Зан қарор дод дар каҳдон хабари овардаашро мегӯяд. Онҳо вориди каҳд шуданд. Аз каҳдон бӯйи арақи тан, бӯйи коҳ ва бӯйи чакаи турушшуда меоя Дар як гӯшаи каҳдон панҷ-шаш банд бедаи порсола. Ин тарафтар каҳ тун кардаю аз болояш пустак ва ҷомаи Нуралӣ партофта. Ин ҷои хоби Нурал Як шаб Гулрӯ ин ҷо ҳамроҳи шавҳар хоб рафта буд. Занро аз он шаби дар и чангу чаркинӣ бо тани нимбараҳна хоб рафтааш нафраташ омад. Фикр кард, к то кай Нуралӣ ба ин ҳоли шармовар мегардад? Худашу фарзандонаш пинҳон омада мераванд? То кай ҳама бо тарсу изтироб рӯз мегузаронанд? Ӯ дар боло чӯби пушти дармонда амонат нишасту гуфт:

– Гандуми паси хона сафед шудааст. - Анвар барои дарав карданаш ҷаво пурсид, биргадир мегӯяд, ки то гандуми колхоза надаравем, ба касе ҷавоб нес

– Имшаб рафта медаравамаш,-гуфт Нуралӣ бо ҷиддият.

– Шӯхӣ кардам, ин кора накунед,-гуфт зан.

– Нуралӣ дасти занашро ба кафи дасташ дошта, хост пурсад, ки чӣ хаба овардӣ? Вале худро дошт. Мабодо рамидаю суханашро дуздонад. Ба овоз гирехҳӯрда гуфт:

– Гулрӯ, агар наистӣ, то сари чашма гусел мекунам, рафта дам гир.

– Ҳозир нафасама гирам,-гуфт зан ва бори дуюм рӯймолашро кушодаю худ шамол дода бо оҳанги бепарво афзуд:-Баъзеҳо ин ҷо буданатонро фаҳмидаан Мирзошариф гуфтаанд, ки аз пинҳон шуда гаштанашон худашонро руш кунанд беҳтар.

Бар қасди чашмдошти зан Нуралӣ чандон безобита нашуд.

Зан суханашро идома дод.

– Боймуроди хешамон дар роҳ маро дошта гуфт, ки Нуралӣ чаро омадаас Равад дигар ҷойҳо. Ҳоло вақти ин ҷо омадан нест. Ба гумонам, вай аник н медонаду аз ман гап гирифтанӣ шуд.

– Бисёриҳо медонанд?-пурсид Нуралӣ.

– Ҳоло камтару... То пагоҳ ҳама мефаҳманд. Деҳаро худатон медонед-к Нуралӣ ба тасдиқ сар ҷунбонд.

– Имрӯз омаданӣ набудаму гуфтам ҳамин сухана расонам,-зан бо хавот рию дилсӯзӣ ба рӯи шавҳараш зеҳн монд:- Акнун чӣ мекунед, меистед ё б мераведӣ?-Зан оҳ кашида ба берун нигарист.

Нуралӣ сухан накард. Нигоҳашро ба заминҳои навободи паси канал, ки ҷо як тӯда зоғҳо ҳанӯз шинухез доштанд гардонд.

– Боймурод ҳам аъзои фирқа шудааст. Барои ҳамин даму дудаш баланд, -з нигоҳашро ба рӯи шавҳараш дӯхт.-Ба ӯ гуфтам, ки ман Нуралиро надидаа ту дида бошӣ, гапата гӯй.

Нуралӣ дардолуд табассум карда гуфт:

– Гулрӯ, ҳангоме ки нияти ба ин тараф омадан кардам, ба худ қарор дода будам, ки дигар гуреза шуда намеравам. Дидам азоби мусофириро. Мирзошариф рост гуфтааст. Баромада худама рӯшод кунам, хуб аст. Зиндон мекунанд, Сибир мекунанд, баранд, корро як тараф кардан лозим.

– Дарҳол номи Сибира нагиред,-гуфт зан бо маломат.

– Дигар роҳ нест. Маро намебахшанд.-Нуралӣ лабханд кард.

– Амаки Умарбой мегӯянд, ки ҳоло мисли пеш сахт намегиранд. Як сиёсат мекунанд, «хоната, говата деҳ» мегӯянду сар медиҳанд.

– Заминамро гирифтанд, моламро гирифтанд, боз чӣ мегиранд?

– Гумон кардед, ки инҳо сер мешаванд? Гап-гап аст, ки хонаҳои навандохтаро гирифта хонаи андоз мекардаанд,-хабар дод зан. –Ин маслиҳата писарамакатон Остон ба калонҳо додаст. «Аз пеши ҳавлӣ девор мебардорем, ҳашт-нӯҳ хонаи хуб мешавад» гуфтааст.

– Ба он гандамодар чи қадар некиҳо карда будам,-гуфт Нуралӣ.-Ҳангоми дородор моро дар ҳаммом чо карданд-ку, борон буд. Таги пойҳомон аз об кӯл шуд. Обро он сӯ гардон гуфтам, нагардонд.

– Баъде ки шумо рафтед, худро ба мо ҳам душман рост кард. Дар берун мегуфтааст, ки ман аз ин хел хеш безорам.

– То ин корҳо ҳар рӯз меомад. «писарамак, кор бошад, фармоед» мегуфт. Гадотаъб, ки буд, хушаш надоштам. Худат медонӣ-ку, дастархон мепартофтем, ки пайдо мешуд. Хӯрокаша биёред!- мегуфтаму ба табақам роҳаш намедодам фисина. Рӯзибой саисамона, роҳ медодаму вая не. Дасти равғанолудаша ба курпача мемолид. Ба дастпокун бинӣ пок мекард. Пиёлаи дасташа мегирифтӣ дастат мечаспид. Дар авлоди мо ингуна беназокат набуд. Вай аз кучо рӯидааст? Вай бошад, «акаам рост мегӯянд, ман баднафстаракам» гуфта гапро ба шӯхӣ мебурд.

– Акнун вай шуморо ба табақаш роҳ намедиҳад,-гуфт Гулрӯ ва илова кард:- Шояд ҳамон рӯзҳоро ба дил гирифта будааст.

– Ба Сибир мераваму ба он паст сар хам намекунам.

– Рӯзибойи бечора пештар аз колхозӣ мурд. Бемор нашудааст. Ду рӯз хоб мекунаду гап зада-гап зада чон медиҳад. Марди басидки хуб буд. Лекин баъди мурданаш занашу фарзандонаш тарафи мо чандон чарх назаданд. Колхоз заминашон дод...

– Чарх назананд, майлаш, танқиду тӯҳматамон накунанд, хуб аст, - Нуралӣ алафро ба пушт гирифта, «рафтем» гуфт ба қатъият. Ба роҳ ки баромаданд, зан гуфт:

– Алафа ба сарам монед худам мебарам. Шумо баъдтар биёед.

Пагоҳӣ, вақти кор рафтан, мардуми деҳа Нуралиро машғули гандумдарав дида, баъзеҳо омада салом мекарданд, баъзеҳо аз бало ҳазар гуфта, гузашта мерафтанд. Писараш Анвар омад, ки ёрӣ диҳад, намонд, «худам медаравам, ту дер накарда ба кори колхоз рав» гуфт. Писари Мирзошариф, - Солеҳчон ҳам омад, ки ёрӣ кунад, намонд.

Мирзошарифи писартағош аз хона як лаганд нони гарму як табақ маска оварда, дар гӯшаи замин дастархон кушода, одами гузаштаро ба чой даъват

мекард. Мирзошариф аз он хешонест, ки дар рӯзҳои вазнин аз Нуралӣ худро дур нагирифт. Рӯзҳои дар боғ буданаш рӯздармиён бо баҳонаи заминобдиҳӣ хӯрчини бордорро ба хар партофта, бел дар китф ӯро хабаргирӣ мерафт. Ду шаб ҳамроҳаш истод. Ӯ ба Нуралӣ чой дароз карда, ба шӯхӣ гуфт:

– Писарамма, инқилоб дили одамонро сахт кардааст, бо маска дилашонро мулоим мекунем.

Хабари ба деҳа омадани Нуралӣ ба Сангов низ расид. Дарҳол ба пешқадамони колхоз Тошев Тош, сардори комсомол Ашӯр-чулоқи писари Рачаб ва боз ду нафари дигар фармуд, ки зуд Нуралиро ба идора кашола карда биёранд. Баъд токат накарда, худ аспи колхозро савор шуда омад.

Дар роҳ Остону Аброр (вай ҳам косомол) ба ҳайъат ҳамроҳ шуданд. Остон ҳоло мудири анбор аст. Ҳамзамон касе, ки гапу хабари дар байни мардум шударо ба калонҳо мерасонад, ӯст. Аз ин рӯ дар ғоибаш агенти рақами як ном мегирандаш. Остон тибқи одат раҳораҳ ба овози баланд ҳайбата бардошт.

– Фаҳмидед? Қариб ду ҳафта шудааст, ки ин муштамзӯр дар каҳдонаш будааст! Ҳозир аз занам фаҳмидам. Фаҳмидаму ба дилам гуфтам, ки шумохона ҳамроҳ бурда, ба каҳдонаш оташ мезанам.-Вай оташ гирифтани каҳдону доду фарёди Нуралиро тасаввур карда ба завқ хандид.

Ашӯр сараш хам, гап намезанад. Вай дар бачагӣ чанд бор буз дуздида, беруни деҳа бурда, бо чӯраҳояш, ба қавли худашон, харифонахӯрӣ кардаанд. Боре домоди Мавлонбой- Амин аз пасаш таъқиб мекунад, ки аз бом худашро мепартояду пояш мешиканад. Баъди он ланг шуда, Ашӯр-чулоқ ном мегирад. Ҳоло Ашӯркомсомол мегӯяндаш. Кӯчаи байнро тоб хӯрданду Ашӯр маккорона табассум карда, аз Остон пурсид:

– Акаи Остон, шумоён писарамак мешаведу чаро сахташ гирифтед?

– Ашӯрбой, тую Аброри комсомола ман додари қиёматӣ хондагиям: агар ба ҳамин аҳд бошӣ, минбаъд маро бо онҳо хеш нагӯй. Бари доманам ба доманашон расад, мебурам!

– Додар нагӯед ҳам, мо сухани шумоя гӯш мекунем.-Аброр озмоишкорона ба Остон менигарад. Маълум набуд, ки Аброр шӯхӣ мекунад ё чидди мегӯяд.

– Хато накунам, бобоҳотон бародар буданд, таҳковӣ кард Ашӯр.

– Бобоҳомон бародар бошанд ҳам, падари вай аз дигар модар.

– Лекин он додарон қобил баромаданд. Ба авлоди Нуралиҳо онҳо сазовортар, қоҳ-қоҳ хандид Ашӯр.

– Он хонаю дару он молу чиза Нуралӣ бо роҳи истисмор ёфтааст! Урусболшевикҳое, ки омадаанд, беҳуда ин гапро набаровардаанд? Вайҳо илми найранги ин замонаро хуб омӯхтагӣ.

– Бо роҳи истисмор...Хуб баҳона ёфт шуд-а!-Ашӯр ба чашмони Остон нигарист ва барои эҳтиёт тарафашро гирифт. –Ака, лекин шумо парво накунед. Ба гуфти худатон мекунем. Нуралиро хоҳед алов мемонем, хоҳед, ба об мепартоем. Сойи гузари Таги Санга ҳоло ҳам обаш калон.

Баробари расидани ҳайат Сангов ҳам омад. Нуралиро машғули дарав дида, аспашро чафси шиғдевори атрофи замин ронда, фарёд зад:

– Душмани халқ, ҷонат тангӣ карду омадӣ?! Ҳоло Мавлонбою Амин ҳам меоянд! Ҳоло дар назди қонун ҷавоб медиҳед! Дар сари дори ҳукумат ҷавоб мегӯед!

Аз он сӯи девор роҳи калон мегузашт. Марду зани деҳа, ки гурӯҳ-гурӯҳ ба кор мерафтанд, истода, бо кунҷковӣ ба онҳо менигаранд.

Нуралӣ, арақаш резон-резон, қабзаи гандум дар даст, мебинад, ки Сангов чашмонашро баровардаю сари аспро бо ситез ин тараф - он тараф мегардонад, мардум бо истеҳзо ба ӯ менигаранд. Аз он ки Сангов ӯро таҳқир мекунад, мисле ки лаззат мебаранд. Ӯ Мирзошарифро ҳам мебинад, ки ғазабманд шуда наздик меояд. Нуралӣ тоқат накарда бо овози гирифта гуфт:

– Сангов, бе ту ҳам медонам, ки дар пеши қонун ҷавоб медиҳам? Ту бисёр валвала накун.

– Мӯштамзуриатро ҷавоб медиҳӣ! Гурехтанатро ҷавоб медиҳӣ! Ту душмана кӣ ҳуқуқ дод, ки дар замини давлати Шӯро кор кунӣ?! –Сангов ором намешуд.

Нуралӣ қабзаи гандуми дасташро болои бандина монд, дигар рағбати кор карданаш намонд. «Ту душмана ки ҳуқуқ дод, ки дар замини давлати Шӯро кор кунӣ!» гуфтани Хол ҳайронаш кард. Маълум мешавад, ки дар ин диёр ҳатто ба кор кардан ҳуқуқ надоштааст.

Мирзошариф дид, ки писартағош хомӯш аст, бештар қаҳраш хест. Ду банд гандуми наздашро бо шиддат дур ҳаво дода, наздик рафт, хашмашро ба зӯрӣ фурӯ бурда ба оҳанги мадоро гуфт:

– Раис, аз асп фуроед, як луқма насибаи саҳара гиред. Писараммаи маро Сибир бурдан лозим бошад, худам мебарам.

– Ман чой-пой наменӯшам. - Сангов аспро ҳам тозиёна мезад, ҳам лаҷомро мекашид.-Ин душман ҳозир пеш-пеш шавад! Намемонам, ки дар ин диёр нафас кашад!

Нуралӣ досро ҳам монд. Ӯро як ҳолати бепарвоӣ фаро гирифт. Қарор дод, ки гандуми сафедшуда резад ҳам, дигар ба он даст намерасонад. Бори дигар дарк кард, ки мардуми диёр то Сибираш накунанд, ором намегиранд. Нигоҳаш ба кӯча афтид. Он ҷо одамон зиёд шудаанд. Пештар мардҳо тӯп шудаанду онсӯтар занҳо. Занҳо либоси тоза доранд. Аз читу тики урус. Дар дасташон дос. Андешид, ки ҳоло зану мард якҷоя ба кор мераванд. Саҳарӣ Одина пайкори колхоз аз гузари Таги Санг, як номаҳрам, болои бомашон баромада, бо овози баланд ва бо оҳанги таҳдид хабар дод: «Гулрӯ! Ҳо Гулрӯ! Зани Нуралӣ! Ҳой зани Нуралӣ! -То баромадани зан панҷ-шаш маротиба номаша гирифт. Баъде ки занро рӯбарӯ дид, бо ҳамон оҳанги таҳдид афзуд: -Туя мегӯям, духтару келината пеш-пеш карда ба дашти Сурхӣ гандумдаравӣ равед! Бо чунон алфозе сухан кард, ки гӯё Гулрӯ ёрҷангаш бошад, ё ин ки хонаи Нуралӣ маҳбасхона ҳасту вай сардори маҳбас. Тарсаш барҳам хӯрд. Оҳиста қадам зада наздик омад.

Мирзошариф пештари шиғдевор омада бо зарда гуфт:

– Раис, мон Нуралӣ нафас кашад! Ҳаво дар дасти тую ман нест! Туро давлати Шӯро барои он раис мондааст, ки намонӣ мардум нафас кашанд? Ту девӣ?! Аждаҳоӣ?! Ту чӣ махлуқӣ?!- Мирзошариф дид, ки одамон мутаваҷҷеҳи ӯянд, то рафт баландтар фарёд мезад:- Давлати Шӯро, дар пеши пояш мурам,

фуқаропарвар аст! Давлате ба чунин бузургӣ ба ҳаво кордор нест! Хуба аз нохуб ҷудо мекунад, давлати Шӯро...

– Мирзошариф, ҷанҷол накунед, ба ҳамон сухан нагӯед,-гуфт Нуралӣ.

Дақиқае гузашту се-чор нафар назди дастархон омаданд. Нуралӣ пай бурд, ки ба истиснои Умарбеки қудои Мансури самарқандӣ, боқӣ нони гарма дида даромаданд. Инҳо гушнаҳо ҳастанд, ки нонатро мехӯранду онсӯтар рафта боз айбҷӯӣ мекунанд. Якеш Қодир - ҳамсояи Файзмуҳаммад дигаре Раҷаб - падари Ашӯр, аз рӯи гапҳо ҳоло вай ҳам аъзои фирқа будааст. Боқӣ бист нафар зиёд атрофи Сангов ҷамъ омадаанд. Писарамакаш Остон ҳам дар назди онҳост. Чашмонашро бароварда нигоҳ дорад. Душмани ҷонии Нуралӣ ҳавай аст. Беҳуда намегӯянд, ки «амакбача-душманбача.»

Ин дам аз паси сафедорон Домуллоназар оҳиста-оҳиста қадам монда ба замини Нуралӣ даромад. Аз пас Каромату Обид - пайкори колхоз ҳам омданд.

Обид аз дур овоз дод:

– Акаи Нуралӣ, мо аз омадани шумо хурсанд. Зарари шумо ба кассе нарасидааст. Лекин Мавлонбой... Хубаш вай набиёд.

Оҳанги сухани Обид ситезмандона буд. Лекин ба ҳаминаш ҳам раҳмат. Вай нашишт. Бо Нуралӣ салом карду пас коргаронро ҳадаҳа карду худаш ҳам рафт.

Домуллоназар ҷониби Сангов гуфт:

– Муллохолбек (вай ҳамаро мулло гуфта ном мегирад), шумо баъзан сухани ҳамдеҳаҳоро ҳам ба инобат гиред. Ҳамин одам шаш сол шуд, ки дар деҳа набуд. Магар ҷойи мо кушод шуд? Нонамон зиёд шуд? Не, аз неъмати ҳамҷаворию ҳамдидорӣ маҳрум мондему бас. Ҳоло ки Худованд ба сарварии мо шуморо лоиқ дидааст, ба бандаҳояш раҳм кунед, некӣ кунед, ки боз ҳамон шарофату баракате, ки пештар доштем...

– Домулло, шумо бо корҳои Давлати Шӯро ҳамроҳ нашавед!-Сангов сухани домуллоро бурид.

– Домулло! Ин бойҳо ба роҳи истисмор бой шудагӣ!-гуфт Остон бо овози чирросиаш.- Шумо кори худатона кардаю шукр карда гардед... (Ишора кард, ки мабодо худат Сибир наравӣ.)

– Ман шукр карда гаштаам,-гуфт Домуллоназар ҳарчи мулоим карда.-Аммо ба шумо баринҳо мефорад ё не, ман бояд сухани ҳақро гӯям. Дар ҳадиси муборак омадааст, ки «Беҳтарини шумо онест, ки шуморо ба кори хайр даъват кунад».

Мирзошариф Остонро ҳам мулзам кард.

– Бо роҳи истисмор мегӯи! Чӣ, Нуралӣ ту ё Санговро кашола карда оварда ба хонааш бепул кор фармуда буд?! Ҳоло замони пеш не, ки шумоён ҳар касеро хоҳед, Сибир кардаю ба занаш чашм ало кунед! (Ин таъна ба Сангов дахл дошт). Соли гузашта намояндаи ноҳия бар нақизи шумоҳон шуда гуфта буд, ки минбаъд ҳама душманкуниҳоро комиссия тафтиш мекунад. Душмании Нуралиро комиссия маълум мекунад, на тую Сангов!

– Душман набошад, сар то қадамаш гунаҳ набошад, чаро гурехт?! Комиссия лозим бошад, комиссия меорам! Ҳеҷ гоҳ ман ин контраҳоро дар ин диёр рох намедиҳам!-Сангов бо қаҳр сари аспашро гардонд. Ӯ сухани охири Мирзошарифро нафаҳмид. «Ин диёр аз падари лусат намондааст!»

Коргарҳо роҳашонро давом доданд. Ашӯр - комсомол аз байни шохҳо мор барин ғеҷида лаби дастархон омад. Яқин лочуриҳои сафед ҳавасашро оварда буданд.

Остон аз маншаталабӣ даст намекашид.

– Занталоқ бошам, панҷоҳ рӯзи қулф дар хонаи Нуралӣ сангудевор кардам!

– Ту занталоқа ба таври худат мемонданд, панҷсад рӯз ҳам кор мекардӣ!- истеҳзо кард Мирзошариф.-Дастархони кушодаю пурнеъматро дида, гурбаи дузд барин ҳар лаҳза меомадӣ. Даҳ маротиба аз китфат гирифта, аз дар зада берун кардам, ки рав, кори худата кун! Беномус ки будӣ, боз гашта меомадӣ.

– Нуралии мӯштамзӯро ҷояш аниқ! Акнун навбати ту!-Остон бо таҳдид риши сиёҳи майдаҳакашро қабза карда раҳорах пӯписа кард:- Агар Сибир накардамат, номам Остон набошад!

– Очаи ҷалабата!-Мирзошариф аз замин сангеро бардошта ҷониби Остон ҳаво дод, ки аз қазо санг ба сараш заду ӯро аз по афтонд. Ҳамроҳонаш дар атрофаш ҷамъ шудаю «мурд! мурд!» гуфта бардошта ба хонааш бурданд.

– Кошки намураду дар балояш намонем,-гуфт Мирзошариф хавотиромез ва аз пас рафт.

– Ина Худо зад,-Домуллоназар Мирзошарифро тасаллӣ дод ва чой рехта ба Нуралӣ дароз кард.

– Инҳо маро роҳ намедиҳанд,-Нуралӣ чойро нагирифт ва бо овози хаста гуфт:-Ба дилам меояд, ки аз баҳри ин диёри бемеҳр барояму ба ягон тараф равам.

– Домуллоназар бо накӯҳиш ба рӯи Нуралӣ нигариста гуфт:

– Як устодам мудом ба мо, шогирдон, таъкид мекард: «Чӯҷаро аз тухм ба сабр кардан ба даст биёред, на бо шикастани тухм».

– Агар Остон кору ҳоле шавад, Мирзошарифро азоб медиҳанд,-гуфт Нуралӣ.

– Парво накунед, ганда ба осонӣ намемирад.

Аз байн фурсате гузашту Мирзошарифу Ашӯр комсомол омаданд. Аз қадаммониашон маълум буд, ки кор бахайр аст.

– Акаи Нуралӣ, парво накунед!-аз дур хабар дод Ашӯр.-Остони хешатон як коса ҳалилоба хӯрд ва наздик омада овозашро паст карда афзуд: -Пештар сари роҳашро намегирифтем, дигар корҳо ҳам мекард.-Мегӯяд, ки «рафтем, ба каҳдонаш алов мемонем», шуморо мегӯяд.

– Аз дасти вай музлимзолим ҳар кор мебиёд.-Ба тани Нуралӣ ҷон даромад.

Дар рӯзи дуюм ва сеюм ҳам Сангов аз ноҳия наомад. Он рӯзҳо аъзои колхоз гандуми дашти Сурхиро медаравиданд. Дар рӯзи савум Домуллоназар ба хонаи Нуралӣ омада гуфт:

– Муллонуралӣ, «замона бо ту насозад, ту бо замона бисоз»-гуфтаанд. Шумо худатона ба даруни мардум занед. Як ҳафта-ду ҳафта равубиё кунед, меҳр дар чашм: мебинед, ки мардум одат кардаю тарафатон меоянд.

– Либосамро иваз карда, меравам,-гуфт Нуралӣ.

– Фурсате гузашту Мирзошариф омад ва ба тариқи шӯхӣ гуфт:

– Писарамма, дар хона зиқ шуда нашинед. Берун баромада баҳузур гардед. Хафа кардагиша бо санг дар сараш мезанам.-Ӯ маслиҳати Домуллоназарро шунида, гуфт:

– Рост мегӯяд, ба қатори мардум рафтан хуб аст. Лекин ба инобат гиред ки ба ин тезиҳо рӯйи хуш нишон намедиҳанд.

Нуралӣ ба кор рафту гуфтаи Мирзошариф шуд.

Чоштгоҳи калон шуда буд, колхозчиҳо дар дашти Сурхӣ қатор гандум дарав мекарданд: занҳо дар як тараф, мардҳо дар дигар тараф. Нуралӣ ба замин назар андохта дилаш таҳ кашид. Ин замини падараш ободкарда аст ва ӯ кучое он пастию баландӣ дорад, медонад. Нуралӣ занашу келину духтарашро дид. Онҳо паҳлӯи ҳам дос мекашанд. Писараш Анвар дар байни мардҳо. Нуралӣ ӯро барвақт хезонда, ба ин сӯ роҳӣ карда буд. «Ту корашона карда гард, ки айб наёбанд» гуфт. Тошу Одина пайкорҳои ду гузар дар даст дафтару қалам, дар вои замин рост истода, рафти корро назорат доранд. Баъзан номи занеро гирифта пуписа мекунанд: «Шарофат, гандума тоза дарав! Зани Амин, аз ҳамроҳат акиб намон! Шамсия, саракро чинда рав!» Як сухани байни ҷамоъат гуфта бас аст. ки зани ҷавон тамоми қувваташро сарф карда кор кунад.

Нуралӣ аз алам лаб газид. Ҳазорон фикрҳои номматлуб дар сараш чарх мезаданд. Ана ин инқилоб чи афту андоми нафратоваре доштааст. Дар ҳавои гарм зану духтари мардумро пеш-пеш овардаю ба кор андохта, аз пас тамошо карда мешинанд. Зан нафас раст кунад, пӯписа мекунанд. Ту ҳақ надорӣ гӯйӣ. ки ҳой, ин ҷо биё, тамошогар!.. Оҳ, чи қадар бад аст вақте ки музлимзолими нодону нодида деҳҳудо мешавад. Ҳама дарҳамбарҳам шудаю озодагӣ намемонад.

Ба саломи Нуралӣ ду-се нафар ҷавоб доданд. Нигоҳи аксар кунҷковона балки душманона.

Анвар падарашро дида, ба пешвозаш омад. «Паҳлӯи худам биёед, гандуми ин ҷо хуб аст» гуфт.

Умарбек низ овоз баланд кард:

– Даравгари номӣ омаданд! Акаи Нуралӣ, назди мо биёед!

Каромати куҳнадӯз, ки дар паҳлӯи Умарбек буд, дуртар ғеҷида ҷой холӣ кард.

Ба дили Нуралӣ гармӣ даромад. Дар дунё ҳастанд одамони ба инсоф ва ҳақпеша.

Дар ин асно зани Остон машғала бардошт.

– Ин муштамзӯрҳои гӯрсӯхта маст шудиян! Мансураш бечораи Ҷаборро корд зада кушт! Ин бойи гурезааш бо Мирзошарифаш мехоҳанд Остона кушанд! Ҳоло Давлати Шӯровӣ ҳамаатонро дар қуттӣ чой карда, алов мемонад хокистаратона ба бод медиҳад. душманҳо! Хуни халқа хӯрда бой шудахо!

Нуралӣ дар дил занашро зора кард, ки кошки ба вай баробар нашавад ҷанҷол набардорад. Вале зан метавонад, ки хап нишинад, қасос наситонад?

– Ту, бева, аз кай боз хундор шудӣ?!-Гулрӯ рӯймоли оқибшудаашро пеш кашид.-Ту дар баданат хун медоштӣ, шабушкҳоят бузгалаи ҳайдав барин мегаштанд! Аз хотират баромад, хонаам меомадӣ, аз бӯи баданат даромадан намемондам. Чанд бор гуфтамат, ки зан шуда айба намедонӣ? Мемурӣ саруташ шӯӣ! Дар пушти дар хӯрокат медодам!

– Аз хотират баромад гуҳу гандагии худату бачаҳота меруфтаму мешустам. Худат даст намезадӣ.

– Нон медодам, куҳнаколома, ки медодам, мурда-мурда мешуштӣ!

– Акнун, ки ҳамроҳи шавҳарат Сибир рафтӣ, он ҷо мурда-мурда даста кор мефармоӣ! Дасти нозукат намонад!

– Шумо беномусҳо аз кучо рӯидед. Ба авлоди Барзу иснод овардед.

– Номи авлода нагир. ки аловат мемонам. Шӯи ту рафта дар дари қалмиқҳо молпоӣ карда буд!

– Бале, молпоӣ карда молу чиз овард! Ба он моли Нуралию Олимбою ду-се нафари дигар колхоз сохтанд! Акнун дар колхоз шӯи ту мансабдор, чиркинакҳо салтанат доранд!..

Зани Қодир ҷониби зани Остона гирифт, онҳо духтархолаанд.

– Зани Нуралӣ, молу мансаба ба мо давлати Шӯро додаст.Мо аз давлат миннатдор фаҳмидӣ?

– Давлат аз анбори худаш надодааст. Моли инҳоро гирифта дод,-гуфт зани рӯйпаҳне. Нуралӣ он занро нашинохт.

– Бар умри ҳардуят лаънат. Дар байни ин қадар мард... - Зани Олимбой холаи Бибизӯҳро занҳоро айб кард.

– Пагоҳ фардо, ки суд омад, пас дами инҳо дарун мезанад!-Одина баҳси занҳоро шунидаю пештар омад.-Боз инҳо забон баровардаанд!

Умарбек Анварро, ки намуди гурги ба ҳуҷум тайёрро гирифта буд, тасалло дод.

– Ҷони амак, ба ин патакҳо баробар нашав. Замони «кала бахт, кӯра бахт, мурдаҳои гӯра бахт» шуд. Тоқат мекунем.

Домуллоназар дасти Нуралиро гирифта, доси маро гиред.-гуфта наздаш бурд ва ногумон ҷониби Одина гашта ба ишораи «ақиб рав, ҷанга нахезон» даст афшонд.

Нуралӣ дар гандумдаравӣ ҳамто надошт. Ҳоло ба кор шурӯъ кунад, дигар ҳама озорҳо аз ёдаш мераванд. Дарав карда пештар рафтанд, ки замини наздашон лой баромад. Оби ин гӯша аз байни марғзори тарафи сой меояд. Агар аз байни марғзор ҷӯй канӣ, об ин тараф намеояд. Замини дашти Сурхиро обод кардаю ҷӯй оварда падараш Барзу аст. Раҳматии бобояш - Нуралии калонӣ мегуфтаанд, ки ҳамин замин Барзуро дар ҷавонӣ кушт. Ҳар шаб занҳо бари доманҳои яктаҳашро дарбеҳ мекунанд, бегоҳ меояд, ки боз санг чидаю доманҳо лабу лахтанд. Лекин қитъаҳои замини поёнро худаш обод кард. Он вақт падараш ду маротиба гуфт: «Замини ободкарда басатон мекунад»,гӯш накард. Ин сангтӯдаҳои қаторро ҳамроҳи додаронаш чидаю ғун кардааст. Заминҳои поён дар ду соли аввал камобӣ кашиданду зироаташон хуб нашуд. Лекин баъде, ки ҷӯйборро васеъ кардаю оби калон овард, чунон гандум шуд, ки рӯйи заминаша банд зер кард. Резиши гандумашро намегӯйӣ... Ҳамонсола гандум ҳам ба тӯйи зангирии бародарҳояш расиду ҳам як қисмашро фурӯхтаю иморати Мазорбоборо, ки вайрон шуда буд, аз нав девор бардошта обод карданд. Ин корҳоро ҳама мардуми деҳа медонанд. Медонанд, ки он чизе ёфтам, агар қисмеро ба худам сарф кардам, қисмеро тӯйу маъракаро карда, ба онҳо додам. Ба ободонии диёр сарф кардам. Хона кардам, барои меҳмони диёр кардам. Лекин худро ба нодонӣ мезананд. Ҳоло бародаронаш як қутан молро дар адирҳои дур бонӣ ме-

кунанд. Аз колхоз ду нафар рафта гуфтаанд, ки ҳама молу замини деҳа ба колхоз гузаштаасту моли шумо ҳам минбаъд моли колхоз ҳисоб меёбад. Гӯсфандҳоро шумурдаю ҳуҷҷат карда омадаанд. Боз гап-гап будааст, ки ними хонаашро мегирифтаанд. Майлаш, гиранд... Замона чунин шуд, чизу чораи мардуми дороро мегиранд. Аз дастамон чизе намеояд. Фақат дар ивазаш монанд, ки боқии умрамро бе таҳдиду таҳқир дар назди фарзандонам гузаронам. Ба Анвар кордор нашаванд. Ба духтари калонӣ- Моҳрухсор кадом комсомол хостгор шудааст. Кадом рӯзе дар боғ Гулрӯ нӯги гапро кушод. Вале нагуфт, ки он комсомолбача кӣ будааст. Дилпур ки нест, истиҳола кард.

Қариби нимрӯзӣ бригадир Обид ҳамроҳи Рачаб омад. Рачаб монду Обид даравгарони замини болои деҳаро хабаргирӣ рафт. Обид Нуралиро диду кордор нашуд, раҳмат ба вай. Ӯро ҳамин сол бригадир интихоб кардаанд. Сангов дар мачлис Тошро пешниҳод кардааст, ки мардум намонда, Обид марди басалох гуфта, ӯро бригад интихоб кардаанд.

Дар андак муддат гандуми пеши Нуралӣ хеле дарвида шуд. Панҷаҳои вай калон нестанд. Лекин тарзе қабза доштаю дос зада меравад ва дарзаро мебардорад, ки як банди калон мешавад. Дар гандумдаравӣ ба Нуралӣ фақат Олимбой ва саисаш Азизбек баробар шуда метавонист. Он мӯйсафеди бечораро бо пойи чӯлоқ ба муддати дах сол бадарға карданд. Ҳоло дар ким-кучои Қазоқистон будааст. Ин ба ивази меҳнат кардану хонаю дари зебо сохтанаш.

Атрофиён ба таҳсин ба даравгарии Нуралӣ менигаранд. Вале ҳангоми чоштхӯрӣ ки шуд, боз чудо шуданд. Як қисм дар сояи бедҳои лаби чӯйбор давра карданд. Нуралӣ низ рӯяшро дар сойи паҳлӯи заминҳо шушта, пас гаштту ду нафар келинчакҳоро дид. Сарурӯю либосашон аз арақ шип-шилта тар шудааст. Яке худро шиносонд: «Амак, ман духтари амаки Каромат, келини хешатон-Мирзошариф.

– Эҳ-а, ту оилаи Солеҳчон. Охир, чӣ қадар вақт гузашт... Худованд ба шумоён бахт диҳад, духтарам.

Нуралӣ қадам заду фикр кард, ки дар байни халқ ингуна келинҳоро ба хирочи як мамлакат меарзад мегӯянд. Онҳо бояд ду-се сол ҳаловати шаҳу арӯсиро бинанд. Қусури чудоӣ бароранд. Аз рӯи ҳамдигар сер шаванд. На ин ки Одина барин заннадидаҳо пеш-пеш карда оварда ба гандумдарав андозанд. Келини худи Нуралӣ ҳам ҳамин ҳолатро дорад. Аз ин рӯ мудом рангаш кандагӣ.

Нуралӣ нони гандум ва мағзу мавизи овардаашро болои дастархони умум гузошт. Анвар чойчӯши падарро гирифта лаби алов рафт.

Остону Одина дар давра Нуралиро диданду поёнтар рафта алоҳида нишастанд. Тошу Қодир ва чанд нафари дигар низ лаби нонашонро гирифта хеста аз назди онҳо рафтанд. Комсомолон хестанд: Ашӯр нимшӯхию нимчиддӣ гурунгид: «Ҳамроҳашон наравем, дар даврахо таънаамон мекунанд». Боқимондаҳо ҳам даст шушта, назди онҳо мерафтанд. Дар давра Мирзошарифу Умарбек монданд. Каромат рӯй шуштаю аз дур ба даврахо зеҳн монда назди онҳо омад.

Нуралӣ ба алам табассум кард. «Ман, ки омадам, як-як хестанд».

– Гум шуданашон хуб аст,-гуфт Мирзошариф.-Дар бӯи пойҳояшон дилатон беҳузур мешуд.

Бибизӯҳро дар давраи занҳо менишаст, аҳволро мушоҳида карда хеста ба давраи онҳо омаду бо овози шунаво гуфт:

– Назди додари қобилу дастбакору дасткушодам Нуралӣ мешинам. Пештар баъзе даҳонкалонҳои ин замона орзу мекарданд, ки таги пои молашона рӯбанд.

Зан бар нақизи Тош ин суханро гуфт. Дастони Олимбойро писараш Ҷаббори ҷувонимарг баста буд. Дар давраҳо мегуфтааст: «Ҷаббор мурда бошад ҳам, ин алам ҳеҷ гоҳ аз дилам намеравад!»

Домуллоназар таҳорат карда мунгакунон назди онҳо омад.

Нуралӣ дар паҳлӯяш хурҷинро партофта барои домулло ҷой кард.

Домулло болои хурҷин рост истода мунгаашро баландтар кард:

Агар сад рӯз ба машк андозамат, эй дӯг,
Ҳамон дӯгу ҳамон дӯгу ҳамон дӯгӣ.

❁ ❁ ❁

Мансур қариб ду соат роҳ гашта, ба деҳи Янгиқалъа (собиқ Оҳанқалъа) расид. Чун солҳои пеш дар роҳҳо, дар кӯчаву дарҳои мардуми афғон фирориҳо бисёранд. Алҳол масҷиду мазору бештари меҳмонхонаҳои ин тараф хизмати корвонсаройро иҷро мекунанд. Фирориҳо ин ҷо омада, як рӯз, ду рӯз ё бештар истодаю ба худ омада, пас дар ҳавои хунуки аввали баҳор маҷбуру маҳҷур роҳи бероҳиашонро давом медиҳанд, то ки ба ҷойи онҳо дигарон омада нафас рост кунанд. Дар чор соле, ки Мансур ба ин роҳҳо омаду рафт дорад, гурезаҳо кам намешаванд.

Янгиқалъаро, ки гузаштед, он тараф теппаву сойгаҳ оғоз меёбад. Алафи дашту даман нав кабудӣ медиҳад. Дар ду тарафи роҳ ҷо-ҷо ҳанӯз гули сияҳгӯш дар ҷилва аст. Аз паси баландиҳо дашти Донасӯз шурӯъ мешавад. Дар паси дашт ҷангал аст. Ҷангали дарахтонаш ҳарранга. Мансур ҳар гоҳе, ки танҳо назди ҷангал ояд, дилашро ваҳм мегирад. Аспашро ба резачорпо даровардаю мекӯшад, ки зудтар аз он тангӣ гузарад. Мансур оби сойи канори деҳаро, ки аз ҷониби кӯҳҳои пурбарф меояд ва аллакай калон шудааст, гузашт. Бӯйи бад ба димоғаш зад. Пайхас накард, ки бӯи чист. Пештар рафту зану марди ҷавонеро дид, ки дар таги ҷарӣ дег монда хӯрок мепазанд. Маълум, ки гурезаанд. Ҳисси кунҷковиаш боло гирифту аспро ба он сӯ ронд. Зану шавҳар чунон лоғаранд, ки рӯйҳошон рӯйи кӯдак барин шудаю пӯсту устухон мондааст. Дар паҳлӯи оташ, болои ҷома ду кӯдак, яке тахмин чорсола, дигаре калонтар нишастаанд. Дар бадани онҳо низ гӯшт намондааст. Овозашон мисли овози гурба мебарояд. Ҷавонзан ҳар дам «ҳозир мепазад, медиҳам» гуфта, кӯдакҳоро тасалло медод. Мансур бо як нигоҳ дар даруни оби дар ҷӯш будаи дег донаҳои хори муғелон, донаҳои камар ва решаи ҳар гуна гиёҳҳоро дид. Занро гӯё дар болои ҷазо дастгир карданд, ки рангаш дигар шуд ва чизе гуфт, ки Мансур дар фирқ-фирқ кардани асп нашунид.

Марде аз соҳил дар як даст ҳезум, дар кафи дасти дигар ҳулбӯи навдамида оварда, ҳӯлбӯро ба дег андохта ҷониби Мансур гуфт:

– Ин алафҳоро ҷӯшондаю каме орд зада ба бачаҳо медиҳем.

Дили Мансурро раҳму шафқат фаро гирифт. Ӯ аз асп фуромада салом дода, пурсид.

– Аз он тараф кай баромадед?-Ва боз нигоҳаш ба деги обаш чӯшида афтид. Он ҷо дар байни дигар дону алафҳо ду дона шалғам ҳам ҳаст.

– Мо аз Кӯлоб омадем,- мард бо чӯб дегро кофта, ба Мансур нигоҳ кард.- Ҳанӯз дарё ях буд, ки гузаштем. Се моҳ зиёд шуд, ки дар деҳаҳои соҳил, дар назди мусофирҳои худамон будем. Ҳоло ҷониби Алиобод равонем. Овоза карданд, ки он ҷо барои фирориҳо замин медодаанд. Насиб бошад, замин гирифта хона мепӯшам.

«Инро бинед, нони хӯрдан надораду хона мепӯшидааст!»

– Алиобод ҳам як дашти хорзори пурчангу хок аст.-Мансур дӯстона онҳоро огоҳ кард.

– Дигар чӣ чора дорем? Таваккал ба Худои меҳрубон карда меравем.

«Бале, ин тоифа ҳамроҳ асои таваккал дорадну бас. Ва ба он сахт дилпуранд».- Мансур ба тасдиқ сар ҷунбонд. Аз хӯрҷин ду нон гирифта ба онҳо дароз кард. Кӯдакҳо нонро дида саросема аз ҷо хеста бо гиря «нон мехӯям, нон мехӯям» гуфта домани модарро доштанд. Дар овози гиряшон як хир-хири паст ҳам шунида мешавад.

Мард минатдорӣ изҳор кард. «Шуморо Худо расонд »гуфт.

Зан барои кӯдакҳо кам-кам нон тақсим кардаю бо як хурсандии кӯдакона гуфт: «Ин нонҳоро барои бачаҳомон руст мекунем!»

Мансур хурсанд аз кори кардааш аспашро савор шуд. Дар дил худро маломат кард, ки аз бозори «Фирориҳо» нон кам гирифт. Бозорчаеро, ки дар соли бист дар соҳили Панҷ буд, се сол шуд, ки ба ин сӯ кӯчондаанд. Маҳсулот белу панҷшоху фонусу лампаю... Ҳамаро аз он сӯ, аз мағозаҳои Шӯравӣ арзон гирифтаю аз об гузаронда ин ҷо се-чор маротиба қимат мефурӯшанд. Дар як соли охир бозор чунон калон шуда рафт, ки ҳушатро мебарад. Ҳоло тиру туфанг ҳам мефурӯшанд. Аз шаҳрҳои гирду атроф ин ҷо омада, чизҳои лозимиашонро мехаранд. Мансур, ки нияти ба хонаи Низом- махдум рафтан дошт, дасти холӣ наравам гуфта, сари роҳ бозор даромаду шаш нон ва ду кило конфети урусӣ гирифт...Ногоҳ аспаш рамиду зери дарахти маҷнунбеде ҷасади зану духтарчаеро дид. Болои зан бо ҷомаи шоҳии нав пӯшондаю дар гӯшаҳояш санг мондаанд, ки шамол набардорад. Пойҳои маҳсидораш берун аз яктаҳ. Хатти гирдаи калушҳо дар маҳсиҳои сурхранг намоён, аммо калушҳо нестанд. Духтарча ҳам ҷомачаи шоҳӣ дар танаш. Пешаш бо камарбанд баста. Мегӯӣ ӯро навакак рӯболо хобондаанд. Рӯймоли сараш каме яктарафа шудаю чеҳраи майдаяки зардшудааш намоён. Дар атрофи даҳону чашмонаш магасҳо нишастаанд. Дар гардану дастони бараҳнааш мӯрчаҳои хурду калон ва ким-чи гуна махлуққои хокистарранги аз мӯрчаҳо калонтар дар даву тоз. Дар паҳлуи зан рӯймоле, ки либосҳояшро бастааст. Рӯймол кушода, дар байни либосҳо як тоқии чоргули мардона ҳам ҳаст. Ду қадам он сӯтар зери беди бузургтар ду сандуқи китоб намоён. Даҳони ҳарду кушода ва маълум, ки ними китобҳоро гирифтаанд.

Мансур аз асп фуромада наздик рафт, ки асп хӯсида қариб хато мекард. Нӯхтаро дарозтар сар доду ҷомаи болои занро яктараф кард. Дар болои чеҳраву

атрофи чашмони зан низ мурчаҳо дар давутозанд. Устухонҳои рӯи чавонзан баромада, чашмонаш чуқур рафтаанд. Фақат абрӯи дарози камоншаклаш ба назар нишони ҳаётро медиҳад.

Марди назди сой истода садо кард: «Пагоҳӣ омадем, ки мурдаҳо хобанд. Бадани духтарча ҳанӯз гарм буд. Шояд шаб чон додаанд ё қарибии саҳар». Бӯйи бад ҳоло бештар ҳис мешуд.

– Бел мешуд, гӯршон мекардем,-овоз дод Мансур.

– Мо бел надорем, -гуфт мард,.- ва дақиқае пас афзуд: -Он тараф, дар зери чарӣ ҳам ду мурдаи зан ҳаст. Онҳо пештар мурдаанд. Пагоҳи ду нафар аз деҳа ба ин чо омада буданд. Гуфтанд, ки одам оварда ҳамаро гӯр мекунанд.

Нигоҳи Мансур боз ба токии чоргул афтид: фикр кард, ки чунин занони бекасу кӯй ва дар роҳҳо монда дар он сӯи марз низ бисёранд. Шояд ин зан токии каси маҳбубашро барои ёдгорӣ гирифта буд? Замоне хонаю дари обод дошт. Вақте падар меомад, ин духтарча "падарчонам омаданд!"гуфта, ба пешвозаш медавид. Вале рӯзе одамони НКВД мардро бурданду он зиндагии ободу ширин ба ғуссаю талхи бадал шуд. Пас ношиносе пайдо шуда омад, ки зани ман мешавӣ. Чунон ки нафаре ба [illegible] часпидааст. Зан чораи дигар наёфта, чилои ватан кард. Ин аст ҳоли зори зану марди Бухорои шариф- маснади бузургону начибзодагон!

Асп фаххос задаю беқарорӣ кардан гирифт. Мансур нӯхтаро маҳкам дошт. Ҳамияташ нагузошт, ки зани диёрашро одами бегона ба қабр монад. Сари аспро чониби деҳа гардонду ба хонае ки дар атрофаш дару девор надошт наздик шуда садо кард. Зане аз хона берун шуду "Бел ҳаст" гуфту сӯйи оғили поёни хонаҳо буда рафт. Ин лаҳза чашми Мансур ба занҳои дар сандалӣ нишаста афтид. Зане аз болои қарз пешонибанди сабз дошт. Ин тарзи либоспӯшии зани Бухороист.

– Меҳмонҳоятон гурезаҳоянд?- пурсид Мансур белро гирифта.

– Бале, гурезаҳо - гуфт зан. - Ҳафтаи гузашта дидам ки намози шом шудаасту инҳо дар таги дарахти паҳлуи роҳ нишистаанд. Ҳамон лаҳза кам-кам барф шурӯъ шуда буд. Хона дароварда дар сандали чой кардам. Месулфанд. Доштам ки сулфаашон нағз шавад пас чавоб диҳам.

– Раҳмат, хоҳар неки кардед некиро аз Худо бинед - гуфт Мансур ва баргашт.Ҳамроҳи марди кӯлобӣ дукаса қабр канданд. Кулобӣ, ки аз гуруснагӣ қувват надошт, тез аз ҳолат рафта дам мегирифт. Дар чуқурии лойолуд аввал модарро гузоштанд. Ҳамон вақт Мансур дар чеҳраи зан сояи ҳасрату надоматро дид. Духтарчаро рӯ чониби модар карда мондку дар лабонаш аранге табассум намоён шуд. Мансур бо овози пичиросӣ гуфт: "Эй хок, инҳо меҳмонҳои аз ёру диёр дур афтидаанд, Чӣ чафоҳо кашида ин чо омадаанд, азизшон дор". Пас боли мурдаҳоро бо хок пӯшонд, сипас аз марди кӯлобӣ чудо шудаю роҳашро давом дод.

Дар роҳ фирориҳо ва занону кӯдакони аз гуруснагӣ беҳолшуда зиёданд. Мансур дигар дасташ ба нон додан нарафт. Баръакс, худро мазаммат кард: "Ту ин қадар доро шудаӣ? Ба як нону ду нон ин мардумро начот додан метавонӣ? Акнун хазинаи Бухороро биёрӣ ҳам, ин халкро сер карда наметавонӣ. Моро бехабарию нодониамон ба ин рӯз расонд. Хубаш кӣ ҳама айбу иллатҳои гузаш-

таро ба ёд оварда, аз паи беҳбудии онҳо шуда, пас роҳи халосӣ ҷӯем. Чунки ба-дин тариқ хору залил ва аз ватани аҷдодӣ берун кардани халқи як кишвар бо сунъи Парвардигор аст. Ва боз он хокро неруи сулҳу салоҳ додану сабзонидан низ ба дасти худаш аст. Агар ба роҳи мадоро равему истионат барем, албатта он Меҳрубони Баланд мадороро мепазирад.

Дар даромади ҷангал як гурӯҳ кӯдакҳо аз пеши роҳ баромада, Мансурро иҳота карданд. Баъзе пуштанг, баъзе лаҷоми аспашро дошта, сухани якдигарро бурида, зорӣ мекунанд.

– Амакҷон, нон овардед? Амакҷон, нон медиҳед? Амакҷон, ба ман... Ба ман ҳам...Ва ҳамдигарро тела медиҳанд. Писараки поёни чашмаш осори захмдошта ки аз дигарон калон аст, дасташро доштанӣ шуд. Писараке, ки ҷомаи кашола дар тан дорад, гиря кард. Ва дигаре ҳам ба гиря оғоз намуд. Яке сари по хеста ба хӯрҷинаш даст бурданӣ шуд. Ду нафар дуртар дасти ҳамдигарро дошта, гӯё ҳайрон ба ин манзара менигаранд. Калонӣ мӯи зарди ҷингила ва ҳар ҷо часпидаи печида дорад. Зери як чашмаш сиёҳ. Як тарафи рӯяш ҳам варам дорад. Хурдӣ дӯстрӯяки рӯйҳояш доғи кунҷитакдор, ҳафт ё ҳаштсола аст. Як чашми вай ҳам сурх асту рӯяш сиёҳу кабуд, пайи панҷа баръало маълум. Кӯдакон ҳаштсола - даҳсолаанд. Фақат писараки поёни чашмаш осори захмдошта чордаҳсола ё калонтар аст.

– Истед, шумоён кай ин ҷо омадед? Кӣ шумоёнро овард?-пурсид Мансур ва ҳамзамон онҳоро мешумурд. Панҷ шаш, ҳафт нафар. Ана боз яке омад, сарҷ рӯяш харошида. Мӯи баъзеҳо дароз ва аз болои чашмашон нишеб шуданд. Гиря мекардаҳо зиёд шуданд.

– Хомӯш шавед! Хомӯш! - Аз ҳама калон мушташро бо таги бинии як бурда, пӯписа кард. -Боз ҷомаамро дар замин мондӣ?!

Писараки чашмкалон гиряро бас карда, ҷомаро аз замин бардошт. Пешониаш варам кардаю тухм барин буқида баромадааст.

– Кай ин ҷо омадед?-оҳиста пурсид Мансур. Ва ба ҳар кадоме зеҳн монда, мушоҳида кард. ки аксар чашмҳои кӯдакон шамол кашидаю сурх шуда ва кӯтоҳ-кӯтоҳ месурфанд.

Писараки пешониаш тухм барин варамдошта сурфидаю тез-тез сухан мекард.

– Ману Нуриддину (писараки ҷомаи дароз доштаро нишон дода) Толиб вақте ки ин ҷо омадем, он тарафҳо (ҷониби теппаҳоро нишон медиҳад) барф дошт. Толиб мурд. Як шаб гап назад, пагоҳ бинем, мурдааст. Лабонаш хунолуд буданд. Аз болои мурдааш шохҳоро партофтем...

– Ист, ман гӯям,- писараки қадпасти рӯйи гирдааш ҷо-ҷо лойолуд сухани ҳамроҳашро бурид ва бо оҳанге, ки гӯё шикоят мекарда бошад, гуфт:"-Амак маро модарам партофта рафт!" -Ва чашмонаш пуроб шудаю ҳикакаш гирифт.

– Моро ҳам модарам монда рафт,- гуфт писараке, ки дасти кӯдаки дигар кунҷдакдорро медошт.- Хоҳарамро гирифта рафту гуфт, ки омада шуморо мебарам.

– Ҳамроҳат бародарат аст? Чаро як чашмаш сурх?-Мансур лабашро газид.

– Додарам аст: се рӯз пеш борон борида буд, аз баландие мегузаштем. Ки афтид. Ҳам чашмаш зад, ҳам бари рӯяш хун шуд,-гуфт писарак бо овози паст

ва зӯр зада, гиряашро дошту афзуд:-Тут доштем, ин кашида гирифт (писараки поёни чашмаш захмдоштаро нишон дод) Акнун ҳеҷ чиз нест, ки додарам хӯрад.

– Худаш дод! Гӯй, худаш дод! - Писараки поёни чашмаш захмдошта якеро тела дод.

– Кучо хоб мекунед?-пурсид Мансур ва бештар ҷониби бародараш нигоҳ карду мушоҳида намуд, ки ранги писарак қаҳрабо барин зард шудаасту ҳар замон месулфад. Ҳоло дудаста бародарашро доштаю бо тарс ба писараки поёни чашмаш захмин менигарад.

– Дар таги дарахти сершохе каппа сохтем,-гуфт писараки поёни чашмаш захмин.-Он ҷо хоб мекунем.

– Мо дар таги ҷаре, ки хафол дорад, хоб мекунем,-гуфт писараке, ки дасти бародарашро медошт.

Мансур дигар тоқати пурсидан накард. Аз асп фуромада, рӯймоли нону конфетҳоро аз хӯрҷин гирифт, ҳам сараш ҳам китфонаш меларзанд. Ба ҳавои хурҷинро аз болои зини асп гирифтан рӯяшро боло кард, ки оби дидагонашро нишон надиҳад. Чор нони боқимондаро баробар тақсим карда, аввал насиби писараки майдаякро дод. Ӯ саросема нонро газида, фурӯ бурд, ки ҳиқ-ҳиқ карда, нафасаш гирифт. Мансур давида писаракро сарнагун дошта ба пушташ тап-тап зад: ҳарчи ба худ омад. Рангаш сиёҳ шудаю чашмонаш пуроб шудаанд. Дар лабони кӯдак осори хок намоён аст. "Хок мехӯрдааст".Бародараш ба меҳрубонӣ ӯро ба бараш зер карда, гуфт: "Рустам, нонро аввал мехой-мехой, баъд фурӯ мебарӣ. Тез фурӯ набар, фаҳмидӣ?" Ва сарашро бӯсид.

– Мани беақл бояд мегуфтам, ки аввал камтарак хӯр,-гуфт Мансур ва рӯбарӯи писарак нишасту дигар худро бой дода, ҳиқ-ҳиқ гирист. Дар ҳоле, ки тамоми аъзои баданаш меларзид, писаракро ба бараш пахш карда рӯяшро ба рӯйяш гузошт. Аз тани кӯдак бӯи алафи мағоркарда ва боз бӯе, ки ба бӯи лойқа монанд аст, меояд. Рӯйи писарак сард буд. Писарак дастонашро аз бари бародар намегирифт. Мансур конфетҳоро низ тақсим кард. Андешид, ки ҳарду додаронро ба аспаш савор карда барад. Ё майдаякро ҳамроҳ гирад. Не, на ину на вайро, наметавонад. Дар пеш дашти дарозу пуршамоли Донасӯз қарор дорад. Он ҷо як дарахтро намебинӣ. Аспи мондашуда онҳоро ба манзил расонда наметавонад. Ва онҳоро аз ҳам ҷудо карда ҳам намешавад. Ӯ аз калони пурсид: "Роҳгузарҳо нонатон медиҳанд?

– Дирӯз ду аспакӣ гузашта, ду нон доданд,- ҷавоб дод писараки поёни чашмаш захмин ва ба конфетхӯрии ҳамраҳонаш чашм дӯхт.

"Худое, ки халқшон кардааст, рисқ ҳам медиҳад." Мансур сабукӣ ҳис кард ва дасташро ба сари бародари калонӣ ниҳода гуфт:

– Пагоҳӣ ё баъдтар ҳам офтоб, ки шуд, дасти бародаратро гиру қад- қади роҳи калон равед, ба ҷойҳое, ки одамони худамон ҳастанд, мерасед. Пас ба шаҳри Кундуз биёед. Он ҷо бозор хаст. Одамони нек ба шумо ёрӣ мерасонанд. Ва ҷониби дигарон таъкид кард: аз хоб хестед, ки ҳаво бе абр, офтоб аст, ҳамакаса ба роҳ бароед.

Ӯ мушоҳида кард, ки писараки рӯйҳояш доғи кунҷитакдор аз писараки таги чашмаш захмин нигоҳи тарсолудашро намеканд.

Мансур ба атроф нигарист. Дар ҳар тараф кундаҳои табарбур кардаю сиёҳшуда бисёр аст. Баъзе дарахтҳоро алов мондаанд, баъзеро шохбур кардаанду шохҳои зард- шуда паҳну парешон хобанд. Рӯз қариб ним шудааст. Мансур бо дили кашол аспашро ба роҳ гардонд. Дуртар, ки рафт, домани гиряи хунборро сар дод. Шамоли сахте, ки аз рӯбарӯ меояд, оби дидаашро ба рӯйу лабонаш мемолиду ӯ шӯриро ҳис мекард. Ин ҳолат аламашро бештар овардаю овози гиряаш баландтар мешуд.

❁ ❁ ❁

Аз соҳили Панҷ роҳе, ки аз гузаргоҳи Саройкамар, аз Тахору Самангон гузашта ба Балх меравад, қариб ҳазор километр аст. Дар ин кӯҳназамин даштҳои зебоманзар, саҳроҳои ҳосилхезу офтобӣ, чашмаву рӯдҳои хурӯшон бисёранд. Чунон ки дар замини Самарқанду Бохтару Бухорост. Меваю маҳсулоташ ҳам ҳамчунон ширину батаъм. Ин галаю рамаҳое, ки дар ҳар тарафи дашт мечаранд, бештар моли мардуми он сӯйи дарёст. Аз баландӣ нигарӣ, дар тамоми ин талу теппаҳо деҳаҳои навбунёд тӯл кашидаанд. Баъзеҳо кулбаи гилин сохтаанд, баъзеҳо шохи дарахт ва даста-даста найро рост монда, каппаю коза оростаанд. Ҷо-ҷо хонаҳои вассапӯшро ҳам мебинӣ. Онҳо хонаҳои одамони дороянд, ки доноӣ карда, барвақтар молу чизашонро бардошта ба ин тарафи об омадаанд. Деҳаҳои назди соҳил чандон мусофиратӣ ҳис намекунанд. Чунки ин ҷо силсилаи хешу таборӣ доранд, ба тӯйҳои ҳамдигар равуо мекарданд. Бозиҳои гуштингирию гӯйбозӣ ва бузкаширо бо ҳам мегузаронданд. Инқилоб ин қарору қолабҳоро аз байн бурд. Он маъракаҳоро маъракаи буржуйҳо гуфтаю бадном карданд. Навдавлатон он ҳамсоягиву хешутабории бостониро низ қатъ карданд. Дастуру тартиби худашонро оварданд. Аммо мардум он расму дастурҳоро напазируфта. тарки диёр карданд. Лекин ҳама умедворанд, ки шӯру шааби инқилоб мегузараду боз ба хонаҳояшон бармегарданд. Дар суҳбату воҳӯриҳо ҳамдигарро дилпурӣ медиҳанд. "Домани Худоя доред. Худаш ин ҷо овард, қудрат дорад, ки гардонда барад". Мардуми ин сӯи об аз рӯйи ҳамсоягию ҳамҷаворӣ, ва инсониятгарӣ моро бо дасти сахою оғуши гарм пазируфт. На фақат мо, ҳамқавмонро, балки туркву русу ҳар каси ба дарашон омадаро бо хушӣ пазироӣ мекунад. Он олитаборию валинеъматии бостонӣ имкон намедиҳад, ки мусофирро аз дар ноумед баргардонанд. Охирин мушти гандумашонро ба мусофир доданд, як нонро қисмат карданд. Дарёро мегузарӣ, касе намепурсад, ки ту аз кучо омадию кучо равонӣ? Сарҳадчиҳо ҳам дағалию дилозорӣ надоранд. Агар одамгарӣ карда, ду қуттӣ чой, ҷома ё либосворие додӣ, мегиранд, надодӣ, чизе намепурсанд. Дар шаҳру деҳот ҳам аҳвол чунин аст. Ба раиси танзим як либосворӣ тик ё чит ё чанд рупия диҳӣ, иҷозати кулбасозӣ мегирӣ. Агар тавонӣ, хона мепӯшӣ.

Мардуме, ки ба ин ҷо омадаанд, асосан ба се гурӯҳ тақсим мешаванд. Туркманҳо гузаранд (онҳо бештар дар атрофи деҳаҳои Алиободу Хонаобод чой шудаанд), назди туркманҳо мераванд, узбеку қунғуроти аз Қурғонтепаю Кӯлоб омада ба Қатаған меравад. Фарғонагиҳо бештар дар Қундуз ва атрофи он чой мегиранд. Бештари бухороӣ каҷоваю сандуқи китоб бар дӯш, ба шаҳрҳои

дарун - Толиқону Ҳирот, он тараф Балху Кобул, ҳатто Эрону Арабистон мераванд. Лекин маълум аст, ки бухороию самарқандиҳо дар байни мардуми афғон маҳбубияти бештар доранд. Чунки дар чорсад-панҷсад соли охир гурӯҳ-гурӯҳ толибилмони он замон Хуросони бузург ба мадрасаҳои Бухорою Самарқанд, ки номдор буданд, омада дарс мехонданд. Пайванду робитаи ошноӣ ва пирию муридӣ доштанд, нону намакхӯр буданд. Аз ин рӯ агар фаҳманд, ки бухороӣ ё самарқандӣ омадааст, гарм истиқбол мегиранду мушкилашонро осон мекунанд. Ва онҳо ҳам дар хурду хӯроку шину хез, гуфту шунид, одоби муошрату муомила ҳадди худро медонанд. Муҳим, суҳбати ширину муомилаи писандида доранд. Соатҳо аз азамати Худою ҷабарруташ, аз биҳишту ҷаҳаннам ва рӯзи ҳашру ҳисоб ва амсоли ин гуфтаю шунавандаро афсун мекунанд.

Подшоҳ Амонуллохон ҳам ба мардуми Бухоро ҳусни таваҷҷуҳи хоса дорад. Донишмандонро даъват кардаю қисмеро ба корҳои давлатӣ, қисмеро ба мадрасаю маҳфилҳо ба кор гирифтааст. Агар гӯем, ки мо бо омаданамон мардуми афғонро тангу дилгир кардем, не, алҳол чунин ҳолат рух надодааст. Баръакс, ин ҷо ҳаёт бо ҷӯшу хурӯши рангинтар ба ҷилва омадааст. Бештари гурезаҳо, ки мардуми доно, дастбакору ҳунармандand, бозору дӯкону корхонаҳо бунёд кардаанд. Туркманҳо дастгоҳҳои гилембофию намадбофиашонро овардаю ба кор андохтаанд Фарғонагиҳо деҳқонию боғдорию зироаткориашонро чунон ривоҷу равнақ додаанд, ки таҳҷоиҳо ангушти ҳайрат газидаанд. Зарафшониҳо бозорҳоро лабрези мавизу ҳалвою қандалот кардаанд. Ҳамчунон дар бозорҳо юғу омочу испор, маҳсули дасти оҳангарон ва садҳо асбобу анҷом пур шуда рафт. Ҳоло ба бештари дашту доманкӯҳҳо об овардаю замини кораму боғу бӯстон кардаанд Якчанд нафар кирми абрешим оварда, пиллапарвариро ба роҳ мондаанд. Ҳисориҳо гӯсфанди, ҳисорӣ, қароқулиҳо қароқул овардаанд. Рост мегӯянд, ки "баракат дар ҷойи ҷамъият аст". Омадаҳо бо худ ризқу рӯзӣ, саводу маърифат, ҳунар ва китоб оварданд...

Ҳангоме ки офтоб шитобон сӯйи ғурубгоҳаш мерафт, Мансур ба корвонсарои Муллоасади марғелонӣ, ки ду сол пеш дар даромади Янгиқалъа сохта аст, расид. Аз дарвоза даромаду бӯйи ғализи арақи тан, бӯйи по, бӯйи намади сӯхта ва боз ким – чи навъ бӯйҳои дигар ба димоғаш зад ва қарор дод, ки чой менӯшаду бевақт шавад ҳам, ба роҳ мебарояд. Боз ду соат роҳ гардад, ба деҳаи Ҳисорӣ мерасад, ки дӯсташ Низом- махдум он ҷо кулба дорад.

Ҳавлӣ ва хонаҳои корвонсарой пур аз мусофирон. Дар баъзе хонаҳои танги пастак занону кӯдакон назди дарҳо нишастаанд. Бо нигоҳи интизору интиҳоз, бо чеҳраҳои ҳазин ва зардшуда ба омадаҳо менигаранд. Маълум аст, ки онҳо дар ин ғурбаткада хеле вақт боз иқомат доранд. Шояд шавҳарҳояшон аз паси нон ё кофтани манзили зист рафта дер кардаанд? Ё зану фарзандашонро ин ҷо мондаю ба муҳиме ба ватанашон баргаштанд? Ё ҳангоми аз дарё гузаштанашон воқеае рух дод? Дар сарат ҳазор хел фикр меояд. Ҳаваси чойнӯшии Мансур намонд. Эҳ, дар ҳар қадами ин мулк талхобу дарди ҳамдиёронатро мебинӣ. Ӯ ин дафъа зиёдтар нон харида баромаду (ба андешае, ки дар роҳ афтидаҳоро бинад, медиҳад) назди дар Муллоносири дарозро дид, ки аввал дар корвонсаройи Қаровулбозор, пас рӯзи фироқи Бухоро дар чойхонаи Мусаллохона

вохӯрда буд. Домулло, ки лоғар буд, лоғартар шудааст. Аз чеҳраи ғамолудаш маълум, ки вазъаш хароб аст.

Мансур аз дидани домулло хурсанд шуд ва пурсид:

– Домулло, кай омадед? Дар ҳамин наздикиҳо зиндагӣ мекунед? -Ва ҳамзамон фикр кард, ки гуреза шуда омадани одамон солҳои аввал сахту ғамангез менамуд. Ба гуреза чун ба шахси мусибатдида бо дилсӯзӣ муомила мекарданд. Ҳоло ин тавр нест. Гуреза шуда омадан як кори одӣ шудааст. Якдигарро тасалло медиҳанд: "Ба қатори халқ" ё "Дар тақдирамон ин рӯз будааст" мегӯянду мемонанд. Лекин касе як лаҳза, умеди рӯзе ба ватан бармегардамро аз сар дур намекунад.

Муллоносир ҳайрон ба Мансур нигоҳ карда монд.

– Нашинохтед? -гуфт Мансур. - Панҷ сол пеш дар чойхонаи Мусаллахонаи Бухоро ҳамроҳ нишастему бо самоворчӣ ҷангҷол кардед.

– Панҷ сол пеш... –Муллоносир дардомез лабханд кард.- Нони шаб хӯрдаам аз хотирам мебарояду...-Ва ҳамоно чеҳрааш кушода шуду бо оҳанги дигар афзуд:- Нав ба хотирам омад. – Нигоҳашро аз Мансур намеканад. - Баъди сӯхтори Бухоро ва дородор ман ҳам ба қатори мардум роҳи Афғонистонро гирифтам. Ду сол дар деҳаҳои назди соҳил рӯз гузарондаму пас ба ватанам Чорбоғ рафтам. Ва ҳоло чи хеле ки мебинед, бори дувум маҷбур шуда омадам.

– Бале, мардум маҷбур шуда меоянд,- Мансур сар ҷунбонд.

– Як соли аввал НКВД бурда оварду оқибат аз хати кашидаи ҳукумат берун набаро гуфту раҳо кард. Пас думравакҳояш- комсомолбачаҳо саги бӯйгир барин дум ба думам поида гаштанд. Ҳамсоя ё дигаре меояд, ки кӯдакам таъб кардааст, ё гӯшдард ё дандондард шудааст, дам андозед, наравам, хафа мешавад, равам, дарҳол хабар меёбанду ҳай-ҳайу гир-гирро мебардоранд: "Муллоӣ кардӣ! Муфтхурӣ кардӣ!" мегӯянд. Ба рӯзи меҳнатамон колхоз ҷаву гандум медиҳад. Ба хотирам меояд, ки он гандуми заминҳои ба ҷабр аз дасти соҳибонаш гирифтааст, нон дар гулӯям мемонад. Дар он анбор гандуми замини вақф ҳам ҳаст. Хуллас, қадами мондаат дилсиёҳӣ... Дидам, ки зистан наметавонам, хеста тарки ватан кардам.

– Акнун чӣ ният доред? Куҷо равонед?

– Ҳеҷ нияте надорам. Ҳайронам, куҷо равам. Се рӯз шуд, ки ин ҷо интизорам. Ҳамраҳонам аз Китобу Шаҳрисабз буданд. Ҳамагӣ нуҳ нафар ин тараф гузаштем. Онҳо ба ҳар тараф, ба кофтани шиносҳояшон рафтанд. Мани бешинос онҳоро интизорам.

Мансур, ки аз ҳолу шароити гурезаҳо вақиф буд, гуфт:

– Домулло, ҳар посӯхта худаш ба лаби об меравад. Ин ҷо ба умеди шинос нашавед. Худатон роҳе ёфта, рӯз мегузаронед.

– Каме нишинем,-Муллоносир сӯйи кат ишорат кард.-Аз азобу озоре, ки дар роҳ дидам, гӯям...

Мансур ба шунидани саргузашту ҳикояҳои фирориҳо тоқат надошт. Ӯ аз китфи домулло дошта гуфт:

– Домуллои азиз, ҳоло мо қиссаҳои ин роҳи дарозро дар диламон нигоҳ медорем. Ман бояд торик нашуда равам. Шумо шаб хоб рафта пагоҳӣ ба роҳи

Қундуз бароед. Ба Қундуз нарасида, дар тарафи чап, дар домани сойе, ки болояш ҷангали анбӯҳ дорад, деҳаи Ҳисорӣ ҳаст. Он ҷо қариб шаст оила мардуми худамон зиндагӣ мекунанд. Биёед, бароятон кор ҳаст. Фарзандҳошона таълим медиҳед. Ҳама бероҳу бедониш гаштаанд. Худашон бароятон хона мепӯшанд, зан медиҳанд. Дӯшизаҳои гулчеҳра кайҳо арусишуда интизоратон.

– Кор бошаду ҷои хоб бошад, шуд,-ба чеҳраи домулло ранг даромад ва бо минатдорӣ гуфт:- Иншооллоҳ, пагоҳ баъди намоз раҳакӣ мешавем.

Мансур аз лаҷоми асп дошта, ба кӯчаи байни деҳа баромад. Ва ду нафар мардони миёнсинни ришдорро дид, ки дар ду тараф, назди дарвозаҳояшон истода, ҳамдигарро таъна доранд.

Афғон марди кӯтоҳи чеҳрааш майгун, саллаи сиёҳрангашро ба паси сараш тела кардааст; дасти писараки тахмин даҳсолаи лоғарандомро, ки биниаш хунолуд аст, дошта бо ситез ҷониби марди салакалони аз пори дарё омада мегуфт:

– Агар наметавонӣ писаратро тарбият бикунӣ, хезу бура ба ватанут!. Ҳоло ман он нархаратро бубинум, валло худум биниашро хун мекунум!

– Ҳамсоя, кӯдак феъли сагро дорад. Ҷанг мекунанду даме пас боз оштӣ мешаванд. Мо, калонҳо, ба онҳо баробар намешавем.

– Дирӯз дар дари мардум гадоӣ мекардед, имрӯз масту аластед?!

– Суханат ҳақ. Дар тақдири бадам гуреза шуда омадаю аз ту баринҳо хорию таъна шунидан будааст, чӣ илоҷ?!

– Таъна аст, чи аст, ҳақиқат аст. Ба ҳамун нигоҳ карда, по дароз бикун.

– Ҳаққу ноҳақро ту чӣ медонӣ?

– Ҳой ҳапала! Шумо ҳамин гуна мардум, ки Бухорои нозанинро дар як чойхӯрӣ аз даст додед!-Зӯр бошед, пеши уруса бигиред! Боз забондарозӣ мекунӣ!

– Мо чор сол шуд пеши уруса медорем. Иншооллоҳ, боз медорем: Урус ба он аэропланаш биёд, шумо дар тӯли як пиёла чойнӯшӣ кишваратонро медиҳед.

– Аз он урусболшевике, ки шуморо заду беватану бекафан кард, бадтару ҷаббортар Британиё буд! Афғон чунон задаю миёншиканаш кард, ки дигар ёди ин тарафҳо намекунад! Аз ҳабдаҳ ҳазор аскар як нафар ҳам зинда намонд. Ту хабар дорӣ ё не?! Ҳапала!

– Ун Британиё пеши болшевик мисли пашша арзиш надорад. Болшевик аз Москав ин тараф урусу тотору қазоқу касе буд, аз сари роҳаш бартараф карда омад. Пеши болшевика тоҷики аҳмақ намедошт...

– Кучо дошт, ки ҳамаат гурехта ин сӯ омадӣ! Кучо ин қадар меоед?! Талу теппаро пур кардед. Ба афғон ҷойи молгардӣ намондед! Ҷои мабразсозӣ намондед! Мо гап намезанем... Худатон фаросат намекунед? Худатон...

Мансур аспро савор шудаю тозиёна зад ва бо алам фикр кард, ки минбаъд хоҳем- нахоҳем, чунин таънаҳоро мешунавем. Ба ин зуҳурот худро тайёр кардан лозим. Ва ҳамзамон худро тасалло дод: «Мансур, дар зиндагии инсонҳо таъна як чизи табиист. Мисле ки дар танаи дарахт хору гурм меруяд. Ту хафа нашав». Ӯ аспро маҳмез зада ба резачорпо даровард. Ҳангоми говгум ба деҳаи Ҳисорӣ наздик шуд. Аз дур фонуси сутуни хонаи Низом - махдум намоён аст. Ба ёди Мансур омад, ки дар Самарқанд, дар гузари Дари Занҷир, ҳавлие буд, ки шабона ҳамин гуна фонуси овезонашро аз дур медидӣ. Он ҷо меҳрубони

ширинҳаракате ба номи Бибигул Мансурро пешвоз мегирифту мисли кӯдак хурсандӣ карда, аз номи бачаҳо мегуфт: «Додои мо омаданд!» Дар ин суханҳо чӣ қадар пазмонию дӯсторию дилчӯӣ ва боз чиҳое ниҳон буд, ки фақат дилат онҳоро ҳис мекунад. Танҳо аз шунидани овозаш мондагиат мерехт. Мисле, ки барфи дар дарахт нишаста аз гармии офтоб мерезад. Ҳоло он зан на ин ки пешвозаш намегирад, балки дар ин олам нест. Он хандаю он овозашро дигар ҳеҷ гоҳ нахоҳад шунид. Ва ин ҳаёти бе вай ба як мусаварраи нимрангу нотамому ноодилона монанд аст...

Аз он сабаб ин деҳаро Ҳисорӣ мегӯянд, ки аввал ҳисориҳо омада манзил сохтаанд. Чор сол пеш, ҳангоме ки Низом - махдум бо аҳли оила дарёро гузашта, ба ин роҳ меравад (нияти Мазори Шариф рафтан доштааст), дар домани теппа, дар даруни сой, ҳаждаҳ оила зиндагӣ мекардаанд. Се нафар сари роҳаш мефуроянду мебинанд, ки марди чобук ва зебо, ду писари таҳамтан дорад, пешниҳод мекунанд, ки ҳамроҳашон монад. Мегӯянд, «ки аз Ғиждувони Бухоро ҳам ду нафар ҳаст. Ҳама одамони хубанд. Ҷоямон хуб. Чашма ҳам наздику ҷангал ҳам. Ҳашар карда хонаатон мепӯшем. Як сол меистем, оқибати кори болшевикро дида, боз ба ватан бармегардем. Хоҳ-нохоҳ ватани бегона ба мо ватан намешавад.» Мард бо чунон оҳанге сухан мекунад, ки Низом -махдум ба истодан розӣ мешавад. Рӯзи дигар ҳашар карда, аз ҷангал арча буридаю фароварда, дар як ҳафта ду кулбаю як оғил мепӯшанд. Як сол гуфта буданд, лек ҳоло панҷум сол аст, ки ба гуфти зани Низом - махдум янгаи Ҳабиба, муқими ин чағораанд.

Як соли аввал падару писарҳо аз кӯҳ ҳезум кардаю бо хар ба бозори Қундуз бурда фурӯхта, касби маош мекарданд. Пас писари калонӣ Шарифҷон ба кадом дастае ҳамроҳ шуда, ду маротиба дарёро гузашта, молу галаи мардуми Шӯравиро зада меоранд. Ҳарду дафъа ҳам Низом - махдум гӯсфандҳои овардаи Шарифро ба хона роҳ намедиҳад. «Ҳамин мусофиратию бевataниам бас нест, ки бар болояш боз гӯсфанди дуздии туро хӯрам», - гуфтааст. Баъди он Шариф ба хона кам меояд. Писари хурдӣ Камолҷон ҳам ҳезумфурӯширо бас кардаю ҳоло дар тарафҳои Самангон мардикорӣ мекардааст. Рафта-рафта оилаҳои деҳа ба чилу панҷоҳ расиданд. Ҳоло касе хона карданӣ шавад, дар ҳамгашти наздикии ҷангал ҷой ҳамвор мекунад.

Соли аввал мардуми деҳа Низом - махдумро илтимос карданд, ки фарзандҳояшонро дарс диҳад. Низом- махдум розӣ шуд. Вале ду сол бачаҳоро дарс доду бас кард. «Ин кори ман не» гуфт. Дилам танг мешавад. Мансур ҳар вақте, ки кори корхонаашро буд кунад (ба касе хона пӯшад), омада Низом - махдумро хабар мегирад. Даромади хуб, ки дорад, ба рафиқаш ёрӣ медиҳад. Низом - махдум розӣ намешавад. Мансур мегӯяд: «Ин пули арасотро ман чӣ кор мекунам? Ҳаққи Ҷовидро барзиёд роҳӣ мекунам. Дигар пайванде набошад,..» Махдум суст мешавад.

Тобистони гузашта Мансур барои раиси танзими Қундуз Мирбозхон хона пӯшид. Ӯ ваъда кард, ки ҳар вақте биёяд, барояш замин ҷудо мекунад. Хубаш дер накарда заминро гирад: Низом - махдумро маҷбур карда аз ин «чағора»

бароради ба Қундуз бурда барояш хона пӯшад. Тавонад, дар паҳлуяш барои худаш ҳам кулбае созад.

Мансур ба хона наздик шуда, овози Низом - маҳдумро шунид, ки бо писараш Шарифҷон баҳс дорад. Баҳсашон дар бораи равуои Шарифҷон ба соҳили Шӯравӣ буд.»Ватанам ҳаст меравам, дигар чи кор кунам? Куҷо равам?» меомад овози Шарифҷон.

– Ошнои рӯшной!- нидо дод Низом - маҳдум ва баробари дидани Мансур ба пешвозаш хест. Янгаи Ҳабиба низ овози Мансурро шунида, кӯрпача бардошта баромад. Садаф духтари кенҷагии Низом маҳдум ҳам тохта омад. Вай лоғар шудаю каме қад ёзонда духтари зебо шудааст. Мансур ҳар вақте биёд ба вай конфет меорад. Ҳоло ҳам аз ҷайбаш як панҷа конфет бароварда дастатро дор гуфт: Садаф ҳит-ҳит хандидаю шармида даст дошт.

Дар ҳавлӣ ҷой карданд. Ҳабиба зани сафедрӯйи танадор, аҳли савод аст. Бештар Қуръон мехонад. Мегӯяд, ки дар ин мусофират фақат ҳангоми Қуръон хондан ларзиши дилам ором мегирад.

– Янгаатон ду моҳ боз бемор буд. Ба қадами шумо имрӯз хест,-Низом - маҳдум чолок шудаю зуд болишт бароварда.

– Бӯйи ватан овардед гуфта, хестам,-афзуд Ҳабиба.

Хонаи Низом - маҳдум пештар дар канори деҳа буд, ҳоло дар атроф хонаҳо зиёд шудаанд. Мансур аз баландӣ мушоҳида кард, ки бештари оилаҳо баъзе фонус, баъзе шамъ монда дар ҳавлӣ нишастаанд.

– Шарифҷонро насиҳат доштем,-гуфт Низом – маҳдум, пас аз он, ки ҳама давра нишастанд. - Соли гузашта аз лашкари Иброҳимбек чор нафар ба ин ҷо омадаю ҷой интихоб карда хона пӯшонданд. Якеро Исматпаҳлвон мегӯянд, бо касабаи дуздиаш ҷавонҳои моро ҳамон аз роҳ бароварда. Ҳар вақт собиқ ҳамяроқҳояшро шаст- ҳафтод нафара ҷамъ мекунаду дарёро гузашта, он ҷо молу галаҳои мардумро дуздида меоранд. Ҳафтаи гузашта Шарифҷон ҳам ба онҳо ҳамроҳ шуда, дар маҳтобшабӣ мегузаранд. Сарҳадбонҳои Шӯравӣ магар огоҳ будаанд, ки баробари дарёро гузаштан тирбороншон мекунанд. Шаш нафар мемураду нӯҳ нафар захмӣ мешавад. Мурдаҳо дар дасташон. Гуфтаанд, ки соҳибони мурдаҳо омада, пул дода мурдаҳошона мехаранд. Мансурбой, шумо гӯед; кӣ аз моли роҳзанӣ баҳра бурдааст?

Шарифҷон пешдастӣ кард:

– Амак, акаи Исмат мегӯяд, ки мо моли ҳукумати кофирҳоро ва ба он ҳукумат хизмат мекардаҳоро зада мегирем. Моли онҳо моли мардум нест. Ҳар вақт дарёро гузаштем, раису ревкому тарафдоронашонро задаю куштаю ҷонбезоршон мекунем. Мегӯем, ки ба мо ё аз Панҷ ё аз Қумсангир ҷой деҳ, ки дар ватанамон зиндагӣ кунем. Дигар на мо ба ту кор дорем, на ту ба мо. Мақсади гузаштанамон ҳамин, дуздӣ баҳона, аст.

Мансур бо табассум ва ҳамзамон мушоҳидакорона ба Шарифҷон зеҳн монда, фикр кард, ки ҷавон дар ду соли охир китф монда, шабеҳи роҳзани ҳақиқӣ шудаааст. Дигар дар гумон аст, ки Мансуру Низом - маҳдум ӯро аз роҳаш гардонанд.

– Шарифҷон, ту хурдтарак нестӣ, -Низом - маҳдум дасташро болои зонуи писараш ниҳод: -Худат медонӣ, ки дар пеши аскари сурх амир Олим бо понздаҳ

ҳазор аскараш се рӯз ҳам дошт надод. Анварпошои номдор ними халкро ба по хезонд, як даста афғонҳою як даста туркҳо дар паҳлуяш буданд: натиҷа ҳамин шуд, ки нисфи халқи нодон беҳуда мурд ва худаш шаҳид шуд. Аз овозаҳои бардурӯғи Иброҳимбек, ки аллакай бештари аскараш гурехта омадааст, худат хабар дорӣ. Пас ин Исмати бе мағзу мийя бо ҳаштод ё сад нафар ҷавонҳои ту барин хом чӣ номаъқулӣ карда метавонад? Ту ҷавони боақл. Бояд ин далелҳоро ба инобат гирифта ба вай ҳамроҳӣ накунӣ.

– Пас ин ҷо як умр таънаи «шумо беватанҳо, омадаҳо»-ро шунидаю гӯш таги тоқӣ карда гардем! Аз ватани бобоӣ даст кашем?!-Ситезманд шуд Шарифҷон.- Меравам, бигзор, дораду дах сол Сибир кунад, ба ивазаш боқии умрамро дар ватанам ба сар мебарам!

– Ҳамин нияти бадро накун, писарам, - дар овози Ҳабиба ҳам дилсӯзӣ ва ҳам озору алам ҳис мешавад. Ӯ бо накӯҳиш ҷониби шавҳараш афзуд: -Як нафас баҳсу наҳсиҳотона монед!

– Ту чиҳо мегӯӣ? Ман падар шуда, бояд гӯям, ки «ҳой», писарам, дар пеш чоҳ аст!

– Монед, қаҳрама набиёред! Ин насиҳата дар ватан, дар ҷойи ободӣ мекардед!-Ҳабиба қарсашро аз нав баст.

– Дидед, дар беватанӣ ҳатто суханат коргар нест.- Низом - махдум хиҷолат кашидаю ба рафиқаш нигарист.

Мансур тасалоомез сар ҷунбонд, мушоҳида кард, ки риши сиёҳи Низом - махдум сафед шудааст. Овозаш ҳам он зарбаи пешинро надорад. Ин беватанию бесамарӣ махдумро пир кардааст. Пир, ки шудӣ, ба ту итоат намекунанд. Дилаш ба ҳоли Низом - махдум сӯхт. Ногумон дасташро зер карду ишора кард, ки баҳс накунад.

– Бигзарад ин рӯзгори талхтар аз заҳр, боз ояд рӯзгори ширине чун шакар ояд. –Низом махдум ин байтро хонда, ҷониби Мансур гуфт:- Акнун худатон гӯед, ки куҷоҳо гаштед? Ин дафъа чаро дер омадед?

– Оҳ, қиссаҳои ин сафар дароз аст,-Мансур чорзону нишаста ба нақл шурӯъ кард:-Дар сарҳад ошное доштам, барояш хона пӯшидам.

– Он тараф ватана ҳар рӯз медидед!-Ҳабиба бо нигоҳи ҳавасбор ба Мансур нигарист.

– Албатта, медидам,-Мансур ҷомаашро кашид.-Касе меомад, медидам, гуфтугӯ мекардем.

– Ақлам нарасидааст, ки боре наздатон равам,-гуфт Низом – махдум. Ку, қиссаи сафаратона гӯед.

– Ҳангоме ки дарё ҳанӯз ях буд, гузашта Ҷовидро дидаму рост ба Бухоро рафтам. Пас ба Самарқанду Тошканд ҳам рафтам.

– О-ҳо! Бухоро рафтед! Бухоро дар чӣ ҳол?-Нидо дод Низом - махдум

– Дар номи Бухоро мурам, номаша шунавам, ҷонам тоза мешавад,-Ҳабиба оҳи пурдард кашида пештар ғеҷиду пурсид:-Хонаи моро, албатта, дидед? Мефаҳмидам, ҳамроҳатон мерафтам.

Мансур ин дафъа нигоҳашро ба Шарифҷон дӯхта, бо андаке маломат ва таъкид гуфт:

– Ман ҳар дафъа ба умед дарёро мегузарам, ки Ҷовидро ҳамроҳам гираму гӯшае пайдо карда, хапу дам боқии умрамро сипарӣ кунам. Чунки ӯ ба ғайр аз ман касе надорад. Вале дар он ватани ҷангзадаю афсурда ҳар дафъа, ки меравам, мушкилиҳои бештару қабеҳтарро мебинам. Се соли аввал бару бумашро лашкари сурх зер карда буду метакондаш. Ҳоло ҳам байни онҳою муҷоҳидҳо, ки русҳо босмачиашон меноманд, ҷанг меравад. Пас шӯъбаи махсусашон (нодонҳои мо ӯро асҳоби одил мегӯянд) маъракаи тозакунии душманони дохилии давлати шӯравиро гузаронд. Дар ин маърака ҳатто як қисми тарафдорони худашонро ҳам нест карданд. Имсол равам, артелҳошона барҳам додаю колхозро бино гирифтаанд.

– Колхозашон боз чӣ бало будааст?-Тоқат накарда пурсид янгаи Ҳабиба.

– Колхозаш аз артели пештар кардаашон сад маротиба бадтар,-гуфт Мансур.- Дар замони артелсозиашон яккахоҷагӣ мумкин буд. Акнун қарори ҳукуматашон баромада будааст, ки ҳашакаллоҳ, ҳама колхоз шавад. Дар деҳаҳо мардум қутани мол, гала, замину олоти зироате, ки доранд, як ҷо партофта колхоз месозанд. Дар шаҳрҳо як гузар ё ними шаҳр ҳамчунин ҳама молу анҷомеро, ки доранд, як ҷо карда, колхоз ташкил мекунанд. Ҳар пагоҳӣ, пайкори колхоз зану марди аз ҳаждаҳсола болоро пешандоз карда ба кор мебарад. Бегоҳ ки шуд, пешандоз карда меорад.

– Эҳ, воҳима накунед, мардум подаанд?

– Бовар кунед, аз пода бадтаршон кардагиянд.

– Ҳама розӣ шудаю молу заминашона додаанд?

– Розӣ нашуда рӯзаша бинад. Касе ҳадде надорад, ки аз кор дер монад, ҳадде надорад, ки бе иҷозати биргадир кори худаша кунад ё аз деҳа берун равад.

– Эҳ-а, ин чи хел мешудааст? Ҳабсхона кардаанд-ку!

– Рост гуфтед, айнан ҳабсхона...

– Занҳоро ҳам маҷбуран ба кор мебаранд?-пурсид Ҳабиба.

– Фарқ надорад, ҳамаро маҷбур мебаранд.

– Ана инро сотсиализим мегӯянд,-Низом - махдум ба самте нигарист ва дақиқае пас гуфт:-Ҳангоме ки аз Самарқанд сӯи Бухоро меомадем, як руси айнакии қадбаланд ду-се маротиба гуфта буд, ки оқибати ин сотсиализими ҷуҳудбунёд мардума ба куҷо барад. Ҳамон вақт дилам ларзида буд.

– Лекин ҷавонҳо, камбағалон хурсанд,-гуфт Мансур.- Мисли рӯзи ид, ба кор рафта меоянд.

– Ман ба ватан меравам,-гуфт Шарифҷон. - Ба ӯ низ ҳаёти нави дар ватан барпо карда маъқул шуд.

– Ману туя ба он тараф рафтан наметонанд,-гуфт Мансур ба оҳанги маслиҳат.

– Илоҳо қавмаш намонад,-гуфт янгаи Ҳабиба. Қавми Лут ҳам ҳамин гуна бетафиқ буд, ва пурсид: -Хонаи моро дидед? Аз ҳамсояҳо киро дидед?

«Сар шуд!» Мансур ин саволро интизор буд. Дар ҷавоб таъхир кард. «Хона гарм» гуфта, худро шамол дод. Дар яке аз рӯзҳое, ки девори хонаи Зулайхоро мебардошт, ба фикраш омада буд, ки ба Афғонистон равад, Низом - махдум мепурсад: «Бухоро рафтӣ, хонаи моро дидӣ?» Як пагоҳӣ то вақти чой хонаро

хабар гирифта омад. Дар хона одамони низомипӯш дарою баро доштанд. Аз худашон дили пурсидан накарда, ба хонаи Раҳими кассоб даромад. Зани Раҳим гуфт, ки хонаро навдавлатон аз худ кардаю коргоҳи нозирот кардаанд. Ва боз гуфт, ки бародари Низом махдум Давронро одамони асҳоби одил (шуъбаи махсус) зиндон карданд. Сабаб дар он будааст, ки бо бародарашон Низом - махдум хат кардаю хат мегирифтаанд. Занак оби дида карда, афзуд: - Ин рӯзи сиёҳи моро дидед? Ҳатто ба бародарат дуою салом расондан душманӣ будааст.

Мансур, ки аламу озори хонаи аздастрафтаро медонад (занаш Бибигул то дами марг умеди баргардондани хонаро дошт. Худаш ҳам ҳарчанд гоҳе мегӯяд, ки аз баҳраш баромадааст, дурӯғ мегӯяд), аз ин рӯ, дурӯғро маслиҳат дида, бештар ҷониби Низом -махдум нигариста гуфт:

– Рӯзи дувуми ба Бухоро расиданам хонаатонро рафта дидам. Дару девор ҳама дар ҷояш. Дар дараш як қулфи калон овезон.

– Мо қулф надоштем. Занҷир карда раҳакӣ шудем,-гуфт Низом - махдум ва озмоишкорона ба Мансур зеҳн монд.

– Шояд ҳамсояҳо қулф андохтаанд, касе надарояд гуфта, -Мансур сир бой надод ва то ки вазъашро пинҳон дорад, пои дардмандашро молиш дода, ғурғур кард: - Вақтҳои охир як поям сахт дард мекунад. Яқин, оби хунуки дарё таъсир кардааст. Ва мавзуъро дигар кард: -Раҳим- қассоби ҳамсояатон ду сол шудааст, ки дар ҳамин тарафҳо будааст. Занаш гиря карда гуфт, ки рафтагиаш хуб шудааст. Ин ҷо ними ҳамсояҳоро ба ҷурми «ту ҷадид, ту силоҳ доштай, ту хеши амиру вазир» гуфтаю хонаҳояшонро мекобанд, чизе маъқулашон шавад. мегиранд. Муқобилияткардаро зиндон мекунанд.

– Қулфашона шикаста медароем,-Садаф ин суханро гуфта хандид.

– Занашон нагуфт, ки дар кучои Афғонистон будаанд?-пурсид Шарифҷон. –Пайк намефиристодаанд?

– Ду нома фиристодааст. Лекин ҷояшро нагуфтааст.

– Дидед рангу намуди инқилоби овардаатонро?! -Ҳабиба бо ғазаб ҷониби шавҳараш нигарист.

Низом - махдум ба занаш эътибор надода, ба Мансур синчакорона зеҳн монду пурсид:

– Аз бародарам ҳам хабар доред? Шаш моҳ зиёд шуд, ки на ба хат ҷавоб мегардонад, на аз худ дарак медиҳад.-Ӯ дар гуфтори рафиқаш духӯрагиро пай бурда бошад ҳам, сир надода истод.

– Ростӣ, хонаи додаратон нарафтам,-Мансур пояшро сахт-сахт молиш дода афзуд:-Низом - махдум, дӯсти азиз, ҷони гап ҳамин, ки Бухоро он Бухорои пешин не: кӯчаву бозору корхонаҳоро шапкапӯшу чарминпӯшу кафанпӯш зер кардааст. Дар миёнашон наган тайёр. Аз як нигоҳашон дилатро ваҳм зер мекунад. Дар он Бухоро дигар на овози азон ҳаст, на масҷидравӣ. Ҳама хомӯшу ҷим-ҷит, харобазор, шаҳри мурда.

– Бухоро Бухорои ислому илму адаб буд.-Янгаи Ҳабиба оби дида кард.- Мардумонаш бадину баҳаё буданд. Кӯчаю дарашон рӯфтаю озода буд...

– Чӣ хӯрок пухтӣ?-Махдум ба занаш рӯ овард.

– Ҳозир мехезам.-Ҳабиба бо накӯҳиш ҷониби шавҳараш нигарист.- Гапзании ман ба шумо маъқул нест!-Палов мепазам, зирбак ҷӯшад, биринҷро меандозам.

– Лекин инашро ҳам бояд гӯям, ки ободониҳои ба худашон маъқулро мекунанд,-гуфт Мансур. -Корхонаҳо месозанд, роҳҳоро обод мекунанд, бештар ба мактабу маориф эътибор медиҳанд. Аз сабабе, ки дар тарафҳои Вахшу Қурғонтеппа, ин тараф Кӯлобу Балҷувон аз се ҳиссаи аҳолӣ ду ҳиссааш ба ин сӯ омадааст, аз тарафҳои Хуҷанду Фарғона одамҳоро муҳоҷир карда ба ҷойи онҳо меоварданд. Дар ин тарафҳо одам чамъ карда, пахтакориро ба роҳ мемондаанд.

– Гуфтам – ку, барои онҳо одам даркор аст! -Шарифҷон ғолибона ба падараш нигарист. -Мо ҳам рафта пахтакор мешавем. Ватанамонро обод мекунем.

– Пас, сабаб чист, ки ин омад-омади фирориҳо кам намешавад? –пурсид Низом- махдум.- Ҳатто ҳамон оилаҳое, ки аз Конибодому Фарғонаю дигар ҷойҳо муҳоҷир карда ба водии Вахш меовардаанд, гурехта меоянд. Мо ин ҷо дар сари роҳ, ки ҳастем, каси омадаро мепурсем: «аз кадом шаҳр омадед?» Бовар мекунед, дар як соли охир омадани мардум бештар шудааст. Вақтҳои охир афғонҳо норизоӣ доранд, ки дашту даманашона гуреза зер кардааст. Рост мегӯянд.

– Бале, як қисми онҳо ҳам мегурезанд, -розӣ шуд Мансур. - Ду амали болшевикҳо мардумро сахт дилмонда кард. Якум, ҳамон колхози гуфтаам.- Мансур боз чорзону шишту афзуд:-Нақли ошноятон Нуриддини Ғиждувониро мегӯям, он тарафашро худатон мефаҳмед.

– Нуриддинро дидед? Хуб, чӣ мегӯяд?

– Аз Бухоро баромада роҳи гузар ба хонааш даромадам. Хостам бинам, ки баъди он талотумҳою мардумгурезиҳои пеш рӯйдода деҳа ба худ омадааст ё не? Бовар мекунед, аз пештара бадтар шудаасту беҳтар не. Аз чордаҳ нафар ҷавонҳои ҳамроҳи амир рафта ду нафар омадаю аз тарс боз ба кучое ғайб задаанд. Аз ҷавонҳои ба дастаи Абдуқодир ҳамроҳ шуда касе барнагаштааст. Вай ҳам гуфт, ки калонсолони мо аз сохти колхозӣ сахт дилозурдаанд. Аз таги дил меҳнат намекунанд. «Зан ду шуд, кайвонӣ гум шуд» гуфтагӣ барин, моли мардума гирифтанд, лекин дуруст нигоҳубин намекунанд. Барзаговҳои ҷуфтӣ зӯри ҷуф кардан надоранд. Мардум, ки аз таги дил меҳнат намекунанд, зироаташон дуруст намешавад. Ва як воқеаи соли гузаштаро, ки латифа кардаанд, нақл кард.

Султонбой ном марде ба аёдати рафиқи бемораш меравад. «Ҳамин колхоз маро аз по афтонд», мегӯяд бемор. Султонбой ба тавраш ӯро тассалло медиҳад: «Ошно, ин колхоз фақат туро не, ҳамаро бемор кардааст. Агар пештар мурдию ба он дунё рафтӣ, хабар бар, ки «ҳой, мардуми хуштолеъе ки пештар ин ҷо расидед, дар он олами парешон, колхозӣ гуфтани махлуқ азимҷусса баромадааст, ҳамаро балъида тамом кард».

– Колхозашон пешрав нашавад, боз сохти пештараро барқарор мекардагистанд,- гуфт Низом - махдум.

– Не,-е! колхоза барҳам намедиҳанд,-гуфт Мансур.- Гап-гап кардаанд, ки раисҳоро аз тарафҳои Қазону Масков меовардаанд. Онҳо кори колхозро ба роҳ монда метавонистаанд.

– Чаро аз Масков раис меовардаанд!- гуфт Низом - махдум.- Ҳама дастбакорону донишмандонро берунвилоят карданду акнун кордонҳои худашона меовардаанд! Ин нағмаю усула бин!

– Инҳо ба дастбакорҳои мо хуш надоранд.

– Гуфтед, ки ду амалашон мардумро дилмонда кард, -ёдрас шуд Низом - махдум.

– Дувумаш бефаранҷӣ кардани занҳо. Талабашон ҳамин, ки бояд занону духтарон бо рӯйи кушода кору зиндагӣ кунанд. Зану мард дар саҳроҳои калхоз якҷо кор кунанд.

– Занҳои мардума маҳалли тамошо мекунанд.-Низом - махдум ришханд кард.- Мисле ки дар балҳо ва маъракаҳои худашон якҷоя рақсу бози кардаю абрӯпарониҳ мекунанд.

– Чашмҳошон кӯр шавад, илоҳо. Ба занҳо корашон чӣ? – Ҳабиба дастархон партофта назди дар рост истоду илова кард:-кадом зан дар паҳлуи марди бегона дарав мекардааст, ё канал мекофтааст? Чашми марди номаҳрам ба баданаш афтад, ҳарду дунёш месӯзад.

– Марди баҳайсият ба ин роҳ намедиҳад,-афзуд Низом - махдум.

– Ин корҳо ба ман маъқул,- Шарифҷон хандид. -Духтару бачаҳо ҳам якҷо мехонанд?

– Бале, Ҷовиди мо мегӯяд, ки дар ҳар парта як духтару як писар менишинанд.

– Чашмаки ман, чашмаки ту карда мешинем!-Шарифҷон ба завқ хандид.

Садаф аз суханони бародар шарм кардаю гушаи дастархонро қатъ кардаю наздиктари модараш ғеҷид.

– Чи рӯзе ба сари духтарон оварданд гуфт Ҳабиба. - Духтаре, ки бад-ин тарзу тадбир касби таҳсил кунад, магар роҳи туро мепӯяд? Дарди сарат мешавад.

Низом - махдум ба занаш нигариста гуфт:

– Дувоздаҳ сол пеш, дар аввали фаъолиятамон, мо ба масъалаи якҷо ё ҷудо хондани духтарону писарон баҳс мекардем, бештари рафиқон зидди якҷоя хондан буданд. Фақат Фитрату боз ду нафар тарафдорӣ мекарданд. Мегуфтанд, ки дар ҳама мамлакатҳои Урупо ин кор маъмул аст. Ин ҷо ҳам мардум оҳиста-оҳиста одат мекунанд.

– Бухороиҳо беҳуда намегуфтаанд, ки ин балоҳоро ба сарашон ҷадидҳо оварданд!-Ҳабиба бо итоб ба шавҳараш нигарист.-Аз он ҷамъияти ҷадиди шумо ин балою бадтар паҳн шуд,

– Ҳамин сухани ҷадидҳо фалону бисмадонро нагӯй дигар! Ба ман сахт мерасад! - Ситезманд шуд Низом - махдум.

– Бале, ҳақиқат сахт мерасад! - Ҳабиба бо ба шавҳараш итоб кард. - Шумо мехоҳед, намехоҳед, ҷадидҳо хори дидаи мардум шуданд.

– Ҷадидҳо мехостанд, ки ҳаёти дилбазаншудаи мардуми Бухороя...

– Додош, дар пеши поятон мурам, дигар номи ҳамон ислоҳотро ба даҳон нагиред.-Ҳабиба нагузошт, ки шавҳар суханашро гӯяд.-Ҳамаи он хориҳое, ки мо, фалакзадаҳо, дар дару буми афғон дорем, аз наҳсии ҳамон ислоҳотталабии шумоён аст.

– Рост, дигар номаша намегирам,-гуфт Низом - махдум сулҳҷӯёна.

– Ҳар гоҳе, ки як мард ё зани худамона бо кӯдакаш дар дари афғон дар ҳоли гадоӣ мебинам, Худоё мана гир, ки ин рӯза набинам гуфта, худама дуъо мекунам,-Ҳабиба ором намешуд.

– Болшевикҳо ба дин ислоҳот даровардаю медонед чӣ кор карданд, келин?- Мансур суҳбатро боз ба дигар сӯй гардонд..- Дар тарафҳои Самарқанду Тошканд масҷидҳоро кулуб кардаанд.

– Кулубаш чӣ будааст?

– Кулуб ҷое, ки комсомолҳо, думраваки ҳизбашон ҷамъ шуда, рақсу бозӣ мекардаанд. Маҷлису маърака мегузарондаанд.

– Гардани комсомолҳошон парад, хуни сиёҳ қай кунанд, ба шаҳи нарасанд, ёфтаанд ҷойи бозишона!

– Дар Бухоро боз чӣ гапу корҳо?-пурсид Низом - махдум.

– Дар Бухоро ва умуман аҳволи мардуми он тарафҳо оянда боз бадтар хоҳад шуд ва фирориҳо боз зиёд мешаванд.

– Боз чӣ гап будааст, чӣ балое меомадааст?

– Ҳоло чӣ вазъиятест, мегӯям, он тарафро худатон пай мебаред. Рӯзҳои иди Наврӯзро дар Қӯрғонтеппаю Саройкамар гузарондам. Дар ин тарафҳо байни муҷоҳиду баталионҳои болшевик ҳоло ҳам задухӯрд меравад. Кӯчаҳо пури гадоёну беморон. Худатон медонед, ки баъди иди Наврӯз мардум ба чӣ маҳбубияту ҳавасмандиҳо ба кори деҳқонӣ мебаромаданд. Барзаговҳои зимистон боникардаашонро ба ҷуфт омода мекарданд, юғу омочҳои шикастаро таъмир мекарданд. Ҷӯйборҳоро тоза мекарданд. Ҳоло чунин корҳоро мушоҳида намекунӣ. Мардум ким-чи хел бепарво, бетафовут. Ва аксари заминҳо партовӣ шудаю қисме ба ботлоқ табдил ёфта хобанд.

– Ин халқу ватанро ба чӣ ҳол гирифтор карданд?-Андоми Низом - махдум мисли каси ба дард печида шуд. Ӯ аз ҳамон рӯзи аввали аз дарё гузаштанаш лаҳзае умеди ба ватан баргаштан аз дилаш канда набуд. Ба хоб мерафт, аз хоб мехест, ба коре мерафт, номи Бухоро дар даҳонаш буд. Ӯ ҳоли ошиқи аз маъшуқ дурафтодаро дошт. Ҳама рӯз чашмонаш чори хабару воқеъае буд, ки аз он сӯйи соҳил меомад. Суханони Мансурро шунида, ба фикраш омад, ки пештар дар ин ҷо мардуми худашонро дар кӯчаю бозор медид, аз дидори якдигар хурсанд мешуданд. Як соли охир чунин нест. Дар нигоҳи ҳар яке таънаю маломат намудор аст. Гуноҳи беватаниро дар худ не, дар якдигар меҷӯянд ва аз ин ранҷ мекашӣ.

Ҳарду хомӯш монданд. Сипас Мансур мушоҳида кард, ки деҳаи Ҳисориро торикии шаб пӯшондааст. Овози гову гӯсфандони аз саҳро бармегашта дигар намеомад. Аз атроф гоҳ-гоҳ ҳангоси баланди маркаб меояду бас.

Шамолаке, ки аз ҷониби теппа мевазад, торафт тез мешавад. Аз ҳавлиҳои атроф ҷое овози хандаи духтар меояд, мисле ки кабӯтар болҳояшро паҳн кардаю оҳиста ба замин фуруд меояд. Ҷое овози гиряи талхи тифл, ҷойе аллагӯйи зане. Ва агар эътибор диҳӣ, дар ҳамаи ин садоҳо як навъ пазмонӣ ва ҳазинии дурӣ аз ёру диёрро ҳис мекунӣ.

Онҳо хеле вақт аз кору воқеъаҳое, ки ба чи сабаб рӯй задану оқибати онҳо ба чи анҷомид, сӯҳбат карданд ва дар охир Мансур гуфт:

– Гуфта будам, ки дар Қундуз замин гирифтам. Баъди як моҳ корҳоямро буд карда меоям, пас он ҷо рафта бароятон хона мепӯшем. Чунки дар панҷ солу даҳ соли охир чашмам намегирад, ки мо ба Бухоро роҳ ёбем.

– Воҳима накунед, хона намекунам. – Чеҳраи Низом - махдум гирифта шуду ба аломати инкор сар ҷунбонд.

Ба Шарифҷон сухани падар хуш наомад. «Ман дар ин чағора намешинам» гуфта, хесту ба хона даромад.

Мансур ба ишораи «наковед» сар ҷунбонда гуфт:

– Самарқандиҳои мо як мақол доранд: «Як рӯз бошу хурӯс бош!» Хонаро пӯшем, вақте рафтед, фурӯхта меравед.

Низом - махдум лаҳзае сукут кард, сипас оҳи бадард кашида гуфт:

– Иқлими Бухоро аз ин ҷо гармтар аст. Як ҳафта пеш аз иди Наврӯз дар ҳавлиҳо фароштурукҳо пайдо мешаванду ин тарафу он тараф парвоз мекунанд. Мисле ки аз омад-омади ид хабар медиҳанд Пас лаклакҳо меоянд. Якчанд рӯз дар атроф ва болои шаҳр парвоз мекунанд. Туп-туп дар болои гунбазу манораҳо мешинанд. Гӯё ки идгузаронии мардумро тамошо мекунанд. Дар рӯзҳои ид мардум ба сайри гули лола мебароянд. Дар он рӯзҳо офтоб ҳам зиёд мешаваду равшанӣ ҳам. Занону духтарон либосҳои рангубаранг пӯшида мебароянд. Ҷавонон ҳаргуна бозиҳо ташкил мекунанд. Духтарон бод меандозанд. Гузар ба гузар мусобиқаи шеъргӯию чистонгӯӣ мешавад. Ва овоза меравад, ки чистони фалон зан ё духтарро касе накушодааст. Шеъри фалон шоир ба ҳама писанд омадааст. Вақтҳои охир чунин даврaҳо дар хобам медароянду як ҳафта - ду ҳафта худамро чун дар қафас ҳис карда девона мешавам.

Ин дам дар ҳавлии поёни роҳ садои баҳсу мунозира ва телаю танба шуду пас овози дуюю гиряи пасти зане садо дод. Низом -махдум ба шиддат аз ҷояш хеста гуфт:

– Дар хона ҷой мекунам, ин ҷо хунук аст!- Ва чойникро гирифта илова кард:- Ин Исмат полвоне, ки гуфтам, ҳар гоҳ ба писараш ҷанҷол кардаю дили мардума сиёҳ мекунад.

Садаф як даста ҳезум оварда назди оташдон монду ҷониби Мансур нигарист ва гуфт: «Амак, инҳо баъзан, пагоҳӣ ҳам ҷанҷол мекунанд, ҳама мешунавад.

Мансур пай бурд, ки духтар хоҳиши ба ӯ сӯҳбат кардан дорад. Худаш гап кушод:

– Садаф, ин ҷо мактаб нест, ки хонӣ?

– Намедонам мактаб ҳаст ё не. Лекин ман назди модарам ҳафтяку чоркитобро фуровардам, ҳоло Қуръон мехонам.

– Офарин Қуръонро ки фуроварди дигар китобхоро ҳам хон.

Садаф ба тасдиқ сар ҷунбонду пурсид:

– Амак, моро ягон вакт ба Бухоро рафтан мемонанд? -Аз чашмони духтар ашк ҷори шуд. Мисле, ки борон ба шиддат мерезад ва афзуд: - Модарам мегӯянд. ки дигар моро рафтан намемонанд.

– Бухоро ватани мо чихел намемондаанд? - Мансур худро бепарво вонамуд кард ва пеш даромаду берун баромаданду илова кард: Намонанд ҳам «ватанам ҳаст! - гуфта меравем, ҳамту?

Духтар ба тасдиқ сар ҷунбонд. Табассум мекунад ва ҳамчунон аз чашмонаш ашк мерехт, хезум меорам гуфту ақиб гашт

Мансур лаҳзае аз гиряву пурсиши духтар саргаранг истоду пас ба атроф нигарист. Дар доманкӯҳҳои ҷониби Янгиқалъа, Ҳазрати Имом шамъу фонусҳои хира тӯл кашида рафтаанд. Дар он ҷойҳо хаймаю козаҳои гурезаҳо бино ёфтаанд. Ин ораҳо шаш-ҳафт сол боз ба умед ҳастанд, ки имрӯз ё пагоҳ дар ватанашон амнию оромӣ мешаваду ба хонаю рӯзгори гарми худ бармегарданд. Ҳамин аҳвол аз соҳили Панҷ то Термезу Бешкаппаи туркманҳо, ба масофаи беш аз ҳазор километр тӯл кашидааст. Инҳо ҳамон мардуме мебошанд, ки Мансур дар ағбаи Китоб дида буд. Дар ҳавои гарм ва пурчангу ғубор бору бун дар пушт, чашмҳо пурғаму дилҳо пурхун, бо ҳоли парешон қадам мезаданд. Инҳо ҳамон мардумеанд, ки рӯзи фироқи Бухоро аз таркиши бомбаҳо заҳракаф шудаю хонаю дарро партофта гурехтанд. Инҳо ҳамон мардуманд, ки аз Бухорои шарқӣ аз ҷафои тири аскари сурху аз ситами қамчини босмачӣ деҳа-деҳа ҷилои ватан кардаанд, омада дар соҳили Ҷайҳун аз най бурё бофтаю ҳафтаҳо интизори паст шудани об мешуданд, ки кӯдакҳояшонро сиҳату саломат гузаронда тавонанд. Ва ҳоло баъди гузаштани он рӯзҳо ва солҳои сахти ғарибию нодорӣ фарзандҳо калон шуда, бероҳу бедониш монда, таънаи бадхоҳ шунида, алам кашида, бо падарон гиребонгир шудаанд, ки ту маро ба-дин рӯз расондӣ! Ва аз ҳама бадтару дилхароштар боз он аст, ки оқибати ин ҷафоҳо ва гурезогурезҳо ҳанӯз номаълуму нопайдост. Ва пешвое нест, ки сар шуда, як сухани басалоҳ гӯяд. Мардумро ҷамъ карда маслиҳати ояндаро кунад. Як ҳолати ошуфта, изтиробафзо дар ҷисму ҷони Мансур дарафтод. Шамоли сахту сарде, ки мевазид, аз ҷониби ҷангал писандаш буд, он «ҷорӯб» аламашро рӯфта кам мекард. Фурсате гузашту борон шурӯъ шуд. Ба хотири Мансур кӯдакҳои дар даромади ҷангал вохӯрдааш омаданд. Ҳоло онҳо дар ин ҳавои боронӣ, дар торикии ваҳмангез, дар каппаи рост кардаашон мурғакон барин ба ҳам ҷафс шуда хобанд. Писараки ҷингиламӯйу додари рӯйҳояш доғи кунҷитакдор дар хафол хоб мераванд. Ҳарду дар сару рӯйҳояшон асари мушту нохун доштанд. Онҳо бо тарс ба писараки поёни чашмаш захмдошта менигаристанд. Маълум, ки вай онҳоро мезанад. Кошки писараки майдаякро ҳамроҳ гирифта меовард. Як ҳафта - ду ҳафта ин ҷо меистод. Пас ба корхонааш мебурд. Ҳамроҳаш хобу хез мекард. Ким-чи гуна фикри хом карду... Ин хатои кардааш чун захми кӯҳна як умр азобаш медиҳад. Акнун ин гуна кӯдакҳои бекасу бесаробонмондаро он тараф, аз Фарғона шурӯъ карда то соҳили Ҷайҳун ва ин тараф дар шаҳру деҳоти Афғонистон мебинӣ. Инҳо ҳама фарзандони мардуми доро ва баору номус буданд. Зиндагиашон хуб буд. Шароити хондану касб омӯхтану оянда хонаю дари беҳтар кардану одаму олим шуданро доштанд. Вале падарҳояшонро паронданд, зиндон карданду худашонро душманбача гуфта, аз хонаҳо берун карданд. Мурдааш мемурад, зинда мондааш ҳам умри ба зӯрӣ ба сар мебарад. Он феълу хӯи олинажодию олитаборие, ки дар хунҳояшон доштанд, куллан барҳам мехӯрад. Гадо ё ғулом мешаванд. Он бару болои зебои авлодӣ ҳам намемонад. Шояд наслҳои сеюм ё чорум ба худ ояду аз нав нангу номус карда,

ба хондану худшиносию дигар корҳо рӯ оранд. Чӣ карданд бо ин миллат? Аз роҳ берунаш кардаю ба қаъри ҷарӣ ҳаво доданд...

– Дароед! - гуфтани Низом - махдум Мансурро ба худ оварду вориди хона шуд.

Пагоҳӣ, ҳангоми рафтан, боз аз хонаи Исмат полвон овози ҷанҷол баланд шуд:

«Шумо ин балоро ба сари мо овардед! Шумо моро беватану бемоя кардед! Шумо!... Шумо...Шумо...» гуфтаю то рафт бо овози баланд шиддат мекард писар. Овозашро қариб ҳамаи деҳа мешунид.

– Ин рӯз фақат ба сари ману ту наомадааст,- Падар бо нимовоз ва оҳанги тавалло сухан мекунад. - Ними халқи олам дар ин ҷост, онҳо ҳам ба айби мо омаданд?...

Мансур аз хона баромада дар равшании пагоҳӣ боз назараш ба хаймаю каппаҳои гурезаҳо афтид, ки дар доманкӯҳҳо тӯл кашидаанд. Шаб чароғҳояшонро дида буд. Ҳоло хира-хира соҳибони сиёҳбахташонро медид, кӣ чарху чалак мересад, касе девор ё ҷариеро меканад, ки баҳри фарзанд капае дуруст кунад. Ин манзара ба ёдаш дарахти тути назди масҷиди Пояндаро овард. Дарахти бузурги босалобате буд, чун мурғи афсонавӣ, ки як маҳалларо зери бол медошт. Аз тамошояш ҳавас мекардӣ. Рӯзи оташгирии Бухоро шоҳҳои яктарафаш нимсӯхта шуданд. Пас болшевикҳо масҷидро ҷойи буду боши худашону аспҳошон карда, боқӣ шоҳҳоро буриданд ва чун ҳезум истифода карданд. Мансур ин дафъа, ки ба Бухоро рафт, дид, ки он дарахти бузургро аз тана буридаанд. Ғафсии танаи он дарахт қариб ба ғафсии хаймаи хешони қириғизу қазоқ меояд. Яқин ду-се моҳ аз чор тараф арраю табар кор фармуда, буриданд. Ҳоло кӯдакҳо дар болои кундаи тут, ки аз хок ду-се вақаб баланд аст, давра нишаста, бо сару сангчабозию зочабозӣ мекунанд.

Ҳолдонҳо мегуфтанд, ки ин дарахту масҷид мисли дугоникҳо ҳамсолаанд. Боре фотеҳе чанд усто оварда хостааст, ки дарахтро кам-кам бурида корҳои табаксозӣ бунёд кунад, ки мардуми шаҳр пул ҷамъ оварда он бадаъмолро раво карда, дарахтро харидаанд.

Рӯзе, ки Мансур аз назди дарахт гузашта буд, мушоҳида кард, ки аз атроф кунда ва аз реша пармеҳаҳо сар бароварда, ба авҷу нумӯъ ҷавона мезананд. Албатта, соҳибони масҷид-кулуб (ҳоло кулуб) онҳоро нигоҳубин мекунанд, пармеҳаҳо калон шаванд. Чунки дар рӯзҳои гарми тобистон онҳо соя доранд. Лекин ҳеҷ гоҳ он пармеҳаҳо мисли дарахти аввала ба салобату шукӯҳ нахоҳанд шуд...

Овози Низом - махдум аз назди оғил баромад.

– Ҳар гоҳе чанҷоли ҳамсояҳоро шунавам, шеъре ба хотирам меояд, меандешам, ки аз афташ дар он замонаҳо ҳам, чунин воқеъаҳо рух медодаанд.

Духтаронро ҳама ҷанг асту ҷадал бо модар,
Писаронро ҳама бадхоҳи падар мебинам.

– Инҳо набуданд, деҳа ором буд,-афзуд Низом - махдум.- Исмат се сол ҳамроҳи лашкари Иброҳимбек будааст. Рӯзҳои аввали омаданаш, ба Қундуз рафта дар маъракаҳо гӯштингирӣ мекард. Яқин кораш омад накард, ки гӯштингириро бас кард.

Мансур ҷониби хонаи Исмат нигарист: Полвон ду хоначаю як ҳавлии майда дорад. Аз мӯрии хонаи назди дарвоза дуди сафед баромада ҳалқа-ҳалқа шуда нопадид мешавад. Тамасмхур карда гуфт:

– Иброҳимбек гуфтеду ба хотирам омад; дар сарҳад аз одамони равуо мекарда шунидам, ки гӯё ӯ аз назди Олимхон баргаштаю дар Хонобод ҷойгузин шудааст. Ва байни халқи афғон бисёр обрӯманд будааст.

– Рост, бисёр обрӯманд,-Низом - махдум ба мусоҳибаш нигарист.- Яқин, шумо ҳам медонед, соли гузашта ва аввали ҳамин зимистон чор ҳазор аскараш гузашт. Қисме дар Бомиёну Бадахшон, қисме дар Қатағану атрофи Қундуз ҷойгузин шуданд. Баъдтар бо сесад нафар наздикон худаш омад. Пиру муллоҳои атрофаш овозаю дарвозаро ба осмони ҳафтум бардоштанд: «Иброҳимбек - марди муборизи роҳи ислом, ҳафт сол бар зидди аскари сурх муҳрибаю муқотала кардааст. Марди ғозӣ будааст. Дар шонаи чапаш пайи панҷаи Хизр аст. Сад камон сӯяш паронед ҳам, тирҳо аз чакманаш он тараф намегузаштаанд. Пас аз ҷанг чакманро меафшондааст, гирду пешаш хирмани тир мешудааст.»

Мансур хандида гуфт:- Муллоҳо ба чунин варсоқиҳояшон эшони Султони Дарвоз ва дигар сардастаҳоро низ тавсиф мекарданд. Лекин чӣ шуд, ки баъд аз як сол ё ду сол тир ҳамаро сӯрох карда ҷонҳояшона рабуд. На панҷа ёрӣ карду на тумору бозубанд. Ва мардуми кӯру нодонои мо ин овозаҳоро шунидаю ошиқи шайдои «ғозӣ» мешавад.

Низом - махдум ба тасдиқ сар ҷунбонду ба суханаш идома дод:

– Ин овозаҳоро шунида раисону ҳокимони Қатағану Қундуз, Бадахшону Толиқон Иброҳимро талаб-талаб кардаю ҷомаю салла пӯшонданд. Баъзе дороҳо аспу уштуру ким-чиҳое тӯҳфа карданд. Амир Олимхон ба пешвозаш одам фиристодаю бурда сарони шаҳри Кобул ва подшоҳ Амонуллохонро даъват карда, зиёфати шоҳона меороят. Ва он ҷо хуб таърифу таъвсиф кардаю чунин унвонҳо тақдим мекунад: «Муҳаммадиброҳимбеки девонбегӣ (генерал), тӯпчибошӣ, ғозии лашкари мусулмон, пешвои лақайҳо. Ва аз ҳисоби худаш 2500 рупия нафақа таъйин мекунад.

– Гап-гап буд, ки минбаъд дар Қалъаи Фату назди Олимхон мемонад. Вале чӣ шуд, ки зиёд наистода омад.

– Дурӯғу рости, ки буд, гуфта шуданд. Дигар инҳоро чӣ медорад? Дид, ки сӯҳбаташон гарм намешавад, хеста омад. Ҳоло дар Хонобод хона мепӯшидааст.

– Аз он тараф гум шудагиш хуб шуд,-Мансур ба деҳаи навбунёд нигоҳ кард ва дар фикраш омад, ки ин ҷо ҳам мисли деҳаҳои кӯҳистони худамон шудааст. Хонаҳои гилини пастак ва ба ҳам часпида. Шоху шиппаҳои бомҳо овезон. Баъзе ба ҷойи дар шолча овехтаанд. Аксари дудбароҳои хонаҳо ҷониби сой. Баъзеҳо дар назди хона барои молашон шохбаст кардаанд. Байни шохбастҳо харҳо дар хок ғел мезананд, баъзе мояш байни пой овезон ҳангос задаю дигареро суросур доранд. Дар пайраҳои он сӯйи деҳа ҷавонҳо харҳоро пешандоз карда, ҷониби

кӯҳ мераванд. Инҳо ҳезум кардаю шаҳр бурда мефурӯшанд. Низом - махдум гуфт, ки ҳар кадоме дар шаҳр харидор дорад: бойҳо, тоҷирон, нонвой ва ғайра. Писарбачаҳоюзанҳо аз оғилҳо бузу гӯсфандҳоро берун карда, ба рама ҳамроҳ мекунанд. Писаракону духтаракон аксар пойлуч. Куртаҳои тик ё чити дароз доранд. Ин гуна матоъҳо ҳоло дар дуконҳои назди соҳили шуравӣ бисёр шудаю арзон ҳам ҳастанд. Дар назди баъзе ҳавлиҳо боғ кардаанд. Дарахтҳояшон ба гул омадаанд. Дар теппаи он сӯйи сой қабристон намоён. Он ҷо назди қабре ду нафар ҷунбуҷӯл доранд. Марде аз кӯчаи поёни хонаҳо гузашта хабар дод: «Акаи Низом - махдум, меҳмонро гирифта ба туйи амаки Давлат марҳамат кунед, писар зан медиҳанд!» Офарин, хабари тӯй хурсандат мекунад. Зиндагӣ бо ҳама бешу камаш чун хачири пурбор ғалтидаю хеста қадам мезанад.

– Шумо дар Балх бисёр меистед?- пурсид Низом - махдум.

– Он ҷо як ҳамшаҳрамон ҳаст, шайх Аҳмад мегӯянд. Он касро дида, пас мегардам. Хабар медиҳам, шумо ҳам ба Қундуз меоед. Хонапӯширо шурӯъ мекунем.

❁ ❁ ❁

Дар Найзаварон ба омадани комиссия тайёрӣ медиданд. Кори ҷиноятии Нуралии гуреза, Тӯйчии бойшуда ва Амини домоди Мавлонбойро, ки се моҳ боз дар маҳбас буд, тафтиш карда душман эълон мекунанд. Аминро барои барзаговҳояшро фурӯхтанаш, дар байни одамон “ба колхоз ҳамроҳ нашавед, гуфта ташвиқ бурданаш ва боз ким-чи гуноҳҳое, ки ба гарданаш бор кардаанд. Ва боз панҷ нафар аз деҳаҳои атроф низ будаанд, ки кори ҷиноятиашонро боя бубинанд. Ин хабарҳоро раис Сангов аз марказ овард.

Идораҳои колхози ба номи Аскари Сурх дар масҷиди гузари Ҳайдарбе буданд. Як сол зиёд шудааст, ки идораҳоро ба ҳавлии Олимбой кӯчондан. Ба идораҳо ҳамин ҳавлии серҳуҷра мувофиқ омадааст. Ду рӯз шудааст, ки ба пешвози комиссия атрофи идора ва кӯчаҳоро тоза мекунанд.

Мудири хоҷагӣ Остон бо дастури Сангов аз рама гӯсфанд оварда, пӯст пора намуда, кабоб тайёр кард. Тош аз деҳаи Обканда арақ овардаю ба раи гуфт: “Пул камӣ кард, мувофиқи фармудаатон баъдтар бо гӯсфанд баробар мекунем!” гуфта, ду пояи хӯрҷина пур карда овардам.

– Молодес!-Раис хурсанд шуд.

Вале комиссия он рӯз наомад. Аз ноҳия хабар доданд, ки комиссия рӯ душанбеи оянда меояд.

Рӯзи дигар Нуралӣ баъд аз намози пешин писари хурдиаш Ҳумоюнро ҳамр гирифта ба хонаи Олимбой даромад. Бо Олимбой якҷо шину хез мекарда хост бубинад, ки занаш Бибизӯҳро бе шавҳар чи ҳол дорад. Писараш Толибч ба шаҳр рафта, бо чӣ кор машғул шудааст.

Хонаҳои кунгурадори Олимбой аз дур намоёнанд. Ба зани Олимбой ду хон дар канор будаю як қисми ҳавлиро ҷудо карда додаанд. Зан он ҷо бо духта хурдӣ зиндагӣ мекунад. Ба фикри Нуралӣ омад, ки дер ё зуд ин аҳвол ба сар вай ҳам меояд. Хонаҳои навпӯшидаашро мегиранду вайро ба хонаҳои кӯ

пеш мекунанд. Хонаашро хонаи андоз мекардаанд. Он барои ғаллаҷамъкунӣ мувофиқ будааст. Остони писарамакаш чунин овозаро паҳн карда гаштааст.

Дар ҳавлӣ Бибизӯҳро гандум мешуст. Духтари хурдӣ бо кӯдакаш банд буд. Зан зуд гандумҳоро бо лаби гилем пӯшонду хест.

– Хоҳар, сари қадам шуморо хабар гирифта меравам, чунки кор дорам.- Баҳона овард Нуралӣ, то ки зан аз кораш намонад.

– Дар қадамҳои додари ҷон сарама мемонам, ман аз шумо ҳамин умеда доштам, ки рӯзе мани бекасро хабаргирӣ меоед. –Зан ба Ҳумоюн ҳам меҳрубонӣ кард, "бубинед қад ёзонда домодзеб шудааст" гуфта, рӯйи ҳавлӣ ҷой кард.

Бибизӯҳро солаш аз панҷоҳ гузашта бошад ҳам, қоматаш мисли сарв росту ҳуснаш расо. Ӯ зани кайвонист. Дар деҳа кучое палави хуб пазанд, мегӯянд, ки палави Бабизуҳро барин шудааст.

Аслан Бибизӯҳро аз деҳаи ҳамсоя –Сарчашма аст. Дар ҷавонӣ Олимбой ба тӯй рафта, ӯро дида ошиқ шуда будааст. Дар чиҳозаш як рама гӯсфанд додааст. Бибизӯҳро ба ғайр аз Толибҷон боз се духтари ба шавҳардордода дорад.

Бештари хонаҳои Олимбой дар он сӯйи деворанд. Аз байн девори баланд бардоштаанд. Аз он сӯ овози ҳезумшиканӣ, бӯи дуд, бӯи кабоб меояд.

– Сари қадам омадед ё бафурча омадед, як пиёла чойи хонаи рафиқатонро нӯшида, пас мераваед.-Зан аз тоқ болишт гирифта ба танаи девор монд.-Ин ҷо гузашта такя кунед,-гуфт.

"Феъли мардуми озодаи мо аз гаҳи бостон чунин аст. Ҳама кору борашро як тараф монда, ба иззати меҳмон мерасад," фикр кард Мансур ва болои курпача нишаст.

Зан чойникро назди Нуралӣ гузошта гуфт:

Каме аз чойи ошнотон менӯшидагӣ буд, аз ҳамон дам кардам. Он бетолеъ чӣ қадар шуморо нағз медид.

– Дилро ба дил раҳест, гуфтагӣ барин ман ҳам он касро бародарвор дӯст медоштам.

– Вақти аз масҷид омаданатон қасри пӯшидаи Холи қатрона дидед?-Пурсид зан.- Алаккай се хонаро пӯшида либосу палос партофтааст. Ними халқ ҷамъ шудаю ба ном ҳашар карда, хонаашро мепӯшанд. Ҳама медонем, ки аз аввали омадшуд расми деҳа чунин аст. Касе иморат сар кард, одамон вақт ёфта як ё ду рӯз ба ёрӣ меоянд. Инро барои худ қарз меҳисобанд. Ҳангоме ки ману шумо хона мепӯшидем, ҳеҷ гоҳ ин қадар одам намеомад. Имрӯз моро таъна мекунанд, ки шумо ба муштамзӯрӣ хона мепӯшидед.

– Додатона ба кӣ мегӯед?-Оҳ кашид Нуралӣ.- Як замоне шуд, ки хармӯҳраро гавҳар мехонанд.

– Дар забони додарам мурам, ҳаққи гапро гуфтед. Чанд соле, ки ин бепою қадамҳоро сардор мондаанд, мо аз тарсу таҳлукаю гуруснагӣ набаромадаем. Аҳволмон рӯз то рӯз бадтару бадтар. Ду ҷуфт барзаговамро соли гузашта барои колхози бетагашон бурданд. Аввали ҳамин баҳор як ҷуфташ ҳаром мурд. Ба онҳо нигоҳ намекунанд, юнучқаи тарак хӯрда мемуранд. Ба он барзаговҳои кӯҳбарин ҳоло ҳам дилам месӯзад. Аспе, ки Олимбой савор шуда мегашт, Осто-

ну Тош савор шудаю катагӣ карда гаштаанд. Аспи шумоя Холи қатрон савор шуда гаштааст. Гарданаш мешикаст, ки медидам.

Нуралӣ девори паҳлӯро нишон дода оҳиста "девор мӯш дорад, мӯш гӯш"гуфт ва пурсид: "Аз Олимбой хату хабар ҳаст?"

– Хату хабар мегирем, додари ҷон. Дар хати охир навиштаанд, ки онҳо чанд нафарро ҷудо карда ба дуртари Қазоқистон бурдаанд. Ҳоло бо русу нуғайҳо якҷоя будаанд. Аз мардуми худамон як фалғарӣ ҳамроҳашон будааст, номаш Қорӣ Қосим. Одами донишманд ва мӯъмину мусулмон будааст. Навиштаанд, ки шукр, ки ҳамон ҳаст.

– Қариб ҳашт солаш гузашт, ана - мана нагуфта мебинед, ки мондагиаш ҳам мегузарад.

– Ҳоло ду соли дигар ҳаст. Оё то он вақт зинда мемонем? -Гуфт Бибизӯҳро ба алам сар ҷунбонда ва овозашро пасттар кард: -Бӯи кабоба фаҳмидед? Ҳар рӯзи Худо раисашон, Холи қатрон, Остони шубушини хешатону Тоши кирмхӯрда боз чор-панҷ нафар фаъолон ба баҳонаи камиссия омад, маҷлис мекунем, корашон гӯсфандкушию қайлахӯрӣ. Кошкӣ ба он гӯсфандҳо меҳнат карда бошанд!

Нуралӣ даст афшонд: "Аз онҳо гап назанед," гуфт:

Аммо зан ором намешуд: бо овози пичиросӣ афзуд:- Дар даромади ҳавлӣ як лула мондагӣ. Вино дорад, пиво дорад, чи балое дорад, ҳар бегоҳ ҷамъ шудаю аз ҳамон сабилмонда рехта мехӯранд. Бисмиллоҳошон "Зинда бод Ленин! Зинда бод Исталин!" Он хеши шумо Остону кирмини Қодир баъзан нимрӯзӣ ҳам омада аз ҳамон бало мехӯранд. Инҳоя гапашон "Нест бод бой!" Нест бод Мавлонбой! Нест бод Амин! Баъзан номи шуморо ҳам мегиранд." Пас кӯча мебароянду худашона маст рост мекунанд. Занҳои бечора инҳоя дида кафшашона ба даст гирифта мегурезанд. Мардҳо ҳам кордорашон намешаванд, метарсанд. Инҳо бошанд, дарунакӣ хандидаю бештар калавида худашона ба дару девор зада мераванд. Ман дарвозая ялла монда қилиққошона зеҳн мемонам-дия.

Нуралӣ шикамашро дошта хандид.

– Шумо хуб мушоҳида мекардаед,-гуфт ва муддате андешаманд шуду пурсид:- Толибҷон баъзан меоянд?

– Баҳоррӯя як омада буд,-гуфт зан ва боз даргирифт. -Хонаҳома Толибҷонатон ба инҳо дод! Ба худам мешуд, як хишташа намедодам! Се ҷуфт барзагов, ду асп, қутани моламро раҳзанҳо барин худашон соҳибӣ карданду хонаҳою замину боғама, халтаҳои мавизу чормағзу дигар анҷомҳоро Толибҷон худаш рӯйхат карда дод. "Гиред, ман тарафи шумо"гуфт. Лекин номардҳо ёраш нагирифтанд, баръакс, аз пасаш дасиса карданд. Камиссияш омаду мӯя аз хамир ҷудо кард. Худо умри бачаҳошона диҳад, писари бой бошӣ ҳам, чавони хуб будаӣ, кор карда гард, гуфтанд. Худашон-маслиҳат доданд, ки ба ягон мактаб даромада хон.

Ин сухан ба дили Нуралӣ умед андохт. Шояд хонаҳояшро мегиранду ба худаш кордор намешаванд.

– Толибҷон дар шаҳр гуфта шунидам, рост?

– Рост, дар номи додарам мурам. Охир аз дасти ҳамин ҳақношиносҳо рафт. Ҳоло аз рафтанаш хурсанд. Рӯз дар завод кор мекардаасту, шаб дар мактаби

ҳисобчигӣ мехондааст. Муаллимонаш бештар русҳо будаанд. Дар байни онҳо хубаш ҳам будааст. Якеш гуфтааст, ки додар, ту ҷавони бафаҳм будай, хуб хонӣ, ҳисобчӣ мешавӣ.

– Ҳисобчӣ?-ҳайрон шуд Нуралӣ.-Чӣ ҳисоб мекардааст?

– Дар пеши пойҳоят апа мурад, онҳо худашон гапу ҳарфашона надонад, апа сарфаҳм намеравад.- Бибизӯҳро ба кафи Ҳумоюн як панҷа конфет ниҳодаю косаи талқони тутро, ки тика-тика бурида овардааст, пештари Нуралӣ давонд.- Гиред, даҳон ширин кунед, Ин тути порсола.-Бибизӯҳро овозашро паст карда сӯйи дарахтони он сӯйи девор, ки себҳо пухтаю ангураш ҳам ранг овардааст, ишора кард:-Ин неъмата бинед. Остони хешатон моро ҳатто нигоҳ кардан намемонад. Набераам гиря кунад ҳам, як себ намедиҳад.

Нуралӣ андешид, ки зан як лаҳза ҳам хонаашро фаромӯш намекунад. Аламу озорашро тассавур карда ба ҳолаш раҳмаш омад.

– Худатон дидед-ку, хешамон моро чӣ кор кард.

– Рост мегӯед, вай чашмдарида садқаи хешии шумо шавад.

Бибизӯҳро духтарашро фарёд кард:

– Шарифа, хӯрокат пӯхта бошад, биёр.

– Апаҷон, хӯрок лозим нест,-гуфт Нуралӣ ва афзуд:-фаҳмидам, ки саисатон Азизбек одами хуб баромадааст, хабаргирӣ меомадааст.

– Рост, дар даҳони додарам мурам, Азизбек одами банамак баромад. Занаш ҳам ҳар вақт хабаргирӣ меояд.

Онҳо дақиқае хомӯш монданду зан бо оҳанги дигар гуфт:

– Мебахшед, ман сергапӣ кардам,худатон чӣ ҳол доред?

– Комиссияро интизорем. Шабу рӯз домани Худоро аз даст сар намедиҳем, ки ба ҳоламон раҳм кунад.

– Худованд раҳмону раҳим аст, шумо одами нондеҳ ҳастед, хоратон намекунад. – Зан оҳанги гиря кард:-Олимҷон ҳам марди нондеҳ буд.

– Дар тақдирамон ин рӯзҳо будааст,-Нуралӣ хест. Ба соҳибхона хайрбод кардаю дасти писарашро гирифта, ба кӯча баромад. Аз назди ҳаммом гузашта фикр кард, ки агар ба шаҳр кӯчида равад, зиндагиаш чи гуна мешуда бошад? Вале ин фикр маъқулаш нашуд. Ин ҷо ватанаш аст. Ба умед ин қадар замину боғ кард. Замона ба як ранг намемондагист.

Се ҳафта гузашту хабар омад, ки комиссия ба деҳаи Обканда мерафтааст. Мачлисро дар ҳамон ҷо баргузор мекардаанд.

Сангову Остон пештар рафтанду ду нафар комсомол ва Тоши Тарош, ки ҳоло ба кори кассирӣ гузарондаанд, Нуралиро пешандоз карда бурданд. Аз пас Анвари писари Нуралӣ ва Мирзошариф ҳам раҳакӣ шуданд.

Нуралиро овозаи омадани комиссия ҳам дар изтироб андохт, ҳам як тарафи дилаш сабукӣ ҳис кард. Вай аз он ки ду ҳафта умрашро дар каҳдони гарму пурчанг бо тарсу таҳлука гузаронда буд ва қариб ду моҳ аст, ки дар хона, дар интизор аст, ки чӣ гуна суд мекунанд, чанд сол медода бошанд, сахт дилгир шудаю мехост, ки ин гирудорҳо зудтар яктарафа шаванд. Ҳатто розӣ буд, ки ба Сибир раваду ҳашт-нӯҳ солро пушти сар карда (аз рӯйи овозаҳо ба ӯ ҳамин

қадар медодаанд) баргардаду ҳамроҳи мардум озодона кору зиндагӣ кунад. Лекин чун ба саҳни клуби деҳи Обканда даромаданд, аз он фикру андешаҳо осоре дар сараш намонд. Боз мисли рӯзҳои аввал ба ҷисму ҷонаш тарс афтиду ҳамон саволҳо ба сараш омаданд. Охир ба кадом сабаб ман душман будаам? Ба касе болою поин нагуфта бошам. Ин молу ҳоле, ки ёфтам, аз меҳнати ҳалол аст-ку. Дар пеши чашмашон кардам. Ҳамаашро гирифтанд, майлаш. Чаро мумкин набудааст, ки ҳамроҳи онҳо кор кунам? Деҳқонию молдорие, ки ман карда метавонам, ягонтаи инҳо карда наметавонанд. Ва инро ҳамаашон медонанд...

Дар даромади саҳн бо ҳуруфоти форсию лотинӣ шиорҳо овезонанд. "Нест бод кулак!" "Нест бод душманони давлати ҷоноҷони Шӯравӣ!" Худи ҳамин шиорҳо Нуралиро рӯҳану ҷисман афсурдаю афгор карданд. Ба назараш чунин менамуд, ки ҳар ҳарфи ин навиштаҳо бар зидди ӯ равона шудааст, то ки хонаду фаҳмад ва ҷон аз дасту пойҳояш барояд. Саҳнро гузашта дид, ки дари толор кушода аст. Он ҷо касе ҷунбуҷӯл дорад. Мизи калонеро бо алвони сурхи оҳарӣ пӯшонидаанд. Дар атрофи саҳн одамони аз деҳаҳо омада дар сояҳои дарахтон гурӯҳ-гурӯҳ истода суҳбат доранд. Чоштгоҳи калон шуда, вақти гармии ҳаво буд. Дар кунҷе Одина ва Қодир нишастаанд. Аз ин касофатҳо некӣ намебарояд. Инҳоро барои чӣ оварда бошанд? Шояд барои шоҳид гузаштан. То гӯянд, ки Нуралӣ бой аст. Мо фалон корҳояшро мекардем. Ҳоло бо чунин буҳтонҳо "душман"ҳоро нест мекунанд. Нуралӣ аввалин маротиба дар назди обу хоки ватан, дар назди ҳамдиёрон худро бегона ҳис кард. Аз оламу одам дилмонда шуд. Ӯ рӯймоли миёнашро кушода аракӣ сарурӯйяшро пок кард.

Бо ишораи Мирзошариф ба ҷои соя рафтанд. Ба назди онҳо зан ва ҳарду писарони Тӯйчӣ омаданд. Онҳо гуфтанд, ки як солу ҳашт моҳ мешавад, ки падарашон дар маҳбаси район аст. Писари калониаш Комрон ҷавони бисту сесолаи қадаш калта, чашмони калон дорад. Бо овози шунаво гуфт, ки падарашро бой кардагӣ Холи қатрон. Аз рӯе, ки писандаш намекард, бой кард. Ман ин корро ҳамту намемонам. Як хеши шаҳриямон дар милиса кор мекунад. Ӯро оварда падарама сафед мекунам.

Зани Тӯйчӣ сӯи писараш шиддат кард: "оҳиста гап зан, ин ҷо ҳаргуна одамон ҳастанд". Аммо Комрон ором намешуд. Бо оҳанги пештара ҳавои даҳан мекард:

– Ман аз касе наметарсам! Баланд мегӯям, ки ҳама фаҳманд! Ғулом ё саис надошт падари ман. Ду дукона бо дасти худаш сохт падари ман! Хонаашро ҳам худаш сохт падарам...

Нуралӣ дасти Анварро гирифту оҳиста қадам зада дуртар бурда, бештар ҷониби Мирзошариф нигариста гуфт:

– Анвар, писарам, дар тақдирам ин рӯз будааст. Шаш-ҳафт сол хеҷ гап не. Шумо ба ин фирқашудаҳо пасту баланд нагӯед. Замони инҳо шуд. "Хубу хош, ҷон халос" гӯеду гардед.

– Ҳоло ҳеҷ гап нест, номи Сибира нагиред,-гуфт Мирзошариф.

Дар саҳн то рафт одамон зийд мешуданд. Аз деҳаи Обканда одам бисёр омадааст. Аз деҳаи Яккачинор ҳам ҳаст. Чашми Нуралӣ ба Мусофири Малик, раиси деҳаи Обканда, афтод. Нуралӣ баъди гуреза шуданаш шунида буд, ки Мусофир ҳангоми дар Самарқанд мардикорӣ карданаш узви фирқа шудааст.

Баъди инқилоб дар деҳаашон раис интихоб кардаанд. Колхозашон номи Катовскийро гирифтааст.

Сангов аз кучое пайдо шуда, ҷониби Қодир гуфт:

– Шумо дар берун мешинед. Лозим шуд даъват мекунем. Пас Нуралиро саросема кард: - Дароед! Зуд дароед! Кори шуморо дар навбати дуюм мебинанд.

Вай имрӯз гимнастёрка пӯшидаю тасма баста худашро мисли аскари сурх рост кардааст.

Нуралӣ назди дар интизор шуда, бо ғазабу нафрати ошкоро ба чашмони Сангов нигариста, лабханд карду гуфт:

– Ту то маро зиндон накунӣ, ором намегирӣ.

– Туя давлати Шӯро зиндон мекунад,-ғуррид Сангов.

Нуралӣ назди остона Исмати оҳангарро дид. Ӯ ҷомаро печонда таги каш гирифтааст. Онҳо шиносанд. Ба хонаи ҳамдигар равуо доштанд. Вайро барои он ки ким-кадом узви фирқаро дашном додааст, суд мекардаанд. Пеш аз инқилоб муллоро дашном медодӣ, дини исломро дашном додӣ, гуфта зиндон мекарданд. Исмат Нуралиро андӯҳгин диду ба овози баланд чунин суханҳо гуфт:

– Ошно, гусфанди нар барои корд, гуфтаанд. Таваккал гуфтаю рубарӯйи ин бахилҳо рафтан мегирем. Боғи бахил гул кунад ҳам, ғӯра намегирад.

Онсӯтар писари Тӯйчӣ бо овози баланд кадомеро пӯписа мекард. «Худи пагоҳ хешамона ба сарат меорам» мегуфт.

Комиссия соати ёздаҳ ба кор шурӯъ кард. Нуралӣ гумон дошт, ки сардори комиссия рус аст. Аммо дид, ки сардор марди миёнсин ва кушодарӯи таҳҷоист.

Корро аз Исмат шурӯъ карданд. Вақте ки парвандаи ҷиноияшро хонданд, бепарво ба овози баланд гуфт: "Медонистам, ки ба ман ҳашт сол медиҳед". Нуралӣ мушоҳида кард, ки чашмони Исмат пури яъсу андӯҳуанду ба зӯри ирода худро бепарво вонамуд мекунад. Ӯ низ қарор дод, ки дар назди дӯсту душман бояд худро мардона дорад.

Дар кори Нуралӣ баҳсу талош зиёд шуд. Сангов хеста хабар дод, ки ӯ яке аз бойҳои калони деҳа аст. Ҳангоми доштан фирор карда то ҳол гуреза буд. Баъд, ки зӯраш меояд, баргашта ду ҳафта дар каҳдонаш мисли муш пинҳон шудааст. Берӯиро бинед, ки бе иҷозату бе хабар, ба замини колхоз гандумдарав омадааст. Ӯ боз як далели дигар ҳам оварда; Мирзошарифро, ки дар паҳлуи Нуралӣ менишаст, аз ҷояш хезонда афзуд: -Нуралӣ дирӯз ба ҳамин ҷиянаш як халта гандум додааст, ки ба хонаи ман бурда диҳад, то ки ӯро бой нагӯям.

Нуралӣ дар аввал гумон кард, ки Сангов ӯро тӯҳмат мекунад. Вале Мирзошариф изтиробзада шуда гуфт:

– Рафиқон, ин тӯҳмата бинед. Худаш фармуд, ки барои заминҳои Сурхӣ тухмӣ диҳам! Ба хар бор карда коргоҳаш бурдам. Посбон гуфт, ки ин ҷо муш бисёр, хонааш баред. Харро пас гардонда, ба хонааш бурдам, кори шудагӣ ҳамин!

Нуралӣ аз таги масъала пай бурд. Мирзошариф гандумро ришва бурдааст. Корро осон мекунам гуфта, мушкил кардааст.

– Рачабов, котиби комсомол аз ҷой хезед:-Сардори ҳайъат Аминзода ба Ашӯр муроҷиат кард:- Ҳақиқатро гӯед Барзуев Нуралӣ бой аст?

– Ин қадар бойи калон несту лекин бой аст,-гуфт Ашӯр бо овози паст ва чун одат бо ханда афзуд: - Асп дорад, меҳмонхона дорад. Пеш аз инқилоб дар меҳмонхонааш ҳар бегоҳ палавхӯрӣ мекарданд.

– Шинед! –Аминзода бо тамасхур ба Ашӯр зеҳн монд.- Комсомол палав намехӯрад?- Худат палов намехӯрӣ? Ва аз толор будаҳо пурсид:-Дар ҳаққи Барзуев боз кӣ чӣ мегӯяд?

Аз қатори пеш Мусофири Малик хест. Нуралӣ шунида буд, ки Мусофир дар маъракаи фирқаҳо ба сухангӯӣ ном баровардааст. Ба суханаш калонҳо эътибор медиҳанд. Дар ҳаққаш чӣ мегуфта бошад? Мусофир ҷониби Нуралӣ нигарист. Дар нигоҳаш меҳрубонӣ аён аст. Нуралӣ дар дил ба ӯ муроҷиат кард: "Ошно, об аз сар ки гузашт, чи як вақабу чи сад вақаб. Худата дар гап намон. Чизе, ки зарур медонӣ, гуфтан гир".

Мусофир андаке ба шиддат ва бо садои гиро гуфт:

– Намакхӯрда чил сол андеша кардааст, мегӯянд, ин сухан ҳикмат дорад. Ҳикматаш ҳамин аст, ки ба фаҳмиши худамон гӯем агар, аз худат шарм дор гуфтанӣ гап. - Ман он чӣ дидаам, бояд гӯям. Дар умри кӯтоҳам ду дафъа роҳи гузар дар хонаи ин шахс меҳмон шудам. Ҷавон будам, як гурӯҳ ба сӯйи болооб корковӣ мерафтем. Дар ҳавои гарм, дур аз хонаашон дар сояе дам мегирифтем, ки акаи Нуралӣ аз масҷид омада, моро дида, ба хонааш бурд, шикамамонро сер карда ҷавоб дод. Дафъаи дигар ҳафт нафар будем: боз моро аз роҳ гардонда ба хонаи ӯ бурданд. Худи Нуралӣ дар поёни хона менишаст, чой кашида ба мо медод. Мисли дигарҳо такаббур надошт. Ҳамон вақт мушоҳида кардам, ки ҷомааш, эзораш мисли ҷомаю эзори мо дарбеҳ доранд, дастонаш пур аз обила. Мо ҳамсоядеҳаем. Аз кору бори ҳамдигар бохабарем. Мардуми деҳаи мо медонанд, ки Нуралӣ он хонаю даре, ки дорад, ба меҳнати ҳалол сохтаву ба нияти нек истифода мекунад. Афсӯс мехӯрам, ки дар деҳаи мо чунин одам нест.

Кадоме аз пас садо баланд кард.

– Рост, сер бошӣ, дида наметавонанд, гушна бошӣ, додан!

Нуралӣ бори дуюм сарашро бардошта, ҷониби Мусофир нигарист. Марди наҳифандом ва банур, озоду дилпур сухан мекунад. Меҳмон буданаш ба хотираш наомад. Охир дар хонаи вай бисёр касон меҳмон мешуданд. Ҳамзамон пай бурд, ки суханони Мусофир ба Аминзода писанд омаданд. Гирехи абрӯяш кушода шуд.

Ногаҳ оҳанги сухани Мусофир тез шуду аз Сангов пурсид:

– Дар масъалаи гандум як чизро мехоҳам рӯшан кунам. Рафиқ Сангов. Ба хонаатон кадом соати рӯз гундум бурданд?

– Дирӯз байни асру шом будааст. Шоҳид ҳам дорам. Ду нафар дар берун, иҷозат диҳед, даъват кунам.

– Бе шоҳид суханатонро гуфтан гиред,-гуфт сардор.

– Худам дар хона мебудам, намемондам,-афзуд Сангов. Гуфтааст, ки барои тухмии заминашон.- Сангов ҷониби толор нигоҳе карду афзуд: - Рафиқон, мо ҳафт сол Барзуевро кофтем. Инро агар бе ҷазо монем, пагоҳ мегӯяд, ки замину боғамро диҳед. Як кутан молашро колхозӣ кардем, молашро мепурсад. Хамбаи орду дигар анҷомашро мепурсад. Ин авлод ҳама муштамзӯранд. Се ҳафта

пеш ҳамин ҷиянаш Мирзошариф бо санг ба сари колхозчии камбағал задааст. Худаш хеста ба шумо мегӯяд.

Остон хеста аз рӯйи одат бо овози чирросии баланд гуфт:

– Мани камбағал дар меҳмонхонаи ин бой панҷоҳ рӯзи қуфл китф луч карда сангу хок кашондам! Ҷиянаша худаш фармуд, ки маро бо санг занад! Ина суд накунем, корҳои бадашро кардан мегирад!

– Ту ки феъли бад дорӣ, ҳар рӯз сангу чӯб мехӯрӣ,-Мусофир ҷониби Остон истеҳзо карду ба суханаш идома дод:- Рафиқон, ман ҳам дирӯз аз ҳамин Мирзошариф ду ҷувол тухмӣ гирифтам. Мо фаҳмидем, ки имсол гандуми Мирзошариф хуб шудааст. Бубинед, рафиқон, ҳам тухмӣ диҳад, ҳам гиребонашро гирему тӯҳмат кунем. Ин кор магар ба шаъни мо, камунистҳо, мезебад? Баъди ин магар мардум аз мо рӯ намегардонанд?- Мусофир ҷониби сардори комиссия гашт. - Рафиқ Аминзода, суханони дар аввали сол гуфтаатон ҳоло ҳам аз гӯши аъзоёни колхози мо нарафтаанд. Гуфта будед, ки "дар оғози инқилоб мо ба чапаравиҳо роҳ додем. Дар баробари бойҳо деҳқонҳои дастбакори озодаро аз худамон дур кардем," Нуралӣ аз ҳамон гуна деҳқонҳои дастбакор аст. Ин гуна одамон сазовори дастгирианд на Сибир кардан.

Боз ду нафари аз деҳаи Обканда ва Яккачинор хеста тавсифи ҷавонмардии Нуралиро карданд.

Остон хеста чизе гуфтанӣ шуд, ки Аминзода ба шиддат суханашро бурида гуфт:

– Фикри шумо маълум! Ин ҷо бозор нест, ки ҳар лаҳза хеста ҳай-ҳай кунед. Дар ҳақиқат як меҳмонхонаю ду асп ё чил-панҷоҳ таноб замин доштан меъёри дороиву сарватмандӣ ва душмани халқ будан нест. Гузаштаҳои мо хона кардану ба раҳгузару афтодае нон доданро ифтихор ва айни ҷавонмардӣ медонистанд. Маърифату мардумиамон дар чунин корҳо буд. Ин ҷо рӯшан шуд, ки Барзуев аз деҳқононест, ки ҳамдиёронаш ба ӯ эҳтиром доранд. Хоҳиш мекунам Барзуев ба колхоз шомил карда шавад. Ва ҷониби Нуралӣ гашт. – Барзуев, донед, ки минбаъд дар кори пешрафти колхозатон шумо низ масъулед.

– Албатта, дар колхоз кор мекунам, –Нуралӣ сабук аз ҷояш хест.- Ҳама буду шудамро ба колхоз медиҳам. Ӯ кӯшиш мекард, оби дидааш, ки чашмонашро пур карда буд нарезад.

Тӯйчиро аз маҳбаси район дертар оварданд. Дар якуним соли дар маҳбас буданаш рангаш зард ва лоғару рӯҳафтода шудааст.Ҳар замон месулфад. Овозаш ҳам намондааст. Бечора худро сафед карданӣ шуда, нафасаш ки мегирад, бо овози базӯр шунаво гуфт:

– Рафиқон, одамони диёрамон медонанд, ки ман камбағалам. Рӯзам, ки намегузашт ва ҳам барои он ки дури мардума наздик кунам, ҳама буду шудама додаю як дӯкон сохтам. Ҳамаи аҳли хонаводаамон дар он дӯкон кор мекардем, баъде ки каме пул пайдо кардам, дар паҳлӯяш боз дӯкон сохтаю хӯрокворирo алоҳида кардам. Ман мехостам барои ҳар майда-чуйда шуда мардум кори колхоза партофта ба ҳар тараф наравад.

– Дури мардума наздик кунам гуфта, молҳоро аз мағозаҳои атроф оварда, ду-се маротиба қимат мефурӯхтӣ,-гуфт Остон.- Боз худата мулло мегирӣ.

Сангов ҳангоми кишт надодани барзаговҳояшро ёдрас шуд, гуфт ки "рас Аминзода, заминҳои мо бекор монданду барзаговҳоша надод, ки ҷуфт куне

– Падари маро тӯҳмат накунед,-гуфт Комрон аз ҷояш хеста.- Вақте ки рои барзагов омаданд, падарам ба онҳо гуфтанд, ки вақти кишт гузашту ак меоед? - Яқин ин суханро касе ба ӯ ёд дода буд.

– Камбағал будаед, пас аз мағозаҳои давлат мола арзон гирифтаю ова ба колхозчи, ки берун рафта наметавонад, қимат фурӯхтаю бой шудед,-гу Аминзода.

– Дар даврaҳо мегуфтааст, ки ҳоло дар деҳа бойи якум манам, -афзуд Санг

– Хеш нашуда мур!- Комрон ин сухана тарзе гуфт, ки одамони пеш бу нашуниданд.

Аминзода бо Тӯйчӣ зеҳн монда ситезмандона гуфт:

– Ин гуруснагие, ки дар кишвари мо ҳукмфармосту мо онро бартараф кар наметавонем, аз дасти шумо савдогарон аст. Аз пушти шумо барин муфтхӯр яки мо ду намешавад! Мо шумо барин унсурҳои бегонаро аз сари роҳамон д карда, пас давлати дилхоҳамонро месозем. Дӯконҳои шумо ба касе дарк нестанд! Давлат худаш дӯкон сохтаю молашро оварда мефурӯшад! Шумо, тачрибаи дӯконсозӣ доред, Сибир рафта, то буд шудани вақтатон он ҷо дӯк месозед! Дар он ҷойҳо ҳам дӯкон лозим!

Тӯйчӣ гиря кард. Яқин вай барои аз даст рафтани дӯконҳояш гиря мекар

Ба Амини домоди Мавлонбой ҳам ҳашт сол доданд. Ӯро аз зиндони ша наоварда, ғоибона суд карданд. Баъд аз суд Сангову Остон аспҳояшонро сав шуда рафтанд. Дар таги пои Сангов аспи сафеди Нуралӣ буд.

Мирзошариф дар роҳ аз Нуралӣ пурсид.

– Аминзодаро шинохтед? -Ва афзуд:-Падараш дар хонаатон меҳмон шуда б дааст. Ҳангоме ки танаффус эълон карданд, ҳамроҳам қадам зада гуфт: "Солҳо пеш падарам раҳи бозор ду рӯз дар деҳаатон истода будаанд. Гуфтанд, ки он ч Олимбою Нуралӣ одамони нондеҳанд. Тавонӣ, ёрӣ кун". Ва боз таъкид кар ки ҳамаамон ба колхоз аъзо шавем.

Комиссия Нуралиро аз маҳбас гардонд. Аммо замона, ки бар зидди синф доро буд, ба ӯ рӯйи хуш нишон надод. Аз байн шаш моҳ гузашту писараш Ан варро зиндон карданд. Сабаб хонаҳо шуданд. Дар яке аз рӯзҳои сарди аввал баҳор, дар саҳни меҳмонхонаи Нуралӣ маҷлиси аъзои колхозро баргузор кар данд. Шамол ҳар лаҳза қувват гирифтаю хасу хошокро рӯфта оварда, ба ҳавз паси саҳн тела мекард. Дар ҷамъомад дар паси мизе, ки болояшро бо алвон сурх пӯшондаанд, фаъолон қатор нишастаанд. Онҳо аз афташ маслиҳаташонр пештар пазонда будаанд, ки паси ҳам хеста як суханро мегуфтанд: "Хонаи Нуралӣ барои идораи андоз мувофиқ аст. Аз ин хона дигар беҳтар ҷой нест!" Дар охир Остон сабук хеста ҷойҳоеро, ки бояд девор бардоранд, нишон дод. "Чор ҷой девор мебардорем, ҳашт-нӯҳ хонаи хуб мешавад," гуфт. Боймуроди хеши зани Нуралӣ, ки соли гузашта курси нӯҳмоҳаи муаллимиро хатм карда будаасту ҳоло дар район кор мекардааст, далел оварда: "Пеш аз инқилоб Нуралӣ замину қутани мол дошт, аз берун омадаҳоро меҳмондорӣ карда метавонист. Ҳоло он молу замин колхозӣ шуд. Меҳмонию рафиқиро ҳоло колхозҳо байни

ҳам мекунанд. Рафиқи ҳамаи мо фирқаи коммунист ва колхозест, ки дар он кор мекунему ҳақ мегирем. Аз ин рӯ ин хона ба Нуралӣ дарокор ҳам нест".

– Мизбонию меҳмоннавозиро ҳам душман гуфтаю Сибир кардед?- киноя кард Умарбек.

Остон дар ҷои нишасташ ба одамони атроф фаҳмонда гуфт:

– Ман панҷоҳ рӯзи қуфл дар ин хона ба пушторааам хоку санг кашондагӣ.

Дар охир худи Сангов хеста, рӯйи холдорашро абус карда бо овози баланд бо таҳдид гуфт:

– Аслан ин хонаи колхоз ҳисоб меёбад. Дар вақташ мардуми деҳа дар ин хона меҳнат кардаанд. Имрӯз бо қарори колхоз хона таъмир шудаю бинои колхоз мешавад.

Нуралӣ ҳамроҳи писараш Анвар дар кунҷе сархам менишаст. Анвар хам шуда гуфт: "Падар хонаро мегиранд, чаро хап нишастаед?"

– Чӣ коре аз дастамон меояд?-гуфт Нуралӣ. Вай ранг бохтаю рӯҳафтода менамуд. Маълум буд, ки ӯ аз баҳри хона баромадааст.

Анварро ҳайсияти ҷавонӣ ба ҷӯш омад. Ҳарчанд кӯшиш кард, ки ором сухан кунад, суханаш тезутунд баромад.

– Раис, коре ки мекунед, хуб нест. Чаро хонаи дигарон хонаи худашон будааасту хонаи мо аз они мардум?

Аз чор тараф ба Анвар ҳуҷум карданд.

– Ӯро ин ҷо кӣ роҳ дод?

Боймурод аз ҷояш хеста ба зарба гуфт:

– Ҳой, бача, падарат ин ҷо нишастааст. Мо бо ӯ гуфтугӯ мекунем, на бо ту!

Остон бо овози чирросиаш фарёд зад:

– Хонаи ту буд, хонаи халқ шуд! Ҳақ ба ҳақдораш расид!

Сангов аз ҷойи нишаст ҷаҳл кард:

– Ба ту кулакбача касе ҳаққи сухан кардан надодааст!

Тарафи Анварро фақат Домуллоназар гирифт:

– Ҳой мардум, хонааш аст, чаро ҳаққи сухан кардан надоштааст! Ана мусулмонию...

Ин дам ногаҳон кашокашиву занозанӣ сар зад ва шоҳидон баъдтар воқеъаро чунин нақл карданд:

"Анвар бо як ҷаҳиш худро болои миз гирифтаю Санговро зада афтонда ба зери лагад гирифт. Боймуроди ба сараш ҳамла карда омадаро аз гиребонаш дошта, як калла заду пас кашола карда аз ҳавлӣ берун бурд ва ба даруни ҳавзи об ҳаво дод. Ибоди писари бародараш ба ӯ ёр шуда буд, ки вайро ҳам дар шикамаш зада афтонд. Остон бинии шикастаю хунравонашро дошта, бо гиря дуо мекард: "Илоҳо Сибир рафта ҷувонимарг шавӣ, ки мурдаат ин су наояд!" Нуралӣ хост писарашро дорад, ки писар ӯро ҳам кашола карда бурда ба даруни ҳавз ҳаво дод. Занҳои дар ақиб нишаста қиву-чиғ бардошта, ба чор тараф гурехтанд. Як вақт бинем, дар саҳн касе намондааст"...

Ҳафтаи дигар ду милиса омада Анварро ба маркази ноҳия бурда маҳкам карданд. Баъд аз як моҳ суд ӯро ба муддати шаш сол аз озодӣ маҳрум кард.

Колхоз қарор бароварда хонаҳоро соҳибӣ кард. Нуралӣ ба хонаҳои кӯҳнааш, ки дар гӯшаи замин буданд, кӯчид.

Нуралӣ, чунон ки ба Аминзода ваъда дода буд, дар колхоз аз таҳти дил кор кард. Як ҷуфт говро гирифта, заминҳои поёноби Сурхиро ҷуфт кард. Дар кишту кор ба фаъолон маслиҳат медод. Ба тухмикори, об додани зироат ва дигар корҳо назорат мекард. Он сол бисёр заминҳо ки обу тобашонро дар вақташ гирифта буданд, ҳосили хуб доданд.

Аз байн як сол гузашту ба духтари калонии Нуралӣ Моҳрухсор хостгор омад. Зани Нуралӣ гуфта буд, ки ба духтаратон кадом комсомол талабгор шудааст. Комсомоли талабгор Ашӯр - чӯлоқ будааст. Нуралӣ ба занаш пӯписа кард: "Бо духтарат ин пилтаро аз гӯшатон кашед. Ман ба комсомол –помсомол духтар намедиҳам! Ҳаминҳо маро хонахароб карданд! Ба хусус ба он чулоқи буздузд, ки ақаллан хона надорад!" Ӯ ба ишораи гап тамом чуберо пеш кашида табар зад.

Занаш ҳавлиро ҷорӯб задаю ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Модари бача дирӯз омада гуфт, ки алҳол хонаҳомон кам. Тӯйро гузаронем, дарҳол аз пайи хона мешавем.

– Гуфтам, намешавад, нафаҳмидӣ?!- шиддат кард Нуралӣ.- Ва андаке таваққуф карда, бо ғазабу алам афзуд: -Зоғу кабӯтаранд инҳо! Дар як катак наметавонанд!

Гулрӯ бо оҳанги маломат гуфт:

– Духтаратон имсол ба бисту ду медарояд. Дугонаҳояш кайҳо соҳиби шавҳару кӯдак. То ҳол моро муштамзӯр гуфта, истиҳола карда, даромад накарданд. Акнун ки бахташ кушода шудааст, не нагӯед.- Ва ҷорӯбро ба кунҷе ҳаво додаю афзуд:-Духтаратон ба бача моил барин. Замонаи хостӣ –хостам шуд. Зан хомӯш шуд ва бо оҳанги маломат афзуд:- Шукр Хосият ҳам духтари калон шудааст...-Инҳоро наметавонем дар хона дорем уболу бад аст.

Нуралӣ сухани занашро такрор кард: «Замонаи хостӣ - хостам шуд» ва сахт-сахт табар зада чубро пора карду бо ҳамон хашму ғазаби аввала гуфт:

– Чӣ мехоҳед, кунед! Сипас ҷониби дашти Сурхӣ рафта, раҳи обро бел зада гоҳ-гоҳ бо овози шунаво мегуфт: "Замони хостӣ-хостам будааст! Хостӣ-хостам...!"

Гуфтаи Нуралӣ баромад. Зиндагии Моҳрухсор бо Ашӯр-чӯлоқ то ду сол накашид. Ашӯр, ки аксар вақт масту аласт мегашт, рӯзе калав-калав аз дар даромада, "чаро ту кулакдухтарро гирифтам?! Бари домани ба шумоён расидаамро мебурам"-гуфта ҷавобашро додааст.

Он бегоҳ Нуралӣ аз идораи раис ошуфтаю ғазаболуд баргашт. Гуфтугузорашон ба Сангов чунин сурат гирифта буд.

– Мегӯянд, ки гандуми замини пуштаҳо тунук баромадааст. Вақти тухмпошӣ кучо будед?! Чаро худатон тухмро напошидед? -пӯписа мекард Сангов.- Шояд қасдан наомадед?! Шояд пешравии кори колхоза намехоҳед?!

Боймурод ҳам ки дар утоқи Сангов буд, ҷониби Нуралӣ ҳавои даҳан кард:

– Рӯзе ки шуморо сафед карданд, гуфтанд-ку. Дар кишту кору ҳосил додани замин нисбат ба аз раис шумо бештар масъулед! Нақша буд нашавад, ин ҳам душманӣ дониста мешавад!

Нуралӣ лабханд карда ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Агар хушксолӣ биёяд, ё малах зер кунад чӣ?

– Ҳар шаб то саҳар дуо кунед, ки хушксолӣ набиёд!- дод зад Сангов.- Фаҳмо?!

Нуралӣ дасташро болои миз монда беихтиёр оҳиста-оҳиста тақ-тақ кард, пас нигоҳашро бардоштаю ба рӯи Сангов нигариста гуфт:

– Соли дароз корҳои вазнин ба гарданам, шабҳо то саҳар дуо кунам,- рӯзи меҳнат аз сӣ боло нашавад. Зани шумо дар сол ду кӯдак зояду боз саду даҳ рӯзи меҳнат гирад...

– Ту, кулак, забондароз шудаӣ?

– Ман аз кулак буданам ор намекунам, раис,-гуфт Нуралӣ. Аммо шумо ба ман ба ту сухан накунед. Нуралӣ оҳиста ва аз ҷояш хеста афзуд: - Вақте ки муносибат ба одамро ёд гирифтед, наздам биёед!- ва ҷониби дар рафт.

– Шинед, куҷо рафтед!? - Боймурод аз ҷояш хест.- Шинед дар ҷоятон!

– Шумо ин ҷо чӣ кор мекунед?-Нуралӣ назди дар истода бо азобе ғазабашро фурӯ нишонд ва афзуд: -.Дар марказ кор мекунед? Равед аз пайи коратон!

– Ба куҷо рафтани ман кори шумо набошад,-Боймурод тамасхур кард.- Шинед дар ҷоятон!

– Ии кас намояндаи район, узви раёсати колхози мо! Акнун фаҳмидед?!- гуфт Сангов.

Нуралӣ дигар ҳарфе нагуфта, аз дар баромад. Аз пас овози Санговро шунид: -

– Дидед, кулака! Мехоҳад ба ӯ "шумо" гуфта гап занем! Рӯйи даст бардорем!

Дили Нуралиро кӯҳи ғам зер кард. Бо алам пай бурд, ки ин тоифа ба ӯ рӯйи хуш намедиҳанд. Балки ба фарзандонаш ҳам зарар мерасонанд. Ба инҳо ба хубӣ намешавад. Ба ҳамон ту гуфтанаш ба даҳонаш задан лозим буд. Ӯ ғарқи чунин андешаҳо ба ҳавлиаш даромада, духтараш Моҳрухсорро дид, ки дар кунҷи ҳавлӣ гиря дораду кӯдакаш дар бағали хоҳараш Хосият. Аз чеҳраи изтиробзада ва нигоҳи гунаҳкоронаи Моҳрухсор пай бурд, ки аз хонаи шавҳараш қаҳр карда омадааст. Фикр кард, ки ҷанги зану шавҳар ба нав нест. Каме ором шавад, пас мефиристад. Зимни чунин андешаҳо бо нигоҳи меҳрбор "омадӣ, духтарам?" гуфт.

Моҳрухсор бо оби дидаи шашқатор баландтар гиря карда гуфт: "Ашӯр ҷавобама дод!"

Нуралӣ суханҳои духтарашро ё нафаҳмид ё сарфаҳм нарафта, ки ҳайратзада дар ҷояш истод. Пас хомӯш ҷомаашро кашида ба мехи сутуни ҳавлӣ овехт, пеш омад ва боз баргашта дар бағалкиссааш чизеро кофт. Ақиб гашт ва оромона пурсид:

– Киро ҷавоб дод?

– Ашӯр гуфт, ки талоқата додам. Ман бо духтари кулак зиндагӣ намекунам, мегӯяд!

Нуралӣ суханро дарк карду лаҳзае шах шуда монд.

– Маст дара даромаду бе гапу ҳарф ҳамин сухана гуфт,-афзуд Моҳрухсор.

Нуралӣ дар ҳолате, ки як-як манаҳаш меларзид, рафта аз гӯшаи ҳавлӣ офтобаро гирифтанӣ шуд, ки Хосият пештар рафта ба обдаста об рехта бо оҳанги маломат гуфт: "Кошки бой намебудем."

Нуралӣ таҳорат карда омаду ба рӯи духтараш нигариста оромона вале бо қатъият гуфт:

– Ҳамроҳи худам меистӣ.- Ҷудо шудагит хуб шуд. Ту бо онҳо кӯр намегирифтӣ.

Моҳрухсор бо миннатдорӣ ба рӯи падар нигарист, кӯдаки гирёнро аз дасти хоҳараш гирифта ба хона даромад.

Аммо ин кори чӯлоқ ба иззати нафсаи Нуралӣ сахт расид. Дар деҳа қариб, ки зансардиҳӣ набуд. Ба ҳар ҳол Нуралӣ ёд надорад. Ҳоло як пойлучи кӯча духтари озодаи бо ҳавас калонкардаашро, ки дар хонаи бӯйини онҳо бо он зоти гушнаи паст тоқат карда шиштааст, аз хона бароварда пеш кардааст. Мардум чунин мегӯянд. Ашӯр- чӯлоқ духтари фалониро бароварда пеш кардааст. Писарро айбаш таги токӣ. Аммо духтар зери таъна мемонад. "Беваи шавҳар сардода" Баъде, ки занаш аз кор омад, ғазабашро ба сари ӯ рехт.

– Ба ту гуфта будам, ки инҳо зоғу кабутаранд! Ту модар шуда нагуфтӣ, ки духтарам, он бенамуди бемоя сазовори ту нест! Аз он хору худозада бешӯй буданат авлотар аст!

Гулрӯ, ки аллакай аз воқеа хабардор буд, оромона гуфт:

– Омадааст, хуб кардааст, то таги пойи он сакалтуро рӯфтана таги пойи худама мерӯбад.

– Ту худат ин бозиро сохтӣ! Ту худат камсомол гуфта!.. Ту худат!... Ту ҳам аз зоти ҳамон Боймуродат!.

– Охир омадагӣ ҳамин. Гуфтанд, ки комсомол аст. Суханаш дар идораҳо мегузарад...

– Суханаш дар идораҳо мегузаштааст! – Нуралӣ тез шуда рафт: -Ҳе заҳу зурёти комсомолата г...(дар назар дошт Ашур-комсомола). Ҳе заҳу зурёти партията г... (дар назар дошт Санговро) Ҳе элу авлоди ҷадидата г... (дар назар дошт Боймуроди хеши занашро).

– Пасттар дод зан!- Гулрӯ тохта рафта, дари хонаро пӯшид ва мушоҳида кард, ки ҳамсояҳо ба ҳавлии онҳо нигоҳ доранд. Пас гашта талх гиря кард ва ба алам афзуд:- Рӯямро сиёҳ кардӣ! Мардум суханҳоятро шуниданд!

Нуралӣ дарро бо лагад зада кушоду бели нав дастамондаашро гирифта занашро рӯ-рӯйи ҳавлӣ думболагир карда, ба тамоми овоз дод зад:

– Ҳе, заҳу зурёти косомолата г... Ҳе заҳу зурёти партията г... Ҳе элу авлоди ҷадидата г...!

Овози Нуралиро ними деҳа мешунид. Аз ҳар тараф, "овози кӣ? Кӣ бедоди дорад?" гуфта мепурсиданд. Одамон дар ҳавлиҳо туб мешуданд, баъзеҳо норбон монда болои бом мебаромаданд, то ки дашномдеҳро бинанд.

Зан доной карда, ба хонаи Домуллоназар даромадаву гиряву зорӣ карда, гуфт, ки "Нуралиро шамол задааст. Ҳушаш ба худаш не. Чизе ба даҳонаш ояд, мегӯяд. Рафта як дам меандохтед."

Домуллоназар Нуралиро "дуохонӣ" кард ва ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Ман пагоҳ ва рӯзи дигар ҳам меоям. Шумо як ҳафта аз хона набаромада истед. Аз дар баромада ҷониби занаш афзуд:- Алҳол ба наздашон каси бегонаро даромадан намонед.

Ҳамон рӯз дар деҳа овоза шуд, ки Нуралӣ девона шудааст. Касе наздаш дарояд, мезадааст дашном медодааст.

Ба идораи колхоз ҳам хабари дашномҳои Нуралӣ, ҳам хабари девона шуданаш расид. Пеш аз ҳама Остон изҳори ақида кард. «Худаш ҷиннӣ шуд? Ҳоло писараш ҳам ҷиннӣ мешавад. Он ҷувонимарги гарданпарида чанд одама ба ҳавзи обаш ях барин партофтаю бемор карда буд." Худам як моҳ руғани думбая сурхтоб карда хӯрда ба худ омадам." Аммо бештари мардуми деҳа ҳисси дилсӯзӣ карданд: "Нуралия хонаша гирифтанд, ягона писараша зиндон карданд. Духтари гулбаринаша Ашӯри буздузд сар дод. Ин аламҳо мисли саги девона мардака газида ҷиннӣ карданд."

Баъди он рӯз Нуралӣ ба кор набаромад. Гоҳе медиданд, ки дар замини дари хонааш бо сари баста ҷунбуҷӯл дорад. Агар ба куча мебаромад сархам қадам зада ба касе нигоҳ намекард. Аммо ҳар гоҳ, ки дилаш танг мешуд ё муҳтоҷӣ зӯраш меоварду "ҷунунаш" авҷ мекард, бел дар даст занашро гирди ҳавлӣ пеш карда, бо овози баланд дилашро холӣ мекард: "Ҳе заҳу зурёти комсомолата г... Ҳе заҳу зурёти партията г.... Ҳе элу авлоди ҷадидата г...." Баъдтар ки "ҷунун"-аш паст мешуд, паҳлӯи занаш нишаста дасташа ба каф гирифта бо овози паст дарди дил мекард: -Ҳайфи меҳнатам, ҳайфи умрам. Ҳе, заҳу зурёти туям г..."

❁ ❁ ❁

Мансур дар Самарқанд шунида буд, ки Шайх Аҳмад ба Афғонистон рафтааст. Он лаҳза қарор дод, ки сарҳадро гузарад, даставвал ӯро меёбад. Охир шайх дӯсти падараш буд. Ёди падарашро дорад. Ҳам пазмони суҳбату суханони рамзнокаш шудааст. Дар аввал суханҳояш сода, ҳатто нофорам мерасанд. Баъдҳо ҳақ будани онҳоро воқеаҳо собит мекунанд ва гашта-гашта ба хотир омадаву дар дилат менишинанд. Дар суҳбати охирин, ки дар Самарқанд карданд, гуфт, ки мардуми шикамбораи мо ба қадри хонаю дару ватанаш намерасад. Акнун ин инқилоб мефаҳмонадашон, ки ватан чӣ қимат дорад? Айни гуфтааш шуд. Одамон ватан гуфта ҷон медиҳанд. Аммо худаш чаро ин ҷо омад? Шояд коре баромад? Ё ба колхози сохтаашон, ки ҳарому ҳалолаш якҷоя будааст, муросо кардан натавонист? Ба ҳар ҳол ёфтаю фаҳмидан лозим.

Мансур ҳангоме ки Муллоносирро дар Янгиқалъа дар назди корвонсаройи Муллоасади марғелонӣ вохӯрд, ӯ гуфт, ки самарқандиҳое, ки ин ҷо манзил доранд, аз омадани шайх огоҳ будаанд. Сари роҳашро гирифта, талаб-талаб кардаю меҳмондорӣ мекунанд ва мегӯянд, ки ҳамин ҷо меистед. Худамон бароятон замин гирифтаю хона месозем. «Ман ин ҷо замингирӣ наомадаам,»- мегӯяд шайх ва сӯйи Балх меравад.

Мансур ба Толиқон расиду ба дукони Бадриддин, ки ду сол пеш ҳангоми чойхонаи Ғуломҳайдарро сохтанаш бо ӯ шинос шуда буд, даромад. Дар дукон марди зардинаи ношиносе сархам ба варақе чизе менавишт. Аз тарҳи рӯяш маълум буд, ки аз тарафҳои худашон аст.

– Пайсаҳоро ҳисобу китоб доред?-гуфт Мансур ба оҳанге, ки шинос бошанд.

– Шеър иншо мекунам, - мард сарашро як бардошту боз машғули кор шуд.

– Ку шеъратонро хонед,-гуфт Мансур хурсанд шуда. -Ба одами мондашуда шеър мисли чойи батаъм таъсир дорад.

– Офарин!-Мард шод шуда, сӯи Мансур нигоҳи тезе андохт, сипас коғазҳояшро тагурӯ кардаю якеро чудо карда афзуд: - Бароятон ду-се рубоии нав эҷодкардаамро мехонам, - ва сарашро аз коғаз набардошта ба хондан шурӯъ кард:

Моро на ғами қумошу не қолин аст,
Не ёди фаршу бистару болин аст.
Урёнии мову ин зимистони хунук
Бо якдигар ошнои ҳарсолин аст.

Рубоӣ ба Мансур маъқул нашуд. Андешид, ки агар фарш надорӣ, дар замини хунук хоб мекунӣ, чи ҷои ифтихор аст ва хомӯш гӯш кард.

Ду ҳашти умри ман дар ин хок гузашт.
Ин умри азизам ҳама ғамнок гузашт.
Тири ситаме, ки бар ман андохт фалак,
Имрӯз маро аз дили садчок гузашт.

Ин дам Бадриддин аз дар ворид шуд ва Мансурро сомеъи шоир диду хандааш гирифт ва ҷониби шоир песонда гуфт:

– Ба ҷое, ки ба меҳмон чой кунед, шеър мехонед? Кай ақли шумо, шоирҳо, медарояд?

– Худам талаб кардам, чой лозим не, шеър гӯед, гуфтам,-Мансур дилҷӯёна ба шоир нигаристу пас матлабашро фаҳмонд:

– Ба Мазори Шариф намеравед?-гуфт Бадриддин.-Шайх як моҳ зиёд шуд, ки дар ҳамин ҷо беморанд.

– Як моҳ боз бемор будаанд? Чӣ шудааст?

– Боре рафтам, ки одам бисёр буд, надаромадам.

– Одами калонсол, беҳуда ба сафари дур баромаданд.-Мансур хавотир шуд.

– Ҳоло ҳамроҳ рафта мебинем,-гуфт Бадриддин ва раҳорах пурсид:-шеърҳои шоир маъқул шуд? Гуфтагӣ барин вай аз кадом деҳоти атрофи Самарқанд, ҳам ба форсию ҳам ба туркӣ шеър мегӯяд.

– Чӣ гӯям? Шеъре, ки фарёду фиғон аз фалак мегӯяд, хуш надорам...

– Офарин! Маро ҳам нолаю афғони инҳо безор кардааст! Ҳафтаи гузашта «Нолаам бигзашт аз аршу вале нашнид кас» хонда буд, ки дар қаҳр шуда, як дафтарашро даронда партофтам...

– Не-е, бо инҳо сахт муомила накунед. –Мансур ранҷидахотир шуд.- Дар ин олам ҳар касе ба як коре маъмур асту ҳамонро мекунад.

– Шумо намедонед, инҳо чӣ қадар бисёранд ва ба дили ҳама задаанд. Ҳафтаи гузашта як нафар шоири Бухорой омад. Дар ин гирду пеш хуб чарх задаю шеърхонӣ карда дидааст, ки касе эътибораш намедиҳад, роҳи ҳачро пеш мегирад.

– Ман ҳам баъзе шоирҳоро медонам, ки аз ин ҷо то хоки араб хорузор шуда гаштаанд. Ин бечораҳо бероҳу бекас монданд. Дилам ба инҳо месӯзад.

– Ҳамин марди дидагиатон ҳам ду сол дар ҳамон тарафҳо сарсону саргардон шуда, ду моҳ пеш баргаштааст. Як ҳамсуҳбат шавед, чунон наклҳо мекунад, ки ҳушатон мепарад.

– Номи деҳаашро напурсидед?

– Напурсидам,-гуфт Бадриддин ва илова кард:-Ин мард нуҳ сол дар Бухоро мехонаду шабу рӯзе, ки болшевикҳо шаҳрро мегиранд, ба деҳааш меравад. Мебинад, ки ҳолати табии зиндагӣ ба тамом дигар шудааст, китобҳояшро пушт карда, ба ин тараф меояд. Дар давоми як сол дар Қундузу Қатағану Андахӯй сарсон мегардад. Ба қавли худаш, ба таъби нозуки самарқандиаш шину хези мардуми ин диёр қӯргир намешавад.

– Хубӣ бошад?-изҳори ақида кард Мансур.-Ду сол пеш дар ҳавлии чойхонаи назди соҳил як сандуқ китоб дидам: Гуфтанд, ки шоире аз тарафҳои шумо ин китобҳоро монда гуфт, ки улоғ оварда мебарам ва дигар дарак нашуд.

– Бале, ҳамон,-нидо кард Бадриддин.- Гуфта буд, ки китобҳоямро дар он чойхона мондам. Акнун қиссаи сафарашро гӯш кунед: Меравад Ҳирот. Он ҷо ба гурӯҳе ҳамроҳ шуда, мегузаранд Эрон, ба Бағдод мебароянду мераванд Басра. Пас чилу ду рӯз дар биёбонҳои беоб роҳ гашта, боре қариб ҷон ба ҷонофарин супурда, ниҳоят ба Макка мерасанд. Он ҷо се-чор моҳ дар мадрасаи хуҷандиҳо иқомат мекунанд. Аз Туркистон одам бисёр рафта будааст. Мадраса мисли орухона: шаб мешавад, чунон ки дар сандуқ либос ҷой мекунӣ, ҳамчунон ҷамъ шудаю рӯи ҳам хоб рафта шабро мегузаронанд. Аҳволаш, ки тоқатфарсо мешавад, меояд ба Мадина. Дар он ҷо масҷиди бухороиҳо будааст. Ин ҷо аҳвол боз бадтар будааст. Ба болояш ҳар ҳафта сафаракиҳо меоянд. Як моҳ, ки меистад, аз масҷид тела карда берунаш мекунанд. Меравад ба Тоифи шариф. Дар он ҷо ҳам гурезаҳои худамон аз Хуқанду Исфараю дигар ҷойҳо пур. Он ҷо ҳам аз гуруснагию бечоӣ азоб кашида, оқибат аз билоди муқаддас сахт дилмондаю ноумед шуда, ба мусулмонободи худамон бармегардад. Ҳоло ду моҳ шуд, ки мо ҳамрохем. Шабҳо дар дукон хоб мекунад. Боре ба ватан меравам гуфту боз чи овозае шунид, ки нарафт...

Мансур фикр кард, ки шоир ба чил рафтагӣ аст, пурсид:

– То ҳол зан нагирифтааст?

– Аз куҷо? Худаш ҷойи хоб надораду...-Бадриддин ба мусоҳибаш нигарист.- Айби худашон ҳам ҳаст. Боре гуфтам, ки ошно: «Эй фалак, доғунам кардӣ» гуфта мешинӣ? Шукр, ақлат ҳаст, дониш дорӣ... Ҳоло ки нерӯ дорӣ, зан ин тараф, он тараф, зиндагиатро ба роҳ мон, умрата одамвор гузарон!

– Айби онҳо не,-Мансур бо инкор сар ҷунбонд.-Муҳаббати шумо ба тоҷирӣ, ба пайса. Муҳаббати вай ба шеър, ба сухан. Мо бояд онҳоро таъмин кунем, мо шеъри онҳоро мехонем.

– Бадриддин марди тануманди биникалон аст. Нӯги биниш сурх шуду бо андаке ситезмандӣ гуфт:

– Мансурбой, ба инҳо гуфтан лозим, ки, эй сустакҳо, ин шеърҳотон на ба худатон, на ба ҷомеа дарбеҳ намешаванд! Бас аст гулу зулфу шаробу шабнам

гуфтану мардума мор барин афсун кардан! Худатон барин рӯбоҳмиҷозу нокора кардан!

– Не,не, ин хел ҳеҷ мумкин нест. Шумо як фикр кунед, фурӯғи мардуми мо дар шеър аст...

– Воллоҳ биллоҳу таллоҳ, ҳамин шеъру шоирие, ки мо дорем заррае фурӯғ намедиҳад. Бадтар ноқису нолоиқамон мекунад. Дар саду дусад соли оянда ҳам фурӯғ нахоҳад дод. Дар ҳамин ҳоле, ки дорем, як тукумдӯз, ҳатто як даллоли бозор ба мардум бештар нафърасон аст.

– Ба фикратон розӣ нестам,-гуфт Мансур ва дар ҳамин вақт дар дил кашфиёте кард: «Донишмандони мо дах солу бист сол дар мадрасаҳо, ба қавли худашон, ҳамон илмҳои мутадовиларо (расмшуда) мехонанд. Як гурӯҳ чил- понздах ҳадис аз ёд кардаю воиз мешаванд. Пас пояшон то лаби гӯр рафтана, «дар ҳадисе ё ривояте омадааст ...» гуфта ба касе сухан намедиҳанд. Гурӯҳи дигар ҳамин гуна шоир шудаю умрашона бо қашшоқию дастнигарӣ мегузаронанд. Ҳар ду илми мурда, зараровар...»

Бадриддин дар рӯбарӯ назди ҳавлии деворҳояш пасте якчанд аспу маркабро дида, «соҳибони инҳо назди шайх омадаанд» гуфт. Наздиктар, ки шуданд. афзуд:-Овозаи даму нафаси шифобахш доштани шайх ба гирду атроф паҳн шуда рафтааст. Беморҳоро бардошта меоранд, рӯзи дигар беморон ба пояшон хеста мераванд. Аз хурсандӣ пули калон медиҳанд. Мол меоранд. Лекин шайх ҳама пулу моли ҷамъ шударо ба фирориҳо медиҳад.

Аз даричаи пастаке ворид шуданд: он ҷо ду хона аст ва заминаш ҳам баробари хонаҳо буда, ду дарахти олу дорад. Ҳарду мушти мева. Дар таги дарахтҳо ду шолчаи фарсуда партофтаю ҳашт-нӯҳ нафар ниёзмандон бо беморҳояшон давра нишастаанд. Онсӯтар ду-се нафар бесаброна атрофи хона гардиш доранд. Дар паси хона як теъдод бузу гӯсфанд намоён. Яқин онҳо молҳои имрӯз барои шайх оварда мебошанд.

– Ин ҷо барои ба назди шайх даромадан навбат меистанд!-гуфт Бадирддин.- Шумо худатон медароед. Ман меравам, корам бисёр аст.

Шогирди шайх ҷавони сиёҳҷурда, (ӯ ҳам аз Даҳбед) аз Самарқанд будани меҳмонро фаҳмида, Мансурро бе навбат роҳнамоӣ кард.

– Шайх баофиятанд?-пурсид Мансур.

Шогирд китф дарҳам кашид ва бо оҳанги шикоят гуфт:-Худашон кӯшиши сиҳат шудан намекунанд.

– Он кас ба Балх равон буданд...

– Бале, ба Балх равон будему наздики Толиқон омада аз даште мегузаштем. ки шайх пурсиданд: «ин ҷо гӯристон буд?»

Толиқониҳои ҳамроҳамон байни худ гап-гап карданду пас мӯйсафеде гуфт. ки бале, ин ҷо сад сол пеш гӯристон будааст: шумо чӣ гуна донистед? Шайх ҷавоб доданд: ба назарам намуд, ки аз осмон дастаи нуре ин ҷо равон аст. Яқин кардам, ки орифе хоб аст. Ба шаҳр расида шабро гузарондем. Пагоҳӣ хезем. шайх тасб кардаанд. Ва акнун қариб ду моҳ аст, ки чунин аҳвол. Рӯзона каме сабук мешаванд, шаб ки шуд, тасб мекунанд. Мегӯянд, ки заъфе дар авзоам нишастааст. Пеш ҳеҷ гоҳ ин хел набуд.

Хонае, ки шайхро ҷой кардаанд, пури одам аст. Шайх сархам бо чашмони пӯшида пушт ба девор нишастааст. Марди рӯяш сергӯшти сипоҳинамое, ки аз либоспӯшиаш бухорой буданаш маълум буд, бо овози баланд ҷониби шайх чизе мегуфт. Шайх ба суханони мард гӯё бетавофут буд. Овози Мансурро шунида шайх сар бардошт ва фараҳманд шуд. Худро наздики девор гирифта, ба зарба «паҳлӯи ман биёед!» гуфт.

Давра нишастаҳо илтифоти шайхро дида, аз ҷояшон хеста, ба Мансур роҳ доданд.

Мансур дасти шайхро гирифта дилаш таҳ зад. Аз он марди ҳузарбу шукӯҳманд нишоне намондааст. Ҳарчанд худро бепарво вонамуд кунад ҳам, дар нигоҳаш ноумедию маъюсӣ ҳувайдост. Ана, мусофиратию ғарибӣ ба кас чӣ мекунад!

Шайх дасти Мансурро дошта бо оҳанге, ки тааҷҷуб мекарда бошед, «нав расидед?» гуфта пурсид.

– Аз омаданам хабар доштед?

– Ба ман хабар медиҳанд,-гуфт шайх бо табассум ва оҳанги шухӣ.- Пагоҳӣ ба назарам намуд, ки ба ин тараф меоед.

Овози шайх хаста менамуд. Шогирд, ки назди дар рост меистод, ба одамони давра мурочиат кард:

– Касе, ки аз шайхбобо дуо гирифт, ба хонаи паҳлу гузарад, он ҷо дастархон кушода, чой тайёр.

Як қисми одамон хестанд.

Мансур ба одамони давра нигариста, мушоҳида кард, ки аксар фирориҳоянд

– Ҳамшаҳр, моро маъзур доред, як сухане аз шайхбобо мепурсему мехезем,- сипоҳинамо ба Мансур мурочиат кард.

Ваҷоҳати Шайх гирифта шуду хост чизе гӯяд, ки сипоҳинамо пешдастӣ кард:

– Шайхбобо, ба кишвари мо чӣ шуд, ки ин қадар халқ дар гурезогурез афтодааст? Хато дар кучо шуд?

Дар ҷабини шайх чинҳо ҷамъ шудаю раги байни абрӯяш сурх шуд, чашмонашро пӯшид, мисли аввала сарашро хам карда хомӯш истод. Рӯйирост намоиш дод, ки ба сипоҳинамо сухан гуфтанӣ нест.

Сипоҳинамо бо оҳанги маломат ва андаке шиддат суханашро идома дод:

– Шайхбобо, хабар доштагистед, ними бештари мардуми Бухоро аз шаҳр баромад. Ва то имрӯз...

– Ту аз Бухоро?!-Шайх пештар ғеҷида бо лаҳни «ту» ва бо ситезмандӣ суханисипоҳинаморо бурид.

– Бале, аз Бухоро.-Ранги сипоҳинамо дигар шуд -Дар замони амир ясавули Ҷаноби Олӣ будам. Аслан касбам...

– Ясавул!- такрор кард шайх ва бо тамасхур пурсид:

– Урус аз хонаат тилло бурд?!

– Як саноч тиллома гирифтанд, кофирҳои маълун! Ҳавлиамро...

– На фақат тиллои ту,-Шайх ясаввулро сухан кардан намонд.- Тиллои ҳамаи мансабдорро бурд урус! «Оби ганда ба хандақ» шуд! Тоифаи шумо закотро, ки ҳимоятгари молатон буд, медод?! Намедод! Барои хушомади ами-

ратон аз ҳақиқат рӯ мегардондед?! Мегардондед! Мансабро баҳри ободонии худу акрабоятон истифода мекардед?! Мекардед! Байтулмолро медуздидед?! Медуздидед! Замини Бухорои шарифро, ки олуда кардед, гушнаҳо, нодидаҳо оқибат дидед, он чӣ дидед!

– Ҳақ асту рост.

– Дигар он озодагию он неъматро хоб мебинед!- давом дод шайх.-Дар кӯю дари мардуми афғон хок шудаю хорӣ кашида мегардед!..

– Алҳақ ҳазрат...

– Хомӯш!-Шайх нигоҳи ғазаболудашро аз ясавул наканда, афзуд: «Дар Қуръони карим омадааст: «Қавме бадӣ кунад, Худованд ӯро мегираду қавми дигар ба ҷояш меорад.» Айни ҳамин гуфтаҳоро ҳама дидем! Шамшере ба номи инқилоб омаду ҳамаро аз бех бурид, ба ҷоямон дигаронро овард!

– Алҳақ, тақсирам...

– Дамата мегирӣ ё не!-Шайх аввал пиёларо пас чойники нав чойовардаро бардошта ба сари сипоҳинамо ҳаво дод, ки ӯ абчирӣ карда хесту худро ба тарафе гирифт. – Муртад, буро! Буро гуфтам!

Ҳама саросема хеста берун баромаданд.

Шайх ақибтар ғеҷиду дақиқае пас ҷониби шогирд, ки пораҳои чойники шикастаро ҷамъ мекард, гуфт:-Вай мубталоя гӯй, ин ҷо биёд!

Ясавул тарсидаю ларзида назди дар омад, ки шайх бо нафрат гуфт:

– Пули маро мон!

– Ранги ясавул пахтаи кӯҳна барин шуд. «Гӯр пирӣ шавад, аз хотирам баромадааст»,-гуфта бо дастони ларзон аз бағалкисааш якчанд рупияи таҳкардаро бароварда, дар гӯшаи дастархон ниҳода, ақибнокӣ аз дар баромад.

– Барор, деҳ равад! -Шайх ба кароҳият ба пулҳо ишорат кард.

Шогирд пулҳои дастархон ва дар таги кӯрпачаҳо, пустакҳо мондаро гирифта берун баромад.

Мансур ба чеҳраи шайх назараш афтиду дар он ғазаб не, як навъ хушҳолиро мушоҳида кард ва ба дилаш омад, ки, аз афташ, падараш, Меҳрони камон. чунин насакҳои шайхро дидаю эътиқодманд шудааст.

Шайх ҷониби Мансур гаштаю табассум карда гуфт:

– Дидед мумсикиашро? - Гап назанам, пула гардонда мебурд.

– Ясавул сахт тарсид. Дигар ин тарафҳо намеояд.-Мансур хандид.

– Тарафҳои худамон чӣ гап?- пурсид шайх.

– Ду ҳафта шуд аз Самарқанд омадам. Алҳол дородор кам шудаасту аммо мисли пеш гуруснагӣ ҳукмфармост, мардум дар тарс. Лекин ободониҳо ҳам шуда истодааст.

– Ободонӣ мекунанд.-Шайх ба тасдиқ сар ҷунбонд.

– Мазори Хоҷамуҳаммади Балхӣ рафтам, ки шуморо бинам, дарвоза маҳкам, дарвозаи масҷид ҳам маҳкам.

Шайх муддате хомӯш истоду гуфт:

– Аз мазор баромаданамро қариб шаш моҳ мешавад. Пеш аз баромаданам ба Даҳбед рафтам. Дар Даҳбед саду дах шайхи ба ҳақ расида буд. Ними зиёдашон пеш аз инқилоб хеста рафтанд. Бокӣ ҳам дар омад-омади ин балвоҳо

ҷилои ватан карданд. Аз рӯйи шунидам қисме Арабистон рафтаю қисме дар Балх мондаанд. Онҳо мегуфтанд, ки оташи инқилоби рус ба ин ҷойҳо омадаю тару хушкро якҷоя месӯзонад. Ниятам буд, ки то Балх рафта, онҳоро хабар мегирам. Ин ҷо омадаму ин воқеа баромад.-Шайх ба рӯи Мансур озмоишкорона нигаристу табассум кард.

Мансур пай бурд, ки шайх «ин воқеа» гуфта маргро дар назар дорад.

– Акнун ҳаво гарм шуд, нағз мешавед,- Мансур шайхро тасалло дод. - Худам шуморо ба Балх мебарам.

Нигоҳи шайх ба самте андармон буд. Ба сухани Мансур эътибор надод, дақиқае хомӯш истоду пас гуфт: -Аслан гиред, ҳамааш замини Худо. Асрори Ҳақро худаш надонад, банда чӣ медонад?

Мансур сухан накарда истод.

Шогирд ду коса атолаи ба шир оварду якеро назди шайх, якеро назди Мансур ниҳод.

– Дар Бухоро чӣ гапҳо?-пурсид шайх.

– Алҳол он ҷо мардум дар азоб, бегонаҳо бисёр.

Дар роҳҳо фирориҳо бисёранд?-Ин даъфа шайх ба рӯи Мансур зеҳн монд.

– Яке кам мешаванд, боз зиёд мешаванд,-гуфт Мансур.-Ҳоло боз зиёд шудаанд. Хост гӯяд, ки сабаб колхоз, ки шайх пешдастӣ карда гуфт:

– Иброҳим омад, дигар ёронаш ҳам биёнд, пас хуб мешавад.

Мансур дарҳол нафаҳмид, ки шайх Иброҳимбекро дар назар дорад. Баъде ки дарк кард гуфт:

– Кошки ҳамту мешуд.

– Онҳоро босмачӣ мегӯянд? Номи ёфтаашон ҳам бачо.-Шайх лабханд кард.

– Мансур ба чеҳраи зардгаштаи шайх дида дӯхта дилаш тах зад. «шайх бемор аст...»

Шайх ба дастархон, ки дар он қанду мавиз рехтаанд (яқин соҳибони беморон овардаанд), рӯй оварда, косаи атоларо пеш гирифта ба лабаш бурд.

Мансур фикр кард, ки шайх мегӯяд роҳи ба ватан баргаштан тавбаю парҳез кардан аст. Охир он хорию ҷафоҳои гурезаҳо, ки дар роҳҳо, дар бесарпаноҳиҳо дидаанд ва Мансур дидааст, ки онҳо ҳар лаҳза аз Худо ёд мекунанд, магар тавба нест? Нони хӯрдан намеёбад, аз чӣ парҳез кунад? Ин дам ӯ дид, ки шайх ҳамчунон нигоҳаш ба самте қошуқи атоларо ба ришаш резонда, ба лаб мебарад. Мисли кӯдаке, ки бозӣ мекунад.

Дар кушода шуда, шогирди шайх даромад. Онҳоро дар хӯрокхӯрӣ дида, оҳиста дарро пӯшид.

Мансур рӯймолча гирифта риши шайхро тоза кард.

Шайх аз Мансур пурсид:

– Писарро дар ватан мондед?

– Оре, амак, ба ин тараф дилам зер накард...

– Ҳеҷ гоҳ набиёред. Ватан реша аст. Неру ва дину донишро аз реша мегиред.-Шайх ба оҳанги таъкид ин суханро гуфт.

Шогирд бори дувум даромада хабар дод:

– Амак, боз як гурӯҳ афғонҳо беморҳояшонро овардаанд. Мегӯянд қабуламон кунанд, ки роҳамон дур. - Ӯ таваққуф карду пурсид: - Ё гӯям, ки раванду пагоҳ биёянд?

– Не, овора накунед,-гуфт шайх.

Ниёзмандон аз дар намоён шуданд. Шайх бо нигоҳи масъумона бо Мансур хайрбод кард.

❁ ❁ ❁

Низом - махдум дар вақти ваъда ба Кундуз наомад. Боз ду сол дар кулбааш умедвори хабари хуш аз ватан монд. Ӯ ҳеҷ бовар кардан намехост, ки ватанаш, он Бухорои азизу нозанин, ба он ҳама масҷиду мадрасаҳои номӣ дар дасти болшевикҳои бедин мемонад. Вақтҳои охир суханони аз муллоҳо шунидаашро гаштаю баргашта мегуфт: «Дар ҳар қадами Бухоро шайхони кибору орифони овозадор хок шудаанд; рӯҳи онҳо намегузорад, ки он бединҳо, нобакору ношустаҳо Бухороро соҳибӣ кунанд». Ӯ ҳолати одами ғарқшударо дошт, ки ҳар чизе ба дасташ ояд, онро сахт мекапад. Вале вақт мегузашту на каромоте рӯй медод, на рӯҳи орифе ба Бухоро ёрӣ мекард. Баръакс, рӯз то рӯз решаҳои болшевикҳои бедин таг ба таги шаҳру деҳоти Мовароунаҳр паҳну ҷойгир шуда, соҳиби мансабу манзалат мегаштанд. Давлаташон ҳам номдортару мустаҳкамтар мешуд.

Баҳор омаду рӯзҳо, ки гарм шуданд, Мансур тоқат накарда омада, худаш сар шудаю хару хингил ташкил карда, кӯчи Низом - махдумро бор карда, ҷониби Кундуз роҳсипор шуданд. Дар маҳалле, ки аксар фарғонагиҳо зиндагӣ мекарданду дар ду тарафи кӯча дукон доштанд, замин гирифта, ду хонаю ҳавлӣ, як оғил ва як ошхона бино карданд. Мансур ҳарчанд талош кард, ки хонаҳоро ақаллан сето кунанд, Низом махдум розӣ нашуд. «Паногоҳ шавад, бас. Хоҳнохоҳ аз ин ҷо меравем, хубаш ба ҷойи хона дукон месозем» гуфт.

Писари хурдӣ - Камолҷон омада то танги тирамоҳ ҳамроҳашон ёрӣ кард, аммо писари калонӣ Шарифҷон рӯй нишон надод. Фақат овозааш омад, ки ба дастаи чулоқи Бехрӯз ном роҳзане ҳамроҳ будааст. Даста ҳар вақт аз роҳи Термез ҷониби Шуравӣ гузашта, мағозаҳо ва корхонаҳоро тороҷ мекардааст. Ин тараф дар роҳи Балху Кобул низ гоҳе пайдо мешудааст.

Рӯзе, ки болои хонаҳоро хок мепӯшонданд, Мансур ба гӯшаи шаҳр, ба хонае, ки пештар пӯшида буд, рафту ду рӯз истода, корҳои боқимондаро, ки аз қабили дару тирезачаспонӣ буд, анҷом доду омад, ки боми хонаҳоро ним хок андохта мондаанду Низом - махдум чизу чораашонро ба ҳавлӣ бароварда, ба халтаҳо ҷой кардаю ҳама тайёрии сафар доранд. Дар кунҷи ҳавлӣ хурҷину халтаҳои пурборро рӯиҳам чидаанд. Дар ду рӯймоли назди дар лашулуши занона баста шудааст. Мансур дар тааҷҷуб монд. Фикр кард, ки магар аз ҷониби заминдор сухани ноҷо шудааст? Хаёлаш ба Шарифҷон ҳам рафт. Шояд дар он сӯйи об кору ҳоле рӯй доду акнун Низом - махдум рафтанист. Ва бо хавотирӣ аз Камолҷон пурсид: - Тинҷӣ аст?

Ин дам Низом - махдум аз хона баромада, Мансурро диду мисли кӯдак хурсандӣ карда гуфт.

– Мансурбой, шодиёна диҳед! Мегуфтам, ки дар ин ҷо хонаю дар кардани мо бақо надорад! Охир дилам гувоҳӣ медод, ки имрӯз ё пагоҳ ба ватанамон бармегардем! Ҳамон рӯзи муборак расид! Дар номи Худо ҷонам, оҳи мо мазлумонро шунид!

– Чӣ шудааст? Чӣ хабар?- Мансур бештар изтиробзада шуд ва дид, ки назди дари ошхона янгаи Ҳабиба низ камзул пӯшидаю рӯймоли нав баста, либосҳояшро ҷой мекунад. Ӯ аз бозе, ки ба ин тараф омадааст, ба ғайр аз дарди дил ба дарди ҷоғар ҳам гирифтор аст. Худаш мегӯяд, ки аз таъсири об аст.

Низом - махдум дар яктахи ҷо-ҷо дарида китобҳои вақтҳои охир ҷамъкардаашро бароварда ба Камолҷон: «пӯстакҳоро алоҳида банд» гуфта, ҷониби Мансур афзуд:

– Ҳафтаи гузашта Фузайл - махсум бо аскару аслиҳаи маҳшар ба ватан гузашта, тамоми Дарвозу Тавилдара, он тараф Ғарму Дарбандро гирифта, қири болшевикро баровардаю ҳоло ҷониби Бухоро ҳаракат доштааст.Британиёю Олмон ба ӯ ёрӣ медодаанд. Амонуллохон ҳам ваъда кардааст, ки барои озодии Бухоро чизе лозим шавад, дареғ намедорад. Гуфтааст, ки ман дасисабозию ғиромиҳои болшевикҳоро нав фаҳмидам. Он гуруснаҳо ватани моро ҳам балъиданӣ будаанд. Олимхон гуфтааст, ки то охирин ҷомаашро фурӯхта, сарфи ин кор мекунад. Беки Ғузору Қаршию ҳама бекҳои гурехтаю ин ҷо омада - ҳам пул мепартофтаанд...

– Ин хабару овозаҳо аз куҷо? –тоқат накарда пурсид Мансур ва ҳамзамон мушоҳида кард, ки Низом - махдум аз болои куртаи суф миёнашро сахт бастаю мисли ҷавони бистсола чусту чолок менамояд. Чеҳрааш ранг даровардаю чашмонаш аз шодӣ барқ мезананд.

– Шумо дирӯз набудед,-гуфт Низом - махдум бо оҳанги маломат.-Мардум дар намози ҷумъа гуфтанд,ки... Эҳ-е, он ҷо чи гапу корҳо шуд... Яке гиря мекунад, дигаре рақс мекунад, гардани ҳамдигарро гирифтаю бӯсида, табрик мекунанд. Бегоҳирӯз Қорӣ Муслиҳиддини Чорҷӯйӣ ба муносибати ин хушхабар ҳама одамони масҷиди гузарро ба хонааш даъват карда зиёфат дод. Одамони масҷиди Хуҷандро Муллоносири ошноятон ба зиёфат бурда, аз қундузиҳо, умуман аз мардуми афғон, хуб минатдорӣ кардааст. Гуфтааст, ки мо аз ин ҷо меравему ба фарзандону набераҳоямон мегӯем, ки бародарони он сӯи об ба ғайр аз хонаи гармашонро ба мо додан инчунин бо сухани ширину дили меҳрборашон моро неру бахшиданд. Моро аз таги боронҳо дароварда дар сандалӣ, дар паҳлӯи кӯдакҳояшон ҷой мекарданд. Гуфтааст, ки шумо, ҳамгаҳвару ҳамқалам, мазмуну маънои муҳоҷиру ансорро, ки суннати Расули акрам аст, аз нав маҳбуб ва овозадор кардед. Шумо ин кардед, он кардед гуфтаю бисёриҳоро гирёндааст. Гуфтааст, ки, эй халқи Моваруннаҳр, ин дӯстии дар осмонҳо мунъақидшударо чун тумор ҳифз кунед. Шукри ин неъмати Парвардигорро ба ҷой биёред! Шукри ин ҳамсояро кунед! Баъди ин суханҳо мардуми мою афғонҳо ҳамдигарро ба оғӯш гирифтаю бо ҳой-ҳой гиря кардаанд. Раиси танзимашон баромада Муллоносирро бӯсидаю оби дида карда гуфтааст, ки мо соҳилро девори Чин

кардаю шуморо рафтан наметонем. Шумо моро дигар кардед, илм омӯхтед мардумитар гуфтааст.

Ҳабиба як бастаро аз дар берун монда, суханони шавҳарашро қувват дод:

– Дар ҳаққи ин ҳамчаворҳомон афғон чи қадар гӯед, кам аст. Занҳошон аз мардҳошон меҳрубонтар. Вақте ки дарёро гузаштем, ба Чоёб омада як ҳафта дар хонаи як деҳқон истодем. Занаш шири говаша пухта аввал ба бачаҳои ман медоду баъд ба кӯдакҳои худаш.

Мансур дар аввал худро мисли шахсе ҳис кард, ки дар байни ду шохоб мондааст. Намедонист ба кадом ҷониб майл кунад. Низом- махдум бо чунон ҳарорату эътимод сухан мекунад, ки ба ӯ бовар накарда наметавонӣ. Модом ки ҳама фаҳмидаю тайёрии рафтанро мебинанд, пас шояд далел дошта бошанд. Аз тарафи дигар, Мансур дида буд қудрату тавоноии давлати Шӯравиро. Соли гузашта ҳангоми сафар он авҷу амалу ободоние, ки дар шаҳру деҳот мекунанд, шукӯҳмандии мактабҳоро, ки талабаҳо пагоҳӣ қатор шуда аввал суруди «Зинда бош, эй даври Шӯро!»ро мехонанду пас ба дарс медароянд, дида буд. Сурудашонро ҳамаи маҳалла мешунавад. Дар бузраҳаҳои пештара ҳоло мошинҳо мегарданд. Ва ҳамзамон дида буд, ки ҳоло халқ ҷонибдори давлати Шӯро аст. Касе,ки андаке ҳаводори муҷоҳид буд, нону об медод, намондааст. Пас чӣ гуна мешудааст, ки Фузайл махсум ин ҳамаро дар як ҳафта ё як моҳ барҳам мездааст? Ҳатто Британиё дар паҳлуяш бошад ҳам, ин кор ба ин зудӣ ношуданист...

– Шумо саросема нашавед. Ақаллан хоки бомҳоро партоем,-ниҳоят садо баланд кард Мансур ва бо содагӣ пурсид:-Дар деҳаҳои соҳилӣ ҳам худоихӯрӣ будагист?

– Ҳа-а! Дар он тарафҳо се рӯз боз зиёфатхӯрӣ! -Боз ба шавқ омада бо завқ хандид Низом - махдум:-Дар Янгикалъа ба муносибати ба ватан бозгаштанамон собиқ беки Косон - Раҳимхон улоқи калон додааст. Тамоми бойҳои гирду атроф ба он тӯй ҳамроҳ шудаю калон-калон солим мондаанд. Касе як маротиба улоқа мебаровардааст, чизу чораи гирифтаашро ба аспу уштурҳо бор карда мебурдааст. Собиқ бекҳои Зандонаю Зирабулоқ, Қароқул он ҷо будаанд. Дигар бекҳо ҳам ба қадамгоҳи муборакии ҳазрати Алӣ - Мазори Шариф пулу моли бисёр бурда назри ин кор кардаанд.

– «Аз Ҳиндустон умед ҳасту аз гӯристон не» гуфтаанд, - Мансур заҳрханда кард. – Ҳангоме ки ба Бухоро даромад - даромади урус шуд, амиру ҳамин беку бойҳо ба мазору масҷидҳо назрҳои бебаркаш карда буданд. Он ҳамаро афроди пасти мазорнишин нобуд карданду аз онҳо ба кори ҳарб заррае фоида нашуд. Оё ҳамон аҳмақию амалҳои масхарашон дарсашон нашуд? Руса бинед, ба тӯпу камону нерӯи худаш такя мекунад. Дигар қавму миллатҳо ҳам ба илму амал рӯ овардаанд. Фақат мо, мусулмонҳо, дигар намешавем. Пас саросема нашуда ақаллан боми хонаҳоро хок партоем.

– Мансурбой, ман дигар дастамро ба ҳамин хона намерасонам. Хабарҳо аниқу дақиқ.

– Чӣ хабаре, ки бошад, хонаро пӯшидан лозим,- ба суханаш истод Мансур.

– Мансурбой, дигар дар бораи хона гап намезанем.-Монед, ба ягон камбағали афғон тӯҳфааш мекунем. Баъзеҳо саҳарӣ барвақт ба роҳ мебаромадаанд. Ман ҳам пагоҳ роҳи ватанамро пеш мегирам. Шумо хоҳед, худатон пӯшеду шинед.

Мансур фаҳмид, ки Низом - махдумро ба гап дароварда наметавонад. Ӯ ҳолати ошиқеро дорад, ки ризогии маъшуқаро гирифтаю бол бароварда парида рафтанист. Ва лаҳзае пас он боварӣ ба худаш ҳам сироят кард. Ба ватан рафтанашро тассавур карду ғалаёни шодӣ ба дилаш рехт. Фикр кард, ки дарёро гузарад, зуд Ҷовидро гирифта, ҳамроҳ ба Бухоро назди Зулайхо мебарад. Ва боз фикрҳои бешуморе ба сараш омаданд. Белу зоғнулҳои парешони сохтмонро ҷамъ карда ба як тараф монду ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Ҳоло фикри тӯҳфаро монед.

Пагоҳ касе ба роҳ набаромад. Низом - махдум кучое рафта омаду истиҳола карда монд.

Мансур мардикор оварда, хоки хонаҳоро андохт. То бегоҳ низ хабаре аз сафар нашуд. Дар ин байн Низом - махдум ду маротиба ба «Бозори Нав»-и дар ҷониби ҷанубии шаҳр пӯшидаи фарғонгиҳо рафта омаду сухане нагуфт. Аз андоми беқарору ғамбораш маълум буд, ки ҳеҷ хабар нест. Пагоҳӣ низ ҳама ҷо ором менамуд. Хабар рӯзи ҷумъа омад. Дар масҷид гуфтанд, ки се рӯз шудааст, ки аэропланҳо ҷониби Ғарм равуо доштаанд. Мардуми деҳаҳои назди сарҳад онҳоро медидаанд.

Ин хабар тарбузи гурезаҳоро аз бағал афтонд. Ва боз се рӯз гузашту ҳақиқат ошкор шуд. Хабар омад, ки Фузайл махсум ними аскарашро бой додаю саркану покан гурехта, дарёро гузаштааст. Баъди ин овозаҳо ва умеду ноумедиҳо Низом - махдум мисли каси мусибатдида он шабу саҳар аз хона набаромад. Бегоҳи рӯз назди алафҳои тӯбкардаи поёни ҳавлӣ ба Мансур рӯбарӯ омада, оби дидааш шаш қатор шуда гуфт:

– Наход Бухороро надида мурам?-Ва бинӣ пок карда бо оҳанги узрхоҳона афзуд:- Одам, ки сину солаш мерафтааст, мисли кӯдак зудбовар мешудааст.

Мансур, ки ҳеҷ гоҳ рафиқашро ин гуна хору залил надида буд, дар аввал чӣ гуфтанашро надониста ҳангуманг монд. Пай бурд, ки мардакро дигар умеди ба ватан рафтан намондаю худро бой додааст. Даст ба китфаш ниҳода тасаллоомез гуфт:

– Дӯсти азиз,ҳоло насиби нону оби ин хок аз мо канда нашудааст.

Низом - махдум гиребонашро дошта «Худоё, тавба кардам, тавба кардам» мегуфт, вале оби дидааш бештару бештар мерехт.

Азбаски рӯзҳо кӯтоҳ шуда буданд, ҳар рӯз Мансур то вақти шом кор мекард. «То сар шудани боронҳо бояд дару тирезаҳоро шинонем» мегуфт. Дар ҳамон рӯзҳо марди афғоне ки ба Низом –махдум ҳамсоядӯкон будааст ҳамроҳи писараш ҳарду аспсавор ба хонаашон омад. Аспҳои меҳмонҳо абзори қимат доштаанд. Ҳамроҳ чанд нони башир қанду конфет овардаанд. Онҳоро дар ҳавли ҷой кардаанд. Меҳмон ҳаял накард. Як пиёла чой нӯшиду матлабашро баён кард. Гуфт ки номам Набихон аст. Писари мо дар наздатон нишастааст

Қуръон фаровардааст. Духтаратона дар дӯкон дида ошиқ шудааст. Омадам, ки насиб рафта бошад хешу табор шавем.

Низом-махдум ҳайрон шуда ба меҳмон пас ба Мансур назар дӯхт андомаш гирифта шуд.

Мансур ба писари Набихон нигарист. Падарашбарин чашмкалон биниаш дароз мегӯи овезон аст, маъқулаш нашуд.

– Мо баъди соли нав ба ватан меравем. -гуфт норозиёна Низом-махдум -Як духтар дорам ӯро ин ҷо монда намеравам

– Хона кардеду...-Набихон хандид. - Ҳамватан хона аз ду поятон маҳкам медорад.

– Магар ишқи ватан пеши, касро дошта метавонад?- Низом-маҳдум чеҳрааш сурх шуд. - Даҳ хона бошад партофта меравам.

– Ҳамту-кӯя,- гуфт Набихон.- Лекин ишқи духтар аз ишқи ватан ҳам зӯрай -гуфту боз хандид.

Меҳмонҳо зиёд нанишастаанд. Шумо ба хонагиҳотон маслиҳат кунед боз меоем гуфта хестанд.

Домодшаванда ҷавонӣ гандумгуни бинидароз ҳавли баромада нигоҳаш ҷониби хонаи занҳо буд.

Мансур ҳам аз ин хабари ногаҳонӣ гаранг шуд. Ба дилаш омад, ки хуб кард Низом-махдум ба меҳмонҳои нохонда не гуфт. Он духтари зебои меҳрубонро ба бегона додан лозим нест. Духтара те будааст, гапа бин!

Баъди рафтани меҳмонҳо Низом- махдум бисёр зиқид:

– Ман ба ту хеш набошам, табор набошам, чӣ гуфта ба ту духтар медодам? Баъдтар боз: хешутабор шавем будааст! Инҳо як мардуми шилқинанд... - Дар сухани Низом-махдум хавотири ҳис мешуд.

– Шумо ин мардро мешиносед?- Пурсид Мансур.

– Ду-се маротиба дар назди дӯкони писараш дида будам. Боре ҳамгап шудему гуфта буд, ки дар дастаи низомии вилояти Қундуз кор мекунад.

Мансур гап назад. Рӯйи ҳавлӣ, ки ҳанӯз нам дошт, гилему тахтапӯст партофта, хӯроки нимрӯзӣ мехӯрданд, ки Кучибой ба аспи кабуди гулдӯзиаш ҳам кабудранг савор шуда омад. Як дастархони калон нони ширмолу ширинихои хуштаъми шӯравиро овардааст. «Аз тӯйи ҷавонҳо тӯҳфа овардам»-гуфт ва тибқи одат нӯги ришашро ба лабонаш бурда, хандаи баландашро сар дод ва афзуд: «Зиндагиро ба гарданашон бор кардем. Ҳарду хурсанд.»

– Тӯй карда омадед? Қанд занед.- Мансурро ин хабар ҳам шод карду ҳам ношод. Аз он ҷиҳат шод шуд, ки фарзандаш ба рӯзи шаҳӣ расид, ношод барои он шуд, ки як писар дораду дар тӯяш иштирок накард. Зимистони гузашта, вақте ки шабона сарҳадро гузашта ба хонаи Кучибой рафт, ӯ бори дувум ин гапро кушод. «Насиб карда бошад, тирамоҳ тӯйи ҷавонҳоро баргузор мекунем» гуфт. Дар ҳамон сафар Мансур фаҳмид, ки Ҷовид як сол боз дар комсомол кор мекардааст. Ҷовид худаш набуд. Аз тарафи кор се моҳа ба Тошканд барои хондан фиристодаанд. Ҳарчанд Мансур дар тӯй иштирок карданӣ набуд, вале дар дил умед дошт, ки тӯй наздик шавад, як даҳон хабар медиҳанд. Димоғаш сӯхта бошад ҳам, сир бой надод.

– Қанд занед, кори хуб кардед,-такрор кард: -Ин дафъа, ки рафтам, бароямон як хона мепӯшам. - Ва аз ҷайбаш як даста пули афғонӣ бароварда, «дар сарҳад иваз мекунеду барои Ҷовид як аспи нағз мехаред» гуфт. Ва агарчи пули тӯйро барзиёд дода буд, боз ҳам пурсид:-Дар тӯй пулатон расид?

– Ҷовид ҳоло худаш пулёб.-Кучибой гӯё бемайл пулро гирифт.-Вай ҳоло одами калон, сармуншии комсомол. Бо калони сарҳад Чернов гуфтанӣ урус, ки ҳама гапу кори тарафҳои мо то Қӯрғонтеппа дар дасташ аст, ҳарду ҷӯра. Ба хонааш равуо дорад.

– Ба одами боақлу бо дониш ошно будан саодат аст,-гуфт Мансур.

– Комсомолаш чӣ кора аст?-Низом - махдум ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд.-Бисёриҳо комсомол фалон, комсомол бисмадон мегӯянд, намефаҳмам.

– Комсомолаш гӯё ёрдамчии фирқаи болшевик будааст,-гуфт Кучибой.- Ҳар коре, ки мекардаанд, бо маслиҳат мекардаанд. Ба калонсолҳо гуфту шуниду маслиҳату мадороро аъзои фирқа мекардаасту бо ҷавонҳо кору гуфтушунид мекарда- комсомол. –Ӯ ба ду тарафи риши сафедиовардааш даст бурда афзуд:- Ҷовид ҳамту фаҳмонд. Он тарафаша худи урус надонад, мо намедонем.

– Писаратон одами калон шудааст -ку.-Низом -махдум хурсанд шуда ҷониби Мансур нигарист.

– Кори ҷавонони Қӯрғонтеппа ҳам дар дасти Ҷовид, касе ҳақ надорад суханашро ду кунад,- гуфт Кучибой бо ҷиддият. Ва ҷониби Мансур чашмонашро нимпӯш кардаю нигариста илова кард:- Аз рӯзе, ки ба кор даромадааст, тамоман одами дигар. Дар гапу ҳарф чунон усто...

Мансур мушоҳида кард, ки Кучибой аз домодаш бо ифтихор сухан мекунад.- нафоридаш. Якбора аламаш зиёд шуд. Тӯйи писарро пеши назар овардаю андешид, ки шояд Ҷовид аз он, ки дар рӯзи хурсандиаш модар нест, падарашро даъват накардаанд, аламаш кард. Ва ҳамзамон ғазабашро дар дарунаш зер карда дошт, ки берун набарояд. Ӯ хеста аз алафи дар поини замини тӯбкарда як банд гирифта ба назди аспи Кучибой бурд. «Тӯй кардӣ! Заб номаъқул кардӣ!» ғур-ғур мекард раҳораҳ.

Ҳарчанд гуфтанд, Кучибой шаб хоб накард. Галаам бесоҳиб гуфту аспашро аз назди дарвоза савор шуда ба резачорпо дароварда рафт. Яқин вай ҳам пай бурд, ки Мансурро хабар накарда тӯйро гузаронданаш хуб нашудааст. Ҳангоми хушбошӣ хиҷолатманд буданаш аён буд.

Баъде ки Кучибойро гусел карданд, Низом - махдум ҳасрат кард:

– Мансурбой, аз ғами беватанию бероҳӣ дида ғами фарзандону ояндаашон диламро хӯрдааст. Шарифҷонам ҷавони ба назму ба номус буду ин ҳаёти безавқу беватании дилхарош ӯро аз дастам бароварда. Кошки дар вақташ ман ҳам мисли шумо онҳоро монда меомадам. Гуфти худаш Сибирашон ҳам мекарданд, ки як рӯз не як рӯз ба ватан бармегаштанд. –Ӯ ҷабини васеъи чинзеркардаашро молида бо озору надомат сар ҷунбонда илова кард:- Рафикатона дидед, чӣ қадар хушу хурсанд ва бепарво? Чунки ватан дорад, дилаш орому хотираш ҷамъ. Мо чӣ?... Мо фирориҳо на ватан дорем, на миллат, на зиндагӣ. -Оби дидаи Низом-махдум равон шуд. Рӯймоли миёнашро кушода, чашмонашро пок карда бо ғазаб афзуд: -Динамо ҳам дин нест! Намоз намоз нест! Умр умр нест!

– Худатона ба даст гиред,-гуфт Мансур андаке ситезмандона. - Бачаҳо шуморо дида бадтар рӯҳафтода мешаванд. - Ва пурсид:

– Кофтани Шарифҷон ба Мазор рафтед, ҳеҷ дарак гирифтед? Шояд то Термез мерафтед, хабаре пайдо мешуд.

– Ҳар вақте аз кӯча биём Садаф ба таги дарвоза рафта мепурсад: «Акама наовардед?» Модараш мепурсад: «Аз Шарифҷонам дарак овардед?» Низом-махдум дурудароз уфф-уфф гуфтаю сарашро ба таассуф ба ду тараф тоб дод ва боз чашмонаш пуроб шуданду бо оҳанге, ки ноумед шудааст гуфт: -То наздикии сарҳад рафтам. - Як сарҳадчии афғон гуфт, ки Беҳрӯз ном дузди аз пори дарё омада ҳаст. Гоҳе бо дастааш ин ҷо пайдо мешавад. Лекин чунон чолоку ҷадаланд, ки касе наздикӣ карданшон наметавонад. Чанд маротиба шуд, ки сарҳадро гузашта чизу чораи мардуми шаҳри Термезу деҳаҳои атрофро ба зӯрӣ мегиранд. Дар рӯзи равшан корхонаю дуконҳоро тарконда одамонро мекушанд. Ду маротиба аскари Афғонистону Шӯравӣ бо маслиҳат дар баромади дарё дар ҳалқа мегирандашон. Чанд нафарашонро мепаронанд. Лекин бештарашон хато мекунанд. Баъде ки ба Мазори Шариф баргаштам, як Бухороӣ, ки аз онҳо хабар доштааст, гуфт, ки сардори он дастаро Беҳрӯзи Комил мегӯянд. Аз ҷадидҳои Бухорост. Пас аз он ки аскари болшевик ба Бухоро медарояд, бо онҳо душманиро пеш мегирад. Солҳои охир ба дастаи Дониёр-милиса ҳамроҳ шуда бар зиддашон ҷангидааст. Боре ҳангоми ҷанг ба гардани аскари сурх ҳафак меандозад. Русҳо аз пасаш мешаванд. Ҳафкро канда натавониста, худро аз баландӣ ба дарё партофта халос мешавад. Ҳамон вақт пояш лат хӯрда чулок шуда будааст.

Мансур баҳри дилбардории рафиқаш гуфт:

– Ин дафъа, ки дарёро гузаштам, ба Термез рафта ахбор мегирам. Шояд ягон дарак меёбам.

– Дилам мегӯяд, ки Шарифҷонам дар ҳамон даста аст,-гуфт Низом-махдум. Ва дақиқае сархам андешаманд шуда ба аламу озор илова кард:-Дар ватан ислоҳоту тараққию миллат гуфтаю умри ҷавонамро бо кашмакашу хориҳо гузарондам. Бар болояш таънаю тӯҳмати «ҷадид»-ро гирифтам. Дар ҳамин ҷо ҳам ҷадидҳоро рӯи хуш намедиҳанд. Дар кучаву бозор бинанд, ба душмани менигаранд. Ҳамшаҳриҳомон тӯй мекунанду «ҷадид аст», гуфта ба тӯйашон даъват намекунанд. Қисмат аз ин ҳам бад мешавад? Ман дигарҳо барин ғараз надоштам, гиромӣ накардам... Бар болош ғами фарзандон...

– Гирифтаҳо пушаймон, нагирифтаҳо дар армон, дар ҳаққи ману шумо, – гуфт Мансур ба зӯрӣ табассум карда.-Ман мудом фикр мекунам, ки кош фарзандам дар наздам бошаду ҳар рӯз бинамаш. Як диданаш давлат аст, нерӯят медиҳад. Ҳоло Ҷовиди ман бо урусу қалмоқу ким-кадом ломазҳабҳое ҳамшину ҳамхез. Ояндаи вай чӣ мешавад, ман ҳам дар ташвишам.

Низом - махдум ба суханони Мансур эътибор надода, пешониашро молида гуфт:

Рӯзи бозор ҳангоми шом аз дукон баромадам: ҳаво хунук борону барф меборад. Ду нафарро дидам, ки шип-шилта шудааанду анбон дар дӯш, сарҳо хам мисле, ки беҳушу беёд бошанд. Қадамашонро базур бардорумон карда мераванд.

Маълум буд, ки ин фалакзадаҳо фирорианд. Яке месулфид. Баробарашон қадам зада пурсидам: «Ҷой надоред?» Не, ҷой надоранд. Ба ҷойи онҳо худамро тасаввур кардаму натавонистам, ки онҳоро партофта равам. Хона овардам. Охир онҳо ҳоле доштанд, мисли дарахти аз нисф бурида, мисли қоғазе, ки кудак хаткашак кардаю мачақ карда мепартояд.

Шаш моҳ шуда будааст аз Тошканд буромаданашонро. Пагоҳи дидам, ки бемор ба ҳоле дорад дар роҳ мемонад. Боз ду шаб хобондаю пас ҷавоб додам. Ба фикрам омад, ки инҳоро ба ин сахтиҳо расонда мо ҷадидҳо. Мисли инҳо шом шудаасту ҷойи рафтан надорад кӯчаҳои Афғонистон лаб задааст. Ислоҳот мекунем гуфтему ачнабиёнро овардем. Хок бар сари ислоҳот. Аз ин фикру андешаҳо хоб рафтан наметавонам. метарса, ки ҷиннӣ нашавам.

Садаф дар табақ ангур оварда назди падараш ниҳод, дар паҳлуш нишаста зонуяшро молид ва ба накуҳиш ҷониби Мансур нигарист. Гӯё гуфтани буд, ки амак, чаро мегузоред, ки рафиқатон хафа шавад?

Мансур нахустин маротиба мушоҳида кард, ки Садаф духтари гӯшдораки ба ситора шудааст. Мисли модараш зани зебо мешавад. Ӯ фикр кард, ки чи сухан гуфта рафиқашро тасалли диҳад?

Дувум маротиба ғулғулаи «фирориҳо ба ватан бармегарданд!» ҳангоми ба сари қудрат омадани Ҳабибуллоҳи Калаконӣ, маъруф ба Бачаи Сақо, танинандоз шуд. Он вақт Мансур дар Толиқон барои Сулаймонхони пуштун хона мепӯшид. Ва ин дафъа ҳам овоза бо далелу бурҳонҳои раднопазир садо доданд. «Армияи ҷаррори Ҳабибуллохон, ки Афғонистонро аз дасти Амонуллохон кашида гирифтааст, бо қӯшуни шашҳазораи Иброҳимбек якҷо шуда, аморати Бухороро аз болшевик тоза мекардаанд. Амир Олимхон ба подшоҳи Британиёю Олмон маслиҳатро пазонда аз онҳо силоҳи замонавӣ меовардааст.»

Боз ҳам ба ин овозаҳо бовари Мансур наомад.

Дере нагузашта овозаҳои изтиробангез яке аз паси дигаре омад. Мисли қосидҳое, ки аспҳояшонро дар роҳ давондаю афтонда ва иваз карда меоянд. «Аэропланҳои Шуравӣ деҳаҳои назди соҳилро задаю сӯзондаанд! Бисёр одамон куштаю захмӣ шудаанд. Дирӯз ба шаҳрҳои Оқтепаю Алиобод ким-чи гуна балое партофтаанд, ки ҳар тараф хирман-хирман оташ хестаю кулбаю хаймаҳои мусофиронро месӯзондааст. Гӯё ким- чи гуна силоҳи навковикардаашонро ба деҳаҳои гурезаҳо партофта таҷриба мегузарондаанд.» Аз байн ду рӯз гузашту боз овоза паҳн шуд: «Аз ҷониби Термез як дастаи номаълум бо пулемёти зиёд даромада, шаҳру деҳаҳоро гирифта то наздики Мазори Шариф расидаанд! Дар байнашон русҳои либоси афғонидошта низ будаанд.»

Ҷангиёни Ҳабибуллохон қурбониёни зиёд дода бошанд ҳам, тассаруфгаронро зада гардонданд. Аз байн як ҳафта гузашт, ки хабари тоза омад: «Аз ҷониби ғарбии кишвар пуштунҳо бар зидди Ҳабибуллохон шӯриш бардоштаанд, ба онҳо собиқ вазири дифоъ Нодиршоҳ, ки дар Олмон сафир будааст, сарварӣ мекардааст.» Ниҳоят, хабари даҳшатангезе, ки рӯзҳои охир мардум интизораш буданд, расид: «Ҳабибуллохонро дар фурӯдгоҳи Кобул бо чордаҳ нафар ҳамроҳонаш дошта, ба дор кашидаанд. Се рӯз шудааст, ки мурдаҳо дар шамолу шӯриши фурудгоҳ алвонҷ мехӯрдаанд...»

Рӯзи чоршанбе овозаи ба дор кашидани Ҳабибулохон расиду рӯзи якшанбе Мансур дар Толиқон корро буд карда, ба Қундуз, ба хонаи Низом - махдум баргашт. Маълум шуд, ки Низом - махдум низ лаҳзае пештар аз Мазори Шариф омада хариди бозор рафтааст.

Ҳабиба Мансурро пешвоз гирифта, худро хурсанд вонамуд кунад ҳам хавотиру ошуфта буданаш айён буд. Дастархон кушод, чой оварда гуфт: Низом-махдум барои аз Шарифҷон дарак гирифтан рафтанду бе натича баргаштанд. Пас бо алам сабаби хавотир буданашро гуфт:

Ҳамон Набихони шилқин боз барои Садаф омадааст! Ман ба ту хеш набошам, тӯя нашиносам...

Мансур сухан накарда истод. Фикр кард, ки духтар калон шуд маҷбури ба шавҳар диҳӣ. Набихон ба ин кор сахт часпидаги барин.

– Ман баъди як сол аст ё дах сол аст хоҳ - нохоҳ ба ватанам меравам. Духтарама мемонам дар ин бекасию мусофирати монад?

– Ҳабиба нигоҳаш ба самте дӯхтааст. Баробари сухан карда ба ишораи не,не сар мечунбонад. Нигоҳашро нагардонда ба ҳамон оҳангӣ пештара афзуд.

– Ҳамин духтара худатон гиред! - Ӯ ин суханро лоқайдона гуфт. Мисле ки як пора нони дар дастархон боқимондаро пештар монда ҳаминро намонед, мегӯяд.

Шамолаке чисму чони Мансурро гарм карда гузашт. Вонамуд кард ки сухани ба шухӣ гуфтаро шунидааст. Табассум кардаю бо оҳанги ним шухию ним ҷидди гуфт:

– Ин суханатона Садаф фаҳмад, дуямона аз хона пеш мекунад. -Ва бо оҳанги дигар илова кард:

– Садаф барои ман мисли духтарам ҳаст.

Ҳабиба нигоҳашро аз самти дӯхтааш нагирифт ва сӯханро дигар паҳлу нагардонд. Аммо дили Мансур дар такопӯ шуд. Фикр кард, ки Садаф ба чанд даромад? Шонздах ё ҳабдах сола аст. Худаш ин тобистон ба шаст даромад. Садаф агар бистсола ҳам мешуд ин кор зеб надошт. Дигар ин ки ба чашми Низом - махдум чӣ гуна нигоҳ мекунад?

Низом - махдум наздикии аср аз бозор омад... Азбаски даромад-даромади чилла фаро расидаю ҳаво сард буд, дар хона чой карда оташ гиронданд. Янгаи Ҳабиба дар лаълӣ нону шири сӯзон оварда чониби Мансур гуфт:

– Мо гов харидем. Ҳоло ширу чурғотамон фаровон.- Ӯ рӯймолашро пеш кашида афзуд:-Раҳмат ба шумо, ки моро маҷбур карда аз он чуқурӣ (дар назар дорад деҳаи Ҳисориро) ба ин чо овардаю ин хонаҳоро пӯшидед. Ба умеди чӯраатон мешудем, сага гургҳо мехӯрданд.

Низом - махдум, ки пештар дар чеҳраи занаш осори аламу ғазабро мушоҳида карда буд, сӯҳбатро ба шӯхӣ бурд:

– Ҳоло касалии келинатон гум шудааст. Ин хона форидааст. Дигар ёди Бухоро ҳам намекунад.

Ҳабиба, ки мисли чӯби дудгирифта буд, якбора алов гирифт:

– Хона гуфтеду аламам тоза шуд. Ду рӯз пеш аз омаданатон собик ҳамсояамон Раҳими қассоб омада буд. Чор сол шудааст, ки дар Қатаған дар хонаи шиносаш истиқомат мекардааст. Порсол ба Бухоро рафта будааст. Гуфт.

ки хонаатон дар дасти кофирҳо! Дар замини ҳавлиамон хоначаҳо пӯшидаю ҷойи нишасти корашон кардаанд. Ҳосили даву тоз кардаю ислоҳот овардаатон ҳамин шуд, ки бадноми ду олам шудем, аз ватан берунамон карданд, хонаю дари бо ҳавас пӯшидаамро гирифтанд. Оқибат писари азизам аз дастам баромада роҳзан шуд. - Ва мисле ки бори вазнинро бардошта натавонист, назди дар худро партофта, бо сӯзу гудоз домани гиряро раҳо кард.

Низом - махдум мехост чизе гӯяд, ки Ҳабиба пешдастӣ кард.

– Понздаҳ сол аст, ки шумо дар пайи ислоҳоту дар ҷангу гурезогурезду ман дар даруни оташам! Понздаҳ сол аст, ки ба хешу табор, ба ҳамсояҳо рӯйхунук! Понздаҳ сол аст, ки таънаи «Шавҳарат ҷадид! Шавҳарат уруси ростомезшуда! Шавҳарат ину он»ро бардошта гаштаам! Ва бар болояш ин ғарибӣ!...

Низом - махдум ҷониби Мансур нигарист. Ҳисси хиҷолатмандӣ, шафқату дилсӯзӣ нисбат ба занаш ва ҳам озору андӯҳи бепоён аз умри гузарондааш мисли нурҳои рангубаранги тирукамон дар чеҳрааш тоб мехӯрданд. Вай медонист, ки хонаашро ҳукуматиҳо соҳиб шудаанд. Мансурро ба ҷону ҳолаш намондаю ҳақиқатро ошкор кардаю онро аз занаш пинҳон медошт. Ӯ чизе гуфтанӣ шуд, ки занаш боз ҳам ба ӯ маҷол надода гуфт:

– Таънаи худам мешунида кам буд, ки акнун дар ватан фарзандҳоямро «кулакбача, душманбача!»-гуфта роҳ намедодаанд! Доранд, зиндон мекардаанд. Боз як афғон омадааст, ки ҳашакалло духтарата медиҳӣ!

Нигоҳи Мансур ба зан афтид, чашмонаш гирда шудаю бештар сафедиашон менамуд. Чеҳраи гуштдораш аз аз озору алам суп-сурх шудааст. Дили Мансур харош хӯрд.

– Гӯш кун, занак!- Низом махдум тоқаташ намондаю ин дафъа бо ситезманди ба занаш муроҷимат кард:- Ту медонстӣ, ки ман аз рӯйи ростӣ, дилсӯзӣ, ба халқам некӣ мекунам гуфта, ҷон ба каф ниҳодам. Аммо надонистам, ки халқам...

– Халқ! Халқ ҳам чӯбатон карду ошноҳои болшевикатон ҳам! Ку, ягонташ ёд мекунад?! Баръакс ҷадид будӣ гуфта, рост саратона мебурад!

– Ин суханат рост,- Низом - махдум талх хандид.

– Ҳамон вақт гуфта будам, ки фарзандҳоро назди модарам монем,-гуфт Ҳабиба бо таънаи бештар. - Набарем ба ҷойи бегона, гӯш накардед. Шумо кай маро гӯш карда будед?! Кай як бор гуфтед, ту саги дари хонаам чӣ ҳол дорӣ?!- Ҳабиба бо овози баландтар ба гиря даромад. – Одам бо гузашта, бо хонаю дараш одам аст. Акнун моро на гузашта монду на хона, на оянда...

Низом - махдум ба гуфтаҳои занаш розӣ буд. Муддате хомӯш истоду пас ба оҳанги нарм гуфт:

– Очаш, гуфта будӣ, вале ОГПУ мемонд, ки бачаҳои мо он ҷо озод гарданд?- Ҳардуяшро ба як ҷои дури Сибир мефиристод, ки хату хабарашон ҳам намеомад.-Дар охир овози Низом - махдум ҳам ларзид.

– Ҳамон Сибираш ҳам ҳамин азоба доштагист,-Ҳабиба пешонибандашро боло кардаю бо ҳарду даст оби чашмонашро пок кард.-Шумо берун рафтаю одаматона ёфта чору ду мегӯед. Ман чӣ кунам? Ман зинда ба гӯр...

Мансур чизе гуфтанӣ шуду худро дошт. Ба баҳси зану шавҳар ҳамроҳ нашуд.

– Ҳафтаи гузашта якчанд бухороиҳоя аз Кобул пеш кардаанд, ки онҳо хеста ба ин тараф омадаанд... -Низом - махдум ин суханро гуфта хомӯш шуд. Аз афташ матлаби мегуфтааш аз хотираш баромад. Осӯхтаҳои афтидаро чида болои алов партофт. Не, суханаш аз хотираш набаромада буд. Ӯ аввалин маротиба дар чеҳраи ожанговардаи занаш осори ноумедӣ, пушаймонӣ аз зиндагӣ, аз тақдирро мушоҳида карда, дилаш шуввӣ карда рафт. Ҳеҷ вақт ба фикраш наомада буд, ки он бойдухтари зебою мағруру чиддинигоҳи гузари Говкушон, ки аз байни як гурӯҳ ҳаводоронаш ӯро интихоб карда буд, бо гузашти вақт намудаш дигар мешавад. Дар охири умр аз Низом, аз зиндагӣ дилмонда, мешавад. Андешид, ки ба панҷоҳ нарасидану пиру дардманд шудани Ҳабиба айби худи Низом аст. Ҳама суханҳояш ҷой доранд. Худаш дар берун ба корҳои беҳуда овора шуда гашту Ҳабиба дар зиндагии хонавода, зери таънаи тамошобинҳо танҳо монд. Дардашро худ ба худ хӯрд. Бар болояш ин ғарибию бедарак шудани Шарифҷон корашро кард. Ӯ дар назди каси бегона худро ба даст гирифта бо оҳанги дилсӯзона гуфт: -Очаш шукр, ки танамон сиҳат, ҳама сарҷамъ... Хонаро бошад, ба Бухоро ки баргаштем, гирифтанаш ҳеҷ мушкилӣ надорад. Ё не, Мансурбой?

Мансур дар баҳси зану шавҳар худро ноҳинҷор ҳис карда, дар пайи хестан буд. Маҷбур худро дошт. Ӯ аз таҷриба медонист, ки сухани ҳамроҳ ба Худою расул гуфта, ба занҳо зуд таъсир мекунад, бар зиддашон далел кофтаю шаттоҳӣ намекунанд. Ба оҳанге, ки муллоҳо насиҳат мекунанд, гуфт:

– Келин, тан сиҳат бошад, хона он қадар гапе нест. Шумо худатон медонед, ки сарнавишти мо дар лавҳи абадият сабт асту мо аз он як қадам берун по гузашта наметавонем. Худованд ин сахтиҳоро баҳри озмоиши бандаҳои дӯстдоштааш мефиристад. Ва дид, ки банда тоқат кардаю шукргузор аст, давлату давронашро даҳ чанду сад чанд зиёд мекунад. Қудрат дорад, ки хонаашро ба қасри биҳишт табдил диҳад. Ҳафт табақаи осмона сохту як хонаро аз шумо дареғ медорад? Ҳаргиз чунин нест.

Садаф дасти модарро молида ба овози паст чизе гуфт ва ҷониби Мансур нигоҳи минатдоронае афканд.

Мансур мушоҳида кард, ки чашмони духтар ғамгинанд. Шояд фикр мекунад, ки падар ӯро ба ҳамсоя дукон ки нағзаш дидааст, намедиҳад. Ба ватан баргаштанашон ҳам маълум нест оҷизаи бетолеъ ғам мехӯрад. Дили Мансур ба ҳоли духтар сӯхт. Бори нахуст дар Бухоро дар хонаашон диданаш ба хотираш омад. Духтарчаи хандонрӯе буд. Аз болои кокулчаҳояш токии сурхи аз сараш калон дошт. Ду даст ба пеш чиллик гузошта салом дод. Мансурро ханда гирифт. Ҳоло қад ёзондаю мисли дарахти ба гул омадааст. Вақтест, ки бояд касе нигоҳу бин ва меҳрубониаш кунад. Ва худаш ҳам меҳрубониашро бирезад. Гулҳо дар шохҳояш хушк нашаванд.

Ҳабиба аз қаҳр фуромада, андешаманд ба самте нигарист. Пас аз лаҳзае боз оби дида кардаю хест, сӯи духтараш назари тезе андохту бо оҳанги хусуматомези пештара гуфт:

– Дар ин замини бегона Шарифҷонам маро доштааст. Ҳамон гумшудаам пайдо мешуд, фарзандонамро гирифта, ба ватанам парвоз карда мерафтам.

Дар хона хомӯшӣ ҳукмфармо шуд. Ба фикри Мансур омад, ки мардҳоро таъна кардани занҳо мисли касалии вабо паҳн шудааст: Ба айби ту ин шуд, он шуд! О мӯдарозҳои ақлкӯтоҳ, магар мо, мардҳо, ҳаминро мехостем? Ин дородору хунрезӣ бе ману Низом ҳам мешуд! Ба кӣ дарди дилатро гӯй, намедонӣ. Ӯ ба хотири дилбардории рафиқаш гуфт:

– Занҳоро монед, ҳар қадар дилашонро холӣ кунанд, хуб аст.

Низом - махдум хеста аз ҳавлӣ ҳезум даровард.

Мансур чӯбҳоро аз дасти рафиқаш гирифта, оташи хомӯшшударо даргиронду суҳбатро ба дигар тараф гардонд:

– Аз воқеаҳои охир хабар доред?

– Куштори Ҳабибуллохонро дар назар доред?

– Бале, - Мансур чӯбҳоро ба танаи оташдон чида афзуд:-Вай беақл одам будааст.

Низом -махдум муддате хомӯш монду пас аз ҷояш хеста чойҷӯши ҷӯшидаистодаро ақиб кашид ва ба нақл шурӯъ кард:

– Дар Мазори Шариф якеро, ки домулло Исмоил ном дошт, вохӯрдам. Солҳои пеш вай дар «Ҷамъияти атфол»-и мо яке аз фаъолон буд. Баробари ба Бухоро даромадани русҳо кӯчу бандашро гирифта, ба ин тараф омада будааст. Амонуллохон ӯро ба идораи қозиёт ба кор мемонад. Нодирхон, ки тахти подшоҳиро мегирад, ӯро аз кор маъзул мекунад. Бисёр бухороиҳоро ӯ аз кор мегирад. Ду шаб маро меҳмондорӣ кард. Аз бисёр гапу кору воқеъаҳо, шиносҳо, киҳо чӣ амалҳо кардаю оқибати корашон ба куҷоҳо кашид, гуфтему шунидем. Воқеаҳои ба сари Ҳабибуллохон омадаро ҳамон нақл кард. Гуфт, ки муллоҳо намонданд, ки Амонуллохон корҳои хуби шурӯъ -кардаашро то охир расонад. Баъде, ки фармони ислоҳотро бароварда, «дар мактабҳо таълимро ба усули нав ҷорӣ кард, саллаю ҳиҷобро аз суннат буданашон соқит кард, қонуни «занҳо ҳам бояд маълумот бигирандро бароварда», муллоҳо миш-миш карда мегаштанд, ки Амонуллохон дини падаронро халалдор мекунад, кулоҳи кофириро ба ҷойи салла меорад, ба болшевикони ломаҳзаб, ки Бухороро оташ заданд, бинои дӯстӣ гирифтааст... Дар ин байн дар Кӯҳдоман ва тарафи Пактиё, ки мардум зиндагии камбағалона доштаанд, байни ҳукуматдорону мардум дар масъалаи нобаробарию ноҳаққии ҳукумат мунозираю муҷодала шудаю ба занозанӣ мекашад. Ҳабибуллохон, ки ӯро баъзе сарбози гвардияи миллӣ, баъзе роҳзан ном мебаранд, он лаҳза дар Кӯҳдоман будааст. Аҳволро дида ҷониби ҳамшаҳриҳояшро мегирад, мардуми зиёд атрофаш ҷамъ мешаванд ва шӯриш мебардоранд. Эшону муллоҳо, ки дар кори ислоҳот кайҳо боз ба Амонуллохон дандон доштанд, ин ошӯбро ба дарди худ истифода кардаю мардумро бештар ба таҳрик андохта ғавғо бардоштаю ҷониби Кобул мераванд. Роҳҳоро бастаю як қисм сарбозони Амонуллохонро зада вориди шаҳр мешаванд. Дар шаҳр низ мухолифони Амонуллохон ба онҳо мепайванданд. Оқибати кор чунон шуд, ки Амонуллохонро гурезонда ба ҷояш Ҳабибуллохонро ба тахт шинонда, эълон карданд, ки «ҳамин аст ходими дини Расулу-л-Лоҳ!» Лекин аз рӯзи аввал маълум буд, ки ин «ходими дин» ба кори ҳукуматдорӣ на дарбеҳ мешавад, не сӯзан.- Афғонистон як кишвари сергурӯҳу серғавғост. Ҳабибуллохон на бар-

номае дораду на нақшае, на ақлаш мегирад, ки дар кори давлатдорӣ ин амали аввалдараҷа аст. Нодон, ки буд, дар атрофаш нодонҳоро ҷамъ кард. Вилоятҳоро моҷарочӯйҳо соҳиб шудаю ба моли мардум даст заданд. Дар ҳар гӯша ошӯб хест. Ин ҳолатро дида, дар ҳар тараф мухолифҳо сар боло карданд.

– Бале, ҳамин тавр шуд,-гуфт Мансур,-боре, ки наметавонист, бардошт.

– Бардошту миёнаш шикаст,-Низом - махдум ба тасдиқ сар ҷунбонд:- Аз рӯйи гуфти мардум, марди содаи дилкушоде будааст. Ҳар касе, ки ба муҳимие наздащ медаромадааст, бовар кардаю ёрӣ медодааст. Аз он ҷумла Иброҳимбеки мо бо сесад нафар сарбоз ба табрикаш рафта мегӯяд, ки ман бо шаш ҳазор аскарам омодаам, ки ба ходими дини Расулу-л-Лоҳ хидмат кунам. Ҳабибуллохон бисёр хурсанд мешавад, ки муҷоҳиди номии ислом, ки тиру тӯпу пулемёт ба танаш коргар нест, тӯпчибошии машҳур ба пойи худ ба хизмат омадааст. Даст ба ҳам зада мегӯяд: «Иншоолоҳ, ин нишони шукуфоии давлати нави Афғонистон аст».

– Ҳангоми зиёфат Иброҳимбек чунин ман-манӣ мекунад. Банда бо аскари урус- болшевик ҳафт сол муҳорибаю муқотила кардаю нагузоштам, ки чашмони кофириашон ба хоки поки Афғонистон афтад.. Онҳо туфангҳои панҷтираи дурзан доштанд, боз ким-чиҳое. Мо бошем, туфангҳои аз даҳон монда, ки тирашон аз дах қадам он тараф намерафт.

– Ҷаноби Мирғозӣ, аэроплон, аэроплонҳои шаҳрсӯз доштанд он малъунҳо!- Суханони Иброҳимбекро эшони Довуд, ки мудом ҳамроҳаш аст, таквият дода ҳиқ-ҳиқ гиря карда, илова намуд: - Аз болои сари ҳазратам фавҷ- фавҷ бомба мепартофтанду он бомбаҳо чун рӯбоҳи аз шер тарсида, наздикишон намекарданд. Дур рафта аз тарс фассӣ карда кафида чанги замина мехезонданд.

– Баҳ-баҳ, Алии сонист Мирғозӣ!-Ҳабибуллохон аз ғояти шодӣ даст ба ҳам зад.

Иброҳимбек ғурурманд шудаю суханашро идома дод:

– Агар ҷанобашон каме камону аскар ёрӣ кардаю фотеҳа диҳанд, ман дубора рафта Бухорои Шарифро аз дасти кофир зада мегирам.

– Бухоро шамъи ислом аст, нури рӯшанибахши Осиёст!- афзуд Довуд (ӯро ба сабабе, ки чир-чир карда дуо мехонад, эшони Булбул ҳам мегӯянд). Ин нур алъон хомӯш аст. Ҳардуи шуморо Худованд ба мо тӯҳфа фиристод, ки он нурро аз дасти кофирҳо бирабоед!

– Баҳ, баҳ,- гуфт Ҳабибуллохони сода ва фармуд, ки аз хазина ҳазор туфанги ёздаҳтираи олмониро (пештар Амонуллохон харидааст) ба Мирғозӣ диҳанд. Ва гуфтааст, ки агар камӣ кард, аз раиси танзимияи вилояти Толиқону Бадахшон Саидҳусайн, ки лолои (тағои) мо аст, мегиред. Ва ҳарду мирғозиҳои бесаводу бетадбир аз кори сиёсату давлатдорӣ бехабар ба чапу рост хуб воҳима карда изҳорот доданд. «Ҳамроҳ рафта Бухорои шарифро озод мекунем! Урус-болшевикҳои бедину бемазҳабро задаю пешандоз карда, то Маскову Петербург мебарем! Пас баргашта кишвари ҳамсояамон Ҳиндустонро озод мекунем! Англисҳои мардудро задаю кӯфта, аз Лондон он тараф карда, ба баҳрашон тела дода пас бармегардем.» Ва ба лолояш Саидҳусейн хат менависад, ки баҳри бехдошти қӯшуни Муҳаммадиброҳимбеки ғозӣ ҳар моҳ маблағ ҷудо кунад, аз туфангҳои аз хазина бурда тибқи зарурат диҳад. Баъди ин мехрубонӣ Иброҳим

худро ҳамсозу ҳамнишини подшоҳ Ҳабибуллохон мепиндорад ва омада дар Чордараи Қундуз, дар сари роҳ, ҷойи буду бош интихоб мекунад. Дар он атроф бештар лақайу қарликҳо ҷойу манзил доштаанд. Сарони қавмро ҷамъ карда, маслиҳати бл ходими дини Расул-лу-Лоҳ Ҳабибуллоҳхон кардаашро як ба як гуфтаю тайёрии юриш ба Бухороро хабар медиҳад ва аз онҳо фотеҳа мегирад. Овозаро сардастаҳои собиқ, ки аз бекорию бероҳӣ дилгир буданд, шунида, омада ҳамроҳӣ карданашонро эълон мекунанд. Иброҳимбек ду-се маротиба назди Саидҳусайн меравад, ки туфанги ваъдагиро деҳ. Вай бошад, имрӯзу пагоҳ гуфта баҳона мекунад. Дар асл ҳиссае аз туфангҳои овардаро фурӯхтаю ҳиссаеро ба шиносҳояш тӯҳфа карда будааст. Худатон медонед, ки дар Афғонистон касе туфангро гирифт, баргардонда намедиҳад. Иброҳим ҳам кам будани туфангро баҳона карда, ҳучуми Бухороро ақиб мепартояд.

– Аз туфанггириаш мо хабардор нашудем,-гуфт Мансур. -Ҳангоме ки аз ҷониби Термез полки русҳо даромад, овоза карданд, ки ҳамроҳи дастаи Саидҳусайн қушуни Иброҳим низ меравад. Лекин нарафт.

– Нарафт. Ба Саидҳусейн гуфт, ки ту рафтан гир, ман сарбозҳоро зиёдтар ҷамъ кардаю аз пас мерасам. Русҳо қӯшуни Саидҳусейнро торумор карданду Иброҳим рӯй нишон надод. Чунки зарбаашонро хӯрда буд.

Мансур ба тасдиқ сар ҷунбонда гуфт:

– Бист рӯз пеш, вақте ки аз тарафи Айваҷи худамон як баталион аскари сурх даромада, аз деҳи Хосори назди соҳил то Кундуз, ки қариб шаст-ҳафтод километр роҳ аст, хаймаю козаҳои гурезаҳоро оташ зада, омаданд, Иброҳим на ин ки зиддият накард, балки тарсида қӯшунашро бардошта, дар кӯҳи Қароботур пинҳон шуд. -Афғонҳо: «Мирғозӣ аскараша барои машқ кӯҳ баровардааст» гуфта мазоҳаш мекарданд. - Низом - махдум аз чойҷӯш чой дам карда гуфт:

– Дар дараи Сафедмазор чӣ номақулиҳо кард, медонед?

– Ҳамон вақт чӣ воқеъа рӯй дод, то ҳол мо аз таги кор хабар надорем.

– Ман ҳам сурати воқеаро аз домулло Исмоил шунидам,-гуфт Низом - махдум. –Пас аз он, ки вилоятҳоро айёшу аҳмақҳо соҳиб шудаю ба раъият зулм карданд, аз ҳар тараф мухолифҳо хестанд. Аз он ҷумла дар дараи Сафедмазор низ аз ситами камонбадастҳо чанд деҳа ошӯб бардошт. Бо фармони Ҳабибулохон, лолош (амакаш) Саидҳусайн даста тартиб додаю рафта, мардуми он дараро ҷазо доданӣ шуд. Иброҳимбек аз асли кор хабардор шуда, ӯ ҳам довталаб мешавад. Чунки дар тарафи худамон ин таҷрибаро гирифта буд. Медонистанд, ки ба хонаи деҳқони беҳимоя даромада, ӯро бо камону шамшер задаю чизу чораашро соҳибӣ кардан чӣ кайфият дорад! Ва ҳамроҳ рафта, мардуми дараи Сафедмазорро, ки минтақаи тоҷикнишин буд, хунфишон кардаю хурчину халтаҳои гадоияшонро пур кардаю галаи гову гусфанди мардумро пешандоз карда баргаштанд. Ва баъди он сарбозҳояш гӯё барои ин миллат кори беҳад мушкилеро анҷом дода бошанд, дар кӯчаю бозорҳо кибру ғурур карда мегарданд. Ҳатто баъзе бемояш ба бозор ё дуконе дарояд, чиз гирифтаю умедвор мешудааст, ки аз шон, гӯё қаҳрамонӣ нишон дода бошад, набояд пул гиранд. Ва дар ин поя чанд занукӯб ҳам мешавад.

– Афғонҳо дар давраҳои худ ин суханҳоро мегуфтанд,-Мансур оташи ба бари ҷомааш паридаро афшонда, ақибтар ғеҷид: -Ман, ки барояшон хона мепӯшидам, як-як ин гуфтугузорҳоро мешунидам.

Низом - махдум нигоҳашро аз оташ наканда ба суханаш идома дод:

– Вақте ки Нодирхон ҳокимиятро гирифт, мӯйсафедҳои қавмаш ҷамъ шуда гуфтаанд, ки «Иброҳимбек, ту одами намоён, боре ба саломаш бирав, мо алҳол раияти ӯем». Вай бошад, «ман ба худам мувофиқ ғурур дорам, рафиқам Ҳабибулохонро кушт, намеравам,» -мегӯяд.

– Ғурур дорад,-ғурумбид Мансур.-Нодирхон, ки аз ҳамаи ин гирумонҳо бохабар будааст, ба қӯшунаш маблағгузориро бас кунондаю фармуд, ки туфангҳои гирифтаашро баргардонад. Ин кас боз ҳам ғурурашон баландӣ кардаю «не» мегӯяд. Ва ҳоло ҳарду душман.

– Феъли айғири галаю феъли Иброҳим як. –Нигоҳи Низом - махдум пештара барин ҷониби алов буд. - Айғир галаашро ҳимоя мекунаду ин қавмашро. Ҳамин қадар фаҳмиш дорад.

– Иброҳим бешубҳа марди бағайрат,-гуфт Мансур. - Лекин бедониш, ки ҳаст, кору фаҳмиши замонаро дарк намекунад.

– Ҳамон масхарачангҳое, ки дар тарафи худамон кард, ба кӣ даркор буд?- Касони бафаҳм мегуфтаанд, ки ин ҷангҳотон беҳудаанд, ғазабманд шудаю ба сарашон шамшер мебардоштааст.

– Аз ин ҳам зӯътар амир Олимхон. Ҳар вақт мегуфтааст, ки муқотиларо давом деҳ, силоҳу аскар роҳӣ мекунам.

– Халқ аз пушти нодонии ҳамин тоифа аз хонаю дару аз ватанаш маҳрӯм монд на аз дасти ҷадидҳо. - Мансур ғолибона ба рафиқаш нигарист.

Низом - махдум дастархон даровардани занашро дида, ба ӯ дастёрӣ карда, афзуд: - Инҳоро дар тарафи худамон халқ бад диду роҳашон надод, дар ин тараф ҳам ҳамон амалҳои номатлубашонро кардаю он рӯз ба сарашон омад. - Дирӯз, ҳангоме ки аз Толиқон ин тараф сӯи Қундуз меомадам, мушоҳида кунам, нархҳо ду-се маротиба хестаанд. Ва аламовараш боз дар он, ки он дӯстию пазироие, ки пеш таҳҷоиҳо нисбат ба мардуми мо доштанд, ҳоло кам шудааст.

– Кам ҳамин тоифа кард. Ба беназокатию бепардагиашон дӯстиамонро нест карданд.-Қариб як моҳ аст, ки боз роҳҳоро гуреза зер кардааст. Ҳукумати Афғонистон сарбоз овардаю онҳоро аз деҳаҳои назди соҳил хезонда ба дарун мебурдааст. Ҳоли онҳоро дида, дилат хун мешавад, баъзеҳо чӯбу ходаҳои хаймаашонро дар харҳо бор кардаанд, баъзеҳо пӯстаку бурёашон дар пушт. Бештари занону кӯдакҳо пойлуч. Ҳама аз гуруснагӣ лоғар шуда, чашмонашон чуқур рафта, нигоҳашон бенур аст.

– Ба Нодирхон маъқул нест, ки соҳил аз резишгоҳи Вахш то Бешкаппаи поёни Термез дар дасти гурезаҳо бошад. Онҳоро хезондаю дар тарафҳои Баглону Алиобод замин додааст. Дирӯз ҳангоми аз Балх омадан даромада Алиободро дидам: як дашти пуршамолу пурхору пурозор. Сагро бандӣ, намеистад.

– Ба бегона ҷойи нодаркорро медиҳӣ-дия.-Низом - махдум «ку, бинам, хӯрокаш пухта бошад?» -гуфта ба хонаи дигар гузашт.

Мансур барои ҳезум баромада дид, ки дар берун ба шиддат барф меборад. Ҷо-ҷо аллакай сафед шудааст. Дар чунин сармо дар дашти бесарпаноҳи Алиобод шабро ба рӯз бурдани фирориёнро тасаввур кардаю дилаш тоҳ кашид..

❄ ❄ ❄

Соли 1929 Масков қарори худмухтории Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба тасвиб расонд. Дере нагузашта дар тамоми давлати навтаъсиси Шуравӣ маъракаи тозакунии сафҳои ҳизбро аз унсурҳои бегона шурӯъ карданд. Коммунистҳо аз назари комиссияи махсус мегузаштанд. Маъракаи тозакунии сафҳои ҳизб дар собиқ ҷумҳурии Бухоро бори аввал соли 1922 шурӯъ шудаю як сол давом кард. Он замон онҳоеро, ки назарашон аксулинқилобӣ буд, андешаҳои бегона доштанд, онҳоеро, ки дар гузашта бой ё рӯҳонӣ мегуфтанд, аз сафи ҳизб хориҷ карда буданд. Ин дафъа талаботро боз ҳам сахттар кардаанд. Аз миллатчиёни буржуазӣ шуруъ карда то нафароне, ки дар ҳақи давлати Шӯро бадгӯӣ мекардаанд ё надониста дар кишту кори замин иштибоҳ кардаанд, аз ҳизб хориҷ кардаю ҳабс, ҳатто эъдом мекардаанд. Мардум дар суҳбатҳояшон мегуфтанд, ки соҳибони инқилоб акнун сагҳои ҷиннӣ барин гӯшти ҳамдигарро мехӯранд.

Рӯзҳои сахт ба сари мардум омад. Дар деҳи Найзаварон Домуллоназар ба ин гирдоби ғам афтид. Дар соли севум ба истиснои Домуллоназар боқӣ ҳамаи мардуми деҳа аъзои колхоз шуданд. Домуллоназар гуфт, ки шумо заминҳои мардума, касе кам ё зиёд дошт якҷоя кардед. Заминҳои вахма ҳам гирифтед. Ҳарому ҳалолатон як шудагӣ. Аз ин рӯ маро монед, то умрам боқи ҳаст, аз ду таноб замини бобои ризқама ёфтаю рӯзамро мегузаронам.

Охири сол андозҷамъкунӣ район омаду фармуд, ки андози домуллоро зиёд кунанд. Ноомади кор, он сол ҳаво хушк омаду зироат хуб нашуд. Домулло андозаро дода натавонист. Бечораро боз чанд гуноҳе ба сараш бор карданду шаш сол ҳукм карданд.

Он рӯзҳо қариб ҳар ҳафта хабари нав меомад: «Фалон котиби аввалро бо чанд коргараш ҳабс кардаанд. Мегӯянд, ки миллатчии буржуазӣ будаанд! Фалон раисро ҳабс кардаанд. Бачағар ба ҳаракати колхозӣ халал мерасондаст!» «Колхозаша пешқадам мегуфтанд-ку», маҳмадоное изҳори ақида мекард:

– Ҷосуси Англия ҳам будааст.

Маҳмадоно ба суханаш меистод.

– Ба ин овозаҳо боварам намеояд.- Вай номи Англияро нашунида буд, чӣ мондааст ба ҷосусиаш!

Аз байн ду-се ҳафта мегузашт, ки «маҳмадоно» бедарак мешуд. Латифае он рӯзҳо паҳн шуда буд. «Намояндае маҷлис гузаронда дар охир чанд маротиба мепурсад: «Кӣ савол дорад? Саволҳо бошад, гӯед.» Марди содае аз қатори ақиб бо тарсу ларз даст бардошта, «як савол дорам,- мегӯяд. Одаме, ки дар маҷлиси гузашта савол дод, кучо бурданд, медонед?»

Иди соли нави мелодиро гузаронданду хабар омад, ки раиси колхози ба номи Катовский деҳи Обканда Мусофири Маликро ки дар маҷлиси мурофиавӣ Нуралиро сафед карда буд, ҳабс кардаанд. Сабаб дар он будааст, ки ба фар-

зандони бойҳо заминҳои ҳосилхезро додааст. Гӯё аз молу гӯсфанд ҳам камомад доштааст. Чунин хабару овозаҳо мардумро сахт тарсонд. Одамон кӯшиш мекарданд, ки аз кор дер намонанд, сухане аз сиёсат нагӯянду нашунаванд.

Ин хабарҳо раиси кохози ба номи Аскари сурх Санговро ҳангу манг кард. Ҳеҷ ба сараш наомада буд, ки давлати Шӯро камбағали худаш раис интихобкардаро, дастпарварашро тафтиш мекардааст. Ё гирем, Мусофири Малик, болшевики кӯҳнаро ҳабс мекунад. О, бойҳои пешинаро солҳо касе тафтиш намекард. Чӣ қадар мехӯрданду медоданд, касе намепурсид. Ӯ аз ҷиҳати ба писари бойҳо замини хуб ё бад додан дилпур буд. Сангов ба онҳо на ин ки замини хуб, балки рӯи хуш нишон надодааст. Тарафашон мудом чашм ало мекунад. Писари хурдии Файзмуҳаммад Боймуҳаммадашро саис монд. Ҳоло ҳар вақте, ки раис кучое равад, аспашро зин задаю оварда то савор шуданаш дошта интизор меистад: Нуралиш бошад, аз сахтгӯию нописандиаш ҷиннӣ шуда рафт. Писараш маҳбус шуд. Ҷавоб шуда ки омад, боз ягон балое ба сараш меорад. Барои он ҷувонимарг ҳашт сол кам аст. Барои раисро заданаш ӯро бояд умрбод зиндон мекарданд, ки чашми дигарҳо тарсад. Аммо дар масъалаи мол... Ин фикр чун хор ба дилаш халид. Наход барои сӣ-чил гӯсфанд шармандааш кунанд? Агар аз чилу панҷоҳ зиёд бошад-чи? Бояд ҳилае ёбад, ки саволу ҷавоби мола набардоранд. Ё Қодиру Сафари Тошро (додарарӯсаш) роҳӣ кунад, ки ҳарду кутани молро ҳай карда аз кӯҳҳои Оҳалик гузаронанд. Ағбаи Китобро ҳам гузаронда, он тараф, ба ҷойҳои раву набиё баранд. Бигзор молҳо алафи хӯрданӣ наёбанд ва чӯпонҳо ҳам мурда раванд. Ба комиссия мегӯяд, ки ҷойи зимистонгузарониашон бисёр дур, роҳҳо сербарф, касногузар. Бисёр ки нашуд, мегӯяд, ки ба меҳмону маъракаи колхоз сарф кардам. Комиссия ё меҳмон биёд, мисли солҳои феодалҳо аз дур хонаи Нуралӣ ё Олимбойро нишон намедиҳед-ку; Ба он хона равед, дастархонашон кушода. Айб аст-е, раиси колхоз шуда... Бале, меҳмони колхозро гусел кардам. Баҳор тула мегирем боз мешавад мол, ҷони одам не-ку. Холбек гоҳе ба чунин фикрҳои сода худро тассалӣ медод, гоҳе бовараш намеомаду аз Остон маслиҳат мепурсид: «Мол ками накунад-ку хуб аст, ё худиҳо пештар аз комиссия омадан ду-се гӯсфандӣ ҷамъ карда, ба мол ҳамроҳ кунем? Хешону дӯстонро ҳам ҷамъ мекунем: мегӯем, ки замину боғи аз ҳама пеша додем, хӯрда гаштаед...» Вале ҳангоме, чунин суханҳо баромад Остон чашм бегона карда, «раис, худатон медонед» гуфта, ба баҳонае дум хода кард. Одинаю Қодиру Гадойбой ҳам дар масъалаи «худамон дутой гӯсфанд ҷамъ кунем» гапашро нагирифтанд. Ҳамааш шуда се гӯсфанд дорам, дутояшро диҳам чӣ мемонад? гуфтанд.

Он рӯзҳо раис бо бригад Обид дар як масъалаи ночиз баҳс кардаю ба ҳам рӯй хунук шуданд. Корро тамом карда ба ҷое меҳмонӣ мерафтанд, ки Боймуҳаммади аспбони колхоз даромада гуфт:

– Раис, обчакориамонро аз боғи худамон диҳед.

– Обчакориро аз кучое доданд, мегирӣ!-гуфт раис ба тундӣ.

– Чаро боғи падарам ободкардаро ба дигарон медодааанду ба мо не? Мо он ҷо меҳнат кардем, диламон месӯзад.

– Меҳнат кардааст,- тамасхур кард раис. - Аслан ба шумо, куллакҳо, замин додан лозим нест! Канӣ, буро аз ин ҷо!

– Чаро ба мо лозим набудааст?-Боймуҳаммад аз дар баромада бо гиря гуфт:-Падарамро куштед, бародарамро ба тир задед, зиндон кардед! Акнун моро гурусна мононда мекушед?!

Ба ҳоли ҷавон дили Обид сӯхт ва ҷониби Сангов ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Раис, дирӯз ҳам ду нафар бо ҳамин масъала арз омада буданд. Гуфтанд, ки заминҳои моро ба дигарҳо медиҳед, диламон кашол. Рост мегӯянд. Замини худашона ба худашон додан лозим.

Сангов абрӯ гиреҳ кардаю гап назад.

Берун баромаданд, ки Ҳақназари ҳамсояи Обид бо домодаш бо чунин масъала арз омадаанд.

Мӯйсафед асояшро ба замин зада гуфт:

– Чаро Одинаи пайкор замини мана ба хешонаш медодааст?! Хешони вай шох доранд?

– Акнун дидед, рафиқ бригад,-Сангов истеҳзо кард.- Инҳоро ба таври худ монед, чӣ номақулиҳо намекунанд! Сибир мекунед, пас чашмашон метарсаду ба суханатон хубу хуш гуфта мегарданд.

Обид бо хашм ба Сангов нигарист.

– Раис, бас кунед Сибир гуфтана! Чандеро Сибир кардем, Домуллоназарро Сибир кардем. Акнун як одам намеёбем, ки ҷанозаи мардума хонад!

– Домуллоназар ба гуфти ҳукумат нарафт, ки мемонд, ки вай зоғи ало шуда яккахоҷагӣ монад?

– Атроф пури яккахоҷагӣ, аз имсол мешуд.

– Ту ба ман гап ёд надеҳ!

Одина тарафи раисро гирифт.

– Обид, ту кори худата карда гард.

– Аз ту касе напурсидааст!-Обид аз онҳо ҷудо шуда рафт.

...Раис кашамола карда вақта гузаронд. То хабар ба ҳарду кутании мол бурдаю онҳо роҳи ағбаи Китобро гирифтанд, ки дар аввали сол ду нафар аз район омада тафтиши кори колхози ба номи Аскари Сурхро шурӯъ карданд. Яке насабаш Рашидов, марди чашмонаш кабуд ва торнусхаи ҷидисимо. Ҳамроҳаш Толибҷони писари Олимбой. Толибҷон ҳоло ҷавони бо китфу бозу шудааст, мисли падараш оҳиста сухан мекунад Тафтишотчиҳо аз рӯзи аввал ба раис маъқул нашуданд. Дар давраашон ғур-ғур мекард. - Рашидоваш бегонаи аҷнабӣ, «Тотор бор хатар бор» гуфтаанд. Толибҷонаш фарзанди кулак. Наход фарзанди кулакро тафтишотчӣ монӣ, ана ақл».

Рашидов ба кори худ усто будааст. Рӯзи аввал аз район милиса даъват карда ду нафар колхозчиро ҳамроҳ карду фармуд, ки моли колхозро дар куҷое бошад, шумурда биёянд. Пас аз чор рӯз Қодир (ӯ ҳоло каровули идора) хабар расонд, ки кори комиссия шабу рӯз навис-навису бачаи кампир (дар назар дорад Санговро) аз тарсу воҳима мисли чароғи дар об зада шудааст. Пас овоза шуд, ки пурсуҷӯро бештар Толибҷон мекардаасту навис-нависа чашмкабуд. Мардум дар назди мағозаи нав ҷамъ омада мегуфтанд, ки акнун Толибҷон аз Хол қасоси падарашро мегирад. Хоҳ-нохоҳ айбашро ёфта зиндонаш мекунад. Вай барои ҳамин мактаби ҳисобчиро хонд. Ҳама интизори оқибати кори комиссия

шуданд. Чоштгоҳи рӯзи бисту як хабари воҳимаангез паҳн шуд: «Тафтишгарҳо Санговро ба дор кашиданӣ шудаю боз аз дор гирифта ба район бурдаанд!»

Бегоҳи рӯз Қодир ба гуфти худаш хабари аниқу дақиқро расонд: Одамон, ки бесаброна интизори хабари нав буданд, назди мағозаи нав ҷамъ омадаанд.

– Имрӯз чунон коре шуд, ки ба ақл рост намеояд,- асроромез сар ҷунбонд Қодир. - Ба бухорӣ оташ мегирондаму лекин ҳама ҳушу ёдам ба гапу кори тафтишотчиҳо буд. Онҳо пеш аз рафтанашон бачаи кампир, Бобоқули мусоҳиб (ӯ аз деҳаи Обканда аст), Остон ва Тошро даъват карданд, рӯбарӯ шинонданд ва Рашидов ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Тафтиши колхозатонро ба анҷом расондем. Ба хотири ҳамшаҳратон Толибҷон мо аз бисёр норасоиҳо чашм пӯшидем ҳарчанд ба ин ҳақ надоштем. Ба ҳамту ҳам, камомад хеле зиёд аст: Аз чорво зиёда аз ҳаштод гӯсфанд, чанд гов ду асп намерасад...

– Барзаговҳо ҳамин зимистон мурданд,-гуфт Сангов, аспҳо соли гузашта нохуна шуда мурданд. Мо онҳоро нафурӯхтем.

– Мо ин ҷо баҳс намекунем,-гуфт Рашидов,-ҷавобро дар назди суд мегӯед. Ҳамзамон ёдрас мекунам; чизу чорае, ки аз хонаи бойҳо гирифтед, ба кӣ додед, онро ҳам ҳуҷҷат кардаю пешниҳод кардан лозим.

Ин дам бачаи кампир ба сари Толибҷон дӯғу пуписа бардорад мешавад. «Ман аз ин меҳмон не, аз ту кулакбача домангирам! Ту ба қассосе, ки дасти падари муштамзӯратро баста зиндон кардам, ин туҳматҳоро мекунӣ! Ман ин корро ҳамту намемонам! Ман ба армияи сурх хизмат кардагиям! Ман аъзои фирқаям! Ман ину он» гуфта дод мезанад.

Толибҷон хандида гуфт: «Яқин ҳамон вақт ҳам дуздӣ мекардӣ раис». Хол аз гиребони Толибҷон дошта дод зада гуфт; «Ман хоҳ-нохоҳ сардастаи шиносам Черновро ёфта меораму ҷоямро мегирам! Ин дафъа дасти худатро баста Сибир мекунам! Модарата, тамоми авлодата Сибир мекунам, кулакбача!»

Толибҷон як мушт ба банди дилаш зад, ки дуқат шуд. Қариб нафасаш ба дарун меафтид. Рашидов Толибҷонро ақиб кашиду худаш чанд лагади мӯза дар шикаму думбааш зада гуфт:

– Дигар раисиро хоб мебинӣ, дузд! Боқии умрат дар бадтарин ҷойи Сибир хоҳад гузашт!

Одамон аз ҳар тараф садо баланд карданд:

– Ба мардум ҷабр карда буд, акнун ҷафоша мекашад.

– Он ҷо мешудам, ман ҳам ба хотири Домуллоназар ду лағат мезадамаш. Домулло ки сухани салоҳ мегуфт, тарафаша намегирифт ба ҷафоҳо зиндонаш кард.

– Ҳаромӣ моли колхоза моли худаш медонист.

– Ман ҳам он ҷо мешудам, ду мушт изофа мекардам.- Ин суханро Бойматаҳаммад гуфт. - Аз боғи падарам ба ман обчакорӣ надод. Боғи хуб, ки буд, худ ба худ тақсим карданд.

– Бобоқули мусоҳиб ба рӯяш гуфт, - афзуд Қодир.-Гуфт, ки Сангов, чанд маротиба огоҳ кардам, ки ба моли колхоз даст нарасон, хаттӣ огоҳат кардам. Гапама гӯш накардӣ.

– Кошки Бобоқула раис монанд,-овоз дод Аброри комсомол. Ҳоло вай ба ҷои Ашӯр котиби косомол аст. Ашурро ба сабаби паст будани дониши сиёсиаш аз камсомолӣ озод карданд.

– Остони аҳмақ кори аҷиб кард,-Қодир ба завқ хандид: -Ҷониби Толибҷон гуфт:-Писартағо, занталоқ бошам, дах маротибаи қулф гуфтамаш, ки ҳой бачаи кампир, ҳой Холи қатрон, дар хонаи тағом Олимбой ҳар рӯз меҳмон буду чунин исрофкорию қайлахӯрие, ки ту мекунӣ, намекарданд. Ту ин кора накун, қади курпаат по дароз кун! «мегуфтам ё не?» гуфта пурсида буд, ки Сангов, ҳайрон ба рӯяш нигариста «Занталоқ бошам, ягон бор ин гапа назадӣ»-гуфт.

– Оҳ худозада! Вай аз Хол бадтар аст,-гуфт Аброр.-Хол мегуфт, ки барра биёр, чорӣ меовард.

– Бачаи кампир гуфташ, ки ту дурӯя аз ман кам нахӯрдӣ! Дар назди суд ту ҳам ҷавоб медиҳию Тоши Тарош ҳам. Ҳарду часпиданӣ шуданд, ки Толибҷон намонд. Пас тафтишотчиҳо коғазу қаламашонро бардошта ба чойхона рафтанд, ки аз ҳамон ҷо мошин савор шаванд. Дар ин байн Бобоқул аз ҳучраи паҳлуяш овозе шунида, хавотир шуда медарояд, ки бачаи кампир худашро овехтааст. Ниммурда аз банд халосаш мекунад. Ба худ, ки меояд, мегӯяд, ки «ман аз тарси зиндон не, аз аламу ҳасрате, ки Толиби писари кулак, назоратчии давлати Шӯравӣ шудааст, ин корро кардам.» Бобоқул ба ман ишора кард, ки хабара ба тафтишотчиҳо расондам. Онҳо омада, раис, ту мурӣ, ба ҷоят кӣ ҷавоб медиҳад, гуфта пеш-пеш карданлу ҳамроҳашон ба район бурданд. Имрӯз чунин гапу воқеаҳо шуд. - Қодир калонгирона сар ҷунбонд.

Кори суд як моҳ тӯл кашид. Пас дар як рӯзи ҷумъа Аброр, ки ба маҷлиси комсомол ба район рафта будааст, ба мошини почта омада хабар овард, ки Санговро ба муддати бист сол ҳабс карданд. Он бегоҳ дар назди мағоза одам бисёр ҷамъ омада буд. Як бригада ҷавонон, ки дар паҳлуи мағоза бинои чойҳонаи сурхро мепӯшонданд, корро тамом карда, онҷо буданд. Нурмуҳаммади писари Файзмуҳаммади қассоб ҳам буд. Вай шаш сол дар маҳбаси шаҳри Ҷесқазгани Қазоқистон мӯҳлати ҷазоро шишта омад. Як сол шуд дар колхоз кор мекард. Барои гапгирӣ баъзе мӯйсафедон ҳам омадаанд. Умарбой ҳамроҳи Каромат оҳиста меоянд. Ҳарду пир шудаанд, риши бетартиб паҳншудаашон чун шир сафед менамояд. Аз паси онҳо Обиду Нурали меояд. Нуралӣ офият ёфта буд. Вай мисли солҳои пешина саллаю ҷома кардаю даст ба пушт бо салобат роҳ меравад. Занону бачаҳо ӯро дар кӯча бинанд, яктарафа шуда, салом дода, аз пасаш менигаранд. Мисле ки ба роҳгардияш ҳавас мекунанд.

– Дар давраатон фаъолони колхоз наменамоянд,-таҳдорона овоз дод Нуралӣ.

– Баъзе фаъолон тайёрии Сибирравӣ доранд,-лабханд кард Обид ва пештар рафта дасти Умарбою Карокатро гирифта пурсупос кард: -Шумоён ба офиятед?

❁ ❁ ❁

Дар ҳамон тирамоҳе, ки Нодирхон подшоҳиро аз Ҳабибуллохон зада гирифт, тарафи баҳоррӯя дар Кундуз дар як шаб собиқ сардастаҳоро- Холдорбеку Қуқанбеку Худойдоди Кӯлобиро дар назди хонаҳояшон корд зада куштанд.

Баъдтар чунин силсилаи кушторҳо чанд дафъа такрор шуд. Боре як нафар қотилро медоранд. Аҳтамбек, собиқ сардастаи муҷоҳидин. Умаралиро (собиқ сардастаи муҷоҳид) шабона берун даъват карда, корд задааст. Вақте ки хешони мақтул Аҳтамбекро дастгир мекунанд, мегӯяд, ки чор сол пеш дар Қабодиён Умаралӣ барои асп шуда бародарамро кушта буд, қасди бародарамро ситондам. Маъмурони ҳукумати афғон зуд ӯро аз дасти соҳибони мурда рабуда, ба маҳкамаи Хонобод андохтанд. Баъдтар овоза шуд, ки Худойдодро ҳам ӯ кушта будааст. Баъди он ҳукумати Афғонистон дар ду ҳафта ба ҳар баҳона ҳабдаҳ нафар собиқ сардастаҳоро доштаю қисмеро ба зиндони Фархор, қисмеро ба маҳкамаи Хонобод андохт. Аз ҷумла Исмат полвону Фахриддини Фархориро, ки дар он рӯзҳо дар Бадахшону Толиқон ба човандозӣ ном бароварда буд, ба ҷурми аспдуздӣ зиндон карданд. Салимпаҳлавони ӯротепагиро дар рӯзи равшан ба хонаш даромада мепаронанд. Вай бечора зимистони соли1926 бо писараш аз ватан гуреза шуда омада буд. Мансур бо ӯ дар чойхонаи навсохти Ғуломҳайдар як шаб ҳамроҳ хоб рафта шинос шуданд. Мансур хабари маргашро фаҳмида Низом - махдумро ҳамроҳаш гирифта ба ҷанозааш рафт.

Ин гирумонҳо ба хотири Мансур ҷанги даврааи Анварпошоро оварданд. Ҳамон вақт ҳам гурӯҳе бо баҳонаи аз ҷабри урус гуреза омаданду пас аз он ки ба байни мардум даромада ҷойгир шуданд, пинҳону ошкоро таблиғоти зидди Анварпошоро бурданд. Қавмҳоро бар зидди якдигар шӯрондаю ҷанги байни тоҷику ӯзбекро афрӯхтанд. Ва акнун ҳамин гурӯҳ куштору душманиро дар байни гурезаҳо андохтааст. Ва яқин бо маслиҳати якҷояи Маскову ҳукумати Нодир аст. Аз ин фикрҳо дили Мансур ба ларза омад. Қарор дод, ки як муддат берун камтар барояд.

Дар аввали соли 1930 хабаре паҳн шуд, ки ҳукумати Шуравӣ деҳқононеро, ки баргашта ба ватанашон мераванд, қабул кардаю замин медодааст ва ҳам барои хонапӯшиашон пул ёрӣ мекардааст. Чунки заминҳои водии Вахшро обод кардаю пахта коридан лозим шудааст. Пахта барои давлаташон зарур будааст.

Як бегоҳи рӯзи ҷумъа Мансур аз кор барвақттар баромада (ба Акрамхон собиқ беки Ғузор, хона мепӯшид), ба Низом - махдум, ки дар дӯконаш машғули кор буд, хабар овард. «Баъзе одамон тайёрии ба ватан баргаштанро доранд. Акрамхон ҳам писари калонашро фиристоданист».

– Пас, чаро Акрамхон хона мепӯшад?- Низом - махдум нигоҳашро аз рафиқаш намеканд.

– Вай ҳам феъли шуморо доштааст: -Мансурро ханда гирифт.-Мегӯяд анде, ки ба ватанам раҳ диҳанд, хонаро ба хешони афғон «корвонсарой ҳадия!»- гуфта меравам.

– Монед ҳамин шӯхиҳотона, - Низом - махдум хиҷолатманд шуд.

Аз байн як ҳафта гузашту наздики намози аср Камолҷон дар ду даст халтаҳои бозорикардааш дарвозаро даромаду гуфт:

– Исмат полвон бо ҳаштод нафар собиқ сарбозҳояш бо даъвати Шуравӣ ба ватан мерафтааст. Аз маҳаллаи фарғонагиҳо ҳам як гурӯҳ ҳамроҳашон мерафтаанд. Ба Камолҷон гуфтааст, ки падарат хоҳанд, ҳамроҳи мо раванд.

Аз ҳама пеш Садаф тохта рафта рӯйҳои бародарро бӯсид.

– Гӯй ки падарам албатта мехоҳанд, -гуфт ӯ. - Гӯй ки ҳама мехоҳем.

– Исматро соли гузашта ҳашт сол додаю зиндон карда буданд?- Низом махдум ҳайрон шуд.

– Баъзеҳоро раҳо кардаанд,- гуфт Мансур.-Аз рӯйи шунидам, Аҳтамбек ва боз якчанд нафарро ҷавоб додаанд.

Ҳабиба, дастонаш хамиролуд, саросема аз хона баромад, рӯймолаш ба паси сараш ғеҷида яктарафа шудааст.

– Бачаҷон, чӣ хабари хуш овардӣ! - ба ҳаяҷон омада буд ӯ ва ҷониби шавҳараш итоб кард:-Даъват карда бошад, албатта, меравем! Ҳамин шаб хеста раҳакӣ мешавем. Ин лутфи Худованд аст. Гуноҳи мо бандаҳои осиро бахшид.

Низом - махдум нафаси чукур кашида ҳарфе нагуфт.

Ҳабиба аз Мансур пурсид:

– Баъде, ки Вахш рафтем, мемонанд, ки Бухоро равем?-Ва ҳамоно оби дидааш шашқатор шуда, афзуд:- Шарифҷон дар ин ҷо, ӯро монда меравем?

– Ҳой занак, мо НКВД ҳастем, ки ин қадар савол медиҳӣ?-Низом - махдум баъд аз баҳсу гиряҳои даъфаи гузаштаи занаш, ки як моҳ дилдард шуда аз хона намебаромад, бо эҳтиёт сухан мекунад.

– То иди Наврӯз рафтан лозим будааст,-огоҳ кард Камолҷон.-Супориш чунин будааст.

– Шояд боз то Мазори Шарифу он тарафҳо рафта, пурсуҷӯ карда, дараки он гумшударо меёбед? -Ҳабиба бинӣ пок кардаю бо озору илтиҷо ҷониби шавҳараш нигарист.

– Ҳоло маслиҳат мекунем,- Низом - махдум ба Мансур рӯ овард:- Шумо ба ҳамон тарафҳо равуо доред, ҳавои корашонро медонед. Ба ҳамин сухан бовар кунем? Ман аз чунин хабару овозаҳо монда шудам.

Ба забони Мансур меояд, ки гӯяд: бояд ман аз шумо ҳавои кори болшевика пурсам. Чунки шумо бо онҳо шинухез доштед. Худашро дошт. Суханони «ту он ҷо будӣ, ту ҳамроҳ будӣ» ба кас мисли корд мерасад. Боре, «сад нӯши болшевикҳо ба як нешашон намерасад» гуфту бо Мирзоумед баҳс кардаю аз якдигар хафа шуданд... Лекин ҳоло дар оҳанги сухани Низом - махдум таъну танз не, мадорост. Мансур ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Ҳар дафъае, ки соҳилро мегузарам, мушоҳида мекунам, ки ними бештари заминҳо нокорида, чанд сол шуд онҳоро касе шудгор намекунад. Деҳаҳо, ки бекас мондаанд, каси шудгор мекарда намондааст. Аз ин ҷиҳат фикр кунӣ, бояд қабул кунанд. Аз тарафи дигар, кӣ медонад ин хабару овозаҳо чӣ оқибат доранд?

– Шояд таваккал карда меравем?-гуфт Низом - махдум нигоҳашро аз Мансур наканда. -Ҳамаро маҳбас намекардагистанд. Ваъда кардаанд, ки касе аз рӯйи нодонӣ рафтааст, бахшида мешавад. Мо нодон, ки будем, дарёро гузаштем, нодон ки будем, ба ҷадидҳо пайвастем, нодон, ки будем, ислоҳотхоҳ шудем. - Ва оҳ кашида, илова кард:- Нодон, ки ҳастем, саги соҳибаш ронда барин боз баргашта наздашон меравем.

Дар оҳанги сухани Махдум як навъ пушаймонӣ аз кору умри гузашта, ошуфтагӣ аз ояндаи номаълум ҳис мешавад.

Дили Мансур низ моили рафтан мешавад. Вале изҳор намекунад. Намехоҳад, ки дар ин кори хатарнок фикрашро гузаронад. Ба хусус дар ҳузури Ҳабиба: мабодо гиря бардорад, «Чӣ тавр дилатон мешавад, ки Шарифҷонро партофта равед?»

– Ман шуморо намедонам, Камолҷонамро гирифта меравам,- Ҳабиба бо қатъият дастони хамиролудашро молиш додаю тоза карда, рӯймолашро пеш кашида аз нав баст ва назди дар рафта таваққуф кард ва боз домани гиряро раҳо карда, ба паланди дар такя карда афзуд: -Лекин Шарифҷонам дар ин ҷо! Эҳ Худо, ба мо чӣ қисмати бадеро насиб гардондӣ?

– Ту бе гиря гап зада метавонӣ?-гуфт Низом - махдум ба нармӣ. - Ӯ хавотир буд, ки мабодо боз дарди дили занаш хурӯҷ кунад. Ва ҷониби Мансур бо қатъият афзуд:- Меравем, ду-се сол дар Вахш меистем. Пушти кор, ки хунук шуд, ба Бухоро меравем!

❁ ❁ ❁

Аз рубарӯи чойхонаи Ғуломҳайдар роҳ ба ду тараф ҷудо шуда меравад.

Яке сӯйи бозори "Гурезаҳо", дигаре сӯи теппаҳою сойчаҳои қатори соҳили дарё. Имрӯз ҳам дар роҳҳо, ҳам дар чойхона ва ҳам дар бозор одам бисёр аст. Дар сари роҳ марсияхонҳо, гадоҳо ба кори худ машғуланд. Ба назди марсияхоне пул афтад, ҳам овози думбура, ҳам овози худаш ширадор мешавад. Гадоҳо низ ҳамчунин. Пулро ки диданд, ба шавқ омада бо самимияту илтиҷо "Илоҳо. Илоҳо..." гуфтаю ҳафт пуштатро ёд карда, дуъою дуруд мефиристанд. Як гурӯҳ лулиҳо ҳам расида омаданд. Ин тухми каргастинат дар куҷо садақа осонгир аст, бӯй бурда худро мерасонад. Мансур пешниҳод кард, ки аспҳоро дам додаю чой нӯшанд, пас ба роҳ бароянд. Ӯ мехост аз ошноёш Ғуломҳайдар ба сафари пешгирифтаашон маслиҳат пурсад. Ғуломҳайдар марди бафаросат аст. Вай ба он сӯи об ҳам равуо дорад. Ҳавои корро медонад. Акаллан Юсуфро медид (Ҷавони русе, ки аз байни дарё ниммурда бардошта оварда буд). Он вақт баъде ки ӯро монда меравад, Ғуломҳайдар пурсуҷӯ кардаю мефаҳмад, ки Юра касе надорад, наздаш медорад, номаша Юсуф мемонад. Ғуломҳайдар ҳар гоҳе ки Мансурро медид, аз бозёфти Юсуф изҳори хурсанди мекард. Мегуфт: каллаш каллаи Ленинашон барин кор мекунад. Ҳамаи дахлу харҷи чойхонаро ба ҳавай супурдагиям.

Юсуф ба Мансур ҳам некӣ кардааст. Ҳар гоҳе ба соҳил биёяд, пешвозаш гирифтаю чой карда меорад, ба аспаш ҳам ему хӯрок ёфта дода гусел мекунад.

Ҳангоме ки чойхонаро мепӯшиданд, қиссаи дар дарё монданашро нақл кард. Падару писар, баъде ки ин тараф мегузаранд, дар шаҳри Чоёб ҷойи истиқомат ихтиёр мекунанд. Падараш марди дастбакор будааст, самовор месохтааст, асбобҳои чиниро қадоқ мекардаасту ба-дин минвол касби маош мекардаанд. Як солу ду моҳ мегузарад, ки падараш аз дарди қулунҷ вафот мекунад. Худаш баргашта ба Душанбе меравад. Сохту суроби давлати Шуравӣ маъқулаш намешавад. Баргашта ба соҳил меояду ба кори аз дарё гузарондани одамон ёрӣ

медодааст. Боре мехезад, ки аспашро дуздидаанд. Саросема худро ба дарё меандозад. Ҳашт ё нуҳ шохобро мегузарад, дигар чӣ шуд, дар хотир надорад.

Боре Мансур гузаштаашро донистанӣ шуда пурсид: Ватанатон дар кадом тарафи Руссия аст? Чи сабаб шуд, ки падару писар ба Бухоро омадед?

Юсуф ба самте нигариста муддате хомӯш истод, сипас бо дили нохоҳам, "бо болшевикҳо рост нагирифтем," гуфту монд.

Мансур дигар кордор нашуд. Ба сари одами ин замона чи корҳое намеояд. Дар тақдири худаш ҳам магар кам воқеъа буд. Воқеъаҳое, ки онҳоро ба касе гуфтан наметавонад. Ӯ суҳбатро ба дигар тараф бурда пурсид:

– Ғуломҳайдар духтар дорад?

– Се рӯпӯшида дорад, дутоаш ба шавҳар додагӣ, хурдӣ ҳаст,-ҷавоб дод Юсуф.

– Хурдӣ духтари хуб аст?

– Духтари зебо, ҳам баақл,-рухсораҳои Юсуф сурх шуданд.

– Маъқулат бошад, дилашро ёб, ман хостгорӣ мекунам.

– Медиҳад мегӯед?

– Ману ту ин қадар корашро кардем, намедиҳад?

– Дили духтара ёфтан мушкил нест,-гуфт Юсуф ва илова кард. –Ба Ғуломҳайдар сахт намерасад, ки мани урус ба духтараш хостгор шудаам?

– Инаш кори ман,-гуфт Мансур. Ва ҳанӯз аз ин боб ба Ғуломҳайдар сухан накарда буд, ки ногаҳон ин сафар аз пеш баромада монд...

...Низом - махдум ба чойнӯши розӣ нашуд. "Зудтар соҳил фуроем, ку бинем чӣ гапу хабарҳо", - гуфт. Вай ким-чи хел беқарор ва хавотир менамуд. Аслан дуруст нигарӣ, бештари сафаракиҳо хавотиранд. Шояд аз ҷониби муқобил дилпур нестанд. Худи Мансур ҳам ҳамин ҳолатро дорад.

Мансур ба сафи талабандаҳо, ки имрӯз хеле бисёранд, зеҳн монд: ҷавон, пир мачрӯҳ, чор дасту пояш сиҳату бардам будаҳо низ ҳастанд. Яқин шунидаанд, ки мардум сафари ватан доранд, зиёд ҷамъ омадаанд. Касе, ки ба ватан меравад, аз шодӣ, аз он ки сиҳату саломат рафта расад, охирин тангаашро садақа медиҳад. Занони кӯдакдор ҳам бисёранд. Ин бечораҳо бесаробонанд. Инҳоро дар кӯчаву бозорҳои аксар деҳоту шаҳрҳои Афғонистон дидан мумкин. Ба дари дороҳо мераванд, мардикорӣ мекунанд, дар монанд, тан мефурӯшанд, то ки кӯдаконашонро аз гуруснагӣ бираҳонанд. Онҳо зинда монанд, худашон ҳам зинда мемонанд. Вагарна ҳаёти ояндаашон бошад – набошад, парво надоранд.

Мансур аз назди гадоҳо гузашта, яке чашмаш ба Ҳасани чароғ афтид. Беҳушона лаҷоми аспро сахт кашид, ки асп дар қаҳр шуда ду пои пешашро бардошт. "Наход Ҳасан!"... Бале худаш. Ришаш сап-сафед шуда то шикамаш фуромадааст. Ачаб ҳоле дорад: ҷомааш чиркин, мегӯӣ ҷули хар аст. Бо ресмон миёнашро бастааст. Дар атрофи сар рӯймол печонда гиреҳашро ба пеши сараш овардааст. Тори сари бемӯяш луч. Нуру сафояш намондааст. Мансур пештар рафта дид, ки Ҳасан такя ба асо меистад: як пойаш аз зону поён нест. Во ачабо, ба ин мард чӣ шудааст? Чаро аз пой маҳрум мондааст? Шояд ҳангоми обро гузаштан... Мансур аз асп фуромад. Қарор дод, ки наздаш истодаю пурсуҷӯ мекунад, ахбор мегирад; чаро чунин ҳол дорад? Чӣ рӯзҳо аз сараш гузаштаанд? Одами пеш –пеш мерафта ба дасти Ҳасан як рӯпия ниҳода гузашт. Ҳасан мисли

гадоҳои касбӣ рӯпияро гирифта, бо овози баланд "Худо хайрашро диҳад" гуфт. Ба нафари дигар ҳам чунин рафтор кард. Ба рӯйи садақамедодаҳо ҳатто нигоҳ намекунад. Дили Мансур тоҳ кашид. Як ҳолати надомату нафратовари номаълум ҷисму ҷонашро фаро гирифт. Саросема ба ҳавои даст аз ҷайбаш як қабзи рӯпияро гирифта, ба кафи Ҳасан ниҳод ва боз ҳам мисли ҳашт сол пеш ҳарфе нагуфта, чашмашро бегона карда, гузашта рафт. Ба фикраш омад, ки худро шиносонад, Ҳасан ҳатман ба шиква хоҳад пардохт. "Писари Меҳрон будаӣ? Меҳрони камон? Ошнои худам! Бубин ҳоли маро! Ҳоли Ҳасани чароғро! Ҳой, тамоми шаҳри Самарқанду навоҳии атрофро аз чароғи лампа таъмин кардагӣ ман! Баъзе мегуфт, ки пулаша баъд меорем, мегуфтам бар, бурду ҳоло ҳам пулаша наовардааст. Дар масҷидҳо ба умру ба касбу корам дуъо мекарданд: мегуфтанд, ки ту ба ҳар хонадон рушноӣ овардӣ, пеши корат ҳам рӯшан хоҳад шуд. Вале бубин, ки на сиҳҳатӣ монду на пешравӣ, на рӯшноӣ. Ҳама баръакс шуд". Не, вақти ин суханҳоро шунидан надорад.

Ҳасан зиёд будани пулро дида, садо кард: "Ҳой, шумо кӣ? Ин тараф гардед! Шумо кӣ?" Мансур раҳорах даст ҷунбонд. Ҳасан баландтар садо кард: "Нашинохтам, наздам биёед. Шумо аз Самарқанд?" ва бо чигас пеш омад. Мансур қадамашро тезонд. Дақиқае пас овози истеҳзоомези Ҳасан ба гӯшаш даромад. "Маро шинохте-д! Намешинхтед, ин пулро намедодед!" Пас ба таҳдид фарёд кард: Шинохтӣ! Шинохт-ӣ! Шинохтию аз шарм кафид-ӣ! Ҳо-о самарқандиҳои шарманда! Ҳ-о самарқандиҳои олуда! Ҳо-о самарқандиҳои...

Низом - махдум овозро шунида, ақиб гашта пурсид: "Чаро аз асп фуромадед?"

Мансур ба ишораи "парво накунед,"- даст ҷунбонд.

Камолҷон ҳам пиёда меомад.

Дар рӯбарӯи чойхона чанд нафар марсияхонҳои ҷандапӯш нишастаанд. Ду нафар ҷавонтарҳо чеҳраи гандумгун доранд, думбураашон пупакҳои калон дорад, бо овози баланд дам ба дам шеър мехонанд. Одамони дасткушод болои рӯймоли наздашон паҳнкарда пул партофта мегузаранд. Шеърҳое, ки онҳо мехонанд, басо аламноканд. Мансур лаҷоми аспро кашида гӯш андохт.

Хубӣ, ку мувофиқе, ки дамсоз кунӣ,
Не ҳамнафасе, ки маҳрами роз кунӣ?
Вақт аст кунун зи Кобули дилозор
Озод бурун ойиву парвоз кунӣ.

Овози дигарӣ ширадортару танинандозтар аст:

Хубӣ, ба ту ором надидан то кай?
Аз дида сиришки гам чакидан то кай?
Дар ҳичрати худ ба мулки Афғонистон
Сад таънаву дашном шунидан то кай?

Дар атрофи шеърхонҳо торафт одамон зиёд мешаванд. Баъзе оби дида мекунад.

Мансур фикр кард, ки тахаллуси шоирро Хубӣ гуфт. Инҳо рубоёти ҳамон Хубии дар Толиқон, дар дукони шиносаш Бадриддин вохӯрда мебошанд. Рафиқаш гуфт, ки шеър ба касе лозим нест. Лозим будааст-ку. Мардум шеъратро азёд мекунанд, мехонанд, дигарҳо ба ҳавас гӯш мекунанд, дилашон як лаҳза бошад ҳам, тассалӣ меёбад. Ин ҳам кори саҳл нест. Бахусус дар чунин лаҳзаҳои тақдирсоз шеър маҳраму маҳбуб аст, на қиссаву афсона.

Аз рӯбарӯи бозор гузаштанд. Бозор чун ҳамеша серодам аст. Овозашонро баҳузур мешунавӣ. "Оби наботи Бухоро! Бори шӯравӣ!" Аммо аз пеши назари Мансур чеҳраи Ҳасани Чароғ дур намеравад. Гашта-гашта ба худ савол медод: чаро як одами номдори Самарқанд ба чунин рӯз афтодааст? Гадои куча: на шарм, на номус, кумоти холӣ шудааст. Каси қаноатдошта асло ин корро намекунад ва ин дам ба худ кашфиёте кард: "Ин ки аз хурдӣ калон хӯрда омадааст, ба чизи кам қаноат карда наметавонад".

Онҳо ба болои теппаҳои назди соҳил омаданд.

Аз баландӣ якчанд бузраҳа ҷониби соҳил мефурояд. *Аллакай дар поён* мардуми зиёд ҷамъ омадаанд. Ду-се гурӯҳ занҳо ҳам ҳастанд. Дар ду ҷониби пайраҳа гиёҳҳо ва буттаҳои ҳарранга, баъзе гул кардаю баъзе нав ба гул омадааст. Ҳавои лаби дарё, ки рутубатнок аст, ба ин сабаб гиёҳҳо ин ҷо дертар "ҳушёр" мешаванд. Мансур мушоҳида кард, ки болои кӯҳҳои тарафи худашон абрнок асту осмони ҷониби Афғонистон кушода. Дар пайраҳаи онсӯтар се нафар суҳбат доштанд. Мансур он ҷо Зарифпаҳлавонро дида ҳайрон шудаю саросема аспашро ба ҳамон сӯ бурд. Зариф ҳам ӯро дида шитобон ба сӯяш омад. Ҳамдигарро оғӯш гирифтанд.

– Иншоолло, ҳамроҳ ба Самарқанди қанд меравем,-Мансур рӯяшро ба рӯйи Зариф гузошта, аз эҳсоси таассуроти дидори ошно дилаш ҳам лабрези ризқат шуд, ҳам мисле ки ба сафари пешоянд дилпурӣ ҳис кард.

– Маро дар ҳамин ҷо рӯз намедиҳанду чӣ расад ба Самарқанд!- Дар пешонии фарохи Зариф чинҳо ҷамъ шуданду дасташро ба китфи ҳамраҳаш - марди қадбаланде, ки дар бар ҷомаи дарози банорас дошту саллаашро ба паси сар кардааст, ниҳод.-Мо ба гусели акаи Фахриддин омадем. Фахриддини човандоза шунидагӣ ҳастед? Ин кас аз Фархори худамон. Ин дӯстамон Шарифхон аз Қундуз. –Зариф марди хурдҷуссаи либоси таҳҷоидоштаро нишон дод. -Бобоямон бобошон аз Самарқанди худамон.

– Ҳама худиҳо будаанд-ку! Мансур дар чеҳраи сафеди як замоне ғурурманди Зариф тарс ва маъюсиро мушоҳида кард.. Ба Фахриддин даст додаю салом карда, ҷониби Зариф гуфт:

– Охирин маротиба шуморо дар ҷанги Бойсун дидам. Аз дур дидам, ҳангоме ки дар даруни бозор марди калағафсеро ба таги пешдукон тела мекардед. Ба ёд доред?

– Аҳ,-Зариф дилгирона даст афшонд. -Баъди ҳамон ҷанги бемаъно гурехта ба ин сӯ омадам. Ҳеҷ гумон намекардам, ки ин ҷо ин қадар сол банд мешавем. Ҳашт сол ба гуфтан осон. Соли гузашта қариб мекуштанд.

– Шумо ҳам дар рӯихаташон будаед-дия?- Ба хотири Мансур ба таври асроромез куштану зиндон кардани сардастаҳо омад.

Зариф ба тасдиқ сар ҷунбонд ва лабханд карда гуфт:

– Аз ҳамон рӯзе, ки ҳаваси истиқлолиятхоҳию тараққихоҳӣ кардаю Тошканд рафта ба шӯрои Исломӣ ҳамроҳ шудам, дигар рӯзи хуш надидам.-Ӯ оҳ кашида ба ишораи "Дар ин бора гап намезанем" даст афшонда, ҷониби Шарифхон афзуд:- Хайрият ин бародар дар хонаашон ҷой кардаю як муддат берун рафтан намонданд. Аввал Худо, дувум сабаби зинда монданам ҳамин кас шуданд.

– Ин гуна донишманду паҳлавонро куштан номардӣ мешавад,-Шарифхон синчакорона ба рӯи Мансур нигарист.

Зариф нигоҳашро аз рӯи Мансур наканда ба суханаш идома дод:

– Салим - паҳлавона паронданд медонед? Се нафар бо камон хонааш меоянд. Дарвозаро шикаста даромада мардака мепаронанд, ман ба ҷанозааш нарафтам. Тарсидам, ки маро ҳам напаронанд.

– Ман рафтам. Писараш он ҷо буд.

– Баъд писарашро дидам,-гуфт Зариф - ва маҷбур кардам, ки ба ватан равад.Умри мо бо хорӣ гузашт- гуфтам. Ҷавонҳо илоҷе карда ба ватан равед.

Мансур ба аломати тасдиқ сар ҷунбонд. Ӯ аз рафиқаш чашм намеканад: мӯяш сафед шудааст. Мӯйлабаш, ҳатто абрӯю мижаҳояш сафед шудаанд. Ба гуфти фирориҳо, Афғонистон ба сарурӯи Зариф орд задааст. Чеҳраи як замон мисли оташ тобонаш хомӯш ва пажмурда. Ҳамаи фирориҳо ҳамин ҳолатро доранд. Рӯҳи бисёриҳо шикастанд.

– Акнун чӣ ният доред?- пурсид Мансур.

– Ба Эрон меравам,-гуфт Зариф.- Он тараф насиб чӣ бошад...

Мансур ҳис кард, ки Зариф гуфтаниҳои зиёд дорад. Вале ин ҷо вақту соати қиссагӯӣ нест, нигоҳашро наканда гуфт:

– Мефаҳмидам, ки ин ҷо ҳастед, кофта меёфтам. Лекин ман ба зуди бармегардам.

– Боз барои чӣ бармегардед?- пурсид Зариф.

– Аз ду нафар музди корамро нагирифтаам.

– Анде, ки ба ватан рафтеду ёру дӯста дидед, ин пулҳоро садқаи сар мекунед.

Мансур дид, ки Низом -махдум ӯро интизор аст, саросема шуда, "ақаллан дидани шумо меоям" гуфт.

– Иншооллоҳ, саломат гузаштеду вақт ёфта ба Самарқанд рафтед, аз модари пирам хабар гиред. –Зариф дасти Мансурро ба кафаш гирифт. Чашмонаш пурашк шуданд.- Гӯед, ки саломат аст. Гӯед, ки дар ҳаққам дуъо кунанд.

Мансур ба ишораи тасдиқ сар ҷунбонд. Дили худаш ҳам пуралам шуд. То ки ашкашро нишон надиҳад, ба зӯрӣ табассум карда аспашро нӯхтакаш карда рафт. Ин беватанию ғарибӣ рӯҳи бисёриҳоро шикаста буд.

Низом- махдум омадани Мансурро дида аспашро ба Камолҷон дода, худаш пеш гузашт. Ба соҳил фуромаданд: ҷое сангоб аст, ҷое қум ва реги намдор. Ҷое хорҳои бутташакл нав барг давондаанд. Мусофирон ҳар ҷо гурӯҳ-гурӯҳ бо овози баланд ҳамдигарро мепурсанд. Ҳоло, ки ҷамъ омадаанд, аз ҳузури якдигар шоданд.

– Абдулло, ту ҳам дар ҳамин ҷо? Чӣ хуб кардӣ, омадӣ!

– Эҳ, акаи Сафар ҳам омадед! Дукони оҳангариатон барҷой аст? Алҳол ба касе надиҳед...

–Не, намедиҳам! Ку, рафта ватана бинем, чӣ ҳол дорад?

Сафаракиҳо баъзе ҷома дар китф дар лаби дарё таҳорат мекунанд, баъзеҳо бехи хореро ҳамвор кардаю рӯймол партофта, намоз мехонанд. Ниёиш доранд, ки Парвардигор сиҳату саломат ба ватан бирасонадшон. Мансуру Низом- махдум низ зуд таҳорат кардаю ҳамвориеро интихоб карда ҷомаҳоро партофта "ду раъккат намози қазо" гуфта хонданд: Низом - махдум бо овози баланд дуъо кард: "Меҳрубони Баланд, мо ба дилпурии худат сафари ватан пеш гирифтем: Эй соҳиби дилҳо, худат медонӣ, аз паи беҳбудӣ шудему ба чӣ хориҳо афтодем. Бандаи осӣ нодон аст. Гуноҳи моро бубахш ва ба дили душманонамон меҳрубонӣ бифирист". Баъд онҳо фаҳманд, ки мо на ба кину душмани ба мадоро омадем.

Аз байн панҷ-шаш дақиқа гузашту гурӯҳе тахмин сӣ нафар бо зану кӯдакҳояшон теппаро нишеб шуданд. Занҳо ҷомаҳои рангубаранг ба бар доранд, мисле ки рӯзи ид бошад. Ду нафар занҳои қадбаланд дар даст доира доранд. Шояд ба ватан доиразанон мераванд? Як гурӯҳ мардон, ки саллаву ҷомаҳои фарсуда доранд, назди соҳил ҷамъ омадаанд ва ҷомаҳоро то миён бар зада, аллакай тараддуди ба об даромадан доранд. Аксар мӯзаҳои соқбаланди русӣ доранд. Инҳо фарғонагиҳоянд, деҳқонони чоряккор. Мансур гоҳи сафар як-як онҳоро дар заминҳои атрофи Қундуз машғули кор медид. Ду-се маротиба ҳамроҳашон нишаста ҷурғот хӯрдааст.

Исмат Полвон аз дур Низом - махдумро дида, аз одамоне, ки иҳотааш карда буданд, ҷудо шуда омада гуфт:

– Акаи Махдум, маслиҳат кардем, ки аспҳоро монда меоед. Он сӯ гумон накунанд, ки босмачӣ меояд,- ва механдад.

– Чӣ кунем? Аспҳоро монем?- Низом - махдум ба Мансур рӯ овард.

– Гуфта бошад, мемонем. Болшевикҳо ба одами доро хуш надоранд.-Мансур ба думи чашм ба Исмат Полвон нигоҳе андохта, пичирос зад:

– Ду сол пеш дида будам, рангурӯйаш басалобат менамуд. Ҳоло мегӯй, чароғаш мурдааст. Нигоҳашро мегурезонад.

– Рост, баъди маҳбас одами дигар шуда баромад. Лекин чӣ гуна баромад, номаълум.

– Вақти маслиҳат пурсидед, ки худаш ба он тараф гузаштаю корро пазондааст?

– Пурсидам, ба он тараф нарафтааст. Лекин дар Янгиқалъа бо намояндаҳои Шуравӣ ду маротиба вохӯрдаю маслиҳат кардаанд. -Намояндаҳо дар Янгиқалъа бо гурезаҳо ҷамъомад гузаронда, гуфтаанд, ки "то дар шаҳри кас шоҳ шудан гадои шаҳри худ бош" гуфтанд. Шумо ба ватанатон баргардед. Касе пишакатонро пишт нахоҳад гуфт. Ва ҳам изҳор кардаанд, ки заминҳои худатон бекор хобидаанду шумо ин ҷо ба замини касон зор шуда гаштаед. Ҷанг буд, нофаҳмиҳо буд, гузашта рафтанд. Акнун биёед, гуфтаанд. Ҳамин қадар гап, дилпур ё нодилпуриашро нафаҳмидам.

"Хом, корҳомон хом," фикр кард Мансур, вале Низом - махдумро хавотир накарда гуфт:

– Ин қадар халқ меравад, қабул мекунад ё пас мегардонад, мо ҳам ба қатори ҳаминҳо, таваккал карда ҳамроҳ мешавем. Ва ба туфангчаи ба рӯймол печондаю дар бағалкисаи ҷомааш ҷойкарда даст бурд. Ба дилаш омад, ки ӯро ба Камолҷон диҳад, ки ба хона барад. Вале зуд аз фикраш гашт. Он тараф гузаранд, партофтанаш мушкилӣ надорад. Ин туфангчаи раҳматии Андрей аст. Дар деҳи Бочароғ баъде, ки гӯручӯбаш карда аз сари қабр баргаштанд, аз соҳибхона Мирзоодил пурсида гирифта буд.

Онҳо аспҳоро ба Камолҷон доданд, ки якеро савор шудаю дигареро нӯхтакаш карда барад. Низом - махдум рӯймолҳои нонро (занаш шабона тӯшаи роҳ карда буд) аз хурҷин гирифту якеро ба Мансур дод ва ба писараш фармуд: "Ба модарат гӯй, ки дар соҳил тухми занро надидам. Ва бо меҳрубоние, ки гӯё кайҳо боз писарашро надидааст, ба чеҳрааш зеҳн монда, илова кард:- Бачаҷон, акнун марди хона худат. Модари хоҳаратро ҳурмат кун. – Хурсандии маро хоҳӣ, ҳеҷ вақт сахташон нагӯй. Хоҳаратро меовардем мешудаасту. -Лаҳзае ба хаёл рафт ва илова кард:- Шарифҷон омада бошад, гӯй, ки агар фарзанди ман бошад, аз роҳи пешгирифтааш гардад. Гӯй, падарам гуфтанд, ки дар авлоди мо роҳзан набуд.

Ба хотири Мансур омад, ки шаб Ҳабиба низ тайёрии сафарро дошту Низом -махдум ӯро намонд. «Мо рафта ҷой гирем, пас омада туро мебарам»,-гуфт. Пагоҳӣ Ҳабиба нагузошт, ки Низом - махдум милтиқи думилаи русиашро гирад. "Надонанд, ки камон доред, хуб аст", далел оварад.

Аз байни одамони дар ҳар тараф гурӯҳ-гурӯҳ ҷамъомада шиносҳояшон ба пешвозашон омаданд: Низом - махдумро домулло Исмоилу Раҳими қассоб ва боз ким –киҳое иҳота карданд. Ба пешвози Мансур се-чор нафаре, ки бароямашон хона пӯшида буд, аз ҷумла писари калонии Акрамхон, собиқ беки Ғузор, Маъруфхон омад. Дар сараш саллаи сафеди гирда. Дар рӯйи сафеди сергӯшташ риши сиёҳ зебидааст. Падараш ба ӯ фармудааст, ки ба ин баҳона гузашта бин, болшевик сотсиализм месозам гуфтаю ватанро чӣ кард? Гапу ҳарфашон ҳақиқат дошта бошад, кӯчида меравем. Мансур Муллоносирро ҳам дида ҳайрон шуд.

Муллоносир пас аз он ки ба деҳаи Ҳисорӣ омада, ба бачаҳо дарс мегуфт, дере нагузашта ҳамдарсонаш дар Кундуз хабар ёфтаю омада аспсавор мебаранд. Дар масҷиди сохтаи худашон мансаби муаззинро медиҳанд. Рӯзҳое, ки муллои калон набошад, хутбаву маъвиза мехонад. Ба қавли худаш, воиз, ки ҳаст, ба мардум писанд меояд ва зуд обрӯ пайдо мекунад.

Мансур агар дар Қундуз дар наздикиҳо бошад, рӯзҳои ҷумъа дар масҷид вомехӯрданд. Охирин дидорбиниашон се моҳ пеш буд рӯзи намози ҷумъа буд. Дар воқеъ намози ҷумъа барои мусулмонҳо як гирдобест, ки дар он рӯз ҳама хурду бузургро бидуни хабар ҷамъ меорад. Пайванд буданатро ба мардум эҳсос мекунӣ. Ҳам нерумандӣ ҳис мекунӣ. Шиносатро мебинӣ, гуфтушунид мекунед, дилат сабук мешавад.

Баъде ки намози ҷумъаро хонданд, Муллоносир аз байни одамон гузашта омада дасти Мансурро дошта, бо овози ошною марғуладораш шеър хонд:

Бовар накардаме, ки расад сӯи кӯҳ кӯҳ,
Мардум расад ба мардум-бовар бикардаме.

Ва оғӯш кушода афзуд: –Ҳамаи ин пешравиҳоям аввал аз Худо, пас баъди роҳнамоии шумо рух дод. Шумо марди бошарофатед.

Мансур мушоҳида кард, ки Муллоносир он одами чор сол пеш дар саҳни корвонсаройи Қундуз дидааш, ки ҳоли парешону яктаҳу чоруқҳои дарбеҳкарда дошт, набуда, балки марди иззатманд ва ба суханаш устувор аст. Се сол пеш духтари як муллои бухороиро мегирад. Балки худи мулло пешниҳод мекунад. "Як оҷиза дорам, ба хизмати шумо медиҳам" гуфтааст. Ҳоло Муллоносир соҳиби хонаю дару чизу чора. Соли гузашта, ҳангоме ки овозаи ба ватан меравем шуд, шаст нафар намозхонҳои масҷиди "Хуҷанд"-ро ба ҳавлиаш бурда меҳмондорӣ карда буд...

– Саросема намешудед, домулло? Мо рафта ҷойу шароитро медидему пас шуморо хабар мекардем,- гуфт Мансур.

– Медонед, фаҳмидам, ки болшевик моро қабул кардаю ҷой медодааст, дигар чизе ба назарам нанамуд. - Муллоносир саллаи сафедашро аз ду тараф дошта ба сараш зер кард.-Он Бухорои нозанину он суҳбату шину хези худамон ба ёдам расад, аз алам сӯхтаю дуд шуда ба осмон меравам. Одам дар ғарибӣ ҳатто дуруст фикр карда наметавонад. Фикрҳоят мисли рӯймоли миттахӯрда ба кор намеоянд: дилат мудом дар изтироб. Пеши раҳат торик.

Ба фикри Мансур омад, ки гӯяд; Домулло, Бухоро он Бухорои пешин нест. Дигар он масҷиду маъракаравиҳои ҳаррӯза нестанд. Он мардуме, ки шумо медонистед, ҳам нестанд. Дари масҷиду мазорҳо мех задаю маҳкам аст. Вале истиҳола кард. Домулло чунон ҳолате дорад, ки ин суханро гӯяд ҳам, аз роҳ намегардад. Ӯ пурсид:

– Як шогирди чашмсурх доштед, ӯ дар куҷост?

– Вай устои дуредгар аст. Усто Фозил. Ҳоло дар Мазори Шариф кор мекунад. Он ҷо бойҳою домуллоҳои аз худамон рафта хеле бисёр будаанд. Даст ба дасти ҳамонҳо гаштааст, нонаш дар рӯған.

– Пас маълум мешавад, ки мусофирӣ на ба ҳама мушкилӣ овардааст. Нафароне будаанд, ки корашон ин ҷо бештар омад кардаю рӯзгори ба фароғат ёфтаанд.

Муллоносир ҷиддӣ шуда гуфт:

– Ба ватан равем, пас рӯзгорамон бафароғат мешавад.

Раҳими қассоб омада, ба Мансур салом кард. Мансур ӯро дида хиҷолатманд шуд. Ба ёдаш ҷанги Бойсун омад. Ҳангоми гурезогурез аспи Раҳим аз кор баромадаю худаш бо пешонии чокшуда дар сари роҳ менишаст. «Маро ба ободие расонда метавонед?»- гуфта пурсид. Аз дасти Мансур ин кор наомад...

Мансур дасти Раҳимро дошта, ба оҳанги шӯхӣ он лаҳзаро ёдовар шуд:

– Шуморо партофта рафтанам ҳар вақт ба ёдам меояд...

– Не, партофта нарафтед.- Дар нигоҳи Раҳим дӯстии пешина барҷо буд.- Ҳамон маслиҳати додаатонро кардаму аз марг амон ёфтам. Ба як хона даромада шабро ба рӯз бурдам. Он ҷо як ҳафта истода, нағз шуда, пас ба роҳ баромадам.

– Муҳим, ки нағз шудед, боз муҳим, ки якҷо ба ватан меравем,- Мансур даст ба китфи Раҳим ниҳод.

– Ман баъдтар меравам,-гуфт Раҳим бурутҳои ғафсашро молида.-Дилам хабар дод ки Низом - махдум ин ҷост дидан омадам. –Бо овози пичиросӣ пурсид:- писарашонро ёфтанд? Кадом вақте хонаашон рафтам, занашон гуфт, ки Шарифҷонро кофтан рафтанд. Забонам нагашт, ки аз худашон пурсам.

Мансур ба аломати инкор сар ҷунбонд. Фурсате пас ба гӯшаш суханони зани доирадор даромад, ки ҷониби занҳои давра хандида гуфт: «Не, ин ҷо доиразанӣ зеб надорад. Ба хоки худамон, ки гузаштем, чунон доира задаю ғазалҳои дар дилам ҷамъ- шударо хонам, ки мурғони осмон ба давру барамон ҷамъ шаванд. Ғаму ғурбати ин солҳои пурдарду гирех рехта раванд.

Гурӯҳи фарғонагиҳо аллакай ба дарё даромадаю мисли мурғобиҳо болои об паҳн шуда равонанд. Дигар гурӯҳҳо низ яке аз паси дигар ба об медароянд.

Дар ин асно дар болои ҷарӣ як гурӯҳ аспакӣ намудор шуданд. Фурсате пас як қисм нишеб шудаю қисме ақиб гаштанд.

– Инҳо аз гурӯҳи Иброҳимбек,-омад овози Исмат Полвон.

«Магар ҳамроҳи мо мегузаранд? - Мансур хавотир шуд. - Дар гумон аст, ки давлати Шӯравӣ инҳоро бо рӯйи хуш пешвоз гирад.»

Низом - махдум ҳам хавотир шуда, ба сӯйи Исмат Палвон нигарист.

– Ман бехабар,-гуфт Исмат.-Шояд барои ҳавои корро гирифтан мераванд. - Ва ба пешвозашон рафт.

– Ин бадзотҳо ин ҷойҳоро ҳам олуда кардаю акнун аз тарс гурезонанд,-гуфт Раҳим.

– Имрӯз ё пагоҳ худи Иброҳим ҳам мегурезад, вале бо шармандагиҳо,-афзуд Муллоносир, ки хонааш дар наздикии Чорсӯи Қундуз дар ҳамсоягии бошишгоҳи Иброҳимбек аст.-Чунки он беназмию бадномие, ки дар ватан кард, дар ин беватанӣ ҳам давом дод. Мардуми Сафедмазорро тороҷ кардану камонҳои аз ҳукумат гирифтаашро насупориданаш кам буд, ки бист рӯз пеш ба ким-чи аҳмақие се нафар одамони раиси танзимияро гаравгон гирифтаю се рӯз маҳкам кардааст. Номаъқулиро дидед: ҳамсояву ҳамҷавор гуфта туро паноҳонанд, ҷойу ҷалол диҳанд, дар маҷлису маъракаҳо дар садр шинонанд, ба ивазаш ту чунин кӯрнамакию ноодамиро раво бинӣ.

Аз афташ, домулло аз кору бори Иброҳимбек бохабар будааст, ки пешгӯияш баъди се моҳ амалӣ шуд. Мирғозӣ ба ватан бармегардаду тир набароварда худро бо дасти адаб таслими болшевик мекунад. Яқин меравад, ки Нодиршоҳ бо шӯравиҳо маслиҳат карда, қуввахои дар ихтиёри ҳукумати Толиқону Бадахшон бударо мефармояд, ки дастаи Иброҳимбекро зада аз хоки Афғонистон пеш кунанд. Ва таъқиб шурӯъ шудаю як лаҳза оромашон намегузорад. Фақат як дафъа дар баромади деҳаи Кешм рӯбарӯ омадаю муҳориба мекунанд. Аз ҳарду ҷониб талафоти зиёд мешавад. Иброҳимбек пас аз он, ки ба Қундуз омад, тамоми қарлуққои Қатаған, ки ними аскарашро ташкил медиҳанд, ӯро тарк карда, ба хонаҳояшон бармегарданд. Лақайҳо бошанд, як шаб ҳам назди аҳлу аёл наистода, ҷониби шимол роҳ мегиранд. Аз пас зану фарзандҳояшон, «мо ин ҷо ҳамроҳӣ кӣ меистем?» гуфтаю галаю чорвое, ки доштаанд, пешандоз карда, дар ҳавои тафсон ва роҳҳои пурчанг ҷониби ватан равон шуданд. Қисме

аз онҳоро дар баромади шаҳри Чоёб дастгир карда, ба ақиб баргардонданд. Дар байнашон зани Иброҳимбек ҳам ҳаст. Пешандоз карда ба Кобул бурданд. Аммо ҳукумати Нодирхон рӯйи хотири мусулмонӣ ва муҳоҷир буданашонро карда, осебшон нарасонд.

Роҳҳои ҷониби шимолро дастаҳои ҳукуматӣ зери назорат гирифтанд. Дастаи зери фармони ҳукумати Имом Соҳиб ҳам ба ёрӣ омад.

Иброҳимбек роҳҳоро банд дида, бо ёронаш ба кӯҳу теғаҳои мушкилгузари Янгиқалъа гузашта, ба Даштишӯр фуромад. Деҳаи Кафтаройлиро гузашта, наздики шом ба ҷангали назди соҳил расиданд. Онҳо хабар доштанд, ки зану фарзандашон ду ҳафта шуд, ки ба гузаргоҳи Чӯбек омада интизори онҳоянд. Шаб маслиҳат кардаю бештари аскар бо сардории сардастаи номӣ Эгамбердӣ ба гузаргоҳи Чӯбек рафтанд, то ки ба онҳо ёрӣ кардаю дарёро гузаронанд. Иброҳимбек бо чорсад нафар ёронаш дар баромади ҷангал шабро ба рӯз бурда, субҳдам диданд, ки дастаҳои афғон хабар ёфтаю дар тори теппаҳои кӯҳи Ҳуд ҷамъ омадаанд, фаҳманд, ки акнун як роҳ мондааст - роҳи дарё. Ва он ҳам бисёр хатарнок. Об кайҳо калон шудааст.

Дар ин ҷо даста боз ба ду қисм тақсим шуд. Ним бо сарварии Пирназар ба паси Қалъаи Духтарон, ба гузаргоҳи Кокул роҳсипор шуданд. Он ҷо, ки дарё ҷуқур ва хатарнок аст, гурезаҳо намераванд, ё кам мераванд, аз ин рӯ сарҳадбонҳои Шӯравӣ он ҷо нестанд.

Пагоҳӣ хабар расид, ки мардуми ба гузаргоҳи Чӯбек омада сесад гов кушташаю аз пӯстҳояшон губсар сохтаанд. Ҳангоми убури дарё дар осмон аэропланҳо пайдо шуда, тирборонашон кард, ақиб гаштанд, ки аскари афғон тир кушод. Хеле одамон мурдаю ғарқ шуданд. Пас аз он, ки гурезаҳо ба соҳили Шӯравӣ гузаштанд, ҳамаро даруни симхор карда, ҷавонҳои шубҳанок ва маъқулнабударо берун бароварда паронданд. Ҳашт нафар сардаста, аз ҷумла Эгамбердиро, ки аз паҳлӯ тир хӯрда буд, дар роҳ шинонда, аз пушти сарашон тир заданд. Дигар онро пешандоз карда, ҷониби Душанбе бурданд.

Иброҳимбек пай мебурд, ки ҷониби Шӯравӣ онҳоро ба хушӣ пешвоз нахоҳад гирифт. Вале чунин ҷабру ҷафоро ба мардуми беяроқ, занону кӯдакон чашмдор набуд. Акнун ба пас баргаштан ҳам имкон надорад. Ҳарчи бодо бод, пеш меравад. Он ҷо ҳанӯз умед ҳаст...

Онҳо он рӯзро дар домани ҷангал ба шаб бурданд. Дастаҳои афғон наздик шуда муҳосираашон карданд. Вале онҳо ҳалқаро осон бурида, лаб-лаби соҳил ба деҳаи Қудуқ омаданд. Касе ба сӯяшон наомад. Намози шомро хонда, ба соҳил рафтанд. Мавлонназар, яке аз сардастаҳои Лақай, ки аз оғози ин касофатиҳо ҳамроҳи Иброҳимбек буд, ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Иброҳимбек, ҳоло ҳам дер нашудааст. Хубаш баргашта силоҳи Нодирро месупорему ҳамроҳи мардуми мӯъмину мусулмони он сӯи об зиндагӣ мекунем.

– Хубаш силоҳро ба болшевик месупорем,-гуфт Иброҳимбек,-дастовез мешавад.

– Болшевик ману шуморо бо дастовези тилло ҳам дигар роҳ намедиҳад. Агар боз як хазинае мисли хазинаи Бухоро барем ҳам, роҳ намедиҳад,-истеҳзо кард Мавлонназар.

– Болшевик мисли мисли одами он тараф номард нестай, –Иброҳимбек қамчинашро ба мӯзааш зада, таҳдидомез қадам зад.- Ба онҳо гӯй, ки мо асирем, дигар кордорат намешаванд.

Мавлоназар аз авлоди Туртуул ва марди майдон аст. Дар ҷангҳои зидди болшевик корнамоиҳо нишон дода, дар байни ёрон обрӯи зиёд дорад. Саллаи фарсудаву берангашро ақиб тела дода, бо таънаву ситез гуфт:

– Иброҳимбек, аз хотиратон баромад, дирӯз болшевик занону кӯдакони аз об мегузаштаро аз болои сар тиршап кард! Шаш сол пеш дар он сӯйи дарё гуфтанд, ки панҷоҳ гӯсфанд биёр, тир медиҳем? Бо фармони шумо ба ҷои панҷоҳ саду панҷоҳ гӯсфанд аз оғилҳо ва хонаҳои мардум, ки пинҳон карда буданд, ба зӯрӣ бароварда бурданд, ҳам гӯсфандро соҳибӣ карданд, ҳам одамонро паронданд! Дигар фиребу ваъдаҳои дурӯғе, ки карданд, худатон медонед! Номбар намекунам!

– Ту бисёр маҳмадоноӣ накун! – Чашмони Иброҳим танг шуданд.- Лаби поёнаш ба таври маълум меларзид.- Он вақт замона дигар буд!

– Шумо ҳам дар ҳаққи он мардум бадгӯӣ накунед! Номард моем.

Иброҳим фаҳмад, ки ин сухан ба ӯ тааллуқ дорад, Мирғозӣ назди ёрон шарм кард, ранги дар офтобҳо сӯхтаю сиёҳшудааш сиёҳтар шуд. Ғазабманд шуда, то вақте ки панҷ-шаш нафар эшонҳою сардастаҳо доштандаш, ду-се қамчин ба сару рӯи Мавлонназар зад. Марди ғулаи чашмсурхе низ тарафи Иброҳимбекро гирифта муште ба сари Мавлонназар зад. Саллаи сабатмонанди Мавлонназар зарбаро дошт. Лекин рухсорааш аз зарби қамчин сурх шуда хест. Аз он хун мезаҳид. Мавлонназар аз риши Иброҳим доштанӣ шуд, ки зуд ӯро даст гирифтанд. Ҳашт- нуҳ нафар ба байн даромада ду тарафро «бас-бас» карданд. Марди ғафсакие, ки аз болои яктаҳи сурх миёнашро бастааст, дандон зирех кардаю ҷониби муштзада пӯписа кард:

– Холдор, дасти муштзадаата наканам, ман номард!

Марди Мавлонназарро муштзада Холдорбек- хеши зани Кучибой буд. Се моҳ пеш Иброҳимбек ӯро ба сафи камардоронаш пазируфта буд.

Чун ба соҳил расиданд, чанд ҷавони обдони деҳаи Қудуқ розӣ шудаанд, ки ёришон карда шабона аз дарё гузаронданд. Худашон пеш шудаю саворонро фармуданд, ки думи аспҳоро ба даст гиранд ва аз чои камобтар ба роҳ даромаданд. Нафарони аз тарс ба об надаромадаро ба гупсарҳо савор карданд. Наздики субҳ даста ҳамвории регзори соҳилро гузашта, ба кӯҳи Қаратоғ баромад.

Дар ин тарафҳо ҳавои аввали тобистон бисёр гарм мешавад. Дар кӯҳҳои хушку сип-сиёҳ сӯхтаи ватан на барои худ чизе ёфтанду на алафе барои аспҳо. Дар атроф ҳатто чашмае намоён нест. Инҷо арчае ҳам наменамояд. Ба истиснои хомаи ҷонсахт сабз дигар буттаю гиёҳҳо кайҳо хазон шуда рехтаанд.

Иброҳимбек якчанд нафарро ҷониби Лақаю Кӯлоб фиристод, ки ҳавои корро фаҳманд, агар шароит даст диҳад, ба шиносҳо хабар диҳанд, ки баробари даромаданашон мардумро хезонанд.

Фиристодаҳо хабар оварданд, ки агар фикри ҷанг дошта бошӣ, аз даҳонат набарор. Вазъият ин ҷо чунин аст, ки аскари сурх як тараф, худи аҳолӣ ба сарамон мехезад. Касе ба мо ақаллан об намедиҳад. Мардум солҳои пеш барин ҳайдав не, кор кардаю маош мегиранд. Аз ҳукумат розӣ. Аз ин хабар Иброҳимро

пинакаш хам нахӯрд. Аслан ӯ ҷанг карданӣ ҳам набуд. Суханони дирӯзааш чароғрӯшанкуние беш набуданд.

Ҳамон шаб ҳама лақайҳои аз Қундуз ва атрофи он ҳамроҳаш омада баргашта ба ватанашон рафтанд.

Пагоҳии рӯзи дигар Иброҳимбек дар ҷое, ки сой буду паноҳтар буд, ҳамаро ҷамъ кард. Як гурӯҳ дар болои хоку сангҳо ҷомаро монда нишастанд. Гуруҳе соягие ёфта дароз кашиданд. Поёнтар, дар болои бузраҳа, дастаи Мавлонназар рост меистод.

Ҳоло офтоб аз ними кӯҳ поён шудаю аллакай ҳаво гарм аст. Вале Иброҳимбек саллаю ҷома карда баромадааст. Аз лабони парсинбаста ва чеҳраи намои абри тира доштааш маълум, ки аҳволаш ноҷур асту худро ба мардӣ медорад. Мисле ки гулӯяшро чизе мефушурда бошанд, зӯр задаю овози хирросиашро бароварда суханони аз эшони Бӯлбул даҳҳо бор шунидаро такрор кард:

– Бародарон, муҷоҳидони роҳи ислом. Мо ҳар коре кардем, барои дини мубини ислом кардем (Суханаш оҳанги таҳдид гирифт). Мо нагузоштем, ки кофирон мардуми моро бедин кунанду масҷидҳоямонро сӯзонанд, хархона кунанд. Номус карда нагузоштем ватанамонро ба осони соҳиби кунанд. Ҳамин гуна корҳо кардем. Мо ҳафт сол ба куффор муҳорибаю муқотила кардем мо аҷри меҳнатамона аз Холиқи ягона умедворем на аз бандааш.

– Нагузоштем. Мегуему лекин. ягон масҷиди обод намонд... - Кадоме бо овози паст киноя кард.

– Одами бедин, бенамоз чист? Мисли ҳайвон аст!- афзуд Иброҳимбек бо таҳдиди бештар. –На дар ин дунё, на дар оҳират роҳаш намедиҳанд! Дӯзахист, пешдаргирони оташи дӯзах аст. Ба ҷои об ба ӯ заҳри мору заҳри каждум медиҳанд. Ба ҷои нон касима (шутурхор) медиҳанд. -Ӯ лаҳзае сархам хомӯш монду пештар қадам зада, пас саращро бардошта чизе гуфтанӣ шуду истиҳола кард ё натавонист. Пас боз қадам зад ва дақиқае хомӯш истоду бо оҳанги мулоим, ки хоси ӯ набуд, афзуд: - Акнун мо ҷудо мешавем, буродарҳо. Аз ин лаҳза пас ҳар кадоме ба роҳи худ меравад. Ҳар кас донаду фикри кораш:-Ва муҳоли гиря карда, илова намуд:-Дар тақдирамон чӣ бошад? Оянда ҳамдигарро мебинем ё не, Худо медонад.

Ин дам Мавлонназар ғазабманд шудаю пеш баромада гоҳ ба Иброҳимбек, гоҳ ба атрофиён нигариста гуфт:

– Ту пешво шуда моро ҳам ба мардуми худ, ҳам ба мардуми он сӯи об рӯйхунук карда, дар байни обу оташ гузаштию акнун мегӯй, ки ҳар кас донаду фикраш!..

Иброҳим сурх шудаю сиёҳ шуда нигоҳи тезашро ба рӯйи Мавлонназар дӯхт. Дасташро ба бағал бурдаю пеш омад. Хавфи Мавлонназарро паронданаш буд.

Дар ҷойе, ки тарафдорони Мавлонназар ҷамъ буданд, афту дарафт шуд. «Туфангчаашро бароварда, мепаронамаш!» гуфт кадоме ба чаҳл.

Ҳама пай бурданд, ки ин сухан ба Иброҳимбек равона карда шудаед. Вазъияти ҷанги ду тараф ба миён омада буд.

Марди дарози саллаи кабуддоре, ки Эшони дароз мегуфтандаш ба байн даромада пеши Мавлонназарро дошт.

– Мавлонназар, дар ин шароит чӣ кор карда мешавад? – гуфт ӯ ба тааддӣ.- Худат ҳам ба ҷойи Иброҳимбек бошӣ, чӣ кор карда метавонӣ?!

Сухани Дароз дами Иброҳимбекро паст кард. Ӯ дандон зирех кардаю пас гашт. Аз сару рӯяш мисле, ки обаш пошидаанд арақ мерехт.

Аммо Мавлонназар ба сухани Эшон эътибор надода одамонро тела дода пеш омад: Рӯи дирӯз қамчинхӯрдааш боз сурх шудаю ҷое хун мезеҳад.

– Суханашро фаҳмидед?! -гуфт ӯ ба зарда. - Мекушандат, хонаю дару занатро мегиранд, барои дини мубини ислом будааст!

– Мавлонназар, ту беақл набудӣ ку! – Эшони дароз бо зарда пеш омад.- Дар ин лаҳзае, ки ҳаёту мамоти ҳамаамон дар сари мӯй истодааст...

Мавлонназар эшонро тела дода афзуд:

– Ҳамааш барои он, ки муллоҳои худашмонанд инро Мирғозӣ номанд! Ин бо он булбули муттаҳами дурӯғгӯяш моро аҳмақ кардааст! (Эшони Булбул дар домани кӯҳи Ҳуд ба баҳонаи «поям дард баровардааст» ақиб монда буд). Даҳ сол аст, ки ту дамдамаю воҳимаҳои дурӯғ дорӣ. Даҳ сол шуд ки моро дар азобҳо монда кӯҳ ба кӯҳу ба беҳудагӣ саргардон мекунӣ!..

Боз Иброҳимбек қамчин бардошта омад, ки доштандаш. Эшони дароз худро пеши пойи Иброҳимбек партофт:

– Иброҳимбеки ғозӣ, аз болои ман гузару ҷанга бас кун, - гуфт Эшон ба тавалло.

Аз болои Эшон гузаштан мумкин набуд. Ин дафъа камардорони Иброҳимбек ҳам худро бетараф вонамуд карданд. Иброҳимбек бо зарда пас гашту ҷомаашро кашид. Куртаю ақиби эзори аз суф дӯхтааш аз арақ тар шудааст.

Сардастаҳо ним соат барин байни худ гуфтугӯ карданду пас даста ду тақсим шуд.

Мавлонназар бо ҳаштод нафар тарафдоронаш ҷудо шуда ҳамон замон пас гашта, дарёро гузаштанд. Оқибати кори онҳо чунон шуд ки Мавлонназар ва боз чанд нафар ба раиси танзим ва дигар мансабдорон пул додаю аз кори карда тавбаю надомат карда, халос хӯрданд. Як қисм ба ҳар тараф гурехтанд. Аммо бештарашонро дошта зиндон, баъзеро ба дор карданд. Сари баъзеро бурида дар даромади роҳу бозорҳо овехтанд.

Иброҳимбек бо бисту як нафар наздиконаш домани кӯҳи Қаратоғро гузашта ба ватанаш-Лақай омад. Аз наздиконаш фақат Холдорбек наменамуд. Ҳангоме ки онҳо аз кӯҳ поён шуданд, мурдаи ӯро дар обкандае афканда буданд. Иброҳимбек дигар напурсид, ки Холдорбекро кучо карданд.

Гашти рӯз буд, ба соҳили дарёи Кофарниҳон расида соате дам гирифтанд. Онҳо аз тамошои атроф чашм канда наметавонистанд. Он заминҳое, ки як вақт нимаш найзор, нимаш шӯразор буд, ҳоло ҳама ободу сарсабзанд. Ба он даштҳое, ки мол мечаронданд, каналу ҷӯйборҳо канда бурдаанд. Роҳе, ки аз байни дашту деҳаҳо мегузарад, мисли канал паҳну ҳавасангез аст. Деҳаҳо ҳам тамоман дигар шудаанд. Дар онҳо биноҳои намоён, хонаҳои дару деворашон сафедкардаро мебинӣ. Ҳоло ватан мисли занест, ки аз касалии дуру дароз хеста шоду фараҳманд аст.

Мусофирон ҳар лаҳза байни худ садо баланд мекарданд:

– Ин ҷойҳо тамоман дигар шудаанд.

– Ин ҳолатро дар хоби шаб ҳам намедидем.

– Ана кору ана ободӣ

Иброҳимбек хомӯш буд. Меандешид, ки як вақтҳое дар ин дашту саҳро чӯпонӣ мекард. Дар ҳар тараф мол бисёр буд. Иброҳим мешунид, ки дар куҷое улоқ мешудааст, молро партофта мерафт. Меомад ки чӯпонҳои атроф молашро сариштa кардаанд. Баҳри дӯстон гӯсфанд мекушт. Даврa нишастаю кабобхӯрӣ кардаю гуфта механдиданд. Чӣ замони бе ғамию бе парвои буд. Баъд амир Олимхон аз ҷанги русҳо гурехтаю ба Ҳисор омаду Иброҳимбека ба кашмакашмҳои ҳаромаш ҳамроҳ карданд... Дигар ҳама кор дарҳам барҳам шуда рафт. Аз байн нуҳ сол гузашту то ҳол як лаҳзаи осудагиро надидааст.

Наздики об фуромаданду Иброҳимбекро тарс фаро гирифт. Он дигаргуниҳои дар ватан рӯйдода ба ӯ бегона буданд. Дар ҳамин лаҳза ба фикраш омад, ки сухани Мавлонназар ҳақ будааст. Баргашта ба Афғонистон мерафтанд, хуб будааст. Вале зуд аз фикраш гашт. Он ҷо дигар роҳаш намедоданд. Занҳояшонро намонданду...

Баъде ки дарёро гузашта ба заминҳои навободи деҳаи Қараманди - иқоматгоҳи Иброҳимбек омаданд, марду занҳои алафдарвро диданд. Бештари занҳо рӯйҳояшон кушода. Гарданҳои зебои сафедашон намоён аст. Баъзе духтарон якдигарро пешопеш доранд. Садои хандаашон чи қадар дилангез аст. Ана он занону духтароне, ки дар замони мо аз хона берун по гузоштанашон наменомданд. куча мебаромаданд ба сар чодар гирифта мебаромаданд. Меҳнати колективона чодарашонро аз сарашон гирифтааст. Эҳ куҷо шуд он дину диёнати бобоён!

Дар баромади деҳа бинои барҳавое пӯшида шудааст. Дар саҳнаш писарону духтарон даву тоз доранд. Яқин мактабхона аст.

Аммо ин дигаргуниҳо ғазаби Иброҳимбекро оварданд. Барояш ҳамон хонаи деворҳояшон гилин, атрофаш бе боғу дарахт хуб буд, ки дурро дидаю аспатро дилхоҳ тозонӣ.

Ҳамраҳони Иброҳимбек роҳи хонаи хеш гирифтанду Иброҳимбек бо ҷиянаш Эшонқул ба хонаи писарамааш Кучар, ки дар ҳукумат кор мекардааст, рафт (Хонаи худашро колхоз гирфтааст.) Даст ба ҷайбаш бурда бо шиддат гуфт:

– Зан ё духтар ҳаққе надошт, ки бе сарандоз ба кӯча барояд! Занҳоро бефаранҷӣ кардагӣ урус не, ҷадидҳои худамон? Дақиқае хомӯш шуда боз: - Мактабро ҳам мактаби ҷадидӣ кардаанд, муртадҳо! Эҳ, агар Ҳабибуллохонро мемонданд, ки ду-се сол подшоҳӣ мекард, на фақат аз Бухоро, балки аз олам тухми ҷадидро пок мекардам.

Ин дам чашмаш ба зане афтид, ки дар даст дос ҷониби хонааш мерафт. Занро шунохт-зани Бекназари кӯҳнадӯз. Ҳамсоя буданд. Ба ҷиянаш фармуд, ки пурс, Кучар ҳамин ҷост? «Ҳамин ҷост», - гуфт зан. Ва дар ҷояш истод; Иброҳимро шинохта илова кард: -«Дирӯз аз кор омаданашро дидам». Иброҳим назди дарвозаи ҷиян бори дуюм даст ба ҷайбаш бурда номаи се моҳ пеш равонкардаи Кучарро гирифтаю (номаи дувум) боз ба ҷояш гузошт. Дар он баъд аз дуъою салом навишта шудааст: «Акаи Иброҳимбек, то кай дар мусофириҳо мегардед? Биёед, ба ҳукумат таслим шавед. Ҳукумат ба каси таслимшуда осеб намерасо-

над. Ман бо калонҳо маслиҳат кардаю гапро пазондам. Маро зомини ҷони хеш донед. Бо дили пур биёед.»

Иброҳимбек ба нома чандон бовар надошт. Аммо ҳангоме ки дарёро гузаштанд, он нома ягона муттакои дилаш шуд. Гоҳе гузаштаи пуршӯру шарарашро пеши назар оварда, дилаш хунук мешуд. Бовараш намеомад, ки ӯро рӯи хуш диҳанд. Гоҳе умеди содалаҳвонае ба дилаш меомад, ки шояд марди ғозӣ гуфта, худаш бо сари хам омадааст гуфта, рӯи хотир кунанд. Ба ҳар ҳол дар чанд рӯзи охир, ки дар байни маргу зиндагӣ қарор дошт, ҳамин нома умеди наҷоту тасаллояш буд.

Писарамма худаш набаромад. Дар кунҷе пинҳон шуд. Ӯ ва одамони ОГПУ аз лаҳзае, ки Иброҳим аз дарё гузашта буд, ҳар қадамашро зери назорат доштанд.

Зани Кучар меҳмонҳоро пазирой карда гуфт, ки шавҳараш се рӯз пеш ба Душанбе рафта буд. Аз пайи кори ҳукумат роҳӣ карданд.Бояд имрӯз ё пагоҳ биёяд.-Дар чеҳраи зан тарс ва хиҷолатмандӣ аён аст.

Иброҳимбек аз хори ҳайрату изтироб дар ҷояш шах шуда монд. Чун дар чанд соли охир ҳодисаю вақеаҳо ва бархӯрд бо ҳар гуна одамон таҷрибадораш карда буданд, фаҳмид, ки зан сухани шавҳарашфармударо гуфт. Ӯро осон ба дом афтонданд. Бод роҳи халоси ҷуст. Вале дигар роҳи халосӣ нест. Вуҷудашро тарс фаро гирифт. Он ҷангу ҷӯшу ҳангомаҳое, ки дошт, ба якбор ҳама ночиз ва беқадр намуданд. Он умеду ҳавасҳое, ки ба Амир Олимхон дошт, унвонҳои дурӯғин, ки аз сараш рехтанд, ходими дин (дина надонад), тӯпчибошӣ (тӯпа наздикиш нарафтааст), ғозӣ (ғозии гӯр) - пешво... Гапи аҳмақӣ. - Ки ин гапҳоро баровард? Ҳамон одамони ин гапҳоя ёфта бароварда ҷиннӣ, чоплус, чоплус, хокбӯсу фиребандаанд... Дар ин лаҳза ҳамаи ин унвонҳо нафраташро оварданд. Ба назараш намуд, ки русҳо аз паси ҳар дару девор сӯяш камон рост кардаю ба ҳолаш механданд ва инак хеста муҳосирааш мекунанд.

Зани писарамма ҳам ба як нигоҳ пай бурд, ки Иброҳимбек мисли аспи масти хатокарда, хуб тохтаю хасташуда, гуруснаю шалпар шуда ба манзилаш баргаштааст. Нӯги риши сурхаш сафедӣ овардааст. Лабонаш парсин бастаю лаби поён мисли табхол захм дорад. Лекин ҳанӯз неруманд, ғуруру салобаташ побарҷост.

– Дароед, нони гарм пухтам. Чой нӯшед, яке ҳозир меояд. - Зан аз Иброҳимбек чашм намеканад.

Иброҳимбек замини таги пояшро ҳис намекард. Дар ҷисму ҷонаш як вазнинии ланҷкунанда нишастааст. Яке нигоҳи ҷиянаш Эшонқулро ҷонибаш диду худро ба даст гирифт ва пойҳои вазниншудаашро бардошта гӯё дилубедил хона даромад. Аракӣ аз шонаҳояш баромадаю ба чоки ақибаш шоридаро ҳис кард. Андешид, ки магар каси ақлманд ба як парча коғази беқурб бовар мекунад? Дар ҳафт соли бо болшевикҳо ҷангиданаш афроди пасту ноодам буданашонро борҳо дида буду боз аз онҳо умеди авф кардааст. Аз ғояти ғазабу нафрат нисбат ба худаш дандонҳояшро ба ҳам фишурд. Ҳис кард, ки даҳонаш қоқ шудаю як балғами талх дар комаш часпидааст. Зӯр зада онро фурӯ бурд.

Зан нав чой оварда, ки дарвозаро бо шиддат тақ-тақ заданд. Ӯ донист, ки шахсони омада кистанд. Аз дилаш гузаронд, ки дарвозаро маҳкам накарда буд. Маълум мешавад, ки меҳмонҳо ворид шудаю занҷирро даровардаанд. Қасдан

оҳиста қадам монда рафт, ки меҳмонҳо ақаллан пиёлаи чояшонро нӯшанд. Чашмаш ба шавҳараш, ки дар паси танурхона сарашро намоён карда буд, афтод. Нисбат ба ӯ нафрати бепоён ҳис кард. Амакашро, марди номдори оламро, бо дурӯғу даъво оварда ба русҳо супорид! Иснод оварда ба ҳамагон, ба фарзандон...

Овози тақ-тақи дарвоза баландтар шуд.

– Рафтам! -Овоз дод зан. Вале ҳамчунон оҳиста қадам мемонд. Ҳушу ёдаш бештар ба меҳмонҳо буд. Баробари дарвозаро кушодан панҷ нафар камондорҳо вориди ҳавлӣ шуданд. Ду нафар аз ҷониби девори паси ошхона даромаданд. Баъзеашон либоси низомӣ доранд. Дар берун дар атрофи ҳавлӣ ҳам камондорҳо намоёнанд. Ин қадар бисёранд, лошахӯрҳо барин. Кай омаданд? Шавҳари зан Кучар ҳам аз паногоҳ баромаду ҳамроҳи камондорҳо сӯи меҳмонхона рафт. Се нафар нӯги камонҳоро аз дар дарун кардаю яке бо овози ғафс ва бо таҳдид гуфт:- «Иброҳимбек, зиддият накарда баро, атроф муҳосира аст!» Иброҳимбек зиддият накард. Ҳардуро бо дастони баста берун карданд. Баъдҳо Иброҳимбек чанд бор ин лаҳзаро бо алам ёдоварӣ карда мегуфт, ки «Кош, ҳамон лаҳза Кучарро мепарондам.» Аммо дар ҳавлӣ фурсат ёфта як сухани зарурироро гуфт: «Кучар, хат намекардӣ, ман асло ин тараф намеомадам. Мегаштам дар ватани бегона. Падарат ҳам як шайтони гадосифати лаънатӣ буд! Худат аз он муртад бадтар будай!»

Ин воқеъа баъди се моҳе, ки Исмат полвон паш-пеш шуда, як гурӯҳ гурезаҳоро «ба ватан меравем» гуфтаю оварда ба зери тир мононд, рӯй медиҳад. Ҳоло бошад, бештари мусофирон аллакай ба об даромадаанд. Об дар ин мавзеъ паҳн шуда меравад. Аз дур ин ҷо мисли як саҳрои васеъи пуробест, ки ҷое хушк будаю дарахтҳо дорад. Нурҳои офтоб ба об зада чашмро мебарад. Об ҷое то буҷулаки по, ҷое баландтар меояд. Баъзе шохобҳои мобайн то зону ҳам ҳастанд. Гурӯҳе, ки бо зану кӯдакҳояшон омадаанд, онҳоро ба харҳо савор кардаю аз поргиҳошон доштаю ҳаёхӯй доранд. Марди дарозболое, ки сарашро нав тарошидаю токӣ дорад, ду духтаракони кокулбофтаро бардошта болои хар монду пойҳошонро даруни хурҷин зер кард. Духтарчаҳо аз кори падар механданд. Се нафар зан бари ҷомаҳоро барзадаю дасти ҳам дошта, бисмиллоҳ гуфта ба об даромада асозанон мераванд. Ҳама мӯзаҳои керзӣ пӯшидаанд. Ҳоло дар дуконҳои сарҳад чунин мӯзаҳоро арзон харидан мумкин аст. Дар байни онҳо зани сурхрӯи доирабадаст ҳам ҳаст. Ӯ доираашро аз даст намемонад. Чунин ба назар мерасад, ки доира занро болида медорад. Байни харҳо чор-панҷ ушутур ҳаст. Дар пушташон қанорҳои пурбор доранд, гарданро баланд бардошта ба кӯҳҳои он сӯйи об нигоҳ карда, оҳиста ва ғурурманд қадам мениҳанд.

– Хуб, ки ҳоло об калон нашудааст,- мегӯяд Низом - маҳдум ва ба одамони атроф зеҳн монда оҳиста меравад.

Мансур дар чеҳраи рафиқаш дудилагӣ ва осори ташвишро пай бурдаю дили худашро низ изтироби мағшуше фаро гирифт. Фикр кард, ки яқин чунин ҳиссиётро ҳама сафаракиҳо доранд. Аммо бо қувваи ирода аз болояш қадам ниҳода, пеш мераванд. Мисле ки дар шаби торики пурбим ба ҳавои по қадам мениҳӣ. Аз болои шоххои дарахте, ки дар замин хобанд, гузашту ба дилаш омад, ки нӯҳ сол ба ин роҳ равуо дошту натарсид, акнун метарсад. Ӯ ин фикрҳоро аз сараш дур карда, рӯймоли нонбастаро аз дасти Низом - маҳдум гирифт. То ки

борашро сабук кунад. Ҳарду рӯймолро ба як даст дошта, пеш гузашт. Ба назараш намуд: оби шохобе, ки аз ӯ мегузаранд, калонтар ва тираранг шудааст. Резаҳои баргу хасу хошокҳои дар тешукию пастиҳо мондаю сиёҳшуда ҳамроҳаш меоянд. Фикрҳои аввала ба сараш омаданду ба онҳо ҷавоб гуфт: «Мансур дар нӯҳ соли гузашта аз он сабаб наметарсидӣ, ки пинҳон равуо мекардӣ. Ҳоло ки он тараф ҳама бохабару интизор, аз ин рӯ изтироб дорӣ. Боз аз ин рӯ хавотирӣ, ки намедонӣ ҳамроҳонат чигуна одамонанд». Ба гӯшаш овози Низом- махдум даромад. «Шумо ба ҳамроҳ нигоҳ намекунед?»

Мансур дар ҷойи камобтар истода, ба атроф нигарист. Ба ёдаш омад, ки зимистон дар ин ҷойҳо об наметмонад. Дарахтони пада, ки нав барг баровардаанд, баъзе шохҳояш рост баромада, баъзе рӯи замин паҳн шуда рафтаанд. Ҷо-ҷо хорҳои сершохи зориҷ (зирк), соплик, буттагул бисёр аст. Понздаҳ-бист қадам поён об бештар паҳн шуда меравад. Халқи бисёре бо аспу астарҳояшон паҳнобро убур доранд. Харкорҳо даме аз ҳаёҳӯй ором намешаванд. Дуруст мекунанд, суст ки мондӣ, ин муғамбирҳо аз алафҳои тоза даҳон намекананд. Марди сараш тарошидаи тоқидор, харашро, ки дар он ду духтараконаш саворанд, халачӯб кардаю аз ду-се нафар пеш гузашт. Зани лоғарандоме, ки хари сафедеро савор асту дар пас духтарча ҳам дорад ва як пои духтар луч аст, харрашро ҳадаҳа дорад, ки аз марди сараш тарошида ақиб намонад. Пештар аз онҳо харе назди дарахте пойҳояшро паҳн карда, шоша мекунад.Аз пас дигаре саросема расида пойҳояшро паҳн мекунад. Савумӣ ҳам он ҷо шитоб мекунад, ки соҳибаш ӯро сахт задаю тела карда, аз онҳо мегузаронад.

Низом - махдум наздик шуда, ба ақиб ишора кард:

– Исматро дидед? Худаш аспсавору моро намонд.

– Сиҳату саломат гузарем, бе асп хуб,-Мансур нигоҳашро аз одамони атроф намеканад ва саросема нашуда қадам зада илова кард.-Мӯзаи урус роҳати ҷонкуя. Аслан хунукиро ҳис намекунӣ.

Онҳо ба ҷазираи калони маобайн баромаданд. Ин ҷазира ба қади дарё дароз будаю аз панҷ-шаш гектар ҳам зиёд аст. Он ҷо ҳашт-нӯҳ хонаи сангин ҳам ҳаст. Дарахтони мевадор ҳам дорад. Чормағзу чӯбдона бисёр ҳаст. Солҳое, ки обхезӣ набошад, одамон ин ҷоро ҳамчун авул истифода мекунанд. То танги тирамоҳ истиқомат мекунанду дарё ки паст шуд, баргашта мераванд. Ҷазираро, ки гузаштанд, дашту теппаҳои сабзшудаи он сӯйи соҳил баръало намудор шуданд. Дар паси найзор ва роҳи калон замини нав ҷуфт карда ҳаст. Дарахтони атрофи заминҳо баъзе гули сафед, баъзе гули сурх доранд.

– Гулҳои ватан дигаранд,- Низом - махдум ба вақд омадаю нигоҳашро аз дашту дамани ватан намеканад:- Ба назарам менамояд, ки то ҳол дар замини ҳамсоя амонат будаму акнун ба боғи худам мегузарам.

Мансур ба чеҳраи рафиқаш нигариста дар он шодии беинтиҳоро мушоҳида карда ва ба дилаш омад, ки кош сиҳат - саломат ба ватан рафта зиндагиашро осуда гузаронад. Ва ҳамзамон пай бурд, ки ҳар чи қадаре, ки ба соҳили худашон наздик шаванд, изтироби дилаш меафзояд. Мисли сатиле, ки об рехтаю то рафт баланд мешавад. Худашро ором вонамуд карда пурсид:

– Раҳими ҳамсояатон наомад?

– Вай кадом шиносашро интизор шуд, -гуфт Низом - махдум.

Онҳо аз марду зани ҷавоне пеш гузаштанд. Ҷавон сафедрӯи тануманд, занаш низ қаламқошаки дилангез. Домани куртаи таршудааш дар дасташ. Рӯймоли миёни шавҳарро дошта бо тарсу таҳлука қадам мезанад. Мансур дар дил ҷавонро маломат кард: "Эй бемуруват, чӣ гуна дилат шуд, ки ин моҳи шаби чаҳордаҳро ба оби сарди дарё андохтӣ? Ба гарданат савор кардаю тохта рав, ношукр! Не мо мардум чуноне, ки ба қадри ватан намерасем, ба қадри зан, ишқ, дӯстӣ ва бисёр чизҳо намерасем. Ин ҳама аз нохонӣ ва вомондагӣ аст"

Ба хотири Мансур омад, ки рӯзи аввали дарёро гузаштанаш сиёҳи мазанге ҷавонзани зебоеро аз дарё гузаронду аспи аз гала ҷудо шуда барин гирифта гурехт. Вале то имрӯз аз онҳо дигар хабаре нашунид. Ва пурсуҷӯ ҳам накард.

Назари Мансур ба Муллоносир бархӯрд, ки дар болои хар савор асту саллаи кашолшудаашро аз нав баста мерафт. Хараш бардам қадам зада меравад. Ҳамроҳи домулло чоряккорони фарғонагӣ мераванд. Маъруфхони писари Акрамхон - собиқ беки Ғузор ҳамроҳи онҳост. Саллаи гирдаи сафедаш дар ақиби сараш. Пештар аз онҳо як даста аспакиҳоянд.- Онҳо ана-мана нагуфта ба шохоби охир мерасанд.

Дар ин асно дар осмон ду аэроплан намудор шуд. Онҳо паст фуромада қади дарё омаданд. Вуҷуди Мансурро таҳлука фаро гирифт. Ҳар дафъае, ки ин "чуғз"-ҳои бадовоз пайдо шудаанд, давру пешаш пури мурда шудааст. Охирин дафъа соли гузашта баҳоррӯя дар Қундуз маҳаллаи гурезаҳо ва дуконҳои хаскаппашаклашонро, ки дар ду тарафи роҳ тӯл кашида буданд, бо пулемётҳошон тирборон карданд. Рӯйи роҳ, даруни дукону ҳавлиҳо пури мурда шуда буд... Бештари дуконҳо бо чизу чораҳояшон сӯхтанд. Вале гурезаҳо мардуми пуртоқатанд. Гиряву нолаашонро дар ин тела карда дарро пӯшида дар назди бегонаҳо худро мардона доштанд.

Мансур мушоҳида кард, ки Низом - махдум хеле пеш рафтааст. Аз афташ бӯйи ватан гирифтааст. Вай аз пайдо шудани аэропланҳо бехабар. Ҳушу ёдаш ҷониби боғу заминҳои ватан... Дар пеш об боз паҳн шуда меравад. Он тараф назди соҳил кӯли борики дароз тӯл кашидааст.. Баъди он найзор. Ногоҳ садои даҳшатбори парон-парон баланд шуд. Мансур гумон кард, ки садо аз ақиб аст. Шояд аз дастаи Иброҳимбек байни ҳам парон-парон доранд. Онҳо дар хӯрҷинҳояшон туфангу туфангчаҳо доштанд. Овоза буд, ки вақтҳои охир байни худ душманӣ мекардаанд. Ҳар вақт баҳри аспе, зине ё чизе байни гурӯҳҳо задухурд мешудааст...

Овози шилликпарони аз пеш ҳам шунида шуду якчанд аспакиҳо афтиданд. Ду аспи бесоҳиб яке лаҷомаш овезон лук-лук қади об тохта рафтанд. Баъзе сари аспашро ақиб гардонда қамчин мезанад. Мансур дар соҳил аскарони сурхро дид. Баъзе рост истодаю баъзе байни найзор сари зону нишаста, ҷониби онҳо тир мепаронанд. Хам шуда худро пушти дарахте гирифт. Низом - махдум ҳам ба қафо баргашт. Вай хеле пеш рафта будааст. Онсӯтар уштуре бардорузан кардаю бо ду қанори дар ду тарафаш овезони пурбор дар даруни об чапа шуд ва ҳамоно дастонашро рост кардаю кӯшиши хестан кард, вале натавонист.

Соҳибаш марди батанаю туш аз пас уштурро чӯб зада хезонданӣ шуду яке дар атрофаш боридани тирро мушоҳида карда саросема ба пас гашта ғалтидаю хеста гурехт. Харе, ки духтарчаҳо савораш буданд, низ афтид. Як духтарча хест, рӯймол дар дасташ, даҳонаш кушода, яқин гиря дорад.

Сафаракиҳо пай бурданд, ки онҳоро мепаронанд, худро ба ҳар сӯ заданд. Фарғонагиҳои чоряккор қадди паҳноб сӯи поён тохтанд. Садои дашном, фарёду фиғон шунида мешавад. Мансур яке аз аэропланҳоро дид, ки паст фуромадаю тир мепаронад. Хост ақиб гардад. Дид, ки баъзе одамони аз пас меомада ҳам ба пеш ҳаракат доранд. Маълум мешавад, ки аз пас ҳам ҳучум доранд: дар ҷояш шишта ба атроф нигарист. Аспе, ки гарданаш хунолуд аст лука зада обро чаракса дода аз наздаш гузашт. Даҳони асп калон кушода, дандонҳои зардаш намоён. Савораш дудаста лаҷомро доштааст. Вале асп итоат намекунад. Занҳои харсавор баъзеҳо пеш мераванд, баъзеҳо харашонро сахт-сахт ба чӯб зада, ақиб гардонданӣ мешаванд, вале хар итоат накарда, пеш медавад. Баъзеҳо худро аз хар мепартоянд. Чанд нафар савораҳо пушти дарахтҳо гузашта ҷониби муқобил тир мепаронанд. Дар паси дарахте Фахриддини Фархориро, ки ҳамроҳи Зариф омада буд, дид. Ӯ рост истода ҷониби соҳил нигоҳ дорад. Ба гӯши Мансур овози Низом- махдум расид. Аз ҷояш нимхез шуда дид, ки ӯ мисле ки чизеро доштанист, дастонашро паҳн кардаю рӯйҳояш качу килеб шуда сӯяш меояд. Либосҳояш машки об. Магар афтидааст? Мансур пеш рафта дасташро гирифт. Низом - махдум китфи хуншудаашро дошта ҳаракат накард. Болои об ғалтиданӣ шуд, ки Мансур аз таги китфаш доштаю кашола карда, ба ҷойи камоб ба пушти дарахти сершоху танаи хор гузаронд. Куртаашро кашида дид, ки тир аз поёнтари гардан даромадаю як тараф пури хун аст. Мисле ки ба худаш ҳам тир расид. "Эҳ вой! Эҳ вой!" гуфтаю нолиш кард ва рӯймоли нондоштаро ба шитоб афшонда бо он яраро баст. Аммо хун намеистад. Рӯймоли миёнашро кушода баст. Сарашро рӯйи даст бардошт. Дар чеҳрааш ранг намондааст. Чашмонаш аз тарс калон шудаанд.

– Низомҷон! Бародари ҷон, худатро дор! Он тараф мебарам, сиҳат мешавӣ! – Зорӣ кард Мансур ва дид, ки хун намеистад, куртаю ҷомааш пури хун шудааст. Пай бурд, ки кор аз кор гузаштааст. Ба атроф нигарист. Баландтар ду-се дарахтони пасти сершох аст. Аз миёни Низом - махдум бардошта, кашола карда ба пастхамии паси дарахтҳо, ки заминаш тар асту ҳар ҷо об дорад, гузаронд ва нафас рост кард. Дид, ки ҳар ҷо мурдаҳои одамону аспу улоғҳо хобанд. Аспе сахт-сахт по мепартояд. Паҳноб аз хун сурх шудаю равон аст. Як қисм одамон пеш мераванд, қариб дарёро гузаштанд. Баъзеҳо дасташон бардошта. Дар анҷом назараш ба духтарчаи пойлуч афтид, ки ҳамроҳи модараш харсавор буду ҳоло танҳост. Ду даста туқумро дошта гиря дорад. Хараш шохчаҳои сабзшудаи бедро ба фурча газидаю мехояд. Ӯ ақиб гашта фикр кард, ки болои заҳоб боз шаш- ҳафт қадам равад, шохоби пешро гузашта ба ҷазираи калон мебарояд. Он ҷо пинҳон шудан мумкин. Саросема аз миёни Низом - махдум бардошта ду қадам зад, ки ӯ нолиш кардаю "монед маро" гуфт.

– Низомҷон, ин ҷо об, ба хушкӣ бароем,-гуфт Мансур.

– Монед,- овози Низом махдум паст садо дод.

Мансур ноилоҷ мачруҳро болои заҳоби сард гузошт. Ва ҳамоно фикр кард, ки бояд илоче карда ӯро ба хушкӣ баровард.

Садои тирпаронӣ лаҳза ба лаҳза зиёд мешуд. Тирҳо аз болои сар аз паҳлӯи Мансур гузашта ба сангҳо бархӯрда "тю-тю-ю-ю" садо мебароварданд. Низом - махдум чизе гуфт, Мансур нафаҳмида бошад ҳам, ба тасдиқ сар ҷунбонд. Ба фикраш омад, ки яқин аз боби писараш Шарифҷон сухан мекунад. Низом - махдум боз сухан кард, ин дафъа суханаш равшан садо дод. "Як бор Бухороро медидам, ҳасратам наемонд." Дақиқае пас боз лабонаш ба ҷунбиш омаданд ва як ҳаракати мазбут карду мисле ки пуф мекунад, нафас бароварда ҷон дод. Мансур лаҳзае мутаҳайир монд. Пас як нотарсии ғазаболуд вуҷудашро пур кард. Аз пастхамӣ пештар омада, сар боло карда дид, ки ҳоло дар соҳил аскарони сурх бисёранд. Як гурӯҳ аз кӯл гузаштаанд. Он ҷо чанд аспсавор ҳам ҳастанд. Яке аспи сафед дошта, кӯлро гузаштаю дар соҳил истода, ҷониби рафиқонаш як дасташро ба ишораи напаронед, бардошт.

Мансур паси санге дароз кашида туфангчаашро аз бағалкисааш бароварда, саворро паронд. Пай бурд, ки ин шахс Александр Чернов аст, дӯсти писараш. Чернов синаашро дошта хам шуд. Аспаш қадам тез кард, ки аз ду тараф аспакиҳо расида, доштандаш. Мансур Черновро бори аввал дар ҳамин вақти сол, дар деҳаи Найзаварон ба ҳамин афзору андом дида буд. Дар болои асп ҳамингуна дилпур ва сипоҳона менишаст. Дар танаш шинел, дурбин дар гарданаш овезон. Аз парондани ӯ пушаймон нашуд. Марги Низом - махдум ҳама ҳиссиёташро кӯру кар карда буд. Ҳатто аз ватан, ки ҳар гоҳи ба соҳил омадан худро мисли каси аз маҳбубаш дурафтода ҳис мекард, дилгир шуд. Ватан бо дӯстон хуш аст... Аз ҷониби муқобил боз тирпаронии башиддат шурӯъ шуд. Дид, ки аскари сурх обро гузашта меояд.

Ин дам аэропланҳо баргаштанд, аз аввала ҳам пасттар парвоз мекунанд. Вале Мансур ба онҳо эътибор намедиҳад. Ҷониби Низом -махдум нигарист. Дар атрофаш об ҷамъ шудааст. Сарашро бардошт. Чӣ қадар марди зебо буд. Мӯйлаби як замоне сиёҳаш ҳоло чун дандонҳояш сафед менамоянд. Ҳиқ-ҳиқ гиря карда, пичирос зад: "Низом- махдум, дидорҳо ба қиёмат монд!" Чашмаш ба ҳамёни дар бағалкисаи Низом махдум афтод. Сӯзанак задааст, ки наафтад. Дасташ нарафт, ки ҳамёнро гирад. Аз фикр гузаронд, ки мурдаро кашола карда ба ҷазира бараду қабр канад. Вале аз фикраш гашт. Аз пас овози ҳойу гири душман шунида мешуд. Мурдаро ба ҷойи сероб кашида монд. Ҳамин ҳафта ё ҳафтаи дигар об калон шавад ҳамроҳаш мебарад. Ба фикраш омад, ки дар ин чордаҳ соли гурезогурез ин дарё чӣ қадар одамонро ба комаш кашид. Ин дарё нашуда гӯристони мардуми Моваруннаҳр шуд. Гӯристони бесангу беном. Об бурд мегӯяду мемонад.

Мансур охирин бор ба паҳноби касофатбор нигарист. Гурезаҳо касе намондааст. Он ҷо сурхҳо наздик мешаванд. Дар паси санги калоне саллаи вайроншудаи сафеди зеборо дид. Надонист, ки саллаи Муллоносири Чорбоғӣ аст ё азони Маъруфхони Ғузорӣ. Пас шохобро гузашта қади ҷазира муқобили дарё

рафт. Бисёр баланд набаромад. Баландтар барои шохобҳо мушкилгузар мешаванд. Уреб рафт, то ҷое, ки соҳили Афғонистон- ватани паноҳӣ додааш, намоён аст. Зери дарахт ҷое, ки хушк буд, шишт. Дар атроф чанд каҷоваи партофта хобанд. Баъзе дар дарунаш анҷом, ким - чи гуна кӯҳнаколо дорад. Нигоҳашро аз онҳо гурезонд.

Чеҳраи Низом - махдум ҳеҷ аз пеши назараш намеравад. Аз он ки риштаи умри рафиқаш ногаҳон ба-дин тарз канда шуд, изтиробзадаю аламзада буд. Бо ҷафоҳо зиндагӣ карду бо ҷафо мурд. Вохӯриҳояшонро дар Тошканд, Хӯқанд ва баъди он як-як пеши назар меовард. Дар ҳамаи он вохӯриҳо Низом - махдум пешоҳанг, некхоҳи Мансур буд. Муносибати самимона дошт. Дигар ин гуна дӯсти донишманд надорад. Албатта, рӯзе худаш ҳам аз ин олами пурҷафо меравад. Он рӯз ин воқеъа чӣ гуна сурат мегирифта бошад? Ва дар куҷо? Аан ин саволест ки дар гӯшаи дилаш чун моҳи фурӯ рафта истодааст. Хеста пештар зери дарахти бузургтаре рафт. Фикр кард, ки яқин аскари сурх то соҳили ҷониби Афғонистон меравад. Дар роҳ деҳқонҳоро бинанд (маҷрӯҳҳоро ҳам), барои гузаштанашон ёрӣ медиҳанд. Аммо гумонбару босмачисуробҳои зиндамондаро тир мезананд.

Ҳис кард, ки даруни мӯзаҳояш об дорад. Мӯзаҳоро кашида, пайтобаҳоро болои буттаҳо тунук кард. Дар борхалтааш як ҷуфт пайтоба, либос, чойҷӯш, мағзу мавиз дошт, куҷое афтидаанд. Ба чойҷӯши мисин, ки мудом ҳамроҳаш буд, дилаш сӯхт.

Ҳоло аз офтоби гарму равшани пагоҳӣ осоре нест. Сар то сари осмонро абрҳои сиёҳ пӯшондаанд. Аз ҷониби кӯҳҳои пурбарфи Помир шамоли сард мевазад. Ҳар дам овози раъду барқ меояд. Дере нагузашта, борон борид. Мансур аз паноҳгоҳаш баромада ҷониби Афғонистон роҳ пеш гирифт. Раҳорах ҳис кард, ки оби борон мисли оби дарё хунук нест. Нохост саволе ба сараш омад, ки куҷо меравад? Акнун дар ин тараф ҳам касе надорад. Ба ҳоли ғарибиаш дилаш сӯхт ва дар даште, ки борон мисли сел мебориду ҷондоре наменамуд, чӣ қадаре ки дилаш мехост, овозашро сар дода фиғон кард.

– Вой дод, вой ватан, вой ҳамдиёрон, войи Низом - махдум, войи хоки наҷибзодахези Бухоро!

ФАСЛИ ҲАФТУМ

Кучибой мисли пеш хандаи баланд накарда даҳони бедандонашро, ки намуди ғурфаи кӯҳнаи каҷшударо дорад, ба дасташ пӯшонда ҷониби Мансур суханони дар ҷанозаи Чернов гуфтаи Ҷовидро такрор кард.

Дар байни як издиҳоми калон чунин суханҳо гуфт: "Александр Николаевичи азиз, ту муаллим ва роҳбари ҳақиқии мо, ҷавонҳо, будӣ. Ту мисли ҳама шахсони бузург ватандӯст будӣ! Ту қаҳрамонию мардонагиро ба мо нишон додӣ, марди инқилоб буданро ба мо омӯзондӣ. Китоби зиндагиномаи ту мудом ҳамроҳи мо хоҳад буд. Мо, ҷавонони минтақаи Кӯрғонтеппа, қасам ёд мекунем, ки душмани лаъини сӯи ту тир кушодаро, хоҳ дар қаъри замин аст ё фарози осмон, пайдо карда, сад тир дар ҷигари бенамаш мезанем! Душмани ту душмани партияи ҷоноҷони болшевикҳо, душмани инқилобу озодист, душмани ватану миллати мост!.. Вай бисёр суханҳо гуфт, ҳамааш дар хотирам намондааст".

– Қасам хӯрд, ки он лаъини тирандохтаро пайдо мекунад?-ҳайрон шуда пурсид Мансур. Ӯ баъди найрангу кушторе, ки ҳангоми убури дарё рӯй дода буд, ду ҳафта гузашту аз Ҷовид хабаре нашунид, хавотир шуд, ки мабодо, маълум карда бошанд, ки шахси Черновро паронда падари котиби комсомол будааст. Шабакаи ҷосусии давлати Шуравӣ дар ҷониби Афғонистон ҳам хуб кор мекард. Тоқаташ намонду шабона дарёро гузашт ва ҳоло дар хонаи Кучибой дар болои чойи пагоҳӣ як соат шуд, ки сӯҳбат доранд.

– Он ҷо панҷ-шаш нафар сухан гуфтанд,-илова кард Кучибой.- Ҳамяроқҳои Чернов аз Душанбею Тошканд, ҳатто аз Масков омадаанд. Аз ҷангҳои кардааш ёдовар шудаанд. Гуфтаанд, ки вай ба халқи тоҷик эҳтироми хоса дошт. Ва барои он ки ин халқ зиндагонии арзанда дошта бошад, ҷонашро фидо кард. Ва ҳама қасам мехӯрданд, ки қасоси ӯро хоҳем ситонд! Қасос хоҳем ситонд!

– Агар ҳама қасам хӯрда бошанд, меёбанд,-Мансур эҳсоси хавотирӣ кард ва қарор дод, ки аз тирпарониаш сӯи Чернов ҳеҷ гоҳ даҳон нахоҳад кушод. Чернову ёронаш дар ҷанги Балҷувон чунон ҷабру ҷафоҳо карданд, ки мардум ба садсолаҳо фаромӯш намекунанд. Мо мардуми дар ғарибӣ бачонрасидаро биё гуфтанду зери борони тир гирифтанд. Дунёи қасос. Ман тираш намезадам, дигаре мезад. Сухани қадимии тоҷикӣ ҳаст, ки «Куштӣ, кушта гардӣ». Ӯ ин фикрҳоро аз сараш дур карда пурсид:

– Ин ҷо чӣ кору пешравиҳо?

– Пешравиҳоро худатон ҳам мушоҳида кардагистед. Хеле заминҳои нав кушодем. Колхозҳо солҳои пешин барин бесару бебар не. Намояндаи район як

марди рус ҳарвақт омада корҳоро назорат мекунад. Соли гузашта ба ҳар рӯзи меҳнат панҷ кило гандум, се кило мош, яктоӣ гӯсфанд доданд. Баъзе оилаҳо то ду гӯсфанд гирифтанд.

«Дар биёбон - кафши кӯҳна неъмат», гуфтаанд, ки дар ҳаққи шумост. Ба панҷ кило гандуму се кило мош зиндагӣ кардан мешавад? Ё гадуму ҷави колхозатона дуздӣ мекунед?

– Дуздӣ мекардагиҳо ҳам ҳастанд. Ду сол пеш ҳамонро ҳам намедоданд. Як тоторро раис монданду кори колхоз каме беҳ шуд. Алҳол мардум аз он, ки якҷоя кор мекунанд, розӣ. Пеш ба колхоз бовар надоштанд.

Шарофат (арӯси Ҷовид) дастархон партофта, нони махаку ширбиринҷи аз болояш равғани зард рехта оварда. Аз пас хоҳараш Хосият қанди кӯфта ва Шералӣ- кенҷаи Кучибой, ки хеле калон шудааст, чой оварда.

– Фарзандҳо дастёр шуданд,- Мансур ба Шералӣ ишора кард, ки наздаш нишинад.

– Духтари хурдӣ ҳам арӯсӣ шудаасту,- Кӯчибой нигоҳи меҳрборашро аз духтараш наканда афзуд:- Духтарам ба хироҷи як шаҳр меарзад.

Хосият шарм карда қандро монду зуд рафт.

Шарофат косаи қандро наздики Мансур давонда «аз болои ширбиринҷ резед», амак, гуфт.

– Ин ҳама даву тозиҳо келинатон барои шумо, мо бошем, фақат бароямон чойу чапотӣ меоранд. – гуфт Кучибой ба шӯхӣ.

– Шумо соҳибхона,-гуфт Шарофат сурх шуда, ва аз Мансур пурсид:-Амак, либоси шустанӣ доред?

– Либосҳоям чиркинанд?- Мансур аввалин маротиба аз наздик ба келинаш нигарист. «Чеҳрааш кушода. Мисле ки кайҳо шинос аст». Келин маъқулаш шуд.

– Не, чиркин нестанд, -Шарофат ханда кард. - Ман ин ҷо бекор... Он тараф, ки рафтед, кӣ мешӯяд?

– Хуб шудааст,- Мансур аз хӯрҷин куртаю саллаашро гирифта ба дасти келинаш дод, аз он ки ба тӯй хабар накарданду хафа шуда буд, ба ёд овард ва ин лаҳза дар дил он хатоии Кучибойро бахшид, даст ба дуъо бардошт: "Илоҳо, бахту иқбол ёратон бошаду маро, ки ҳурмат мекунӣ, аз Худо ҳурмат бинӣ"гуфт.

Пас сӯҳбаташро бо Кучибой ба хотир оварда, пурсид:-Дар колхозатон аз ҳамсолони мо касе намондагист?

– Оре, аз мардуми пеш ахён-ахён касонро мебинӣ.-Кӯчибой меҳмонро ба хӯрок муроат карда афзуд: - Шукр, ки ба мани галабон кордор нестанд. Аммо мардум шикоят мекунанд, ки бе пурсиш ҷое рафтан наметавонем. Молатро бозор мебарӣ ё ба деҳаи ҳамсоя ба коре меравӣ, бояд аз калонҳо ҷавоб бигирӣ.

– Мисле ки дар зиндон медоранд...

– Дар тарафҳои шумо чӣ гапҳои нав? Ҳеҷ чашматон ба амир Олимхон меафтад?

– Мебинам, ду маротиба дидам, -гуфт Мансур.-Бори аввал дар бозори Кобул бо ду нафар мисли худаш салласафедҳо. Се-чор нафар ҷондорҳояш ҳам буданд. Баъзе рӯйи хотир накарда, аз дур гап мепартофт: "Бухороя ба кофир додагӣ ҳамин! Моро оворао беватан кардагӣ ҳамин!" Дарвешнамое бо овози

баланд ба ӯ шунавонда як рубоии таънаомез хонда буд, ки Олимхон саросема роҳи гурезро пеш гирифт. Он рубоӣ дар хотирам мондааст:

Бунёди ватан туроб аз дасти ту шуд,
Миллат ҳама масти хоб аз дасти ту шуд.
Аз ғояти ҷаҳлу ғафлату беҳунарӣ
Ин ҳастии мо хароб аз дасти ту шуд.

Дарвешнамо боз шеър хонданӣ буд, ки полис омада одамони ҷамъшударо пароканда кард. Маротибаи дувум дуртар аз манзилгоҳаш Қалъаи Фату, дар соҳили рӯде дидам. Ман намедонистам. Ҳамроҳе доштем бухорӣ. Ҳамон гуфт, ки ин марди дар соҳили рӯд нишаста собиқ амири Бухоро Олимхон аст. Баъзан ин ҷо омада шеър менавиштааст. Бештари шеърҳояш дар ҳаққи Бухоро будаанд.

– Касабаи ёфтаашро бинед,-гуфт Кучибой бо истеҳзо.- Ҳамаи ин муллою беку амирҳо ба шеъргӯӣ усто! Аз ин зиндагии беномусонаашон дар майдони ҷанг мемурданд, хуб буд. Авлоди оянда ба некӣ ёдшон мекард.

– Ҳаққи гапро гуфтед.-Мансур бо табассум ба рӯи мусоҳибаш нигарист.

Ҷовид охири ҳафта ба хона омад. Ҳоло ҷои кораш Қурғонтеппа аст, котиби комсомол. Як газета ба Кучибой якта ба падараш дод. Он ҷо сурат ва сухаҳояшро дар митинги мотамии Чернов ҷой додаанд. Он замонҳо баромадани сурат дар газета як воқеаи фавқулъода ба шумор мерафт. Газета даст ба даст гашт, ба хонаҳои ҳамсояҳо ҳам рафта омад ва Мансур ӯро барои хотира гуфта ба ҷайбаш гузошт.

Мансур дар ду рӯзи истодааш мушоҳида кард, ки корҳои ҳукуматӣ Ҷовидро ҷавони ҷиддӣ ва ҳозирҷавоб кардаанд. Ба кораш сахт дилбастагӣ дорад. Ва ҳамзамон аз чашми кордидааш дур намонд, ки ба занаш бе меҳр аст. Ин ҳолат хавотираш кард.

Ҷовид хост ҳамроҳи падар то соҳил рафта гуселаш кунад, ки Мансур намонд. "Ҳоло об калон аст, Кӯлоб рафта, аз гузаргоҳи Чӯбек бо паром мегузарам" гуфт.

Ҷовид давоми нӯҳ соле, ки падараш ба Афғонистон равуо дорад, нахустин маротиба ба ҷудогиаш бепарвоӣ ҳис кард. Балки хурсанд шуд, ки ба кораш дер накарда мерасад.

Мансур дар Янгиқалъа роҳи гузар ба хонаи ошнояш Ғуломҳайдар даромад, то ки шаб он ҷо дам гирифта саҳар ба роҳ барояд. Ғуломҳайдар аз ин вохӯрӣ хурсанд шуда гуфт, ки як ҳафта шуд шуморо мекофтам, дар ин тарафҳо наёфта акнун ҷониби Шӯравӣ гузаштанӣ будам.

– Дилам хабар дод, ки маро мекобед, хеста омадам,-гуфт Мансур бо шӯхӣ ва ба чеҳраи сергушти Ғуломҳайдар зеҳн монда андешид, ки дар ду-се соли охир рафиқаш пир шудааст. Нигоҳаш ҳам он тобишу таъсири пешро надорад. Аз афташ, сол ки рафт, дигар на пул на чизу чора ёрӣ намекунад.

– Боз се моҳ ҳамроҳ кор мекунем.-гуфт Ғуломҳайдар.- Дару тирезаҳои чойхонаи куҳнаро нав кардан лозим. Ёрдамчӣ Юраи ошноятон. Мо ӯро Юсуф мегӯем. Лекин ин дафъа касбатона ёдаш диҳед. Ҳаққи устодиатонро худам медиҳам.

Мансур хурсанд шуд, ки дар сарҳад кор пайдо шуд. Қариб ҳар рӯз одамони ватанро мебинӣ. Аз неку бад огоҳ мешавӣ. Ҳар гоҳ хоҳад, обро гузашта Ҷовидро мебинад.

– Хуб шудааст, кор бошад мекунем,- гуфт Мансур ва рикоби аспро дошта истода ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Юра гуфтеду як фикр ба сарам омад. Мушоҳида кунам, вай ҷавони дастбакор, ба шумо содиқ. Занаш диҳед, дар паҳлӯятон ҳама коратона карда мегардад.

– Ҷавони хуб.-Ғуломҳайдар андешаманд ба самте нигарист. Ба пулу молам аз писарам дида вай дилсӯз...

– Дилсӯзи пулу молатон бошад, духтари худӣ ёфта диҳед.

– Дар фикри худам ҳам ҳаст...-Гуфт Ғуломҳайдар забон хоида.-Ҷавони хубу баъзан раги якравиаш мегирад.

– Ҷавоне, ки феъли якравӣ дорад, аз вай мардӣ мебарояд. Онҳое, ки мудом "хуб" мегӯянд, рӯбаҳмиҷозанд. Агар духтар аз худатон бошад, боз хубтар.

Ғуломҳайдар озмоишкорона ба чашмони мусоҳибаш нигариста гуфт:

– Духтари кенҷаам ҳасту... -Вай урус, пас мардум маро чӣ мегӯянд?

– Э вайро урусиш мондагӣ нест. Намоз мехонад, рӯза медорад, ҳалолкор, дурӯғ намегӯяд.

– Ку, бо хонагиҳо маслиҳат кунам.

Мансур аспашро ба роҳ андохта дар дил шодӣ кард, ки мушкили Юра ҳал шуд.

Рӯзе, ки Мансур корро шурӯъ кард, номи Иброҳимбек боз вирди забонҳо шуд. Гурезаҳо хабарҳои аҷибу ғариб меоварданд. Мегуфтанд, ки ба муносибати доштани Иброҳимбек дар ҳама шаҳру ниҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қисмҳои ҳарбии Туркфронт митинг баргузор мекунанд. Дар корхонаҳо русҳою тоҷикҳо ва намояндаи дигар миллатҳо аз хурсандии ин хабар ҳамдигаро ба оғӯш мегиранд.

– Вай аз зиндон гурехта будааст?-мепурсад Мансур.

– Кӣ медонад?-китф меҷунбонданд онҳо,-як корҳое, ки ақли мо намегирад.

Боре ҳангоми корбаро чашми Мансур ба саворе афтид, ки танҳо дарёро мегузарад. Роҳашро нигарон шуд, наздик, ки омад, шинохт: -Муллоҳабиб, раиси колхози ба номи Будёний. Колхозаш дар Саройкамар аст. Дар сафари Бухоро, ки барояш справка лозим шуд, Кучибой аз ҳамин одам справкаро гирифта буд. Ӯро даъват карду дар кате ҷой гирифтанд. Мансур ба Юсуф чой фармуд ва ба Муллоҳабиб синчакорона нигариста гуфт:

– Раис, аз вазъатон маълум, ки аз ватан фирор кардаед.

– Хуб фаҳмидед,- Мулоҳабиб оҳ кашида, ба тасдиқ сар ҷунбонд.

– Чӣ гап шуд? Шуморо раиси номдор мегуфтанд.

– Раиси номдор будаму пас одами худашона оварданд. Маро гуфтанд, ки ёрдамчӣ кор мекунӣ. Як марди тотора оварда раис монданд. Дар тарафҳои Қазон раисӣ карда будааст.

– Пас қаҳр карда омадед?

– Не, қаҳр не. Ёрдамчӣ кор мекардам. Як намоянда ҳар ҳафта аз район омада "ин кора накардӣ, вай кора накардӣ" гуфта чақа мешуд. Боре дар замини обчакориам намози пешин мехондам, ки аз кучое аспсавор пайдо шуда:"Ту

ёрдамчии раис шуда, чаро намоз мехонӣ?" мегӯяд. "Намоз ба корам халал намерасонад" гуфтам. "Не-дия, мегӯяд, шояд босмачӣ бошӣ? Шояд корҳои дигар хам мекунӣ?" Шудем дуямон ҷанг.

– Занозанӣ кардед?

– Не-е, бо онҳо занозанӣ карда намешавад. Ҳама таппонча доранд. Байнамон тую ман шуд. Ба даҳонам омад, ки рав ба ватанат, он ҷо раисӣ кун. Ин ҷо бе ту ҳам корамона пеш мебарем. «Ба ту, миллатчӣ, баъдтар гапзанон мекунем» гуфту аспаша савор шуда рафт. Пай бурдам, ки милисаҳоша аз пасам мефиристад, хона омада ҷомаю аспамро гирифта, ба даруни боғҳо сӯи дарё тозондам.

Мансур бо дилсӯзӣ сар то пои собиқ раисро аз назар гузаронд.

– Кителу шапкаро ба Сталин монанд кардед ҳам, фоида накард?-Ва аз суханаш хандида илова кард:-Подшоҳатон гуфта бошад, ки намоз нахон,нахонед-дия.

– Фоида накард,- дар ҷабини Мулоҳабиб чинҳо ҷамъ шуданд. – Раисҳое, ки нав мондаанд, ба касе бовар надоранд.

– Ман ҳам ба он тараф баъзан меравам, ба назарам менамояд, ки кори колхозҳо хуб мешавад.

– Калонҳо дуздӣ накунанд, мардум аз як гиребон сар бароранд, хуб мешавад.

Ғуломҳайдар омаду мавзӯи сӯҳбаташон дигар шуд.

– Боз чӣ шуд, ки атрофи Иброҳимбек валвала бардоштед? Ё аз зиндон гурехт?-пурсид ӯ.

Муллоҳабиб ба Мансур, пас ба Ғуломҳайдар нигариста бо тамасхур гуфт:

– Он ҷо корҳо чунон печ дар печанд, ки ҳазрати Ҷабраил биёяд, сарфаҳм намеравад. Мо ҳама медонистем, ки ҳангоми аз гузаргоҳи Чӯбек гузаштани як қисми аскари Иброҳимбек ҳамроҳи мӯйсафедҳо, занону кудакҳо аскари шуравӣ аз пеш, аскари афғон аз пас онҳоро мезананд. Инчунин фаҳмида будем, ки дар даромади Сангтӯда пулемиёт монда мардҳоро паронданд. Ҳашт-нӯҳ рӯз гузашту худашро доштанд. Сипас ҳама хап-хап шуда буд. Пас яке дар ҳама ҷо ғулғула афканданд, ки гуё Иброҳимбек бо дастаи ҳаштсад нафара дарёро гузаштаю ба роҳи Кӯлоб мерафтааст. Ният доштааст, ки мардуми Кулобу Балҷувон ва атрофро хезонда бар зидди давлати Шуравӣ ҷанг кунад. Боз зиндагии мардумро ноором мекардааст. Мехостааст, ки коргару деҳқони аз юғи бойу эшон озодшударо боз мисли солҳои пеш ғуломи онҳо кунад. Дар газетаҳо навиштанд, ки дар ноҳияи Сангтӯда дар наздикии деҳаи Найзабулоқ байни аскари сурх ва дастаи Иброҳимбек задухӯрди сахт шуду аввалин зарбаи марговарро Иброҳим он ҷо гирифт. Фалон қадар мурдаю яродор шуд. Дар ин ҷанг коммунистону камсомолон қаҳрамонии бемислу монанд нишон доданд. Сенчукови пулемётчӣ бо мақсади дур кашидани диққати душман взводро ба канор бурд (чунин навишта шудааст взводро). Аспбонро ки ҳамроҳаш рафтанӣ мешавад, нагузошт (Бубинед, чаро дигаре не, аспбон меравад?) Байни ӯ ва босмачиён тирпаронии сахт шуд. Сенчуков ҳамаи тирҳои милтиқашро паронд, пас аз таппонча тир холӣ кардаю взводро аз иҳота бароварда. Қаҳрамон Сенчуковро хеле вақт ёфта натавонистанд. Фақат баъд аз чанд рӯз ҷасадаш ёфт шуд. Дар атрофи ҷасад зиёда аз сӣ нафар босмачиёни кушта мехобиданд.

– Ин дурӯға бинед,-ҳайрон шуд Мансур.

– Ҳоло давомашро гӯш кунед.

– Дар ҷанги Сангтӯда командири отделения Петров бо се нафар ёронаш дар иҳотаи шаст нафар босмачӣ монданд. Дар натиҷаи задухӯрд ду нафарро кушта, якеро захмдор карда, аз иҳота баромаданд.

– Ин суханҳо аз куҷо сар задаанд?-нидо дод Ғуломҳайдар. – Дастаҳои ҳукуматии Толиқону Бадахшони мо Иброҳимро задаю пеш карда аз гузаргоҳи Кафтаройли он тараф карданд. Баъди се рӯз Мирғозӣ худашро бурда ба аскари сурх таслим карда буд. Ду нафаре, ки ҳамроҳаш дарёро гузашта буданду то деҳааш Куктош рафтаанд, сипас аз дородори аскари сурх гурехта ҷон ба саломат бурда ин хабарро оварданд. На дар Сангтӯда, на дар Найзабулоқ ҷанг нашудааст.

– Мо ҳам аз ин воқеаҳо хабар дорем,-гуфт Муллоҳабиб.-Медонистем, ки аскари Иброҳимбек мақсади ҷанг надошт. Бечораҳо ба умеде, ки болшевикҳо нодонию нофаҳмиашонро мебахшанд, бо зану фарзандашон дарёро гузаштанд. То ки дар ватан кору зиндагӣ карда умрашона гузаронанд.

– Барои чӣ бошад ин корашон? Чӣ фоида мегиранд?-пурсид Ғуломҳайдар.

– Чӣ фоида!-Юсуф тамасхӯр кард,-фоида ҳамин, ки ҷанг карда Иброҳимбекро ба зӯрӣ гирифтем, нагузоштем, ки сохти шӯравиро вайрон кунад, гуфта, мукофот мегиранд.

Чеҳраи Мансур тира шуд. Ӯ тасаввур кард, ки дар дашти тафсони Сангтӯда чӣ гуна аз пулемиётҳо асирҳоро мепаронанд: онҳо аз тири сӯзон меафтанд, аз ҷазабаи дард, ташнагӣ сӯхта-сӯхта, инҷ шуда, ҷон мебозанд.

Муллоҳабиб ба суханаш идома дод:

– Баъдтар боз ҳам дар ҳамон газетаҳошон маълумоти оперативӣ гуфта, хабар доданд: "Иброҳимбек ба Лақай омада, мехост дам гираду пас тарафдоронашро ҷамъ карда ба шӯриш хезонад. Аммо дар ин ҷо ба кину адовати мардум бархӯрда, ба Сурхандарё рафт. Қисмҳои аскари сурх, ки аз пасаш афтода буданд, лаҳзае ӯро ором намегузоштанд. Ниҳоят ӯ маҷбур шуда ба кӯҳҳои Боботоғ гурехт. Аскари сурх дар ин ҷо ҳам ӯро ором намегузошт. Ҳамзамон дар ин муҳориба боз 439 отряди ихтиёриёни сурх, ки ба ҳар отряд ба сифати маҳаки ҷангӣ аз панҷ то даҳ аскари сурх ҳамроҳ карда шуд, иштирок кард: айропланҳо сафарбар карда шуданд. Онҳо ба болои кӯҳҳои сарбафалак парвоз карданд, ба дараҳои хилват даромада босмачиҳоро ҷустуҷӯ мекарданд. Иброҳимбек, ин ҷосуси Британиё ва Олмон, ки аз ҳама тараф иҳота шуда буд, аз таъқиб халос хӯрданӣ шуда, ба сӯи дарёи Кофарниҳон фуромад.

– Як дивизияро ба кӯҳ бароварда будаанд-дия,-киноя кард Мансур.

Муллоҳабиб "давоми маълумоти оперативиашона гӯш кунед,"-гуфт:

"Колхозчиёни дар майдони пахта кор мекарда Иброҳимбеку хазинадораш Саттори бинишилпуқ ва мирзояш Азизмуроди чӯлоқро шинохта, ба отряди ихтиёриён,сардорашон Муқим Султон ва ҳайати фармондеҳии полки 10-ум хабар доданд.

Иброҳимбек ба дарё наздик шуда, аз амадчиён талаб мекунад, ки ӯро ба соҳили дигар гузаронанд. Муқим Султон ба ин кор яке аз ҳамнабардонаш - марди зирак Гулҷаҳонро мефармояд. Гулҷаҳон пурталотум будани дарёро

сабаб оварда онҳоро розӣ мекунад, ки милтиқ ва таппончаҳояшонро ба губсар баста монанд".

– Ин афсонаи ҳазору як шаб шуд-ку,- Юсуф тоқат накарда ба завқ хандид.- Иброҳимбек милтиқу таппончаашро дар гупсар бастааст... Ақаллан таппончаро бо худаш намондааст...

– Дар газета сухани Муқимро ҳам овардаанд,-афзуд Муллоҳабиб.- Гӯё вай гуфтааст: "Вақте ки Иброҳимбек ба соҳил баромад, ман аз камингоҳ часта баромада милтикро ба синааш рост карда гуфтам: "Умрат ба охир расид, бек, ақибатро гардон, ки ман мехоҳам дастатро бандам!"

– Ин чумла ҳам сар то по ғалату дурӯғ аст,-гуфт Мансур.-Тоҷикон чунин гӯиш надоранд. Маълум, ки сухани русиро дар даҳонаш мондаанд.

– Ин тарҳу тартиби сохта ва ин қадар ваҳму воҳима барои чӣ бошад?- Ғуломҳайдар аз рӯйи Муллоҳабиб чашм намеканд.

– Ба шумо гуфтам-ку, барои он ки камиссарону командирҳо рутбаашон баландтар шавад, ордену медал гиранд, -гуфт Юсуф.

– Инро бинед, барои он ки даҳ понздаҳ нафар мукофот гирад, мардуми як чумҳуриро сари лелак бозӣ медоронанд. Ҳама шаҳру деҳот, корхонаҳоро хезондаанд, ин дурӯғи чилдурӯға дар гӯшашон хонда митинг баргузор мекардаанд.

– Мо ҳам ба чунин кордориашон ҳайрон мешудем,-гуфт Муллоҳабиб.

– Ба ҳар ҳол дар таги коса нимкоса будагӣ барин,- гуфт Мансур андешамандона.

Аз байн ду ҳафта гузашту Муллоҳабиб хабар оварда (Пинҳонӣ гузашта зану фарзандашро овардаст):"Дар Душанбе сессияи фавқулъода баргузор карданду масъалаи аввал дар бораи ба мукофот пешниҳод кардани қисмҳои армияи сурх, камандирон, чанговарон будааст!

– Ҳамин гапро гуфта будам, шумоён бовар накардед,-гуфт Юсуф.-Соли 1919 дар армияи сурх ҳашт моҳ хизмат карда будам. Аз ин гуна бозиҳояшон хабар дорам. Агар мегуфтанд, ки "Иброҳимбек омада худро таслим кард," дар он сурат бисёр гапу корҳо ранги дигар мегирифт.

– Ту, ки аз ҳамон лой ҳастӣ, миҷозашона медонӣ,-гуфт Мансур.

Онҳо боз муддате сӯҳбат карданду Муллоҳабиб хест:

– Меравам,-гуфт ӯ - дар Хавол хешамон ҳаст (Хавол деҳае дар назди соҳил). Шукр мекунам, ки аз тобеъияти онҳо баромадам. Ин чо кас озод аст.

Мансуру Юсуф ҳам хеста аз пайи корашон шуданд. Мансур он рӯз камгап менамуд. Болорҳоро тешаю ранда зада, кори болшевик атрофи номи Иброҳимбек ва оламиёнро ба иштибоҳ андохтанашон ҳеч аз сараш намерафт. Фикр мекард, ки он маълумотҳои оперативие, ки командиру комиссарҳояшон сохтаанд, яқин ба архив мераванд. Китобнависашон аз онҳо китоб менависад. Сенчукову Петрову Муқим Султон барин одамонашонро қаҳрамон месозанд." Онҳоро ба мактабу корхонаҳо даъват карда "меҳмони оликадр, қаҳрамони чанги граждани аз корномаҳоятон ба донишҷӯён нақл мекардед, то ки шогирдон низ қаҳрамониҳои шумо насли калонсолро, дар гӯши ҳӯш гирифтаю сазовори номатон гарданд гуфта илтичо мекунад."Меҳмон як қадар сурх шуда росту дурӯғи шунидаашро нақл мекунад. Ё худро ба берӯйӣ зада, бо овози баланд суханҳое мегӯяд, ки ба

мавзӯъ дахл надоранд. Пас муаллим дар дил ӯро ба беморӣ ё калонсолӣ ҳукм карда, худ суханро гирифтаю ба асли мавзӯъ мегардад. Ба он дурӯғи аз китоб хондааш боз дурӯғҳо зам карда чавононро "донишманд" мекунад... Оянда аз ин халқ чӣ месозанд? Дурӯғхону дурӯғгӯю дурӯғроҳ...

❁ ❁ ❁

Аз вохӯрие, ки Ҷовид охирин бор бо падар кард (баъди вафоти Чернов), аз байн қариб ду сол гузашту нохост онҳо дар Душанбе бо ҳам рубарӯ омаданд. Ӯ ҳамроҳи калонҳои ноҳия ба маҷлиси фаъолон ба пойтахт омада буд. Аз маҷлис баромада, аспашро аз чанори сершохи поёни роҳ кушоданӣ шуд, ки падарро дид. Падар мисли солҳои пеш Ҷовидро ба оғӯш нагирифт. Мисли каси шинос даст дароз кардаю "рафтем, дуртар" гуфт. Онҳо аз назди бинои зебои почта, ки нав ба кор даромадааст ва дӯконҳои қатор қадам зада, суҳбати кутоҳе карданду Ҷовид зимни суҳбат ду ҳиссиёти ба ҳам зидро дар зеҳн гирифт. Падараш пир шудаю пару болаш рехта, назди ӯ баргаштааст. Дигар ин ки оё Ҷовид метавонад ӯро ҳамроҳ гирад? Агар гирад, хоҳ- нохоҳ шӯъбаи махсус огоҳӣ меёбад, ҳарду дар бало хоҳанд монд.

Падар, меандешид, ки дар рухсораҳои писараш рушании мансуриён ҳаст, шиму кастуми зебо пӯшидааст. Нигоҳаш калонгирона, балки такаббуромез аст.

– Мо гумон доштем, ки шумо дар Афғонистон...,-гуфт Ҷовид аз падар чашм наканда. Ба мушоҳидааш омад, ки падараш мисли себи дар зимистон дошта хушк ва майдатар шудааст. Ҳатто абрӯҳояш сафед шудаанд.

Мансур дар гуфтори писар сардӣ ҳис карда, дилаш таккон хӯрд.-Ба зӯрӣ намои табассум карда, пурсид:

– Агар биём, метавонам ин ҷо зиндагӣ кунам?

– Намедонам, ба худатон чӣ хел маъқул бошад,

"Намехоҳад, ки ман биём! Аммо ӯ намедонад, ки ман дар ватани бегона монда шудам. Дигар омаду рафт карда ҳам наметавонам." Мансур каме хомӯш истоду гуфт:

– Аз мани мӯйсафед ба касе зарар нарасад...

– Ба зараррасониатон гап намеравад!..

– Ба чӣ гап меравад?

– Мабодо дувоздаҳ сол дар Афғонистон буданатон маълумашон шавад... Медонед, ин чӣ гуфтанӣ? Душмани халқ, ҷосуси империализм. Гуноҳи аз ҳама сахт.

"Бале, намехоҳад, ки ман биём! Бубин чӣ гуна нописандона сухан мекунад".

– Ман ин қонуну қоидаро аз куҷо медонам?-Мансур кӯшиш кард ором сухан кунад. –Соҳиби давлату даврон шумо бошед...

– Агар биёед... Яъне боз устоӣ мекунед? - Ҷовид ба чашмони падар нигариста, рамуз гирифтанӣ шуд.

"Мехоҳад пурсад, ки агар биёям, дар куҷо зиндагӣ мекунам?"

– Хостам ҳаминро маслиҳат кунем.- Мансур худро ба нодонӣ зад. - Ту бо инҳо кор мекунӣ...

– Ба худатон чӣ хел маъқул бошад.

"Не, намегӯяд! Хондаги-дия, айёр аст." Мансур ба табассум чашмонашро танг карда, ба рӯи писараш синчакунон гуфт:-Ту намояндаи ҳукумат, медонӣ-ку, ман ба халқам душманӣ накардаам.

– Ман медонам!-Ҷовид боз ситезманд шуд.- Лекин ман ба касе ин суханро гуфта наметавонам.

Падар кунҷковӣ карда мехоҳад бештар аз дили писар воқиф шавад.

– Мехоҳам боқии умрамро дар ватанам гузаронам, -гуфт ӯ ва нигоҳи писарро доштанӣ мешавад.

– Чи хеле худатон хоҳед,-писар нигоҳашро мегурезонад.

Падар дар оҳанги сухани писар баръало бегонагиро ҳис мекунад. Ин ҳолат дилашро чун мех мехарошад ва дигар истиҳола накарда гиреҳи дилашро мекушояд.

– Писарам, Ҷовид, дар маҷлиси се моҳ пеш гузарондаатон ҳам ман дар ҳамин ҷо будам. Ту, ки дар ҳалқаи рафиқон баромада раҳакӣ шудӣ, одоб надонистам, ки сари роҳат бароям. Ман як сол зиёд шуд, ки дар Ҳисорам. Дар колхози ба номи Куйбишев, дар хирмани пахта посбон.

– Посбон?- Пас хабар намедихед?- Ҷовид ба зӯрӣ лабханд кард.

– Суханамро то охир гӯш кун. –Мансур чун одат даст ба пушт гузоштаю қадам зад, беихтиёр оҳ кашида афзуд: -Гапи бисёр намезанем. Замонаро худат хуб медонӣ. Дар ҷойи корам ҳама маро бобои Мансур мегӯянд. Он ҷо як нафаре ҳаст, ки тарозубон аст. Қариб ҳамсолем, номаш Ҷамолиддин. Ба ҳамон гуфтам, ки ман аз тарафи Қурғон- теппа, аз деҳи Фирӯзи Боло. Дар хотир дорӣ, дар сари чашмааш хоб рафтем? Одамонаш ҳамроҳи эшонашон мераванд. Ман ба ӯ гуфтам, ки ҳама хешу таборам ба Афғонистон гузашта рафтанд. Фақат як хешамон мондааст. Туро ном гирифтам.

Нигоҳи падару писар ба ҳам бархӯрд. Дар нигоҳи яке кунҷковӣ ва ризоятмандӣ, дар нигоҳи дигаре меҳрубонӣ ва пазмонӣ аён аст.

– Ҳисор рафта ҷоятонро бинем?-пурсид Ҷовид.

Мансур пай бурд, ки писар корашро писандид. Ба дилаш сабукӣ ворид шуду бо нармӣ гуфт:

– Дар гӯшаи хирман хоначае ҳаст. Он ҷо хобу хез мекунам. Ҳоло дер шуд. Даъфаи дигар ки омадию вақтат шуд, медароӣ.

Онҳо сабук хайрухуш карда, аз ҳам ҷудо шуданд.

Мансур аз байни тӯб-тӯб чӯбу оҳане ки барои сохтмон оварда буданд, гузашту сӯйи аспаш, ки дар чинори сари роҳ баста буд, рафт. Дар он сӯйи роҳ дуконҳои қаторро дида баргашт, ки ду нон гирад. Ӯ қадам мезаду ҳоло ҳам дар қайди суҳбат бо писараш буд. Дар замираш бо ӯ гуфтугӯ мекард: "Ту ба ман муносибати сард накун, аблаҳ. Ту дигару Латофату Шодибек дигар (духтарашу домодашро дар назар дошт). Онҳо агар биё нагӯянд, парво надорам. Лекин ту дигарӣ, аблаҳ! Тавонӣ, як сухани хуб гӯй. Натавонӣ, хап кун! Ман ақламро нахӯрдаам, ки худамро ба ту бор кунам. Ба хонаат рафта зер карда шинам. Ба худат тинҷ бошӣ, шуд. Лекин ту як дафъа биёта гӯй!... Чеҳраатро кушо, ки ин дили сабили пурдарду пурзардоб ноумеди ҳарду ҷаҳон нашавад.

Дар ин асно ӯ Фёдорро дид, ки назди мағозаи нон болои латта китоб чида-асту онҳоро фурӯхтанист. Се-чор нафар занҳои рус китобҳоро варақ мезананд.

– Медонистам, ки дар ин ҷойҳо мегардӣ, кайҳо кофтан меомадам.-Мансур аз дидори дӯсташ хурсанд шуд. Онҳо дасти ҳам доштаю дар замирашон бо ҳам дар гуфтугӯ шуданд."О-ҳо, пир шудай-ку Мансурбой! Рангат ҳам дигар шудааст."- Фёдор ин сухани ба сари забонаш омадаро нагуфт, худро дошт. Ва ҳамзамон дар нигоҳи рафиқаш ин нуктаро пай бурд: "Худат ҳам пир шудай-ку, ошно! Мӯи зардат мӯи ман барин сафед шудааст." Ва ҳарду аз гуфтори дарунии якдигар хандиданд.

– Чӣ шуд, Самарқандро монда, ба ин вайрона омадӣ? – пурсид Мансур.

– Ду сол зиёд шуд, дар ин вайронаам. -Дар Самарқанд, собиқ буржуй гуфта, кор надоданд.

– Шикамба гӯшт намешаваду бегона дӯст, гуфтаанд, инҳо ба мо, буржуйҳо, кор як тараф, рӯз намедиҳанд.

– Ҳамин хел барин, - Фёдор мисли солҳои пеш нигоҳи дӯстонаашро ба рӯйи Мансур дӯхта гуфт:

– Ин ҷо шинос доштам: Александр Чернов. Дар ин ҷангҳои зидди босмачӣ сардори бригада буд. Гуфта буд, ки биё, дар ситоди мо кор мекунӣ. Ту барин нависандаҳо ба мо даркоранд. Мо кӯчида омадем, як ҳавлии бе дару девора харида обод кардем. Аз байн се ҳафта гузашту фаҳмидам, ки дар сарҳад кушта шудааст. Аз ин ҷо мондаю аз он ҷо ронда шудам. Занам ҳамроҳи духтарам ба ватани бобоиашон Тамбов рафтанд. Аз пасашон ман ҳам рафтам. Лекин дар ҳунукӣ истода натавониста, баргаштам. Ба ин офтобу ин мардумони дилкушоду меҳрубон одат кардаам. Ва чунон ки мебинӣ, асбобҳои рӯзгор фурӯхтаю чархи зиндагӣ мечархонам.

– Эҳ, аз корҳоят гардам, дунё,-Мансур бо таассуф сар ҷунбонд ва аз дилаш гузашт, ки раҳматии Чернов бо ин ҳам шинос будааст. Лекин ман ӯро парондам. Ин сирро на фақат аз Ҷовид, аз ин ҳам пинҳон доштан лозим. Ӯ пурсид:

– Акнун чӣ ният дорӣ?

– Ният ҳамин, ки ин ҷо истода кор мекунам. Ҷойи навобод, кор бисёр. Аллакай ба ду-се ҷой даъват карданд.

– Ту ҳамин ҷо бошӣ, ман дигар ба Афғонистон намеравам. Каси ҳамсуҳбат мекарда ҳаст.

Фёдор китобҳояшро ҷамъ карда гуфт:

– Гӯш кун, ҷӯра, рӯз бегоҳ шуд, биё ба кулбаи фақиронаи ман рафта, суҳбатро давом медиҳем.

– Кулбаат фақирона бошад, меравем.-Мансур хурсанд шуд.

❁ ❁ ❁

Мансур аз ҳаёте, ки дар Ҳисор мегузаронд, розӣ буд. Колхозчиён, фаъолон касе дар он давру пеш ҳаст, ҳурматаш мекунанд, ба маъракаҳояшон металабанд, аз ҳама муҳим, дер-дер бошад ҳам, Ҷовидашро дида меистад. Ба як бекасу кӯй аз ин зиёд боз чӣ лозим? Раҳмат ба Ҷамолиддин, ки ба биргадир "ҳамин марди ғариба посбони хирман монед, савоба мегиред" гуфтаю розиаш кунондааст.

Охир вақтҳо Ҷамолиддин ба кори анбор, ки бештар банд буд, Мансур пахтаи колхозчиёнро баркашида ба дафтар менавишт. Пас он пахтаро дар хирман паҳну парешон мекард, то ки намаш парад. Ба мошини пахтатозакунӣ андохта тоза мекард. Кӯракро ба як тараф тӯп мекард, атрофи хирманро об зада мерӯфт, ки сафедии як пахтаро намедидӣ. Бегоҳиҳо дар гӯшаи хирман ҳамроҳи Ҷамолиддин, ки риши сафеди ҷуссааш барин ғафс дорад, то як поси шаб чой нӯшидаву суҳбат карда менишастанд.

Дар яке аз ҳамон шабҳо Ҷамолиддини мушоҳидакор аз ӯ гап гирифтанӣ шуд.

– Мансурбой, ватанатон деҳаи Фирӯзи Болою лаҳҷаи гуфторатон ба шаҳриҳо монанд, - гуфт.

Мансур пиёлаҳоро лабрези чой карда, зӯр задаю овозашро ҳамвор дошта бо мулоиматӣ гуфт:

– Дӯсти азиз, тухми одам парешон мегӯянд, рост. Падари ман дар солҳои аввали "урус-омад", яъне аз шаст сол ҳам зиёд шудааст, ки аз Самарқанд кӯчида ба ин тарафҳо меояд. Он замон ман кӯдаки як ё дусола будаам. Лекин, рост мегӯед, лаҳни гуфторамон ҳоло ҳам дигар нашудааст.

– Дар тақдири одам чӣ гапу корҳое намегузарад. Сарнавишти одам аҷиб, - гуфт Ҷамолиддин низ бо оҳанги мулоим. Лекин дигар пушти гапро накофт. Мансур, фикр кард, ки шояд мӯйсафед кию чӣ кас буданашро пай мебарад...

Дар он суҳбатҳо гоҳе биргадиру табелчӣ низ ҳамроҳ мешуданд. Баъзан сармуҳосиб ҳам меомад. Сармуҳосиб марди одамшаванда ва хушсуҳбат буд. Ба маҳфил дасти холӣ намеомад. Дастовез ё нон, ё қанд меовард. Суҳбаташон бештар аз боби пахтаи кадом замин хуб шудааст, кадом чинакчӣ бисёр чидааст, дар район кадом колхоз пешқадам будааст, мерафт. Сармуҳосиб аз хабарҳои дар газетаҳо дарҷшуда ва аз навигариҳои дар район рӯйдода мегуфт: Маҷлис дар бораи чӣ буд, кӣ маърӯзаи бамаънӣ ё бемаънӣ кард, аз кор киро гирифтанд, кӣ ба ҷояш омад ва ҳатман илова мекард: "Дар таъриф аз пештара инаш устотар барин".

– Киро таъриф мекунанд?-мепурсид Мансури аз корҳо бехабар.

– Мана не, охир,- механдид сармуҳосиб.-Аз худашон калонтарҳоро таъриф мекунанд.

Ҳангоме ки мехестанд, биргадир нимшӯхию нимҷиддӣ карда мегуфт: "Бобои Мансур, занҳои бева дар наздатон. Ҳар рӯз бо баҳонаи халтаи пахтаро аз сараш гирифтан хуб зеҳнашон мемонед, ягонта дилатон ҷаззӣ мекардаро гӯед, розӣ карданаш тани ман.

Сармуҳосиб изофа мекард: "Шавҳардораш бошад ҳам, ишора кунед. Шавҳараша розӣ мекунем, ки зана ба шумо супорад."

Мансур, "ман кучою зан кучо" гуфта механдид.

Боре баъди чунин суҳбат Мансур духтари кенҷагии Низом-махдум Садафро ёд кард. Модараш Ҳабиба гуфт, ки ҳамин духтара худатон гиред. Вай аз аламаш ин суханро гуфт. Дар он лаҳза агар Мансур розигӣ медод ин кор шуданаш мумкин буд. Лекин ин кори бенамуд мешуд. Як духтари ҳабдаҳсоларо ба марди ришсафед диҳанд. Садаф ба ин кор чӣ гуна нигоҳ мекард? Албатта бо нафрат.

Мансур баъде ки мурдаи Низом-махдумро дар ҷазираи байни дарё монда зери борони сел ба Афғонистон гузашт, бемор шуда, ду ҳафта дар ҳуҷраи назди чойхонаи Ғуломҳайдар хоб рафт. Юра-Юсуфи баракаёб нигоҳу бинаш кардаю ба по монд. Ба хонаи Низом-махдум рафтанашро имрӯзу пагоҳ гуфтаю дер партофт. Мехост ки аламу озорашон каме пасанда шавад. Ба дигар корҳо машғул шуд. Аз байн аз як моҳ зиёд гузашт ва рӯзе ки дар чойхонаи Ғуломҳайдар бори дувум ба кор шурӯъ кард, Раҳими қасоб хабари аҳволи оилаи Низом-махдумро овард: "Набихони афғон марди низомие, ки Садафро барои писараш хостгори карда буд, модару духтарро соҳиби карда ба хонааш бурдааст". Мансур ҳангу манг монд. Аз ҳасрату алам табари дасташро қариб меафтонд.

– Камолҷон дар куҷо будааст?- пурсид ӯ.- Зинда будааст, ки модару хоҳараша бегонаҳо мебурдаанд?

– Камолҷона надидам. Гуфтанд ки вай ҳам ба кадом дастае ҳамроҳ шуда ба тарафи шӯравӣ гузаштааст.

Мансур дақиқае хомуш истоду пас бо заҳрханда гуфт:

– Як духтари зебои Бухороро афғоне гирифт,- ва оҳи ба дард кашид.

Раҳим ба чашмони рафиқаш синчакорона нигариста гуфт:

– Махдум охир он афғон ҳам ҳамқавми худамон, дар ватанашон ҷоймон доданд, дар ҳамсоягӣ зиндагӣ мекунем, нону намакашона мехӯрем, пас бояд духтара диҳем, ин як кори табиист.

– Ҷой додааст додаст, духтаро чаро медодаам! - гуфт Мансур ситезмандона.

– Чи қадар ҷавонҳои мо ҳам духтари афғон гирифтанд, - Раҳим нигоҳашро аз мусоҳибаш намеканд.

Мансур минбаъд тарафи он хонадон нарафт. Фикр мекард, ки зан бесоҳиб монд, мебарандаш-дия. Дар ин кор айби худаш ҳам шуд. Боз чунин фикрҳои содда ба сараш меомаданд: Аз он писари чашмкалони Набихон дида худаш Садафро мегирифт, хуб набуд? Ҳоло қувваташ нағз. Садаф ҳам ба ҳамин кор хурсанд буд. То аз паси Ҷовид омадан ин фикр аз сараш дур намерафт.

Мансурро дар шаш-ҳафт моҳе ки дар Ҳисор буд ҳарвақт ба шавқу ҳавас ба кор баромадани колхозчиён ҳайрон мекард.. Медид, ки ҳама яктан шуда гӯё ба ҳашари умум мераванд. Гӯё замину зироат ва ҳама анҷоми колхоз аз они худашон бошад. Чи хеле ки худашон мегӯянд, меҳнати коллективона бароямон писанд буд. Якҷоя кор кардани зану мард бештар маъқулшон меафтад. Ба ҳаваси тамошои занҳо ҳатто пиракиҳо ҳаваси кори саҳро мекарданд. Охир зани шарқ, ки садсолаҳо зери чодар буд, берун баромадааст. Ҳусни зан саҳроҳои колхозро дилангез кардааст. Худашон ҳамин гуна суханҳо мегуфтанд. Мансур, аз он ки худаш ҳам ба ин ҳашар ҳамроҳ аст, розӣ буд.

Аммо баъди вохӯрӣ бо писар он рӯзгор халалдор шуд. Сухани Ҷовид "Фаҳманд, ки дувоздаҳ сол дар Афғонистон будаед, ҷосуси империализм гуфта душман мекунанд" мисли оби сард аз сараш рехта шуд. Ба оҳанги калонгирона сухан карданашро намегӯед...

Баъди он вохӯрӣ Мансур одами дигар шуд. Ба дилаш тарс роҳ ёфт. Камсухан буд, камсухантар шуд. Аз дур шапкадореро медид, дар изтироб меафтид.

Ҷамолиддини рӯзгордида дар шинухези Мансур тағйиротро пай бурда пурсид:

– Мансурбой, ягон ҷоятон дард мекунад? Ҳавсалаи коратон не барин.

– Аз афташ фишорам баланд шудааст,- баҳона кард Мансур.-Дар баҳору тирамоҳ ин беморӣ азобам медиҳад.

– Як ҳафта барги беди лаби обро чӯшонда нӯшед ё боз беҳтараш дар чиллаи зимистон як ё ду маротиба ба руди Қаратоғ даромада оббозӣ кунед, бемориатон як ба як шуда меравад.

– Доруҳои фармудаатон одами солима ба гӯр мебаранд, чӣ ҷои бемор,- Мансур лабханд кард.

Мансурро боз он ҳолат маъюсу аламзада кард, ки писараш аз омаданаш билкул норозист. Дар ин олами саргардониҳо ҳамаи умеду омолаш ба вай буд. Ин қадар солҳое, ки дар ғарибӣ ғалтухез мекард, ба ёди ӯ буд. Шабҳо ба ёдаш хоб рафтаю мехест. Дар рӯзҳои барфу борон, шабҳои тира дарёи пурваҳм, гоҳе яхпӯшидаи Ҷайҳунро бо азобҳо мегузашт. Ва мудом орзу мекакрд, ки рӯзе Ҷовид соҳиби хонаю дар шаваду дар як ҳавлӣ зиндагӣ мекунанд, занаш се-чор писар таваллуд мекунад. Калониро номи падараш Меҳрон мемонад. Ба ӯ "падарҷон ё Меҳрони Камон" гуфта муроҷиат мекунад. Ва мебинӣ, ки зиндагӣ боз ба мачрояш даромадааст. Чунин умеду орзуҳо дилашро ба зиндагӣ, ба оянда гарм мекарданд. Аммо ин вохӯрӣ...

Бегоҳиҳо Мансур пушт ба беди куҳнаи лаби хирман такя монда, бо нигоҳи ғамолуд ба дуриҳо дашти зардшуда менигарист. "Онҷо ҳардам бод чангро хезонда ҷониби Афғонистон мебурд. Дар як сӯҳбат Мансур изҳор кард, ки ҳоло зиндагӣ ором шудагӣ барин. Дар ҷавоб писараш гуфт, ки "ором шуд, лекин он ба чӣ мушкилиҳо шуд." Мансур сухани писарро тагурӯ кардаю ба худ чунин маънӣ гирифт: "Албатта, ҳар колхозчӣ метавонад гиребони Мансурро гирифта гӯяд: Ҳой, ту аз кучо ин ҷо омадӣ, ба оши тайёр? Медонӣ, то колхоз сохтан чӣ сахтиҳоро гузарондем? Аз тарс дар тори кӯҳҳо мегаштем, аз гуруснагӣ хок мехӯрдем. Охируламр аз баҳри замин, молу мулки бобоӣ гузаштем. Аммо ту на ин ки шарик нашудӣ, балки душмани ҷони мо будӣ."

Охири тирамоҳ боронҳои пай дар пай шурӯъ шуданд. Замину роҳҳо ҳама обу лой шуда буд. Колхозчиён аз атрофи заминҳо як пешдоман кӯрак чидаю дигар ба ҳой-ҳойи табелчӣ эътибор надода, домани куртаю камзӯли шип-шилта таршудаашонро ба даст дошта, саросема хона ба хона мешитофтанд.

Мансур низ корҳои хирманро то ними рӯз буд карда, бекор мемонд. Дар хоначааш танҳо нишинад, дилаш танг мешуд. Ба чакалакзори поёни заминҳо рафта то бегоҳ чарх мезад. Он ҷо сукунат ҳукмфармост. Дар он ҷо чанору ремҳои сар ба фалак қад афрохтаанд. Аҳён-аҳён сарву сафедор ҳам ҳаст. Дарахтони бутташакл ва ба ҳам зич рӯида низ бисёр. Ин ҷо чунон барг бисёр рехтааст, ки поят то поёни зону панаҳ мешавад. Баргҳои қабати поён сиёҳ шудаанд, қабати боло ранги зарҳалӣ доранд. Ҳоло айёми авчи хазонрез аст. Баргҳо беист лапида-лапида омада ба сару китфат бархӯрда, пас оҳиста ба замин меоянд. Боз як муддат бод онҳоро ин тараф - он тараф мебараду пас ба пастие ҷой мекунад, бо ҳамин умрашон ба охир мерасад. Мансур чунин лаҳзаҳои хазонрезро бо як

ҳаячони андӯҳомез тамошо мекард. Ба назараш менамуд, ки зиндагии худаш ҳам бо ҳама шӯру шараре, ки дошт, ба ҷудоиву сарсонии ин баргҳо шабоҳат дорад. Дар чунин лаҳзаҳо ӯ қадам задаю хонаю рӯзгоре ки дар Самарқанд дошт, бегоҳиҳо гашту гузоре, ки дар пояи қасру гунбадҳои овозадор мекард, Бибигулу Баҳодурашро, ки дар ҷавонӣ ба зулм нобуд карданд, ҷангу ҷӯшу шикаст-андар шикасти халқаш, корвони гурезаҳо, ки ҷуллу пӯстакашон дар пушт, кӯдакон дар пасу пеш аз ватан мераванд, дувоздаҳ соли мусофириаш, бо он диду водидҳои дилхарош, кӯдакони зебои маъсуми дар ҷангалҳои сарди ватани бегона партофта ва дигар нодиданиҳоро ба хотир оварда, оташи ҳасрат чун кӯҳи оташ шудаю ҷисму ҷонашро сӯзонда, хокистар мекард. Гоҳе қадам задаю аз худ бехабар сар ҷунбонда пичирос мезад: "Аз афташ синаи модарро сахт газида будаам."

Он шабу рӯзҳо Мансурро бехобӣ азият медод. Ҳар гоҳ зану фарзандонашро хоб медид: Бибигул мисли солҳои пеш пуркор, гоҳ дар сари чархи ресмонресӣ, гоҳ дар сари танӯри хонаи Самарқандаш нон мепазад. Дар танаш яктаҳи ҷо-ҷо сӯхта, ҷои сӯхтаю сиёҳаш маълум. Падарашро хоб мебинад, ки бо меҳмонҳояшон дар суфаи таги дарахтҳо нишастаанд. Атрофи суфа бо парда печонда шудааст. Дар тани падар лобоси сафеди оҳарӣ. Мансур: "падар, падарҷон" гуфта овоз медиҳад, вале он кас ё намешунаванд, ё нигоҳ кардан намехоҳанд. Худаш наздик намеравад. Баҳодурро мефармояд, ки пардаро гузашта, бобоятро пурс, ки барои меҳмонҳояшон чӣ хӯрок пазем?

Рафта-рафта хоб тамоман кам мешавад. Даҳ-бист дақиқа хобаш мебараду хобҳои ҳавлнок дида, бо тарс бедор мешавад. Ва ҳамоно фикрҳои бисёр ба сараш ҳуҷум мекунанд. Онҳоро бо ду тараф тела додаю аз байнашон гузашта, худро ба хоб меандозад. Вале фикрҳо хоб рафтанаш намемонанд. Мисли гурӯҳи лӯлиён боз омадаю дарашро мезананд. Ва аҷиб ин ки ягонтои он фикрҳоро то охир бурда наметавонист. Якеш омада рубарӯ меистод, ки дигарӣ расида, ӯро тела дода, ҷояшро мегирад. Яке аз дигаре бетарбияттар. Баъзан мешуд, ки байни фикрҳо хобаш мебурд. Мехест, ки ҳамагӣ ҳафт ё ҳашт дақиқа ғанабаш бурдааст. Ҳайрон мемонд, ки чаро бедор шуд? Пас рӯзи дароз мондаю лакот мегашт. Дина шаб ду маротиба ҳашт-даҳ дақиқа хобаш бурду зуд бедор шуд. Дар хобаш гӯё бо пули калон хона омадааст. Хоб буд, ки нимашаб ду нафар бо мақсади ӯро куштану пулашро гирифтан ба хона даромадаанд. Дар долон истода маслиҳат ва тарзи амал карданашонро бо овози шунаво мегӯянд. Мансур мехоҳад, ки хеста тирезаро кушода гурезад. Аммо хоб зӯрӣ мекунаду чашмашро кушода наметавонад. Ҳарчанд кӯшиш мекунад, мижаҳоро яла карда наметавонад, кӯҳ барин вазнинанд. Тез-тез сураҳои донистаашро мехонад, не, ҳеҷ ёрӣ намекунанд. Ниҳоят пай мебарад, ки ин ҳамаро дар хоб мебинад. Зӯр задаю худро ин тараф - он тараф мепартояд, мехоҳад овоз барорад, намешавад. Ниҳоят талош кардаю ба азобе бедор мешавад, ки шип-шилта арақ кардааст. Аз зарби зӯр задан сараш ба дард омадааст. Дами саҳар ягон даҳ дақиқа хобаш бурду боз ҳам тарсида бедор шуд. Дар хобаш ҷӯеро мегузарам гуфт, ки пояш ғеҷида ба гумоби сарде, ки обаш аз чашма меояд, афтид. Дастонаш кор мекунанд, аз миён поёнаш ҳаракат намекунад, ки худро берун гирад. Дар талвоса афтидаю

хуб зӯр мезанад ва аз хоб бедор мешавад, ки сараш дег барин вазнин аст. Аз худаш метарсид, ки ба ин ҳоле, ки дорад, мабодо ба беморие гирифтор шавад.

Дар миёнаҳои моҳи ноябр боронҳо зиёд шуданд. Як пагоҳӣ хест, ки барф то поёни теппаҳои канори шаҳр фуромадааст. Пагоҳаш рӯзи бозор буд. Мансур барои либоси зимистон ба Душанбе рафт. Аз мағозаҳо чизи лозимиашро хариду баҳри ҷома ба бозор даромад. Он вақт дар ҷониби офтоббарои Варзобрӯд нав бинои боҳашамати гарнизонро пӯшида буданд. Баландтар аз вай бозор сохтаанд. Мансур ба растаи ҷомафурӯшҳо даромад: ҷомаеро маъқул карда дар савдо буд, ки касе аз паҳлу "ассалом, акаи Мансур" гуфт. Ҷон аз қолабаш баромад. "Аз пасам одам будааст!"-гузашт аз дилаш. Баргашту дар рӯбарӯ Нусрати нонвойро дид. Ӯ дар Бухоро бо Мирзоумед ҳамсоя буд. Ришу буруту абрӯи сафедшудааш қариб рӯяшро пӯшондаанд. Ӯ мудом салла баста мегашт. Ҳоло бо рӯймоли рангаш рафта сарашро печондааст. Мансур худро ношинос вонамуд кард. "Аз афташ, маро ба касе монанд кардед" гуфту худро ҷиддӣ гирифт ва ҷомаро ба соҳибаш баргардонда дуртар рафт. Баъде, ки аз бозор баромад, ба фикраш омад, ки аз афташ Нусрат ҳам ҳоли ӯро дорад. Вагарна афту андомашро дигар карда намегашт. Лекин вай Мансурро шинохт. Албатта, ба худ мегӯяд: "Мансур қасдан худро ношинос вонамуд кард." Аммо он вохурӣ барояш дарс шуд. Аниқ кард ки, ба Самарқанд рафта наметавонад. Он ҷо одамони ӯро мешинохта бисёранд. Ва ҳамзамон ба фаҳмаш омад, ки хавф доштани писараш ҳақиқати ҳаёт будааст. Лекин Мансур онро ба качбаҳсӣ бурдааст. Ӯ қадам задаю ба худ муроҷиат кард: "Мансур, ба ҳар ҳол эҳтиёт карда мегардӣ. Лекин ба бехобиат даво ёб, бо Ҷамолиддин маслиҳат кун, вай ин корҳоро медонад".

Даъфаи дигар аввали баҳор Ҷовид ба пленум омаду баъди пленум аспсавор ба дидани падар рафт. Ин вохӯрӣ онҳоро бештар аз ҳам дур кард. Аввалин маротиба баҳс кардаю гапашон гурехт. Ҷовид дар суҳбат гуфт, ки сардори правленияи сарҳадӣ дар Осиёи Марказӣ Дубров буд, ба ҷояш Загорский ном касеро интихоб кардаанд. Вай ҳам пештар дар бригадаи Чернов хизмат мекардааст. Ӯ таваққуф кард ва афзуд:-Чернов то лаҳзаи охири ҳаёташ барои озодӣ ва беҳбудии ҳаёти мардуми мо ҷонбозиҳо кард. Лекин душманони миллат, хоинони, ватан гурезаҳои тарсу номардона ӯро паронданд. Агар меёфтам, худам гулӯяшро медарондам.

"Агар гӯям, ки ман парондам, чӣ кор мекунад? - Мансур ба худ савол дод.- Мечаспад? Не, намечаспаду лекин сахт ҷанҷол мекунад".

– Хок хабар набарад, Чернов ҳам хунрезиҳо кард,-гуфт Мансур ҳарчи оҳиста. -Ин қадар халқи бегуноҳ, ки дар сарсонию оворагиҳо...

– Вай ovoраҳоятон гуму нест шуданашон хуб аст! -Ҷовид нагузошт, ки падар то охир суханашро гӯяд.- Давлати Шӯроро, ки чашми дидан надоштанд, дафъ шуданд! Шумо ба Чернов нарасед...

"Бале, сахт ҷанҷол мекунад. Мо абадӣ ҷудоем!гуфта рафтанаш ҳам мумкин. Ҳоло ин гуна ҷавонҳо пайдо шудаанд. Ба чашм набинед ҳам, дар газетаҳояшон мехонед.» Ӯ ба тариқи маслиҳат гуфт:

– Ман ба Чернов чӣ кор дорам? - Манзурам ин, ки дар тарафҳои Қурғонтеппаю Кӯлобу он тарафҳо бисёр деҳаҳо холӣ шудаю қабристон шудаанд. Худат аз ман хубтар медонӣ!

– Чӣ, шумо мегӯед, ки онҳо аз дасти Чернов холӣ шуданд?!- Ҷовид бо ғазаби ошкоро ба рӯи падар нигарист. - Ё аз ҷабри армияи сурх?! Не! Онҳо аз дасти босмачиҳои хунхору ҳаромхӯр рафтанд! Аз дасти Иброҳиму Фузайлу эшонҳо ва махдумҳоятон! - Ҷовид дақиқае хомӯш шуду боз бо лаҳни шадидтар афзуд: -Чернов ҷонашро дод, то ки мо аз торикию ғуломӣ бираҳем! Зиндагии озод дошта бошем!

"Бубин, ба рӯйи падар чӣ гуна медавад!" Мансур хашмгин шуд. Марди гармию сардиҳоро бисёр дида зуд худро ба даст гирифт ва ба суханаш оҳанги шӯхӣ дод:

– Пеш ҳам дар ин тарафҳо офтобу рӯшанӣ буд, баста мондагӣ ҳам набудем. Ин тараф Маскову Порис мерафтем, ин тараф Хутану Чин. Имрӯзабарин либоси рангоранг надоштему лекин либоси ватанӣ - карбосу алочаи гарму бароҳат буд. Шикамҳомон ҳам сер буд.

Ҷовид ба суханони падар эътибор надод. Нигоҳаш ба самте бо оҳанги пештара гуфт:

– Ба Чернов ман намакхӯр.... Маро дар паҳлӯяш гирифт, кор ёд дод. Соҳиби обрӯ кард! Чернов ба ман ҳама чиз!..

– Чернов ба ман ҳама чиз,- такрор кард Мансур зери лаб. Сари рухсораҳояш сурх шуданд, вале онро касе надид. Аз ин сухан ранҷид. Маънои сухани писар ҳамон аст, ки ту ҳастӣ, ё не, парво надорам. Дилаш ях барин шуд. Вуҷудашро як ҳолати ноумедии хуриовар фаро гирифт. - Ӯ дароз шуда, чойҷӯши ҷӯшидаистодаро бо дасту бараҳна ба шаст акиб кашид. Ғазабашро ба зӯрӣ фурӯ нишонд. Дигар ҳаваси суҳбат карданаш намонд. Хомӯш дастархон партофта, ба оҳанги сулҳҷӯёна гуфт:

– Чойи батаъм дорам. Дуямон чой менӯшем.

Ҷовид аз хурҷинаш, ки назди дар мондааст, тӯшаи овардаашро гирифта, кушод: дар он ду нони ширмол, қаймоқ ва як коса равғани маска аст.

– Ман нони баширро нағз мебинам,- Мансур худро маҷбур карда хурсандӣ изҳор кард. Аммо дар қаъри дилаш аз гузаштаю ояндаи умри беҳосилаш ғавғо хеста буд. Овози "Чернов ба ман ҳама чиз!" гуфтани писар ҳеҷ аз гӯшаш намеравад. Чойи сӯзонро қасдан тез-тез нӯшида, сари дилашро месӯзонад, ки тағйир хӯрдани ҳолаташро ошкор накунад. Фурсате гузашту пас ба маломату мазаммати худ пардохт: "Мансур, ту дон, ки Ҷовид дигар он писараки сода ва гапдарое нест, ки аз Найзаварон ба Бухоро, пас ба тарафи Балҷувон омадед. Ӯ ҳоло як шахси мансабдори давлати муқтадири Шӯравист. Модом ки дар пас чунин неру, ҳимоятгар дорад, вай куҷою туи пири як поят дар лаби гӯр истода кучо? Инро ба назар гиру ба ҳадди худат по дароз кун. Ҳадди ту гуреза, душман, хоини миллат. Қаҳрашро хезондӣ, роҳи мо ҷудо гуфта, хеста меравад.

Ба дили Мансур омад, ки ба ҳамааш туф карда худи пагоҳ хеста ба Афғонистон равад. Он ҷо ҳастанд ҳамрозу ҳамдардон, одамоне, ки аз дил гуф-

таю сухани дил мешунавӣ. Дурӯза умри боқимондаатро бе киноя ва беранҷ мегузаронӣ.

Мансур зимни ин андешаҳо ба худ як кашфиёте ҳам кард. Онҳо минбаъд он падару писари пешин нестанд, ки ба ҳам бо меҳрубонӣ ҳама гапу ҳарфро кушоду равшан гуфта мешуниданд. Чунон ки Бибигулашро бой дод, Баҳодурашро куштанд, худашро аз ватан берун карданд, ин дилбанди охиринашро ҳам кайҳо ба дуриҳо бурдаю ба ӯ бегона кардаанду ӯ бехабар мондааст. Беҳуда умедворӣ мекашидааст. Мушоҳида кунад Ҷовид аз падар дида, ба онҳо дустару наздиктар аст. Ӯ беҳуда инқадар солҳо умедворӣ мекардааст. Акнун ҳеҷ муттакое дар ин олам надорад. Зиндагии минбаъдааш ба назараш дилгирона, озорманд намуд. Беихтиёр оҳ кашид, нигоҳаш ба Ҷовид бархӯрд ва мушоҳида кард, ки чойро саросема, бо дили нохоҳам менӯшад. Хомӯш пиёлаи дуюмро нӯшидаю оҳанги рафтан кард.

– Рӯз бегоҳ шудааст, як шаб меистодӣ,-гуфт падар осӯхтаҳои парешоншударо болои ҳам чида ва қарор дод, ки маҷбур намекунад. Вай ҳар вақт орзу мекард, ки Ҷовид наздаш биёд, манъ карда ду шаб медорад. Аз рӯзҳое, ки дар Самарқанд ва ҳам дар деҳаи Найзаварон ҳама озоду фараҳманд зиндагӣ доштанд, ёдоварӣ мекунанд. Мансур аз ҳаёти ҳамватанон, ки дар он сӯйи марз зиндагии пур аз машаққату мазаллат доранд, нақл мекунад. То ки Ҷовид дар хотир гирад...

– Ҷоятонро дидам, дигар вақт меоям,-Ҷовид намои табассум кард, аз ҷайбаш пул бароварда ба падар дароз кард: "Пул доред? Мабодо бепул намонед," гуфт.

Ба дили Мансур омад, ки мисли солҳои пеш базарба, "шин!"-гуфта писарро дар ҷояш шинонад. Вале боз ҳам "Чернов ба ман ҳама чиз," гуфтанаш дар гӯшаш садо доду азмашро халалдор кард. Дилашро сардӣ ва бепарвоӣ фаро гирифт. "Бигузор, равад!" қарор дод. Ӯ қимати пули шӯравиро медонад. Пай бурд, ки пули дарозкардаи Ҷовид чандон зиёд нест. Гирам-нагирам гуфта, лаҳзае дудила истод. Ва то ки писарро дар ҳолати ногувор нагузорад, бо овози ба худаш бегона: "шукр, писарам ба ман пул додааст," гуфта пулро гирифту болои тоқи паҳлуи дар монд ва афзуд: - Лекин дон, ки ман пул дорам. Пулам ба ҳама чиз мерасад (Дар назар дошт гӯру чӯби маргро). Зиндагии худатро фикр кун.

– Шумо то ҳол моро хӯрондаю пӯшондед,-меҳрубонӣ нишон дод Ҷовид ва аз ҷояш хест.

"Бегона шудааст, солҳои дурӣ бегонааш кардаанд!"- гузашт аз дили Мансур ва рафтагор шудани писарро дида меҳри падарӣ боло гирифт: Рӯйи забонаш омад, ки гӯяд: "мехоҳам, ки як шаб ҳамроҳ бошем. Ман чанд сол шуд, ки чунин фурсатро орзу мекардам." Аз ҷудоию танҳоӣ ба ҷон омада будам. Не, боз ҳам худро дошт. Лабашро сахт газид, ки дандони ковокшудааш ба дард даромад. Хоҳишашро фӯру нишонд. Озори дил пеши хоҳишашро дошт. Одам, ки калонсол мешудааст, зуд меранҷидааст. Лекин ҳамаро ба худ хӯрдаю ифшо намекардааст. Бори озорро кашидан метавонӣ. Аммо қувваи муқовимат надорӣ.

Матои пирӣ, оҷизӣ будааст.

– Зини аспро сахт бандам, пас даромада хӯрҷинро мегирам - гуфт Ҷовид ва аз дар берун шуд.

Мансур ҳамчунон нигоҳаш ба оташ хомӯш менишаст. Дар дилаш тарсе пайдо шудаю то қаъри дилаш рафт. Фикр кард, ки чор-панҷ соле, ки Ҷовид дар интернат хонд, боз ду сол дар Душанбе аз ким-чи гуна курс таълим гирифт, шину хез бо русҳо ва ниҳоят, ёздаҳ соли ҷудоӣ таъсирашонро гузоштаю ӯро дағал ва худдонам кардаанд. Замона ҳам одамашро мисли худаш мекардааст. Дар замираш ба писар муроҷиат кард: "Бачаҷон, мо ҳарду чизи аз ҳама муҳимро аз даст додем: ман мояи хурсандиамро, ту такягоҳатро, касеро, ки аз ҷонаш ҳам зиёд дӯстат медошт. Ӯ хест, ки аз таги курпачаҳои ток пӯстини аз барра дӯхта ва куртаю эзори гарми русидухтро, ки аз сарҳад барои Ҷовид харида буд, гирифта диҳад.

Ин дам Ҷовид пешонию бари рӯяш хуншор нолиш карда аз дар даромад.

Мансур парида аз ҷо хест. Ҳамоно ба фикраш омад, ки ин бача аз беодобиаш ҷазо гирифт. Ва худро гунаҳгор дониста, аз он ки беақлии писарро ба дил гирифт, пушаймон шуд.

– Чӣ шуд?! Касе зад? –пурсид ӯ.

– Асп зад.-Ҷовид паланди дарро дошта, оҳиста болои остона нишаст ва нолиш карда гуфт:-Худам нафаҳмидам, ки чи хел шуд. Таноби нӯхтаро аз замин бардоштанӣ шудам, ки гашту лагад партофт.

Мансур дасти Ҷовидро гирифта дид, ки болои абрӯ гӯё бо корд бурида бошанд, хунрав шудааст. Бинию як тарафи рӯй аллакай варам кардаанд. Хуб, ки лагад ба чашм нарасидааст. Ӯ пешоби Ҷовидро гирифтаю пахта тар карда, ба болои захм гузошт: "пешоб варамро мегардонад" гуфту ба хонаи Ҷамолиддин барои тухм рафт. Дар берун шамоли сахти баҳор чангу хоки кӯчаҳоро хезондааст. Аз хонае овози афтидани сатил ва дар зинаҳо ғелидану садо баровардани меояд. Раҳорах аз ғояти дилсӯзию хиҷолатмандӣ пичирос зад: "Охир, бачаҷон, наход дили мани пиракиро ранҷонӣ? Ин дили сабилмонда марги зану фарзанду дӯстони ғарибмаргро дидаю сӯхта, дудаш осмонҳоро торик кардааст. Ҷафоҳои ба сари халқу ватанаш омадаро дидаю бо хуну пӯсташ дарк карда, ба даргоҳи Худо нолидааст. Пас, соҳиби дилҳо мегузорад, ки ту як майда бача ҳар номаъқулеро, ки ба сарат меояд, раво бинӣ? Не, намегузорад. Агар фарзандам бошӣ ҳам, намегузорад. Хостам огоҳат кунам, ки баландравӣ накун, ман сарфи назар, ба худат хуб намешавад. Аммо баъзе чизҳое ҳаст, ки онро гуфта ҳам намешавад. Онро худи одам бо фаросат дармеёбад. Акнун шаб мемонӣ, бачаҷон. Лекин мо мисли пеш озоду бепарда суҳбат карда наметавонем. Ту бемору ман беморбин. Ба сари Мансур фикре омад, ки Ҷовид дар ватан монд, хуб шуд ё ба Афғонистон мебурд, беҳ буд? Дарҳол ҷавоби дақиқ ёфта натавонист. Кӯчаи паси идораҳои колхозро гузашта тарафи рост гашт, дарвозаи Ҷамолиддин намоён шуду ба сараш чунин ҷавоб омад: Ба Афғонистон мебурдам, бачаҷон, мисли писари Низом махдум роҳзан мешудӣ, ё назди шайхе рафтаю пиру мурид мешудед, ва ӯ лаҷомат мезаду як умр ба худаш хари саворӣ карда мегирифт. Ин ҷо мондӣ, соҳиби донишу обрӯ шудӣ. Лекин ба падарат пӯписа накун. Ин кори афроди паст. Ба авлоди мо ин кор намезебад. Ӯ аз хонаи Ҷамолиддин тухм оварда, ба равғани индов ва зарчӯба омехта карда, ба болои захм баст. Ҷовид "аз корам мемонам" гуфта дилтангӣ кард. Баъде ки ғанабаш бурд, Мансур

таҳорат кардаю ду ракъат намоз хонда, болои сараш нишаста дуо хонда, куфу суф карда, ба даргоҳи Худо муроҷиат намуд: "Аҳадо, самадо, сабукию беақлии писаракамро ба инобат магир, ҷавон аст. Ҷавонӣ мисли давраи обхезист, ки он ҳама аз сунъи худат аст. Ин давра зуд мегузарад. Боз ақлаш медарояду хатояшро мефаҳмад. Ин дӯстиат, ки ӯро ба тарзи асроромез задию дард додӣ, он дард ба ман бештар коргар аст, худат медонӣ. Эй Баланду Пок, ман писаракама бахшидам, ту ҳам бахш."

Ҷовид, то ки варами сару рӯй нишинад, ҳафт рӯз бо чашму рӯйи баста дар назди падар хоб рафт. Аспашро падар нигоҳубин кард. Намонд, ки ба хунукӣ барояд. Ҳангоми рафтан, вақте ки аспро савор мешуд, гуфт:

– Падарҷон, Саройкамар наравед ҳам, як дафъа Қӯрғонтеппа биёед. Алҳол он ҷо хуҷрачае дорам. Бароятон ҷой мешавад.

"Ӯ боз мисли солҳои пеш сода ва меҳрубон аст, - фикр кард Мансур. - То лагади асп нахӯрд, аз танаш ҷинҳояш набаромаданд. Он лагад доруе буд, ки моро боз ба ҳам пайваст. Ин олам чунон пурасрор ва воқеаҳои бо занҷирҳои ниҳон ба ҳам пайваста ва марбута дорад, ки дар ҳайрат мемонӣ."

– Қӯрғонтеппа бошад, омада як шаб хоб мекунам, -Мансур бо табассум даст афшонд ва бо дилсӯзӣ аз дил гузаронд: "Бачаи бечора, дар як ҳафта нимаш намондааст!"

Мансур писари маҷрӯҳро ба по мондаю гусел карда худаш бемор шуд ва аз по афтид. Ба назараш менамуд, ки ҳама устухонҳояш дард мекунанд. Як сустии ноҳинҷоре дар танаш нишаста буд. Шаби якшанбе падарашро хоб дид, ки ба аспи безине савораш карда мебарад. Фаҳмид, ки пайки ачал аст. Маълум мешавад, ки вақт омадааст. Натарсид, фикр кард, ки пеш аз сафар бояд чӣ корҳоро анҷом бидиҳад? Албатта, аввал ба Ҷовидаш занг мезанад. Аз бемориаш намегӯяд. Ҳамту бори дигар овозашро шунавад, бас. Бояд ӯ дар ҷанозааш иштирок накунад. Ва ҳамин вақт дарк кард, ки Давлати Шуравӣ чӣ сиёсати қабеҳ ва дурбинонае ба роҳ мондааст. Он китобсӯзиҳо ва пас мактабу маориф карданҳо барои ҳамин будааст, ки қавми ҷавонро аз гузаштааш ҷудо кунад. Падару писарро ба ҳам бегона карда, таълими барояш лозимиро дода, ба ҳадафҳояш созгор созад. Ин ҳолат чӣ қадар давом мекунад? Дар умри дусе қавм? Ё чун дар замони араб дусад сол, ё бештар? Ва боз кай ин дарахти ҷонсахти қадимаи тоҷик шоху навда мезанад?

Мансур пагоҳӣ аз байни хирман, аз паҳлуи анбору шипангҳои навсохти колхоз гузашта, ба утоқи кории ҷонишини раиси колхоз, ки телефон дошт, даромад. Сабр кард, то ки фаррошзан корашро буд кунад. Ба фикраш омад, ки раҳмат ба ҳукумати шӯро, ки Ҷовидро хононд, хӯрду хӯрокаша дод, дониш омӯхт, соҳиби кору обрӯ кард. Мансур бе дилкашолӣ аз ин олам меравад.

Ҷовид дар занги аввал ҷавоб надод. Маълум мешавад, ки ҳоло ба кор наомадааст.

Мансур дар долон қадам заду нохост дар газетаи ба девор часпонда сурати Файзуллоҳ Хоҷаро дид. Аз рӯи сурат ва ҳарфҳои чопӣ маълум буд, ки ӯро низ душман кардаанд. Дар ин солҳои инқилоби душман кардану куштани одамон

баробари пашшаро куштан буд. Наздик шуда ҳарфҳоро хонд: «Барои ба роҳ додани хатоӣ дар сиёсати миллии озодихоҳонаи Ленин, миллатчии буржуазӣ буданаш, котиби аввали ҳизби Ҷумҳурии Ӯзбекистон Файзуллоҳ Хоҷаев ба ҳабс гирифта шуд.» Чанд сол аст, ки сиёсати Сталинӣ халқи бисёреро ба ҷурми унсури бегона, миллатчии буржуазӣ ва ким-чи гуноҳҳое аз байн мебарад. Мисли тунбод дар дашту даман дарахтҳоро шикаставу афканда ба боди фано мебарад. Пештар Нусратуллоҳ Махсум, Гул Махсума... Эҳ бисёриҳоро «душмани халқ будаанд» гуфта, зиндон карда паронда буданд. Мансур фикр кард, ки Файзуллоҳ Хоҷаю Гул Махсумро ҳангоми хазинаи амирро баровардан дида буд. Фрунзеи сарлашкар ва Куйбишеви маккор низ он ҷо буданд. Марг ин ду нафарро низ бурда буд. Аммо он лаҳза онҳо чӣ қадар шодмониҳо доштанд. Гумон мекарданд мамлакатро, ки гирифтанд, ҷовид мемонанду минбаъд зиндагиашон, чунон ки худашон гаштву баргашта мегуфтанд, бо бародарию баробарию фараҳмандиҳо хоҳад гузарад. Аммо ку он мурғи баландпарвозе, ки дар рӯзи шуҳрат рӯзи маргро ҳам дида тавонад? Аз ҳамон соате, ки Файзуллоҳ ба тавраш мансабро гирифт, гапу кори ҳамтавилаҳо дигар шуд. На Файзуллоҳ дами хуш зад, на Фрунзеи хазинаро зада (Ӯ аз дигарон пештар меъдадард шуда азоби ду алама кашида мурд). На дигару дигараш.

Аз он рӯз вақти зиёд нагузаштааст. Ҳамагӣ сенздаҳ ё чордаҳ сол сипарӣ шуд. Ин дунёи буқаламун ҳамаро бурд. Пеш аз он ки ба ба партовгоҳ таърих ҳавошон диҳад дар чашмашон неку бадашонро ба тарозуи адл андохту ҳаққашонро пурра додаю рози кард. Минбаъд ҳар вақте, ки он замонҳоро ёд кунанд, онҳоро низ ном мебаранд. Ба бади номшон мегиранд ё ба неки алҳол мо намедонем.

Мансур пас гашту бо лабханди ҳасратомез пичирос зад: «Акнун навбати худат омадааст, ошно, омода бош». Ин дафъа занг зад, ки Ҷовид гӯширо бардошт.

– Падарҷон, ман охири моҳ рафтанӣ,-гуфт Ҷовид.-Ба шумо чӣ лозим? Чӣ барам?

Ҳайрон шуд Мансур. Айнан овози худашро дорад Ҷовид. Вале онро дигар ҳеҷ гоҳ нахоҳад шунид. Ҳамдигарро ҳеҷ гоҳ нахоҳанд дид. Ин ситам чун мехи сард ба қаъри дилаш фурӯ рафт. Аз ғояти изтиробу навмедӣ танашро ларза гирифт. Ба зӯрӣ худро ба даст гирифта, ҳарчи оромона гуфт:

– Ҷовид, писарам, ҳеҷ чиз лозим нест. Ҳамту ба дилам омад, ки як занг занам. Хостам фаҳмам, ки тинҷ бошед. Овозатонро шунавам.

– Агар хоҳед, тезтар меравам,-гуфт Ҷовид. Дар гӯшӣ лаҳзае хиш-хиш шуд ва боз овоз равшан садо дод::- Овозатон паст... Хоҳед, пагоҳ меравам!

– Не, не, -лаҳзае таваққуф кард Мансур, то ки суханаш орому осуда садо диҳад ва афзуд: –Одам калонсол шавад, овозаш ҳам дигар мешавад. -Вақти омаданатон нони башир аз хотир набарояд. Хостам хотирасон кунам. Хайр, ба саломат...

– Ҳоло истед, саросема нашавед. Имшаб дар хобам даромадед.

«Муваккилҳо ба ӯ ҳам хабар расондаанд. Чунон тезтаканд, шаҳбозҳо! Мисли почталионҳои давлати Шуравӣ». Мансур хандид.

– Чӣ кор мекардам? Чӣ гуфтам?

– Ҳоло биём, мегӯям.

– Хуб. Ба Кучибой салом расонед. Ӯро ҳурмат кунед. Дар ҳама кор рӯйи Худоро доред. Суханам ҳамин, хайр, саломат бошед.

– Хайр.-Ин дафъа овози Ҷовид паст садо дод.

Мансур гӯширо монду долонро гузашта, ба роҳрав баромад, ҳис кард, ки пеши чашмонаш хира, атрофро базӯр мебинад. Тоқат кард, то ки хирагӣ бартараф шавад. Пас оҳиста қадам монда, ба канори хирман омад. Юнучказори поини хирман нав гул партофтааст. Поинтар ҷуворимакка қад афрохтааст. Дар паҳлуяш пайколи ҷав. Ҷав ҳам ҷо-чо хол задааст. Ҳоло Мансур ба ин рангҳо аҳамият намедиҳад. Чунки дасташ ба дасти марг асту ҳушу гӯшаш ба ҳамон тараф нигарон. Саҳро, дарахтҳо, он қамишзори поёни дашт ҳама бегона барин. Ин дам як манзараи бисёр дур ба хотираш омад:падарашро ду-се рӯз пеш аз марг аз ҳавлиаш ба хоначаи писаронаш гузаронд. Падар рӯйи ҳавлӣ истода ба дару девор зеҳн монду дар чеҳрааш осори ҳасрат намудор шуда буд. Мансур он вақт ҳолати мӯйсафедро пай набурд. Ҳоло худаш ба ҳамон рӯзу он ҳолат расидааст. Лабханд кард ва аз дилаш гузашт, ки меҳр дар чашм, Мансур, ту ки аз чашм афтодӣ, меҳри дигарҳо ҳам наемонад. Сифати зиндагӣ бад-ин сохт будааст. Бояд чунин бошад. Каси пиру пӯсида ба кӣ лозим? Бояд ҷой холи кард. Боз ба фикраш омад, ки он лаҳза ба падараш осон буд. Чунки ба фарзандаш, яъне ба Мансур дарду ормонҳояшро гуфту борашро сабук кард. Мансур касе надорад, аз ин рӯ воҳимаи марг бештар. Аламангез будааст, вақте ки намехоҳӣ дар лаҳзаи марг, фарзандат дар болои сарат бошад. Ӯ ба роҳи калон тоб хӯрд ва худро тасаллӣ дод. «Хайр, ҳамту хуб нест? Бо пойу дасти гиро, ба касе зор нашуда, хор нашуда... То ҳол Худованд худаш дар паноҳаш дошта овард, ин тарафашро ҳам худаш осон кунад». Ҳис кард, ки баданаш арақи хунук кардааст. Қадамашро тезонда, ба худ савол дод: боз чӣ корҳоро бояд анҷом бидиҳӣ? Қарздор нестӣ аз касе? Не, қарздор нестӣ. Бояд сару тан шуштаю худатро тоза кунӣ, ки хок меҳмони навро бо хушнудӣ қабул бикунад. Дигар коре ба хотираш нарасиду фикр кард, ки ин ҷаҳоне будааст, ки ҳама аз кӯчабоғҳои ҷавонии зебо, ишқу ошиқию шӯру талхиҳо гузашта, оқибат ҳасрат кашидаю барҷомонда шудаю сақароти маргро чашида мераванд. Ин ҷо рӯи хотир нест. Лекин кори аз ҳама хубе, ки кардӣ, Мансур, ғарибмарг нашудӣ. Тасаввур кун, ки дар ин ҳолат дар хоки бегона мебудӣ, ҳасрату аламат садчандон мешуд. Шояд ҳамин лаҳзаро фикр кардаю фирориҳо шабу рӯз орзуи ба ватан баргаштанро мекунанд? Шайх Аҳмад мегуфт, ки (раҳматӣ дар Толиқони Афғонистон хок шуду ҳоло хокдонаш зиёратгоҳи мардумон аст) ин инқилобу моҷароҳо асроре доранд. Шояд асрори ин инқилоб дар ҳамин буд, ки мо ба қадри ватан бирасем. Мисле ки Ҷовид то лагади асп нахӯрду ҷинҳояш аз баданаш набаромаданд. Аз ин андешаҳояш худ ба худ табассум кард. Боз рӯзҳои охири падарашро пеши назар овард, ки худро чӣ гуна медошт. Боре аз ҳавлӣ баромада чашмаш ба фойтуни кӯча, ки дар он зану марди рус савор буданд, афтиду гуфт: «Шумо бо мардуми рус дӯсти чӯед, аз онҳо давлатдорию ватандориро омӯзед.» Баъдҳо чанд маротиба ин гуфта ба хотираш омад. Гоҳ ба он розӣ мешуд, гоҳе не. Ҳозир ба фикраш омад, ки ба

Мансур ин кор даст надод. Аммо Ҷовид бо русҳо ҳамдастию ҳамназарӣ дорад. Ба қавле, он палави андохтаи падар баъди бист сол пухт.

Рӯзи дигар тарафи офтобзард Ҷамолиддин ба ҳуҷраи Мансур даромада садо кард:

– Ҳой ҳамсоя! Ду-се рӯз шуд, ки даракатон нест, тинҷ ҳастед?

– Тинҷӣ ҳам як навъ,- Мансур сари ҷогаҳ хест. –Мехезам, дилам меларзад, ҳеҷ ин хел набудам.

Муддате суҳбат карданду Ҷамолиддин ба хона рафта хӯрок овард. Косаро бо дастархону бо рӯймол печондааст, ки хӯрок хунук нашавад. Шаб ҳамхоба шуд. Субҳдам хеста «намозамро хонда меоям» гуфту баъд аз соате нони гарму чой овард. Мансур як пиёла чой нӯшида, гӯё ёдовар шуд: ба Қӯрғонтеппа, ба ҷиянам занг задам, набудааст. Ба Тошканд хонданӣ фиристодаанд (ин дурӯғро фикр карда бароварда, то ки Ҷамолиддин напурсад, ки ҷиянатонро хабар кардед?) Пас як бастаи пулро наздаш ниҳода афзуд:

– Ҷамолиддин, аз худатон гап намемонад, одам калонсол шавад, маргро аз худаш дур намекунад. Агар насиб буд шуда бошад, худатон сардорӣ кунед. Ин ҷо пул ҳаст, калон-калон диҳеду ҷавонҳоро кор фармоед...

Ҷамолиддин бастаро даст гирифта, вазн карду ба ҷояш гузошт ва ба рӯйи мусоҳибаш зеҳн монда, ба оҳанги шӯхӣ гуфт:

– Ин пул ба ғайр аз маръакаи мурда, ба як тӯйи хабар ҳам мерасад. Аввал тӯйро мегузаронем, пас он тарафашро маслиҳат мекунем.

– Дар ин солҳо нону намаки шумоёнро бисёр хӯрдам, -гуфт Мансур бо овози хаста.- Агар монад, ба ҳар кас лозим донед, медиҳед.

– Ин фикрҳоро аз сар бадар кунед, Мансурбой,- Ҷамолиддин хест ва афзуд:- Обро ба алафи поёни хирман монда меоям, пас чақ-чақ мекунем.

Бар хилофи чашмдошти Мансур баъд аз ду ҳафта бемориаш рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Вай, ки «тайёрии сафар» дида буд, як қадар нороҳат шуд. Вале он ҳолат зуд гузашт.

Боре саҳаргоҳ хеста мисли рӯзҳои пеш дар оташдон оташ гиронда, чой монд. Ҳисоб кард, ки пагоҳ ё фардо бояд Ҷовид биёяд. Боз чеҳраашро мебинад ва суҳбат мекунанд. Ӯ баъди шонздаҳ рӯз аввалин маротиба берун баромад. Аз насими дилчӯй, ки беист мевазад, аз равшании офтобу осмони лоҷвард ва саҳрои зироаташ ба пухтан расида ҳавасаш омад, ҳоло барои дар ин замини пуришқу пурорзу гаштан вақт доштааст. Боз ҳамроҳи коргарони шӯхмиҷози колхоз шинухез мекардааст. Пайраҳаро гузашта лаби ҷӯйбори пуроб омад: садои об, оҳ ин садои осмонӣ, чӣ қадар ошно ва дилангез аст! Аз ғояти шодию миннатдорӣ ба Офаридагор, ки умрашро зиёдтар дода будааст, чашмонаш пуроб шуданд. Қарор дод, ки минбаъд дар ин замини озодаю гулафшон бе таҳорат намегардад.

Аз кӯчаи ҷониби гараж як гурӯҳ духтарон баланд-баланд гуфтаю хандида меоянд, дос доранд. Яқин, юнучқаро, ки вақти дараваш расидааст, медараванд. Пеш-пеш Зулайхо ном духтари рӯйпаҳну шӯхмиҷоз меояд. Мансур барои номаш шуда ба ӯ таваҷҷуҳ дорад. Ҳангоми пахтачинӣ баъзан тарозудор набошаду пахта баркашад, тарафашро зер мекунад. Чунки ин духтар ба ёдаш Зулайхои дӯстдоштаашро меорад. Ҳоло фикр кунад, фикру хаёли он зан барояш неъмат

будааст. Хаёли каси маҳбуб ба ҷонат чунонест, ки об ба зироат. Ин ҷаҳон чӣ зебоиҳои аёну ноаён дорад. Аммо Зулайхоро нагирифтанаш хуб шуд. Ҳарчанд ҳоло ҳам дар дил ҳасрат дорад. Аввал ин, ки оини дӯстиро бо шавҳараш Мирзоумед ки ба ҷафо Сибираш карданд, нигоҳ дошт (ӯ баргашт ё не, намедонад), дигар ин ки ба он ҳолате, ки ӯ дошт, мабодо занро ҳам дар бало мемонд. Дар дилу хотираш зан ҳамин тавр чун ситораи саҳарӣ дур ва поку дилангез монд, хуб шуд. Ин покӣ ҳамроҳаш ба он дунё меравад. Шояд зан ҳам он рӯзҳои ошиқиро ба хотир оварда, ӯро ба некӣ ёд мекунад. Чунки дар охири умр покию беолоишӣ сабуку фараҳмандат медорад.

Да заминҳои навбунёди поёни дашт, ки пахта коридаанд, ду трактор ғуррғуркунн равуо кардаю чангро ба осмон мебардоранд. Дар чаманзори паҳлуи хирмаҳмошини ғаллакӯб ва сеялкаи кишт мекардаи сурхранг намоён. Ин дам мошин пуродам ба шаст аз паҳлӯяш гузашта рафт. Мардони болои мошин суруд мехонанд: аз афташ суръати ҳаракати мошин илҳомашон дод. Мошинро колхоз ввали ҳамин сол харид. Ин мошинҳо ҳама дастоварди замони наванд. Не, чизгӯем, нагӯем, болшевикҳо тавонистанд, ки ҳаёти безавқи моро обуранг бахшан..

Мазур назди замине, ки ҷаваш пухта буд нигоҳаш ба дуродур, таваққуф кард. Длаш рӯшной дод, ки Ҷовид пагоҳ меояд. Ин хабар ҳам хурсандаш кард, ҳм дар як ҳолати шӯрида андохташ. Ӯ медонад, ки ҳар вақте Ҷовид биёяд, хотир мешавад. Ва гоҳ-гоҳ дилашро тарс ҳам мегирад. Яке одамоне пайдо шаю «мӯйсафед пеш даро» гӯянд? Тарсаш барои Ҷовид аст, ки мабодо гирифтоаш бикунанд. Ин андеша ҳангоми бемориаш ҳам ба сараш омада буд. Қадам зда то поёни дашт рафт, ба теппаҳои саросар сабзшуда нигариста, хеле истод. Фкрҳои бисёре дар зеҳнаш равуо карданду бо алам сар ҷунбондаю бо садои нимшомез пичирос зад: «Бачаҷон, ман равам, беҳтар аст. Ин ҷо ба ту ҳалол масонам. Дар беватанӣ зистану мурдан дар тақдирам будааст».

Акиашт. Ҷамолиддинро назди дари анбори колхоз машғули қуфлшинонӣ дида гуф

– Ҳаоя, пагоҳ сари қадам то деҳаамон меравам. Ку бинам, касе аз Афғонистоқаргаштааст?

– Ду рӯз тоқат кунед, ки нағз шавед, - Ҷамолиддин бо маломат ба Мансур зеҳн нд.

– Нашудаам,-Мансур худро хурсанд вонамуд кард. –Агар хешу табор омада боанд, як ё ду ҳафта наздашон меистаму бармегардам.

Хонамаду дар бисоташ чизе дошт (чакман, пӯстак, чойнамоз...), ба халта андохту сафари Афғонистон тайёр шуд.

Саҳарҳ аз канори хирман гузашта фикр кард, ки акнун ин насиме, ки ҳар дам хур-з мевазад, ин саҳро, ки ҳоло заминҳои колхозишон мегӯянд, баҳри насли ди ва замони дигаранд.

Тамом. 27.08 2014.

будааст. Хаёли каси маҳбуб ба ҷонат чунонест, ки об ба зироат. Ин ҷаҳон чӣ зебоиҳои аёну ноаён дорад. Аммо Зулайхоро нагирифтанаш хуб шуд. Ҳарчанд ҳоло ҳам дар дил ҳасрат дорад. Аввал ин, ки оини дӯстиро бо шавҳараш Мирзоумед, ки ба ҷафо Сибираш карданд, нигоҳ дошт (ӯ баргашт ё не, намедонад), дигар ин ки ба он ҳолате, ки ӯ дошт, мабодо занро ҳам дар бало мемонд. Дар дилу хотираш зан ҳамин тавр чун ситораи саҳарӣ дур ва поку дилангез монд, хуб шуд. Ин покӣ ҳамроҳаш ба он дунё меравад. Шояд зан ҳам он рӯзҳои ошиқиро ба хотир оварда, ӯро ба некӣ ёд мекунад. Чунки дар охири умр покию беолоишӣ сабуку фараҳмандат медорад.

Дар заминҳои навбунёди поёни дашт, ки пахта коридаанд, ду трактор ғурғуркунон равуо кардаю чангро ба осмон мебардоранд. Дар чаманзори паҳлуи хирман мошини ғаллакӯб ва сеялкаи кишт мекардаи сурхранг намоён. Ин дам мошини пуродам ба шаст аз паҳлӯяш гузашта рафт. Мардони болои мошин суруд мехонанд: аз афташ суръати ҳаракати мошин илҳомашон дод. Мошинро колхоз аввали ҳамин сол харид. Ин мошинҳо ҳама дастоварди замони наванд. Не, чизе гӯем, нагӯем, болшевикҳо тавонистанд, ки ҳаёти безавқи моро обуранг бахшанд...

Мансур назди замине, ки ҷаваш пухта буд нигоҳаш ба дуродур, таваққуф кард. Дилаш рӯшноӣ дод, ки Ҷовид пагоҳ меояд. Ин хабар ҳам хурсандаш кард, ҳам дар як ҳолати шӯрида андохташ. Ӯ медонад, ки ҳар вақте Ҷовид биёяд, хавотир мешавад. Ва гоҳ-гоҳ дилашро тарс ҳам мегирад. Яке одамоне пайдо шудаю «мӯйсафед пеш даро» гӯянд? Тарсаш барои Ҷовид аст, ки мабодо гирифтораш бикунанд. Ин андеша ҳангоми бемориаш ҳам ба сараш омада буд. Қадам зада то поёни дашт рафт, ба теппаҳои саросар сабзшуда нигариста, хеле истод. Фикрҳои бисёре дар зеҳнаш равуо карданду бо алам сар ҷунбондаю бо садои нолишомез пичирос зад: «Бачаҷон, ман равам, беҳтар аст. Ин ҷо ба ту ҳалол мерасонам. Дар беватанӣ зистану мурдан дар тақдирам будааст».

Ақиб гашт. Ҷамолиддинро назди дари анбори колхоз машғули куфлшинонӣ дида гуфт:

– Ҳамсоя, пагоҳ сари қадам то деҳаамон меравам. Ку бинам, касе аз Афғонистон баргаштааст?

– Ду-се рӯз тоқат кунед, ки нағз шавед, - Ҷамолиддин бо маломат ба Мансур зеҳн монд.

– Нағз шудаам,-Мансур худро хурсанд вонамуд кард. –Агар хешу табор омада бошанд, як ё ду ҳафта наздашон меистаму бармегардам.

Хона омаду дар бисоташ чизе дошт (чакман, пӯстак, чойнамоз...), ба халта андохту ба сафари Афғонистон тайёр шуд.

Саҳаргоҳ аз канори хирман гузашта фикр кард, ки акнун ин насиме, ки ҳар дам ҳур-ҳур мевазад, ин саҳро, ки ҳоло заминҳои колхозишон мегӯянд, баҳри насли дигар ва замони дигаранд.

Тамом. 27.08 2014.

МУНДАРИҶА

Пешгуфтор 3
Фасли якум 5
Фасли дуюм 92
Фасли сеюм 212
Фасли чорум 263
Фасли панҷум 333
Фасли шашум 448
Фасли ҳафтум 573

Мирзонасриддин

ОТАШ ДАР ХОНАИ ҚАДИМ

(Роман)

Тарроҳ *Ф. Раҳимов*
Ороиши *Н. Насимова*
Ҳуруфчин *Сабоҳат Саидова*

Ба чопаш 04.02.2016 имзо шуд. Андозаи 70x100$^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Чопи офсет.
Гарнитураи Times New Roman Tj. Ҷузъи чопии шартӣ 37,25.
Теъдоди нашр 500 нусха. Супориши №36.

ҶДММ "ЭР-граф".
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел: (+992 37) 233-50-16. E-mail: r-graph@mail.ru

Мансур баъде ки мурдаи Низом-махдумро дар ҷазираи байни дарё монда зери борони сел ба Афғонистон гузашт, бемор шуда, ду ҳафта дар ҳуҷраи назди чойхонаи Ғуломҳайдар хоб рафт. Юра-Юсуфи баракаёб нигоҳу бинаш кардаю ба по монд. Ба хонаи Низом-махдум рафтанашро имрӯзу пагоҳ гуфтаю дер партофт. Мехост ки аламу озорашон каме пасанда шавад. Ба дигар корҳо машғул шуд. Аз байн аз як моҳ зиёд гузашт ва рӯзе ки дар чойхонаи Ғуломҳайдар бори дувум ба кор шурӯъ кард, Раҳими қасоб хабари аҳволи оилаи Низом-махдумро овард: "Набихони афғон марди низомие, ки Садафро барои писараш хостгори карда буд, модару духтарро соҳиби карда ба хонааш бурдааст". Мансур ҳангу манг монд. Аз ҳасрату алам табари дасташро қариб меафтонд.

– Камолҷон дар куҷо будааст?- пурсид ӯ.- Зинда будааст, ки модару хоҳараша бегонаҳо мебурдаанд?

– Камолҷона надидам. Гуфтанд ки вай ҳам ба кадом дастае ҳамроҳ шуда ба тарафи шӯравӣ гузаштааст.

Мансур дақиқае хомуш истоду пас бо захрханда гуфт:

– Як духтари зебои Бухороро афғоне гирифт,- ва оҳи ба дард кашид.

Раҳим ба чашмони рафиқаш синчакорона нигариста гуфт:

– Махдум охир он афғон ҳам ҳамқавми худамон, дар ватанашон ҷоймон доданд, дар ҳамсоягӣ зиндагӣ мекунем, нону намакашона мехӯрем, пас бояд духтара диҳем, ин як кори табиист.

– Ҷой додааст додаст, духтаро чаро медодаам! - гуфт Мансур ситезмандона.

– Чи қадар ҷавонҳои мо ҳам духтари афғон гирифтанд, - Раҳим нигоҳашро аз мусоҳибаш намеканд.

Мансур минбаъд тарафи он хонадон нарафт. Фикр мекард, ки зан бесоҳиб монд, мебарандаш-дия. Дар ин кор айби худаш ҳам шуд. Боз чунин фикрҳои содда ба сараш меомаданд: Аз он писари чашмкалони Набихон дида худаш Садафро мегирифт, хуб набуд? Ҳоло қувваташ нағз. Садаф ҳам ба ҳамин кор хурсанд буд. То аз паси Ҷовид омадан ин фикр аз сараш дур намерафт.

Мансурро дар шаш-ҳафт моҳе ки дар Ҳисор буд ҳарвақт ба шавқу ҳавас ба кор баромадани колхозчиён ҳайрон мекард.. Медид, ки ҳама яктан шуда гӯё ба ҳашари умум мераванд. Гӯё замину зироат ва ҳама анҷоми колхоз аз они худашон бошад. Чи хеле ки худашон мегӯянд, меҳнати коллективона барояшон писанд буд. Якҷоя кор кардани зану мард бештар маъқулшон меафтад. Ба ҳаваси тамошои занҳо ҳатто пиракиҳо ҳаваси кори саҳро мекарданд. Охир зани шарқ, ки садсолаҳо зери чодар буд, берун баромадааст. Ҳусни зан саҳроҳои колхозро дилангез кардааст. Худашон ҳамин гуна суханҳо мегуфтанд. Мансур, аз он ки худаш ҳам ба ин ҳашар ҳамроҳ аст, розӣ буд.

Аммо баъди вохӯрӣ бо писар он рӯзгор халалдор шуд. Сухани Ҷовид "Фаҳманд, ки дувоздаҳ сол дар Афғонистон будаед, ҷосуси империализм гуфта душман мекунанд" мисли оби сард аз сараш рехта шуд. Ба оҳанги калонгирона сухан карданашро намегӯед...

Баъди он вохӯрӣ Мансур одами дигар шуд. Ба дилаш тарс роҳ ёфт. Камсухан буд, камсухантар шуд. Аз дур шапкадореро медид, дар изтироб меафтид.